




# ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

## НАЗАРИ МЕТОДОЛОГӢ ВА АМАЛӢ ДАР ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ





ҲИШОМ ТОЛИБ • АБДУЛҲАМИД АБУ СУЛАЙМОН • УМАР ТОЛИБ

ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ НАЗАРИ МЕТОДОЛОГӢ ВА АМАЛӢ ДАР ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

# ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

## Назари методологӣ ва амалӣ дар тарбияи оилавӣ

Ҳишом Толиб
Абдулҳамид Абу Сулаймон
Умар Толиб

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)

*Бишкек 2023*

УДК 297
ББК 86.38
Ҳ-53

**Тарбияи оилавӣ:**
**Назари методологӣ ва амалӣ дар тарбияи оилавӣ (Tajik)**
*Ҳишом Толиб, Абдулҳамид Абу Сулаймон, Умар Толиб*

© Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)
1444 AH / 2023 CE
ISBN 978-9967-08-983-9 *hardback*

**Parent-Child Relations: A Guide to Raising Children (Tajik)**
*Hisham Altalib, AbdulHamid AbuSulayman, Omar Altalib*

© The International Institute of Islamic Thought (IIIT)
1434 AH / 2013 CE
ISBN 978-1-56564-582-0 *hardback*
IIIT
P.O. Box 669
Herndon, VA 20172, USA
www.iiit.org

Тарҷумон: Мирзоев Насим Шарафович
Муҳаррир: Мирзоев Ҷовид Шарафович
Муҳаррири фаннӣ: Байчабаева Элмира Наринбековна
Саҳифабанд: Кекенова Нарбегим Бейшембековна

Аксҳои китоб аз они Саъдуллоев Дидор Неъматуллоевич мебошанд.
Баъзе аксҳо аз манбаъҳои интернетӣ мебошанд

Ин китоб аз ҷониби Идораи дини мусулмонони Қирғизистон тасдиқ шудааст.
№ 11 "05"__02__2022.

Китоб аз ҷониби Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ нашр шудааст

Бознашри ин китоб ё бахши он бе иҷозати хаттии Муассиса мамнӯъ аст. Фикру андешаҳое, ки дар ин китоб баён шудаанд, аз они муаллифанд ва метавонанд нуқтаи назари ношир, тарҷумон ва муҳарриронро инъикос накунанд.

Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст
ISBN 978-9967-08-983-9

УДК 297
ББК 86.38

# Бо номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон

## Муқаддимаи мутарҷим

Оғоз. Дини мубораки Ислом охирин дини Худованд аст, ки барои роҳнамоӣ ва ҳидояти бандагонаш тавассути Ҷабраили Амин ба охирин ва маҳбубтарин Пайғамбар Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст. Ин дин на танҳо баёнгари маърифати Худовандӣ ва тарзи ибодат кардани Ӯ мебошад, яъне дини Ислом танҳо дини ибодату бандагӣ нест ва таълимоти ин дин дар дохили масҷид маҳдуд намешаванд ва он хоси уламои дин нест, балки ин дин дар қадами аввал барои пайравонаш Парвардигорашонро ба таври дуруст муаррифӣ мекунад ва барояшон чигунагии иртибот доштанро бо Офаридгорашонро меомӯзад.

Дини Ислом тамоми умури ҳаёти моро дарбар мегирад ва қоидаҳо ва роҳнамоиҳои арзишмандеро дар соҳаҳои умури иҷтимоӣ монанди хонавода, тарбияи фарзандон, бархӯрд бо падару модар, муомила бо хешону наздикон, муошират бо ҳамсоягону дигар афроди ҷомеаро гузоштааст, ки сабаби саодату хушбахтии банда дар дунё ва охират мебошанд. Инчунин дини мубораки Ислом шомили масоили иқтисодӣ, сиёсӣ, байналмилалӣ ва ғайра мебошад. Модоме, ки ин дин барои саодати бандагони Худованд ба замин оварда шуда бошад, пас чигуна дар як бахши ҳаёт барояшон ин саодатро муяссар менамояд ва дар дигар соҳаҳои ҳаёт саодату хушбахтиро фароҳам намесозад? Оё дини Ислом танҳо умури эътиқодӣ мебошад? Оё дини мубораки Ислом танҳо масоили ибодӣ мебошад? Оё дини Ислом танҳо масоили фиқҳӣ мебошад? Агар мо мусулмонон тавассути роҳнамоиҳои дини бузургамон умури иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва байналмилалиамонро сомон надиҳем, пас ҳатман онро дигарон ба шакли хостаи худашон бар болои мо таҳмил мекунанд. Чаро имрӯз олимони дини мо танҳо дар бораи масоили фиқҳӣ суҳбат мекунанд ва нисбати дигар ҷанбаҳои ҳаёт бепарвоӣ мекунанд? Чаро мо равоншиносии исломӣ надорем? Чаро илми иҷтимоии исломӣ вуҷуд надорад? Чаро илми иқтисоди исломиро намеомӯзем? Ва ё чаро ин соҳаҳои илмӣ дар байни мо мусулмонон равнақи чандоне надоранд? Бояд тамоми соҳаҳои ҳаётамонро дар чаҳорчӯбаи таълимоти дини мубораки Ислом ба шакли дуруст ва мутобиқи фаҳми асри нав ва дарки ҷомеаи имрӯзӣ ба танзим дарорем.

Дар бораи ин китоб. Хонандаи азиз, китоберо, ки дар даст доред, иборат аз се бахш аст, ки дар он тамоми масоили хонаводагӣ аз қабили вазифаҳои падару

модар дар тарбияи фарзандон, омӯзиши марҳалаҳои ҳаёти фарзандон, усули тарбия, чигунагии бархӯрд бо мушкилоти тарбия ва роҳҳои ҳалли он, таъсири фарҳанги ҷомеаҳои ғарбӣ дар тарбияи исломӣ, истифода аз хубиҳои тарбияи ғарбӣ ва ғайраро дарбар мегирад. Инчунин ба хотири амалан татбиқ намудани равишҳои тарбия баъзе машқҳои татбиқӣ дар охири ҳар як фасл гузошта шудааст. Хулоса, ин китоб беҳтарин роҳнамо дар тарбияи фарзандон мебошад, ки сазовор аст ҳар як падару модар ва ё онҳое, ки ҳанӯз падар ва ё модар нашудаанд, мутолиа намоянд.

Тарҷумаи китоб: Барои хонандаи тоҷик ин китоб аз арабӣ тарҷума шудааст ва дар рафти тарҷума талош шудааст калимоти осонфаҳм истифода шаванд, вале чун китоб мавзӯоти илмӣ ва тарбиявиро шомил мегардад, пас ба хотири осон шудани фаҳми иборахо ва луғатҳои мушкилфаҳми он дар охири китоб калимаҳо ва ибораҳои он мухтасаран шарҳ дода шудаанд.

Хулоса: Ҳамчуноне, ки тамоми тахассусҳои дунё зарурат ба таълим доранд, ҳамин тавр масоили хонавода ва тарбияи фарзандон зарурат ба таълим ва омӯзиш доранд. Хонавода аввалин мактаби ҳаётии ҳар як инсон аст, ки шахсияти фарзандон дар онҷо ташаккул меёбад. Пас агар падару модар, яъне аввалин муаллимони башарият надонанд, ки наслҳои баъдии худро чигуна бояд тарбия намоянд ва онҳоро дар масири дурусти зиндагӣ бигузоранд ва надонанд, ки чигуна онҳоро дар фазои пур аз муҳаббат ва инсондӯстию Худошиносӣ тарбия кунанд, чигуна метавонанд дар ин мактабҳои зиндагӣ наслҳои бузург ва шахсиятҳои боимону ахлокро ба воя расонанд?

Умедворем ин китоб дар боло бурдани сатҳи фаҳмиши падару модар дар тарбияи фарзандон саҳми худро бигузорад ва хонаводаҳои мо наслҳои хуберо тақдими ҷомеа намоянд.

# МУАЛЛИФОН



## Ҳишом Яҳё Толиб

Доктор Ҳишом Толиб соли 1940 дар шаҳри Мавсили вилояти Найнавои Ироқ ба дунё омадааст. Дипломашро дар дараҷаи бакалавр дар соҳаи инжинери барқ аз Донишгоҳи Ливерпул соли 1962 ва докториашро дар соҳаи инжинери барқ аз Донишгоҳи Пурдуи шаҳри Уэст-Лафайетти иёлати Индианаи Амрико соли 1974 ба даст овардааст.

Дар рафти фаъолияташ ҳамчун инжинери барқ вориди фаъолиятҳои гуногуни исломӣ дар Амрико шуд ва ин корест, ки то имрӯз идома медиҳад. Вай дар созмонҳои гуногуни исломӣ чанд вазифа дошт. Аввалин мудири идораи омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда дар Анҷумани донишҷуёни мусулмон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада буд (MSA The Muslim Students Assosiation of The United States and Canada, 1975-1977). Соли 1976 роҳбарияти Федератсияи байналмилалии исломии созмонҳои донишҷуёнро (International Islamic Federation of Student Organization) ба уҳда гирифт ва теъдоди зиёди курсҳо барои омода кардани кадрҳои раҳбар дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада баргузор намуд.

Илова бар ин, узви муассисаи хайрияи "SAAR", ки аз соли 1983 то соли 1995 роҳбарии онро ба уҳда дошт, ва яке аз асосгузорони Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар соли 1981 буд. Ӯ таълифоти зиёде дорад, аз ҷумла "Паймони даъвати шарофатмандона" ва китоби "A Traning Guide for Islamic Workers" (Роҳнамои машқи роҳбарӣ барои кормандони мусулмон), ки то имрӯз ба бист забон тарҷума шудааст. Дар ҳоли ҳозир вазифаи раиси Муассисаи байналмилалии андешаи исломиро дар Вашингтони пойтахти Амрико ба уҳда дорад. Соҳиби чанд фарзанд ва набера аст.

Барои дарёфти маълумоти бештар дар бораи таълифоти ӯ метавонед аз ин сайт истифода намоед: hishamtalib.com

## Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон



Доктор Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон соли 1936 дар Маккаи Мукаррама ба дунё омадааст ва дар Макка мактаби миёнаро хатм намуда, соли 1959 дараҷаи бакалавр дар соҳаи тиҷоратро аз Донишгоҳи Қоҳира ба даст овардааст. Баъд аз он соли 1963 ба дипломи магистри улуми сиёсӣ дар ҳамон донишгоҳ ноил шуд ва сипас соли 1973 докториашро дар тахассуси муносибатҳои байналмилалӣ дар Донишгоҳи Пенсилвания ҳимоя кард.

Дар тули фаъолиятҳояш вазифаҳои гуногунеро ба уҳда дошт, аз ҷумла секретари ҳайтаи нақшакашии умумии Мамлакати Арабистони Саудӣ (1963-1964), яке аз асосгузорони Анҷумани олимони иҷтимоии мусулмон дар Америко (Assosion of Muslim Social Scicentists) (1972), раиси Анҷумани байналмилалии ҷавонони мусулмон (World Assembly of Muslim Youths) (1973-1980), раиси қисми улуми сиёсии Донишгоҳи Шоҳ Сауд дар Риёз (1982-1984) ва ректори Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия буд.

Нақши асосиро дар танзими бисёре аз ҳамоишҳо ва конфренсияҳои байналмилалӣ ва вазифаи раиси Муассисаи байналмилалии андешаи исломиро ба уҳда дошт. Ӯ китобҳо ва мақолаҳои зиёде дар бораи ислоҳи ҷомеаи исломӣ навиштааст, аз ҷумла “Дидгоҳи исломӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ: Гароишҳои нав ба сӯи равиш ва андешаи исломӣ”, “Буҳрони ақли мусулмон”, “Ихтилофҳои зану шавҳарӣ: Бозгардонии рӯҳияи исломии комил барои шарофати инсонӣ”, “Эҳёи таълими олӣ дар ҷаҳони ислом” ва “Дидгоҳи кайҳонии Қуръон: Нуқтаи ҳаракат ба суи ислоҳи фарҳангӣ”. Соҳиби чанд фарзанд ва набера аст.



# Умар Ҳишом Толиб

Доктор Умар Ҳишом Толиб соли 1967 дар шаҳри Каркуки Ироқ ба дунё омадааст. Соли 1968 ҳамроҳи падару модараш ба Амрико кӯчид ва соли 1989 Донишгоҳи Ҷорҷ Мейсонро бо тахассуси иқтисод ва ҷомеашиносӣ ва дараҷаи бакалавр хатм кард. Дараҷаи магистрро соли 1993 ва докторро соли 2004 дар улуми ҷомеашиносӣ аз Донишгоҳи Чикаго ба даст овард. Солҳои 1989 то 1992 сазовори квотаи Фонди миллии улум (National Science Foundation) барои идомаи таҳсилоташ шуд. Соли 1998 ҳамчун устоди улуми ҷомеашиносӣ дар Коллеҷи Дейли дар Чикаго ва соли 1999 дар Донишгоҳи Индиана Норсвест дар шаҳри Гэри дар вилояти Индияна ифои вазифа намудааст.

Ҳамчун дастёри устод дар илми ҷомеашиносӣ ва криминалистика дар Донишгоҳи Ашленди иёлати Оҳайо (2000-2003) ва сармуҳандис дар Ширкати байналмилалии барномаҳои илмӣ дар шаҳри Александрияи иёлати Вирҷиния (2005-2006), устоди дастёр дар улуми иҷтимоии Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия (2009-2011) ва дар Коллеҷи технологии Иморот дар Абузабӣ ба ҳайси устод кору фаъолият намудааст.

Мақолаҳои зиёде дар мавзӯи хонавода, тарбия, муассисаҳои хайрия ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ навиштааст ва дар бисёре аз ҳамоишҳои ҷаҳонӣ дар сар то сари ҷаҳон иштирок доштааст.

## *Сипосгузорӣ*

*Аз фазлу карами Худованд буд, ки Шӯрои парасторони Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ таълифи ин китобро ба уҳдаи мо гузошт, ки бидуни шак як масъулияти бузург аст.*

*Тамоми шукру сипос ва эҳтиромро ба устодони бузургвор доктор Аҳмад Тутунҷӣ, доктор Фатҳӣ Малковӣ, доктор Ҷамол Барзанҷӣ ва доктор Яъқуб Мирзо ба хотири талоши беандозаашон барои идомаи сайри қофилаи фаъолиятҳо дар Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар рафти машғул буданамон дар такмили ин китоб тақдим медорем.*

*Инчунин шукру сипоси беандозаро ба касоне, ки чопи англисии ин китобро бозхонӣ карданд, ва онҳое, ки пешниҳодҳои боарзишеро пешниҳод карда, дар беҳтар ва хубтар сохтани китоб саҳми худро гузоштаанд, махсусан ба Батул Таъма, Зайнаб Алавӣ, Мишел Масъудӣ, доктор Ванда Краус, Моида Молик ва Соро Мирзо иброз менамоем. Ва мехоҳем шукру сипоси худро ба доктор Иқбол Юнус, ки феҳристи муҳтавои китоби аввалро бозхонӣ намуд, ва Лина Милковӣ ва Зина Толиб, ки дар таҳияи китоб ва танзими он кумак карда, дар омода намудани сиёҳнависи он саҳми бузурги худро гузоштаанд, баён кунем.*

## *Сипосу ташаккур тақдими*

*Бародарон ва хоҳарони бузургвор Акбар Алӣ Мир, Ашраф Собирин, Сайф Толиб, Зайд Толиб, Нуҳо Толиб ва Маҳмуд Шариф, ки бисёре аз сиёҳнависҳои ин китобро дар компютер навиштанд, ва доктор Танвир Мирзо ва Салмо Ашмовӣ, ки намунаҳои воқеиро дар ҳалқаҳои гуфтугӯҳое, ки дар бораи тарбияи оилавӣ дар Ҷамоати мусулмонони ноҳияи Даллес (All Dulles Area Muslim Society) дар шаҳри Ҳерндони иёлати Верҷинияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баргузор шуда буданд, пешниҳод намуданд.*

*Инчунин ташакур ба Ҷанина Абдулло, ки маҷмуаи филмҳои видеоиро дар бораи тарбияи оилавӣ аз назар гузаронд, Лайло Син ба хотири мулоҳизаҳои боарзишаш ва Ҳасан Толиб ба хотири пешниҳоди теъдоди зиёди сарчашмаҳои ғанӣ ва мулоҳизаҳои зарурӣ дар беҳтар намудани тариқаи пешниҳод ва ба чоп расондану ғанӣ сохтани муҳтавои китоб.*

*Хоҳари азиз Салво Маданӣ дар идораи мо бо саъйу талош ва сабр усули китобро якчанд маротиба муроҷиа намуд ва инчунин дар идораи Муассиса дар Лондон Худованд барои мо насиб кард, ки хоҳари азизамон Шероз Хон талошҳои арзандае дар таҳрири китоб дошта бошад ва ин хоҳар муҳаррири бисёр бокифоят буда, аз навоварӣ ва эҷодкорӣ хаста намешавад.*

*Инчунин аз самими қалб сипос ва шукргузориамонро тақдими доктор Имодуддин Аҳмад, раиси муассисаи “Манораи Озодӣ” дар Вашингтон ба хотири бозхонӣ ва иловаҳои боарзишашон дар муҳтавои китоб, менамоем.*

*Ба Силвия Ҳент ба хотири бозхонии матни китоб, Салмо Мирзо ба хотири таҳқиқи луғавӣ ва Абдуллатиф Вайтман барои тарроҳии фаннӣ ва таҳияи сифатноки он сипосгузорем. Аз Ҳано Абдуллатиф Вайтман ба хотири расмҳои дасткаши тавзеҳдиҳанда миннатдорем. Аз самими қалб ба ҳайати кормандони идораи Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар Лондон сипосгузорем, зеро онҳо фаъолияти бисёр хуб ва дар дараҷаи олӣ намуданд ва нусхаи ниҳоии зебои китобро назорат карданд.*

*Холисона ва аз самими қалб аз устодони илми тарбия ва равоншиносӣ доктор Исҳоқ Фарҳон, доктор Абдуллатиф Арабиёт, доктор Маҳмуд Рашдон, доктор Фатҳӣ Малковӣ ва доктор Абдураҳмон Нақиб барои пешниҳодҳои боарзиш ва назарҳои академиашон ташаккур ва сипосгузорӣ менамоем.*

*Арзу сипос ва эҳтирому шукргузорӣ тақдими мудири Муассиса уястод Собир Килонӣ, ки барои ба чоп омода кардани нусхаи арабии ин китоб ва таҳқиқу тадқиқи он талошҳои бузурге кард, то аз хатову камбудиҳо холӣ бошад.*

*Инчунин аз тамоми афроди хонаводаамон сипосгузорӣ менамоем, ки дар рафти ин амали тулонӣ барои мо шароити кор ва фазои оромро муҳайё намуданд. Сипосу шукри махсуси худро тақдими доктор Илҳом Толиб, ҳамсар ва ҳамсафари зиндагии доктор Ҳишом менамоем, ки дар ин сафари ҳаёт нисфи як аср бо ӯ ҳамроҳ буд ва дар комил гаштани ин амали хайр ташвиқ ва тарғиби ӯ низ вуҷуд дошт. Дидгоҳҳои хуб ва мулоҳизаҳои боарзиши ин зани бузургвор дар мавзӯи тарбияи оилавӣ сарчашмаи ҳамешагии илҳоме буд, ки моро дар такмили ин амал кумак намуда буд. Бояд эътироф намоем, ки бештарин вақтеро, ки ин амал дарбар гирифта буд, аз ҳисоби вақте буд, ки бояд дар байни хонаводаҳоямон онро мегузарондем. Худованд тамоми онҳоро барои талошҳояшон ҷазои хайр насиб кунад.*

*Дуои охирини мо ин аст: "Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро, ки моро барои комил намудани ин амал ба ин шакл кумак намуд".*

## *Эҳдо*

*Ба падарону модарони нури дилу дида ва оромиши ҷони мо, ки дар тули умри худ меҳру муҳаббати худро барои мо дареғ надоштанду фидокорона барои рушду ояндаи беҳтари мо кӯшиданд, то моро ба қадри имкон ба беҳтарин сурат ба воя расонанд, гарчанде таълиму таҳсили махсус барои тарбияи фарзандон надида буданд ва аз он чизе, ки аз падарону модарони худ ёд гирифта буданд, пайравӣ мекарданд ва бар асоси ҳикмату таҷрибаи наслҳо ва тамаддунҳои гузашта ба мо некӣ ва ростиро омӯхтанд. Аз Худои мутаол мехоҳем, ки раҳмати бекарони худро барои онҳо арзонӣ дорад.*

*Мо ин китобро ба ҳамаи падарону модарон, ҳар куҷое, ки бошанд, пешкаш менамоем, зеро онҳо барои тарбияи фарзандони муваффақ мубориза мебаранд ва сарфи назар аз ҳадафи наҷиби худ ба донишу малакаҳои зарурӣ барои муошырати оқилона бо фарзандон ва барқарор кардани муносибатҳои оилавӣ бар асоси муҳаббат ва фазои хонаи меҳрубонона, ки ба ҳамаи аъзои оила хушбахтӣ меорад, ниёз доранд.*

*Ва ба ҳамаи оилаҳое, ки мехоҳанд фарзандони худро нек тарбия кунанд, то дар фазои озодӣ, тафаккури созанда ва ҳисси истиқлолияти масъулиятшинос мардону занони дорои сатҳи баланди поквиҷдонӣ, ҷасорат, меҳру эътиқод ба воя расанд.*

*Ва ба занону фарзандони худ, ки дар тули ин солҳо сабри бепоён нишон доданд ва дар вақти кор бар рӯи ин китоб чӣ дар марҳалаи таҳқиқ ва чӣ дар марҳалаи навиштан моро ҳамеша ташвиқ мекарданд.*

*Мо ин асарро ба ҳамаи онҳо тақдим мекунем.*

*Аз Худои бахшояндаи меҳрубону якто дуо мекунем, ки ин кори моро аз мо қабул кунад, ки холисан ба хотири ризояти Ӯ буду ба мақсади анҷоми коре, ки сулҳу салоҳро барои тамоми башарият ва тарбияи оилавии нек фароҳам созад.*

***Муаллифон***

## Тақдими хонандаи араб

Мо дар Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ хушҳол мешавем, ки барои хонандаи арабӣ нусхаи тарҷумашудаи китоби “Тарбияи оилавӣ”-ро тақдим намоем. Ин китоб аз англисӣ ба забонҳои гуногун тарҷума шудааст ва ин амр далолат бар он мекунад, ки мавзӯи тарбияи падару модар дар шароити тамаддунӣ ва инсонии муосир аҳамияти бузург дорад.

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ ба асли фарҳангпазирӣ ва табодули таҷрибаҳо байни фарҳангҳо, тамаддунҳо ва миллатҳо имону яқин дорад, зеро фарҳангпазирӣ таъсири ошкор дар истифода аз таҷрибаҳои дигарон дорад. Ва ин баҳрабардории тамаддунӣ бахши ҷудонашавандаи андешаҳои исломӣ аст, ки аз дидгоҳи Қуръон бармеояд. Тамаддуни башарӣ як талоши муташаккил аз бархӯрдҳо ва доду гирифт аст ва Худованди мутаол бар ҳар касе бихоҳад аз фазлу карамаш анвоъи илм ва кашфиётро ато мекунад, ки манфиати он на танҳо ба ашхосе мерасад, ки ба он даст ёфтаанд, балки шомили ҳамаи мардум мешавад. Дар таҷрибаи тамаддуни исломӣ намунаҳои табодули доду гирифт ва ҳамкории тамаддунҳо вуҷуд дорад.

Инчунин Муассиса яқин дорад, ки аз ҷумлаи шартҳои фарҳангпазирӣ ёдгирӣ, истифода ва пешравӣ аст. Лоиҳаи тамаддунии босамар наметавонад таҷрибаи чизеро, ки аз он айнан гирифта шуда аст, таъмин кунад. Зеро таҷрибаи тамаддунӣ фаҳм ва дарки хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоиро талаб мекунад. Дар ҳамин асос амре зоҳир мешавад, ки метавон онро “созиш” ва “созгорӣ” номид, ки ба маънои ёдгирӣ ва дарки хусусиятҳои фикрӣ, маърифатӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии ҷанбаҳои фарҳангпазирӣ ва фаъол кардани сарчашмаҳои тасаввуроти интиқолёфта аст.

Шояд беҳтар бошад барои хонанда якчанд амри вобаста ба раванди “созгорӣ”-ро, ки ин Муассиса талош кардааст ба қадри имкон ҳангоми таҳияи ин китоб, ки такя ба илму фан ва таҷриба дорад, ба тасвир бикашад, тавзеҳ диҳем. Аз он ҷумла умури зерин мебошанд:

1. Бояд дар назар дошта бошем, ки хонандаи ин китоб араб ба таври ом ва мусулмон ба таври хос, шахси араби мусулмон ва хонаводаи арабӣ аст. Ба навъе, ин ба маънои интихоби тасвирҳои муносиби муҳит ва фарҳанги арабӣ аст. Тасвир гоҳо қудрати визуалӣ ва маърифатӣ дорад, ки тақрибан ба қудрати андешаи ифодаёфта баробар аст. Ҳар касе, ки тарҷумаҳои англисӣ ва арабии ин китобро муқоиса кунад, ин фарқиятро ба таври возеҳ пай мебарад. Ҳузури гирандаи араби мусулмон ҳамчунин ба маънои барҷаста кардани луғати худшиносӣ аст, ки муҳимтарини он луғати марҷаъ аст, ки

дар матнҳои қуръонӣ, ҳадис, сирати пайғамбар ва сирати саҳобагон аст. Азбаски ин луғат ба назариясозӣ ва татбиқ таъсир мерасонад, ин китоб талош намудааст ин матнҳоро зикр намуда, дар макони муносиби худашон дар ин китоб ҷой диҳад.

2. Мафҳуми “созгорӣ бо муҳит” талош намудааст, то бо рӯҳияи андешаҳои вобаста ба тарбияи оилавӣ созиш дошта бошад, зеро асосҳои тарбияи оилавӣ, сарчашмаҳои он ва фоидаҳову мушкилоти он дар аксари ҷомеаҳо ва фарҳангҳо - бо дар назар гирифтани намунаҳои вобаста ба ин тарбия ва падидаҳои иҷтимоие, ки аз як ҷомеа то ҷомеаи дигар аз ҳамдигар фарқ мекунанд, монанди падидаи паҳн гаштани дӯсти наздик ва ё ҳамон маъшуқ ва маъшуқа (дустписар ва дустписар) ва ё истиқлолияти навҷавон ва ҳамзистӣ ва ғайра - муштарак мебошанд.

3. Ба хотири созгор будан бо назми дар боло зикршуда ба ин хулоса омадем, ки хуб мебошад матнҳо ва мақолаҳову таҷрибаҳоеро, ки дар нусхаи англисӣ зикр шудаанд, ки аксари он аз муҳити ғарбӣ гирифта шудаанд, боқӣ бигузорем ва он ҳам ба хотири ибрози тасаввуроти уламои дин, донишмандон ва файласуфҳои ғарбӣ нисбати масъалаҳои тарбияи оилавӣ (тавсиф, тафсир ва интиқод) мебошад. Ва инчунин муқоиса ва наздик сохтан бо он чӣ, ки дар асоси тасаввури исломӣ дар бисёри ҳолатҳо пешкаш шудааст, ончуноне, ки фурсат ба хотири ошкор сохтани дидгоҳи пурраи исломӣ нисбати тарбияи оилавӣ, ки дар он як навъ созгорӣ байни пешниҳодҳои бисёре аз оқилон ва хирадмандони ғарбӣ вуҷуд дорад, мусоид гаштааст. Ин ҳама далолат мекунанд, ки хитоби фитрати солим ҳамагӣ як чиз аст, агар аз тамоми анвоъи мансубиятҳо дур карда шавад.

4. Дуруст, ки баъзе падидаҳо ва намунаҳое, ки дар нусхаи арабии ин китоб зикр шудаанд ҳамчун падидаи ом нестанд ва дар ҷомеаи арабии мо имрӯз ҳузури бисёр заиф доранд, монанди мафҳуми маъшуқ ва ё маъшуқа, фарҳанги ҷинсӣ дар асоси мафҳуми ғарбӣ ва доштани ҳимояи қонунӣ дар анҷоми хостаҳои худ бо ҷисми худ ва ғайра. Вале сояҳои ин падидаҳо камкам дар минбарҳои васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоии ҷомеаи арабӣ ошкор мегардад ва сухан гуфтан дар бораи “ҳамзистӣ” дар баъзе давлатҳои арабӣ худ нишонаи баёни ҳамин падидаҳо мебошад. Овардани ин намунаҳо ба хотири барҳазар доштани ҷомеаи арабӣ аз афтидан дар ин ботлоқи ғарбӣ мебошад, зеро инсони хирадманд касест, ки аз оқибати кори дигарон панд мегирад. Ин китоб сар додан бонги хатари оқилони ғарбиро нисбати ин масъалаҳо, ки хонаводаҳои ғарбиро ба пастӣ ва разолат оварда расондааст, низ зикр мекунад.

5. Сухан дар бораи ин падидаҳои ғарбӣ ба маънои амалӣ намудан ё татбиқи он нест, балки ошкор намудани сурати ҳақиқии ин падидаҳо ва талоши пайдо кардани роҳҳои эҳтиёт, дур шудан аз он ва афтодан дар доми он ба воситаи барномаҳо ва таҷрибаҳо аст. Бинобар ин раванди эҷоди барномаҳои фаъол ба омӯзиши илмӣ ва амалии ин падидаҳо дар асоси тавсиф, тафсир, донистани оқибат ва дар охир идора кардани он ниёз дорад.

6. Дар охир бояд гуфт, медонем, ки ин илм шояд дар олами арабӣ, доираҳои академии араб ва ҷомеаҳои маданӣ нав бошад ва бинобар ин амалӣ намудани баъзе ғояҳои он нисбатан душвор аст, зеро ҳамкории бисёр, дарки аҳамияти он аз сӯи ҷомеа, омӯзиши падару модар ва ризояти дастандаркорони ин тарбияро металабад (мо ин ҷо падару модар, фарзандон ва ҳамаи авлодро ба таври хос ва тамоми муассисаҳои давлатӣ ва ҷомеаи маданиро ба таври ом дар назар дорем). Мо яқин дорем, ки ҷомеаҳои арабӣ барои истиқболи чунин омӯзишҳо ва ҳамкорӣ бо он омода ҳастанд, чунки мероси мутамаддин ва сарчашмаҳои устувор доранд, то мақоми худро дар бунёди тамаддуни инсонӣ дошта бошанд.

**Тавфиқ аз ҷониби Худованд аст.**
**Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ.**

# МУНДАРИЧА

**Дар бораи ин китоб  32**
**Аҳдофи китоб 35**
**Муқаддима  38**

## ҚИСМИ ЯКУМ (1-7) 45
## Тарбияи падару модарӣ. Гузоштани санги асос

**Фасли якум: Пойдевори хонавода. Аҳамият ва вазифаҳои он кадоманд?  46**
**Фасли дуюм: Тарбияи дурусти падару модарӣ. Кадом аст ва чӣ гуна онро татбиқ намоем?  117**
**Фасли сеюм: Тарбияи дурусти падару модарӣ. Гузоштани ҳадафҳои дуруст. 149**
**Фасли чаҳорум: Ҳадафи ниҳоӣ. Тарбияи фарзандоне, ки Худо ва Пайғамбарашро доранд.  166**
**Фасли панҷум: Бартараф кардани чолишҳо ва камбудиҳои мавҷуда. 193**
**Фасли шашум: Мафҳумҳои нодуруст ва хурофоти роиҷ дар бораи тарбияи фарзандон. 209**
**Фасли ҳафтум: Вақте корҳо бад мешаванд. 222**

Фасли якум 46
**Пойдевори хонавода. Аҳамият ва вазифаҳои он кадоманд? Муқаддима**

- **Мақоми хонавода дар ислом 49**
- **Ҳадафҳои хонавода дар қуръони карим 51**
- **Расидан ба марҳалаи падару модарӣ 55**
  - *Таъсири фарзандон дар устувории хонавода* ***57***
  - *Таносуби теъдоди талоқ ва шумораи фарзандон* ***61***
  - *Вазифаҳои хонаводагӣ* ***62***
- **Андозаи оила дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британия дар гузашта ва имрӯз 64**
- **Оилаи нопурра 65**
- **Нигоҳе ба зиндагии муштарак бидуни издивоҷ 66**

*Талоқ ё хулъ бидуни доштани сабабҳои муносиб* ***67***
*Асосҳои комёбии волиди танҳо* ***70***
- **Оё яке аз волидайн метавонад ҷойгузини дигарӣ шавад? 72**
- **Мулоҳазае дар бораи Ислом ва талоқ 73**
- **Таъсири талоқ бар фарзандон 74**
- **Андозаи ниёз ба низоми тарбия ва таълими солим 77**
- **Ҳаракатҳои ислоҳотӣ ва тарбиявӣ 80**
- **Хонавода дар Амрико 81**

*Сабабҳои худкушиҳо* ***82***
*Хурофоти ривоҷдошта дар бораи тарбияи фарзандон дар Амрико* ***85***
*Ибратҳое аз Куштор дар Мактаби синфҳои болоии «Колумбайн» - и иёлати Колорадо* ***91***
- **Муқоисаҳои умумӣ байни хонаводаҳо дар давлатҳои исломӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британияи Кабир 92**

*Таъсири ғарбӣ бар тарбияи падару модарӣ дар ҷаҳони исломӣ* ***95***
*Ду қисса дар бораи ду мусулмоне, ки дар Британия зиндагӣ мекунанд* ***97***
- **Тарбияи падару модарӣ дар Британия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 97**
- **Чӣ беҳтар аст: ҳақ ё озодӣ? 98**
- **Таҳқиқот дар бораи саргардонии фарҳангӣ ҳангоми интиқол ёфтан байни Шарқу Ғарб. Фарзандонамонро дар куҷо тарбия кунем? 103**
- **Ду мафҳуме, ки дар андешаи ғарбӣ аз байн рафтааст: Худованд бузург аст Худованд донотар аст 104**
- **Муқоиса байни арзишҳои ахлоқии устувору собит ва арзишҳои ахлоқии созгор 105**
- **Намунаи кишоварзии оила: фарзандон мисли растанӣ ҳастанд ва падару модар мисли боғбон. 108**
- **Машқҳои (1-8) 110**

Фасли дуюм 117
**Тарбияи дурусти падару модарӣ. Кадом аст ва чӣ гуна онро татбиқ намоем?**
- **Муқаддима 118**
- **Марҳалаҳои нашъунамои фарзандон ва пешрафти онҳо 120**
- **Равишҳои тарбияи падару модарӣ 122**
- **Таъсири равишҳои гуногун дар тарбияи падару модарӣ 124**

*Фарҳанги иҷбор, таҳдид ва ҳукмронӣ* ***124***
*Камбудиҳои равиши иҷбор* ***125***

- **Чӣ моро водор мекунад, ки дар бораи равиши тарбия падару модарӣ огоҳӣ пайдо кунем? 127**
- **Оғози тарбияи солими падару модарӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи вазифаҳои мунтазир 129**
- **Гузаронидани вақти хуб ва мушоракати фаъолона бо фарзандон 134**
- **Истифода аз сарчашмаҳои маълумот дар соҳаи тарбияи оилавӣ 135**

  *Сарчашмаҳои исломӣ дар муқобили сарчашмаҳои ғарбӣ* ***135***
- **Омори таълифот ва сарчашмаҳо дар бораи тарбияи оилавӣ 135**
- **Оё сазовор аст, ки тарбияи оилавӣ дар мактабҳои миёна омӯзиш дода шавад? 139**
- **Роҳнамоиҳои британиё барои барномаҳои тарбиявии мактабҳо 140**
- **Хулоса 142**
- **Машқҳои (9-15) 143**

Фасли сеюм 149

**Тарбияи солими оилавӣ. Гузоштани ҳадафҳои дуруст.**

- **Муайян кардани ҳадафҳои дуруст қадами аввал дар татбиқи тарбияи дуруст аст 150**

  *Нақшаи ҳадафҳои падару модар: ҳадафҳо, арзишҳо, василаҳо* ***151***
- **Муҳокимаи ҳадафҳо: нигоҳе аз наздик 152**

  *Ҳадафҳои баргирифта аз Қуръони карим: дуои бандагони Аллоҳ ва орзуҳои онҳо* ***152***

  *Ҳадафҳои баргирифта аз ҳадиси Расулуллоҳ (с)* ***156***
- **Қаҳва ва авлавиятҳои хонавода 159**
- **Хотима: Аҳамиятатро ҳамеша рӯи аҳдоф бигузор (ҷоиза) 160**
- **Машқҳои (16-20) 162**

Фасли чаҳорум 166

**Ҳадафи ниҳоӣ. Тарбияи фарзандоне, ки Худо ва Пайғамбарашро доранд**

- **Муқаддима 167**
- **Воситаҳое, ки имрӯзҳо аз роҳи он дар дили фарзандони мо тухми имон мекоранд 168**
- **Фарҳанги иктифо ба худ: Иштироки суст дар масоили ҷамъиятӣ 169**
- **Фарҳанге, ки имрӯз дар байни мардум роиҷ аст: Камбуди ҳисси масъулиятшиносии фардӣ 172**

- **Маданияти вайроншуда: Тафаккури акибмондагӣ ва хурофотпарастӣ 175**
- **Назари нодурусти кайҳонӣ: Заифӣ ва тарс 176**
- **Роҳи мутавозин: Равиши оқилона 177**
- **Таълими муҳаббати қуръони карим ба фарзандон 178**
- **Таълими намоз ба фарзандон: Робитаи ҳамешагӣ бо худованд 181**
- **Таълими ҳунари тавба ба фарзандон 183**
- **Таълими сирати набавӣ ва қиссаҳои пайғамбарон (а) ба фарзандон 183**
- **Таълими одоби хуб ба фарзандон 185**
- **Беҳтар аст аввал ба фарзандонат бигӯӣ “Худовандро дӯст доред” ё “Худованд шуморо дӯст медорад”? 185**
- **Худшиносӣ: Мушкилоти таълим ва тарбия дар кишварҳои арабӣ 187**
- **Машқҳои (21-25) 188**



Фасли панҷум 193

**Бартараф кардани чолишҳо ва камбудиҳои мавҷуда**

- **Муқаддима 194**
- **Хатарҳои асосие, ки падару модар бо он мувоҷеҳ мебошанд 194**

  *Таҷрибаи кам* ***195***

  *Фишорҳои ҳаррӯза* ***195***

  *Талошҳои ҳаррӯза: Тарбияи оилавӣ фаъолиятест, ки 24 соат дар рӯз, 7 рӯз дар ҳафта ва 365 рӯз дар сол давом дорад.* ***195***

  *Тарбияи оилавӣ вазифаи муайяншуда, ғайриқобили тағйир ва сармоягузории дарозмуддат аст* ***196***

  *Таъсири падару модар яке аз таъсирҳои зиёд мебошад* ***197***

  *Фарзандон аз сухан гуфтан оҷизанд* ***198***

  *Тарбияи оилавӣ як илми байнисоҳавӣ мебошад* ***198***

  *Падару модар бояд бо якдигар ҳамчун як гурӯҳи корӣ фаъолият намоянд* ***199***

  *Тарбияи оилавӣ маҳоратест, ки идоракунии оқилонаи захираҳоро талаб мекунад* ***199***

  *Тасвири падару модар дар зеҳни фарзандон бештар хилофи мақсади падару модар аст* ***200***

  *Бидон, ки ба фарзандонат чӣ ва кай мегуӣ* ***200***

  *Банохост ҷой додани мафхумҳои нодуруст дар дили кӯдакон* ***201***

  *Чолиши эҷоди симои мусбати худ* ***203***

  *Мушкилоти тарбияи фарзандони падари мусулмон ва модари ғайри мусулмон* ***203***

*Мушкилоти тарбияи атфол дар муҳите, ки нажод ва фарҳанги падару модар аз ҳамдигар фарқ мекунанд* ***204***

- **Ибратҳои тарбиявӣ 205**
- **Хотима 206**
- **Машқи (26) 207**

Фасли шашум 209

**Мафҳумҳои нодуруст ва хурофоти роич дар бораи тарбияи фарзандон**

- **Муқаддима 210**
- **Баъзе хурофот дар бораи тарбияи оилавӣ 210**
- **Баъзе мафҳумҳои нодуруст дар бораи тарбияи оилавӣ 213**

*Тақлиди кӯр-кӯронаи равишҳои меросӣ* ***213***

*Тақлиди кӯр-кӯронаи дигарон* ***213***

*Амали кардани орзуҳои шахсиамон дар фарзандонамон* ***213***

*Вогузор кардани вазифаҳои падариву модарӣ ба дигарон* ***214***

*Падару модарони нек ҳатман фарзандони нек тарбия мекунанд* ***214***

*Тарбияи падару модарӣ истеъдоди табиӣ мебошад* ***215***

*Талқини арзишҳои оилавӣ осон аст* ***215***

*Гумони нек, эҳсоси солим, мантиқ ва муҳаббат дар тарбия кифоя мекунад* ***216***

*Фарзияи кофӣ будани истифодаи мантиқ бо фарзандон* ***216***

*Фарзияи ғолиб омадан дар ҷанг бо фарзандон* ***217***

*Такяи падару модар бар ин, ки онҳо калонтаранд ва ҳукмравоӣ дар дасти онҳост* ***217***

*Муомилаи яксон бо ҳамаи фарзандон* ***218***

*Муомила бо кӯдакон мисли калонсолон* ***218***

*Харидани тамоми талаботи фарзандон* ***219***

- **Машқҳои (27-28) 220**

Фасли ҳафтум 222

**Вақте корҳо бад мешаванд**

- **Муқаддима 223**
- **Асабоният, саркашӣ, ғазаб ва ашкҳо 224**

*Баъзе равишҳои ҷазои фарзанди хашмгин* ***225***

- **Ту ва фарзандат: исён ва таҳқир 226**

*Вақте писарат мавриди таҳқир қарор гирифт, қадами баъдӣ чист?* ***227***
*Қадамҳои пешниҳодӣ барои татбиқ ҳангоми таҳқир* ***228***
- **Навҷавонон: Накди мафҳуми навҷавонӣ 228**
- **Ғазаби мо ва ғазаби навҷавони мо 231**
- **Ғазаб метавонад зараровар ё фоидаовар бошад 232**
- **Оё ғазаби навҷавони шумо ғазаби туро меорад? 233**
- **Мо барои худ ва навҷавононамон чӣ кор карда метавонем? 233**
- **Мулоҳизаҳо дар мавриди робитаи хуб 234**
- **Машқҳои (29-30) 236**


## ҚИСМИ ДУЮМ (8-13) 241

## Тарбияи оилавӣ дар партави нашъунамои кӯдакон

**Фасли ҳаштум: Синамаконии табиӣ 243**
**Фасли нуҳум: Мағзи сари кӯдак. Кор мефармоӣ ё аз даст медиҳӣ 266**
**Фасли даҳум: Ташаккули шахсият ва марҳалаҳои инкишоф 290**
**Фасли ёздаҳум: Тарбияи саломатии кӯдакон. Тозагӣ, ғизо, машқҳои варзишӣ ва хоб 330**
**Фасли дувоздаҳум: Тарбияи ҷинсии фарзандон 381**
**Фасли сездаҳум: Оё тарбияи писарон аз тарбияи духтарон фарқ мекунад? 456**

Фасли ҳаштум 243
**Синамаконии табиӣ**
- **Муқаддима 244**
- **Ширхорагӣ дар Қуръони карим 246**
- **Фоидаҳои саломатӣ ва равонии синамаконии табиӣ 248**
- **Синамаконии табиӣ ва зани коргар дар Амрико ва Британия 252**

*Омори синамаконии табиӣ дар Амрико ва Британия* ***252***
*Ҷои кор ва синамаконии табиӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико* ***252***
*Ҷои кор ва синамаконии табиӣ дар Британия* ***253***
- **Нигоҳе ба синамаконии табиӣ дар ҷаҳони ислом 254**

*Ширҳои хушк, норасоии ғизо ва бемориҳо* ***254***
- **Дидгоҳи Имом Ибни Ҳазм дар бораи синамаконӣ 256**

- **Муддати ширхорагии табиӣ 257**
- **Насиҳатҳои судманд барои модарони ширдеҳ 258**
- **Намунаи ғизодиҳии рӯзона барои модарони ширдеҳ 260**
- **Модари нерӯманд 261**
- **Машқи (31) 264**

Фасли нуҳум 266

**Мағзи сари кӯдак. Кор мефармоӣ ё аз даст медиҳӣ.**

- **Муқаддима 267**
- **Фурсати муносиб 267**
- **Рушду инкишофи ҳуҷайраҳои асаб ва шабакаҳои мағзи сар 269**
  - *Биноӣ* ***271***
  - *Шунавоӣ* ***271***
  - *Мусиқӣ* ***273***
  - *Ҳаракат* ***274***
  - *Ҳифзи вожаҳо дар даврони кӯдакӣ* ***276***
- **Тағйирот дар мағзи сар чӣ гуна ба вуҷуд меояд? 276**
- **Барномаҳои томактабӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 276**
- **Бо таваҷҷуҳ ба тағйироте, ки дар майнаи сар эҷод мешавад, падару модар чӣ коре метавонанд анҷом диҳанд? 278**
  - *Майнаи мантиқӣ* ***278***
  - *Майнаи забономӯзӣ* ***278***
  - *Майнаи мусиқӣ* ***278***
    - *Ҳукми мусиқӣ ва суруд дар Ислом* ***279***
    - *Ҳукми тасвир ва муҷассамаҳо дар Ислом* ***282***
- **Нақши тарбияи падару модар дар рушди майнаи кӯдак 282**
  - *Намунаҳои муҳим дар ҷомеа* ***283***
  - *Ташвиқи кӯдакон барои иштирок дар корҳои ҷисмонӣ* ***283***
  - *Суҳбати бодиққат бо кӯдак* ***284***
  - *Бо кӯдакони худ ба таври мусбат суҳбат кунед* ***284***
  - *Фароҳам овардани фазои мусбат барои оянда* ***284***
  - *Ташвиқи кӯдакон барои такрори рафтори хуб* ***285***
- **Оё метавон комёбии инсонро қабл аз панҷсолагӣ муайян кард? 286**
- **Машқи (32) 288**

Фасли даҳум 290
Ташаккули шахсият ва марҳалаҳои инкишоф
- **Муқаддима 291**
- **Шуҷоат, эҷодкорӣ, садоқат, амонатдорӣ, муҳаббат, масъулиятшиносӣ, истиқлолият ва озодӣ 292**
- **Ташкили канзи ахлоқӣ 294**
- **Унсурҳои шахсият сатҳӣ нестанд, балки решаҳои амиқ доранд 296**
- **То чӣ андоза метавон ба дидгоҳҳои равоншиносӣ эътимод кард? 297**
- **Марҳалаҳои рушд ва инкишоф 299**
- **Марҳалаҳои рушду инкишофи инсон дар Қуръони карим 300**
- **Муъҷизаи бордоршавӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд 303**
- **Марҳалаҳои рушди инсон аз таваллуд то пиронсолӣ 305**
- **Истифодаи дурусти марҳалаҳои рушду инкишоф 320**

  *Синамаконӣ дар ду соли нахуст **321***

  *Муҳаббат ва тарси Худо **321***

  *Ҳифз ва аз ёд кардан **321***

  *Равиши ҳифз дар Шарқ ва Ғарб **322***

  *Ҷанбаҳои тарбияи равонӣ ва имонӣ **322***

  *Ҳассосияти наврасон ба интиқод **322***

  *Таваҷҷуҳ ба ташаккули шахсият **322***

  *Омӯзиши забони дуюм **323***
- **Машқҳои (33-35) 325**

Фасли ёздаҳум 330
**Тарбияи саломатии кӯдакон. Тозагӣ, ғизо, машқҳои варзишӣ ва хоб**
- **Муқаддима 331**

  *Саломатӣ дар замони ҳомиладорӣ **332***

  *Эмгузаронӣ пас аз таваллуд: фоида ва зарарҳои он **333***

    *- Таъсири бузурги эмгузаронӣ **333***

    *- Назарҳои мухолиф бо эмгузаронӣ **335***

    *- Ваксина (эмгузаронӣ ) бузургтарин муомилаи ҷаҳонӣ барои саломатӣ аст **336***
- **Назофат ва тозагӣ 336**
- **Баъзе аз амалкардҳои исломӣ дар мавриди назофат ва тозагӣ 338**

  *Тозагӣ дар ҳоҷатхона **339***

*Мӯй ва нохунҳо* ***339***

*Одатҳои солим барои рӯҳ ва ҷисм* ***341***

- **Ғизо 343**
- **Роҳнамунҳои осмонӣ дар мавриди ғизо 343**
- **Иқтибос аз суханони Имом Ғазолӣ дар бораи одоби таом 346**

*Пурхурӣ* ***346***

*Мушкилоти вазни зиёдатӣ дар Амрико ва Британия* ***347***

- **Ҳақиқатҳое дар бораи кӯдакон ва тарзи ғизодиҳӣ 349**

*Ғизогирӣ дар замони ҳомиладорӣ* ***349***

*Ғизодиҳӣ аз таваллуд то қабл аз замони наврасӣ* ***350***

*Ғизогирӣ дар овони наврасӣ* ***351***

*Намунаи ғизои муносиб барои кӯдакони 2 то 10 сола* ***351***

*Саволҳои умумӣ* ***352***

- **Фарзандон ва машқҳои варзишӣ 357**
- **Чаро машқҳои варзишӣ барои фарзанди ман муҳим аст? 358**

*Роҳҳои ташвиқи кӯдакон ба варзиш* ***359***

*Ҷадвали машқҳои варзишӣ* ***360***

*Попӯшҳои солим барои варзиши фарзандон* ***362***

- **Аҳамият ва фоидаҳои хоб 362**
- **Таъсири камхобӣ ба саломатӣ 364**
- **Масткунандаҳо: дурӣ аз шароб ва маводи мухаддир 366**

*Фарзандон ва гумроҳӣ* ***367***

*Нишонаҳои барвақти нашъамандӣ. Ҳангоми ошкор шудани он чӣ бояд кард?* ***367***

*Масъулияти падару модар барои ҳимояи фарзандон аз маводи мухаддир ва масткунандаҳо* ***368***

*Шаробнӯшӣ дар муқобили робитаҳои оилавии солим* ***371***

*Барномаҳои нигоҳубини пас аз табобат. Истифодаи дин барои пешгирӣ* ***374***

- **Қонуншиканӣ 375**
- **Машқҳои (36-42) 377**

Фасли дувоздаҳум 381

**Тарбияи ҷинсии фарзандон**

- **Муқаддима 382**
- **Тарбияи ҷинсӣ чӣ маъно дорад? 382**
- **Чаро тарбияи ҷинсӣ? Оё омӯхтани он лозим аст? 384**

- **Дар тарбияи ҷинсӣ ба фарзандон чӣ таълим дода шавад? 387**
  *Хатари бузурги зино (таҷовузи ҷинсӣ) ва натиҷаҳои хатарноки он* ***388***
  *Ибрат аз муҷозоти шаръии зино* ***393***
- **Ҳолати Амрико 394**
  *Арзишҳои ахлоқӣ ва ҷинс дар Амрико дирӯзу имрӯз* ***398***
  *Тасаввуроти баъзе модарону духтарон дар бораи масоили ҷинсӣ дар Амрико* ***400***
  *Чаро яке аз утодони машҳури Амрико тарки ин кишварро беҳтар донист?* ***401***
  *Бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар Амрико ва Англия* ***401***
  *Ҳомиладории наврасон дар Амрико* ***403***
  *Тарзи ҳаёти наврасони ҳомиладори амрикоӣ ва интихоб байни исқоти ҳамл ва фарзандхондагӣ.* ***404***
    *- Ҳукми исқоти ҳамл аз дидгоҳи Ислом* ***405***
    *- Ҳукми фарзандхонӣ аз дидгоҳи Ислом* ***406***
- **Тарбияи ҷинсӣ дар Ислом 409**
- **Вазифаи падару модар дар тарбияи ҷинсии фарзандон 412**
- **Вазифаи падару модар дар назди фарзандон оид ба тарбияи тозагии ҷинсӣ 414**
- **Робитаҳои дӯстписар ва дӯстдухтар (ошиқу маъшуқ) ва масъулияти падару модарон 416**
- **Амали қавми Лут (а) (ҳамҷинсгароӣ) ва масъулияти падару модарон дар баробари он 419**
- **Наврасон ва бакорат қабл аз издивоҷ 425**
- **Ҳалли исломии мушкилоти ҷинсӣ. Нақшаи роҳи пешгирӣ 426**
  *Ҳаё* ***429***
  *Одоби либоспӯшӣ* ***435***
  *На омезиши номаҳдуд ва на хилвати мутлақ* ***436***
  *Фишори дӯстон ва дигарон болои фарзандон* ***438***
    *- Фишори дӯстон* ***438***
    *- Фишорҳои дигар* ***438***
    *- Дар баробари фишорҳои дӯстон ва фишорҳои дигар чӣ бояд кард?* ***439***
  *Издивоҷи барвақт* ***440***
    *- Мушкилоти низоми таълимӣ дар муқобили издивоҷи барвақт* ***442***
  *Ҳимояи фарзандон аз таҷовузи ҷинсӣ* ***444***
    *- Насиҳатҳои умумӣ дар бораи ҳимояи фарзандон аз таҷовузҳои ҷинсӣ* ***445***
    *- Фарзандонро дар вақти муносиб дар бораи танфурӯшӣ огоҳ намоед* ***446***

*- Вақте кӯдак аз сӯи маҳрамҳо таҷовузи ҷинсӣ мешавад* ***448***

*Барномаи дарсии пешниҳодӣ дар мавзӯи тарбияи ҷинсӣ дар Ислом* ***449***

- **Машқҳои (43-44) 452**


Фасли сездаҳум 456

## Оё тарбияи писарон аз тарбияи духтарон фарқ мекунад?


- **Муқаддима 457**
- **Фарқиятҳои муқаррарӣ 458**

  *Мантиқ дар муқобили эҳсосот* ***458***

  *Робитаҳои отифӣ* ***459***

  *Тамоюлоти байни марду зан* ***459***

  *Ҳиссиёт* ***463***

  *Ҷойгоҳ дар мусобиқа* ***463***

  *Қиёфаҳо* ***464***

  *Фарқиятҳои ҷинсӣ* ***465***

- **Ҳикмати фарқиятҳои байни ду ҷинс. Нақшҳо ва такмили ҳамдигар, на бартарият 466**
- **Авлавиятҳои мардону занони амрикоӣ 467**
- **Ҷудоӣ байни ду ҷинс кай сар мешавад? 469**

  *Мардони зансифат ва занони мардсифат* ***471***

  *Вазъияти тарбияи падару модар дар Амрико* ***473***

  *Сабаби набуди тавозун дар тарбияи падару модар* ***474***

  *Ҳақиқат ва хурофот дар бораи тарбияи падару модар дар Амрико* ***475***

- **Талаботи гуногуни писарону духтарон дар партави тарбияи волидон 477**

  *Духтари хурдсол дар тарбияи падару модар ба чӣ ниёз дорад?* ***477***

  *Писари хурдсол дар тарбияи падару модар ба чӣ ниёз дорад?* ***479***

- **Посухҳои оқилона ба фарқиятҳои байни ду ҷинс дар тарбияи падару модарӣ 480**
- **Фарқи байни писарон ва духтарон дар таҳсил 481**
- **Ҷудоӣ байни писарон ва духтарон дар мактабҳо ва синфҳо 485**
- **Тарбияи падару модар ва навъи ҷинс аз дидгоҳи ислом 487**
- **Усули Худованди мутаол беҳтарин равиш аст: мисолҳо аз Чин, Олмон ва Ҳиндустон 490**
- **Машқҳои (45-46) 493**

**ҚИСМИ СЕЮМ (14-17)** **495**

**Маъдани шахсият ва бунёди сифатҳои асосии он**

**Фасли чордаҳум: Омӯзиши муҳаббат, садоқат, амонтадорӣ, боварӣ ба худ ва интихоби дӯстони хуб барои фарзандон 496**

**Фасли понздаҳум: Рушди шуҷоат, эҷодкорӣ ва масъулиятшиносӣ 546**

**Фасли шонздаҳум: Омӯзиши истиқлолият 607**

**Фасли ҳабдаҳум: Таъсири манфии телевизор, видео, бозиҳои компютерӣ, интернет ва телефонҳои мобилӣ 637**

Фасли чордаҳум 496

**Омӯзиши муҳаббат, садоқат, амонтадорӣ, боварӣ ба худ ва интихоби дӯстони хуб барои фарзандон**

**Якум: Омӯзиши муҳаббат 497**

**Дуюм: Омӯзиши садоқат, амонатдорӣ ва боварӣ ба худ 516**

**Сеюм: Интихоби дӯстони хуб барои фарзандон 534**

**Якум: Омӯзиши муҳаббат 497**

- **Муқаддима 498**
- **Асосҳои тавонмандии отифӣ 500**
- **Муҳаббат: Мафҳуми заковати эҷодкорӣ ва Қуръони карим 501**
- **Мафҳуми қалб дар Қуръони карим 502**
- **Маслиҳатҳои муфид барои волидайн барои кӯмак ба кӯдакон дар ташаккули шахсияти меҳрубон 504**
- **Агар фарзандат бигӯяд: “Туро бад мебинам!” 505**
- **Фарзанди якум 506**
- **Чаро падару модар фарзандонро дӯст медоранд? 507**
- **Муҳаббат ва эътимоди падарону модарон бар худ 509**
- **Роҳҳои амалӣ барои эҷоди муҳаббат ва ҳамдилӣ 510**
- **Чанд роҳи изҳори муҳаббати шумо ба кӯдакон: Омор 513**
- **Оё хуб аст, ки волидон ба фарзандонашон бадбиниро омӯзанд? Баъзан! 514**
- **Машқи (47) 515**

Дуюм: Омӯзиши садоқат, амонатдорӣ ва боварӣ ба худ 516

- **Муқаддима 517**
- **Ба фарзандонатон бовар кунед, аммо боварӣ ҳосил кунед, ки дар кучоянд 519**
- **Қоидаҳои умумӣ 519**

  *Арзишҳои оилавӣ 519*

  *Падару модар намунаи нек ҳастанд 520*

  *Анвои дурӯғ: сафед, бад ва хаёлӣ 520*

  *Фарқ байни хаёл ва воқеият 521*

  *Ростқавлиро таълим диҳед 521*

  *Қабл аз гирифтан иҷозат пурсед 521*

  *Мушкилотро пеш аз вуқӯъ ҳал намоед (пешгирӣ) 521*

  *Фарзандони калонсол 521*
- **Такомули сифатҳои шахсият бо дидгоҳи оламшумул 522**
- **Чаро фарзандон дурӯғ мегӯянд? Ва илоч чист? 523**
- **Илоҷи дурӯғгӯӣ дар Суннати набавӣ 526**
- **Чӣ гуна аз эрка шудани кӯдакон пешгирӣ кунем? 529**

  *Тартибу низомро дасти кам нагиред 529*

  *Тамоми хостаҳои онҳоро иҷро накунед 529*

  *Аз муқоисаҳои ноумедкунанда парҳез кунед 529*

  *Аз хушомадгӯӣ ва ришва додан ба фарзандон канорагирӣ кунед 530*

  *Худро таслими эҳсоси гуноҳ накунед 530*

  *Гиря ҳамчун як василаи фишор 530*
- **Машқҳои (48-52) 531**

Сеюм: Интихоби дӯстони хуб барои фарзандон 534

- **Дӯстони фарзандон 535**
- **Дӯстон чанд навъанд 537**
- **Баъзе мушкилот бо дӯстони бад 538**
- **Фишори рӯзонаи дӯстон дар мактаб 538**
- **Интихоби дӯстони хуб 538**
- **Агар фарзанд дӯстони номуносиб интихоб намояд, чӣ бояд кард? 540**
- **Чаро иртиботи қавӣ байни наврасон ба вуҷуд меояд? 541**
- **Зиндагии хонаводаҳо дар ҷойҳои номуносиб 542**
- **Машқҳои (53-55) 543**

Фасли понздаҳум 546
**Рушди шуҷоат, эҷодкорӣ ва масъулиятшиносӣ**
**Якум: Рушди шуҷоат 547**
**Дуюм: Ташвиқ ба эҷодкорӣ 565**
**Сеюм: Таълими масъулиятшиносӣ 586**

**Якум: Рушди шуҷоат 547**
- **Муқаддима 548**
- **Иқтибосҳо дар бораи далерӣ 549**
- **Пояҳои асосии шуҷоат ва тарс 550**
- **Рушди тарс дар кӯдакон 553**
- **Эҳтиёҷи кӯдакон ба таълими шуҷоати отифӣ ҳамроҳи шуҷоати ҷисмонӣ 554**
- **Шуҷоат ва ҳамоҳангии иҷтимоӣ бо дигарон 555**
- **Фишори дӯстон 556**
- **Падару модар, шуҷоат ва фаъолиятҳои фарҳангӣ 557**
- **Машқҳои (56-62) 560**

**Дуюм: Ташвиқ ба эҷодкорӣ 565**
- **Муқаддима 566**
- **Мафҳумҳои умумӣ дар бораи эҷодкорӣ 568**
- **Ихтирооти эҷодкоронаи таърихӣ 570**
- **Нобуд кардани эҷодкорӣ дар вуҷуди фарзандон 571**
- **Ҷиҳатҳои манфӣ, ки монеи эҷодкорӣ мешаванд 572**
- **Роҳҳои рушди эҷодкорӣ 575**
  - *Тарҳи саволҳои эҷодокорона 575*
  - *Фаъолиятҳои амалӣ 575*
  - *Гуногунии таҷриба 575*
  - *Машқҳо барои тақвияти зеҳн 576*
  - *Бозиҳои эҷодкорона 576*
  - *Нависандагии кӯдакон 577*
  - *Санъати кӯдакон 577*
- ***Мафҳумҳои нодуруст:* Андешаҳои “ғарбӣ” ё “бефоида” 579**
- **Падару модар чӣ коре метавонанд анҷом диҳанд? 580**
- **Мулоҳиза дар бораи бозичаҳо 581**
- **Машқҳои (63-66) 582**

**Сеюм: Таълими масъулиятшиносӣ 586**
- **Муқаддима 587**
- **Поягузорӣ: Равандҳо ва дидгоҳи ҷаҳонӣ 589**
- **Имкониятҳо дар марҳалаҳои гуногуни рушду инкишоф 592**
  *Тифли ширхора ва кӯдаки хурдсол 592*
  *Оғози кӯдакӣ 593*
  *Аз синни мактабӣ то наврасӣ 593*
  *Марҳалаи наврасӣ 594*
  *Марҳалаи ҷавонӣ ва балоғат 594*
- **Усуле, ки бояд эҷод карда шаванд 595**
  *Корро бошавқ анҷмо диҳед 595*
  *Бо ҳам амал кунед 595*
  *Усули кор дар боғчаи хона 596*
  *Масъулиятҳоро ба тадриҷ эҷод кунед 597*
  *Ба ибораи “ин кори ман нест” мухолифат кунед 597*
- **Пешниҳодҳои амалӣ 598**
- **Вобаста кардани имтиёзҳо бо масъулиятҳо: Намунаҳо 601**
- **Машқҳои (67-68) 604**

Фасли шонздаҳум 607

## Омӯзиши истиқлолият

- **Калон шудани кӯдак дар ҳолати «вобастагӣ» 608**
- **Ҳолати кӯдакони гирёнчак 611**
- **Дастовардҳои хосси ҳар як синну сол 612**
  *Ман метавонам ин корро танҳо анҷом диҳам 612*
- **Бигузор кӯдакон худашон роҳашонро интихоб кунанд 613**
- **Нигаронии кӯдакон аз ҷудоӣ 614**
- **Наврасон ва воқеият 615**
- **Таъсири услубҳои гуногуни тарбияи фарзанд: Қудрати масъулиятшинос дар муқобили қудрати зӯргӯӣ 617**
- **Малакаҳои лозим барои ташаккули худбоварӣ 620**
  *Ба кӯдакон гузина пешниҳод кунед 622*
  *Изҳори эҳтиром ҳангоми ранҷидани кӯдак 623*
  *Бар сари кӯдакон монанди муфаттиш набошед 624*
  *Барои посух ба саволҳо шитоб накунед 624*

*Кӯдаконро ташвиқ кунед, ки аз манобеи берун аз хона истифода баранд 625*
*Умедро аз орзуҳои кӯдакон канда накунед  625*
- **Насиҳатҳо барои падару модарон 626**
- **Насиҳат дар муқобили худбоварӣ: модар ва духтар 628**
- **Вақте падару модар рафтори дӯстони фарзандони худро бад мебинанд 631**
- **Марҳалаҳои тасмимгирӣ 632**
- **Машқҳои (69-71) 634**

Фасли ҳабдаҳум 637
**Таъсири манфии телевизор, видео, бозиҳои компютерӣ, интернет ва телефонҳои дастӣ**
- **Муқаддима 638**
- **Саволномаи ибтидоӣ барои падару модарон 638**
- **Таъсири манфии телевизор 640**
- **Таҷрибаи барномаи "Кӯчаи Симсим" барои кӯдакон 641**
- **Даврони пеш аз телевизор ва васоили электронии муосир 642**
- **Ваҳму хаёлҳое, ки аз тамошои телевизор бармеоянд 645**
- **Роҳнамоиҳо барои раҳоӣ аз банди телевизор  646**
- **Чанд ҳақиқати мухтасар дар бораи телевизор 647**
- **Барои андоза ва сифати он чизе, ки кӯдакон тамошо мекунанд, ҳад ва қоида гузоред 649**
- **Рӯйхати ҷойгузинҳои амалии тамошои телевизор дар оила 650**
- **Интихобҳои васеътар 654**

*Фаъолиятҳо дар ҷомеа 654*
*Фаъолиятҳо дар табиат*
*Бозиҳо 655*
*Хӯрок хӯрдан бо оила 656*
- **Зарарҳои истифодаи беш аз ҳадди интернет ва телефонҳои дастӣ 657**
- **Бозиҳои компютерӣ 657**
- **Бозиҳои видеоӣ ва фарзандон 658**
- **Беш аз ҳад намоён шудани зан ва мард дар телевизор ва бозиҳои видеоӣ 659**
- **Машқҳои (72-76) 662**

**Хотима 666**

**Адабиёти истифодашуда 672**

# ДАР БОРАИ ИН КИТОБ

Ин китоб барои ҳар як падару модар, новобаста аз кӣ ва дар куҷо буданашон, навишта шудааст. Дидгоҳи ин китоб ҳамон дидгоҳи дурбинонаи Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ мебошад, ки мехоҳад ҷаҳони исломро аз хоби гарони фикрӣ ва ақибмондагие, ки ба он мубтало гаштааст, бедор кунад ва дубора бедории фикриашро, ки тамаддуни тиллоияшро сохта буд, бозгардонад. Ин китоб ҳадафашро рӯи зинда сохтани ақлу виҷдони мусулмон аз нигоҳи фикрӣ ва ахлоқӣ дар асоси тарбияи оилавӣ гузоштааст. Бо вуҷуди ин ки ин китоб сабабҳои методолгии ақибмонии фикрӣ дар ҷаҳони исломро муфассал баррасӣ намекунад, ислоҳоти андешаи исломӣ мавзӯи асосиест, ки нашриёт ва конфронсҳои Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ перомуни он мечарханд ва он ҳам бо ҳадафи зинда сохтани андешаи исломӣ ва бедор кардани уммат аз хоби гаронаш мебошад.

Бисёр муҳим аст, ки падару модар бидонанд, ки чигуна дар амал фарзандони солеҳ тарбия кунанд. Зеро асосҳои психологии системаи арзишҳо ва шахсиятҳои ҳар як фард то ҳадди зиёд дар хона дар давраи аввали кӯдакӣ ташаккул мееёбанд. Ба ҳамин хотир, мо пеш аз ҳама ба омӯзиши малакаҳои фарҳангӣ, маърифатӣ ва иҷтимоӣ дар хона ҳамчун пойдевори ташаккули равонӣ ва отифии кӯдак ва шинохтани роҳи дуруст аз хато таваҷҷӯҳ кардем, зеро шинохтани роҳи дуруст ба танҳоӣ наметавонад кӯдакро водор намояд, то аз он пайравӣ кунад, зеро ирода ва виҷдони инсон ҳамеша ҳукми ақлро қабул, аз он пайравӣ ва дар асоси он чӣ, ки ақл онро дуруст медонад, фаъолият мекунад. Дар ин амр нақши падару модар асосӣ аст. Мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ дар бораи ҳодисаҳои таърихӣ, ҳақиқатҳои илмӣ, малакаҳои ҷисмӣ ва фаннӣ ба кӯдакон маълумот медиҳанд ва ин умуре мебошанд, ки хонавода ва ҳаёти оила онро дар асоси арзишҳо ва дидгоҳҳои кайҳонӣ бар инсон комил месозад.

Ин китоб дар тарбияи кӯдакон ва рушди тавоноиҳои башарӣ бо шаклҳои гуногунаш саҳм мегузорад. Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ конфронсҳо ва курсҳои омӯзишии зиёдеро баргузор карда ва чандин китобҳои арзишманд ба ҳамин ҳадаф нашр намудааст, аз ҷумла: “Роҳнамои китобхонаи оилаи мусулмон” ва “Бухрони ирода ва виҷдони мусулмон”.

Таълифи китобе дар бораи муносиботи падару модар бо фарзандон щангоми ҷаласаи Шӯрои парасторони Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ моҳи августи соли 1994 дар ҷазираи Тиомани Малай-

зия пешниҳод шуд. Дар посух ба дархости қаблии Муассиса доктор Исмоил Форуқӣ соли 1982 китоберо бо номи “Тавҳид ва таъсири он дар андеша ва зиндагӣ” навишта буд, ки роҳнамои хубе дар бораи ақидаи исломӣ, имон ва тамаддун аст. Баъд аз он соли 1991 Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ бо ҳамкори Федератсияи байналмилалии исломии созмонҳои донишҷӯён роҳнамои дигареро бо номи “Роҳнамои машқи роҳбарӣ барои кормандони мусулмон” омода кард, ки хуб истиқбол шуд ва ҳадафи он таълими малакаҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва роҳбарии фаъол буд. Аз ин рӯ, ин китоб дар бораи тарбияи оилавӣ роҳнамои сеюм дар ин силсила мебошад.

Бо дарназардошти аҳамияти оила ҳамчун як воҳиди асосии ҷомеа доктор Абдулҳамид Абу Сулаймон, раиси Донишгоҳи байналмилаии исломии Малайзия (1988-1998) як фанни нави ҳатмӣ дар мавзӯи издивоҷ ва тарбияи оилавӣ ба мақсади фаҳмондани ақлонӣ будани издивоҷ ва арзишҳои ахлоқӣ дар тарбияи оилавӣ ба донишҷӯён ва тайёр кардани муаллимоне, ки ин фанро дарс диҳанд, гузошт.

Муассисони Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар чанд кишвар силсилаи курсҳои омузиширо оғоз карданд, ки дар се марҳала ба иҷро расиданд. Ва акнун афзалият ба таълифи китобе дар бораи тарбияи оилавӣ дар марҳалаи сеюм дода шудаст.

***Марҳалаи якум (1975 - 1990)***

Ин марҳалаи шиносоӣ, омодасозӣ, нашр ва ҷамъоварӣ мебошад ва ба малакаҳои асосӣ ва воситаҳои фаъолсозӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокӣ ва асарбахшии кор заруранд, равона карда шудааст. Дастоварди асосии ин марҳала таълифи китоби “Роҳнамои машқи роҳбарӣ барои кормандони мусулмон” мебошад (1991), ки китоби дуюми силсила номбурда ба шумор меравад.

***Марҳалаи дуюм: (1991 - 2000)***

Ин марҳала асли омӯзиши роҳбариро ҳамчун як муассисаи мукаммал бо кӯшиши як қатор мураббиёни олиҷаноб, аз ҷумла доктор Умар Косули аз Куала-Лумпур, доктор Иқбол Юнус аз Вашингтон, доктор Анас Шайх Алӣ аз Лондон ва доктор Манзур Олим аз Деҳлӣ исбот кард. Онҳо барномаҳои зиёдеро дар саросари ҷаҳон амалӣ карданд.

***Марҳалаи сеюм: (2001 - то ҳоло)***

Дар ин асри бисту як ба тарбияи оилавӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад, дар ҳоле ки марҳалаҳои якум ва дуюм навҷавонону ҷавонони фаъолро ҳадаф қарор дода буданд. Беш аз пеш маълум шуд, ки аҳамияти ташаккули хислатҳои асосии шахсият, ки камтар аз аҳамияти марҳалаи ҷавонӣ нест, ҳангоми таваллуди кӯдак ва ҳатто ҳангоми интихоби ҳамсар оғоз мешавад. Бинобар ин, Муассисаи байналмилалии андешаи

исломӣ тасмим гирифт, ки ба нақши муҳими падарону модарон дар таълиму тарбияи шаҳрвандони хуби дорои сифатҳои роҳбарии иҷтимоӣ, ки бар усули ахлоқии масъулиятнок такя мекунанд, ва ҳамчунин ба муҳити солими хона диққат кунад, ки ба фарзандон дар инкишофи матлуб ёрӣ мерасонад. Фикри нашри ин китоб аз ин ҷо оғоз гирифт.

Тарбияи волидайн кори осоне нест, ки битавон онро нодида гирифт ё паст зад. Тарбия бар фарзандоне, ки ба воя мерасонем; ҷомеае, ки онро мехоҳем; ва тамаддуне, ки барои наслҳои оянда орзу мекунем, таъсири бузург дорад. Бинобар ин, бояд ба он диққати калон ва авлавият диҳем. Мо ба ин боварии комил дорем ва аз нависандагон ва муҳаққиқони дигар низ сахт пуштибонӣ мекунем ва онҳоро даъват мекунем, ки ҳар як калимаи ин китобро бо пажӯҳиш, омӯзиш ва кори худ равнақ диҳанд. Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ нашрияҳояшро ба чанд забон тарҷума мекунад ва китобе, ки дар даст доред, як қадами дигар ба сӯи тарбияи хуби оилавӣ аст. Ба гуфтаи бисёри коршиносон, "бузургтарин тиҷорат дар ин ҷаҳон, муҳимтарин кор, бузургтарин рисолат ва беҳтарин сармоягузорие, ки одамон метавонанд анҷом диҳанд, таълим ва тарбияи фарзандон аст".

# АҲДОФИ КИТОБ

Ин китоб миллиардҳо падару модарро новобаста аз эътиқодот, мазҳабҳо ва динҳои онҳо мавриди хитоб қарор медиҳад ва ғайр аз онҳо ба касоне, ки мехоҳанд аз насиҳат, роҳнамоиҳо ва фаъолиятҳои хонаводагии он истифода намоянд, равона шудааст. Ва мо дар ин китоб ба коршиносон ва мутахассисони соҳаи тарбия муроҷиат намекунем. Ин китоб бар мушкилоти хонаводагӣ таваҷҷуҳ карда, талош намудааст барои ҳалли он роҳҳои муносиберо пешниҳод намояд ва равишҳоеро барои тарбияи шахсҳои некукор, хушахлоқ ва дорои сифатҳои роҳбарӣ барои ҷомеа тақдим менамояд.

**Аҳдофи китоб дар нуқтаҳои зерин хулоса мешаванд:**

- Таъкид ба муассир будани тарбияи неки падару модарон дар тарбияи фарзандон ва оилаҳо менамояд ва масъулияти тарбияи волидайнро дар мақоми аввал қарор медиҳад ва албатта на танҳо дар сатҳи тарбияи назарӣ, балки дар сатҳи амалӣ низ дар назар мегирад.

- Волидайнро таълим медиҳад, ки чӣ гуна метавонанд малакаҳои тарбиявии лозимро ба хотири истифодаи воситаҳои падару модарӣ касб намоянд, то битавонанд инсонҳои некукоре тарбия намоянд, ки дорои шахсият ва ахлоқи нек бошанд ва сифатҳои лозимро дошта бошанд ва дар оянда асосу хишти аслии ҷомеаҳо ва тамаддуни инсонӣ бошанд.

- Кӯмаки падару модар дар эҷоди фазои солим барои хонаводаи хушбахт, то тавоноии анҷоми вазифаҳои худро дошта бошанд ва байни афроди он ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ ва муҳаббату дӯстии хубе ҳукфармо бошад.

Дар қисми якуми ин китоб фоидаҳои тарбияи хуби падару модариро бо таъриф ва баёни кайфияти иҷрои он зикр мекунем, то ба роҳҳои лозим барои бедор сохтани ҷомеа бирасем. Инчунин ҳолати тарбияи падару модариро дар воқеиятҳои амалии имрӯзии он бо овардани маълумотҳо аз сарчашмаҳои мавҷуд дар ҷаҳони ислом ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ин китоб зикр мекунем. Баён мекунем, ки чӣ гуна метавонем атфолеро бо ахлоқи хубе, ки тавоноии эҷоди тағйироти мусбиро дар ҷомеа доранд, тарбия намоем. Аммо қисми дуюми ин китоб дар бораи равишҳо ва воситаҳои лозиме, ки дар тарбияи ҷисмонӣ, виҷдонӣ ва отифии кӯдакон кӯмак мекунанд, маълумот медиҳад. Қисми сеюми ин китоб дар бораи чӣ гуна сохтани шахсият баҳс мекунад, таъсири тамошои аз андоза зиёди те-

левизор, бозиҳои компютерӣ, видео ва истифодаи телефонҳои дастӣ бар кӯдакон ва зиндагии оиларо баррасӣ мекунад ва дар айни ҳол дар бораи василаҳои амалӣ барои ҷойгузинии машғулиятҳои дар боло зикршуда, суҳбат мекунад.

Дар охири ҳар як фасл фаъолиятҳо ва машқҳои осонеро гузоштем, ки падару модарон ҳамроҳи фарзандонашон иҷро мекунанд. Ҳадафи ин машқҳо дар қадами аввал ташвиқ ба гуфтугӯ ва робитаи доим байни аъзои оила мебошад, ки ба ин васила ҳамдигарро беҳтар мефаҳманд ва аз вақташон дар якҷоягӣ лаззат мебаранд ва инчунин дар қарорҳои хонавода якҷоя тасмим мегиранд ва аз маҳоратҳои ҳамдигар истифода менамоянд. Ин кор метавонад дар эҷоди муносибатҳои дӯстона дар оила ва фазои шод дар хона саҳм гузорад. Хеле каме аз ин машқҳо василаҳои берун аз хонаводаро талаб мекунанд, монанди китобхонаи умумӣ, аз дигар падару модар машварат пурсидан ва ё машваратҳои тахассусӣ ва ғайра. Бо ҷиддият тавсия менамоем, ки аъзои оила ин машқҳоро дар хона ва ё дар берун дар гирди дастархон анҷом диҳанд ва умедвор ҳастем, ки ин машқҳо ва ё суҳбатҳо ба шакли мусбат иҷро шаванд, то он холигиеро, ки бо вуҷуди хатарнок буданаш, дар анҷоми вазифаи падару модарӣ ҳанӯз вуҷуд доранд ва ба он аҳамият дода намешавад, пур созанд. Ин суҳбатҳо, гуфтугӯҳо ва андешаҳову баҳсҳои хонаводагӣ дар зоти худашон ҳадафҳои бисёр муҳиме мебошанд, ки сазовор аст барои расидан ба он талош намоем.

Мо ин китоб ва масъалаҳои марбут ба онро дар нашрияҳои дигар дар ҳамин мавзӯъ пайгирӣ хоҳем кард, ки зери ду сарлавҳаи асосӣ қарор мегиранд:

***Якум: А) Фаҳми нақши волидайн дар таълиму тарбия, тақвияти имон ва машқи малакаҳо.***

**Б)** Табдили оилаҳои хушбахт ба инкубаторҳои зарурӣ барои ташаккул ва пешрафти раҳбарони муассир дар оянда.

Фикри асосии бахши “А” ин аст, ки ба волидайн дар фаҳму қабули нақши онҳо дар рушди тасаввури фарзандон дар бораи имон ва малакаҳои роҳбарӣ кумак расонад. Аммо дар бахши “Б” таваҷҷуҳ ба таъмини муҳити орому устувори оила равона карда мешавад, то он ба як «инкубатор»-и меҳрубон барои ба воя расонидани афроди парҳезгор ва одил, ки метавонанд пешвоёни муассири дорои ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ бошанд, мубаддал шавад. Мавзӯъҳои муошират, ситоиш, танқид, хашм ва вақти муштарак барои аъзои оила қадамҳои амалии зарурӣ барои фароҳам овардани муҳити солим ва бароҳат мебошанд. Мо андешаи «кӯдакон нозири қавӣ ва таҳлилгари заиф мебошанд»-ро муфассалтар баён карда, барои волидайн санҷишҳои осон ва машқҳои амалӣ

пешкаш менамоем, то бубинанд, ки фарзандон бо дигарон, аз ҷумла бо худи онҳо, бобою бибӣ ва дигар хешовандон, меҳмонон, ҳамсояҳо, камбағалон ва умуман бо ҷомеа, бо ҳайвоноту набототи ва дар маҷмӯъ бо муҳити зист чӣ гуна рафтору муносибат мекунанд.

***Дуюм: Нақши зарурии намунаи неки волидайн: волидайн - паёмбарон***

Волидайн дар бораи аҳамияти рафтори шахсии онҳо барои рушди фарзандонашон огоҳ карда мешаванд. Кӯдакон табиатан пайравони хубанд. Бинобар ин, волидайн бояд беҳтарин намунаи амалии фарзандони худ бошанд, то агар фарзандон аз онҳо пайравӣ кунанд, ба беҳтарин дараҷае, ки орзу доранд, бирасанд. Зиндагии Муҳаммад (с) бо сифатҳои ӯ барои мо намунаи падар, бобо ва дӯсти наздики фарзандон будан аст. Меъёрҳои асосии ҳаёт ва насиҳатҳо ва роҳнамоиҳоеро, ки пешниҳод мекунем, бар асоси омӯзиши рафтори Паёмбар (с) ва пайравӣ аз суннати ӯ муайян кардаем.

Агар волидон ҳар кори аз дасташон меомадаро кунанд ва пешниҳодҳои моро амалӣ созанд, пас мо тавонистаем як давраи неки тарбияи фарзандони солиму хушбахтро ба роҳ монем, ки дар оянда дар беҳбудии ҷомеа саҳмгузор ва намунаи хубе барои фарзандону наберагони худ хоҳанд буд.

Ва агар аз падарону модарон дар яке аз марҳалаҳои зиндагӣ пурсида шавад: «Шумо чӣ кор кардед, ки зиндагиатон пурсамар бошад?», онҳо метавонанд бо боварии комил ҷавоб диҳанд: “Ман падар / модари хуб будам”. Ва кӣ медонад, шояд ҷавоб ин бошад: “Ман бобо / бибии хуб будам”. Ин умеди мост! Худо ёру мададгор аст.

# МУҚАДДИМА

Худованди мутаол инсонро дар беҳтарин шакл офарид ва барояш тавоноии андешиданро ба таври амиқ ва мураккаб ато намудааст. Ба ҳамин хотир тарбияи фарзандон зарурат ба маърифати назарӣ ва амалӣ дар рушду нумӯи атфол ва кӯдакони ширхор дорад, зеро падару модари навпо эҳтиёҷ ба таҷрибаи иҷрои вазифаи падару модарӣ доранд ва лозим аст таълим бигиранд, ки чӣ гуна бо фарзандон бархӯрд дошта бошанд, ҳатто қабл аз ин ки кӯдаконашон дар батни модарҳояшон пайдо шуда бошанд.

Бо вуҷуди ин ки мо дар ҷамъ кардани мол, сохтани хонаҳои барҳаво, харидани мошинҳои қимат ва лавозимоти хонагии арзишманд талош мекунем ва худро хаста менамоем, мутаассифона фаромӯш мекунем, ки ҳамин талошҳоро дар тарбияи фарзандони солеҳу некукор анҷом диҳем, зеро гумон мекунем, ки тамоми корҳо ба шакли хуб пеш мераванд, дар ҳоле, ки ҳеҷ омодагие барои анҷоми он надорем. Ҳамин тавр вазифаҳои падару модарӣ бидуни омодагиҳои пешакӣ ва бепарвоиҳо ва дар хатар қарор додани он тарк карда мешаванд.

Падару модар одатан маълумоти лозимро аз таҷрибаҳои шахсии худашон мегиранд ва сипас хатогиву дурустии онро мефаҳманд. Ба ҳамин хотир шояд анҷоми вазифаашон нисбати фарзандони баъдӣ назар ба фарзандони аввал, ки ҳамчун майдони таҷрибаашон будаанд, беҳтар бошад. Мушкил ин ҷост, ки падару модар ин таҷрибаҳои боарзишро замоне меомӯзанд, ки дигар алайкай ҳама чиз дер шудааст, зеро дигар фарзандон дар он вақт бузург шудаанд ва ба дараҷаи балоғат расидаанд ва падару модар дигар наметавонанд таҷрибаҳои ҳосил намудаашонро дар ҳаёти фарзандон амалӣ намоянд.

Муҳимтарин ҷанбаи тарбияи фарзандон алоқаи доим ва фаъол мебошад. Алоқаи доим бо фарзандон дар инкишофашон кумак мекунад то ин ки вақте ба балоғат мерасанд, хушбахт ва бо масъулият бошанд. Бисёр муҳим ва зарур аст бидонем, ки кадом вақт барои суҳбат кардан бо фарзандон бисёр хуб ва муносиб аст ва аз ин ҳам муҳимтар ин аст, ки бидонем чӣ гуна бояд босаброна ва боаҳамият ба онҳо гӯш бидиҳем. Падару модар ба хотири муҳаббати фитрӣ ва беқайду шарт ба фарзандонашон бояд малакаҳои худро дар санъати мошират беҳтар созанд, ки як ҷараёни дуҷониба аст. Бинобар ин хеле муҳим аст, ки мо рӯи он кор кунем, то катъ нашавад. Падарҳо бояд дар тақвияти тавоноиҳои фарзандонашон дар ҳадди тавоноӣ ба онҳо кумак намоянд, вале ҳеҷ гоҳ аз қувва истифода накунанд. Инчунин

падару модар метавонанд аз таҷрибаҳои дигар падару модароне, ки ба ин мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, истифода намоянд, зеро ин таҷрибаҳо дар ба кор бурдани малакаҳо ва равишҳои бархӯрд бо ҳолатҳои душвор кумакашон мекунанд.

Инчунин падару модар бояд ба одатҳое, ки аз гузаштагон ба мерос мондаанд, таваҷҷуҳ намоянд, зеро на ҳама чизе, ки аз гузаштагон мондааст, дуруст ва солим аст. Ба сабаби ин ҳама дигаргуниҳо ва навовариҳое, ки дар ҷаҳони имрӯза мебинем, бояд мо ҳам дар ҳалли мушкилотамон роҳҳои ҳали нав ва коромад эҷод намоем. Бешак, падару модар таманно мекунанд, ки фарзандонашон беҳтарин мардум бошанд ва мо дар бораи баъзе хатоҳое, ки падару модар нохоста муртакиби он мешаванд, ва инчунин мушкилоти зоҳирие, ки ба он рӯ ба рӯ мешаванд, маълумот медиҳем.

Аз ҷумлаи умуре, ки мехоҳем дар бораи он сухбат намоем, чӣ гуна рушд додани сифатҳои "роҳбарӣ" дар вуҷуди кӯдакон мебошад. Шояд таваҷҷуҳ ба ин масъала каме аҷиб намояд, вале мехоҳем ёдовар шавем, ки мақсади мо аз "роҳбарӣ" ҳаваси роҳбарӣ ва ҳокимият нест. Мо мехоҳем шахсиятҳоеро бисозем, ки дар худ қувваи ҷисмонӣ ва тарбиявии олие дошта бошанд ва меъёрҳои ахлоқӣ ва сифатҳои инсониро риоя намоянд, то дар оянда узви фаъол ва некукори ҷомеа бошанд ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандии неке дошта бошад.

Имрӯзҳо хона барои баъзе навҷавонон ба манзалаи меҳмонхонае гаштааст, ки шабро дар он мегузаронанд, ва монанди ошхонае шудааст, ки таомашоно онҷо тановул мекунанд. Ба ҳамин хотир бояд дар хона фазои ором, шод ва амнеро фароҳам биёрем, ки ҳам барои падару модар ва ҳам барои фарзандон муносиб бошад, зеро хона танҳо макон, деворҳо ва ошхона нест, балки бояд ҷое бошад, ки ҳар як узви он бидонад, ки чӣ гуна дар он нақши худро дар моиширати ва ҳамдигарфаҳмӣ иҷро кунад. Афсӯс, баъзе падарону модарону фарзандон намедонанд чӣ гуна байни худ муносибати хуб барқарор кунанд ва ин муносибатро беҳтар созанд, ҳатто баъзеҳояшон талош намекунанд ҳамдигарро бифаҳманд ва баъд аз он ки мушкиле байнашон пайдо шавад ба ҷои дӯстиву муҳаббат дурӣ ва ҷудоӣ аз ҳамдигар ба вуҷуд меояд.

Тарбияи падару модарӣ масъулияти бузурге мебошад, ки наметавонем аз тарси ноком шудан ва ё ноумедӣ аз тавони бардошти ин масъулият ва беҳтар сохтани он аз ин масъулият бигурезем. Ҳамеша фурсат барои ғолиб шудан бар тамоми сахтиҳо ва мушкилот вуҷуд дорад ва ҳарчанд дар адои масъулиятҳо таъхир намуда бошем, боз ҳам метавонем бо такрор накардани хатоҳои гузашта робитаҳоямонро бо фарзандон ислоҳ намоем. Наметавонем бигуем, ки "агар ин корро мекардем ва ё агар фалон

корро намекардам чунину чунон мешуд”, зеро орзуи кори номумкин ва рӯ овардан ба калимаи “агар” як амали вайронкунандае мебошад, ки ҷуз ҳасрату надомати бештар чизи дигареро ба бор намеорад. Шояд барои хонаводаҳоямон чизҳо ва умури нодурустеро интихоб намуда бошем, вале бояд фаромӯш накунем, ки дар он ҳангом ҳадафи мо танҳо пайдо намудани хайру хубӣ барои хонаводаҳоямон будааст. Мо бояд ба гузашта камтар ва ба оянда бештар бингарем ва ба ҷои ин ки фикри худамонро машғули гузашта намоем ва фикр кунем, ки бояд фалон ва фалон корҳоро мекардем, бештар ба имрӯзамон бингарем, ки барои фардое беҳтару нуронитаре чӣ корҳоеро бояд анҷом диҳем. Метавонем ба фарзандонамон ваъда диҳем, ки худамонро ислоҳ менамоем ва падару модари хубе хоҳем буд, аз гузашта ибрат мегирем ва оянда фурсатест барои тағйир ёфтан. Гузашта монанди хишти сахт мебошад, вале оянда монанди хамири тозаи мулоим аст, ки метавонем ҳар навъе, ки хоста бошем, онро ба тасвир бикашем ва аз он ҳар ашколе, ки хоста бошем, бо дастҳоямон бисозем.

Бисёре аз падарҳо (мо ҳам аз ҷумлаи онҳоем) имрӯз таманно мекунанд, ки эй кош пеш аз фарзандор шудан усули тарбияи дурусти падару модариро ҳамчун фан ва илму руҳоният медонистем. Агар инро медонистанд ҳатман дар тарбияи фарзандонашон тағйири асосӣ вуҷуд медошт. Бисёре аз падару модарон фикр мекунанд метавонистанд дар гузашта вақти бештареро дар байни аъзои оила гузаронанд. Ва агар ҳар яки мо ба гузашта бингарад медонад, ки таҷрибаҳои бисёри дигаронро дидааст ва лаҳзаҳои хубе буданд, ки агар аз ин таҷрибаҳо дар тарбияи фарзандон истифода мекарданд, аз хеле камбудиҳо дур мегаштанд. Умедворем, ки фарзандонамон моро бубахшанд ва умед дорем, ки касоне нав падару модар мешаванд дар ин хатогиҳо наафтанд.

Хусусияти ин китоб дар он аст, ки роҳҳои пешгириро бо тақдими насиҳатҳо ва роҳнамоиҳо пешниҳод мекунад, на илоҷи баъди бемориро. Даъво намекунем, ки мо мушкилотеро монанди истеъмоли маводи мухаддир, шаробнӯшӣ, рӯҳафтодагӣ, ҷинояткорӣ ва бемориҳои ҷинсӣ табобат мекунем, балки метавонем роҳҳои пешгирӣ ва роҳанмоиҳои хонаводагиро пешниҳод намоем, ки метавонанд аз бисёре аз чунин мушкилотро қабл аз вуқӯъашон пешгирӣ кунанд.

Тарбияи падару модарӣ ба малакаҳо ва омодагиҳои хосе ниёз дорад, то фарзандҳо дар зиндагиашон комёб гарданд ва ифтихори падару модаронашон бошанд. Хушбахтона, акнун назар ба гузашта маълумоти бисёре дар бораи роҳҳои падару модари хуб шудан вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин ки дар бораи тарбияи падару модарӣ роҳҳои мухтасаре нест, он чуноне, ки дар ин дунё барои ҳеҷ амри боарзише роҳҳои кӯтоҳ ва

мухтасар вуҷуд надорад, пас фурсат ҳанӯз ҳам ҳаст, ки падару модари хуб бошем. Ту ҳозир падар ва ё модар ҳастӣ ва ҳамин тавр то охири ҳаёт боқӣ мемонӣ, хоҳ фарзандони ту чаҳорсола бошанд, хоҳ чиҳилсола.

Тарбияи фарзанд, ки дар оянда инсони хушбахту дурусткоре бошад, орзуи ҳар як падару модар аст. Ва ин китоб фурсататро барои расидан ба ин орзу дучанд менамояд ва инчунин фурсататро барои расидан ба муносибатҳои хуб бо фарзандонат бештар менамояд. Муҳим нест, ки орзуҳоят туро ба куҷо мебаранд, балки муҳим ин аст, ки ту орзуҳоятро то куҷо мебарӣ. Бо вуҷуди ин ки беҳтарин фурсат барои тарбияи фарзандат қабл аз даҳсолагӣ буд, фурсати дуюми ту ҳамин рӯз аст, пас онро аз даст надеҳ ва Худованд туро дар ин корат муваффақ хоҳад кард ва дар ин корат баракат хоҳад дод, модоме, ки ниятат хайр бошад ва ту бо илму дониш дар ин корат талош намоӣ.

Дар ин китоб оморро аз сарчашмаҳо ва санаҳои гуногун дохил намудем, то барои хонанда маълумоти умумӣ дар бораи дидгоҳҳои гуногун дода бошем ва барояш умеди тағйир хурданро ато менамоем. Бо вуҷуди ин ки омор як воситаи бисёр муҳим барои қабули қарорҳои дуруст аст, он ҳар замоне тағйир мекунад ва онро аз боби роҳнамоиҳои умумӣ овардаем на бештар, пас ин омор ҳақиқатҳои собите намебошанд.

Дар ҳамоҳанг кардан ва таълифи ин силсила мутахассисон назарҳои худро доштанд. Баъзеҳо пешниҳод карданд, ки ин китоб дар шакли рисолаҳои хурд нашр гардад, баъзеҳои дигар пешниҳод карданд, ки умури назарӣ аз масоили амалӣ ҷудо бошанд ва гурӯҳи дигаре тавсия доданд, ки беҳтар аст як роҳнамои амалие монанди китоби “Худат бисоз” нашр шавад, ки масоили назарӣ ва амалиро бо ҳам якҷо дошта бошад. Мо ба тамоми ин пешниҳодҳо арҷ мениҳем ва онро эҳтиром менамоем, вале ин китобро дар ҳамин шакли будааш дар чопи аввал нашр мекунем ва умед дорем, ки назарҳо ва дидгоҳҳои боарзиши хонандагони гиромқадрро ба хотири истифодаи он дар чопҳои баъдӣ дошта бошем ва умед дорем, ки дар оянда ин силсила дар ҳаҷм ва шаклҳои гуногун нашр шавад.

Дар охир, ин дастовард натиҷаи таҷрибаҳои ҳаёти амалӣ дар ҷаҳони исломӣ ва ҷаҳони ғарбии ин се нависанда мебошанд, ки талош намудаанд ҳикмати ваҳйи илоҳӣ ва суннати набавиро тақдим доранд ва илова бар он аз дастовардҳои башарӣ дар мероси исломӣ ва ғарбӣ истифода намоянд. Пас ин китоб як саҳмгузории хоксоронае дар робита ба алоқаҳои падару модарону фарзандон мебошад.

***Муаллифон***
***Октябри соли 2018***
***Вашингтон, пойтахти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***

## Фарқ байни калимаҳои “волидайн” ва “падару модар”

Калимаи “волидайн” исми таснияи “волид” мебошад ва “вилодат”, яъне “таваллуд” танҳо аз тарафи модар мешавад. Ба ҳамин хотир калимаи “волидайн” ба падару модар нисбат дода мешавад вале бештар тамоюл бар модар дорад то бар падар. Аммо калимаи “падару модар” (أبوين) таснияи “падар” (أب) аст ва бештар тамоюл бар падар дорад то бар модар.

Дар ҳар кучое, ки калимаи “волидайн” ворид шудааст, дар онҷо мафҳуми модарӣ бар падарӣ ғолиб аст ва ба ҳамин хотир дар оятҳое, ки даъват ба некӣ ба падару модар мекунанд, калимаи “волидайн” оварда шудааст, на “падару модар”.

Ба таври мисол Худованди мутаол мефармояд:

***“Парвардигорат муқаррар дошт, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба волидайн некӣ кунед. Ҳар гоҳ то ту зинда ҳастӣ, ҳар ду ё яке аз он ду солхӯрда шаванд, ононро маёзор ва ба дуруштӣ хитоб макун ва бо онон ба икром сухан бигӯй. Дар баробарашон аз рӯи меҳрубонӣ сари хоксорӣ хам бикун ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман, ҳамчунон ки маро дар хурдӣ парвариш доданд, бар онҳо раҳмат овар»”***

***(Исро, 23-24).***

***“Одамиро ба некӣ кардан бо волидайни худ супориш кардем. Модараш бори ӯро ба душворӣ бардошт ва ба душворӣ бар замин ниҳод. Ва муддати ҳамл то аз шир бозгирифтанаш сӣ моҳ аст”***

***(Аҳқоф, 15).***

***“Одамиро дар бораи волидайнаш супориш кардем. Модараш ба ӯ ҳомила шуд ва ҳар рӯз нотавонтар мешуд ва пас аз ду сол аз шираш бозгирифт. Ва супориш кардем, ки Марову волидайнатро шукр гӯй, ки бозгашти ту назди ман аст”***

***(Луқмон, 14).***

Расулуллоҳ (с) ба некӣ ба волидайн тавсия намуданд ва нисбати модар аҳамияти хос доданд ва суханашон дар посухи саҳобие буд, ки чунин пурсида буд:

“Эй Расули Худо (с) аз ҳама бештар бар болои ман кӣ ҳақи муомалаи некро дорад?” Расулуллоҳ (с) фармуд: “Модарат”. Боз пурсид: “Баъд аз он кӣ?” Фармуд: “Модарат”. Боз пурсид: “Баъд аз он кӣ?” Фармуд: “Модарат”. Боз пурсид: “Баъд аз он кӣ?” Фармуд: “Падарат”.

Аммо дар калимаи "падару модар" (أبوين) мафҳуми падарӣ ғолиб аст ва дар ҳар куҷое ин иборат дар Қуръон зикр шавад, далолат бар ҳамин мафҳум мекунад.

***"Ва агар мурдаро фарзанде бошад, ҳар як аз падару модар як шашуми меросро барад. Ва агар фарзанде надошта бошад ва меросбарон танҳо падару модар бошанд, модар як саввуми дороиро барад"***

***(Нисо, 11).***

Худованд дар ин оят ба "падару модар" (أَبَوَاهُ, أبوين) гуфт, зеро ин оятҳо дар бораи мерос суҳбат мекунанд. Мард вазифаи харҷ карданро дорад, пас меросеро, ки мард мегирад, сарф мешавад, вале мероси зан сарф намешавад ва ҳаққи падар аз мерос бештар аз ҳаққи модар мебошад. Дар сураи "Юсуф" Худованди мутаол мефармояд:

***"Падару модарро бар тахт баровард ва ҳама дар баробари ӯ ба саҷда даромаданд"***

***(Юсуф, 100).***

Дар ин ҷо "волидайн" нагуфт, зеро одатан дар болои курсӣ мард мешинад.

Дар масъалаи тарбия мегӯем: "Худовандо барои ман ва волидайнам мағфират ва раҳмат намо, чуноне ки онҳо маро аз хурдӣ бузург намуданд".

***Сарчашма: ejaba.com***



**Модаре гирёну нолон назди ман омад!**

Модаре бо чашмони пур аз ашк гуфт:

— Бародарам Ҳишом, кумакам кун. Дишам духтари нуздаҳсолаам, ки ҳар чизеро, ки аз ман мехост, барояш медодам, назди маъшуқаш гурехтааст ва ман намедонам дар куҷост?

— Хоҳарҷон, мақсади ту, ки гуфтӣ ҳама чизро барояш медодам, чӣ буд?

— Хӯрок, пӯшок, бозича, пул, яъне ҳама чиз.

— Оё барояш дин, Қуръон, сирати пайғамбарон ва таърихи исломиро таълим додӣ?

— На, вале ҳама чизро барояш додам.

Аз дарун оҳе кашидам. Вой ҳасрату надомат бар бандагон. Фарзандонамонро ғофил аз ёди Худо бузург мекунем, онҳоро аз тарбияи ахлоқӣ маҳрум месозем ва баъд аз он умед дорем, ки инсонсҳое солеҳ монанди саҳобагон Абубакру Умару Усмону Алӣ (р) бошанд! Дарахти булут ҳаргиз себ ва ё афлесун ба бор намеорад. Ин модари бечора нуздаҳ сол дер кард. Инсон танҳо бо нон зиндагӣ намекунад.

Ҳали ин мушкил тақрибан як сол идома ёфт то бо сабру муҳаббату ҳикмат ин духтар бо шавҳараш, ки ҳамон дӯсти пешинааш буд, бозоянд, ба роҳи рост баргарданд, аз неъмати хайру хубӣ баҳраманд шаванд ва баъд аз издивоҷашон чаҳор фарзанд ба дунё биёранд.

Агар хоҳӣ бо фарзандонат наздик бошӣ, пас ҷои алоқаи шахсии мустақим ва вақтгузаронӣ бо онҳоро чизе гирифта наметавонад, то ки онҳо ҳангоми зарурат ба ту эътимод дошта бошанд. Беҳтарин истифодаи вақт, мол ва талошҳо тарбияи падару модаронаи хуб барои фарзандон аст.

Фарзандат бо садои баланде, ки гӯшҳоро кар мекунад, фарёд мезанад: Падарҷон! Модарҷон! Аз шумо хоҳиш мекунам аз ман пеш наравед, ки наметавонам ба шумо бирасам. Ва аз қафои ман ҳам наравед, ки наметавонам шуморо роҳнамоӣ кунам. Аз шумо хоҳиш мекунам дасти маро гиред, маро дар паҳлуи худ бигузоред ва бароям ду дӯсти наздик ва самимӣ бошед!

# ҚИСМИ ЯКУМ (1-7)

## Тарбияи падару модарӣ. Гузоштани санги асос.

**Фасли якум:** Пойдевори хонавода. Аҳамият ва вазифаҳои он кадоманд?

**Фасли дуюм:** Тарбияи дурусти падару модарӣ. Кадом аст ва чӣ гуна онро татбиқ намоем?

**Фасли сеюм:** Тарбияи дурусти падару модарӣ. Гузоштани ҳадафҳои дуруст.

**Фасли чаҳорум:** Ҳадафи ниҳоӣ. Тарбияи фарзандоне, ки Худо ва Пайғамбарашро доранд.

**Фасли панҷум:** Бартараф кардани чолишҳо ва камбудиҳои мавҷуда.

**Фасли шашум:** Мафҳумҳои нодуруст ва хурофоти роиҷ дар бораи тарбияи фарзандон.

**Фасли ҳафтум:** Вақте корҳо бад мешаванд.

ФАСЛИ ЯКУМ

# Пойдевори хонавода. Аҳамият ва вазифаҳои он кадоманд?

- ***Муқаддима***
- ***Мақоми хонавода дар ислом***
- ***Ҳадафҳои хонавода дар қуръони карим***
- ***Расидан ба марҳалаи падару модарӣ***

  *Таъсири фарзандон дар устувории хонавода*

  *Таносуби теъдоди талоқ ва шумораи фарзандон*

  *Вазифаҳои хонаводагӣ*
- ***Андозаи оила дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британия дар гузашта ва имрӯз***
- ***Оилаи нопурра***
- ***Нигоҳе ба зиндагии муштарак бидуни издивоҷ***

*Талоқ ё хулъ бидуни доштани сабабҳои муносиб*

*Асосҳои комёбии волиди танҳо*

- ***Оё яке аз волидайн метавонад ҷойгузини дигарӣ шавад?***
- ***Мулоҳазае дар бораи Ислом ва талоқ***
- ***Таъсири талоқ бар фарзандон***
- ***Андозаи ниёз ба низоми тарбия в 46а таълими солим***
- ***Ҳаракатҳои ислоҳотӣ ва тарбиявӣ***
- ***Хонавода дар Амрико***

*Сабабҳои худкушиҳо*

*Хурофотиривоҷдошта дар бораи тарбияи фарзандон дар Амрико*

*Ибратҳое аз Куштор дар Мактаби синфҳои болоии «Колумбайн» - и иёлати Колорадо*

- ***Муқоисаҳои умумӣ байни хонаводаҳо дар давлатҳои исломӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британияи Кабир***

*Таъсири ғарбӣ бар тарбияи падару модарӣ дар ҷаҳони исломӣ*

*Ду қисса дар бораи ду мусулмоне, ки дар Британия зиндагӣ мекунанд*

- ***Тарбияи падару модарӣ дар Британия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***
- ***Чӣ беҳтар аст: ҳақ ё озодӣ?***
- ***Таҳқиқот дар бораи саргардонии фарҳангӣ ҳангоми интиқол ёфтан байни Шарқу Ғарб. Фарзандонамонро дар куҷо тарбия кунем?***
- ***Ду мафҳуме, ки дар андешаи ғарбӣ аз байн рафтааст:***

***Худованд бузург аст Худованд донотар аст***

- ***Муқоиса байни арзишҳои ахлоқии устувору собит ва арзишҳои ахлоқии созгор***
- ***Намунаи кишоварзии оила: фарзандон мисли растанӣ ҳастанд ва падару модар мисли боғбон.***
- ***Машқҳои 1-8***



# МУҚАДДИМА



Хонавода чист? Ҳадаф аз бунёди он чист? Чӣ гуна фаъолият мекунад? Ҳадафҳои он чист? Чӣ онро қавӣ мекунад? Чӣ онро заиф месозад? Чӣ саҳме аъзои оила метавонанд гузоранд, то хонавода комёб бошад? Комёбии он чӣ гуна муқоиса карда мешавад? Посухи тамоми ин саволҳо таъсири мустақим дар тарбияи падару модарии дуруст ва равиши тарбияи фарзандон дорад.

Бояд падару модарон ва хонандагон дар бораи кудрат ва қобилияти оилаи муттаҳид барои ба амал овардани тағйироти мусбати ичтимоӣ огоҳ бошанд, зеро тағйире, ки хонавода ба вучуд меорад, на танҳо ба аҳли он, балки ба тамоми чомеа таъсир мерасонад. Равишҳои тарбияи оилавӣ дар чаҳони Исломро ба таври хос ва дар чаҳони Ғарбро ба таври ом баён хоҳем кард.

Баъзеҳо «оила»-ро ҳамчун гурӯҳи одамоне, ки бо ҳам муносибат доранд, таъриф мекунанд, бархеҳо онро муносибатҳои ичтимоӣ меноманд ва дигарон мегӯянд, ки ин як гурӯҳи волидон ва кӯдаконест, ки дар як хона якчоя зиндагӣ мекунанд.

Ҳарчанд дар таърифи оила назарҳои зиёде вучуд доранд, таърифи оила бисёри вақт бо издивоҷ ва фарзандон алоқаи зич дорад, зеро он издивоҷ барпо мешавад ва ин на танҳо шарикии ду нафар, балки шарикии ду оила аст. Оила дар ислом як муассисаи тарбиявиест, ки бо никоҳ барпо мешавад ва аъзои он дар равобит ва муносибати наздик бо ҳамдигар бар дастурҳои Қуръону суннат такя мекунанд, ки бунёду назму идораи оиларо танзим менамоянд.

Сохтори оилаи муосир дар тули солҳо (хусусан дар Ғарб) ба андозаи зиёд тағйир ёфта, аз оилаи калон ба оилаи хурд гузаштааст. Акнун кам будани аъзои оила тарҷеҳ дода мешавад ва аксари одамон дар муқоиса бо наслҳои қаблӣ камтар кӯдак ба дунё меоранд. Оила ҷузъи фарҳанги калону васеъ аст ва дар худ фарҳанги мукаммал ҳисобида мешавад, зеро оила як ибодатгоҳи хурд, ҳукумати хурд ва мактаби хурди илму дониш аст.

## МАҚОМИ ХОНАВОДА ДАР ИСЛОМ

Дини мубораки Ислом ба ҳимояи хонавода аҳамияти ҷиддӣ додааст ва Қуръони карим таъкид бар ин дорад, ки инсонҳо шарофатмандтарин махлуқоти Худованд мебошанд. Онҳо ҷонишинҳо дар рӯи замин буда, зарурат ба омӯзиш ва омодагӣ ба анҷоми ин вазифа доранд. Ба ҳамин хотир дарозтар будани марҳалаҳои бузургшавии тифл назар ба дигар ҳайвонот як амри тасодуфӣ нест. Нуқтаи оғоз дар "мадрасаи таълиму тарбияи хонавода" як алоқаи дӯстона байни зану шавҳар мебошад ва ин алоқа набояд бар асоси чизе монанди "шартномаи корӣ" ва ё "қонун" устувор бошад (ҳарчанд Кодекси оила ҳадди ақал барои ҳифзи тамоми оила зарур аст). Алоқаи байни зану шавҳар бояд бар асоси меҳру муҳаббат барқарор бошанд ва падар ва ё модар дар тамоми хонаводаҳо ва ҳатто падари танҳо ва ё модари танҳо ба фарзандонашон дилсӯз ва меҳрубон бошад. Бе ин меҳру муҳаббат он сифатҳое, ки хонавода дар Қуръони карим ба он васф шудааст («дилҳои моро шод дор», «пешвои парҳезгорон»), дар ташкили оилаи хушбахт ва тарбияи фарзандони солеҳ амалӣ намегарданд.

***"Ва онон, ки мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, аз ҳамсарону фарзандонамон дилҳои моро шод дор ва моро пешвоёни парҳезгорон гардон!»"***

***(Фурқон, 74)***

Хонавода барои тамоми башарият барои саломатии рӯҳии комил зарур аст. Худованди мутаол моро дар беҳтарин шакл офарид, бар тамоми оламиён шарофат насиб кард, таносуби зебое дар сурат, қад, ранг, ҳаракат ва зоҳир ато фармуд ва аз нигоҳи равонӣ, рӯҳӣ ва ақлӣ низ дар беҳтарин шакл халқ кард ва моро қабилаҳо, қавмҳо ва умматҳое гардонд, то дар партави дӯстиву муҳаббат бо ҳамдигар шиносоӣ пайдо намоем.

***"Мо одамиро дар некутарин сурате биёфаридем"***

***(Тин, 4).***

**Шаш назария бе фарзанд... ва шаш фарзанд бе назария!**



«Ман шаш назария дар бораи тарбияи фарзанд пеш аз издивоҷ доштам ва ҳоло шаш фарзанд дорам ва ҳеҷ назария надорам».

*Ҷон Вилмот, графи Рочестер (Оксфорд, 2013).*

Пас муҳаббати ҳақиқӣ ва саҳеҳ замоне комил мешавад, ки шахс ҳамсар шавад, ва роҳати равонӣ ва камоли дини инсон дар доираи баракати издивоҷ насибаш мегардад. Чуноне, ки Қуръони карим ба ин амр таъкид менамояд:

***“Онҳо пушиши шумоянд ва шумо пушиши онҳоед”***
***(Бақара, 187).***

Издивоҷе, ки дар асоси он оилаҳо барпо мешаванд, инсонро ба марҳалаҳое нашъунамо ва пешрафтҳои бузург ва гуногун мебарад: аз марҳалаи нотавонӣ дар кӯдакӣ ба марҳалаи пешрафт ва таълим то марҳалаи баландатарин қуввату тавоноӣ ва дар охир ба марҳалаи заъфу пирӣ (инсон дар ин маҳала қувват, маърифат ва хотираашро аз даст медиҳад) мерасад. Вале падару модар дар ҳамин марҳала ҳам боз дар анҷоми вазифаҳо ва рисолаташон дар баробари фарзандон, наберaҳо ва тамоми афроди хонавода идома медиҳанд.

Баъд аз издивоҷ омили дигаре барои нашъунамо ва пешрафт пайдо мешавад ва он ҳам рағбати ба дунё овардани фарзандон ва ташкили хонавода аст. Дар ин марҳала чаҳор эҳтимол вуҷуд дорад: танҳо духтар таваллуд кунанд, танҳо писар дошта бошанд, духтару писар дошта бошанд ё яке аз зану шавҳар ва ё ҳар дуяшон нозой бошанд.

***Тарҷума: “Ба ҳар кӣ бихоҳад, духтар мебахшад ва ба ҳар кӣ бихоҳад, писар мебахшад. Ва ё ҳам писар диҳад ва ҳам духтар. Ва ҳар касро бихоҳад, ақим (нозо) мегардонад, зеро Ӯ донову тавоност!”***
***(Шуро, 49-50).***

Хоҳиши фарзандор шудан дар вуҷуди инсон саодату хушбахтиро ба бор меорад ва ин саодат ҳамроҳи таҷрибаи зиндагии волидайн идома меёбад, то ин ки фарзандонашонро оиладор бубинанд ва сипас онҳо низ фарзандор шаванд. Ин амр барояшон эҳсоси идомаи ҳаёташонро бо будани фарзандон ва наберагон медиҳад. Ҳамагӣ фарқи бузургро байни ин ки дар оила як фарзанд бошад ва ин ки ӯ бародару хоҳар дошта бошад, ҳис мекунем. Инчунин ин эҳсос фарқ мекунад вақте фарзанд амак, ама ва тағову хола ва падаркалону модаркалон дошта бошад. Оилаи калон ба кӯдакон кӯмак мерасонад ва ба суботи равонӣ мусоидат мекунад. Ин эҳсос вақте афзоиш меёбад, ки онҳо оилаи калонтар (аз тарафи падару модар) дошта бошанд, зеро дар он фурсати дастгирӣ ва мусоидати равонӣ бештар мегардад, чунки кӯдакон робитаҳо ва алоқаҳое доранд, ки имкониятаашон медиҳад, ки дар доираи хонавода корҳои гуногунеро анҷом диҳанд.

Духтар нақши худро дорад вақте духтар, хоҳар, ҳамсар, модар, амма, хола ва модаркалон мешавад ва инчунин писар вақте фарзанд, шавҳар, бародар, падар, амак, тағо ва падаркалон мешавад нақши худро дорад.

**Хонавода роҳи туро идома медиҳад**

Агар фардо бимирем, дар муассиса ва ё ширкате, ки дар он кору фаъолият менамоем, ба ҷои мо дар чанд рӯз каси дигареро ба кор мегирад. Вале хонавода, ки онро тарк мекунем ва мемирем, то замоне, ки ҳаёт боқӣ аст, эҳсоси зарари бузург мекунад. Баъзеҳо назар ба хонаводаҳояшон дар корашон талош ва заҳмати бештаре мекашанд. Оё ин кор аз рӯи ҳикмат аст?

## ҲАДАФҲОИ ХОНАВОДА ДАР ҚУРЪОНИ КАРИМ

Ҳаёти хонаводагӣ дар асоси муайян кардани ҳадафҳои дилхоҳи он дар паратави рисолати тазкиявии умумияш барпо мегардад, ки аз доираи ба дунё овардани фарзанд ба хотири ҳифзи насли инсонӣ аз нобуд шудан берун меравад. Зеро танҳо ҳифзи насл ба танҳоияш наметавонад мафҳуми баланди инсониро амалӣ созад ва ин далолат ба амиқ будани ҳадафҳои хонавода мекунад.



*“Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он, ки шуморо аз як тан биёфарид ва аз он як тан ҳамсари ӯро ва аз он ду мардону занони бисёр падид овард. Ва битарсед аз он Худое, ки бо савганд ба номи Ӯ аз якдигар чизе мехоҳед ва зинҳор аз хешовандон мабуред. Албатта Худо назораткукандаи шумост!”*
***(Нисо, 1).***

Худованд инсонро аз як нафс офарид ва аз он ҳамсарашро офарид ва аз ин ду шахс тамоми башарият бо ҳама мардону занонашон ба вуҷуд овард.

Бо вуҷуди ин ки ин оят дар шумораи танҳо омадааст, вале таъкид бар ин масъала дар шумораи ҷамъ низ омадааст:

*“Худо барои шумо аз миёни худатон ҳамсароне қарор дод ва аз ҳамсаронатон фарзандон ва фарзандзодагон падид оварад ва аз чизҳои хушу пок рӯзиятон дод. Оё ҳануз ба ботил имон меоваранд ва неъмати Худоро ношукрӣ мекунанд?”*

*(Наҳл, 72).*

Ояти баъдӣ ҳадафи офариниши инсонро дар рӯи замин ба хотири анҷоми амали муайян баён медорад.

*“Ва чун Парвардигорат ба фариштагон гуфт: «Ман дар замин халифае меофаринам», гуфтанд: «Оё касеро меофарини, ки дар он ҷо фасод кунад ва хунҳо бирезад ва ҳол он ки мо ба ситоиши Ту тасбеҳ мегӯем ва Туро ба покӣ иқрор мекунем?». Гуфт: «Ман он донам, ки шумо намедонед»”*

*(Бақара, 30).*

Оятҳои қуръонӣ вазифаи ҳар як инсонро дар рӯи замин муайян мекунанд ва ҳадафашро ҳамчун ҷонишин барои иҷрои се вазифа баён мекунанд: ибодат, ободкорӣ ва амонатдорӣ. Ин амр дар гуфтаҳои Худованд маълум мешавад:

*“Ҷинну инсро фақат ва фақат барои парастиши Худ офаридаам”*

*(Зориёт, 56).*

*“Ӯст, ки шуморо аз замин падид овардааст ва хост, ки ободонаш доред”*

*(Ҳуд, 61).*

*“Мо ин амонатро бар осмонҳову замин ва кӯҳҳо арза доштем, аз таҳаммули он рӯй гардонданд ва аз он тарсиданд. Инсон он амонатро бар дӯш гирифт, ки ӯ ситамкору нодон буд”*

*(Аҳзоб, 72).*

Бинобар ин ҳадафҳои хонавода чунин хулоса мешаванд: Ибодати Худованд бо тамоми мафхуме, ки дарбар мегирад, ҷонишинӣ дар рӯи замин ва ободсозии он, ба хостаҳо ва тақдири Худованд дар ризқу рӯзӣ ва атову бахшиш розӣ будан, силаи раҳм, ҳифзи ҳуқуқ ва адои вазифа ва баровардани ҳоҷатҳои равонӣ монанди оромӣ, муҳаббату дӯстӣ байни аъзои оила, ки бо алоқаи зану шавҳарӣ оғоз мегарданд.

*“Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба онҳо оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод. Дар ин ибратҳоест барои мардуме, ки тафаккур мекунанд”*

*(Рум, 21).*

Бо вуҷуди ин ки муҳаббат дар дохили хонавода мақоми бисёр баландеро дорад, вале бузургтарин муҳаббат дар ҳаёт ба шумор намеравад. Зеро бояд муҳаббати Худованд, ки аз сифатҳояш меҳрубонӣ, адолат ва сулҳҷӯӣ аст, ва муҳаббати Расулуллоҳ (с) дар олитарин мақом қарор дошта бошанд. Дар ҳамин асос ҳикмати ин гуфтаи Худовандро метавонем дарк намоем:

***“Бигӯ: «Агар падаронатону фарзандонатон ва бародаронатону занонатон ва хешовандонатону амволе, ки ҷамъ кардед, ва тиҷорате, ки аз қасоди он бим доред, ва хонаҳое, ки бад-он дилхуш ҳастед, барои шумо аз Худову паёмбараш ва ҷиҳод кардан дар роҳи Ӯ дӯст доштанитар аст, мунтазир бошед, то Худо фармони худ биёварад». Ва Худо нофармононро ҳидоят нахоҳад кард!”***

***(Тавба, 24).***



Муҳаббати Аллоҳ. Муҳаббати пайғамбарон. Муҳаббати модар. Муҳаббати падар. Муҳаббати худ. Муҳаббати роҳбарӣ. Муҳаббати мол. Муҳаббати наздикон, ҳамсояҳо ва дигарон.

Асоси муҳаббат — муҳаббати Холиқ аст, зеро муҳаббати шахс нисбати падару модар ва наздиконаш аз муҳаббати Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло пайдо мешавад, агарчи нисбати вай бадӣ ҳам намоянд, чунки аз муҳаббати Аллоҳ таоло сарчашма мегирад, ки ба бандагонаш неъматҳояшро ато мекунад, агарчи бадӣ ҳам намоянд. Қуръони карим муҳаббати дохили хонаводаро чунин шарҳ медиҳад:

***“Ва битарсед аз он Худое, ки бо савганд ба номи Ӯ аз якдигар чизе мехоҳед ва зинҳор аз хешовандон мабуред. Албатта Худо назораткукандаи шумост!”***

***(Нисо, 1).***

***“Парвардигорат муқаррар дошт, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба волидайн некӣ кунед”***

***(Исро, 23).***

Модар дар дохили хонавода аз муҳаббату нигаҳдорӣ ҳаққи бештареро дорад ва риояи ҳуқуқи модар воҷиб аст. Марде аз Расулуллоҳ (с) пурсид:

*“Эй Расули Худо (с) аз ҳама бештар бар болои ман кӣ ҳақи муомалаи некро дорад?” Расулуллоҳ (с) фармуд: “Модарат”.*

*Боз пурсид: “Баъд аз он кӣ?” Фармуд: “Модарат”.*

*Боз пурсид: “Баъд аз он кӣ?” Фармуд: “Модарат”.*

*Боз пурсид: “Баъд аз он кӣ?” Фармуд: “Падарат”*

*(Бухорӣ).*

Бандагони Худованди Раҳмон ду орзу доранд: зиндагии оилавии хушбахт ва ин ки ҳамагӣ пешвоёни парҳезгорон бошанд:

***“Ва онон, ки мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, аз ҳамсарону фарзандонамон дилҳои моро шод дор ва моро пешвоёни парҳезгорон гардон!»”***

***(Фурқон, 74).***

Ин оят шарҳ медиҳад, ки орзуи ҳамагӣ дар хонавода (падарон, бобоён, фарзандон ва набераҳо ва наслҳои баъдӣ) хушбахтӣ, хушҳолӣ ва роҳат мебошад. Ва ҳадафи дуюм омода кардани роҳбарони некукор мебошад. Расидан ба ҳар ду ҳадаф дар асоси тарбияи хуби фарзандон бо воситаҳову арзишҳои хуб имкон дорад ва ин арзишҳо амонатдорӣ, ибодати Офаридгор, ободсозии замин, муҳаббати Худованд ва Расулуллоҳ (с) мебошанд ва нодида гирифтани ин арзишҳо хонаводаро аз саодату хушбахтӣ маҳрум месозад.

Хушбахтӣ аз тарбияи фарзандон вақте ҳосил мешавад, ки волидайн мебинанд, ки онҳо рафтору кирдори дурусту солиме доранд, ки бо вазифаҳояшон дар ҳаёт ва дар рӯи замин мутобиқат менамоянд. Пас дарки ин мафҳумҳо, расидан ба сатҳи онҳо ва тавзеҳи онҳо ба кӯдакон дар марҳалаҳои гуногуни рушдашон масъалаи бисёр муҳим аст ва ин ягона роҳи коштани донаҳои хайру хубиҳо дар қалбу ақли фарзандон аст. Зеро коштани ин донаҳо асоси тарбияи шахсияте бо ахлоқи нек ва муайян кардани авлавиятҳои фарзанд фавран ва аз оғози марҳалаи тифлӣ мебошад.

Ин асосгузорӣ дар роҳи рост қувваи масунияти фарзандро дар баробари фиребҳои бисёре, ки дар атрофаш мебошанд, ва чигунагии бархӯрд бо онҳо бештар месозад. Зеро мо наметавонем барои ҳимояи ҷомеа танҳо ба неруҳои ҳифзи ҳуқуқ такя намоем. Беҳтарин воситаи ҳимояи ҷомеа низоми арзишҳои ахлоқии дохилии ҳар як фард аст, ки онро идораи нафси худ меноманд. Илова бар ин эҳтирому иззати нафс ва қобилияти идора кардани худ аст. Пас аз дасти фарзандон гирифтани падару модар ва ба сӯи таълимоти ваҳйи илоҳӣ роҳнамоӣ намуданашон дар вуҷуди онҳо имон, садоқат ва меҳрубониро дар марҳалаҳои аввалини ҳаёташон мустаҳкам менамояд.

## РАСИДАН БА МАРҲАЛАИ ПАДАРУ МОДАРӢ

Хонавода ду тараф дорад: тарафи падару модар ва тарафи фарзандон. Падару модар аз марҳалаи дунафарӣ ба марҳалаи сенафарӣ бори аввал баъд аз таваллуди аввалин фарзанд мегузаранд ва бо ҳамин падару модар ба марҳалаи нави ҳаёт қадам мениҳанд. Дар ин марҳала падару модар ба сабаби тағйироте, ки дар равиши ҳаёташон ба сабаби ба дунё омадани тифл ворид мешавад, як марҳалаи созгорӣ ба ин вазъиятро сипарӣ мекунанд. Ин марҳала дар худ мушкилот ва сахтиҳоро аз як тараф ва аз тарафи дигар хушбахтӣ ва хушҳолиро доро мебошад.

Вақте дар хонадони мусулмон тифле ба дунё меояд, маросимҳои динии муайяне барои пешвози фарзанди нав анҷом мешаванд (Абдулкарим Зайдон, 1993). Ин маросимҳо чунин мебошанд:

- Азон. Баъд аз таваллуд дар гӯши тифл азон дода мешавад. Ҳоким аз Абдурофиъ ривоят мекунад, ки гуфт:

  “Расулуллоҳро (с) дидам, ки дар гӯши Ҳасан ибни Алӣ (р), вақте модараш Фотима (р) таваллудаш намуда буд, азони намозро дод”

  (Тирмизӣ).

Азон дар гӯши тифли навзод ҳикмати илоҳӣ дорад, зеро азон ба ягонагии Худованд ва пайғамбарии Расулуллоҳ (с) иқрор намудан ва ба мусулмонон ёдовар шудан аст, ки ин фарзандро дар оянда дар роҳи намоз бубаред.

- Номгузории тифл. Барои тифл номе пурмаъно ва хушово гузошта мешавад, то фарзанд дар оянда майл ба ҳамон маънои номаш дошта бошад ва ин ном муносиби соҳибаш бошад.

- Таҳник. Маънои таҳник ҷавидани хурмо ва ё чизи ширине дар даҳони шахси солиме, ки бемор набошад, ва гузоштани он дар даҳони тифл мебошад ва ин суннати Расулуллоҳ (с) аст. Ин хурмои ҷавидашударо дар нуги ангушти поке мегузорӣ ва онро дар дохили даҳони тифл меандозӣ ва тарафи росту чап бо нармӣ мемолӣ, то тамоми даҳонро шомил гардад. Мешавад бахше аз хурмои тозаро дар даҳони тифл бигузорӣ, ки аз он истифода намояд. Ва агар хурмо набошад, пас таҳник бо ягон маводи ширин сурат бигирад ва асал аз дигар чизҳо беҳтар аст. Таҳник дар саломатии ҷисми тифл фоида дорад. Одатан қанди атфоли навзод бисёр паст мебошад ва ҳар чанд вазни тифл сабуктар бошад ҳамон қадар қандаш камтар аст. Кӯдакони норасид (вазнашон аз 2.5 кг камтар) қандашон бисёр паст аст ва бисёр вақтҳо дар ҳар 100 мл хун 20 мг қанд доранд. Аммо кӯдаконе, ки вазнашон аз 2.5 кг болотар аст, ҳаҷми қандашон болотар аз 30 мг мебошад (Муҳаммад Алӣ Ал-Бор).

- Забҳи ақиқа. Забҳи ақиқа суннат аст, на фарз. Ва он ҳам ба хотири ҷашн гирифтани тифли навзод мебошад. Расулуллоҳ (с) барои ҳар яке аз наберагонаш Ҳасан (р) ва Ҳусейн (р) ду гӯсфандӣ забҳ намуд. Забҳи чорво дар ҳафтум рӯз мебошад. Ҷоиз аст гӯштро бипазанд ва мардумро ба меҳмонӣ даъват намоянд ва онро ақиқа меноманд. Инчунин ҷоиз аст аз гӯшти он ба хонавода, фақирон ва сарватмандон хӯрок дода шавад. Лозим аст чорво солим ва аз айбҳо холӣ бошад ва ҳангоми забҳаш ин дуоро бихонад: “Бисмиллоҳ, Аллоҳу Акбар, Аллоҳумма лака ва илайка ҳозиҳи ақиқату фулон” (Ба номи Аллоҳ, Худованд бузург аст, бори Худоё аз туст ва ба сӯи ту бармегардад, ин ақиқаи фалонӣ аст). Аз Расулуллоҳ (с) ривоят аст, ки фармуданд:

“Ҳар як тифл дар гарави ақиқааш мебошад, ки рӯзи ҳафтуми таваллудаш забҳ мешавад, мӯи сараш гирифта мешавад ва номгузорӣ мешавад”

(Нисоӣ).

Инчунин Расулуллоҳ (с) аз духтараш Ҳазрати Фотима (р) талаб намуданд, ки мӯи сари тарошидаи фарзандашро вазн кунад ва ба вазни он нуқра ба фақирон садақа намояд. Яҳудиҳо низ ба ҳамин монанд маросимҳо доранд, вале масеҳиён танҳо "таъмид", яъне шустушӯи тифл дар об доранд. Таъмид як маросими масеҳият аст, ки далолат ба ин мекунад, ки инсон бо ҳамин амал дар дини масеҳият дохил мешавад. Таъмид чунин аст, ки тифлро як ё се маротиба зери об мекунанд ё танҳо ба рӯяш об мепошанд ва ин ишора ба шустани Руҳулқудс мебошад. Баъзе протестантҳо ба ин ақидаанд, ки таъмиди атфол лозим нест, вале ағлаби масеҳиён ин амалро барои атфол ҳатмӣ медонанд ва эътиқод доранд, ки инсон бо ин амалаш барои ҳамеша то дами марг масеҳӣ мемонад.



## Таъсири фарзандон дар устувории хонавод

Аз аввалин лаҳзаҳои ба дунё омадани кӯдакон хонаводаҳо зери фишор қарор мегиранд ва бо вуҷуди ин ки падару модар шудан як неъмати бузург аст, ба дунё овардани фарзанд на ҳамеша ҳодисаи хушҳолкунандае мебошад, ки онро мунтазир ҳастем. Падару модар бояд донанд, ки баъд аз таваллуди фарзанд ҳаёташон бисёр тағйир мекунад ва бояд худашонро барои душвориҳое, ки дар интизорашон мебошанд, омода намоянд. Падару модар маҷбур мешаванд баъзе фидокориҳо кунанд ва аз баъзе манфиатҳои худ ба хотири манфиатҳои кӯдак гузаранд. Онҳо мавриди имтиҳон қарор мегиранд, то тавоноияшон барои қабули меҳмони нав дониста шавад ва сахтиҳои ҳамешагие, ки ба онҳо дар рафти тарбияи кӯдак мерасад, махсусан ба модарон душвор аст. Баъд аз тавал-

луди фарзанди аввал падар баъд аз баргаштанаш ба хона дигар умед надорад, ки занашро хушҳол, хонаро поку тоза ва таоми болаззатро омода меёбад. Зеро сахтиҳои тарбияи кӯдак дигар барои зан иҷозат намедиҳад, ки монанди гузашта ба шавҳараш расидагӣ намояд



Модарони азиз! Ҳеҷгоҳ наметавонед тамоми корҳоро дар вақташ анҷом диҳед. Ҳеҷ модари бекоре вуҷуд надорад.

Кӯшиш накун, ки зани намуна, модари хуб, мураббияи муваффақ ва дар айни вақт корманди олӣ бошӣ. Метавонӣ тамоми ин корҳои гуногунро анҷом диҳӣ, вале онро дар вақтҳои гуногун анҷом деҳ. Фарзандон ҳаёти хусусии туро тағйири куллӣ медиҳанд ва ба ҳамин хотир лозим аст, ки ин тағйиротро қабул намоӣ ва бо хонаводаат нармрафтор бошӣ.

Марҳалаҳои модарӣ бо худ хастагиҳои рӯҳӣ, ҷисмӣ ва отифии гуногуне доранд. Ба таври мисол, камхобӣ, нигаҳдории ҳамешагии кӯдак ва аҳамият додан ба ӯ таъсири худро дар робитаҳои зану шавҳарӣ мерасонанд. Ин амр метавонад боиси ихтилофоти байни зану шавҳар гардад ва масъалаҳои моддии байни ҳамсарон ба сабаби уҳдадории ду ҷониб ба тартиби муайяни хароҷот илова бар нигоҳубини кӯдак аҳамияти бештар пайдо мекунанд.

Ба сабаби вазниниҳои корҳои хона, кор ва тифли навзод таъсири умури молӣ бар хонавода бештар мегардад ва тамоми инҳо бар робитаҳои зану шавҳарӣ низ таъсири худро мерасонанд. Зиндагии хонавода хастакунанда ва пур аз ноорамиҳо мегардад, махсусан барои касоне, ки рӯзи дароз кор мекунанд. Баъзе падару модар розӣ намешаванд фарзандонашонро ба кӯдакистонҳо бисупоранд ва ба ҳамин хотир бо навбат кор мекунанд то яке аз онҳо дар хона бимонад ва тифлро нигаҳдорӣ кунад. Ин амр барои тифл бисёр хуб аст, вале барои падару модар метавонад чандон хуб набошад. Эҳсоси гуноҳ аз сӯи падару модар ба сабаби ин ки бо фарзандон вақти кам мегузаронанд метавонад бо иваз кардани «вақти ҳамсарон» ба «вақти фарзандон» боиси бадтар шудани аҳвол гардад.

Ин ҷо чанд пешниҳод барои кумаки ҳамсарон дар идораи марҳалаи гузариш ба падарӣ ва модарӣ дорем то бори дигаргуниҳо бар оила сабуктар гардад.

1. ***Бахшидани вақти кофӣ барои зану шавҳар ҳар рӯз ё ҳадди ақал ҳар ҳафта,*** то он якҷоя бе фарзандон гузаронида шавад. Ин вақт метавонад ғайр аз суҳбатҳои телефонӣ дар давоми рӯз ва хестан якчанд дақиқа пештар аз вақти муқаррарӣ барои ҳамнишинӣ шомили масалан сайру гашт ва варзиш бошад. Инчунин як қисми вақт ба якҷоя хӯрок хӯрдан, ибодат кардан ва аз муносибатҳои заношӯӣ лаззат бурдан бахшида шавад. Талаботи кӯдак бештари вақтро мегирад, аз ин рӯ, барои муошират вақт ҷудо карда шавад, ҳатто агар аз ҳисоби ба таъхир андохтани либосшӯӣ ва тоза кардани хона ва ошхона бошад.

2. ***Суҳбат дар бораи умеду орзуҳо*** ва ҳар гуна нигарониҳои нав дар бораи нақши онҳо ҳамчун волидайн ва дар бораи таъсири падарӣ ва модарӣ ба саломатӣ, муносибат ва кори онҳо.

3. ***Баҳс дар бораи ихтилофот,*** натарсидан аз муқобила бо тарафи муқобил ҳангоми суҳбат дар бораи он, баррасии ихтилофот ҳамчун нишонаи мушкиле, ки бояд ҳал шавад, ва дар сурати зарурат талаби машварат аз мутахассисон бидуни дудилагӣ.



4. ***Суҳбат бо дӯсти боэътимод ё ҳамкоре, ки дар бораи гузаштан ба марҳалаи падарӣ ё модарӣ таҷриба дорад.*** Ин амр дар кам кардани эҳсоси танҳоӣ кӯмак мекунад. Суҳбат бояд бо шахси ҳамҷинс бошад ва ягон сирри тарафи муқобил набояд фош шавад.

5. ***Дарки нақши ягонаи падару модар дар рушди шахсияти фарзандон.*** Падариву модарӣ бар шарикии ногусастании падару модар асос ёфтааст. Гарчанде ки ҳар яки онҳо вазифаи гуногун доранд, дар айни замон онҳо якдигарро пурра мекунанд. Вақте падару модар бо фарзандашон бозӣ мекунанд, онҳо шахсияти ӯро рушд медиҳанд. Модар тифлакашро дар оғӯш мегирад ва дар вуҷуди ӯ муҳаббатро ҷой мекунад ва аммо падар бо тифлакаш бозӣ мекунад, ба нармӣ ӯро

дар ҳаво мепартояд (албатта ин кор баъди дусолагӣ иҷозат аст), барояш иҷозат медиҳад, то дар пушташ савор шавад ва бо ӯ дар рӯи замин гӯштин мегирад. Чунин муомила ба кӯдак худбовариро таълим медиҳад ва то ҳадди маъқул ӯро дучори дуруштӣ, муқовимат ва таҳаммули хатарҳо мекунад.

Пас падару модар вазифадор мебошанд, ки ҳар кадомашон дар рушди шахсияти тифл саҳми худро бигузоранд. Падар будан ба ин маъност, ки ҳамроҳи ҳамсараш дар тарбияи фарзандон шарик бошад ва ҳеҷ кас дар ҳимояи хонавода ҷои падарро намегирад. Пас ту бояд вақти муносибро ҳамчун падар дар иҷрои вазифаат бидонӣ ва инчунин кадом вақт ҳамчун дӯст дар хонавода дахолат намоӣ ва кадом вақт бояд аз писарат дифоъ намоӣ ва кадом вақт бояд танҳояш бигузорӣ, то аз ҳаёт дарс бигирад ва таҷрибаҳои хоси худаш бошанд.

Новобаста аз он, ки фарзанддор шудан ба эҳсосоти волидон дар муносибатҳои заноშӯии онҳо чӣ гуна таъсир мерасонад, кӯдакон ба афзоиши уҳдадорӣ дар муносибатҳои заношӯӣ мусоидат мекунанд.

Волидайне, ки фарзандони хурд доранд, ҳаракат мекунанд оилаашонро ҳифз кунанд, то барои фарзандон сатҳи беҳтари зиндагиро муяссар намоянд. Инчунин падару модар ва махсусан модар фишору сахтиҳои бештареро ба хотири фарзандон таҳаммул мекунанд, то оилаашонро ҳифз намояд, агарчӣ аз он розӣ набошанд. Новобаста аз он ки фарзандон то чӣ андоза саодату хушбахтии зану шавҳарии падару модарро зиёд ва ё кам мекунанд, бе шак фарзандон алоқаву робитаҳои зану шавҳарии онҳоро устувор менамоянд, зеро атфол сахтиҳо ва вобастагиҳои зиёдеро бар онҳо бор мекунанд, ки аз ҷудо шудан ва талоқ онҳоро ҳифз мекунад.

Тасвири 2.1 ба хубӣ нишон медиҳад, ки афзоиши шумораи фарзандон дар оила дар устуворӣ ва тадовуми муносибатҳои заношӯии падару модар таъсири мусбат дорад.

***Таносуби теъдоди талоқ ва шумораи фарзандон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***

**Тасвири 2.1 (Knox and Schacht 1997)**




Фоизи ҷуфтҳои ҷудошуда, аз рӯи шумораи кӯдакон
Нисбати талоқ дар оилаҳое, ки фарзанд доранд, 40% камтар аз оилаҳое аст, ки фарзанд надоранд (McKinley, Irvin. Family Law. 2012).

- 43% кӯдакон дар Амрико имрӯз бе падар тарбия мешаванд.
- 75% кӯдаконе, ки падару модарҳояшон аз ҳам ҷудо шудаанд, бо модаронашон зиндагӣ мекунанд.
- 28% кӯдаконе, ки бо яке аз волидайни аз ҳам ҷудошудаашон зиндагӣ мекунанд, аз назари даромади оила дар зери хати фақр ҳастанд.

Нисфи кӯдакони амрикоӣ шоҳиди ҷудошавии падару модаронашон хоҳанд шуд ва аз ин теъдод тақрибан нисфашон шоҳиди ҷудошавии дуюми онҳо хоҳанд буд.

Артур Брукс (Arthur Brooks) дар китоби худ «Gross National Happiness» («Хушбахтии умумимиллӣ») менависад, ки эҳтимоли зиёд шудани саодатмандӣ дар хонаводаҳое, ки фарзанд доранд назар ба хонаводаҳое, ки фарзанд надоранд, бештар мебошад, зеро фарзандон зиндагиро зеботар месозанд. Ашхоси диндоре, ки издивоҷ намудаанд ва назар ба ашхоси муҷаррад бештар ба калисо мераванд, саодатмандтар мебошанд ва он ҳам на ба хотири ин ки сарватмандтаранд, балки ба хотири ин ки зиндагиашон бо фарзандон сарватмандтар аст.

## Вазифаҳои хонаводагӣ

**Падару модар:** Эҷоди хонаводаи хушбахт.

**Фарзандон:** Аз падару модар омӯхтан ва ба онҳо кумак расондан.

**Падарбузургон:** Муттаҳид кардани оила ба воситаи ба ҳам пайвастани наслҳо, муҳаббат кардан ба кӯдакон, насиҳат кардани падару модар, тақдими таҷрибаҳои амалии худ ба фарзандон ва наберaҳо. Инчунин падаркалону модаркалон ба падару модар роҳҳои ҳалли мушкилотеро, ки дар берун аз оила дар рафти кор ба он рӯ ба рӯ мешаванд, нишон медиҳанд ва бо ҳамдигар дар бораи ин мушкилот сӯҳбат мекунанд ва дар натиҷа падару модар (фарзандони онҳо) аз ин мушкилоту хотирпарешониҳо халос мешаванд.

**Дӯстон:** Кумак ба падару модар.

**Муаллимон:** Таълими фарзандон.

**Ислоҳкорон:** Шарҳи роҳҳои тарбияи падару модарии комёб барои падару модар.

Марҳалаи зиндагӣ бо фарзандон як марҳалаи гузарост, агарчӣ душвор ҳам бошад.

***“Пас аз паи душворӣ осонист! Албатта аз паи душворӣ осонист”***

***(Шарҳ, 5-6).***

Баъзе вақтҳо падару модароне, ки фарзандони ширхор доранд, фикр мекунанд, ки шабҳои дарозе, ки намехобанд, поён ёфтани нестанд, вале то мефаҳманд, мебинанд, ки кӯдаконашон калон ва мустақил шудаанд. Поёни робитаи падару модар бо фарзандонашон ба ҳар шакле ҷудоӣ аст. Бар хилофи робитаи зану шавҳарӣ. Чуноне, ки зиндагии оилавиро дукаса оғоз карда буданд, дар охири умр пас аз мустақил шуда-

ни фарзандон ва тарки оғӯши хонавода онҳо дубора зиндагии худро бо ҳам идома медиҳанд. Пас падариву модарӣ яке аз марҳалаҳои заношӯӣ ва зиндагӣ аст, ки тақрибан сеяки вақти зиндагии падару модар бо фарзандон ва ғолибан нисфи ҳаёти заношӯийиро дарбар мегирад. Ва ҳар кӣ як бор падар ё модар шуд, то ҳамеша ҳамон тавр боқӣ мемонад, зеро робитаи байни волидон ва фарзандон ҳатто баъд аз издивоҷ ва хонадор шудани фарзандон ҳам идома хоҳад дошт. Ва муҳим ин аст, ки ин робита новоста аз он, ки фарзандон дар наздикиҳо зиндагӣ мекунанд ё дар дуриҳо, ҳамеша идома дошта бошад ва рафту омад то даме, ки падарҳо падаркалон ва модарҳо модаркалон мешаванд ва ҳатто баъд аз марги онҳо низ барқарор бошад, зеро ин робита аз ҷумлаи силаи раҳмӣ абадӣ аст.



## АНДОЗАИ ОИЛА ДАР ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ВА БРИТАНИЯ ДАР ГУЗАШТА ВА ИМРӮЗ

Хурд будани андозаи оила дар муносибатҳои оилавӣ таъсир расондааст. Барои фарзандон дар ин оилаҳои нави хурд вақти бештаре назар ба падару модарашон дода мешавад, ки инро афзоиши арзиши фарзанд дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико меноманд (теъдоди онҳо ба 77 миллион тифли амрикоӣ мерасад, ки байни солҳои 1946-1964 таваллуд шудаанд). Онҳо ҳамагӣ 80 миллион фарзанд ба дунё овардаанд ва ҳаҷми даромад ва таълим дар он замон бисёр баланд ва ҳаҷми хонавода бисёр хурд буда аст. Бинобар ин, воситаҳои маҳдудсозии насл ва исқоти ҳамл заминаи онро фароҳам мекунанд, ки падару модар фарзандони камтареро ба дунё биёранд.

Инчунин андозаи оила ба сабаби зиёд будани теъдоди падару модарони коргар ва нақлу интиқоли онҳо ва дур будан аз оила, хурд гашта буд.

Британия шоҳиди афзоиши чашмраси теъдоди оилаҳои якфарзанда дар марҳалаи камтар аз як насл будааст. Таҳқиқоти соли 2012 чунин оморро нишон додааст: 47% хонаводаҳо як фарзанд, 39% хонаводаҳо ду фарзанд ва 14% хонаводаҳо бештар аз ду фарзанд доштаанд (Office for National Statistics). Илова бар ин, 20% занони зодаи соли 1964, дар муқоиса бо 12% занони зодаи соли 1937, фарзанд назодаанд (BBC, 2010).

Дар соли 1960 77% занони амрикоӣ хонаҳои падариро тарк карда, издивоҷ карданд ва соҳиби фарзанд шуданд, дар ҳоле ки ин фоиз дар соли 2000, вақте ки занони зодаи соли 1960, ба синни 40 расиданд, то 46% коҳиш ёфт (Kantrovitz and Tyre, 2006). Инчунин, дар соли 2000 дар Иёлоти Муттаҳидаи

Амрико синну соли миёнаи мардон ҳангоми издивоҷи аввалашон 26,8 сол ва занон 25,1 солро ташкил дод, дар ҳоле ки дар соли 1960 синну соли мардон 22,8 ва занон 20,6 солро ташкил дода буд (Pew Research Center, 2011).

Дар гузашта фикри роиҷ дар байни падару модарон дар бораи ба дунё овардани фарзанд монанди пухтани торт буд. Яъне, агар фарзанди якум хуб намебуд, дуюмашро таваллуд мекарданд ва агар дуюмаш ҳам хуб намебуд, сеюмашро таваллуд мекарданд ва агар ҳамаи фарзадон хуб намебуданд, боз фарзанд ба дунё меоварданд! Аммо имрӯз ин ҳол тағйир кардааст ва бисёри оилаҳо танҳо як ва ё ду фарзанд доранд ва ба ин як ва ё ду фарзанд аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Андозаи оилаҳо ба сабаби фишори кору фаъолияти падару модарон, афзоиши суръати кӯчидани оилаҳо ва дур будани хонаҳои хешу таборон хурдтар шудааст.

## ОИЛАИ НОПУРРА

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз ҳар се кӯдак бештар аз яки онҳо бо яке аз волидайн зиндагӣ мекунад, ки ин тақрибан 24.6 миллион кӯдак, яъне 35% кӯдаконро дар соли 2013 ташкил медиҳад.

**(Kids Count Data Center).**

Аксари ин кӯдакон ҳамроҳи модароне, ки харҷи оилаиро ба уҳда доранд, зиндагӣ мекунанд ва теъдоди падарони танҳо низ дар ҳоли афзоиш аст. Байни солҳои 1960 ва 2011 теъдоди оилаҳое, ки танҳо падар дар он вуҷуд дорад, нуҳ баробар бештар шуда, аз 300 ҳазор то 2 миллиону 600 ҳазор оила расидааст. Инчунин оилаҳое, ки танҳо модар дар он боқӣ мондааст ва дар таъмини модар қарор доранд, 4 баробар бештар шуда, аз 1 миллиону 900 ҳазор ба 8 миллиону 600 ҳазор расидаанд .

**(Pew Resaercher Center, 2013).**

Аммо дар Британия 30% кӯдакон дар хонаҳои нопурра зиндагӣ мекунанд ва бештари онҳо зери риояи модарон мебошанд (28.1% ҳамаи кӯдакон). Британия аз рӯи шумораи модарон дар оилаҳои нопурра яке аз аввалин кишварҳои Аврупо аст. Нисбати оилаҳои нопурра дар Британия, ки фарзандон дар он зери риояи модарон зиндагӣ мекунанд, 18.5% ва дар Аврупо 9.1% аст [ин шумор аз 20,4% оилаҳои нопурра дар Британия аст].

**(Europen Commission, 2014).**

Афзоиши шумори оилаҳои нопурра ду сабаби асосӣ дорад: яке талоқ ва дигаре таваллуди кӯдак бе издивоҷ. Соли 2013 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 1 595 873 таваллуди кӯдак бе издивоҷ қайд шуд, ки 40.6% аз шумори тамоми навзодони он солро ташкил дод.

**(National Vital Statistics System, 2015).**

## НИГОҲЕ БА ЗИНДАГИИ МУШТАРАК БИДУНИ ИЗДИВОҶ

Издивоҷ бо тамоми уҳдадориҳои он барои баъзеҳое, ки зиндагии бидуни издивоҷ ва ё зиндагӣ бо шарикеро авлотар медонанд, чандон амри матлуб нест. Соли 2009 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз 19 миллиону 900 ҳазор кӯдаке, ки бо модарони бешавҳарашон зиндагӣ мекарданд, модарони як панҷуми онҳо бо мардоне зиндагӣ мекарданд, ки бо онҳо издивоҷ накарда буданд.

Мувофиқи маълумоти муассисаи Марказҳои назорат ва пешгирии бемориҳои ИМА (CDC), дар Иёлоти Муттаҳида аз ҳар чор кӯдаки аввал, ки аз занони аз 15 то 44-сола таваллуд мешаванд, зиёда аз як кӯдак маҳсули зиндагии муштараки бидуни издивоҷ мебошад. Ин теъдод байни солҳои 2011-2013 26% будааст ва бинобар ин, ин фоиз дар ҳоли афзоиш аст, зеро дар солҳои 2006-2010 22% ва дар соли 2002 21% будааст.

Дар хусуси Англия ва Уэлс бошад, тақрибан сеяки кӯдаконе, ки зинда ба дунё омадаанд, яъне 31% онҳое, ки дар соли 2013 ба қайд гирифта шудаанд, маҳсули зиндагии якҷояи бидуни издивоҷ мебошанд. **(Office for National Statistics, 2014).**

Як таҳқиқоти амрикоие, ки онро Коллеҷи амрикоии педиатрҳо анҷом додааст, маълум кардааст, ки заноне, ки фарзандони худро бидуни издивоҷ ба дунё овардаанд, дар се соли аввали баъди таваллуд аз занҳои шавҳардор чаҳор маротиба бештар ҷудо мешаванд. Ин таҳқиқот нишон дод, ки суръати афзоиши ҷудошавӣ фарқ мекунад: дар байни ҷуфтҳои амрикоиҳои африқоӣ ду баробар, дар байни амрикоиҳои мексикоӣ се баробар ва дар байни амрикоиҳои аврупоӣ ҳашт баробар бештар аст.

### ОМОР ДАР БОРАИ ҲАМЗИСТИИ БИДУНИ ИЗДИВОҶ

**Дар 132.2 миллион хона дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соли 2014:**

- 59.6 миллион ҳамсарони издивоҷ карда;
- 7.9 миллион нафар бо шарикони ҷинси муқобил бидуни издивоҷ;
- 34.2 миллион нафар танҳо зиндагӣ мекарданд

**(CPC Data, Us Census Bureau).**

**Дар 26.7 миллион хона дар Британия дар соли 2014:**

- 12,5 миллион ҳамсарони издивоҷ карда;
- 2,3 миллион нафар бо шарикони ҷинси муқобил бидуни издивоҷ;
- 61 ҳазор нафар бо шарикони ҳамҷинсашон бидуни издивоҷ;
- Дар 28% хонаҳо афроди танҳо зиндагӣ мекарданд

**(Office For National Census Statistics, 2015).**

**Талоқ ё хулъ бидуни доштани сабабҳои муносиб**

Хулъ як навъи талоқ аст, ки дар он ҳар ду шарики зиндагӣ барои поён додани никоҳашон ба тавофуқ меоянд ва шарт нест, ки қозӣ сабаби ҷудо шуданашонро бидонад. Баъзе мардум талош мекунанд, ки ба ин навъи талоқ як ҳадди муайяне бигузоранд. Масалан, Роналд Рейган, раиси иёлати Калифорния, ки худаш аз оилааш ҷудо шуда буд, соли 1969 аввалин қонунеро ба имзо расонд, ки дар асоси он ба зану шавҳар иҷозат дода мешуд, ки хулъ намоянд ва ин ҳам ба хотири афзоиши нисбати талоқ буд. Пеш аз ин агар касе мехост аз ҳамсараш ҷудо шавад, бояд ба қозӣ исбот мекард, ки ҳамсараш муртакиби коре шудааст, ки сазовори талоқ аст (бештари сабабҳои талоқ хиёнат, бадрафторӣ, озор ва тарки ҳамсар буд). Зану шавҳар василаҳои гуногунеро ҷустуҷӯ мекарданд, то битавонанд аз ҳамдигар ҷудо шаванд ва баъзан дар маҳкама дурӯғ мегуфтанд ва ё касонеро барои поидани тарафи муқобил киро мекарданд. Ин қонун ба хотире гузошта шуд, ки низоъҳои ҳамсароне, ки аз ҳамдигар ҷудо шудан мехостанд, камтар шавад ва иҷозат медиҳад, ки талоқ ба некӣ сурат гирад, ҳатто агар яке аз тарафайн мухолифи ҷудошавӣ бошад, тарафи дигар метавонад бидуни овардани далели асоснок барои талоқ аз ҳамсараш ҷудо шавад. Сипас ҳар як иёлати Амрико ба истиснои иёлати Ню-Йорк ба иёлати Калифорния дар имзои ин қонуне, ки талоқро иҷозат медод, ҳамроҳ шуд ва дар тӯли се сол пас аз қабули ин қонун шумораи талоқ ду баробар афзоиш ёфт (Leland, 1996). Падарону модарони аз ҳам ҷудошуда роҳати бузург ва имтиёзоти доштани як мушовири сазовори боварӣ ва шарики худро аз даст медиҳанд.

Ин ҷо ба ин масъала таъкид менамоем, ки таваллуд шудани кӯдак ҳатто бидуни издивоҷ сифати падару модариро аз ҳеҷ кадоми онҳо намегирад. Аммо ба ухда гирифтани тамоми сахтиҳои тарбияи фарзанд аз сӯи яке аз волидайн бисёр масъалаи душворе мебошад, ки аз инсон қудрат, боварӣ ба нафс ва илова бар он тавоноии фикрии қавиеро металабад. Зеро нигаҳ доштани мувозинат миёни иҷрои талаботи ҷои кор, ухдадории тарбия фарзанд ва анҷоми корҳои хона масъалаи осоне нест, махсусан дар ҳолати набудани ҳамраҳи зиндагӣ. Ин амр тарбияро дар муқоиса бо будани ҳар ду волидайн аз назари фикрӣ ва отифӣ хеле душвортар мекунад. Зеро вақте, ки яке аз волидайн тарбияи фарзандонро ба танҳоӣ ба ухда мегирад, ҳам нақши падар ва ҳам нақши модарро

ичро менамояд, яъне илова бар эҳсоси танҳоӣ масъалаҳои молиро ҳал мекунад, қоидаҳои хонаро муқаррар менамояд ва бо ихтилофҳои байни фарзандон ва рафтори онҳо сарукор дорад. Ин амр ба ин маъно нест, ки дар оилаҳое, ки дар он ҳар ду волидайн ҳастанд, вазъ ҳамеша беҳтар аст. Дар ҳар сурат, падарону модарон бояд ба тамоми корҳо назари мусбат дошта бошанд, бахусус падарону модароне, ки аз ҳамдигар ҷудо шудаанд ва фарзандони худро танҳо тарбия мекунанд.

Агар ба ин амр аз дидгоҳи фарзандон назар намоем, рушду нумӯи онҳо бо яке аз волидайн боиси аз даст додани нигоҳубин ва ҳимояи дигарӣ (падар ё модар) мешавад. Ин маънои онро надорад, ки шахси ғоиб ҳатман бояд дур бошад, ва рух додани талоқ байни волидайн монеъ намешавад, ки ҳар кадоми онҳо дар ҳаёти фарзандон нақши фаъол дошта бошанд. Онҳое, ки бо яке аз волидайн зиндагӣ мекунанд, аз дастгирии шахси ғоиб маҳрум, вале ин маънои онро надорад, ки падар ё модари танҳо наметавонад ба фарзандонаш меҳру ғамхории зарурииро фароҳам кунад. Ҳар қадар савод, малака ва огоҳии ӯ бештар бошад, ҳамон қадар сахтиҳои фарзандонаш камтар мешаванд.

**Ин ҷо баъзе ҳақиқатҳоеро мисол меорем, ки ба фарзандони оилаҳои нопурра таъсири манфӣ мерасонанд (McLanahan and Harper, 2004).**

- Оилаҳои нопурра дар муқоиса бо оилаҳои анъанавӣ, ки дар он ҳар ду волидайн ҳамроҳи фарзандонашон зиндагӣ мекунанд, қобилияти камтари ҳифзи ниёзҳои кӯдакони наврасро доранд.
- Духтароне, ки бе падарони қонунии худ ба воя мерасанд, дар синни навҷавонӣ бештар алоқаи ҷинсӣ мекунанд.
- Писарон ва наврасоне, ки бе падарони қонунии худ зиндагӣ мекунанд, бештар ба ранҷу азобҳои равонӣ ва ҷисмонӣ ва таҷовузи отифӣ ё ҷинсӣ гирифтор мешаванд.
- Талабаҳои синфҳои болоие, ки аз хонаҳое мебошанд, ки робитаҳои оилавӣ дар он канда шудааст, бештар аз дигарон боиси мушкилот дар мактаб мешаванд.
- Кӯдаконе, ки бо яке аз волидайн зиндагӣ мекунанд, дар баъзе ҷамоатҳо бештар аз дигарон даст ба ҷиноят мезананд.
- Кӯдаконе, ки бо яке аз волидайн зиндагӣ мекунанд, бештар мавриди таҳқир ё беэътиноӣ қарор мегиранд ва эҳтимоли ба зиндон афтодани онҳо бештар аст.

Барои омӯзиши тарбияи падару модарӣ дар мактабҳо пешниҳод менамоем, ки баъзе фанҳо тартиб дода шавад, зеро аз ҳар даҳ нафар, ҳафт нафар ба ин назар мебошанд, ки тарбияи падару модарӣ бояд омӯзиш дода шавад.

**(Longfield and Fitzpatric, 1999)**



Тамоми падарону модарон ба чунин мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, вале оилаҳои нопурра бояд ба масоили зерин бештар аҳамият диҳанд:

1. **Боварӣ ва эътимод ба нафс.** Агар яке аз волидайн рӯҳан шикаст хурад, дар он сурат дунёи фарзанд заиф ва ноустувор мегардад, зеро дигаре нест, ки ба ӯ рӯ оварад. Ба ҳамин хотир падарону модароне, ки аз ҳамдигар ҷудо шудаанд, бояд талош кунанд, то дар дараҷаи бисёр баланди рӯҳӣ ва отифӣ қарор дошта бошанд ва оромиву боварии худро дар баробари мушкилот ҳифз намоянд.

2. **Иҷрои ду нақш.** Яке аз волидайни аз ҳам ҷудошуда бояд ҷои холии дигариро дар оила пур кунад ва бо фарзандонаш аз назари рӯҳӣ ва отифӣ бисёр наздик бошад. Китобҳои бисёре ҳаст, ки падарону модаронеро, ки аз ҳам ҷудо зиндагӣ мекунанд, роҳнамоӣ мекунанд ва дар тарбияи фарзандон ба онҳо кумак менамоянд.

3. **Тақвияти боварӣ ба нафс.** Фарзандон бояд инро дарк намоянд, ки набояд хиҷолат бикашанд, ки яке аз волидайн онҳоро тарбия мекунад, зеро онҳо аз касони дигаре, ки онҳоро ҳар ду волидайн тарбия мекунанд, ҳеҷ фарқе надоранд. Ва падар ё модаре, ки онҳоро тарбия мекунад, бояд то қадри имкон барояшон хонаи хуб ва зиндагии оилавии хушбахтона фароҳам кунад.

   Масалан, ба фарзандонат таълим деҳ, ки Пайғамбар (с) дар хурдсолиаш ятим шуда буд. Дар айни ҳол аз таҳмили корҳои сахт ба фарзандон ба хотири ҷуброн кардани ҷои холии волиди дигарӣ ҳазар кун, аммо иҷозат надеҳ, ки бо эҳсосоти ту бозӣ кунанд ва туро дар набудани модар ё падарашон гунаҳкор бидонанд.

4. **Алоқаи хуб.** Алоқаи доимӣ байни волид ва фарзанд бисёр муҳим аст, зеро ин амр барои ҳар дуи онҳо дар эҷоди робитаи дӯстона ва фазои ороми хона кумак менамояд. Ба ибората дигар, волиде, ки тарбияи фарзандон ба уҳдаи

ӯст, набояд аз кумаки одами боваринок худдорӣ кунад. Гоҳо мешавад, ки тарбияи фарзандоне, ки дар тарбияи яке аз волидайн ба воя расидаанд, монанди тарбияи фарзандоне, ки дар тарбияи ҳар ду волилдайн бузург шудаанд, хуб ва муваффақ аст (шояд ҳам аз баъзе оилаҳои пуррае, ки дар он байни падару модар ҳамеша ҷангу ҷидол аст, беҳтар бошад).

## Асосҳои комёбии волиди танҳо

Баъзе насиҳатҳои муҳимро барои падарону модароне, ки аз ҳамдигар ҷудо шудаанд, пешниҳод менамоем, то аз он дар тарбияи фарзандон ва кам намудани мушкилоти дохили хонавода истифода намоянд:

— Ташкили маҷмуъае аз дӯстон ва алоқаҳои иҷтимоӣ ва даъвати онҳо ва фарзандонашон ба мулоқотҳои иҷтимоӣ ва тановули таъом ҳамроҳи фарзандонат.

— Ошноӣ бо хонаводаҳое нопурра. Зеро танҳо ту чунин волиди танҳо нестӣ ва имкон дорад бо ту дӯстони наздик гарданд ва бароят дар ҳолатҳои душвор кумакҳои равонӣ дар тарбия фарзандон расонанд ва гӯшҳои шунавое ба мушкилотат пайдо намоӣ.

— Дӯстонеро интихоб намо, ки ба ту аҳамият диҳанд ва битавонӣ ба онҳо бовар кунӣ ва дӯстиашон бо ту бо ихлос бошад ва туро дар ҳолатҳои сахтӣ дастгирӣ намоянд. Агар хонаводаи бузурге дошта бошӣ, пас талош кун робитаҳоятро бо онҳо устувор намоӣ ва ба таври мунтазам бо наздиконат рафту омад намо ва имкон дорад дар сахтиҳои тарбияи фарзандонат аз онҳо кумак бигирӣ.

— Нақша тартиб деҳ, то тавонӣ бо фарзандонат берун аз хона вақтҳои хуберо гузаронӣ.

— Чизҳоеро, ки ба ту муносибатҳо ва ҳолатҳоеро, ки бо фарзандонат вақти хуше доштӣ, хотиррасон мекунанд, нигаҳ дор.

— Фарзандонатро дар ҳалли мушкилот ва қабули қарорҳо шарик бисоз. Ин кор дар вуҷуди онҳо боварӣ ба нафсро эҷод мекунад ва эҳсос мекунанд, ки онҳо аъзои фаъол ва бо арзиши хонавода мебошанд. Пас кумак ба оилаи нопурра аз тарафи ҳар як узви хонавода матлаби рӯзона мебошад ва ҳама бояд дар доираи як гурӯҳ кор кунанд, то мушкилоти хонаводаро бай-

ни ҳамдигар тақсим намоянд ва аз вазниниҳои рӯзгор андаке бикоҳанд.

— Ба ғазаб ва ё ғамхоят иҷозат надеҳ, то дар ҳаёти фарзандонат таъсири бад бирасонад. Агар тавонӣ дунёро аз даричаи чашмони онҳо бубинӣ, хоҳӣ донист, ки фарзандонат худашонро заиф медонанд, дар маърази хатар қарор доранд ва ҳамеша метарсанд, ки ба падар ва ё модарашон, ки онҳоро тарбия мекунад чизе шавад, дар ин олам танҳо мемонанд.

— Агар талоқ ба вуқӯъ пайваст ва ҷудоӣ ҳосил шуд, фарзандонро маҷбур насоз, то тарафи ба ту майл кунанд ва аз тарафи дигар рӯ бигардонанд ва чунин тасаввуре барои фарзандонат эҷод накун, ки "яке аз волидайн хубу дигаре бад аст". Ба онҳо иҷозат деҳ, то худашон интихоб кунанд, зеро онҳо ҳам падар ва ҳам модарро як хел дӯст медоранд ва агар тараферо тарк намоянд ва ба тарафи дигар майл кунанд, ҳамеша эҳсоси гуноҳ мекунанд ва азоби виҷдон мекашанд. Ба ҳамин хотир мебинем, ки Қуръони карим талоқро "раҳо кардани нек" номидааст, яъне ҷудо шудане, ки дар он яке аз ҳамсарон дигариро бад ва сиёҳ намекунад. Худованди Мутаъол мефармояд:

***"Ин талоқ ду бор аст ва аз он пас ё ба некӯ тарзе нигаҳ доштани ӯст ё ба некӯ тарзе раҳо сохтанаш"***

***(Бақара. 229).***

***"Эй паёмбар, ба занонат бигӯ: «Агар хоҳони зиндагии дунё ва зинатҳои он ҳастед, биёед, то шуморо баҳраманд созам ва ба тарзи некӯ раҳоятон кунам"***

***(Аҳзоб, 28).***

Ба ҳамин хотир бояд талоқ бо шакли зебо ва хуб анҷом пазирад.

— Дар ҳама ҳолат ва дар ҳама кор мусбат фикр намудан ва таваккал ба Аллоҳ таъоло намуданро фаромӯш насоз ва ин ду амрро ҳамеша шиъори худат қарор деҳ. Ба ёд дошта бош, ки агар падар ё модари танҳо малакаҳои тарбияи хубро дошта бошад, метавонад ба танҳоӣ монанди дигар падару модароне, ки якҷоя фарзандонашонро тарбия менамоянд, фарзандонашро хуб тарбия намояд. Аммо ӯ ба дастгирии дӯстон, хешону ҳамсоягон ниёз дорад. Тарбияи хуби фарзандон ба миқдори он вобаста нест, балки ба сифати тарбия ва ба дидгоҳи ҷомеъ ва неки падару ё модар ба ин дунё вобастагӣ дорад.

## ОЁ ЯКЕ АЗ ВОЛИДАЙН МЕТАВОНАД ҶОЙГУЗИНИ ДИГАРӢ ШАВАД?

Модар наметавонад ҷойгузини падар шавад ва падар ҳам наметавонад ҷойгузини модар шавад ва яке аз онҳо наметавонад ба таври комил дигарашро иваз намояд. Бидуни шак кӯдаконе, ки бо падару модар якҷояанд, назар ба кӯдаконе, ки дар тарбияи яке аз волидайн ба воя мерасанд, беҳтару хубтар тарбия мешаванд. Зеро модарон дар вуҷуди фарзандон меҳру муҳаббату ҳамдигарбахшӣ ва сабрро ва падарон тавоноӣ, масъулиятшиносӣ, қудрати таҳаммул ва мардонагиро ҷой медиҳанд, яъне ҳама ангезаҳои муфид барои кӯдаконро ато мекунанд. Умуман, аз даст додани модар барои фарзандон назар ба падар сангинтар аст. Ба ҳамин хотир арабҳо падаргумкардаро “ятим” ва модаргумкардаро “латим” (яъне касе, ки падару модараш мурдааст) меноманд. Модар фазои муҳаббату ҳимояро фароҳам месозад ва тамоми орзуҳояш дар атрофи фарзандонаш мечарханд. Ӯ мураббияи ҳамешагии хонадон аст ва бештарин аҳамияташро ба фарзандон медиҳад ва фарзандон ҳам ба таври умум ба ӯ вобастагӣ доранд. Онҳо тамоми барномаи рӯзонаашро ташкил медиҳанд ва ӯ тамоми атову бахшиш ва қуввату тавоноияшро барои фарзандон сарф мекунад, то онҳоро бо меҳру муҳаббату эҳсоси амнияту оромӣ фаро гирад, то ки онҳо дар зиндагиашон комёб гарданд.



Эътиқоди ғалате вуҷуд дорад, ки гӯё писар ба падар бештар аз модар ва духтар ба модар бештар аз падар ниёз дорад. Маълум аст, ки падар ҳам барои писар ва ҳам барои духтараш баробар муҳим аст, вале барои ҳар кадомашон ба навъи гуногун. Модар ҳам ҳамин тавр. Падарон ба духтаронашон эҳсоси қуввату тавоноӣ ва амнияту оромӣ мебахшанд ва духтар ба падараш ниёз дорад, то тарзи муомила бо мардондро биомӯзад, зеро дар ғайри ин сурат мардҳо шояд дар назари духтарҳо номаълум, ваҳшатнок ва ҳайратовар намоянд.

Оё модар метавонад накши падарро барои кӯдакони хурдсолаш дар оилаи нопурра бибозад? Ҷавоб ин аст, ки наметавонад ва зарур ҳам нест чунин бошад. Онҳо метавонанд шаклу сурати падар ё модарро бо диккати комил тасаввур кунанд, ҳатто агар ӯро тамоман ё хеле вакт надида бошанд. Инчунин онҳо метавонанд тасвири падари намунавиеро аз шахсиятҳои дигар дошта бошанд ва онро дар хаёлҳои худ ба тасвир бикашанад. Модар метавонад барои писараш тасвири зебое аз падари гумкардааш дар оинаи акли ӯ ба вуҷуд биёрад ва барояш имкон фароҳам намояд, ки бо падаркалонҳо, амакҳо, тағоиҳо ва фарзандони онҳо ҳангоми вуҷуди модар якҷо бошад. Инчунин модар метавонад ӯро бо марди боэътимоде монанди муаллим ё имоми масҷид шинос намояд, то ӯро дар мавзӯоте, ки ба он зарурат дорад, насиҳат ва кумак кунад ва аз андешаву илми ӯ дар зери назорати модараш роҳнамоӣ шавад, зеро чунин ашхос метавонанд барои фарзанд намунаи хубе бошанд, ки аз онҳо пайравӣ намояд.

Чӣ воқеан муҳим чист? Муҳим ин нест, ки дар ҳисоби бонкиат чӣ қадар пул дорӣ, дар кадом хона зиндагӣ мекунӣ ё кадом навъи мошинро мерониӣ, зеро баъд аз чиҳил сол... Дар ҳақиқат муҳим ин аст, ки дар ҳаёти фарзандону наберахоят чӣ қадар аҳамияту таъсир дорӣ.

## МУЛОҲАЗАЕ ДАР БОРАИ ИСЛОМ ВА ТАЛОҚ

Яке аз сабабҳои асосии афзоиши теъдоди оилаҳои нопурра афзоиши нисбати талоқ аст. Талоқ дар баъзе тамаддунҳо ва динҳо ҳаром аст (талоқ дар Бразилия то соли 1977, дар қонуни Ҳиндустон, Филиппин ва баъзе давлатҳои дигар, ба хусус католикӣ, мамнуъ буд). Аммо дини мубораки Ислом доираи талокро бисёр танг намудааст, ҳарчанд онро дар як чорчӯбаи бисёр танг ва мутобиқи баъзе қоида ва қонунҳо иҷозат додааст. Барои мусулмон беҳтар аст пеш аз талоқ ба миёнаравии оила ва муҳокима байни зану шавҳар рӯ биёрад ва дини Ислом аз наздикони бо ҳикмати зану шавҳар талаб менамояд, то ба хотири наҷоти ин хонавода тамоми талошашонро анҷом диҳанд ва аз зану шавҳар талаб карда мешавад, ки ба хотири гузаштан аз мушкилоташон пойбанди тақво ва ахлоқи нек бошанд, то дар аввалин ихтилофоти хонаводагӣ аз ҳам ҷудо нашаванд, зеро ҷудо шудани падару модар ҳатман дар тарбияи фарзандон таъсири бад мерасонад.

Падару модар бояд тамоми талоши худро ба харҷ диҳанд, то оилаашонро ҳифз кунанд. Онҳо бояд бо фарзандонашон содиқ бошанд ва ба ҷои мудоро ва эҷоди қиссаҳои дурӯғ ҳақиқати талоқро ба онҳо фаҳмонанд. Ва ҳангоми ҷудошавӣ ва издивоҷи дубора бо касони дигар сабаби ҷудошавиро шарҳ диҳанд

ва таъкид кунанд, ки он кор ба сабаби фарзандон нашудааст ва онҳо ҳамеша онҳоро дӯст хоҳанд дошт. Падар ё модар набояд бе шарҳи сабаб аз ҳаёти фарзандон канда шавад, зеро дур шудани ногаҳонии ӯ метавонад барояшон ғаму андӯҳи зиёдеро ба бор орад, баръакси эътиқоди баъзе падарону модарон, ки фикр мекунанд, ки ин кор аз дарду ғами лаҳзаи ҷудоӣ онҳоро наҷот медиҳад. Вале ин кор шояд сабаб шавад, ки фарзандон фикр кунанд, ки падар ё модарашон онҳоро ба қадри кофӣ дӯст намедорад. Ба ҳамин хотир бояд сабаби ҷудошавиро барояшон ба хубӣ шарҳ диҳад ва пеш аз рафтан аз хона бо онҳо видоъ намояд.

Вақте, ки падарандар ё модарандар ва ё умуман оилаи дигар пайдо мешавад, маҷбур кардани фарзандон ба қабули неки узви нави оила, ки узви аслии он нест, ва муомилаи хуб бо ӯ гӯё ӯ чунин аст, бефоида аст. Эҷоди чунин робитаҳо шояд ноороми, рашк ва бархӯрдҳои нохуберо ба вуҷуд орад. Хулоса, беҳтар аст фарзанд, падарандарро чун шавҳари нави модар ё модарандарро чун зани нави падар қабул кунад, на ин ки вонамуд кунад, ки падар ё модари нав мебошад.

Тарбия ва нигаҳдории фарзанд баъд аз издивоҷи модар ба модаркалон вогузор мешавад, агар ҳамсари нав мухолиф набошад, вале ин кор дар ҷомеаи имрӯзаи мо аслан номақбул аст. Шавҳари нав намехоҳад фарзандони шавҳари пешинаро тарбия кунад, бар хилофи он чӣ дар замони саҳобагон буд. Онҳо талош мекарданд, ки занҳои талоқшуда ва беваҳоро дар никоҳи худ доранд ва фарзандонашонро тарбия кунанд (зеро талоқ ятим шудани маънавӣ ва вафоти падар ятим шудани ҳақиқӣ мебошад) ва ҳадиси Расулуллоҳ (с) бар он онҳо мутобиқат менамояд, ки фармуд:

> *«Ман ва парастори ятим дар биҳишт ин гуна ҳастем» — ва фосилаи андакеро бо ангуштони ишора ва миёна нишон дод.*
>
> *(Бухорӣ).*

## ТАЪСИРИ ТАЛОҚ БАР ФАРЗАНДОН

Талоқ бисёри вақт бар ҷанбаҳои зиёди зиндагӣ, аз ҷумла бар муносибатҳои оилавӣ, вазъи молӣ, саломатии равонӣ, устувории равонӣ, таълиму тарбия ва сохтани оянда таъсири манфӣ мерасонад. Афзоиши теъдоди талоқҳо ва коҳиши омори издивоҷ сабаби афзоиши теъдоди кӯдаконе мешавад, ки бо яке аз волидайн ё дар оилаи дигар зиндагӣ мекунанд. Ва дараҷаи фақр дар оилаҳое, ки дар он марду зан бе никоҳ зиндагӣ мекунанд, назар ба оилаҳое, ки дар он ҳамсарон дар асоси издивоҷ зиндагӣ мекунанд, хеле бештар аст.

Дар муқоиса бо дигар кишварҳои демократии сарватманд, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз баландтарин сатҳи камбизоатӣ дар байни модарони танҳоро дорад (Demography, 2012).

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соли 2009, 75% фарзандони волидайни ҷудошуда бо модаронашон ва 25% онҳо бо падарашон мезистанд ва дар муқоиса бо кӯдакони дигар бештар зери хатти факр (28% нисбат ба 19%) ва дар хонаҳои иҷора (53% нисбат ба 36%) зиндагӣ мекарданд. Ва заноне, ки як сол пеш талоқ шуда буданд, нисбат ба онҳое, ки ба наздикӣ талоқ шуданд, ду баробар бештар (22% нисбат ба 11%) камбизоат буданд (Бюрои барӯйхатгирии аҳолии ИМА, 2011).

Бисёр муҳим аст, ки падарону модароне, ки аз ҳамдигар ҷудо мешаванд, бо наздикони тарафи муқобил муносибати хуб ва нарм намоянд ва ҳамдигарро эҳтиром кунанд. Қуръони карим дар ҷойҳои бисёре моро ташвиқ менамояд, ки чун талоқ воқеъ шуд, ба тарзи некӯ бархӯрд намоем. Масалан:

***“Ин талоқ ду бор аст ва аз он пас ё ба некӯ тарзе нигаҳ доштани ӯст ё ба некӯ тарзе раҳо сохтанаш. Ва ҳалол нест, ки аз он чӣ ба занон додаед, чизе бозситонед, магар он ки бидонанд, ки ҳудуди Худоро риоят намекунанд. Аммо ҳар гоҳ донистед, ки он ду ҳудуди Худоро риоят намекунанд, агар зан худро аз шӯй бозхарад, гуноҳе бар он ду нест. Инҳо ҳудуди Худо аст. Аз он таҷовуз макунед, ки ситамкорон аз ҳудуди Худо таҷовуз мекунанд”.***

***(Бақара, 229).***

Талоқ зарурати сахт ба сабр ва устуворӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дорад, зеро баъзе фарзандон шояд падарандар ё модарандарро ба хубӣ қабул накунанд. Пас дар чунин ҳолатҳо танҳо коре, ки карда мешавад ин аст, ки бо нармӣ ва рафтори хуб ва додани вақти кофӣ бо фарзандон бархӯрд намоем, зеро фарзандон рӯзе хонаро ба нияти сохтани ҳаёти хусусии худ тарк хоҳанд кард. Шояд дар баъзе ҳолатҳо талоқ барои фарзандон баъд аз таҳаммули душвориҳои ҷангу ҷанҷолҳои тулонии падару модар сабаби оромӣ ва роҳат бошад ва онҳо дар ин ҳолат дар як вазъи ногувор қарор мегиранд. Бо вуҷуди ин ки онҳо дар як вазъияти беҳтаре назар ба ҳолати якҷоя будани волидайнашон қарор доранд, боз ҳам наметавонанд таслими ин вазъият шаванд ва ҳанӯз ҳам падар ё модари рафтаашонро дӯст медоранд ва мехоҳанд, ки ӯ ҳамроҳи онҳо бошад. Вале фарзандон ба ин хулоса меоянд, ки ин ҷудоӣ барои ҳама афроди хонавода беҳтар аст ва имкон дорад шавҳари модар ва ё ҳамсари падар робитаҳои қавитареро дар фазои муҳаббату дӯстӣ барқарор намояд, ки то охири ҳаёт бо фарзандон идома дошта бошад.

Падар ё модари ҷудошуда бо фарзанди ноболиғаш ба мушкилоти гуногуне мувоҷеҳ мешавад ва дар ин марҳала набояд талош намояд, ки фарзандаш аз ҳад зиёд ба ӯ эътимод ва такя кунад ва ё ӯро дар ҷои шарики ғоибаш бигузорад, то нақши ӯро бибозад, зеро писари ноболиғ барои модар шавҳар нест ва духтари ноболиғ дар ҷои зан қарор надорад ва шояд ҳам фарзандон баъд аз ҷудо шудани падару модарашон дар маърази хатари бузург, яъне таҷовузи ҷинсӣ, ҷасадӣ ва муомалаи бади рӯҳӣ қарор гиранд. Дар чунин ҳолатҳо фарзандони ноболиғ ба мушкилоту сахтиҳои зиёде рӯ ба рӯ мешаванд, дар ҳоле, ки онҳо бояд ба вазифаҳои мактабиашон расидагӣ намоянд. Падару модари аз ҳам ҷудогашта бояд омодагии инро дошта бошанд, ки барои фарзандонашон фурсат диҳанд, то ба корҳои дӯстдошта ва саргармиҳои худашон мустақилона машғул шаванд, махсусан саргармиҳое, ки берун аз хона анҷом мепазиранд, ва дар ин корҳо пешрафт намоянд. Падар ё модари ҷудошуда набояд худписанд бошад ва ба сабаби эҳсоси танҳоияш фарзандонашро ба корҳое маҷбур намояд, ки дар он шавқ надошта бошанд, ҳарчанд танҳоияш барояш душвор бошад.

Фарзандоне, ки берун аз идивоҷи расмӣ ба дунё омадаанд, аз фарзандони модарони бева ё талоқшуда фарқ мекунанд, зеро гурӯҳи дуюм эҳсос мекунанд, ки бо падарашон пайванд доранд ва падари рафтаашон ба онҳо ҳисси оромӣ мебахшад ва ҳатто баъд аз маргаш онҳо худро ба ӯ вобаста медонанд. Ин масъалаест, ки шояд ба модарашон кумак намояд, ки эҳсоси муҳаббату оромиро ба онҳо интиқол диҳад. Ӯ бо ин роҳ метавонад онҳоро роҳнамоӣ кунад, фазои пур аз меҳру муҳаббатро барояшон фароҳам намояд ва имконашон диҳад, ки бар ҳамсолонашон бартарӣ пайдо кунанд, агарчи онҳо бо падару модар дар шароити беҳтаре зиндагӣ кунанд.

Илова ба дастгирӣ ва кумак ба фарзандон модари бева ё талоқшуда метавонад бо фароҳам кардани фурсатҳо ва имконот ба хотири рушди шахсияташон

ва устувор намудани худбоварияшон, онҳоро чунон тарбия намояд, ки ба дастовардаҳои бузурге ноил гарданд. Ва барои ин талоши бузург ва сабре, ки бевазан ё модари талоқшуда дар тарбияи фарзандон ба харҷ медиҳад башоратҳои илоҳии бузурге вуҷуд дорад. Чуноне, ки Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***“Касе, ки дар кумаки бевазан ва мискин аст монанди муҷоҳиди дар роҳи Худо ва ё шабзиндадори рӯзадор мебошад”***

***(Бухорӣ).***

## АНДОЗАИ НИЁЗ БА НИЗОМИ ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМИ СОЛИМ

Агар мо ислоҳи таълиму тарбияи фарзандонамонро хоҳем, пас ниёзи шадид ба назари амиқе ба низоми таълиму тарбия дар ҷаҳони Ислом дорем. Ин рӯзҳо аз баъзе мактабҳои мусулмонон интиқодоти сахте ба сабаби надоштани дарки ҳақиқӣ аз табиати кӯдакон мешавад. Ба таври мисол, дар равиши андешаи онҳо ҳангоми омода кардани бозиҳо барои мактаббачаҳо беаҳамиятӣ, азҳадгузаронӣ ва хатоҳое вуҷуд дорад ва барномаҳои дарсӣ бар риояи марҳалаҳои гуногуни нашъу намои онҳо такя намекунанд, зеро бештар ба маҷбур кардан рӯ меоранд ва хушку қолабӣ ҳастанд. Ин барномаҳо майли шогирдонро дар интихоби навъи бозӣ ва варзиш дар назар намегиранд ва бештар ба таълим аз рӯи ҳифз ва талқин рӯ меоранд. Умуман дар низоми таълимии мактабҳои исломӣ дар гузашта мо ду шакли асосиро мулоҳиза менамоем:

Равиши якум равиши омӯзиши хос ва муназзам буд. Ин навъи таълим махсуси фарзандони гурӯҳи хоссе аз ҳокимон ва сарватмандон буд ва онҳоро муаллимони ботаҷрибаи бисёр олӣ, ки онҳоро «муаддиб», яъне мураббӣ меномиданд, таълим медоданд. Ин омӯзиш дар қасрҳои намояндагони ҳамин гурӯҳи хос ба иҷро мерасид ва вазифаи муаллимон ин буд, ки ба ин кӯдакон тарбияи хоссе диҳанд, то дар оянда роҳбарони болаёқате бошанд. Ҳокимоне монанди Муовия ибни Абу Суфён, Абдулмалик ибни Марвон, Ҳаҷҷоҷи Сақафӣ, Ҳоруни Рашид ва дигарон мураббиҳои бисёр бо илму таҷриба доштанд. Тамоми шароити лозим барои таълими улуми дин, адабиёт ва малакаҳои гуногун дар ихтиёри ин мурработиҳо гузошта мешуд, вале дар низоми таълими онҳо камбудиҳое буд ва он ҳам маҳрум будани талабаҳо аз омӯзиш дар доираи ҳамсолонашон.

Ин хусусият дар равиши дуюм, яъне дар мактабҳои умумӣ вуҷуд дошт, ки дар он талабаҳо танҳо баъзе пораҳои Қуръони карим ва асосҳои ҳисобро меомӯхтанд. Дар ин мактабҳо теъдоди муаллимон кам буд, шароити хуб набуд, муаллимон барои тарбияи талабаҳо аз муҷозоти баданӣ истифода менамуданд, шогирдон дар ин мадрасаҳо аз бозӣ манъ буданд ва аз ёд кардан асоси ин навъи таълим ба шумор мерафт.

Қобили зикр аст, ки ин ду низоми таълим то ҳанӯз дар баъзе давлатҳои исломӣ арзи ҳастӣ менамояд. Сарватмандон кӯдакони худро ба мактабҳои хусусии маҳаллӣ ё хориҷӣ равон мекунанд ва камбағалҳо ба мактабҳои умумие медиҳанд, ки имконоташон камтар аст. Дар мактабҳои хусусӣ имконоти молие вуҷуд дорад, ки ба воситаи он муаллимони ботаҷриба ва барномаҳои хориҷӣ ва баъзе барномаҳои хосро ба кор мегиранд. Илова бар ин баъзе шароит ва осониҳое монанди лабараторияҳо, воситаҳои тасвирӣ, китобхонаҳо, майдонҳои бозӣ ва ғайра низ доранд, ки дар бисёре аз мактабҳои умумӣ нест.

Афсӯс, ин мактабҳои хусусии қимат одатан дар давлатҳои исломӣ шогирдонеро тарбия менамоянд, ки дидгоҳи манфӣ нисбати дин, фарҳанг ва мероси аслии худашон доранд. Фарзандони мусулмонон қурбонии ин низоми таълимӣ мешаванд ва замоне, ки шароити бофарҳанг намудан ва таълим додани аксари уммати исломӣ фароҳам мешавад, дигар тағйири онҳо баъд аз он ки ақлҳо дар чунин низомҳо тарбия мешаванд, душвор мегардад.

Хулоса агар хоҳем уммати исломиро зинда созем, бояд равиши тарбияи фарзандон ва низоми таълим дар мактабҳоро тағйир диҳем ва аз ҳама муҳимтар бар марҳалаҳои аввали кӯдакӣ тамаркуз намоем. Ва ба хотири комёбӣ дар ин росто, бисёр хуб мешавад, ки пеш аз ҳама аввалин муаллимҳо, яъне падарону модаронро мавриди хитоб қарор диҳем, зеро онҳо арзишҳои аслиро ба кӯдакон ёд медиҳанд ва асоси шахсияти онҳоро поягузорӣ мекунанд.



Аз рӯи инсоф бояд бигӯем, ки имрӯз намунаи тарбияи падару модаронаи мутавозин ва хуб на дар ҷаҳони Ғарб ва на дар ҷаҳони Ислом амалӣ намешавад. Барои ҷомеаҳое, ки дар пайи тағйири иҷтимоӣ мебошанд, беҳтар аст дарк намоянд, ки тарбияи оилавӣ омили асосии наҳзати тамаддунии инсон ва ҷомеа дар ҳар ду самт мебошад, яъне дар самти моддӣ, ки обод сохтани замин аст, ва маънавӣ, ки расидан ба саодати ахлоқӣ ва рӯҳӣ аст.

Асосгузории як тамаддун ба муассисаҳои бисёре ниёз дорад, ки танҳо замоне муваффақ мешаванд, ки онро одамони содиқ, эҷодкор, фаъол ва боваринок идора кунанд. Муассисаи хонавода, яъне падару модар, бузургтарин муассисае мебошад, ки вазифаи тарбияи афроде бо ақли қавӣ, рӯҳияи устувор ва ҷисму шахсияти тавоноро ба ухда дорад. Ин вазифа танҳо ба ухдаи мактабҳо, васоити ахбори ома ва ҳукуматҳо гузошта намешавад. Ин муассисаҳо асосан барои расидан ба ин ҳадаф ба сурати гуногун кумак менамоянд, вале ҳеҷ муассисае наметавонад монанди хонавода ба ҳоҷатҳои фарзандон расидагӣ намояд ва монанди онҳо барои ҳифзи фарзандон талош намояд. Зеро фидокорӣ ва меҳрубонӣ ду сифати доимии падару модар аст ва онҳо ду шахсияти асосие мебошанд, ки орзу доранд, ки фарзандонашон аз онҳо беҳтар бошанд.

Падару модар дар тарбия фарзаноднашон беҳтарин равишҳоро интихоб мекунанд. Ба таври мисол, агар касе бо падару модар дар мавзӯи манфиатҳои фарзандонашон суҳбат кунад, ҳатман бо шавқ ба ӯ гӯш медиҳанд ва дар тарбияи фазандонашон танҳо дар фаҳми роҳи муҳаққақ сохтани ин манфиатҳо ва чигунагии татбиқи онҳо мушкил доранд. Нуқтаи оғоз дар тарбияи фарзандон ин аст, ки падару модар эҳсос кунанд, ки онҳо дар баробари тарбияи фарзандонашон масъул ва ҷавобгар ҳастанд. Тарбияи фарзандон муҳим аст ва дар тамоми зиндагӣ бояд идома дошта бошад. Ин амале нест, ки танҳо дар марҳалаҳои тифлӣ сурат мегирад ва сипас қатъ мегардад, агарчи марҳалаҳои аввалӣ муҳимтарин марҳалаҳои тарбия мебошанд. Нақши падару модар дар ин марҳалаи оғози тарбияи фарзандон бисёр муҳим ва муассир аст, ва онҳо метавонанд пас аз он ҳам дар тарбияи шахсият ва равиши зиндагии фарзандон нақши фаъол дошта бошанд.

## ҲАРАКАТҲОИ ИСЛОҲОТӢ ВА ТАРБИЯВӢ

Теъдоди зиёди ҳаракатҳои ислоҳотии суннатӣ аҳамияти худро бештар ба барпо доштани шиорҳои динӣ ва ислоҳоти ҷанбаҳои қонунӣ ва сиёсӣ равона кардаанд, дар ҳоле, ки теъдоди зиёдии ҳаракатҳои ислоҳотии дунявӣ дар ҷаҳони Ислом дар ҷониби дигар ҳаракат намуда, дар фаолиятҳояшон аз истеъморгарони ғарбие, ки қаблан ба ватанҳояшон ҳуҷум оварда буданд, пайравӣ менамоянд ва аз ин ҳаракатҳо ба мардум ҷуз ваъдаҳо ва орзуҳое, ки ҳаргиз муҳаққақ намешаванд, чизи дигаре нарасидааст.

Теъдоди зиёде аз ислоҳгарон бо отифаву эҳсосоти зиёде ҳаракат мекарданд ва роҳҳои ҳалли ғайри амалиро бо тақлиду пайравии асрҳои тилоии Ислом пешниҳод мекарданд. Аммо дар ин равиш ба нақши зан (ҳамсар ва модар) ва масъулияти ӯ дар тарбияи фарзандон аҳамияти ҷиддӣ дода намешуд. Мо ба адабиёти шомиле, ки бо рушду нумӯи фарзандон ва таълиму тарбияи онҳо дар марҳалаҳои гуногуни ҳаёташон сару кор дорад, бисёр ниёз дорем. Мардум аз даъватҳои холисонаи ислоҳгарон истиқболи заиф карданд, нобаста аз он, ки ин даъватҳо суннатӣ, динӣ ё дунявӣ бо равиши нав буданд. Аксари мусулмонон танҳо бо нишон додани як аксуламал иктифо карданд ва ҳеҷ саъйу талоше аз худ нишон надоданд. Ва ҳеҷ нақшакашие барои истифодаи методологияҳое, ки аз таҳлил ва дарки амиқи ин масъала ба даст омада бошанд, анҷом нашуд.

Мусулмонон бояд аҳамияти тарбияи дурусти фарзандон ва таъсири онро бар онҳо дарк намоянд. Саҳобагонеро, ки Расулуллоҳ (с) мавриди хитоб қарор дод, одамони балиғ ва оқил буданд ва сифатҳои шахсияташон аз даврони кӯдакӣ алакай шакл гирифта буд. Онҳо дар доираи озодӣ ва мардонагӣ тарбия шуда буданд ва ҳеҷ гоҳ мавриди ситаму зулм аз ҷониби ситамгарон ва золимон қарор нагирифта буданд. Расулуллоҳ (с) ба аҳамияти шахсияти фарзандон ишора намуда, фармудаанд:

> *«Беҳтаринҳои шумо дар ҷоҳилият беҳтаринҳои шумо дар Ислом мебошанд, агар динро дуруст дарк намудаанд»*
>
> *(Муслим).*

Ташаккули сифатҳои шахсияти инсон аз замони кӯдакӣ оғоз мешавад. Фарзандон метавонанд дар марҳалаҳои баъдӣ таҷрибаҳо ва малакаҳои гуногунро касб намоянд, вале ташаккули ин сифатҳо аз замони ширхорагӣ ва марҳалаи томактабӣ оғоз меёбад.



Вақте, ки Расулуллоҳ (с) ҳамчун пайғамбар фиристода шуд, ӯ 40 сола, ҳазрати Абубакр (р) 37 сола, ҳазрати Усмон (р) 30 сола, ҳазрати Умар (р) 26 сола, ҳазрати Алӣ (р) 8 сола ва ҳазрати Хадиҷа (р), ҳамсари Расулуллоҳ (с), 55 сола буданд. Ва Қуръони карим ҳадафҳо ва арзишҳои ахлоқӣ ва асосҳои ақидавии покеро гузошт, ки бар шахсиятҳояшон дидгоҳи оламшумули солимро илова кард.

Падару модар бояд бо истифода аз васоили илмҳои равоншиносӣ, муошират ва таълиму тарбия дар солҳои аввали умри тифл ба тарбия ӯ бипардозанд. Ин амр бисёр муҳим аст, зеро, масалан, рейтинги кишварҳо дар зинаи пешрафт бештар аз рӯи тарбияи барвақти кӯдакон муайян карда мешавад, ва бепарвоӣ ба ин марҳала ва аҳамияти ҷиддӣ надодан дар тарбияи фарзандон аз тарафи падару модар барои онҳо бисёр гарон тамом мешавад ва ҳеҷ уммате наметавонад ин зарари бузургро таҳаммул кунад. Бинобар ин метавонем фоидаи бузургеро дар ин марҳала ба даст биёрем ва бо ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ дар тарбияи фарзандон барои падару модарон ва ё касоне, ки падару модар мешаванд, аз ин зарарҳои бузург дар амон монем. Дар ин ҷиҳат ташкили фаъолиятҳои иҷтимоӣ бо мақсади мусоидат ба огоҳӣ дар тарбияи кӯдакон низ муфид аст. Инчунин таъсиси вазорати махсус ва ё таъсиси муассисаҳои мустақили махсус барои огоҳ намудани волидайн аз таълими созандаи кӯдакон дар кишварҳои гуногунро метавон пешниҳод кард, то хизмате бузург ба инсоният шавад.



## ХОНАВОДА ДАР АМРИКО

Ҳомиладорӣ ва таваллуди духтарони наврас аз солҳои 90-ум ба таври назаррас коҳиш ёфта, ҳомиладории онҳо 51% ва таваллудашон 57% кам шудааст .

**(Конференсияи миллии қонунгузорони иёлот, 2015).**

Амрико дар байни давлатҳои саноатии ҷаҳон дар ин масъала ҷои авалро мегирад, зеро тақрибан аз ҳар чаҳор духтар якеаш пеш аз синни бистсолагӣ камаш як бор ҳомиладор мешавад.

Хонум Ҳилларӣ Клинтон, собиқ вазири умури хориҷии Амрико, дар китоби худ «Барои тарбияи як кӯдак як деҳа лозим аст» **(It Takes A Village to Raise A Child, 1996)** мегӯяд, ки теъдоди навзодоне, ки бе никоҳи қонунӣ таваллуд мешаванд, аз 5% дар соли 1960 то 25% дар соли 1969 афзоиш ёфтааст.

Ин шумора бештар гашта, соли 2014 мутобиқи омори Бюрои барӯйхатгирии аҳолии ИМА ба 40,6% расидааст ва ҳамин бюро омор додааст, ки 21% атфоли зери 18 сола дар фақру нодорӣ зиндагӣ мекунанд. Илова бар ин Амрико дар байни давлатҳои ғарбӣ баландтарин дараҷаи қатли атфолро дорад ва дар ҷаҳон дар ҷои ҳафтум дар куштани кӯдакони аз 0 то 19 сола қарор гирифтааст. Соли 2012 дар Иёлоти Муттаҳида беш аз 3000 қатли атфоли хурдсол сабт шудааст.

**(ЮНИСЕФ, 2014).**

Тибқи баёни муассисаи Марказҳои назорат ва пешгирии бемориҳои ИМА (CDC), дар соли 2013 худкушӣ сабаби дуюми вафоти атфоли 15-24 сола (4878 марг) ва сабаби сеюми вафоти атфоли 10-14 (386 марг) будааст.

Соли 2010 аз 1659 худкушии атфоли 15-19 сола 40% он ба воситаи силоҳҳои оташфишон сурат гирифтааст. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баландтарин сатҳи моликияти силоҳро дар ҷаҳон дорад, зеро тақрибан аз ҳар 100 нафар 88 нафар силоҳ доранд.

**(The Guardian, 2012).**

Соли 2011, 5% талабаҳои синфҳои болоӣ дар дохили мактаб бо худ силоҳ доштанд.

**(The Washington Post, 2012).**

## Сабабҳои худкушиҳо

Оморе, ки дар бораи худкушиҳо содир мешавад, тасвири комилро нишон намедиҳад, зеро теъдоди ҷавононе, ки талош ба худкушӣ мекунанд, бештар аз онҳое аст, ки воқеан ҳаёташонро ба сабаби худкушӣ аз даст медиҳанд.

Назарсанҷие, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар байни талабаҳои синфҳои миёна ва болоии мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ гузаронда шуд, ошкор кард, ки 17% онҳо ба таври ҷиддӣ дар бораи хоҳиши худкушӣ гуфтанд, 14% онҳо аз нақшаи худкушӣ хабар додад ва 8% дигар гуфтанд, ки як сол пеш аз ин назарсанҷӣ ҳаракат ба худкушӣ карда буданд (Марказҳои назорат ва пешгирии бемориҳои ИМА).

Илова бар он чи зикр шуд баъзе умури манфӣ нисбати атфол вуҷуд дорад (хоҳ бой, хоҳ камбағал). Онҳо мавриди таҷовуз, бепарвоӣ ва мушкилоти рӯҳии бисёре қарор мегиранд, ки метавон онро пешгирӣ кард. Ба таври мисол бемории фарбеҳии аз ҳад зиёд. Омори фарбеҳии кӯдакон афзоиш ёфта, назар ба фарбеҳии навҷавонон дар 30 соли охир 4 баробар бештар шудааст. Соли 2012 беш аз се яки кӯдакон ва навҷавонон аз вазни зиёд ва фарбеҳии аз ҳад зиёд ранҷ мебурданд (Марказҳои назорат ва пешгирии бемориҳои ИМА).

99% хонаҳои амрикоиҳо телевизор доранд ва аз ним зиёдашон дар утоқҳои хобашон низ телевизор гузоштаанд. Тамошои телевизор ва экранҳои ваосили электронӣ дарозтарин кори кӯдакони амрикоӣ баъди хоб аст. Онҳо ба ҳисоби миёна дар як рӯз чаҳор соат, яъне дар як ҳафта 28 соат, машғули тамошои телевизор мешаванд ва ин вақт бештар аз вақте аст, ки онҳо дар мактаб мегузаронад. Пас кӯдаки амрикоӣ пеш аз 18 сола шудан 200 000 ҳодисаҳои бераҳмӣ, ки бештар аз 16 000 ҳолати қатлро дарбар мегирад, тамошо мекунад. Дар барномаҳои телевизионӣ дар як соат беш аз 812 саҳнаи хушунат, бахусус дар барномаҳои кӯдакона нишон дода мешавад ва филмҳои тасвирӣ дар як соат ҳудуди 20 саҳнаи хушунатро намоиш медиҳанд (Академияи психиатрияи кӯдакон ва наврасон).

Филмҳо, клипҳои мусиқӣ, бозиҳои видеоӣ ва интернетӣ ҳамагӣ дар худ наворҳои хушунат ва зуроварӣ доранд, ки дараҷаи бераҳмӣ ва хушунатро дар вуҷуди ҷавонон боло мебаранд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки сабабҳои асосии хушунат дар васоити ахбори омма таҷовуз, нооромии эҳсосот ва тарс мебошад.

Таҳқиқоти зиёде нишон додааст, ки тамошои аз ҳад зиёди телевизор ба омӯзиши заиф, беаҳамиятӣ, бехабарӣ ва дигар аворизи шахсӣ монанди камҳаракатӣ ва бепарвоӣ, ки онро бемории норасоии аҳамият ва гиперактивӣ меноманд, бурда мерасонад.

Дар ҳамин мавзӯъ муассисаи Kaiser Family дар солҳои 2008-2009 таҳқиқот намуда ба ин хулоса расидааст, ки кӯдакони 8-18 сола дар як рӯз ба таври миёна 7 соату 38 дақиқаро дар истифодаи васоили гуногуни электронӣ мегузаронанд ва бештар ҳамзамон чанд василаро истифода менамоянд ва умуман дар як рӯз 10 соату 45 дақиқаи вақти худро назди васоити ахбори омма мегузаронанд.

Хулоса агар хоҳем уммати исломиро зинда созем, бояд равиши тарбияи фарзандон ва низоми таълим дар мактабҳоро тағйир диҳем ва аз ҳама муҳимтар бар марҳалаҳои аввали кӯдакӣ тамаркуз намоем. Ва ба хотири комёбӣ дар ин росто, бисёр хуб мешавад, ки пеш аз ҳама аввалин муаллимҳо, яъне падарону модаронро мавриди хитоб қарор диҳем, зеро онҳо арзишҳои аслиро ба кӯдакон ёд медиҳанд ва асоси шахсияти онҳоро поягузорӣ мекунанд.

Аз рӯи инсоф бояд бигӯем, ки имрӯз намунаи тарбияи падару модаронаи мутавозин ва хуб на дар ҷаҳони Ғарб ва на дар ҷаҳони Ислом амалӣ намешавад. Барои ҷомеаҳое, ки дар пайи тағйири ичтимоӣ мебошанд, беҳтар аст дарк намоянд, ки тарбияи оилавӣ омили асосии дастёбӣ ба саодати ахлоқӣ, рӯҳӣ ва моддӣ мебошад.



Вақте кӯдакон ҳар рӯз ҷурму ҷиноятро мебинанд эҳсосоти онҳо сусту заиф мегардад ва ин амр барояшон оддӣ мешавад. Бинобар ин падару модар бояд бохабар бошанд ва талош намоянд фарзандонашонро аз он чизе, ки ҳар рӯз ба он рӯ ба рӯ мешаванд, ҳимоя кунанд ё ҳадди ақал таъсири манфии онро дар ҳаёти фарзандонашон камтар намоянд.

Теъдоди бузурги китобҳое, ки дар мавзӯи тарбияи фарзандон навишта шудааст, ҳеҷ гуна таъсири худро расонда натавонистааст ва ба ҳамин хотир мо бояд сабабҳои ин амрро биомӯзем. Чунин ба назар мерасад, ки тарбияи падару модарӣ бо вуҷуди ҳама омӯзишҳо ва таҳқиқоте, ки солҳои тулонӣ дар ин мавзӯъ анҷом шудааст, рӯз ба рӯз заиф шуда истодааст.

Тамаркузи аслии филмҳои Ҳоливуд бар мазҳари хориҷӣ мебошад, на ба зебоии ахлоқ ва адаб. Дар баъзе шаҳрҳо ҳайкалҳои урёни марду занҳо дар маърази чашмони мардум қарор доранд ва инчунин мусобиқаҳои зебоии зиёде интишор ёфтааст, ки танҳо ба зебоии ҷисми занҳо аҳамият медиҳанд, на ба ахлоку арзишҳои равонии онҳо. Ин мусобиқаҳо он қадар зиёд шудаанд, ки ҳатто шомили сагҳо ва гурбаҳо низ гаштаанд. Аммо ақидаи исломӣ иқрор дорад, ки Худованд зебост ва зебоиро дар тамоми умур дӯст медорад, вале бояд аҳамияти асосӣ ба зебоии шахсият, арзишҳо ва ахлоқ дода шавад. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*«Худованд ба суратҳо ва молҳоятон назар намекунад, балки ба қалбҳо ва амалҳои шумо назар мекунад»*

*(Муслим).*

Вақте, ки мо мушкилоти оиларо, мисли мушкилоти маводи мухаддир ва масоили ҷинсӣ, баррасӣ мекунем, роҳи матраҳи ин мушкилот роҳ табиати ҳалли онро барои мо пешниҳод менамояд. Масалан, агар мо мушкилотро мушкилоти иқтисодӣ донем, роҳи ҳалли он низ иқтисодӣ мешавад. Агар онро мушкилоти ичтимоӣ донем, роҳи ҳалли он ичтимоӣ мешавад ва агар онро мушкило-

ти моддӣ донем, ҳалли он низ моддӣ мешавад. Ба таври мисол, бисёри вақт гуфта мешавад, ки ҳалли мушкили маводи мухаддир ғалаба бар сарчашмаҳои тавлиди он аст, на бар талабот. Ба ҳамин хотир барои ҳалли ин мушкил аҳамият бештар ба хориҷ дода шудааст ва ин амр сабаб шудааст, ки ҳукуматҳо васоили зиёдеро монанди киштиҳо, таёраҳо ва ғайра ба хотири хушк сохтани сарчашмаҳои тавлид, маконҳои тавзеъ ва ашхоси машғули ба ин амал сафарбар намудаанд. Вале дар асл ин кор ҳеҷ мушкилеро ҳал накардаст ва тоҷирони маводи мухаддир аз ин тиҷорати бадашон фоидаҳои бузургеро ба даст овларданд. Акнун вақт расидааст, ки ҷомеаҳо ба ин мушкилот аз дидгоҳи маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ назар кунанд ва дар ҳамин асос бо ин мушкил бархӯрд намоянд.

Аз муборизаҳо байни ҳадафҳо ва василаҳо дар ҷомеаи амрикоӣ нофаҳмоии бузурге дар ақл ва андешаҳои фарзандон ба вуҷуд меояд. Вилям Килпатрик *(William Kilpatrick)* дар китобаш «Чаро Ҷонӣ наметавонад хаторо аз дуруст фарқ кунад?» *(Why Johnny Can't Tell Right from Wrong, 1993)* баён медорад, ки падару модар аз фарзандонашон мехоҳанд, ки ростгӯ ва сазовори боварӣ бошанд, одил бошанд ва рафторашон дар дараҷаи олии адабу эҳтиром қарор дошта бошад. Пас чӣ чизе падару модарро манъ мекунад, ки ин хислатҳо ва рафторро дар вуҷуди фарзандонашон ҷой диҳанд?

## Хурофоти ривоҷдошта дар бораи тарбияи фарзандон дар Амрико

Бахше аз ҷавоб дар таъсири қавӣ доштани хурофот дар бораи тарбияи фарзанд нуҳуфта аст ва ин ҷо баъзе хурофотро, ки ба пояҳои хонавода дар Амрико дахл доранд, зикр мекунем.

Вилям Килпатрик хурофоти зеринро интиқод мегирад:

### *а) Тарбия намудани фарзанд ба шакле, ки ҳеҷ ҳокимиятеро эҳтиром нагузоранд*

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар асоси истиқлолияти фарди қавӣ ва устувор бунёд шудааст. Инсон ба ҷангалҳо рафта, хонаашро дар онҷо месозад, таомашро худаш мекорад, кори хусусии худашро ба вуҷуд меорад ва дар айни ҳол худ ва хонаводаашро аз ҳайвонот, дуздҳо ва ҳукуматҳои бегона ҳимоя менамояд, яъне бо тамоми ҳастияш кӯшиш менамояд, ки озод бошад ва аз ҳар ҳокимияте берун равад.

Аввалин гуруҳҳои насронӣ ва мормонҳо ба ҷое, ки онро Мустамликаҳои сездаҳгонаи Амрико меномиданд, омаданд. Ин минтақаҳои бисёр васеъ буданд, ки дар он ҷо ҳукуматҳои бисёр хурде вуҷуд доштанд ва метавон гуфт, ки он ҷо тақрибан ба шакли ҳукумат зиндагӣ намекарданд. Ин мардум аз дасти зулму ҳокимиятҳои диктотурии Британияи Кабир, Фаронса

и Олмон, ки онҳоро аз озодиҳо ва ҳуқуқи инсониашон маҳрум намуда буданд, ба танг омада, ба ин минтақаҳо кӯчида буданд.

Бисёре аз амрикоиҳо аз назарияи зиндагӣ дар зери ҳокимияти бисёр маҳдуд ба ин хулоса омаданд, ки фарзандро беҳтар аст дар зери сояи ҳукумати бисёр маҳдуд ва ҳатто берун аз доираи ҳар ҳукумату роҳбарие тарбия намоянд. Ҳақиқат ин аст, ки фарзандон баракси калонсолон зарурат ба нигоҳубини падарону модарашон доранд, то инсонҳои муътадил ва қавӣ тарбия шаванд ва мақбули ҷомеа бошанд.



### *б) «Тифли бад беҳтар аст»*

Дар китобҳои қиссаҳои амрикоӣ атфоли бадро чунин тасвир намудаанд, ки гӯё онҳо инсонҳои маҳбуб ва хушбахт мебошанд. Мисоли ин дар гузашта ду шахсияти мардумӣ Том Сойер ва Мистер Браун мебошанд. Дар ин рӯзҳо бошад филми *Dennis the Menace (Дениси бадбахт)*, сериалҳои *Bart Simpson (Барт Симпсон), The Litle Rascals (Аблаҳи хурд)* ва дигар шахсиятҳои “маҳбуб” дар филмҳо ва экрани телевезорҳо ба намоиш гузошта мешаванд. Чунин қиссаҳо зеҳни кӯдаконро ба саркашӣ ташвиқ мекунанд ва ба ҳамин хотир калимаи «итоъат» дар луғати онҳо калимаи маҳбуб нест.

### *в) Муҳаббат барои ҳифзи «хайри табиӣ» дар вуҷуди атфол кифоя аст*

Руссо ин назарияро дарк намудааст, ки агар атфол гузошта шаванд, то мувофиқи меъёрҳо ва эътиқодоташон бузург шаванд, хубӣ худашро ҳифз мекунад ва вазифаи падару модар танҳо ҳамин аст, ки фарзандонашонро дӯст доранд. Бинобар ин маънои муҳаббат назди Руссо дахолат накардан дар тарбияи фарзандон ва додани озодии комил барои онҳо мебошад.

### *г) Инсонҳои ботаҷриба ҳамеша дар масири дуруст мебошанд*

Падару модар аз ҳама масъулиятҳои худ дар тарбияи фарзандон канор рафта, онҳоро бо ихтиёри худ ба гуфтаҳои «донишмандон» вогу-

зор кардаанд. Аксари “донишмандон” эътиқод ба хурофоти “хайри табиӣ” доранд. Инчунин донишмандон ба ин амр тамаркуз доранд, ки ҳар як фард хусусияти нодир, табиати эҷодкор ва амалкарди худкор дорад. Баъзе донишмандон аз падару модар ба ҷои ин, ки талаб кунанд, ки фарзандонашонро таълим диҳанд, ки аз роҳнамоиҳо ва роҳбарии падару модар пайравӣ намоянд, аз онҳо талаб мекунанд, ки худро бо рафтори фарзандонашон мутобиқ намоянд.

### *г) Мушкилоти ахлоқӣ мушкилоти равонӣ аст*

Ба мушкилоти рафтори фарзандон аз ин дидгоҳ менигаранд, ки ин мушкилот аз кам будани эътимод ва боварӣ ба худ сарчашма мегиранд ё натиҷаи табииест, ки ба сабаби иҷобат накардан ба эҳтиёҷоти нафсиашон ҳосил мешаванд. Бисёре аз уламои илми тарбия ба ин назар нестанд, ки аксари мушкилоти рафторӣ аз ҳавову шаҳват ва рағбатҳои хосси фарзандон ва ормонҳои онҳо ба вуҷуд меоянд. Ба ҳамин хотир мебинем, ки бисёри китобҳо махсус дар бораи “эътимод ба нафс ва эҳтироми шахсият” навишта шудаанд, дар ҳоле, ки калимаи “шахсияти солим” ва табиати пок тақрибан дар ин китобҳо зикр намешавад. Шоёни зикр, ки чанд таҳқиқот, ки дар гузашта дар мавзӯи тарбияи фарзандон бар асоси мақолоти маҷаллаҳои тахассусӣ, монанди *The Ladies' Home Journal, Woman's Home Companion, and Good Housekeeping* (шумораҳои солҳои 1900, 1910 ва 1980) анҷом шуда буд, мегӯянд, ки тақрибан сеяки ин мақолаҳо дар мавзӯи рушди ахлоқи ҳамида ва шахсияти хуб навишта шудаанд.

**Ҳафт гуноҳи марговари масеҳият: пурхӯрӣ, тамаъ, танбалӣ, ҳасад, ғазаб, такаббур ва шаҳват.**

### *д) Падару модар ҳақ надоранд арзишҳо ва ахлоқи худро дар фарзандонашон ҷой диҳанд*

Баъзе аз уламои илми тарбия мегӯянд, ки фарзандон бояд худашон арзишҳои шахсии худро бисозанд. Дар воқеъ фарзандон дар ин мавзӯъ бисёр фурсати андаке доранд, зеро дигар мардумон дар ҷомеа мехоҳанд арзишҳои худро ба онҳо биқабулонанд. Оё маъқул аст, ки падару модар дар баробари дахолатҳои дигарон бепарво истода, тамошо кунанд, ки дигарон мисли ҳаҷвнигорон, таблиғгарони тиҷоратӣ ва омӯзгорони ҷинсӣ исрор мекунанд, ки фарзандони онҳоро мутақоид созанд, ки ахлоқ ва принсипҳои озодихоҳии онҳоро қабул кунанд? Хулосаи кори онҳо ташвиқ ба гуноҳ, бадӣ ва осон кардани роҳҳои ин гуноҳон аст.

### *е) Оилаи бо волидайн аз оилаи нопурра беҳ нест*

Сохтани як шахсияти дорои ахлоқи нек вазифаи бисёр сангин аст, ки ҳатто агар роҳҳои расидан

ба онро бидонем, талоқ расидан ба ин ҳадафро боз ҳам душвортар мекунад. Омори талоқ дар Амрико бисёр баланд аст ва ин амрест, ки таъсираш ба беш аз нисфи оилаҳо мерасад ва фарзандони оилаҳои нопурра беш аз ҳама дар хатари гиритор шудан ба маводи мухаддир, инҳироф, мушкилоти равонӣ ва ҳомиладории номатлуб мебошанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо инкор мекунем, ки ҳамаи фарзандони хонаводаҳо метавонанд дар роҳи дуруст ҳаракат намоянд.

Ибораи “модари хуб ба қадри кофӣ”, ки онро табиби равоншинос Доналд Вудс Винникотт ихтироъ намудааст, ба ин маъност, ки модар бояд ба қадри кофӣ хуб бошад, то барои фарзанд нигоҳубин ва аҳамияти кофиро фароҳам оварда тавонад, то ӯ бо шахсияти солим ба воя бирасад. Ва ин ибора барои тамоми падарону модарон мутобиқат менамояд. Бе шак падари дилсӯзе, ки ба оилааш аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва ба танҳоӣ фарзандонашро тарбия менамояд, метавонад фарзандонашро беҳтар аз оилаҳое тарбия намояд, ки дар он падару модари беаҳамият ва бемаърифат фарзандонашонро ба воя мерасонанд. Махсусан агар ин падари танҳо аъзои хонаводаи бузурге бошад, ки аъзои он дар тарбияи кӯдакон ба ӯ кумак мекунанд ва ӯ дар навбати худ барои фарзандон фазои пур аз меҳру муҳаббати оилавӣ фароҳам менамояд.



### *ё) Оилаи дунявӣ беҳтарин намуна барои ибрат аст*

Дар гузашта назарияи муқаддас будани оила дар фарҳангҳои гуногун андешаи мақбул буд ва ҳатто дар Амрико дар асрҳои ҳаждаҳ ва нуздаҳ ҳамин дидгоҳ вуҷуд дошт. Зеро бисёре аз ибодатҳо ва қироатҳои Инҷил дар хона баргузор мешуд ва ҳамин тавр ҳаёти оилавӣ ба доираи васеътар ва аҳдофу дидгоҳҳои бузургтаре иртибот пайдо мекард. Ва ин дидгоҳ шомили ин буд, ки хонавода ба зоти худ муқаддас аст ва як маҷмуае дар доираи муқаддас мебошад, ки ба падару модар ҳуқуқи бештар дода, барои робитаҳои хонавода робитаҳои қавитареро фароҳам менамояд.

Хонаводаҳое, ки аз меҳру муҳаббати фарзандон бархӯрдор мебошанд, метавонанд чунин рафторро нишон диҳанд, ки онҳо аҳамияти

асосиашонро ба амалҳои бузург ва муҳим мутамаркиз намудаанд, монанди эмон, меросҳои анъанавӣ, касб, фалсафа ё дидгоҳҳои бузурге нисбати тамоми умур. Вале мутаассифона бисёре аз хонаводаҳо ба чизҳои боарзиш ҳеҷ аҳамияте намедиҳанд. Дигар хонаводаҳо ҳамчун "масҷид ё калисои хурд" ва ё ҳатто "ҳукумати хурд" арзи ҳастӣ намекунанд, балки ҳамчун "меҳмонхона ва ошпазхонаи хурд" ва муваққатӣ ва бе раҳми мутақобил гаштаанд ва умури боарзиши ахлоқӣ назди онҳо беаҳамият ва ҳатто тақрибан аз байн рафтаанд. Кор ба ҷое расидааст, ки ҳама чиз дар хонавода озод аст ва барои ҳеҷ чизе арзишу эҳтиром нест.

Аз худ мепурсем, ки чӣ чиз хонаводаро дар Амрико тағйир дод ва пас аз он, ки хонаводаи ҷамъу комил ва дастгири ҳамдигар буд, онро ба маҷмуаи афроди тақрибан аз ҳам ҷудо ва мустақиле, ки ҳар кадомашон танҳо дар фикри иҷрои хостаҳои худашон ҳастанд, табдил дод? Шояд ҳам масъулияти ба ин ҳад расидани вазъият бар ухдаи равоншиносони амрикоӣ дар ин асри ҷадид бошад, зеро талоши асосии онҳо на бар хонавода ва издивоҷ, балки танҳо тамаркузашон бар фард ва истиқлолияти ӯ буд.

Ба таври мисол, Алфред Адлер, ки падари амрикоиҳое ба шумор меравад, ки назари хуб ба илми равоншиносӣ доранд, номи назарияи худро "Илми равоншиносии фардӣ" ниҳодааст (ин як таҳқиқот дар бораи ғаризаҳо, отифаҳо, эҳсосот ва хотираи инсон мебошад, ки ҳамчун нақшаи ҳамаҷониба барои ҳаёти як фард навишта шудааст). Мисоли дигар дар бораи тамаркуз намудан ба мавзӯи фардӣ ин аст, ки доктор Сардор Танвир (устоди илми тарбия дар Донишгоҳи Сенсенатии иёлати Оҳайо) таъкид мекунад, ки ду мафҳуми "ман" ва "худам" дар синфҳои мактабӣ тақвият мешаванд, зеро муаллимон ба талабаҳо мегӯянд: "Ту бояд худат интихоб намоӣ, на ин ки падару модарат барои ту муайян намоянд, ки ту чӣ кор бояд кунӣ". Ё ин ки ба онҳо гуфта мешавад: "Ҳар чӣ мехоҳӣ, анҷом деҳ". Мисоли сеюм дар ин мавзӯъ ин аст, ки духтари ҷавоне ба модаркалонаш гуфт: "Ба ман фармон надеҳ, ту модари ман нестӣ". Ва модаркалон дар ҷавоб гуфт: «Аммо ман модари модарат ҳастам» (Ҳамоише дар маркази Адамс, 1997). Чуноне дар зарбулмасал омадааст: "Ман, худам ва молам — се қотили бандагонанд".

Дар ҳақиқат, дар хонаводаҳо ва муҳити динӣ фарзандон амрҳоро аз падару модар намегиранд, балки ҳамаи аъзои оила амрҳояшонро аз Худованди мутаол мегиранд, чуноне онро аз китобҳои муқаддас хондаанд. Аҳкоми динии хубу возеҳ ҳақро аз ботил ҷудо мекунанд ва барои тарбияи падару модарии динӣ ҳокимияти болотаре назар ба тарбияи падару модарии бедин медиҳад.

Расму оини динӣ дар фарҳанги шарқиҳо ба таври умум бештар интишор ёфтааст ва ба ҳамин хо-

тир онҳо нисбати дин ва оилаву анъана бештар пойбанданд. Дар хонаводаҳои амрикоӣ расмҳои зиёди динӣ боқӣ намондааст ва одату расме, ки имрӯз дар хонаводаҳои амрикоиҳо боқӣ мондааст мушоҳидаи телевезор ва бозӣ бо телефонҳои дастӣ мебошад. Ин вазъиятро барномаи телевезионии амрикоии The Simpsons (Оилаи Симпсонҳо), ки худи он ҳам як барномаи телевезионӣ мебошад, баррасӣ намудааст.

Сабаби заиф гаштани робитаҳои хонаводагӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба вуҷуд омадани "паймони иҷтимоӣ" ҳамчун намунаи хонавода мебошад, зеро манфиатҳои шахсии ақлонӣ ҷои вазифаҳои ахлоқии оилавии умумиро гирифтааст. Аз дидгоҳи мо ин гуна оилаҳо, ки аъзои он гумон мекунанд, ки хонавода ширкати тиҷоратии саҳомиест, ки дар асоси манфиатҳои шахсӣ, на дар асоси муҳаббату меҳрубонӣ ва дастгирии ҳамдигар барпо шудааст, ҳаргиз комёб нахоҳанд шуд. Агар ба хонавода аз дидгоҳи фоидаву зарар назар карда шавад, дар он сурат тарбияи фарзандон ё талош барои ҳифзи заношӯӣ ва комёбии он дар тули зиндагӣ қурбониҳои шахсиеро талаб мекунад, ки дар баъзе ҳолатҳо аз дидгоҳи моддӣ ғайри ақлонӣ мебошанд.

Марде назди ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) омаду гуфт, ки мехоҳад занашро талоқ диҳад, зеро ӯро дӯст намедорад. Ҳазрати Умар (р) ба ӯ гуфт: «Вой бар ту, оё хонаводаҳо танҳо дар асоси муҳаббат барпо мешаванд? Пас ғамхориву масъулиятшиносӣ куҷо шудааст?» (Ҳошимӣ, 1999).

Хонаводаи амрикоии диндори насронӣ қабл аз хӯрдани хӯрок Худовандро шукргузорӣ мекунад, шабона пеш аз хоб дуо мехонад, мутобиқи таълимоти калисо ибодатҳо ва расму русумии оддии диниашро ба анҷом мерасонад ва ин амалкардҳо барои аъзои оила як навъ эҳсоси вуҷуди ҳадафи бузург ва муҳимеро медиҳад. Пас хонавода як маркази ҳаёти динӣ мебошад ва дар ҳамин асос макони муқаддас ба шумор меравад. Дар ин хонавода ҳадафи аслӣ тарбияи фарзандон дар асоси ахлоқ ва руҳоният мебошад ва тамаркузи аслӣ дар он ба эҳтироми падару модар ва бузургсолон гузошта мешавад, монанди падарбузургон, амакҳо, тағоҳо, аммаҳо ва холаҳо. Инчунин хонавода ҳамеша бо хешону наздикон дар робитаи доимӣ мебошад ва дар чунин хонаводаҳо идҳои динӣ муносибатҳои босаодате мегарданд, зеро дар он рӯзҳо аъзои хонаводаҳо гирди ҳам ҷамъ мешаванд. Бинобар ин мо набояд ҳайрон шавем, вақте мебинем, ки хонаводаҳои яҳудии диндор дар шаҳрҳои серодам зиндагӣ мекунанд, вале боз ҳам фарзандонашон гирифтори маводи мухаддир, хушунат, ҳамҷинсгароӣ ва дигар бадиҳое, ки одатан ба фарзандоне, ки дар шаҳрҳои калон зиндагӣ мекунанд сироят мекунанд, гирифтор намешаванд. Ҳамин ҳолат ба хонаводаҳои мусулмоне, ки дар Амрико зиндагӣ мекунанд, низ рост меояд.

## Ибратҳое аз Куштор дар Мактаби синфҳои болоии «Колумбайн» - и иёлати Колорадо

Кушторе, ки дар Мактаби синфҳои болоии «Колумбайн» дар санаи 20 апрели соли 1999 ба вуқӯъ пайваст, аз худ 15 кушта ва 26 захмӣ ба ҷой гузошт ва илова бар он садҳо нафар дар ҳолати ҳайратзадагӣ қарор гирифтанд. Баъд аз он ҳодисаҳои дигари хушунат низ дар дигар мактабҳо дар иёлати Ҷорҷиа, Кентукӣ, Арканзас, Вирҷиниа ва ғайра ба вуқӯъ пайвастанд. Устоди марҳум Дилнавоз Сиддиқӣ мегуфт, ки сабаби ин ҳодисаҳо мушкилоти шахсият ва ахлоқи бад аст, баъзе таҳлилгарон маломатро бар уҳдаи низоми парокандаи оилаҳо гузоштанд, баъзеи дигар ба хулоса омаданд, ки сабаб интишори тасвирҳои хушунатбор дар васоити ахбори омма мебошад ва дигарон гуфтанд, ки сабаби асосӣ ба осонӣ ба даст овардани туфангҳо ва силоҳҳои оташфишоне монанди бомбаҳои кассетӣ мебошад. Вале сабаби дигаре дар ин таҳлилҳо нодида гирифта шудааст ва он ҳам аз байн рафтани эҳсоси масъулияти шахсии инсон ва бар дӯш гирифтани ҳар як шахс натиҷаҳои кораш мебошад. Инчунин мо дарк намекунем, ки ҳар яке аз эътиқодот, тасаввурҳо, ниятҳо, бархӯрдҳо ва суханонамон оқибатҳои бад ва хуби худро дорад.




## Пешниҳодҳои доктор Сиддиқиро дар нуқтаҳои зерин хулоса мекунем (30 апрели соли 1999)

- Тақвияти робитаҳои инсонӣ ба хотири эҷоди хонаводаи устувор ва тамаркуз бар тарбия ва таълими арзишҳои ахлоқӣ монанди садоқат, адолат ва сулҳу субот.

- Таълими эътиқодоти асосӣ ва меъёру миқёсҳои дурусту хато ба фарзандон.

- Тафсироти нисбӣ боими бенизомӣ дар ҷомеа мешавад, зеро тарафдори андешаи нисбият иддиъо мекунад, ки шинохти дурусту нодуруст ҳамеша аз шароити тағйиёбандаи ҳамарӯза вобаста аст, на аз арзишҳои инсонии собит.

- Ба бадӣ набояд имкони баробар бо некӣ дода шавад, то дар ҳама ҷо нашъунамо ёбад. Мо бояд ба кӯдакон эътиқодҳои мусбату некро таълим диҳем ва ба онҳо дар аз байн бурдани ақидаҳои манфӣ то ҳадди имкон кумак намоем.

- Бояд масъулияти кори ҳар як фардро бар уҳдаи худаш гузошт. Набояд аз ҷинояткорон дифоъ кард, гӯё онҳо қурбониҳои ҷомеа мебошанд. Бояд амалҳоямонро бо арзишҳоямон мутобиқ намоем ва бояд ин фикрро рад намоем, ки ҳар касе дар ин ҳолат мебуд, чунин бархӯрд мекард ва ё бадтар аз онро анҷом медод, гӯё шароит ва муҳит ҷавобгари феъли инсон аст, на худи инсон.

Инчунин бояд дарк намоем, ки агар ба як хулосаи тарбияи оилавии солим дар тарбияи фарзандон нарасем, ҳатман дараҷаи ҷиноятҳо ва амалҳои хушунатбор зиёд хоҳад шуд.

## Муқоисаҳои умумӣ байни хонаводаҳо дар давлатҳои исломӣ, иёлоти муттаҳидаи амрико ва британияи кабир

Маърифати инсонӣ бисёр маҳдуд аст ва мутлақ нест. Хатарҳои зиёде хонаводаҳоро таҳдид мекунанд, новобаста аз ин ки дар куҷо зиндагӣ мекунанд, вале баъзе хонаводаҳо дар баробари мушкилоти хатарнкотаре қарор доранд. Пешрафти тамаддунҳо, саноат ва ҷаҳонишавӣ таъсири бузурге дар хонаводаҳое, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, доранд. Дар нуктаҳои зерин баъзе мушкилоти хонаводаҳоеро, ки дар шаҳрҳои бузурги Амрико ва Британия зиндагӣ мекунанд аз мушоҳидаҳои шахсиамон хулоса мекунем:

- Даъват ба алоқаҳои ҷинсии берун аз доираи хонавода. Барои чунин даъватҳо фурсатҳо фароҳам шудааст ва ин даъватҳо дар худ ҷозибияти хосе доранд, ки дар натиҷаи ин кор ба бенизомӣ ва бебандуборӣ дар алоқаҳои ҷинсӣ ва паст шудани ахлоқ бурда мерасонад.

- Рақсҳои муштарак, оббозиҳои якҷоя ва мусиқие, ки шаҳватро меангезанд.

- Робитаҳо ва вохӯриҳои ошиқона байни ду ҷинси мухолиф ва тамосҳои ҷисмӣ байни марду зан як амри оддӣ шудааст ва ба хотири алоқаҳои ҷинсӣ анҷом мешавад. Ва ин робитаҳоро падарону модарон барои фарзандон ҳамчун фарҳанг таълим медиҳанд.

- Ривоҷи урёнӣ дар утоқҳои ивазнамоии либосҳо ва ҳаммомҳои умумӣ. Ҳаммомҳои баъзе мактабҳо ҳатто дар надоранд ва дар байни онҳо ҳеҷ гуна ҳарими шахсӣ вуҷуд надорад.

- Барои манъи алоқаҳои ҷинсӣ пеш аз издивоҷ ба қадри кофӣ талош намешавад. Дар баъзе мактабҳо ва ҳатто калисоҳо ба навҷавонон бепул рифола медиҳанд.

- Баъзе муаллимон ба шогирдонашон мегуянд: “Ҳар коре мехоҳед, анҷом диҳед”. Барои онҳо ягон навъ қайдҳои ахлоқӣ вуҷуд надорад ва дар кушодани дарвозаҳои шаҳват ва ғаризаҳои шаҳвонӣ ҳеҷ гуна мушкилеро намебинанд. Бинобар ин фарзандон ба ин хулоса меоянд, ки инсон ҳокими мутлақ аст, на Худованди мутаол.

- Ривоҷи шаробхорӣ ва ташвиқ ба нушидани он.

- Ривоҷи маводи мухаддир, силоҳ ва зӯроварӣ дар мактабҳои миёна ва маконҳои умумӣ ва ривоҷи хушунат дар барномаҳои телевезионӣ.

- Ривоҷи исқоти ҳамл, кам шудани андозаи оила ва рӯ овардан ба хонаводаҳои хурд ба ҷои хонаводаҳои бузург.

- Пушидани либосҳои танг, рафтан ба кошонаҳои ҳусн ба хотири афзоиши ҷозибият, урён кардани аксари бадан барои ҷалби таваҷҷуҳи дигарон ва боз доштан аз издивоҷи барвақт.

- Афзоиши нисбати талоқ ва теъдоди оилаҳои нопурра.

- Таваллуди духтарҳои навҷавон ва афзоиши теъдоди модарҳои навҷавони бешавҳар назар ба гузашта. Устод Оласки мегӯяд: «85% модарони навҷавоне, ки таваллуд мекунанд, баъд аз таваллуди фарзанд издивоҷ менамоянд» (Olasky, 1994).

- Инҳирофи ҷинсӣ як амри оддӣ, табиӣ ва қонунӣ шудааст. Теъдоди иёлоте, ки издивоҷи ҳамҷинсҳоро иҷозат медиҳанд, зиёд шуда истодаанд ва маҳкамаи федералӣ қонунеро вазъ кардааст, ки дар тамоми Амрико никоҳи ҳамҷинсҳоро иҷозат медиҳад.

- Афзоиши теъдоди бузургсолоне, ки дар хонаҳои пиронсолон гузошта мешаванд, дар ҳоле, ки бояд онҳо дар хонаҳои худашон ҳамроҳи фарзандон ва наберагонашон бошанд.

- Ҳифзи бакорат амри нодир шудааст, зеро духтари бикри аз бист боло зани ғайриҷаззоб ба шумор меравад.

- Хонавода ба тадриҷ аз ҳам пошида истодааст ва робитаҳои хешу таборӣ ва силаи раҳм назар ба гузашта заифтар гаштааст.
- Қонеъ кардани шаҳват бо розигии ҳамдигар як амри шахсӣ ва мақбул гаштааст.
- Ривоҷи бемориҳои омезишӣ, бахусус Бемории норасоии масъунияти бадан (СПИД).
- Суръати тағйири ҷои кор ва иқомати хонаводаҳо назар ба гузашта бештар гаштааст.
- Марду зан назар ба гузашта бештар мустақил ва омодаи таҳаммули хатарҳо шудаанд ва хонаводаҳое, ки дар он зану шавҳар кору фаъолият мекунанд, бештар гаштааст.
- Фарқиятҳо байни вазифаҳои марду зан бисёр кам гаштааст. Аз ҷониби дигар, хусусиятҳои хуби зиёде низ дар хонаводаҳои амрикоиҳо ва британиҳо вуҷуд дорад, ки мувофиқи мушоҳидаҳои шахсии муаллифони китоб дар нуктаҳои зерин хулоса мешаванд:
- Иштироки бештари шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқҳои дигарон.
- Сатҳи баландтари зиндагӣ.
- Афзоиши нисбати босаводон.
- Ширкати фаъол дар корҳову фаъолиятҳои умумии иҷтимоӣ. Ба сабаби кам шудани робитаҳои хонаводагӣ фаъолиятҳои муассисаҳои иҷтимоӣ бештар гаштаанд.
- Афзоиши озодиҳо ва роҳҳои гуногун барои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ. Барои муқоиса муҳимтарин хусусиятҳоеро, ки дар хонаводаҳои ҷаҳони Ислом мебинем, дар нуктаҳои зерин хулоса менамоем:
- Бештар будани издивоҷ байни хешону наздикон.
- Бузурги хонавода ҳокимияти бештаре дорад ва оила бештар ба ҳимояи фарзандон тамоюл дорад. Фарзандон аз бархӯрд кардан бо калонҳо дар баробари масъулиятҳои худ метарсанд.
- Робитаҳои устувори оила охирин паноҳгоҳ ва ҷои амн барои аъзои он ба шумор меравад, зеро ҷомеаҳо дар фаъолиятҳои иҷтимоии ом ва рӯҳияи гуруҳӣ заиф мебошанд.

- Идораи хонавода дар дасти мард аст ва бо занҳо дар умури хонавода нисбатан бисёр кам аст ва баробарии одилона байни зану мард дар дохили як оила дар дараҷаи лозимӣ қарор надорад.
- Оиларо низоми авторитарии мардсолорӣ идора мекунад, машварату муколама дар дохили оила нисбатан кам аст ва баробарии одилонаи гендерӣ дар он дар сатҳи зарурӣ нест.
- Дарки душвориҳои сокинони шаҳр. Аз сабаби зиёд шудани шумораи оилаҳое, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, тарбияи падару модарӣ дар шаҳр нисбат ба дигар ҷойҳо хеле мушкилтар аст.

Ҳадаф аз зикри ин хусусиятҳои ду низоми оилавӣ ин нест, ки якеро бар дигаре афзал бидонем, балки ҳадафи мо танҳо суҳбат дар бораи масоиле мебошад, ки ба мавзӯи тарбияи падару модарӣ вобаста аст, то дар бораи он биандешем, онро биомӯзем ва хатогиҳои ҳар ду низоми оилавии зикршударо ислоҳ намоем. Дар ҳақиқат фарҳанги ғарбӣ таъсири зиёде бар оила ва тарбияи падару модарӣ дар ҷаҳони исломӣ дорад ва ин таъсир натиҷаҳои гуногуне дорад, ки баъзеи он мусбат ва баъзеи дигар манфӣ аст. Дар низоми таълимии бединӣ башар ҳамчун баландтарин мақоми ҳокимият мақоми Худовандро гирифтааст ва моддигароӣ идеологияи асосӣ барои онҳо гаштааст.

## Таъсири ғарбӣ бар тарбияи падару модарӣ дар ҷаҳони исломӣ

Фаҳми илмӣ дар бораи коинот танҳо дар асоси сабаб ва натиҷа устувор аст ва бо вуҷуди ин ки таваҷҷуҳи илмӣ барои мо тафсилоти аҷиберо дар бораи ҷанбаҳои гуногуни коинот кашф мекунад, наметавонад як дидгоҳи мутавозине байни он чӣ, ки дида мешавад, ва он чизҳое, ки дида намешаванд, яъне ғайбиёт, барқарор намояд.

Дидгоҳи куллии мусулмон ин аст, ки Худованд яктост (тавҳид), инсон масъулияти худро дорад (амонат), вазифаи инсон обод кардани замин (ободсозӣ ва ҷонишинӣ) аст ва имон ба муҷозот ва ҳисоб дар рӯзи қиёмат дорад.

Дар фаъолиятҳои хонаводаҳои мусулмон таъсири фарҳанги ғарбии бединӣ ба сабаби даст доштани васоили ахбори оммаи ғарбӣ ва низоми таълимии ғарбӣ, бузург аст. Абулҳасани Надавӣ дар китоби «Роҳҳои расидан ба тарбияи исломии озод дар ҳукуматҳо ва мамлакатҳои исломӣ» (1985) даъват ба ислоҳоти шомил дар низоми тарбия ва таълим менамояд ва таъсири манфии барномаҳои таълимии ғарбиеро зикр мекунад, ки тавозуни шахсияти мусулмон ва имонашро заиф намудаанд ва насле тарбия кардаанд, ки барои умматаш ҳеҷ манфиате надорад, зеро

аз хатмкунандагони мактабҳо ва донишгоҳҳо касоне ҳастанд, ки бо дин ба мубориза мехезанд, ба муъминон зулму ситам мекунанд, мамлакатҳои худро ба сӯи вайронии иқтисодӣ мебаранд. Инчунин ин низоми таълимии нав, ки дар ҷомеаҳои мусулмон ҳатмӣ гаштаанд, ҷавонони бешахсиятеро тарбия менамоянд, ки тавоноии дифоъ аз масоили ахлоқиро ва ё қудрати эҷоди дидгоҳи оламии мутавозинеро, ки шомили ҳама ҷонибҳои моддӣ ва рӯҳии инсонро дошта бошад, надоранд.

Чизе, ки дар дигар фарҳангҳо хуб ба шумор меравад, шояд барои фарзандони мусулмон ва фарҳанги онҳо муносиб набошад. Ба таври мисол, вақте уламо падидаи пешрафту комёбиҳои ҳайратангези мактабҳои япониҳоро таҳлил намуданд, ба ин хулоса омаданд, ки бештарин умуре, ки барои мардуми Япония беҳтар аст, барои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муносиб нест, зеро ин ду низом фарҳангҳои мухталиф доранд. Тақлиду пайравии кӯр-кӯрона аз фарҳангҳои дигарон мушкилоти зиёдеро ба бор меорад. Бинобар ин дар тарбияи падару модарӣ бояд маълумоту ҳикмату маърифати дур аз тақлидҳои кӯр-кӯрона дошт, ки ба ҳадафҳои тарбиявие бурда мерасонанд, ки оқибати хубе надоранд ва дар доми фарҳангӣ ва ғарбгароӣ меандозанд, ки дубора муборизаро металабанд.

Мубориза бо ғарбгароӣ ва навоварӣ аз як миллат то миллати дигар фарқ мекунад. Устод Алии Мазруъӣ (Донишгоҳи иёлати Ню-Йорк, 1996) мегӯяд: “Вақте, ки Ҷопон, Туркия ва Африқо машғули пешрафтҳои иқтисодӣ ва саноатӣ шуданд бе он ки рӯ ба фарҳанги ғарбӣ биёранд, он гоҳ се сенария ба вуҷуд омад: ҷопонӣ, туркӣ ва африқоӣ.

Сенарияи Япония чунин буд, ки онҳо ба ин хулоса омаданд, ки метавонанд технологияи ғарбӣ дошта бошанд ва аз саноати онҳо истифода намоянд, вале дар айни ҳол рӯҳияи япониашонро ҳифз кунанд. Мустафо Камол Ататурк дар Туркия равиши ғарбикунониро пеш гирифт ва онро ягона роҳи пешрафт ва саноат донист. Аз ин ҷо медонем, ки чигуна Туркияи Камоли Ататурк дар асри бист тамоми талошро намуд, то фарҳанги ғарбиҳоро бар мардумаш биқабулонад ва онро бо зӯр интишор диҳад, аз ҷумла алифбои арабиро бо алифбои лотинӣ иваз кард, мардҳоро аз дохтани тоқӣ манъ кард, занҳоро ба тарки ҳиҷоб ва пушидани либоси ғарбӣ маҷбур кард ва давлати бединии мутаъассиброро таъсис кард. Аммо дар Африқо дар замони истеъмор ва баъд аз он мебинем, ки фарҳанги ғарбӣ татбиқ шуд, вале ҳеҷ гуна навоварии саноатӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд наомад. Ва ин бадтарин чизе буд, ки рух дод» (Анҷумани ҷомеашиносони мусулмон, Бюллетени соли 2002).

**Ду қисса дар бораи ду мусулмоне, ки дар Британия зиндагӣ мекунанд**

**Қиссаи якум:** Бакрӣ аз Ироқ ба Академияи ҳарбии шоҳии Сандхёрст дар Британия дохил шуд. Рафиқони донишгоҳии ӯ дар ҳаммом урён мекарданд, вале ӯ либоси зерпушашро берун намекард. Масъули ҳаммом дар ин бора аз вай пурсид, ки чаро либоси зерпушатро берун намекунӣ, оё ту олати таносулӣ надорӣ? Ва Бакрӣ дар посух гуфт, ки мусулмонон авратҳояшонро урён намекунанд, зеро ин як масъалаи ахлоқӣ аст, ки бояд сатр шавад ва урён нашавад.

**Қиссаи дуюм:** Муҳаммад дар Донишгоҳи Берминҳеми Англия дарс мехонд. Боре соҳиби утоқе, ки ӯ дар он зиндагӣ мекардааст, аз вай пурсидааст, ки чаро ту дӯстдухтар надорӣ, оё ҳамҷинсгароӣ? Ва Муҳаммад дар ҷавоб гуфтааст, ки алоқаи ҷинсӣ дар Ислом танҳо байни зану шавҳар иҷозат аст.

## Тарбияи падару модарӣ дар британия ва иёлоти муттаҳидаи амрико

Дар назарсанҷии ЮНИСЕФ бисту як давлати сарватманд аз рӯи шаш меъёр табақабандӣ шуданд (имконоти моддӣ, саломатӣ, таҳсилот, муносибатҳои оилавӣ, рафтору хатарҳо ва ҳисси некӯаҳволии ҷавонон) ва Амрико ва Британия дар панҷтои он дар ду сеяки охир ҷойгир шуданд (Гузориши ЮНИСЕФ, 2007). Маълум мешавад, ки бо афзоиши даромади дохилии давлатҳо вазъияти фарзандон бадтар мешавад. Сабаби ин амр зиёд будани фарқиятҳо, набудани баробарии иқтисодӣ, кам будани дастгириҳои мардумӣ дар ин ду кишвар ва паст будани хидматҳое аст, ки давлат ба хонаводаҳои фарзанддор мекунад. Ин ҳама нишон медиҳад, ки Амрико ва Британия ба фоидаи кӯдакон чандон коре намекунанд, чуноне, ки дигар кишварҳои аврупоӣ анҷом медиҳанд.

Дар таҳқиқот меъёрҳои фаръии зерин дохил карда шудаанд: нисбати касоне, ки таоми асосии рӯзонаро ҳамроҳи хонаводаҳояшон чанд маротиба дар як ҳафта тановул мекунанд, риояи саломатӣ ва ҳимояи фарзандон, ҳолатҳои оилаҳои нопурра ва ноновари он, рафтори хатарноки фарзандон, шаробнӯшӣ, алоқаҳои ҷинсии хатарнок, нисбати кӯдаконе, ки дар оилаҳои нопурра ё бо падарандар ё модарандар зиндагӣ мекунанд, теъдоди фарзандоне, ки робитаҳои хуб ё муфид онҳоро бо дигар бачаҳо пайванд медиҳад, хизматҳои нигоҳубини рӯзона, сиҳативу саломатӣ, вафоти атфоли ширхор, тадовиҳо барои пешгирии бемориҳои атфол, вафот ба сабаби ҷароҳатҳо ва садамаҳо то синни 19-солагӣ, ҷанҷолҳо дар тӯли як соли гузашта, кӯдаконе, ки маврида тарсу ваҳшат дар ду моҳи охир қарор гирифтаанд.

## ЧӢ БЕҲТАР АСТ: ҲАҚ Ё ОЗОДӢ?

Озодии шахсӣ яке аз муҳимтарин мавзӯот дар тарбияи фарзандон мебошад ва озодӣ дар давлатҳои саноатӣ як ҳадафи аслӣ шудааст, зеро бисёре аз падару модарон ба фарзандон озодиҳоеро медиҳанд, ки тақрибан ҳудуд надоранд ва ин амрест, ки таъсири он дар охир бар зарари падару модар мегардад, зеро ин озодии беқайд ба рағбатҳои худхоҳонаи фарзандон аз ҳисоби эҳсоси гуруҳӣ ва арзишҳои ахлоқӣ ташвиқ менамояд. Мо хатарҳои ҳавасҳои идоранашавандаро инкор намекунем, зеро эҳтимол дорад, ки аз ҳадди таълимоти ахлоқии дилсӯзона бигузаранд. Чуноне, ки лаззатҳои ҳаёт мардумро бандаи худ мекунанд ва лаззат бурдан аз зиндагӣ одати онҳо мешавад, ин амр барои кӯдакон "маънои зиндагӣ" мегардад. Ба ҳамин хотир озодии беқайду шарт барои фарзандон дар кишварҳои саноатии пешрафта дар зоти худаш як ҳадафи аслӣ мебошад.

Аммо дар Ислом муносибатҳои оилавӣ дар асоси назарияи нақшҳо, вазифаҳо ва масъулиятҳо барпо мешаванд, на дар асоси назарияи ҳақ ба танҳоияш, чуноне, ки дар фарҳанги ғарбиҳо мебошад ва ин чизест, ки бисёре аз мутафаккирони машҳур ба он ишора намудаанд. Аз ҷумлаи ин донишмандон мутафаккири марҳум доктор Моҷид Арсони Кайлонӣ мебошад, ки бар ин назар буданд, ки назарияи масъулиятшиносӣ ягона зомини идомаи робитаҳои дӯстона дар хонавода мебошад, зеро ҳисси масъулият инсонро ба талош ва хизматҳои номаҳдуде водор менамояд, ки сазовори аҷру савоб ва озод шудан аз ҳисоб дар пешгоҳи Худованд аст. Ва ин амр шахсеро, ки ба ӯ кумак шудааст, ба ҳамкорӣ во медорад ва ҳамин тавр алоқаҳо устувор гашта, раҳмату меҳрубонӣ хонаводаро фаро мегирад. Аммо агар ҳақталабӣ танҳо аз роҳи заиф кардани тавоноиҳои дигарон ва дастгирӣ танҳо аз роҳи ситондан бошад, дар ин сурат бадбинӣ ва парокандагӣ натиҷаи ҳатмӣ мегардад. Бинобар ин дар дини мубораки Ислом тамаркузи асосӣ рӯи посухгӯӣ бар асоси амалкард ва масъулияти шахсӣ мебошад ва набояд ин масъулиятҳоро бо зарбулмасали "Ҳамин лаҳза зиндагӣ кун, ки фардо хоҳӣ мурд" ё "Фардо номаълуму имрӯз аз они ман аст" иваз кард.



Худованд ин падидаи инсониро чунин васф мекунад:

***“Оё он касро, ки ҳавасашро чун худои худ гирифт ва Худо аз рӯи илм гумроҳаш кард ва бар гӯшу дилаш муҳр ниҳод ва бар дидагонаш парда афканд, дидаӣ? Агар Худо ҳидоят накунад, чӣ касе ӯро ҳидоят хоҳад кард? Чаро панд намегиред? Ва гуфтанд: «Ҷуз зиндагии дунявии мо ҳеҷ нест. Мемирему зинда мешавем ва моро ғайри даҳр ҳалок накунад». Онҳо ба он донише нест ва фақат дар пиндоре ҳастанд”***

***(Ҷосия, 23-24).***

«Озодӣ аз ҳавову ҳавас ба оромии дохилӣ мерасонад»

*(Лао-Тзи, асосгузори даосизм).*

«Комёбии аввалин ва беҳтарин ғалаба бар нафс аст»

*(Афлотун, файласуфи юнонӣ).*

Кӯдакон ба роҳнамоӣ ниёз доранд, то одатҳои хубро инкишоф диҳанд, интихоби дуруст кунанд ва ҳақиқатро ҳамчун арзиши олӣ дар виҷдони худ нигоҳ доранд, то ки он барои онҳо аз озодӣ бартарӣ дошта бошад. Ҳар як низом дар ин коинот ҳадду андоза дорад ва озодии мақсуд озодиест, ки муназзам, муфид ва дорои қоидаҳои муносиб бо роҳнамоиҳои боарзиш ва ахлоқӣ аст ва сабаби бенизомӣ ва харобӣ намешавад. Падарону модарон дар баробари кумак ба фарзандонашон дар асосгузории дидгоҳҳо ва эътиқодоташон, ки ба низоми арзишӣ ва ахлоқие такя мекунанд, ки онро китобҳои аслии осмонӣ ва таълимоти пайғамбарони таъсис додаанд, масъулият доранд. Бинобар ин шинохтани табиати башарӣ ба мо кумак мекунад, ки озодиҳоямонро дар хидмати тоати Худованд ва ба даст овардани ризояш бигузорем. Аз худ кардани ҳар ду навъи маърифат моро аз ахлоқу рафтори кӯр-кӯрона, ки моро ба ҳалокат мерасонад ва ба худи мо озору азият расонда, ҷомеаи моро вайрон месозад, ҳифз мекунад. Офаридгори мо махлуқоташро беҳтар медонад, бинобар ин агар мо дар роҳи таҷриба ва ҷустуҷӯи илм ва маърифат ҳаракат намоем, ҳатман ба ҳидояти Худовандии саҳеҳ наздик хоҳем буд ва барои тамоми пурсишҳоямон дар вақти муносиб посух хоҳем ёфт.

Хонавода дар тамоми ҷомеаҳо пойдевори бисёр муҳим ба шумор меравад ва ҷомеа бидуни хонавода аз байн хоҳад рафт. Агар башарият аз оғози таърих аҳамияти хонаводаро намедонист, шояд имрӯз дар рӯи замин ҷомеаҳое, ки қодир ба пешбурди ҳаёт ва ободсозии замин мебошанд, вуҷуд намедоштанд. Арзишҳои ахлоқии асосии инсон монанди садоқат, боварӣ, эҳтироми ҳаёт ва моликиятҳо, интизоми ҷинсӣ, баробарӣ, озодӣ аз саркубӣ ва қавмгароӣ талаботи асосӣ барои

вуҷуди башарият ва бақои ӯ мебошанд. Имкон надорад, ки ҷомеа тараққӣ ва пешрафт намояд, магар дар асоси ҳамин арзишҳои ахлоқӣ ва хонавода беҳтарин маконест, ки дар он ин арзишҳо рушду нумӯ мекунанд. Мо набояд мунтазир шавем, то башарият ин арзишҳоро худаш кашф намояд, зеро ин ҳама дар конуни дохилии нафси башарӣ ва дар табиати фитрӣ ва ҳастии мо нуҳуфта мебошад. Ин арзишҳо аз оғози вуҷуди инсон арзи ҳастӣ намудаанд ва ҳаёти инсон ва ҷомеаҳои башарӣ бидуни он имкони пешрафтро надошт. Тасодуф набуд, ки ҳазрати Одам (а), пайғамбари Худо ва падари тамоми башарият дар рӯи замин, ва ҳамсараш Ҳавво (а), модари тамоми башарият, тамоми ин арзишҳои ахлоқии асосии абадиро таълим гирифта буданд, то онро барои фарзандонашон ва тамоми башарият дар оянда биомӯзанд.

Таълимоти раббонӣ барои мо муқаддас ва боарзиш будани ҳаётро дар қиссаи Қобил, ки бародараш Ҳобилро кушт, баён медоранд. Агар ҳазрати Одам (а), ҳамсараш Ҳавво (а) ва фарзандони онҳо, ки бе шак инсонҳои пок буданд, шаробхор, нашъаманд ё бепарво ба ин арзишҳои ахлоқӣ мебуданд, чӣ ҳодисаҳое рух медод? Ваҳйи илоҳӣ ягона роҳнамои бомаърифатест, ки моро дар ин саҳрои паҳновари дунё роҳнамоӣ менамояд ва башарият бидуни ваҳйи илоҳӣ ҳатман роҳро гум карда, ҳалок хоҳад шуд. Барои таъкид кардани аҳамияти ваҳйи илоҳӣ, ки барномаи осмониро дар худ ҳамл мекунад, сураи "Раҳмон" онро пеш аз офариниши инсон зикр мекунад, дар ҳоле, ки офариниши инсон пеш аз нузули ваҳй буд, вале ин сура баён медорад, ки барномаи Худовандӣ аз рӯи аҳамият дар ҷои аввал қарор мегирад. Худовани мутаол мефармояд:

***"Худои раҳмон Қуръонро таълим дод, инсонро биёфарид, ба ӯ гуфтан омӯхт"***

***(Раҳмон, 1-4).***

Озодие, ки дар масири дуруст аст, фарзандони мутамаддинеро тарбия мекунад ва дар ҳамин асос ҷомеаҳои маданӣ метавонанд ҳаётро ба хубӣ идома диҳанд, зеро афроди ин ҷомеаҳо инсонҳои дорои низом, арзишҳои ахлоқӣ ва рафтори солим мебошанд. Ҳар як аз бахшҳои коинот низоми устуворе дорад ва ҳамаи онҳо бо шаклу андозаҳои гуногуни худ аз зарраҳои хурд то сайёраҳои осмонӣ як низоми дақиқро ташкил медиҳанд ва дар доираи қоидаҳои муайяншуда ҳаракат менамоянд ва риоя накардани ин қоидаҳо сабаби пароканда гаштани низомҳое мегардад, ки дар баландтарин сатҳи тавозун, такомул ва таносуб қарор доранд. Ин низому қонунҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ низ мутобиқат менамоянд, зеро дар низоми иҷтимоӣ низ қонунҳое вуҷуд доранд, ки монанди коинот онро ба танзим медарорад.

Худованди мутаол мефармояд:

***“Офтобу моҳ ба ҳисобе муқаррар дар ҳаракатанд. Ва гиёҳу дарахт саҷдааш мекунанд. Осмонро барафрохт ва тарозуро барниҳод, то дар тарозу таҷовуз накунед. Вазн карданро ба адолат риоят кунед ва камфурӯшӣ макунед!”***

***(Раҳмон, 5-9).***

Ин амр лозим медорад, ки арзишҳои ахлоқии асосиро ба ҳар қимате бошад бояд ҳифз кунем. Ҳаром аст, ки инсон бо ҳаёти худаш бозӣ кунад ва онро бо худкушӣ аз байн бубарад ва даъво кунад, ки ҳаёташ дар ихтиёри ӯст ва агар ба сахтиҳо дучор шавад, метавонад худашро аз байн бубарад. Инсон агар ҳам хоҳиш дошта бошад, иҷозати зино карданро надорад. Инчунин бо даъвои озод будан наметавонад шаробнуширо одат карда, худро ба ҳалокат бирасонад ва хонаводаву ҷомеаашро озор диҳад.

Дар як ҳамоише дар Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ доктор Ҷеролд Диркс (соли 2004), нависанда ва кашиши собиқ дар Калисои ислоҳотталаби англисӣ (методист), ки соли 1993 дини Исломро қабул карда буд, пурсида шуд, ки муҳимтарин ислоҳоте, ки мехоҳад дар барномаҳои динии калисо дохил кунад, кадомҳоянд? Ӯ дар посух гуфт: “Дармон ёфтан аз бемории нисбӣ будани арзишҳо ва ахлоқ, зеро онҳо ҳамеша ва ба шакли хатарнок ва беандоза тағйир меёбанд”. Насли ҷавон бояд назди арзишҳои ахлоқии устуворе қарор бигирад, ки ҳаргиз тағйир накунанд, зеро тамоми башарият дар эҳтиёҷоти асосиашон бо ҳам шарик мебошанд ва дар ин ҳолат мо метавонем низоми хонаводаро ҳимоя намоем ва онро аз парокандашавие, ки дар мамлакатҳои саноатии имрӯза идома дорад, ҳифз намоем.

Ҳангоми берун кардани дин аз синфҳои дарсӣ ба эҳсосот дода шуда, арзишҳои ахлоқиро аз тиреза партофтанд.



## Қиссаи Роналд Келлер

Мо ба низоми хубе ниёз дорем, ки аз нигоҳи рӯҳӣ мувофиқи меъёрҳои мушаххаси собите устувор бошад, ки дар сояи он зиндагии пур аз хушбахтӣ ва ором дошта бошем.

“Ман соли 1954 дар шимоли ғарбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба дунё омадам ва дар хонаводаи католики диндор ба воя расидам. Дар кӯдакӣ калисо бароям дунёи рӯҳиро фароҳам намуда буд ва бе шак ин ҳаёти рӯҳӣ бароям назар ба ҳама дунёи моддии атрофам воқеитар буд. Вале чун синну солам ба ҷое расид, бахусус баъд аз он, ки дар донишгоҳи католикӣ дохил шуда, бештар мутолиа намудам, муносибати ман бо дин рӯз то рӯз тағйир кард ва аз яқин ба пурсишҳо ва шак дар эътиқодот ва фаъолиятҳои диниам тағйир намуд.

Яке аз сабабҳои ин тағйирот дигаргуниҳои зуд-зуд дар расму оинҳои католикие буд, ки баъд аз баргузории Маҷлиси дуюми Ватикан дар соли 1963 ба вуҷуд омада буданд. Ин амр сабаб шуда буд, ки мардуми оддӣ ба ин хулоса биёяд, ки Ватикан як таълимот ва меъёри хосси устувори диниро риоя намекунад. Мардони калисо барои мардум дар бораи инъитоф ва тағйирпазирии расму оинҳои динӣ мутобиқи тағйироти замон суҳбат мекарданд, вале онҳо дар назари католикҳои авом чуноне менамуданд, ки гӯи роҳашонро ба сӯи ин расму оинҳои динӣ дар торикиҳо ҷустуҷӯ мекунанд. Бо вуҷуди ин, ки Худованд тағйир намекунад, эҳтиёҷоти асосии инсон низ собит ҳастанд ва ваҳйи дигаре низ нозил намешавад, ман тағйироти гуногунеро медидам ва ин тағйиротро як ҳафта ё як сол баъд аз дур назорат мекардам ва медидам. Мо Китоби муқаддаси худро кам ва зам кардем, забони лотиниро ба забони англисӣ тағйир додем, дар охир олатҳои мусиқии мардумиро, монанди гитара ва ғайра, ба калисо овардем, рӯҳониён дар шарҳу тавзеҳоташон ғулув мекарданд ва мардуми ҳайратзада сар меҷунбонданд. Натиҷаи баҳс дар бораи робитаи байни калисо ва воқеият барои бисёриҳо ин шуд, ки аз ҳамон аввал ҳеҷ робитаи мустаҳкаме байни дин ва воқеият набуд”

**(Нуҳ Ҳа-Мим Келлер, 2001).**

## ТАҲҚИҚОТ ДАР БОРАИ САРГАРДОНИИ ФАРҲАНГӢ ҲАНГОМИ ИНТИҚОЛ ЁФТАН БАЙНИ ШАРҚУ ҒАРБ. ФАРЗАНДОНАМОНРО ДАР КУҶО ТАРБИЯ КУНЕМ?

Вақте, ки оила байни Шарқу Ғарб интиқол меёбад, бо бархӯрди фарҳангӣ дар ҳар ду тараф рӯ ба рӯ мешавад. Ба таври мисол қиссаи асафбореро дар бораи зану шавҳаре нақл мекунем, ки баъд аз хатми донишгоҳ дар Амрико бо ду фарзанд ба ватанашон баргаштанд. Бо вуҷуди ин, ки дар Амрико барояшон шароити кор фароҳам буд, онҳо тасмим гирифтанд, ки ба ватанашон баргарданд, то фарзандонашон забони арабӣ ва Қуръони каримро ба хубӣ аз худ кунанд. Падару модар аз лаҳзаи фурӯд омадан аз ҳавопаймо эҳсос карданд, ки дар ватани дигаре ҳастанд ва ҳамон лаҳза ба худ гуфтанд, ки “ин макони ифлосе аст” ва чун ба бинои истиқоматашон расиданд, ҳама чизро нопок ва ифлос ёфтанд. Коргарони бино ҳама ҷойро тоза карда буданд, аз ҷумла гилемҳо, деворҳову зинаҳо, ва балкон ягона ҷое буд, ки тоза нашуда буд. Аммо мушкили ҳақиқӣ вақте буд, ки надонистанд чигуна либосҳояшонро дар рафҳои пур аз гарду ғубори чевон бимонанд? Роҳи ҳал барои онҳо ин буд, ки тамоми утоқҳоро бо дасти худ аз сари нав тоза кунанд.

Амри аҷиби дигаре, ки ба он рӯ ба рӯ шуданд, ин буд, ки сатҳи кори фаррошони ин бино аз миёна ҳам поёнтар буд ва бо вуҷуди ин, ки маводи шӯяндае, ки истифода мекарданд бисёр босифат ва қимат буд, сифати корашон бисёр паст буд. Дарҳои ҳоҷатхонаҳо ба хубӣ баста намешуданд ва кошини ҳаммом зебо, вале лағжонак буд ва обкашҳову ҷуммакҳои об зебо буданд, вале аз онҳо об мечакид ва илова бар ин обро зуд-зуд мебастанд ва фишори он дар ошёнаи сеюм бисёр кам буд. Барои ҳамин онҳо маҷбур мешуданд сатилҳоро пури об кунанд ва онро то шаб нигаҳ доранд.



Низоми таълимӣ низ ҳайратовар буд. Мактабҳои хусусӣ бисёр қимат буданд ва мактабҳои умумӣ дар сатҳи фоҷеъаборе аз назари таълим қарор доштанд. Муаллимон мутахассис набуданду талабаҳо низому тартибро риоя намекарданд, вале падарону модарон кӯдакони худро ба мактаб равона мекардаанду ба тарафҳои хубу бади он аҳамият намедоданд. Автобусҳои мактабӣ пури талаба буданд ва ба сабаби зиёд бушани мошинҳо ва вайрон будани роҳҳо ба зӯр ҳара-

кат мекарданд. Талабаҳо дар рафту омад ба мактаб вақти зиёдро сарф мекарданд ва пиёда рафтан назар ба автобус беҳтар буд. Барои рафтан ба зиёрати яке аз наздиконашон онҳо бояд сафари дароз ва душвореро пушти сар мекарданд. Илова бар ин рондани мошин маҳорати хуб ва асаби устувореро талаб мекард ва монанди рафтан ба майдони ҷанг бо душман буд. Илова бар ин ҳаво олуда ва фазо пурғавғо буд ва фарзандон ба сабаби садоҳои баланд ва доими назди хонаашон эҳсоси оромӣ намекарданд. Ҳатто ғавғои мактаби наздикашон ва ҳамсояҳо ба хонаашон мерасид ва ягона роҳи халос ва наҷот аз ин ноором иҳо гурехтан ва рафтан ба деҳаҳои ҳамсоя буд, ки худ як омодагии ҷиддиро талаб мекард.

Ин намунае буд, ки оилаҳо вақти кӯчидан аз Ғарб ба Шарқ ё баръакс ба он рӯ ба рӯ мешаванд. Албатта ин ба он маъно нест, ки ҳама бо чунин мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд ва барои ҳамин беҳтар аст оилаҳо танҳо дар Шарқ ё дар Ғарб зиндагӣ кунанд, зеро ҳар яки онҳо хубиҳо ва камбудиҳои худро доранд. Илова бар ин, ҳар як хонавода хусусиятҳои худро дорад. Ҳеҷ гуна иттифоқи назаре дар бораи беҳтарин ҷои зист баро фарзандон вуҷуд надорад. Оилаҳое, ки мехоҳанд бикӯчанд, роҳеро интихоб мекунанд, ки ҳатман хубиҳо ва бадиҳое дорад. Бинобар ин бояд тасмими ҳакимона ва дуруст бигиранд, зеро зиндагӣ як силсилаи имтиҳонот аст.

## ДУ МАФҲУМЕ, КИ ДАР АНДЕШАИ ҒАРБӢ АЗ БАЙН РАФТААСТ: ХУДОВАНД БУЗУРГ АСТ ХУДОВАНД ДОНОТАР АСТ

Марҳум доктор Тоҳо Ҷобир Улвонӣ, собиқ раиси Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар Вирҷиниа дар баҳсе, ки соли 2000 дар ин Муассиса баргузор шуд, гуфт, ки Ғарб ба ду мафҳуми асосӣ ниёз дорад: “Худованд бузург аст” ва “Худованд донотар аст”. Он чӣ, ки ба мафҳуми аввал дахл дорад, ин аст, ки вақте башар ҳикмати Худовандиро дар корҳояшон нодида мегиранд, дар ҷои Худованди холиқи якто худро “худо” меҳисобанд. Вақте инсонҳо мутакаббир ва худписанд мегарданд, тасаввур мекунанд, ки онҳо хато намекунанд ва сарчашмаи маърифат мебошанд ва сипас барои худ, хонаводаҳои худ, ҷомеаи худ, дунёи худ ва муҳити худ ҳар чӣ, ки мехоҳанд, месозанд. Имкон дорад натиҷаи ин кор аз байн бурдани ҳайвонот ва наботот шавад ва инчунин олуда кардани замин, баҳрҳо ва ҳаво гардад, хоҳ барқасад бошад, хоҳ беқасд.

Кибр метавонад низому тавозунро дар табиат ва осмону фазо ва ҳар он чӣ дар атрофи он аст, монанди атмосфераи замин, хароб кунад. Бозӣ кардан бо низоми экологӣ ва табиат ба ин натиҷа мерасонад, ки ҳавои пок, обҳои соф, гӯшту сабзавоте, ки аз маводи кимёӣ холӣ бошанд, бисёр нодир ва камёфт мегарданд. Инчунин гармшавии ҷаҳонӣ метавонад барои вуҷуди башарӣ хатари ҳақиқиро эҷод кунад. Ин ҳама ба сабаби нақшаҳои нодуруст ва ҳимоя накар-

дани махлуқоти Худованӣ мебошад. Ҳарчанд инсон дар илм ва технология пешрафт намояд, боз ҳам нодон мемонад ва аз ин коиноти бузурге, ки асрори он интиҳо надоранд чизи бисёреро кашф карда наметавонад.

Аммо он чӣ, ки ба мафҳуми дуюм дахл дорад, ин аст, ки барои муҳаққиқон ахлоқ ва принсипҳое вуҷуд дорад, ки аз ҷумлаи онҳо ин аст, ки ҳангоми надонистани масъалае чунин мегуянд: “Худованд донотар аст”. Иктишофот ва ихтирооти технологӣ ва илмӣ дар асри бисту як инсонро ба дараҷае расондааст, ки бисёре аз олимон бо илму маърифати башариашон ба худ меболанд ва фахр мекунанд, дар ҳоле, ки инсон ҳар қадар бештар бидонад, ҳамон қадар яқинаш бояд бештар гардад, ки илми каме дорад. Бинобар ин хоксорӣ дар пеши мардум ва тавозуъ дар пеши Парвардигор аз ҷумлаи зарурятҳои илм ва маърифат мебошад. Башарият бояд ҳамеша дар пайи иктишофоти майдонҳои нави маърифат бошад ва бояд бидонад, ки рағбат доштан ба таълим яке аз неъматҳои бузурги Худованд аст, ки ба мо дарку фаҳмро ато намуда, замину коинотро дар ихтиёри мо гузоштааст. Қуръони карим дар бораи илму маърифат дар ҷойҳои зиёде суҳбат намудааст, аз он ҷумла:

***“Ва шуморо ҷуз андак донише надодаанд”***

***(Исро, 75).***

***“Ва ба илми Ӯ ҷуз он чӣ Худ хоҳад, иҳота натавонанд ёфт”***

***(Бақара, 255).***

***“Бигӯ: «Агар дарё барои навиштани калимоти Парвардигори ман ранг шавад, дарё ба поён мерасад ва калимоти Парвардигори ман ба поён намерасад, ҳарчанд дарёи дигаре ба мадади он биёварем”***

***(Каҳф, 109).***

## МУҚОИСА БАЙНИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚИИ УСТУВОРУ СОБИТ ВА АРЗИШҲОИ АХЛОҚИИ СОЗГОР

Хонавода арзишҳои ахлоқӣ ва инсонӣ монанди ҳақиқат, адолат, муҳаббат, шуҷоат, садоқат ва масъулиятнишосиро дар вуҷуди инсон ҷой менамояд ва тамоми ин арзишҳо дар асоси мафҳуми ақида пойдор мебошанд, зеро ақида қабл аз арзишҳои ахлоқии инъитофпазир ва созгор арзи ҳастӣ мекунад. Ва ин ду, яъне ақида ва арзишҳои ахлоқӣ, ҳамеша бо ҳам мувофиқ ва монанд нестанд, зеро ақидаҳои мардум аз ҳам фарқ мекунанд ва дар асоси ҳамин эътиқодот тасаввуроти онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Бинобар ин баъзеи ин тасаввурот бо арзишҳои ахлоқӣ мутобиқанд ва баъзеи дигар на.

Аз дидгоҳи исломӣ арзишҳои муносиб ва ё созгор ҳамонҳое ба ҳисоб мераванд, ки ақидаи исломӣ онро тасдиқ менамояд ва ё ҳамоне, ки ваҳйи илоҳӣ ҳамчун сарчашмаи аввал дар танзими ҳаёти инсон ба сӯи он роҳнамоӣ мекунад, вале тамоми ҷомеаҳо муътақид ба дини Ислом нестанд. Лаззат бурдан аз зиндагӣ ҳадафи аслии баъзе ҷомеаҳо аст, аммо ҳадафи мутавозине, ки мусулмонон дар пайи он ҳастанд, ин аст, ки бо зиндагии пок дар ин дунё ба саодату хушбахтии абадӣ дар он дунё бирасанд, яъне комёбӣ дар охират бо зиндагии хуб ва гуворо дар дунё ҳеҷ зиддият надорад. Комёбӣ дар охират аз роҳи бепарвоӣ ба дунё ба даст намеояд ва зиндагӣ дар ин дунё танҳо барои расидан ба ҳаёти абадӣ дар охират аст.

Худованди мутаол мефармояд:

***“Дар он чи Худоят ато кардааст, ҷаҳони охиратро биҷӯй ва насиби худро аз дунё фаромӯш макун. Ва ҳамчунон ки Худо ба ту некӣ карда, некӣ кун ва дар замин аз паи фасод марав, ки Худо фасодкунандагонро дуст надорад!”***

***(Қасас, 77).***

Расулуллоҳ (с) бадавиеро роҳнамоӣ кард, ки чигуна бояд ба Парвардигораш таваккал намояд, то шутурашро гум накунад ва инчунин насиҳаташ кард, ки набояд қонунҳои табиат ва иҷтимоиро фаромӯш намояд ва набояд аз он дур бошад. Ба ҳамин хотир ба ӯ гуфт:

*“Шутуратро банд ва сипас ба Худованд таваккал намо”*

*(«Сунан»-и Тирмизӣ).*

Яъне тамоми талошатро барои ҳимояи шутурат анҷом деҳ ва сипас ба Худованд таваккал ва эътимод намо.

Инсон бояд байни дунё ва охират як тавозун ва баробарие барқарор намояд ва дар асоси он зиндагӣ кунад: “Барои ин дунё чунин талош намо, ки гӯи ҳамеша зинда мемонӣ ва барои он дунё чунон талош намо, ки гӯи фардо мемирӣ”. Бо ҳамин мо метавонем ҳикмати гуфтаи Расулуллоҳро (с) дарк намоем, ки мефармояд:

*“Чун қиёмат барпо шавад ва дар дасти яке аз шумо ниҳоли дарахте бошад, агар битавонад пеш аз ҷой бархостан онро бишонад, пас онро бишонад”*

*(«Адаби муфрад»-и Бухорӣ).*

Бо як муқоисаи андак байни ҳолати мардум дар давлатҳои сотсиалистӣ ва сармоядорӣ ин фикр возеҳтар мегардад, зеро чуноне, ки медонем кишварҳои сотсиалистӣ ба қишри коргар назар ба низомҳои сармоядорӣ аҳамияти бештаре медиҳанд, вале коргарон дар давлатҳои сотсиалистӣ дар асл бадтарин шароитро аз сар гузарондаанд. Бо вуҷуди ин ки низоми арзишҳои ахлоқии амалӣ дар кишварҳои сотсиалистӣ ба риояи ҳоли мардум ва аҳамият додан ба онҳо таъкид мекунад, ин арзишҳои ахлоқӣ дар асли худ ба зулму ситам ва ҷангҳои ҳалокабор байни табақаҳои ҷомеа ташвиқ мекунанд. Кишварҳои сармоядорие, ки дар асоси суд ва манфиат устуворанд, назар ба низомҳои сотсиалистӣ хеле беҳтаранд ва он ҳам ба сабаби густариши арзишҳои волои масеҳӣ, ки ба меҳру муҳаббату некукорӣ мехонанд. Ин ҳама сабаб шуда буд, ки дар ин кишварҳо аҳамияти бештар ба табақаи фақир ва муҳтоҷ дода шавад, дар ҳоле, ки мушкилоти мардуме, ки дар кишварҳои сотсиалистӣ зиндагӣ мекарданд, бисёр сангин буд.

Сабаби аз ҳам пошидани Иттиҳоди Шуравӣ арзишҳо ва андешаҳои золимонаи ӯ буд. Фикри сотсиалистӣ бар асоси бархӯрд, мубориза ва халос шудан аз моликияти хусусӣ буд. Бо вуҷуди ин, ки ин низом чунин идея дошт, ки табақаи коргарро рӯи кор ва ҳокимият биорад, ин табақа (пролетариат) ба таври умум мазлум монд ва ин амр бо ҳадафҳои идеалогияи Маркс мухолифат дошт. Фалсафаи комунистӣ сатҳӣ ва ғайри амалӣ буд ва бо вуҷуди ин, ки низоми сармоядорӣ ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ шакл барои сокинон рӯи замин ҳеҷ мадинаи фозилаеро ба вуҷуд наоварад, вазъият дар Ғарб назар ба кишварҳои комунистӣ хеле беҳтар буд.

Тамаддуни ғарбӣ ба сабаби такя бар мафҳуми озодии беҳад дар моликияти хусусӣ ва фалсафаи манфиати шахсӣ шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии золимонаеро барои табақаи коргар ба вуҷуд овард, вале арзишҳои ахлоқии динии амиқ ва устувори дини масеҳият, ки дар Ғарб вуҷуд дошт, дар кам кардани мушкилоти табақаи коргари фақир кумак намуд ва он ҳам бо кам кардани зарарҳое, ки аз саноат ва сохту соз ба вуҷуд меоманданд. Аммо роҳбарони ҳизби комунистӣ рафтори баракс доштанд ва ба хотири манфиатҳои шахсии худ дар асоси бюрократияи бузурге, ки сохта буданд, фаъолият мекарданд ва табақаи коргар дар зери сояи комунизм қурбонии аслии ин низом гашта буд.

Арзишҳои динии хубу воло барои ҷомеаҳо ва афрод бисёр муҳим ва зарур мебошанд ва ин арзишҳо низомеро, ки дар асоси он барпо гаштааст, кумак ва тақвият менамоянд. Бо вуҷуди бисёр будани таълифот дар бораи тарбияи падару модарӣ дар Ғарб боз ҳам маърифати инсонӣ маҳдуд боқӣ мемонад. Инсон маҳсули саноатӣ нест, ки гуфта шавад “дар Амрико сохта шудааст” ё “дар Чин сохта шудааст”. Мо дар бораи ин ду давлат чизҳои бисёреро медонем, вале мо офаридаи “Офаридгори коинот” мебошем ва Худованд танҳо холиқи мост ва Ӯ таъоло тамоми умури моро тадбир менамояд ва Ӯст бар ҳама чиз олиму доно.

Ҷейн Ранкини (Jane Rankin) равоншинос дар китоби “Мутахассисони тарбияи падару модарӣ: насиҳатҳои, таҳқиқот ва роҳнамоиҳои онҳо” *(Parenting Experts: Their Advice, the Research and Getting it Right, 2006)* таъкид мекунад, ки байни суханрониҳои коршиносони илми тарбия ва натиҷаҳое, ки таҳқиқоти илми дар давоми сӣ сол ба он расидаанд, фосилаи бузурге вуҷуд дорад ва донишмандони ғарбии илми тарбия монанди Бенҷамин Спок *(Benjamin Spock),* Берри Бразелтон *(T. Berry Brazelton)*, Ҷеймс Добсон *(James Dobson)*, Пенелопа Лич (Penelope Leach), Ҷон Роузмонд (John Rosemond) ва дигарон дар бораи бисёре аз масоили муҳими тарбия монанди задани фарзанд, маҳдуд кардани озодиҳои ӯ, фикри «модари коргар», нигоҳубини тифл, ёд додани қазои ҳоҷат дар тубак (горшок) ва тамошои телевезор ихтилофи назар доштанд. Бо вуҷуди идомаи таҳқиқот дар мавзӯи тарбия, ташвиқ ба он ва истифодаи тамоми имконоти улуми иҷтимоӣ, табиӣ ва равонӣ, мо бояд дар пеши зоте, ки аз мо бузургтар аст, ба нишони итоат сар хам кунем. Ҳарчанд дар улуми тарбиявӣ пешрафт намоем, боз ҳам ба ҳикмату ҳидояти илоҳӣ ниёзи доим дорем.

**Такаббур + илм = ҷаҳл** (чуноне, ки мегӯянд, кибр қабри илм аст)

**Тавозуъ + илм = нур**

Сад сол пеш мудири Қоллеҷи Баллиоли Донишгоҳи Оксфорди Англия рӯи дари китобхонаи он навишта буд: “Ман пешвои ин коллеҷам ва чизе, ки ман намедонам, он илм нест”.

Яқин дошта бош, ки ба мардум бо чашми ҳақорат назар кардан ҳаргиз онҳоро водор намекунад, ки ба ту бо чашми эҳтиром назар кунанд.

## НАМУНАИ КИШОВАРЗИИ ОИЛА: ФАРЗАНДОН МИСЛИ РАСТАНӢ ҲАСТАНД ВА ПАДАРУ МОДАР МИСЛИ БОҒБОН

Калимаи «culture» («фарҳанг») дар забони англисӣ аз калимаи «cultivation» («кишоварзӣ») гирифта шудааст. Фарзандон аз чанд ҷиҳат ба растаниҳо монандӣ доранд, зеро ҳар ду ба нигоҳубин ва муҳаббат ниёз доранд, то дар муҳити хубе, ки бо ин ҳадаф сохта шудааст, нашъунамои хуб намоянд. Беҳтарин фазо барои ниҳолҳо ё гиёҳҳои хурд дар минтақаҳое, ки нисбати олудагии ҳаво дар он боло аст, гармхонаҳо мебошанд, зеро дар он гармӣ нигаҳ дошта мешавад. Ин зироатҳо ба нигаҳдории хуб ниёз доранд, то қабл аз иваз кардани ҷои онҳо ва шинондани дар берун қавитар гардад. Ин равиш барои ҳосили бештар додан беҳтар аст, зеро ин зироатҳо назар ба зироатҳои дигар бузургтар ва қавитар мебошанд ва назар ба зироатҳое, ки дар берун кошта мешаванд, метавонанд дар баробари бемориҳо пойдортар бимонад. Фарзандон низ ҳамин тавр мебошанд, зеро ба ҳимоя ва нигоҳубин ниёз доранд, то рушди ахлоқии солим дошта бошанд ва баъд

аз он ҷавонони мо монанди ҳамон зироатҳое, ки ба хубӣ нигоҳубин шудаанд, устувор мемонанд.



Кӯдаке, ки дар тарбияи оилавии хуб ба воя мерасад, дар баробари бемориҳои ахлоқии ҷомеааш муқовимтар аст. Ин мисол барои касоне, ки дар ҷомеаи кишоварзӣ зиндагӣ мекунанд, назар ба онҳое, ки дар ҷомеаи санъатӣ зиндагӣ мекунанд, фаҳмотар аст, зеро онҳо дар соҳаи гиёҳпарварӣ таҷрибаи кам доранд. Бо вуҷуди ин кӯдакон бе шак авлотар аз растанианд, зеро растанӣ ғайри фаъол ва беҳаракат аст, дар ҳоле, ки кӯдакон пур аз фаъолияту ҳаракат, фикру ирода мебошанд. Ба ҳамин хотир падару модар бояд нақши фаъолеро дар рушду нумӯи кӯдакон дошта бошанд ва бидонанд, ки чигуна барои рафтори онҳо ҳудуд ва қоидаҳо бигузоранд. Бо назардошти ин, ки фарзандонамон сахт ба роҳнамоӣ ниёз доранд, ахлоқи нек ва арзишҳои волову хуб беҳтарин василае мебошанд, ки падару модар метавонанд барои фарзандонашон фароҳам намоянд, зеро ахлоқи хуб онҳоро ташвиқ мекунад ва одатҳои хубашонро тақвият менамояд ва рӯзе ин одатҳои хуб ба рафтори нек ва ахлоқи хуб табдил меёбанд.

## МАШҚҲОИ 1-8



**Машқи 1:**

### Се тарси асосии асри бисту як

Бо хонавода дар бораи умури зерин гуфтугӯ намо. Сабабҳои ин тарсҳо чӣ аст ва чигуна аз он метавон иҷтиноб кард?

Вилям Бакли (William Buckley, нависанда ва рӯзноманигори консерватор) ва Ҷорҷ МакГоверн (George McGovern, сенатори демократ-либерал) ҳангоми ҷашни хатм дар Донишгоҳи давлатии Ҷануби Шаркӣ соли 1997 дар бораи се нигаронии асосӣ суханронӣ намуданд:

**Якум:** Аз ҳам пошидани хонаводаи амрикоӣ. Ин амрест, ки сабаби афзоиши фарзандони ғайриқонунӣ гаштааст (фарзандоне, ки бе издивоҷ ба дунё омадаанд).
**Дуюм:** Олудагии табиат ва вайрон кардани он. Маводи олудакунанда замин, ҳаво, баҳрҳо, ҷӯйҳо ва ҷангалҳоро фаро гирифта истодаанд.
**Сеюм:** Шаробнӯшии аз ҳад зиёд. Ин амр шаробнӯшҳоро ҳалок намуда, хонаводаҳои онҳоро аз ҳам мепошад.

**Машқи 2:**

### Татбиқи сифатҳои хуб дар фарзандон

Падару модар бо фарзандонашон нишаста, дар бораи сифатҳои зерин суҳбат мекунанд ва бо ҳам баҳс мекунанд, ки чигуна метавонанд ин сифатҳоро дар ҳар як фарзанд ҷой диҳанд.

**Пешқадамҳоро** эътироф кун.
**Содиқонро** бовар кун.
**Фаъолонро** роҳнамоӣ кун.
**Некукоронро** ҳамроҳӣ кун.
**Хушҳолонро** қадр кун.
**Некдилонро** намуна гир.
**Маҳбубҳоро** бо худ гир.
**Шарофатмандонро** эҳтиром кун.
**Кушодадилонро** таълим деҳ.
**Муҳтарамонро** арзиш қоил шав.
**Донишдӯстонро** ташвиқ кун.
**Бахшандагонро** дастгирӣ кун.
**Худҷӯшонро** ҳамсуҳбат шав.
**Болаёқатонро** рушд деҳ.
**Танҳоёнро** устувор кун.
**Алоқамандонро** аҳамият деҳ.
**Хандонрӯёнро** ҳамроҳашон биханд **(Meiji, 1999).**

## Машқи 3:
## Баҳс дар бораи сабабҳои ҳақиқии хушунати кӯдакон

Бо фарзандонат дар бораи баъзе ҳодисаҳои драмавӣ дар асоси таҷрибаҳои шахсиашон суҳбат кун.

Куштор дар Мактаби синфҳои болоии «Колумбайн» дар соли 1999 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бисёр ваҳшатнок буд, зеро ду ҷавони 17 ва 18 сола бо туфанг ва бомбаҳо понздаҳ нафарро куштанд ва бисту панҷ нафари дигарро захмӣ карданд. Онҳо чун дар филмҳо ва бозиҳои компютерӣ ҳангоми тирпарронӣ механдиданд ва сипас худро парронданд ва худкушӣ карданд. Онҳо дар хонаашон понздаҳ бомбаи сохта буданд. Чунин ҳодисаҳо кам нестанд. Дар ду моҳи баъд бисту ду ҳодисаи дигар монанди ин рух дод. Дар шаш ҳафтаи аввали соли 2014 сездаҳ воқеаи тирпарронӣ дар мактабҳои амрикоӣ ба вуқӯъ пайваста буд (The Guardian).

Чунин ҳодисаҳо саволҳои зиёдеро ба миён меоранд, аз ҷумла: Чаро чунин корҳоеро анҷом медиҳанд? Роҳҳои ҳимоя аз чунин ҳодисаҳо чист? Чӣ бояд кард, то чунин ҳодисаҳо дар оянда рух надиҳанд? Дарсҳои ибратомез аз ин ҳодисаҳо кадоманд? Илоҷи таъсирбахш барои пешгирии ҳодисаҳои хушунатбор кадом аст?

## Машқи 4:
## Бархӯрд бо мушкилоти иҷтимоӣ

Бо аҳли хонаводаат дар бораи сабабҳои сигоркашӣ ва зарарҳои он, истифодаи маводи мухаддир, шаробнӯшӣ, худкушӣ ва талоқ суҳбату гуфтугӯ намуда, ҳамроҳи онҳо роҳҳои амалиро барои хуб кардани ҷомеа пешниҳод кун.

## Машқи 5:
## Баъзе ибратҳо дар мисоли Доктор Спок (1903-1998)

Бо хонаводаат нишаста таҷрибаҳои доштаатро дар зери партави қиссаи ҳаёти Доктор Спок (Newsweek, 1998, Mayer), ки онро ба таври хулоса баён мекунем, мавриди баҳс қарор деҳ.

Фаҳми вазъияти тарбияи фарзандон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва низоми тарбия ноқис мемонанд, агар таъсири доктор Бенҷамин Спок, табиби равоншиносии атфолро дарк накунем. Ӯ аз бузургони асри бист дар майдони тарбияи падару модарии ҷадид ба шумор меравад. Модараш ӯро бисёр дӯст медошт ва ӯро роҳнамоӣ намуда, аз вай умедҳои бисёре доштааст. Вай занашро, ки ҳамеша шароб менӯшид, баъд аз 51 соли издивоҷ талоқ дод ва худаш як клиникаи равоншиносӣ барои атфол таъсис дод. Аз таҷрибаи шахсиаш ба ин хулоса омад, ки бештари мушкилоти атфол мушкилоти рафторӣ мебошанд, на бемориҳои тиббӣ, монандӣ ғазаби сахт, макидани ангушт, хӯрок нахурдан, рағбат ба хоб надоштан, нотавоноии истифодаи тубак (горшок) барои пешоб кардан дар вақти муайян.

Доктор Бенҷамин ба Фрейд аҳамияти ҷиддӣ медод ва ду бор таҳлили равонӣ шуда буд. Ӯ одатан ба падарону модарон тавсия мекунад, ки ба фарзандонашон фишор наоранд, балки ҳамеша изҳор кунанд, ки ба онҳо ифтихор менамоянд: "Ба худат бовар кун", "Ту бештар аз он чизе, ки гумон мекунӣ, медонӣ". Ӯ ба ин хулоса омадааст, ки атфол бештарин чизе, ки аз падару модаронашон мехоҳанд, муҳаббат аст. Ӯ ба беморонаш бисёр бо аҳамият гӯш медод, вале худаш бо фарзандонаш чунин набуд. Зане аз вай пурсид, ки оё тифли хурд метавонад падару модаршро орӣ бубинад? Ва ӯ дар посух гуфт: "Ин суоли душвор аст ва ба он посух додан осон нест". Хонаводаи доктор Спок як хонаводаи аз ҳам пошида буд ва худаш мегуфт: "Бисёр мушкил аст, ки ҳамеша бо фарзандонат ба тарзи дуруст рафтор намоӣ ва бархӯрд бо фарзандон монанди навиштан бар рӯи онҳо осон нест". Ҳамсараш шаробнӯш шуда, ба бемории ақлӣ гирифтор шуда буд, ки ӯро дар беморхона бистарӣ намуд. Доктор Спок инсони дилсахт буд ва фарзандонаш эҳсос мекарданд, ки онҳоро аз нигоҳи отифӣ тарк кардааст ва дар охир эътироф намудааст, ки бештар ба кораш машғул будааст ва афроди хонаводааш ба хотири иваз намудани маҳрумиятҳои гузаштаашон ҳамеша ҳамдигарро ба оғӯш мегирифтанд. Ӯ ҳамчунин эътироф намудааст, ки "Ҳеҷгоҳ фарзандонамро дар хурдиашон набӯсидаам".

Ӯ аз ҳар ду фарзандаш хоста буд, ки падару модарашонро бо номҳояшон садо кунанд. Дар он вақт ин амал бисёр ифтротгароёна ва дар айни ҳол пешрафта ба шумор мерафт. Назари доктор ин буд, ки тарбияи фарзандонаш тасвири фалсафаи ӯ дар амал мебошад ва эътиқод дошт, ки ин амр дар тарбияи фарзандонаш бисёр муҳим аст. Ин амр дар ҳақиқат як масъалаи ғайривоқеӣ буд, вале ин корро қасдан анҷом медод, то ба ифтихор ба ҷаҳониён бифаҳмонад, ки "ин фарзандам аст ва маро бо номам садо мекунад". Доктор Спок вақте бо фарзандонаш суҳбат мекард, суҳбаташ барои онҳо монанди имтиҳони шифоҳӣ буд. Вай бо овози ором, ҳамон тавр, ки дар навиштаҳояш, ва бо лаҳни тез, ҳамон

тавр, ки дар хонааш, суҳбат мекард ва ҳеҷ тасаввуре надошт, ки чӣ таъсири бузурге бо ин кораш бар фарзандонаш мегузорад. Вай ҳамеша ба фарзандонаш таъкид мекард, ки мушкиле эҷод накунанд ва обрӯи оиларо нарезонанд. Гапи мардум барояш бисёр муҳим буд. Назарҳои бегонагон ва рӯзномаҳо низ барояш бисёр аҳамият дошт. Фарзандонаш бисёр зебо либос мепӯшиданд ва аз онҳо мехост бо мардум ҳамеша боадаб ва наздик бошанд ва чун табассум аз чеҳраи писараш Ҷон дур мешуд ва ё эҳсос мекард, ки нороҳат аст, зуд наздаш мерафт ва аз вай мехост ҳолаташро тағйир диҳад: “Туршрӯ набош, ҳаракат кун дар назди мардум худро хушҳол нишон диҳӣ”.

Доктор Спок мушкилоти худ дар хонаашро инкор мекард ва ҳар ду писараш ба дурӣ аз ӯ одат карда буданд. Ҳар ихтилофе, ки байни Ҷон ва Майк бо падарашон мегузашт, махфӣ мемонд ва вақте хабарнигорону аккосон аз онҳо мехостанд, ки барои акси оилавӣ дар паҳлуи падарашон нишинанд, онҳо ба ҳар баҳонае аз ин кор худро дур мекарданд ва дар бораи бархӯрд ва муомилаи падарашон дар хона ҷавобҳои нофаҳмое медоданд. Доктор Спок ҳеҷ гоҳ меҳру муҳаббати худро ба фарзандонаш изҳор намекард ва онҳо ошкоро мегуфтанд, ки: “Мо ҳаргиз падарамонро набӯсидаем”. Доктор Спок ба ҷои ин, ки марде бошад, рамзе буд ва ба ҷои ин, ки падар ва инсоне бошад, ҳукумате буд. Падари сахтдил ва сахтгире буд, ки эҳтиёҷоти отифии фарзандонашро нодида мегирифт.

Спок падарашро дар равиши тарбияаш маломат карда, мегуфт: “Ҳаргиз меҳру муҳаббати хуберо байни падару писар надидам. Падарам маро дӯст медошт ва бароям чизҳои зебо меовард, вале ин ҳамаро бе эҳсосу муҳаббат анҷом медод. Ҳарчанд кӯшиш мекунам ба ёд орам, ки падарам маро ва ё яке аз фарзандонашро бӯсида бошад, ҳеҷ ба ёдам намеояд”.

Ибрат аз ин қисса ин аст, ки дидгоҳи донишмандонро кӯр-кӯрона ва бе таҳқиқ қабул накун, зеро маърифати онҳо шахсӣ ва тағйирёбанда аст ва ҳамеша собит намемонад.

Ин қисса инчунин моро ба ҳақиқат ва аҳамияти меҳру муҳаббат дар қавл ва амл дар ҳаёти Расулуллоҳ (с) ёдовар мешавад. Ҳазрати Зубайр (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) Ҳасан ибни Алиро (р) бӯсид ва ӯро сахт ба оғӯш гирифта, бӯй мекашид. Дар ин ҳолат назди Расулуллоҳ (с) марде аз ансор нишаста буд ва ба Расулуллоҳ (с) гуфт: «Ман писаре дорам, ки ба синни балоғат расидааст, вале ӯро боре ҳам набӯсидаам». Он гоҳ Расулуллоҳ (с) ба ӯ гӯфт:

*“Гуноҳи ман чист, агар Худованд аз қалби ту раҳматро бардошта бошад?”*

*(Ҳоким).*

**Машқи 6:**

## Баҳсу гуфтугӯ дар бораи бархӯрди фарҳангӣ

Падару модар бо фарзандонашон аз таҷрибаҳои худашон дар бораи бархӯрдҳои фарҳангӣ баҳсу гуфтугӯ мекунанд ва аз онҳо мехоҳанд, ки дар бораи сафарҳояшон ба кишварҳои дигар ва ё дар бораи ҳамдарсонашон аз қавму миллатҳо ва динҳои дигар суҳбат кунанд.

Агар фарзандон наздиконашонро дар хориҷ зиёрат накарда бошанд, пас дар ҳолати пайдо шудани имконот ба зиёрати онҳо биравcovanд.

**Машқи 7:**

## Баҳсу гуфтугӯ дар бораи тафаккури пешвоёни ҳақиқӣ

Дар бораи иқтибосҳои зерин бо хонаводаат баҳсу гуфтугӯ намо:

“Ман мулоҳиза кардаам, ки пешвоёни фаъол бисёр кам дар вазифаҳои умумӣ қаҳрамон мебошанд. Ин навъи мардум аз мардону заноне нестанд, ки дар назди мардум мебошанд ё дар саффи аввали гурӯҳ меистанд. Онҳо бо сабр, бо аҳмият ва тааммул ҳаракат мекунанд ва кори дурустро анҷом медиҳанд”

*(Joseph Badaracco, 2002).*

“Гоҳо раҳбарон талош мекунанд андешаи гурӯҳеро аз байни пайравонашон рушд диҳанд, вале бе ин, ки он чӣ ба фарзандонашон расидааст, ба онҳо бирасад. Бинобар ин онҳо ба ин гуна андеша таслим мешаванд”.

*(Steven B. Sample, The Contrain’s Guide to Leadership).*

**Хулоса:** Ҳадафи мо анҷоми кори дуруст аст, на он чизе, ки мардум ба анҷоми он одат кардаанд ва ё аксар мардум онро анҷом медиҳанд.

**Баҳс:** Кӣ дурусту нодурустро муайян мекунад? Чӣ гуна? Ту, ман, марде, зане ё роҳнамоиҳои Худовандӣ?

**Машқи 8:**

## Суҳбат бо фарзандон дар бораи таърихи хонавода

Бо фарзандон нишастан ва бо онҳо дар бораи гузаштагонашон суҳбат намудан. Дар замони мо бисёре аз хонаводаҳо дар бораи таърихи хонаводаҳояшон суҳбат намекунанд. Фарзандон ба шинохтани таърихи гузаштагонашон, аз ҷумла дар бораи корнамоиҳояшон, камбудиҳояшон, вазифаҳо, таҷрибаҳо, фаъолиятҳояшон ва нуктаҳои қувваташон ниёз доранд.

Аз ҷумлаи корҳои фоиданок ин аст, ки хонаводаро ҳамчун дарахте ва ё ҷадвале ба тасвир бикашем, ки дар он аслу насаби ҳар як аъзои хонавода, никоҳу талоқу бемориҳои онҳо ва муносибатҳои оилавӣ байни аммаҳо, холаҳо, амакҳо, тағоҳо, писарони амак, писарони тағо ва падаркалону модаркалонҳо аз тарафи падару модар нишон дода шавад. Расулуллоҳ с) ҳар як инсонро ба шинохтани насаб ва гузаштагонаш ташвиқ мекард ва насабашро то қадри имкон аз ёд медонист *(Encyclopedia of Islam, 2009)*.

Баъзе сомалиҳо то бист пушти худро медонанд ва одатан маҷлиси қабилавии бузурге барпо мекунанд, то бо ҳам дар бораи насабҳое, ки медонанд, суҳбат кунанд.



ФАСЛИ ДУЮМ

# Тарбияи дурусти падару модарӣ. Кадом аст ва чӣ гуна онро татбиқ намоем?

- **Муқаддима**
- **Марҳалаҳои нашъунамои фарзандон ва пешрафти онҳо**
- **Равишҳои тарбияи падару модарӣ**
- **Таъсири равишҳои гуногун дар тарбияи падару модарӣ**
  - *Фарҳанги иҷбор, таҳдид ва ҳукмронӣ*
  - *Камбудиҳои равиши иҷбор*
- **Чӣ моро водор мекунад, ки дар бораи равиши тарбия падару модарӣ огоҳӣ пайдо кунем?**
- **Оғози тарбияи солими падару модарӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи вазифаҳои мунтазир**
- **Гузаронидани вақти хуб ва мушоракати фаъолона бо фарзандон**
- **Истифода аз сарчашмаҳои маълумот дар соҳаи тарбияи оилавӣ**
  - *Сарчашмаҳои исломӣ дар муқобили сарчашмаҳои ғарбӣ*
- **Омори таълифот ва сарчашмаҳо дар бораи тарбияи оилавӣ**
- **Оё сазовор аст, ки тарбияи оилавӣ дар мактабҳои миёна омӯзиш дода шавад?**
- **Роҳнамоиҳои бритониё барои барномаҳои тарбиявии мактабҳо**
- **Хулоса**
- **Машқҳои 9-15**

# МУҚАДДИМА



Вақте инсон оилаи хушбахтеро мебинад, ки яъзои бо ҳам дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамгирой зиндагӣ мекунанд, аз фазои ором ва осудаи он лаззат мебаранд ва фарзандони он одобу ахлоқи хуб доранд, ин ҳама як амри тасодуфӣ нест. Тамоми ин хубиҳо дар натиҷаи талошҳо ва заҳматҳои ҳамешагии падару модар ба хотири сохтани ин робитаи устувор ва дӯстона байни аъзои оила ба вуҷуд омадаанд.

Тарбияи хуби падару модарӣ сармоягузории дарозмуддат ва асоси муваффақият дар тарбияи эҳсосӣ, равонӣ ва ҷисмонии кӯдакон аст, зеро дар эҷоди фазое, ки дар он муҳаббат ҳукмфармост, саҳм мегузорад ва кӯдакон дар ин фазо бо пайвандҳои муҳаббате, ки робитаҳои байни волидайн ва фарзандонро устувор менамоянд, нашъунамо меёбанд. Маълум аст, ки алоқаҳои фаъол натиҷаи муносибати хуб байни падару модар ва фарзандон мебошанд ва ин хубиҳо дар навбати худ фарзандонро ташвиқ мекунанд, ки пешқадам бошанд, дар ҳоле, ки интиқод гирифтан ва сарзаниш ҳеҷ хайреро ба бор намеоранд.

Мушкилот асосие, ки имрӯз волидайн дар тарбияи фарзандон ба он мувоҷеҳ мешаванд, ба чанд сабаб бар мегарданд, аз он ҷумла надоштани таълим ва омӯзиши хуб дар соҳаи тарбияи падару модарӣ, яъне дар чунин ҳолат падару модар дар тарбияи фарзандонашон бештар ба табиат ва таҷрибаи шахсии худ ва фарҳанге, ки аз падарон ва рафиқон ба мерос гирифтаанд, такя мекунанд, дар ҳоле, ки онҳо худашон ё таълим надидаанд, ё кӯдакони худро дар асоси дигар фарҳанг тарбия мекунанд. Сабаби дигари ин мушкилот пайравии кӯр-кӯрона аз фарҳанги Ғарб бо вуҷуди доштани таълим ва омӯзиши хуб мебошад. Баъзеҳо ҳамсояҳо ва бегонагонеро барои худ намуна қарор медиҳанд, ки сазовор ҳам нестанд. Баъзеи дигар талош мекунанд он чиро, ки худ дар ҷавонӣ ба он нарасиданд, дар шахсияти фарзандонашон муҳаққақ кунанд. Баъзеи дигар

нисбати вазифаҳои худ бепарвоӣ мекунад ё онро ба сабаби надоштани фаҳм ё вақти кофӣ ва инчунин ба сабаби сахтиҳои кору бори зиндагӣ ба вақти дигар мегузоранд ва вазифаҳои падару модариро ба уҳдаи мураббияҳо, муаллимону наздикон ё дар ихтиёри телевизор, бозиҳои компютерӣ, интернет ё телефони дастӣ мегузоранд. Ин амр бештар дар кишварҳое дида мешавад, ки аз нефт бой мебошанд. Дар ин кишварҳо мураббияҳоро барои тарбияи фарзандон ба хона меоранд ва ин амрест, ки дар шахсият ва ояндаи фарзандон таъсири манфӣ мерасонад ва тарбияро ба офат мубаддал месозад.

Ин китоб талош мекунад дар ҳалли мушкилоте, ки дар боло зикр шудаанд, ба падару модар кумак кунад ва миқдори хатоҳоеро, ки падару модар ҳангоми тарбияи фарзанд банохост дар он воқеъ мешаванд, ба қадри имкон камтар кунад. Ин китоб барои падару модар ҳамчун «суғуртанома» аст, ки онҳоро аз хато кардан ҳифз менамояд. Нақши падару модар ва таъсири он дар тарбияи фарзанд бузург аст, аммо афсӯс, ки мардум ба он ҳамчун ба як амри табиӣ, ки ниёз ба таълиму омодагии пешакӣ надорад, менигаранд. То чӣ андоза мо падарону модарон дар бораи ин амр бо ҷиддият фикр кардаем? Ҳар кӣ ҷиддӣ фикр кунад, дарк мекунад, ки тарбияи фарзанд омодагиҳо, маҳоратҳо, барномаҳо ва нақшаҳои таҳқиқшудара металабад.

**Ба саволҳои зерин ба диққат назар кунед:**

**Саволи якум:** Кадом вазифа дониши ҳаматарафаи равоншиносӣ, менеҷмент, ҷомеашиносӣ, инсоншиносӣ, парасторӣ, ошпазӣ ва барқарории муносибатҳоро металабад?

**Саволи дуюм:** Кадом вазифа дипломи расмӣ ва иҷозатнома кориро наметалабад?

**Саволи сеюм:** Мардум дар бораи кадом вазифа маълумоти комил надоранд, балки аз он бештар аз ҳама вазифаҳо ғофиланд?

**Саволи чаҳорум:** Дар рафти иҷрои кадом вазифа муомилаи бад ва хушунат вуҷуд дорад?

**Саволи панҷум:** Кадом вазифа бештар аз ҳама дар ҳаёти мардум таъсири ҷиддӣ дорад?

**Саволи шашум:** Дар кадом вазифа падару модар нақши муаллими аввал ва асосиро дар тарбияи фарзандон мебозанд?

Ҷавоби ҳамаи ин саволҳо “Тарбияи падару модарӣ” аст.

Ин ибораро ба диққат бихон: “Мо механик, заргар, наҷҷор, барқкор ё духтурро вақте ба кор мегирем, ки медонем, ки аз уҳдаи кораш мебарояд, вале аксари мо вазифаи падару модариро бе таълиму омӯзиш ба уҳда мегирем”.

Мо тақрибан шонздаҳ сол дарс мехонем, то дипломи донишгоҳро ба даст орем, дар ҳоле, ки дар синну

соли ҷавонӣ метавонем бе таълиму омодагии пешакӣ падар ё модар шавем. Ҳамаамон ба хубӣ медонем, ки барои рондани мошин, мототсикл ё тайёра бояд ҳуҷҷати ронандагиро ба даст орем, вале ҳамин заруратро дар идора кардани хонавода ва тарбияи фарзандон намедонем.

Вақте ба уҳдаи мо вазифаи тарбияи фарзанд гузошта мешавад, аксари мо, агарчӣ беқасд ҳам бошад, чӣ кор мекунем? Ба он аҳамияти ҷиддӣ намедиҳем, оиларо роҳнамоӣ ва насиҳат намекунем ва ҳатто бепарвоӣ ва беэътиноӣ мекунем. Бо вуҷуди ин, як нури умед барои волидайн боқӣ мемонад, ки бидуни истифода аз ин дастурҳо ва маслиҳатҳо дар тарбияи фарзандонашон ба сатҳи баланд бирасанд. Бо вуҷуди ин беаҳамиятиҳо падару модар талошҳое каме низ мекунанд, монанди иштирок дар маҷлисҳои падару модарон дар мактаб ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва варзишӣ, то ба фарзандонашон нишон диҳанд, ки ба онҳо аҳамият медиҳанд. Вале ин талошҳо бисёр андак мебошанд ва барои фарзандон ғайр аз корҳои шаклӣ кори дигаре анҷом намедиҳанд.



## МАРҲАЛАҲОИ НАШЪУНАМОИ ФАРЗАНДОН ВА ПЕШРАФТИ ОНҲО

Кӯдакон дар рафти нашъунамояшон марҳалаҳои гуногунро тай мекунанд ва падару модар бояд бо ин марҳалаҳо мувофиқи ниёзҳои махсуси фарзандон созгорӣ дошта бошанд.

Тақсими нашъунамо ба марҳалаҳо дар асоси инкишофи ғадудҳо ва узвҳо ба фаъолияти эпифиз ва тимоситҳо дар вайрон ё фаъол кардани ғадудҳои ҷинсӣ вобаста аст. Бинобар ин асос, нашъунамо ба марҳалаҳои зерин тақсим мешавад.

- Марҳалаи пеш аз таваллуд (аз басташавии нутфа то таваллуд) 9 моҳ.
- Марҳалаи гаҳвора (аз таваллуд то охири ҳафтаи дуюм).
- Марҳалаи ширхорагӣ (аз ҳафтаи сеюм то 2-солагӣ).
- Марҳалаи аввали кӯдакӣ (аз 3-солагӣ то 6-солагӣ).
- Марҳалаи охири кӯдакӣ (аз 7-солагӣ то 10-солагӣ барои духтарое ва аз 7 то 12-солагӣ барои писарон).
- Марҳалаи балоғат (аз 11-солагӣ то 13 барои духтарон ва аз 12 то 14-солагӣ барои писарон).
- Марҳалаи аввали навҷавонӣ (аз 13 то 17-солагӣ барои духтарон ва 14 то 17-солагӣ барои писарон).

- Марҳалаи охири навҷавонӣ (аз 17 то 21-солагӣ).
- Марҳалаи камолот (аз 21 то 40-солагӣ).
- Марҳалаи синни миёна (аз 40 то 60-солагӣ).
- Марҳалаи пирӣ (аз 60-солагӣ то охири умр).
- (Имон Юнус Иброҳим, «Равоншиносии инкишоф», факултаи Тарбия, 2016).

Мутахассисон қайд мекунанд, ки маъмулан байни волидайн ва кӯдакон рақобат ё мусобиқа барои қудрат ва захираҳои мавҷуда вуҷуд дорад. Дар мавриди қудрат ҳар яке кӯшиш мекунад ҳокимияти худро бар дигарӣ бор кунад ва дар мавриди захираҳо, монанди вақт, макон ва мол аксари вақт дар чӣ гуна тақсим намудани он бо ҳам ихтилоф меварзанд, яъне ҳар тараф ҳаракат мекунад аз он бештар истифода намояд. Эътимоди фарзандҳо бар волидайн дар синни навҷавонӣ ва балоғат камтар мегардад, зеро волидайн ба ҳаёти шахсии худ рӯ меоранд ва чун ба синни пирӣ мерасанд ин таодул барҳам мехурад ва ҳар қадар синну соли падару модар боло меравад, ҳамон қадар эътимодашон ба фарзандон, ки дар навбати худ аз онҳо мустақил гаштаанд, бештар мегардад. Ва ин истиқлолиятро дар ин марҳала метавон эътимоди мутабодил байни волидайн ва фарзандон номид, зеро бояд муҳаббат, насиҳат, машварат ва аҳамият ба ҳамдигар идома дошта бошад.



## РАВИШҲОИ ТАРБИЯИ ПАДАРУ МОДАРӢ

Чаҳор равиши асосӣ вуҷуд дорад, ки падару модар дар тарбияи фарзандон аз он пайравӣ мекунанд ва имкон надорад, ки равишҳои тарбияро дар тақсимоти муайяне маҳдуд намуд, зеро бисёри вақт байни якчанд равиш омехтагӣ эҷод мешавад ва як равиш бар дигаре ғолиб меояд ва онро дар худ зам мекунад.

### *1. Равиши авторитарӣ ё диктатурӣ*

Дар ин равиш падару модар фарзандонашонро ба иҷрои амрҳояшон маҷбур мекунанд ва агар аз онҳо саркашӣ кунанд, онҳоро ҷазо медиҳанд. Дар ин равиш фарзанд ҳеҷ гуна ҳаққи баёни назари худро надорад ва нақши фарзанд танҳо дар иҷро ва риояи қонунҳо бидуни баёни назараш мебошад. Дар ин фазое, ки аз нигоҳи отифӣ хушк аст, рӯҳияи робитаҳои дуҷониба аз байн мераванд, дари машварат ва гуфтугӯ баста мешавад ва танҳо аҳамияти асосӣ ба итоат ва эҳтироми ҳокимияти падару модар дода мешавад. Дар ин равиш волидайн ҳадафҳои худро бе гуфтугӯ ва пурсидани назари фарзандон ба иҷро мерасонанд. Алоқа ва робитаҳои хонаводагиро дар чунин оилаҳо алоқаҳои хонаводагии амудӣ меноманд ва равиши тарбия дар чунин хонаводаҳо бо зӯрӣ ва иҷбор анҷом меёбад.

### *2. Равиши огоҳона*

Дар ин равиши тарбия волидайн бо фарзандони худ бо эҳсоси гармӣ ва қадршиносӣ ба талаботи онҳо муошират мекунанд. Дар айни ҳол ҳадду ҳадафҳои собите риоя мешаванд, ки фарзандон дар асоси он барои амалкардашон бе хушунат ба ҷавобгарӣ хонда мешаванд, падару модар ба ҳадафашон мерасанд ва низоми бархӯрдро мушаххас менамоянд, вале дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ бо фарзандон ва ба роҳе, ки ташвиқ ба истиқлолияти фарзандон мекунад. Ин равиши тарбия кумак мекунад, ки тифл аз нигоҳи рӯҳӣ ва равонӣ мутавозин тарбия мешавад, зеро дар ин шакли тарбия падару модар бо фарзандонашон бо кушодарӯӣ дар робита мебошанд. Ин алоқаҳои хонаводагиро алоқаҳои уфуқӣ меноманд ва ин шакли тарбия дар рафтори фарзандон таъсири мусбат мерасонад.

Диана Баумринд мегӯяд, ки “ин волидайн рафтори фарзандонро назорат мекунанд, барои рафторашон меъёрҳои возеҳеро бе дахолат ва маҳдудият мегузоранд ва услубҳои адаб доданашон муфид ва кумаккунанда мебошанд. Волидайн бо ин равиши тарбия талош мекунанд фарзандонашон бо ирода ва дар айни ҳол инсонҳои иҷтимоӣ бошанд ва сифати идораи нафс ва рӯҳияи ҳамкориро дар худ ҷамъ намоянд” *(Chery, 2015 бо нақл аз Baumrind, 1991).*

### *3. Равиши осонгирӣ*

Дар ин равиши тарбия падару модар талош мекунанд ба фарзандон иҷозат диҳанд ҳар кореро, ки мехоҳанд, анҷом диҳанд ва барояшон ҳеҷ гуна қайд ё талаботе намегузоранд. Дар ин равиш падару модар эътиқод доранд, ки фарзандон худашон метавонанд бе кумаку роҳнамоии падару модар қарор қабул намоянд. Ба ҳамин хотир байни волидайн ва фарзандон ягон шакли ихтилофотро намебинем, зеро волидайни осонгир ба ҳама хостаҳои фарзандон гардан мениҳанд.

Падару модар дар ин услуби тарбия мукофотро ҳамчун васила ба хотири ташвиқ ба рафтори дуруст истифода менамоянд ва мехоҳанд натиҷаи хостаашонро ба ҳамин шакл ҳосил кунанд. Натиҷаи ин услуб чунин мешавад, ки иҷобати падару модар ба талаботи фарзандон назар ба таваққуот ва вазифаҳои ба ухда доштаи онҳо бештар мешавад ва бо ҳамин ҳокимияти падару модар бар фарзандон заиф мешавад ва барои фарзандон фурсат мусоид мешавад, ки падару модари худро ба бозӣ бигиранд. Ба ҳамин хотир ин равиши тарбияи осонгирона равиши аз ҳад зиёд озод ба шумор меравад ва одатан падару модар дар ин равиш нисбати фарзандон бисёр бомуҳаббат мебошанд ва фарзандон дар фазои пур аз отифа ва меҳрубонӣ тарбия мешаванд.

### *4. Равиши бепарвоӣ*

Дар ин равиши тарбия волидайн ба таври куллӣ аз ҳаёти фарзандон гусастаанд ва барои онҳо танҳо ҳадди ақали заруриёти зиндагиро, монанди ғизо ва ҷои зист, муҳайё мекунанд ва онҳоро дар ихтиёри худ мегузоранд, то худ ба худ тарбия шаванд. Дар ин равиши тарбия падару модар аз фарзандон иҷрои ягон вазифаро талаб намекунанд, худашон ҳам барои онҳо чизеро муҳайё намесозанд, аз нигоҳи тарбияи рӯҳӣ низ дар ҳаёти онҳо дахолат намекунанд ва баёни эҳсоси муҳаббат барои онҳо дар як доираи бисёр танг қарор мегирад. Ин услуб ғолибан натиҷаи аз ҳад зиёд машғул будани падару модар ба кор ё суиистифода аз вақти фарзандон барои ҳаёти шахсии худашон аст. Инчунин ин бархӯрд метавонад дар натиҷаи истифодаи маводи мухаддир ба вуҷуд ояд, вақте, ки волидайн наметавонанд вазифаҳои худро дар тарбияи фарзандон иҷро намоянд. Одатан дар натиҷаи чунин равиши тарбия фарзандон шикастарӯҳ ба воя мерасанд ва шояд ҳам дар зиндагӣ ба инҳироф кашида шаванд *(Walton, 2012.)*

Аксари донишмандон равиши тарбияи огоҳонаро беҳтар аз дигар равишҳои тарбия медонанд. Аммо мо худамонро дар кадом яке аз ин чаҳор равиш дохил мекунем? Мо бояд аз худ пурсем: чаро ин равишро интихоб кардем? Ин кор моро водор месозад, то дар бораи равиши тарбияамон бознигарӣ намоем ва дар масоили мусбати он тамаркуз намуда, умури манфии онро ба қадри имкон камтар намоем.

## ТАЪСИРИ РАВИШҲОИ ГУНОГУН ДАР ТАРБИЯИ ПАДАРУ МОДАРӢ

Равише, ки дар тарбияи падару модарӣ истифода мешавад, таъсири бисёр муҳим дар ҳаёти фарзандон дорад. Чанд таҳқиқоти анҷом шуда, ба натиҷаҳои зиёде расидаанд, ки онро Гемма Черри *(Gemma Cherry, 2014)* ва Элеанор Маккоби *(Eleanor Maccoby, 1992)* чунин хулоса кардаанд:

- Равиши авторитарӣ ё диктатурӣ. Ин равиш одатан фарзандони мутеъ ва бомаҳорат тарбия мекунад, вале онҳо камсаодат ва ғайри иҷтимоӣ мебошанд ва боварию эътимоди онҳо ба худашон заиф аст.
- Равиши огоҳона. Ин равиши тарбия фарзандони хушбахт, тавоно ва комёб ба бор меорад.
- Равиши осонгирӣ. Аксари кӯдаконе, ки бо ин равиш тарбия мешаванд, камсаодат, сустирода, бештар мувоҷеҳи мушкилот бо ҳокимият ва заиф дар дарсхонӣ мебошанд.
- Равиши бепарвоӣ. Ин равиш дар поёнтарин дараҷа дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт қарор дорад, зеро фарзандоне, ки дар партави он тарбия мешаванд, боварӣ ва эътимод ба нафс ва идораи хоҳишоти худро надоранд ва тавоноиҳояшон назар ба ҳамсиннусолон хеле камтар аст.

### Фарҳанги иҷбор, таҳдид ва ҳукмронӣ

Баъзе волидайн бовар доранд, ки равиши ҳукмронӣ назар ба равиши ташвиқ ба рафтори хуб ва тақвияти он дар тарбияи оилавӣ ягона роҳи муассири комёбӣ аст, ки метавонад рафтори нодурусти фарзандонро маҳдуд намояд. Ва ин амр сабаб мешавад, ки равиши иҷбор, таҳдид ва ҳукмронӣ дар тарбия бар равиши маҷбур накардан ва қаноатманд кардани фарзандон дар хонавода ғолибояд ва ин амр сабаб мешавад, ки фарзандон эҳсоси нафрат ба ҷомеа дошта бошанд.

Рафтори асосии чунин падару модар умуман ҳукмронӣ ва талаби иҷрои фармонҳо буда, танг кардани доираи гуфтугӯ, ҳамдигарфаҳмӣ ва машварат мебошад. Ва ин равиш аз кӯдакӣ дар ақли фарзандон донаҳои зулм, нодида гирифтани дигарон ва яккаҳукмрониро мекорад. Ин равиши тарбия аз хонавода берун рафта, мактабҳо, муассисаҳои иҷтимоӣ ва дар охир ҳукуматҳо ва сиёсатҳоро дар бар мегирад. Дар чунин хонаводаҳо ҳукмронии волидайн бар фарзандон, бародари бузург ба бародари хурдсол ва мардҳо бар занҳо сурат мегирад. Дар чунин хонаводаҳо одатан мардҳо ҳукмфармо мебошанд ва хонавода аз мафҳумҳои гуфтугӯ, ҳамдигарфаҳмӣ ва машварат орӣ мегардад ва хусумату таассубот дар

он ғолиб мешавад. Ва ин шеваи зиндагӣ бо мафҳуми ҳадиси шариф дар бораи нигоҳубини оила мухолифат дорад:

«كُلُّكم راعٍ وكلُّكم مسؤولٌ عن رعيّتِه»

«Ҳар яки шумо чӯпон аст ва ҳар яки шумо масъули рамаи худ аст»

**(Бухорӣ).**

## Камбудиҳои равиши иҷбор

Падару модар одатан бе ин, ки шарҳу тавзеҳ диҳанд ва ё дидгоҳи фарзандонро бишнаванд, як қатор амру фармонҳое ба онҳо медиҳанд, ки бояд онро анҷом диҳанд ё аз он дурӣ намоянд. Вақте фарзанд аз волидайн сабаби ин амрҳоро мепурсад, чунин посух мегирад: “Гуфтаамро анҷом деҳ”, “Ин як амр аст ва сабабшро донистан шарт нест”, “Танҳо чизеро, ки гуфтам, анҷом деҳ” ё “Биёр баҳс накун”. Дар баъзе ҳолатҳо вақте фарзанд мехоҳад сабаби кореро пурсад аз тарафи волидайн сарзаниш мешавад ва муттаҳам ба беҳудагуӣ ва ё беэҳтиромӣ ба падару модар мегардад. Гоҳо падару модари сахтгир ва худкома ба саволҳои фарзандон ҷавобҳои нофаҳмо медиҳанд, то аз хостаҳои онҳо бигурезанд. Ин амр ба ин маъно нест, ки падару модар фарзандонашонро дӯст намедоранд ва ба онҳо аҳамият намедиҳанд. Баръакс онҳоро дӯст медоранд ва ба онҳо аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, вале талош мекунанд фарзандонашон инсонҳои бисёр ҷиддӣ бошанд. Аммо мутассифона ин рафтор ба зулму худкомӣ табдил меёбад, зеро онҳо гумон мекунанд, ки фармонравоӣ ягона роҳи дуруст барои омода намудани фарзандон барои оянда мебошад. Вале ҳукмфармоӣ ва иҷбор ҷое дар тарбияи дурусту солим надоранд, зеро роҳи тарбияи фарзандонро аз нигоҳи ақлӣ, рӯҳӣ ва равонӣ мегиранд. Тарбияи солим танҳо дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ, машварат ва муҳаббатҳои дуҷониба сурат мегирад. Худованди мутаол мефармояд:

***“Ба сабаби раҳмати Худост, ки ту бо онҳо инчунин хушхӯю меҳрубон ҳастӣ. Агар тундхӯву сахтдил мебудӣ, аз гирди ту пароканда мешуданд. Пас бар онҳо бубахшой ва бар онҳо омурзиш бихоҳ ва дар корҳо бо онҳо машварат кун ва чун қасди коре кунӣ, бар Худой таваккул кун, ки Худо таваккулкунандагонро дӯст дорад”.***

***(Оли Имрон, 159).***

Бо вуҷуди ин, ки равиши ҳукмфармоӣ зоҳиран ба падару модар эҳтиром мебахшад, вале равиши муфиде нест, зеро озодиҳоро маҳдуд месозад ва дар дили фарзандон тарсу ваҳшатро ҷой мекунад ва ин эҳтиром аз қаноат ва муҳаббат пайдо намешавад.

Мо метавонем воқеияти тарбияи падару модарӣ дар замони моро чунин хулоса намоем:

- Бесаводии падарону модарон, ки монеъи омӯзиш ва касби маҳоратҳо шудааст.
- Афзоиши фарҳанги тарсу ваҳшат, ки "тафаккури ғуломӣ"-ро ба вуҷуд оварда ва роҳи пешрафт ва навовариро бастааст.
- Тафаккури галаӣ, тақлиди кӯр-кӯрона ва пайравии беандеша аз дигарон («Саратро дар миёни ин сарҳо бигзор», «Марг бо ҷамоат раҳмат аст»).
- Истифодаи равиши фармонравоӣ ва иҷбор дар дохили хонавода ва берун аз он.

Тарбияи оилавӣ тавоноии бунёди оила ва ҷомеа ва тахриби ҳар дуро дорад ва ҳатто метавонад тамаддуни як уммати комилро аз байн бубарад. Бунёди тамаддунҳо амалест, ки ниҳоят надорад, зеро як барномаи ҳаёти идомадор ва ҳамешагӣ мебошад, ки оғоз дораду поён надорад, зеро он пешрафт ва тараққӣ мебошад. Пас бунёди тамаддун як масъалаи ихтироот ва беҳтар намудани ҳамешагии равишҳое мебошад, ки аз он пайравӣ мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат, ба бедор кардани шавқи падару модар ва ташвиқи онҳо ба андешидан дар бораи натиҷаи тарбияи падару модарӣ ва таъсири он бар ҷомеа ва тамаддуни инсонӣ бояд аҳамияти муносиб дода шавад.

Вақте фарзандонро дар фазои хавфу саркубӣ тарбия мекунем, онҳо ҳаргиз наметавонанд дар оянда мустақилона барои худ қарор қабул намоянд, балки ҳамеша ба таслим шудан ва итоати дигарон майл намуда, ҳамеша аз масъулият мегурезанд. Ва ин амр онҳоро водор месозад, то дар масоили умумии ҷомеа дахолат накунанд, аз он ҳамеша дур бошанд ва аз рӯ ба рӯ шудан бо ҳар ҳокимияте, ки бо онҳо муқобала мекунад, тарсанд. Ва ин амр боими ба вуҷуд омадани низомҳои ситамгар ва диктатурӣ мегардад. Илова бар ин, ин равиши тарбия фарзандонро ба ҷое мерасонад, ки ҳамеша аз анҷоми вазифаҳояшон дар ҷомеа мегурезанд ва дар вуҷуди онҳо рӯҳияи танҳоӣ ва дурӣ аз мардумро эҷод мекунад. Ва ин амр сабаб мешавад, ки кори муассисаҳои муҳиме, ки барои бунёди ҷомеа талош мекунанд, душвор гардад. Дар натиҷа, фарҳанги ақибмондае ба вуҷуд меояд, ки танҳо ба хурофот ва бефикрие мебарад, ки тараққиёт ва пешрафтро дар майдонҳои асосии гуногун ва махсусан дар соҳаи илм ва техналогия заиф ва нотавон мегардонад.

Равиши ҳукмронӣ ва диктатурии тарбия сабаб мешавад, ки мардум дар доираи як гурӯҳи маҳдуд давр мезананд ва фазои бисёр муносибе барои қабули зулм, таслим шудан ба баъзе ашхос ва муқаддас шумурдани онҳо фароҳам мешавад ва сабаби қафомонӣ аз пешрафт ва тараққӣ мегардад. Аммо равиши огоҳона афродеро тарбия мекунад, ки дар доираи

ҳақ, на дар доираи шахс мечархад. Байни касоне, ки ҳамеша ҳақро ҷустуҷӯ, пайравӣ ва дифоъ мекунанд ва касоне, ки аз тарси дигарон таслим мешаванд, фарқи зиёд аст. Пас пайравӣ аз ҳақ ягона роҳи расидан ба бунёди шахсиятҳое аст, ки тавони пешбурди умматҳояшонро доранд.



## ЧӢ МОРО ВОДОР МЕКУНАД, КИ ДАР БОРАИ РАВИШИ ТАРБИЯ ПАДАРУ МОДАРӢ ОГОҲӢ ПАЙДО КУНЕМ?

Оё алоқаи муштараке байни тарбияи падару модарамон ва тарбияи фарзандонамон вуҷуд дорад?

Баъзе падару модаре, ки бо фарзандонашон муомилаи нохуб доранд, фикр мекунанд, ки сабаб ин аст, ки онҳо бо волидайнашон таҷрибаҳои нохуб доштанд, зеро падару модари онҳо низ ҳангоми хурдсолиашон бо онҳо муомалаи бад доштанд.

Оё таҷрибаи хуби инсон бо падару модараш дар даврони тифлиаш метавонад далолат кунад, ки услуби тарбияи фалон шахс нисбати фарзандонаш метавонад ба таври умум услуби мусбат ва хубе бошад? Оё байни наслҳо равиши тарбия интиқол мeёбад ва таъсири худро дорад?

Таҳқиқоте дар маҷаллаи *«Washington Family» (2006)* баён намудааст, ки тамоми марҳалаҳои

рушду нумӯ дар ҳаёти падару модар таъсири худро дар тарбияи фарзандонаш дорад ва мо наметавонем муайян намоем, ки кадом марҳалаи тарбияи ҳаёти худашро дар тарбияи фарзандонаш дар оянда интихоб хоҳад кард. Таҳқиқоти дигаре ишора мекунад, ки ҳар кӣ дар марҳалае аз марҳалаҳои тифлиаш тарбияи мусбат гирифта бошад, хоҳ аз тарафи падар бошад, хоҳ аз тарафи модар, дар оянда метавонад падар ва ё модари ҳимоятгар ва ташвиқкунанда барои фарзандонаш бошад. Ва ин тарбияи оилавии мусбат ва тақвияткунанда дар синни се солагии фарзандон пешрафти бомаърифатонаи хубе хоҳад буд *(Baumrind, 2008)*.

Таҳқиқот инчунин ишора намудааст, ки муносибати падарон аз муносибати модарон фарқ мекунад ва бо вуҷуди ин, ки аксари падарон ва модарон бо ҳам дар услуби тарбия, таълим, меҳрубонӣ ва ҳамкорӣ бо фарзандонашон монандии зиёд дорад, падарон назар ба модарон бештар майл доранд, ки бо фарзандонашон дар фаъолиятҳои варзишии баданӣ ширкат намоянд. Инчунин ҳар дуи падару модар бо писаронашон бештар аз духтарҳо дар фаъолиятҳои варзишӣ иштирок менамоянд. Дараҷаи таҳсилоти волидайн бо муваффақкият ва дастовардҳои фарзандонашон дар мактаб ва берун аз он мутаносиб аст ва ҳар қадар таҳсилоти падар бештар бошад, ҳамон қадар аҳамиятии модар ба фарзандон ва дастгирию ташвиқаш ба онҳо бештар мегардад.

Ҳарчанд тарзи тарбияи фарзандони мо одатан ба тақлид кардани услуби волидайни мо асос ёфтааст, баъзан он метавонад бо онҳо мухолифат кунад, зеро як таҳқиқоте нишон медиҳад, ки тақрибан нисфи падаркалонон ва модаркалонон гуфтаанд, ки равиши тарбияи фарзандони онҳо аз равиши тарбияи онҳо фарқ мекунад ва фарзандонашон назар ба онҳо дар тарбияи фарзандони худ сустӣ ва осонгирӣ мекунанд ва камтар аз нисфи онҳо гуфтаанд, ки фарзандонашон корҳои хонаро камтар ба набераҳояшон вобаста мекунанд ва фарзандонашон назар ба онҳо ба набераҳояшон фурсати бештар медиҳанд *(Zogby International, 2006)*.

Ба дунё овардани фарзанд барои падару модар фурсати бисёр хуб аст, ки услуби тарбияеро, ки худашон дар партави он ба воя расидаанд, бознигарӣ кунанд ва таҷрибаҳои худро дар тамоми марҳалаҳое, ки фарзанд бузург мешавад, беҳтар намоянд, новобаста аз ин, ки кӯдакиашон чӣ гуна гузашта буд ва фазои хонаводагие, ки онҳо дар он бузург шуданд, ва дараҷаи илмӣ ва даромади хонавода чӣ қадар буд. Падару модар услубҳои гузаштаро мегиранд ва онро сайқал ва тараққӣ дода, дар марҳалаҳои тифлии фарзандони худ беҳтар менамоянд. Ин ҳама мувофиқи пухтагӣ ва дарку фаҳми волидайн ва аҳамияти онҳо нисбати тарбияи падару модарӣ ва мақому дараҷаи он пешрафт менамояд.

*Дар ниҳоят, ҳар чӣ волидайн ба фарзандони худ диҳанд ҳам, фарзандон аз истиқлоли кофӣ бахраваранд ва бинобар ин барои амалҳои худ масъулият доранд ва барои корҳои худ бояд ҷавоб диҳанд. Ба ҳамин хотир, коре, ки волидайн метавонанд кунанд, дастгирӣ ва роҳнамоӣ бе маҷбурӣ аст, то рӯзе фаро расад, ки онҳо бо хушбахтӣ ва ифтихор гӯянд: “Мо волидони хуб будем”.*



## ОҒОЗИ ТАРБИЯИ СОЛИМИ ПАДАРУ МОДАРӢ. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ВАЗИФАҲОИ МУНТАЗИР

Нақши падару модар пеш аз таваллуди фарзанд оғоз мешавад, аз замоне, ки кӯдак ҳанӯз дар пушти падараш аст. Бисёр муҳим аст, ки ҳар яке аз зану шавҳар барои худ ҳамсафари хуби зиндагиро интихоб намояд. Ва хоҳиши зодани фарзандони солеҳ пас аз издивоҷ худ идомаи табиии интихоби хуби ҳамсар аст ва пас аз он омодагии маънавӣ ва моддӣ ҳам як раванди табиӣ мебошад. Нақши модари ҳомила ҳифзу нигаҳдории саломатии худ аз роҳи хӯрдани ғизоҳои муносиб мебошад ва бояд аз хӯрдани таомҳои зарарноке, ки ҳам ба саломатии ӯ ва ҳам ба саломатии тифлаш осеб мерасонанд, дурӣ намояд. Аммо вазифаи шаҳвар нигоҳубини ҳамсари ҳомилааш, сабук кардани корҳои манзил аз дӯши ӯ, кумак кардани ӯ дар анҷоми ин корҳо ва фароҳам кардани фурсати кофӣ барои истироҳат ва хоб ӯ мебошад. Инчунин аз ҷумлаи умуре, ки бояд падару модар ба он аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, ин аст, ки барои вазифае, ки мунтазири онҳост, бо дарки комил омода бошанд ва донишу малакаҳои лозимро барои расидан ба ҳадафҳое, ки мехоҳанд бо тарбияи фарзандонашон ба он бирасанд, дошта бошанд. Инчунин бояд дар бораи мушкилот ва сахтиҳое, ки бо он рӯ ба рӯ хоҳанд шуд, маърифат дошта бошанд, то нисбати онҳо беаҳамият набошанд, вале онро аз андозаи худ болотар надонанд. Зеро агар фикр кунанд, ки вазифаи падару модарӣ вазифаи саҳлу осон аст, ба он аҳамият намедиҳанд ва агар фикр кунанд, ки вазифаи аз ҳад зиёд душвор аст, шояд ноумед шаванд ва ниҳояти кор таслими ноумедиҳо гарданд. Аммо вақте машғули тарбияи фарзандон мешаванд, дарк мекунанд, ки ин вазифа бисёр таҷрибаи муфид ва зебо аст.

Зиндагии инсон силсилае аз имтиҳонот мебошад ва тарбияи фарзандон бо вуҷуди ин, ки бисёр гуворо ва муфид аст, яке аз пурхтартарин имтиҳоноти ҳаёт ба шумор меравад. Ба ҳамин хотир ин-

сон бояд ба ин мавзӯъ воқеъбинона бингарад ва дар дидгоҳаш нисбати хонавода дур аз намунаҳои хаёлӣ ва мисолӣ бошад. Бе шак, зиндагии волидайн ҳангоми ба дунё омадани фарзандон ба шакли бузурге тағйир мекунад ва пас аз он кори дигаре ба пеш меояд, ки саҳлу осон нест, ки он ҳам тарбия аст. Ин вазифаро падару модаре анҷом медиҳанд, ки аз хато ва лағзиш маъсум нестанд. Вақте фарзанд рафтору кирдори нодуруст анҷом медиҳанд, азоби рӯҳии падару модарро метавон эҳсос кард. Ин афъоли фарзандон андозаи сабру таҳаммули падару модарро месанҷанд, бахусус агар фарзандон аз падару модар дур бошанд, зеро падару модар ҳамеша дар бораи онҳо фикр мекунанд ва ғам мехуранд. Набояд падару модар дар бораи тавоноиҳои фарзандонашон дар марҳалаҳои гуногуни тарбияашон ташвиш кашанд ва ноумед шаванд, зеро ҳар як фарзанд тавоноӣ ва истеъдодҳои хосси худро дорад ва падару модар низ ҳамин тавр мебошанд. Падару модар набояд дар муҳити зист аз дигарон ҷудо бошанд ва фарзандонро танҳо тарбия кунанд, зеро бисёри касоне, ки дар атрофи онҳо зиндагӣ мекунанд, тавоноиҳои гуногуне доранд ва имкон дорад онҳо бо дастгирии ҳамдигар дар тарбияи фарзандон як шабакаи хуберо ташкил намоянд. Ва ин шабака метавонад шомили муаллимон, мураббиҳо, хешу наздикон, уламои дин ва рафиқону дӯстон бошад.

Ҳадаф: Ҳангоми тарбияи фарзандон устувор ва собитқадам бошем ва чун аз мо дар рафти тарбия хато ё лағзише ба вуқӯъ пайваст ва ё беқасд ё бо нияти анҷоми кори хайр кори нодурустеро анҷом додем, набояд дилсард гардем ва худамонро маломат кунем.

Дар сатрҳои зерин ба таври мухтасар дар бораи умуре суҳбат мекунем, ки падару модар аз оғози ҳомиладорӣ рӯи он бояд тамаркуз кунанд, зеро бисёр муҳим аст, ки падару модар дар ҳолатҳои гуногун бидонанд, ки чӣ гуна бояд рафтор кунанд ва дар кадом ҳолатҳо аз кадом корҳо бояд иҷтиноб варзанд. Ба ин насиҳатҳо ва роҳнамоиҳо ба хубӣ аҳамият диҳем, зеро дар зиндагии оилавӣ бо дидгоҳи ҷадид ва дур аз нофаҳмиҳо ба мо кумак менамоянд.

### *1. Бояд дарк кард, ки тарбияи фарзандон як раванди тӯлонӣ ва печида аст*

Тарбияи фарзандони нек, шаҳрвандони фаъол ва роҳбарони оянда кори душвори ҳаррӯза аст, ки анҷоми он на рӯзу моҳ, балки солҳоро дар бар мегирад. Робитаҳои берун аз доираи хонавода, монанди ишқу муҳаббат ва дӯстиву рафоқат метавонанд рӯзе канда шаванд, вале робитаҳои байни волидайну фарзандон решадор, устувор ва идомадор мебошанд, ки имкони қатъ кардан

ва аз байн бурдани онҳо нест. Ин робитаҳо метавонанд ҳамчун девори мустаҳкам ва сипари амон дар баробари тӯфонҳои сахттарин бошанд. Ва ин робитаҳо аз ҷумлаи устувортарин ва қавитарин робитаҳо дар ин олам ба шумор меравоанд. Ба ҳамин хотир яке аз маъноҳои калимаҳое ки аз ҳарфҳои «س» ,«أ» ва «ر» (алиф, син, ре) ташкил шудаанд, монанди калимаи «أسرة» («усра», яъне «хонавода») «сипар» ва «қалъа» аст.

## *2. Гузоштани ҳадафҳои солим барои пешрафт ва тараққӣ*

Гузоштани ҳадафҳои дурусту возеҳ сабаб мешавад, ки мо аз дудилагӣ ва хато дар расидан ба онҳо дар амон монем, зеро ин ҳадафҳо мақсад ва чигунагии расидан ба онро мушаххас мекунанд (дар фасли баъдӣ ҷадвали ҳадафҳои тарбияи падару модариро хоҳӣ ёфт). Агар падару модар барои худ ҳадафҳои муайян ва нақшаи корӣ омода накунанд, метавонанд дар маърази хато қарор гиранд ва ҳатто дарк накунанд. Албатта гузоштани ҳадафҳо ба таври комил аз хато ҳифз намекунад, вале муҳим ин аст, ки инсон хатояшро фаҳмад, бори дуюм онро такрор накунад ва аз он дарси ибрат гирад. Ин амр масъулиятшиносии моро бештар мегардонад ва шомили гузоштани ҳадафҳо барои фарзандонамон низ мешавад.

Оё мо ба фарзандонамон таълимоте, ки ҳадафҳои возеҳ доранд, пешниҳод кардаем? Оё мо онҳоро роҳнамоӣ кардем, то бидонанд, ки чӣ гуна бо мо бо созгорӣ зиндагӣ кунанд? Оё мо ба онҳо малакаҳои зарурӣро таълим додем, то ризояти моро ноил гашта, боварии моро ба даст оранд?

## *3. Намунаи нек бош ва ба фарзандонат худбовариро ёд деҳ*

Кӯдакон маҷмӯае аз арзишҳоро, аз ҷумла саховат, шуҷоат, интизом, муҳаббат, меҳрубонӣ, ҳамбастагӣ ва масъулият, дар аввалин мактаби зиндагиашон, ки оила аст, меомӯзанд. Мо бояд ин арзишҳоро ба фарзандонамон биомӯзем ва онҳоро таълим диҳем, то тавонанд корҳояшонро худашон идора намоянд ва танҳо дар ҳолатҳои бисёр мушкил аз дигарон кумак бигиранд. Насиҳат ва роҳнамоиҳои падару модар ба танҳоӣ наметавонад роҳи ҳал бошад ва фарзандон дар асоси он мардон ва занони қудратманд ба воя бирасанд. Равиши таълиму тарбияе, ки дар асоси намунаи нек устувор аст, назар ба машваратҳо, роҳнамоиҳо ва насиҳатҳои бисёр дар тарбияи фарзандон муассиртар аст. Инчунин намунаи нек тарбияро аз як таълимоти назариявии хушк ба фаъолиятҳои амалии зинда дар майдони амал табдил мекунад, ки барои гирандаи он мақбултар мегарданд.

## *4. Табодули таҷрибаҳои тарбиявии амалӣ бо дигарон*

Мақолоту китобҳою таҳқиқоти зиёде ҳаст, ки уламо ва донишмандони илми тарбия онро барои кумак

ба падару модар ва тақдими маслиҳатҳои хуб ба онҳо таълиф намудаанд. Бо вуҷуди ин, ки падару модар одатан дар қоидаҳои умумии тарбия иттифоқи назар доранд, онҳо дар татбиқ ва амалӣ намудани онҳо беаҳамиятӣ мекунанд, ки ба сабаби дониш ва таҷрибаи ками онҳо ё ба сабаби корҳои зиёди рӯзмараашон мебошад. Табодули таҷрибаҳо бо дигарон ҳангоми тарбияи кӯдакон ба ноил шудан ба малакаҳо ва қобилиятҳои беҳтар мусоидат мекунад. Тарбияи фарзанд кори бисёр муҳим аст, ки иштироки дигарон ва ҳамкории онҳоро металабад ва анҷоми ин вазифа ба танҳоӣ фоидае нахоҳад дошт.



### *5. Фарзандонатро таълим деҳ, то тавонанд дурустро аз нодуруст фарқ кунанд*

Бисёри вақт мешунавем, ки падару модар вақте мебинанд, ки фарзандони дигарон кори нодурустеро анҷом медиҳанд, мегуянд: “Имкон надорад, ки писари ман ин кори нодурустро анҷом диҳад” ва ё “писари ман аз дигарон фарқ мекунад”. Оқилона нест, ки фикр кунем фарзандони мо аз хато ва лағзиш маъсум мебошанд ва ин, ки комёбӣ табиати онҳо аст. Набояд ҳайрон шавем, агар бинем, ки фарзандони мо кореро анҷом додаанд, ки мухолифи хостаҳои мо аст, зеро онҳо монанди дигарон дар ин дунё зиндагӣ мекунанд ва ҳамаи мо фарзандони Одам ва Ҳавво ҳастем, табиати якхела дорем ва метавонем дурустро аз хато мутобиқи даркамон фарқ кунем. Инчунин мо дар маърази хато ва лағзишҳо қарор дорем, зеро мо ҳам бо хатрҳои якхела мувоҷеҳ мешавем ва дар муҳити ҳаммонанд зиндагӣ мекунем. Фарқ миёни мо ҳамин аст, ки баъзеи мо назар ба дигарон бештар хато мекунем, баъзеи дигар аз хатоҳо даст мекашем ва онҳоро ислоҳ мекунем ва баъзеи дигар бо исрор хатоҳои худро идома медиҳанд ва дар паи ислоҳи он намешаванд. Бо вуҷуди ин, ки мо аз ҳамдигар фарқ мекунем, таҷрибаҳои якхелаеро пушти сар мекунем ва бисёр нодир ва кам аст, ки мувоҷеҳи амре дар ҳаётамон шавем, ки дигарон мувоҷеҳи он нашуда бошанд.

### *6. Барои рушди ва тасбити сифатҳои асосии шахсии худ талош намо*

Ҳеҷ тамаддуни инсоние дар сатҳи тамоми башарият наметавонад тараққӣ намояд, магар дар асоси муассисаҳои қудратманд ва муна-

ззами шомили одамҳои бошахсият, дур аз худписандию фасод ва дорои сифатҳои тавозуъ, садоқат ва меҳрубонӣ нисбати дигарон бошанд. Ин сифатҳо наметавонанд тасодуфӣ бошанд, балки дар асоси тарбияи оилавии босаодат, устувор ва пойбанди ахлоқ тарбия мешаванд.

### *7. Фарҳанги гуфтугӯро бо фарзандонат беҳтар намо*

Гуфтугӯ ва сухан гуфтан бо фарзандон дар ояндаи онҳо таъсири бузурге дорад. Бинобар ин бояд бо онҳо дар бораи ҳар чиз суҳбат кунем. Бо онҳо дар бораи рӯз ва назарҳои худ суҳбат кун ва дар бораи андешаҳои онҳо бипурс, ки дар бораи чӣ фикр мекунанд ва ба чӣ аҳамияти бештар доранд. Бисёр муҳим аст, ки фарзандонат тавонанд фикри худро баён кунанд. Гуфтугӯ ва ҳамкорӣ бо фарзандонатро дар қатори корҳои муҳимтаринат қарор деҳ ва талош кун онҳоро хубтар бишносӣ ва назар ба пештара беҳтар бифаҳмӣ. Илова бар ин, робитаатро бо онҳо қавитар намо, зеро тамоми ин корҳо ба хотири беҳтар сохтани гуфтугӯ ва тақвияти баёнашон кумак менамояд. Ҳангоми суҳбаташон ба онҳо аҳамият деҳ ва машғули телевезор, интернет, телефони дастӣ ё бозиҳои компютерӣ нашав, зеро ба сабаби дур шуданат аз онҳо аз ту дур мешаванд.

Алоқаи байни падару модар ва фарзандон шомили баҳсу гуфтугӯҳои ҷиддӣ ва шухӣ, мазоҳ ва бозӣ бо ҳамдигар мебошад, зеро ин бозиҳову гуфтугӯҳо дар хонавода фазои хушҳолиро эҷод намуда, ғубори хастагиро дур месозанд ва ноумедиро аз тану ҷон мебаранд. Падару модар дар тарбия ва ба воя расондани фарзандон вақти зиёдро сарф мекунанд, вале қасдан ё беқасд фаромӯш мекунанд, ки бояд дар хона фазои хушҳолӣ танинандоз бошад, зеро ин амр дар тарбия ва нашъунамои фарзандон ва рушди шахсияти онҳо нақши муҳимеро мебозад. Кӯдакон дунёи хосси худ ва тавоноиву кудратҳои бузургеро доранд, ки мехоҳанд онро дар фазои хушҳоливу бозӣ амалӣ созанд. Аммо мутаасифона падарону модаронеро мебинӣ, ки хаста ва дилсард ҳастанд ва тамошои телевезорро аз бозиву хушҳолӣ бо фарзандонашон беҳтар медонанд. Фарзандон метавонанд бо бозӣ бо падару модар аз хастагиву мушкилоти ҳаёти онҳо бикоҳанд ва волидайн бояд ба онҳо кумак кунанд, то ба дунёи поки кӯдакӣ ҳатто барои чанд лаҳзае баргарданд, зеро ин вақти кам ҳам барои ҳар ду тараф бисёр ба шумор меравад.

Баъзе падару модар фикр мекунанд, ки бозӣ бо фарзандон мавқеи онҳоро заиф менамояд, ҳайбату обруяшонро кам мекунад ва аз ҷиддияту дастовардҳояшон

мекоҳад, вале ин фикр хато ва нодуруст аст, зеро бозӣ ва шӯхӣ бо фарзандон ба онҳо эҳсоси боварӣ ва натарсидан аз ояндаро медиҳад, аз тарсу дудилагии онҳо мекоҳад, сабаби меҳри дучониба мегардад ва фарзандонро ташвиқ менамояд, ки хоҳишоташонро бе тарсу ҳарос ба падару модар баён кунанд. Бинобар ин шухиҳои ҳадафмандона ва содиқона бо фарзандон унсури асосӣ дар муносибатҳои байни волидайн ва фарзандон мебошанд. Ин равишро имрӯзҳо дар илми равоншиносӣ "соате бозӣ дар рӯи замин" меноманд, ки барои рушду нумӯи солими фарзандон зарур аст.

### *8. Аз тарбияи падару модарии комёб лаззат бубар*

Илова бар он чизе, ки пештар зикр кардем, падару модар бояд аз рӯи роҳнамоиҳои собиқа дар фазои отифӣ, хушҳолӣ ва шухӣ амал намоянд, то аз тарбияи солим лаззат бубаранд. Гоҳо падару модаре, ки дар ҳаваси комёбӣ ҳастанд, танҳо ба ҳадафҳо тамаркуз менамоянд, хушҳоливу лаззат бурдан аз ҳаёти оилавиро фаромӯш мекунанд ва зебоӣ ва унси оилавиро аз даст медиҳанд. Бинобар ин бисёр муҳим аст, ки фаромӯш накунем, ки мафҳуми тарбияи оилавӣ як мафҳуми шомил ва амали доими дилсӯзонаву ғамхоронаву дӯстона мебошад.

## ГУЗАРОНИДАНИ ВАҚТИ ХУБ ВА МУШОРАКАТИ ФАЪОЛОНА БО ФАРЗАНДОН

Шояд баъзе падару модар иддао кунанд, ки вақтҳои хубро бо фарзандон мегузаронанд, вале дар воқеъ ин вақтҳоро на бо онҳо, балки дар назди онҳо мегузаронанд. Шояд ҷисман дар як ҳуҷра бошанд, вале машғули тамошои телевезор, хондан, гап задан бо телефон, мутолиаи мактубҳои электронӣ ё суҳбат бо меҳмонон ҳастанд.

Падару модар бояд дар корҳои гуногун, монанди китобхонӣ, бозӣ, мусобиқа, ҳалли чистонҳо, пухтупаз, хӯрдани хӯрок, рӯбучини хона, гуфтугӯ дар бораи андешаву афкор, давутоз, шухӣ, харид, сотани хонача ва ғайра, бо фарзандонашон мушоракати фаъолона бошанд. Яъне онҳо бояд фарзандонашонро танҳо нагузоранд ва дар корҳои гуногунашон иштирок намоянд. Ва инро метавон гузаронидани вақти хуб, муфид ва гуворо бо иштироки фаъол донист.

Вақти хубу кофӣ бо аъзои оила ин тавр гузаронида мешавад ва онро набояд ба уҳдаи хидматгорон ё дигарон гузошт, зеро онҳо наметавонанд ҷонишин ё ивази падару модар дар анҷоми ин фаъолиятҳо бошанд.

Рӯзномаи «The Washington Post» бо ҳамкории Донишгоҳи Ҳарвард дар бораи авлавиятҳои теъдоди зиёди мардону занон назарсанҷӣ намуд ва натиҷаи он чунин буд, ки бархӯрд бо фишорҳои иқтисодӣ ва равонӣ, устувор намудани робитаҳои хонаводагӣ, алоқаҳои фаъол бо фарзандон ва ташвиқи модарон бар ин, ки аксари вақташонро бо фарзандон дар хона бигузаронанд аз авлавиятҳо ва муҳимтарин аҳдофи онҳо будааст. Ба таври ошкор маълум шуд, ки муҳимтарин авлавиятҳо тарбияи оилавии солим аст (Маҷаллаи «ал-Усра», 2005).

## ИСТИФОДА АЗ САРЧАШМАҲОИ МАЪЛУМОТ ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

Касби маълумот аз китобҳо, мақолот ва таҳқиқоте, ки шомили назарҳои донишмандон ва насиҳатҳои онҳо мебошанд, яке аз роҳҳое аст, ки дар тарбияи оилавӣ ба мо кумак мекунад.

### Сарчашмаҳои исломӣ дар муқобили сарчашмаҳои ғарбӣ

Таълифот дар мавзӯи тарбияи оилавӣ дар Амрикои Шимолӣ ва Ғарб ба таври васеъ паҳн гаштаанд. Илова бар ин, сайтҳо ва китобхонаҳои электронии зиёде вуҷуд доранд, ки маълумотеро пешкаш мекунанд, ки тарбияи фарзандонро бештар асарбахш ва фаъол мекунанд.

## ОМОРИ ТАЪЛИФОТ ВА САРЧАШМАҲО ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

| Китобхона | Теъдоди китоб |
|---|---|
| Китобхонаи Конгресс | 2464 |
| Иттиҳодияи шаш донишгоҳи Амрико | 3215 |
| Китобхонаи ҷамъиятии шаҳристони Фэрфакс, Вирҷиниа | 432 |
| Китобхонаи миллии Канада | 362 |

Теъдоди китобҳои чоп ва тақсимшуда аз 2774 ҷилд дар соли 2007 то 3520 ҷилд дар соли 2011 зиёд шудааст *(Bowker Books in Print, Peterson, 2012).*

**Сарчашмаҳо:**

Китобхонаи Конгресси ИМА - *www.loc.gov*

Китобхонаи ҷамъиятии шаҳристони Фэрфакс, Вирҷиниа - *www.fairfaxcountry.gov*

Китобхонаи миллии Канада - *www.collectionscanada.gc.ca*

Вале агар падару модари мусулмон бихоҳанд, ки аз сарчашмаҳои исломӣ барои тарбияи оилавӣ маслиҳат гиранд, ба куҷо муроҷиат кунанд? Ат-Тал ва ал-Қайсӣ (1990) таъкид мекунанд, ки таълифоти исломии хуб нисбатан кам мебошанд ва камтар аз он тафсилоти амалӣ дар бораи чӣ гуна ҷой додани арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ дар рафтори фарзандонро баён мекунанд. Падару модар дар истифодаи таълифоти қадимӣ дар мавзӯи тарбияи фарзандон мушкил доранд, зеро онҳо барои замону масъалаҳоест, ки аз масъалаҳои имрӯз фарқ мекунанд. Илова бар ин, тамоми ин китобҳо бо вуҷуди бисёр буданашон ба тартиби фаслҳо, феҳристбандӣ ва ишора ба сарчашмаҳои нав ниёз доранд. Инчунин маълумот дар фаслҳои калони китобҳои фиқҳ, тафсир, таърих, шеър, тасаввуф, мавъиза ва иршод низ пароканда мебошанд.

Доктор Заъбаловӣ дар китоби "Тарбия дар синни навҷавонӣ" мегӯядд, ки китобҳои бисёр каме дар боби тарбияи фарзандон вуҷуд дорад, бахусус дар боби тарбияи навҷавонон. Анҷумани донишҷӯёни мусулмони Канада (MSA) аввалин китоби рангаи исломиро дар бораи атфол соли 1973 ба чоп расонд ва дар он замон чунин китобҳо дастрас набуданд.

Падарону модароне, ки дар Ғарб муқим шудаанд, аз камбуд ва набуди таълифот дар бораи тарбияи фарзандон ранҷ мекашанд. Доктор Мунозир Аҳсан, мудири собиқи муассисаи исломӣ дар Лестери Англия ёдовар мешавад, ки ҷомеаҳои мусулмон дар Ғарб тавонистанд муассисаҳо, масҷидҳо ва мадрасаҳои зиёд эҷод кунанд, вале натавонистанд «ба қадри кофӣ ба забони англисӣ адабиёте, ки ҷавобгӯи талаботи таълими насли ҷавон дар хона ё мадраса бошанд, таълиф кунанд» *(D. Owen, 1996)*.

Китобхонаи исломӣ ба китобҳои бисёр дар бораи тарбияи оилавӣ ниёз дорад, зеро таълифоти нашршуда бисёр кам ҳастанд ва зарурати имрӯзӣ назар ба китобҳои мавҷуд бештар аст. Китобҳои мавҷуд бештар дар бораи тарбияи бузургсолон навишта шудаанд ва теъдоди бисёр ками онҳо дар бораи тарбияи кӯдакон, нашъунамои онҳо ва равоншиносии навҷавонон баҳс мекунанд. Дар айни ҳол, таълифоти зиёде вуҷуд доранд, ки онро фақеҳон дар мавзуоти ҷанбаҳои шаръӣ дар бораи акдҳои издивоҷ, ҳуқуқи зану шавҳар, фарзандон ва вазифаҳои онҳо, тафсилоти талоқ, мерос ва ғайра навиштаанд.

Имрӯз эҳтиёҷи сахт ба таълифи китобҳо ва таҳқиқоти исломие вуҷуд дорад, ки ҷанбаҳои хонавода ва алоқаҳои байни аъзои онро, бахусус алоқаҳои байни бародарону хоҳарон ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ, рӯҳӣ ва тарбиявии онро дарбар гиранд. Вақте яке аз падару модар барои тарбияи фарзанд кумак меҷӯяд, мебинад, ки аксари ки-

тобҳои мавҷуд дар ин мавзӯъ дар бораи масоили қонунӣ, фиқҳӣ ва шаръӣ суҳбат мекунанд ва ҳатто аксари китобҳои таърихи ислом, ки дар мактабҳои миёна дар давлатҳои арабӣ тадрис мешаванд, робитаҳои инсонӣ ва рушди шахсияти инсонро нодида мегиранд ва танҳо дар бораи масоили сиёсӣ ва нақли ҳодисаҳои ҷанг ё робитаҳои байни миллатҳо суҳбат мекунанд.

Илова бар ин, дар китобҳои сират як бахши бисёр андак барои мавзӯи муҳаббати фитрии инсонӣ, меҳр ва эҳтироме, ки Расулуллоҳ (с) нисбати кӯдакон доштанд. ҷудо шудааст ва дар бораи лутфу меҳрубониву эҳтироми Расулуллоҳ (с) ба онҳо, омода буданаш барои иштирок дар бозиҳо ва ҳамдарӣ бо онҳо ва эҳтиром ба эҳтиёҷоти равонӣ ва отифии онҳо камтар суҳбат шудааст. Беҳтарин намунаи он барои мо бародари хурди ҳазрати Анас ибни Молик (р) аст, ки Абу Умайр ном дошт. Абу Умайр парандаи хурде дошт, ки бо вай бозӣ мекард, ва вақте, ки паранда мурд, кӯдак бисёр ғамгин шуд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) бо дилбардорӣ ба ӯ гуфт: “Эй Абу Умайр чӣ шуд бо нуғайр?” Нуғайр парандаи хурдро мегӯянд.

Бо вуҷуди ин, ки барои Расулуллоҳ (с) фурсате фароҳам нашуд, ки писаронашро тарбия кунад, зеро онҳо дар синни ширхорагӣ вафот карданд, эшон духтаронаш Фотима, Зайнаб, Руқия ва Умми Кулсумро (р) тарбия кард ва дар тарбияи набераҳояш Ҳасан ва Ҳусайн (р), фарзандони наздиконаш ва дигар афроди ҷомеа ширкат кард. Инчунин писари амакаш Алӣ ибни Абутолиб (р) ва фарзандхондааш Зайд ибни Ҳорисаро (р) тарбия намуда, ба воя расонд. Бисёр хуб аст бидонем, ки Расулуллоҳ (с) бо вуҷуди ин, ки машғули ташкили давлати навтаъсисе буд, ки аз ҳама тараф мавриди хатар қарор дошт, ба кӯдакон аҳамият дода, онҳоро эҳтиром ва лутфу меҳрубонӣ мекард.

Ҳанӯз ҳам дар таълифи китобҳо аҳамияти бештар ба арзишҳо ва аҳдоф дода мешавад ва ба равишу василаҳои амалӣ барои рушду инкишофи шахсият ва арзишҳои ахлоқии кӯдакон ба қадри кофӣ аҳамият дода намешавад. Аҳамияти кофӣ ба фаҳми рушд ва марҳалаҳои пешрафти фарзандон ва чигунагии тарбияи шахсияти онҳо дода намешавад. Инчунин дар васоили амалӣ, маҳоратҳои гуногун ва намунаҳои воқеӣ нақсу камбудӣ вуҷуд дорад. Ин амр дар амалӣ сохтани ҳадафҳои асосии тарбияи оилавии ҳаррӯза душвориҳоеро дар ҳаёти падарону модарон ба бор меорад.

Мавзӯи тарбия (ин калима дар забони арабӣ шомили мафҳумҳои таълиму тарбия ва тазкия мебошад) муҳимтарин мавзӯест, ки асрҳои тулонӣ ба сабаби истеъмори давлатҳои исломӣ нодида гирифта шуд, зеро дар ин асрҳо аҳамияти асосӣ ба озод кардани кишварҳо аз истеъмор ва пок кардани онон аз микробҳои

он буд. Бинобар ин ба мавзӯоти иҷтимоӣ, идораи муваффақ ва рушду нумӯ аҳамият дода намешуд, тарбияи оилавӣ аз авлавиятҳо ба шумор намерафт ва дар ин мавзӯъ баҳсҳои илмӣ ва хуб муддатҳои тулонӣ таълиф нашуда буданд.

Ислоҳотгарони исломие, ки дар Қайравон, Тунис ва дигар сарзаминҳо зиндагӣ кардаанд, монанди Ибни Саҳнун, Қобисӣ, Ибни Ҷаззор, Али Қубайсӣ, Ғазолӣ, Морудӣ ва Ашбиҳӣ ба мавзӯи макконидани кӯдак, танзими рафтори онҳо, идораи онҳо, муҷозоти онҳо дар синф ва ташвиқу мукофотонидани муаллимон суҳбат кардаанд. Вале ба тарбияи кӯдакон, таълим ва равиши дурусти тарбияи падару модарӣ аҳамияти кофӣ надоданд. Ин амр ҷузъан баён мекунад, ки ҳаракатҳои ислоҳотӣ натавонистанд бо вуҷуди тамоми талошҳои бузургу холисона ва зиракии пешвоёни ислоҳотталабӣ тамаддуни исломиро зинда созанд.

Мо ба маърифати хуб ва амалӣ дар мавзӯи тарбияи фарзандон, рушди шахсияти онҳо, имони қавӣ ва маҳоратҳои муносиб зарурати сахт дорем, то тавонем дар атрофи худ ҷомеаи муътадил ҳамчун нуқтаи оғози бедорӣ ва оядани шукуфо бисозем. Сирати пайғамбарон дар Қуръони карим барои мо намунаи хуб аст ва сазовор аст, ки дар асоси барномаҳои онҳо ҳаракат кунем, то ба ин ҷомеаи ормонӣ бирасем.

Шоёни зикр аст, ки фаҳми амиқ дар бораи илм ва фанни тарбияи оилавӣ ба фарзандони мо кумак мекунад, ки сифатҳои роҳбариро барвақтар аз худ кунанд ва ба хотири расидан ба ин ҳадаф Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ доктор Мумтоз Анвар, устоди Донишгоҳи Кувайтро соли 2002 вазифадор намуд, то дар мавзӯи тарбияи оилавӣ назди мусулмонон маълумот гирд оварад. Доктор дар баҳсу ҷустуҷӯи худ ба ин хулоса омад, ки дар китобҳои тарбияи оилавии дурусти мусулмонон нақсу камбудиҳои зиёде вуҷуд дорад ва нисбати омӯзишдидаҳо бисёр паст мебошад, махсусан дар аксари ҷаҳони Ислом сатҳи дониши модарон бисёр паст аст.

Бисёре аз падару модарон дар тарбияи фарзандонашон бештар ба таҷрибаи шахсиашон такя мекунанд ва ин амр барои расидан ба тарбияи комёб кофӣ нест. Дар китобҳое, ки бисёр бо сифати олӣ чоп шудаанд, нақсу камбудиҳои зиёде ҷой дорад ҳам аз нигоҳи гирдоварии маълумот ва ҳам аз нигоҳи таърифоте, ки дар он вуҷуд доранд, ва ҳатто барои падару модари омӯзишдида дар ин самт машқҳои амалӣ ва расмӣ вуҷуд надоранд. Бо вуҷуди ин, ки муайян кардани омори дақиқи таълифоту китобҳои тарбия, ки бо забонҳои гуногун дар ҷаҳони ислом навишта шудаанд, мушкил аст, онҳо кофӣ ё шинохташуда нестанд.

Мураббиҳо бояд омӯзиш бинанд ва худро ба сифатҳое, ки Худованд ба он пайғамбаронро тавсиф намудааст, биороянд. Баъзеи ин сифатҳоро зикр мекунем:

**Ростгӯ**
**Дилсӯзу меҳрубон**
**Соҳиби илму ҳикмат**
**Соҳиби илму қувваи ҷисмонӣ**
**Қавӣ ва амонатдор**
**Ҳомӣ ва доно**

## ОЁ САЗОВОР АСТ, КИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА ОМӮЗИШ ДОДА ШАВАД?

Мо пешниҳод мекунем, ки баъзе маводи тарбияи оилавӣ барои мактабҳои миёна омода шаванд, зеро аз ҳар даҳ нафар ҳафт нафар ба ин назар мебошанд, ки тарбияи оилавиро бояд таълим бигирем ва барои дигарон биомӯзонем.

(Longfield and Fitzpatrick, 1999)

Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дунё шоҳиди тағйироти зиёде шуд. Дар гузашта аъзои як оила тамоми умр дар як деҳа ё як шаҳр зиндагӣ мекарданд ва падару модаркалонҳо, амаҳову амакҳо ва холаҳову тағоҳо дар наздикиҳои онҳо зиндагӣ мекарданд ва онҳоро насиҳату кумак мекарданд. Вале ҳоло ҳаёти оилавӣ ба сабабҳои гуногун бештар мувоҷеҳи хатарҳо ва душвориҳо мебошад, аз ҷумла афзоиши теъдоди оилаҳои нопурра, афзоиши нисбати талоқ, афзоиши теъдоди модарони коргар ва ғайра. Онҳое, ки дар доираи як хонавода зиндагӣ мекарданд ва ба ҳамдигар дасти кумак дароз мекарданд, дар асри мо аз ҳам пошидаанд. Ва ин амр эҳтиёҷ ба муаллими тарбияи оилавиро ба вуҷуд овардааст, ки дар гузашта ба сабаби вуҷуди хонаводаҳои бузург лозим набуд. Пас оё сазовор аст, ки мактаб ин нақшро бибозад? Шояд тарбияи фарзанди дуюм назар ба фарзанди якум беҳтар бошад, чунки падару модар аз таҷрибаи фарзанди якум истифода менамоянд. Агар имкон дошта бошад, ки мо таҷрибаҳои худро ба дигарон ба таври расмӣ ё ғайрирасмӣ интиқол диҳем, оё зарур аст чунин кунем?

Мушкилоти зиёде вуҷуд доранд, ки дар баробари фароҳам намудани мавод ва сарчашмаҳои тарбияи оилавӣ қарор мегиранд.

Дар қадами аввал бояд баён кунем, ки аз ин интиқоли таҷрибаҳо чиро дар назар дорем ва нақши муаллим дар ин мавзӯъ чист? Мо дар ин роҳ маҷбурем барномае барои ҳаёти оилавӣ гузорем, ки шомили эҳ-

сосот, шуур, алоқа ва робитаҳои байни аъзои оила бошад. Баъзеҳо ба ин назар мебошанд, ки набояд ин мавод дар мактабҳо тадрис шаванд, зеро ҳамаи онҳо қолабҳо ва қоидаҳои муайяншудае аз тарафи ҳукуматҳо мебошанд ва ин амр барои ҳукуматҳо ё сиёсатҳое, ки мехоҳанд дар ҳаёти хусусии оилаҳо ва робитаҳои дохили он дахолат кунанд ва хостаҳои худро дар он ҷой диҳанд, фурсатро фароҳам менамояд. Беҳтар аст дар фикру андешаи падару модар ин амр ҳамеша ҳозир бошад, ки дар бораи тарбияи фарзандон аз инсонҳоиботаҷриба бипурсанд ва тамоми умури тарбияи фарзандонро ба мактабу муаллим ва онҳое, ки дар ин соҳа фаъолият мекунанд, вогузор накунанд. Чун ҳар як хонавода хусусият ва вижагиҳои худро дорад. Пас ба падару модар тавсия мешавад, ки баъд аз машваратҳо ба ҳикмат ва таҷрибаи шахсии худ рӯ биёранд ва аз хатоҳои худ таълим бигиранд, зеро ин ҳама ба манфиати ҳимояи низоми дохилии оила мебошад.

Мо ҳангоми тақдими насиҳат ва роҳнамоиҳо дар бораи тарбияи оилавӣ бояд боэҳтиёт бошем, то аз дахолатҳои хориҷӣ дар корҳои оила дур бошем, золимона рафтор накунем ва ҳуқуқи дигаронро поймол накунем, зеро ин боварии фарзандонро ба падару модар ва хоҳиши машварат бо онҳоро камтар мекунад. Муаллимоне, ки омӯзиши дуруст надидаанд, ҳақ надоранд нақши миёнарав ва ё қозиро дар ҳалли мушкилот бозӣ кунанд.

Илова бар он чӣ, ки пештар зикр кардем, боз якчанд унсури муфиди дигаре барои барномаи тарбияи оилавие, ки ба таври комил омода шудааст, вуҷуд дорад, ки наметавон онро нодида гирифт. Зеро фарзандҳои мо бояд арзиши масъулиятеро, ки ҳангоми ташкили оилаи нав бар уҳдаи онҳо меафтад, дарк намоянд ва қадри вақту хароҷотеро, ки барои ташкили оила ба он ниёз доранд, бидонанд.

Бояд мувозинате, ки бо омода кардани мавод бар пояи асли тавҳид, поксозии нафс, ободсозӣ ва бунёди уммат бар мафҳумҳои қуръонӣ дар тарбияи оилавӣ анҷом мешавад, нигоҳ дошта шавад.

## РОҲНАМОИҲОИ БРИТОНИЁ БАРОИ БАРНОМАҲОИ ТАРБИЯВИИ МАКТАБҲО

Бояд байни падару модар ва мактабҳо тавозуни дақиқ ва ҳассос вуҷуд дошта бошад ва беҳтар аст дарсҳои ҳатмӣ аз ин тавозун холӣ набошанд. Бо вуҷуди ин, ки муассисаҳо ва ҷамъиятҳои хайрия ба падарону модарони ҷадид дар мавзӯи ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини фарзандони ширхор кумак мерасонанд, таълими ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ахлоқӣ ҳамчу мавзӯи мавриди баҳс боқӣ мемонад.

Ҳукумати Британиё омӯзиши маводи тарбияи оилавиро барои мактаббачаҳо дар мактабҳои миёна ба таври расмӣ соли 2000 оғоз на-

муд. Аз ҳам пошидани хонаводаҳо ва мушкилоти ҷои зисти фарзандон дар оилаҳои нопурра як мушкили бисёр хатарноке дар Британиё ба шумор меравад ва ин мушкилот то ҳадди зиёд ташвишовар шудаанд (Wolf, 1999). Ҳукумати Британиё принсипҳои асосии роҳнамоиро барои талабаҳо дар мавзӯоте, ки онро мураббиҳо ва фаъолони давлатӣ ва уламои илми равоншиносӣ пешниҳод кардаанд, дар назар гирифтааст, ки чунин мебошанд:

- Бархӯрд бо ихтилофоти зану шавҳарӣ
- Ба таври муносиб муҷозот намудани фарзандон
- Насиҳатҳои амалӣ дар бораи равиши бархӯрд бо ғазаби тифл дар бозор
- Накши падару модар
- Вазифаҳо ва усули амалӣ барои тарбияи фарзандон
- Бо таърифу тавсиф боварии фарзандонро ба худашон қавитар намудан
- Вазифаҳо дар баробари ҳуқук ва истиқлолият
- Аҳамияти издивоҷ ва арзиши он
- Маҳорати идораи вакт
- Бархӯрд бо сахтиҳо дар ҳаёти хонаводагӣ

Ҳукумати Британиё ба ин хулоса омадааст, ки ин барнома метавонад дар коҳиши нисбати ҳомиладории ғайриқонунӣ дар байни навҷавонон ва кам кардани рафторҳои ҷинояткорона дар назди фарзандон саҳм дошта бошад. Инчунин ҳукумати Британиё яқин намудааст, ки зиндагӣ дар дохили қоидаҳои хонавода ва низоми он аввалин қадам дар омӯхтани зиндагӣ дар доираи қонунҳои ҷомеа ва дур шудан аз иртикоби мухолифатҳо ва ҷиноятҳое, ки дар оянда сабаби рафтан ба зиндон мешаванд, мебошад.

Бо вуҷуди ин, ки тарбияи оилавӣ бисёр душвор ва сахт аст, зеботарин, хубтарин ва гуворотарин таҷрибаест, ки бисёре аз падару модар дар тамоми ҳаёташон онро таҷриба мекунанд.

*(Батул Таъма, нависанда ва модар. Мактуби шахсӣ)*

Илм — барнома, қоидаҳо, стратегия ва фарзияҳоро ва фан — ҳикмат, ҳушёрӣ, дурбинӣ ва муҳаббату мантиқро талаб мекунанд. Тарбия фарзанд тамоми инҳо мебошад — илм, фан ва лаззати зотӣ.

Оё фарзандони мо ғайриоддӣ ҳастанд?

Баъзе падару модар ба ин назаранд, ки фарзандонашон ғайриоддӣ мебошанд, зеро дар тарбияи онҳо ба мушкил рӯ ба рӯ мешаванд.

Модаре мегӯяд:

“Чанд сол пеш аз фарзандор шудани мо ҳамсояҳоямон ҷое рафтанду аз ману ҳамсарам хоҳиш карданд, ки хонаашонро тоза кунем. Онҳо се писар доштанд ва бозичаҳояшон дар саҳни хона пошида шуда буданд. Баъд аз шаш соат рӯбучин ва ба тартиб даровардани хона хаста шуда, рӯи диван дароз кашидему ба худ гуфтем: «Ин амри оддӣ нест ва агар ин ҳоли фарзандорӣ бошад, пас ҳаргиз фарзанд ба дунё намеорем. Вале баъд аз гузашти ду сол ва ба дунё овардани ду фарзанд яқин кардам, ки ҳоли ҳамсоямон оддӣ ва табиӣ будааст ва ҳоло ҳолати утоқи нишасти мо ҳам ҳамон тавр аст”.

*(Faber and Mazlish, 1982).*

## ХУЛОСА

Фарқ намекунад, ки барномаҳои тарбиявӣ расман хонда мешаванд ё на, вале як масъала ҳатман боқӣ мемонад ва он ҳам ин аст, ки тарбияи оилавии дуруст ва таъсири оқибатҳои он дар ҷомеа як амри шинохташуда ва аниқ мебошад ва пешгири воқеа қабл аз вуқӯъи он дар замони издивоҷ, падару модарӣ ва тарбияи фарзандон метавонад ягона роҳи пешгирии бисёре аз мушкилоте бошад, ки падару модар дар оянда ба он мувоҷеҳ мегарданд.

Агар падару модар дарк кунанд, ки бо анҷоми комили вазифаҳои худ чӣ қадар комёбиҳо ва хубиҳоро барои ҷомеа ба бор меоранд, дар он сурат барои аз худ кардани илми тарбияи voилавии муваффақ омода мешаванд ва барои тарбияи фарзандон бо тамоми ҳастӣ ва бо хушҳоливу ризомандӣ талош мекунанд.

Эътимод ба ҳукуматҳо ва васоити ахбори омма дар тарбия фарзандон ва сохтани шахсиятҳои шаҳрвандони намуна дар беҳтарин ҳолат таваккал намудан аст ва дар бадтарин ҳолат гурехтан аз масъулияту вазифаи падару модарӣ мебошад. Кӣ метавонад талоши беҳтару бештаре дар тарбия фарзандон ғайр аз падару модар намояд? Оё дуруст нест, ки ҳеҷ каси дигар наметавонад бо падару модар дар ин масъала мусобиқа намояд?

## МАШҚҲОИ 9-15



### Машқи 9:
### Оё пурсидаи, ки чаро?

Бо фарзандонат гуфтугӯ намо ва аз таҷрибаҳои хешу таборон ва дӯстон далел биёр.

Фикр кун, ки чӣ гуна имкон дорад:

— Шахсе олими бузурге бошад ва дар айни ҳол дар робитаҳои иҷтимоӣ заиф бошад?
— Падару модар инсонҳои меҳрубон ва дилсӯз бошанд ва дар айни ҳол бо фарзандонашон вақти худро, агарчӣ андак ҳам бошад, нагузаронанд?
— Шахсе диндор бошад ва дар айни ҳол инсони бемантиқ ва ғайриоқил бошад?
— Шахсе андешаманди бузург бошад ва дар айни ҳол муназзам набошад?
— Шахсе барои худаш дилкушод бошад ва барои дигарон бахил?
— Шахсе сарватманд бошад ва дар айни ҳол бахил бошад?

Шояд тарбияи оилавии дуруст тавонад дар ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда нақши муҳимеро бозӣ кунад.

### Машқи 10:
### Равиши ту дар тарбия

Кадом яке аз равишҳои тарбияро ба равиши худат наздиктар мешуморӣ? Нуқтаҳои заъфро дар тарбияи фарзандонат мушаххас намо ва қадамҳои лозимро дар ислоҳи он бигузор. Ин масъаларо бо фарзандонат бо дидгоҳи боз ва ошкоро мавриди баҳс қарор деҳ ва аз онҳо дар бораи равиши тарбияат пурсон шав.

### Машқи 11:
### Номгӯи корҳои нодурусти фарзандон

Оё фарзанди ман аҷиб ва аз як навъи бисёр нодир аст?
Баъзе падару модар нисбати фарзандонашон чунин назар доранд, ки аз ҳама беҳтар ва ё аз ҳама бадтаранд ва ба онҳо бо чунин дидгоҳ назар мекунанд,

ки гӯӣ онҳо аз як сулолаи хос мебошанд. Дар воқеъ, фарзандон дар бисёри сифатҳо бо ҳамсолонашон монандии зиёд доранд ва ба ҳамин хотир табодули таҷрибаҳо байни падару модарон амри муфид аст.

Як рӯйхати мушкилоти ахлоқиеро, ки дар фарзандонат мебинӣ, омода кун ва роҳи ҳалли онро бо ҳам мавриди баҳс қарор диҳед. Аз мушкилоте, ки ҳалли он осон аст, оғоз намо, то онҳоро ташвиқ намоӣ.

**Чунин рӯйхат тартиб деҳ: «Айбҳои фарзандам кадомҳоянд?»**

Ин ҷо баъзе мушкилоти рафтори умумии фарзандон вуҷуд дорадё:

Нокомӣ дар мактаб
Танбалӣ
Аз ҳад зиёд ё кам таом хӯрдан
Тарзи ороиши мӯи сараш озордиҳанда аст

Беадабона ҷавоб медиҳад
Рафиқоне дорад, ки аз онҳо розӣ нестӣ

Намоз ё рӯзаву фарзҳои диниро тарк мекунад
Дар корҳои хона иштирок намекунад

Бисёр туршрӯ ва хомӯш аст
Либоси зебо намепӯшад

Бисёр беҳудагӯӣ ва баҳс мекунад
Бедорхобӣ мекунад ва шабҳо дар берун бисёр мегардад
Дар хона бисёр мешинад ва намехоҳад берун барояд

Дуздӣ
Дуруғгӯӣ

Сигоркашӣ
Дашному лаънатгӯӣ
Аз ҳад зиёд телевизор тамошо мекунад ва телефону василаҳои навро истифода мебарад

Дигаронро мезанад
Ҳангоми ҷанҷол ҷавобҳои дурушт медиҳад

Филмҳои зӯроварӣ ё бешармӣ тамошо мекунад
Ҳамеша таомҳои тезтайёр мехӯрад

Бо ҳамсояҳо ва наздикон беадабона рафтор мекунад

Телевизор ё радиоро бисёр баланд мемонад
Дасту рӯяшро ба таври дуруст намешӯяд
Дар ҳаммом бисёр мешинад

Чизҳоро дар атрофи хона мепошад

**Мулоҳиза барои падару модар:**

*оё шароитат иҷозат медиҳад, ки ин машқро баръакс бигузорӣ? Яъне ба фарзандонат иҷозат диҳӣ, ки чунин рӯйхате дар бораи айбҳои па-*

*дару модар тартиб диҳанд? Оё шуҷоати адабӣ ва ҳикмату шаффофият дорӣ, ки онҳоро дар ин машқ шарик созӣ?*

## Машқи 12:
## Тааммул дар қисса

Аз аъзои оилаат хоҳиш кун, то бо ҳам якҷо нишинанд ва яке аз фарзандонат қиссаеро ба овози баланд бихонад. Аз ҳама хоҳиш кун, то дар бораи рафтори ҳамдигар биандешанд ва пешниҳодҳоеро барои хуб кардани вазъият пешниҳод намоянд.

Модар: Дар роҳ ба зане беқасд бархӯрдаму гуфтам: Оҳ, маро бубахш, маъзарат мехоҳам.

Ӯ гуфт: Ту ҳам маро бубахш. Таваҷҷуҳ накардам.

Ҳар дуи мо боадабона рафтор кардем.

Бо ҳамдигар хайру хуш кардем, бо табассум аз ҳам ҷудо шудем ва роҳро идома додем. Аммо дар хона қиссаи дигаре рух дод ва он ҳам дар бораи роҳи муомила бо касоне, ки онҳоро дӯст медорем, хоҳ калон бошанд, хоҳ хурд.

Ҳамон рӯз каме дертар дар ошхона машғули хӯрокпазӣ будам, ки писари хурдам хомӯш дар пушти сарам истоду чун баргаштам ба ӯ бархӯрдам ва наздик буд, ки биафтад.

Бо ғазаб ба ӯ гуфтам: Ин тавр дар сари роҳам наист.

Дилшикаста ва ғамгин аз ман дур шуд ва надонистам, ки суханам чӣ қадар сахт буд.

Баъдтар вақте дар ҷойгаҳам дароз кашидам, эҳсос кардам, ки аз дохилам садое мегӯяд: «Вақте бо мардуми бегона бармехӯрӣ, ширинтарин суханонро истифода менамоӣ ва чун бо яке аз аъзои оилаат, ки дӯсташон медорӣ, бармехӯрӣ, бо ӯ муомилаи бад мекунӣ ва хашинтарин суханонро истифода менамоӣ. Бирав ба фарши ошхона нигоҳ кун. Дар он ҷо гулҳои афтидаеро мебинӣ, ки писарат барои ту оварда буд. Он гулҳоро худаш интихоб карда буд, рангҳои он гулобӣ, зард ва кабуд буданд ва дар пушти ту оҳиста омада истод, то ногаҳонӣ онро ба ту диҳад, вале ту надидӣ, ки чашмони хурдаш чӣ гуна пур аз ашк гашта буданд».

Он вақт худамро бисёр ҳақир ва ночиз шумурдам ва ашки чашмонам ҷорӣ гаштанд.

Назди ҷойгаҳи хобаш рафтам ва ба ӯ наздик шуда, гуфтам: «Чашмонатро кушо писараки хурди ман» ва пурсидам: «Дар ҳақиқат ин гулҳоро барои ман оварда будӣ?»

Чашмонашро боз кард ва бо табассум гуфт: «Онҳоро назди дарахт дидам ва барои ту чидам, зеро онҳо монанди ту зебо буданд ва махсусан гулҳои кабудаш».

Гуфтам: «Оҳ, эй писарҷонам, маро бубахш. Набояд имрӯз ба сӯят дод мезадам».

Гуфт: «Оҳ, эй модарҷон, ғамгин машав. Ман туро дар ҳама ҳол дӯст медорам».

Гуфтам: «Ман ҳам туро бисёр дӯст медорам ва гулҳоятро низ дӯст медорам, махсусан ҳамон гулҳои кабудро».

## Машқи 13:
## Байни падару модари имрӯз ва падару модари дирӯз

Ба ин саволҳо аҳамият деҳ ва сипас бо фарзандонат дар бораи онҳо гуфтугӯ намо.

Робитаатро бо фарзандонат дар муқоиса бо робитаи падарат бо ту чӣ гуна баҳо медиҳӣ?
Кадом монандиҳо ва ихтилофҳо байни он ду вуҷуд дорад?
Оё бо фарзандонат назар ба падарат озодона робита барқарор намудаӣ?
***(76% падарҳои америкоӣ посухи мусбат, яъне "бале" доданд).***

Оё бо фарзандонат бештар аз он, ки падару модарат бо ту суҳбат мекарданд, суҳбат мекунӣ?
***(71% падарҳои америкоӣ посухи мусбат, яъне "бале" доданд)***
*(Kantrowitz and Peg, 2006).*

Аз аъзои оилаат хоҳиш кун, то дар бораи роҳу равишҳои беҳтар барои барқарории робита бо муҳиту атрофиёнашон биандешанд ва дар ин мавзӯъ талош кун аз қиссаҳои падару бобоён далел биёрӣ. Нақли ин қиссаҳо барои тасдиқи ҳувияти онҳо ва парвариши ҳисси мансубият ба мероси ниёгон мусоидат мекунад, зеро ба онҳо таърихи миллии онҳоро таълим медиҳад, ки дар натиҷаи кӯшиши афкори мустамликадорон барои аз байн бурдани таърихи воқеии наслҳо дар адабиёти халқҳои саноатӣ қариб аз байн рафтааст.

## Машқи 14:
## Метавонӣ ҳамчун падар тағйиротро эҷод намоӣ

Умури зеринро бо фарзандонат мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор деҳ.

***Яке аз рафиқонам ба ман гуфт:***
“Муҳим нест фарзандонамро чӣ гуна тарбия мекунам, зеро ман факат як касам”. Агар ҳар як шахс дар ин олам аз талош намудан ва эҷоди тағйир ба сабаби ин, ки факат як кас аст, боз истад, пас кӣ метавонад ин тағйиротро ба вуҷуд биёрад? Ин як кори нодуруст аст, зеро мо медонем, ки пайғамбарон (а) ҳам факат як кас буданд ва рисолаташонро ба танҳоӣ оғоз карданд ва ҳамин тавр саҳобагон (р), уламо, донишмандони марду зан дар таърих. Ҳамаи онҳо тағйиротро дар дунё ба танҳоӣ оғоз намуданд. Аз худат бипурс кӣ дар ҳаёти ту тағйиротро ба вуҷуд овард? Ӯ кӣ буд, оё вай як дӯст, наздик, муаллим ё устоди динӣ буд? Ба фарзандонат қиссаи худатро нақл кун ва аз онҳо хоҳиш кун, то дар бораи касоне, ки дар ҳаёташон тағйирот овардаанд, қисса кунанд.

## Машқи 15:
## Фарзандони азиз, шумо аз падару модаратон чӣ таваққуъ доред?

Аз яке аз фарзандонат хоҳиш кун, то қиссаи “Дарахти бахшанда”-и Шел Силверстайнро бо садои баланд бихонад ва сипас аз онҳо хоҳиш кун, то бигуянд, ки аз ту чӣ таваққуъ доранд. Чаро? Кай? Чӣ гуна? Дар куҷо? Сипас он чизеро, ки аз онҳо таваққуъ дорӣ ба онҳо бигӯ.

“Дарахти бахшанда”-и Шел Силверстайн қиссаи робитаи тифл бо дарахти ҷангал аст, ки ҳамеша барои тифл ҳар чизеро, ки талаб мекунад, фароҳам месозад. Вақте тифл хурд буд дарахт навдаҳояшро поён меоварду, то дар он арғунчабозӣ кунад, соягиаш мекард, то дар зери он биншинад, меваащ медод, то бихӯрад ва шохаҳояш медод, то хонаашро бисозад. Ҳар қадар синну соли писарбача боло мерафт ҳамон қадар ниёзҳояш бештар мегашт ва мехост бештар кумакаш намояд, вале дар айни ҳол барои дарахти ғамгин чизе намедод ва бо вуҷуди ин ҳама беаҳамиятияш дарахт ҳамсуҳбатиашро дӯст медошт. Дар поёни қисса, вақте ҷавон бузург мешавад, дарахт ба ӯ иҷозат медиҳад, то ӯро бибурад ва аз вай киштие бисозад ва шино кунад. Ин ҷавон ҳамин корро мекунад ва аз дарахт фақат як танаи хушк мегузорад. Баъд аз гузашти солҳо ва баъд аз он, ки ҷавон калонсол мешавад, назди дарахт меояд, то дар ҷои ороме андаке истироҳат кунад ва дарахт ҳам боқимондаи танаашро ба ин ҷавон медиҳад, то аз ҳамсуҳбатиаш лаззат бубарад. Ин қисса суолҳои зиёдеро ба миён меорад монанди: Чаро ин корро мекунад? Масъул кист? Чи кор бояд кард, то роҳи ин корҳоро бубандем? Чи кор бояд кард, то дар оянда чунин ҳодисае ба вуқӯъ напайвандад? Аз ин қисса чӣ ибрат гирифтан мумкин аст? Василаҳои ҳалли фаъол кадомҳоянд?



ФАСЛИ СЕЮМ

# Тарбияи солими оилавӣ. Гузоштани ҳадафҳои дуруст.

- **Муайян кардани ҳадафҳои дуруст қадами аввал дар татбиқи тарбияи дуруст аст**

  *Нақшаи ҳадафҳои падару модар: ҳадафҳо, арзишҳо, василаҳо*

- **Муҳокимаи ҳадафҳо: нигоҳе аз наздик**

  *Ҳадафҳои баргирифта аз Қуръони карим: дуои бандагони Аллоҳ ва орзуҳои онҳо*

  *Ҳадафҳои баргирифта аз ҳадиси Расулуллоҳ (с)*

- **Қаҳва ва авлавиятҳои хонавода**
- **Хотима: Аҳамиятатро ҳамеша рӯи аҳдоф бигузор (ҷоиза)**
- **Машқҳои 16-20**

## МУАЙЯН КАРДАНИ ҲАДАФҲОИ ДУРУСТ ҚАДАМИ АВВАЛ ДАР ТАТБИҚИ ТАРБИЯИ ДУРУСТ АСТ



Падару модар бояд тарбияи оилавиро оқилона анҷом диҳанд. Бо вуҷуди ин, ки бисёре аз падарону модарон барои корҳо ва рухсатиҳояшон нақшаҳои бисёр дақиқ ва муфассал мекашанд, дар бораи тайёр кардани нақша ва барнома барои худ ва оилаашон бепарвоӣ мекунанд ва барои дарки воқеъият ва аҳдофу орзуҳои ояндаашон ҳеҷ гуна талоше намекунанд, яъне нақша ва барномаи ҳадафманд барои хонаводаҳояшон ва аҳдофе, ки бояд амалӣ шаванд, надоранд. Надоштани аҳдоф сабаб мешавад, ки дастовардҳои зиёдеро аз даст диҳанд. Рафту омад байни кору хона, аз як мушкил ба мушкили дигар гузаштан ва мунтазир будан, ки аҳвол беҳтар мешавад, бе он ки мо дарк кунем, сабаби сарфи беҳудаи вақти фарзандон мешавад ва мо онҳоро беэътино ба сӯи ояндаи ноамн мебарем. Ба ҳамин хотир мо бояд барои оянда ва расидан ба ҳадафҳоямон нақшаҳо ва барномаҳои хубе гузорем.

Барномаи дурусти тарбиявӣ фарду ҷомеаро ду қисми мукаммили як низом медонад, зеро ҷомеаи қавӣ бе тарбияи афроди нек ва тавоно бунёд намешавад ва чунин афродро низ аз нестӣ тарбия намекунад. Пас ҳар ду ба як муҳити иҷтимоие, ки дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, меҳрубонӣ байни афроди он ташкил ёфта бошад, эҳтиёҷ доранд ва ин аз доираи хурди хонавода оғоз ёфта, дар ҳалқаи уммат комил мешавад.

Падару модар орзу доранд фарзандони солеҳу некукор ва шаҳрвандони қудратманд ва муътамадеро тарбия намоянд, ки онҳо умеди ояндаи тарбия ва ободсозии дунё бошанд. Дар ҳолати набудани ин ҳадаф ҳастии инсон дар ин дунё холӣ аз мафҳуму маъно мебошад. Ҳаёти ҳақиқӣ камолпазир аст, ки орзуҳои афродро дар дунё ва охират ва ҷанбаҳои моддӣ, рӯҳӣ, шахсӣ ва ҷамъиятиро шомил мегардад. Ин ҳамон мавзӯи асосӣ ва дидгоҳи куллии ҷаҳонӣ барои падару модар дар тарбияи фарзандонашон мебошад, ки умед дорем мавзӯе бошад, ки ҳама бар он иттифоқи назар дошта бошанд.

## Нақшаи ҳадафҳои падару модар: ҳадафҳо, арзишҳо, василаҳо

| **Орзуи аввал: Хонаводаи хушбахт (хушии чашм)** | **Орзуи дуюм: Тарбияи пешвоёни ботақво ва некукор («Барои парҳезкорон пешво»)** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 |
| **Орзуи аввал: Хонаводаи хушбахт (хушии чашм)** | Тавоноии ҷисмӣ саломатию лаёқати баданӣ | Сифатҳои шахсӣ (маъдан) | Илм, ҳикмат ва имон | Маҳоратҳо: тавоноиҳои касбӣ |
| • Робита<br>• Таъриф / интиқоди созанда<br>• Таваҷҷуҳот<br>• Эҳсосот<br>• Оромӣ/ғазаб<br>• Ламс, бӯса, оғӯш<br>• Хушҳолӣ, шухӣ<br>• Ҳамдигарфаҳмӣ<br>• Бо ҳам вақт гузарондан<br>• Ҷойгузинҳои телевизор, телефон<br>• Маҷлисҳои оилавӣ<br>• Бо ҳам хӯрок хурдан<br>• Назорати ноомӣ / фишорҳо<br>• Бозӣ ва фаъолиятҳо<br>• Иштироки фаъол бо фарзандон | • Интихоби зан/шавҳар<br>• Рушди тифл ва марҳалаҳои он<br>• Ширхорагии табиӣ<br>• Муъҷизаи димоғ<br>• Саломатӣ: тағзия, варзиш ва хоб<br>• Ҷинси амн ва ҳалол<br>• Дурӣ аз маст-кунандагон, мухаддирот ва сигор | • Шуҷоат<br>• Муҳаббат<br>• Садоқат<br>• Озодӣ<br>• Масъулият<br>• Истиқлол<br>• Навоварӣ<br>• Эҳтироми худ ва боварӣ ба нафс<br>• Амонатдорӣ<br>• Эҳтиром<br>• Сабр<br>• Тавозуъ | • Тарбия / таълим<br>• Вазифаҳои мактаб<br>• Тақвият ва ташвиқ<br>• Ба атфол имконият додан<br>• Низом дар муқобили ҷазо<br>• Имон<br>• Шахсият<br>• Оилаи калон | • Хондан ва навиштан<br>• Омӯзиши ком пютер<br>• Корҳои хона<br>• Идораи мол ва вақт<br>• Бахшиш ва саховат<br>• Дуо<br>• Ҳунари қабули қарор |

Хулосаи нақшаи дар боло зикршуда — танзими нақшаи дуруст ба хотири расидан ба ҳадафҳои гузошта аст ва сифати иҷрои он аз коштани донаҳои арзишҳои ахлоқӣ дар вуҷуди фарзандон аз марҳалаҳои тифлӣ то синни балоғат вобаста мебошад. Ин аҳдоф аз мафҳуми ояти шариф гирифта шудаанд, ки дар он орзуҳои бузурги падару модар баён шудааст:

***"Ва онон, ки мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, аз ҳамсарону фарзандонамон дилҳои моро шод дор ва моро пешвои парҳезгорон гардон!»" (Фурқон, 74).***

Инчунин аз ҳадиси Расулуллоҳ (с) гирифта шудааст, ки мефармоянд:

*"Мардум ба манзалаи маъданҳо мебошанд. Беҳтаринҳои онҳо дар ҷоҳилият беҳтаринҳои онҳо дар Ислом мебошанд, агар динро ба хубӣ бифаҳманд" (Муслим).*

Чуноне дар ҷадвал нишон дода шудааст, аҳдоф ба ду қисм ҷудо шудаанду қисми дуюм ба чаҳор ҳиссаи фаръӣ тақсим шудааст. Падару модар бояд ҳамеша ба ин ҷадвал рӯ биёранд, то арзишҳо ва аҳдоф дар ин роҳи дарози тарбия ҳамеша дар пеши чашмонашон қарор дошта бошанд ва онҳоро ба хубӣ биомӯзанд, то дар ақлҳои онҳо идомаи он ҷой дошта бошад ва корҳову пешрафташонро бо он муқоиса намоянд. Ин кор ба онҳо кумак мекунад, ки бепарво набошанд ва иҷозат надиҳанд, ки сахтиҳои рӯзгор ба онҳо фишор биёранд, то авлавиятҳои падару модарии худро тарк намоянд.

## МУҲОКИМАИ ҲАДАФҲО: НИГОҲЕ АЗ НАЗДИК

### *1. Ҳадафҳои баргирифта аз Қуръони карим: дуои бандагони Аллоҳ ва орзуҳои онҳо*

Муъминон аз Парвардигорашон талаб мекунанд, ки аз ҳамсарон ва фарзандонашон хушии чашм барояшон насиб кунад ва ин дуо дар чанд ҷои Қуръони карим такрор мешавад. Маънои хушии чашм "хушӣ ва оромии қалб" мебошад. Ба ҳамин хотир дуои аввалини мусулмон расидан ба ҳаёти хонаводагии босаодат мебошад.

Ин дуо танҳо ба як хонаводаи хурд ишора намекунад, балки шомили хонаводаи бузург, ки дар он шавҳар, зан, фарзандон, падаркалону модаркалонҳо, амакҳову тағоҳо, аммаҳову холаҳо ва фарзандони онҳо дохил мешаванд, мебошад. Инчунин бунёди хонаводаи босаодат, ки дар он падару модар ва фарзандон бо ҳамдигар бо муҳаббату меҳрубонӣ дар робита мебошанд ва бо ҳамдигар таърифу тавсиф ва интиқодҳои созандаро радду бадал менамоянд, баъзе шартҳои муҳимро талаб мекунад. Шартҳои дигаре ба-

рои сохтани хонаводаи саодатманд вуҷуд дорад, ки шомили эҷоди таваҷҷуҳоти мусбат, бархӯрд бо эҳсосоти отифӣ, масъулиятшиносӣ, табассум кардан, бӯсидан, оғуш гирифтан, ламс намудан, даст додан, дар якҷо хӯрок хӯрдан, бо фарзандон якҷоя корҳои хонаро анҷом додан ва бо суханони ширин ва шухиҳову латифагӯиҳо дар хона фазоро хуб намудан мебошад.



Дуои дигари мусулмонон аз Парвардигорашон ин аст, ки ҳамсарон ва фарзандонашонро "пешвоёни парҳезгорон" гардонад. Дар баёни ин гуфтаи Худованд "Моро барои паҳезкорон пешво бигардон" чунин тафсир омадааст: "Моро намуна ва пешво барои дигарон бигардон", "моро даъватгарон ба сӯи ислоҳ бигардон", "моро роҳнамои башарият бигардон", "ва қабл аз ҳама моро аз ҷумлаи парҳезкорон бигардон" ва "моро аз ҷумлаи касоне бигардон, ки роҳи ростро барои дигарон омода мекунанд ва дар муқаддимаи онҳо ҳаракат менамоянд". Ин талаб ва орзуи дуюми хонаводаҳое мебошад, ки мехоҳанд роҳбарони ботақво ва роҳнамоён барои башарият, ки рисолаи хайру оромишро барои он ҳамл мекунанд, тарбия намоянд.

Дар ин мавзӯъ мехоҳем ишора намоем, ки вақте дар бораи роҳбарӣ мегӯем ҳадафи мо талош барои ба даст овардани ҳокимият ва ҳукмравоӣ нест, балки ҳадафи мо тарбияи ашхосе мебошад, ки қудратманд, боахлоқ, худкифоя ва шахсияти бузург бошанд, то дар оянда роҳбарони комёб шуда тавонад. Бисёри вақтҳо дар бораи мафҳуми калимаи "роҳбар" далолатҳои манфие вуҷуд дорад, зеро ҳар як шахс ҳаракат мекунад ин мансабро ба даст орад, дар ҳоле, ки ин мансаб танҳо ҳаққи як нафар аст ва бояд роҳбар як шахс бошад.

Бояд байни роҳбарӣ ва идора кардан фарқ бигузорем, зеро талош барои доштани сифатҳои роҳбари ҳидоятёфта ба сӯи комёбӣ бояд бидуни дар назар гирифтани мансабҳои идорӣ бошад. Ин роҳбарии комёб мебошад. Вале талош барои яккатозӣ дар мансабҳои идории баландпоя ва дигаронро дар он роҳ надоданд идора кардан ном дорад ва ҳар кӣ онро ба даст биёрад, ӯро мудир мегӯянд. Агар барои гурӯҳе роҳбари расмӣ вуҷуд надошта бошад, дар он сурат имкон дорад мусобиқаи нохубе ва тамаъҳои нодурусте барои расидан ба роҳбарӣ ба вуҷуд биёянд. Вақте ҳар як нафар орзуи расидан ба ин мансабро дошта бошад, кӣ коргару пайрав мешавад?

Ба ҳамин хотир бояд фарзандонамонро чунон тарбия намоем, ки дар онҳо сифатҳо ва арзишҳои роҳбарии дуруст вуҷуд дошта бошад.

Роҳбари ҳақиқӣ дар беҳтар намудани вазъияти афроди ҷомеа ширкат мекунад ва ин ҳамон роҳи дуруст барои рушду пешрафт аст. Ба ибораи дигар, доштани сифатҳои роҳбар ба маънои талош барои расидан ба ҳокимият ва ҳукмравоӣ нест, балки тамоман хилофи ин аст. Пешниҳоди мо ин аст, ки фарзандон бо сифатҳои саховатмандӣ ва хоксорӣ, талош барои расидан ба ҳадафи бузург ва дарки ин, ки онҳо аъзои фаъол ва ботаъсири ҷомеа мебошанд, тарбия шаванд. Ашхосе, ки метавонанд ба осонӣ зиндагӣ кунанд, дар дунёи пур аз назарҳои гуногун ва мухолиф инъитофпазир бошанд ва аз худ боварӣ доранд, онҳо касоне ҳастанд, ки барои худ ҳадафҳои бузург мегузоранд ва ҳеҷ шакке тавоноиҳои онҳоро заиф намесозад. Аз тарафи дигар кӯдаконе, ки метарсанд, ки ҷомеа афкору андешаҳои онҳоро рад мекунад ва ё қавму насабашонро қабул намекунад, ҳаргиз наметавонанд ба ҷомеаашон хизмат кунанд. Бинобар ин, бояд ба ин нукта аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Бо дарназардошти табиати ҷомеае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, агар фарзандонамон таълим ва машқ дода нашаванд, ки ба худашон бовар кунанд, ки дар оянда метавонанд барои дигарон роҳбар шаванд, дар ин сурат онҳо ба осонӣ ба роҳбарии ноодилона сари таслим фуруд меоранд.



**Роҳбарон куҷоянд? Роҳбарон шумоед!**

- Мо роҳбароне ҳастем, ки мардум дар интизори мо мебошанд.
- Роҳбарӣ ин нест, ки ту як шахси муҳим бошӣ.
  Роҳбарӣ ин аст, ки ту ҳадафи муҳимеро хизмат намоӣ.
- Муҳим ин нест, ки ту мансаберо ишғол намоӣ.
  Муҳим ин аст, ки чӣ гуна метавонӣ онро идора ва роҳбарӣ намоӣ.
- Роҳбарии дуруст ин аст, ки вақте туро ғайр аз Аллоҳ таоло каси дигаре назорат намекунад, ту онро ба хубӣ анҷом диҳӣ.
- Ҳар як шахс роҳбари шахси дигаре аст.
  Фарқ намекунад, ки коргар, ҳамсар ё тифл аст. Худи ту ҳам роҳбар ҳастӣ!

Роҳбар касест, ки дигарон ва корҳояшонро барои расидан ба ҳадафи муайяне роҳбарӣ мекунад. Ва мураббӣ шахсест, ки афродро барои амалӣ намудани аҳдоф омода менамояд. Ба таври мисол, Расулуллоҳ (с) Амр ибни Ос (р) ва Абу Убайда ибни Ҷаррохро барои роҳбарии лашкарҳо равон кард, вале Мусъаб ибни Умайрро (р) ба Мадинаи Мунаввара ва Муъоз ибни Ҷабалро (р) ба Яман ҳамчун сафирони Ислом ба ҳайси "муаллим, мураббӣ ва роҳнамо" равон кард, то мардумро таълим ва тарбияи хуб намоянд.

Калимаи "қоид", яъне «роҳбар» ва «пешво» дар Қуръони карим зикр нашудааст, вале калимаҳои зерин дар ҳадисҳо ва фарҳанг ба ин маъно зикр шудаанд: чӯпон, нигаҳбон, назоратгар, роҳнамо, мураббӣ, имом, шахси нотарс, намуна, адабдиҳанда, ҳомии ахлоқи нек (парваришдиҳанда), муаллим, муроқиб, муршид ва тарбиятгар.

Тасодуфӣ нест, ки бисёре аз пайғамбарон гӯсфанд мечаронданд, аз он ҷумла Шуъайб (а), Мусо (а), Исо (а) ва Муҳаммад (с) буданд. Гӯсфандчаронӣ сифатҳои меҳрубонӣ, ғамхорӣ, дилсӯзӣ ва хоксориро ба инсон дар бархӯрд бо пайравонаш таълим медиҳад.

Ва ин сифатҳо ҳамон сифатҳои лозимӣ барои тарбияи фарзандон мебошанд. Ва чӣ зебост, ки падару модарро бо чӯпонҳое монанд мекунанд, ки рамаашонро ба хубӣ назорат мекунанд. Бинобар ин роҳбар чӯпон, назоратгар, тарбиягар ва муаллим мебошанд.

## Роҳбар ё чӯпон?

Калимаи "қоид", яъне «роҳбар» ва «пешво» дар фарҳангҳои гуногуне зикр шудааст, вале дар Қуръони карим ва ҳадис ба ҳамин шакл наомадааст, балки калимаи "роъӣ", яъне «чӯпон» истифода шудааст. Чуноне дар ҳадиси шариф омадааст:

*"Ҳар яки шумо ба манзалаи чӯпон ва масъули зердастонатон мебошед. Имом (роҳбар, подшоҳ) ба манзалаи чӯпон буда, аз зердастонаш масъул мебошад. Мард дар хонаводааш ба манзалаи чӯпон буда, аз зердастонаш масъул ва ҷавобгар аст. Зан дар хонаи шавҳараш ба манзалаи чӯпон буда, аз зердастонаш ҷавобгар ва масъул аст. Ходим дар моли раисаш ба манзалаи чӯпон буда, аз зердастонаш масъул мебошад. Мард дар моли падараш ба манзалаи чӯпон буда, аз зердастонаш масъул аст. Пас тамоми шумо ба манзалаи чӯпон ва аз зердастонатон масъул ва ҷавобгар мебошед"*

*(Бухорӣ).*

### *2. Аҳдофи баргирифта аз ҳадиси Расулуллоҳ (с)*

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*“Мардум ба манзалаи маъданҳо мебошанд. Беҳтаринҳои онҳо дар ҷоҳилият беҳтаринҳои онҳо дар Ислом мебошанд, агар динро ба хубӣ бифаҳманд”*

*(Муслим).*

Ин ҳадис моро ба мафоҳими бузурге роҳнамоӣ менамояд. Тарбияи шахсияти боахлоқ аз марҳалаҳои тифлӣ оғоз мегардад. Ин амр ба ҳама дахл дорад ва фарқ намекунад, ки инсон мусулмон аст ё кофир (чуноне, ки ҳадис ба ин мафҳум далолат мекунад). Бинобар ин, шуҷоат, навоварӣ, садоқат, муҳаббат ва боварӣ сифатҳое ҳастанд, ки бисёре аз мардону занон қабл аз Расулуллоҳ (с) онро доштанд. Инчуин аз ин ҳадис меомӯзем, ки беҳтарини мардум онҳое ҳастанд, ки сифатҳое доранд, ки онро Ислом овардааст ва ин ахлоқро Ислом комилтар намуда, ба сӯи хубиҳои он даъват карда ва дар он ҳикмат, маърифат ва роҳнамоиҳои илоҳиро илова намудааст. Расулуллоҳ (с) ба мо хабар медиҳад, ки ҳар мушрике, ки қабл аз Ислом ин сифатҳои хубро дошта бошад ва сипас Исломро қабул намояд ва онро ба хубӣ бифаҳмад, метавонад беҳтарини мусулмонон аз нигоҳи ахлоқ ва шахсият гардад.

Мушрики пешво ⟶ Исломро қабул мекунад ва аз он огоҳ мешавад ⟶ Мусулмони пешво

Баъзе мусулмонон гумон мекунанд, ки сифатҳои монанди шуҷоат, садоқат ва амонатдории баъзе бузургони Ислом монанди Умар ибни Хаттоб (р), Холид ибни Валид (р) ва Ҳамза ибни Абдулмуталлиб (р) баъд аз қабул кардани Ислом дар онҳо ба вуҷуд омадааст. Вале ҳақиқат ин аст, ки онҳо қабл аз қабули Ислом шуҷоъ, содиқ ва амонатдор буданд. Дини мубораки Ислом ахлоқро комил месозад ва ба сӯи беҳтарин фазоил ва хубиҳое, ки пештар вуҷуд доштаанд, даъват мекунад ва бар он ҳикмату маърифатро илова менамояд. Ин ҷост, ки ҳикмати сухани Расулуллоҳ (с) фаҳмида мешавад:

*“Ман фиристода шудаам, то хубиҳои ахлоқро комил намоям”*

*(«Адаби муфрад»-и Бухорӣ).*

Ин ҳадиси шариф ба рафторҳои хуби дигаре низ аҳамият медиҳад, зеро вуҷуди баъзе сифатҳои зарурии дигар дар байни муъминон монанди лаёқати баданӣ ва саломатии хуб (махсусан барои модар ҳангоми ҳомиладорӣ ва

ширмакконӣ) бисёр муҳим мебошанд. Амалкардҳои озордиҳанда, монанди шаробнӯшӣ, истифодаи маводи мухаддир, сигоркашӣ ва алоқаҳои ҷинсӣ берун аз доираи шаръӣ ба саломатии модари ҳомиладор ва фарзанди дар раҳмбудааш осеб мерасонанд.

Ин ҳадис моро водор месозанд, то дар коштан ва парварондани донаҳои ахлоқи ҳамида монанди шуҷоат, садоқат, навоварӣ, амонатдорӣ, худкифоӣ, муҳаббат ва масъулиятшиносӣ талош намоем. Ин сифатҳо ба фазои пок ва муносибе ниёз доранд, то рушду нумӯ намуда, ба шакли табиӣ пешрафт намоянд ва ба ҳамин хотир панҷ соли аввал аз ҳаёти тифл беҳтарин фурсате мебошад, ки бояд онро ба хубӣ истифода намуд. Илова бар он падару модар бояд барои фарзандонашон фурсатро муҳайё намоянд, то хондану навиштан, суханронӣ, ронандагӣ, шиноварӣ ва истифодаи компютерро аз худ намоянд. Ва инчунин кӯшиш кунанд барои фарзандон сабр, эҳтиром ва ҳунарии қабули қарорҳоро таълим диҳанд. Ҳар қадар, ки фарзандон ин малакаҳоро барвақтар аз худ кунанд фоидаҳое, ки аз ин хусусиятҳо мегиранд, бештар мегарданд ва барояшон дарвозаҳои бештаре боз гашта, фурсатҳои зиёдтаре дар ихтиёрашон гузошта мешаванд.

Пайғамбари Худо ҳазрати Муҳаммад (с) аз ҷониби дӯстону душманонаш ба содиқ будан ва амонтдорӣ мавсуф гашта буд. Ин сифатҳои асосиаш қабл аз омадани ваҳйи илоҳӣ буд ва Қуръони карим ба ҳамон ҷанбаҳое, ки ҳадиси шарифи “Беҳтаринҳои онҳо дар ҷоҳилият...” ба он ишора менамояд, таъкид мекунад. Дар васфи пайғамбарон монанди Нуҳ (а), Юнус (а), Иброҳим (а), Исмоил (а), Мусо (а) Исо (а), Юсуф (а) Айюб (а), Яъқуб (а) ва Толути подшоҳ низ ҳамин сифатҳо омадааст. Ҳазрати Юсуф (а) худашро, чуноне дар Қуръони карим омадааст, ба “нигаҳдори амин” васф намудааст ва дар васфи ҳазрати Мусо (а) чунин омадааст, ки “қавӣ ва амонатдор” буд. Ин сифатҳо шомили хусусиятҳои роҳбарӣ монанди қувват (қувваи ҷисм, шахсият ва ахлоқ), худкифоӣ (маърифат ва малакаҳои гуногунро талаб мекунад) ва амонат, ки ба маънои дигари зебоӣ дар рафтори инсонӣ аз назари қуръонӣ якҷо намудани завқи ҷамолӣ (қудратмандӣ) ва арзиши ахлоқӣ (амонатдорӣ) мебошад. Хулоса, аз бисту панҷ пайғамбаре, ки дар Қуръони карим зикр шудаанд, баъзеяшон ба сифатҳои ҳикмат, садоқат, илм, меҳрубонӣ, дилсузӣ, тавоноӣ, сабр, амонатдорӣ ва вафо ба аҳд мавсуф шудаанд. Ин ҳамон сифатҳои асосие мебошанд, ки мо бояд дар тарбияи фарзандонамон ба онҳо тамаркуз дошта бошем.

Оятҳои шарифи зеринро мулоҳиза намо:

Ҳазрати Исмоил (а):

***“Ва дар ин китоб Исмоилро ёд кун. Ӯ дурустқавл ва фиристодае паёмбар буд”***

***(Марям, 54).***

Ҳазрати Юсуф (а):

***“Гуфт: «Маро бар хазинаҳои ин сарзамин муқаррар кун, ки ман нигаҳбоне доноям»”***

***(Юсуф, 55).***

Ҳазрати Мусо (а):

***“Чун ба ҳадди булуғ расид ва боқувват шуд, ӯро ҳикмату дониш додем ва некукоронро чунин мукофот медиҳем”***

***(Қасас, 14).***

Ҳазрати Мусо (а):

***Тарҷума: «Яке аз он ду гуфт: «Эй падар, ӯро мардикор гир, ки агар чунин кунӣ, беҳтарин марди нерӯманди боваринокест, ки мардикор кардаӣ»»***

***(Қасас, 26).***

Толути подшоҳ:

***“Гуфт: «Худо ӯро бар шумо баргузидааст ва ба донишу тавони ӯ бияфзудааст”***

***(Бақара, 247).***

Ҳазрати Муҳаммад (с):

***“Албатта паёмбаре аз худи шумо бар шумо фиристода шуд, ҳар он чӣ шуморо ранҷ медиҳад, бар ӯ гарон меояд. Сахт ба шумо дилбаста аст ва бо мӯъминон мушфиқу меҳрубон аст”***

***(Тавба, 128).***

## ҚАҲВА ВА АВЛАВИЯТҲОИ ХОНАВОДА



Падар кӯзаи калонеро гирифта, онро бо тӯпчаҳои теннис пур намуд ва аз фарзандонаш пурсид: «Оё ин кӯза пур аст?» Ҳама посух доданд, ки бале. Сипас қуттиеро гирифта, онро бо сангрезаҳо пур намуд ва дар дохили кӯза рехт ва кӯзаро оҳиста ҳаракат дод, то донаҳои сангрезаҳо байни тӯпҳои теннис ҷой гирифтанд. Боз аз фарзандонаш пурсид, ки оё ин кӯза пур шудааст? Посух доданд, ки бале. Боз халтаеро бо рег пур намуда, дар кӯза рехт ва ин рег ҷойҳои холибударо пур кард. Аз фарзандонаш пурсид, ки оё кӯза пур шудааст? Посух доданд, ки бале. Он гаҳ аз рӯи миз ду пиёла қаҳваро гирифта бар реги дохили кӯза рехту фарзандон аз кори кардаи падарашон хандиданд. Падар ба фарзандонаш гуфт: «Мехоҳам тасаввур кунед, ки ин кӯза ҳаёту зиндагии шумо аст ва тӯпҳои теннис чизҳои муҳими ҳаёти мо мебошанд монанди ибодат, ҳамсар, фарзандон, саломатӣ, дӯстон ва корҳои дӯстошта. Яъне чизҳое, ки агар ғайр аз онҳоро аз даст диҳӣ, зиндагиат комил боқӣ мемонад. Ба ибораи дигар, ин умури асосие мебошанд, ки ҳаётат танҳо ба ҳаминҳо комил мешавад. Аммо сангрезаҳо умуре мебошанд, ки барои ту муҳиманд, вале метавонӣ бидуни онҳо зиндагӣ кунӣ, монанди кор, хона ва мошин. Ва аммо рег чизҳои боқимондаи дигаре аст, ки зиндагиро зебо месозанд, монанди шухӣ, хушҳолӣ ва дигар умури хурд.

Агар регро аввал дар куза бигузорӣ, ҷое барои санрезаҳо намемонад. Ва ҳамин тавр агар сангрезаҳоро қабл тӯпҳои теннис дар кӯза бигузорӣ барои тӯпҳои теннис ҷой намемонад. Ва ин мисол дар зиндагӣ мутобиқат менамояд. Агар тамоми вақт ва талошатро дар умури дуюмдараҷаи хурд сарф кунӣ, ҷое барои умури муҳим пайдо нахоҳӣ кард. Агар хоҳӣ дар дунё ва охират комёб шавӣ, бояд тамаркузат рӯи умури асосие бошад, ки сабаби наҷот дар дунё ва охират мебошанд. Намозро ҳамроҳи хонаводаат бихон, корҳои хайрро бештар анҷом деҳ, баъзе вақтатро бо бозӣ кардан бо фарзандонат сипарӣ намо, ба саломатиат аҳамият деҳ, барои хурдани ғизо бо ҳамсарат берун баро, вақтеро барои дарс хондан ҷудо кун, ҳамеша дар ташвиш набош ва ҳатман барои рӯбучини хона ва расидагӣ ба мошини ҷомашуӣ ва ғайра боқӣ хоҳад монд. Дар қадами авал ба тӯпҳои теннис аҳамият деҳ ва умури асосиатро муайян намо, сипас ҳар чӣ боқӣ мемонад, рег аст».

Он гоҳ яке аз фарзандон пурсид: «Қаҳва дар ин ҷо кадом нақшро мебозад?» Падар табассум намуда, гуфт: «Ман хушҳолам, ки ин саволро ба ман додӣ. Қаҳва ба ин маъно аст, ки зиндагӣ ҳарчанд мушкил бошад, боз ҳам вақт барои нушидани як пиёла чой ё қаҳва ҳамроҳи як дӯсти содиқ боқӣ мемонад».

## ХОТИМА: АҲАМИЯТАТРО ҲАМЕША РӮИ АҲДОФ БИГУЗОР (ҶОИЗА)

Ин фасл дар бораи аҳдоф ва мақсадҳо бо тафсил баҳс намуд, ки кай мушаххас мешаванд ва кадом вақт воқеъ мешаванд, вале муайян намудани ҳадафҳо фақат роҳе аст, ки туро ба мақсадҳоят мебарад ва набояд фаромӯш кард, ки бояд ҳамеша натиҷаи кор дар зеҳнамон боқӣ бошад ва он ҳам ба воя расондани фарзандони солеҳу некукор мебошад. Зеро чунин шакли тарбия таъсири мустақим дар равиши муомалаи инсон бо фарзандонаш дорад ва инчунин дар равиши рушди сифатҳои лозимӣ дар вуҷуди онҳо, то фарзандон тавонанд дар оянда нақшеро, ки падару модар умед доранд, бибозанд.

Агар хоҳем, ки фарзандонамон ба ҳадафҳое, ки барояшон гузоштаем, бирасанд, бояд ба ахлоқ ва рафторамон таваҷҷуҳ намоем. Бинобар ин, мо ба умури зерин эҳтиёҷ дорем:

1) Татбиқи низоми муътадил байни танзим ва ташвиқ ва дастгирӣ.
2) Намунаи нек бошем ва ҳар чиро, ки барои дигарон мегӯем, худамон ба он амал намоем.
3) Дидгоҳамонро нисбати тамоми умур як дидгоҳи куллӣ ва шомил намоем, ки бар ҳисси шахсият ва мансубият тамаркуз дошта бошад.
4) Хатоҳоямонро эътироф намоем ва аз фарзандонамон бе ҳар гуна худсафедкунӣ ё баҳонаҷӯӣ маъзарат хоҳем.
5) Тамоми ин умури дар боло зикршударо бо имон, намоз ва дуо комил созем. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дуои инсонҳои мухлис ва содиқро қабул мекунад ва онҳоро кумак намуда, дар вақти муносибе, ки Худованд худаш онро интихоб мекунад, ба ҳадаф мерасонад.

Ояндаи ин олам ва амнияти он бештар ба наслҳои оянда такя мекунад. Тарбияи оилавӣ дар ислоҳи ҷомеа ва таҷдиди он як нақши асосиро мебозад. Бинобар ин, набояд таъсири онро ночиз бидонем ва нодида бигирем, зеро башарият мувоҷеҳи хатарҳо ва мушкилоти зиёде мебошад. Ба ҳамин хотир мо бояд нисбати вазифае, ки бар уҳдаи мо гузошта шудааст, ҷиддӣ бошем ва он

ҳам омӯхтани малакаҳои тарбияи оилавӣ ва ба воситаи он дар ҳаётамон бо ҷиддият кор кардан мебошад. Фарзандони мо дар оянда падар ва модар мешаванд ва фарзандонашонро дар асоси арзишҳо ва одобу ахлоқе, ки мо дар вуҷуди онҳо ҷой медиҳем, тарбия хоҳанд кард. Ҳамин тавр гардиши рӯзгореро ба вуҷуд хоҳем овард, ки дар дунё сулҳу оромӣ ва адолату амниятро бар армуғон хоҳад овард, зеро ҳаётро ба нафасҳое, ки танаффус мекунем намеҳисобанд, балки бо лаҳзаҳое қиёс мекунанд, ки зиндагии моро равшан месозанд.



## МАШҚҲОИ 16-20

**Машқи 16:**
**Гуфтугӯ дар бораи фазои хонавода**

Аз тамоми аъзои оила хоҳиш кун, то ба ин саволҳо посух диҳанд:
Оё ҳангоми дохил ва хориҷ шудан аз хона эҳсоси хушбахтӣ мекунӣ?
Чӣ кор карда метавонӣ, то хушбахтии фазои хонавода бештар гардад?
Ба хотири тақвияти хушбахтӣ дар дохили хонавода аз ҳар яки онҳо як чизеро талаб кун, то анҷом диҳанд.

**Машқи 17:**
**Падару модари азиз, фарзандонатонро таълим диҳед!**

Дар бораи бандҳои зерин ба тартиб (ду-се мавзӯро дар ҳар як маҷлис) биандеш ва дар бораи роҳи таълими он бо фарзандонат суҳбат кун ва сипас камбудиеро, ки дар машқ додани фарзандонат ҳосил мешавад, ислоҳ намо:

- Коштани гуле, ки онро дӯст медоранд. Кӯдакон одатан бозӣ кардан бо лой, кандани замин ва обро дӯст медоранд.
- Дурӣ кардан аз андохтани ифлосиҳо дар замин ва бардоштани он аз рӯи замин, агар вуҷуд дошта бошад.
- Роҳи тамос бо худат агар дар кор бошӣ.
- Роҳи тамос бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулъода, кай ва чаро?
- Адои қарз дар зудтарин фурсат.
- Адаби гуфтугӯ, ихтилоф ва бархӯрди хуб бо дигарон.
- Иҷтиноб аз азияти дигарон.
- Натарсидан аз ҳайвонот ва некӣ ва меҳрубонӣ кардан ба онҳо.
- Эҳтиром кардани суханони фарзандон ва паймон кардани он бароя-шон (Ваъдаи инсони озод бар уҳдааш қарз аст).
- Дур кардани ифлосиҳое, ки ба вуҷуд меоранд.
- Ҳамдардӣ ва аҳамият додан. Чуноне, ки мегӯянд, хушҳолӣ бо дига-рон онро дучанд месозад ва ҳамдард будан дар мушкилоти дигарон нисфи ғамро сабук месозад.
- Эҳтироми ҳокимияти қонунӣ, вале бидуни тарсу хавф.
- Барқарории дӯстӣ бо инсонҳои аз дигар ҷинс, дин, ранг ва ҳатто ка-

соне, ки бо забони ту сухан намегӯянд.

- Фарзандҳоро ташвиқ намо, то чизҳои навро санҷанд, вале дар доираи бехатарӣ ва ақл.
- Чӣ гуна бояд рафтор кунанд, агар роҳро гум карданд.
- Роҳи мусобиқа, ки агар ноком ҳам шуданд, ғамгин нагарданд.
- Аз ҳар фаъолиятҳое, ки анҷом медиҳанд лаззат бубаранд, агарчӣ дар он кор беҳтарин набошанд.
- Ҳангоми мушкилот тамоми талошашонро анҷом диҳанд ва аз Худованд талаби кумак намоянд.
- То кам кардани нарх пеш аз харид мунтазир шаванд.
- Шустани либосу зарфҳо ва ба тартиб даровандиn онҳо.
- Рафтор хуб бо китоб ва эҳтироми он.
- Диққат кардан ба ваъдаҳо ва тамос гирифтан дар ҳолати дер кардан.
- Саховатмандӣ ва дасти кумак дароз кардан.
- Чӣ гуна бояд шакли ботартиб ва зоҳири зебо дошта бошанд.

**Падару модар:**

- Ба фарзандат нагӯ "гиря накун", балки бипурс, ки чаро гиря мекунад?
- Ҳар чизеро, ки мехоҳад, барояш нахар, агарчӣ тавонашро дошта бошӣ.
- Хатогиҳояшро интиқод нагир, балки бо вай дар бораи сабабҳои тақсираш суҳбат намо ва ташвиқаш кун, то тамоми талошашро анҷом диҳад.
- Ба тавоноиҳои фарзандат чӣ гунае, ки ҳаст, бовар кун.
- Занатро дар назди фарзандонат интиқод накун.
- Телевизор ва ё компютерро дар утоқи фарзандат нагузор.
- Телевезорро мураббии фарзандонат накун.

### Машқи 18:
### Истилоҳот ва зарбулмасалҳои нодуруст дар фарҳанги арабӣ

Барои фарзандонат баъзе зарбулмасалҳоро шарҳ деҳ ва онро рад намо, бахусус зарбулмасалҳо ва истилоҳотеро дар мавзуоти монанди танҳо ба худ аҳамият додан, муроот накардани аҳволи дигарон, нифоқ ва ғайра.

"Гург набошӣ, гурҳои дигар туро мехӯранд" (Ин зарбулмасал ва монанди инҳо даъват ба ҳукмравоӣ ва душманӣ мекунанд).
"Дастеро, ки наметавонӣ бигазӣ, бибӯс" (Ишора ба нифоқ мекунад).
"Чаро ғам бихӯрам?" (Худписандӣ).
"Агар ман аз ташнагӣ мурдам, пас ҳаргиз борон наборад" (Парвои дигарон надоштан).
"Аз бадии касе, ки ба ӯ некӣ кардаӣ, битарс" (Бархӯрди нодурст).

**Машқи 19:**
**Дидгоҳи ҷаҳонии шомиле, ки дар асоси дӯстии ҳақиқӣ устувор аст**

Ҳадиси зеринро шарҳ деҳ ва сипас аз дӯстиат қисса кун, ки ба таври нодурст ба поён расидааст ва оне, ки дар он бевафоӣ ва беихлосӣ, вуҷуд доштааст:

> *"Аз ҷумлаи бандагони Аллоҳ касоне ҳастанд, ки на пайғамбаранд ва на шаҳид, вале ба сабаби мақоми баландашон назди Худованди мутаол пайғамбарон ва шаҳидон ба онҳо ҳасад мекунанд (орзуи мақоми онҳоро). Саҳобагон гуфтанд: «Эй Расули Худо (с) онҳо кӣ ҳастанд?» Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Онҳо касоне ҳастанд, ки ба хотири ризои Худо бо ҳам дӯстӣ мекунанд, дар ҳоле, ки байнашон на хешу таборӣ асту на доду гирифти пуливу молӣ. Қасам ба Худо, чеҳраҳояшон нуронӣ аст ва бар болои нур нишастаанд. Вақте мардум дар тарсу ваҳшатанд, онҳо наметарсанд ва чун мардум ғамгин шаванд, онҳо ғамгин намешаванд». Ва сипас ин оятро тиловат намуд: "Огоҳ бошед, ки дӯстони Худоро на тарсе аст ва на онҳо ғамгин мешаванд"*
>
> *(Абу Довуд).*

**Машқи 20:**
**Баҳсу гуфтугӯи ором байни аъзои оила, ки бо барнома ва муназзам анҷом меёбад**

- Ҳар моҳ як маротиба бо аъзои оила як маҷлис ташкил намо, то дар он вазъияти рӯҳӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дарсхонии ҳамаи онҳоро мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳед.

Талош кун, то ҳангоми баҳсу гуфтугӯ мушкилот ва ҷанҷоле ба вуҷуд наояд ва ин корро бо нақшаи пешакӣ анҷом деҳ.


NIKE
NIKE

# ФАСЛИ ЧАҲОРУМ

## Ҳадафи ниҳоӣ. Тарбияи фарзандоне, ки Худо ва Пайғамбарашро доранд

- *Муқаддима*
- *Воситаҳое, ки имрӯзҳо аз роҳи он дар дили фарзандони мо тухми имон мекоранд*
- *Фарҳанги иктифо ба худ: Иштироки суст дар масоили ҷамъиятӣ*
- *Фарҳанге, ки имрӯз дар байни мардум роиҷ аст: Камбуди ҳисси масъулиятшиносии фардӣ*
- *Маданияти вайроншуда: Тафаккури акибмондагӣ ва хурофотпарастӣ*
- *Назари нодурусти кайҳонӣ: Заифӣ ва тарс*
- *Роҳи мутавозин: Равиши оқилона*
- *Таълими муҳаббати қуръони карим ба фарзандон*
- *Таълими намоз ба фарзандон: Робитаи ҳамешагӣ бо худованд*
- *Таълими ҳунари тавба ба фарзандон*
- *Таълими сирати набавӣ ва қиссаҳои пайғамбарон (а) ба фарзандон*
- *Таълими одоби хуб ба фарзандон*
- *Беҳтар аст аввал ба фарзандонат бигӯӣ “Худовандро дӯст доред” ё “Худованд шуморо дӯст медорад”?*
- *Худшиносӣ: Мушкилоти таълим ва тарбия дар кишварҳои арабӣ*
- *Машқҳои 21-25*



# МУҚАДДИМА

Дар фасли собиқ дар бораи баъзе аҳдоф ва арзишҳои асосие, ки падару модар бояд онро дар тарбияи фарзандонашон дар соҳаҳои тарбия (динӣ, иҷтимоӣ ва рӯҳӣ) мушаххас намоянд, сухбат кардем. Ва дар соҳаҳои тарбияи оилавӣ ҳадафи ниҳоӣ имон ба Аллоҳ таоло аст, ки дар садри рӯйхати авлавиятҳо қарор мегирад. Вақте, ки мо бо фарзандони худ мегузаронем, бе шак маҳдуд аст ва ба ҳамин хотир мо ба танзими вақти худ ва ҳар чӣ зудтар омода намудани ҷадвали замонбандӣ ниёз дорем ва набояд мунтазир шавем, то дигарон ин корро бароямон анҷом диҳанд. Имкон надорад, ки маънавият ва ахлоқ худ аз худ ва ба тариқи мақбул ташаккул ёбанд, зеро ҷомеае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем ҳамеша ба ақлонияти ғайримуътадил даъват мекунад ва ин роҳест, ки дар асоси дур кардани ҳаёти мо аз Худованд ва муроқабати Ӯ мебошад. Бинобар ин, ҳазорон бор аз мактабҳое дур бошед, ки Худовандро дар охирин сатрҳои авлавиятҳояшон қарор медиҳанд.



## ВОСИТАҲОЕ, КИ ИМРӮЗҲО АЗ РОҲИ ОН ДАР ДИЛИ ФАРЗАНДОНИ МО ТУХМИ ИМОН МЕКОРАНД

Метавон гуфт, ки барномаи диние, ки имрӯз байни мусулмонон роиҷ аст, бештар равиши зоҳирӣ ва расмӣ дорад ва ба натиҷаи манфӣ бурда мерасонад. Фарҳанги динии роиҷ ҳаётро ба ду шакли фаъолиятҳои асосӣ тақсим менамояд: яке ибодатҳо ва дигаре муомилот. Ибодатҳо дар тарбияи оилавӣ танҳо дар доираи таҳорат, намози панҷгона, рӯзаи моҳи мубораки рамазон, закот, ҳаҷ дар ҳолати тавоноӣ. Ва ҳамин чиз муносибатҳои иҷтимоиро низ фаро мегирад, аз ҷумла издивоҷ, тиҷорат ва усули зоҳирии ақида монанди калимаи шаҳодат.

Падарону модарони мусулмон дар бисёри ҳолатҳо аҳамияти масъулиятҳои худ дар сатҳи умматро нодида мегиранд, зеро танҳо ба худашон аҳамият медиҳанд ва барои дигар аъзои ҷомеа эътиноӣ кофӣ намедиҳанд. Дар натиҷа фарзандонашонро ба корҳои шаҳрвандӣ, монанди иштирок дар интихобот, иттифоқи касаба ва маҷлисҳои маҳаллӣ ташвиқ намекунанд. Вақте, ки падару модар ба фарзандон намоз ва қироати Қуръонро таълим медиҳанд, фарзандон ба худ аз ин дидгоҳменигаранд, ки вақте ин корҳоро дар беҳтарин сурат анҷом медиҳанд, сазовори табрику ташвиқ мешаванд. Онҳо ҳамин тавр калон мешаванд ва фикр мекунанд, ки ибодатҳои шахсӣ унсури асосӣ ва марказии ҳаёти ахлоқӣ мебошанд ва агар ин ибодатҳоро ба хубӣ анҷом диҳанд, пас тамоми вазифаҳои динӣ ва ахлоқии худро анҷом додаанд. Ин амр одатан сабаб мешавад, ки таваҷҷуҳоти манфӣ бар тарзи ҳаёти онҳо ғолиб меояд ва дар асоси фардгароӣ ва танҳо дар бораи худ фикр кардан рушд мекунанд.

Мутаассифона ин навъи бепарвоӣ паёмадҳои васеъи баде дорад, зеро дар натиҷа ҳаёти омма ва ҷомеаро хароб месозад ва натиҷа ин мешавад, ки бо зарарҳои бузург аз ин доира берун мешавем.



Дар асл ибодат танҳо ба маънои адои воҷиботи динӣ нест, балки шомили анҷоми тамоми вазифаҳо ва масъулиятҳо аст ва ин умур бояд дар ҳаёти мусулмон дар партави арзишҳои исломӣ анҷом шаванд. Инчунин ибодат ба маънои пойбандӣ ба арзишҳое монанди тақвияти хайр, иҷтиноб аз бадиҳо, иштирок дар ҳаёти мардум ва эътино ба ди-

гарон аст. Агар падару модар ин сифатҳоро дар вуҷуди фарзандони худ накоранд, дар он сурат дар вуҷуди онҳо бепарвоии нохуберо ба мерос хоҳанд гузошт, ки ҳалқаҳои он дар наслҳои баъдӣ идома хоҳад дошт. Ба ҳамин хотир камбудиҳо ва норасоиҳои калон дар рафти таълими динӣ ба вузӯҳ намоён гаштааст, чунки таълимоти динӣ аз ҳад зиёд ба адои воҷиботи динӣ аҳамият дода, худи онҳоро ҳадаф қарор медиҳад ва қадри поксозии равон ва рушди он, ободсозӣ, тақвияти шахсият ва аҳамият додан ба умури ҷомеаро камтар менамояд.

Дар ҳақиқат мафҳуми "ибодат" зикрро низ шомил мешавад ва маънои зикр ҳамеша Худовандро ёд кардан ва бо Ӯ таоло дар робита будан аст, то инсонро ба сӯи поквиҷдонӣ, сабру таҳаммул, ахлоқ ва рафтори нек роҳнамоӣ кунад.

Пеш аз пардохтан ба коре, ки бояд анҷом диҳем, беҳтар аст, ки дар бораи чизе, ки дар муҳити оилавӣ рӯй медиҳад, фикр кунем..

## ФАРҲАНГИ ИКТИФО БА ХУД: ИШТИРОКИ СУСТ ДАР МАСОИЛИ ҶАМЪИЯТӢ

Бархӯрдҳои таърихӣ, тақсим шудан ба қутбҳо ва пайдо шудани фосила байни уламо, андешамандони мусулмон ва роҳбарони золиму фосид ва инчунин дур гаштани фуқаҳо аз иштирок дар ҳаёти ҷомеа ва тамаркузи онҳо асосан бар ҷанбаҳои шахсӣ ва фардии ҳаёти мардум, камтар тамаркуз намудан ба масоили умумӣ ва камтар талош намудан барои расидан ба ҳукумати одилона, ҳамкориҳои сиёсӣ, машварат, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандӣ, адолати иҷтимоӣ, эҳёи рӯҳияи бародарӣ, боиси таҳрифи дидгоҳи ҷаҳонии ислом ба ҳаёт бурда расонд. Инчунин дидгоҳи нодуруст ба масоили умумӣ дар заиф шудани рӯҳияи гурӯҳӣ, аз байн рафтани ҳамбастагӣ байни мусулмонон барои баланд бардоштани мақоми уммати исломӣ ва заиф гаштани робитаҳои зарурӣ барои бунёди қасри умумии муштарак таъсири худро расондааст.

Тамаддун наметавонад идома пайдо кунад, магар бо тамаркуз намудан бар ихлоси шахсӣ ва аҳамияти ҷиддӣ додан ба умури ҷомеа. Ба ибораи дигар, татбиқи мафҳуми ҷонишинии инсон дар рӯи замин танҳо дар асоси бахшоиш, рушд ва анҷоми вазифаи ободсозӣ ба манфиати ҷамъият ва наслҳо баъдӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, ки аҳамият додан ба умури шахсӣ ва хонаводагӣ дар фиқҳи исломӣ амри зарурӣ мебошад, ин амр ба танҳоӣ наметавонад дар эҷоди пояҳои тамадду-

ни уммат кофӣ бошад, зеро чунин равиш шояд дар эҷоди хайр кумак намояд, вале дар ниҳоят ба умури манфӣ ва таслим шудани одамҳо ва ҷомеаҳо ба фармонравоии диктаторӣ бурда мерасонад.

Бе шак, онҳое, ки дар асоси фарҳанги динии шаклӣ ва анъанавӣ тарбия шудаанд, ибодатҳояшонро аз таҳорат гирифта то намозу рӯзаву ҳаҷро ба таври хуб ва дуруст анҷом медиҳанд, вале танҳо ин амр инсонро ба аҳамият додан ба масоили дигарон ва шаҳрвандии хуб ва ширкат намудан дар умури ҷамъиятӣ ва тақвияти хизмати ҷомеа роҳнамоӣ намекунад. Ба таври комил такя ба ҳукуматҳо намудан ва ба ҷои ин, ки ҳар яки мо масъулиятҳои худро дар пеши ҷомеа дар кумак расондан ба мардум ва дастгирии онҳо ба уҳда бигирад, танҳо ба идораҳои ҳукуматӣ рӯ овардан сабаб мешавад, ки мо аз андешидан ва ё қабули қарорҳои муҳим барои ояндаи худ ва ё бештар гаштани маърифатамон ва ё аз ҳимояи манфиатҳои худамон оҷиз мемонем, яъне рӯҳияи бепарвоӣ бар иштироки фаъол дар ҷомеа ғолиб меояд. Умеде нест, ки фарзандоне, ки дар ҷомеаҳои золиму ситамгар ва саркӯбиҳои динӣ бузург шудаанд, инсонҳои озод ё андешамандони ихтироъкор ба воя бирасанд ва ё рӯҳияи фаъолиятҳои гурӯҳиро дар худ дошта бошанд ва ё дар оянда ҷомеаро ба сӯи тараққӣ ва пешрафт роҳнамоӣ кунанд, балки дар натиҷа корашон ба гӯшаи танҳоӣ мекашад.

Баъзе падару модар аз замони ба дунё омадани фарзанд то марҳалаи балоғат дар вуҷуди ӯ рӯҳияи худхоҳиро ҷой медиҳанд. Бештар аҳамияташон ба ин аст, ки фарзандашон чӣ мепӯшанд, дар ҳоле, ки бояд бештар ба таълим ва эҳсосоти фарзандашон нисбати ба дигар умур аҳамият диҳанд. Онҳо бояд талош намоянд, ки дар виҷдони онҳо ҳисси масъулиятшиносиро ҷой диҳанд, бахусус нисбати камбизоатон ва муҳтоҷон ва ба табиати атрофашон. Бисёре аз мо дар харидани бозичаҳо ба фарзандон пули зиёде сарф мекунем, ки шояд бишкананд ва ё аз байн бираванд, дар ҳоле, ки дар бораи мушкилоти бенавоёне, ки дар қади роҳ нишаста, барои либос ё хурок талбандагӣ мекунад, намеандешем.



Бе шак, дар андеша ва тафаккури уммати исломӣ ба таври умум як ҷудоӣ ва инқисом вуҷуд дорад, зеро ҳар як фард дар бораи манфиатҳои шахсӣ ва оилавии худ меандешад ва манфиатҳои уммат ва аъзои ҷомеаро, монанди хешону наздикон ва ҳамсоягон, нодида мегирад. Ва ин амр бар

одамҳо ва инчунин бар давлатҳо низ мутобиқат мекунад. Фарҳанги исломии имрӯзӣ ҳамин тавр дар дораи тангу торику холӣ аз эҳсосоти ҳамсоягии хуб, рӯҳияи амалии гурӯҳие, ки мехоҳем сифати асосиаш бошад, қарор гирифтааст.

Дар бораи яке аз корҳо ва бархӯрдҳои ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) тааммул кун, ки чӣ гуна омода буд тамоми доройяшро барои ҷомеа сарф кунад ва чун Расулуллоҳ (с) аз вай пурсид: “Чӣ чизеро барои хонаводаат гузоштӣ?” Гуфт: “Худо ва Пайғамбарашро барои онҳо гузоштам”. Кори ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) танҳо бар қавӣ будани имонаш далолат намекард. Ӯ боварии комил дошт, ки Расулуллоҳ (с) ва ҷомеа ҳатман дар ҳолати зарурат ӯро дастгирӣ хоҳанд кард. Агар ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) рӯзе дарк мекард, ки хонаводааш аз гуруснагӣ ранҷ хоҳад бурд ва дар кӯчаҳо ба талбандагӣ хоҳад баромад, ҳатман аксари молашро барои худаш нигоҳ медошт ва камашро хайр мекард.



Мо наметавонем сабаби ба ин ҳолати ноумедӣ расидани олами исломиро дар паҳновар будани сарзаминҳои исломӣ ва дарбар гирифтани теъдоди зиёди забонҳо ва нажодҳои гуногун бидонем ва ё гуноҳу масъулияти онро бар гардани низомҳои давлатдорие бигузорем, ки бар болои мардум золимона ҳукумат мекунанд. Инчунин мо наметавонем сабаби онро таҳаммули мушкилоти зиёде бидонем, ки дар зери ҳукми истеъмор кашидаанд. Мусулмонон имрӯз чаҳоряки сокинони оламро ташкил медиҳанд ва Ислом ба ҳамзистии мусолиматомез, ҳамкориҳои иҷтимоӣ, ваҳдату якпорчагӣ, бародарӣ, ҳамкорӣ ва меҳрубонӣ даъват менамоянд. Пас сабаби парокандагии онҳо дини Ислом ва омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ нест, зеро заъфи иқтисодӣ ва сиёсӣ падидае аз падидаҳо мебошанд ва сабаби асосӣ буда наметавонад.

Ин савол боқӣ мемонад, ки: Масъулияти ин вазъият бар дӯши кист? Ҷавоб дар китоби Худованд возеҳ ва ошкор аст, чуноне мефармояд:

*“Худо чизеро, ки аз они мардумест, дигаргун накунад, то он мардум худ дигаргун шаванд”*

*(Раъд, 11).*

Мо наметавонем бештар аз гуфтаи ин ояти шариф сахтигирӣ намоем, зеро дар ин оят ба қадри кофӣ дар ин мавзӯъ сахтгирӣ шудааст. Пас сабаби бадии ҳолати мусулмонон худашон мебошанд ва онҷӣ, ки худамон анҷом додаем.

## ФАРҲАНГЕ, КИ ИМРӮЗ ДАР БАЙНИ МАРДУМ РОИҶ АСТ: КАМБУДИ ҲИССИ МАСЪУЛИЯТШИНОСИИ ФАРДӢ

Модоме, ки китобҳои фиқҳӣ сарчашмаҳои асосии динӣ ва фарҳангӣ дар тарбия ҳастанд ва барои мусулмон роҳнамо дар тарбияи шахсияташ мебошанд, лозим аст ба ин китобҳо бознигарӣ шуда, дар он ҷанбаҳое, ки ғоиб мондаанд, илова шаванд, монанди аҳамияти зарурӣ додан ба ҷомеаи исломӣ ва инсонӣ. Ин ҷанба дар гуфтаҳои Худованди мутаол ба вузӯҳ дида мешавад:

***"Ва касоне, ки пеш аз омадани муҳоҷирон, дар диёри худ будаанд ва имон овардаанд, онҳоеро, ки ба сӯяшон мухоҷират кардаанд, дӯст медорад. Ва аз он чӣ муҳоҷиронро дода мешавад, дар дил эҳсоси ҳасад намекунанд ва дигаронро бар худ ихтиёр мекунанд, ҳарчанд худ мӯҳтоҷ бошанд. Ва онон, ки аз бахилии худ дар амон монда бошанд, наҷотёфтагонанд!"***

***(Ҳашр, 9).***

***"Оё онро, ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешумурад, дидӣ? Ӯ ҳамон касест, ки ятимро ба иҳонат (хорӣ) меронад ва мардумро ба таом додан ба бенаво тарғиб намекунад. Пас вой бар он намозгузороне, ки дар намози худ саҳл ангоранд (дар ғафлатанд), онон, ки риё мекунанд ва аз додани закот саркашӣ мекунанд"***

***(Моъун, 1-7).***

То он даме, ки дар ҷомеа ба дигарон монанди бенавоён, ятимон, бевазанон, ҳамсоягон ва муҳтоҷон аҳамият надиҳем, ҳаргиз наметавонем ҷомеаеро бисозем, ки дар садади расидан ба чунин ҷомеа мебошад. Байни ибодатҳои шахсӣ ва осудагии ҷомеа робитаи қавӣ вуҷуд дорад, зеро адо шудани ибодатҳои динӣ вобаста ба нигоҳубини ятимон, таом додан ба фақирон ва кумаки ҳамсоягон мебошанд. Ҳадафи асосии ибодат дар мафҳуми шомили он омода намудани инсон барои хизмати башарият ва инсонҳо мебошад. Вуҷуди падидаи талбандандагӣ дар кӯчаҳои давлатҳои исломӣ таъкид ба вуҷуди камбудии калон дар ҳаёти рӯзмараи мо дар дарки мафҳуми масъулияти ҳақиқӣ мебошад.

Иршодоти Расулуллоҳ (с) моро роҳнамоӣ мекунад, ки ба умури мардум аҳамият додан як амри муҳим ва зарур мебошад, зеро аз Расулуллоҳ (с) ривоят аст, ки фармудаанд:

*"Дин насиҳат аст. Гуфтем: Барои кӣ? Фармуданд: Барои Худо, китоби Худо, Расули Худо, пешвоёни мусулмон ва оммаи онҳо"*

*(Муслим).*



Инчунин мефармоянд:

*“Касеро, ки мусулмонеро дар ҷое, ки номус ва обрӯяш поймол мешаванд, пуштибонӣ накунад, Худованд дар ҷое, ки ӯ мехоҳад кумакаш кунад, пуштибонӣ намекунад. Ва касе, ки мусулмонеро дар ҷое, ки номус ва обрӯяш поймол мешаванд, кумак кунад, Худованд дар ҷое, ки ӯ мехоҳад кумакаш кунад, нусраташ медиҳад”*

*(«Муснад»-и Имом Аҳмад).*

Бисёриҳо дар баробари худ, дигарон ё ояндаашон эҳсоси масъулияти бисёр кам доранд, бахусус дар мамлакатҳое, ки фаъолиятҳои ҷиддии содиқона заиф мебошанд ё тақрибан арзи ҳастӣ намекунанд. Пас натиҷа ин мешавад, ки фард аз анҷоми талошҳо ва истиқомату пойдорой дурӣ мекунад ва аз дигарон талаб мекунад, ки вазифаҳояшонро дар баробари ӯ анҷом диҳанд, дар ҳоле, ки намехоҳад ҳеҷ гуна масъулиятеро дар баробари худ ва хонавodaаш ба уҳда бигирад. Мафҳуми масъулиятшиносӣ дар баробари нафс дар ҷомеаҳои мусулмони муосир тақрибан вуҷуд надорад ва ин ҳам дар натиҷаи интишор ёфтани мафҳуми гурӯҳӣ мебошад, ки авлавиятро барои ҷомеа аз ҳисоби фард медиҳад. Мафҳуми қабилавӣ ё оилавӣ аз қадимтарин шаклҳои ибтидои мафҳуми гурӯҳӣ дар тасвири манфии он дар олами исломӣ мебошад ва ин шаклҳо имрӯз ба гардондани инсон ҳамчун ғуломи ҳукуматҳо ва низомҳо табдил ёфтааст.

Андешаҳои гурӯҳӣ дар шакли манфии худ ба ҷои эътимод ба нафси худ фарҳанги эътимод ба дигаронро тақвият менамояд. Аз дидгоҳи фикрӣ тафаккури гурӯҳӣ ба нобуд сохтани андешаҳои навовари шахсӣ ва талоши эҷодкорӣ, ки ҳаракатдиҳандаи асосии пешрафти инсонӣ ба шумор меравад, бурда мерасонад. Аз нигоҳи иқтисодӣ бошад ин тафаккури гурӯҳӣ тамоми истеъдодҳои эҷодкориҳои фардиро заиф намуда, онҳоро ба истеъмолкунандагони нотавон табдил мекунад. Аз нигоҳи рӯҳӣ ва равонӣ ин

тафаккури гурӯҳӣ дидгоҳи афродро мепӯшонад, то наметавонанд дарк намоянд, ки онҳо дар рӯи ин замин ҷонишинҳо мебошанд. Инчунин ин тафаккури гурӯҳии номунназам ба фарҳанги пайравӣ ва итоат аз дигарон бурда мерасонад, зеро боварии фард ба худаш аз байн меравад. Аз нигоҳи ахлоқӣ тафаккури гурӯҳӣ ба тарсончакӣ ва бахилӣ мебарад ва аз нигоҳи сиёсӣ фарқиятҳои табақавиро дар ҷомеа ба вуҷуд меорад ва талош мекунад баъзеҳо бар дигарон ҳукумат намоянд ва ё иродаи "инсони қудратмандро" бар болои тамоми ҷомеа ҳукмфармо менамояд.

Баръакс Қуръони карим ҳар як инсонро ҷонишини Худованд дар рӯи замин ва таслимшудаи иродаи Ӯ мехонад, то вазифаи худро иҷро намояд, ва барои амалӣ шудани хайр дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт, аз рӯҳ сар карда то хонавода ва тамоми уммат, ба амал кардан ташвиқ мекунад. Агар мо дар ҳақиқат барои дигарон ҳамон чизеро хоҳем, ки барои худамон мехоҳем, пас бояд барои онҳо талаб кунем, ки инсонҳои оқил ва озода бошанд, вале ин воқеияти ҳоли мо нест. Фарзандон дар баъзе мамлакатҳои исломӣ ба таври манфӣ ва адами тафаккури интиқодӣ бузург мешаванд ва масоилеро меомӯзанд, ки аз он асрҳо гузаштааст монанди хариду фуруши ғуломон. Вақте ба ҷавонон мавзӯотеро меомӯзонем, ки ҳеҷ алоқае ба ҳаёти онҳо надоранд, дар он сурат мо фурсати тилоиро барои поксозии равон, рушди меҳрубонӣ нисбати дигарон ва аҳамият додан ба эҳтиёҷоташонро аз даст медиҳем. Нақсу камбудии раҳмдилӣ ва дилсӯзӣ ба ҳамдигар дар рушди шахсияти наслҳои оянда офати хатарнок аст.

Ҳадафи асосии таълими нисоби закот ба фарзандон на фақат таълими ҳисоби фоизи закоти чаҳорпоён, хурмо, ҷав ва ғайра, балки кӯштани мафҳумҳои ҳамкории иҷтимоӣ, меҳрубонӣ, азхудгузарӣ, саховатмандӣ ва кумак ба муҳтоҷон ва мустамандон, ки онро хароҷоти закот меноманд, мебошанд. Аммо он чӣ, ки дар ин рукни Ислом аз ҷанбаҳои моддӣ муҳимтар аст, коштани ҳисси амиқи меҳрубонӣ ва дилсузӣ дар вуҷуди наврасон ва расидан ба қадри касоне мебошад, ки сатҳи зиндагиашон бисёр паст аст. Пас доштани ҳисси бародарӣ ва хушҳол шудан аз додани закот ва ғайра аз амалҳои хайр ва арзишҳое мебошанд, ки ҳини коштани онҳо дар вуҷуди кӯдакон дар ин марҳали муҳими зиндагиашон бояд рӯи онҳо тамаркузи бештар шавад. Ба ҳамин хотир яке аз маъонии закот поксозӣ ва тазкияи рӯҳу равон мебошад ва ин мафҳум дар гуфтаи Худованд ба таври возеҳ баён шудааст:

***"Аз дороиҳояшон садақа биситон, то ононро поку муназзаҳ созӣ ва барояшон дуо кун, зеро дуои ту мояи оромиши онҳост ва Худо шунавову доност!"***

***(Тавба, 103).***

## МАДАНИЯТИ ВАЙРОНШУДА: ТАФАККУРИ АКИБМОНДАГӢ ВА ХУРОФОТПАРАСТӢ

Тамаддуни исломӣ бар пояи дониш, илм, воқеият ва ақл бунёд шудааст. Аз ҷумлаи умуре, ки ба инсон оромӣ медиҳад ин аст, ки уламои мусулмонон, ки эътиқод ба муъҷизаҳои пайғамбарон доранд, имону яқин доранд, ки бузургтарин муъҷизаи ҳазрати Муҳаммад (с) Қуръони карим аст. Ваҳйи қуръонӣ тафаккури инсониро мухотаб қарор дода, бар ақлу мантиқ асос ёфтааст ва ба баҳсу андешаву ихтироъу тааммул мехонад. Ва ин ҳамон мавзӯъҳоест, ки дар Қуръони карим аксариятро ташкил медиҳад. Падарону модарон бояд ин мавзӯотро дар рӯҳу равони фарзандонашон ҷой дода, онро дар тафаккури онҳо бузург нишон диҳанд, то инсонҳои муъмин дар ҷомеаи боақлу мантиқ ба воя бирасанд ва имони амиқи худ ба Аллоҳ таоло ва рӯзи қиёматро ҳифз намоянд.

Тамаддуни ҳақиқӣ имкон надорад дар асоси хурофоту сеҳру ҷоду бунёд ёбад ва дар он инсон наметавонад ба қиссаҳои ашхосе гӯш диҳад, ки барои ҳаллу илоҷи мушкилоти оилавиашон ба ҷои муолиҷаи дурусти тиббӣ ё равонӣ, ба қувваҳои рӯҳӣ, ҷин, ситораҳо ва ҷоду рӯ меоранд. Зеро ҳамаи ин корҳо дар дини мубораки Ислом ҷое надоранд ва ба тафаккури фарзандон зарари ҷиддӣ мерасонанд. Нақши мо ҳамчун падару модар дар он нуҳуфтааст, ки дар вуҷуди фарзандонамон тафаккури илмии баргирифта аз таълимоти ваҳйи илоҳӣ, ки онро Қуръони карим баён доштааст, ҷой намоем. Зеро дар бисёре аз оятҳо таъкид бар он шудааст, ки суннатҳо ва қонунҳои худовандӣ дар коинот мебошанд, ки ҳаёти инсон ва ҷаҳони моддиро идора мекунанд ва татбиқи ин қонунҳои худовандӣ дар табиат ба таври комил дар шахсияти Расулллоҳ (с) чунон е, ки онро Қуръони карим васф мекунад, ба тасвир кашида шудааст:

***“Бигӯ: «Ман молики нафъу зиёни худ нестам. Ғайри он чӣ Худо бихоҳад. Ва агар илми ғайб медонистам, ба хайри худ хеле меафзудам ва ҳеҷ шарре ба ман намерасид. Ман касе ҷуз бимдиҳанда ва муждадиҳандае барои муъминон нестам»”***

***(Аъроф, 188).***

***“Бигӯ: «Ман инсоне ҳастам монанди шумо. Ба ман ваҳй мешавад. Албатта Худои шумо худоест якто. Ҳар кас дидори Парвардигори худро умед мебандад, бояд кирдори шоиста дошта бошад ва дар парастиши Парвардигораш ҳеҷ касро шарик насозад»”***

***(Каҳф, 110).***

Ин тафаккури илмии воқеӣ яке аз бузургтарин тамаддунҳоеро ба вуҷуд овард, ки ҷаҳон онро шинохт.

Мусулмонон дар асрҳои тилоии тамаддуни исломӣ Аврупоро кумак

намуданд, то аз асрҳои торике, ки дар он асрҳо ғарқ гашта буд, берун шавад ва онро ба асри нуронӣ ва пешрафт роҳнамоӣ намуданд (Ҳассонӣ, 2011).

Дар қадами аввал вазифаи падарону модарон ва дар қадами дуюм вазифаи муаллимон ин аст, ки фарзандонро чуноне тарбия намоянд, ки дорои ахлоқи ҳамида бошанд ва дар паҳлуи он суннату қонунҳои худовандиро дар табиат ва коинот ва дар улуми иҷтимоӣ ва инсонӣ дарк намоянд.

Файласуфи фаронсавӣ Роже Гародӣ ҷанбаҳои тамаддуни ғарбиро чунин васф намудааст:

«Тамаддуни ғарбии муосир зебоӣ ва қонуни худро аз тамаддунҳои румӣ ва юнонӣ, ахлоқашро аз масеҳият ва андешаҳои илмиашро аз мусулмонони Испания гирифтааст» (Маҷаллаи «Dialogue», Вашингтон, 2002).



## НАЗАРИ НОДУРУСТИ КАЙҲОНӢ: ЗАИФӢ ВА ТАРС

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*«Наздик аст мардум бар шумо ҳуҷум биёранд чуноне, ки инсонҳо барои хӯрок хурдан гирди косаҳояшон ҷамъ мешаванд». Саҳобагон гуфтанд: «Оё ба сабаби кам будани мо чунин мешавад?» Фармуданд: «На, шумо дар он рӯз бисёр хоҳед буд, вале монанди каф ва хасу хошоки болои сел (беарзиш ва нотавон) мебошед ва Худованд аз қалбҳои душманонатон ҳайбати шуморо дур месозад ва Худованд дар қалбҳои шумо заифиро меандозад». Саҳобагон пурсиданд: «Кадом заифиро, эй Расули Худо (с)?» Фармуданд: «Муҳаббати дунё ва бад дидани марг»*

*(Абу Довуд).*

## РОҲИ МУТАВОЗИН: РАВИШИ ОҚИЛОНА

Падарону модарон бояд ба эътиқодоти динии худ амиқ назар кунанд, зеро фаҳми дурусти таълимот ва талаботи динӣ дар интихоби роҳу равиши тарбия таъсири бузурге дорад. Аҳамияти ин мавзӯъ барои волидайн дар он аст, ки онҳоро аз тарбияи фарзандон дар асоси фарҳанги тарс, ақибмондагӣ, худписандӣ ва иҷбор ҳифз мекунад. Олимону фақеҳони пеш ҳамеша бар аҳамияти воҷиботу ибодот таъкид менамуданд ва Қуръони карим бар зикр, яъне ҳамеша ва дар ҳама ҷо Худованро ёд кардан ва аз Ӯ ғофил намондан, таъкид менамояд. Ин ду амр барои тарбия бисёр муҳим ва зарур мебошанд.

Бинобар ин падарону модарон бояд дидгоҳи ҷаҳонии исломро дарк кунанд ва онро барои фарзандонашон дар синни булуғ таълим диҳанд.

Падарону модарон бояд ба фарзандонашон фаҳмонанд, ки вазифаи мо мутобиқи арзишҳои саҳеҳ ва қоидаҳое, ки Худованди мутаол барои башарият гузоштааст, обод сохтани замин мебошад ва ибодат роҳи поксозии рӯҳу равон ба хотири расидан ба ин ҳадафҳост. Ин амр барои онҳо фаҳми комили ҳадафи зиндагиро медиҳад, ки талош кардан барои анҷоми корҳои дуруст мебошад.

Рафтори падару модар барои фарзандон намунаи хубест, ки агар дар ҳолатҳои монанд рӯ ба рӯ шаванд аз падару модар пайравӣ мекунанд. Пас пойдорӣ ба ибодатҳоямон ва ҳамеша дар ёди Худованд будан вазифаҳоямонро ба мо ёдоварӣ намуда, дар беҳсозии ҳаётамон таъсир мерасонад ва моро ризои Худовандро насиб мекунад. Бинобар ин, мо бояд ҳаёти худро пок нигаҳ дорем, муҳити зистро нигаҳдорӣ кунем, илм омӯзем ва мазлумонро кумак намоем. Вақте фарзандон мебинанд, ки падарону модаронашон корҳои хайрро амалан дар зиндагӣ татбиқ мекунанд, дар он сурат маънои ҳақиқии ибодатҳоро дарк менамоянд ва мефаҳманд, ки ин ҳаёт барои мардум як имтиҳон аст ва талош кардан ба хотири рушди ҷомеа дар ҷанбаҳои хусусӣ ва умумӣ худ ҷиҳод мебошад.

Оятҳои зерин дар ташаккул ва пойдор сохтани дидгоҳи ҷаҳонии равшанфикрӣ дар зеҳни фарзандон кумак мекунанд:

***“Бигӯ: «Намози ману қурбонии ман ва зиндагии ману марги ман барои Худо — он Парвардигори ҷаҳониён аст. Ӯро шарике нест. Ба ман чунин амр шудаст ва ман аз нахустин мусалмононам»”***

***(Анъом, 162-163).***

***“Намоз одамиро аз фаҳшову мункар бозмедорад”***

***(Анкабут, 45).***

*“Ва таомро дар ҳоле, худ дӯсташ доранд, ба мискину ятим ва асир меҳӯронанд, шуморо фақат барои Худо таом медиҳем ва аз шумо на музде мехоҳем на шукре”*

*(Инсон, 8-9).*

*“Худо ба касоне аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳое шоиста кардаанд, ваъда дод, ки дар рӯи замин ҷонишини дигаронашон кунад, ҳамчунон, ки мардумеро, ки пеш аз онҳо буданд, ҷонишини дигарон кард, ва диношонро, ки худ барояшон писандида аст, устувор созад. Ва ваҳшаташонро ба тинҷи иваз кунад. Маро мепарастанд ва ҳеҷ чизеро бо Ман шарик намекунанд. Ва онҳо, ки аз ин пас ношукрӣ кунанд, нофармонанд!”*

*(Нур, 55)*

## ТАЪЛИМИ МУҲАББАТИ ҚУРЪОНИ КАРИМ БА ФАРЗАНДОН

Падарону модароне, ки мехоҳанд фарзандоне тарбия кунанд, ки Худовандро дӯст медоранд ва аз Ӯ метарсанд, набояд Қуръони каримро барояшон ҳамчун китоби муқаддасе таълим диҳанд, ки дар муносибатҳои динӣ мехонанд ва сипас онро дар боқии рӯзҳои сол дар болои тоқ мегузоранд. Оё дар омӯхтан ва омӯзондани Қуръони карим тамаркузи мо танҳо рӯи гирифтани маълумот ва беҳтар сохтани аҳкоми таҷвидаш аст ё илова бар он ҷой додани отифа ва маънавият дар дили фарзандон аст? Касби маърифат ва маълумот дар рафти тамоми зиндагӣ давом дорад, вале рушди солими отифӣ ва равонии аксари мардум дар синну соли хурдӣ ва бахусус пеш солҳои навҷавонӣ мебошад.

Он чӣ, ки имрӯз ривоҷ дорад, ин аст, ки мусулмонон дар кӯдакии фарзандонашон бештар ба тарсондани онҳо аз Худованд ва азоби дӯзах аҳамият медиҳанд ва ба муҳаббату раҳмату меҳрубонии Ӯ, зебоии осмону коинот ва ташвиқ ба неъматҳое, ки барои онҳо назди Худованди Мутаол аст, аҳамият намедиҳанд. Падарону модарон ба фарзандони худ ҳамеша таъкид мекунанд, ки агар аз фармонҳои худовандӣ саркашӣ намуданд ё муртакиби хато шуданд дар оташи дӯзах хоҳанд сӯхт. Вале дар айни ҳол ба онҳо намефаҳмонанд, ки агар инсонҳои солеҳ ва некукор бошанд ва ба падару модар ва дигарон кумак карда, корҳои нек анҷом доданд, савоби бузурге хоҳанд дошт ва ба неъматҳои биҳишт хоҳанд расид. Ёдовар мешавем, ки уламои илми тарбия ишора ба ин мекунанд, ки ёдоварии оташи ҷаҳаннам ва ё ҳар навъи азоби ухравӣ барои фарзандон қабл аз синни даҳсолагӣ бисёр хатарнок аст. Мо ҳамеша фарзандонро таҳдид мекунем ва метарсонем, гуи онҳо инсонҳои бад ва ҷинояткорон бошанд, вале бисёр кам мешавад, ки

барояшон ёдоварӣ мекунем, ки дар муқобили рафтору ахлоқи хубашон аз ҷониби Парвардигорашон мукофотҳои бузурге хоҳанд гирифт. Фарзандоне, ки дар чунин фазо ба воя мерасанд, ҳамеша дар вуҷудашон тарсу ваҳшат вуҷуд дорад ва бештар ба манфӣ будан майл дошта, эътимод ба нафс надоранд. Ва шояд кор ба ҷое бирасад, ки эҳсоси ноумедӣ ва дурӣ аз раҳмати Худованд кунанд.

Одатан падару модар ба фарзандонашон охирин пораи Қуръони каримро (пораи «Амма») меомӯзонанд ва онҳо онро ҳифз мекунанд, зеро дар он сураҳои кутоҳе ҳаст, ки дар оғози нузули ваҳй дар Макка нозил шудаанд. Ин сураҳо намунаҳое аз қиссаҳои роҳбарони золим ва мутакаббири қабилаи Қурайш монанди Абу Ҷаҳл ва Абу Лаҳабро ҳамчун панду ибрат зикр мекунадн. Инчунин ин сураҳо дар бораи касоне суҳбат мекунанд, ки мусулмононро азоб дода, ба қатли Расулуллоҳ (с) ва баъзеи онҳо бо ҳам дасиса намуда, ба хотири аз байн бурдани мусулмонон ҷанги клаонеро эълон намуда буданд. Ҳадафи нузули ин оятҳо ҳидояти ин саркашон буд ва ба ҳамин хотир ин оятҳои қавӣ ҳамчун садои ваҳшатноки раъд ба гӯши онҳо расид, зеро ин дар худ таҳдидҳои хатарнокеро дошт. Ба ин намунаҳо назар кун:

***“Дастҳои Абу Лаҳаб бурида бод ва ҳалок бар ӯ бод”***

***(Масад, 1).***

***“Вой бар ҳар ғайбаткунандаи айбҷӯе”***

***(Ҳумаза, 1).***

***“Оё достони ғошия ба ту расидааст? Дар он рӯз ваҳшат дар чеҳраҳо падидор аст, талош кардаву ранҷдида дар оташи сӯзон дарафтанд, аз он чашмаи бисёр гарм обашон диҳанд, таоме ғайри хор надоранд, ки на фарбеҳ мекунад ва на дафъи гуруснагӣ”***

***(Ғошия, 1-7).***

***“Вой бар камфурӯшон, (касоне, ки дар тарозу фиреб мекунанд)”***

***(Мутаффифин, 1).***

***“Бигӯ, эй кофирон”***

***(Кофирун, 1).***

Ин хитоб, ки аслан муносиби фарзандони маъсум намебошад, аввалин оятҳое мебошанд, ки имрӯзҳо дарс дода мешаванд. Сабаб чист? Сабаб ин аст, ки ин сураҳо кӯтоҳ буда, ҳифзашон осон аст. Дар иваз иқтибосҳое бояд аз қиссаҳои қуръонӣ гирифта, ба фарзандон таълим дода шаванд.

Ташаккул додани ҳисси амният, муҳаббат, саховатмандӣ, дилгармӣ ва меҳрубонӣ дар давраи кӯдакӣ бо рӯҳу равони онҳо дар ин марҳала комилан мувофиқ аст. Беҳтар аст

бо фарзандон суханро аз муҳаббат, раҳмат, мағфират ва дигар сифатҳои зебои Худованд оғоз намоем ва барояшон таъкид намоем, ки онҳо инсонҳои хубанд ва пеш аз ин, ки барояшон таълим кунем, ки чӣ гуна онҳо Худовандро дӯст медоранд, бояд барояшон таълим диҳем, ки Худованд онҳоро дӯст медорад ва ҳақиқат ҳам ҳамин аст. Дӯстии Худованд барои мо дар қадами аввал ва сипас имони мо ба муҳаббати Худованд дар қадами дуюм меояд.

Падару модар бояд бо нармӣ оғоз кунанд ва ба фарзандон дар марҳалаи балоғат дар бораи азоби оташи дӯзах барои гунаҳкорон нақл кунанд. Беҳтар аст, сухан дар бораи сураҳое оғоз шавад, ки таҳдид ба муртакибони гуноҳони кабираро дарбар мегиранд. Ва бояд вақте бошад, ки тавоноии гирифтани ибрат ва дарсро дошта бошанд. Агар мо ин корро барвақтар ва дар марҳалаи кӯдакӣ анҷом диҳем, дар он сурат таслими хавфу тарс гашта, боварӣ ба худашонро аз даст медиҳанд. Фарзандон одатан дар охирҳои марҳалаи кӯдакӣ ва дар синни навҷавонӣ тавоноии гирифтани дарси ибратро пайдо мекунанд. Ва ҳар қадар синну солашон боло равад, ҳамон қадар метавонанд афкору оқибатҳои хатоҳояшонро ба таври беҳтар дарк намоянд.

Агар мо тарбияи фарзандонро рушди ақлу рӯҳи онҳо донем, бахусус ҳангоми таълим додани Қуръони карим, пас бояд барои ҳар як марҳалаи рушди онҳо оятҳои муносиби ҳолашонро аз қиссаҳои зебои қуръонӣ интихоб намоем ва ба онҳо таълим диҳем. Аксари саҳобагон Қуръони каримро замоне таълим гирифтанд, ки болиғ буданд. Он гоҳ Қуръон дар рӯҳу равони онҳо таъсири бузург гузошт, сифатҳои хуберо, ки дар табиаташон вуҷуд дошт, монанди шуҷоат, тавоноӣ ва эҷодкорӣ, тақвият намуд ва онҳоро ба меъёрҳои ахлоқии наву воло роҳнамоӣ кард. Мутахассисон, донишмандон, равоншинос ва ҷомеашиносон бояд дар бораи оятҳое, ки муносиби ҳоли марҳалаҳои синнии фарзандон мебошанд, тавсияҳо пешниҳод намоянд. Вале мо таъкид мекунем, ки оятҳои Қуръони карим бояд дар тули ҳаёти ҳар як фард тадрис ва таълим карда шаванд.

Ин ҷо суол ба миён меояд, ки кадом тартибро дар таълими оятҳои Қуръон интихоб намоем? Тамаркуз бар кадом оятҳо бояд бошад? Ва дар кадом марҳала бояд бошад?

Шояд муносиб набошад, ки аз пораи охир фақат ба хотири ин, ки 37 сураи кӯтоҳ дорад, оғоз намоем, зеро ҳифзи осон набояд ягона масъалаи муҳим дар ин мавзӯъ бошад. Падару модаре, ки забони арабиро намедонанд, бояд маънии оятҳоро ба забони худашон тарҷума намуда, ба фарзандон шарҳ диҳанд, зеро имрӯзҳо тамаркузи асосӣ ба хондан ва ҳифзи оятҳо ба забони арабӣ бе фаҳми маъно мебошад, ки дуруст нест. Ба падару модар тавсия мешавад, ки тарҷумаи хуби Қуръонро интихоб намоянд ва қироати онро бо

тафсираш якҷо созанд, то фарзандонашон тавонанд алоқаи байни дидгоҳи ҷаҳонӣ ва рисолати Қуръонро дарк намоянд. Агар падару модар тавоноии ин корро надошта бошанд, пас муаллиме интихоб намоянд ва тариқаи тадрис ва он чизеро, ки дарс меҳонанд, назорат кунанд ва беҳтар аст дар хона сабти тиловати Қуръони каримро бардавом бигузоранд, то фарзандон ба шунидани он одат намоянд ва муҳим инки фарзандон ба тиловати Қуръони карим одат намоянд ва дар тули ҳаётaшон бар он мудовамат намоянд. Таълими забони арабӣ ҳамчун забони дуюм ба онҳо дар таълими Қуръони карим ва бархӯрди мустақим бо он кумак менамояд. Китобҳои зиёди хубе барои фарзандон вуҷуд доранд, ки дар он қиссаҳои пайғамбарон ва ибратҳо аз ин қиссаҳо вуҷуд доранд. Хуб мешавад, ки мардум ин китобҳоро бихаранд ё кироя гиранд, то дар канори хондани Қуръони карим қиссаҳои он низ хонда шаванд, зеро ин кор сабаби ташвиқ ва дуст доштани Қуръони карим мегардад.

## ТАЪЛИМИ НАМОЗ БА ФАРЗАНДОН: РОБИТАИ ҲАМЕШАГӢ БО ХУДОВАНД



Аз таълими намоз бояд ба марҳалаи дигар, яъне доштани робитаи ҳамешагӣ бо Худованд гузарем ва аз ҷумлаи умуре, ки барои расидан ба ин ҳадаф кумак мекунад, ҳифзи азкор ва дуоҳои рӯзмара аст. Дуоҳои кӯтоҳи зиёде ҳаст, ки ақли инсонро дар андешидан дар бораи вуҷуди Худованди бузург тақвият мебахшанд. Ҳифз карданy ба дигарон ёд додани ин дуоҳо бисёр осон аст. Ҳифз кардани онҳо фарзандонро ба ҳамду сано ва шукри Худованд ва талаби ҳидояту ҳимояаш одат медиҳад. Падару модар метавонанд бо ёд додани азкору дуъоҳо ба фарзандонашон роҳи ҳар чизеро, ки мехоҳад мафҳуми ҳастии Худовандро аз ҳаёти онҳо дур кунад, аз байн баранд. Ба тав-

ри мисол, падару модар бояд пеш аз хӯрдани таом ва баъд аз он бо садои баланд Худовандро ёд кунанд ва аз фарзандонашон талаб намоянд, то дуои таомро баъд аз онҳо такрор кунанд. Инчунин дуоҳои пеш аз хобу баъди он, даромадан ба хонаву баромадан аз он ва ғайраро ба фарзандон ёд диҳанд. Беҳтар аст ҳангоми хондани дуо маъно ва мақсади онро ба онҳо фаҳмонанд, зеро ин амр дар вуҷуди онҳо муҳаббат ва маърифатро нисбати Парвардигорашон устувор мекунад. Одати ту дар такрори «Бисмиллоҳ» дар назди фарзандонат сабаб мешавад, ки баъд аз ту низ онҳо онро такрор кунанд. Шояд ин амр дар оғоз чандон муҳим ба назар нарасад ва шояд ҳам хастакунанда бошад, вале ин корро бардавом кардан муҳим ва лозим аст, зеро дар ниҳоят одати зикр ба вуҷуд меояд ва робитаашон ба Худованд бахше аз ҳаёти рӯзмараашон мегардад. Ва ин амр онҳоро водор месозад, ки раҳмати Худовандро дар ҳама чиз ҷустуҷӯ кунанд ва аз ҳамин ҷо ҳикмати гуфтаи Расулуллоҳро (с) дарк мекунем, ки мефармояд:

*“Ҳар сухан ё кори муҳиме, ки бе зикри Худованди мутаол оғоз гардад, думбурида ё қатъшуда аст (яъне бебаракат аст)”*

*(«Маснад»-и Имом Аҳмад).*

Хуб аст намоз як кори табиӣ, ошкор ва муҳим дар ҳаёти рӯзмараи падару модар бошад, зеро онҳо барои фарзандонашон беҳтарин намунаанд. Азонро дар назди фарзандонат бо овози баланд бигӯ ва ҳангоми даромадани вақтҳои намоз бо ҷиддият рафтор кун. Ба таври мисол, телевизорро хомӯш кун ва ҳама барои адои намоз омода шавед, то намоз дар як фазои муносиб анҷом пазирад. Инчунин хуб аст, ки падару модар дар назди фарзандон бо эҳтиром ва оромиш намоз гузоранд, зеро фарзандон ба онҳо менигаранд ва аз онҳо пайравӣ намуда, намозҳояшонро бо эҳтиром ва оромиш хоҳанд хонд. Илова бар ин падару модар дар саҷда дуо кунанд, то фарзандон онро биомӯзанд. Дуо талаб кардани чизе аз Худованди мутаол аст, ки падару модар эҳсос мекунанд ба он ниёз доранд ва Худованд дуояшон қабул хоҳад кард. Падару модар фарзандонашонро бояд марҳала ба марҳала ба хондани намоз машқ диҳанд. Аввал ҳикматҳои намозро ба онҳо баён намояд, ки ба хотири шукри неъматҳои Худованд гузошта мешавад, ва сипас марҳалаи таълим ва татбиқи он дар фазои пур аз муҳаббату меҳрубонӣ ва ташвиқ ба адои он оғоз меёбад. Ба ин тартиб ҳикмати гуфтаи Худованро дарк мекунем, ки мефармояд:

***“Касони худро ба намоз фармон деҳ ва худ дар он кор босабр бош”***

***(Тоҳо, 132).***

## ТАЪЛИМИ ҲУНАРИ ТАВБА БА ФАРЗАНДОН

Фарзандон бояд дарк кунанд, ки ҳамаи корҳояшон аз ҷониби Худованд назорат мешаванд ва Худованд бар ҳама чиз доно ва олим аст. Бинобар ин агар аз яке аз онҳо хатое сар зад, бояд дар пеши Парвардигор истиғфор ва тавба кунад ва кифоя нест, ки фарзанд танҳо "бахшиш" пурсад ва бо ҳамин роҳашро идома диҳад, гӯӣ ҳеҷ коре нашудааст, балки бояд бидонад, ки пушаймон шудан аз анҷоми гуноҳ ё хато водораш месозад, то дар қадами аввал ба сӯи Парвардигор боз гардад. Ин амр сабаб мешавад, ки бештар мафҳуми муроқибати Худовандро дар зиндагияш эҳсос кунад. Инчунин барои падару модар шароит фароҳам мешавад, ки ба фарзандонашон муҳаббати Аллоҳ таоло ва меҳрубониашро ёд диҳанд ва ин амр сабаб мешавад, ки робитаи онҳо бо Худованд устувортар гардад.

Ҳангоми тарбияи фарзандон падару модар набояд аз онҳо таваққуи шукргузориро дошта бошанд. Баъзан ҳатто имкон дорад баръакси ҳол шавад ва аз тарафи фарзандон бархӯрди нодуруст ва ғазабу зиддият ба вуҷуд ояд. Вале боз ҳам бояд ин корҳояшонро барояшон бо ҷиддият шарҳ диҳанд ва чун тавба кардaнд ба онҳо бештар муҳаббат намоянд. Зеро ин амр сабаб мешавад, ки дар вуҷуди онҳо мафҳуми тавбаи насуҳ ва боз истодан аз иртикоби гуноҳ устувортар гардад. Вақте, ки фарзандон бузург шаванд ва дигаронро ранҷонанду дар ҳаққашон хато кунанд, дар он сурат медонанд ба хотири талаби мағфирати Худованд ва тавба чӣ корҳоро анҷом диҳанд. Беҳтарин мисол гуфтаҳои Расулуллоҳ (с) дар бораи хушҳол шудани Парвардигор аз тавбаи бандаи гунаҳгораш ва дубора қабул карданаш мебошад. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

> *"Худованд аз тавбаи бандааш назар ба яке аз шумо, ки гумкардаашро меёбад, хушҳолтар мегардад"*
>
> *(Муслим).*

## ТАЪЛИМИ СИРАТИ НАБАВӢ ВА ҚИССАҲОИ ПАЙҒАМБАРОН (А) БА ФАРЗАНДОН

Ба падару модар тавсия мешавад, ки дар хона аз китобҳои хуб китобхонаи хурде ташкил диҳанд, то одати хонданро ба фарзандонашон ёд диҳанд ва дар омӯзиши сирати Расулуллоҳ (с) (омӯзиши зиндагӣ, кудакӣ, шахсият, пайғамбарӣ, бархӯрдаш бо духтаронаш, наберaҳо ва асҳобаш) бо фарзандонаш ширкат намоянд.

Қиссаҳои пайғамбарон барои фарзандон фурсат фароҳам менамояд, ки дар олами пайғамбарон дохил шаванд ва бо онҳо робитаи қавӣ барқарор намуда, ба онҳо иқтидо кунанд. Беҳтар аст ин қиссаҳо ранга бошанд, то муносиби ҳар як марҳа-

лаи умри атфол қарор бигиранд ва лозим аст ба ҷанбаҳое тамаркуз карда шавад, ки таваҷҷуҳи онҳоро ҷалб мекунанд. Падару модар бояд барои фарзандонашон қиссаҳои таърихӣ ва қаҳрамонии бузргтарин роҳбарони таърихро бихонанд. Инчунин бо фарзандонат дар бораи дастовардҳои тамаддуни исломӣ суҳбат намо ва ҳамроҳи онҳо ба осорхонаҳо бирав, то барояшон фурсат фароҳам шавад, ки бештар дар бораи фанни исломӣ, таърих ва ҳандасаи меъмории исломӣ маълумот пайдо намоянд. Осорхонаҳо маконҳои бисёр ҳайратовар мебошанд, зеро дар онҷо асарҳои таърихие вуҷуд доранд, ки аз он таърихро меомӯзанд ва одатан дар ин осорхонаҳо барномаҳои махсусе баргузор мешавад, ки падару модар метавонанд аз он дар тарбияи фарзандонашон истифода намоянд.

Инчунин дар Интернет сайтҳои муфиде дар ин мавзӯъ вуҷуд дорад, монанди сайтҳое, ки дар бораи дастовардҳои мусулмонон дар ҳазор соли охир менависанд.



Сайтҳо, китобҳо ва дискҳое, ки маводи шуниданӣ ва диданиро дарбар мегиранд, зебоиҳои дунёеро, ки дар он зиндагӣ мекунем, нишон медиҳанд ва инҳо сарчашмаи дигаре аз сарчашмаҳои ҳидояту роҳнамоӣ мебошанд. Беҳтар аст фарзандон филмҳои ҷаззоби босифатро тамошо намоянд ва махсусан филмҳоеро, ки дар бораи аҷоиботи халқи Худованд мебошанд (монанди муъҷизаи занбури асал, мӯрча ва тортанак).

Бо бузург шудани атфол дидгоҳи илмии онҳо низ боло меравад. Бинобар ин бояд омода бошӣ, то тавонӣ ба саволҳои онҳо дар мавзӯъҳои назарявие, ки то ҳанӯз дуруст буданашон собит нашудааст, монанди назарияи рушду нумӯ ва ғайра, ҷавоб дода тавонӣ. Фарзандон ҳангоми дохил шуданашон ба дунёи хориҷии васеътар рӯҳияи аз ҳам пошида доранд ва падару модар агар фикр кунанд, ки пояҳои асосии ақида дар вуҷуди онҳо ба сабаби ҳар тараф рафтан ва ё аз ҳар ҷое шунидан ва бо касоне во хурдан ва худ аз худ устувор мегарданд, хато мекунанд. Вақте пояҳои асосии маърифати Худовандӣ ва маърифати махлуқоташ дар вуҷуд фарзандон решаҳои худро устувор менамояд, дар он сурат барои онҳо бархӯрд бо ақидаҳои ботил ва сафсатаҳои бединон ва мулҳидон осон мегардад. Шакке нест, ки фарзандон эҳтиёҷи сахт ба боварӣ ва асосиёти устувор ва собит доранд, то тавонанд бар болои андешаҳое, ки мехоҳанд дидгоҳи онҳоро нисбати дунё торик ва

тахриф намоянд ва ё мехоҳанд дар эътиқодоташон шубҳа биёранд, ғолиб оянд.

## ТАЪЛИМИ ОДОБИ ХУБ БА ФАРЗАНДОН

Мафҳуми исломӣ дар бораи рафтор шомили одоб ва муомилаи хуб мебошад. Беҳтар аст ба фарзандон иборахои "илтимос", "ташаккур", "алҳамдулиллоҳ", "иншоллоҳ" ва саломи исломӣ, яъне "ассалому алайкум"-ро таълим дод, ки гоҳо ин саломи зеборо бо иборахое монанди "марҳабо", "хуш омадед", "хайр", "субҳ ба хайр" ва "шом ба хайр" табдил менамоянд. Фарзандон инчунин бояд одоби хӯрдан, нӯшидан, либоси хуб пӯшидан ва бархӯрди боэҳтиромро дар ҷомеа биомӯзанд. Инчунин бояд фазои хонаро ҳамеша пок, мураттаб ва муназзам нигоҳ дорем, то фарзандон ин одатҳои хубро биомӯзанд ва худашон онро ба хубӣ дарк намоянд, зеро исроф фарзандонро фосид менамояд.

Баъзан беҳтар аст барояшон дар қадами аввал таоми оддӣ дода шавад ва сипас барояшон таоми бо лаззат тақдим шавад, то қадри таомро бидонанд. Инчунин баъзе вақтҳо таърифи аз андоза зиёд дар вуҷуд фарзандон кибру ғурурро зиёд мекунад.

Хуб нест барояшон ҳар чизеро, ки мехоҳанд, бихарем. Вале агар ба чизе аз ҳад зиёд рағбат пайдо карданд, онро дар сурате барояшон мегирем, ки баъзе корҳои хонаро анҷом диҳанд. Инчунин агар аз онҳо чизе талаб карда шавад ва онро надиҳанд, барояшон ёдовар мешавем, ки шояд Худованд аз он беҳтарашро барояшон насиб кунад. Ба фарзандон дигар роҳҳои ҳаллро вақте пешниҳод мекунем. Дар ин сурат онҳоро омода ба воқеиятҳое менамоем, ки дар оянда бо он зиндагӣ хоҳанд кард ва инчунин арзишҳо ва қоидаҳоеро меомӯзанд, ки барояшон дар тамоми зиндагӣ фоида хоҳанд овард.

## БЕҲТАР АСТ АВВАЛ БА ФАРЗАНДОНАТ БИГӮЙ "ХУДОВАНДРО ДӮСТ ДОРЕД" Ё "ХУДОВАНД ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД"?

Вақте, ки фарзандон ёд гирифтанд, ки бигӯянд: "Ман Худовандеро, ки маро ва осмонҳову офтобу моҳро офаридааст, дӯст медорам", барои онҳо чӣ паёме хоҳӣ дошт?

Дар оғози тифлиашон онҳо ҳеҷ фаҳме дар бораи Аллоҳ таоло надоранд, зеро Худованд дар ин марҳалаи хурдсолӣ дар зеҳни онҳо вуҷуд надорад (яъне ин фикрро дар он хурдсолӣ дарк карда наметавонанд). Пас он чизе, ки наметавонанд онро бифаҳманд, барояшон чӣ аҳамият дорад, ки ӯро дӯст бидоранд ё надоранд? Илова бар ин тамоми ҳастӣ ва коинот дар назари онҳо як чизи оддӣ аст ва ҳеҷ гуна хусусияте надорад.



***Ба фарзанд ёд диҳед,***

ки Худованд туро дӯст медорад, ту ва падару модаратро офаридааст ва оламро барои лаззат ва роҳати ту халқ кардааст. Дар он вақт кӯдак мехоҳад ба ин ҳастии пурасрор меҳру отифа ва маълумоти бештар дар бораи он дошта бошад.

Байни ибодат, ҳаёт ва бо ихтиёри худ таслими иродаи Офаридгор шудан алоқаи қавие вуҷуд дорад. Мо бояд рафторамонро дар асоси хостаҳои Худованд ба танзим дарорем, зеро Ӯ сарчашмаи абадӣ барои тамоми хайру хубиҳост ва роҳи расидан ба ризои Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло пайравӣ аз роҳнамоиҳо ва таълимоти Ӯст, то зиндагии мо ва зиндагии тамоми атрофиёни мо беҳтар гардад.

Мо арзишҳои рӯҳии худамонро дар асоси ин, ки инсонҳои хайрхоҳ ва дар амалкардамон ҷиддӣ ва содиқу муфид барои дигарон мебошем, тақвият менамоем. Ин амр моро ба Офаридгорамон наздик месозад ва мо аз роҳи кумак ба дигарон, эҳтиром ба зиндагӣ, моликият ва шарофату обурӯи онҳо, нашри адолату озодӣ, дур гаштан аз зулм ва мубориза бо саркубгарӣ, ба худамон кумак менамоем. Ин ҳама талошҳои пурмашаққат аз мо дарк ва зикри Аллоҳ таоло ва сифатҳои некашро металабад ва пойбанди ибодатҳо будан ин дарку фаҳмро дар вуҷуди мо бештар месозад ва илова бар он муҳаббати моро нисбати Парвардигор тақвият мебахшад. Дар натиҷа Худованд аз мо розӣ мегардад ва ризои Худованд барои бандаи содиқ тавоноии комёбиро насиб мегардонад, то ба мақсадҳои хайр ва дурусташ бирасад.

# ХУДШИНОСӢ: МУШКИЛОТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ДАР КИШВАРҲОИ АРАБӢ

Дар тамоми дунё фарёдҳо ба хотири таълим, озодӣ, иҷтиҳод ва баҳсу ҷустуҷӯ баланд аст. Аммо гузориши соли 2009-и Созмони Милали Муттаҳид дар бораи пешрафти илмӣ дар кишварҳои арабӣ боиси ташвиш шуд. Дар гузориш омадааст, ки арабҳо назар ба дигарон ҳатто дар ҳифзи анъанаҳои фарҳангии ғаниашон ақибмонда мебошанд.

Таҳқиқи соли 1991-и Созмони Милали Муттаҳид ошкор намуд, ки давлатҳои арабӣ дар ҷаҳон назар ба дигар давлатҳо дар таълифи китобҳо поёнтарин дараҷаро ноил гаштаанд ва дар садри ин давлатҳо Аврупо қарор гирифтааст, зеро панҷ баробари китобҳое, ки арабаҳо нашр мекунанд, ба нашр расондааст.

Ин гузориш ошкор месозад, ки байни кишварҳои арабӣ ва дигар кишварҳои ҷаҳон фарқ бештар гашта истодааст. Давлатҳои арабӣ доираи озодиҳо ва эҷодкориву гуфтугӯро бо саркубӣ ва диктаторӣ танг намудаанд: "Озодиҳоро бо даъвоҳои дуруғини ҳифзи амният танг намуда, бар тамоми чизҳо назорат мебаранд. Худашонро назоратгарони адабиёти умумӣ гардонда, бо ин иддаоҳо тамоми озодиҳоро маҳдуд намудаанд ва аввалин қурбонии ин амалкард эҷодкорӣ, навовариҳо ва илму маърифат мебошанд" *(The Economist, 2003)*.

Падару модар набояд аз масъулиятҳои худ дар тарбияи фарзандон бигурезанд ва онро дар ихтиёри мактабҳо ва ҳукуматҳо бигузоранд. Онҳо бояд дар баробари хатарот истодагарӣ намуда, нақши асосиро дар тағйири ҷомеа иҷро намоянд, зеро онҳо намуна мебошанд ва аввалин омӯзгорони фарзандон ҳастанд. Онҳо асоси масъалаи ислоҳоти фаъол мебошанд ва ҳаракатдиҳандагони он андешамандон, ислоҳотчиён ва мураббиҳое ҳастанд, ки падару модарро таълим медиҳанд, ки кадом корҳои заруриро ба иҷро бирасонанд ва чӣ гуна онро анҷом диҳанд, то ба тағйироти лозимӣ бирасанд. Агар падару модар боварӣ дошта бошанд, ки коре ба манфиати фарзандонашон аст, ҳатман онро дар ҳадди тавон анҷом медиҳанд. Онҳо бар фарзандон таъсири равонии амиқ доранд ва метавонанд шахсияти наслҳои ояндаро инкишоф диҳанд.

## МАШҚҲОИ 21-25



**Машқи 21:**

### Пешрафти Ҷопон ва Олмон дар муқобили ақибмонии давлатҳои исломӣ

Ҳамроҳи се ҷуфт падару модар суолҳои зеринро бо ҳам мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳед:

Чаро чандин давлати исломӣ пешрафт накарданд, дар ҳоле, ки Ҷопон ва Олмон, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳон вайрон гашта буданд, пешрафт намуданд ва имрӯз аз ҷумлаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошанд?

Чаро ҳанӯз ҳам баъзе давлатҳои исломӣ ифлосиҳоро дар ҷуйҳои об меандозанд, низоми нодурусти таълим доранд ва моводи хомро ба нархи арзон мефурӯшанд ва сипас моводи сохташударо бо нархи бисёр гарон мехаранд? Ба таври мисол як тонна оҳанро бо нархи 2000 доллар мефурӯшанд ва сипас ҳамин оҳанро баъд аз он, ки аз он компютер, бозиҳои электронӣ ва дигар васоил сохта мешаванд, ба миллионҳо доллар мехаранд? Чаро уммати исломӣ баландатарин дараҷаи бесаводӣ дар байни ҷаҳониён дорад, дар ҳоле, ки Қуръони карим ба хондану таълим амр менамояд? Оё тамоми ин умурро метавон вобаста ба ин намоем, ки падару модар фарзандонашонро тарбияи дуруст накардаанд?

**Машқи 22:**

### Эҷоди робита байни Худованд ва фарзандон дар синну соли тифлӣ

Бо вуҷуди ин, ки намозҳои панҷгона моро ба тариқи барномарезишуда ба ёди Худованд меандозанд, фаъолиятҳои бисёри дигаре вуҷуд доранд, ки онро ба хотири ҳамеша бо Худованд дар робита будан бояд анҷом дод.

Фарзандон бояд ҳамеша бо ёди Худованд буданро биомӯзанд ва барои ин кор роҳи таъсиргузори ҳифзи дуоҳое вуҷуд дорад, ки аз Расулуллоҳ (с) ворид шудаанд ва аз субҳ то хоби инсонро фаро мегиранд. Хондани ин дуоҳо вақти зиёдеро дар бар намегирад, аммо ҳолати зеҳнии инсонро беҳтар месозанд ва амалҳои моро ба самти дуруст равона месозанд, бахусус вақте, ки таомро бо

зикри Худованд оғоз мекунем ва бо дуо поён медиҳем. Беҳтар аст падару модар ҳар ҳафта як-ду дуоро интихоб намоянд ва баъд аз ин, ки фарзандон маънии онҳоро аз худ карданд, татбиқ ва амалӣ намудани он ба иҷро бирасонанд. Ва то ин дуоҳоро ба таври дуруст амалӣ накунанд, ба дуои дигар нагузаранд.

**Аз ҷумлаи дуоҳое, ки Расулуллоҳ (с) ба мо таълим додаанд, инҳо мебошанд:**

*Дуои баъд аз хоб бедор шудан: «Ҳамду сано Худовандеро, ки маро зинда (бедор) кард баъд аз он, ки миронд (ба хоб бурд) ва ба сӯи Ӯст бозгашт».*

*Дуои ҳангоми дамидани субҳ: «Мо ва тамоми коинот барои Худованд субҳ намудем ва тамоми санову ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки шарике нест мар вайро».*

*Дуои ҳангоми нигоҳ кардани худ дар оина:«Худовандо чӣ гунае, ки суратамро зебо сохтаӣ, ахлоқамро низ зебо бисоз».*

*Дуои вақти пӯшидани либос: «Ҳамду сано Худовандеро, ки ин либосро ба ман пӯшонд ва онро бароям бе ин, ки дар он ман аз қуввату тавоноӣ сарф намоям, насиб кард».*

*Дуои даромадан ба масҷид: «Бори Худоё, дарвозаҳои раҳмататро бароям боз кун».*

*Дуои баромадан аз масҷид: «Бори Худоё, аз ту фазлу караматро талаб мекунам».*

*Дуои баъд аз хурдани таом: «Ҳамду сано Худовандеро, ки моро таом дод, сероб кард, кифоят бахшид, паноҳ дод ва чӣ басо касоне ҳастанд, ки ба қадри кофӣ заруратҳои худро надоранд ва паногоҳе низ надоранд».*

*Дуои баъд аз нушидани об: « احلمد هلل »*

*Дуои пеш аз даромадан ба ҳоҷатхона: «Ба номи Худованд, бори Илоҳо аз нопокӣ ва нопокиҳо (ҷинҳои зану мард) ба Ту паноҳ мебарам».*

*Дуои баъд аз баромадан аз ҳоҷатхона: «Худоё аз ту талаби мағфират мекунам, ҳамду сано Худовандеро, ки аз ман озору азиятро дур намуд ва офияту саломатиам бахшид».*

*Дуои пеш аз баромадан аз хона: «Ба номи Худованд, ба Аллоҳ таваккал намудам ва ҳеҷ қудрату тавоноии нест, магар барои Аллоҳ».*

*Ва ё ин дуо: «Бори Илоҳо ба ту паноҳ мебарам, ки гумроҳ шавам ва ё касе маро гумроҳ кунад, беқасд гуноҳе кунам ва ё касе маро ба гуноҳ водор кунад, ба касе зулм намоям ва ё касе бар ман зулм намояд ва ё кори ҷоҳилонае намоям ва ё дигарон бо ман ҷоҳилона рафтор намоянд».*

*Дуои баъд аз даромадан ба хона: «Бори Илоҳо, аз ту хубии даромадгоҳ ва баромадгоҳро металабам, ба номи Худо даромадем ва ба номи Худо баромадем ва бар Аллоҳи Парвардигорамон таваккал намудем».*

### Машқи 23:
### Донистани қадри неъматҳои Худованд

Аз фарзандон хоста шавад, то аз Худованд бо дуоҳое, ки худашон интихоб менамоянд, талаб кунанд ва сипас маънои он дуоҳо дар партави дуоҳои зикршуда мавриди баҳс қарор гиранд.

### Машқи 24:
### Гузоштани мушкилот дар доираи дурусти худашон

Аз фарзандат бихоҳ ин қиссаи ҳақиқиро бо садои баланд бихонад, онро бо ҳамдигар мавриди баҳс қарор диҳед ва сипас ба он таҷрибаҳи худатро илова намо.

«Соҳибкори ҷавони муваффақеро мешинохтам, ки бо миллиардҳо динор тиҷорат дошт. Ӯ ба мушкилоти бисёр хатарноки молӣ гирифтор шуду бисёр қарздор гашту натавонист қарзҳояшро бидиҳад. Ман аз вай пурсидам, ки корҳояшро чӣ гуна ба сомон мерасонад? Ӯ гуфт: “Модоме, ки саҳар аз хобам хеста, бо пойҳоям роҳ рафта метавонам, ман ба хайрам”. Бо худам гуфтам, ки ин мард девона аст, чӣ гуна метавонад ором бошад, дар ҳоле, ки миллионҳо динор қарздор аст ва наметавонад онро бидиҳад, вале ногаҳон ин ҳадис ба ёдам омад:

*“Ҳар кӣ дар хонааш дар амн бошад, баданаш саломат ва хӯроки як шабонарӯзиашро дошта бошад, монанди ин аст, ки дунё бо тамоми ҳастиаш барои вай оварда шудааст”*

*(«Адаби муфрад»- Бухорӣ)».*

**Машқи 25:**

## Ҳафт мафҳум барои таълими фарзандон

Аз фарзандат бихоҳ ин ҳадисро бихонад ва дар назди ҳар яке аз ин нуктаҳо таваққуф намуда, онро бо таҷрибаҳои ҳақиқӣ шарҳ бидеҳ.

> *"Ҳафт гурӯҳ мардумоне ҳастанд, ки Худованд онҳоро рӯзи қиёмат дар зери сояи аршаш қарор медиҳад, ки дар он рӯз ҷуз сояи аршаш ҳеҷ сояи дигаре вуҷуд надорад: подшоҳи одил; ҷавоне, ки дар ибодати Худованд ба воя расидааст; марде, ки Худовандро дар танҳоӣ ёд кардааст ва аз чашмонаш ашк ҷорӣ гаштааст; марде, ки қалбаш ҳамеша ба масҷид вобаста аст; ду марде, ки бо ҳамдигар ба хотири ризои Худованд дӯстӣ намудаанд; марде, ки зани соҳибҷамолу бодавлат ба зино даъваташ кардааст ва ӯ гуфтааст, ман аз Худо метарсам; марде, ки чунон пинҳонӣ садақа намудааст, ки дасти чапаш надонистааст, ки дасти росташ чӣ хайр намудааст"*
>
> *(Бухорӣ ва Муслим).*



ФАСЛИ ПАНҶУМ

## Бартараф кардани чолишҳо ва камбудиҳои мавҷуда

- ***Муқаддима***
- ***Хатарҳои асосие, ки падару модар бо он мувоҷеҳ мебошанд***
  - *— Таҷрибаи кам*
  - *— Фишорҳои ҳаррӯза*
  - *— Талошҳои ҳаррӯза: Тарбияи оилавӣ фаъолиятест, ки 24 соат дар рӯз, 7 рӯз дар ҳафта ва 365 рӯз дар сол давом дорад.*
  - *— Тарбияи оилавӣ вазифаи муайяншуда, ғайриқобили тағйир ва сармоягузории дарозмуддат аст*
  - *— Таъсири падару модар яке аз таъсирҳои зиёд мебошад*
  - *— Фарзандон аз сухан гуфтан оҷизанд*
  - *— Тарбияи оилавӣ як илми байнисоҳавӣ мебошад*
  - *— Падару модар бояд бо якдигар ҳамчун як гурӯҳи корӣ фаъолият намоянд*
  - *— Тарбияи оилавӣ маҳоратест, ки идоракунии оқилонаи захираҳоро талаб мекунад*
  - *— Тасвири падару модар дар зеҳни фарзандон бештар хилофи мақсади падару модар аст*
  - *— Бидон, ки ба фарзандонат чӣ ва кай мегуӣ*
  - *— Банохост ҷой додани мафхумҳои нодуруст дар дили кӯдакон*
  - *— Чолиши эҷоди симои мусбати худ*
  - *— Мушкилоти тарбияи фарзандони падари мусулмон ва модари ғайри мусулмон*
  - *— Мушкилоти тарбияи атфол дар муҳите, ки нажод ва фарҳанги падару модар аз ҳамдигар фарқ мекунанд*
- ***Ибратҳои тарбиявӣ***
- ***Хотима***
- ***Машқи 26***

# МУҚАДДИМА

Дар фаслҳои собиқ талош намудем барои нақшаи тарбияи оилавӣ ва дар назар гирифтани тадбирҳои лозим ҳангоми татбиқи он асос бигузорем. Инчунин таъкид намудем, ки бояд дар паҳлуи ин нақша ғаризаҳои фитрии зотӣ дар тарбияи оилавӣ ҳамчун далели роҳнамо ба хотири расидани ба тарбияи фарзандони хуб ҳамроҳ бошанд. Равишеро, ки мо истифода намудем як равиши қобили тағйир аст, ки падару модар метавонанд мувофиқи аҳволи худашон ва таҷрибаи худ дар тарбияи фарзандонашон ба хотири расидан ба ҳадафи асосӣ қоидаҳое бигузоранд ва ҳадафи асосии мо тарбияи фарзандони солеҳ, ислоҳотчӣ, масъулиятшинос ва дорои маҳоратҳои иҷтимоӣ мебошад. Чуноне таъкид намудем, тарбияи фарзандони хуб паёмадҳои восеъеро дар худ дорад, ки аз доираи роҳати шахсӣ ва ҳаёти оилавии босаодат фаротар мебошад, зеро дар ҳақиқат тарбия хишти асосӣ дар бунёди ҷомеа ва тамаддуни инсонӣ мебошад, зеро ҳадафи бузурги тарбияи оилавӣ якҷо сохтани ислоҳкорӣ ҳамроҳи солеҳ будан мебошад (ислоҳкори некукор) ва набояд танҳо ба хуб будани шахсияти худ иктифо намуд.

Ба ҳар сурат, бо вуҷуди ин, ки нақшаи хуб адои вазифаи душвори тарбияро осон мекунад, он танҳо замоне комил мегардад, ки падару модаре, ки мувоҷеҳи чолишҳо ва мушкилоти зиёде мебошанд, тавонанд ба амнияту оромӣ бирасанд. Ва инҷо ба баъзе мушкилот ва хатарҳо ишора намуда, барои он роҳҳои ҳали муносибро низ зикр мекунем.

## ХАТАРҲОИ АСОСИЕ, КИ ПАДАРУ МОДАР БО ОН МУВОҶЕҲ МЕБОШАНД

**Тарбияи оилавӣ осон менамояд, агар аҳамияти онро надонӣ. Ва чун ҳақиқати онро дарк намоӣ, дар он сурат мефаҳмӣ, ки кори осоне нест. Ва мақсад аз душвор будан номумкин будан нест, балки тарбияи оилавӣ як амри мумкин аст, вале зарурат ба дарк ва талошу заҳматҳои зиёде дорад.**

*Фарзандон мегӯянд: Падару модар моро ба ҳадди девонагӣ мерасонанд. Падару модар мегӯянд: Фарзандон моро ба ҳадди девонагӣ мерасонанд.*



**Бас аст ба сари ҳамдигар фарёд задан!**

*Мушкилотро дарк намоед.*
*Ин мушкилотро бо ҳам мавриди баҳс қарор диҳед, ба як ҳалли муносиб бирасед ва онро бо ҳамдигар ва бо сабр ҳал намоед.*

Вақте падару модар мебинанд, ки дар ин заҳматҳо танҳо нестанд, дар он сурат андаке ором мешаванд. Бояд ёдовар шавем, ки бо дигар падару модар дар бораи ин мушкилот гуфтугӯ намудан ва мушкилотро мавриди баҳс қарор додан таҷрибаи онҳоро бештар месозад ва шояд ҳам баъзеҳо бо ин нуктаҳои муштарак байни ҳамдигар дар таъаҷҷуб монанд. Баъзе мисолҳоро дар бораи мушкилоте, ки падару модар дар ин соҳа ба он мувоҷеҳ мешаванд, зикр мекунем:

## Таҷрибаи кам

Ин мушкили бузургтарин ва асосиест, ки баъд аз таваллуди аввалин тифл падару модар ба он мувоҷеҳ мешаванд, зеро онҳо намедонанд бо бисёре аз мушкилот чӣ гуна бархӯрд намоянд ва бо вуҷуди ин, ки онҳо баъзе таҷрибаҳоро доро мебошанд, ба таҷрибаҳои амалӣ зарурат доранд. Ин шакли машқ дар майдони амалӣ бо мушкилоти иловагии набудани муаллим ва омӯзгор дар ин майдон мувоҷеҳ мешавад.

## Фишорҳои ҳаррӯза

Бисёре аз модарон аксари вақташонро дар хона ва бисёре аз падарон аксари вақташонро берун аз он мегузаронанд. Ба ҳамин хотир падару модар бештар ба сабаби тақсимбандии корҳои мавҷуд дар асоси фарқияти ҷинсӣ ба мушкил рӯ ба рӯ мешаванд. Шояд модарон мехоҳанд бегоҳ ба зиёратҳои иҷтимоӣ биравbooanд, дар ҳоле, ки падарон мехоҳанд дар хона бимонанд. Ва ин сабаби ба вуҷуд омадани ихтилофҳо мегарданд, зеро онҳо бо ҳамдигар дилсӯзӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ надоранд. Агар падару модар фарқиятҳои ин хоҳишҳоро дар асоси фарқиятҳои вазифаҳояшон дарк накунанд, дар он сурат ҳар яки онҳо метавонад сабаби бадбахтии дигаре шавад ва инчунин сабаби ноком гаштани онҳо дар расидан ба ҳадафҳои оилавӣ гардад.

*Падар будан танҳо ба маънои қонеъ кардани эҳтиёҷоти моддӣ нест! Дар ҳоле, ки синну соли мо боло рафта истодааст, беҳтар аст дарк намоем, ки падари комёб ва муваффақ будан танҳо ба маънои муҳайё сохтани ғизо барои фарзандонамон ва таъмини хона нест.*

**Талошҳои ҳаррӯза: Тарбияи оилавӣ фаъолиятест, ки 24 соат дар рӯз, 7 рӯз дар ҳафта ва 365 рӯз дар сол давом дорад.**

Тарбияи оилавӣ танҳо як кори идорие нест, ки дар соатҳои муайян анҷом шавад ва баъд аз тамом кардани он бекор шавем. Ин фаъолияти идомадорест, ки 24 соат дар рӯз, 7

рӯз дар ҳафта ва 52 ҳафта дар солро шомил мешавад ва дар ин фаъолият ҳеҷ гуна таътилот ва истироҳат ва инчунин ҳеҷ гуна талоқе бо фарзандон вуҷуд надорад. Бинобар ин, аз ҳамон лаҳзае, ки падар ё модар шудӣ, ин фаъолияти идомадор оғоз мегардад ва дар боқии ҳаёт то дами марг идома хоҳад дошт ва набояд ҳеҷ чизе бо ин фаъолиятҳо дар таъоруз қарор гирад. Хонавода ягона муассиса ва ҷомеаи хурди башарӣ мебошад, ки ҳамроҳи инсон то дами марг ва ҳатто баъд аз марг идома хоҳад дошт, зеро дар рӯзи қиёмат аҳли хонавода ҳама бо ҳам дар асоси хубӣ ва бадияшон мулоқот хоҳанд кард. Ва аз ин ҷо ҳикмати ин гуфтаи Худовандро хоҳем донист:

***“Биҳиштҳои ҷовидон онҳо ва ҳар ки некукор будааст аз падарону ҳамсарон ва фарзандонашон, бадон дохил шаванд ва фариштагон аз ҳар дар ба наздашон оянд”***

***(Раъд, 23).***

• Кадомаш душвортар аст: падар ё президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико будан? “Ман яке аз ин ду корро анҷом дода метавонам: ё метавонам президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошам ё духтарам Алисро тарбия намоям. Аммо ҳар ду корро дар як вақт анҷом дода наметавонам” (Теодор Рузвелт, 1858-1919) *(Porter and Cervantes, 2007)*

• “Танҳо як калима мегӯям ва онро миллионҳо инсон итоат мекунанд, вале се духтарамро наметавонам ба назди мизи хӯроки саҳар дар як вақти муайян ҷамъ кунам” *(Афсари британиёӣ Арчибалд Уэйвелл, 1883-1950) (Shaw, 1998).*

• Яке аз уламои тарбия мегӯяд: “Фикр накунед, ки шумо танҳо вақте бо тифле сухан мегӯед, ӯро тарбия ё роҳнамоӣ мекунед, балки дар ҳар як лаҳзаи ҳаётатон ӯро тарбия мекунед, ҳатто агар дар хона набошед. Аз ҷумлаи умуре, ки барои тифл аҳамият доранд, ин аст, ки чӣ гуна либос мепӯшед? Бо дигарон чӣ гуна суҳбат мекунед? Дар бораи дигарон чӣ гуна суҳбат мекунед? Чӣ гуна ҳаракат мекунед ва бо дӯстону душманон чӣ гуна рафтор мекунед? Чӣ гуна механдед?”

## Тарбияи оилавӣ вазифаи муайяншуда, ғайриқобили тағйир ва сармоягузории дарозмуддат аст

Вазифаи падару модариро наметавон ба таъхир гузошт, нақшаи онро дубора тартиб дод ё онро аз лаҳзаи таваллуди тифл нодида гирифт ва ҳатто ҳангоми ҳомиладорӣ низ наметавон нисбати он беаҳамият буд. Беҳтар аст падару модар нашъунамо ва рушди фарзандонашонро

ба хубӣ дарк кунанд, зеро ин марҳалаҳо соатҳои биологии бузургшавии фарзандонро муайян менамоянд. Ва падару модар наметавонанд ин марҳалаҳоро ба пеш ҳаракат диҳанд ё онро ба таъхир андозанд. Ва агар онҳо талош кунанд ба ин марҳалаҳо дахолат намоянд, дар он сурат фоҷеае бузурге хоҳад буд. Ҷаҳони имрӯз дар як пешрафти ҳамешагӣ аст, вале рушду нумӯи фарзандон табиӣ боқӣ мемонад ва аз рӯи ҳикмат аст, ки ба равиши табиат дар масири тарбияи фарзандон таслим шавем. Тарбия як раванди оҳиста ва таомулӣ байни тамоми аъзои оила мебошад ва солҳо даркор аст, ки падару модар дарк намоянд, ки фарзандашон хубу солеҳ ё баду носолеҳ мебошанд.

## Таъсири падару модар яке аз таъсирҳои зиёд мебошад

Падару модар бояд бидонанд, ки дунёе, ки фарзандони онҳо дар он зиндагӣ мекунанд, ҳамеша дар тағйир ва таъсиргузорӣ аст, зеро пешрафтҳои технологӣ назар ба замонҳои гузашта хатарҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Ва ин хатарҳо дар падидаҳое монанди Интернет, телевезиор, телефонҳои дастӣ, мусиқиҳои рақамӣ, дискҳои фишурдашуда ва бозиҳои компютерӣ зоҳир мегарданд. Пайравии кӯр-кӯрона аз ситораҳои филмҳо, мусиқӣ ва варзиш бисёр шудаст ва василаҳои бозиҳои беҳуда бисёр гаштаанд ва фарзандонро аз ҳама ҷониб фаро гирифтаанд. Бинобар ин, озодиҳои мутлақ дар тарбияи фарзандон барои падару модар боқӣ намондааст ва касони дигаре бо падару модар дар майдони тарбия дар мусобиқа ҳастанд, ки бисёр ҷалбкунанда мебошанд. Аз ҷумлаи онҳо ҳунарпешаҳо, варзишгарон, интернет ва рафиқон мебошанд. Таъсироти зиёди дигари мусбат ва манфие вуҷуд доранд, ки ба фарзандон таъсири худро мерасонанд. Падару модар наметавонанд зарари Интернетро камтар кунанд, рафтори дӯстони фарзандонашонро беҳтар созанд ё беҳаёии васоити ахбори оммаро камтар намоянд.



Бо вуҷуди ин, ки таъсири падару модар дар ҷои аввал қарор дорад ва бисёр муҳим аст, ҳар қадар синну соли фарзандон болотар равад, ҳамон қадар таъсири дӯстону рафиқон бештар мегардад ва

ин раванад то дохил шуданашон дар донишгоҳ идома дорад. Фарзандон ахлоқ, рафтор ва арзишҳои рафиқонашонро дар ин марҳала қабул менамоянд. Онҳо дар синни навҷавонӣ ба дӯстонашон вобастагии зиёде доранд ва таъсири падару модарашон ба тадриҷ кам шудан мегирад. Инчунин таъсири бародарон ба ҳамдигар бисёр мебошад ва шояд ҳам ин таъсир идомадор бошад, зеро онҳо барои ҳамдигар нақши оинаи ҷомеа ва намунаро мебозанд (мувофиқи синну солашон). Дар баъзе ҳолатҳо бо ҳам мусобиқа кардан сабаби рашк мегардад. Инчунин дигаргуниҳои атроф дар вуҷуди онҳо таъсир мерасонад, монанди мавқеъҳои географӣ, сатҳи иқтисодӣ, андозаи хонавода, табақаи иҷтимоии хонавода, дини ривоҷдошта ва робитаҳои нажодӣ.

Вале бо вуҷуди ин ҳама, бори вазнин ва асосии тарбия бар уҳдаи хонавода боқӣ мемонад. Баъзе уламои тарбия ишора менамоянд, ки 80% тарбия бар уҳдаи хонавода ва 20% он дар ихтиёри дигар таъсиргузорон аст, яъне падару модар набояд аз имконияти тағйирпазирӣ ноумед ва оҷиз бимонанд.

## Фарзандон аз сухан гуфтан оҷизанд

Бубин, ки барқарории алоқа бо ҳайвонот чӣ қадар душвор аст ва сипас дар бораи кӯдаконе, ки сухан намегӯянд, фикр кун. Дар ки эҳтиёҷот, хоҳишот, афкор ва рағбатҳои онҳо бисёр мушкил аст. Мо танҳо дар бораи ин умур метавонем тахмин намоем, зеро тифли хурд болиғ нест ва болиғу навҷавон тифли бузург нест. Пас ба ҳамин хотир падару модар ояд дар бораи ин марҳалаи тифлӣ, ки сухан гуфта наметавонанд, адабиёт ва китобҳо бихонанд, дар бораи онҳо маълумот пайдо намоянд ва марҳалаҳои тарбияи тифлро ба хубӣ биомӯзанд.

## Тарбияи оилавӣ як илми байнисоҳавӣ мебошад

Тарбияи оилавӣ маҷмӯаи малакаҳоеро металабад, ки шояд бисёре аз онҳоро надоошта бошем. Ва ин амр ба соҳаҳо ва улуми гуногуне вобаста мебошад, монанди равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисод, тиб, зистшиносӣ, мудирият ва санъат. Тарбияи оилавӣ дар айни замон ҳам санъат аст, ҳам илм.

Дунёи атрофамон дар ҳоли тағйир аст ва ҳамеша дар пеши рӯи мо мушкилотеро мегузорад, ки душвортар ва сахттар мешаванд. Ба ҳамин хотир тарбияи хуб назар ба ҳар вақти дигар зарууртар мебошад. Ҳосил кардани баландатарин дараҷаи илмӣ ё ҳунарӣ қаноат ва хонаводаи босаодатро барои мо кафолат намекунад. Ба ҳамин хотир мо бояд бо фарзандони худ ҳамеша дар тамос бошем, зеро онҳо пояи асосии тарбияи муассири оилавӣ мебошанд.

**Дарку фаҳме, ки тасаввурашро карда намешавад!**
«Вақте чаҳордаҳсола будам, ҷоҳил будам ва намехостам падарам дар паҳлуям бошад, вале чун ба синни бисту яксолагӣ расидам, аз андозаи саводи падарам дар даҳшат мондам».

*Марк Твен, нависанда.*

**Вай, вай! Акнун фаҳмидам...**
«Фарзандон то синни 40-солагӣ дар ҳайрати падару модарашон намеафтанд, вале дар ин синну сол, яъне 40-солагӣ дар таъаҷҷуб мемонанд, зеро мебинанд, ки онҳо монанди падару модаронашон шудаанд ва ба ҳамин хотир ҳамон низомро нигоҳ медоранд ва онро такрор менамоянд».

*Квентин Кру,*
*нависандаи амрикоӣ.*

**Тағйирот дар тасаввуроти фарзандон**
Модаре бо номи Ребекка мегӯяд: «Оҳ, мехоҳам ними он зебоиеро дошта бошам, ки тифлам дар хурдиаш дар ман медид, ва ними он беақлиеро дошта бошам, ки фарзандам ҳангоми навҷавониаш ба ман нисбат медиҳад».

*Ребекка Ричард (Brown, 1994).*

**Падарӣ ва модарӣ ду вазифае мебошанд, ки вақти муайян доранд**
“Мо метавонем хатоҳо ва лағзишҳои зиёде дошта бошем, вале бадтарини онҳо бепарвоӣ ва беаҳамиятӣ нисбати тарбияи фарзандоне мебошад, ки сарчашмаи ҳаёт ҳастанд. Мо метавонем чизҳои зиёдеро, ки ба он ниёз дорем, ба таъхир андозем, вале фарзандон мунтазир намемонанд, зеро ҳамин лаҳза устухонҳояш устувор мегарданд, хунаш сохта мешавад ва димоғаш ташаккул меёбад. Мо наметавонем ба фарзандонамон бигӯем “фардо”, зеро онҳо «имрӯз» ҳастанд”.

*Габриела Мистрал, нависандаи чилии барандаи ҷоизаи Нобел.*

## Падару модар бояд бо якдигар ҳамчун як гурӯҳи корӣ фаъолият намоянд

Кори гуруҳӣ саҳлу осон нест ва як мушкили бузургеро барои падару модар ба вуҷуд меорад. Ба ҳамин хотир беҳтар аст падару модар якҷоя ба манфиати фарзандонашон ҳаракат намоянд. Ҳар як зан ё шавҳар дар оянда як модар ё падар аст, вале кадоми мо пеш аз издивоҷ дар бораи тарбияи фарзандон фикр кардааст? Якҷо ва ҳамчун як гурӯҳи корӣ фаъолият кардан муҳаббат, ихлос, маърифат, маҳорат ва андешаҳои мусбатро талаб мекунад. Бисёр муҳим аст, ки падару модар тақсиру кутоҳиро дар тарбияи фарзандон бар уҳдаи якдигар нагузоранд. Тағйироте, ки барои писар ё духтар ба вуҷуд меояд, доимӣ ҳастанд ва аз тифлӣ ба синни балоғат бо муваффақият гузаштани фарзандон аз падару модар ҳамкорӣ ва инсиҷоми бузургеро талаб мекунад. Ва ин ҳамкорӣ байни зану шавҳар ба хотири ислоҳи фарзандонашон аз ҷумлаи кумак дар корҳои нек ба шумор меравад:

***“Ва дар некукорӣ ва парҳез ҳамкорӣ кунед, на дар гуноҳу таҷовуз” (Моида, 2).***

## Тарбияи оилавӣ маҳоратест, ки идоракунии оқилонаи захираҳоро талаб мекунад

Метавон барои оила ҳисобдор, муаллими хусусӣ барои таълими

фарзандон ё ҳамшираи шафқат барои саломатии аҳли оила интихоб кард, вале наметавон касеро ҳамчун падару модар таъйин кард, то вазифаҳои онҳоро иҷро намояд. Идораи хонавода аз падару модар муҳаббат, вақт ва аҳамият талаб мекунад ва ин умур бахши ногусастание аз вазифаҳои падару модар мебошанд, ки беҳтар аст худашон онро мустақим ва бе восита анҷом диҳанд. Хуб аст як бор ба таҷрибаҳои низоми марксистӣ дар Россия назар кунем, зеро онҳо вазифаи тарбияи фарзандонро ба масъулоне берун аз хонавода вобаста намуда буданд. Аҳли Спартаи Юнон низ ҳамин корро қабл аз онҳо анҷом медоданд. Ва ин таҷрибаҳо ноком гаштанд ва асари бади он дар фарзандоне, ки ин таҷрибаро доштанд, маълум гашта буд. Идораи хуби вақт дар оилаҳои нопурра аҳамияти бештаре талаб мекунад, зеро дар ин гуна хонаводаҳо ҷадвали корҳо назар ба хонаводаҳои пурра бисёртар аст.

## Тасвири падару модар дар зеҳни фарзандон бештар  хилофи мақсади падару  модар аст

Шояд фарзандон кумаки падару модарашонро барои онҳо дахолат дар умурашон бидонанд ва риояву муҳаббаташонро чунин биандешанд, ки бо онҳо мисли атфол бархӯрд менамоянд ва насиҳатҳояшонро ҳамчун амрҳои раис қабул кунанд. Бо вуҷуди ин, ки воқеъият муҳим аст, табиати фарзандон ва тарзи бархӯрдашон бо умур барои онҳо воқеият ба шумор меравад ва ба ҳамин хотир беҳтар аст тасаввурот, эҳсосот ва аксуламалҳои онҳоро шинохт. Бештар аз фарзандонат бипурс: «Оё коре, ки ман кардам, ба ту маъқул шуд?»

## Бидон, ки ба фарзандонат чӣ ва кай мегуӣ

Падару модар ба фарзандонашон баъзе қиссаҳоро нақл мекунанд ва мақсадашон баёни амрҳои худ, ба низом даровардани рафтори онҳо, беҳтар сохтани дарсхониашон ё ибрат гирифтан аз қиссаҳо мебошад. Вале онҳо бояд ба хусусияти се чиз аҳамият диҳанд:

- Навъи қисса ва муносибати он бо ҳолат ва тавоноиҳои ақлии фарзандон.
- Вақти муносиб барои нақли қисса.
- Фаҳмидани таъсири қисса дар асоси фаҳми фарзандон, на дар асоси дарку фаҳми падару модар.

**Фарзандонатро хабрдор намо: Чаро? Ва кадом вақт?**

Дар охири қисса шумо бояд марҳалаи мувофиқи синну солро барои ӯ муайян кунед.

Шер, гург ва рӯбоҳ якҷоя як гов, буз ва харгӯшеро шикор намуданд. Шер ба гург гуфт: "Шикорро тақсим кун". Гург гуфт: "Гов аз ту, буз аз ман ва харгӯш аз рӯбоҳ". Шер аз ҷояш ҷаҳида сари гургро аз танаш ҷудо карду аз рӯбоҳ пурсид: «Шикорро чӣ гуна тақсим мекунӣ?» Рӯбоҳ ҷавоб дод: "Харгӯш таоми саҳарат, буз таоми пешинат ва гов хӯроки бегоҳат". Шер аз гуфтаи рӯбоҳ дар ҳайрат афтоду гуфт: "Эй рӯбоҳи ҳаким, ба ту кӣ ин ҳикмату илмро омӯхт?" Рӯбоҳ дар ҷавоб гуфт: "Сари аз тан ҷудошудаи гург".

Вақте чунин қиссаҳоро ба атфол нақл мекунӣ, онҳо аз чунин қиссаҳо хавф, тарсончакӣ ва нифоқро меомӯзанд. Вале чун онро ба фарзандони болиғ қисса мекунӣ, аз ин қисса боэҳтиёт сухан гуфтанро меомӯзанд. Интихоби марҳалаи умри фарзандон барои нақли қиссаҳо ва дарсҳои таълимие, ки муносиби ҳолашон мебошанд, бисёр унсури тарбиявии муҳим ва асосӣ мебошад.

Инҳо баъзе ҳиллаҳое ҳастанд, ки падару модар ба хотири осон кардани зиндагӣ ва таълими интизом, покизагӣ ва масъулият ба фарзандон истифода мекунанд. Ба ҳар ҳол, чун фарзандон ба синни тамйиз ва фаҳм расиданд, падару модар бояд ба онҳо сабабҳои ҳақиқиро шарҳ диҳанд ва фаҳмонанд, ки чизҳоеро, ки дар хурдиашон шунидаанд, танҳо умури хаёлӣ мебошанд, то фарзандон ақлҳояшонро аз ин ғалатҳо ва хурофот пок созанд. Ба таври мисол, оҳиста-оҳиста фаҳмонда мешавад, ки дар олами масеҳият хурофоти Санта Клаус (Бобои барфӣ) интишор ёфтааст, ки дар иди мелоди Масеҳ ба кӯдакҳо аз дудкаши хона туҳфа мепартояд. Ва ин амр як масъалаи бисёр хатарнок аст, ки баъзе фарзандони бузургсол эътиқод доштa бошанд, ки Санта Клаус ҳақиқӣ мебошад ва хурофот нест.

## Банохост ҷой додани мафҳумҳои нодуруст дар дили кӯдакон

Шояд ибратҳое, ки болиғон аз қиссаҳо мегиранд, он ибратҳое набошанд, ки хурдсолон онро мегиранд. Илова бар ин, шояд кори падару модар фиребкорона бошад, вақте ба фарзандон ба хотири осон кардани зиндагии худашон маълумоти нодуруст медиҳанд. Ба таври мисол, вақте фарзандон анор мехӯранд, падару модар аз онҳо талаб мекунанд, ки тамоми донаҳои анорро

бихӯранд ва мақсадашон ин аст, ки донаҳои анор ба либосашон наафтад, зеро пок кардани он душвор аст. Ба ҳамин хотир, ба онҳо мегӯянд, ки дар байни донаҳои анор як дона аз биҳишт вуҷуд дорад, то фарзандон тамоми донаҳои анорро бихӯранд. Инчунин дар баъзе хонаҳо биринҷро ба хубӣ шустушӯ ва пок менамоянд ва ба хотири ин, ки донаҳои биринҷ наафтанд ва тамоми он боқӣ монанд, баъзе модарон ба духтаронашон мегӯянд, ки тамоми донаҳои биринҷро нигоҳдорӣ намоянд, ки дар байни онҳо як донаи биринҷ аз биҳишт аст.

Баъзе падару модаре, ки ниятҳои хуб доранд, ҳодисаҳои зеринро чунин шарҳ додаанд:

**Ҳодисаи 1**. Вақте Салим дар кӯдакистон нахост ба ҳаммом дарояд, мураббия сабаби ин корашро аз вай пурсид. Салим посух дод, ки падарам ба ман гуфт, ки дар ҳаммом ҷинҳо ва шайтонҳо зиндагӣ мекунанд ва ба ҳамин хотир намехоҳам бо онҳо танҳо монам.

**Ҳодисаи 2.** Писарбачае бо номи Ҳомид дар ҳайрат аст, зеро ба ӯ гуфтанд, ки малоикаҳо ба ҳаммомҳо намедароянд, вале ду малоикае вуҷуд доранд, ки ҳамеша ҳамроҳи мо ҳастанд ва амалҳои моро менависанд. Пас чӣ гуна ин ду малоика бо мо ба ҳаммом медароянд? Ӯ ҳанӯз ҷавоби ин масъаларо ҷустуҷӯ дорад.

Бисёри вақт падару модар ҳаром будани гӯшти хукро нодуруст тафсир мекунанд. Фарзандон аз ин хулоса мебароранд, ки хук ҳайвони бад аст ва онҳо бояд онро бад бинанд ва озору азият диҳанд. Ба ҳамин хотир падару модар бояд ба фарзандони худ фаҳмонанд, ки тамоми ҳайвонотро Худованд ба ҳадафҳои муайяне офаридааст ва ин ҳайвонот нишонаи бузургии қудрати Ӯ мебошанд. Агарчӣ баъзеи онҳо барои хӯрдан муносиб ва ҳалол нестанд, вале тамоми онҳоро ба ҳадафи муфиде барои мо офаридааст, ки шояд ин манфиатҳоро мо намефаҳмем. Бинобар ин, беҳтар аст бо ҳайвонот ва наботот бо хубӣ ва нармӣ бархӯрд намоем.

Баъзе падарону модарон ба нияти нек мафҳумҳои хатоеро бо бад дидани мардуме, ки кори хатое мекунанд, интишор мекунанд ва байни амали бад ва шахсе, ки ин амали бадро анҷом медиҳад, фарқ намегузоранд. Ба ҳамин хотир, онҳо сигор ва сигоркашонро якҷоя бад мебинанд ва ин сабаб мешавад, ки фарзандон ба ҷое, ки чунин ашхосро дӯст доранд ва талош кунанд ислоҳ намоянд, баръакс, нисбати онҳо нафрат пайдо мекунанд ва дар паи ислоҳашон намешаванд. Инчунин фарзандон гумон мекунанд, ки назар ба дигарон беҳтар мебошанд ва бо ҳамин онҳоро кибру ғурур фаро мегирад. Бояд бидонем, ки дидгоҳи тарбиявии дуруст фарқ гузоштан байни ашхос ва рафтори онҳо мебошад, чунки инсон назди Худованд

бошарофат аст ва ба ҳамин хотир сазовори саҷдаи малоикаҳо гашта-аст:

*“Чун офаринишамро ба поён бурдам ва аз рӯҳи Худ дар он дамидам, дар баробари ӯ ба саҷда бияфтед”*

*(Ҳиҷр, 29).*

Он чизе ки бояд танқид ё тағйир дода шавад, рафтор аст.

## Ҷолиши эҷоди симои мусбати худ

Кӯдакон бисёр ба осонӣ дар доми одати хӯрокхӯрӣ ё майли аз ҳад зиёд ба маводи зебоӣ ва либос меафтанд. Он ҳам ба сабаби эълонот дар бораи зебоӣ ва ташвиқ ба он аз тарафи филмҳо, телевизор, ситораҳои машҳури синамо ва маҷаллаҳои мода. Ба онҳо мафҳумҳои нодуруст дода мешавад, бахусус ба духтарҳо. Масалан, ба онҳо мегӯянд: «ту зебоӣ, зеро лоғарӣ» ё ту «безебӣ, зеро фарбеҳӣ».

Кӯдакон гузариш аз марҳалаи кӯдакии бегуноҳ ба марҳалаи тақлид ба ҳаёти калонсолонро дар синни барвақт оғоз мекунанд ва ин амр боиси эҳсоси ноамнӣ барояшон мешавад, зеро дар ин синну сол ба дараҷаи камоле, ки орзуи расидан ба онро доранд, намерасанд.



Падару модар бояд талош кунанд, ки фарзандон аз воситаҳои мавҷуд дар ҷомеа ва муносибатҳои оилавӣ эҳсосӣ ризоят кунанд, то ки аз таблиғот ва василаҳои хориҷие, ки онҳоро бо пулу молу қудрату шуҳрати пучу холӣ фиреб медиҳанд, розӣ нашаванд.

## Мушкилоти тарбияи фарзандони падари мусулмон ва модари ғайри мусулмон

Дини мубораки Ислом издивоҷ бо занҳои аҳли китобро (масеҳӣ ва яҳудӣ) иҷозат додааст ва зану шавҳар дар чунин издивоҷ масоилеро, ки ҳангоми тарбияи фарзандон ба вуҷуд хоҳанд омад, бояд бифаҳманд, то ки дар бораи мушкилот ва хатарҳое, ки дар оянда имкон доранд ба вуҷуд биёянд, маърифат дошта бошанд ва тавонанд барои онҳо роҳҳои ҳали муносиб пайдо намоянд.

Фазои хонавода, ки дар он падару модар нақши асосиро доранд, аввалин ва асоситарин муҳитест, ки

дар он рӯҳияи фарзандон ташаккул меёбад ва шахсияташон сохта мешавад, бахусус дар даҳ соли аввали умрашон. Ҳар қадар назарҳо ва таваҷҷуҳоти падару модар бо ҳам мувофиқат кунанд ва созгор бошанд, ҳамон қадар тарбияи фарзандон беҳтар мегардад, зеро равиши тарбия дар солҳои аввали тифлӣ намуна мебошад, на роҳнамоиҳои каломӣ, ки ин корро бикун ва ё фалон корро накун.

Инчунин тавофуқи падару модар дар амалӣ сохтани рисолати бузурги хонавода, ки аҳдофи он аз ваҳйи илоҳӣ сарчашма мегиранд, кумак менамояд ва ҳар ихтилофе, ки сарчашмаи он ихтилофоти эътиқодӣ бошанд, бо худ изтироботеро дар тарбияи атфол дорад ва ин аз бузургтарин хатарҳое мебошад, ки мувоҷеҳи хонаводаи мусулмон мешавад.

Ихтилофоти эътиқодие, ки байни зану мард дар хонаводаҳое, ки шавҳар (падар) мусулмон ва ҳамсар (модар) аз аҳли китоб мебошанд, ба таври возеҳ зоҳир мешаванд. Дар чунин оилаҳо мушкилот ва саволҳое пайдо мешаванд, ки наметавон онро дар тарбияи фарзандон нодида гирифт ва аз ҷумлаи онҳо саволҳои зерин буда метавонанд:

1. Масъалаи муқоисаҳои доимӣ, ки метавонанд равонӣ, иҷтимоӣ ё динӣ бошанд, фарзандонро дар парокандагии рӯҳӣ ва изтиробҳои мансубият қарор медиҳад.
2. Заиф шудани боварии атфол ба дин ва тамаддуни исломӣ ва арзишҳои асосиашон.
3. Ба миён омадани мушкилоти ба воя расондан ва ё гурезондани фарзандон ба хориҷ аз кишвар ва сипас тағйири дини онҳо ҳангоми ба вуҷуд омадани ихтилофот байни зану шавҳар ва дигар умуре, ки масоили қонунӣ дар тарбия дахолат менамоянд.
4. Оё модаре (зане), ки мусулмон нест, аҳдофи тарбияи оилавиро, ки бояд бо таълимоти Қуръони карим ва суннати набавӣ мутобиқат намоянд, муҳаққақ хоҳад сохт? Зеро тифл дар марҳалаҳои аввалини умраш бештари вақташро бо модараш мегузаронад. Аз ҳамин ҷо ҳикмати гуфтаи Расулуллоҳро (с) дарк менамоем, ки мефармояд: *«Соҳибдинро интихоб намо» (Бухорӣ)*.

## Мушкилоти тарбияи атфол дар муҳите, ки нажод ва фарҳанги падару модар аз ҳамдигар фарқ мекунанд

Ғайр аз таъсир ва мушкилоти ихтилофи эътиқодие, ки ба он ишора намудем, шакли дигаре аз ҳамин ихтилофот вуҷуд дорад, ки дар он зану шавҳар дар ақида бо ҳам иттифоқ доранд, вале онҳо аз ҳамдигар дар фарҳанг ва шаҳрвандӣ фарқ ме-

кунанд. Дар ҳоле, ки ҳар дуи онҳо мусулмон мебошанд, ин амр онҳоро аз ниёзҳои дигаре, ки барои тарбияи фарзандон муҳим мебошанд, бениёз намесозад.

Бе шак, агар зану шавҳар ихтилофи фарҳангиеро, ки байни онҳо вуҷуд дорад, ба хубӣ дарк накунанд ва рӯи нуқтаҳои муштарак тамаркуз накунанд, агарчӣ андак ҳам бошанд ва ихтилофоти байни худро эҳтиром нагузоранд, дар он сурат ин ҳама дар тарбияи фарзандон таъсир хоҳад дошт. Фарзандон ба яке аз падару модар бештар майл мекунанд ва робитаҳо дар оила тақсим мешаванд ва дар як гурӯҳи бо ҳамдигар муттафиқ ҳамкорӣ наменамоянд. Агар дар оила эҳтироми ихтилофҳо аз байн биравад, дар он сурат атфол роҳнамоиҳои осонтарро пайравӣ хоҳанд кард, агарчӣ барои онҳо муносиб ҳам набошанд. Ва ин ҳама ихтилофҳо ва муқоисаҳои фарҳангӣ роҳи расидан ба ҳадафҳои тарбияро мушкил менамоянд.

## ИБРАТҲОИ ТАРБИЯВӢ

**Якум:** Авлавиятҳои дурустро мушаххас намо. Падару модар чӣ гуна авлавиётро ба фарзандонашон таълим медиҳанд? Он чизеро, ки медонем муҳим нест, агар он чиро, ки муҳим аст, надонем. Агар Худованди абадиро фаромӯш намудем, дар он сурат ғуломони имрӯз мешавем.

**Дуюм:** Робитаҳо назар ба таълимот ва роҳнамоиҳо муҳимтар мебошанд. Ҳикмат ин аст: Бештар ба низомҳои кам, муҳим, муносиб, осон ва онҳое, ки назар ба дигарон иҷрояшон осонтар бошад, тамаркуз намо. Низомҳо бад нестанд, вале онҳо рафторро аз хориҷ ба дохил тағйир медиҳанд, дар ҳоле, ки бояд аз дохил ба хориҷ берун шаванд. Ба ҳар ҳол, муҳаббат метавонад қалб ва ангезаҳои инсонро тағйир диҳад.

**Сеюм:** Дарки дурусти матнҳои исломӣ. Бисёр муҳим аст, ки падару модар роҳнамоиҳо ва суханони Худовандро қабл аз ин, ки ба фарзандонашон бирасонанд, худашон онро ба хубӣ дарк намоянд. Ин калимот бахше аз ҳастии падару модар мебошанд, қабл аз ин, ки бахше аз фарзандон бошанд, зеро шахси нодор чизеро дода наметавонад. Ба ҳамин хотир, лозим аст, ки аввалан худи инсон он чиро, ки ба сӯи он даъват менамояд, татбиқ намояд ва сипас дигаронро ба сӯи он даъват кунад. Ва агар дар хона татбиқ ва иҷро нашавад, пас талош накун онро ба дигарон интиқол диҳӣ.

**Чаҳорум:** Бисёр будани вақту замон муҳим нест, балки миқдори вақти муфид ва ба хубӣ истифодашуда муҳим аст. Беҳтар аст падару модар вақтҳои муносибро барои таълими фарзандон ба хубӣ истифода намоянд ва қабл аз ин, ки ин вақтҳо ба шакли табиии худ бирасанд, барои он нақша кашидан лозим аст.

Падару модар метавонанд барои фарзандонашон ҳама чизро муҳайё намоянд ва бидиҳанд, вале як чизи бисёр муҳимро барои онҳо дода наметавонанд, дар ҳоле, ки ба он зарурати сахт доранд, ва он вақт аст, зеро ҷомеаи мо ба сӯи он чизе, ки амалҳои хориҷӣ талаб мекунанд, меравад, на ба сӯи он чизе, ки хонаводаҳо талаб мекунанд. Ғолибан на хонавода ҷадвали авлавиёти моро муайян менамояд, балки амалҳои мо авлавиёти хонаводаҳои моро муайян месозанд.

**Панҷум:** Ҳар он чӣ сазовори ёдоварист, сазовори такрор ҳам ҳаст. Падару модар бояд арзишҳоро ошкор сохта, ба он таъкид намоянд ва онро такрор намуда, шарҳ диҳанд. Инчунин бисёр муҳим аст, ки дақиқ, кӯтоҳ гӯянд, осонгир бошанд ва сахтгирӣ накунанд. Онҳоро нишон деҳ ва ба онҳо хабар деҳ: Падару модар бояд хешу наздикон, пешвоён, аъзои парламент, уламо, имомон, меҳмонон ва инсонҳои бузургро ба фарзандонашон муаррифӣ намоянд.

# ХОТИМА

Бо вуҷуди тамомии сахтиҳо ва хатарҳо тарбияи оилавӣ ҳамчун таҷрибаи ҷолиб ва қобили иҷро ва татбиқ ва пур аз мукофотҳо барои падару модар боқӣ мемонад. Инчунин таҳдидҳо аз таъсироти дӯстони бадамон, масоили ҷинсӣ дар васоити ахбори омма, фаҳми нодуруст, идораи нодуруст ва илова бар он мафоҳими хато, хурофот ва лағзишҳо дар ин соҳа бисёр мебошанд.

# МАШҚИ 26



## Машқи 26:
## Расондани мафҳумҳои муҳим ба фарзандон

Ба фарзандонат бо овардани мисолҳои ҳақиқӣ масоили зеринро шарҳ деҳ:

- Он чӣ, ки медонӣ, ҳеҷ аҳамияте надорад, агар он чиро, ки муҳим аст, на-донӣ (авлавиётро).
- Масъала ин нест, ки барои корҳоямон ҷадвал ва нақша кашем, балки ба-рои авлавиётамон бояд нақша бикашем.
- Қалбатро бо муҳаббати Худованд пур кун, то тавонӣ барои дигарон муҳа-ббат диҳӣ, зеро наметавонӣ, он чиро, ки надорӣ, барои дигарон диҳӣ. Ин-сони нодор тавоноии ато карданро надорад.
- Барои падару модар: Ба мавъизаҳоят амал намо. Як тасвир аз ҳазор кали-ма беҳтар аст. Ва мисоли амалӣ аз ҳазор тасвир беҳтар аст.



ФАСЛИ ШАШУМ

# Мафҳумҳои нодуруст ва хурофоти роиҷ дар бораи тарбияи фарзандон

- ***Муқаддима***
- ***Баъзе хурофот дар бораи тарбияи оилавӣ***
- ***Баъзе мафҳумҳои нодуруст дар бораи тарбияи оилавӣ***
  - *— Тақлиди кӯр-кӯронаи равишҳои меросӣ*
  - *— Тақлиди кӯр-кӯронаи дигарон*
  - *— Амали кардани орзуҳои шахсиамон дар фарзандонамон*
  - *— Вогузор кардани вазифаҳои падариву модарӣ ба дигарон*
  - *— Падару модарони нек ҳатман фарзандони нек тарбия мекунанд*
  - *— Тарбияи падару модарӣ истеъдоди табиӣ мебошад*
  - *— Талқини арзишҳои оилавӣ осон аст*
  - *— Гумони нек, эҳсоси солим, мантиқ ва муҳаббат дар тарбия кифоя мекунад*
  - *— Фарзияи кофӣ будани истифодаи мантиқ бо фарзандон*
  - *— Фарзияи ғолиб омадан дар ҷанг бо фарзандон*
  - *— Такяи падару модар бар ин, ки онҳо калонтаранд ва ҳукмравоӣ дар дасти онҳост*
  - *— Муомилаи яксон бо ҳамаи фарзандон*
  - *— Муомила бо кӯдакон мисли калонсолон*
  - *— Харидани тамоми талаботи фарзандон*
- ***Машқҳои 27-28***

# МУҚАДДИМА

Дар фаслҳои гузашта таъкид бар ин намудем, ки тарбияи оилавӣ паёмадҳои бисёр васеъ дорад, ки доираи он васеътар аз талоши падару модар барои фароҳам кардани оромии хотир ва зиндагии оилавии босаодат мебошад, балки хонавода аз муҳимтарин пояҳои ҷомеа ва тамаддун ба шумор меравад. Ҳадафҳоро ба таври мухтасар баён намудем ва дар бораи чолишҳо, душвориҳо ва хатарҳои асосие, ки падару модарро дар тарбияи фарзандон таҳдид мекунанд ба тафсил зикр кардем, то дар бораи онҳо маълумоти кофӣ дошта бошанд.

Дар ин фасл талош мекунем дар бораи баъзе фарзияҳо ва хурофоти роиҷе, ки дар зери пӯшиши насиҳат пинҳон гаштаанд, суҳбат намоем ва инчунин дар бораи баъзе лағзишҳо, иштибоҳот ва монеаҳое, ки падару модар ба он дучор мешаванд, ва чигунагии иҷтиноб аз он сухан мегуем.

Сабаби дигаре, ки моро водор мекунад ба ин лағзишҳову иштибоҳот назар кунем, гузоштани нақшаи дуруст барои тарбияи оилавии хуб мебошад. Зеро нақшаи хуб тарбияи оилавии душворро осон менамояд. Ва ин нақша замоне комил мегардад, ки падару модар ба равише даст биёбанд, ки ба воситаи он ба тамоми он монеаҳо ва душвориҳое, ки дар ин роҳ ба он рӯ ба рӯ мешаванд, ғолиб оянд.

## БАЪЗЕ ХУРОФОТ ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

Тарбияи оилавӣ ба отифае ниёз дорад, ки барои ҷалби теъдоди кофии ҷуфтҳои ҷадид барои амали бардавом, кофӣ бошад ва он анҷоми хуби вазифаи падару модарӣ мебошад, зеро ҷомеа танҳо бо илова шудани аъзои нав метавонад идома дошта бошад. Шояд баъзе падару модар гумон кунанд, ки тарбияи фарзандон аз ҳама тараф гуворо аст ва онҳо фарзандони нек тарбия мекунанд, аммо чунин нест, зеро муҳаббат ва биниши дуруст барои тарбияи дурусти фарзандон кифоя намекунанд ва фарзандон заҳматҳои падару модарро худ аз худ эҳтиром намекунанд, чунки тарбияи падару модарӣ меросӣ ва фитрӣ нест, балки омӯхта ва касб карда мешавад ва ҷой додани арзишҳо дар дили фарзандон кори осон нест. Ҳақиқат ин аст, ки бисёре аз эътиқодот воқеияти падариву модариро мунъакис намекунад.

Дар сатрҳои зерин баъзе эътиқодоти роиҷ (хурофот) дар бораи тарбияи падару модариеро, ки ҳеҷ асосу воқеият надоранд, ба таври хулоса зикр мекунем *(Knox and Schacht, 1997)*.

**Хурофоти 1. Волидайн ҳамеша бо фарзандони худ хурсандӣ мекунанд:** Онҳое, ки дар оянда падару модар мешаванд, дар телевезор эълонотеро мебинанд, ки дар он падару модари ҷавонро нишон медиҳанд, ки дар боғча ҳамроҳи фарзандонашон бо хушҳолӣ ва табассум бозӣ мекунанд, ва фикр мекунанд, ки ин ҳамон тарбияи фарзандон аст, яъне лаззау хушҳолие, ки поён надорад, дар ҳоле, ки ҳақиқат чизи дигарест.

Масъалаи хушҳоливу шодмонӣ бар ин аст, ки инсон озодии интихоб дорад ва метавонад кореро анҷом диҳад ё таркаш намояд. Вале ин амр бо падару модар мутобиқат намекунад. Зеро беҳтар аст падару модар бо фарзандонашон бимонанд ва онҳоро ҳамеша зери назорат бигиранд ва фарқ намекунад, ки таҷриба доранд ё на. Зеро онҳо аз лаҳзаи зодани фарзанд барои ҳамеша падару модар мешаванд ва ҳатто агар бихоҳанд аз ин роҳ баргарданд, наметавонанд, зеро ин роҳ баргашт надорад.

Дар гузашта роҳнамоии фарзанд осонтар буд, вақте модарат аз гӯшат гирифта бо зӯр мебурдат.

**Хурофоти 2. Фарзандон ба қадри талоши падару модар мерасанд:** Баъзе падару модар фикр мекунанд, ки агар ба тамоми хоҳишоти фарзандон ҷавоби мусбат диҳанд, дар он сурат фарзандон ин заҳматҳои онҳоро қадр мекунанд. Аммо шарт нест ин амр дуруст бошад, зеро шояд фарзандон ба падару модаре, ки ба онҳо муҳаббату хубиҳо ато кардаанд, эҳтирому сипосгузорӣ накунанд. Инчунин баъзе падару модар гумон мекунанд, ки агар барои фарзандонашон тамоми эҳтиёҷоташонро монанди либос, бозича, компютер ва мошин фароҳам намоянд, онҳоро эҳтиром хоҳанд кард. Вале шояд ин амр бисёри вақт амалӣ нашавад, зеро бисёре аз фарзандон фикр мекунанд, ки дар он чизе, ки падару модар барояшон медиҳанд, ҳақ доранд ва дар баробари ин умур эҳтирому шукрро лозим намедонанд.

Инсон талаб ва умед мекунад, вале Худованд ҳар он чӣ, ки мехоҳад, ҳамонро мекунад. Шояд қабл аз таваллуди фарзанди якум нақшаи тамоми эҳтимолотро кашида бошӣ, вале баъд аз таваллудаш ба чизҳое рӯ ба рӯ мешавӣ, ки дар гумонат набуд.

**Мегӯянд, ки:**

- “Девонагӣ меросӣ аст ва фарзандон онро ба ту ба мерос мегузоранд”.

*Sam Levenson (Brown, 1994).*

- “Донистани ин, ки аз чӣ бояд чашм пӯшӣ, ҳикмат аст”.

*William James (Lazear, 1993).*

Метавон аз ҳаёти шахсиат таҷриба пайдо намоӣ, вале таҷриба муаллими сахтгир аст, зеро пеш аз дарс имтиҳон мегирад. Кӯшиш кун ин дуоро ҳамеша такрор кунӣ: “Худовандо, нагзор, ки тамоми дарсҳоро аз таҷрибаи шахсиам бигирам”. Ба ҳамин хотир чунин ҳикматеро баён намудаанд: “Хушбахт касест, ки аз ҳаёти дигарон панд гирад ва бадбахт касест, ки аз ҳаёти худаш ибрат гирад”.

**Хурофоти 3. Фаҳми хато дар бораи азхудгузарӣ:** Падарону модарон ба сабаби ниятҳои хубашон шояд дар тарбияи фарзандонашон худро аз ҳад зиёд заҳмат диҳанд ва илова бар ин гумон кунанд, ки дин аз онҳо ҳамин чизро талаб мекунад, вале ҳақиқат ин аст, ки фарзандон зинати зиндагӣ ба шумор меравand, на азобу машаққат. Худованди мутаол мефармояд:

***“Дороиву фарзанд зебу зинатҳои ин зиндагонии дунёст ”***

***(Каҳф, 46).***

Лозим нест, ки падару модар ва бахусус модарон заҳматҳои аз ҳад зиёд барои фарзандон анҷом диҳанд, яъне барои иҷро кардани хостаҳои онҳо монанди хизматгор бошанд, балки беҳтар аст аввал фарзандон ба модаронашон кумак ва хизмат кунанд ва сипас навбати хизмати модарон ба фарзандон шавад.

**Хурофоти 4. Масъулияти якуми падароу модарон робитаи онҳо бо фарзандон аст**: Баръакси ин эътиқод, беҳтар аст масъулияти падару модар аввал нисбати худашон бошад ва сипас нисбати дигарон.

Тавозун байни худат, фарзандонат ва Парвардигоратро риоя кун, зеро ҳар як ҳуқуқи зиёде доранд.

Дар ҳамин мавзӯъ ривоят мешавад, ки вақте Салмони Форс (р) дид, ки Абу Дардо (р) бар худаш бисёр сахт мегирад, ба ӯ гуфт:

*“Парвардигорат бар болои ту ҳақ дорад, нафси ту бар болоят ҳақ дорад ва аҳли хонадонат бар болои ту ҳақ доранд, пас ҳар як соҳибҳақро ҳаққашро адо намо”. Абу Дардо (р) назди Расулуллоҳ (с) омаду ин ҳодисаро ба ӯ нақл кард ва Расулуллоҳ (с) фармуданд: “Салмон рост гуфтанд”*

*(Бухорӣ).*

Аз ин ҳодиса фаҳмида мешавад, ки падару модар бояд ба саломатӣ, хоҳишоти машрӯъ ва дӯстиву истироҳатҳояшон аҳамият диҳанд, зеро ин амр онҳоро кумак мекунад ва барои хизмати тамоми аъзои оила омода мекунад.

## БАЪЗЕ МАФҲУМҲОИ НОДУРУСТ ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

### Тақлиди кӯр-кӯронаи равишҳои меросӣ

Аксари мо одатҳои муайянеро аз падарону модаронамон мегирем, ки на ҳамаи ин одатҳо хуб ва муфид ҳастанд ва шояд ҳам баъзеи онҳо куҳна ва озордиҳанда бошанд, ки аз онҳо вақту замони зиёде гузаштааст.

Яке аз модарон мегӯяд: "Дар ҳамон лаҳзае, ки фаҳмидам ҳомиладорам, худро мисли модарам ҳис кардам". Баъзе падару модар аз боби миннатдорӣ ва вафодорӣ ба падарону модарашон мегӯянд, ки онҳоро волидайнашон беҳтар тарбия кардаанд. Бале бисёре аз мо аз падару модарамон меҳрубонӣ ва муҳаббати зиёдеро дидаем, Худованд ба ҳар дуи онҳо баракат диҳад, зеро онҳо дар ҳақиқат барои мо хайрро мехостанд, вале ин ба он маъно нест, ки мо тамоми маҳоратҳо ва маърифатҳои лозимиро дар тарбияи фарзандон медонем, чунки ҳар як замон эҳтиёҷоти худро дорад.

### Тақлиди кӯр-кӯронаи дигарон

Тақлиди кӯр-кӯрона дар тарбияи фарзандон дуруст нест, зеро ҳар як фарзанд хусусиятҳои худро дорад ва коре, ки барои яке муносиб аст, шояд барои дигаре муносиб набошад. Барои ҳамин, падару модар ҳамеша ба беҳтарин роҳу равиши бархӯрд бо фарзандон дар ҳолатҳои гуногун ниёз доранд. Падару модаре, ки бо дигар волидайн дар бораи равиши тарбия машварат мекунанд, бояд дар хотир дошта бошанд, ки ҳар як равиш замоне натиҷа медиҳад, ки дар як мавзӯъ ва ҳолати муайян татбиқ ва иҷро шавад, зеро баъзе падару модар чунин васф мешаванд, ки осонгиранд ва баъзеи дигар сахтгир.

### Амали кардани орзуҳои шахсиамон дар фарзандонамон

Амали кардани орзуҳои шахсӣ дар фарзандон аз сӯи падару модар нодуруст ва хато аст. Баъзе падару модар талош мекунанд ба ҳадафҳое, ки худашон натавонистанд бирасанд, ба воситаи фарзандонашон бирасанд. Ба таври мисол, падаре мехост табиб ё муҳандис шавад, вале натавонист, вале писар ё духтараш табиб ё муҳандис шудан намехоҳад. Пас бояд дарк намоем, ки фарзандон идомаи ҳаёт ва орзуҳои мо нестанд, балки орзуҳои худро доранд ва инсонҳои мустақиланд.

### Дар ҳар қадам як ҳодисаи ногаҳонӣ

- «Тарбияи оилавӣ чизе набуд, ки мо омӯхтем, балки чизе буд, ки мо ҳангоми таваллуди фарзандонамон кардем»

*(David Elkind)*.

Шояд падару модар мехоҳанд фарзандонашон идомаи онҳо бошанд ва ба ҳамин хотир талош мекунанд ба воситаи онҳо айбҳои худро дуруст намоянд, балки мехоҳанд хатоҳоеро, ки дар ҳаққи падару модарашон дар гузашта анҷом додаанд, ислоҳ намоянд. Ва ин равиши тарбия низ як равиши қолабӣ ва маҷбурие аст, ки тамоми уламои тарбия онро рад мекунанд.

Агар падару модар футболбозони хубе набуданд, кӯшиш мекунанд фарзандонашон дар ин соҳа қаҳрамон шаванд. Агар дар фанни риёзӣ заиф буданд, ҳаракат мекунанд фарзандон монанди Эйнштейн шаванд. Ва агар натавонистанд сиёстамадорони кудратманд шаванд, мехоҳанд фарзандон дар тамоми мусобиқаҳои сиёсӣ баранда шаванд. Падарӣ ва модарӣ ба маънои идомаи тифлӣ нест ва фарзандон нусхаи хурди падару модари худ нестанд. Барои ҳамин, чӣ хеле ки хастанд бояд эҳтиром шаванд, на он хеле ки мо мехоҳем ва хоҳишу орзу дорем.

## Вогузор кардани вазифаҳои падариву модарӣ ба дигарон

Одатан вазифаи тарбияи оилавиро падар ё модар ба уҳда мегирад. Воқеият ин аст, ки падар наметавонад ҷои модарро бигирад ва модар наметавонад ҷои падарро бигирад. Онҳо монанди дасти чапу рост ҳастанд, ки наметавонанд ҷои якдигарро бигиранд. Пас падару модар нақши хосси худро доранд. Инчунин падаркалону модаркалон ё хешу табор ва ё мураббияҳо наметавонанд дар адои вазифаи падариву модарӣ ҷои онҳоро ишғол намоянд. Пас ҳамаи инҳо ҷонишинҳое мебошанд, ки наметавонанд ба таври комил нақши падару модарро бибозанд ва беҳтар аст танҳо дар ҳолатҳои бисёр сахт ба онҳо рӯ оварда шавад.

## Падару модарони нек ҳатман фарзандони нек тарбия мекунанд

Бисёри мардум фикр мекунанд, ки сабаби пайдоиши афроди бад, монанди нашъамандон, дуздҳо, фоҳишагорон ё овозхонони фосид ба тарбияи падару модарашон бармегардад, зеро онҳо фарзандонашонро тарбияи дуруст накардаанд. Ва ҳамин тавр, вақте фарзандон ба роҳи нодуруст мераванд, тамоми маломатро бар уҳдаи падару модар меандозем, дар ҳоле, ки имкон дорад кор баръакси ҳол бошад. Падару модари бисёр хубе вуҷуд доранд, ки тамоми талошашонро дар тарбияи фарзандон анҷом додаанд

монанди ҳазрати Нуҳ (а). Баръакс, ҳолатҳои бисёре низ вуҷуд доранд, ки падару модар инсонҳои бад мебошанд, вале фарзандони солеҳ Худованд насибашон мекунад, монанди ҳазрати Мусо (а), ки дар хонаи Фиръавн ба воя расид ва ҳазрати Иброҳим (а), ки падараш (амак ва падархондааш) бо ӯ ба душмани бархост ва дар муқобилаш қарор гирифт.

## Тарбияи падару модарӣ истеъдоди табиӣ мебошад

Баъзе мардум ба ин назаранд, ки барои тарбияи фарзандон зарурат ба таълим ва омодагӣ аз рӯи барнома нест. Ба ҳамин хотир курсҳои таълимӣ барои гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ бештар аз курсҳои таълими тарбияи оилавӣ мебошанд. Натиҷа ин мешавад, ки байни занҳое, ки нав модар мешаванд ва омӯзиш надидаанд, ва модароне, ки таҷрибаи кофӣ ва омӯзиш дидаанд, ихтилофот ва фарқиятҳои зиёде вуҷуд дорад. Модарони навпо тавоноии камтаре дар фаҳми фарзандон ва заруратҳои онҳо доранд ва дар оянда низ тавоноӣ ва маърифатеро нахоҳанд дошт, то хулқу рафтори фарзандонашонро, вақте бузург шуданд, пешбинӣ карда тавонанд, дар ҳоле, ки модарони ботаҷриба роҳи андешаронӣ ва амалкарди фарзандонашонро хубтар мефаҳманд. Касоне, ки дар бораи тарбия омӯзиш надидаанд ва таълим нагирифтаанд, имкон дорад хатоҳои падарону модарон ва дӯстони худро такрор намоянд.

## Талқини арзишҳои оилавӣ осон аст

**Барои бисёриҳои арзишҳои оилавӣ мафҳуми зеринро доранд:**

- Эҳтироми бузургсолон ва ҳамаи одамҳо
- Қабули фарқиятҳои байни одамҳо
- Тавоноии муҳокимаи фарқиятҳо ба нармӣ ва ҳамкорӣ барои ҳалли онҳо. “Адаби муҳокима”.
- Чанг задан ба хайру хубӣ, агарчӣ мушкил ва ё номаҳбуб ҳам бошад.
- Ҳифзи шарофати шахсӣ дар ҳама вақт.
- Кумак ба дигарон ва хизмати ҷомеа.

Маълум аст, ки тамоми арзишҳои дар боло зикршударо барои фарзандон таълим додан ва дар асоси ин ва дигар арзишҳои бузург онҳоро ба осонӣ тарбия намудан имкон надорад, зеро ин амр зарурат ба тамаркуз ва талошҳои зиёд дорад, аммо дар айни ҳол номумкин нест. Худованди мутаол талоши касеро, ки ба тамоми василаҳо ва асбоб чанг мезанад ва бар Ӯ таваккал намояд, зоеъ намесозад ва аз ҳамин ҷо ҳикмати ин гуфтаи Худовандро беҳтар дарк карда метавонем:

*“Сабр кун, зеро Худованд музди некукоронро табоҳ намесозад!”*
*(Ҳуд, 115).*

## Гумони нек, эҳсоси солим, мантиқ ва муҳаббат дар тарбия кифоя мекунад

Падару модар ба таълим ва касби малакаҳо зарурат доранд, зеро падарӣ ва модарӣ силсилаи ҳодисаҳои хурде мебошанд, ки поён надоранд, ва инчунин кашмакашҳои марҳалаӣ ва бухронҳои ногаҳонӣ мебошанд, ки дар вақти муносиби худ зарурат ба бархӯрд доранд. Ин бархӯрдҳо бо мушкилот дар шахсияти фарзандон таъсири хуб ва ё бад доранд ва ба ҳамин хотир бархӯрди муносиб бо эҳтиёҷоти фарзандон малакаест, ки ниёз ба омӯзиш дорад, зеро шахсияти фарзандон мувофиқи таҷрибаҳояшон бо падару модар ва бо мардум дар ҳолатҳои гуногун ташаккул меёбад. Ба ҳамин хотир сифатҳои шахсӣ худ аз худ ва бо фишору зурӣ бунёд намеёбанд. Ҳеҷ кас наметавонад дӯстӣ ва ихлосро аз роҳи ҳамоишҳо, шуҷоатро аз роҳи номанависӣ, мардонагӣ ё зан буданро аз роҳи насиҳат ҳосил намояд. Тарбияи шахсият ба илми равоншиносии фарзандон ва марҳалаҳои рушди онҳо ниёз дорад. Роҳе, ки падару модар метавонанд бо он боварӣ ҳосил кунанд, ки фарзандони хурдсолашон дар оянда дилсӯз, муназзам ва далер ба воя мерасанд, ин аст, ки ба таври амалӣ роҳҳои дурустро биомӯзанд, то тавонанд фарзандони худро бо он намунаҳои олӣ ва арзишҳои бузурге, ки мехоҳанд, музайян созанд, то онҳо дар ахлоқ ва рафторашон ва таъсири муфид ва назаррас дошта бошанд.

## Фарзияи кофӣ будани истифодаи мантиқ бо фарзандон

Муносибатҳои волидайн ва фарзандон танҳо дар асоси тафаккури мантиқӣ устувор нест, балки одатҳо ва отифаҳо низ дар ин муодила дохил мешаванд. Ба таври мисол, падару модар наметавонанд фарзандонашонро бо ин сухан қонеъ кунанд: “Меваҷот ва сабзавот хӯред, зеро онҳо витаминҳо ва маъданҳои зарурӣ барои саломатии шумо доранд ва дар хӯрдани он фоидаи калон аст”. Бо вуҷуди ин, ки мантиқ барои қонеъ кардан зарур аст, ба танҳоӣ кофӣ нест.

Қонеъ кардани эҳтиёҷоти кӯдак ҳадафи муҳим аст, вале муҳимтар аз он роҳу равишест, ки ин қонеъномоӣ ба воситаи он иҷро мешавад. Комёбии тарбиявӣ дар тарбияи оилавӣ ба зарурати пайвастани эҳтиёҷоти ҷисмонии тифл ва такмили он бо ҷанбаҳои маърифатӣ ва равонӣ, ки хоҳишот ва ангезаҳои тифлро ташаккул медиҳанд, ишора мекунад. Ба таври мисол, баъзе волидайн барвақт хоб рафтани фарзандонро барои барвақт хестани онҳо мехоҳанд ва шояд ин сабаб барои фарзандон ҳадафи маҳбуб набошад. Вале агар барвақт хоб рафтанро бо мафҳумҳои

дигари маърифатӣ ва равонӣ вобаста намоем, монанди зебо шудан ё ҳосил кардани тавоноии беҳтар барои бозӣ бо рафиқон, ин сабаб барои кӯдакон мақбултар хоҳад буд. Яъне ба тарзи дигар арзишҳоро рушд додан ва онро пеш аз ташкили рафтор ба вуҷуд овардан мебошад, то ин, ки рафтори фарзандон аз мафҳумҳои маърифатӣ ва равонии дӯстдоштааншон сарчашма гиранд ва ин рафторро ба як рафтори муназзамтар ва наздиктар ба тавозун ва устуворӣ бигардонад.

## Фарзияи ғолиб омадан дар ҷанг бо фарзандон

Шояд падару модар дар баъзе муборизаҳо бо фарзандонашон ғолиб оянд, вале дар поёни кор шояд фарзандон дар муқоибили ин корашон нисбати онҳо дар худ эҳсоси бадбинӣ ва интиқом пайдо намоянд. Ба таври мисол, падару модар духтарашонро маҷбур мекунанд, то ихтисосе гирад, вале духтар баҳои бисёр паст мегирад ва падару модар маҷбур мешаванд пули иловагӣ ба донишгоҳ супоранд ва бо ҳамин духтар ин ҷанги алайҳи волидайнашонро мебарад. Падару модар фарзандашонро аз рондани мошин боз медоранд, вале ӯ мошинро медуздад ва сабаби ҳодисаи дардноке мешавад, то бо ин кораш волидайнашро ҷазо диҳад. Падару модар танҳо як роҳ доранд ва он ҳам дар паҳлуи худ нигаҳ доштани фарзандон, гӯш додан ба онҳо, ҳамдигарфаҳмӣ, гуфтугӯ, муҳаббат ва бо онҳо аз рӯи ақл, мантиқ ва отифа рафтор кардан аст. Ва шакке нест, ки тарбия вазифаи бисёр ҳассосе мебошад, ки сабр ва давомнокиро дар тули солҳо талаб мекунад.

## Такяи падару модар бар ин, ки онҳо калонтаранд ва ҳукмравоӣ дар дасти онҳост

Фарзандон дар хурдиашон дарк мекунанд, ки онҳо дар охири кор бузург хоҳанд шуд ва қавӣ хоҳанд гашт. Ва агар падару модар қувваташонро истифода намоянд, то фарзандон аз онҳо битарсанд, фарзандон низ вақте ба синни навҷавонӣ мерасанд ё бузургтар мешаванд, ҳамин услуб ва равишро истифода хоҳанд кард. Агар волидайн битавонанд фарзандони худро бо ҳамдигарфаҳмӣ ва қаноат дар паҳлуи худ қарор диҳанд ва муҳаббати онҳоро касб кунанд, дар он сурат бо дигарон робитаҳои хуб барқарор менамоянд ва дарк менамоянд, ки қувати падару модар ба қувваи онҳо илова мешаванд. Падару модаре, ки фарзандонашонро бо истифодаи қуввату зӯриву фишор тарбия мекунанд, шояд дарк намекунанд, ки агар онҳо муҳаббат ва қонеъ карданро ба ҷои фишор истифода мекарданд, ба ҳамон натиҷа мерасиданд ва шояд ҳам ба натиҷаи беҳтар аз он даст меёфтанд. Агар ба як натиҷа бирасем, пас чаро аз фишор ва зӯроварӣ дар тарбия истифода менамоем?

## Муомилаи яксон бо ҳамаи фарзандон

Падару модар шояд гумон кунанд, ки ҳамаи фарзандонашон бо ҳам монанд мебошанд. Вале ин гумон дуруст нест. Зеро онҳо монанди гулҳое мебошанд, ки дар як гулдаста ҷамъ шудаанд ва дар байни ин онҳо шояд яке бе хости гулпарвар ба дигар тараф майл карда бошад. Инчунин фарзандон дар тавоноиҳои таҳаммули ноороми ва фишор, омӯзиш, боварӣ ба худ, бархӯрд бо ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ ва саргармӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Волидайн ба зудӣ хусусиятҳои ҳар як фарзандро дарк хоҳанд кард ё фарқи онҳо аз дигар кӯдаконеро, ки бо онҳо шиносашон мекунанд, ё онҳое, ки дар бораашон дар Интернет мехонанд, хоҳанд донист. Илова бар ин, фарқиятҳои байни духтарон ва писарон ва фарқияти накши иҷтимоии онҳоро хоҳанд донист. Ҳар як фарзанд хусусиятҳои худро дорад ва бародарону хоҳаронаш бо вай яксон нестанд, ҳатто агар дугоник бошанд ва ё байни онҳо сифатҳои якхела бошад.

**Бо фарзандонат ҳамчун бо писарон ва духтаронат бархӯрд намо**

*“Ту қаҳрамононро тарбия намекунӣ, балки фарзандонатро тарбия менамоӣ. Агар бо онҳо монанди фарзанд бархӯрд намоӣ, онҳо дар оянда қаҳрамон хоҳанд буд, агарчӣ танҳо дар назари ту” (Schirra).*

## Муомила бо кӯдакон мисли калонсолон

Шояд падару модар эътиқод дошта бошанд, ки беҳтар аст бо фарзандони хурдсолашон чунон бархӯрд намоянд, ки гӯё онҳо калонсол мебошанд. Ҷароҷира (1988) баён медорад, ки муомила бо фарзандон чуноне бошад, ки бо хурдсолиашон мувофиқат намоянд, на ин ки бо онҳо ҳамчун бо калонсолон муомила шавад. Ва инчунин таъкид менамояд, ки муҳимтарин марҳалаи ҳаёти мо марҳалаи тифлӣ аст. Пас бо фарзандони хурдсол монанди фарзандони калонсол муомила намудан ҳеҷ манфиате нахоҳад дошт. Фарзанд наметавонад болиғи хурдсол ва ё хурдсоли болиғ бошад.

Воқеият ин аст, ки падару модар зарурати шадид ба фаҳми равоншиносии атфол доранд, вале ин амр осон нест, зеро заруратҳои биологии тифл ҳамеша дар тағйир мебошанд, яъне агар тифл гурусна бошанд ӯро таом медиҳӣ ва агар хаста бошад истироҳаташ медиҳӣ ва агар пушокашро ифлос намуд, онро иваз мекунӣ. Хулоса, заруратҳои равонии тифл мушкилфаҳм мебошанд, ҳатто фарзандони болиғ наметавонанд ҳастии худро ба хубӣ дарк намоянд, дар ҳоле, ки онҳо худро назар ба дигарон беҳтар мешиносанд.

**Фарзандон падару модарашонро машқ медиҳанд**

*“Арзиши издивоҷ дар ин нест, ки инсонҳои болиғ фарзандонро ба дунё меоранд, балки дар он аст, ки фарзандон инсонҳои болиғро ба вуҷуд меоранд”*

*(Peter De Vries).*

## Харидани тамоми талаботи фарзандон

Беҳтар аст падару модар дар харидани тамоми талаботи фарзандонашон шитоб накунанд ва тамоми хоҳишоташонро қабул накунанд, зеро вазифаи падару модар ин нест, ки хизматгорони мутеъ барои фарзандон бошанд. Онҳо бояд фарзандонро таълим, машқ ва адаб диҳанд ва баъзе корҳои хонаро ба онҳо вобаста намоянд, то онро ба иҷро бирасонанд, ва ба онҳо бифаҳмонанд, ки зиндагӣ танҳо гирифтан нест, балки бахшидан ҳам мебошад. Ба фарзандон додани тамоми он чиро, ки талаб мекунанд, натиҷаҳои бадро бо худ дорад ва ин одат дар онҳо боқӣ монда, бузург мешаванд ва падару модар дар талаботи ҳамешагӣ ғарқ хоҳанд шуд. Ва ҳатто баъд аз онки фарзандон бузург шаванд ва ин талабот монанди харидани либос, дискҳо, бозиҳо ва дигар талаботи беинтиҳо идома хоҳанд дошт.

# МАШҚҲОИ 27-28



**Машқи 27:**

## Таҷрибаҳои шахсии душвор

Оё метавонӣ дар асоси таҷрибаи шахсиат ҳамчун падар ё модар баён намоӣ, ки чаро падарӣ ё модарӣ вазифаи душвор аст? Чаро?

Ин корро дар байни хонавода ва фарзандонат анҷом деҳ, то чашмонашон ба ҳақиқатҳое, ки аз он ғофил ҳастанд, боз гардад.

**Машқи 28:**

## Гуфтугӯ дар бораи андешаҳои тарбияи оилавӣ

Ин оятҳоро дар фазои оилавӣ ва дар ҷамъи тамоми аъзои оила шарҳ деҳ ва сипас дар бораи андешаҳои шахсиат баҳсу гуфтугӯ намо ва ба тафсил дар бораи сахтиҳо ва хушиҳои тарбияи фарзандон суҳбат намо. Сипас баъзе қиссаҳои ҳақиқиро аз ҳаёти шиносҳоят зикр намо.

Падаре мегӯяд: "Фарзандон барои ҷазои падару модар офарида шудаанд". Аммо Қуръони карим мегӯяд:

> ***Таҷума:** "Дороиву фарзанд зебу зиннатҳои ин зиндагонии дунёст ва кирдорҳои нек, ки ҷовидон бар ҷой мемонанд, назди Парвардигорат беҳтар ва умед бастан ба онҳо некутар аст"*
>
> *(Каҳф, 46).*

> ***Таҷума:** "Эй касоне, ки имон овардаед, баъзе аз занону фарзандонатон душмани шумо ҳастанд. Аз онҳо ҳазар кунед, Ва агар афв кунед ва чашм бипӯшеду гуноҳашон пӯшида доред, Худо бахшояндаву меҳрубон аст!"*
>
> *(Тағобун, 14).*

> ***Таҷума:** "Ҷуз ин нест, ки амволу авлоди шумо озмоише ҳастанд. Ва ҳол он ки музди фаровон назди Худост"*
>
> *(Тағобун, 15).*



# ФАСЛИ ҲАФТУМ
# Вақте корҳо бад мешаванд

- ***Муқаддима***
- ***Асабоният, саркашӣ, ғазаб ва ашкҳо***
  - *— Баъзе равишҳои ҷазои фарзанди хашмгин*
- ***Ту ва фарзандат: исён ва таҳқир***
  - *— Вақте писарат мавриди таҳқир қарор гирифт, қадами баъдӣ чист?*
  - *— Қадамҳои пешниҳодӣ барои татбиқ ҳангоми таҳқир*
- ***Навҷавонон: Нақди мафҳуми навҷавонӣ***
- ***Ғазаби мо ва ғазаби навҷавони мо***
- ***Ғазаб метавонад зараровар ё фоидаовар бошад***
- ***Оё ғазаби навҷавони шумо ғазаби туро меорад?***
- ***Мо барои худ ва навҷавононамон чӣ кор карда метавонем?***
- ***Мулоҳизаҳо дар мавриди робитаи хуб***
- ***Машқҳои 29-30***

# МУҚАДДИМА

Ин фасл дар бораи корҳое суҳбат мекунад, ки ҳангоми бад шудани робитаҳо байни падару модар ва фарзандон бояд онро анҷом дод. Мо бештар рӯи равиши бархӯрд бо сахтиҳо ва мушкилот тамаркуз мекунем ва ба ақиб бар намегардем, то худамонро бипурсем, ки дар кадом яке аз ҷанбаҳои вазифаҳои падариву модарӣ кутоҳӣ намудем. Ин фасл масъалаҳои асабоният, ғазаб, саркашӣ ва рафтори бадро дар марҳалаи навҷавонӣ шомил мешавад. Инчунин дар бораи робитаҳои озодона бо фарзандон ҳамчун василаи ғолиб омадан бар мушкилоте, ки бо фарзандонамон рух медиҳанд, баҳс мекунад. Ба ҳамин хотир, мушкилот ҳарчанд бузург ҳам бошанд, наметавон онро ҳал намуд, магар бо сабр, тамаркуз ва тахассус.

Ҳеҷ гуна замонати комиле барои комёбии робитаҳои инсонӣ вуҷуд надорад. Ва ин амр шомили робитаҳои байни падару модар ва фарзандон низ мешавад. Пас эҳтимоли бад шудани умур вуҷуд дорад ва одатан ин кор ба вуқӯъ мепайвандад. Вақте ба ифтихор ба фарзандат, ки нав ба дунё меояд, менигаристӣ, дар он лаҳза умеду хушбинӣ вуҷудатро фаро мегирифт ва аз Худованд талаб менамудӣ, ки бароят вақтеро муяссар намояд, ки бо фарзандат ба хубӣ онро сипарӣ намоӣ ва аз тарафи фарзандат муҳаббат ва эҳтиромро таваққуъ доштӣ ва бо худат мегуфтӣ: “Шакке нест, ки байни мо робитаҳои хуб ва муфид барқарор хоҳанд шуд”.

Баъд аз 15 сол худатро хитоб намуда, мегӯӣ: “Аз мо чӣ хато гузашт?” Тамоми вазифаҳоямро ба комилтарин ваҷҳ иҷро намудам ва беҳтарин доштаҳоямро тақдими фарзандам кардам ва тамоми талошҳоямро дар тарбияи фарзандам бо муҳаббату интизом ва имондорӣ анҷом додам. Пас чаро фарзандам дар ин синни навҷавонӣ ба ин намунаи бад табдил ёфтааст?

Яке аз волидайн ба даҳшат меафтад вақте мебинад, ки фарзанди зиракаш, ки донишҷӯи муваффақ ва солим буд, дар ҷанбаҳои отифӣ ва равонӣ танқисӣ мекашад. Шояд баъзе падару модарон мулоҳиза намекунанд, ки фарзандашон аз мушкилоти отифӣ ва равонӣ ранҷ мебаранд, бахусус агар ҳолаташ дар мактаб хуб буда, ҷисму ақлаш солим бошанд. Ӯ шояд аз ин нигоҳ дуруст бошад, вале аз нигоҳи равонӣ комил набошад. Имкон дорад, ки аз тарафи муаллимон ё ҳамсинфону наздикон ба падару модар хабар дода шавад, ки фарзандашон аз нигоҳи рӯҳӣ ва отифи камбудӣ дорад. Пас бояд падару модар дар пайи ҳалли мушкили фазандашон шаванд ва роҳҳои дуруст намудани лозимиро қадам ба қадам пайгирӣ намоянд.

Шояд дар хонавода корҳо бад шаванд, вале дуруст нест, ки падару модарро сабаби он бидонем ва онҳоро маломат намоем. Писар ва ё духтарат ҳамеша дар дигаргунӣ ва тағйир мебошад ва аз марҳалаи тифлӣ ба марҳалаи балоғат гузаштан бо худ душворӣ ва сахтиҳои зиёдеро дорад, ки набояд падару модар аз он битарсанд, зеро ба воситаи тарбияи дурусти оилавӣ бар ин мушкилот ғолиб омадан мумкин аст ва аз ин тарбия таҷрибаи муфид эҷод мешавад. Тарбияи оилавии муваффақ ба омилҳои гуногун монанди орзуҳо, ояндабиниҳо ва дуоҳо бар мегардад ва илова бар он касби маърифат ва малакаҳои гуногун низ шомили он мешаванд ва инчунин ба роҳнамоиҳои падарону модарони дигар, ки аз таҷрибаҳои худашон мегӯянд, низ вобастагӣ дорад.

Модаре мегӯяд: “Мо дар яке аз ноҳияҳои наҷандон калоне зиндагӣ мекунем ва фарзандони мо беҳтарин мактабро хатм кардаанд. Мо бо онҳо вақтҳои бисёреро гузарондем ва фаъолиятҳоеро анҷом додем, ки робитаҳои оилавии моро устувор намоянд, монанди лагерҳо, бозиҳои рӯи барф ва оббозӣ. Вале ҳоло писарам баъд аз он, ки мағозаеро дуздиданд, дар зиндон аст ва дар пояш тир ҳам хӯрдааст. Худамонро бисёр пурсидем, то андозае, ки аз пурсиш боз истодем: Мо чи хатоеро муртакиб шудем? Дар синни бисту се солагиаш ӯ бо гурӯҳе ҳамроҳ шуду мағозаеро ғорат карданд”.



## АСАБОНИЯТ, САРКАШӢ, ҒАЗАБ ВА АШКҲО

Фарзандон нашъунамо ва таълимро идома медиҳанд ва дар ин раванд андозаи ҳукмравоии падару модарашонро бар болои худ месанҷанд. Шояд ин раванд бо мурури замон ба ҷанг байни хостаҳо табдил ёбад ва насиҳатҳои тулонии падару модар наметавонанд фарёдҳо ва азияти онҳоро дар хона ва иҷрои хостаҳои фарзандони якравро боз доранд. Гоҳо кӯдакони хурдсол даст ба силоҳи гиряи тулонӣ мезананд, то аҳамияти диграронро ҷалб намуда, ба хостаҳояшон бирасанд. Бо ин корашон онҳо метавонанд ба падару модар таъсир расонанд ва осонтарин кор барои падару модар таслим шудан ба хостаҳои онҳо мебошад. Ин хатои бузург аст, ки натиҷаи он дар да-

розмуддат маълум мешавад. Зеро таслим шуданашон ба ин равиш ва ба фарзандон аҳамият доданашон дар вуҷуди фарзандон ин эътиқодро ҷой медиҳад, ки гиря метавонад дар ҳама ҳолатҳо натиҷа диҳад. Ин гуна мушкилот бо доду фарёд ва задану маҷбур кардан роҳи ҳалли худро намеёбанд. Пас роҳи ҳал равиши оқилона барои тарбияи фарзандон, таълими эҳтиром ба қоидаҳои хосси хонаводаро ба онҳо ва супоридани роҳбарии корҳоро ба дасти падару модар мебошад.

## Баъзе равишҳои ҷазои фарзанди хашмгин

Интизом рафторро пухта менамояд ва ҷазо онро ором мекунад.

- Бо садои оддӣ суҳбат намуда, барояш оқибатҳои рафтори бад ва саркаширо баён намо. Агар ин бархӯрд натиҷа надод, пеш аз қабули ҳар гуна бархӯрд рӯ ба иртиботи савтӣ ва басарӣ биёр ва аз лаҳни ҷиддӣ ва садои ором кор бигир ва рӯ ба садои баланд наёр.
- Коре кун, ки фарзанд эҳсос намояд, ки ту ҷиддӣ ҳастӣ ва мустақим ба чашмонаш нигоҳ кун ва якчанд маротиба бо нармӣ ва оромӣ ба таври возеҳ ва ошкор барояш шарҳ деҳ. Агар ба ту гӯш надод, дар он ҳолат ба ӯ наздик шуда, аз иртиботи савтӣ ва басарӣ кор бигир ва ин корро бо намрӣ якчанд маротиба анҷом бидеҳ.
- Агар ин роҳҳо натиҷа надоданд, дар он сурат қоидаи оқибатҳоро ба кор бигир. Ба фарзанд оқибатҳои корашро баён кун, ки агар туро итоат накунад, бояд ин ҷазоҳоро ба иҷро бирасонӣ ва ба ҷазоҳо аҳамият диҳӣ, то эҳтиромро бар ӯ лозим бидорӣ. Ва агар чунин накунӣ, туро дар иҷрои ҷазоҳо ҷиддӣ намедонад. Агар фарёд мезанад ва нолиш намуда, бо роҳҳои гуногун ғазабу норизоятиашро баён медорад, ту ҳам бо ҳамин равиш бархӯрд накун, балки ба ӯ оқибати корашро баён намо ва ба ӯ вақти муайянеро ёдоварӣ кун, ки мехоҳӣ дар он вақт ҷазоро ба иҷро бирасонӣ. Аз ӯ талаб накун, ки ба талаботи ту фавран иҷобат намояд. Агар гуфтаатро иҷро кард, ӯро ба ҳолаш бигузор ва аз вай дур шав.
- Корҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки падару модар метавонанд онро иҷро намоянд. Фарзандатро назорат кун ва ӯро биомӯз, ки кадом корҳоро дӯст медорад ва чӣ чизе ӯро ғамгин мекунад, ва аз кори дӯстдоштааш то як замоне маҳрум ва манъаш намо, масалан аз бозии дӯстдоштааш ё рафтан назди дӯст ё ҷои дигар. Ҳамин ки аз ин рафтораш боз истод ва кирдорашро тағйир дод, ба ӯ мукофот деҳ ва ҳангоми додани мукофот бо вай бо

меҳр бархӯрд намо. Ва агар фарзанд ин хатояшро идома диҳад, маҷбур мешавӣ ҷазоҳоро яке пас аз дигар ба иҷро бирасонӣ.

- Кунҷеро барои тифли хурдат интихоб намо ва ӯро дар он ҷо бигзор ва ором корҳоятро идома деҳ, то замоне, ки бахшиш пурсад ва чун бахшиш пурсид, ӯро бубахш ва хатояшро фаромӯш кун, то дар хона фазои ором ва хуб эҷод гардад. Эҷоди “кунҷи ҷазо”, ки махсуси ҷазо додан мебошад, тифли хурдро ноором мекунад ва дар он ҷо эҳсос мекунад, ки бо дигарон нест ва ҳангоми дар он ҷо буданаш бо вай суҳбат накун, зеро вақти дар макони ҷазо буданаш бо касе набояд суҳбат намояд ва дар маконе танҳо бимонад, ки сабаби нороҳатиаш гардад, бар хилофи утоқи хобаш. Беҳтар аст муҳлати дар он ҷо буданаш як чанд дақиқа муайян шавад ва агар кӯшиш кард сухан бигуяд ва ё бо ғазаб сухан бигӯяд, ин корҳояшро нодида бигир.

- Агар фарзанд кори хубе анҷом дод, ба ӯ мукофот деҳ, агарчӣ хурд ҳам бошад. Ва ба ӯ ришва надеҳ, то рафтори хуберо анҷом диҳад, ва ё вақте, ки ғазаб мекунад, зеро ин кор аз роҳҳои ҳалли муносиб ба шумор намеравад, ки фарзанд аз он чизи муфидеро биомӯзад.

## ТУ ВА ФАРЗАНДАТ: ИСЁН ВА ТАҲҚИР

Таҳқир таъсири бузург бар фарзандони мо дорад ва барвақт ошкор шудани нишонаҳои он моро водор месозад, то аз бисёр дарду нооромиҳо иҷтиноб намоем. Таҳқир бар фарзандат вақте ба вуҷуд меояд, ки аз тарафи дигарон мавриди масхара, хушунат ва ҳуҷум қарор гирад. Беҳтар аст падару модар ба ин амр аҳамият диҳанд, зеро бисёре аз фарзандон вақте мавриди чунин ҳодисаҳо қарор мегиранд, метарсанд ба падару модар хабар диҳанд. Бинобар ин, ба ҳар рафтори ғайриоддии фарзандат аҳамият деҳ ва вақте аз вай кори ғайриоддие сар зад, бо вай бо нармӣ бархӯрд намо. Дар интернет сайти махсусе дар бораи таҳқир ва роҳҳои ҳалли он вуҷуд дорад *(http://www.bullying.co.uk)*, ки дар он аз ҷумла навишта шудааст:

“Ҳар сол тақрибан 16 тифл дар Британия ба сабаби таҳқир рӯ ба худкушӣ меоранд ва мактабҳо одатан мегӯянд, ки намедонистанд чӣ гап будааст, вале касоне, ки дигаронро таҳқир мекунанд, медонанд, ки чӣ кор мекунанд ва киро таҳқир мекунанд. Вақте яке аз талабаҳо мемирад ё бемор ва ба табобати равонӣ муҳтоҷ мешавад, дар он замон фурсат аз даст рафтааст ва пушаймонӣ фоидае надорад”.

Сайти *http://www.bullying.co.uk* рӯйхати якчанд нишонаеро гузоштааст, ки далолат бар ин менамоянд, ки фарзандат мавриди таҳқир қарор дорад ва ин нишонаҳо чунин мебошанд:

- Либосҳои дарида
- Гум кардани пул
- Мухолифат бо дӯстоне, ки хуб буданд
- Якравӣ ва бархӯрди нодуруст
- Оромӣ ва гӯшанишинӣ
- Хоҳиши зиёди дар хона мондан
- Душманӣ бо бародарону хоҳарон
- Паст гаштани дараҷаи дарсхонӣ
- Мушкилот дар хобравӣ
- Ноороми ва беқарорӣ
- Бо ҷароҳат ва захм ба хона баргаштан
- Талаби харидани чизҳои нав ба ҷои чизҳои дуздидашуда

## Вақте писарат мавриди таҳқир қарор гирифт, қадами баъдӣ чист?

Фарзандон намехоҳанд дар бораи мавриди таҳқир қарор гирифтанашон суҳбат кунанд. Ба ҳамин хотир роҳи бархӯрди падару модар бо ин мушкил бисёр муҳим ва лозим аст. Роҳи ҳал иҷтиноб аз пофишорӣ дар бархӯрд аст. Набояд дар ин мавзӯъ аз фарзандат саволҳои мустақим пурсӣ ва ӯро дар ҳолати мушкил қарор диҳӣ. Масалан, аз вай пурс: “Имрӯз мактаб чӣ гуна буд?” Шояд чунин саволҳо барои баровардани мушкилоти дохилии онҳо беҳтар бошанд. Шояд баъзеҳояшон нахоҳанд дар бораи рӯзи дарсхонӣ нақл кунанд, зеро ин корро дар ҳаёту хусусиятҳои шахсиашон дахолат кардан медонанд ва онро бозпурсӣ меҳисобанд. Ба ҳамин хотир, ҳар як рафтори ғайриоддӣ бисёр муҳим аст.

Бояд талош кард, то фарзандон ҳангоми суҳбат бо падару модар худро озод ҳис кунанд ва дар бораи таҳқиру озор ошкоро ба волидайн нақл карда тавонанд. Ин бисёр масъалаи муҳим ва зарурӣ аст. Лозим аст, ки аз марҳалаҳои тифлиашон озодона бо падару модар суҳбат карданро одат намоянд, зеро ин кор онҳоро имконият медиҳад, то дар бораи мушкилоташон нақл кунанд. Ин одат ба онҳо эҳсоси наздики бо хонаводаро медиҳад ва ин амал вақт ва талоши бисёреро муҳайё месозад. Модоме, ки фарзандат ҳангоми суҳбат ва нақли чунин мушкилот эҳсоси оромӣ ва роҳат накунад, аз вай дар бораи мушкилоташ пурсидан ҳеҷ фоидае нахоҳад дошт.

## Қадамҳои пешниҳодӣ барои татбиқ ҳангоми таҳқир

Қадами аввал барои ҳалли мушкили таҳқир наздик будан бо мактаби фарзанд аст. Қадами дуюм вохӯрдан бо муаллими фарзанд ва суҳбат бо вай мебошад.

- Фарзандатро ёд надеҳ, ки ба таҳқир ҷавоб диҳад, зеро дар ниҳоят ин роҳи ҳал нест ва шояд ҳам мушкилоти зиёдеро ба бор орад. Задани талабаи дигар ҳеҷ фоидае надорад, зеро имкон дорад фарзандат муддате аз дарс хондан маҳрум ё аз мактаб ронда шавад.
- Ту бояд ҳамчун падар ё модар оромии худро ҳифз кунӣ ва лозим нест норoҳат шавӣ ва зуд бо падару модари талабае, ки фарзандатро таҳқир мекунад, дар тамос шавӣ. Бо вуҷуди ин, аввалин кори падару модар ҳамин мебошад, вале баъзе вақтҳо корро бадтар мекунанд. Пас беҳтар аст яке аз роҳбарони мактаб бо падару модари он талаба дар тамос шаванд.
- Бо фарзандат бештар суҳбат намо, то яқин намоӣ, ки ин таҳқир поён ёфтааст. Агар чунин нест, дубора бо роҳбарони мактаб дар тамос шав.
- Фарзандатро кумак намо, то бо боварӣ ба худаш ба таҳқир бо нармӣ бархӯрд кунад ва ин амр барояш ҳунари мубориза ва ҳимояи худашро меомӯзад. Дар ин мавзӯъ барномаҳои зиёде вуҷуд доранд.
- Усули саломатии махсуси кӯдаконро ба фарзандат ёд деҳ ва фаҳмон, ки ҳангоми эҳсоси таҳқиру озор чӣ гуна аз калонсолон кумак хоҳад. Бо вай суҳбат намо ва ба ӯ фаҳмон, ки аз кӣ кумак хоҳад ва ӯро машқ деҳ, ки чӣ гуна кумак пурсад ва ҳангоми кумак пурсидан чӣ гӯяд ва инчунин ин корро ба шакли намоиш анҷом деҳ. Ба ӯ фаҳмон, ки дар бораи таҳқиру фишор хабар диҳад. Ин амр бисёр муҳим аст ва ҳеҷ айбу гуноҳе надорад.
- Аз муаллимон бихоҳ, ки барои фарзандат корҳову фаъолиятҳоеро дар вақтҳои холигӣ ва дар ҷои амн фароҳам намоянд.
- Аз сайтҳои илмӣ дар Интернет машварат гир.
- Рафтори падарону модарони дигар дар чунин ҳолатҳоро омӯз ва равиши онҳоро ёд гир.

## НАВҶАВОНОН: НАҚДИ МАФҲУМИ НАВҶАВОНӢ

Шояд марҳалаи навҷавонӣ мушкилтарин марҳалаҳои тарбияи фарзанд бошад. Доктор Имодуддин Аҳмад мегӯяд: “Агар барои навҷавонон фазои озод фароҳам шавад, имкон дорад дар оянда роҳбар шаванд”. Сипас наҷавониро муаррифӣ менамояд, ки аз синни балоғат то синну соли ҷавонӣ мебошад ва балоғат дар ҷомеаҳои гузашта ибтидои синни

ҷавонӣ ба шумор мерафт ва динҳои осмонӣ дар ин бора дар шариатҳо ва қонунҳояшон баён намудаанд. Дар Ислом духтари ҷавон замоне зан ба ҳисоб меравад, ки ҳайз бинад ва адои намоз ба ҳар кӣ ба синни балоғат мерасад фарз мегардад (барои писарон эҳтилом аст), агарчӣ машқи хондани намоз аз хурдӣ оғоз меёбад. Дар яҳудият чизе ба номи Митсва вуҷуд дорад ва он ҳам вақтест, ки ҷавон эълон менамояд, ки ман имрӯз мард шудам.

Солҳои навҷавонӣ ҳамон синну соле аст, ки навҷавонон зарурат доранд, ки масъулиятҳои мардон ба онҳо вогузор шавад, то онҳоро дар пухта шудан кумак намояд. Дар асри нав таълим намунаҳои қадимиеро, ки дар замонҳои гузашта вуҷуд доштанд, гирифтааст ва ба хотири лозим шудани таълим тамаркузи асосӣ рӯи инкор намудани ин мафҳум будааст, ки навҷавонон наметавонанд монанди ҷавонон бархӯрд намоянд. Ба ҳамин хотир онҳоро дар бисёри мамлакатҳо дар ягон вазифа намегузоранд, то таълими расмии тулониро поён надиҳанд, аниқтар то хатми мактаби миёна (17 ё 18-солагӣ) ё марҳалаи донишгоҳӣ (19 то 22-солагӣ). Рафтани ҳатмии кӯдакон ба мактаб, ки ҷои тарбия падару модарро гирифтааст, сабаб шудааст, ки чунин фикр устувор гардад, ки навҷавонон ҳанӯз хурдсол мебошанд ва ҷавонони комил нестанд. Ин амри тасодуфӣ нест, ки қонунҳо синну соли қонунии фарзандонро синни 18 ё 21-солагӣ медонанд ва дар воқеъ фарзандон дар синни 16 ё 17-солагӣ аз нигоҳи ҷисмӣ комил мегарданд ва одатан дар синни рушд пухта намешаванд, дар ҳоле, ки инсонҳо аз нигоҳи равонӣ ва отифӣ дар вақтҳои гуногуни марҳалаҳои умр комил мегарданд (шояд баъзеҳояшон то охир комил нашаванд).

Бархӯрд бо навҷавонон дар гузашта монанди бархӯрд бо инсонҳои калонсол будааст, зеро чунин бархӯрд тавоноиҳои ақлӣ ва роҳбарӣ ва пухта шудани отифаҳояшонро тақвият мебахшад. Аммо бархӯрди имрӯзӣ тақозо мекунад, ки бо навҷавонон монанди кӯдакон бархӯрд карда шавад. Ин амр дар вуҷуди онҳо тобеъ шуданро тақвият менамояд. Онҳо эҳсосси истиқлолият намекунанд ва ин эҳсос дар вуҷуди онҳо эҳсоси заъфро ба вуҷуд меорад. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ касоне, ки умрашон ба 15-солагӣ расида буд, дар корҳои омӯзишӣ, тироҷоратӣ, иҷтимоӣ, шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ иштирок мекарданд ва гоҳо мешуд, ки дар ҳамин синну сол издивоҷ мекарданд. Аммо дар ҷомеаҳои имрӯзӣ бо ин гурӯҳ монанди кӯдакон бархӯрд мешавад ва онҳо бояд мунтазири марҳалаи донишгоҳӣ бошанд, то бо онҳо бархӯрди ҷиддӣ шавад. Баъзан онҳо бояд ҳатто мунтазир шаванд, то ба мараҳали маълумоти олӣ бирасанд.

Ба таъхир гузоштани вогузории масъулият ба навҷавонон, ки ба онҳо эҳсоси муҳим будан ва нақш доштан дар ҷомеаро медиҳад, сабаби зарарҳои ҷиддӣ мешавад. Онҳо ба хотири қонеъ кардани талаботи равонии худ водор мешаванд ба роҳҳои номашруъ ва рафтори нодуруст даст

зананд. Ва ин амр сабаб мешавад, ки дар ҷомеа мушкилоти ҷиддӣ ба вуҷуд ояд. Дар ибтидо, на ҳамаи наврасон тавоноии хондани дарсҳои расмиро доранд ва дар байни онҳо касоне ҳастанд, ки аз низоми дарсии мактабҳо бисёр бадашон меояд, зеро онҳо эҳсос мекунанд, ки бо занҷир баста шудаанд ва талабаҳои болаёқат ва онҳое, ки хоҳиши дарсхонӣ доранд, аз муомилаи кӯдакона бо онҳо бадашон меояд. Қонуне, ки фарзандонро то 16-солагӣ аз кор кардан боз медорад, сабаб шудааст, ки онҳо ба корҳои номашруъ монанди тиҷорати мухаддирот ва ғайра даст зананд. Онҳое, ки мехоҳанд дар ҷомеа мақоме дошта бошанд, вале қонунҳо инро ба онҳо иҷозат намедиҳанд, имкон дорад ба гурӯҳҳои ҷинояткор ҳамроҳ шаванд. Талабаҳое, ки дар дарсҳои ғайрирасмӣ ва дарсҳои пешрафта эҷодкорӣ ва навоварӣ менамоянд, дар синфҳои бонизом эҳсоси нороҳатӣ мекунанд. Баъд аз ташхис гузаронидан рӯи бисёре аз онҳо муайян шудааст, ки аз бемории камбуди диққат ранҷ мебаранд, зеро ақлҳояшон дар маконҳои дигар давр мехӯранд ва ба вазифае, ки ба онҳо дода мешавад, бо ҷиддият аҳамият намедиҳанд, зеро ин корҳоро хастакунанда медонанд ва аҳамияти онҳоро ҷалб намекунанд ва дар он ҳеҷ гуна ташвиқу тарғиберо эҳсос намекунанд.

Муолиҷаи қонунии ин мушкилот берун аз доираи ин китоб аст, вале бо вуҷуди ин падару модар бояд аз хатогиҳои ҷомеаи имрӯзӣ иҷтиноб намоянд. Бо ҷавонони болиғ монанди кӯдакон бархӯрд накун, балки бо онҳо монанди ҳамкоронат бархӯрд намо. Ҳамеша аҳамият деҳ, ки онҳо ба роҳнамоӣ ва таҷриба ниёз доранд ва дар айни замон эҳтиёҷоти онҳоро бояд бо эҳтиром ва масъулияту роҳнамоӣ дарк намоӣ. Инчунин онҳоро ташвиқ намо, то масъулиятҳои бештареро ба ӯҳда гиранд, баъзе масъулиятҳои молиро дар ихтиёрашон гузор ва дар таътилоташон иҷозати корро ба онҳо деҳ, то ба кору фаъолият одат кунанд.



Дар забони англисӣ калимаи ғазаб аз хатар танҳо бо ҳарфи d фарқ мекунад (anger-danger)

Шояд қаҳру ғазаби навҷавонон аз душвортарин эҳсосоте мебошанд, ки падару модар бо он рӯ ба рӯ мешаванд. Линда Лебел (Linda Lebelle) бо овардани ду мисоли зерин ин масъаларо баён медорад:

## ҒАЗАБИ МО ВА ҒАЗАБИ НАВҶАВОНИ МО

**Мисоли 1:** Духтари синфи нуҳ ҳис мекунад, ки ҳеҷ чиз дар зиндагӣ арзиш ва аҳамият надорад ва ҳарчанд талош мекунад, ки бо муҳиташ созгор шавад, наметавонад. Як рӯз пеш аз намоиш дар мактаб тамоми талошашро намуд, вале чун ба саҳна баромад, қарор карду натавонист идома диҳад. Ҳоло тамоми талабаҳо дар мактаб аз ин ҳодиса бохабаранд ва ӯ яқин дорад, ки ҳар боре, ки он ҳолат ёд шавад, ҳама механданд. Ин духтар мегӯяд, ки ҳеҷ гоҳ ба онҳо намегӯяд, ки чӣ қадар аз он ҳодиса эҳсоси бад мекунад ва медонад, ки дигарон чӣ фикр мекунанд ва онҳо рост мегӯянд, ки ӯ ба қадри кофӣ хуб нест. Ба ҳамин хотир ин духтар наметавонад дар мактаб бо ҳамсинфошан якҷо бошад.

**Мисоли 2.** Писари ҷавоне ба девори утоқи хобаш як зарабаи сахт мезанад, вале ин зарба барои изҳори ғазабаш кофӣ нест. Ӯ нӯшокии газдорро ба сӯи меҳмонхонаашон мепартояд ва он оби қаҳваранги ширин деворҳо ва гилемро ифлос мекунад. Ӯ бо садои баланд ба сӯи падараш дод мезанад: “Наметавонӣ маро маҷбур кунӣ! Бо ту ба ҷое намеравам! Ва ҳар коре бихоҳам, мекунам”. Баъд аз он ба поён давида, аз дари хона берун мешавад. Падараш аз пасаш медавад ва садояш мезанад, ки ба хона баргард, вале ин писар мошинеро манъ карда, меравад. Ин писар аз падараш нороҳат асту ба худ мегӯяд: «Ӯ ба корҳои дигар машғул асту он корҳоро аз оилааш болотар медонад ва кораш бо дӯстонаш сайру гашт аст». Ба ҳамин хотир ӯ намегузорад падараш ҳаёти ӯро идора кунад, зеро медонад, ки вақте банг мекашаду шароб менӯшад бештар лаззат мебарад.

### Чӣ байни ин духтару писар муштарак аст?

Ҳар дуи онҳо дар ҳолати ғазаб меҷанганд, вале ба чизи хостаашон намерасанд ва корҳо ба таври хостаи онҳо пеш намераванд ва чун нисбати касе ё чизе бадбин мешаванд, дарк мекунанд, ки вазъият зери назорати онҳо нест.

### Ғазаб эҳсос аст, на рафтор

Хашм, нафрат, ғазаб ва асабоният шаклҳои баёни ғазаб мебошанд. Чуноне дар ду мисоли дар боло зикршуда дидем духтар лаҷоми ғазабашро ба даст гирифт ва аз он ҷо дур шуд ва аммо писар саркашӣ намуда, чизҳоро мешиканад. Онҳо ин рафторашонро идома хоҳанд дод ва шояд ҳам онро бештар намоянд, то ин ки бо аҳамият ба решаҳои ғазабашон назар кунанд ва талош намоянд онро ба шакли беҳтаре идора намоянд.



## ҒАЗАБ МЕТАВОНАД ЗАРАРОВАР Ё ФОИДАОВАР БОШАД

Ғазаб ҳисси хавфноке аст ва шомили шаклҳои баёни манфии хушунатҳои ҷисмӣ, лафзӣ, таъассуб, баҳсҳо, ғайбат, рафторҳои душманона бо ҷомеа, масхара, кореро бисёр анҷом додан, ақиб кашидан ва нороҳатиҳои равонӣ мебошад. Ин ҳама дар зоти худ ҳаётро вайрон месозад, робитаҳоро қатъ менамояд, ба дигарон зарар мерасонад, корҳоро ба қафо меандозад, андешидани фаъолро банд мекунад ва ба саломатӣ таъсир расонда, ояндаро нобуд месозад. Вале ғазаб ҷанбаи дигаре низ дорад ва он ҳам баёни вуҷуди мушкилот аст. Ин ҳис моро водор месозад, то аз умуре, ки дар зиндагӣ ба мо озор мерасонанд, худамонро халос намоем, дар мувоҷеҳа бо мушкилот ба мо кумак мекунад ва моро водор месозад, то бо омилҳое, ки сабаби ғазаби мо гаштаанд, бархӯрд намоем.

**Баъзе сабабҳои ғазаб**

Озору бадгӯӣ, хастагӣ, нороҳатӣ, шаробнӯшӣ,
нашъамандӣ, садамот, андӯҳ

## ОЁ ҒАЗАБИ НАВҶАВОНИ ШУМО ҒАЗАБИ ТУРО МЕОРАД?

Навҷавонон мувоҷеҳи масоили бисёри отифӣ мешаванд, зеро мувоҷеҳи масоили худшиносӣ, ҷудоӣ, робитаҳо ва ҳадафҳо мегарданд. Робитаҳо байни навҷавонон ва волидайни онҳо дар ҳолати тағйири ҳамешагӣ мебошанд, зеро навҷавонон дар ин марҳала бештар истиқлолият пайдо мекунанд ва ин амр ноороми ва ноумедиҳоеро ба вуҷуд меорад, ки сабаби ғазаб ва амалкардҳои падару модар ва навҷавонон мегардад.

Агар мо, падарону модарон, рафтори худро тағйир надиҳем, наметавонем навҷавононро дар тағйир додани рафторашон кумак намоем. Мо ба қабули назарҳо ниёз дорем ва наметавонем танҳо ба аксуламале, ки аз якеи мо нисбати дигарамон содир мешавад, иктифо намоем. Ҳадаф аз ин гуфтаҳо инкори ғазаб нест, балки идора кардани отифаҳо ва баёни сабаби ғазабамон пеш аз вуқӯъи он мебошад, то бо ин роҳ пеш аз вуқӯъи воқеа онро пешгирӣ намоем.

Байни фурӯ бурдани ғазаб ва зери фишор қарор додани эҳсосот фарқ аст, чунки зери фишор қарор додани эҳсосот ва онро маҷбуран хомӯш кардан кори манфист ва мушкилоти равонии бисёреро ба вуҷуд меорад ва шояд ҳам мушкилоти ҷисмиеро ба вуҷуд биёрад, ки оқибати хубе нахоҳанд дошт. Ҳамин тавр эҳсосоти манфии худро аз тарси ин, ки онро ба касе изҳор кунад ё дигарон онро бидонанд, дар вуҷуди худаш ҷамъ кардан мегирад, вале Қуръони карим роҳи ҳалли равониро барои халос шудан аз саркуб намудани эҳсосот бо ибораи “фурӯ бурдани ғазаб” пешниҳод менамояд. Ин тарзи баён як равиши бисёр олии инсонии муносиб барои холӣ кардани дил аз эҳсосоти манфӣ мебошад. Бо номи диндорӣ ва бахшидан саркуб кардани эҳсосот дуруст нест ва дар ҳамин асос ҳикмати гуфтаи Худовандро ба хубӣ дарк менамоем, ки мефармояд:

***“Ва хашми худ фурӯ мехӯранд ва аз хатои мардум дармегузаранд. Худо накукоронро дӯст дорад!”***

***(Оли Имрон, 134).***

Худованд тартиби бахшиданро баъд аз баён ва берун кардани эҳсосот ба шакли инсонии воло зикр кардааст ва ин як амри табиӣ мебошад, зеро саркуб намудани эҳсосот фурсати содиқонаро барои афву бахшидан намегузорад.

## МО БАРОИ ХУД ВА НАВҶАВОНОНАМОН ЧӢ КОР КАРДА МЕТАВОНЕМ?

Ба писар ё духтари навҷавонат ба хубӣ гӯш бидеҳ ва талош кун эҳсосоташро риоя намоӣ ва бар он тамаркуз намо ва ҳаракат кун вазъиятро аз дидгоҳи фарзандат бифаҳмӣ ва бо вай отифӣ бош. Фарзандатро

маломат кардан ва ӯро муттаҳам намудан мушкилоти бештареро ба вуҷуд хоҳад овард ва робитаҳои байни шуморо камтар менамояд. Дар бораи ҳақиқати эҳсосотат ба ӯ бигӯ ва ба ҳақиқатҳо пойбанд бош ва ҳамон лаҳза бархӯрд намо ва барояш эҳтиром ва муҳаббататро баён дор. Роҳи ҳалеро ба вуҷуд биёр, ки ҳама аз мушкилот бо дасти пур берун шаванд. Ба ёд дошта бош, ки ғазаб набояд ба рафтори хушунатбор табдил ёбад. Вақте хушунат, душмании доимӣ, ноумедӣ ё хатари худкушӣ вуҷуд дошта бошад, дар он ҳолат кумаки мутахассисон ба фарзанди навҷавонат ва барои ту ва бахусус барои хонаводаат бисёр масъалаи муҳим мебошад.

## МУЛОҲИЗАҲО ДАР МАВРИДИ РОБИТАИ ХУБ

Дар дунёи маҷозӣ тамоми умур мувофики нақшаҳои кашидашуда бисёр хуб пеш мераванд, вале дар дунёи ҳақиқӣ умур на ҳамеша ба шакли хуб пеш мераванд ва аҳдофе, ки падару модар мегузоранд, усуле, ки барои он талош менамоянд, ё талошҳое, ки падару модар барои хонавода анҷом медиҳанд, танҳо дар доираи робитаҳои солим ва доимӣ амалӣ мешаванд.

Вақте ҳолат бисёр бад мешавад, нагузор ғазаб, ноумедӣ ва дилсардӣ бештар гарданд. Дар бораи мушкилот бо оромӣ биандеш ва аз василаҳои робитаҳои солим кор бигир. Имкон дорад якчанд усули робитаҳои хуброро, ки метавонанд мушкилоти ғазаб, мушкилоте, ки аз ғазаб сар мезананд, мушкилоти мубоҳизаҳо барои ба даст гирифтани фармонравоӣ дар хона, рақобатҳои марҳалаи томактабӣ, мушкилоти марҳалаи мактабхонӣ ва солҳои навҷавониро ҳал намояд.

Ба фарзандонат иҷозат деҳ, то суҳбат намоянд, ба онҳо бе худписандӣ ва бесабрӣ гӯш деҳ онҳоро ташвиқ намо, то дар бораи рӯзгузарониашон нақл кунаннд, ташвиқашон намо, то қиссаеро ҳикоя намоянд ё дар бораи мушкилоте бо ҳам баҳсу гуфтугӯ кунанд ва кӯшиш кун суханашонро қатъ накунӣ. Дар замони мо фарҳанги тамошо (телевезор, филмҳо, телефонҳои дастӣ ва Интернет) ҷои фарҳанги суханро, ки дар гузашта вуҷуд дошт ва баёни қиссаҳо ва гуфтугӯ бахши ҷудонашавандаи ҷомеа ва ҳаёт буд, гирифтааст. Сухан гуфтан манфиатҳои бисёре дорад ва ба фарзандон тавоноии дар бораи худашон суҳбат карданро медиҳад ва дар вуҷуди онҳо қувваи табиии гуфтугӯ дар бораи масъалаҳои муҳим бо падару модарро эҷод мекунад. Бо вуҷуди ин, ки вазифаҳои падарӣ ё модарият душвор гашта, сухан гуфтанро бароят мушкил менамоянд, фарзанд арзиши таҳаммули мушкилро дорад, зеро инсонест, ки рушд хоҳад кард ва дар оянда ба ӯ такя мекунӣ. Инсоне набош, ки танҳо барояш шароити моддӣ, яъне либосу таомро муҳайё намоӣ.

Робитаҳои хуб рафтори хуб ва эҳтиром ба дигаронро ба фарзандон меомӯзанд, бахусус эҳтиром ба волидайнро. Рафторатро ҳамеша назорат кун. Бояд боадаб, ҳушёр ва назоратгари рафторат бошӣ. Қарор додани фарзандон дар ҳолате, ки ба худашон эътимоду боварӣ дошта бошанд ва эҳсоси оромӣ намоянд, бисёр амри муҳим ва зарур аст. Ба қадри имкон талош кун масъалаҳои фикриро барои гуфтугӯ матраҳ намоӣ ва бо онҳо дар бораи масъалаҳои гуногун гуфтгӯ намо ва назарҳоро озодона интиқод намо, зеро ин амр онҳоро ба андешаҳои нақдгаро машқ медиҳад ва тавоноиҳои фикрӣ ва ақлиашонро рушд медиҳад. Заковату дарки фарзандонатро нодида нагир ва онро ночиз нашумор. Назарҳои онҳоро қадр кун, андешаҳояшонро, ки дар бораи мавзӯъҳои гуногун баён медоранд, рад накун. Мушкилоти асри бисту як робитаҳои электронӣ мебошанд. Ба сабаби вуҷуди василаҳои гуногуни электронӣ фурсати робитаҳои мустақими оилавӣ бисёр кам гаштаанд.

Вақтҳои хӯрокхӯрӣ фурсати бисёр муносиб барои суҳбат аст. Бинобар ин, агар падару модар телевезор ва василаҳои иртиботро ҳангоми хӯрдани хӯрок қатъ кунанд, ин амалкард сабаб мешавад, ки дар оянда, вақте бузург мешаванд, баъзе ҷанбаҳои ҳаёт барояшон осон гардад. Телевезор василаи ҷалбкунандаест, ки таваҷҷуҳи инсонро ба сӯи худ мекашад ва ҳар намуд робитаҳои амиқи оилавиро дар вақти хӯрдани хӯрок, ки беҳтарин фурсат барои устувор намудани робитаҳои оилавӣ мебошад, заиф менамояд. Кӯшиш кун, ки ба сабаби идора накардани худат вазъиятро аз даст надеҳӣ ва ба хотири идора намудани фарзандонат ба василаҳои гуногуни дигар рӯ биёр ва беҳтар аст то хашму ғазабат фурӯ нашинад, ҳеҷ кореро анҷом надиҳӣ.




Бо фарзандонат ба ҷои ин, ки дар бораи "бурҷе, ки аз дандони фил сохта шудааст" суҳбат кунӣ, ба қадри фаҳму даркашон суҳбат намо ва бо онҳо дилсӯзу меҳрубон бош. Ҳангоми суҳбат дастатро бо меҳрубонӣ ва лутф болои дасташон бигузор, ба онҳо наздик шав ва онҳоро боадабона ламс намо, то наздикиатро эҳсос намуда, аз вуҷуди ту унс бигиранд ва дар бораи эҳсосоташон озодона бо ту суҳбат карданро одат намоянд.

# МАШҚҲОИ 29-30



**Машқи 29:**

## Пурсишҳо барои падару модар ва навҷавонон ва посухҳои он

Қадами аввал барои муайян кардани ғазаб ва идора намудани он ба даруни худ назар кардан аст. Беҳтар аст волидйан ва навҷавонон бо ҳамдигар ба қадри имкон нишинанд, ба ҳамдигар саволҳои зеринро диҳанд ва дар бораи худашон сухбат кунанд, то худашонро шиносанд. Ҳадафи ин машқ шуруъ ба баҳс ва гуфтугӯ мебошад, на пешниҳод намудани ҷавобҳои дурусти мушаххас.

- Ғазаб аз куҷо меояд?
- Оё андешаҳои ман бо калимаҳои амркунанда оғоз мешаванд монанди: “бояд”, “беҳтар аст”, “ҳамеша” ва “ҳаргиз”?
- Оё тавақуоти ман ғайримантиқӣ ва ғайримаъқул мебошанд? Кадом ихтилофот байни мо роҳи ҳалли худро наёфтаанд?
- Оё ман нақше дорам вақте озор, зарар ё тарсе ба вуҷуд меёяд?
- Оё нишонаҳоеро, ки ҳангоми ғазаб дар вуҷуди ман пайдо мешаванд, монанди сахт фишор додани дастҳо, нафастангӣ, сурх шудани чашмон ва арақ кардан, дарк мекунам?
- Чӣ гуна роҳи баёни ғазабамро интихоб кунам? Ғазабамро ба чӣ ва кӣ равона кунам?
- Оё ғазабро барои дур кардани худам ё тарсондани дигарон истифода мекунам?
- Оё робитаи фаъол дорам?
- Оё тамаркузи ман бештар ба ин аст, ки ба дигарон чӣ хизмат мекунам ё ба ин аст, ки дигарон ба ман чӣ хизмат мекунанд?
- Андозаи масъулиятам ба он чизе, ки эҳсос мекунам, чӣ қадар аст?
- То чӣ андоза ба чигунагии изҳори ғазабам масъулият дорам?
- Оё эҳсосотамро идора карда метавонам?

**Машқи 30:**

## Машқи ҳалли мушкилот

Бо ду-се зану шавҳар ҷамъ шуда, дар бораи равиши бархӯрд ба ин ҷавон дар мисоли зерин баҳсу гуфтугӯ намоед ва сипас андешаҳоятонро бо равиши Расулуллоҳ (с) дар бархӯрд бо чунин ҳолат муқоиса намоед:

***Дар ҳадис омадааст:***

*«Ҷавоне назди Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: «Эй Расули Худо, ба ман иҷозат деҳ, то зино кунам».*

*Дар ин ҳолат мардум ба ӯ рӯ оварда, сарзанишаш намуданд ва гуфтанд: «Чунин магӯ».*

*Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Наздик шав».*

*Ва он ҷавон ба Расулуллоҳ (с) наздик шуд ва нишаст.*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Оё мехоҳӣ касе бо модарат зино кунад?»*

*Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Аллоҳ, Худованд маро фидои ту кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Мардум ҳам намехоҳанд касе бо модаронашон зино кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Оё мехоҳӣ касе бо духтарат зино кунад?»*

*Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Аллоҳ, Худованд маро фидои ту кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Мардум ҳам намехоҳанд касе бо духтаронашон зино кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Оё мехоҳӣ касе бо хоҳарат зино кунад?»*

*Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Аллоҳ, Худованд маро фидои ту кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Мардум ҳам намехоҳанд касе бо хоҳарҳояшон зино кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Оё мехоҳӣ касе бо аммаат зино кунад?»*

*Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Аллоҳ, Худованд маро фидоят кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Мардум ҳам намехоҳанд касе бо аммаҳояшон зино кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Оё мехоҳӣ касе бо холаат зино кунад?»*

*Ҷавон гуфт: «На, қасам ба Аллоҳ, Худованд маро фидоят кунад».*

*Расулуллоҳ (с) фармуд: «Мардум ҳам намехоҳанд касе бо холаҳояшон зино кунад».*

*Расулуллоҳ (с) дасташро бар синаи ин ҷавон гузошт ва чунин дуо кард: «Бори Илоҳо, гуноҳашро бубахш, қалбашро пок бисоз ва шармгоҳашро аз зино ҳифз намо». Баъд аз ин ҳодиса ин ҷавон ба ҳеҷ чизе аҳамият намедод»*

*(«Муснад»и Имом Аҳмад).*

Расулуллоҳ (с) метавонист ин ҷавонро насиҳат ё сарзаниш намояд, вале ӯро ба худаш бо чунин як ҳаракати отифӣ наздик намуд ва хост бо муҳаббат ва меҳрубонӣ ӯро насиҳат кунад. Ва ин амр сабаб шуд, ки насиҳати Расулуллоҳ (с) таъсир дошта бошад. Баъд аз он бо вай бо як равиши тарбиявии боадабона бархӯрд намуд ва кароматy эҳтироми шахсияташро мавриди хитоб қарор дод ва ба ӯ кумак намуд, то ин нуқтаи сиёҳро аз қалбаш берун кунад. Расулуллоҳ (с) иктифо ба ин ҳаракати падаронаи пур аз муҳаббат накард, балки дасташро рӯи синааш гузошт ва дар ҳаққаш дуо кард ва ӯро ба умури фаъоли идораи нафс роҳнамоӣ намуд ва дар насиҳаташ аз сарзаниш, фарёд задан ё таҳдид ба оташи ҷаҳаннам кор нагирифт, то ӯро аз ин кораш боз дорад.

Ин равиш барои мо фарқ байни маърифати назариявӣ ва фаҳми амиқи эҳсосоти равониро баён медорад. Ин ҷавон роҳи ҳалле барои рағбатҳои шаҳвониаш ҷустуҷӯ мекард ва Расулуллоҳ (с) дар бораи хатогиҳо мавъиза накард, балки аз фитрати солим ва замири зиндааш кор гирифт ва равиши равониро барои амалӣ сохтани ҳадафҳои динӣ ва ахлоқӣ ба кор гирифт. Ин як ҳолати ҷудогона ва нодире набуд, балки ин равиш як мактаби фикрии устувор аст, ки барои ҳалли мушкилот барнома мегузорад, то фарзандонамонро тарбия намуда, онҳоро рушд диҳем ва ҷанбаҳои эҷодкориро дар вуҷуди онҳо устувор гардонем.



# ҚИСМИ ДУЮМ (8-13)

## Тарбияи оилавӣ дар партави нашъунамои кӯдакон

**Фасли ҳаштум:** Синамаконии табиӣ

**Фасли нуҳум:** Мағзи сари кӯдак. Кор мефармоӣ ё аз даст медиҳӣ

**Фасли даҳум:** Ташаккули шахсият ва марҳалаҳои инкишоф

**Фасли ёздаҳум:** Тарбияи саломатии кӯдакон. Тозагӣ, ғизо, машқҳои варзишӣ ва хоб

**Фасли дувоздаҳум:** Тарбияи ҷинсии фарзандон

**Фасли сездаҳум:** Оё тарбияи писарон аз тарбияи духтарон фарқ мекунад?



# ФАСЛИ ҲАШТУМ
## Синамаконии табиӣ

- ***Муқаддима***
- ***Ширхорагӣ дар Қуръони карим***
- ***Фоидаҳои саломатӣ ва равонии синамаконии табиӣ***
- ***Синамаконии табиӣ ва зани коргар дар Амрико ва Британия***
  — *Омори синамаконии табиӣ дар Амрико ва Британия*
  — *Ҷои кор ва синамаконии табиӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико*
  — *Ҷои кор ва синамаконии табиӣ дар Британия*
- ***Нигоҳе ба синамаконии табиӣ дар ҷаҳони ислом***
  — *Ширҳои хушк, норасоии ғизо ва бемориҳо*
- ***Дидгоҳи Имом Ибни Ҳазм дар бораи синамаконӣ***
- ***Муддати ширхорагии табиӣ***
- ***Насиҳатҳои судманд барои модарони ширдеҳ***
- ***Намунаи ғизодиҳии рӯзона барои модарони ширдеҳ***
- ***Модари нерӯманд***
- ***Машқи 31***



## МУҚАДДИМА

Синамаконии табиӣ қадами асосӣ ва муҳим барои парвариши фарзандони солим ва қавӣ аст. Дини мубораки Ислом ташвиқ ба синамаконии табиӣ ва устувор намудани решаҳои хешовандӣ байни кӯдаконе мекунад, ки ба сабаби ширхорагӣ аз як модар бо ҳам хешованд гашта ва бо сабаби ин хешовандӣ бародари ширӣ шудаанд. Ба таври мисол, чаро ҷавоне аз Туркия бо номи Салоҳ, ки бист сола аст, наметавонад бо духтаре бо номи Фотима аз Индонезия издивоҷ намояд? Зеро Салоҳ вақте як сола буд модари Фотимаи индонезӣ ба ӯ шир додааст ва ин синамаконӣ Салоҳро бо Фотима бародару хоҳари ширӣ намуда, бинобар ин издивоҷи Салоҳ бо хоҳараш Фотима ҳаром аст. Илова бар ин хоҳарон, аммаҳо ва холаҳои Фотима барои Салоҳ ҳаром гашта, ӯ наметавонад ба сабаби ин ширхорагӣ бо онҳо издивоҷ намояд, чун онҳо маҳрамҳои Салоҳ ба шумор рафта ва бинобар ин аст, ки онҳо метавонанд дар ҳузури Салоҳ ҳиҷоб ба сар накунанд. Ба осонӣ метавон робитаҳои хунӣ ва хешутаборӣ, ки бар асоси издивоҷ ва ҳамин гуна робитаҳои бародарии исломиро, ки бар асоси имон ва ақида ба вуҷуд меоянд, дарк намоем. Аммо инро чӣ гуна метавон фаҳмид, ки кӯдакони бегона бо хӯрдани микдори муайяне аз шири як зан бо ҳам маҳрам ва аз ду шахси бегона ба хоҳару бародар табдил меёбанд? Ин худ яке аз намунаҳоест, ки яке аз ҷанбаҳои аҳамияти шири модарро барои мо ошкор месозад.

Биёед дар мавриди интиқоли хуни як шахс ба шахси дигар аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Ҳатто агар хуни як шахс ба таври комил ба хуни шахси дигар иваз карда шавад ҳам миёни онҳо ҳеҷ гуна роби-

таи хешовандие ба вуҷуд намеояд, агар ҳам ивазкунии хун борҳо сурат гирад. Додани хун дар ҳолати зарурат ва вазъиятҳои истисноӣ ба миён меояд, ҳамон гуна, ки пайванди аъзои бадан дар беҳтар сохтани ҳолати зиндагии мо таъсири мусбат дорад. Вале ин ду ҳолат ба ҳар гуна ва андозае, ки сурат гиранд, дар эҷоди хешовандӣ ҳеҷ таъсире надоранд.

Фақиҳон вуҷуди банки шири модар дар Исломро ҳаром медонанд ва дини мубини Ислом мақоми хешовандиро бар асоси ширхорагӣ ва насаб қарор додааст, чунончи Расулуллоҳ (с) мефармоянд:

*“Он чӣ, ки ба сабаби насаб ҳаром аст, ба сабаби ширхорагӣ низ ҳаром мегардад”*

*(«Саҳеҳ»-и Бухорӣ).*

Ин ба он маъност, ки агар тифле шири зани ношиносеро бихӯрад, имкон дорад бо хоҳар, амма ва ё холаи ширии худ издивоҷ намояд, магар ки онҳо аз ҳамдигар мерос намебаранд. Ин ҷост, ки ҳикмати ин гуфтаи Худовандро дарк хоҳем кард:

***“Модаронатон ва духтаронатон ва хоҳаронатон ва аммаҳоятон ва холаҳоятон ва духтарони бародарон ва духтарони хоҳаронатон ва заноне, ки шуморо шир додаанд, ва хоҳарони шириятон ва модарони занонатон бар шумо ҳаром шудаанд. Ва духтарони занонатон, ки дар канори шумо ҳастанд, ҳар гоҳ бо он занон ҳамбистар шудаед, бар шумо ҳаром шудаанд. Вале агар ҳамбистар нашудаед, гуноҳе муртакиб нашудаед. Ва низ занони писароне, ки аз пушти шумо ҳастанд, бар шумо ҳаром шудаанд. Ва набояд ду хоҳарро дар як замон ба занӣ гиред, ғайри он ки пеш аз ин чунин карда бошед. Албатта Худо омурзанда ва меҳрубон аст”***

***(Нисо, 23).***

Аҳамияти Қуръони карим ба синамаконӣ дар ду соли нахуст бинобар он аст, ки миёни модар ва фарзанди ӯ муносибати пурмуҳаббатро ба вуҷуд меорад, зеро набуд ва ё камбуди муҳаббат ва меҳрубонӣ сабаби пайдоиши бемориҳои гуногун дар вуҷуди тифл мегардад. Дар конфронсе, ки бо сарпарастии собиқ президенти Амрико Бил Клинтон дар Қасри сафед доир гардида буд, коршиноносон бо далелҳои қотеъ таъкид намуданд, ки “зеҳни кӯдакон аз нахустин лаҳзаҳои таваллуд фаъол гашта, тавассути нахустин таҷрубаҳои худи онҳо ташаккул меёбад” *(Begley and Wingert, 1997).* Аз инҷо бармеояд, ки ду соли нахусти синамаконии табиӣ дар ташаккулёбии зеҳн ва андешаронии тифл саҳми бузург дорад.

**Бар асоси дидгоҳи бештари фақиҳон барои собит шудани маҳрамият аз роҳи ширхорагӣ панҷ шарт вуҷуд дорад:**

- Синамаконӣ панҷ маротиба ё бештар аз он бошад.
- Ҳар синамаконӣ бояд ба шикамсерӣ бошад.
- Ҳар синамаконӣ бояд ҷудо аз ҳам бошад, на пай дар пай.
- Ҳар синамаконӣ бояд аз сӯи шоҳидони одил собит гардад.
- Синамакониҳои панҷгона бояд қабл аз расидани тифл ба синни дусолагӣ сурат гиранд.

**Хулоса:** Панҷ маротибаи синамаконӣ бояд ба андозаи сер шудани тифл, ҷудо аз ҳам ва то дусолагӣ ӯ анҷом ёбад.

## ШИРХОРАГӢ ДАР ҚУРЪОНИ КАРИМ

Қуръони карим дар оятҳои зерин ишора ба ширхорагӣ менамояд:

***1. "Модароне, ки мехоҳанд шир доданро ба фарзандони худ комил созанд, ду соли тамом ширашон бидиҳанд. Хӯроку либоси онон ба ваҷҳе неку бар уҳдаи соҳиби фарзанд аст ва ҳеҷ кас беш аз қудраташ таклиф намешавад. Набояд ҳеҷ модаре ба хотири фарзандаш зиёне бубинад ва ҳеҷ падаре ба хотири фарзандаш. Ва вориси падар низ чунин бар уҳда дорад. Ва агар падару модар бихоҳанд, бо ризоят ва машварати якдигар фарзандашонро аз шир бозгиранд, муртакиби гуноҳе нашудаанд. Ва ҳар гоҳ бихоҳед касе дигарро ба шир додани фарзандатон гиред, агар музде неку бипардозед, гуноҳе нест. Аз Худо битарсед ва бидонед, ки Ӯ ба коре, ки мекунед, биност!"***

***(Бақара, 233).***



***2. "Одамиро дар бораи падару модараш супориш кардем. Модараш ба ӯ ҳомила шуд ва ҳар рӯз нотавонтар мешуд ва пас аз ду сол аз шираш бозгирифт. Ва супориш кардем, ки Марову падару модаратро шукр гӯй, ки бозгашти ту назди Ман аст"***

***(Луқмон, 14).***

***3. “Одамиро ба некӣ кардан бо падару модари худ супориш кардем. Модараш бори ӯро ба душворӣ бардошт ва ба душворӣ бар замин ниҳод. Ва муддати ҳамл то аз шир бозгирифтанаш сӣ моҳ аст то чун ба синни ҷавонӣ расад ва ба чиҳилсолагӣ дарояд, гӯяд: «Эй Парвардигори ман, ба ман биёмӯз то шукри неъмате, ки бар ман ва бар падару модарам ато кардаӣ,ба ҷой орам. Коре шоиста бикунам, ки Ту аз он хушнуд шавӣ ва фарзандони маро солеҳ кун. Ман ба Ту бозгаштам ва аз таслимшудагонам»”***

***(Аҳқоф, 15).***

***4. “Ҳар ҷо, ки худ сукунат кунед, онҳоро низ ба қадри тавонии худ маскан диҳед. Ва то бар онҳо танг гиред, маёзоредашон. Ва агар ҳомила буданд, нафақаашонро бидиҳед, то вазъи ҳамл кунанд. Ва агар фарзанди шуморо шир медиҳанд, муздашонро бидиҳед ва ба ваҷҳе неку бо якдигар маслиҳат кунед. Ва агар мувофиқат накардед, аз зане дигар бихоҳед, ки кӯдакро шир диҳад. Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад ва касе, ки тангдаст бошад, аз ҳар чӣ Худо ба ӯ додааст, нафақа диҳад. Худо ҳеҷ касро ғайри он андоза, ки ба ӯ додааст, вазифадор намесозад ва ба зуди Худо пас аз сахтӣ осонӣ пеш орад”***

***(Талоқ, 6-7).***

Мавориди марбут ба ширхорагӣ дар чаҳор ҷои Қуръони карим баён гардида аст, ки дар бархе аз онҳо ба ташвиқи модарон пардохтааст то тифли худро ба муддати ду сол шир бидиҳанд, ҳамон гуна, ки падаронро низ ташвиқ менамояд то дар синамаконии табиии фарзандон саъйу талош кунанд. Дар мавориди дигаре дар Қуръони карим ба некӣ кардан ба падару модар, бавижа ба модарон чун онҳо сахтиҳои ҳомиладорӣ ва ширдиҳиро ба дӯш доранд, тавсия шудааст.




**Дар партави оятҳои дар боло зикршуда метавон ба чунин хулоса омад:**

Масъулияти харҷ ва нафақа бар дӯши модар, агарчӣ талоқ шуда бошад ҳам, нест, то модар битавонад ба таври комил машғули тарбияи тифл гардад. Шариати исломӣ бинобар синамаконии табиии атфол баъзе аз ибодатҳоро барои занони мусалмон (бавижа модарон) тахфиф намудааст. Онҳо бинобар доштани масъулиятҳо аз адои намозҳои панҷгона бо ҷамоат ва намози ҷумъа маъзур дониста шудаанд.

Ҳамчун осонӣ ба занон ҳатто баъзе аз ибодот аз онҳо бардошта шудааст, то битавонанд дар қадами аввал машғули нигоҳубину тарбияи фарзандони худ бошанд ва ин масъулияти ҳассос бар дӯши мураббияҳо вогузор карда нашавад.

Ҳар тифл нахуст дар ду соли авали ҳаёт ниёз ба меҳру муҳаббат ва дар ростои тарбияи ҷисмонӣ ва равонӣ такя ба дигарон дорад. Шишаи пластикие, ки шири хушк дорад, наметавонад ҷойгузини оғӯши гарми модар ва меҳру муҳаббати ӯ бошад ва шояд ҳам тифл ба сабаби норасоии шири табиӣ дар маърази зарарҳои ҷисмӣ ва равонӣ қарор гирад.

Дар даврони хилофати исломӣ ба синамаконии табиӣ низ аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд. Дар замони хилофати Умар ибни Хаттоб (р) (асри ҳафтуми мелодӣ) барои ҳар як тифли навзод ҳуқуқи молии муайян, ба монанди кумакҳои иҷтимоии замони муосир, ҷудо мешуд, то тифл аз синамаконии табиӣ ба хубӣ бархӯрдор бошад *(Маҷаллаи «Ҳақ», 1967).*



Модере, ки ба сабаби норасоии шир натавонад тифлашро шир диҳад, зане, ки ба ӯ шир медиҳад, дар ҳама умур, ғайр аз мерос, модари ӯ мешавад. Фарзандони ин зан ҳама барои ин тифл бародарону хоҳарони ширӣ ва шавҳари ин зан падари ширии ин тифл маҳсуб гардида, издивоҷ бо ҳама фарзандони ин зан барояш ҳаром аст. Аммо падари биологӣ масъулияти адои музди зани ширдиҳандаро бар уҳда дорад ва дар ҳоли вафоти падар ворисони ӯ масъулияти харҷи тифл то дусолагӣ, ки бештарин муддати ширхорагӣ аст, ва хароҷоти зани ширдиҳандаро бар уҳда хоҳанд дошт.

## ФОИДАҲОИ САЛОМАТӢ ВА РАВОНИИ СИНАМАКОНИИ ТАБИӢ

Шири модар ягона ғизои муносиб барои тифл аст, чун ин шир дорои биомолекулаҳои хоссе аст, ки ҷисмро аз сироят шудан ба варам ва олудагиҳо муҳофизат намуда дар тақвияти масунияти бадан, рушди узвҳо ва бештар намудани бактерияҳои фоидаовари ҷисм саҳми бориз дорад. Шири модар ҳамчунин дорои омилҳои зарурии дигарест, ки таъсири бузург барои рагҳои хунгард, асаб, рӯдаҳо ва ғадудҳои эндокринӣ дорад. Афзун бар ин, таркиби шири модар аз як синамаконӣ ба синамаконии дигар, як рӯз аз рӯзи дигар ва аз як модар аз модари дигар фарқ мекунад *(Pediatric Clinics of North America, 2013).*

Дар мақолае, ки соли 2008 дар *Environmental Health Perspectives* нашр шуда буд, ишора шудааст, ки таркиби шири модар мутобиқи замони ширхорагӣ ва ҳолати рушди тифл тағйир меёбад ва шири модар аз протеинҳо, карбогидратҳо, равғанҳо, кислотаҳои равғанӣ, витаминҳо ва минералҳо бой мебошад. Инчунин таркиби шири модар дорои чизҳое мебошад, ки бо бисёре аз бемориҳо мубориза мебарад, ва дорои моддаҳои муқовиматӣ, лейкотситҳо ва моддаҳои зидди микробӣ — пептидҳо, ситокинҳо, химокинҳо — буда омилҳои дигареро, ки барои ҳимояи бадани тифл аз бемориҳое, ки имкони дар ҳафтаҳо ва моҳҳои аввали вилодаташ ба он мубтало шуданро дорад, доро мебошад.

Ҳукумати иёлоти Уэлси Ҷанубии Нави Австралия дар гузориши соли 2011-и худ теъдоде аз фоидаҳои синамаконии табииро зикр намудааст, ки иборатанд аз:

- Шири модар дорои ғизои муносиб барои ҳазм намудани тифл ва тағзияи он аст ва таркиби он мутобиқ ба заруратҳои тифл тағйир меёбад. Бинобар ин кӯдаконе, ки қабл аз пурра шудани муддати ҳамл ба дунё меоянд ва зарурат ба гузоштан дар таҷҳизоти махсуси нигаҳдорӣ ҳастанд, шири модар бо хусусиятҳои вежаи худ худро ба вазъияти меъдаи нозуки онҳо мутобиқ мегардонад. Афзун бар ин ки шири модар нисбат ба ширҳои хушк осонҳазм ва тавони муқобила ба бемориҳо ва олудагиҳоро дорад.
- Шири модар сарчашмаи бисёр муҳими элементи химиявии рӯй (синк) мебошад, ки ҷисми тифлро бо ин элементи бисёр муҳим таъмин мекунад.
- Шир хусусияти мулоимкунӣ дорад, ки тифли навзодро дар хориҷ кардани наҷосаташ кумак мекунад.
- Шири модар ҳамеша ба ҳолати табиии худ ва дар як ҳарорати муътадил ва муносиб нигаҳдорӣ мешавад, ки ҳар гоҳ тифл зарурат ба он дошт, омодаи ошомидан аст ва ниёзе ба шустан ва пок кардани шишаи шир ва ё омода кардани ширҳои хушк намемонад.
- Синамаконии табиӣ миёни модар ва тифл робитаи равонӣ ва отифии маҳкаме фароҳам меорад.
- Синамаконии табиӣ модарро дар кам намудани вазни зиёди пас аз таваллуд кумак менамояд.
- Синамаконии табиӣ монеъи ҳомиладории зан мешавад. Зеро зан дар муддати синамаконӣ ҳайз намебинад ва бинобар ин аст, ки имкони ҳомиладорӣ дар ин муддат бисёр кам сурат мегирад (ва инро қатъ шудани ҳайз ҳангоми синамаконӣ меноманд). Пас метавон муддати синамакониро василаи табиӣ

ва бехатар барои боздоштани ҳомиладорӣ гуфт. Аммо NHS ишора намудааст, ки ин васила замоне нокофӣ мегардад, ки ба ҷои шири модар ба тифл дигар ғизоҳо дода шавад. Пас бояд модар ба таври комил тифлашро шир диҳад, яъне бояд тифл ба таври комил шири табиӣ бихурад ва танҳо пас аз шашмоҳагӣ нисбати каме аз шири хушк барояш дода шавад.

- Синамаконии табиӣ нақши муҳим дар беҳтар сохтани тавоноиҳои зеҳнии тифл дорад, зеро шири модар ҷузъиёти муҳиме барои инкишофи ҷисми тифлро дорост, ки дар ҳеҷ яке аз ширҳои хушк дида намешавад. Тифле, ки ба таври табиӣ ҳатто ба муддати як моҳ шир мехӯрад, дар имтиҳони ҳушмандӣ дар кӯдакистон ҳашт дараҷа баҳои болотар нисбат ба дигаронро дорад ва бо бештар гаштани муддати синамаконии табиӣ дараҷаи ӯ боз болотар мегардад *(BBC, 2002)*.
- Таҳқиқот нишон медиҳад, ки навзодоне, ки ба онҳо шири хушк дода мешавад, бештар дар маърази бемориҳое, ки сабаби вафоти онҳо дар соли аввали умрашон мегардад, қарор доранд *(Reviews in Obstetrics & Gynecology, 2009)*.
- Додани шири гов ва шири хушк сироят шудани тифли навзодро ба аллергияҳо бештар месозад.

Синамаконии табиӣ навзодонро аз мубтало шудан ба бемориҳои гуногун ҳифз мекунад. Дар гузорише, ки соли 2007 аз ҷониби *“Agency for Healthcare Research and Quality”* нашр шуда буд, ба чунин натиҷа расиданд:

- Синамаконии табиӣ дар паст намудани хатари мубтало шудан ба саратони сина ва бачадон барои занҳое, ки навзодонашонро сина медиҳанд, кумак мекунад.
- Синамаконии табиӣ ба муддати се моҳ нисбати хатари мубтало шудани тифл ба бемории қанди навъи 1 дар кӯдакӣ ва мубтало шудан ба навъи 2 дар калонсолиро поён мебарад.
- Синамаконии табиӣ хатари мубтало шудани модари ширдиҳандаро ба бемории қанди навъи 2, ки қаблан ба ин беморӣ мубтало нашудаанд, камтар мекунад.
- Синамаконии табиӣ ҳадди ақал ба муддати шаш моҳ хатари мубтало шудани тифл ба бемории саратони хун дар хурдсолӣ, лейкемияи шадиди лимфобластии 15-19% ва лейкемияи шадиди мағзи устухонро камтар менамояд.
- Синамаконии табиӣ яке аз сабабҳои кам шудани хатари марги ногаҳонии навзодон аст, ки ин хатарро ба 36% кам мекунад. Синамаконии табиӣ ба муддати

на камтар аз се моҳ хатари бемориҳои қафаси синаро дар хонаводаҳое, ки чунин бемориҳо надоранд, 27% ва хатари мубтало шудани атфоли то синни 10 соларо дар хонаводаҳое, ки таҷрибаи чунин бемориҳоро доштаанд, 40% коҳиш медиҳад.

- Байни синамаконии табиӣ ва омори пасти мубтало шудан ба фарбеҳӣ ва вазни зиёд дар марҳалаи наврасии тифл алоқаи зич вуҷуд дорад.
- Синамаконии табиӣ хатари мубтало шудан ба илтиҳоби мушаки дил ва шукуфаро (бемории пуст) кам мекунад.
- Навзодоне, ки ба таври комил аз хӯрдани шири табиӣ бархӯрдоранд, аз ҳама камтар дар маъразаи бемориҳои гуногуни варами меъда ва рӯда қарор доранд (камтар аз 64%, чунончи дар як таҳқиқот дар Англия омадааст).
- Синамаконии табиӣ хатари мубтало шудан ба бемориҳои роҳҳои поёнии нафасро кам менамояд. Аллакай ниёзи кӯдаконе, ки умрашон камтар аз як сол аст ва ба муддати чаҳор моҳ ва ё бештар аз он танҳо шири табиӣ хӯрдаанд, ба дармон дар беморхонаҳо то 72% кам шуда аст.
- Синамаконии табиӣ сабаби коҳиши хунравии модарон баъд аз таваллуд мегардад.
- Сина надодан ё қатъ кардани синамаконӣ пеш аз муддати матлуб хатари мубтало шудани модарон ба афсурдаҳолӣ ва рӯҳафтодагиро баъд аз таваллуд боло мебарад.

Таркиби шири ҳар ҳайвон фақат муносиби ниёзҳои фарзандонаш аст ва таркиби шири як ҳайвон аз ҳайвони дигар фарқ мекунад. Ҷадвали зер фоизи таркиби шири инсон, гов, говмеш ва бузро баён медорад, ки 88% таркиби шири онҳоро об ташкил дода ва боқимондаи он ба шакли зер аст:

Фоизи об дар шир 88% аст.

| **Манбаи шир** | **Протеинҳо %** | **Равғанҳо %** | **Қанд %** | **Минералҳо %** |
|---|---|---|---|---|
| Инсон | 1.5 | 3.5 | 6 | 0.2 |
| Гов | 3 | 4 | 4 | 0.8 |
| Говмеш | 3 | 6 | 4 | 0.8 |
| Буз | 3 | 4 | 4 | 0.8 |



(Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Вазорати кишоварзӣ, 2010)

Академияи амрикоии тибби атфол тавсия намудааст, ки ба навзодон бояд ба муддати шаш моҳ ба таври комил шири табиӣ дода шавад. Илова бар ин, вобаста ба рағбати тифл ва модараш ба муддати як сол ё бештар баъзе ғизоҳои такмилӣ муҳайё карда шавад.

## СИНАМАКОНИИ ТАБИӢ ВА ЗАНИ КОРГАР ДАР АМРИКО ВА БРИТАНИЯ

### Омори синамаконии табиӣ дар Амрико ва Британия

Омори синамаконии табиӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар миёни навзодон ба 80% расида аст. Дар соли 2012 51% ба кӯдаконашон то синни шашмоҳагӣ шир додаанд, дар ҳоле, ки ин омор дар соли 2000 ба 35% расида буд. Ва синамаконӣ ба муддати 12 моҳ дар соли 2012 ба 29% расидааст, дар ҳоле, ки ин омор дар соли 2000 танҳо 16% буд. Дар ин омор ҳар гуна синамаконии табиӣ дар назар гирифта шудааст, на танҳо синамаконии табиии холис то синни шашмоҳагӣ, ки омори он аз 10% дар соли 2003 ба 22% дар соли 2012 расидааст *(CDC)*.

Аммо дар Британия омори синамаконии табиӣ аз 76% дар соли 2005 то 81% дар соли 2010 боло рафтааст, дар ҳоле, ки дар соли 2010 36% модарон синамаконӣ ба муддати шаш моҳро идома додаанд. Аммо омори синамаконии табиии холис ба муддати шаш моҳ танҳо ба 1% расидааст.

*(NHS, 2012).*

### Ҷои кор ва синамаконии табиӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

Муҳимтарин сабабе, ки занҳоро водор месозад ба синамаконии табиӣ рағбат надошта бошанд талаботи кӯдакони навзод аст, ки дар муддати 24 соат 12 маротиба шир мехоҳанд ва муддати ҳар як синамаконӣ аз 10 то 15 дақиқа вақтро дарбар мегирад. Бинобар ин мутобиқ кардани чунин як ҷадвали синамаконӣ бо соатҳои корӣ кори сода ва осон нест.

Соли 2010 дар қонуни “Ҳимояи бемор ва нигоҳубини он” банде зери унвони “Муҳлати истироҳати муносиб” ба амал даромад. Бар асоси ин банд корфармо дар Амрико уҳдадор аст барои кормандони зан вақт, фурсат ва ҷои муносиб (ғайр аз ҳаммом) ба муддати як сол аз замони таваллуд муҳайё намояд, то зан битавонад ба роҳатӣ ва дур аз чашми мардум ширашро бидӯшад. Ва муҳлати истироҳат аз тарафи корфармо бе музд мебошад. Аммо дар сурати аз 50 нафар камтар будани кормандон ва халал ворид шудан дар раванди кори ширкат корфармо маҷбур нест чунин шароите фароҳам оварад.

*(US Department of Labor).*



Ҷоизаи ЮНИСЕФ дар соли 2013 ба ширкати John Hancock Life Insurance ба хотири омода намудани утоқҳои синамаконии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти дӯшидани шири модар, курсиҳои нарм ва яхдонҳо дар дохили бинои ширкат дода шуд. Ин ширкат ёдовар шудааст, ки теъдоди миёнаи кормандони занҳои ҳомила солона ба 300 нафар мерасад ва ин барнома аз оғози кораш маблағи $60 000 ҷудо карда аст, зеро навзодоне, ки аз модарони худ шир мехӯранд камтар дар хатари дучор шудан ба бемориҳо қарор мегиранд. Модарон низ ба хаёли фарзандон намемонанд ва пас аз таваллуд баргаштан барояшон осонтар аст ва барои муддатҳои тӯлонӣ аз кор маҳрум намегарданд. Модароне, ки ба фарзандонашон ба таври табиӣ шир медиҳанд нисбат ба онҳое, ки ба таври табиӣ шир намедиҳанд 27% камтар аз кор дур мемонанд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико навзодоне, ки ба таври табиӣ шир мехӯранд 35% камтар аз навзодоне, ки ба таври табиӣ шир намехӯранд ва ё шири хушк мехӯранд ранҷ мебаранд (*Rona Cohen*, Факултаи беморшиносии Донишгоҳи Калифорния дар Лос Анҷелес).

## Ҷои кор ва синамаконии табиӣ дар Британия

Дар Британия занони коргар, ки мехоҳанд баъд аз таваллуд ба фарзандон шири табиӣ диҳанд, бояд баъд аз таваллуд ва қабл аз дубора ба кор баргаштан ба таври расмӣ ба корфармо дархост тақдим намоянд. Чун қонуни ин кишвар талаб мекунад, ки корфармо барои занҳои ҳомила ва ширдеҳ ҷойҳои махсус омода намоянд, то модарон битавонанд онҷо истироҳат намоянд. Аммо бо вуҷуди ин ҳама дар ин кишвар қонуне вуҷуд надорад, ки корфарморо барои муҳайё кардани ҷойҳои махсус барои дӯшидани шир ва нигоҳдорӣ дар яхдон вазифадор намояд, ҳамон гуна, ки қонуне вуҷуд надорад, ки корфармо ба таври илзомӣ барои вақтҳои истироҳатӣ музд ҷудо намояд. Ҳаммом ва утоқҳои беморон ба сабабе, ки дар он шароити беҳдоштӣ вуҷуд надорад, ҷои муносибе барои занони ширдеҳ маҳсуб намешавад.

Бинобар ин корфармо бояд талаботи модаронро пурра иҷро намуда, ба андозаи муносиб дар вактҳои корияшон тағйирот ворид намояд ва фазои амн ва солимро барояшон фароҳам оварад, то аз озор ва азияти ҷинсии мустақим ва ғайри мустақим дар амон бошанд.



## НИГОҲЕ БА СИНАМАКОНИИ ТАБИӢ ДАР ҶАҲОНИ ИСЛОМ

Дар ҷомеаҳои исломӣ дар гузашта ба синамаконии табиӣ ва занони ширдеҳ аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд. Чунин як одате низ роиҷ буд, ки наздикону дӯстону ҳамсояҳо дар шир додани тифли навзод иштирок мекарданд ва ин амал дар ҷомеа хусусиятҳои хуби худро дошт. Зеро духтароне, ки дар синни 15-солагӣ ё камтар ва ҷавононе, ки дар 18-солагӣ ё камтар издивоҷ мекарданд, ниёз ба кумак ва роҳнамоии наслҳои бузургсолро доштанд, илова бар кумак ба оилаҳои бузург дар осон кардани баъзе аз мушкилоти модарони ҷавон.

Дар замони муосир дидгоҳҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар кишварҳои исломӣ дигаргун шудааст, ки онро метавон дар шаҳрҳои бузург ва минтақаҳои пешрафта ба хубӣ мушоҳида намуд. Зеро ба сабаби бозори шири хушк, таблиғоти ширкатҳои фурӯши ин маводи ғизоӣ ва ба даст овардани маблағҳои ҳангуфт, омори синамаконии табиӣ дар шаҳрҳои бузург нисбат ба минтақаҳои ғайри шаҳрӣ ба суръат дар ҳоли поён рафтан аст.

### Ширҳои хушк, норасоии ғизо ва бемориҳо

Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (WHO) ва ЮНИСЕФ бар ин назаранд, ки ширкатҳои тавлидкунандаи ғизои кӯдакон сабаби асосӣ дар марги кӯдакон дар давлатҳои рӯ ба инкишоф ҳастанд ва аз ҳукуматҳои

ин кишварҳо талаб доранд садди роҳи таблиғоти ин ширкатҳо шаванд. ЮНИСЕФ муайян намудааст кӯдаконе, ки ғизои онҳо шири хушк аст ва дар муҳити дорои бемориҳо ва нопок зиндагӣ мекунанд, аз 6 то 25 маротиба нисбат ба кӯдаконе, ки ба таври табиӣ шир хӯрдаанд, дар маъразу марг ба сабаби шикамравӣ қарор мегиранд. Ҳамин гуна кӯдаконе, ки аз хӯрдани шири табиӣ маҳрум мегарданд, 4 маротиба бештар нисбат ба кӯдаконе, ки шири модар хӯрдаанд, ба сабаби варами рӯдаҳо мемиранд. Ширҳои хушк ғизоҳои олуда ва камғизое ҳастанд, ки дорои бактерияҳои ҳалшуда дар оби нопок мебошанд ва аз сарчашмаҳои олуда гирифта шуда ба таври дуруст поксозӣ ва безарар гардонида нашудаанд.

Оби олуда, безарар нагардониданд, ба таври дуруст хунук накардан ва таҷрибаи кофӣ надоштан дар омода сохтани ғизои солим аз ҷумлаи корҳое ҳастанд, ки таъсири хатарнокии ширҳои хушкро бештар мегардонад. Гоҳо баъзе аз модарон ширҳои хушки гаронро, ба гумони ин ки ғизонокии баланд доранд ва барои тӯлонитар сер нигоҳ доштани тифл судманд ҳастанд, ба кӯдакони худ медиҳанд.

Вафоти беш аз 3 000 000 тифл, яъне 45% аз маҷмӯи вафоти солонаи кӯдакон, аз ғизои носолим сарчашма мегирад.

*(The Lancet, 2013).*

Беш аз ду сеяки ин маргу мир дар моҳҳои аввали таваллуд ба вуқӯъ меояд ва аксари ин ҳолатҳо ба нарасидани ғизои солим ва одатҳои ғизодиҳии нодуруст марбутанд, монанди истифода аз ширҳои хушк, ғизоҳои иловагии номуносиб ва ғизо додан дар вақти номуносиб.

*(WHO, 2010).*

Норасоии ғизо ҳангоми ҳомиладорӣ ва ғизодиҳии нодурусти кӯдакон сабаби рушд накардани ҷисми онҳо ва ё ҳатто бозмондан аз рушд мегардад. Кӯдаконе, ки аз норасоии ғизои солим ранҷ мебаранд, бештар дар маъразу мубтало шудан ба бемории фарбеҳӣ ва дигар бемориҳо қарор мегиранд, ки яке аз сабабҳои гирифторӣ ба бемории қанд дар оянда мегардад. Барномаи "Ғизои ҷаҳонӣ" ба ин натиҷа расид, ки ҳар шашум тифл аз тақрибан 1 миллион тифл дар давлатҳои рӯ ба рушд аз камбуди вазн ранҷ мебарад ва ҳар чаҳорум тифл дар ҷаҳон аз рушди ҷисмӣ боз мемонад, ки ин омор дар давлатҳои рӯ ба рушд ҳар сеюм тифлро ташкил медиҳад.

Синамаконии табиии матлуби кӯдакони синнашон камтар аз ду сол таъсири бузурге дар идомаи бақои ҳаёташон дорад ва метавонад имконияти пешгирӣ аз 800 000 вафот (13%) аз тамоми вафотҳои кӯдакони то панҷ сола дар давлатҳои рӯ ба инкишофро дошта бошад.

*(UNICEF, 2013, The Lancet).*

Муассисаи хайрияи “Кӯдаконро наҷот диҳед” *(Safe The Children)* муайян намудааст, ки 22% кӯдакони навзодро метавон бо синамаконии табиӣ дар соатҳои аввали таваллуд аз мурдан наҷот дод. Ва агар синамаконии табиӣ дар 24 соати аввали таваллуд оғоз гардад метавон 16% вафоти онҳоро пешгирӣ кард.

Бозори ҷаҳонии тавлиди ширҳои хушк миллиардҳо ба даст меорад ва фурӯши он дар кишварҳои бо даромади кам ва миёна солона аз 10 то 20% афзоиш меёбад, дар ҳоле ки фурӯши он дар кишварҳои бо даромади зиёд дар ҳолати наздик ба рукуд аст.

Дар кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Уқёнуси Ором аз соли 2006 то 2012 теъдоди модарони ширдеҳ аз 45% то 29% коҳиш ёфтааст.

*(Save The Children, 2013).*

Бархе аз ширкатҳои истеҳсолкунандаи ширҳои хушк ва ҷойгузини шири модар усул ва равишҳои гуногуни таблиғотиро барои қонеъ кардани модарони ширдеҳ истифода мебаранд, то битавонанд маҳсулоти худро ҳамчун беҳтарин ғизо барои кӯдакон муаррифӣ намоянд, ҳатто агар нархи он барои модарон қиммат бошад.

## ДИДГОҲИ ИМОМ ИБНИ ҲАЗМ ДАР БОРАИ СИНАМАКОНӢ

Синамаконии табиӣ ҳақи табиии навзодон болои модаронашон аст ва бояд модарон барои синамаконии фарзандони худ ташвиқ карда шаванд. Ибни Ҳазм мегӯяд:

*“Ҳар модар, озод бошад ё каниз, дар паноҳи шавҳар бошад ё дар милки хоҷа ё озод аз ҳар ду, фарзандаш ба шахсе, ки аз оби вай таваллуд шудааст, нисбат дода шавад ё не, бояд ба фарзандаш шир диҳад, хоҳад ё нахоҳад ва ҳатто агар духтари подшоҳ бошад. Ва ӯ барои шир додан ба фарзандаш маҷбур карда мешавад, магар ин ки талоқ шуда бошад. Агар талоқ шуда бошад, ба шир додан ба фарзандаш аз касе, ки ӯро талоқ кардааст, маҷбур карда намешавад, магар ин ки худи зан бихоҳад. Ӯ ин ҳақро дорад, хоҳ ба падари фарзанд ё касе, ки ӯро ба никоҳи худ даровардааст, хуш ояд, хоҳ хуш наояд”.*

*(Ибни Ҳазм, ҷ. 10).*



## МУДДАТИ ШИРХОРАГИИ ТАБИӢ

Фақиҳон дар мавриди муддати синамаконӣ ихтилофи назар доранд, аммо ҳама бар ин назаранд, ки синамаконии табиӣ набояд бештар аз ду сол бошад. Агар саломатии модар хуб ва шираш фаровон бошад, беҳтар аст на камтар аз 21 моҳ ба ӯ шир диҳад ва ду солро пурра намояд, албатта барои касоне, ки мехоҳанд муддати синамакониро комил намоянд, чунончи дар ояти зер омадааст:

***“Модароне, ки мехоҳанд шир доданро ба фарзандони худ комил созанд, ду соли тамом ширашон бидиҳанд”***

***(Бақара, 233).***

Юсуф Алӣ дар мавриди ояти 15-и сураи «Аҳқоф» чунин изҳори назар менамояд: “Бештарин муддати синамаконии табиӣ, ки ду сол аст, бо пурра шудани дандонҳои тифл, мутобиқат менамояд”. Дандонҳои пеши қисми поён аз 6 то 9-моҳагӣ мебароянд. Сипас дандонҳои дигар мебароянд, то ин ки дандонҳои ашк ва баъди 24 моҳ дандонҳои курсии хурд баромада, дандонҳои ширии кӯдак пурра мешаванд ва ӯ метавонад хӯрокро хоида, майда кунад ва аз шири модар ба таври комил бениёз гардад. Аз сӯи дигар, пас аз баромадани дандонҳои ширӣ синамаконии тифл барои модар душвор мегардад. Дандонҳои доимӣ дар синни 6-солагӣ оғоз ба нашъунамо менамоянд ва дандонҳои курсии калон дар синни 12-солагӣ мебароянд. Аммо дандонҳои ақл дар синни 18-20-солагӣ мебароянд ва ё тамоман намебароянд.

Бархе аз фуқаҳо бар ин назаранд, ки бештар аз ду сол ва ба дарозо кашидани муддати синамаконии табиӣ ба ақл, ҷисм ва руҳу равони тифл зарар мерасонад. Академияи амрикоии тибби атфол (AAP) соли 1997 ба модарон тавсия намуда буд, ки ҳадди ақал аз 6 то 12 моҳ навзодҳояшонро аз сина ҷудо накунанд. Воқеъият ин аст, ки танҳо 20% модарони амрикоӣ ба синамаконии навзодони худ бештар аз 6 моҳ идома медиҳанд. Пас аз муддате Академияи амрикоии тибби атфол ба модарон тавсия намуд, ки ҳадди ақал бояд ба фарзандони худ на камтар аз як сол шир диҳанд ва дар ин тавсияи Академия, ки фоидаҳои синамаконии табииро зикр кардааст, аз ҷумла ёдовар шудааст, ки синамаконии табиӣ хатари мубтало шудани модарон ба саратони бачадон, саратони сина ва бемории пукии устухонро (остеопороз) коҳиш медиҳад. Расулуллоҳ (с) ба

ичора гирифтани доя тавсия намудааст. Дар сурати набуди монеа ба саломатии модар нахуст бояд худи ӯ ба фарзанди навзодаш шир диҳад ва дар ғайри ин сурат метавонад занеро барои синамаконии фарзандаш ба киро бигирад. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*"Бубинед, ки бародарони (ширии) шумо киҳоянд (яъне ин амрро бояд собит намоед), зеро ширхорагӣ дар ҳолати гуруснагӣ мешавад"*

*(Бухорӣ).*

## НАСИҲАТҲОИ СУДМАНД БАРОИ МОДАРОНИ ШИРДЕҲ
(ИҚТИБОС АЗ АМИН, 1998)

Синамаконии табиӣ худ як малакаест, ки қобили беҳтару хубтар шудан аст. Ин ҷо чанд насиҳати судманд зикр хоҳад шуд, ки умед аст синамаконии табииро барои модарон як масъалаи осон ва шавқовар мегардонад:

- Қабл аз таваллуд баъзе аз китобҳоеро, ки дар мавриди синамаконии табиӣ ҳастанд, мутолеа намо. Дар шифохонаҳое, ки модарон барои курсҳои омӯзишӣ дар бораи равиши синамаконии табиӣ ва ғизо додани навзодон ва хурдсолон фаро хонда мешаванд, иштирок намуда, аз мутахассисони ин соҳа тавсияҳои судмандро барои худ касб намо. Ҳамчунин дар муассисаҳое, ки барномаҳои оид ба синамаконӣ ва ташвиқ ба онро доранд, сабти ном ва иштирок намо.
- Яке аз масъалаҳои муҳими синамаконӣ ба тарзи дуруст ва муносиб қарор гирифтан дар ҳоли шир додан аст. Бояд сари пистон ба миқдори 2.5-3.5см дохили даҳони тифл бошад. Бар рӯи тифл хам нашав ва тифлро ба худ наздик гир. Истифодаи болишт барои осонтар шудани синамаконӣ низ хуб аст.
- Бигзор тифл то холӣ шудани пистон ва суст шудани макиданаш танҳо аз як пистон шир хӯрад. Сипас пистони дуюмро ба даҳони ӯ бигзор. Зеро холӣ кардани як сина ҳар дафъаи синамаконӣ беҳтар аз он аст, ки кам-кам аз ду сина бихӯрад. Миқдори шири аввале, ки аз синаи модар берун меояд, монанди шири камравған аст, миқдори баъдӣ монанди шири серравған ва миқдори охир монанди қаймоқ аст ва ин навъи охир синамакониро ба танзим дароварда дар пешгирӣ аз гиряҳои ноҷои навзод кумак мекунад.
- Бузург шудани пистони модар сабаби бузург шудани сари пистон мешавад, ки дар рӯзҳои нахуст як амри табиист ва агар тифл натавонад аз сари чунин пистон шир бихӯрад, бояд мо-

дар миқдори каме аз ширро пеш аз гузоштани пистон ба даҳони тифл берун кунад.

- Сари пистонҳои дуруштро бо васоили нармкунанда нарм кун ва барои кам кардани дард каме онҳоро ҳаво деҳ. Сипас сари пистонҳоро каме бо маҳсулоти табиӣ, монанди равғани зайтун ё ланолини тоза бимол.
- Ҳар қадар, ки метавонӣ, об нӯш. Ҳелба ва сирпиёз низ ширри пистонро зиёд мекунад.
- Як-ду соат баъд аз таваллуд шир додани тифл бисёр муҳим аст, зеро тифл дар ин вақт дар ҳолати бедорӣ ва омодагӣ қарор дорад.
- Синамаконӣ бояд чанд маротиба бошад? Дар ду-се ҳафтаи аввал пас аз таваллуд шояд ҳам зарурат ба бедор кардани тифл барои синамаконӣ ояд ва бояд дар ҳафтаҳои нахуст пас аз таваллуд тифл ҳар се соат дар рӯз ва ҳар чаҳор соат дар шаб шири модарро бимакад. Синамаконии доимӣ ва муназзам барои бисёр ва равон шудани шир муҳим аст. Ҳар қадар ба тифл шир дода шавад, ҳамон қадар шир фаровон мегардад. Дар ҳоли ба таври муносиб бештар шудани вазни тифл монеае вуҷуд надорад, ки мутобиқи хоҳиши тифл теъдоди синамаконӣ низ тағйир ёбад.
- Хуронидани шири пистон бо зарфҳои шишагӣ. Ба навзоде, ки ба таври табиӣ сина маконида мешавад, аз додани шир бо зарфҳои шишагӣ дурӣ намоед, то синамаконӣ ба як шакли муназзам дарояд, ки ин худ одатан дар ҳафтаҳои сеюм то панҷуми пас аз таваллуд сурат мегирад. Дар ҳоли моил намудани тифл ба зарфҳои шишагӣ метавон шири модар дар зарфи шишагӣ гирифта шавад ва шахси дигаре онро ба тифл бихӯронад, ки ин осонтарин гузар ба ду равиши шир додани бо зарф ва сина маконидан аст.
- Баъзе аз кудакон худ ба як танзими муайян одат мекунанд, дар ҳоле, ки баъзеи дигар ниёз ба вақт доранд. Пас боке надорад агар модар дар рӯзҳои аввал дар танзим даровардани синамаконии тифл мувваффақ нагардад.
- Аз синамаконии табиӣ даст накашед. Модаре қисса мекунад, ки ба танзим даровардани низоми синамаконии тифлаш шаш ҳафта идома ёфта буд ва сипас бисёр осон ва хуб шуд.
- Шояд сари пистонҳои баъзе аз модарон дар ҳафтаҳои аввали синамаконӣ аз сабаби обилаҳо дард намоянд. Агар барои модаре чунин ҳолат пеш ояд қабл ва баъд аз сина додани тифл миқдори каме аз шири пистонашро берун оварда, сари пистонҳоро бимолад ва бигзорад то дар ҳаво хушк шаванд.

Модарон аз сина додани фарзандон лаззат мебаранд ва ниёзе ба омодагии пешакӣ надоранд, эҳсоси наздикӣ ба тифлро рушд медиҳанд ва онҳо аз хатари мубтало шудан ба бемориҳои гӯш дар амон мемонанд.

Модарон бояд як рӯйхати мушкилоти синамакониро тартиб дода, дар ду рӯзи нахусти синамаконӣ ба марказҳои хадамоти марбута дар тамос бошанд.

## НАМУНАИ ҒИЗОДИҲИИ РӮЗОНА БАРОИ МОДАРОНИ ШИРДЕҲ

Ғизои солим барои фароҳам овардани миқдори лозими шир дар пистони модарон ва неру бахшидан ба онҳо даври асосиро мебозад, ҳамон гуна, ки дар кам намудани вазни зиёде, ки ба сабаби ҳомиладорӣ пайдо мегардад, кӯмак менамояд. Инчунин модар бояд бештар шир бихӯрад, то дар оянда аз камбуди калсий ранҷ набарад.

### Пешниҳоди як режими ғизоӣ барои модарон

- Се ҳисса аз протеин, монанди мурғ ва моҳӣ
- Ду ҳисса аз ғизоҳое, ки аз витамини С бой бошанд, монанди афлесун.
- Панҷ ҳисса аз калсий, монанди шир ва панир
- Шаш ҳисса аз меваҷот ва сабзавот, монанди чормағз ва морчӯба (спаржа)
- Шаш ҳисса аз карбогидратҳо, монанди нони гандумӣ.
- Танҳо як ҳисса аз таомҳои аз оҳан бой, монанди гӯшти гов ва лубиё.
- Миқдори бисёр кам аз ғазоҳои равғандор, монанди панир ва шир.
- Ҳашт пиёла об
- Витаминҳо барои занҳои ҳомила ва ширдеҳ.



## МОДАРИ НЕРӮМАНД

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

> *“Муъмини тавоно ва қудратманд беҳтар аз муъмини заиф аст ва дар ҳар дуяшон хайр вуҷуд дорад”*
>
> *(Муслим).*

Муайянкунандаи “Ал” (дар калимаи «ал-қавӣ» (тавоно ва қудратманд) дар матни арабии ҳадис) мафҳуми шумулиятро дорад, ки дар луғати арабӣ мафҳуми дар бар гирифтани ҷинсро дорад. Яъне ин ҳадиси муборак ишорат ба тамоми мафҳуми қудрату тавоноӣ, аз ҷумла қуввати имонӣ ва ҷисмиро бо ҳам дорад ва ҷанбаҳои биологӣ, рӯҳи ва ахлоқиро низ дар бар мегирад.

Яке аз модарон мегӯяд: “Синамаконии тифл масъулияти зебост, бавижа дар нимаи шаб, вақте ба чеҳраи тифлонаи ӯ менигарам ва бо худ меандешам: Ман барои ӯ тамоми дунё ҳастам, пас чаро ба ӯ шир надиҳам? Хосияти отифии синамаконӣ ҳам барои ман ва ҳам барои тифлам бисёр муҳим аст”.

**Бар асоси гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса расид:**

Як миллат метавонад бо тай кардани роҳнамунҳои зер бар тамоми миллатҳои дигар аз нигоҳи неруи моддӣ бартарият пайдо кунад:

- Интихоби зану шавҳари солим аз бемориҳо.
- Дурӣ ҷустан аз тамоми намуди алоқаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷи машруъ, чун ин амр сабаби дар амон мондани падару модар ва фарзандон аз тамоми намуди бемориҳои гузаранда аст, ки аз роҳи алоқаҳои ҷинсӣ, ба монанди Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД), ба вуҷуд меояд.
- Ғизои муносиб. Падарон (ва модарони ҳомиладор) ва кудакон аз ғизоҳои солиму ғизонок, ки барои ҷисм фоидаовар ҳастанд, истифода намуда ва аз хӯрдани гӯшти хук, хун, худмурда ва ҳайвоноти нодуруст кушташуда дурӣ ва парҳез намоянд.

Қуръони карим ба нӯшидани об ва шир ташвиқ менамояд, ҳамин гуна хӯрдани асал ва меваҳо (хурмо, ангур, анҷир ва зайтун) ва истифода аз гӯшт (гӯшти мурғ, моҳиҳои баҳрӣ, гӯшти гов ва буз), сабзавот (пиёз, сир, бодиринг) ва донагиҳо (монанди нахуд, наск ва лубӣ) барои ҷисм фоидаовар ҳастанд.

- Бо пайравӣ аз шеваҳои дуруст ва солими ҳаёт, ба монанди шустани дастон қабл ва баъд аз хӯрдани таом, истифода аз дасти чап дар тамоми корҳои нопок ва истифода аз дасти рост дар хӯрдани таом ва дар як рӯз панҷ маротиба таҳорат кард, метавон аз микроб ва вирусҳо раҳо шуд.

- Дар сурати дурӣ ҷустан аз тамоми масткунандаҳо, монанди шароб ва маводҳои мухаддир ва оромкунандаҳо, монанди сигор ва ғайра, ҷанин дар раҳми модар рӯ ба инкишоф меорад, бавижа агар падару модар аз истифодаи тамоми анвоъи маводҳои химиявӣ ва зараррасон дурӣ намоянд.
- Кудаконе, ки аз синамаконии табиӣ бархӯрдоранд ба таври солим рушд намуда, тавоноии ҷисмӣ ва равонии баланд хоҳанд дошт ва дар оянда аз онҳо инсонҳои некукор ва парҳезгор ба вуҷуд хоҳад омад. Беҳтар аст рухсатии ҳомиладорӣ бештар аз ҳашт ҳафта бошад ва дар ҳоли ба модарон дода шудани рухсатии яксола барои тарбияи фарзандон ва дар оянда аз онҳо падид омадани роҳбарони болаёқат фурсати муносибтаре хоҳанд дошт. Баъзе аз кишварҳои пешрафта, монанди Ҷопон ва Олмон, модаронро ба муддати солҳо ба рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд қадрдонӣ мекунанд.

Дар охир мегӯем: Ҳафт соли нахусти умри кудакон дар ташаккули шахсияти қавию солим ва хусусиятҳои неки онҳо аҳамияти бузург дорад. Дар ин муддат метавон тарбияи дурусти фарзандон ва коштани арзишҳои волои инсонӣ дар онҳо ба роҳ андохта шавад. Роҳнамунҳои дар боло зикршуда метавонанд ҷомеаро ба як намунаи воло (ки зикри он дар Қуръони карим ба ин маъно "беҳтарин уммате, ки барои мардум фиристода шудааст" омадааст) равона кунад.

Агар худи мо барои доштани фарзандони шоиста ва некукор талош намоем, пас метавон гуфт дарвозаҳоро ба рӯи худ боз намуда, зерсохти хубе барои коштани имон дар дили онҳо гузоштаем ва роҳе барои фарогирии ҳикмат, касби маърифат ва малакаҳои гуногуни барои ҳаёт муҳимро барои онҳо эҷод намудаем. Чунин буд шеваи тарбияи Юсуфи паёмбар (а):

***"Ва чун болиғ шуд, ҳикмату донишаш додем ва некукоронро инчунин мукофот медиҳем"***

***(Юсуф, 22).***

Ҳамчунин дар мавриди ҳазрати Мусо (а) омадааст:

***"Чун ба ҳадди булуғ расид ва боқувват шуд, ӯро ҳикмату дониш додем ва некукоронро чунин мукофот медиҳем"***

***(Қасас, 14).***



Синамаконии табиӣ зерсохти маҳкаме аст, ки метавон бо роҳандозии сабабҳои зерин, беҳтарин ҷомеаро ба вуҷуд овард:

- Синамаконии табиӣ барои кудак неруи ҷисмӣ ва равонӣ мебахшад.
- Яке аз анвоъи ғизоҳои солиме аст, ки дар қиёс бо ширҳои хушк ва ғизоҳои алтернативӣ, мушаххасот ва фоидаҳои бузург дорад.
- Беҳтарин равиши ғизодиҳӣ барои кудакон аст.
- Синамаконии табиӣ дар худ пайвастагиҳои маънавӣ ва равонии устуворе дорад, ки мустақиман бар робитаҳои оилавӣ таъсири бузург мерасонад ва хонаводаи устувор хишти аввал дар ташаккулёбии як ҷомеаи устувор аст.

Дар ҳоле, ки донишҳои инсонӣ дар ҳоли рушд ва тағйир аст, ваҳйи худовандӣ барои риоя намудани баъзе аз аҳком, ба монанди воҷиб, ҳаром ва мубоҳ таъкид менамояд, ки инсонҳо дар масири зиндагӣ аз он истифода намуда роҳёб шавад. Аз ин ҷост, ки ҳикмат дар ин фармудаи Худовандро ба хубӣ дарк хоҳем кард:

***“Ин Қуръон ба дурусттарин динҳо роҳ менамояд ва муъминонеро, ки корҳои шоиста ба ҷой меоваранд, хушхабар медиҳад, ки аз музде неку баҳраманд хоҳанд шуд”***

***(Исро, 9).***

# МАШҚИ 31



**Машқи 31:**
## Баҳсу гуфтугӯ байни падарону модарон

Теъдоде аз падарону модаронро гирди ҳам ҷамъ намуда, бигзор то бо ҳам дар мавзӯи “роҳҳои тарбияи фарзанди шоиста” баҳсу гуфтугӯе дошта бошанд ва таҷрибаҳои шахсии мусбат ва манфии худро баён ва баррасӣ намоянд.

Дар маҷлиси солонаи падарону модарон дар мавзӯи “роҳҳои тарбияи фарзанди шоиста” гуфтугӯ намуданд, ки дар он шуморе аз таҷрибаҳои арзишманд матраҳ гардида, дар поёни маҷлис яке аз падарони боҳикмат ба чунин хулоса омада гуфт: “Тамоми он чӣ гуфта шуд хуб буд, аммо агар мо тамоми қоидаҳои тарбиявиро риоя намоем, боз ҳам бе неъмату раҳмати Худованд, имкон дорад фарзанд ноумедамон кунад”.

## Хулосаи маҷлиси падарону модарон чунин шуд:

Новобаста аз тамоми талошҳое, ки дар тарбияи фарзандон доред, бояд ҳамеша байни онҳо ва таҷрибаву маҳорат ва роҳнамоиҳои оилаҳои дӯстону наздикон ҷамъ намуда, сипас аз дуову тазарруъ ба даргоҳи Худованд ва талаби тавфиқ дар ин вазифаи муҳими падару модарӣ истифода намоед.

Тарбияи кудак ниёз ба хонавода, деҳа, ҷомеа, кумаки ҳамдигар ва раҳмати Худованд дорад. Аммо канорагирӣ аз ҷомеа ва дурӣ аз миёни мардум ҳеҷ гоҳ роҳи ҳал буда наметавонад.



## ФАСЛИ НУҲУМ
## **Мағзи сари кӯдак. Кор мефармоӣ ё аз даст медиҳӣ.**

- ***Муқаддима***
- ***Фурсати муносиб***
- ***Рушду инкишофи ҳуҷайраҳои асаб ва шабакаҳои мағзи сар***
  - *Биноӣ*
  - *Шунавоӣ*
  - *Мусиқӣ*
  - *Ҳаракат*
  - *Ҳифзи вожаҳо дар даврони кӯдакӣ*
- ***Тағйирот дар мағзи сар чӣ гуна ба вуҷуд меояд?***
- ***Барномаҳои томактабӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***
- ***Бо таваҷҷуҳ ба тағйироте, ки дар майнаи сар эҷод мешавад, падару модар чӣ коре метавонанд анҷом диҳанд?***
  - *Майнаи мантиқӣ*
  - *Майнаи забономӯзӣ*
  - *Майнаи мусиқӣ*
    - *Ҳукми мусиқӣ ва суруд дар Ислом*
    - *Ҳукми тасвир ва муҷассамаҳо дар Ислом*
- ***Нақши тарбияи падару модар дар рушди майнаи кӯдак***
  - *Намунаҳои муҳим дар ҷомеа*
  - *Ташвиқи кӯдакон барои иштирок дар корҳои ҷисмонӣ*
  - *Суҳбати бодиққат бо кӯдак*
  - *Бо кӯдакони худ ба таври мусбат суҳбат кунед*
  - *Фароҳам овардани фазои мусбат барои оянда*
  - *Ташвиқи кӯдакон барои такрори рафтори хуб*
- ***Оё метавон комёбии инсонро қабл аз панҷсолагӣ муайян кард?***
- ***Машқи 32***

# МУҚАДДИМА

Қуръони карим таъкид менамояд, ки тифл вақте ба дунё меояд, чизе намедонад, аммо ӯ бо абзори шинохтӣ, ба монанди шунавоӣ, биноӣ ва қалб, ки ҷои ақл, эҳсос ва отифаҳост, муҷаҳҳаз гардонида шудааст:

***“Худо шуморо аз батни модаронатон берун овард ва ҳеҷ намедонистед. Ва бароятон чашму гӯшу дил биёфарид. Шояд шукр гӯед!”***

***(Наҳл, 78).***

Илми зистшиносӣ бар ин назар аст, ки маркази шунавоӣ дар бахши пеши мағзи сар қарор дорад, дар ҳоле, ки маркази биноӣ дар охири мағзи сар ва байни ин ду марказҳои дигари тасмимгирии мағз қарор дорад. Маврид ба ёдоварист, ки Қуръони карим ин калимаҳоро бо ҳамин тартиб ва яке пас аз ҳам ва пайваста зикр менамояд: шунавоӣ, биноӣ ва қалб (ақл):

***“Аз паи он чӣ надонӣ, ки чист, марав, зеро гӯшу чашму дил — ҳамаро ба он бозхост кунанд”***

***(Исро, 36).***

Мо зарурат ба дарки ташаккули мағзи сари тифл ва рушду дигаргунии он дорем, чун ин амр барои мо маълумот дар бораи таҷрибаҳои аввалини тифл ва кайфияти ташкили хоначаҳои мағзи сар, ки вобаста ба



мантиқ, риёзиёт, мусиқӣ, забон, отифа ва ғайра ҳастанд, ба бор меорад. Вақте фаҳми ин мавзӯъ ба хубӣ барои мо муяссар гардад, мо аҳамияти синамаконӣ дар ду соли нахуст ва саҳми он дар ташаккули ақл ва андешаронии тифлро дарк хоҳем кард.

## ФУРСАТИ МУНОСИБ

“Дар қадами аввал мо бояд марҳалаҳои ташаккули тифлро ба хубӣ дарк намоем, то битавонем ба таври дуруст бо ӯ бархурди муносиб дошта бошем, зеро марказҳои мавҷуда дар бахшҳои гуногуни мағзи сари тифл дар вақтҳои мухталиф, бавижа аксари онҳо, дар марҳалаҳои кӯдакӣ комил мегарданд. Барои кӯдакон ангезаеро, ки ниёз ба он ва дар вақте, ки муносиб барои онон бошад, эҷод намоед. Агар тавони онро дошта бошед, пас аз он анҷоми ҳар коре барои шумо мумкин мегардад ва агар надошта бошед, натиҷаи корҳо ба сӯи нокомиҳо гом хоҳанд гузошт”

*(Begley, 1996).*

Мағзи сари инсон тақрибан 1360 грамм аст, аммо триллионҳо ҳуҷайраҳои асаб, шабакаҳои алоқаи мағзи сар ва ҳамчунин қувваи бузурги ҳалкунандаи масъалаҳо дар он ҷойгир аст. Агар тасаввур кунем, ки ду шаҳри бузурги дунёро шоҳроҳ васл менамояд ва роҳҳои дигари зудгард ин ду шаҳрро бо дигар шаҳрҳои калони ҷаҳон ва илова бар он бо шаҳрҳои хурд ва деҳаҳои тамоми сайёра васл мекунад, боз ҳам ин мисол наметавонад намунаи комили ҳаҷми фаъолияти ақли инсон бошад. Ҳатто агар тасаввур кунем, ки роҳҳои фаръие вуҷуд доранд, ки тамоми деҳаҳои ҷаҳонро бо ҳам васл менамоянд, ва роҳҳои асосӣ ва фаръии байни шаҳрҳо ва деҳаҳои ҷаҳонро ҳамчун намуна ва мисол тасаввур кунем, наметавон онро намунаи пуррае ҳаммонанди печидагиҳои фаъолияти мағзи сар гуфт. Гузашта аз он, тамоми роҳҳо дар сайёраи мо наметавонанд мисол ва намунае барои роҳҳову печидагиҳои дохили мағзи сари инсон бошад.

Мушкили асосӣ рушду инкишоф мағзи сари инсон аст, зеро агар дар солҳои аввали кӯдакӣ рушд накунад, дар марҳалаҳои баъдии умр рушд намудани он мушкил аст. Мутаассифона ин ҳақиқати ҳол аст ва чӣ басо истифодаи фурсатҳои муносиб барои сохтани он чӣ муфид ва судмандтар барои кӯдакон аст, аз даст меравад. Донистани чигунагии рушди робитаҳо ва алоқаҳо дар мағзи сар ва анҷом додани тамоми талош барои рушди он дар вуҷуди атфол бисёр муҳим ва зарур аст.

### Тавоноии фарогирии мағзи сар

Мағзи сари кӯдаки то се сола чӣ қадар маълумотро метавонад фаро гирад? Агар мағзи сарро ҳамчун пешрафтатарин компютер тасаввур намоем, муҳит ва атрофи тифл нақши сафҳакалидро (клавиатура) мезанад, ки хотираи ин компютер бисёр васеъ ва гунҷоиши миқдори бузурги маълумотро дорад. Дар се соли нахусти овони кӯдакӣ мағзи сар гунҷоиши миқдори бузурги маълумотро дорад, ки одамони бисёр наметавонанд онро дохил кунанд. Суръати дохилшавии маълумот пас аз се солагии кӯдак оҳиста-оҳиста рӯ ба сустӣ мениҳад, қабули маълумот идома меёбад, аммо на ба суръати то сесолагӣ. Ва ҳар қадар синну сол боло равад, ҳамон қадар суръати қабули маълумот сусттар мегардад. Ва чун ба синни пирӣ мерасем, ҳуҷайраҳои мағзи сар ва нуқтаҳои алоқаи асабҳо рӯ ба сустӣ мениҳанд. Пас бояд қабл аз ин, ки фурсат аз даст дода шавад, се ва ё чаҳор соли аввали умри кӯдаконро ба хубӣ истифода намоем.

(Kotulak, 1993).

**ФУРСАТИ МУНОСИБ (ИН ҶАДВАЛ РУШДИ СОЛҲОИ АВВАЛРО НИШОН МЕДИҲАД)**




Rycus and Huges 1998

## РУШДУ ИНКИШОФИ ҲУҶАЙРАҲОИ АСАБ ВА ШАБАКАҲОИ МАҒЗИ САР

“Дар мағзи сари инсон миллиардҳо ҳуҷайраҳои асаб бо ҳам пайванд мехӯранд, ки баъзе аз он системаи нафаскашӣ, баъзеи дигар тапиши қалб ва баъзеи дигар дараҷаи ҳарорати ҷисми инсонро идора мекунанд ва аксуламалҳо ва бархӯрдҳои гуногунеро ба вуҷуд меоранд. Аммо боз ҳам триллион ва триллионҳо ҳуҷайраҳои дигари мағзи сар ва шабакаҳои алоқа ба ҳоли худ мемонанд, ки аз онҳо истифода намешавад ва онҳо монанди нармафзорҳои Пентиюм дар компютер ҳастанд ва қабл аз ин, ки корхона дар он барномаеро ворид накунад, ба ҳоли худ боқӣ мемонанд. Дар ҳоли истифода кардан аз ҳуҷайраҳои асаб онҳо бо мадорҳои мағз ба воситаи пайваст шудан бо ҳуҷайраҳои дигари асаб комил мегарданд ва дар ҳоли истифода нашудан шояд аз байн бираванд. Таҷрибаҳои замони кӯдакӣ муайян мекунанд, ки кадом ҳуҷайраҳои асаб мавриди истифода қарор мегиранд ва мадорҳоро дар мағзи сар васл мекунанд, монанди барноманависи компютер, ки бо истифода аз сафҳакалид барномаҳои компютериро ба тартиб медарорад. Зер кардани тугмаҳои сафҳакалид (яъне таҷрибаҳое, ки кӯдак ба онҳо мувоҷеҳ мешавад) муайян мекунад, ки тифл боҳӯшу зирак, хаставу тарсончак, худбовар, сухандон, забонбаста ё нодон ба воя мерасад. Таҷрибаҳои нахустини кӯдак ба ҳадде таъсиргузор аст, ки то ба куҷо расидани шахсияти ӯ таъсири худро мегузорад”

(Nash, 1997).

Ҳангоми расидан ба синни рушд мағзи сар бо беш аз сад миллиард ҳуҷайраҳои асаб дар ҳам омехта мегардад, ки ҳар яки он боз ба ҳазорҳо ҳуҷайраҳои асаби дигар тақсим мешавад. Хулоса ин, ки мағзи сар беш аз 100 триллион пайвастагиҳои дарҳами асабиро дар худ дорад, яъне бештар аз сайёраҳое, ки то имрӯз кашф шудааст, ва он барои мағзи сар тавоноиеро мебахшад, ки ҳамто надорад.

Дидгоҳи анъанавие вуҷуд дошт, ки нақшаи иртиботот ва пайвастагиҳо дар дохили мағзи сарро монанди хонаи навбунёд аз тухми бордоршуда дар раҳми зан медонад. Бо вуҷуди ин, ки нисфи аз ин тухмҳо дар фаъолияти асаби марказӣ нақши худро доранд, теъдоди кофӣ барои мушаххас сохтани теъдоди пайвандхӯриҳои бузурги бо ҳам ҷамъшуда дар мағзи сарро ташкил намедиҳад ва эҳтимоли дигареро ба вуҷуд меорад, ки шояд тухмҳои бордоршуда дар раҳми зан ҳуҷайраҳои асосии мағзи сарро мушаххас намоянд. Дар ин миён чизи дигаре вуҷуд дорад, ки триллионҳо иртибототу пайвастагиҳои дақикро ташаккул медиҳад. Ва масъалаи дигар муҳит ва атрофи инсон аст, ки майнаи сар паёмҳои бешуморро аз ҷаҳони  берун қабул менамояд. “Ду марҳалаи асосӣ дар мавриди пайвастагиҳо ва иртибототи ҳуҷайраҳои асаб вуҷуд дорад: марҳалаи якум, ки дар он таҷриба шарт нест, ва марҳалаи дуюм, ки дар он аз таҷрибаҳо кор гирифта мешавад” *(Carla Shartz, 1996*. Донишгоҳи Калифорния дар Бруклин 1997). Қобилияти майнаи сар барои ташаккул додани худ замони муайян ва маҳдуд дорад, ва он чӣ, ки ба он “марҳалаҳои мафсалӣ” гуфта мешавад “фурсатҳои муносибе ҳастанд, ки барои як муддати кутоҳ қабл аз таваллуд кушода шуда сипас яке пас аз дигар бо гузашти солҳо баста мешаванд”. Ҳамон гуна, ки паёмадҳои он метавонад бад ва нигаронкунанда бошад, мо низ метавонем маълумоти мавриди назари худро вориди он намоем, алабатта дар ҷой ва вақти муносиб. Дар ҳоли аз даст додани фурсати муносиб мо ба як майнаи нокороям, ки онро метавон “майнаи маъюб” номид, мувоҷеҳ мешавем. Ғолибан маълумоте, ки кӯдак аз барномаҳои гуногуни мактабӣ меомӯзад, монанди барномаи *Head Start* (томактабӣ) муваққатӣ ва ноустуворанд, чун бисёр дер оғоз гардида, наметавонанд дар бунёди дубораи робитаҳову пайвастагӣ ва алоқаҳои мағзи сар, чуноне ки дар овони кӯдакӣ дошт, таъсири гузоранд.

Омӯзиши забони дуюм барои кӯдакон набояд ба таъхир андохта шавад. Доктор Чуганӣ ба таъхир гузоштани омӯзиши забони дуюм барои кӯдаконро кори нодуруст медонад: “Кӣ ин қарори нодурустро гирифтааст, ки бояд забони дуюм танҳо дар мактаби миёна омӯхта шавад? Он вақт хеле дер аст” *(Dr. Harry Chugani,* Беморхонаи атфол дар Мичиган). Назарияи дигаре низ

вуҷуд дорад, ки оғози омӯзиши забони дуюм дар мактабҳои Амрикоро аз синни 11 ва 12-солагӣ медонад.



## Биноӣ

Марказҳои биноӣ, шунавоӣ, ҳаракат ва эҳсосот дар мағзи сарро метавон ин гуна баён намуд:

Дар мадорҳои биноӣ ҷаҳише дар рушди ҳуҷайраҳои асабӣ дар давранӣ аз 2 то 4 моҳагии тифл ба вуҷуд меояд ва ин ҷаҳишу тағйироту рушд бо оғози мулоҳиза намудани кӯдакон дунёи атрофашонро ва таваҷҷуҳ намуданашон ба он мутобиқат мекунад. Ва ин рушд дар 8-моҳагӣ ба авҷи худ мерасад ва он ҳам замоне, ки ҳар яке аз ҳуҷайраҳои асаб тахминан бо 15000 ҳуҷайраҳои дигар ба шакли бисёр аҷибе иртибот пайдо мекунанд. Кӯдаконе, ки дар синни дусолагӣ дар чашми онҳо парда пайдо мешавад, ҳатто пас аз ҷарроҳӣ ва гирифтани он нобино боқӣ мемонанд, чуноне ки ин таҷриба дар гурбаҳо гузаронида шудааст.



## Шунавоӣ

Патрисиа Кул *(Patricia Kuhl)* аз Донишгоҳи Вашингтон мегӯяд: “Кӯдакон дар синни 12 моҳа қобилияти фарқ кардани садоҳоеро, ки дар забонашон муҳим нестанд, аз даст медиҳанд ва титӣ-питии онҳо ба забон табдил мешавад”. Ва намунаи онро метавон дар забонҳои гуногуни ҷаҳон дид, аз ҷумла ҷопониҳо байни овози “л” ва “р” фарқ намегузоранд. Масалан, онҳо калимаи арабии «луъб»-ро, ки маъноят «бозӣ» аст, «руъб» талаффуз мекунанд, ки маъноят «тарс» мешавад. Ва мардумоне низ вуҷуд доранд, ки ҳарфи «зод»-ро (ض) «зол» (ز) талаффуз мекунанд. Масалан, калимаи «الضالين»-ро «الزالين» талаффуз мекунанд.

Омӯзиши забони дуюм пас аз худ кардани забони модарӣ ***(на ҳамроҳи он)*** кори сахт ва душвор аст. Патрисиа мегӯяд: “Нақшаи идрокии забони модарӣ омӯзиши забони дуюмро маҳдуд мекунад”. Ба таври мисол, агар мадорҳои асаби бо ҳам дар иртибот ва дар ҳам печида бар асоси забони испанӣ ҳамчун забони якум

бошад, пас боқимондаи ҳуҷайраҳои асабии муайян ва мушаххаснашуда тавоноии ташкил намудани пайвастагиҳо ва иртибототи асосии нав барои забони юнонӣ ҳамчун забони дуюмро аз даст медиҳанд. Кӯдаке, ки забони дуюмро **пас аз синни 10-солагӣ** меомӯзад, баид аст, ки онро монанди забони якум аз худ намояд. Бинобар ин, кӯдакони ғайри араб бояд дар даврони кӯдакӣ ба гӯш кардани тиловати Қуръони карим фаро хонда шаванд, то тарзи талаффузи ҳамаи ҳарфҳои забони арабиро ба хубӣ адо намоянд.

Ивазшавии садоҳо ба калимаҳо дар кӯдакон замони ташаккулёбии ҳуҷайраҳои асосии асаб оғоз мегардад. Ҳар қадар бештар калимаҳо ба гӯши кӯдакон бирасад, ҳамон қадар омӯзиши забон барои онҳо осонтар мегардад. Кӯдаконе, ки модаронашон бо онҳо бештар сухан мегӯянд, дар синни 20-моҳагӣ нисбат ба кӯдаконе, ки модаронашон ба онҳо аҳамият намедиҳанд, ба таври миёна 131 калима бештар аз худ мекунанд. Шумори калимаҳои иловагии кӯдаконе, ки модаронашон ба онҳо аҳамият медиҳанд, дар синни 24-моҳагӣ то 295 калима мерасад. Ва муҳим нест, он вожаҳо мавриди истифода қарор мегиранд ё калимаҳои нопурра ва танҳо иборат аз як мақтаъ ҳастанд. Он чӣ ин ҷо барои мо муҳим аст, ва чунончи низ ба назар мерасад, дар ниҳоят ба суди худи кӯдакон аст.

Садои вожаҳо ҳуҷайраҳои асабро ташаккул медиҳанд, ки метавонад дар аз худ кардани вожаҳо кумак намояд. Шумори бузурги вожаҳо вуҷуд дорад, ки танҳо онҳоро метавон аз шунидани ботакрор аз худ намуд ва дар ин раванд доштани бародарону хоҳароне, ки бо тифл суҳбат мекунанд, низ таъсири мусбат дорад.

Дар партави гуфтаҳои боло метавон аҳамияти мадрасҳо дар даврони тамаддуни исломиро дарк намуд, ки кӯдакон он ҷо канзи бузурге аз вожаҳои қуръониро бо кайфияти баланд аз худ менамуданд. Чунончи Ҷейсон, нависандаи китоби "*Militant Islam*" (Исломи инқилобӣ) дар замони инқилоби Хумайнӣ дар ин китоби худ ишора мекунад, фаронсавиҳо ва англисҳо паи дарёфти рози қуввату тавони шахси мусулмон шуданд, ки чаро вақте як мусулмон бузург мешавад, дигар имкони мағлуб кардани ӯ нест ва тамоми ҷаҳонро зери дасти худ гирифтаанд. Онҳо ин розро дар мадрасаҳое пайдо карданд, ки хонаводаҳо фарзандони аз 3 то 6 солаи худро барои фарогирии илм он ҷо мегузоранд. Онҳо Қуръони каримро ҳифз намуда, дар ҳафтсолагӣ «Алфия»-и Ибни Моликро мехонанд ва ончунон чира мегарданд, ки на камтар аз 50 000 калима дар сарашон ҷой мегирад. Дар натиҷа, фаронсавиҳо дар кишварҳои зери мустамликаи худ пешниҳоди

дур намудани мардум аз ин китоби муқаддасро намуданд, англисҳо пешниҳод намуданд дар ивази мадрасаҳо мактабҳои худӣ (ва барои мо бегона)-ро барои фарзандони сарватмандон ва мадрасаҳои замонавие, ки дар онҳо барномаҳои дарси қуръонӣ вуҷуд надошта бошад, бунёд намоянд, то дар натиҷа забони фасеҳи арабӣ — забони Қуръони карим заиф шавад ва ҷои он лаҳҷаи кӯчагӣ ҷойгузин гардад. Ҳамин гуна забони фасеҳи арабӣ барои онҳо ҳамчун як забони бегона гашта, фурсати ҳифзи 50 000 калима ва омӯзиши истилоҳот дар 10 соли нахусти умрашонро аз даст хоҳанд дод.



## Мусиқӣ

Алберт ва дигарон *(Albert et al, 1995)* мегӯянд: «Дар солҳои аввали умр гӯш додан ба мусиқӣ робита ва пайвастагиҳои байни мадорҳои асаброро барқарор мекунад. Вақте мағзи сари мусиқинавозонеро, ки асбобҳои мусиқии тордорро бо тараннуми магнитӣ менавозанд, ба тасвир кашиданд, дарёфтанд, ки миқдори масоҳаи тахсисёфта барои ангуштони бузург ва ангуштони дасти чап дар мағзи сари онҳо хеле бузургтар аз касонест, ки аз ин гуна олатҳои мусиқӣ истифода намебаранд.

Афлотун ба ин назар буд, ки мусиқӣ фаъолтарин абзори таълим аст ва сабаби онро донишмандони муосир ин гуна баён доштаанд, ки мусиқӣ мағзи сарро барои андешаронӣ дар сатҳи баланд омода месозад. Донишмандон барои расидан ба ин натиҷа ду гурӯҳе аз бачаҳои хурдсоли томактабиро интихоб намуда, як гурӯҳи онҳоро навохтани пианинoро омӯзониданд. Ва пас аз гузашти ҳашт моҳ дарёфтанд, ки гурӯҳи мусиқинавозон, ки ҳамагӣ се сола буданд, дар пайдо кардани муаммоҳо ва 80% нисбат ба рафиқони худ аз гурӯҳи дуюм дар шинохти ҷойномҳо ҳушмандтар будаанд.

Ҳайратовар ин аст, ки дар оянда қудрати мусиқинавозӣ гоҳо табдил ба маҳоратҳои печидаи муҳандисӣ ва риёзӣ мегардад. Дидгоҳи физикдон Ҷордан Шоу аз шаҳри Ирвайни иёлати Калифорния чунин аст: “Омӯзиши зудҳангоми мусиқӣ қобилияти тафаккури кӯдакро инкишоф медиҳад” .

*(Begley, 2000).*

Аз ин ҷо бармеояд, ки миёни мусиқӣ, риёзиёт ва мантиқ дар мағзи сар иртиботи қавӣ вуҷуд дорад, ҳамон гуна, ки малакаҳои баланди тафаккур бо шаклҳои ақлии олӣ ба воситаи ин ҳунарҳои сегона шинохта ва мушаххас мешавад. Бо вуҷуди ин, ки муаллимони кӯдакона онҳоро шатранҷ ва риёзиёт дар сатҳи баланд намеомӯзонанд, боз ҳам дида мешавад, ки ба мусиқӣ ва чигунагии бархӯрд бо он аҳамият медиҳанд. Дар як таҳқиқоте, ки Фрэнсис Раушер *(Frances Rauscher)* аз Донишгоҳи Висконсин ба анҷом расонидааст, чунин аст, ки ӯ теъдоде аз кӯдаконро навохтани пианино ва теъдоди дигареро сурудхонӣ омӯзонидааст. Пас аз гузашти ҳашт моҳ маълум гаштааст, ки кӯдаконе, ки ба омӯхтани пианино фаро хонда шуда буданд, нисбат ба онҳое, ки пианино омӯхта нашуда буданд, дар ҳушмандӣ ва таҳлил баҳои баланд дошта, маҳораташон дар эҷоди равиши дуруст дар бозии ҳалли муаммоҳо, тасвири шаклҳои ҳандаса ва пайдо кардани шаклҳои қатъи дуранга пешрафти чашмрасе доштаанд. Вақте кӯдакон ҳуҷайраҳои сатҳии асаби худро бо гӯш додан ба мусиқии классикӣ тамрин медиҳанд, ба ин васила ҳуҷайраҳои асабашонро, ки дар фаҳми риёзиёт ба кор бурда мешавад, неру мебахшанд. Ҳамчунин мусиқӣ равишҳои пинҳонии мағзро бедор сохта, корбурди мантиқи мураккаб дар корҳои сахт ва умури душвори гуногунро ёрӣ медиҳад.

*(Nash, 1997).*

Ташвиқи кӯдакон барои омӯзиши навохтани асбобҳои мусиқӣ фоидаҳои зиёде дорад ва ҳадаф аз он на худи мусиқӣ, балки василае барои рушди ақл ва завқи кӯдакон аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки омӯхтани мусиқӣ барои кӯдакон на ба ин маъност, ки онҳо машғули сабти видеоклипҳо ва мусиқии пурсарусадои имрӯзӣ, ки маънои аслии худро аз даст додааст, гарданд. Он чӣ, ки дар боло дар мавриди мусиқӣ зикр гардид, ишора ба мусиқии классикӣ дорад, на мусиқии девонавори имрӯзӣ, ки асари манфии он ба хона ва фарзандон аз тариқи телевезор ва шабакаҳои иҷтимоӣ расида, ахлоқ ва бавижа ҳаёро аз байн бурдааст.

## Ҳаракат

Дар ҳафтаи ҳафтуми ҳомиладорӣ ҷанин оғоз ба ҳаракат намуда, дар ҳафтаҳои 15 то 17 ба авҷи баланди ҳаракати худ мерасад. Ва ин ҳамон муддатест, ки қисмҳои майна, ки ҳаракатро идора мекунанд, оғоз ба пайвастан ва дар ҳам таниданро мекунанд. Ин марҳалаи ҳассос то як замони муайян идома ёфта, ба ду сол тақрибан вақт ниёз дорад то ҳуҷайраҳои мағзи сар, ки ҳол ва ҳаракати ҷисмро идора мекунанд, микросхемаҳои функсионалиро ба танзим дарорад. Бештарин созмонгириҳои майнаи сар замоне ба вуҷуд мео-

янд, ки тифл маълумотро аз муҳиту атрофи худ ба даст меорад ва маҳдуд намудани ҳаракати кӯдакон сабаби садди роҳи пайкарбандии пайвастагиҳову робитаҳо дар майна мегардад, зеро нахустин ҳаракатҳои номуназзами тифл фармон ба ҳаракати сатҳии мағзи сар равон мекунад. Ҳар қадар, ки бозуи кӯдак бештар ҳаракат кунад, ба ҳамон андоза қавитар гашта, майнаи сар метавонад бозуро беҳтар ҳаракат диҳад ва идора намояд. Чунин фурсат як замони кӯтоҳ ва танҳо чанд соли муайян идома ёфта, хеле зуд онро аз даст хоҳем дод. Барои мисол, агар як тифл то чаҳорсолагӣ даруни як қолаб, ки тавони ҳаракати ҷисмашро надошта бошад, гузошта шавад, ӯ пас аз он роҳ рафтанро меомӯзад, аммо на ҳамвор ва ба осонӣ. *(Carmichael, 2007).*

Варзиш на танҳо барои дил, балки барои майнаи сар низ муҳим аст, зеро майнаро бо маводи ғизоӣ, ба монанди глюкоза, таъмин менамояд. Ва ҳамон гуна, ки пайванд ва иртибототи асаброзиёд мекунад, кӯдаконро новобаста аз синну сол дар фарогирии илм кумак менамояд. Кӯдакон ҳатто дар синф ниёз ба ҳаракатҳои варзишӣ доранд, зеро танҳо болои курсиҳо нишастан ва шеърхонию ҷадвали зарб омӯхтан суде намебахшад. Кӯдак ҳамон вақт илму маърифатро барои замони тӯлонӣ дар худ нигоҳ дошта метавонад, ки робитаҳои забонию отифӣ ва баданӣ бо ҳам якҷо оянд.



## Ҳифзи вожаҳо дар даврони кӯдакӣ

Иктишофоти биологӣ шояд сабаби дар синни то даҳсолагӣ ҳифз намудани Қуръони карим аз ҷониби кӯдакони ғайри арабро тавзеҳ намояд. Маврид ба ёдоварист, ки дар кишварҳои саноатӣ такя ба ҳифз кардани вожаҳоро надоранд, дар ҳоле, ки ҳифз намудан барои майнаи сар шароитеро фароҳам меорад, ки дар асоси он таълими забон асос меёбад ва фурсати муносиб барои боз беҳтар ҳифз кардан барои кӯдакони то синни дувоздаҳсоларо дорад. Ҳар гоҳо мағзи сар глюкозаи бештар истеъмол намояд, ҳамон қадар ҳаракаташ хубтар мегардад. Ва шоёни зикр аст, ки масрафи глюкозаи мағзи сари кӯдакони чаҳорсола то синни балоғат тақрибан ду баробари инсонҳои болиғ аст. Бинобар ин ақлҳои ҷавон тавоноӣ ва қудрати бештаре дар касб кардани омӯзаҳои навро доранд. Пас беҳтар аст мавзуоти сахт ва душвор, монанди секунҷаҳо ва забонҳои хориҷӣ дар хурдсолӣ омӯзонида шаванд. Фарогирии забони дуюм барои кӯдакон дар мактабҳои ибтидоӣ бисёр осон ва суҳбат кардан бе лакнат ва забонгирифтагӣ барояшон муяссар мегардад.

## ТАҒЙИРОТ ДАР МАҒЗИ САР ЧӢ ГУНА БА ВУҶУД МЕОЯД?

Машқҳои варзишӣ рушду инкишоф дар бахше аз майнаи сарро, ки марбут ба нерӯи ҳофиза аст, ба вуҷуд меоранд, ки эҳтимол фаъолияти ин қисми майнаро беҳтар созад. Муҳаққиқон ба ин натиҷа расидаанд, ки тамринҳои варзишӣ боиси афзоиши ҳаҷми хун дар ғудаи дандон (*dentate gyrus*) мешавад, ки ҳамон гиппокампи мағзи сар аст ва соҳаи муҳим барои зеҳн ва таълим аст, ки ҳуҷайраҳои нави мағзӣ дар ҳамин ҷо ба вуҷуд меоянд *(Carmichael, 2007)*.

## БАРНОМАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО

Барномаҳои *"Head Start"* (Оғози саривақтӣ ва томактабӣ) дар барномаҳои худ муваффақ нагардидааст. Барномаи *"Head Start"* як барномаи федералии дорои имконоти фарогире аст, ки соли 1965 барои рушди кӯдакони оилаҳои камдаромад таъсис шудааст. Сабаби нокомии ин барнома аз он ҷо сарчашма мегирад, ки кӯдакони ду, се ва чор соларо барои омӯзиш фаро гирифта ва онҳо бо гузашти се сол таълиму омӯзаҳои фаро гирифтаи худро фаромӯш месозанд. Соли 1992 барномаи ҳиҷоии *«Abecedarian»* оғоз шуд ва кӯдакон аз 120 хонаводаи фақир ба ин барнома фаро хонда шуда, ва бар чор гурӯҳ барои таълими зудраси ҳамаҷониба дар маркази тарбияи рӯзона тақсим гардиданд. Гурӯҳи якум кӯдакони аз 4 то 8 моҳа, гурӯҳи дуюм аз 4 моҳа то 5 сола, гурӯҳи сеюм аз 5 моҳа то 8 сола

буданд, ки барои онҳо омӯзиши зудраси ҳамаҷониба дода нашуда буд. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки таълими атфоли 4 моҳа чӣ маъно дорад? Барои ин атфол чоркунҷа ва тӯпчаҳо дода мешуд, то бо онҳо бозӣ кунанд ва ё бо онҳо суҳбат ва бозиҳо ороста мешуд.

Дар ин барнома беш аз 200 навъ бозиҳои омӯзишӣ барои тақвияти маърифатнокӣ, забондонӣ, иҷтимоӣ ва ҳаракатӣ шомил шуда буд. Дар натиҷа маълум шуд кӯдаконе, ки ба ин барномаи ҳиҷоии томактабӣ фаро хонда шуда буданд ва ба синни 15-солагӣ расиданд, нисбат ба дигар кӯдакон дар математика ва хондани китоб дараҷаҳои баландтаре доштаанд. Яке дигар аз натиҷаҳои мусбати ин барнома ин аст, ки ҳар қадар кӯдакон барвақттар ба барномаи ҳиҷоӣ фаро хонда шаванд, ҳамон қадар омӯзаҳои худро ба муддати дарозтар нигоҳ дошта метавонанд.

Мавзӯи нигаронкунанда ин аст, ки агар тамоми дарвозаҳои таълимӣ қабл аз ба поён расидани марҳалаи ибтидоӣ дар мактаб баста шаванд, оё кӯдаконе, ки ин фурсати таълимиро аз даст додаанд, метавонанд фурсати дигаре дошта бошанд? Бо кӯдаконе, ки падару модарон ба онҳо шумурдани тӯпчаҳо барои тақвияти тавоноии математикӣ наомӯхтаанд ва суҳбатҳо барои тавони боло бурдани сатҳи вожаомӯзӣ наоростаанд, чӣ бояд кард? Боз ҳам умед ҳаст, зеро мағзи сар дар тамоми марҳалаҳои ҳаёт қудрати омӯзишу аз худ кардандро дорад. Ҳастанд касоне, ки забони фаронсавиро дар донишгоҳ наомӯхтаанд, вале баъдтар ва ё ҳатто пас аз ба нафақа баромадан онро омӯхтаанд. Вале мушкилоти амиқтар замоне ба вуҷуд меояд, ки ангезае барои ба ҳаракат даровардани зеҳни кӯдакон қабл аз кӯдакистон сурат нагирифтааст. Бинобар ин аст, ки онҳо тавоноии камтар дар омӯзиш ва касби қобилиятҳои гуногунро доранд.

Сарвазири собиқи Британия Тонӣ Блейр 30 июли 1997 дар конфронси Ҳизби Коргари Британия (Брайтон, Англия) эълон намуд, ки марҳалаи томактабӣ дар сесолагии кӯдакон оғоз ёбад, на дар чаҳорсолагӣ ва он ҳам бинобар истифода аз аҳамияти вақт дар рушди мағз ва пешрафти он.

Хулоса ин, ки бо вуҷуди бо имкониятҳои бузург ба дунё омаданамон, ба баландтарин нуқтаи он намерасем, магар ин, ки худи мо ба он аҳамият ва онро рушду тақвият бидиҳем. Бинобар ин бояд падару модар чӣ гуна рушд додани зеҳн ва касби маърифат барои фарзандонашонро бидонанд.

Се малакае вуҷуд дорад, ки метавон дар вақти муносиб дар тақвияти зеҳни тифл аз он истифода бурд:

- Майнаи мантиқӣ (мантиқ ва риёзиёт)
- Майнаи луғатомӯзӣ
- Майнаи мусиқӣ

## БО ТАВАҶҶУҲ БА ТАҒЙИРОТЕ, КИ ДАР МАЙНАИ САР ЭҶОД МЕШАВАД, ПАДАРУ МОДАР ЧӢ КОРЕ МЕТАВОНАНД АНҶОМ ДИҲАНД?

### Майнаи мантиқӣ

**Фаъолият:** Бозии ҳисобкунӣ бо кӯдакон. Ба таври мисол, аз кӯдакон бихоҳ мизеро барои омӯхтани алоқаҳои фардӣ омода намоянд, бо ҳамдигар ва байни худашон ин корро анҷом диҳанд. Ба ҳар кадом як табақ ва як чангол бидеҳ ва як мусиқии ором бимон.

**Малака:** Мантиқ ва риёзиёт

**Фурсати муносиб барои таълим:** Аз таваллуд то чаҳорсолагӣ.

**Он чиро, ки медонем:** Микросхемаҳои риёзиёт дар қисми сатҳии майна наздик ба микросхемаҳои мусиқӣ қарор доранд.

Кӯдаконе, ки мафҳумҳои осон, монанди кам, бисёр, як ва зиёд-ро мефаҳманд, омӯхтани риёзиёт барои онҳо осонтар мегардад.

### Майнаи забономӯзӣ

**Малака:** Забон

**Фурсати муносиб барои таълим:** Аз таваллуд то 10-солагӣ.

**Он чиро, ки медонем:** Мадорҳои (микросхемаҳои) мавҷуд дар қишри шунавоӣ ифода аз садоҳоест, ки калимаҳоро дар ҳамбастагӣ дар тӯли соли аввали кӯдакӣ ташкил медиҳанд ва ҳар қадар кӯдакон дар синни дусолагӣ калимотро мешунаванд, ҳамон қадар вожадонии онҳо инкишоф меёбад ва мушкилоти шунавоӣ монеъ аз ҳамоҳангии садоҳо бо ҳуруф мешавад, яъне тавоноии иртибот додани овозҳо бо ҳарфҳоро душвор месозад.

**Фаъолият:**

Чӣ хуб ва зебост вақте падару модар бо кӯдакон бисёр суҳбат мекунанд ва агар хоҳиши барои кӯдаконашон омӯхтани забони дуюмро дошта бошанд, пас бояд то синни 10-солагӣ онҳоро таълим диҳанд. Бемориҳои марбут ба шунавоиро бояд ба таври фаврӣ табобат намоянд.

### Майнаи мусиқӣ

**Малака:** Мусиқӣ

**Фурсати муносиб барои таълим:** Аз 3 то 10-солагӣ

**Он чиро, ки медонем:**

Торнавозон махсусан барои ангушти ишораи дасти чапашон дар қисми ҳиссӣ масоҳаи бузург доранд. Теъдоди ками торнавозони моҳир пас аз 10-солагӣ ба омӯзиши навохтан шурӯъ кардаанд ва дарсҳои мусиқӣ ба рушди малакаи тасвири фазо мусоидат мекунанд.

**Фаъолият:**

Мондани сабти ороми садои паррандагон ва табиат ё хондани суруду нашид бо фарзандон ва инчунин гӯш кардани мусиқии ором. Ба кӯдакон асбобҳои мусиқиро пешниҳод кунед, то бубинанд, ки ягон истеъдоди мусиқӣ ё таваҷҷӯҳе ба онҳо доранд ё на.

## Ҳукми мусиқӣ ва суруд дар Ислом



Дини мубораки Ислом бо вуҷуди ихтилофҳои фиқҳӣ, мусиқӣ ва сурудро иҷозат медиҳад, ба шарти ин, ки мусиқӣ дар интишори фасод ва робитаҳои номашруи ҷинсӣ ва ҳамин гуна дар ӯҳдадориҳои динӣ таъсири манфӣ надошта бошад. Саҳобагони киром ва тобиин дар маҳфилҳои хурсандӣ, монанди туйҳои арусӣ, таваллуди фарзанд ва дигар намуди маҳфилҳо ба суруд ва мусиқӣ монанди таблак, доира ва най, гӯш медоданд.

*Аз Имом Бухорӣ ва Муслим ривоят аст, ки ҳабашиҳо дар яке аз рӯзҳои ид дар масҷид бо найзаҳояшон бозӣ мекарданд ва Оиша (р) дар ҳузури Расулуллоҳ (с) онҳоро тамошо мекард, ки ин далолат бар дӯст доштан ва хушҳол кардани Расулуллоҳ (с) ҳамсараш Оишаро (р) дорад.*

*Оиша (р) ривоят мекунад: «Вақте Расулуллоҳ (с) назди ман даромад, ду канизак суруди Буъосро мехонданд ва ин иде аз идҳои ҷоҳилият буд, ки дар он рӯз Авс бар қабилаи Хазраҷ ғолиб омада буд. Расулуллоҳ (с) болои бистараш дароз кашид ва рӯяшро ба тарафи дигар гардонд. Дар ин ҳангом Абубакри Сиддиқ (р) даромад ва маро сарзаниш карда гуфт: «Садои шайтон назди Расулуллоҳ (с)?» Аммо Расулуллоҳ (с) рӯяшро ба тарафи мо гардонду гуфт: «Бигзор онҳоро». Вақте Абубакр фикраш ба дигар тараф шуд, ба онҳо ишора намудам, ки хориҷ шавед».*

*«Рӯзи ид буд ва ҳабашиҳо бо сипар ва ханҷар мерақсиданд. Ман аз Расулуллоҳ (с) пурсидам ва ё худаш гуфт: “Оё мехоҳӣ тамошо кунӣ?” Ман гуфтам: «Бале». Маро дар пушти худаш гузошт ва бо либосаш маро пинҳон кард ва гунаамро ба гунааш расонида, тамошо кардам.*

*Ҳабашиҳо бозӣ мекарданд ва Расулуллоҳ (с) мефармуд: «Бисёр хуб эй Банӣ Ардафа». Ин лақаби ҳабашиҳо буд, зеро Ардафа машҳуртарин ҷаддашон буд. Вақте хаста шудам гуфт: «Бас аст?» Гуфтам: «Бале». Фармуд: «Акнун бирав"» (Бухорӣ ва Муслим бо ихтилофи баъзе калимаҳо).*

Барои падарону модарон ин як дарсест, то ба фарзандон низ фурсати истироҳат ва фароғат диҳанд, на ин ки онҳоро аз василаҳои тафриҳии мубоҳ ва ҷоиз манъ намоянд. Дар айни ҳол мутаассифона дида мешавад, ки аз мусиқӣ ва санъат ба таври умум дар нашри бадахлоқӣ ва ангехтани шаҳвати ҷинсӣ ва истеъмоли маводи мухаддир ва шаробнӯшӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, аз мусиқӣ барои омӯзиш ва саргармӣ низ истифода мешавад.

Барои ҳаром будани мусиқӣ ва суруд ҳадиси саҳеҳ вуҷуд надорад. Юсуф Қарзовӣ (2007) тамоми аҳодисеро, ки мусиқӣ ва ғиноро ҳаром медонанд, рад кардааст, зеро ин аҳодис зарурат ба таҳқиқ доранд ё дар маъно ва ё дар ривоят ва ё дар ҳарду саҳеҳ нестанд. Ҳеҷ ишорае ба ҳаром будани мусиқӣ ва ғино нашудааст, илова бар ин далоиле вуҷуд дорад, ки ишора ба ҳаром набудани онҳо доранд. Барои мисол:

1. Ҳазарати Абубакр (р) назди Оиша (р) даромад, ки ду каниз сурудхонию доиразанӣ мекарданд ва Расулуллоҳ (с) хобида ва либосашро болои сару рухсораш гузошта буд. Абубакри Сиддиқ (р) онҳоро сарзаниш кард. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) рӯяшро боз карду гуфт:

*"Эй Абубакр, онҳоро бигузор, ки рӯзҳои ид аст"*

*(Бухорӣ ва Муслим).*

2. Оиша (р) дар маҳфили арӯсие, ки як зан бо марди ансорӣ издивоҷ мекард, иштирок намуд. Расулуллоҳ (с) гуфт:

*"Эй Оиша, оё саргармию хушгузаронӣ кардед? Ансориҳоро саргармӣ хуш меояд"*

*(Бухорӣ).*

3. Умар (р) ба масҷид даромад ва ҳабашиҳо он ҷо бозӣ мекарданд. Умар (р) онҳоро сарзаниш кард ва Расулуллоҳ (с) фармуд:

*"Эй Умар, онҳоро бигзор, ки фарзандони Ардафа ҳастанд"*

*(Нисоӣ)*

*Дар ин ҷо намехоҳем баҳсу мунокишаи фиқҳӣ дар мавриди ҳукми суруду мусиқиро қарор диҳем, зеро гузаштагон ва муосирон бо тамоми тафсилот ин мавзӯъро баён намудаанд. Моро назарҳои гуфташуда дар ин мавзӯъ итмиънон мебахшад ва барои мо ин басандааст, ки дар Қуръони карим ва аҳодиси саҳеҳ матни қотеъе барои ҳаром будани мусиқӣ вуҷуд надорад. Агар ҳукми он тақозои ҳаром буданро медошт, дар ин сурат дар матнҳои сареҳ ба монанди дигар муҳаррамот (монанди зино ва шароб, ки дар ҳаром будани онҳо ихтилофе вуҷуд надорад) ба таври возеҳ баён мегардид. Дар ин ҷо метавон ба чунин хулоса расид:*

*Сурудхонӣ аз мусиқӣ фарқ мекунад, суруд суханест, ки ҳалолаш ҳалол ва ҳаромаш ҳаром аст, хоҳ омехта бо мусиқӣ бошад, хоҳ не. Пас ҳар сухани хубе, ки олуда бо фаҳшу бадгию беҳаёӣ ва берун аз адабу ҳаё набошад ва ташвиқ ба муҳаррамот накунад, боке надорад.*

*Аммо мусиқӣ ва созҳои мусиқӣ бо ҳама анвоъаш, ки дар он шароб, фаҳшо, занҳои сурудхон, занҳои бараҳна, садо ва ҳаракатҳои ба фаҳшо ташвиқкунанда, барангехтани ғаризаҳои шаҳвонӣ ва амалу ҳаракатҳое, ки шарофати инсонӣ ва шарму ҳаёро мебарад, набошад мубоҳ аст, монанди мусиқиҳои ҳамосавӣ, тарбиявӣ, идҳо, ҷашни мавлуд, мусиқиҳо барои рафъи хастагӣ ва мусиқиҳое, ки инсонро аз масъулияташ берун намебаранд.*

Қоидаи умумие, ки бар асоси он бар тамоми амалҳои инсон ҳукм карда мешавад, ният аст. Ҳар амале, ки инсонро аз роҳи рост ба сӯи ботил мебарад, бояд аз он фосила гирифт. Ҳукми мусиқиҳое, ки ғаризаҳои шаҳвониро меангезанд ва сурудҳои фаҳшое, ки даъват ба разолату ҳаром менамоянд, монанди амалҳои дигари бад ҳароманд. Аммо ҳукми анвоъи дигари мусиқӣ ва сурудҳое, ки дар онҳо ташвиқ ба разолату фурӯмоягӣ дида намешавад, ҷоиз ва мубоҳ ҳастанд.

## Дидгоҳи Ибни Сино дар бораи мусиқӣ

*Ибни Сино мегӯяд: «Анвоъи муайяни таб вуҷуд дорад, ки сababи онҳо дар мушкилоти равонӣ аст». Ӯ таъкид мекунад, ки мусиқӣ ба бемориҳои равонӣ ва ҷисмонӣ ба ҳар ду ба як андоза таъсири мусбат дорад. Маврид ба ёдварист, ки Ибни Сино таълифоте дар бораи мусиқӣ дорад ва он бахше аз китоби “Шифо”-яш, ки иборат аз чаҳор қисм аст, мебошад. Қисми сеюми ин китобро “Ҷавомеи илми мусиқӣ” номидааст ва дар мавриди таъсири Ибни Сино дар мусиқӣ ва мутаассир шудани аврупоиҳо ба китобҳои ӯ зиёд навишта шудааст.*

## Ҳукми тасвир ва муҷассамаҳо дар Ислом

Сурат ва пайкараҳо дар Ислом, ба шарти бараҳна ба тасвир кашида нашудан ва набуди нишонаҳои фисқу фуҷур дар онҳо, ҷоиз аст. Истифодаи асосии тасвир ва ҳайкалтарошиҳо дар асри ҷоҳилият ва дар замони Расулуллоҳ (с) бо ҳадафи бутпарастӣ ва васила қарор додани онҳо байни худ ва Худованд буд. Бинобар ин шариат онро ҳаром гардонид. Баъзе аз калимаҳое, ки мо имрӯз аз онҳо истифода менамоем, дар қадим ба маънои дигар истифода мешуд. Мисол, калимаи “сайёра”, ки дар сураи «Юсуф» омадааст, ба маънои қофилаи мусофирон аст, вале ин калима имрӯз ба маънои нақлиёт (яъне «мошин») истифода мешавад. Агар ҳамин қоидаи забоншиносӣ дар калимаҳои тасвир ва пайкараҳо, ки дар гузашта мавриди истифода буд, татбиқ гардад, пас имрӯз дар ин маъно расмҳо, лавҳаҳо, тасовир, филмҳо, экранҳои электронӣ, ҳайкалҳои дубуъдӣ ва себуъдӣ шомили он мегарданд.

Сурат ва пайкараҳо (бутҳо) дар як муддати тӯлонӣ ба мақсади ибодат ва маросимҳои динӣ истифода мешуд ва Расулуллоҳ (с) кӯдаконеро диданд, ки бо лӯхтакҳо бозӣ мекарданд ва онҳоро бознадоштанд. Оиша (р) ривоят мекунад, ки бо лӯхтакҳо (ҳайкалчаҳо ва лӯхтакҳо ба шакли духтаракҳо) бозӣ мекардам ва дугонаҳое доштам, ки бо ман низ бозӣ мекарданд ва чун Расулуллоҳ (с) медаромаданд, дугонаҳоям пинҳон мешуданд, аммо Расулуллоҳ (с) онҳоро назди ман мефиристод, то бо ман бозӣ кунанд (Бухорӣ).

Инчунин дар замони мо ва дар ҳар замони дигар тасвирҳо, пайкараҳо ва тарошаҳое манъ карда мешавад, ки ба мақсади ибодат сохта шуда бошанд, ва сохтани чунин ҳайкалҳо ба таври қатъӣ ҳаром аст. Бо вуҷуди ин, дар замони мо аксари ҳайкалу тарошаҳо ба мақсади ибодат истифода намешавад, балки ба мақсади омӯзиш, технология, васоити ахбори омма, таълим, тафреҳ, паспорт, корти шиносоӣ ва дар кортҳои суғуртавӣ истифода мешаванд, ки ин шеваи истифода дар аҳодиси Расулуллоҳ (с) ҳаром ҳукм нашудааст, балки ҳаром ҳамон вақт гуфта мешавад, ки ба дину ақидаи муъмин халал расонад ва далели ҳаром шумурдани он муқаддас донистани тасвиру пайкараҳост. Бинобар ин истифода аз тасвирҳо дар замони мо бояд ба мақсадҳои пок ва дур аз зиёну фасод бошад.

## НАҚШИ ТАРБИЯИ ПАДАРУ МОДАР ДАР РУШДИ МАЙНАИ КӮДАК

Кӯдакон ба таълими забонҳо, равиш ва тамоми намуди робитаҳо аҳамият медиҳанд. Онҳо танҳо ба мушоҳида ва тамошои ҷараёнҳо, тавре ки дар даврони ширхорагӣ мекарданд, иктифо намекунанд, балки мехоҳанд бахше аз ҷараёнҳо бошанд ва бо тамоми тағйироту ҳодисаҳо ва бо тамоми корҳои аз дидгоҳи онҳо мумкин ва боарзиш ҳамгирой дошта бошанд. Дар сатрҳои зерин баъзе назару роҳнамунҳо барои

падарону модарон зикр мешавад, то онҳоро дар рушди хостаҳо ва аҳамият ба кӯдакони хурдсол ва эҷоди дигаргуниҳои мусбат дар рушд ва пешрафти зеҳни онҳо кумак намояд.

## Намунаҳои муҳим дар ҷомеа

Ду намунаи муҳим дар ҷомеа вуҷуд дорад, ки дар рушду равнақӣ майнаи сари кӯдакони хурдсол саҳми бориз доранд. Намунаи якум шомили вуқӯи пайдарпайи ҳодисаҳо ва рӯ ба рӯ шудани кӯдакон бо умури муҳим аст. Ҷолибтар аз ҳама яке паси ҳам ба вуқӯъ омадани ҳодисаҳо, бавижа бо ҳам иртибот доштани онҳост, ки майнаи сари кӯдакон ҳодисаҳоро ба таври табиӣ, байни сабаб ва натиҷа иртибот медиҳанд. Бинобар ин падарону модарон бояд тарзи дурусти "чаро ва чӣ гуна"-гии вуқӯи ҳодисаҳои физикӣ, монанди таъсири рушноӣ, гармӣ, об, кашиши замин ва шамолро, ба гудакони худ бифаҳмонанд. Ҳамчунин бояд тарзи бархӯрди дурусти одатҳои иҷтимоӣ, монанди тақ-тақи дар қабл аз даромадан ба хона, навбат додан ба дигарон, ташаккур гуфтан ва ғайраро низ ба онҳо биомӯзонанд. Кӯдакон одатан ба донистани тартиби корҳои дохили хона, монанди тозагӣ, пухтупаз ва пӯшидани либос, рағбати зиёд доранд.

Намунаи дуюм, ки марбут ба мавқеиятҳост, аҳамияти бештар дорад. Кӯдакон, агарчи ба намунаи якум нисбатан аҳамияти бештар медиҳанд, бо ин вуҷуд онҳо аз 13-19-моҳагӣ ба табақабандии намунаҳо аҳамият зоҳир менамоянд. Мисол, ашё чист? Инсонҳо киҳоянд? Чӣ ҳодисаҳои пайдарпай ва марбут ба таҷриба дар ошхона ё дар ҷои дигар ба вуқӯъ омад? Кӯдакон ба дарки тамоми ин мафҳумҳо қабл аз рафтан ба мактаб оғоз мекунанд, то тавонанд муҳиташонро дарк намоянд ва бо он худро созгор созанд. Падару модар бидуни нороҳатӣ ба саволҳои "чист?" ва "кист?" ва ҳатто ба саволҳои "чаро?" ва "чӣ гуна", ки аз тарафи кӯдакон ба онҳо дода мешаванд, посух ва шарҳ диҳанд.

Инро зеҳни пурсандаи кӯдак меноманд ва ба андозаи бархӯрди дуруст ва пайдо намудани посуххо аз тарафи падару модар зеҳнҳои онҳо рушд ва равнақ меёбад. Аммо агар кӯдакон аз тарафи падару модар ҷавобҳои манфӣ ва изҳори нороҳатӣ бинанд ё ҷавобҳое бишнаванд, ки дар он нишонаҳои рағбат ва муҳаббати волидайн набошад, сабаби заъф ва ақибмондагии зеҳни онҳо мегардад. Бояд ёдовар шавем, ки баъзе аз таҳқиқот ба ин натиҷа расидаанд, ки зеҳни пурсандаи кӯдак то синни чаҳорсолагӣ идома меёбад ва рушуду нумӯи ақли кӯдакон дар ин марҳала вобастагӣ ба бархӯрди дурусти падару модар дорад.

## Ташвиқи кӯдакон барои иштирок дар корҳои ҷисмонӣ

Иштирок дар корҳои ҷисмонӣ барои кӯдакон омӯзиши шинохти ҷойномҳоро бисёр осон мегардонад. Масалан, аҳамияти калимаи "зер" вақте дониста мешавад, ки ба кӯдак дастур медиҳанд "зери" миз пинҳон шавад. Дигар калимаҳои маконии зиёде он ҷо ба кор бур-

да мешавад, ки вожаомӯзии кӯдаконро равнақ медиҳад. Масалан, пинҳон шудан “пушти” дар, саф кашидан дар қатори «аввал», “паҳлуи” ҳам ҳаракат кардан. Афзун бар ин, онҳо фоидаҳои ҷисмонӣ низ ҳосил менамоянд. Гузоштани кӯдакон танҳо бо чанд олати тафреҳ дар як макони маҳдуд онҳоро аз рушду инкишоф бозмедорад. Бинобар ин талош бояд кард то вақти бештаре бо кӯдакон бигзаронем, онҳоро роҳнамоӣ намоем, ба саломатии онҳо аҳамият диҳем ва ба қадри имкон бо онҳо ҳамкорӣ намоем.

## Суҳбати бодиққат бо кӯдак

Дар рушди забономӯзии кӯдакон суҳбати падару модар саҳми бузург дорад ва онҳо дар марҳалаи умри аз 12 то 24-моҳагӣ мехоҳанд номҳои ашёи атрофашонро ёд гиранд. Бинобар ин падару модар вақте номи ашёро мегӯянд, бояд бисёр возеҳ ва равшан талаффуз намоянд. Ламси ашё дар омӯзиш ва касби маърифат низ кумак мекунад. Падару модар ҳангоми зикри ашё аз қаринаҳо ва ҳаракатҳо истифода намоянд. Ба таври мисол, вақте мегӯянд “ман меравам, то китобро биёрам” бо ишора ва ҳаракати даст ин корашонро ба кӯдакон, бавижа китобро, бифаҳмонанд. Вақте модар ба фарзандаш саволе медиҳад, ҷавобашро бо такрор ва шарҳу тавзеҳ ва ба таври дуруст ба тифлаш бифаҳмонад. Бо ин амал метавонад қоидаҳои забономӯзиро барои ӯ биомӯзонад ва забонашро дар адои қоидаҳои забон дуруст кунад. Илова бар он, дар ҷумлабандии дуруст ва баёни хостаҳо ва рағбатҳояш мусоидат менамояд. Мисол, агар тифл ба саволи модараш, ки “гунҷишк дар куҷост” ба таври мухтасар “қафас” бигӯяд, модар ба тавр пурра бигӯяд, ки “гунҷишк дар қафас аст”, зеро бо ин роҳ тарзи ҷумлабандии комилро ба фарзандаш ёд медиҳад.

## Бо кӯдакони худ ба таври мусбат суҳбат кунед

Фарқият ва дигаргуниҳо дар байни оилаҳо дар таносуби суҳбатҳое ошкор мегардад, ки байни аъзои он мегузарад. Ҳар қадар сатҳи дониши падару модар ба таври умум дар бораи усули тарбияи хонаводагӣ ва чигунагии бархӯрд бо онҳо боло равад, ҳамон қадар суҳбати онҳо бо кӯдакон бештар ва бар асоси он шинохти калимаҳо ва донистани забонҳо ба таври хуб ва фаъол дар кӯдакон беҳтар мегардад. Падарону модарон ҳамеша мехоҳанд ҳар кори хуби фарзандони худро таъриф кунанд ва барои анҷоми амали хӯшоянд аз ҷониби фарзандон онҳоро бо ибораҳои ташвиқкунанда монанди “ин кори хуб аст”, “ту инсони сазоворе ҳастӣ”, “ин корро ман дӯст медорам” ва “кори хубе кардӣ” ҳавасманд мекунанд.

## Фароҳам овардани фазои мусбат барои оянда

Ҳар эҳсосе (хоҳ мусбат, хоҳ манфӣ), ки падару модар назди фарзандон изҳор мекунанд, таъсири худро бар зеҳни онҳо мегузорад. Ихтилофоте,

ки миёни модарони афсурда ва кӯдаконашон ба вуҷуд меояд, таъсире ҳаммонанди афсурдагии модаронро бар зеҳни кӯдакон мегузорад (Field et al, 1988). Фазои ором ва пур аз хушҳолӣ ва умедворкунандаи оила дар тарбияи тифли нармхӯ ва бомуҳаббат кумак мекунад ва кӯдакон ба тавоноиҳои отифии падару модарон ва касоне, ки масъулияти тарбияи онҳоро бар дӯш доранд, мутаассир мегарданд ва дар масъалаҳои муқаррарӣ созгорӣ ва ҳамоҳангиро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа таълими онҳо осон ва миқдори бузурги оромиши рӯҳӣ барояшон фароҳам мегардад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ихтилофҳои занушавҳарӣ бояд аз назари кӯдакон махфӣ нигоҳ дошта шавад ва падару модар барои эҷод ва фароҳам овардани фазои ором ва осуда ҳатто дар душвортарин шароит барои кӯдакон талош намоянд. Дар чунин ҳолат падару модари мусбат аз манфӣ шинохта мешавад. Бархӯрд ва аксуламалҳои робитаҳои занушавҳариро дар ҳолатҳои душвор нисбат ба ҳолатҳои оромӣ бояд бештар идора кард. Муваффақият ҳамеша бо талош аст, на бо истироҳат ва бепарвоӣ. Кам касоне ҳастанд, ки дар вақти ғазаб худро ба хубӣ идора кунанд, магар инсонҳои барҷаста, ки сазовори чунин номанд.

## Ташвиқи кӯдакон барои такрори рафтори хуб

Тамрин ва такрор барои омӯзиши кӯдакон ду чизи лозим ва муҳиманд ва он чиро тифл аз бархӯрди муайяне натиҷагирӣ мекунад бахше аз маърифати куллии ҳамин чиз ва ё ҳамон ҳодиса ё шароит мебошад. Дар воқеъ шояд кӯдакон як бахше аз он чиро дар муносибатҳои гуногуне мешунаванд, мебинанд ё эҳсос мекунанд барои худ бигиранд ва чизҳои дигари вобаста ба ин бахшро мулоҳиза накунанд, зеро ақли тифл ниёз ба вақт дорад то биандешад ва ҳақиқатҳои муҳит ва он чиро, ки атрофи он ҷараён дорад, дарк намояд. Дар чунин ҳолат падару модар набояд шитобзада кӯдаконро барои дарки он маҷбур созанд, зеро ҳануз чизҳои зиёде дар интизори онҳост, ки бояд биомӯзанд.



**Оё ҷанин садои шуморо мешиносад?**

Тадқиқот нишон медиҳад, ки ҷанин дар ҳафтаҳои охири дар раҳми модар баъзе чизҳоро меомӯзад. Бинобар ин тавсия дода мешавад, ки падару модар бо ҷанин суҳбат намоянд, то ӯ бо садои падару модари худ одат намояд (Henry Billier, 1993).

Охирин тадқиқоти фаронсавиҳо ва ҷопониҳо нишон медиҳад, ки тифл дар ду моҳи охири қабл аз таваллуд садоҳоро мешунавад ва ташаккули қувваи шунавоияш оғоз меёбад.



Навҷавонон бештар аз он чӣ, ки одатан аз ҷониби мо кумакҳои отифӣ ва равонӣ мебинанд, ниёз доранд.

Баъзе модарон бар ин гумонанд, ки метавонанд тарбияи комили тифл ва кори ҳамешагии худро якҷо анҷом диҳанд, вале ин кори бисёр сахт ва душвор аст, зеро модар дар ҳамон лаҳзае, ки модар мешавад, ҷуз аҳамияти асосӣ ба тифл доштан ва онро бар кору фаъолияташ бартарӣ додан, интихоби дигаре надорад. Ҷомеа бояд тамоми андешаҳоеро, ки аҳамияти занҳои хонанишин, модар ва хонаводаро кам мекунад ва онро беарзиш нишон медиҳад, аз байн бубарад. Ва беҳтар аст дар ҳимоя ва бузургдошти тифлӣ ва модарӣ тамоми талошро намуда, дар баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа саҳми фаъоле дошта бошад.

## ОЁ МЕТАВОН КОМЁБИИ ИНСОНРО ҚАБЛ АЗ ПАНҶСОЛАГӢ МУАЙЯН КАРД?

Оё муваффақияти ҷомеа вобастагӣ ба рушди майнаи сар дорад? Сиришти асосии (сохтори устухонӣ) инсонро генҳо муайян мекунанд, ки шумори ин генҳо маҳдуд аст ва имкони тағйироти бузург дар он вуҷуд надорад. Ҳамчунин фаъолияту бахраварию саҳмгузории инсон бештар ба шаклгирии мағзи сар вобастагӣ дорад, зеро қабл аз 10 солагии тифл триллионҳо иртиботот ва шаба-

каҳо дар мағзи сари тифл ташаккул меёбанд, ки аксарияти онҳо дар синни сесолагӣ ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин кишварҳое, ки ба тарбияти кӯдакон дар хурдсолӣ оғоз мекунанд, аз муваффақиятҳои зиёде бархӯрдоранд. Агар масъулияти худ дар баробари фарзандонро дар хурдсолӣ оғоз нанамоӣ, шояд фурсати дигаре бароят муяссар нагардад.

Тарбияи кӯдакон дар се соли нахуст бузургтарин манфиат барои ҷомеа ба шумор меравад ва ба вуҷуд омадани робитаҳо ва пайвастагиҳои хубтар дар майнаи сари кӯдакон аз таваллуд то чаҳорсолагист. Ва яке аз сабабҳое, ки Худованди мутаол дар Қуръони карим низ тавсия ба синамаконии табиӣ то ду солро додааст, ҳамин аст.

Ташаккули равонӣ ва ҷисмонии солим, ҳатто таълим ва тарбияи кӯдак аз замони таваллуд оғоз меёбад. Вақте падар дар гӯши рости навзод азон медиҳад, аввалин сухане, ки мешунавад “Аллоҳу Акбар” аст. Ин ҳамон калимаест, ки мафҳуми он дар Ғарб аз байн рафтааст. Сипас модар дар синамаконии табиӣ, ки барои тифл муҳаббат, оғӯши гарм ва эҳсоси мансубиятро мебахшад, идома медиҳад, эҳсоси истиқлолиятро дар вуҷуди тифл ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, бо роҳнамоиҳо ваҳйи илоҳӣ тарбияи маънавӣ бо гуфтани азон дар гӯш ва тарбияи ҷисмонӣ бо синамаконии табиӣ, ки омехта бо муҳаббату отифа аст, якҷо мегарданд ва дар натиҷа кӯдак ба таври мусбат рушд намуда, ба муваффақияҳое, ки аз ӯ интизор дорем, мерасад.

# МАШҚИ 32



**Машқи 32:**

## Эҷоди одати китобхонӣ бо номи “Китоби моҳ”

Ба падарону модарон тавсия мешавад китобхонаи хурде дар хона барои худ ва фарзандон таъсис диҳанд. Онҳо метавонанд ин корро якҷоя бо дигар хонаводаҳо анҷом диҳанд ва дар давоми ҳафта ё моҳ тибқи ҷадвале, ки бо ҳам бар он иттифоқ менамоянд, барои кӯдакон китоб хонанд. Ҷадвал бояд ба шакле тартиб дода шавад, ки қобили тағйирот бошад, то фазое ба вуҷуд орад, ки китобхонӣ як одати дӯстдошта ва тӯшаи рӯзонаи кӯдакон гардад. Ҳар як узви оила китоби муносиби худашро мехонад ва сипас ба таври хулоса онро барои дигарон баён медорад ва ба шакли озод дар бораи чизҳои хондааш бо ӯ суҳбат мешавад. Беҳтар аст чунин гуфтугӯ ва суҳбатҳо баъд аз тановули ғизоҳои сабук бошанд. Ҳар яке аз аъзои оила дар ин раванд як сухани зебои ҳадафманд, ки хастагиро дур кунад, интихоб намуда, онро ба дигарон бозгӯ мекунад, то китобхонӣ ба шакли муназзам одати муқарарӣ шавад.



## ФАСЛИ ДАҲУМ
## Ташаккули шахсият ва марҳалаҳои инкишоф

- ***Муқаддима***
- ***Шуҷоат, эҷодкорӣ, садоқат, амонатдорӣ, муҳаббат, масъулиятшиносӣ, истиқлолият ва озодӣ***
- ***Ташкили канзи ахлоқӣ***
- ***Унсурҳои шахсият сатҳӣ нестанд, балки решаҳои амиқ доранд***
- ***То чӣ андоза метавон ба дидгоҳҳои равоншиносӣ эътимод кард?***
- ***Марҳалаҳои рушд ва инкишоф***
- ***Марҳалаҳои рушду инкишофи инсон дар Қуръони карим***
- ***Муъҷизаи бордоршавӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд***
- ***Марҳалаҳои рушди инсон аз таваллуд то пиронсолӣ***
- ***Истифодаи дурусти марҳалаҳои рушду инкишоф***
  - *— Синамаконӣ дар ду соли нахуст*
  - *— Муҳаббат ва тарси Худо*
  - *— Ҳифз ва аз ёд кардан*
  - *— Равиши ҳифз дар Шарқ ва Ғарб*
  - *— Ҷанбаҳои тарбияи равонӣ ва имонӣ*
  - *— Ҳассосияти наврасон ба интиқод*
  - *— Таваҷҷуҳ ба ташаккули шахсият*
  - *— Омӯзиши забони дуюм*
- ***Машқҳои 33-35***

# МУҚАДДИМА

Гавҳари тарбияи падару модар дар ташаккули шахсияти наврас, таълими мафҳумҳои дуруст ба фарзандон ва тарбияи арзишҳои ахлоқӣ дар онҳо нуҳуфтааст, то ин ки хубӣ ва садоқат аз хурдсолӣ хислат ва равиши онҳо бошад.

Пӯшида нест, ки фарзандон аз рафтори падару модар тақлид мекунанд. Пас бояд падару модар тавони таъсиррасонӣ ва ҳассосиятро дошта бошанд, то тавонанд ҳоҷатҳои равонӣ ва отифии фарзандонро дар раванди инкишофёбии онҳо бароварда созанд ва худ барои онҳо як намунаи нек бошанд. Мисол, вақте падар ба ваъдае, ки ба марди дигаре додааст, вафо намекунад, маъзаратхоҳии содиқона барои ислоҳи хатояш кофист. Аммо агар ваъдахилофӣ бо фарзандон сурат гирад, дар онҳо таъсири амиқ мегузорад, чун онҳо эҳсос мекунанд, ки ба онҳо аҳамият дода намешавад ва бо назари паст нигариста мешавад. Илова бар ин, аз намунае дур мешаванд, ки бар он боварӣ ва қаноат доранд. Дилбастагии отифии фарзандон ба ваъда мумкин аст қавӣ бошад ва ҳангоми ваъдахилофӣ аз тарафи падар ба ӯ эҳсоси беҳурматӣ намуда, шояд ҳам сабаби дилсардӣ ва аз байн рафтани боварӣ миёни падару модар ва фарзандон гардад, аз ин бештар шояд падару модарро муттаҳам ба дурӯғгӯӣ низ намоянд.

Аввалин орзуе, ки бандагони Худованд, чӣ зан ва чӣ мард, доранд ва мехоҳанд ба он бирасанд, як шахси намунавӣ, пешвои инсонҳои нек ва роҳбари созандаиояндаи мардуми хеш будан аст. Бинобар ин, барои расидан ба ин ҳадаф бояд аз имконоти ҷисмии қавӣ ва аз "унсурҳои дуруст ва ё хазинаи асосии шахсият" бархӯрдор буд, ки ҳамон сифатҳои худидоракунӣ ва хиштҳо ҳастанд, ки сутунҳои шахсиятро ташкил медиҳанд. Агар дар таркиби шахсият камбуд ё заъф ба вуҷуд ояд, дар он сурат пояҳои асосии шахсияти дохилии инсон бекор мегардад. Муҳимтарин унсурҳои захираи шахсият қуввати имон ва дониш аст.



Таркиби хазинаи шахсияти инсонро ғайр аз илму дониш ҷанбаҳои дигаре низ ташкил медиҳанд, ки он заминаи ахлоқӣ аст (ва реша дар тарбия аз оғӯши падару модарӣ дорад). Ҳидоят аз маърифату имон ва ҳикмат сарчашма мегирад ва роҳнамоии афроди гумроҳе, ки шахсияти қавӣ доранд, бо розӣ кардани оқилонаи дуруст ҳосил мешавад. Аммо касоне, ки шахсияташон қувват ва сарчашмаи аслии дуруст надоранд, наметавонанд роҳбар ва пешгоми ҷомеа бошанд, агар ҳам дорои арзишҳои равонии қавӣ бошанд. Бинобар ин, барои расидан ба тарбияи оилавии солеҳ бояд ба ташаккули ин унсурҳо дар шахсияти кӯдакон аз солҳои аввали зиндагӣ оғоз намоем.

Сегонаи ташаккули ахлоқ
Муҳаббат → Илм → Амал
Дил: Хубиро дӯст медорад
Майна: Хубиро мешиносад
Одат: Хубиро анҷом медиҳад

Ҳадафи тарбияи фарзандон омода кардани инсонҳои мустақил ва масъулиятшинос аст. Ба ибораи дигар: Омода дани шаҳрвандони нек ва ислоҳотчӣ.

Калимаи "шахсият" ба як низоми комил ишора мекунад, ки дар натиҷаи ҳамкории бисёр ҷиддӣ байни ду унсури асосии инсон, яъне ҷисм ва рӯҳ ба вуҷуд меояд. Мафҳуми «шахсият» умуман табиат, рафтор, хислат, одоб, ахлоқ, шарофат, обрӯ, хусусият, бартарӣ ва робитаҳои ҳамаҷонибаи байни инсонҳоро фаро мегирад, зеро наметавон шахсиятеро дур аз ҷомеае, ки дар он бо дигарон ҳамкорӣ менамояд, омӯхт. Нахустин ҷомеа худи оила аст, ки дар он инсон аз тарбияи падару модар бархӯрдор аст. Тарбияи оилавӣ ба маънои ташаккули сифатҳои роҳбарӣ аз даврони кӯдакӣ аст, ки дар сархати он шуҷоат, озодӣ, эҷодкорӣ, муҳаббат, масъулиятнишонсӣ, саховатмандӣ, садоқат, амонатдорӣ, боварӣ ба худ, истиқлолият, сабр ва адолат қарор доранд. Баъзе сифатҳо аз сифатҳои дигаре, ки на сифатҳои фаръӣ, балки сифатҳои аслӣ ба шумор мераванд, сарчашма мегиранд ё аз чанд сифат таркиб мeёбанд. Шояд инсон баъзе аз ин сифатҳоро, ки реша дар фитрат надоранд, дар калонсолӣ касб намояд, вале бештари ин хислатҳо дар замони кӯдакӣ ба вуҷуд меоянд.

Ин китоб ба сифатҳои зерин, ки дар ташаккули шахсияти инсон нақши муҳим доранд, равшанӣ меандозад:

## ШУҶОАТ, ЭҶОДКОРӢ, САДОҚАТ, АМОНАТДОРӢ, МУҲАББАТ, МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ, ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ОЗОДӢ

Аксари роҳбарони ҷаҳон, хоҳ хуб бошанд, хоҳ бад, унсурҳои сифатҳои зикршударо дар шахсиятҳои худ доранд. Дар бораи пешвоёне, ки дар худ намунаҳои некро доштанд, монанди Одам,

Ҳавво, Нуҳ, Иброҳим, Соро, Ҳоҷар, Мусо, Исо ва Муҳаммад (а) бояд андеша кард. Инчунин дар бораи саҳобагон ва аҳли байти Расулуллоҳ (с), аз ҷумла Хадиҷа, Абубакр, Умар ибни Хаттоб, Усмон ибни Аффон, Алӣ ибни Абутолиб, Фотима, Ҳасан, Ҳусайн, Холид ибни Валид, Аммор ибни Ёсир ва Сумайя (р), ва дар мавриди қаҳрамони хилофати Усмониҳо Муҳаммади Фотеҳ ва дигар пешвоён монанди Умар Мухтор, Абдулкарими Хатобӣ, Ибни Бодис ва Манделла биандеш, ки ҳамагӣ инсонҳои далеру эҷодкор ва дорои эҳсоси масъулияти бузург буданд.

Расидан ба ҷойгоҳи роҳбарӣ, гавҳари асили бе айб дар шахсияти инсон ва сифатҳои шуҷоат, пешқадамӣ ва масъулиятшиносиро тақозо мекунад. Дар ғайри ин сурат расидан ба ин мақом бисёр душвор аст. Дар ин маврид метавон дарсе аз сиёқи қуръонӣ омӯхт, ки ба шакли зайл аст. Баъд аз он, ки Худованд ҳазрати Мусо (а) ва Банӣ Исроилро аз ғуломии Фиръавн дар Миср наҷот дод, ҳазрати Мусо (а) ба хотири боло бурдани мақоми умматаш ва ё ба даст овардани пирӯзӣ ба ин насл эътимод накард, зеро онҳо сифатҳои шуҷоат, озодӣ ва эҷодкориро надоштанд ва ба сабаби надоштани ин сифатҳо онҳо ба ҳазрати Мусо чунин посух доданд:

***“Гуфтанд: «Эй Мӯсо, то вақте ки пурзӯрҳо дар он ҷоянд, ҳаргиз бад-он шаҳр дохил нахоҳем шуд. Мо ин ҷо менишинем, ту ва Парвардигорат бираведу ҷиҳод кунед»”***

***(Моида, 24).***

Наслҳои зиёде аз Банӣ Исроил ҳамчун ғулом бо тарсу ваҳшат аз фиръавнҳои Миср зиндагӣ мекарданд. Ҳазрати Мусоро (а) муяссар нагардид шахсияти онҳоро бо имону таълим тағйир диҳад, чун синну соли онҳо ба ҷое расида буд, ки дигар тағйирпазирӣ барояшон душвор буд. Илова бар ин, гавҳари вуҷуди онҳо ноқис ва ғайри қобили тағйир гашта буд. Бинобар ин ҳазрати Мусо (а) мунтазир шуд то ин насли заиф аз байн рафта, насли наве ба вуҷуд ояд, ки дар фазои озодӣ дар саҳрои Сино, ки чиҳил сол муддати оворагӣ ва саргардонии онҳо буд, тарбия шуда бошанд. Он гоҳ ҳазрати Мусоро муяссар шуд насли навро ҳамчун инсонҳои бо сифатҳои мардонагӣ, озодихоҳӣ, садоқат ва масъулиятшиносӣ тарбия намояд. Ҳазрати Мусо ва бародараш Ҳорун барои тарбияи насли нав, ки муддати чиҳил сол буд, аз саҳрои Синои поку беолоиш ва дур аз мушкилот дар ташаккули мардони қавӣ ва муъмини Банӣ Исроил, ки дар ин саҳро ба дунё омада буданд ва дур аз бандагии Фиръавн ба воя расида буданд, истифода намоянд. Ин барои онҳо як марҳалаи наве буд, ки дар тарбияи насле, ки гавҳари асилро бар худ касб намуда, шоистагии роҳбариро доштанд, фазои муносиберо фароҳам овард.



Падару модар ба таври махсус ва тамоми мураббиҳо ба таври умум бояд дар ташаккули шахсияти фарзандон дар кӯдакӣ оғоз намоянд ва ба гумони ин, ки метавонанд баъд аз синни наврасӣ дар унсурҳои асосии шахсияти онҳо таъсири зиёде ба вуҷуд оваранд, кори хатост, чун аксари сифатҳои асосии шахсияти инсонҳо дар тифлӣ ташаккул меёбад. Муҳимтар аз ҳама, кӯдак бояд дар фазои хонаводаи пур аз муҳаббату дустӣ ва раҳму шафқат ба воя бирасад. Вале бояд бидонем, ки ташаккули шахсият талоши доиме аст, ки дар тамоми марҳалаҳои ҳаёти инсон идома дорад, вале муҳимтарин марҳалае, ки дар он таъсири асосиро дорад, замони ширхорагӣ ва кӯдакӣ, яъне то синни панҷсолагӣ аст.

**Инсони ороставу солимро арзишҳои асосӣ месозанд ва сипас ҳодисаҳо, шароит ва ҳолатҳо таъсири худро дар сохти шахсияти ӯ илова мекунанд.**

## ТАШКИЛИ КАНЗИ АХЛОҚӢ

Чанд соли нахусти замони кӯдакӣ марҳалаи асосӣ дар бунёди шахсияти инсон аст. Шахсияти тифл рӯз ба рӯз, қадам ба қадам ва ҳодиса ба ҳодиса сохта мешавад ва падару модар бояд дар ташаккули шахсияти фарзанд сабру истодагарию талошро пеша кунанд.

**Шахсият кай сохта мешавад? Оё тағйирот овардан дар шахсият дар оянда мумкин аст?**

Мо ба ин ду савол ҷавоби дақиқ дода наметавонем. Доктор Спок ба ин назар аст, ки аз 5-моҳагӣ то якунимсолагӣ шояд ассоситарин

марҳалае бошад, ки дидгоҳҳои асосии инсонҳоро нисбати ҳаёт муайян намояд, зеро тифл дар ин марҳала эҳсос мекунад, ки инсони мустақил аст ва ба ин хислати худ исрор меварзад. Бинобар ин аст, ки мехоҳанд луқмаро худашон ба дасташон бигиранд, аз пиёла бо дасти худ бинӯшанд ва намехоҳанд ба муддати тулонӣ дар оғӯш бимонанд. Афзун бар ин, онҳо аввалин вобастагии худ ба падару модарро эҳсос мекунанд. Пас агар падар ё модар инсони меҳрубон ва дилсӯз бошад, дар он сурат кӯдак орзу мекунад, ки дигарон низ мисли падару модари ӯ бошанд. Илова бар он, муҳаббати падару модар дар вуҷуди онҳо меҳру муҳаббатро устувор месозад. Аз тарафи дигар, агар падар хунсард ва бадбин бошад, дар он сурат ҳамин сифатҳо дар вуҷуди кӯдакон устувор мегарданд ва дар навбати худ онҳо низ мехоҳанд дигарҳо низ чунин сифатҳоро дошта бошанд ва танҳо ҷанбаҳои манфии мардумро мебинанд. Дар ҳамин марҳала (аз 5-моҳагӣ то 1-солагӣ) дидгоҳашон нисбати худро дар вуҷудашон рушд медиҳанд, ки онҳо чӣ гуна инсонҳо ҳастанд, оё инсонҳои ҷаззоб ҳастанд ё не, некукор ҳастанд ё баръакс, инсонҳои итоаткор ҳастанд ё шӯху саркаш. Ва ҳамин гуна дар вуҷудашон эҳсосе ба вуҷуд меояд, ки некбин ҳастанд ё бадбин.

Кӯдакон байни якуним то сесолагӣ дар бораи худ эҳсоси муайяне пайдо мекунанд, шуури истиқлолият дар онҳо ба вуҷуд меояд ва бо вуҷуди ин бештар дарк менамоянд, ки бояд ба падару модар такя намоянд. Инчунин тифл ба фикрҳои гуногуни бо ҳам зид меандешад ва онро эҳсос менамояд, монанди истиқлолият дар муқобили эътимод, тозагӣ дар муқобили нопокӣ, итоат дар муқобили саркашӣ ва меҳрубонӣ дар муқобили душманӣ. Тағйирёбии шахсияти кӯдакон дар поёни сесолагӣ андозаи гармии муносибат бо падару модарро муайян менамояд.

Падарону модарон як робитаи маҳкам ва пур аз меҳру муҳаббатро бо фарзандон эҷод кунанд, чун аз падару модари росткор ва фарзанди итоаткору фармонбардор шахсияти дуруст ва мутеъ ба воя мерасад. Агар падару модар инсонҳои бадбин ва носозгор бошанд ва барои фарзандон ҳангоми суҳбат фурсати гуфтугӯ надиҳанд, дар ин сурат фарзандон инсонҳои бадбин ва носозгор тарбия меёбанд. Агар падару модар нисбати тозагӣ бисёр сахтгир бошанд, фарзандон ба ин масоил ба таври табиӣ таваҷҷуҳ намуда, аз онҳо инсонҳои ҳавасманд ба тозагию покӣ ба воя мерасад.



## УНСУРҲОИ ШАХСИЯ Т САТҲӢ НЕСТАНД, БАЛКИ РЕШАҲОИ АМИҚ ДОРАНД

Мафҳуми шахсият ба шакли нисбатан доимии фикрҳо, ҳиссиётҳо ва рафторҳое дахл дорад, ки шахсро аз дигар одамон фарқ мекунад. Рафтору кирдори инсон тамоми корҳо ва вокунишҳои зоҳирию ботинӣ ва дурусту нодурусти ӯро дар бар мегирад, ки дар чандин сатҳ печида ва мутафовит ҳастанд. Бинобар ин, қарор додани он дар як сатҳ бисёр кори душвор аст (ат-Тал, 2005).

Бо таваҷҷуҳ ба мавориди фавқ метавон гуфт, ки шахсият кори содае нест, ки мардум онро тавассути таълим ва таҷриба дар кӯдакон густариш диҳанд, балки масъалаи бунёди шахсият ва ташкили он дар оғози кӯдакӣ вобаста ба аҳамият ва тарбияи ҷиддӣ аст, ки бе шак аз падару модар устуворию шикебоиро мехоҳад, монанди як дарахти бузург, ки ба хотири реша давонидан дар аъмоқи замин ниёз ба вақти дароз дорад.

*Беҳтарин ҳадяе, ки падару модар ба фарзандон медиҳанд, шахсияти нек аст (Тавфиқ, 1967).*

**Ту аблаҳу аҳмақӣ**



### Гул, кӯдак, падару модар

Кӯдак монанди гул аст, мешукуфад ва бӯяш атрофро хушбӯ месозад ва дили бинандаро мерабояд. Бо вуҷуди ин, хорҳои зиёде низ дорад ва падари дилсӯзу меҳрубон ин гулро аз навниҳолӣ ба камоли аҳамият тарбия мекунад, рушду шукуфоӣ медиҳад ва шояд ҳам гоҳо дастҳои падар аз хорҳо озор мебинанд. Аммо падари шитобзада ба хотири нарасидани озори хор ба дастонаш, аз шукуфаҳои гул мегирад, ки сабаби аз байн рафтани худи гул мегардад. Бо ин роҳ, ки мехоҳад аз озори хорҳо худро нигоҳ дорад, озор ба худи гул мерасонад. Падару модар бояд бо фарзандони худ бениҳоят бо диққат, ғамхорӣ ва пуртоқатӣ рафтор кунанд, ҳамон гуна, ки аз гул бо нозуктарин равиш муроқибат мешавад.

### Фарзанд як муаммост

"Дунёи кӯдакон як дунёи шигифтангезе аст, ки бузургсолон наметавонанд онро дарк кунанд, як дунёи пур аз печутоб аст, ки падару модар, андешамандон, файласуфон, равоншиносон, мураббиҳо ва донишмандон наметавонанд онро ба таври комил дарк намоянд"

*(Халил Абулҳуб, 1979).*

## ТО ЧӢ АНДОЗА МЕТАВОН БА ДИДГОҲҲОИ РАВОНШИНОСӢ ЭЪТИМОД КАРД?

Бо вуҷуди ин, ки мо нисбат ба дидгоҳҳои мухталифи равоншиносӣ дар ҷомеаҳои худ арзиш қоил ҳастем ва аз он истифода мебарем, аз назария ва дидгоҳҳои он дар мавриди рушди инсон ва рафтору арзишҳои ахлоқӣ ҳазар ва эҳтиёт менамоем, ва он ҳам ба ду далел. Далели аввал **тағйирпазирии он** аст ва далели дуюм ин аст, ки **равоншиносон дар бисёре аз ин масоил иттифоқи назар надоранд.**

Мусалмон набояд аз роҳи рост берун шавад, чун ӯ дорои роҳнамоиҳои собит ва устувор аз ҷониби ваҳйи илоҳист, ки ӯро дар пойбанд мондан дар роҳи дуруст кумак намуда, аз чархиш миёни носозгориҳое, ки ҳар лаҳза ба вуҷуд меоянд, бозмедорад. Танҳо Офаридгори худи инсон медонад, ки чӣ ба суд ва барои хушбахтии бандагон аст.

Аз ҷумлаи намунаҳои дигари баҳсу муноқишаҳои бепоён, ки равоншиносонро дар ҳайрату тараддуд гузоштааст, сириштусириштпазирӣ ва генетика дар муқобили муҳиту атроф аст. Райт *(Wright, 1998)* дар ин бора мегӯяд:

"Беҳтар аст равоншиносон аз баҳсу мунoқишаҳое, ки як сада боз дар мавриди "калиди тарбияи фарзанди нек" идома дорад, бозистанд, на ба сабаби ин, ки онҳо роҳи ҳалле

пайдо намудаанд, балки ба хотири набуди роҳи ҳал дар ин мавзӯъ. Бинобар ин, падару модар дар рушди шахсияти фарзандон таъсири амиқ ва дарозмуддат надоранд”.

Дидгоҳи Ҷудит Ҳарис *(Judith Harris, 1998)* бо назарияи Райт мухолифат дорад. Ҷудит таъкид мекунад, ки нисфи ихтилофҳои мавҷуд дар шахсияти фарзандон ба масъалаҳои меросӣ дахл надорад, зеро муҳит ва ҷомеа низ берун аз хона таъсири худро мерасонанд. Фарзандон ба ахлоқу арзишҳои рафиқону ҳамсолони худ мутаассир гашта, дуруштӣ ё нармхӯӣ, аҳмақӣ ё боақлиро ба худ мегиранд ва таъсири сифатҳои аслии шахсияташон устувор гашта, ба шакли ниҳоии худ мерасанд. Падару модари моҳир ва кордида метавонанд рафтори фарзандонро дар дохили хонавода ташаккул диҳанд, аммо боз ҳам шояд фарзанд дар дунёи васеътаре берун аз хона инсони дигар бошад.

Албатта мафҳумҳои равоншиносии машҳур дар бораи “бо равиши фавқулодаи тарбияи оилавӣ метавон фарзанди нек тарбия намуд” нодуруст аст. Дар воқеъ, донишмандони муҳандисии генетикии рафторӣ ба ин хулоса расидаанд, ки ҳатто дугоникҳое, ки бо ҳам тарбия меёбанд, нисбат ба дугоникҳое, ки аз ҳам ҷудо тарбия мешаванд, имконияти бештари ҳамсониро доранд. Ҳамин гуна, ба тартиб ва бо ҳам наздик таваллуд шудани бародарону хоҳарон аз нигоҳи замонӣ омили муҳими дигаре дар тарбия мебошад. Зеро шояд шеваи бархӯрди бародарон ё хоҳарон бо бародарони хурдсолтар аз шеваи бархӯрди падару модар фарқ кунад ё бо онҳо дар ҷомеа ба шакли дигар бархӯрд шавад, монанди мавриди хушунат қарор гирифтан ё бо муомилаи дурушти бародарон ва хоҳарони худ мувоҷеҳ шудан.

Як кӯдак дар мактаби Арканзас ба сӯи ҳамсинфони худ оташ кушод дар ҳоле, ки бародараш чунин кореро анҷом надод. Пас сабаб чист? Оё эҳсоси ғайри қобили қабул будани ӯ дар муҳити мактаб боиси даст задан ба ин кори ногувор шуд? Оё эҳсоси маҳбубияти камтар доштан назар ба бародараш дар хонавода буд? Оё ба сабаби беаҳамият қарор гирифтан дар мактаб аз тарафи дӯстон афсурда ва озурдахотир гашта буд ва равиши тарбияи оилавӣ ба ӯ таъсир набахшид, дар ҳоле, ки ин равиш барои бародараш судманд буд? Оё роҳи ҳал ин аст, ки барои ҳар як фарзанд мувофиқи хостаҳои онҳо равиши тарбиявии ҷудогона интихоб шавад? Аз ин ҷо бармеояд, ки касе сабаби инро намедонад.



Падару модар метавонанд осудахаёл бошанд, зеро илм барои бисёре аз пурсишҳои онҳо посух пайдо накардааст. Пас чанд муддати дигар бояд мунтазир шуд, то илм чигунагии бархӯрди дуруст бо фарзандонро ба онҳо нишон диҳад? Инсон ниёз ба бовари̣ ва эътимод ба ваҳйи илоҳии маҳкам ва амалкарди паёмбарон дорад.

Шоёни зикр аст, ки илм бар ду навъ аст: яке улуми табиӣ, ки мавзӯи баҳси он модда аст, ва дигаре улуми инсонӣ, ки инсонро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар улуми табиӣ ақл ва таҷриба ба кор бурда мешавад, то хусусиятҳои модда ва ҳар хайр ва манфиате, ки дар он нуҳуфта аст, кашф гардида, дар чорчӯбаи ахлоқии илм дар хизмати инсон гузошта шавад.

Аммо дар мавриди навъи дуюм, ки марбут ба улуми инсонист, Худованд ба хотири шарофат ва кароматти инсон дар он ҷой барои озмоиш қарор надодааст, балки нахустин сарчашмаи ин улум ваҳйи илоҳист, ки ақл ва таҷриба дар доира ва чорчӯбаи он мечархад. Ваҳйи илоҳӣ инсонро бо вижагиҳои равони башарӣ таъмин менамояд, он чунон, ки равон дар ҳақиқати худ қарор дорад ва онро майдони иҷтиҳод ва ё ихтилоф қарор намедиҳад, то инсон роҳгум ва бадбахт нагардад.

Ин ҷо таъкид мекунем, ки дар гуфтаҳои боло даъват ба напазируфтани мутлақи тамоми назарияҳои равоншиносӣ нест, балки зарурат ба баҳсу таҳқиқоти ҷиддитаре дорад, ки аз ваҳйи илоҳӣ сарчашма гирифта, барои оилаҳо дар тарбияи фарзандон кумак менамояд. Чун баъзе аз назарияҳои бединӣ ба ҷои ин, ки суде аз он ба ҷомеа бошад, зарари бештар мерасад. Муодилае, ки моро ба сӯи тарбияи дуруст фаро мехонад, ҷамъи ҳакимона ва ҳӯшмандона байни фаҳми дурусти ваҳйи илоҳӣ ва маърифатҳои анбуҳи инсонӣ аст.

## МАРҲАЛАҲОИ РУШД ВА ИНКИШОФ

Дар ин мавзӯъ марҳалаҳои лозимаи рушди инсон баррасӣ мегардад, то як тӯшае барои падарону модарон дар маърифати рушди марҳала ба марҳала дар тамоми давраҳои ҳаёти фарзандон бошад, ва онҳо битавонанд маълумоти васеътар дар шинохти ниёзҳои фарзандони худ дошта бошанд. Ҳамчунин барои ба даст овардани натиҷаи беҳтари тарбияи оилавӣ, чигунагии истифодаи ҷанбаҳои гуногуни ҳар як марҳаларо баён намуда, равиши шукуфоии ҷисм ва зеҳн дар марҳалаҳои гуногунро низ мавриди баҳсу баррасӣ қарор хоҳем дод.

Барои мисол, баъзе падарону модарон фарзандони худро маҷбур мекунанд, ки хӯроки бештаре бихӯранд ва дар чунин ҳолат фарзандон ба шиддат мухолифат мекунанд, вале дар марҳалаи баъдӣ шароит тағйир ёфта, иштиҳои онҳо баланд мегардад ва бо ихтиёри худ ва бе фишори падарону модарон бештар мехӯранд. Пас сабаби бештар хӯрок хӯрдан тақозои синну сол

аст. Гоҳо наврасон алайҳи падару модар ва муҳиту ҷомеа саркашӣ мекунанд, аммо чун синну солашон боло меравад мутобиқи марҳалаҳои табиии рушду инкишоф, маҳдуд мегарданд.

Духтурон ба падарону модарон тавсия медиҳанд, ки дар мавриди нишонаҳои расидани фарзандонашон ба марҳалаҳои муайяни рушду нумӯ огоҳ бошанд. Дар ҳоли расидани синни фарзанд ба як марҳалаи муайян ва пайдо нашудани нишонаҳои он, бояд бонги хатар зад, чунки шояд онҳо мувоҷеҳи мушкилоти хатарноке гаштаанд ва беҳтарин роҳи ҳимоя доштани маълумот, муроҷиа кардан ба духтури оилавӣ ва муайян кардани сабабҳои он аст. Падару модар набояд дар ҳолати пеш омадани чунин вазъият нигарон бошанд.

Кӯдакон ба таври табиӣ ва мутобиқ бо рафти генетикии умумӣ рушд мекунанд. Дар ин раванд чӣ хуб аст, ки падару модар аз орзуҳои шахсии худ даст бикашанд, агар дар воқеъ мехоҳанд дасти кумак ба фарзандон дароз кунанд, то онҳо ба орзӯҳои худ бирасанд. Фарзандон наметавонанд монанди падарону модарон бошанд, чун онҳо дар худ шахсияти мустақилро мебинанд. Ба падарону модарон тавсия мешавад, ки ба воқеъиятҳо тан дода, дар баробари расидан ба ҳадаф ду равиши табииро - сабр ва нармрафторӣ - ба кор гиранд.

## МАРҲАЛАҲОИ РУШДУ ИНКИШОФИ ИНСОН ДАР ҚУРЪОНИ КАРИМ

Дар зер оятҳои Қуръони карим дар бораи марҳалаҳои рушди ҷисми инсонро зикр мекунем.

***“Пас одамӣ бингарад, ки аз чӣ чиз офарида шудааст. Аз обе ҷаҳанда офарида шудааст, ки аз миёни пушту сина берун меояд”***

***(Ториқ, 5-7).***



***“Эй мардум, агар аз рӯзи қиёмат дар шубҳа ҳастед, Мо шуморо аз хок ва сипас аз нутфа, он гоҳ аз лахтаи хуне ва сипас аз порагӯште гоҳ тамом офарида, гоҳ нотамом биёфаридаем, то қудрати худро бароятон ошкор кунем. Ва то замоне муайян ҳар чиро хоҳем, дар раҳмҳо нигаҳ медорем. Он гоҳ шуморо, ки кӯдаке ҳастед, берун меоварем, то ба ҳадди зӯрмандии худ расед.***

*Баъзе аз шумо мемиранд ва баъзе ба солхӯрдагӣ бурда мешаванд, то он гоҳ ки ҳар чӣ омӯхтаанд, фаромӯш кунанд. Ва ту заминро хушкида мебинӣ. Чун борон бар он бифиристем, дар ҷунбиш ояд ва нашъунамо кунад ва аз ҳар гуна гиёҳи боравнақ бирӯёнад"*

***(Ҳаҷ, 5).***

*"Худо шуморо аз батни модаронатон берун овард ва ҳеҷ намедонистед. Ва бароятон чашму гӯшу дил биёфарид. Шояд шукр гӯед!"*

***(Наҳл, 78).***

*"Худост, ки шуморо нотавон биёфарид ва пас аз нотавонӣ боқувват сохт, он гоҳ пас аз боқувватӣ нотавониву пирӣ овард. Ҳар чӣ бихоҳад, меофаринад ва Ӯ донову тавоност!"*

***(Рум, 54).***

*"Албатта Мо инсонро аз гили холис офаридем, сипас ӯро нутфае дар ҷойгоҳе устувор қарор додем, он гоҳ аз он нутфа лахтахуне офаридем ва аз он лахтахун порагӯште ва аз он порагӯшт устухонҳо офаридем ва устухонҳоро бо гӯшт пӯшонидем; бори дигар ӯро офарининше дигар додем. Сазовори таъзим аст Худованд, Он беҳтарини офаринандагон! Ва баъд аз ин ҳамаи шумо хоҳед мурд. Боз дар рӯзи қиёмат зинда мегардед"*

***(Муъминун, 12-16).***

**Марҳалаҳои мухталифе дар ин оятҳо зикр гардида аст, ки ба шакли зеранд:**

- **Хок:** Хоке, ки ба он об изофа шуда, гил гаштааст. Ва ин ҳамон моддае мебошад, ки аз он тамоми башарият офарида шудааст ва бо далелҳои илмӣ низ собит шудааст, ки инсон аз хок офарида шудааст ва ба хок дубора бармегардад ва аз он боз берун меояд.
- **Як нафс:** Аввалин ҷуфт, яъне Одам (а) ва Ҳавво (а) аз як нафс офарида шудаанд ва калимаи «нафс» дар забони арабӣ занона аст ва ҷои мулоҳиза аст, ки калимаи завҷ (ҷуфт) дар Қуръони карим мардона ва ҳам занона аст. Ва ин калима марду занро ҳамчун як ҷуфт (ҳамсарон) дар бар мегирад ва ин дугонагӣ вуҷуди ду шахсро ҳамчун як шахс медонад, на ду мавҷуди ҷудогона.
- **Такосур (Бисёр шудан):** Марҳала ба марҳала пайдо шудани сулола ва наслҳо аз як ҷуфт ба шакли зайл аст: тухми бордоршуда (оби мард, ки нутфа

мебошад, ва оби зан, ки тухмдон аст), сипас лахтаи хун (овезон дар бачадон), сипас шаклгирии устухонҳо ва сипас гӯшт, ки устухонҳоро мепушонад.

- **Офариниши дигар (ҷанин):** Тақрибан пас аз гузашти чаҳор моҳи ҳомиладорӣ рушд намуда, ба як марҳалаи нав, яъне ба шакли як инсон тағйир меёбад. Ҷанин дигар танҳо як ҷисми моддӣ нест, балки дорои рӯҳ аст, ки бинобар он мероси волидайн насибаш гардида, ҳуқуқи худро дорад, вале воҷибот ва вазифаҳои шаръӣ ҳануз бар дӯши ӯ нест.

- **Тифл:** Марҳалаи навзодӣ замонест, ки инсон заррае маърифат ва тавоноие надорад.

- **Ширхорагӣ:** Ҳадди аксари синамаконӣ ду сол аст ва тифл дар ин муддат аз пистони модар мехӯрад. Ташвиқ ба синамаконии табиӣ дар панҷ ояти Қуръони карим (ки дар боло зикр шуд) омадаст.

- **Балоғат:** Дар синни балоғат манӣ барои мард ва ҳайз барои зан ба вуҷуд меояд ва онро рушди гармонҳои ҷинсӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Инсон дар ин марҳала қодир ба зиёд кардани насл мебошад, ки дар оянда аз онҳо падару модар ба вуҷуд меояд.

- **Ҷавонӣ:** Қудрату тавоноии марду зан дар ин марҳала комил мегардад. Юсуф Алӣ мегӯяд: "Қуввати инсон дар синни аз 18 то 32 солагӣ комил мегардад. Бо вуҷуди ин, Расулуллоҳ (с) ба ҷавонони хоҳишманде, ки ба синни 15-солагӣ мерасиданд, иштирок дар ҷангҳоро иҷозат мефармуд. Баъзе инсонҳо шояд андак дер ба ин марҳала бирасанд, аммо синни пухтагӣ барои онҳое, ки комил шудаанд, дар 40 солагӣ мерасад ва пас аз он марҳалаҳои умри миёна сар мешавад".

- **Пирӣ ва нотавонӣ:** Хотира ва маърифати инсон оҳиста-оҳиста рӯ ба сустӣ мениҳад. Инсон дар ин марҳала ба камбуди маърифат ва фаромӯшхотирӣ мувоҷеҳ мешавад ва сипас ба ҷое мерасад, ки дигар чизеро намедонад, ҳарчанд чизҳои зиёдеро медонист. Ин тавр, инсон чанд марҳаларо тай менамояд: нотавонӣ, тавоноӣ, тавоноии комил, нотавонӣ ва поёни умр.

- **Марг:** Марг аз ҷониби Худованди Офаридгор аст, ки вақти муайяне дорад, на пеш аз вақт меояд ва на дер мекунад. Ва ин ҷисми моддие, ки аз хок ба вуҷуд омада ва рушду инкишоф ёфтааст, дубора ба хок бармегардад.

- **Барзах:** Байни марг ва қиёмат аст.

***"Чун якеашонро марг фаро расад, гӯяд: «Эй Парвардигори ман, маро бозгардон. (ба ҳаёт). Шояд корҳои шоистаеро, ки тарк карда бу-***

***дам, ба ҷой оварам». Ҳаргиз! Ин суханест, ки ӯ мегӯяд ва пушти сарашон то рӯзи қиёмат монеъест, ки бозгашт натавонанд"***
***(Муъминун, 99-100).***

- **Қиёмат:** Поёни давраи офариниш:

  ***"Шуморо аз замин офаридем ва ба он бозмегардонем ва бори дигар аз он берун меоварем" (Тоҳо, 55).***

- **Абадият:** Бар асоси амалҳои нек ва раҳмати Парвардигор як муддат ё ҳамеша дар дузах ё ҷовидон дар биҳишт мондан. Ҳамин гуна офариниши инсон аз нестӣ ба сӯи фано ва сипас ба сӯи абадият комил мегардад.

Қуръони карим ин марҳалаҳои мушаххасро дар дурнамои кайҳонии дурусти худ ҷой додааст. Дар оғоз башрият вуҷуд надошт, сипас ӯро Худованд дар як ҷисму рӯҳи офарид ва аз тани ӯ ҳамсарашро офарид (чигунагии офариниши ҳамсари Одам (а) дар Қуръон баён нагардидааст). Сипас онҳо бо ҳам издивоҷ карданду як низоми нави пайдо шудани наслҳо рӯи кор омад, яъне баҳамоӣ пас аз низоми муқаддаси издивоҷи расмӣ ба хотири нигоҳ доштани воҳиди аслии ҷомеа — оилаи иборат аз падар, модар ва фарзандон.

## МУЪҶИЗАИ БОРДОРШАВӢ, ҲОМИЛАДОРӢ ВА ТАВАЛЛУД

Д`Ойен *(D.Oyen, 1996)* мегӯяд, ки вақте раҳми ҳайвоноти модина бо нутфаи ҳайвоноти нарина бордор мегардад, ҳаҷми тухми бордоршуда бузургтар аз нуқтаи рӯи ҳарафҳо нест. Пас аз якчанд ҳафта монанди луқмаи хурди дар даҳон ҷавидашуда мегардад ва чун умраш ба чаҳор ҳафта мерасад, дар он нишонаҳои оғози аъзои ҷисмӣ намоён мегарданд. Дили хурд ба тапиш медарояд ва то замоне, ки инсон зинда аст, аз тапидан як дақиқа ҳам featuresнамеистад. Дарозии дили он тақрибан ду сантиметр аст ва пас аз чаҳор моҳи ҳомиладорӣ наздик ба 15 сантиметр мерасад ва бо пайдо шудани ангуштони дасту по ва абрувон шакли инсон комил мегардад.

Агарчи ҷанин нафас намекашад ва чашмонаш баста аст, тапиши қалби модар, овози ӯ ва дигар овозҳои баландро мешунавад (мисли касе, ки аз зери об овозҳоро мешунавад), лагад мезанад, қад мекашонад, ба ҳар тараф давр мезанад, ангуштаашро мемакад ва гоҳо имкон дорад андаке аз моддаи моеъи раҳми модар мебалъад, ки дар натиҷаи он ҳиккак мезанад ва модар ҳам ҳаракатҳои ӯро эҳ-

сос мекунад. Вақте ҷанин бештар рушд менамояд, падар метавонад дасташро рӯи шиками модар гузошта, ҷунбишу баъзе ҳаракатҳои ӯро эҳсос кунад. Гоҳо модар дар шаб хобаш намебарад, чун тифл дар он вақт дар шиками модар мехоҳад ҳаракат намояд.

Модар бояд хӯрокҳои ғизонок хӯрад, то тифлро дар нашъунамои муносиб кумак кунад. Чун тифл дар раҳм дар ҳоли бузург шудан ва меъда дар ҳоли танг шудан аст, модар дигар наметавонад ғизои бештар хӯрад. Пас аз гузашти ҳафт моҳи ҳомиладорӣ вазни тифл зиёд мешавад ва модар наметавонад бо осонӣ ҳаракат кунад. Бинобар ин, занҳои ҳомила ниёз ба нигоҳубин ва аҳамияти бештаре доранд ва ба ашхосе эҳтиёҷ доранд, ки онҳоро дар корҳои хонавода кумак намоянд. Пас аз 9 моҳи ҳомиладорӣ вазни тифл то 3-5 кг ва қадаш то 45-52 см мерасад ва ҳаракат барои тифл дар раҳми модар низ душвор мегардад. Акнун вақти он мерасад, ки дар дунёи дигаре берун аз раҳми модар зиндагӣ кунад.

Вақти зоиш бачадон, ки Худованд онро қавитарин мушак офаридааст, инқибоз ва танг шуданро сар мекунад, то тифлро ба берун ҳаракат диҳад. Пеш аз зоиш ҷисми зан худро то ҳадде барои ба дунё овардани тифл омода мекунад, ки ҳатто бе кумаки духтурон ҳам метавонад тифлро берун оварад. Зоиш одатан як ҳодисаи бехатар ва хушҳолкунанда аст, бар хилофи он чизе, ки дар телевизор нишон медиҳанд. Бо вуҷуди ин, ки дарди зоиш ба сабаби ихтилолҳои раҳми зан бисёр сахт аст, аксари модарон бо далерию шуҷоат ва ба хотири фарзанд бар он ғолиб меоянд ва чун модар меҳмони навро ба оғӯш мегирад, ҳама дарду сахтиҳоро ба боди фаромӯшӣ месупорад.

Худованди мутаол ҳолати равонии занро дар вақти таваллуд «нотавонӣ болои нотавонӣ» васф намудааст. Дар воқеъ, зани ҳомиладор гоҳо эҳсоси хориш, тангии нафас, бетоқатӣ ва зуд-зуд ҳолати тағйирёбӣ байни афсурдагӣ ва хушҳолӣ мекунад, гоҳо дучори нороҳатӣ ва хотирпарешонӣ мегардад. Барои ӯ рухсат аст, ки рӯзаи моҳи муборaки Рамазонро нагирад ва ҳар вақт тавони онро дошт қазо дорад. Пас аз таваллуд то замони тамом шудани хуни нифос намозҳои панҷгонаро адо намекунад ва қазо ҳам бар ӯ воҷиб нест, чун Худованд қазои намозҳоро аз ӯ соқит намудааст. Гуфтаҳои боло ба он ишора мекунанд, ки шавҳар ва наздикони зан дар тамоми корҳои хона ва дигар кумакҳои ҷисмӣ ва равонӣ дар паҳлуи ӯ бошанд ва ба ӯ дасти кумак дароз кунанд, барояш таомҳои ғизонок ва фазои муносиб таҳя намоянд, то зан битавонад хуб ва осуда бихобад, бавижа вақте, ки барои синамаконии табиӣ мехезад, ки барои баъзе модарон ду сол идома меёбад.

# МАРҲАЛАҲОИ РУШДИ ИНСОН АЗ ТАВАЛЛУД ТО ПИРОНСОЛӢ

Марҳалаҳои рушди инсон тибқи дараҷаҳои моддӣ ва равонӣ анҷом мегиранд ва дар раванди худ як бархурди муносибро тақозо менамояд. Шоёни зикр аст, замонҳои муаяншуда барои ин марҳалаҳо ҳама тақрибӣ ҳастанд на дақиқ.

Яке аз нуктаҳое, ки дар мавриди марҳалаҳои рушду нумӯ, чуноне дар суханони гузаштагон омадааст, ин аст: То ҳафтсолагӣ бо фарзандат бозӣ кун, ҳафт соли дигар адабаш кун, ҳафт соли дигар бо ӯ монанди бародар бош ва сипас ӯро ба ҳоли худаш раҳо кун.

Ин ҷо ду суоли муҳим ба миён меояд: Кадом вақт пояҳои асоси шахсият ташаккул меёбанд? Оё онро дар оянда тағйир додан мумкин аст? Бо вуҷуди ин, ки касе наметавонад посухи дақиқ ба ин суолҳоро дошта бошад, посухҳои умумие ҳастанд, ки мешавад аз он истифода бурд.

Дар сатрҳои зер шарҳу баёни марҳалаҳои рушду нумӯи инсон, ки аз тарафи муҳаққиқон баён шуда ва аз сарчашмаҳои гуногун гирифта шудаанд, зикр мегарданд:

## Аз таваллуд то 4-моҳагӣ

***Ин ояти карима таъкид менамояд: “Худо шуморо аз батни модаронатон берун овард ва ҳеҷ намедонистед. Ва бароятон чашму гӯшу дил биёфарид. Шояд шукр гӯед!”***

***(Наҳл, 78).***

Инсон бе ягон илму маърифат ба дунё меояд ва Худованди мутаол ба ӯ шунавоӣ, биноӣ ва ақл (дарк ва василаҳои касби маърифат) мебахшад. Бинобар ин, ӯ бояд Офаридгорашро барои ин неъматҳои пурарзиш шукргузорӣ намояд.

Аз лаҳзаи таваллуд то 4-моҳагӣ нигоҳи тифл ба ҳар тараф дӯхта мешавад, вале ӯ наметавонад рӯи чизе тамаркуз кунад ё чизҳои атрофро ташхис диҳад. Сипас бо диққат нигоҳ кардан ба чеҳраҳои мардумро оғоз мекунад ва бештар аз ҳама нигоҳи ӯ ба чеҳраи модар равона мегардад. Ӯ аз садоҳои ногаҳоние, ки мешунавад, ҳаросон мешавад, вақте дурахши нуреро мебинад чашмонаш зуд ба тарафи он мегарданд, метавонад бозуҳояшро дароз кунад ва дубора онро ба ҷои худ баргардонад, метавонад сарашро ба ҳар тараф давр диҳад ва сипас метавонад садо ва симои падару модарашро аз дигарон фарқ намуда, сӯи онҳо табассум карданро ёд мегирад. Тифл дар чаҳормоҳагӣ худро бо шикам кашониданро меомӯзад ва одатан сари писар нисбат ба духтар бузургтар мебошад *(Spock, 1974)*.



Падару модар бояд ҷадвали барномаҳои эмгузарониро (вакасина) риоя намоянд. Тифлро набояд такон дод, чун ҳанӯз майнааш ба таври комил ташаккул наёфтааст. Агар тифл бе ист гиря кунад ва табби баданаш ба таври табиӣ бошад, дар он ҳолат бояд уребчаашро иваз кард ё ба ин маъност, ки вақти ғизохӯрияш ё хобаш расидааст ё мехоҳад, ки бағалаш кунанд ё шояд гиряи ӯ сабаби дигаре дорад. Гиряҳои тифл агарчӣ барои падару модар сахт ва норохаткунанда аст, аммо ин як амри табиӣ дар даврони навзодӣ аст, вале агар гиряҳои ӯ пайдарпай ва аз ҳад зиёд бошанд, ки ором карданаш душвор аст, дар ин ҳолат падару модар бояд ба духтури кӯдакона муроҷиат намоянд.

## Аз 5 то 18-моҳагӣ

Шояд ин марҳала муҳимтарин марҳалаи рушди инсон бошад, ки дар он гароишҳои асосии инсон ба ҳаёт ташаккул меёбанд, ҳарчанд гароишҳо ба зиндагӣ тақрибан то 16-18-моҳагӣ комил мешаванд. Тифл дар ин марҳала эҳсос мекунад, ки ӯ як шахси ҷудогона аз падару модар аст ва исрор меварзад то андаке барои худ истиқлолият дошта бошад. Масалан, ӯ мехоҳад шишаи ширхӯриро бо дасти худ бигирад ва вақти зиёд дар оғӯш набошад. Дар ин марҳала ӯ бори аввал бо падару модар робитаи ҳақиқӣ пайдо мекунад. Бинобар ин, агар падару модар инсонҳои меҳрубон ва дилсӯз бошанд, дар он сурат тифл орзу мекунад, ки дигарон низ мисли падару модари ӯ меҳрубон бошанд ва ин муҳаббати падару модар дар вуҷуди тифл меҳрубонӣ ва муҳаббатро ҷойгузин менамояд. Дар акси ҳол, агар падару модар инсонҳои сард ва дилсахт бошанд, тифл низ ба равиши онҳо тарбия меёбад ва таваққуи ӯ аз дигарон низ ҳамон гуна хоҳад буд, ки дар падару модари худ мебинад. Бинобар ин, сангдилӣ ва номеҳрубонӣ як бахши асосӣ дар шахсияти ӯ мегардад. Агар робитаи тифл бо падару модар заиф бошад, ӯ тавони ба хубӣ пайванд додани чизҳо ва афкорро нахоҳад дошт ва набояд фаромӯш кард, ки синамаконии табиӣ дар рушди ҷисмӣ ва равонии тифл таъсири бузург дорад.

Агар тифл баъд аз ин марҳала натавонад бо шикам худро ҳаракат диҳад, бе такя ба чизе рост истад, садо баровварда натавонад ё ба сӯи ашё ишора карда натавонад, падару модар бояд ба духтури кӯдакона муроҷиат намоянд. Вақте тифл ба синни шашмоҳагӣ мерасад бидуни такя ва ё кумаки касе метавонад бинишинад, ҳамонгуна, ки метавонад чизеро бо як дасташ бигирад ва ба дасти дигараш диҳад ва чизеро

ҳаракат диҳад ва вақте бо номаш садо карда шавад, бифаҳмад. Аксари кӯдакон дар ин марҳала шабона хоб мераванд ва баъзеи дигар дар рӯз хоб ва дар шаб бедор мемонанд. Аввалин дандон ғолибан дар шашмоҳагӣ зоҳир мегардад.

Тифл метавонад сарашро рост нигаҳ дорад, нигоҳаш рост асту ба шакли табиӣ мебинад ва мешунавад. Падару модар бояд байни садои тифл “ман гуруснаам” ва “ба ту ниёз дорам” фарқ гузоранд. Духтарон нисбат ба писарон дар баъзе ҳаракатҳо зудтар рушд менамоянд, ба монанди ҳаракат додани бозичаҳои садобарор, дар ҳоле, ки писарон нисбат ба духтарон аз нигоҳи ҷисмӣ зудтар бузург мешаванд.

Тифл дар нуҳмоҳагӣ метавонад хазида ба чизҳое даст бизанад, ки мумкин ба ӯ осеб расонанд. Илова бар ин, садоҳоро фарқ мекунад ва талош мекунад садоҳоро тақлид кунад, метавонад чизҳоро бо дастонаш ба монанди чангак сахт бигирад ва ду чизро бо ҳам зада овоз барорад. Вақте тифл хазиданро сар мекунад, дунёи кӯдаконааш ба тадриҷ васеътар мегардад. Баъзе кӯдакон дар ин марҳала талош мекунанд аз ҷои худ бархоста ба пойи худ биистанд ва бо қапидани ашёи хона роҳ гаштанро сар мекунанд. Илова бар ин чизҳоеро, ки ламс мекунанд, ба даҳонашон наздик мекунанд, чун онҳо одат кардаанд, ки ҳар чизро бо ҳисси даҳон бифаҳманд. Гоҳо дастони атфол ба чизҳое мерасад, ки модарон тасаввур намекунанд дасти онҳо ба онҷо бирасад. Бинобар ин бояд муҳит ва атрофи тифл ҷои амн ва бехатар бошад то мабодо ба ӯ зарар ва озоре бирасад.

Дар яксолагӣ кӯдакон метавонанд роҳ гарданд, баъзе чизҳоро талаффуз кунанд, худашон хӯрок хӯранд ва шояд ҳам “модар” ва “падар” гуфтанро ёд гиранд. Тифл дар ин мараҳала ба таври дуруст маънои ҷазоро дарк намекунад, аммо калимаи “на”-ро мефаҳмад. Барои ҳамин падару модар бояд калимаи “на”-ро барояш бисёр нагӯянд, то ба такрор кардани ин калима дар оянда одат накунад, чун ба такрор гуфтани “на” ӯро ба як кӯдаки саркаш мубаддал мегардонад. Аз фарҳанги калимаи “на” дар дуруст кардани рафтор ва ҳаракату корҳои рӯзмарраи кӯдакон бояд бисёр боэҳтиёт ва бо дарки дуруст истифода шавад. Кӯдак бояд аз рафтори нохӯшоянд ба кори хуб равона шавад ва ба равиши муносиб дар иҷрои он роҳнамоӣ гардад. Кӯдакон қабл аз яксолагӣ рафтори нодурусти худро дарк намекунанд. Танҳо чизе, ки дарк мекунанд ин аст, ки дунёи васеъе барои таҷриба вуҷуд дорад.



Тифл байни яксолагӣ то дусолагӣ раҳ гаштанро ба хубӣ меомӯзад ва чун роҳгардияш беҳтар шуд, истиқлолияташ низ бештар мегардад, аз кашфи ашёи атроф, тавони задани туп бо пой, давидан, дар зинаҳо бо истифода аз пояҳои он ба боло рафтан ва бо қаламҳои ранга навиштани ҳар гуна шаклҳои нофаҳмо лаззат бурданро сар мекунад. Роҳ ва равиши тифл дар ин марҳала худ ба худ анҷом мегиранд, зеро дар ин синну сол байни рафтори боадабона ва беадабона ё байни кори хубу бад фарқ намегузоранд ва дар ин марҳала мантиқ ё ҳали дурустро дарк намекунанд. Падару модар бояд ба фарзандон ҳаққи интихоб ва як фазои озод ва мустақил фароҳам оваранд. Ба қадри имкон аз амру манъ карданҳо худдорӣ карда шавад, аммо ҳамеша насиҳат ва роҳнамоиҳо вуҷуд дошта бошанд.

> Ба хотири рушди забондонии кӯдакон ва марказҳои мантиқӣ ва шинохтии майнаи сари онҳо тиловати Қуръони карим, сабтҳои ороми садоҳои табиат, таронаҳои исломӣ ва дигар мусиқиҳои ором гузошта шавад, зеро ин дар пешрафти марказҳои гуногуни майнаи тифл кумак менамояд.

Падару модар бояд ба кӯдакон аҳамият дода, ҳамеша аз онҳо муроқибат намоянд ва барои онҳо шароити фаъолиятҳои гуногунро фароҳам оваранд, ба монанди расму бозичаҳо, ва дар ҳоли суст будани зеҳни ӯ бояд ба духтурҳои оилавӣ муроҷиат ва бо онҳо машварат шавад. Агарчи кӯдак дар асабоният фурӯ меравад ва боиси ноумедӣ барои падару модар мегардад, ин амр набояд сабаби нигаронии онҳо шаавд. Бояд гуфт, ки шунавоии тифл нисбат ба биноии ӯ зудтар рушд мекунад ва ба садоҳои баланд аксуламал нишон медиҳад. Тифл то қабл аз шашмоҳагӣ ба таври возеҳ намебинад ва пас аз шунавоӣ ва биноӣ рушди дарку ташхис дар онҳо ба вуҷуд меояд.

## Аз 18 то 36-моҳагӣ

Кӯдакон дар ин марҳала худро хубтар мешиносанд ва худро шахси мустақил ҳис мекунанд, хоҳишу рағбатҳои худро доранд ва аз вобастагии худ ба падару модар бештар огоҳ мешаванд. Бинобар ин мувоҷеҳи зиддиятҳо, монанди истиқлолият дар муқобили эътимод, тозагӣ дар муқобили нопокӣ, ҳамкорӣ дар муқобили саркашӣ ва дустӣ дар муқобили душманӣ мешаванд. Шахсияти кӯдакон дар поёни сеюмин соли ҳаёташон аз миқдори риояти дастурот ё дараҷаи худидоракунӣ, ҳамчунин аз табиати фитрӣ ва гармии муносибатҳое, ки дар ин давра бо падарону модарон шакл гирифтааст, вобастагӣ дорад.

### *Истифодаи тубак (горшок) аз назари донишмандон ва таҳқиқоти илмӣ*

Бразелтон *(Brazelton)* аз падару модарон хоҳиш мекунад, ки вақте фарзанд ба таври дуруст аз тубак истифода мекунад, ӯро таъриф кунанд, вале муболиға накунанд, то фазои хуби хона нигоҳ дошта шавад. Машқи рафтан ба ҳоҷатхона замоне оғоз мешавад, ки тифл тавони пайравӣ аз таълимот ва тақлиди дигаронро дошта бошад, ки одатан аз дусолагӣ сар мешавад.

Лич *(Leach)* мегӯяд, ки худро дар машқ додани кӯдакон барои истифода аз ҳоҷатхона қабл аз 15-моҳагӣ хаста накунед ва бовар ҳам накунед, ки онҳо қабл аз сесолагӣ ҳатто дар бедорӣ ва дар рӯзи равшан тавони онро доранд. Шумо метавонед машқ додани кӯдаконро ба замоне ба таъхир гузоред, ки барои онҳо муносиб аст ва тавони онро дошта бошанд.

Роузмонд *(Rosemond)* ба ин назар аст, ки агар модар дар идора кардани фарзанд то баъд аз дусолагӣ таъхир намояд, тифл ба таври дуруст камол намеёбад ва шояд ҳам дар оянда ба мушкилоти рафторӣ мувоҷеҳ шавад.

Таҳқиқоти илмӣ исбот намудааст, ки кӯдакон барои омӯзиш ба вақт ниёз доранд. Духтарон барои истифодаи тубак ба нуҳ моҳ ва писарон ба вақти бештаре ниёз доранд.

(Lemonick, 1999).



**Дар ду соли нахуст кӯдакон ба суръат рушд ёфта**, ба таври чашмрас тағйир меёбанд ва ҳамеша чизи нав меомӯзанд, ки ин раванд бо гузашти ду сол рӯ ба заъф мениҳад. Онҳо дар ин ду соли нахуст бештар машғули давидан, паридан, чахидан, кандан, сурох кардан, савор шудани велосипедҳои сечарха, тақлид кардани рафтору гуфторҳо, кашидани шаклҳои доиравӣ ва чоркунҷаҳо, ҳал кардани муаммоҳои осон ва аҳамият додан ба истифодаи тубак мешаванд. Дар ин марҳала тавони истифода аз ҷумлаҳои кӯтоҳро меомӯзанд, ки шумори он наздик ба 50 калима мерасад.

Падару модар дар муқобили сели саволҳои кӯдакон, монанди “чаро?” ниёз ба сабру тоқат доранд ва бояд тарзи пурсиши онҳо аз ҷониби падару модар дуруст бошад ва барои рафтори некашон ташвиқ шаванд. Ҳамчунин ин давра давраи муносиб барои ташаккули маҳо-

ратҳои иҷтимоии кӯдакон аст, ки бояд дарҳол аз ин марҳала оғоз гардад, ба монанди ширкат кардан бо дигарон ва анҷом додани корҳо бо ҳамдигар.

Дар ҳоли номуназзам сухан гуфтан, ба кӯдакони дигар аҳамият надодан, хуб раҳ нагашатн ва пайдарпай афтидан падару модарон бояд ба духтур муроҷиат намоянд.

Тағйирот вақте ба таври возеҳ дида мешавад, ки дар духтарону дар писарон нисбат ба марҳалаҳои қаблӣ нишонаҳои рушду нумӯ намоён мешаванд. Дар ин марҳалаи то сесолагӣ онҳо бояд ҳадди ақал 250 калима бидонанд. Калимаҳоеро, ки тифл аз худ мекунад, бештар эътимод ба омилҳо доранд, монанди теъдоди аъзои оила, мартабаи тифл дар хона, фарҳангу дониши падару модар ва андозаи вақти ҷудокардаи онҳо барои оила ва фарҳанги ҷомеаи худ.



## Аз 4 то 7-солагӣ

Шояд ғизохурӣ ва фаъолияти кӯдакон дар чаҳорсолагӣ нисбат ба дусолагӣ камтар гардад, чун суръати рушди онҳо дар ин синну сол нисбатан сусттар мешавад, аммо рушду нумӯ ва омӯзиш то синни наврасӣ ҳамоно идома меёбад ва дар синни навҷавонӣ тағйири бузургеро ҳис хоҳанд кард. Дараҷаи тавоноии давидану ҷаҳидан байни чор ва панҷсолагӣ ба баландтарин дараҷаи худ мерасад, то он ҷо, ки падару модар орзу мекунанд фарзанди онҳо дубора ба ҳамон марҳалаи бо шикам рафтан баргардад.

Шояд дар яке аз фарзандон нисбат ба фарзандони дигари хона рашк пайдо шавад, ки рафтори душманона ба дигар бародаронро ба бор орад. Бинобар ин бояд бархӯрди падару модар бо фарзандон аз рӯи адолат ва баробарӣ бошад. Аз ҷумлаи мисолҳои зебои ин мавзӯъ, қиссаи рашки бародарони ҳазрати Юсуф (а) аст, ки сабаби душманӣ ва азияти бародарашон шуда буд.

Якҷо шудани писар бо падар ва духтар бо модар ба сабаби ҳамҷинсӣ саҳми бузурги дар таъсири онҳо бар якдигар дар раванди рушду равиши ҳаёти онҳо дорад. Писар дунболи падар мегардад ва падар ҳам машғули корҳои таъмири хона аст ва духтар дунболи модар дар пайи анҷоми корҳои дохили манзил мегардад. Ҳамчунин

падару модар метавонанд арзишҳои муҳаббат ва эҳтиромро дар миёни фарзандон бо рафтори худ эҷод кунанд ва метавонанд бо анҷоми корҳои шоиста намунаи зинда ва воқеӣ дар муҳаббат ва эҳтиром байни худ ва онҳо бошанд. Бо анҷоми корҳое чун хондан, хӯрок додан ба ҳайвонот, бозӣ ва хондани намозҳо дар вақти худ метавон пояҳои худбоварӣ ва робитаҳои озодонаро устувор намуд.

Фарзанд динро аз чӣ гуна анҷом ёфтани он аз тарафи падару модар меомӯзад ва аз ин ҷост, ки агар ахлоқи нек дар вуҷуди кӯдакон қабл аз мувоҷеҳ шудан ба дунёи хориҷӣ кошта шавад, гумони бештар ин аст, ки вақте бузург мешаванд, таваққуи анҷом корҳои некро аз онҳо хоҳем дошт ва рафтори онҳо ба таври неку беҳтар мегардад.

## Аз 7 то 15-солагӣ

Оғози ин марҳала оғози омӯзиш ва таълим ва поёни он оғози балоғати ҷинсӣ ва рафтори наврасӣ аст. Писарону духтарон дар ин марҳала бузург ва монанд шудан ба мардону занон ва рафтор ба шеваи онҳоро сар мекунанд. Тағйир ва монанд шудан ба мардону занон одатан миёни духтарон аз 9 то 13-солагӣ ва миёни писарон аз 11 то 15-солагӣ оғоз мегардад. Ин марҳаларо "наврасӣ" меноманд, зеро кӯдакон дар ин марҳала пухта ва болиғ гашта, имкони фарзанд омадан аз онҳо ҳам фаро мерасад.

Бояд ёдовар шавем, ки байни балоғат ва наврасӣ фарқ вуҷуд дорад, зеро балоғат ба марҳалаи камоли ҷинсӣ ва такмили вазифаҳои ҷинсӣ ва умури ба он марбут дахл дорад, монанди тағйироти дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷисм ва равони наврас. Аммо наврасӣ, ки дар забони арабӣ ба он «راهق» («роҳиқ») яъне "наздикшаванда" мегӯянд, ба дур шудан аз марҳалаи тифлӣ ва наздик шудан ба марҳалаи балоғат ва рушд ишора дорад.

Наврасӣ яъне марҳалаи миёни тифлӣ ва рушд ва ё миёни марҳалаи такя ба дигарон ва истиқлолият мебошад. Бинобар ин балоғат аз наврасӣ бо тағйироти ҷисмӣ, ақлӣ ва шахси иҷтимоӣ будан барои расидан ба марҳалаи худшиносӣ ва устуворӣ (аз як тифли хом ба шахси комил ва дорои тамоми абъоди як шахсият) фарқ мекунад.

Бо таваҷҷуҳ ба мавридҳои боло марҳалаи наврасӣ ба тағйироти рафтории умумӣ ишора мекунад, ки тағйироти ҷисмӣ (балоғат) бахше аз он аст. Бинобар ин марҳалаи наврасӣ ба фаҳму назорати бештар зарурат дорад, зеро ин марҳалаи интиқолии ҳалкунанда дар ҳаёти кӯдакон ва фарзандон аст. Инчунин метавон гуфт, ки расидан ба марҳали камоли ҷисмӣ ба маънои расидан ба камоли ақлӣ, ҳамгироӣ ё нафсию иҷтимоӣ буда наметавонад (Абусаъд, 2013).

Чуноне ки зикр намудем, фарзандон тағйироти зиёди баданӣ, ақлӣ, отифӣ ва равониро дар марҳалаи наврасӣ аз сар гузаронида, дарк

менамоянд, ки дидгоҳҳои онҳо аз гузашта нисбатан фарқ намуда, нисбат ба гузашта ҳиссиёти мухталифе доранд, ҳатто як сол қабл онҳо ба таври дигар меандешиданд.

Духтаре, ки ба синну соли наврасӣ мерасад ба таври ногаҳонӣ вазнаш зиёд мешавад ва дар чанд моҳ чанд сантиметр баландтар мегардад, рони пойҳо ва қафаси синаи ӯ васеътар шуда, дар зери бағал ва атрофи аъзои таносулиаш муй мебарояд. Дар писарон низ дар ин марҳала иштиҳои пурхурӣ, паҳншавии китфҳо, дамидани мӯйи зери бағал ва атрофи аъзои таносулӣ ва мӯи қафаси сина ва чеҳра сар мешавад, садои онҳо низ монанди садои мардҳо ғафстар мегардад. Писарон ва ҳам духтарон эҳсос мекунанд, ки андозаи попӯшиҳои онҳо ҳар чанд моҳ бузургтар мешавад ва ин ҳамон давроне аст, ки бояд падарону модарон ба фарзандон таъкид намоянд то намозҳоро нисбат ба ҳар вақти дигар беҳтар адо намоянд.

### Ба таҳаввулоти зер таваҷҷуҳ менамоем (аз 7 то 15-солагӣ)

- Вақте аз онҳо интиқод мешавад, бисёр ҳассос мешаванд, ғазаб ва эҳсоаташон бисёр нозук ва аз гузашта ҳам бештар отифӣ ва мизоҷӣ мешаванд.
- Бо рафиқон ҳамгирои бештар пайдо намуда, аз онҳо арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқиро меомӯзанд. Бинобар ин падарону модарон бо фарзандон дар зиёратҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ шуда, рафтору кирдори фарзандонро назорат намоянд ва то метавонанд барои ислоҳи онҳо бикӯшанд.
- Онҳо эҳсоси шарм мекунанд, бинобар ин барои баёни назарҳояшон ба ташвиқ ниёз доранд.
- Мушакҳои бадани онҳо ба суръат рушд мекунад, бинобар ин майлу рағбати онҳо ба ҳаракату варзиш, монанди давидан, чахидан, оббозӣ, футбол ва баскетбол бештар мегардад.
- Дар хӯрдани таом, пӯшидани либос ва назофати шахсӣ такя ба худ доранд, бинобар ин замони он аст, ки ба онҳо одоби хӯрдан, нӯшидан ва робитаҳои иҷтимоӣ омӯзонида шавад ва ба онҳо дуоҳои рӯзмарра таълим дода шавад.

Ба ин марҳала “хоби ҷинсӣ” ва ё “ҷинси хоб” гуфта мешавад, ки онҳо дар ин марҳала мехоҳанд бо касоне бошанд, ки аз ҷинси худи онҳо бошад. Набояд тасвирҳои дорои ангезаи шаҳвониро дар китобу журналҳо ва телевизорҳо бубинанд. Баъд аз даҳсолагӣ бояд бистари хоби онҳо аз бародарону хоҳарон ҷудо карда шавад, ҳатто набояд бистари хоб бо ҳамҷинси худ якҷо бошад.

## Аз 11 то 13-солагӣ: Ҳайзи духтарон

Дар синни аз 11 то 13 солагӣ ҳайзи (одати моҳона) духтарон сар мешавад, ба гунае, ки микдори андаке хун аз шармгоҳи онҳо ба муддати аз 3 то 7 рӯз дар моҳ хориҷ мешавад. Ин амр ба он далолат дорад, ки онҳо акнун тавони ба дунё овардани фарзандро доранд. Хуне, ки онҳо дар одати моҳонаи худ мебинанд (барои занҳо як амри табиӣ аст, онҳо ин гуна офарида шудаанд), ҳеҷ озоре аз он ба онҳо намерасад. Ин навъи хун аз пусти нозуке дар дохили бачадони зан аст. Тухмдонҳои зан ҳар моҳ ба навбат тухм ба вуҷуд оварда, як халтаи пур аз хунро ташкил медиҳанд, ки ҳамчун як лонаи амн барои рушди ҷанин аст, ки бе тухми мании мард рушд намекунад. Пас аз гузашти чанд рӯз он ба як халтаи кухна мубаддал гашта, бачадон ба воситаи ҳайз аз он раҳо меёбад, ки ин одати табиӣ ҳар 27-30 рӯз (бо ҳисоби моҳҳои қамарӣ) такрор меёбад.

**Дардҳои одати моҳона**

Миллионҳо зан аз нороҳатӣ ҳангоми ҳайз ва аз мушкилоту сахтиҳои одати моҳонаи худ, ки рӯзҳо идома меёбад, шикоят мекунанд. Дарду сахтиҳои онҳо, ки аз варам, ихтилолҳо, дард, ҳассосияти сина, дарди нисфи сар, хунравӣ, хунравии шадид ба муддати дароз, ивазшавии мизоҷ ва хастагӣ иборатанд, каму зиёд мешаванд.

*(Kalb, 2003).*

Вақте духтар бори нахуст ҳайз мебинад, ин як ҳодисаи муҳим дар ҳаёти ӯст, яъне ба марҳалаи балоғат ва ҷавонӣ расидан аст. Акнун ӯ як духтарест, ки пас аз ин ҳодисаи муҳим дар ҳаёташ масъулияти адои вазифаҳои динӣ, мисли ҳар як зани болиғи мусулмон, ба дӯшаш вогузор гардида, бояд чунин ибодатҳоро анҷом диҳад: рӯза, намоз, пӯшонидани ҷисм мутобиқи талаботи шариат дар назди мардони бегона. Тақрибан нисфи занҳо аз ҳайз ранҷ мебаранд, баъзе ноором мешаванд, эҳсоси хастагӣ мекунанд ва ё ҳассос мешаванд. Бинобар ин Ислом барои зан дар ҳоли ҳайз хӯрдани рӯзаи моҳи Рамазонро рухсат дода, намозҳои панҷгонаро низ бе доштани қазо аз ӯ соқит намудааст. Қуръони каримро ба даст намегирад ва чун аз ҳайз пок шуд, ғусл намуда, худро барои адои намоз ва дигар ибодатҳо омода месозад.

## 13 то 15-солагӣ: Марҳалаи ба балоғат расидани писарон

Вақте писарон ба синни балоғат ва ҷавонӣ мерасанд дар бадани онҳо оби манӣ ба вуҷуд меояд. Гоҳо дар хоб аъзои таносулии онҳо бедор шуда, аз он оби манӣ мебарояд ва инро эҳтилом меноманд. Вақте ин об мебарояд, либосҳои таҳпӯшро

тар мекунад, вале ин об наҷас нест (аз дидгоҳи Имом Шофеӣ ва Имом Ҳанбал) ва бавл ҳам ҳисобида намешавад. Берун шудани он ҳам набояд сабаби хиҷолати ҷавонон гардад, чун замоне фаро расидааст, ки писар ҳамчун як мард ва ҷисман як падар гардад. Ӯ дар баробари дастуроти динӣ монанди ҳар марди мусулмони болиғ масъул хоҳад гашт. Эҳтимоли эҳтилом нашудани бархе аз ҷавонон вуҷуд дорад ва дар ин сурат тибқи шариати исломӣ онҳо аз синни 15-солагӣ як марди болиғ ба шумор меоянд, он ҳам дар ҳоле, ки дар онҳо нишонаҳои дигари балоғат, монанди ғафс шудани овоз, пайдо мегардад.

Писарон ва духтарон, агарчи дар онҳо нишонаҳои балоғат зоҳир нагашта бошад ҳам, бояд аз дувоздаҳсолагӣ масъулияти худ дар мавриди намозу рӯзаро бидонанд.

Баъзе аз ҷавонон ва мардҳо барои бароварда сохтани шаҳват аъзои таносулии худро бо дастон ламс карда, оби маниро аз он берун мекунанд, ки амалро одати пинҳонӣ (истимно) меноманд. Дар баъзе аз ҷомеаҳои либералӣ ба ин амал ташвиқ мешавад, аммо дини мубораки Ислом ба писарону духтарони ҷавон ин амалро тавсия намедиҳад, чун ин амал зарарҳои равонӣ ва ҷисмонӣ дорад.

## 15 то 21-солагӣ: Фаҳми наврасон

Дар ин марҳала садои ҷавонон баландтар, ғафстар ва мардонатар ва аз духтарон нармтар ва занонатар мегардад, мушакҳои писарон калонтару қавитар ва синаҳои духтарон бештар рушд намуда, равған дар ҷисми онҳо бештар мегардад. Соқу соиди писарон дарозтар, китфҳо пахнтар ва қадамҳо бузургтар мешаванд. Ҳамин гуна дар чеҳра ва зери бағалу атрофи аъзои таносулии онҳо мӯй ба вуҷуд меояд ва ба сабаби номутаносибии муваққатӣ байни рушди соқу соид ҳангоми роҳ гаштан нақс дида мешавад, монанди афтидан, адами тавозун ва бархӯрд бо дигар чизҳо. Ҳамаи ин ба вақт ниёз дорад, то дубора ба табиати худ баргардад.

Наврасон гоҳо аз эҳсосоти худ пайравӣ намуда, онро бар ақли худ бартарӣ медиҳанд. Ҳиссиёт дар ин марҳала бар ақлу фикр ғолиб меоянд ва бинобар ин аст, ки наврасон дар як ҳолати равонии ноором ва дудилагӣ зиндагӣ мекунанд. Онҳо ғарқи эҳтимом ба шакли зоҳирии худ мегарданд, талош мекунанд зоҳири дандонҳо зебо бошад ва бинобар ин аст, ки болои дандонҳо василаҳои зебоӣ мегузоранд. Вақте бар рӯи худ рихинак ё чизи дигар мебинанд, ноҳоҳат мешаванд. Аз қадбаландӣ, қадкутоҳӣ, фарбеҳӣ ё харобии зиёд нороҳат мешаванд ва ҳамин гуна тағйирот дар ҷисм онҳоро асабӣ намуда, ба худашон беэътимод мешаванд. Чунин ҳолатҳо онҳоро то ҷое мерасонанд, ки ба касбу донишгоҳи оянда, бо кӣ издивоҷ кардан ва ба таври умум ба ҳама корҳоиояндаи худ бо нигаронӣ менигаранд. Хулоса тамоми ин фикру андешаҳо ва нигарониҳо дар сари онҳо ҷамъ гашта,

онҳоро дар як ҳолати эҳсосотии душвор ва ҳолати рӯҳии ноустувор қарор медиҳад.

Шояд гормонҳои рушду инкишофи ҷисм низ дар дигаргунии мизоҷ сабаб шуда, писарони ҷавонро бе ягон сабаби муайян ба ғазаб оранд ва духтарони ҷавон бо камтарин сабаб аксуламал нишон диҳанд, шояд ҳам гиря кунанд. Писарон гоҳо мехоҳанд, ки бо онҳо монанди инсонҳои болиғ муомила шавад, дар ҳоле, ки худ рафтори кӯдаконае доранд. Шояд рафтору равиши онҳо барои атрофиён ҳайрату саргардониро ба вуҷуд орад, вале инсонҳои солим одатан бар эҳсосот ғолиб омада, идора кардани худ ва андешиданро қабл аз сухан гуфтан касб мекунанд, ки ин худ як амри табиист, алабатта агар дар доира ақлу андеша сурат бигирад.

Ибни Сино ба ин назар буд, ки таълими Қуръони карим барои фарзандон бояд замоне оғоз гардад, ки онҳо аз нигоҳи ҷисмӣ ва ақлӣ омода бошанд. Ба фарзанд ҳуруфи алифбо ва усули дин таълим дода шавад, сипас қасидаҳое, ки дар мавзӯъҳои муайян монанди ахлоқ, фазоили илм, тарки ҷаҳлу нодонӣ, некӣ ба падару модар, некӣ ба дигарон, дилсӯзӣ ба заифон ва фақирон ва кумак кардан ба онҳо омӯзонида шавад. Пас аз фарогири Қуръон ва забон беҳтар аст онҳо барои аз худ кардани касбу ҳунарҳои муайян, ки мутобиқи тавон ва рағбатҳои онҳо бошад, ташвиқ карда шаванд

*(Аброшӣ, 1976).*



Ҷанбаи мусбати ақл ва андеша дар марҳалаи наврасиро зикр хоҳем кард, чун наврасон дар 13-14-солагӣ метавонанд чизҳои печидаеро биомӯзанд, ки дар гузашта тавони омӯхтани онро надоштанд. Дар ин марҳала бояд ба онҳо маҳоратҳои гуногун таълим дода шавада, ки дар оянда ба суди онҳо хоҳад буд, монанди пӯхтани хӯрок, нигаҳдории кӯдакон, таъмири ашё ва нигаҳдории онҳо дар хона. Инчунин онҳо метавонанд малакаҳои иҷтимоӣ, монанди санъати сухан, ҳамзистӣ, иштирок дар муассисаҳо ва ҷамъиятҳо ва таҳаммули масъулиятҳои бештарро омӯхта, дар баробари он низ кору фаолият намоянд.

**Ислом барои наврасон дар ин марҳала чанд чораи пешгирикунанда пешниҳод мекунад, аз қабили:**

- Нигоҳ доштани чашм аз назар кардан ба ҳаром.
- Варзиш ба хотири сарф намудани тоқати ҷисмӣ.
- Рӯза доштани рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе.
- Иҷозат гирифтан қабл аз дохил шудан ба хонаҳои дигарон.
- Иҷтиноб варзидан аз хилват бо ҷинси мухолиф пушти дарҳои баста.
- Хоб рафтани бародарону хоҳарон пас аз 10-солагӣ дар бистарҳои ҷудогона (метавонанд дар як утоқ, вале дар бистарҳои ҷудо бояд хоб раванд). Дар низоми сукунати Британияи Кабир омадааст, ки писарону духтароне, ки синни онҳо аз 10 сол боло аст, бояд дар утоқҳои ҷудогона хоб раванд (Қонуни сукунат, 1985). Шояд муболиға шавад, агар талаб намоем, ки ин қонун ҷаҳонӣ гардад, чун дар он сурат замин пур аз иморатҳои баланд хоҳад шуд.

**Аз нигоҳи масоили ғайримоддӣ баъзе аз масъалаҳо дар мавриди наврасон вуҷуд дорад, ки бисёр муҳим ва бояд ба он аҳамият дода шавад:**

- **Наврасон дар марҳалаи ташаккули ҳувияти шахсии худ.** Наврасон ба баъзе вижагиҳо ва танҳо гузоштан ниёз доранд. Акнун, ки онҳо бузургсолтар мешаванд, дар бораи чизҳои гуногуне аз худ мепурсанд, монанди: Ман кӣ ҳастам? Ман чаро ин ҷоям? Ҳақиқати ин зиндагӣ чист? Сабаби бисёре аз мушкилоти дунё дар чист? Ин ҳамон марҳалае аст, ки наврасон дар бораи бисёр чизҳои омӯхтаи худ мепурсанд, дар бораи он посух ва андешаҳои нав ҷустуҷӯ мекунанд, ки ҳатто дар баъзе ҳолатҳо сабаби баҳсу муноқиша бо падару модар мегардад. Бояд донист, ки наврасони аз 16 то 19 сола мустақилтар мешаванд ва аз 11 то 19-солагӣ солҳои душвор барои хонавода ба шумор мераванд, ки барои таҳаммули он сабру дарки бештар аз онҳо мехоҳад.

- **Наврасон тавоноии муҷаррадии (абстракт) худро инкишоф медиҳанд.** Онҳо тасаввур ва хаёлпардозиро сар мекунанд ва бар хилофи солҳои гузашта мафкураи онҳо, ки ба атрофи хурди худ мунҳасир буд, васеътар гашта, воқеъ шудани мушкилотро тасаввур ва роҳи ҳалли муносиби онро ҷустуҷӯ менамоянд ва замонро ба шакли дуруст, яъне гузашта, ҳозир ва оянда, дарк мекунанд. Онҳо дар ин марҳала метавонанд маънои рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо, солҳо ва асрҳоро ба хубӣ бифаҳманд ва ҳодисаҳои таърихӣ ва гузаштаро низ дарк намоянд. Ҳамин гуна пурсишҳои онҳо аз ашёи моддӣ убур намуда, ба умқи мафҳумҳо,

печидагиҳо, табиати ҳаёт ва ҳадафҳои он, василаҳо, арзишҳо, ахлоқ ва оғозу анҷоми дунё ва охират мерасанд.

- **Инкишофи эҳсоси диндории наврасон.** Наврасиро асри огоҳӣ дар бораи дин меноманд, чун онҳо дар ин марҳала дар мавриди гуноҳон, биҳишт, дӯзах, тавба, қиёмат, абадият, озодӣ ва қазову қадар дидгоҳҳои қавӣ нишон медиҳанд. Дар синни бистсолагӣ нисбати ҳаёт дидгоҳҳои маъқултар ва собиттаре хоҳанд дошт.

- **Афзоиши руъёпардозӣ ва хаёлоти наврасон ва эҳтиёҷоти онҳо.** Дар ин марҳалаи умр хаёлпардозиҳои наврасон ба авҷ мерасад, ки баёнгари рағбатҳо ва василаи муҳим барои роҳнамоиҳои онҳост. Ин амр яке аз шаклҳои рушди ақлӣ ва яке аз падидаҳои солим дар наврасон аст, ки набояд дар он муболиға шавад ва набояд ҳам бахши бисёр муҳими ҳаёти онҳоро дар бар гирад.



Оё боре аз худ пурсидаед, ки чаро дар бисёри кишварҳо талабаҳо гирдиҳамоиҳои бузургро идора мекунанд? Сабабаш ин аст, ки навҷавонон намуна, фаъол, отифӣ ва бисёр пурҳаракат мебошанд ва ба андешаҳои ислоҳотӣ ё ифротгароёнаи худ имон доранд ва ин амр вобаста ба хусусиятҳои марҳалаи умри онҳост, ки аз он мегузаранд.

- **Ба вуҷуд омадани хусусияти интиқодии наврасон, ки онро аз падару модар оғоз менамоянд.** Гоҳо аз падарону модарони худ интиқод мекунанд, ба таври мисол, дар тарзи пӯшидани либос, хӯрок, завқу ҳавас, истифодаи пулу мол, равиши тарбияи бародарону хоҳарон, ки онро бо падарону модарони рафиқонашон муқоиса мекунанд. Гоҳо онҳо мактаб, ҷомеа ва ҳукуматро интиқод мекунанд ва дар ислоҳу тағйири

иҷтимоӣ баъзе услубҳои сахтгиронаро истифода мекунанд. Дар чунин ҳолат назорат кардани онҳо басо муҳим аст, то тавоноии онҳо ба таври дуруст истифода шуда, рафторашон ба таври дуруст роҳнамоӣ гардад.

- **Тамоюли наврасон ба доштани дидгоҳҳои намунавӣ.** Намуна будан дар байни наврасон ба сабаби камтаҷрибагӣ ва ба сабаби омехта нашудани онҳо ба умури ҷомеа ва хонавода як масъалаи бисёр интишорёфта маҳсуб мегардад. Наврасоне, ки дидгоҳҳои намунавӣ доранд, ҳукмравоии падару модар ва ҷомеаро бар худ қабул надоранд, бавижа вақте, ки ҳамеша андешаҳои онҳо рад мешавад ва роҳҳои ҳалли пешниҳодии онҳо бидуни тафсири қаноатбахш қабул намешавад. Гоҳо наврасон мувоҷеҳ ба ноумедӣ ва дудилагӣ мешаванд, ки сабаби гӯшанишинии рӯҳӣ ва эҳсосӣ ва дар фарҷом ба нафрат дар вуҷуди онҳо анҷом меёбад. Гоҳо наврасоне, ки андешаҳои намунавӣ доранд, ноумед гашта, бовариашон ба худ ва дигаронро аз даст медиҳанд.

**Силсилаи ҳодисаи эҳтимолӣ**

Намунавӣ будан дар синну соли наврасӣ бо доштани таҷрибаи кам → рад шудани андешаҳои онҳо аз ҷониби падару модар ва ҷомеа → мубориза → гӯшанишинӣ → танҳоӣ → нафрат → аз даст додани боварӣ → нотавонӣ → ноумедӣ → бепарвоӣ → манфӣ будан → душманӣ, ифротагроӣ, гароиш...



- Эҳсоси зоеъ шудан: Наврасон ба масоили гуногун дар ҳаёт мувоҷеҳ мешаванд, ки дар чунин ҳолат мебояд қароре қабул кунанд, ва чун ин қарорҳоро бе машварат бо падару модар ва ё касони ботаҷриба мепазиранд, дар он сурат аксари ин қарорҳо ба шакли нодуруст қабул мешавад ва хато дар онҳо роҳ меёбад. Дар чунин ҳолат онҳо ба як фазои муносиб ва ташвиқкунандае ниёз доранд, ки ғайримустақим ва берун аз доираи иҷбор бошад, то битавонад онҳоро дар қабул кардани қарорҳои дурусти муҳим барои ҳаёташон кумак намояд.

- Эҳтиёҷи наврасон ба эҳсоси эҷодкорӣ: Наврасон барои собит кардани кӣ будани худ ба эҳсоси эҷодкорӣ ва барои эҳсоси муваффақият ба таҳаммули масъулиятҳои муайян ниёз доранд. Ба наврасон надодани вазифаҳои боарзиш эҳсоси беарзишӣ ва беаҳамиятиро дар онҳо ба вуҷуд меорад. Аз ҷониби дигар, вогузории масъулиятҳои вазнин ва душвор, ки тавони бардошт ва адои онро надоранд, эҳсоси нотавонӣ,

шикастхурдагӣ ва нокоромадиро дар онҳо ба вуҷуд меорад. Бинобар ин вазифаи мураббии ботаҷруба ин аст, ки ҳамеша тавозун ва миёнаравиро мадди назар қарор дода, онро пешаи ҳамешагии худ бидонад.

- Тавоноии аз ёд кардан. Ду навъи машҳури аз ёд кардани наврасон вуҷуд дорад: Ҳифзе, ки бо хондани бо такрор ба вуҷуд меоянд ва ҳифзе, ки бар асоси фаҳму дарк аст (ҳифзи мустақим ва ғайримустақим). Ҳифз ва аз ёд кардан аз роҳи такрор ва талқин танҳо омӯзиши матнҳо ҳамроҳ бо фаҳми заиф асту бас, дар ҳоле, ки ҳифз ва аз ёд кардан бо фаҳм ва дарки маъно ва муҳтаво ба маънои эҷоди робитаҳои ҷадид миёни унсурҳои матни хондашуда ва натиҷагирӣ аз онҳо мебошад. Рушди ҳифзи такрории мустақим аз марҳалаи тифлӣ оғоз ёфта то 15-солагӣ идома меёбад (Саид, 1975). Сипас ин раванд рӯ ба сустӣ ниҳода, марҳалаи фаҳми ғайримустақим аз овони наврасӣ рушду инкишоф намуда то нимаҳои миёнаумрӣ идома пайдо мекунад.

## Аз 21 то 40-солагӣ: Марҳалаи ҷавонӣ

Аз 21 то 40-солагӣ барои бештари одамон марҳалаи пухтагӣ, тавоноӣ ва зиёд кардани насл аст. Ақли инсон дар ин синну сол комил мегардад ва онро синни ҳикмат низ меноманд. Пас аз ин марҳала ва бо гузашти ҷавонӣ инсон такя ба таҷриба карда, корозмуда мегардад.

## Аз 40 то 65-солагӣ: Миёнсолӣ

Рушду инкишоф дар марҳалаи миёнсолӣ танҳо ба рушди ҷисмӣ такя накарда, ба машқ, таълим, таҷриба, маҳорат ва тамрин эътимод дорад. Заъфу нотавонӣ дар ин марҳалаи умр оҳиста-оҳиста зиёд мешавад ва инсон дар ин синну сол то метавонад бояд машғули варзиш, тановули ғизоҳои солим, машварат бо духтурон ва амал кардан ба тавсияи онҳо бошад.

## Пас аз 65-солагӣ: Марҳалаи пирӣ

Пас аз 65-солагӣ марҳалаи пирӣ оғоз гардида, поёни умр фаро мерасад ва ин ҳамон марҳалае аст, ки ҳофиза ва маърифати инсон рӯ ба заъфу нобудӣ мениҳад. Пас агар инсон умри дарозтаре дошта бошад, дар он сурат аз худ кардани илму маърифат ва тавоноии аз ёд кардан заиф гардида, эҳтимоли гирифторӣ ба бемории Алзҳеймер ва фаромӯшхотириро дорад, ки ин беморӣ хотираи инсонро рабуда онро заиф месозад. Ин марҳалаи умр номҳои дигаре дорад, ба монанди пирӣ, нотавонӣ ва муйсафедӣ. Ҳамин гуна марҳалаҳои ҳаёти инсон бо таваллуд ва надоштани ҳеҷ гуна илму маърифат оғоз мегардад ва Парвардигор ӯро муҷаҳҳаз бо василаҳои маърифат — шунавоӣ, биноӣ ва ақл ба дунё меорад. Инсон аз ҷониби Парвардигораш роҳнамоӣ шудааст то Ӯ таолоро барои ин

неъматҳои гаронарзиш сипосгузорӣ намояд: “Бошад, ки сипосгузорӣ намоед”. Сипас инсон аз марҳалаи заъфу нотавонӣ рӯ ба марҳалаи қуввату тавон ниҳода, сипас дубора дар замони пирӣ рӯ ба заъфу нотавонӣ мениҳад. Инсон байни марҳалаи таваллуд ва пирӣ “соҳибмаърифат” мегардад, ки ин худ тавҷеҳе дар ростои касби ҳикмату маърифат аз ҷониби Парвардигор аст: “Бошад, ки шумо бо ақлҳои худ биандешед”.

Дар охирин марҳалаи ҳаёт (поёни умр) сазовор он аст, ки инсон бо некукорӣ ва дурӣ аз гуноҳони кабира худро оро дода, тоату ибодати Офаридгорро барои худ лозим донад, чун дар ин марҳалаи бузургсолӣ барои инсон дар муртакиб шудани гуноҳон дигар ҳеҷ узре вуҷуд надорад, чуноне ки ин мафҳум дар ҳадиси Расулуллоҳ (с) омадааст: “Худованд барои шахсе, ки ба шастсолагӣ расидааст, ҳеҷ узре нагузоштааст” (Бухорӣ).

Ҳар қадар синну соли мо боло равад ва умрамон дароз гардад, ҳамон қадар хотираи мо заиф, вале тавони ақлии мо ҳифз мегардад. Пас ин неъмати ақл чӣ қадар бузург аст!



Хушо ба ҳоли касоне, ки шукр ва ҳамди Парвардигорашонро дар нахустин марҳалаҳои умр оғоз намуда, ба марҳалаи пухтагӣ ва ҳикмату илм мерасанд; ҳадаф ва мақсуд аз вуҷуди башарият дар рӯи заминро дарк намуда, вазифаи аслии хешро мешиносанд.

## ИСТИФОДАИ ДУРУСТИ МАРҲАЛАҲОИ РУШДУ ИНКИШОФ

Рушду инкишофи тифл монанди соат нест, ки ба як шакли муайян давр мезанад, балки ҳар як тифл соати узвии хосси худро дорад ва мутобиқи услуб ва равиши хосси худ рӯ ба рушду инкишоф мениҳад. Падару модар бояд ба ин соати дохилии рушди тифл аҳамияти вижа зоҳир намоянд.

### Кӯдак равзанаи мо барои истифодаи имкониятҳост

- Дили кӯдак як саҳифаи пок ва наве аст, ки дар худ хубӣ ва фитрати солим дорад. Маънои саҳифаи нав будан ба маънои як чизи холӣ нест, балки дар он тамоюли ҳамешагии табиӣ барои ҳифзи тамоми маълумотҳо қарор дошта, ба худ вижагии ҷалби ҳама чизро дорост.

- Кӯдак ҳамеша омодаи қабули маълумот ва омӯзаҳоест, ки ба онҳо мувоҷеҳ мешавад.

- Ин ҳамон фурсати тиллоӣ барои падарону модарон аст, ки бо фарзандон ҳамкорӣ дошта, ҳадди аксари имконоти таълимиро барои онҳо фароҳам оваранд.

## Синамаконӣ дар ду соли нахуст

Дар ин марҳала унсурҳои асосии шахсият рушдро оғоз менамоянд ва дар натиҷа тифл аз нигоҳи ҷисмӣ ва отифӣ солим ба воя мерасад. Ташаккули марказҳои майна, робитаҳо ва шабакаҳои мағзӣ, ки дар марҳалаи тифлӣ триллионҳо ҳуҷайраҳои майнаи сарро ташкил медиҳанд, сар мешавад ва унсурҳои шуҷоат, эҷодкорӣ, муҳаббат, садоқат, амонатдорӣ ва забономӯзиро поягузорӣ мекунанд. Афзун бар ин, ки модарон ба воситаи синамаконӣ хусусиятҳои отифии бузургеро ба фарзандон интиқол медиҳанд, хусусиятҳо ва фоидаҳои тиббии зиёде низ вуҷуд доранд, зеро вақте дар ду соли нахуст ба тифл сина маконида мешавад изофа бар манфиатҳои зиёди тиббӣ муҳаббат, меҳрубонӣ ва эҳтироми модар низ ба онҳо интиқол меёбанд. Ҳамин гуна, модарони ширдеҳ низ аз алоқаҳои гарми рӯҳӣ ва ҷисмӣ бо фарзандони худ баҳравар мегарданд.

## Муҳаббат ва тарси Худо

Кӯдакон дар солҳои нахуст ба дарки мафҳуми муҳаббат ва умеди аҷру подоши Худованди бахшандаи меҳрубон ниёз доранд. Бинобар ин, то расидан ба синни наврасӣ таълими мафҳумҳои тарс, ҷазо ва дӯзах бояд ба таъхир андохта шавад. Зеро таҳдид кардан ва тарс додани кӯдакон аз оташи дӯзах омили маҳдудият дар озодию эҷодкорӣ ва хаёлпардозиҳои онҳо гардида, зеҳни онҳоро дар ин марҳалаи умр зуд мутаассир мегардонад. Тарс додани онҳо сабаби аз байн рафтани шуҷоат, қудрати тасмимгирӣ, қабули қарорҳо ва худбоварии онҳо мегардад.

## Ҳифз ва аз ёд кардан

Шайх Муҳаммад Ғазолӣ дар китобаш “Бо Қуръон чӣ гуна бархӯрд намоем” (1992) масъалаи вақти муносиб барои ҳифзи Қуръон ва тамаркуз кардан ба мафҳуми он навишта, бо тарҳи ин суол ҷавоби дурустро ҷустуҷӯ намудааст. Дида мешавад, ки то синни наврасӣ ба ҳифз нисбат ба фаҳми калимот бештар аҳамият дода мешавад ва сипас дар синну соли баъд аз наврасӣ бар тафсири Қуръон тамаркуз карда шавад. Бо ин равиш аз беҳтарин имконоти майна барои расидан ба натиҷаи ниҳоии он чӣ дар солҳои нахуст ҳифз шудааст истифода мегардад ва сипас асоси марҳалаи фаҳму дарк гузошта мешавад.

## Равиши ҳифз дар Шарқ ва Ғарб

Дохил шудани фарзандони мусулмон ба мадрасаҳои ҳифзи Қуръони карим дар марҳалаи томактабӣ натиҷаҳои мусбати худро нишон медиҳад. Дар ҳоле, ки аксари мусулмонон (аз панҷ чаҳор ҳиссаи онҳо) забони арабиро намедонанд, бештари онҳо метавонанд Қуръони каримро бе дарки маънои он ба таври комил ҳифз ва аз ёд кунанд ва фаҳму тафсири он дар солҳои баъд аз наврасӣ фаро мерасад. Ҳанӯз ҳам дидгоҳи Ғарб нисбати ҳифз кардан, чӣ Инҷил бошад, чӣ шеъру намоишнома, ҳамчун низоми таълимӣ як масъалаи ғайри муътамад боқӣ мемонад. Дар гузашта насрониҳо машғули ҳифзи Инҷил шуда, ҳатто баъзе аз фарзандони насрониҳои араб бахше аз пораҳои Қуръони каримро ҳифз менамуданд, ки барои онҳо як вижагии бузург ато менамуд, зеро онҳо бо ҳифзи пораҳои Қуръони карим барои худ малакаи зеҳнӣ касб намуда, тавони захираи луғавии худро бой ва роҳ барои расидан ба фанҳои балоғат ва адабиётро густарда менамуданд.

## Ҷанбаҳои тарбияи равонӣ ва имонӣ

Бояд ба тарбияи равонӣ ва имонӣ дар солҳои нахусти наврасӣ тамаркуз карда шавад, чун фарзандон дар ин синну сол тавони қабули мафҳумҳои биҳишт, дӯзах ва охиратро доранд. Инчунин дар ин мараҳала тавоноии онҳо ба авҷи худ расида, таваҷҷуҳашон ба пойдорӣ, рӯҳоният, азхудгузарӣ барои манфиатҳои омма ва хайру хубии тамоми башарият ҷалб карда мешавад. Беҳтар аст отифаҳои наврасон ба як тавозуни ақлонӣ роҳнамоӣ шуда, зарурат ба тақвияти робита ба Парвардигор ва аҳамият додан ба вазифаҳои динӣ дар онҳо устувор гардад, то дар идораи отифаҳо ҳангоми воқеъ шудани ҳодисаҳо онҳоро мусоидат намоянд. Илова бар ин, бояд мафҳуми таваккал ба Аллоҳ таоло дар вуҷуди онҳо тақвият карда шавад.

## Ҳассосияти наврасон ба интиқод

Дар ин марҳала наврасон бояд аз ҷониби мураббиён бо ҳушёрӣ ва зиракӣ роҳнамоӣ карда шаванд, то ба эҳсосоти онҳо бозӣ ва нисбати онҳо беэҳтиромӣ сурат нагирад. Ҳадафи асосии мо дар ин ҳолат роҳнамоӣ ва рушду инкишофи онҳост то сабаби аз байн рафтани боварӣ ба худашон нагардад. Набояд фаромӯш кард, ки наврасон дар ин марҳалаи умр дар зеҳн офати ҳасад ва рашк ба ҳамсолонро доранд. Бинобар ин, бояд бо онҳо ва бародарону хоҳаронашон аз рӯи адлу инфосу баробарӣ ва бе бартар донистани яке бар дигаре бархӯрд шавад.

## Таваҷҷуҳ ба ташаккули шахсият

Бояд ба эҷоди шахсияти наврасон таваҷҷуҳ карда шавад, чун онҳо дар ин марҳала ба ҷустуҷӯи ҳувияти худ, ҷомеа, коинот, моварои табиат ва ғайбиёт мепардозанд, ки замони муносиб барои баҳсу мунoқиша дар бораи мафҳумҳои ҳақиқии Ислом ба монанди тавҳид, хилофат, тазкияи нафс, ободкорӣ, уммат,

даъват, дидгоҳи кайҳонӣ, ҳадафҳои зиндагӣ, робита бо худ, робита бо дигарон, табиат ва Парвардигор аст. Дар ин марҳала дар вуҷуди онҳо бояд дидгоҳи шомилу дуруст дар бораи Парвардигор, ҳаёт, коинот ва нафс ташаккул дода шавад.

## Омӯзиши забони дуюм

Набояд омӯзиши забони дуюм ба солҳои наврасӣ ба таъхир андохта шавад. Беҳтар аст он қабл аз даҳсолагӣ оғоз гардад, чун ин марҳала оғози ташаккули овозҳо ва иртиботот дар ҳуҷайраҳои асаб дар майнаи сар аст. Ҳар қадар омӯзиши забон барвақтар оғоз гардад, ҳамон қадар барои кӯдакон беҳтар ва хубтар аст, чун дар ин марҳала метавонанд забони дуюмро монанди забони модарии худ бе лакнат биомӯзанд ва талаффуз кунанд.

Фарзандон дар овони кӯдакӣ тавоноии бузург барои омӯзиши забонро дошта, дучори ҳеҷ мушкиле нахоҳанд шуд. "Майнаи хурд тавон ва омодагии бузург барои аз худ кардани забон ва фаҳму омӯзиши онро дорад ва шахсе, ки дар хурдӣ омӯзиши ду забон барояш муяссар шуд, дар оянда омӯзиши забони сеюм ва чорум низ барои ӯ бисёр осон мегардад. Дар муқоиса бо калонсолон ва ё талабаҳои мактабҳои миёна кӯдакони хурдсол тавоноии бештар барои омӯзиши забони олмониро доранд ва талаффузи онҳо наздиктар ба талаффузи аҳли худи ҳамон забон аст, онҳо метавонанд ҳатто тараннумҳои нозуки забони хитоиро тақлид кунанд ва онро ёд гиранд" (Gold, 2006). Омӯзиши забони арабӣ ва дигар забонҳо низ бар ҳамин қоида мутобиқат менамояд.

### Ҳофизи шашсолаи форси Қуръон

Ҳофизи Қуръони карим шахсест, ки тамоми Қуръонро ҳифз карда, бе донистани забони арабӣ ва назар кардан ба китоб онро медонад. Саид Муҳаммад Ҳусейни Таботабоӣ, ки забони модарии ӯ форсист, Қуръони каримро дар шашсолагӣ ҳифз намудааст. Падараш мегӯяд: "Писарам дусола буд, ки ман дар ӯ ин истеъдодро дидам". Тифл ба модараш, ки ӯ низ ҳофизи Қуръон аст, гӯш фаро дода, бо як-ду маротиба шунидан оятҳоро ҳифз ва аз ёд мекард. Ӯ рӯзона тиловати Қуръони карим мекард, то он чиро, ки ӯ аз ин китоби муқаддас ҳифз кардааст, фаромӯш накунад ва ҳамчунон дар зеҳнаш устувор бимонад. Ӯ ба хондани қиссаҳои паёмбарон, махсусан ба қиссаи ҳазрати Юсуф (а), низ шавқи зиёд дорад (Ахбори муслим, 1998).

Яке аз муъҷизаи Қуръони карим ин аст, ки шумори зиёди ғайри арабзабонон онро ба осонӣ ҳифз менамоянд ва имрӯз ҳазорон кӯдак аз миллату қавмҳои гуногун, ки синнашон камтар аз 10 сол аст, ин китоби каримро бо матни аслии худ ва бе дарки маънои он ҳифз ва аз ёд кардаанд.

## Ҳофизи чорунимсолаи сурии Қуръон

Хурдтарин тифле, ки Қуръони каримро ҳифз намудааст Абдулло Аҳмад Шағғола аз Ҳалаби Сурия аст. Ӯ соли 1996 таваллуд шуда, ҳифзи Қуръони каримро дар сесолагӣ оғоз карда, дар чорунимсолагӣ ба итмом расонидааст. Сипас дар панҷсолагӣ 1000 ҳадиси Расулуллоҳ (с) ва беш аз 1000 байт шеър низ аз худ кардааст.

Қиссаи чӣ гуна ҳифз кардани ин писарбача замоне шуруъ шуд, ки дар дукони падараш аз радио суруди “Маро мардум зулм карданд”-и Умми Кулсуми овозхони араб ба гӯшаш расид ва онро дарҳол дар як бор шунидан аз ёд кард. Падар, ки аз ҳофизаи писар дар тааҷҷуб афтода буд, хост тавоноии писараш дар ҳифзи Қуръони карим истифода шавад ва таълиму тиловати Қуръони каримро сар кард ва Абдуллоҳ дар маротибаи дуюм оятҳоро низ аз худ намуда, дар чанд моҳ хондани Қуръони карим мутобиқи қоидаҳои таҷвидро ба хубӣ ёд гирифт. Ӯ дар панҷсолагӣ дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ дар Сурия миёни ҳофизони аз 14 то 30 сола ҷои аввалро касб намуда, хурдтарин ҳофизи Қуръони карим эътироф гардид (Маҷаллаи «ал-Усра», 2005).

Доктор Наззор Ал-Онӣ, декани факултети илмҳои модарӣ ва оилавии яке за донишгоҳҳои Имороти Муттаҳидаи Араб мегӯяд, ки тифли чорунимсолаи покистониро дидаст, ки Қуръони каримро ба таври комил ҳифз намудааст.

## *Ҳифзи Қуръони карим дар кӯдакӣ наврасонро дар мактаби миёна кумак мекунад*

Доктор Юсуф Халифа (Собиқ вазири таълим ва тарбия дар Судон) мегӯяд:

«Таҷрибаи мо бо ҳофизони Қуръони карим дар бисёри мактабҳои ҳифзи Қуръон дар деҳот ва мактабҳои Судон собит намуд, ки ҳофизони Қуръон дар ҳифз, такрор ва дарки мафоҳим ва мушкилоти печида бартарияти баланд доранд. 90 фоизи ҳофизони Қуръони карим, ки дар гузашта ба мактабҳои замонавӣ нарафта буданд ва танҳо ду сол фанҳои гуногун барои дохил шудан ба донишгоҳ хонданд, дар имтиҳони умумии Судон комёб шуданд ва бо онҳое, ки 12 сол мактаби миёнаро хонданд, баробар будаанд».

Инчунин Нино Абдулло (1994) ба ин натиҷа расидааст, ки ҳифз кардан дар кӯдакӣ ба тақвияти ҳифз дар солҳои баъдӣ кумак менамояд.

# МАШҚҲОИ 33-35



## Машқи 33:
## Корҳои зиёде маро азият ва хаста мекунанд

Ба падарону модарон тавсия медиҳем сатрҳои зеринро ҳамроҳ бо фарзандон бо диққат, тибқи шароити оила ва бо равиши муносиб барои бартараф кардани корҳо ва рафторҳои нодуруст хонда, иттифоқи назар намоянд:

**Ман норохат мешавам, вақте:**

- фарзандон ахлотро дар макони махсуси он намегузоранд ва ин масъулият ба дӯши падару модар вогузор мегардад.
- ахлот назди зарфи махсуси он гузошта мешавад, на даруни он.
- мардум ба вохӯрӣ дер мекунанд.
- шавҳар бе огоҳии ҳамсар дер ба хона меояд.
- касе бастани банди попӯшҳоро фаромӯш мекунад ва касе ӯро огоҳ намекунад.
- касе пас аз қазои ҳоҷат дастҳояшро намешуяд.
- касе пас аз баромадан дари ҳоҷатхонаро намепӯшад.
- касе пиёлаи чой, қаҳва, об ё шарбатро то охир нанӯшида, онро то пагоҳӣ рӯи миз мегузорад.
- мардум мӯй, абрӯ ё риши дарози худро шона намекунанд.
- мардум сузанак, чангак ва варақҳоро рӯи миз ва замин парешон мегузоранд.
- аз фарзандон дар хонаи бегонагон хатое сар мезанад, падару модар табассум карда, онҳоро бозначедоранд.
- мардум овозаҳоро паҳн намуда, дар ғайбати мардум фурӯ мераванд, дар ҳоле, ки Қуръони карим ғайбатро ҳамчун хӯрдани гӯшти бародари мусулмони худ медонад.
- ба кӯдак саволе медиҳанд, чӣ осон бошад, чӣ душвор, падару модар пеш аз ӯ ҷавоб медиҳанд.
- мардум ба фарзандон ҳангоми сухан гуфтан халал мерасонанд.
- соҳибхона меҳмонро беш аз ҳад ба хӯрдани таом водор месозад.
- мардум баъзе иборaҳои қавмгароёна ё суханони берун аз доираи эҳтиром нисбати якдигар мегӯянд.

- мардум таоми беш аз ҳад бардошта, таҳмондаи онро мепартоянд.
- мардум ногаҳонӣ ва бехабар ба меҳмонӣ ва ба назди дустон меоянд.
- меҳмон бе иҷозати соҳибхона дахолат намуда, фарзандони ӯро сарзаниш мекунад.
- падару модар ба ваъдаҳои ба фарзандон додаи худ хилоф карда, аз ин корашон содиқона узрхоҳӣ намекунанд.
- мардум насиҳат мепурсанд дар ҳоле, ки бахше аз мавзӯъро пинҳон медоранд.
- ҷавонон ба ҷои зинаҳо лифтро истифода мебаранд.
- нома пурра ва ба таври дуруст намерасад ва дар чизе кам ё зиёд аз ҷониби паёмрасон ба вуҷуд меояд.
- аёдаткунандагон назди бемор ба муддати дароз менишинанд.
- шахсе бе баёни сабаби нафрат ба ғазаб омада аз ту дур мешавад.
- мардум бепарво мол, об, ғизо, даво, дастмол, вақт ва собунро исроф менамоянд.
- баъзе одамҳо ҳангоми рондани мошин паёмак менависанд ё онро мехонанд (дар ҳоле, ки дар аксари аз кишварҳо қонун онро манъ намудааст).
- баъзе одамҳо дар пеши шумо атса ё сулфа мезананд ва бо даст ё дастмол даҳони худро намепӯшанд.
- одамҳо телефонҳоро дар намоз ё дар ҷойҳои ҷамъиятӣ хомӯш намекунанд.
- либос, ҷӯроб ё даҳони баъзе одамҳо бӯи бад мекунад.
- баъзеҳо дар ҳаммом фарш ё деворҳоро тар карда, онро хушк намекунанд.
- чанд кас якҷоя якдигарро гӯш накарда, гап мезананд.
- баъзе ронандаҳо бе ягон зарурат сигнали баланд мезананд.
- баъзе одамҳо вақти гапзанӣ баъзе калимаҳоро ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи дигарон аҳамият надода такрор мекунанд.
- суҳбати баъзе одамҳо он қадар баланд аст, ки дигаронро азият мекунад ва аз баъзеи дигар он чунон паст аст, ки мардум дар шунидани он сахтӣ мекашанд.
- баъзе одамҳо вақти баромадан аз хона чароғҳоро хомӯш намекунанд.
- касе ба навбат аҳамият надода, бе иҷозат аз ҳама пеш мегузаранд.
- баъзе меҳмонҳо ба гапҳои соҳибхона аҳамият намедиҳанд.
- соҳибхона ба хотири як меҳмони дермонда таомро ба таъхир мегузорад.
- одамҳо вақти шустани дастон обро исроф мекунанд.
- ҷумаки обро дуруст намебананд.
- одамҳо барои пок кардани оби даҳон аз дастмолҳо истифода накарда, туф мекунанд.
- одамҳо ахлотро аз роҳ намегиранд, дар ҳоле, ки шариат ба мо дастур медиҳад, ки ашёи зараррасонро аз роҳ дур кунем.

- баъзе одамҳо дар гузаргоҳҳо истода, гап мезананд ва ба роҳгузарон халал мерасонанд.
- дар ҷои ҷамъиятӣ ду нафар бо ҳамдигар гушакӣ менамоянд.
- гуноҳкор на гуноҳи худро эътироф мекунанд, на бахшиш мепурсад.
- одамонро ба ягон муносибат даъват карда, онҳоро хабар намекунанд, ки бароящон зиёфат омода кардаанд.
- сачоқҳои қоғазиро бе зарурат аз қутӣ мебароранд.
- ба касе риштаи сухан дода мешавад ва ӯ беш аз вақти муайян суҳбат мекунанд.
- баъзе одамҳо дар ивази табассум туршрӯӣ мекунанд.
- ба каса салом медиҳанд ва аз ӯ на ҷавоби салом шунида мешаваду, на посухи нек.
- баъзеҳо утокро аз ҳад зиёд торик ва баъзеи дигар аз ҳад зиёд равшан мекунанд.
- баъзе одамҳо бо садои баланд, беҳудагӯиҳо ё талаботи ноҷои худ дигаронро нороҳат мекунанд.

**Машқи 34:**

**Ҳифзи дуо**

Ин дуоро бо хонавода ҳифз кунед. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*«Аллоҳумма иннӣ аъузу бика минал-ҳамми вал-ҳазани вал-ъаҷзи вал-касали вал-ҷубни вал-бухли ва залаъи-д-дайни ва ғалабати-р-риҷол»*

*«Парвардигоро! Ман аз ғаму ғусса, нотавонӣ, танбалӣ, буздилӣ, бахилӣ, гаронии қарз ва ғолиб омадани мардон бар ман ба Ту паноҳ мебарам».*

*(Бухорӣ).*

Дар мавриди сифатҳои дар ин дуо зикршуда суҳбат ороста, онҳоро бо шеваи саволҳои зер шарҳу маънидод намоед: Чаро бояд аз чунин сифатҳо дар ташаккули шахсияти худ дурӣ намоем? Оё падару модар ҳақ доранд дар таълими сифатҳои хуб ва ислоҳи сифатҳои бад то синни ба балоғат расидани фарзандон таъхир намоянд? Кадом таҷрибаҳои шахсии амалии худро дар ин мавзӯъ метавонед барои кӯдакон қисса кунед? Оё метавон аз мавзӯъҳое, ки дар ин ҳадиси муборак зикр шудаанд, истифода намуд:

- ғам ва ғусса
- буздилӣ ва бахилӣ
- нотавонӣ ва танбалӣ
- гаронии қарз ва ғолиб омадани мардон.

**Машқи 35:**

**Чанд насиҳат ба падарону модарон**

Падарону модарони азиз! Дар бораи насиҳатҳои зер ва роҳҳои татбиқи он бо фарзандон гап занед:

- Ба фарзандон каме бештар аз он чӣ таваққуъ доранд, диҳед ва ин корро бо чеҳраи кушода ва бо лабханд анҷом диҳед.
- Ҳар чизе, ки мешунавӣ, бовар накун ва ҳама чизи ба даст омадаро сарф накун.
- Вақте мегуӣ дӯстат медорам ба қавлат содиқ бош.
- Вақте ба шахсе мегуӣ, ки “Афсӯс мехурам”, ба чашмонаш нигоҳ кун.
- Орзуҳои фарзандон набояд ба масхара кашида шаванд, чун шахсе, ки орзу надорад, чизи зиёде дар зиндагӣ надорад.
- Дар баҳсу гуфтугӯ инсофро риоят намуда, набояд дигарон дашном шунаванд.
- Дар бораи касе аз рӯи кирдори хешу наздиконаш қазоват накун.
- Вақте шахсе чизеро аз шумо мепурсад ва шумо рағбати посух додан ба ӯро надоред, бо табассум аз ӯ бипурсед, ки чаро ин чизро донистан мехоҳад?
- Муҳаббати воло ва дастовардҳои бузург корҳои бузургро ҷалб ва талаб менамояд.
- Вақте касе атса зад ва “Алҳамдулиллоҳ” гуфт, дар посух ба ӯ “ярҳамукаллоҳ” бигӯ.
- Вақте дар мусобиқа ё бозие бохтед, гирифтани дарси ибрат аз онро фаромӯш накунед.
- Эҳтироми худ ва дигаронро бидонед ва масъулияти амалкарди худро таҳаммул намоед.
- Нагузоред ихтилофи андаке робитаҳои хуби оилавиро аз ҳам бипошад.
- Вақте иштибоҳи худро дарк кардед, барои ислоҳи он амалҳоеро анҷом диҳед, ки дар сарҳати он узрхоҳии содиқона бошад.
- Дар вақти суҳбат бо телефон табассум намоед, зеро табассум аз тариқи оҳанги садо ба тарафи муқобил мерасад.
- Гоҳо худро танҳо гузоред, то битавонед тарзи таамул ва андешарониро ба як шакли муназзам дароред.



ФАСЛИ ЁЗДАҲУМ

# Тарбияи саломатии кӯдакон. Тозагӣ, ғизо, машқҳои варзишӣ ва хоб

- **Муқаддима**
  - — *Саломатӣ дар замони ҳомиладорӣ*
  - — *Эмгузаронӣ пас аз таваллуд: фоида ва зарарҳои он*
    - *Таъсири бузурги эмгузаронӣ*
    - *Назарҳои мухолиф бо эмгузаронӣ*
    - *Ваксина (эмгузаронӣ) бузургтарин муомилаи ҷаҳонӣ барои саломатӣ аст*
- **Назофат ва тозагӣ**
- **Баъзе аз амалкардҳои исломӣ дар мавриди назофат ва тозагӣ**
  - — *Тозагӣ дар ҳоҷатхона*
  - — *Мӯй ва нохунҳо*
  - — *Одатҳои солим барои рӯҳ ва ҷисм*
- **Ғизо**
- **Роҳнамунҳои осмонӣ дар мавриди ғизо**
- **Иқтибос аз суханони Имом Ғазолӣ дар бораи одоби таом**
  - — *Пурхурӣ*
  - — *Мушкилоти вазни зиёдатӣ дар Амрико ва Британия*
- **Ҳақиқатҳое дар бораи кӯдакон ва тарзи ғизодиҳӣ**
  - — *Ғизогирӣ дар замони ҳомиладорӣ*
  - — *Ғизодиҳӣ аз таваллуд то қабл аз замони наврасӣ*
  - — *Ғизогирӣ дар овони наврасӣ*
  - — *Намунаи ғизои муносиб барои кӯдакони 2 то 10 сола*
  - — *Саволҳои умумӣ*
- **Фарзандон ва машқҳои варзишӣ**
- **Чаро машқҳои варзишӣ барои фарзанди ман муҳим аст?**
  - — *Роҳҳои ташвиқи кӯдакон ба варзиш*
  - — *Ҷадвали машқҳои варзишӣ*
  - — *Попӯшҳои солим барои варзиши фарзандон*
- **Аҳамият ва фоидаҳои хоб**
- **Таъсири камхобӣ ба саломатӣ**
- **Масткунандаҳо: дурӣ аз шароб ва маводи мухаддир**
  - — *Фарзандон ва гумроҳӣ*
  - — *Нишонаҳои барвақти нашъамандӣ. Ҳангоми ошкор шудани он чӣ бояд кард?*
  - — *Масъулияти падару модар барои ҳимояи фарзандон аз маводи мухаддир ва масткунандаҳо*
  - — *Шаробнӯшӣ дар муқобили робитаҳои оилавии солим*
  - — *Барномаҳои нигоҳубини пас аз табобат. Истифодаи дин барои пешгирӣ*
- **Қонуншиканӣ**
- **Машқҳои 36-42**

# МУҚАДДИМА

Табибе ба беморе, ки ҳамеша аз бемории дардноки худ шикоят дошт, гуфт: “Ту молу сарвату тамоми саъю талошатро дар сармоягузорӣ дар мошинҳо ва биноҳо сарф мекунӣ, вале нисбати муҳимтарин сармояи худ, ки ҷони худат аст, бепарво ба беаҳамият ҳастӣ”.

Сухани гузаштагон “Пешгирӣ беҳтар аз табобат аст” ё “Як дирҳам барои пешгирӣ беҳтар аз ҳазорҳо динор барои дармон аст” ҳаргиз мафҳум ва арзиши худро гум намекунад. Падарону модарон бояд ҳамеша ин суханони гавҳарборро пеши чашми худ гузошта, мунтазири мушкилот, бемориҳо ва мусибатҳо нагардаданд ва барои пешгирӣ аз онҳо ҳамеша омода бошанд, то мабодо бо содир кардани як иштибоҳи хурд ояндаи фарзандони худро дар маърази хатар бигзоранд. Масъулияти падарону модарон дар ин росто дорои ду ҷанба аст, яке масъули ҳимоят аз саломатии фарзандон ва дигаре аз саломатии тан ва ҷони худ.

Мутаассифона бештари мардум дар ивази як дирҳам ба хотири пешгирӣ аз беморӣ миқдори бузурге аз молро дар муолиҷаи бемориҳои вазнин сарф мекунанд, бехабар аз он ки як амали хурд дар вақти муносиб бо харҷи андак натиҷаи хуб ба бор меорад. Беаҳамиятӣ ва кутоҳӣ намудан дар баробари саломатии кӯдакон пушаймонӣ ва оқибатҳои ногуворро ба бор меорад. Берун аз тасаввури инсон аст, ки дар ҳоли беаҳамиятӣ ва гирифтор шудани кӯдакон ба бемориҳое, ки фурсати табобаташон аз даст рафтааст, чӣ қадар сахт ва дардовар хоҳад буд.

Саломатӣ як ганҷи бузург аст, чун дар ҳоли набуди он инсон имкони доштани хонаводаи хуб, кори муносиб, омӯзиши хуб ва ё тавони доштани вақти хубро надорад. Ақли солим дар ҷисми солим аст ва ҳаргиз рушду инкишофи як тифли бемор монанди тифли солим буда наметавонад.

Вақте саломатӣ як ганҷи бузург ва аз чунин мақоми баланд бархӯрдор аст бояд дар тарбияи фарзандон ба он аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. “Тарбияи саломатӣ” яъне машқ додани кӯдакон барои ҳар чизе, ки барои саломатии онҳо лозим аст, ба монанди ғизо, хоб, тозагӣ, варзиш ва ҳимояи ҷисм аз зарарҳо ва ғайраҳо. Инчунин бояд ба саломатии тифле, ки ҳанӯз дар раҳми модар аст, аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, зеро “тарбияи саломатӣ” яке аз масъулиятҳои муҳими падарону модарон дар пеши фарзандон аст, ки ба он бояд ба таври шоён ва ба қадри кофӣ бархӯрд сурат бигирад.

## Саломатӣ дар замони ҳомиладорӣ

*Ҳушдор*

*Истифодаи тамоку (сигор) сабаби бемории саратони рӯда, бемориҳои қалб ва рагҳои хунгард шуда, хатарҳои бузург барои зани ҳомила дорад.*



Модари ҳомиладор нисбати тифли дар раҳмаш масъулияти бузург дорад, то тифли солим ба дунё оварад. Модари ҳомиладор бояд хӯрокҳои серғизо тановул намояд, ба қадри кофӣ хоб равад, мунтазам ба духтур мурочиа намояд, машкҳои варзишӣ анчом диҳад, бояд аз чизҳое, ки хатари мубтало шудан ба вирусҳоро доранд, дур бошад, аз истифодаи маводи зараррасон монанди маводи мухаддир, нӯшокиҳои спиртӣ ва истифодаи тамоку, ки аз чумлаи одатҳои бисёр зарарнок ҳастанд, ва бавижа аз дигар одатҳои бад дар замони ҳомиладорӣ, дурӣ намояд. Тифл тамоми заруратҳои худ, монанди ғизо ва оксигенро аз модар аз тариқи ноф мегирад. Бинобар ин дар сурати кашидани сигор на танҳо аз дуди он ба тифл зарар мерасад, балки ба худи ноф, ки роҳи даромади ғизо ва оксиген аст, зарарҳои бузурге мерасад. Бояд ин ҳушдор ва ёдоварие, ки болои қуттиҳои сигор навишта шудааст, ҳамеша мадди назар бошад.

**Муҳити бе сигор. Агар ирода бошад, роҳи ҳал ҳам ёфт мешавад**

Давлатҳо метавонанд истифодаи сигорро то ҳадде кам кунанд, албатта агар ба он ба таври чиддӣ аҳамият дода шавад, чуноне ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чунин амале ба анчом расида буд.

**Огоҳии “Тамоку кашидан манъ аст” -** Дар соли 1985 теъдоди шаҳрҳое, ки қонуни чойҳои бе сигорро риоя намуданд, ба 202 шаҳр ва дар соли 2003 шумори онҳо ба 1631 шаҳр расида буд.

Бо вучуди будани чунин қонун бояд падарону модарон фарзандони худро дар як фазои холӣ ва дур аз дуд ва олудагиҳои сигор нигоҳ доранд.

Дар ҳоли сироят шудани зани ҳомила ба вирус дарҳол ба духтур муроҷиат намояд, то тифли дар раҳм эмин аз зарар бимонад. Пас аз таваллуд барои синамаконӣ низ дубора ба духтур муроҷиат намуда, ба тавсияҳои онҳо амал намояд, зеро сирояти вирус сабаби курӣ, гунгӣ, заъфи ақл, бемории шизофрения (беморие, ки сабаби ихтилол дар робитаҳои иҷтимоӣ ва рӯҳии инсон мешавад) ва аутизм мегардад. Ҳамчунин занҳои ҳомиладор бояд муоинаи хун намоянд, то аз мубтало шудани тифл ба бемориҳои хун, ки шояд сабаби талаф шудани мағзи кӯдак ё ҳатто аз даст додани ӯ гардад, иҷтиноб намоянд.

## Эмгузаронӣ пас аз таваллуд: фоида ва зарарҳои он

Ин ҷо дидгоҳ ва назарҳои мувофиқ ва мухолиф бо эмгузарониро пешкаш хоҳем кард, то падарону модарон дар интихоби он дигар ба душворӣ мувоҷеҳ нашаванд. Духтур тифлро, махсусан чашмҳо, гӯшҳо ва аксуламалашро месанҷад. Инчунин писарҳо хатна мешаванд, то аз бемориҳои ҷинсӣ ва илтиҳоб эмин бимонанд. Бисёре аз падарону модарон зарурати эмгузарониро дарк ва аз барномаи пешакӣ муайяннамудаи духтур пайравӣ мекунанд, вале 80% онҳо ба сабаби надонистани вақти муайян барои эмгузаронӣ онро дар вақти ғайри муносиб ва қабл аз ду солагӣ анҷом медиҳанд.

### Таъсири бузурги эмгузаронӣ



Шаш навъи бемориҳои кушанда дар даврони кӯдакӣ вуҷуд дорад: сурхча, фалаҷ, сил, кузоз, кабудсулфа ва гулӯзиндонак. Ин бемориҳо миллионҳо кӯдакро ба коми марг мебаранд,ки аксари онҳо кӯдаконе ҳастанд, ки аз камбуди ғизои солим ранҷ мебаранд. Эмгузаронӣ барои пешгирӣ аз ин навъи бемориҳо аз солҳои пеш вуҷуд дошт ва кишварҳои мутараққӣ роҳи ҳал ва муваффақиятро дар ин росто ба даст овардаанд. Агарчи дар Амрико тақрибан ҳамаи кӯдакон аз бемориҳои хосси онҳо эм шуда бошанд ҳам, ҳанӯз 20% кӯдакон дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ имкони эм шуданро надоранд. Бинобар ин, ҳар сол наздик ба 3 миллион кӯдак ба сабаби ин бемориҳо, ки бо эмгузаронӣ имкони наҷоти онҳо вуҷуд дорад, ҷони худро аз даст медиҳанд.

*(For the Children: The Gift of Health, Education, and Hope, "Donation Pamplet, UNICEF", 2003).*

**Моҷарои кашфи эмгузарониро ба кӯдаконат нақл кун:**

Доктор Эдвард Ҷеннер аввалин бор назарияи эмгузарониро дар соли 1796 ихтироъ карда буд, ки моҷарои он яке аз қиссаҳои зебо дар эҷодкориҳост. Дар илми тиб андешаҳои волое вуҷуд дорад, ки баъзеи он ошкор аст ва баъзеи дигар норавшан боқӣ мемонад. Аммо моҷарои ин навъе, ки доктор Ҷеннер кашф намуд, чунин аст, ки ӯ аз ҳамсояҳои худ дар Глостершири Англия шунид, ки яке аз касоне, ки ба бемории нағзаки гов мубтало шуда буд, ба нағзаки табиӣ гирифтор нашуд, ва фикр кард, ки бемории аввал қувваи ҳифзи баданро ба кор медарорад, то ба бемории дуюм муқобилият ва онро бартараф кунад. Ин андеша ба дӯстони доктор Ҷеннер оқилона наменамуд, чун онҳо ҳанӯз дар бораи сироятнопазирӣ (иммунитет) ва бактерияҳо маълумот надоштанд *(Carmichael, 2007)*. Бо вуҷуди ин, худи Ҷеннер ва модари Джеймс Фиппси 8 сола, ба ин андеша бовар карданд ва модар иҷозат дод, то ин таҷриба дар писари ӯ гузаронида шавад. Доктор Ҷеннер аз обилаи зани говдӯше, ки дар фасли баҳор ба бемории нағзаки гов мубтало шуда буд, зардоб гирифту ба бадани кӯдак тазриқ кард. Кӯдак каме таб кард, вале бемор нашуд. Пас аз гузашти 6 ҳафта доктор тифлро бо вируси нағзаки табиӣ тазриқ намуд ва ӯ аслан ба ин беморӣ мубтало нагардид. Доктор Ҷеннер пас аз муваффақияташ дар ин ҷода субҳи нав дар кашфи ваксинаро эълон кард. Аммо чуноне ки ҳамеша ба ихтироъкорон ва иктишофкунандагон тамғаи девонагӣ зада мешавад, ба доктор Ҷеннер низ пас аз кашфиёташ ҳамчун як инсони девона нигоҳ мекарданд.

Кашфиёти доктор Ҷеннер пас аз байн бурдани бемории нағзаки гов тағйироти бузургеро дар ҷаҳон ба вуҷуд овард ва ин дунёи пешрафта роҳи наҷот аз бемории фалаҷи атфол ва сурхчаро барои худ пайдо намуд. Кашфиёти доктор Ҷеннер аз муҳимтарин кашфиёти тиббӣ дар ду асри гузашта буд, ки бо камтарин масраф роҳи ҳалли худро ёфтааст. Эмгузаронӣ ва ё ваксина барои муолиҷаи бемор набуда, роҳи пешгирӣ аз ибтило ба беморӣ аст. Ба 100 шахс гузаронидани ваксина ва доштани саломатии хуб ба маънои ҳифз кардани ҷони ҳазорон шахси дигар аз мубтало шудан ба ин беморӣ аст.

Ҳамин гуна ҳар сол теъдоди зиёди ваксинаҳо ихтироъ мешавад, ки мутаасифона барои миллионҳо инсонҳо дар минтақаҳои васеъи Африқо, Осиё ва Амрикои Ҷанубӣ дастрас нест ва сабаби маргу мири зиёди кӯдакон дар ин минтақаҳо аз сабаби камбуд ва норасоии ин ваксинаҳо аст. Имрӯз муолиҷа барои баъзе бемориҳои ҷаҳонӣ, монанди Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД), сил ва табларза вуҷуд надорад, ки ба сабаби он ҳар сол то 6 миллион инсон бо вуҷуди пешрафтҳои бузург дар соҳаи тиб мемиранд.

## Назарҳои мухолиф бо эмгузаронӣ

Мехоҳем ба хотири нигоҳ доштани амонати илмӣ дар ин чанд сатр баъзе аз дидгоҳҳои мухолифро, бо вуҷуди фоидаҳои бузурги эмгузаронӣ, ки ба падарону модарон барои ҳимояти фарзандон аз бемориҳои кушанда тавсия мешаванд, зикр намоем. Баъзе одамҳо таъсири ҷанбаҳои дигари эмгузаронӣ дар замони тифлиро намедонанд. Мухолифони эмгузаронӣ иддао мекунанд, ки муҳимтарин далели муваффақияти ваксина аз пешрафти назаррас дар заминаи огоҳӣ аз зиндагии умумӣ, бавижа дар робита бо дастрасии оби тоза ва беҳдошт, набудани издиҳом дар ҷои зист, ғизои хуб ва сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ вобаста аст.

*“Тамоми ваксина ва доруҳо дар худ маводи химиявии зарарнок, кислотаҳои ҳайвонот, ҷанинҳои исқотшуда, протеинҳои номаълум дар шакли вирусҳо ва бактерияҳои зинда ё мурдаро доранд. Сохти ваксинаҳо ба фарзияҳои илмие такя дорад, ки умри он беш аз дусад сол аст ва дар худ хосияти “таҳрики бехатари аксуламали иммунии бадан”-ро дорад. Изофа кардани маводи химиявии заҳрдор ба ваксинаҳо сабаби эҷоди мушкилот дар системаи иммунии бадан ва асаб мегардад, зеро ҷисм наметавонад ба осонӣ аз маводи зарарнок раҳо шавад. Баръакс онҳо дар шабакаҳои мағз ва аъзои бадан ҷамъ омада, асаброталаф медиҳад ва замоне, ки бадан оҷиз аз раҳо кардани худ аз протеинҳои хориҷӣ ва кислота тавассути иммунитети аст, дар ин сурат дар ҷисм тавассути мембранаҳои ҳуҷайравӣ нуфуз мекунад.*

*(dangersof vaccines.com)*

Афзун бар ин, беш аз ду сол барои системаи сироятнопазирии бадан (иммунитет) лозим аст, то ҷисм битавонад тавассути таб, ашк, арақ ва доғҳои болои пуст ба таъаррузи бактерияҳо ва вирусҳо мубориза бурда, ба таври комил худро инкишоф диҳад. Ҳамчунин ваксина кӯдаконро аз фурсати ба даст овардани иммунитети табиӣ, ки дар тамоми ҳаёт идома пайдо карда, ҷисмро аз бемориҳои начандон хатарнок, монанди бемориҳои сурхча, паротит, сурхакон, обакон ва кабудсулфа ҳимоя мекунад, маҳрум месозад. Ваксина баданро ҳамеша дар як ҳолати бедорӣ ва омодабош барои мубориза ба чизҳое қарор медиҳад, ки шояд ҳаргиз воқеъ нашаванд, ва имкони қарор додани иммунитет дар маърази мутаассир шудан ба ҳассосиятро низ дар худ дорад.

Мухолифони ваксина ва эмгузаронӣ бар ин назаранд, ки саломатии хуб беҳтарин васила барои фароҳам намудани иммунитет ва системаи сироятнопазирӣ зидди беморӣ аст. Ҷисм дар ҳоли солим будан тавони муқобила бо шамолхӯрдагӣ, зуком, сурхча ва тамоми бемориҳои атрофро дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳалли мушкил дар андозаи қобилияти ҷисм дар мубориза бо бемориҳо мебошад.

*(Head, 1999) (Sinclair, 1995).*

Дар инҷо мехоҳем такрор кунем, ки ҳаққи интихоби дуруст дар барои эм кардан ё накардан бо падарону модарон аст, ки бояд бо духтурон дар ин бора машварат намоянд. Ба духтурони кӯдакон тавсия дода мешавад, ки кӯдаконро дар шашсолагӣ, ҳаштсолагӣ ва даҳсолагӣ аз муоинаи тиббӣ гузаронида, пас аз ёздаҳсолагӣ ҳар сол бо онҳо чунин амалро анҷом диҳанд, зеро муоинаи тиббӣ мушкилотро дар сари вақт ошкор ва муолиҷаи онро осон мегардонад. Дар ғайри ин сурат шояд як мушкили хурд ба як бемории хатарнок табдил ёбад. Баъзе кишварҳо солона қабл аз оғози таҳсил тамоми талабаҳоро аз муоинаи тиббӣ мегузаронанд, ки ин амали онҳо сазовори ташвиқу тамҷид аст. Бо ин амал метавон бемориҳои кӯдакон, монанди заъфи шунавоӣ, бино ё сустӣ дар суханрониро дарҳол ошкор кард ва ба табобати он пардохт. Ғайр аз эмгузаронӣ бояд ҳамеша таваҷҷуҳи асосии падарону модарон барои пешгирӣ аз чунин маворид бо фароҳам сохтани ҳадди ақали шароити эҳтиёҷоти саломатӣ, монанди тозагӣ, ғизо, хоб ва варзиш бошад. Дар ин бора дар саҳифаҳои баъдӣ суҳбат хоҳад шуд.

**Ваксина (эмгузаронӣ) бузургтарин муомилаи ҷаҳонӣ барои саломатӣ аст**

Шояд бо харҷ кардани танҳо 15 доллар метавон ҷони кӯдакеро харид. Дар ду даҳсолаи охир мо ба дастовардҳои бузурге ноил гашта, тавонистем 80% кӯдакони ҷаҳонро аз бемориҳои гуногун дар амн нигоҳ дорем. Аммо ҳанӯз ҳам солона 1 миллион кӯдакро ба сабаби набуди хизматрасониҳои асосии тиббӣ, ки сарфи андаке дорад, аз даст медиҳем.

## НАЗОФАТ ВА ТОЗАГӢ

Тозагӣ бузургтарин силоҳи башарият бар зидди бактерия ва вирусҳои сироятӣ аст. Омили асосии интиқоли бактерияҳо ба ҷисм дастони худи инсон аст, ки бо ламс кардани чашм, даҳон, бинӣ ё гушҳо бактерияҳоро интиқол медиҳанд. Борҳо ва батакрор шустани дастҳо ба бактерияҳо фурсати сар бардоштанро нагузошта, онҳоро ба партовгоҳ мебарад.

Нависандаи амрикоӣ Роуз Уайлдер Лэйн *(1886-1968)* дар китобаш “Кашфи озодӣ” *(The Discovery of Freedom)* масъалаи дорои аҳамияти баландеро баён намуда, мегӯяд: “Мардум Муҳаммадро (с) ба он муттаҳам мекунанд, ки ӯ як инсони мутаассибе буд, вале ман дарк кардам, ки ӯ танҳо дар як чиз таассуб дошт — дар тозагӣ ва назофат”.

Расулуллоҳ (с) фазилати дар як рӯз панҷ маротиба таҳорат карданро чунин шарҳ додааст:

*“Намозҳои панҷгона монанди дарёи бузурге назди хонаи яке аз шумост, ки дар он дар як шабонарӯз панҷ маротиба ғусл менамояд”*

*(Муслим).*

Дар ривояти дигаре Расулуллоҳ (с) таҳоратро покии бадан аз ифлосиҳо ва покии нафс аз гуноҳон медонад:

*“Агар назди хонаи яке аз шумо ҷӯе бошад ва дар он рӯзона панҷ маротиба ғусл намояд, оё дар баданаш ифлосие боқӣ мемонад? Ёрон гуфтанд: не, ҳеҷ ифлосие боқӣ намемонад. Ӯ (с) гуфтанд: пас ин монанди ҳамон намозҳои панҷгонае аст, ки Худованд тавассути он гуноҳонро пок месозад”*

*(Муслим).*



## Тозагии мардону занон

Омори тозагии дастҳо дар Амрико ва Британия нишон медиҳад, ки занҳо нисбат ба мардон тозатаранд. Бар асоси таҳқиқоте, ки Донишгоҳи Мичигани Амрико дар ҳоҷатхонаҳои умумӣ, барҳо, тарабхонаҳо ва биноҳои ҷамъиятӣ гузаронидааст ба ин натиҷа расидаанд, ки 15% мардҳо ва танҳо 7% занҳо дастони худро намешуянд. 50% мардоне, ки дастони худро шустаанд, аз собун истифода намудаанд ва дар миёни занҳо ин омор ба 75% мерасад. Дар ин таҳқиқот низ омадааст, ки танҳо 5% онҳо барои аз байн бурдани микробҳо ба қадри лозим дастони худро мешуянд. Хулосаи ин таҳқиқот чунин аст, ки 33% онҳо дар вақти шустани дастон аз собун истифода накардаанд ва 15% онҳо ба таври кулли дастони худро намешуянд.

Назди нуқтаҳои сӯзишвории шоҳроҳҳои Англия назарсанҷие гузаронида шуд, ки 90% пурсидашудаҳо гуфтанд, ки пас аз қазои ҳоҷат дастҳои худро шустаанд. Аммо камераҳо нишон доданд, ки танҳо 32% мардон ва 4% занҳо дастони худро шустаанд. Дар нишондоди ин таҳқиқот омадааст, ки беҳтарин роҳи пешгирии интиҳори бемориҳо шустани дастҳо ба муддати 15-20 сония бо обу собун аст.

Савол: Чӣ гуна давлатдорони Испания дар давраҳои инквизитсияи сахтгирона нисбати мусулмонон ва яҳудиён метавонистанд фаҳманд, ки мусулмононе, ки худро масеҳӣ вонамуд мекарданд, маҷбуран ба масеҳият дароварда шудаанд?

Ҷавоб: Вақте медиданд, ки онҳо тозагиро ба хубӣ риоя мекунад, дарҳол мефаҳмиданд, ки ҳанӯз мусулмон ҳастанд ва танҳо дар назди дигарон худро масеҳӣ вонамуд мекунанд (Аҳмад, 1997).

## БАЪЗЕ АЗ АМАЛКАРДҲОИ ИСЛОМӢ ДАР МАВРИДИ НАЗОФАТ ВА ТОЗАГӢ

Роҳнамунҳои Расулуллоҳ (с) дар бораи тозагӣ ва назофат фаротар аз панҷ маротиба шустани дастону руй ва пойҳост, чун ӯ ҳамчунин ба шустани дастон қабл ва баъд аз тановули таом ва пас аз қазои ҳоҷат даъват менамояд, ки ташвиқ ва роҳнамуни волое дар ростои ҳифзи саломатии ҳамаи мардум аст. Покӣ ва назофат яке аз муҳимтарин саҳмҳои Ислом дар ҷодаи тиб буд. Метавон гуфт, ки оби пок ва тоза нигоҳ доштани худ бештар аз ҳар доруи зиддӣ вирус ҷони мардумонро наҷот додааст, ки сабаби он риоят ва пайравӣ аз фармудаҳои Расулуллоҳ (с) дар бораи покӣ ва назофат аст. Ӯ фармудаанд:

*“Покӣ нисфи имон аст”*
*(Муслим)*

*“Ҷисми ту бар ту ҳақ дорад”*
*(Бухорӣ).*

Расулуллоҳ (с) вақте бемор шуданд аз тибби қадими замони худ истифода намуда, гоҳо барои мардум баъзе аз муолиҷаҳоро низ баён мефармуданд. Расулуллоҳ (с) як шахси қудратманд ва дорои ҷисми солиме буд, ки дар бисёре аз фаъолиятҳои душвор, ба монанди кандани хандақ дар атрофи Мадина ва ворид шудан ба майдони ҷанг, иштирок меварзид. Ҳамчунин ӯ борҳо ба ғори Ҳиро мерафт, ки дар кӯҳе дар наздикии Макка ҷойгир ва роҳаш бисёр душвор буд.

Падарону модарон бояд дар нахустин рӯзи қадам гузоштани тифл ба дунё тозагии шахсиро авлавияти худ қарор дода, аввалин чизе, ки ба тифл нишон медиҳанд, тозагӣ бошад, чун кӯдакон нисбат ба калонсолон худро бештар ба ҳар чизе олуда месозанд. Ба тозагии шахсии кӯдакон бояд аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, чун онҳо пас аз муддате масъулияти намозу рӯза ва дигар масъулиятҳои диниро монанди калонсолон бар уҳда хоҳанд дошт. Бинобар ин омода кардани онҳо ва муҳофизати ҳамешагӣ аз ҷисм, либос ва муҳити онҳо барои ҳар як падару модар муҳим ва бисёр зарурӣ аст.

## Тозагӣ дар ҳоҷатхона

Ислом тозагии либосҳои дохилӣ ва мавзеъҳои аврат ба қадри имконро бо эътибори ин, ки таҳорат шарти дурусти ибодатҳост, фарз медонад. Бинобар ин аз тавсияҳои ин дини пок тоза нигоҳ доштани либосҳои дохилӣ ва барои иҷтиноб варзидан аз бӯи бад зуд-зуд иваз кардани ҷурабҳост ва дар ҳоли расидани пешоб бар либос дарҳол шустани он аст. Ҳамчунин аз дастуроти Расулуллоҳ (с) барои уммат ин аст, ки пас аз қазои ҳоҷат худро ба хубӣ пок намоем, ки инро дар фиқҳ "одоби истинҷо" меноманд. Истинҷо бо дур кардани асари пешоб ё наҷосат бо об ва ё бо чизи дигари поккунанда ба монанди кулӯх ва ё коғази ташноб ба ҷо меояд ва дар ҳоли истифода кардан аз коғаз ва об, ба шакле, ки дигар нишонае аз наҷосат боқӣ намонад, беҳтар ва авлотар аст. Дар хонаи ҳар фарди мусулмон гузоштани офтобаи об дар ҳоҷатхона барои тозагӣ бисёр зарур ва бамаврид аст. Бояд дасти чап барои пок кардан ва дасти рост барои хӯрдани хӯрок истифода шавад, чун бо вуҷуди шустани дастон бо об ва собун пас аз қазои ҳоҷат шояд ҳанӯз микробҳо дар дасти чап боқӣ монда бошад.

Мавзеъҳои аврат (махсусан аз духтарон) пас аз шустан хушк карда шавад, то роҳи пайдоиши магорҳо ва бемориҳо ба сабаби тар шудани либосҳои дохилӣ гирифта шавад. Занҳо бояд ҳангоми пок кардани худ аз пеш ба қафо масҳ кунанд, на аз қафо ба пеш. Либосҳои таҳпӯш бояд пахтагӣ ва кушод бошанд, чун барои аъзои таносулӣ муносиб ва нисбат ба дигар либосҳои таҳпӯш, ки аз моддаҳои нейлонӣ ва синтетикӣ сохта шудаанд, зудтар хушк мегарданд. Пас аз қазои ҳоҷат дастон бо собун шуста шавад, то тамоми нопокиҳо ва бӯи бад аз зери нохунҳо ва атрофи он бартараф гардад. Расулуллоҳ (с) ҳамеша ба гирифтани нохунҳо таъкид мекард.

> Оё медонед 98% мубтало шудани кӯдакон ба бемориҳои сироятӣ ба сабаби гузоштани дастон ба даҳонашон аст? Мо метавонем бо истифодаи чочакҳои тоза аз ин амал пешгирӣ намоем *(Gookin, 1996).*

## Мӯй ва нохунҳо

Мӯе, ки зери бағал ва атрофи аъзои таносулӣ сар мезанад, сарчашмаи бӯи бади бадан аст, зеро шароити муносиб барои ба вуҷуд омадани бактерияҳоро ба сабаби тарӣ ва нарасидани офтоб эҷод месозад. Доим тоза кардани мӯйҳо бӯи бади тан ва пайдоиши хоришак, шупуш ва ғайраро камтар мекунад. Расулуллоҳ (с) мефармоянд:

*"Аз ҷумлаи суннатҳо тарошидани мӯи зери ноф, гирифтани нохунҳо ва кӯтоҳ кардани мӯи лаб аст"*

*(Бухорӣ).*

Мӯи зери бағал ва зери ноф бо роҳҳои нисбатан осонтар гирифта мешавад, масалан бо чидан ва тарошидан, бо истифодаи крем ва марҳамҳои махсус ва васоили лазерие, ки берун аз меъёрҳои тиббӣ набошад ва ё ҳеҷ гуна зарар барои саломатӣ надошта бошад. Гирифтани мӯй ҳангоми баланд шудан аз андоза ё як маротиба дар чил рӯз ё камтар аз он кифоя мекунад. Араќи зери бағал, махсусан қабл аз оғози машқҳои варзишӣ ё рафтан ба мактаб ва масҷид, бо василаҳои табиӣ дур карда шавад, то бӯи бади он сабаби озори дигарон нашавад. Аз истифодаи василаҳои сунъии монеъи арақ, ки ба пӯст ва бадан зарар доранд, ҳазар карда шавад.

Дини мубини Ислом гузоштани нохунҳои дарозро барои пайравони худро иҷозат намедиҳад, чун зери нохун макони таҷаммуи тамоми намуди ифлосиҳо ва имкони интиқоли бемориҳо ба дигарон аст, бавижа ҳангоми пухтупаз. Ранг (лак) кардани нохунҳо сабаби нарасидани об ба қисми болоии нохунҳо мегардад, ки таҳорат ҳамоно ноқис мемонад. Бинобар ин зани мусулмон бояд ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, қоидаҳои умумиро ҳангоми адои намоз риоя намояд. Бо ҳино ранг кардани нохун ҷоиз аст, зеро ҳино хусусияти баста кардани қисми болоии нохунро надорад. Барои мардон истифодаи атрҳои табиӣ пеш аз рафтан ба масҷид мустаҳаб аст, аммо занҳо ба шарти вуҷуд надоштани марди бегона дар хона, метавонанд аз атрҳои дӯстдоштаи худ истифода намоянд.

**Тозагӣ барои зиндагӣ ё зиндагӣ барои тозагӣ?**
**Аз ифрот бипарҳезед!**

- Зане лақаби “Хонуми покиза”-ро ба худ касб кард, чун покиро аз андоза зиёд риоя менамуд, ба гунае, ки гӯё танҳо барои тозагӣ зиндагӣ мекунад. Ин хонаи безараршуда аз ҳар гуна олудагиҳо як гӯшаи дӯзах барои фарзандон гашта буд, чун онҳо бинобар сабаби ифлос нагаштани манзил маҳрум аз хӯшиҳои бозӣ гашта буданд. Аз андоза зиёд покиза нигоҳ доштани хона сабаби дур шудани хушӣ ва саодат аз ин хонадон гашта буд, чун ба гумони ин зан ҳатто хушбахтӣ ба андозаи кофӣ тоза набудааст, то ҳақи дародан ба ин хонаро дошта бошад, ба андозае, ки саодату оромиро қурбонии ҳавасҳои беш аз ҳадди тозагии худ намудааст. Бояд барои фарзандон ба андозае, ки пас аз он имкони тоза кардани хона вуҷуд дошта бошад, шароити бозӣ ва шӯхӣ фароҳам карда шавад, чун ифрот дар тозагӣ низ як амри ғайритабиӣ ба шумор меравад.

- Як духтур ҳолати бемореро дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ нақл мекунад, ки пас аз салом кардан бо ҳар кас, ҳатто бо духтурон ва кормандони соҳаи тиб, дастонашро дарҳол бо собун мешуяд.

- Ба кӯдакон омӯзонида шавад, ки қабл ва баъд аз хӯрдани хӯрок дастони худро бишуянд, то ин амал як одати ҳамешагии онҳо гардад.

## Одатҳои солим барои рӯҳ ва ҷисм

- Синамаконии табиӣ барои кӯдакон (на бештар аз ду сол)
- Хатна
- Ғусл аз ҷанобат барои марду зан воҷиб аст ва бар ғусли рӯз ҷумъа низ таъкид шудааст.
- Аз ҳамбистарӣ бо зан дар ҳолати ҳайз ва нифос то пок шудани ӯ дурӣ бояд кард.
- Дар вақтҳои лозима ғусл намудан ва таҳорат кардан барои намозҳои панҷгона.
- Шустани дастон қабл ва баъд аз хӯрдани хӯрок ва баъд аз баромадан аз ҳоҷат.
- Ҳамеша аҳамият додан ба дандонҳо ва шустани он бо мисвок (ба ҷои мисвок метавон чӯтка ва хамираи дандоншуиро истифода намуд).
- Хоб рафтан дар шаб ва кор кардан дар рӯз, зеро Худованд шабро барои истироҳат ва рӯзро барои кору маош офаридааст.

Мегӯянд: "Покӣ нисфи имон аст". Бинобар ин Қуръони карим барои ҳифзи ҷон ва саломатӣ гӯшти хук, худмурда, хун, масткунандаҳо ва дигар маҳсулоте, ки дар таркиби онҳо гӯшти хук вуҷуд дорад, ҳаром гардонидааст. Шариати исломӣ дар як сол як маротиба рӯза доштани моҳи шарифи рамазонро лозим медонад, чун ин моҳи муборак илова бар ин, ки фоидаҳои тиббии бешуморе дорад, барои ҷисму ҷон роҳатро фароҳам оварда, дар ростои андешидан, зикр ва адои намозу ибодатҳо итминонро ба вуҷуд меорад.

Хатна 50% хатари мубтало шудани писарон ба бемории таносулии папилломи инсонро, ки аз варамҳои гарданаи бачадони зан ба вуҷуд меояд ва дар баъзе ҳолатҳои нодир дар синни 24 солагӣ ба бемории саратони гарданаи бачадон мерасонад, камтар мекунад. Бемории папилломи инсон дар Амрико аз ҷумлаи бемориҳоест, ки аз тариқи алоқаҳои ҷинсӣ бештарин интишорро доранд.

## Роҳнамунҳои исломии тиббии муҳими барои ҳаёт:



- Ҳаққи ҳаёти инсон бояд ҳифз карда шавад.

- Хун додан ба дигарон танҳо паси аз муоинаи пурра ва дақиқ иҷозат аст.

- Кумак кардани касе барои худкушӣ ва қатъ кардани табобати бемор, агарчӣ шифо ёфтанаш дур аз эҳтимол бошад ҳам, ҷоиз нест.

- Ҷарроҳӣ кардани мурда, дар ҳоли набудани қонуни хос ва тақозои заруратҳои иҷтимоӣ, ҷоиз нест.

- Ба муддати дароз нигаҳ доштани бемори назбик ба марг зери асбобҳои сунъӣ, ки баъзе онро куштани бораҳмона меноманд, тавсия дода намешавад.

- Исқоти ҳамл ҷоиз нест, магар ба хотири наҷоти модар ё ба вуҷуд омадани ҳомиладорӣ дар натиҷаи таҷовуз. Баъзе бар ин назаранд, ки дар сурати ноқис будани тан ё ақли ҷанин, исқоти он ҷоиз аст. Албатта пас аз машварат бо мутахассисони соҳаи тиб ва фиқҳ.

- Ҳадя кардани узвҳои бадан ташвиқ карда мешавад.

- Бар асоси баъзе қайду шартҳо васл кардани аъзо ҷоиз аст.

- Истифодаи васоили замонавӣ барои ҳомиладор кардани зан аз шавҳари кунунии худ ҷоиз аст.

- Бачабозӣ, истимно ва зино ҷоиз ва ҳаром аст.

- Дини Ислом навиштани васиятнома ё ваколатномаи тиббии тасдиқшударо тавсия менамояд, то дар ҳоли гирифтор шудан ба бемориe, ки дигар қабули қарори муҳим берун аз тавони инсон аст, истифода шавад.

- Истифода аз асбобҳои муҳандисии генетикӣ барои дармони беморон ҷоиз аст ба шарти таҳқиқоти амиқи тиббӣ ва фиқҳӣ дар ин ҷода.

## ҒИЗО

Ҳазор рӯзи нахусти умри инсон муҳимтарин марҳалаи ғизогирӣ дар ҳаёт аст (The Economist, 26 марти 2011). Ғизогирии дуруст барои саломатии кӯдакон бисёр зарур ва муҳим аст. Ба ин маъно, ки на ҳар ғизое ба тифл дода мешавад, муфид ва ғизонок аст. Хӯрок на ҳама чизе аст, ки мо хӯрданашро дӯст медорем, балки хӯрок ҳамон аст, ки бадан ниёз ба он дошта, ҷисмро ғизо медиҳад.

Модарон бояд дар ду соли нахуст фарзандонро ба қадри имкон аз синамаконии табиӣ маҳрум насозанд, зеро дар синамаконии табиӣ фоидаҳои отифӣ, ҷисмӣ, ақлӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ барои кӯдакон нуҳуфтааст. Падарону модарон қабл ва баъд аз ҷудо кардани тифл аз синамаконӣ бояд хӯрокҳои муносиб ва ғизонокро барои онҳо фароҳам оваранд, аз ҷумла маҳсулоти ширӣ, гӯшт, донагиҳо, меваҷот ва сабзавот. Гӯшту маҳсулоти ширӣ ва меваҷоту сабзавот аз ҷумлаи моводи ғизоноке ҳастанд, ки барои рушду инкишофи тифл витамин ва маъданҳои асосиро фароҳам меоварад. Меваҷот ва сабзавот бояд ба таври дуруст шуста шаванд, чун шояд дар онҳо микробҳо, моводи химиявӣ, олудагӣ ва хоку лой, ки барои инсон зараровар ҳастанд, вуҷуд дошта бошад.

Қуръони карим шумори зиёди моводи ғизоноки машҳур ва муфидро зикр мекунад, аз ҷумла гӯшт (гӯшти гов, шутур, гӯсфанд, буз, парандаҳо ва ҳайвоноти баҳрӣ), донагиҳо (монанди гандум), лӯбиёиҳо (монанди лубиё ва наск), меваҷот ва сабзавот (монанди ангур, анҷир, зайтун, анор, хурмо, пиёз, сирпиёз ва бодиринг).

Қуръони карим шир ва асалро ҳамчун моводи хуб ва муфид барои тановул зикр фармуда, бахусус асалро ҳамчун як моддаи муолиҷавӣ ва шифобахш барои мардум муаррифӣ намудааст. Пас бояд кӯдакон, бавижа пас аз як солагӣ, ба таври муназзам ташвиқ ба хӯрдани асал карда шаванд. Падару модар, чуноне ки дар саҳифаҳои баъдӣ баён хоҳад шуд, бояд дар ғизо додани тифл ҳадди эътидолро риоя намоянд ва серии кӯдак набояд беш аз ҳадди худ бирасад. Набояд фаромӯш кард, ки ҳамеша ва ба қадри имкон ба кӯдакон оби тоза ва бе моводи химиявӣ дода шавад.

## РОҲНАМУНҲОИ ОСМОНӢ ДАР МАВРИДИ ҒИЗО

> ***“Эй касоне, ки имон овардаед, чизҳои покизаеро, ки Худо бар шумо ҳалол кардааст, ҳаром макунед ва аз ҳад дарнагузаред, ки Худо аз ҳад гузарандагонро дӯст надорад. Аз чизҳои ҳалолу покизае, ки Худо ба шумо рӯзӣ додааст, бихӯред ва аз Худое, ки ба Ӯ имон овардаед, битарсед”***
>
> ***(Моида, 87-88).***

***“Эй фарзандони Одам, ба ҳангоми ҳар ибодат либоси худ бипӯшед. Ва низ бихӯреду биёшомед, вале исроф макунед, ки Худо исрофкоронро дӯст намедорад”***

***(Аъроф, 31).***

***“Бигӯ: «Чӣ касе либосҳоеро, ки Худо барои бандагонаш бароварда-аст ва хурданиҳои хуштаъмро ҳаром кардааст?». Бигӯ: «Ин чизҳо дар ин дунё барои касонест, ки имон овардаанд ва дар рӯзи қиёмат низ хоси онҳо бошад». Оёти Худоро барои доноён инчунин батафсил баён мекунем”***

***(Аъроф, 32).***

***“Парвардигори ту ба занбӯри асал илҳом дод, ки аз кӯҳҳову дарахтон ва дар биноҳое, ки месозанд, хонаҳое интихоб кун. Он гоҳ аз ҳар самарае бихӯр ва фармонбардор ба роҳи Парвардигорат бирав. Аз шиками Ӯ шаробе рангоранг берун меояд, ки шифои мардум дар он аст. Ва соҳибони андешаро дар ин ибратест”***

***(Наҳл, 68-69).***

***“Якеро аз худ бо ин пулатон ба шаҳр бифиристед, то бингаред, ки ғизои покиза кадом аст ва бароятон аз он рӯзиятонро биёварад. Ва бояд, ки ба меҳрубонӣ рафтор кунад, то касе ба шумо огоҳӣ наёбад”***

***(Каҳф, 19).***

***“Ва меваҳое, ки худ интихоб мекунанд. Ва гӯшти парранда, аз ҳар чӣ бихоҳанд”***

***(Воқеа, 20-21).***

**Расулуллоҳ (с) мефармояд:**

*“Фарзанди Одам зарферо бадтар аз шикамаш пур накардааст, барояш чанд луқмае кифоя мекунад, ки пушташро устувор бидорад, агар ҳам барои хӯрдан исрор варзад, пас шикамашро се тақсим намояд: як қисмат барои таом, қисмати дуюм барои об ва қисмати сеюмро барои нафас кашидан”*

*(«Сунан»-и Тирмизӣ).*

**Далолатҳои матнҳои шаръиро метавон чунин хулоса кард:**

- Аз ҳар ғизое андак ва бо эътидол бояд хурд ва набояд аз як навъ ғизо шикамро пур кард.
- Гиёҳхор (вегетарианец) будан маърифату таҷрибаҳои зиёдеро талаб мекунад. Пас талош намоед таоми шумо шомили миқдори муносиби гӯшт низ бошд.
- Аз хурдани гӯшти хук, худмурда, шароб, истеъмоли маводи мухаддир ва кашидани сигор иҷтиноб намоед, чун онҳо нопок ва зараровар ва дур аз ғизоҳои солим ҳастанд.
- Меъдаро ба таври комил пур нанамоед ва қабл аз ба пуррагӣ сер кардан худро боздоред.
- Ба ғизоҳои рӯзмарраи худ асалро изофа намоед, чун дар он шифо ва табобат аст.
- Аз равғани зайтун ба қадри муносиб истифода намоед, зеро он шуморо бо холестирини фоидаовари липопротеинҳои зичии баланд (HDL) таъмин мекунад ва холестирини зараровари липопротеинҳои зичии пастро (LDL) коҳиш медиҳад.
- Аз тановули ғизоҳое, ки дар онҳо маводи химиявӣ, маводи нобудкунандаи ҳашарот ва маводи маснуии иловашуда ва муҳофизаткунанда аст, иҷтиноб намоед.
- Мева, чунончи дар оятҳои 20-21-и сураи «Воқеа» ба тартиби он ишора шудааст, бояд на баъд аз таом, балки қабл аз он хӯрда шавад.

## Дорухати аҷиб аз педиатр

Вақте падар дорухати барои духтари беморашро овард, даруни он 10 доллар бо ёдоварие аз тарафи духтури кӯдакона гузошта шуда буд, ки дар он навиштааст: “Барои духтарат як ғизои хуб ва фоиданок бихар, зеро ӯ аз тағзияи нодуруст ранҷ мебарад”.

Ин моҷаро як намуна ва ибрат барои падарону модарон аст, то дар ростои фароҳам овардани ғизоҳои зарурӣ ва солим, ки барои инкишофу шукуфонӣ ва саломатии кӯдакон кумак мекунад, беаҳамиятӣ накунанд. Тарзи зиндагӣ ва такопӯи рӯзонаи ҳаёт сабаби беаҳамиятии падарону модарон ба фароҳам овардани хӯроки поку фоиданок барои фарзандон гаштааст. Падарону модарон бояд барои фарзандон ниёзҳои равонӣ ва моддии аввалияро, аз ҷумла ғизоҳои солиму фоиданок, ки дар солҳои аввали инкишофу нашъунамо барои онҳо бисёр муҳим аст, қабл аз фурсатро аз даст додани, таъмин намоянд.

## ИҚТИБОС АЗ СУХАНОНИ ИМОМ ҒАЗОЛӢ ДАР БОРАИ ОДОБИ ТАОМ

Имом Ғазолӣ (1085-1111) дар китоби “Эҳёи улуми дин” дар фасли “Риёзат ун-нафс ва таҳзиб ул-ахлоқ” шуморе аз одоби таом, тарбияи нафс ва чӣ гуна дуруст кардани ахлоқи кӯдакон суҳбат намуда, онҳоро ба шакли зер зикр намудааст:

1. “Аввалин рафтори номақбуле, ки болои кӯдакон ғолиб меояд, тарзи хӯрдани таом аст. Бинобар ин бояд ба тифл омӯзонида шавад, то ҳангоми хӯрдани таом бо “Бисмиллоҳ” оғоз намуда, бо дасти рост ва аз назди худаш бихурад.
2. Сазовори фарди мусалмон аст, ки қабл аз дигарон даст ба таом дароз накунад, ба хӯрдани дигарон аҳамият надиҳад, бо шитоб нахӯрад, хӯрокро ба хубӣ бичавад, луқмаҳоро пайдарпай нахӯрад ва дасту либосашро бо таом олуда накунад.
3. Назди кӯдакон пурхӯрӣ ва беодобӣ мазаммат ва шахси камхӯру боадабу кӯдаки боахлоқу камхӯр таъриф карда шавад.
4. Бояд хӯриши дигарон бар худашро афзалият дода, бо доштани хӯроки хуб ифтихор накунад, ба доштаи худ қаноат ва чизи бударо бихӯрад ва ба хоҳишоти нафсонии худ барои доштани таом, шароб ва либосҳои қиматбаҳо муқовимат намояд.
5. Пурхурӣ дар даврони кӯдакӣ сабаби фарбеҳӣ дар марҳалаҳои наврасӣ гашта, бемориҳои зиёдеро ба бор меорад.

*(Ғазолӣ, Эҳёи улуми дин, ҷ. 4, с. 652).*

### Пурхурӣ

Кӯдакон бояд хӯрданиҳои гуногуни ғизонок бихӯранд, вале чунончи Қуръони карим таъкид менамояд, аз пурхӯрӣ иҷтиноб варзанд:

***“Эй фарзандони Одам, ба ҳангоми ҳар ибодат либоси худ бипӯшед. Ва низ бихӯреду биёшомед, вале исроф макунед, ки Худо исрофкоронро дӯст намедорад”***

***(Аъроф, 31).***

Бояд таваҷҷуҳ намуд, ки ба ҷисми нозуки мо чӣ ворид мешавад ва ба ёд дошта бошем ҳар чизе вориди шиками мо мешавад таъсири худро дорад. Мо бояд дониста бошем “мехӯрем, то зинда бимонем, на ин, ки зиндагӣ мекунем, то бихурем”. Андешаи нодурусте низ вуҷуд дорад, ки мегӯяд: “Тифли фарбеҳ нисбат ба тифли лоғар солимтар аст”. Бо вуҷуди ин, ва бар хилофи ҳолати бузургсолон, хӯрдани ғизоҳои серравған барои кӯдакон хуб ва ба он тавсия дода мешавад.

## Мушкилоти вазни зиёдатӣ дар Амрико ва Британия

**Мушкилоти фарбеҳии беш аз ҳад дар Амрико ва Британия**



- Мо одамоне ҳастем, ки бо чашм мехӯрем, на бо меъда. Ҳар қадар нигоҳи мо ба таом бештар гардад, ҳамон қадар бештар мехӯрем *(Dr. Sanjay Gupta CNN, 2008)*.

- Волидайни азиз! Ихтиёр ба дасти худи шумост. Дар ҳар ҷои хона, ки мехоҳед, ғизои солимро пеши чашми фарзандон бигузоред.

- Беш аз сеяки (35% ё 6.78 млн) калонсолон дар Амрико аз ҷумлаи шахсони фарбеҳ ба шумор меравад (36% занҳо ва 3.5% мардҳо) ва беш аз ду сеяки занҳо (66%) ва мардҳо (71%) вазни зиёдатӣ доранд. Ҳамин гуна, наздик ба 17% кӯдакони аз 2 то 19 сола аз ҷумлаи кӯдакони фарбеҳ ба шумор рафта, беш аз 32% онҳо ё ба сафи кӯдакони фарбеҳ ё ба рӯйхати шахсони дорои вазни зиёдатӣ ворид мегарданд. Ҳамин гуна, дар ин кишвар беш аз 10% кӯдакони аз 2 то 5 сола гирифтори фарбеҳӣ мегарданд *(Statistic for 2012-2001; CDC and FRAC)*.

Омори фарбеҳии беш аз ҳад аз соли 1970 ба ин сӯ чанд маротиба бештар гардидааст. Истилоҳи «вазни зиёдатӣ» нисбати касоне гуфта мешавад, ки вазни онҳо аз андозаи муносиб 20% зиёд мебошад.

- Бритония баландтарин нисбати фарбеҳӣ дар сатҳи Аврупои Ғарбиро дорад, ки дар 30 соли охир ин омор ба беш аз се маротиба боло рафтааст. Таҳқиқоти омории Британия дар соли 2011 нишон медиҳад, ки 25% афроди болиғ фарбеҳ ва 62% онҳо аз ҷумлаи одамҳои фарбеҳ ё дорои вазни зиёдатӣ ҳастанд. Дар нишондоди ин омор 24% мардҳо ва

26% занҳо мубтало ба фарбеҳӣ ва 65% мардҳо ва 59% занҳо аз ҷумлаи шахсони фарбеҳ ё дорои вазни зиёдатӣ ҳастанд. Аз се як ҳиссаи духтарон ва писарони аз 2 то 15 сола фарбеҳ ё дорои вазни зиёдатӣ буда, бештар аз 16% онҳо мубтало ба фарбеҳӣ ҳастанд *(NHS, 2013)*.

- Бемории фарбеҳӣ дар миёни кӯдакон нисбат ба бузургсолон ба суръат боло меравад, ки мувофиқи таҳқиқоти Марказҳои ИМА оид ба назорат ва пешгирии бемориҳо фарбеҳии беш аз ҳад миёни кӯдакон дар Амрико дучанд ва дар давоми 30 соли охир миёни наврасон чаҳор маротиба боло рафтааст, ки сабаби асосии он тарзи ҳаёти онҳо, камҳаракатӣ, пурхӯрӣ, хӯрок ва нӯшокиҳои зарарнок аст.

Ғизои муносиб ва тарзи дурусти истифодаи он барои кӯдакон масъалаи бағоят муҳим аст. Шояд тифл аз фарбеҳии зиёд ва дар айни ҳол аз норасоии ғизои солим ранҷ барад. Дар чунин вазъият падару модар масъулият доранд, ки барои тарбия ва инкишофи дурусти фарзанд ғизои солим фароҳам оваранд ва ӯро ба он одат диҳанд.

## Тифле, ки нахост «Алҳамдулиллоҳ» бигӯяд

Шахсе меҳмонеро ба субҳона даъват карда буд ва меҳмон ба писари ҳафтсолааш пас аз хӯрдани 4 дона тухм, 4 бурда нон ва як кулчаи панир гуфт: «Писарам акнун «Алҳамдулиллоҳ» бигӯ!» Писар дар ҷавоб гуфт: «Падар ман ҳанӯз сер накардам ва намехоҳам «Алҳамдулиллоҳ» бигӯям». Ин ҷо буд, ки соҳибхона фаҳмид, ки чаро вақте хост тифлро аз замин бардорад, тавонаш нарасид. Ин тифл дар ҳақиқат фарбеҳ буд!

Падарону модарон бояд аз пурхӯр шудани фарзандон пешгирӣ намоянд. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*“Фарзанди Одам зарферо бадтар аз шикамаш пур накардааст, барояш чанд луқмае кифоя мекунад, ки пушташро устувор бидорад, агар ҳам барои хӯрдан исрор варзад, пас шикамашро се тақсим намояд: як қисмат барои таом, қисмати дуюм барои об ва қисмати сеюмро барои нафас кашидан”*

*(«Сунан»-и Тирмизӣ).*

Таҳқиқотеро, ки муҳаққиқи даниягӣ ба анҷом расонид, ба натиҷае расида буд, ки наврасон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нисбат ба наврасони 15 кишвари пешрафтаи дигари дунё фарбеҳтар ҳастанд. Дар ин таҳқиқот омада-

аст, ки аз сеяки кӯдакони Амрико ҳар рӯз хӯрокҳои тезтайёр мехӯранд. Яке дигар аз натиҷаҳои ин таҳқиқот ғизои носолим аст, ки сабаби марги миллионҳо кӯдак дар саросари ҷаҳон ва сабаби фалаҷ ва нотавон гаштани ҷисм дар мубориза бо бемориҳо ва ба бор овардани маъюбӣ дар зеҳн мегардад. Ғизои солим нақши муҳим дар марҳалаи байни ҳомиладорӣ модарон то сесолагӣ кӯдаконро дорад *(ЮНИСЕФ, 2003)*.

Агар мо хоҳони эҷоди як фазои холӣ аз ғизоҳои носолим ва муносиб барои тарбияи дуруст бошем, бояд аз ворид кардани хӯрокҳои тезтайёри зараровар ба хонаҳои худ пешгирӣ намоем. Бо ин васила метавон кӯдаконро ба хурдани ғизои солим ва фоиданок кумак намуд. Пурхурӣ сабаби шикамкалонии писарон ва афзоиши ҳаҷми пайвандҳо, синаҳо ва суринҳои духтарон мегардад.

## ИНСОН ҚАБРАШРО БО ДАНДОНҲОИ ХУД МЕКАНАД!



## ҲАҚИҚАТҲОЕ ДАР БОРАИ КӮДАКОН ВА ТАРЗИ ҒИЗОДИҲӢ

Дар зер маълумоти тиббӣ дар бораи ғизогирии инсон аз раҳми модар то ба камол расидан мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар пайи он роҳнамунҳо барои падарону модарон дар бораи тарзи дурусти ғизодиҳӣ илова хоҳад гардид. Тарбияи дурусти инсон танҳо шомили ҷанбаи шахсияти ӯ набуда, балки фаротар аз он ҷанбаҳои саломатӣ, равонӣ, иҷтимоӣ, руҳӣ ва ғайраро дар бар дорад, ки дар зер ба тафсил шарҳ хоҳанд шуд.

### Ғизогирӣ дар замони ҳомиладорӣ

Модари азиз! Ҳатто дар ҳоли набуди ҷанин дар раҳми худ, фарзанди ояндаро пеши назари худ гузошта, ғизои муносиб тановул намо, то тавонӣ тифли солим ва тандуруст ба дунё орӣ. Муддати 4 то 6 ҳафтаи нахусти ҳомиладорӣ

марҳалаи бисёр нозук ва душвор барои инкишофи тифл ба шумор меояд, ки шояд модарон дар ин марҳала ноогоҳ аз ҳомиладории худ бошанд. Барои ҳамсарон ва модароне, ки таваққуи ҳомиладориро доранд, бояд рӯзона ба таври мустақим ё аз ғизоҳои муайян 400 микрограмм кислотаи фолий истеъмол кунанд. Кислотаи фолий барои инкишофи майнаи ҷанин ва ҳароммағз бисёр муҳим аст ва бо ин васила метавон аз 50% то 70% нуқсонҳои умумиро, ки ба системаи асабӣ таъсир мерасонанд, пешгирӣ намуд. Зиёдшавии вазн аз 10 то 15 кг дар замони ҳомиладорӣ амри оддӣ ва табиӣ аст. *(Sutherland and Stover, 1997).*

## Ғизодиҳӣ аз таваллуд то қабл аз замони наврасӣ

Инкишофи кӯдакон ва иштиҳо дар дусолагӣ нисбат ба соли аввал сустар мегардад. Кӯдакон одатан дар дусолагӣ аз 3 то 4 кг вазн гирифта, дар онҳо ба таври возеҳ камхӯрӣ намоён мегардад. Дар ин марҳала агар ба онҳо ҳар қадар ғизоҳои гуногун дода шавад ҳам, танҳо ҳамон андозаи лозими худро тановул мекунанд.

Низоми ғизоии умумӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз чор ҷиҳат аз ҳадди андоза нисбат ба масрафи ҷаҳонӣ баландтар аст: калорияҳо аз равғани сахт, қанди иловашуда, ғаллаи тозашуда ва натрий ва ҳамчунин аз ҷиҳати равғани сершуда. Дар айни ҳол миқдори камтар аз андозаи зарурӣ аз сабзавот, меваҷот, донагиҳо ва маҳсулоти ширӣ ва равғанӣ дар ин кишвар истеъмол мешавад.

Риоя намудани низоми ғизоии солими муътадил бисёр муҳим ва зарур аст, зеро ғизои солим дар беҳтар инкишоф ёфтани кӯдакон кумак ва аз зиёдшавии холестрину баланд шудани фишори хун пешгирӣ мекунад. Хатари мубтало шудан ба бемориҳои музмин, монанди бемориҳои қалб, бемориҳои рагҳо, саратон ва қандро кам мекунад ва аз хатари мубтало шудан ба фарбеҳии аз ҳад зиёд, сустшавии устухонҳо, камбуди хун ва пӯсидагии дандонҳо кумак менамояд (Марказҳои ИМА оид ба назорат ва пешгирии бемориҳо).

Дар партави гуфтаҳои боло падарону модарон бояд дар бораи анвоъи ғизоҳои солим ва аҳамияти он барои тамоми марҳалаҳои рушди фарзандон маълумоти кофӣ дошта бошанд. Зеро кӯшишу талошҳои хоми падарону модарон таъсири манфии худро ба фарзандон мерасонад. Гоҳо баъзе падарону модарон ба нияти нек ба фарзандон хӯрокҳои камравған медиҳанд ва онҳо аз тағзияи носолим ранҷ мебаранд. Аз ин ҷо бармеояд, ки набояд миқдори равғани хӯрокҳои кӯдакони аз ду сола поён идора шавад, зеро равғанҳо ба кӯдакон нерӯ бахшида, кислотаҳои равғании фоиданок барои пӯстро афзоиш медиҳанд ва ҷисмро дар гирифтани витаминҳои A, D, E ва K кумак менамоянд. Модоме, ки тифл тавони хӯрдани шири оддии говро дорад, то синни дусола-

гӣ ба ӯ шири оддии серравған дода шавад, на ширҳои 2% ва беравған.

## Ғизогирӣ дар овони наврасӣ

Бо вуҷуди ин, ки бисёри фарзандон маълумоти комил дар бораи қоидаҳои асосии ҳифзи саломатӣ доранд, онҳо на ҳама вақт онро риоя менамоянд ва дар омода кардани ғизои солим барои одамони дар ин синну сол мушкил эҷод мегардад. Ҳар чӣ дар дастурхони кӯдаки ҳаштсола гузошта шавад, аз он рӯй намегардонад, аммо дар синни 14-солагӣ ӯ таомеро, ки як моҳ қабл ба ӯ дода шуда буд, дигар намехоҳад. Дар тарбияи оилавӣ баъзе роҳҳои вуҷуд дорад, ки метавон аз тариқи он дар омода ва кумак кардан дар пухтупаз фарзандонро ташвиқ намуд, то аз расондани ғизо ба як масъалаи мушкил дигар дурӣ намоянд. Масалан, метавон ҳангоми хӯрдани таом таваҷҷуҳи дигаронро аз таом ба тарафи дигар ҷалб намуда, дар бораи ҳодисаҳои ҳамон рӯз ё чизи дигар суҳбат намуд. Фарзандон дар марҳалаи наврасӣ нисбат ба ҳар давраи дигар тезтар рушд ва инкишоф меёбанд. Духтарон барои инкишофи рӯзонаи худ ба 2000-2500, писарон ба 3000-4000 калория ва кӯдаконе, ки бештар ҳаракат мекунанд, ба калорияҳои бештар ниёз доранд. Ҳадди аксари ниёзи духтарон ба ғизо одатан дар сини 15-солагӣ ва писарон дар 19-солагӣ мерасад. Духтарон то расидан ба синни 25-солагӣ ба калсии иловагӣ ниёз доранд, зеро устухонҳои бадани онҳо дар ҳоли инкишоф ва паҳн шудан аст ва афзун бар ин, дар оянда аз сустшавии устухонҳо пешгирӣ менамояд. Кӯдакон набояд ҳеҷ як навбати хӯрдани ғизои худро аз даст бидиҳанд, зеро дар чунин ҳолат муҳимтарин унсурҳои ғизоии он рӯзи худро аз даст медиҳанд. Ҳамчунин хӯрдани кам-кам ва гоҳгоҳ дар давоми рӯз беҳтар аз нахӯрдан дар рӯз ва якбор барзиёд хӯрдан дар шаб аст.

*(Sutherland and Soever, 1997).*

### Намунаи ғизои муносиб барои кӯдакони 2 то 10 сола

Бар асоси тавсияҳои Ҷамъияти ғизоии амрикоӣ ғизои рӯзонаи кӯдакон бояд ба шакли зер бошад:

- 6 - 11 ҳисса аз донагиҳо.
- 2 - 4 ҳисса аз мевагиҳо.
- 3 - ҳисса аз сабзавот.
- 2 - 3 ҳисса аз гушт, моҳӣ, гушти мурғ, лубиёгиҳои хушк.



- 2 - 3 ҳисса аз маҳсулоти ширӣ.
- Миқдори андаке аз чарбиҳо, равғанҳо ва ширинихо. Донагиҳо сарчашмаи хуб барои равған ҳастанд.
- Пур ва лабрез кардани табақ аз таом ҳеҷ гоҳ кори нек дониста намешавад.

Чӣ гуна падарону модарон метавонанд фарзандонро дар хӯрдан ва ихтиёр кардани ғизоҳои асосии мавриди ниёз кумак намоянд? Ҷавоб ин аст, ки аз ҳар ғизои асосӣ як андозаи андаке ҳамеша пеши чашмони онҳо гузоранд.

## Саволҳои умумӣ

Баъзе насиҳатҳои судманд дар мавриди ғизоҳои солимро дар ин чанд сатр зикр хоҳем кард (Underwood and Kuchment, 2008):

### *1. Кадом интихобҳоро падару модарон метавонанд ба фарзандон тақдим намоянд?*

Падарону модарон ба фарзандон бояд ғизоҳоеро диҳанд, ки дорои унсурҳои ғизоии зер бошанд: Протеин, шир, мевагӣ, сабзавот, нон, крахмал ва маводи дорои карбогидратҳои дараҷаи дуюм, монанди макарон, биринҷ, картошка ва дигар ғизоҳое, ки дар тавон ва дастрас бошанд. Падарону модарон ҳам набояд худро аз ғизои мавриди иштиҳои худ маҳрум сохта, танҳо ҳамонеро бихӯранд, ки фарзандон мехоҳанд. Падару модар метавонанд рӯи дастархон танҳо як ғизои мавриди алоқаи фарзандонро гузоранд, чӣ нон бошад, чӣ мева. Норасоии витаминҳо дар ҷисми кӯдакон ба таври нодир рух медиҳад, бинобар ин дигар ниёз ба ғизоҳои комилкунанда вуҷуд надорад.

### *2. Оё гиёҳхор (вегетарианец) будани фарзанд хуб аст?*

Инсон бояд як низомии ғизоии муътадил дошта бошад, ки шомили ғизоҳои гуногун, аз ҷумла гӯшт ва сабзавот бошад, чун Худованд тамоми ин ғизоҳои покро барои ҳадафи муайяне офаридааст. Бинобар ин аз ҳама ғизоҳое, ки хӯрдани онҳо иҷозат аст, бе исроф ва бо як андозаи муътадил истифода шавад. Ба ҳар андоза, ки анвоъи ғизоҳо камтар бошад, ба ҳамон андоза хатари мубтало шудани кӯдакон ба ғизогирии носолим бештар мегардад. Мисол, агар гӯшти ҳайвонот, парандаҳо ва моҳӣ хурда нашавад, пайдо шудани оҳани лозим ва дигар маъданҳо дар ҷисми кӯдакон душвор мегардад. Ҷисм аз 3 то 8% миқдори оҳан ва дигар маъданҳои лозимро аз сабзавот ва донагиҳо мегирад, дар ҳоле, ки 20% аз гӯшт ҳосил мешавад. Ба таври мисол, афлесун ва картошка аз витамини “С” бой мебошанд ва хӯрдани онҳо ҷисмро барои ҳосил кардани оҳан аз дигар маводҳои ғизоӣ кумак мекунад. Хӯрокҳои гиёҳхорҳо миқдори ками равған ва калория доранд ва кӯдакон аз онҳо калорияи мавриди ниёзи худро ба душворӣ ҳосил мекунанд.

### *3. Тифли ман шир намехоҳад, пас чӣ гуна метавонад калсии кофиро ҳосил кунад?*

Дар марҳалаи наврасӣ ва қабл аз он гирифтани калсий барои ҷисм бисёр муҳим ва зарур аст, чун нисфи ҳаҷми устухонҳои худро онҳо дар ин марҳала касб менамоянд, ва шир беҳтарин сарчашмаи калсий барои он маҳсуб мешавад. Агар кӯдакон хӯрдани ширро нахоҳанд, метавон таомҳои дигар аз он, ба монанди ширбиринҷ, ширчой ва таомҳои дигаре, ки хӯрданашон барои онҳо осон бошад, омода кард. Анвоъи зиёди дигари ғизоҳои ғанӣ бо калсий ҳаст, ба монанди ҷурғот, панир, яхмос ва шири омехта бо шоколад, ки бо вуҷуди миқдори зиёди қанд дар таркиби онҳо боз ҳам сарчашмаи хубе барои калсий диниста мешаванд.

### *4. Оё ба фарзандон иҷозати хӯрдани ғизо дар миёни вақтҳои хӯрокҳои асосӣ дода шавад?*

Бале, кӯдакон бинобар хурд будани меъда ва дар як навбат нахӯрдани хӯроки зиёд ниёз ба ғизоҳои сабуки иловагӣ доранд. Кӯдакон барои ҳосили нерӯи бештар барои ҷисм дар ҳар 2-3 соат ба хӯрокҳои серғизо зарурат доранд ва тановули ғизоҳои сабук дар ин миён энергияи аз даст дода дар хӯрокҳои асосиро пурра менамояд. Додани ғизоҳои сабук ба кӯдакон бояд ба як назми муайян дароварда шавад. Мисол, агар субҳона соати 7 ба онҳо дода шавад, пас хӯриши сабук дар соати 9-10 назди онҳо гузошта шавад, ҳатто агар қабл аз ин замон эҳсоси гуруснагӣ кунанд. Шояд риояи ин ҷадвал барои кӯдакон каме душвор ояд, бахусус вақте тифл миқдори лозими ғизои дӯустдоштаи худро нахӯрда бошад. Хӯрдани номуназзам ва ҳар вақти дилхоста нисфи андозаи нерӯи лозим барои ҷисмро ба бор намеорад, бар хилофи ботанзим хӯрдани хӯрокҳои асосӣ ва сабук, ки дар миёни хӯрокҳои асосӣ хӯрда мешавад.

Ғизоҳои сабук бояд монанди хӯрокҳои асосӣ, вале бо андозаи кам омода карда шавад. Ғизоҳои сабук аз меваҷот, сабзавот, миқдоре аз протеинҳо, крахмал ва равғанҳо иборатанд. Аз ҷумлаи дигари хӯрокҳои сабук метавон аз кулчаҳои қандин (печенье), шир, маска, қаймоқ, панир, себ, лубиё ва шарбати меваҳои тоза ном бурд.

### *5. Чӣ бояд кард, вақте фарзандон сабзавот ва меваҷотро бо вуҷуди ғизонокии баланд ва бисёр фоидаовар будан намехӯранд?*

Кӯдакони амрикоӣ рӯзона ба таври миёна 1,5 ҳисса мевагӣ ва 2,5 ҳисса сабзавот мехӯранд. Кӯдакон маззаи бисёри меваҷот ва сабзавотро намедонанд. Бо ин вуҷуд, бояд ҳамеша назди онҳо ва дар ҷойҳои чашмрас мева гузошта шавад, ки дар ниҳоят андозаи андаке аз онро хоҳанд хурд. Барои гуворо нишон додан ва қаноатманд сохтани онҳо бояд аз тавсияиҳо зер истифода намуд:

- Барои дигаргун кардани мазза миқдоре аз меваҳо бо чурғот омехта карда шавад.
- Меваҳои хушк монанди мавиз, зардолу ва олу ба танҳои ё дар кулчақандҳо омехта карда ба онҳо дода шавад.
- Сабзавотро ба шӯрбо, гӯшти мурғ ва дигар таомҳо илова кунед.
- Аз ришва додан ба кӯдакон барои хӯрдани ғизоҳои фоиданок парҳез намоед, чун шояд онҳо барои гирифтани қанд ва шоколад онро бихӯранд, аммо он аз барномаҳои муназзами ғизоҳои фоиданок барои онҳо нахоҳад шуд ва ин равиши падарону модарон хӯрдани онро барои онҳо хушу гуворо нахоҳад кард.
- Падару модар набояд хӯрдани тамоми таоми табақро барои кӯдакон ҳатмӣ бидонанд. Агар кӯдак ба таври мисол хоҳиши хӯрдани гулкарам ё карамро надошта бошад, ба ӯ шир ва кулчақандҳои табиӣ ҳамчун ҷонишини калсий диҳед.

### *6. Кадом навъи ғизоҳои саршор аз селлюлоза барои кӯдакон тавсия дода мешавад ва чаро?*

Намунаҳои ғизоҳое, ки саршор аз селлюлоза ҳастанд, иборатанд аз себ, анҷир, афлесун, нок, қулфинай, картошка, лубиё, наск, нони гандумӣ, нони ҷавин, биринҷ ва сабус. Яке аз фоидаҳои селлюлоза ин аст, ки аз мубтало шудани ба саратон ҳифз менамояд, аз пурхурӣ бозмедорад, часпиши равған ва калория дар рӯдаҳоро камтар мекунад, обро дар ҷисм нигоҳ дошта эҳсоси сер буданро эҷод ва гуруснагиро аз байн мебарад.

### *7. Субҳона вақте аст, ки аҳли оила асабӣ ва саросема ҳастанд, пас оё субҳона воқеан барои инсон зарур аст?*

Бале, падару модар бояд талош кунанд аҳли хона субҳонаи худро ба ҳар сурат тановул кунанд, ҳатто агар 15 дақиқа қабл аз субҳона аз хоб бедор шуда бошанд ҳам. Кӯдаконе, ки субҳона намехӯранд, дар мактаб ва ҳангоми бозӣ он ҷо душворӣ мекашанд. Субҳона ҷисм ва мағзи сарро бо қуввати лозим таъмин менамояд ва меъдаи холӣ эҳсоси заъф ва нотавониро ба вуҷуд меорад.

### *8. Духтарам мехоҳад лоғар бошад. Ман чӣ гуна ӯро водор кунам аз ин тасмимаш баргашта, ғизоҳои солим хӯрад?*

78% духтарони ҷавони Амрико лоғарӣ ва камвазниро дӯст медоранд ва бинобар ин аз хӯрдани гӯшт парҳез мекунанд. Дар ин ҳолат онҳо ба нисбати зиёди ивазкунандаҳои протеин ниёз доранд, ба монанди лубиёи хушк, наск, шир, панир, тухм ва дигар донагиҳо. Ба духтарон дар ҳоли расидан ба балоғат фаҳмонида шавад, ки онҳо ба як қабати дигари равғани зери пӯст ниёз

доранд, ки ҳамчун қувваи эҳтиётии лозим дар марҳалаҳои рушд зарурат ба онро пайдо мекунанд. Агар духтарон ба нахӯрдани хӯроки шаб исрор варзанд, дар ин ҳолат бояд ба духтур муроҷиат карда шавад.

### *9. Баъзе таомҳои шом аз хӯрокҳои тезтайёр иборатанд. Дар ин ҳолат чи тавсия дода мешавад?*

Падарону модарон бояд аз додани нӯшобаҳои газдор, картошкаҳои бирён ва бургерҳо иҷтиноб намуда, дар ивази он бар фарзандон мурғи сурхкардашуда, моҳӣ, салат, шир ва ҷурғоти камравған диҳанд.

### *10. Оё розӣ кардани кӯдак барои хӯрдани ғизояш бароят душвор аст?*

Парасторон мегӯянд розӣ кунонидани кӯдакон барои хӯрдани таом кори душвор ва напазируфтани навъи муайяне аз ғизоҳо як амри табиӣ аст.

Имкон дорад кӯдак баъзе ғизоҳоро қабл аз дӯст доштанаш даҳҳо маротиба рад намояд. Аз ҷониби дигар, бо хонавода хӯрдани таом бисёр муҳим аст, чун кӯдакон аз тарзи ғизо хӯрдану ошомидани падару модар тақлиду пайравӣ намуда, тарзи сухан гуфтану андешаронии онҳоро меомӯзанд.

Тибқи таҳқиқоте, ки аз ҷониби Harris Interactive анҷом ёфтааст, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 26% хонаводаҳо ба таври ҳамешагӣ ҳамроҳ бо кӯдакон сари дастархони шом менишинанд (омори касоне, ки сари дастархони шом бе кӯдакон менишинанд ба 36% мерасад). Аммо дар Британия назарсанҷӣ *(The Telegraph, 2013)* нишон медиҳад, ки 20% хонаводаҳо дар як ҳафта як ё ду маротиба бо хонаводаи худ ғизои шомро мехӯранд ва 40% хонаводаҳо дар як ҳафта танҳо се маротиба бо хонаводаи худ сари дастархон менишинанд.

Илова бар ин аз панҷ як хонавода ҳамроҳ бо аъзои оила назди телевизор ғизои худро мехӯранд ва 20 то 30% наврасон дар кишварҳои пешрафта аз хӯрдани субҳона сарфи назар мекунанд *(Deshmukh-Taskar et al., 2010; Corder et al, 2011 cited in Fronties in Human Neuroscience, 2013).*

Одат кардан ба як навъи ғизо дар сесолагӣ омили ягонаи муҳимтарин дар муайян шудани навъи таоме аст, ки тифл дар оянда хӯрдани онро идома медиҳад. Танҳо 92% кӯдакони аз 2 то 19 сола рӯзона аз сабзавот истифода мекунанд, ки он ҳам бештар аз картошкаи сурхкардашуда (чипс) иборат аст *(NCHS Data Brief 2014)*. Инчунин маҳсулоти аз помидор тайёршуда, монанди соус ва соуси макаронӣ, аз ҷумлаи хӯрокҳое ҳастанд, ки хӯрданашон миёни кӯдакон роиҷ аст. Аммо майлу рағбати кӯдакони бузургсолтар дар интихоби таом фарқ мекунад. Онҳо бештар монанди ҳамсолони худ будан мехоҳанд. Нисбати истифодаи маҳсулоти ширӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британия

поён рафтааст. Ду назарсанҷии муқоисавӣ дар Амрико, яке дар солҳои 1977-1978 ва дигаре дар солҳои 2007-2008 гузаронида шуда буд, нисбати кӯдаконе, ки қабл аз марҳалаи наврасӣ рӯзона миқдори муайяни шир истифода намекунанд, аз 12% то 24% боло рафтааст, дар ҳоле, ки нисбати онҳое, ки дар як рӯз се маротиба ё бештар шир менӯшиданд, аз 31% ба 18% поён омадааст. Аммо миёни наврасон ин омор аз 41% то 54% боло рафтааст, дар ҳоле, ки нисбати касоне, ки дар як рӯз се маротиба ё бештар аз он истифода менамуданд, аз 13% ба 4% поён омадааст.

Аммо дар Британия нисбати истифодаи шир дар соли 2013 14% дар муқоиса бо соли 2002 ва 2003 поён омадааст *(DEFRA Family Food Survey, 2015 cited by AHDB Dairy, 2015).*

Бо поён омадани нисбати истифодаи шир, истифодаи шарбатҳое, ки таркибашон пур аз қанд аст, боло рафтааст. Аз соли 1998 то 2008 омори кӯдаконе, ки аз шарбатҳои ширин дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико истифода мекунанд, аз 79% ба 91% боло рафтааст *(Lasater G., Piernas C. and Popkin B.M., 2011 cited by Harvard T.H. Chan School of Public Health).*

Ин омор низ нишон медиҳад, ки нисбати истифода аз нӯшокиҳои газдор дар соли 1998 ва 2008 поён омада нисбати нушидани нӯшокиҳои қувватдиҳанда миёни ҷавонон ва наврасон се маротиба боло рафтааст. *(Journal of the Academy of Nurition and Academics, 2013)*

Бо вуҷуди ин, нӯшокиҳои газдор ҳанӯз сермасрафтарин нӯшокиҳои ширин ба шумор меравад ва дар афзоиши нисбати фарбеҳӣ саҳми баланд дорад. Ним литри нӯшокии газдор аз 15 то 18 қошуқ шакар ва беш аз 200 калория ва ду литри он тақрибан 800 калория дорад *(Harvard T.H. Chan School of Public Health).*

Аммо дар Британия нӯшокиҳои ширин, ки истифодаи он барои кӯдакони аз 4 то 10 сола манъ аст, баландтарин дараҷаи қандро доранд.

Онҳо 30% қандро аз нӯшокиҳои хунук ва шарбатҳо, 29% аз кулчақанду донагиҳо, 22% аз шириниҳо (шоколад, шакар, мураббо ва анвоъи дигари шириниҳо), 12% аз маска, панир, яхмос ва анвоъи дигари маҳсулоти ширӣ мегиранд.

Бинобар ин дар соли 2013 12% кӯдакон дар сесолагӣ аз пӯсидагии дандонҳо ранҷ бурдаанд ва 28% кӯдакон дандонҳояшон қабл аз панҷсолагӣ пӯсидаанд *(Public Health England, 2015).*

**Нахуст чӣ бошад:**
**кор ё субҳона?**

Ҳаргиз корро қабл аз субҳона оғоз накунед. Дар ҳоли пеш омадани зарурат қабл аз оғози кор ҳадди ақал ғизои сабук тановул намоед.

### *11. Адвия (приправа) барои саломатӣ хуб аст ё бад?*

Дар натиҷаи як таҳқиқоте, ки аз ҷониби ду донишманди Донишгоҳи Корнелл ба анҷом расид, омадааст, ки адвия 30 намуд бактерияҳои гуногуни вайронкунандаи таомро аз байн мебаранд. Пас талош кунед, ки ғизоҳои шумо омехтае бо адвия бошад, ба монанди пиёз, сирпиёз, қаламфур, лимӯ, ҷаъфарӣ, карафс, сесанбар, зира, мурч, пудина ва занҷабил *(Sherman and Billing, 1998)*.

### *12. Донишмандон назарҳои худро да р бораи фоидаҳои ғизоҳо иваз мекунанд. Пас чӣ бояд кард?*

Донишмандон худ аз мо мехоҳанд ҳар чӣ дар бораи тухм, равған ва намак медонистем фаромӯш кунем, зеро борҳо шунидаем, ки таҳқиқот тавсияҳои қадимӣ дар мавриди хӯрокҳои муфидро тағйир додаанд, то ҷое, ки гумон меравад онҳо девона шудаанд. Тақрибан ҳар ҳафтае баъзе донишмандон гузориши нав дар бораи як ғизо, витамин ва фаъолиятҳои он нишон медиҳанд, ки ба маълумоти доштаи мо дар он бора афзун мешавад ё онро бекор менамояд. Ҳар гоҳ муҳаққиқон мавзӯъ ё тавсияеро дар ин бора нишон медиҳанд, он бо тавсияҳои пешин мухолифат менамоянд *(Lemonick, 1999)*.

Пас роҳи ҳал чист? Дар ҳолати ихтилоф дар бораи фоидаи ғизоии муайян байни дидгоҳҳои қадим ва муосир чӣ бояд кард? Роҳи ҳал пайравӣ аз роҳнамунҳои қуръонӣ ва суннати набавӣ дар мавриди ғизо ва тарзи истифодаи он аст. Роҳ ва тарзи дурусти ғизогирии солим ҳамон одатҳои замони кӯдакӣ дар ин маврид ва танҳо бо илова кардани миқдори муайяни дигар анвоъи гуногуни ғизоҳо мебошад. Қоидаи умумӣ дар ин маврид ин аст: “Аз ҳама чиз кам-кам бихӯрем, на аз як чиз бисёр”.

## ФАРЗАНДОН ВА МАШҚҲОИ ВАРЗИШӢ

Инҷо биё! Ин тарафу он тараф надав! Ба ту нагуфтам дар ҳавлӣ бо туп бозӣ накун? Инҳо намунаҳое аз сарзанишҳое ҳастанд, ки падарону модарон ҳамеша ба фарзандон мегӯянд. Беҳтар аст ба онҳо гуфта шавад: “Бирав бо рафиқонат футбол ё баскетбол бозӣ кун”.

***“Фардо ӯро бо мо бифирист, то бигардаду бози кунад ва мо нигаҳдораш ҳастем”***

***(Юсуф, 12).***

Бозӣ ва ҷаҳишу ҳаракатҳои доимии кӯдакон ҳамчун машқҳои варзишӣ аст, ки дар натиҷа кӯдакони серҳаракат мушак ва устухонҳои қавӣ ва ҷисми лоғартар ва дар умум ҷанбаи мусбат дар ҳаёт доранд. Машқҳои варзишӣ барои кӯдакон хоби бороҳат ва дар сахтиҳои моддӣ ва отифии рӯзмарраи худ, ба монанди давидан ва расидан ба автобус, бастани тасма, хам шудан ва бастани бандҳои попӯш ва омодагиҳо барои имтиҳонот, осониро ба бор меорад.

**Хулоса:** Камҳаракатӣ дар марҳалаи кӯдакӣ, камҳаракатӣ дар марҳалаи наврасиро ба бор меорад. (Маркази ИМА оид ба назорат ва пешгирии бемориҳо).

**ЧАРО МАШҚҲОИ ВАРЗИШӢ БАРОИ ФАРЗАНДИ МАН МУҲИМ АСТ?**

Пурҳаракатӣ илова бар инки манфиатҳои бузурги нафсӣ ва иҷтимоӣ дорад хатари мубтало шудан ба бемориҳои қалбӣ ва рагҳои хунгардро паст мекунад. Кӯдакони камҳаракат ғолибан пас аз расидан ба синни наврасӣ суст ва танбал мегарданд. Ҳаракатҳои ҷисмонӣ дар амалҳои зер саҳми арзанда доранд:

- Идораи вазн
- Ба эътидол даровардани фишори хун
- Зиёд шудани холестрини фоиданок
- Иштирок дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ
- Кам шудани хатари ибтило ба бемориҳои қанд ва навъҳои саратон
- Беҳтар шудани ҳолати равонӣ, аз ҷумла зиёд шудани боварӣ ба худ ва эҳтироми шахсият

*(Анҷумани Қалби Амрико)*



Камҳаракатӣ ва беаҳамиятӣ дар машқҳои варзишӣ осонтарин роҳи расидан ба фарбеҳӣ ва вазни зиёдатӣ аст, ки бисёре аз кишварҳои ҷаҳон аз он ранҷ мебаранд. 21% касоне, ки дар хурдсолӣ аз вазни зиёдатӣ ранҷ мебаранд, дар марҳалаҳои наврасӣ ва пас аз он бештар дар хатари ибтило ба ин беморӣ қарор доранд. Фарбеҳӣ хатари мубтало шудан ба бемории қанд, бемориҳои қалб, сактаи мағз, саратон ва бемориҳои музмини дигарро бештар месозад. Варзиш василаи муҳими ҳимоя аз фарбеҳӣ ва дигар бемориҳо ба шумор меояд, ки бояд аз марҳалаи тифлӣ, бавижа пас аз дусолагӣ оғоз гардад, чун он дар инсон қувват, инъитофпазирӣ ва таҳаммулпазирӣро бештар месозад.

## Роҳҳои ташвиқи кӯдакон ба варзиш

Падару модар дар тарбияи кӯдакон ва одат кунонидани онҳо ба варзиш нақши бисёр бузург доранд. Ба ҳамин хотир, ин ҷо баъзе тавсияҳо пешниҳод мегардад:

- Оҳиста-оҳиста коҳиш додани вақти нишастан назди телевизор, бозиҳои компютерӣ ва телефонҳои дастӣ. Зеро бисёри кӯдакон баъд аз баргаштан аз мактаб машғули тамошои телевизор мешаванд ва то расидани падару модар ба хона ба танҳоӣ вазифаҳои хонагиро мекунанд, ки ин барнома бисёр бамаврид ва ба хотири ҳифзи саломатии онҳост. Кӯдакон пас аз соатҳои дарсӣ ва баргаштан ба хона бояд каме фаъол бошанд, бинобар ин бояд анҷоми вазифаҳои хонагӣ на дарҳол пас аз расидан, балки ба вақти дигар гузошта шавад.
- Ташвиқ кардани кӯдакон барои иштирок дар фаъолиятҳое, ки муносиби умри онҳост. Барои кӯдакони хурдтар аз ду сол тамошои телевизор тавсия дода намешавад (Академияи Амрикоии Тибби Атфол).
- Ҳаракатҳои баданӣ бояд он гуна вонамуд карда шавад, ки кӯдак онро ҳамчун як тафреҳ ва вақтхушӣ барои худ бидонад. Машқҳои варзишӣ метавонанд ба шаклҳои гуногун бошанд, ба монанди бозӣ бо кортҳо ва бозиҳои фардӣ ва гурӯҳӣ. Агар як навъи варзиш мавриди писанди кӯдак қарор гирад, онро идома медиҳад.
- Аз машқҳои варзишӣ ҳамчун ҷазо истифода нашавад. Агар муаллим ҳамчун ҷазо талабаро фармон ба панҷ маротиба давидан гирди мактаб намояд, кори ноҷо ва бемаврид аст.
- Падару модар ҳамеша сардафтари намуна барои фарзандон ҳастанд. Пас бояд падару модар ба таври мунтазам варзиш намоянд. Мисол, ба ҷои истифодаи лифт бо зинаҳо бароянд, ба ҷои рондани мошин пиёда гарданд ва ба ҷои оҳиста роҳ рафтан зудтар ҳаракат намоянд.
- Аҳли хона ҳама машғули варзиш шаванд, зеро нишастани падару модар рӯи курсиҳо ва берун рондани кӯдакон аз хона барои бозӣ кори нек шумурда намешавад.
- Варзиши ҳамешагӣ бо риояи ғизоҳои солим намунаи дурусти тарзи ҳаёти солим аст. Фарзандон бояд ба таври мунтазам меваҷот, сабзавот ва донагӣ хӯранд.
- Ташвиқи фаъолиятҳои тафреҳӣ, ки қувват, инъитофпазирӣ ва таҳаммулпазириро

тақвият менамоянд ва бозиҳои осони дигар, ки дар тақвияти кӯдакон саҳм мегузоранд, ба монанди арғунчакбозӣ, гузаштан аз ресмон, истодан рӯи дастон, гӯштингирӣ ва мусобиқаҳои шавқовар, ба монанди ресмонкашӣ, тела додани ҳамдигар ва ғайра.

- Ба фарзандон машқҳои аэробикӣ омӯзонида шавад, чун ин намуди варзишҳо сабаби тез гаштани тапиши қалб, амиқ нафас кашидан, тақвияти мушакҳои қалб ва расонидани оксигени бештар ба ҳуҷайраҳои ҷисм мегардад. Баскетбол, волейбол, футбол, дучархаронӣ, бозиҳои рӯи ях, конкисаворӣ, оббозӣ, тенис, роҳравӣ ва дав аз ҷумлаи варзишҳои аэробикӣ ҳастанд.

## Ҷадвали машқҳои варзишӣ

Тартиб додани ҷадвали машқҳои варзишӣ барои рушд ва инкишофи кӯдакон бисёр муҳим аст, ки он низ вобаста ба умр ва синну соли фарзандон аст. Ассотсиатсияи миллии варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ (NASPE) як ҷадвали муҳими варзишӣ тартиб дода, амал кардан ба онро тавсия намудааст аст, ки ба шакли зер аст:

| Умр | Ҳадди ақали фаъолитҳои рӯзмарра | Мулоҳизаҳо |
| --- | --- | --- |
| Ширхорагӣ | Вақти муайян надорад | Ҳаракатҳои ҷисмонӣ бар асоси рушди мушакҳо муайян карда шавад |
| 1 то 3-солагӣ | Як соат ва 30 дақиқа | 30 дақиқа фаъолиятҳои барномавӣ ва 60 дақиқа бозиҳои озод |
| Томактабӣ | Ду соат | 60 дақиқа бозиҳои озод ва 60 дақиқа бозиҳои барномавӣ |
| Марҳалаи мактабӣ | Як ё бештар аз як соат | Машқҳои варзишии гуногун, ки ҳар кадом ба 15 дақиқа ё бештар тақсим шудаанд |

**Анҷумани Қалби Амрико чунин тавсия медиҳад:**

- Тамоми кӯдаконе, ки болотар аз дусола ҳастанд, бояд дар фаъолиятҳои тафреҳӣ ва ҳаракатҳои муътадил рӯзона ҳадди ақал ба муддати 60 дақиқа иштирок намоянд, ба ин шарт, ки фаъолиятҳо ба рушду инкишофи кӯдакон муносиб ва судманд бошанд.
- Агар ба муддати 60 дақиқа пайдарпай барои кӯдак душвор ояд, пас ба муддати 30 дақиқа ба ду марҳала ё ба муддати 15 дақиқа ба чор марҳала онро тақсим намоед.

**Паёмбари Худо (с) фармудаанд:**

*“Мусулмони қавӣ назди Худованд беҳтар ва маҳбубтар аз мусалмони заиф аст ва дар ҳар дуи онҳо хайр ва некӣ вуҷуд дорад”*

*(Муслим).*

Калимаи қавӣ дар ин ҳадис, бар асоси мафҳуми луғавӣ, маънои қуввати имон ва қувваи ҷисмро бо ҳам дорад, зеро бандаки муайянкунандаи “ал” (ال) маънои шумулият ва умумиятро дорад.

Қоидаи “Кор мефармоӣ ё аз даст медиҳӣ” дар бораи ҷисм, мушакҳои қалб ва ҳуҷайраҳои мағз аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки машқҳои варзишӣ, илова бар доштани як ҷисми солим, барои инкишофи инсон бисёр муҳим, вале ба як ҳолат нигоҳ доштани ҷисм низ кори сахт ва душвор аст. Таносуби андом дар тавоноиҳо, қобилиятҳои зеҳнӣ ва орзуҳои маънавии мо таъсири мусбат дорад. Агар рӯзи душанбе як муддати муайян давидед, сипас чанд рӯзи дигар надавидед ва рӯзи ҷумъа нияти давидан кардед, пас набояд миқдори масофаҳои нодавидаи рӯзҳои гузаштаро дар як рӯзи ҷумъа бидавед. Давидани рӯзмарра ва муносиби худро идома диҳед. Дар толорҳои варзишӣ ё ҳар ҷои муносиби дигар, ки имкони варзиш карданро доред, машғули варзиш шавед.

Ҳатто тифли ширхора байни хӯрдани ғизо ва хоб ба андак варзиш ниёз дорад. Мисол, кӯдакони то яксола ба пушт гузошта, дастону пойҳояшон бо нармӣ ҳаракат дода мешавад ё пойҳо то рӯи шикам қад карда мешавад, то барои бардоштани сараш ташвиқ гардад ё дар замин рӯи фарш гузошта мешавад, то худро ба сӯи бозичаҳо ё чизҳои безарар ҳаракат диҳад.

## Попӯшҳои солим барои варзиши фарзандон

Мутахассиси соҳаи таносуби андом Сэм Мёрфӣ мақолаҳои баҳсбарангез дар рӯзномаи «The Guardian»-и англисӣ нашр намуда аст, ки дар он пойлуч роҳ гаштани кӯдаконро беҳтар аз бо попӯш медонад. Мёрфӣ ба ин бовар аст, ки попӯшҳо зарарҳои зиёд дар инкишофи майнаи кӯдакон дорад. Табиби атфол Треси Бёрн ишора менамояд, ки пойлуч роҳ гаштани кӯдакон сабаби рушди мушак ва пайвандаҳои қадам гашта, қавси пои онҳоро қавитар ва сутунмуҳраро устувор месозад.

Набояд попӯш мутобиқи мод интихоб шаванд, зеро пойҳои хурдро аз рушд кардан бозмедорад. Дар таҳқиқоте, ки соли 2007 дар маҷаллаи «The Foot» ба чоп расида буд, омадааст, ки попӯшҳои кӯдакон сахт ҳастанд ва дар худ нармӣ ва мулоимии муносиб барои фаъолиятҳои баданиро надоранд, ки он душворӣ дар ҳаракат барои кӯдаконро ба бор меорад. Қадамҳо дар дохили попӯшҳои номуносиб ё танг дар маърази хатари бузург ҳастанд, ки гоҳо барои пойҳо зарарҳои бисёри худро дорад, зеро қадам бо шакл ва сохти попӯш худро мутобиқ гардонида, иҷозати ба таври табиӣ ва муносиб инкишоф ёфтанро намедиҳад.

Таҳқиқоти мазкур аз падарону модарон талаб мекунад, ки онҳо дар ин бора дарки бештаре дошта, дар вақти интихоб ва хариди либос ва попӯшҳо омилҳои роҳатиро риоя намуда, аз мод ва таблиғот сарфи назар кунанд. Падарону модарон бояд фарзандонро барои пойлуч роҳ гаштан, бахусус дар дохили хона ва атрофи он ва ҳар ҷои дигар, ки имкони онро дорад, ташвиқ намоянд.

*(Murphy, 2010).*

## АҲАМИЯТ ВА ФОИДАҲОИ ХОБ

Кӯдакон бояд ба қадри кофӣ хоб бираванд, то аз саломатӣ ва фаъолияти муносиби рӯзонаи худ бархӯрдор бошанд. Одатҳои хоб дар марҳалаҳои тифлӣ одатан то марҳалаҳои баъдии ҳаёт идома пайдо мекунад.

Дар гузориши "Маҷлиси хоби беҳтар" дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико омадааст, ки аз се ду ҳиссаи мардум шокӣ аз таъсири камхобӣ дар иҷрои вазифаҳои худ ҳастанд ва 26% мардҳо ва 13% занҳо эътироф намудаанд, ки дар рафти соатҳои корӣ хобашон меояд.

Бинобар ин, ки ҷисми инсон барои хоб рафтан дар шаб ва бедор будан дар рӯз барномарезӣ шудааст, бояд дар шаб хоб ва дар рӯз бедор бошад. Бадан байни ғуруби офтоб ва дамидани субҳ омодаи истироҳат аст, ки дар баъзе ҳолатҳои хос берун рафтан аз ин низом боке надорад. Ба таври мисол, дар шимоли Аврупо шабҳо дар тобистон бисёр кӯтоҳ ва дар зимистон бисёр дароз ҳастанд, ҳатто дар шимоли Шотландия дар миёнаҳои тобистон офтоб соати 22:30 ғуруб мекунад ва соати 03:00 вақти тулӯъи офтоб аст, ки танҳо вақти шафақ ғуруб ва

шуруқро ҷудо мекунад. Дар зимистон ғуруби офтоб соати 15:30 ва тулӯъи он 09:00 ба амал меояд.

Хоби рӯз ҳаргиз наметавонад ҷойгузини хоби шаб бошад. Бинобарин хоби дуруст дар шаб барои инсон саломатии хуб ба армуғон меорад ва хатари гирифторӣ ба бемориҳоро кам мекунад. Одати баъзе мусулмонон дар моҳи мубораки рамазон бедор будан дар шаб ва хоб рафтан дар рӯз шудааст. Дар аҳкоми моҳи рамазон иваз кардани шаб ба рӯз ва рӯз ба шаб наомадааст, чун ин амр боиси халал ворид кардан дар табиати одии соатҳои биологии ҷисмҳои мо мегардад, зеро аз вақти ғуруби офтоб василаи ҳассосе дар мағзи мо равон кардани ишораҳои химиявӣ ба аҷзои ҷисми моро шуруъ мекунад ва онҳоро ба истироҳат кардан водор менамояд. Бинобар ин, хоб рафтан бо наздик шудани торикӣ бо хамёза кашидан оғоз мегардад. Сипас пилкҳои чашм вазнин ва ҳаракатҳои мо суст мешаванд, дар ҳоли пинак омадан мағз аз қабули маълумотҳои атроф бозмеистад ва хобро гормони мелатонин ва муқаддимаҳои онро серотонин идора мекунад, ки ин ду моддаи химиявӣ дуруст хоб рафтанро бо кумаки торикии шаб идора мекунанд.

Шаб бедор будан ва рӯз хоб рафтан (бар хилофи табиати ҳаёт) ба соатҳои биологӣ, ки моро ба хестан аз хоб ва эҳсоси тароват дар субҳ ташвиқ мекунанд, халал ворид мекунад. Ба бозӣ гирифтани соатҳои табиӣ сабаби бенизомии хоб гашта, эҳтиёҷоти ҷисм ва ақл ҳамоно норасо боқӣ мемонад. Дар ҳоли ба қадри кофӣ хоб нарафтан фаъолиятҳо ва тавоноиҳои равонӣ заиф гашта, ҳолатҳои ногувор барои ҷисмро ба бор меорад, бавижа ҳангоми анҷоми корҳои монанди рондани мошин ва фаъолиятҳои дигаре, ки аз мо бедорӣ ва ҳушёриро мехоҳад. Бархӯрдҳои мо ба сабаби камхобӣ заиф ва номунтазам мегардад, ки шояд сабаби кори хато ё ҳодисаҳои нохӯш шавад. Зеҳни инсон ҳолатҳои норасоии камхобиро сабт намуда, дар ивази он хоби дуруст ба қадри кофиро тақозо мекунад. Камхобӣ як масъалаи калон ва печида аст, ки ҷисм барои ҳалли он ба 8-9 соат хоб ниёз дорад, то зеҳн ва ҷисм тавони анҷоми масъулияти худро дошта бошанд. Ҳар қадар хоб кам гардад, ба ҳамон андоза фаъолият ва самаранокӣ камтар мегардад, ҳамон гуна, ки камбуди хоб сабаби нооромӣ, бетавозунӣ ва заъфи маҳорати дарки зеҳни инсон мегардад.

Тағйири низоми хоб, яъне шаб бедору рӯз хоб будан, таъсири манфӣ дар фаъолияти ғадуди нафаскашии (шишковидная железа) инсон дорад, ки хатари мубтало шудан ба саратонро бештар менамояд. Ева Шернҳаммер аз факултети тиббии Донишгоҳи Ҳарвард мегӯяд: "Мелатонин метавонад монеи рушди варами ҳуҷайраҳо гашта, аз саратон ҳимоя намояд". Шабона зери рушноӣ хобидани инсон сабаби камтар ҳосил шудани мелатонин дар ҷисм мегардад, ки хатари мубтало шудан ба саратонро бештар месозад.

*(Stein, 2005).*

## ТАЪСИРИ КАМБХОБӢ БА САЛОМАТӢ

Камхобӣ дар ислоҳи ҳуҷайраҳои иммунитет ва фаъол кардани ҳуҷайраҳои ҳимоякунандаи иммунитет таъсири манфии худро расонида, хатари мубтало шудан ба бемориҳои сирояткунандаро бештар месозад. Дар муқобил, хоби солим ба андозаи матлуб дар саломатӣ, хотира, бедорӣ, фаъолиятҳои ақлӣ ва бархӯрди фаъолиятҳои мушакӣ таъсири мусбат расонида, дар анҷоми корҳо ва вазифаҳо кумак менамояд. Ҳамчунин, хоби муносиб аз муртакиб шудани хатокорӣ, қабули қарорҳои нодуруст, исрофи мол ва ҳодисаҳои дигаре, ки сабаби ҳалоки мо мегардад, ҳимоя мекунад, зеро ҷисм ва ақл бо ҳам пайвастагӣ ва фаъолияти муштарак доранд. Майнаи сар, системаи асаб ва системаи масунияти бадан бо ноқилаҳои асабӣ (маводи химиявӣ дар асаб) пайвастагӣ доранд, ки бо ҳам аз низоми отифии асаб сарчашма мегиранд. Хоби муносиб ва бармаҳал қобилият, мизоҷ, хотира, қобилияти андешаронӣ ва тамаркуз намуданро тақвият менамояд.

Камхобӣ яке аз сабабҳои беморин фарбеҳӣ аст ва шояд сабаби аз фаъолият бозмондани протеин ва гормонҳое гардад, ки иштиҳоро ба танзим меорад. Камбхобӣ ҷисмро ҳамеша дар як ҳолати бедорӣ ва ҳушёрӣ қарор дода, ҳосили гормонҳои нооромиро бештар менамояд, ки дар натиҷа хатари мубтало шудан ба сактаи дил ва сактаи майнаро ба бор меорад. Касоне, ки худро аз хоб маҳрум месозанд, ба маънои дар маърази ибтило қарор додани худ ба варамҳо дар ҷисм ва гирифтор кардани худ ба омилҳои ибтило ба бемориҳои дил, сактаи мағз, саратон ва бемории қанд аст. Хоби андак дар давоми рӯз дар муқобила бо таъсири манфии бехобӣ ё камхобӣ кумак менамояд, то ҷое, ки имрӯзҳо хоби нисфирӯзӣ барои кормандон ва масъулон аҳамияти тиббӣ ва равонии баланд дорад. Равоншиносон хоби нисфирӯзиро як ҳолати омодагии комил барои фаъолияти нисфи аввали рӯз мешуморанд. Дар Ҷопон коргарон ҳамарӯза 40 дақиқаи вақти худро барои хоби нисфирӯзӣ ҷудо мекунанд.

**Хоби нисфирӯзии Расулуллоҳ (с)**

Андаке хоб рафтан пас аз намози пешин аз одатҳои Расулуллоҳ (с) буд. Анас ибни Молик (р) аз Расулуллоҳ (с) ривоят мекунад, ки фармуданд: “Хоби нисфирӯзӣ равед, ки шайтон хоби нисфирӯзӣ намеравад” (Суютӣ, Албонӣ ин ҳадисро ҳасан гуфтааст). Табибон ба ин хулоса омадаанд, ки хоби андаки нисфирӯзӣ дар барқарор кардани фаъолияти зеҳнӣ ва баданӣ кумак намуда, дар ҳолати поён омадани таровати ҷисм дубора ба он нишот мебахшад, ба инсон бештар ҳушёриву бедорӣ меорад, мизоҷашро баланд ва дучор шуданаш ба ҳодисаҳоро камтар мекунад.



Дар натиҷаи таҳқиқоте, ки миёни 10 000 шахсони аз 32 то 49 сола ва касоне буданд, ки камтар аз 7 соат дар шаб хоб мерафтанд, гузаронида шуд, омадааст, ки онҳо аз ҳама бештар дар хатари мубтало шудан ба фарбеҳӣ қарор доранд. *(Stein, 2005)*



Хоб дар эҷоди астаре, ки аз рагҳои хунгарди мо муҳофизат мекунад, кумак мекунад ва фаъолиташро осон мегардонад. Бинобар ин аст, ки мардум бештар дар соатҳои аввали субҳ ба сактаҳои дил ва мағз дучор мешаванд. Дар баъзе аз таҳқиқот, чунончи доктор Ҳисом Мувофӣ ба он ишора намудааст, беморихо вакти муайяни худро доранд ва аксари сактаҳои дил ва зарбаҳои фишори хун дар соатҳои 8-и субҳ рух медиҳанд. Тарзи механизми он ин гуна аст, ки хоб фишори хунро поён меорад ва хун бо ҳикмати илоҳӣ барои танг кардани рагҳо маводи химиявӣ истеҳсол мекунад, аммо на ба андозаи поён овардани хун то дараҷаи сифр ва дар маърази марг қарор додани инсон. Бо ин вуҷуд, дар ҳоли танг шудани рагҳо имкони мубтало шудан ба лахтаи хунро дорад, ки бештари ин ҳолатҳои ногувор дар соати 8 субҳ ба вуқӯъ мепайванданд. Аммо шахсе, ки қабл аз он лаҳзаҳо бедор мешавад ва сипас ба хоб меравад, худро аз қарор додан дар маърази ин хатар эмин нигоҳ медорад. Ва аз ин ҷост, ки ҳикмати намози бомдод ва садои ба сӯи он, яъне “Намоз беҳтар аз хоб аст”-ро ба хубӣ дарк хоҳем кард.



Барвақт хоб рафтану барвақт аз хоб хестанат аз ту як инсони солим, сарватманд ва боҳикмат месозад.

(Benjamin Franklin).

## МАСТКУНАНДАҲО:
## ДУРӢ АЗ ШАРОБ ВА МАВОДИ МУХАДДИР

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло дар бораи аҳамияти ҳифзи саломатӣ, падарону модарон бояд фарзандони худро аз нӯшидани шароб, кашидани тамоку ва дигар масткунандаҳо барҳазар доранд, зеро он ба модарони ҳомиладор, фарзандон, ҳуҷайраҳои зиндаи мании мард ва бе истисно барои ҳама хатари бузург дорад.

Одати шаробнӯшӣ ва истеъмоли маводи мухаддир, ба монанди ҳашиш, кокаин, героин ва дигар маводи беҳушкунанда талафоти бузурге дар ҳуҷайраҳои майнаи сар эҷод намуда, ба ҳаракати хун ва зодани фарзанд таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамчунин сабаби ба вуҷуд омадани бемориҳо дар системаи танаффусӣ гашта, дар инсон ҳисси душмангароӣ, ноумедӣ ва тасаввури манфӣ нисбати воқеиятҳо ва ҳаётро эҷод мекунад. Ҳатто истифодаи маводи мухаддири сабук, ба монанди ҳашиш, метавонад яке аз сабабҳои мубтало шудан ба бемории шизофрения (як намуд бемории руҳӣ) гардад.

Майзадагӣ ва нашъамандӣ ба муолиҷаи тиббӣ ва равоншиносии тахассусӣ ниёз дорад ва умед аст, ки насиҳатҳои зерин дар кам кардани шаробнушӣ ва истеъмоли маводи мухаддир саҳми худро дошта бошанд. На ҳамеша сар задани мушкилоти асосӣ аз даст задан ба хатоҳои бузург ба вуҷуд меояд, балки бо ҳам омадани чанд иштибоҳи хурд метавонад омили як мушкили бузург гардад. Бинобар ин, агар падару модар як фазои солим ва пур аз меҳру муҳаббатро дар хона ба вуҷуд оваранд, барои фарзандон дигар эҳтимоли берун аз хона ҷустуҷӯ кардани ниёзҳои худ намемонад.

**Як дирҳам барои пешгирӣ беҳтар аз ҳазор динор барои муолиҷа аст**

Сигор як миқдори тамоку аст, ки дар коғазе печонида шуда, аз як тарафаш афрӯхта мешавад ва аз тарафи дигари он як аҳмақ дудашро фурӯ мебарад.

## Фарзандон ва гумроҳӣ

Гоҳо фарзандон аз тарафи дӯстон ва рафиқон ба чашидани маводи мухаддир даъват мешаванд ва ин ҷост, ки онҳо бояд ҳушёриро аз даст надода, бо азму иродаи қавӣ аз он дурӣ намоянд. Солҳои наврасӣ (аз 14 то 20-солагӣ) душвортарин лаҳзаҳои ҳаёт аст ва дар ин марҳала огоҳии комил доштан аз зарару осебҳои маводи мухаддир барои онҳо бисёр муҳим ва зарур аст. Тарбияи оилавӣ тақозо мекунад падарону модарон аз чӣ гуна накш бозидан бо фарзандон огоҳ бошанд, то онҳо низ дар ҳоли мувоҷеҳ шудан барои кашидани маводи мухаддир, чӣ гуна тасарруф ва бархӯрд карданро бидонанд.

## Нишонаҳои барвақти нашъамандӣ. Ҳангоми ошкор шудани он чӣ бояд кард?

Бояд падару модар ҳамеша ҳар гуна аломат ва нишонаҳоеро, ки ба истеъмоли маводи мухаддир аз тарафи фарзандон ишора мекунад, бо ҳушёрӣ зери назорат гирифта, сари вақт онро кашф ва қабл аз даст рафтани фурсат вориди амал гарданд. Нишона ва аломатҳои машҳури истеъмоли маводи мухаддир иборатанд аз дискҳои металиии сӯхташуда, қошуқҳои тобдодашуда, сарпӯшҳои сӯхташудаи банкаҳои оҳании, оинаҳо, теғҳо (лезваҳо), коғазҳои печондашуда, қуттичаҳои доруи чашм, шишаҳои дору, қатраҳои хун дар ҳаммом ё дар либосҳои наврасон, боло накардани остинҳо, тағйирот дар иштиҳо, рағбати аз ҳад зиёд ба ширинихо, рағбати кам ба хоб, ба сахтӣ бедор шудан дар субҳ, суҳбатҳои телефонии номаълум ва пинҳонӣ, рафторҳои фиребкорона ва пинҳон кардани розу асрор. Эҳтимоли муътод шудани фарзанд ба маводи мухаддир ва дар айни ҳол зоҳир накардани худ бо чеҳраи шикаста ва чашмони сурх вуҷуд дорад, зеро онҳо метавонанд ҳар ҳаракати худро ба пинҳонӣ анҷом диҳанд. Дар ҳоли шак намудан ба фарзандон, бояд ба даҳону бинӣ ва лабҳои онҳо аҳамият дода шавад, то мабодо захмҳое дар онҳо намоён гардад. Гоҳо нишонаҳои мастӣ дар онҳо дида шавад, ё ба шакли возеҳ намебинанд ва ё бо шахсони муътод бо маводи мухаддир нишасту бархост мекунанд. Дар ҳоли зоҳир шудан ва ё дидани яке аз аломатҳои мазкур падарону модарон бояд эҳсоси хатар намуда, барои наҷоти фарзандон дарҳол вориди амал гарданд.



## Масъулияти падару модар барои ҳимояи фарзандон аз маводи мухаддир ва масткунандаҳо

Тарбияи оилавӣ барои ҳимояи фарзандон аз маводи мухаддир ва масткунандаҳо аз падарону модарон чанд масъулиятҳои лозимро мехоҳад, ки муҳимтарини онҳо ба шакли зер аст:

- **Мустаҳкам намудани имондории тамоми аъзои оила бо ҳар васила мумкин.** Имон беҳтарин сипар зидди истеъмоли маводи мухаддир ва нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ аст ва шариати исломӣ маводи мухаддир, нӯшокиҳои спиртӣ ва қиморро барои ҳар як фарди мусулмон ҳаром медонад.

***“Эй касоне, ки имон овардаед, шароб ва қимор ва бутҳо ва гаравбандӣ бо тирҳо палидӣ ва кори шайтон аст, аз он парҳез кунед то наҷот ёбед!”***

***(Моида, 90).***

Вожаи “хамр” дар ин ояти муборак ба ҳар моддаи масткунанда ва дигар моддаҳое гуфта мешавад, ки ақли инсонро заиф мекунад ва дар ҳоли истифодаи он шахси истеъмолкунанда идораи худро аз даст медиҳад, чӣ он модда андак бошад, чӣ зиёд. Расулуллоҳ (с) мефармоянд: “Ҳар масткунанда хамр аст ва ҳар хамр ҳаром”

(Муслим).

- **Хонадонро аз хатари бемориҳое, ки аз тамокукашӣ, шаробнӯшӣ ва истеъмоли маводи мухаддир ба вуҷуд меоянд, огоҳ намуда, таъсири манфӣ ва оқибатҳои онро барояшон баён намоед.** Барои бештар равшан гардидани мавзӯъ шахсеро, ки дар гузашта аз истеъмоли маводи мухаддир ранҷ бурдааст, ба хона даъват намоед, то воқеиятро барои фарзандон аз наздик тавзеҳ намояд. Аз фарзандон хоста шавад дар бораи хатарҳои маводи мухаддир ва нӯшокиҳои масткунанда аз нигоҳи иҷтимоӣ, тиббӣ ва иқтисодӣ навишта, онро назди аъзои оила бихонанд. Агар барои навиштани ин мавзӯъ ба кумаки молӣ зарурат пеш ояд, бедаранг онҳоро сазовори мукофот гардонед.

- **Оқилона ва дуруст муроқибат намудани фарзандон.** Назорат кардани кӯдакон аз сӯи бузургсолон яке аз самаранoктарин василаҳои пешгирӣ аз ҳаракатҳои нодурусти онҳо аст. Агар касе онҳоро назорат кунад, онҳо ҳаргиз ба озору азияти худ даст нахоҳанд зад. Набояд ба онҳо иҷозат дод, ки шаб дер ба хона баргарданд. Ҳангоми аз хона берун рафтани падару модар набояд онҳо танҳо гузошта шаванд. Падару модар бояд дар ҳадди тавон ба шарик сохтани тамоми аъзои оила дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ дошта бошанд

ва барномаҳое рӯи даст гирифта шавад, то бештари вақтро бо аҳли хона дар дохил ё берун аз манзил сипарӣ намоянд. Яке дигар аз омилҳое, ки сабаби аз роҳи дуруст дур шудани наврасон мегардад, пули бештар аз мавриди ниёз додан ба онҳост, ки имконияти хариди моводи мухаддир ё чизҳои дигари номашруъро барои онҳо фароҳам меорад.

- **Тафтиши хирадмандонаи утоқи хоби фарзандон.** Падарону модарон бояд гоҳ-гоҳ утоқи хоби фарзандонро тафтиш намуда, ба онҳо таъкид намоянд, ки ба ниёзҳои хусусии онҳо эҳтиром қоиланд, аммо назорат ҳатмӣ ва зарурӣ аст. Набояд ба онҳо гуфта шавад: “Ман ин корро барои ту анҷом медиҳам”, балки бояд чунин гуфта шавад: “Ман масъули саломатӣ ва оромии ту ҳастам”. Набояд тафтиши утоқҳои фарзандон танҳо ба як шакли тасодуфӣ бошад, балки ба гунае сурат гирад, ки наврасон онро дарк намоянд ва гоҳо кисаҳо, ҷузвадонҳо ва ҳамёнҳои онҳо бе огоҳии онҳо низ тафтиш карда шавад.

- **Набояд ба онҳо ҳарими хусусии беш аз ҳад дода шавад.** Хусусияти беш аз ҳад додан ба фарзандон натиҷаи баръакс хоҳад дошт. Набояд телевизор ё компютери пайваст бо интернет дар утоқи хосси онҳо гузошта шавад. Ҷамъияти “Эҳтиёт аз нӯшидани шароб” (2009) ишора намудааст, ки дар Британия миқдори зиёдеи шароб аз ҷониби наврасони аз 11 то 13 сола нӯшида мешавад.

- **Интихоби дӯстони нек аз миёни наздикон, ҳамсояҳо ва ҷомеа барои фарзандон.** Падарону модарон то метавонанд барои интихоби дӯстони нек барои фарзандони худ талош намоянд, зеро дар оянда натиҷаҳои он арзиши тамоми талошу кӯшишҳои онҳоро дорад.

Бо вуҷуди тамоми эҳтиёту талош ва пешгириҳо, гоҳо фарзандон дучори мушкилҳо гардида, муртакиби иштибоҳ мешаванд, ки дар ин ҳолат ниёзе ба ваҳшат нест, зеро нороҳатӣ, ғазаб ва ранҷе, ки аз ин тарс ба вуҷуд меояд, шояд хатарнок ва ҳалоккунанда бошад ва дар чунин ҳолат падару модар ба кумаки мутахассисон барои ҳалли мушкилот зарурат доранд.

Падару модар бояд эҳсосоти худро идора намуда, дар ҳалли мушкилот шеваи дурустро ба кор гиранд, то тамоми аъзои оила аз таъсири нохуши он дар амон бошанд. Дар бештари ҳолатҳо имкони расидан ба ҳалли куллӣ ё ҷузъии мушкилот бо кумаки мутахассисон вуҷуд дорад. Дахолат барои ҳалли мушкилот як қадами муҳим ва мантиқӣ аст, ки бояд ба он эътибори ҷиддӣ дода шавад. Падару модар набояд аз тарси огоҳ шудани мардум аз ҳоли нашъамандӣ, шаробнӯшӣ ё мавриди таъқиби қонунӣ қарор гирифтани

фарзанди худ, қазияи ӯро пинҳон кунанд, балки дарҳол барои кумак гирифтан аз дигарон иқдом кунанд.

**Иштироки фарзандон дар баъзе андешаҳо.** Падарону модарон барои пешгирӣ аз шаробнӯшӣ фарзандони худро дар андешаҳои зер шарик созанд:

### *1. Шароб модари тамоми нопокиҳо ва бадиҳост*

Нопокӣ ва бадии шароб аз касе пӯшида нест. Афзун бар ин, ки шароб барои саломатӣ ногувор аст, аз ҷумлаи зарарҳои маънавии он кушодани роҳ ба сӯи тамоми бадиҳост. Бинобар ин, номҳое чун: "Модари нопокиҳо" ва "Модари тамоми бадиҳо" сазовори он гаштааст. Боре Усмон (р) миёни мардум хутба мегуфтанд ва фармуданд: "Аз шароб дурӣ намоед, ки модари гуноҳон аст. Зани бадахлоқе ба марди обиде аз умматҳои гузашта ошиқ шуда буд. Ӯ канизи худро назди марди обид фиристода, аз ӯ дархост намуд барои шоҳидӣ ҳозир шавад. Марди обид ҳамроҳ бо каниз ҳозир шуд ва ҳар гоҳ аз даре ворид мешуд, каниз дарро мебаст ва чун вориди хона шуд зани зебоеро дид, ки ғуломе шишаи шароб ба даст назди ӯ нишастааст. Зан гуфт: «Мо туро барои шоҳидӣ даъват накардем, балки туро даъват кардем, то аз ин се якеро анҷом диҳӣ: ё бо ман зино мекунӣ, ё ин шаробро менӯшӣ ва ё ин ғуломро мекушӣ». Марди обид гуфт: «Ба ман аз ҳамон шароб бидеҳ». Чун як пиёла аз он шароб нӯшид, бештар талаб кард. Сипас ба ҳолати сархӯшӣ омада, бо он зан зино карда, ғуломро низ кушт. Аз шароб парҳез кунед. Қасам ба Аллоҳ, имон бо шаробнӯшӣ якҷо намеоянд, магар ин, ки яке дигареро аз худ дур созад" (Нисоӣ).

### *2. Кокаин ба ҷанин азият мерасонад*

Дар Амрико дар миёнаи солҳои ҳаштод бар асари истеъмоли зиёди кокаин вабое сар зада буд, ки онро «кӯдакони кокаин» меномиданд ва сабаби асосии он истеъмоли кокаин аз ҷониби занони ҳомиладор буд. Табибон мулоҳиза намуданд, заноне, ки кокаин истеъмол мекунанд, аз онҳо фарзандоне ба дунё меоянд, ки аз дигар кӯдакон фарқ мекунанд. Онҳо аз камвазнӣ ранҷ мебаранд, меларзанд, бисёр дод мезананд, аз ба оғуш гирифтан ва ё ламс кардан метарсанд, дар синни томактабӣ аз шунидани садоҳо метарсанд, бисёре аз онҳо наметавонанд якҷо ором нишинанд ва ҳатто дар ҳоли анҷоми корҳои лаззатбахш наметавонанд тамаркузи зеҳнӣ дошта бошанд. Дар умум кӯдакони кокаин насли аздастрафта ҳастанд (Begley, 1998).

### *3. На ҳама фарзандон бегуноҳанд*

Соли 1987 раиси ҷамъияти "Ҷавонони мусулмони Амрикои Шимолӣ" *(Muslim Youth of North America)* раиси политсияи Ҳерндони иёлати Вирҷинияро ба конфронс оид ба ҳимоя аз нӯшокиҳои масткунанда, ки дар толори Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ

баргузор шуда буд, даъват намуда буд. Раиси политсия ин қиссаро ба ҳозирин нақл кард:

“Боре шикоятҳои зиёде дар бораи гум шудани ашёи қиматбаҳо дар шаҳр бароям расиду ман ба навраси 14-солае шубҳа намудам. Он гоҳ иҷозатномаи тафтиш гирифтаму назди падару модари ӯ рафта, барои баррасӣ ба утоқи ӯ даромадем. Падару модари ӯ ба ман мегуфтанд, ки имкон надорад фарзанди мо чунин корҳо кунад, зеро ӯ фарзанди нек ва дурусткор аст”. Ман аз онҳо пурсидам: “Оё боре ҳам утоқашро тафтиш кардаед?” Онҳо гуфтанд: “На, ӯ ҳамеша исрор мекунад, ки утоқи ӯст ва ба касе иҷозати даромаданро намедиҳад, ҳамеша ҳангоми баромадан аз хона дари утоқашро қуфл мекунад”. Вақте ман ба утоқаш даромадам, тамоми чизҳои қиматбаҳои гумшударо он ҷо дидам. Телевизорҳо, камераҳо, магнитофонҳо, соатҳо ва ҷавоҳирот. Ба падару модари ӯ насиҳат карда гуфтам: “Бо вуҷуди ин, ки шумо бо додани утоқи махсус ба ӯ эҳтиром қоилед, шумо ҳанӯз ҳам соҳибхона ҳастед ва метавонед ҳар гоҳо, ки бихоҳед, вориди утоқ шавед ва онро беназорат нагузоред”.

### Насиҳати як навраси шаробнӯш

Ним литр оби ҷав бисёр аст, вале як бушкаи пури он ҳам кифоя намекунад!

Эҳтиёт намоед ва миқдори ками шаробро ҳам нанӯшед, ҳатто агар як қатра ҳам бошад. Андак нӯшидани шароб ба маънои ғӯтидан дар ботлоқи бузурги бепоён аст, ки дигар як бушкаи он бароят кифоя намекунад. Пас аз нӯшидани шароби дараҷаи паст инсон майл ба шароби дараҷаи баландтар ва масткунандатари дигар карда, ҳамин гуна ба сӯи истеъмоли маводи мухаддир ва нашъамандӣ меравад.

Оё имкони вуқӯи ҳодисаи монанд бо фарзандони ту вуҷуд дорад? Агар ба тавсияҳои раиси политсия амал карда шавад, ба вуқӯъ омадани чунин ҳодисаҳо кам хоҳад буд.

## Шаробнӯшӣ дар муқобили робитаҳои оилавии солим

Падарону модарон бояд аз худ бипурсанд: “Оё мо бо фарзандон робитаи дуруст дорем? Оё эҳсос мекунем, ки мо аз онҳо дурем?” Муносибатҳои дуруст бо фарзандон ин гуна шинохта мешаванд: эҳсоси меҳрубонӣ, дилсузӣ, шавқи дидор ва назди онҳо будан. Вақте инсон эҳсос мекунад, ки бо дигарон робита дорад, ҳамеша мехоҳад дар паҳлуи онҳо бошад ва аз будан бо онҳо ва суҳбату гуфтугӯ кардан лаззат мебарад.

Вақте инсон худро дар як гӯшаи ҷомеа ва танҳо ҳис мекунад рӯ ба шаробнӯшӣ меорад. Соли 2013 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 16.6 миллион нафар дар синни 18-солагӣ ва бузургтар (яъне 7% ҷавонони дар ин синну сол) дар маърази нӯшидани аз ҳад зиёди нӯшокиҳои спиртӣ қарор гирифтаанд (Институти миллӣ оид ба сӯиистифода аз май ва майзадагӣ).

Дар Британия соли 2010 12% ҷавонони аз синни 15-сола ба боло дар хатари нӯшидани аз ҳад зиёди нӯшокиҳои спиртӣ қарор гирифта буданд.

Волидайни майзада ба суҳбату бозӣ бо фарзандон майл надоранд. Вақте падару модар аз фарзандон рӯй мегардонанд ва аз онҳо дурӣ ва беаҳамиятӣ мекунанд, шаробу тамоку ва моводи мухаддир ҷонишини майлу рағбатҳои фарзандони дилсардгаштаи онҳо мешаванд, зеро онҳо чанг ба чизҳое мезананд, ки лаззати муваққатӣ барояшон меорад. Нӯшидани шароб роҳ ба сӯи худкуширо мекушояд, хоҳ ин амал дар асоси андешаи худкушӣ бошад, хоҳ дар асоси рафтори худкушӣ ва ноумедӣ.

Бояд робитаҳои хешовандӣ ва чӣ гуна барқарор кардани он ва бештар наздик шудан ба хубӣ омӯхта шавад, зеро пушти сар кардани таҷриба ва мушкилоти муштарак робитаҳои аъзои оиларо мустаҳкамтар месозад. Рози муваффақияти падарону модарон дар тарбияи фарзандон дар муроқибат ва назорати ҳамешагӣ ва дахолати муносиб ва сари вақт дар корҳои онҳо нуҳуфтааст. Дар ин масъулияти бузург истироҳат ва ҳаққи рухсатӣ вуҷуд надорад ва он ба монанди аробае аст, ки оҳиста ва бо иродаи қавӣ ба баландӣ тела дода мешавад ва агар лаҳзае аз ҳаракат бозистад аз боло ба поён ҳаракат мекунад. Агар фарзандон одати ба ҷашну маҳфилҳо рафтанро доранд бояд падару модар аз чӣ гуна ва чӣ гузаштани он ҷо огоҳ бошанд. Чӣ басо падару модар ғафлатзада ва дар ҳайрат мемонанд, вақте мешунаванд фарзандон дар мактаб ё дар куча дар ҳоли мастӣ ва сархушӣ бо як гурӯҳи мусиқӣ дастгир шудаанд. Падару модар набояд ба умеди берун аз хона ва дар ҷои амн бо дӯстони хуб будани фарзандон масъулияти худро тарк намуда, бепарвоӣ намоянд. Боварӣ ба фарзандон басанда нест, бояд ҳамеша ва сари вақт дунболи таҳқиқ ва пурсуҷӯ дар бораи дӯстону дугонагони духтарон ва писарони худ шуд, то мабодо ҳамнишинон аз мухаддирот ва доруҳои хоб истифода намуда, ҳар чӣ дилашон хост, анҷом надиҳанд. Беҳтарин ҳамнишин барои фарзандон падаркалону модаркалон ҳастанд, ки соҳибтаҷруба ва инсонҳои дилсӯзу меҳрубонанд.

Агар падару модар худ тамоку мекашанд, магар фарзандон аз он парҳез хоҳанд кард? Як саргузашти шахсӣ.

Бо вуҷуди ин, ки падару модари ман тамоку мекашиданд, ман ҳаргиз онро истифода накардам. Медонед сабаб дар чӣ буд? Сабаб дар он буд, ки падарам ҳамеша ба ман мегуфт: “Фарзандам, ман қурбонии ин одати бад шудаам ва орзу мекунам онро тарк кунам, аммо ман иродаи қавӣ надорам ва чуноне мебинӣ як одати баде аст, ки саломатии маро хароб кардааст”. Ҳар гоҳ шишаи пур аз дуду хокистари сиёҳро пок мекардам ба ман мегуфт: “Писарам! Синаам пур аз ин ифлосиҳост!”

Агар падару модар муртакиби иштибоҳе шуданд, бояд ба хато ва иштибоҳи худ эътироф намуда, оқибатҳои ногувори онро барои фарзандон баён намоянд, то барои онҳо низ як дарси ибрат бошад. Аз ҷумлаи чунин иштибоҳоти умумӣ метавон шуморе аз онҳоро зикр кард, ки иборатанд аз кашидани тамоку, нӯшидани шароб, хоб нарафтан дар шаб, то нисфирӯзӣ хоб рафтан, зиёд хӯрдан, газидани нохунҳо, бо овози баланд сухбат кардан, ба дигарон гӯш надодан ва хоби беш аз ҳад. Падару модар бояд барои насиҳат ва баёни оқибат ва зарарҳои одатҳои бади фарзандон як фазои муносиб ва мутобиқ бо синну соли онҳоро интихоб намоянд, ба гунае, ки эътимод ба худ ва бар падару модарро аз даст надиҳанд, ҳамон гуна, ки эҳтирому қадрдонӣ нисбати падару модар дар онҳо ҳифз карда шавад.

**Миёни худ ва фарзандон як робитаи дуруст эҷод намоед, ки худ дар он даври намунавиро дошта бошед**

Агар худи падарону модарон сигор бикашанд, шароб бинӯшанд ё моводи мухаддир истеъмол намоянд, чӣ гуна метавонанд намунаи нек барои фарзандон бошанд? Касе наметавонад ба монанди падару модар барои фарзанд намуна бошад. Бинобар ин агар падару модар худ нашъаманд бошанд ва натавонанд онро тарк намоянд, пас ҳадди ақал ба хато ва тақсиру кутоҳии худ эътироф намуда, барои фарзандон зарар ва оқибатҳои ногувори истифодаи онро баён намоянд, фарзандонро аз ворид шудан ба ин роҳи нанговар барҳазар доранд ва хатари шаробнӯшӣ ва истеъмоли моводи мухаддири ҳалоккунандаро барои онҳо тавзеҳ намоянд. Дурӯғгӯӣ, дурӯягӣ ва бегуноҳ нишон додани худ вазъиятро аз ин ҳам бадтар мекунад ва фарзандон дигар нифоқ ва дурӯғгӯиро кирдорҳои бад нахоҳанд донист.

## Барномаҳои нигоҳубини пас аз табобат. Истифодаи дин барои пешгирӣ

Агар яке аз фарзандон қурбонии шароб ё маводи мухаддир шуд, нахуст дар марказҳои муолиҷавии тахассусӣ табобат шуда, сипас марҳалаи асосӣ, яъне нигоҳубини ӯ дар хона оғоз мегардад. Набудани назорат ва нигоҳубин пас аз табобат ба маънои барбод додани тамоми талошҳои падару модар ва марказҳи табобатӣ аст. Агар ӯро назорат ва ҳамеша нигоҳубин кунанд ба маънои идомаи пешравӣ дар муолиҷаест, ки дар марказҳои табобатӣ ва тахассусӣ гирифтааст. Бо ҳамин метавон гуфт, идомаи муолиҷа шояд муҳимтар аз худи муолиҷа бошад.

Албатта назорати баъд аз табобат барои падарону модарон душвор аст, аммо сахттар ва хатарноктар аз он идома надодани барномаҳои муолиҷавӣ ва нигоҳубин нашудан пас аз табобатҳои тахассусӣ аст. Имкон дорад як нофаҳмии хурд миёни падару модар ва фарзанд сабаби бад шудани вазъият ва бозгашти тамоми моҷаро гардад, як тамоси телефонии нодуруст метавонад сабаби дубора пайвастани ӯ бо ҳамнишинон ва рӯй овардан ба нашъамандонро дар пай дошта бошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки пирӯз шудан дар ин мубориза вобаста ба падару модар ва ҷиддӣ зери назорат ва нигоҳубн гирифани фарзанд пас аз муолиҷаҳои тахассусӣ аст.

Скотт *(Scott, 1989)* ёдовар мешавад, ки марказҳои муолиҷаи истеъмоли маводи мухаддир дар табобатҳои худ ҳамеша мафҳуми “Подшоҳии Илоҳӣ ва қувваи болоиро” пеши назар доранд, дар ҳоле, ки улуми равоншиносӣ дар табобатҳои худ ин мафҳумро нодида мегиранд. Чуноне ки пештар гуфта будем, ду ибора назди ғарбиҳо вуҷуд надоранд: “Худованд бузург аст” ва “Худованд донотар аст”. Бо вуҷуди ин, мушовирон ва мутахассисон бар инанд, ки барномаҳои тарбияи руҳӣ ва динӣ фаъолтарин барномаҳое ҳастанд, ки ҳеҷ яке аз барномаҳои дигар ба андозаи он самаранок ва натиҷабахш буда наметавонад.

Ҳамеша аҳамият додан ба фарзандон ҳатмӣ ва зарурӣ аст, бавижа дар ҳолатҳои зерин: агар фарзанд ба худкушӣ майл дошта бошад, назорати ӯ душвор гардад, дигаронро ба хатар гузорад, ба сабаби маводҳои химиявӣ гирифтанаш ба позаҳр зарурат дошта бошад, ба бозгашт ба маркази барқарорсозӣ зарурат дошта бошад, ба зиндон маҳкум шуда бошад ё дӯстони бад дошта бошад. Агар падару модар ба аёдати фарзандон ба марказҳои тахассусӣ мераванд, ҳамроҳ бо худ як шахси диндор ва боҳикматро бубаранд, то фарзанд робитаи ҳамешагӣ бо Худовандро дошта бошад.

## ҚОНУНШИКАНӢ

Шаробнӯшӣ ва истеъмоли маводи мухаддир асоситарин омилҳои даст задан ба ҷиноёт ва рӯй овардан ба қонуншиканиҳост, ки бо сар задани ҷиноят аз ҷониби фарзандони поёнтар аз 17-сола низ ҷиноят шумурда шуда, қонун барои онҳо низ ҷазо муқарар намудааст. Бештари падарону модарон гумон намекунанд рӯзе фарзанди онҳо ҷиноят содир намуда, вориди зиндон мешавад. Бинобар ин бояд падару модар ҳамеша фарзандонро зери назорат гирифта, онҳоро дар фазои дуруст, ки дар он эҳтиром ба қонун вуҷуд дошта бошад, тарбия намоянд.

Агар падару модар ҳангоми рондани мошин суръати муайяншудаи роҳро риоя накунанд, чароғаки сурхро нодида бигиранд, дар адои андоз фиреб диҳанд, ба коргарони гумрукҳо дурӯғ гӯянд, аз ҷои кори худ дуздӣ кунанд ва аз номи фарзандон вақте ба мактаб намераванд, дуруғ гӯянд, табиист, ки фарзандон адами эҳтиром ба қонун аз ҷониби падару модарро эҳсос мекунанд. Ҳамин гуна агар падару модар ба милиса бо чашми душманона назар кунанд, албатта фарзандон низ нисбати онҳо монанди падарону модарон назари бадбинонае хоҳанд дошт.

Баъзе муҳоҷирон дар кишварҳои ғарбӣ эътиқоди нодурусте доранд, ки онҳо ҳамчун ақалияти мусулмон дар кишварҳое, ки он ҷо қонунҳои дунявӣ ҳокимият мекунад, зиндагӣ доранд ва онҳо наметавонанд аз қонунҳои онҳо пайравӣ намоянд. Шайх Тоҳо Ҷобир Ал-Улвонӣ аз ин дидгоҳ танқид намуда, мегӯяд: «Вақте як инсон вориди кишвари бегонае мешавад, ӯ дар ҳақиқат паймонеро имзо мекунад, ки ӯро водор месозад тамоми қонунҳои ин кишварро ҳамчун мусулмон риоя намояд. Пас ӯ бояд тамоми аҳднома ва паймонҳоеро, ки имзо намудааст, риоя намояд: Худованд мефармояд:

***"Эй касоне, ки имон овардаед, ба паймонҳо вафо кунед"***
***(Моида, 1).***

Чуноне ки Худованд ба мо амр намудааст, Паёмбараш (с) низ ба мо чунин дастур мефармоянд:

*"Мусулмонон ба аҳду паймонҳояшон вафо мекунанд"*
*(«Саҳеҳи ҷомеи сағир»).*

Мусулмоне, ки қасди риоя накардани қонунҳои кишвареро дорад, вориди он ҷо нашавад ё ошкор нофармонӣ аз қонунҳоро иброз дорад, то мутобиқи қонунҳои он кишвар манъ карда шавад.

Агар шарҳвандон гумон мекунанд, ки дар кишвар қонуне гузошта шудааст, ки дар он зулм бар онҳо аст, пас талош кунанд мувофиқи қонун ва демократия, чуноне

ки дар қонун зикр шудааст, онро тағйир диҳанд. Дини Ислом иҷозат намедиҳад ҳар кас ва ҳар гуна, ки хост аз қонунҳо риоя намояд, чун ин гуна амал кардан ҳаром аст ва шакке нест, ки сабаби бенизомӣ ва зулм ба мардум мегардад. Дар айни ҳол мусулмон аз қонуне, ки ӯро дастур ба анҷоми амали ҳаром мекунад, риоя намекунад, чун ин гуна қонунҳо ноодилона мебошанд ва ягона роҳи ҳал барои тағйири он корпартоии сулҳомез аст, чуноне ки Гандӣ ва Мартин Лютер Кинг ба он таъкид мекунанд ва чуноне ки қабл аз онҳо аз ҷониби Расулуллоҳ (с) сурат гирифта буд, ки роҳбарони Қурайшро ба чолиш кашид ва пайравонашро ба таври сулҳомез ба сӯи Макка барои ҳаҷ раҳсипор намуд, ки дар натиҷа паймони сулҳи Ҳудайбия дар соли 630 мелодӣ ба вуқӯъ пайваст».

**Яке аз амонатҳои ивазнашаванда: Бадани шумо амонат аст!**

Мо дороиҳои асосӣ, дороиҳои манқул, дороиҳои ивазнашаванда дорем ва ҳарчанд мо метавонем бештар мошину хона ва мебел бихарем, танҳо як тан дорем.

Вақте осебе ба ҷисми мо мерасад, мо наметавонем дар ивази он ҷисми дигаре бихарем ва Худованд онро ҳамчун амонат дар ихтиёри мо гузоштааст ва мо бояд мувофиқи роҳнамоӣ ва иршодоти Офаридгори ин ҷисм, ки дар беҳтарин шаклу сурат онро ба вуҷуд овардааст, ба он аҳамият диҳем.

Нақш ва вазифаи мо нигаҳдорӣ ва амонатдори ин неъмати бебаҳост, ки аз ҷониби Офаридгори бузург ҳамчун амонат дода шудааст. Чанд нуқтаи зер бояд ҳамеша сархати рӯзномаҳову маҷалаҳо бошанд: тозагӣ, ғизои солим, хоби кофӣ, дурӣ аз масткунандаҳо ва моводи мухаддир ва дурӣ аз алоқаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷи ҳалол.

# МАШҚҲОИ 36-42



## Машқи 36:
## Ҷадвали ташхиси тиббӣ

Бо тамоми аъзои оила якҷо нишаста ҷадвали ташхиси тиббии лозим барои тамоми аъзои оиларо тартиб диҳед, аз ҷумла ташхиси даҳон ва дандонҳо. Сипас дар бораи он бо китобдори китобхона, муаллим, ҳамшираи шафқат, духтур ё кормандони беморхона машварат намуда, нусхаҳои онро барои ҳама аъзои оила тақсим намоед, то ҳар фарди хонавода худро табиб ва масъули ҷисми худ бидонад.

## Машқи 37:
## Нақшаи хонавода дар машқҳои варзишӣ

Бо фарзандон мавзӯи машқҳои варзишиеро, ки аъзои оила анҷом медиҳанд, мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор дода, сипас бо онҳо рӯи барномаҳои варзишӣ иттифоқи назар намоед. Ҷадвали машқҳои варзиширо ба таври муносиб ва муътадил тартиб дода, талош кунед марҳала ба марҳала зиёдтар ва гуногунтар гарданд. Кӯшиш кунед ба ҷои савор шудан ба мошин бештар пиёдаравӣ кунед. Барои боз ҳам беҳтар ва ба таври дуруст иҷро намудани ин барнома як миқдори муайяни пул ҷудо намуда, ашёи варзишии лозимро бихаред, иштироки фарзандон дар толорҳои варзишӣ ва ғизои солимро, ки ҳамчун як бахши ҷудонашавандаи тарбияи ҷисми солим аст, фаромӯш насозед.

## Машқи 38:
## Калимаҳои зебои пурмаъноро ба кор баред!

Вақте бо фарзандон рӯбарӯ мешавед дар ивази ин гуфтаҳо: Хуш омадӣ! Чӣ ҳол дорӣ? Корҳоят чӣ тавранд? Калимаҳои пур аз муҳаббату отифа ва пур аз аҳамиятро истифода намоед, ба монанди:

- Оё имрӯз хӯроки серғизо хурдӣ?
- Оё хуб хоб кардӣ?
- Оё имрӯз чизе хондӣ?
- Оё имрӯз касеро кумак карди?
- Оё намозҳоятро дар вақташ хондӣ?
- Оё имруз машқҳои варзишиатро анҷом додӣ?
- Оё бо табассум бо дӯстонат вохӯрдӣ?
- Оё падару модар ва бародарону хоҳаронатро бӯсидӣ ва онҳоро ба оғӯш гирифтӣ?
- Оё кори хайреро анҷом додӣ?

Муҳим пурсидани тамоми пурсишҳои боло ба якборагӣ нест, танҳо интихоби баъзе аз онҳо кифоя мекунад.

Ягон саволи дигари марбут ба ин мавзӯъҳоро мувофиқи маврид ва вазъияти фарзанд илова кунед.

**Машқи 39:**
## Одатҳои хобравӣ

Одоби хоб ва хӯрданро бар асоси ҳадисҳои зер барои фарзандон баён доред:
Аз Ибни Моҷа ривоят аст, ки Расулуллоҳ (с) мардеро диданд, ки рӯи шикамаш хоб буд, ва ба ӯ фармуданд:

> ***«Худованд ин тарзи хоб рафтанро дӯст намедорад»***
>
> ***(«Сунан»-и Тирмизӣ).***

Рӯи шикам хоб рафтан ва хӯрдани такязада аз одатҳои нодуруст ва барои саломатӣ ва аъзои дохилии бадан зараровар ҳастанд. Хоб рафтан ба паҳлуи рост фоидаовар ва бо паҳлуи чап сабаби фишор бар шушҳо, меъда, ҷигар ва дил буда, баданро хаста месозад. Яке дигар аз одатҳои нек барвақт хоб рафтан ва барвақт бедор шудан барои адои намози бомдод қабл аз тулӯъи офтоб аст.

**Машқи 40:**
## Эҷоди фазои муносиб дар хона

Хуб аст, ки волидайн бо фарзандони худ нишаста, дар бораи нақшаи осон суҳбат кунанд ва барои амалӣ кардани бандҳои зерин дар хона тавофуқ намоянд: муҳаббат, шодӣ, ханда, муносибати хуб, боварӣ ба ҳамдигар, ташвиқ, бартарӣ ва муваффақият. Ҳамин тавр дар бораи нигоҳубини фарзандон аз ҷиҳати хӯрдан, намоз хондан ва бозӣ кардан бо ҳам, иззату эҳтиром, бӯса кардан, ба оғӯш гирифтан ва табассум кардан ба онҳо. Ҳатто агар волидайн ба ин амалҳо одат накарда бошанд ҳам, дер нест, ки ҳама ё аксари онҳоро ба кор баранд ва муҳим ин аст, ки ин нақшаро содиқона амалӣ созанд.

**Машқи 41:**
## Муҳокимаи фаъол дар бораи нишонаҳои нашъамандон

Волидайн бояд якҷоя нишаста, суҳбат кунанд, ки ҳангоми дидани далелҳои истеъмоли маводи мухаддир тавассути фарзандашон чӣ кор кунанд. Онҳо бояд ин корҳоро анҷом диҳанд: машварат бо мутахассисон, омӯзиши ин мавзӯъ, суҳ-

бат бо дӯстону наздикони хирадманд ва худдорӣ аз воҳима ва ғаму андуҳи сахт ва лату кӯбу маҷбуркунӣ, зеро онҳо роҳҳои зараровар барои ҳалли мушкилот мебошанд ва аз назари эҳсосот хастакунанда буда, вазъиятро бадтар мекунанд.

**Машқи 42:**

## Нақши милисаро бозӣ кунед

Волидайн пешниҳод мекунанд, ки фарзандони наврасашон худро қозӣ, милиса ё фаъоли иҷтимоӣ, ки бояд кори худро иҷро кунад, тасаввур кунанд. Вазифаҳои онҳо чӣ гунаанд? Онҳо дар давоми рӯз дар ҷои кор чӣ кор мекунанд? Оё кори онҳо хуб аст ё бад? Оё онҳо тасаввур карда метавонанд, ки ба ҷомеаи гирду атрофашон ғамхорӣ мекунанд ва ҷинояткоронро назорат менамоянд?

Иҷрои ин нақшҳо ба кӯдакон кумак мекунад, ки бифаҳманд, ки нозирон, омӯзгорон, сӯхторнишонҳо ва милисаҳо мисли дигарон одамони оддӣ ҳастанд, ки хона, оила, хешу табор, эҳсосот ва мушкилоти худро доранд. Агар писарони наврас дар ин соҳаҳо ба мушкилот дучор шаванд, волидайн метавонанд онҳоро бо милиса ё фаъоли иҷтимоии ҳақиқии ошно кунанд, то онҳо дар бораи ин кор маълумоти бештар омӯзанд.

Боздид аз суд барои шунидани кору мурофиаи судӣ як таҷрибаи фаромӯшнашаванда аст. Дидани ҷой аз дохил, шиносоӣ бо кор ва дидани он, ки чӣ гуна адвокатҳо ва судяҳо кор мекунанд, таълими амалӣ аст. Бинобар ин, ташкил кардани чунин боздид, ки чашми кудаконро ба воқеияти ҷамъият мекушояд, фикри хуб аст.



ФАСЛИ ДУВОЗДАҲУМ

# Тарбияи ҷинсии фарзандон

- **Муқаддима**
- **Тарбияи ҷинсӣ чӣ маъно дорад?**
- **Чаро тарбияи ҷинсӣ? Оё омӯхтани он лозим аст?**
- **Дар тарбияи ҷинсӣ ба фарзандон чӣ таълим дода шавад?**
  - — *Хатари бузурги зино (таҷовузи ҷинсӣ) ва натиҷаҳои хатарноки он*
  - — *Ибрат аз муҷозоти шаръии зино*
- **Ҳолати Амрико**
  - — *Арзишҳои ахлоқӣ ва ҷинс дар Амрико дирӯзу имрӯз*
  - — *Тасаввуроти баъзе модарону духтарон дар бораи масоили ҷинсӣ дар Амрико*
  - — *Чаро яке аз утодони машҳури Амрико тарки ин кишварро беҳтар донист?*
  - — *Бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар Амрико ва Англия*
  - — *Ҳомиладории наврасон дар Амрико*
  - — *Тарзи ҳаёти наврасони ҳомиладори амрикоӣ ва интихоб байни исқоти ҳамл ва фарзандхондагӣ.*
    - *Ҳукми исқоти ҳамл аз дидгоҳи Ислом*
    - *Ҳукми фарзандхонӣ аз дидгоҳи Ислом*
- ***Тарбияи ҷинсӣ дар Ислом***
- ***Вазифаи падару модар дар тарбияи ҷинсии фарзандон***
- ***Вазифаи падару модар дар назди фарзандон оид ба тарбияи тозагии ҷинсӣ***
- ***Робитаҳои дӯстписар ва дӯстдухтар (ошиқу маъшуқ) ва масъулияти падару модарон***
- ***Амали қавми Лут (а) (ҳамҷинсгароӣ) ва масъулияти падару модарон дар баробари он***
- ***Наврасон ва бокорат қабл аз издивоҷ***
- ***Ҳалли исломии мушкилоти ҷинсӣ. Нақшаи роҳи пешгирӣ***
  - — *Ҳаё*
  - — *Одоби либоспӯшӣ*
  - — *На омезиши номаҳдуд ва на хилвати мутлақ*
  - — *Фишори дӯстон ва дигарон болои фарзандон*
    - *Фишори дӯстон*
    - *Фишорҳои дигар*
    - *Дар баробари фишорҳои дӯстон ва фишорҳои дигар чӣ бояд кард?*
  - — Издивоҷи барвақт
    - Мушкилоти низоми таълимӣ дар муқобили издивоҷи барвақт
  - — Ҳимояи фарзандон аз таҷовузи ҷинсӣ
    - Насиҳатҳои умумӣ дар бораи ҳимояи фарзандон аз таҷовузҳои ҷинсӣ
    - Фарзандонро дар вақти муносиб дар бораи танфурӯшӣ огоҳ намоед
    - Вақте кӯдак аз сӯи маҳрамҳо таҷовузи ҷинсӣ мешавад
  - — Барномаи дарсии пешниҳодӣ дар мавзӯи тарбияи ҷинсӣ дар Ислом
- **Машқҳои 43-44**

# МУҚАДДИМА

Мо ҳама медонем мавзӯи ҷинс ва таълими он бисёр муҳим аст, вале аксари падарону модарон аз суҳбат дар бораи он эҳсоси шарму ҳаё мекунанд ва бинобар ин тарбия дар ин росторо ба мактаб ва дигар ашхос вогузор мекунанд. Бисёри одамҳо намедонанд, ки бархӯрди дуруст бо ин масъала барои инсон замонати тавоноиҳои ҷисмӣ, саломатӣ, ақлӣ, қалбӣ, равонӣ ва иҷтимоиро медиҳад ва дар муқобил робитаҳои ҷинсии номашруъ оқибатҳои хатарнокеро доранд, ки зарарҳои иҷтимоии бузургро ба бор меоранд. Касоне, ки аз алоқаҳои ҷинсии номашруъ даст намекашанд, на танҳо худро ба бемориҳои сироятии хатарнок мубтало мекунанд, балки ҳамсарон ва наслҳои худро низ гирифтори ин бало мекунанд. Гоҳо аз робитаҳои ҷинсии номашруъ ба бемори гирифтор шудан ба андозае хатарнок аст, ки шифо ёфтан аз номумкин мегардад.

Худованди бузург зиноро ҳаром гардонида, бандагонашро аз робитаҳои ҷинсӣ ва ахлоқии номашруъ барҳазар доштааст, чун робитаҳои номашруъ мусибат ва пушаймониҳои бисёр ба бор меорад. Бинобар ин аст, ки Худованд алоқаҳои ҷинсиро дар доираи издивоҷи ҳалол маҳдуд намудааст. Пас бояд падару модар дар ин бора нақши калидиро дошта, нахуст худ дар ин мавзӯъ маълумоти кофӣ ба даст оварда, сипас ба фарзандон онро таълим диҳанд.

## ТАРБИЯИ ҶИНСӢ ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

Бисёри одамҳо тасаввур ва андешаҳои гуногун дар бораи таълими ҷинсӣ (тарбияи ҷинсӣ) доранд. Пас омӯзиши он махсуси илми анатомия, илми вазифаҳои асосӣ дар ҷисми инсон, илми ҳамбистарӣ, илми насловарӣ, илми ҳаёти оилавӣ ва ё илми ҳимоя аз бемориҳо ва ҳомиладории номашруъ аст? Оё ба фарзандон таълим додани илми ҷинс маънои иҷозати робитаҳои ҷинсиро дорад? Як муаллим мегӯяд: “Илми ҷинс омӯзонидани фарзандон на ба он маъност, ки ба онҳо бигӯем алоқаи ҷинсӣ барқарор кунед ё накунед, балки ба онҳо тавзеҳ дода мешавад, ки агар алоқаи ҷинсӣ барқарор кунанд чӣ гуна битавонанд худро аз бемориҳо ва ҳомиладории номашруъ эҳтиёт намоянд”. Бисёре аз барномаҳои таълими ҷинсӣ номукаммал боқӣ мемонанд, чун дар он масоили басо муҳим, ба монанди ахлоқ ва арзишҳо, халалҳои вазифаҳои ҷинсӣ, инҳирофи ҷинсӣ ва издивоҷ, дар канор мемонанд.



Ду масъалаи асосӣ дар таълими ҷинс ва тарбияи ҷинсии фарзандон вуҷуд дорад, ки махсусан дар мактабҳои ғарбӣ таълим дода мешавад. Якум, ҳақиқатҳои ташаккули узвӣ ва хатарҳои марҳалаи наврасӣ барои фарзандонест, ки падару модарон дар бораи ҳайз ва эҳтилом бо онҳо суҳбат накардаанд. Масъалаи дуюм ин аст, ки ба ҷавононе, ки аз нигоҳи ҷинсӣ бисёр пурҳаракат ҳастанд, дар бораи ҳомиладории беҳадаф ва хатарҳои исқоти ҳамл маълумот дода шавад. Зеро доштани маълумот дар ин бора пешгирии вуқӯъи хатарҳои бузург аст. Аммо масъалаи сеюм, ки аз ду масъалаи дар боло зикршуда аҳамияти камтаре надорад, дин ва масъулиятҳои ахлоқии он аст. Бо иҷрои ин ду қоида робитаҳои ҷинсӣ танҳо дар як чорчӯбаи муайян қарор мегиранд, аммо масъалаи сеюм бо қоидаҳои осмонии худ инсоният ва хоҳишотро дар як вақт ҳифз менамояд, ки дар аксари марказҳои таълимӣ аз он сарфи назар шудааст.

Агар дар баъзе мактабҳо дар бораи баъзе василаҳои афзоиши насл ва масъулиятҳои ахлоқӣ таълим дода шавад, дар аксари онҳо танҳо андаке маълумоти пароканда ва ночиз омӯзонида мешаваду бас. Дар бисёри мактабҳо таълими ҷинсӣ дар барномаҳои таълиму тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аз ҳиссаи бузурге бархӯрдор аст, ки ҳатто дар ҳоли иштирок накардани фарзандон дар чунин барномаҳо, аз манфиат дур нахоҳанд монд, чун омӯзиши он дар фанҳои дигаре, ба монанди забони англисӣ, таърих, варзиш, адабиёт ва ё дар барномаҳои тарбияи ҷисмонӣ ба таври густарда ҷой дода шудааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки ин масъала бахши ҷудонашавандаи ҳаёти мост.

Бештари он чӣ дар бораи тарбияи ҷинсӣ меомӯзем ба ҳаёти оилавии саодатмандона ташвиқ намекунад. Ҳаёти бисёри одамҳои оиладор бинобар надоштани маълумоти кофӣ дар бораи робитаҳои ҷинсӣ ва малакаҳои хонадорӣ ва бовар доштан ба ин гуфтори нодурусти, ки “тавоноии мард барои бедор ва қонеъ кардани шаҳвати зан ба таври табиӣ ба вуҷуд меояд” ба мушкилот мувоҷеҳ гаштааст. Яке аз самтҳои муҳими таълим “шинохти роҳи бунёди ҳаёти оилавии босаодат” аст, ки афсӯс дар зиндагӣ ба ҷавонон омӯзонида намешавад.

Вақте писари наврас аз нигоҳи ҷинсӣ фаъол мегардад, шояд охирин касе, ки аз ин мавзӯъ огоҳ мешавад падару модар бошанд, зеро онҳо тамоми талоши худро мекунанд, то ин хусусияти онҳо пинҳон бимонад. Наврасон байни ҳамсолони худ як шабакаи алоқаҳои пинҳониро ба вуҷуд оварда, аз роҳи он ва дур аз чашми падару модар маълумоти мавриди ниёзи худро пайдо мекунанд.

Воқеитарин роҳи ҳал дар тарбияи ҷинсӣ ва таълими ҷинс ҳамоно дар фармуда ва таълимоти Расулуллоҳ (с) барои атрофиёнаш нуҳуфта аст, то бо ин роҳ фитрати солим ҳифз шавад, инсонҳо ба таври дуруст роҳнамоӣ шаванд ва дар он ризои Худо бошад. Имрӯз низоми таълими ҷинс дар мактабҳо ҷанбаҳои мусбат ва манфии зиёд доранд. Бинобар ин бояд падару модар масъулияту вазифаи роҳнамоии фарзандонро ба дӯши худ дошта бошанд, зеро маълумоте, ки ба фарзандон аз ҷомеа, мактаб, телевизор, интернет, телефонҳои дастӣ ва аз рафиқон мерасад, хубӣ ва дар айни ҳол камбудиҳои зиёд дорад.

## ЧАРО ТАРБИЯИ ҶИНСӢ? ОЁ ОМӮХТАНИ ОН ЛОЗИМ АСТ?

Наврасон барои касби маълумоти бештар дар бораи ҷинс тамоми талоши худро дареғ намедоранд, онҳо дар як ҳолати нооромӣ ва саргардонӣ ба сар мебаранд ва ташнаи ҷавобҳои воқеӣ ва шахсии қонеъкунанда ҳастанд. Вақте барои онҳо фурсати гуфтугӯ дар бораи масоили ҷинсӣ ба вуҷуд ояд, озодона дар ин бора суҳбат мекунанд. Одатан андешаҳои онҳо маъқул ва мантиқӣ аст ва ҳамеша дар бораи меъёрҳо ва маъноҳои ҳақиқӣ, ки созгор бо ҳаёти ҷинсии онҳо бошад, ҷустуҷӯ мекунанд. Ин ҷо суол ба миён меояд, ки оё омӯхтани мавзӯи ҷинс (тарбияи ҷинсӣ) барои наврасон лозим аст?

Одатан таълиму тарбияи ҷинсӣ дер оғоз мегардад, яъне пас аз он, ки наврас онро ба шаклӣ нодуруст ва номуносиб аз интернет, мактаб ва кӯча барои худ касб мекунад. Фарзандон дар маърази тасвирҳо ва вожаҳои дур аз ҳаёи атроф қарор мегиранд, аз ҷумла телевизор ва интернет, ки сарчашмаи ҳамаи маълумот ҳастанд ва ҳеҷ қонунро дар нашри маълумот риоя намекунанд, ва фурӯшандаҳои беҳаёро, ки барои касби мол чизеро дареғ намедоранд, набояд фаромӯш кард. Яке дигар аз сарчашмаҳои касби маълумот дӯстоне ҳастанд, ки таҷриба ва маълумоти худро бе каму костӣ ба онҳо мерасонанд, дар ҳоле, ки падару модар ва муаллимҳо аз додани маълумоти дуруст ва муносиб барои фарзандон худдорӣ менамоянд.

Тарбияи ҷинсӣ ду ҷанба дорад: маълумот ва арзишҳо. Хонавода беҳтарин макон барои омӯзиши арзишҳо ва ахлоқ аст ва ба андешаи донишмандон падару модар беҳтарин касоне ҳастанд, ки метавонанд барои фарзандон маълумот дар бораи ҷинсро пешниҳод намоянд. Маврид ба ёдоварист, ки на ҳама пурсишҳои

марбут ба масоили ҷинсӣ ба хотири касби маълумот дар ин маврид аст, балки баъзе аз фарзандон мехоҳанд бо саволҳо дар бораи ҷинс падарону модаронро дар ҳолати ногувор қарор диҳанд ва бинобар ин аст, ки падарону модарон низ гоҳо аз посух худдорӣ менамоянд. Мо аз падарону модарон низ намехоҳем ҳамеша дар баёни масоили ҷинсӣ ошкоро бошанд ва ё тамоми маълумоти вобаста ба ҷинсро бидонанд.

Падару модар ба фарзандон танҳо маълумотеро тавзеҳ намоянд, ки ҳақиқат ва дуруст буданашонро медонанд ва ба посухҳоеро, ки дар бораи он маълумоти кофӣ надоранд, ба мутахассисони ин соҳа вогузоранд. Падару модар фарзандони навраси худро на танҳо барои иштирок дар баҳсу гуфтугӯҳо дар бораи масоили ҷинсӣ, ки дар мактабҳо гузаронида мешавад, ташвиқ намоянд, балки муҳимтар аз он онҳоро ба иштирок дар баҳсу гуфтугуҳое ташвиқ намоянд, ки дар ибодатгоҳҳо ва марказҳои иҷтимоӣ гузаронда мешаванд, зеро маълумоте, ки барои кам кардани сатҳи душмангӣ ва эҷоди боварӣ байни наслҳо саҳми бориз доранд, он ҷо ба шакли як мавзӯи комил ва аз рӯи амонат тадрис ва тақдим мегардад. Ҳамин гуна боварии бузургсолон ба ҷавононро эҷод мекунад ва ҷавонон эҳсос мекунанд бо вуҷуди фарқи зиёд дар синну сол боз ҳам калонсолон нисбати онҳо беаҳамият нестанд, ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва дар мавридҳои мухталифи ҳаёт онҳоро шарики худ медонанд.

Гоҳо инсон аз худ мепурсад: Оё фарзандон воқеан ба таълими масоили ҷинсӣ зарурат доранд? Оё ҷӯҷаи мурғобиро қабл аз ба об гузоштан шиноварӣ ёд бояд дод ё ҳамин гуна ба об гузошта шавад, то худ шиноварӣ кунад? Дар тули ҳазорсолаҳо одамҳо робитаҳои ҷинсиро бе омӯзиш дар ин бора анҷом медоданд. Дар бисёри фарҳангҳои гузашта таълими масоили ҷинсӣ аз роҳи таҷриба ва ҳатто пас аз издивоҷ оғоз мегардид, аммо зоидани дувоздаҳ тифл ба ҳеҷ ваҷҳ маънои дустӣ ва муҳаббатро надошт. Таълими масоили ҷинсии муносиб ва дуруст як амри муҳим дар роҳи расидан ба издивоҷи муваффақ ва босаодат аст.

Омӯзиш ва тарбияи масоили ҷинсӣ ба кӣ ва ба чӣ гуна ашхос вогузор карда мешавад? Албатта дар ин самт ҳар шахс нақши худро дорад, падару модар бояд ҳақиқат ва масоили муҳимро дарк намуда, талош кунанд дар анҷоми он нақши фаъол дошта бошанд ва беҳтар аст падар ба пурсишҳои писар ва модар ба пурсишҳои духтар посух бигӯянд. Наметавон дар таълими масоили ҷинсӣ ба васоити ахбори омма ва васоили алоқаҳои электронӣ эътимод кард, балки мо худ бояд барои эҷоди абъоди ахлоқӣ барои тарбияи ҷинсӣ даст ба кор шавем ва аз падарону модарон умед аст барои пурра сохтани ҷойҳои холӣ дар ин самт вақти худро дареғ надоранд. Ҳамчунин бояд муаллимони мактабҳо, таби-

бони оилавӣ, табибони кӯдакона, донишмандону таҷрибадорон ва уламои дин накши худро дар ин самт иҷро намоянд. Яке аз масъулиятҳои муҳими дигар омӯзонидани апа ба хоҳар ва ака ба додар аст.

Падару модар набояд дар масоили вобаста ба ҷинс, ки шояд фарзандон ба таври нодуруст дар мактабҳо меомӯзанд, хомӯширо интихоб намоянд. Маълумоти нодуруст ва “ҳақиқатҳои” гуногуне, ки наврасон аз дӯстон ва дигар инсонҳои бегона касб мекунанд, омили қабули қарорҳои нодуруст дар масоили ҷинсӣ гашта, имкони гузоштани таъсири манфӣ дар замони ба камол расиданашонро дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки иҷтиноб аз омӯзиши масоили ҷинсӣ ва касби маълумоти дуруст дар ин самт ҳатмӣ аст ва иҷтиноб кардан аз он интихоби нодуруст мебошад. Инсон бояд воқеъбин бошад, падару модароне, ки намехоҳанд фарзандони онҳо масоили ҷинсиро биомӯзанд, монанди касоне ҳастанд, ки сари худро ба девори хиштӣ мезананд. Фарзандон масоили ҷинсиро бояд аз одамони нек ва боахлоқ биомӯзанд, то тавони муқобила ба таъсироти манфии ҷомеаро дошта бошанд.

Қуръони карим ва суннати набавӣ масоили ҷинсиро бисёр равшан ва хирадмандона баён намуда, ба он ҳамчун як масъалаи зишту қабеҳ назар намекунанд, чун он як бахши муҳими ҳаёти инсонро дар бар мегирад. Қуръони карим бо як тарзи воло зиёд шудани насл, ахлоқ, ҳаёти оилавӣ, ҳайз ва қазфро мавриди баҳс қарор додааст, ҳамон гуна ки Расулуллоҳ (с) бо саҳобагон бо камоли эҳтиром ва адаб масоили ҷинсиро мавриди баҳс қарор медоданд. Ба таври мисол, ӯ фармудаанд:

***“Ҳамхобагӣ барои шумо садақа аст”***

***(Муслим).***

Шояд яке аз сабабҳое, ки падару модари мусулмон масоили ҷинсиро ба фарзандони худ намеомӯзонад, тарзи тарбия ва урфу одатҳои фарҳангӣ, надоштани огоҳии комил дар ин бора, нохушӣ аз ҳаёти ҷинсӣ ва ё написандидани суҳбат дар ин мавзӯъ бошад.

Ибни Қайим дар китобҳои “Зод ул-маъод” ва “Тибби Набавӣ” мегӯяд: “Аммо ҳамбистарӣ ва муҷомиат ҳадафаш бисёр волост, саломатиро ҳифз мекунад, лаззату хушҳолии нафс бештар мегардад ва мақсадҳое, ки ба хотири он гузошта шудаанд, ҳосил мегарданд... Аз фоидаҳои он (яъне ҳамбистарӣ) нигоҳ доштани чашм, ҳифзи нафс ва ба вуҷуд омадани қудрат барои дур будан аз ҳаром аст, ки ҳосили он барои зан низ ҳамчунон аст. Мард барои худ ва ҳамсараш бо василаи робитаи ҷинсии ҳалол манфиат барои дунё ва охирати худро ба даст меоранд”.

## ДАР ТАРБИЯИ ҶИНСӢ БА ФАРЗАНДОН ЧӢ ТАЪЛИМ ДОДА ШАВАД?

Бисёри волидайн духтарони худро тарзи омодагӣ барои одати моҳонаро меомӯзонанд, ҳамон гуна, ки писаронро барои оғози пайдоиши манӣ ҳангоми ба балоғат расидан ва чӣ бояд кард омода месозанд. Аммо баъзе аз падару модарон тарзи омодагӣ ба ин марҳаларо ба фарзандон намеомӯзонанд, ки дар он замон ба наврасон хавфу нороҳатӣ ба вуҷуд меорад. Зеро берун шудани ҳар гуна хун дар зеҳни духтари наврас беморӣ ё халали хатарнокеро дорад ва дар ҷавонписарон низ, ки дар вакти истимно ё ҳамон одати пинҳонӣ оби ғализ пайдо мешавад, эҳсос мекунад чизе даруни онҳоро пора сохтааст ё беморие даруни ҷисми онҳо ба вуҷуд омадааст ва онҳо аз шикоят ва сухан гуфтан дар ин бора эҳсоси нороҳатӣ ва шарму ҳаё мекунанд.

Духтари наврасе ноумедона муддати чандин моҳ ба гумони ин, ки гирифтори бемории хатарноке шудааст, хуни моҳонаашро бо дастмол пок карда, аз тарс касеро ҳам аз ин моҷаро огоҳ намесохт. Дар ниҳоят яке аз муаллимаҳо либосҳои ба хун олудаи ӯро дида, ба кумакаш шитобид. Ӯ дар тӯли ин муддат аз тарси модар либосҳои олуда ба хунро пинҳонӣ шуста, хушк мекард.

Бояд модарон дар бораи ҳолатҳо ва таҷрибаҳои худ қабл аз омӯзонидани он ба духтарон каме биандешанд. Ва огоҳ будани ҷавонписарон низ дар ин маврид дур аз ҳикмат нест, чун пас аз издивоҷ дар ҳоли вуқӯъи ҳайз ба ҳамсарон ба ҳайрат ва нороҳатӣ нигоҳ накарда, чӣ гуна бархӯрд карданро хоҳанд донист. Набояд ҳайзи занон як чизи наҷас ва дилгиркунандае бошад, то бо зани ҳоиз ҳамчун як шахси ғариб ва бегона муомила ва аз ӯ дурӣ карда шавад.

Аз намунаҳои амалӣ ва насиҳату иршодоти Паёмбари Худо (с) барои мо ин аст, ки набояд ба зани дар ҳоли ҳайз теғи забон зада шавад ва бо ӯ ҳамчун як инсони нопок бархӯрд шавад. Балки Расулуллоҳ (с) талош мекард бо назардошти ҳолате, ки зан қарор дорад, бештар изҳори муҳаббату эҳтиром карда шавад ва бинобар мухолифат ба эътиқоде, ки назди яҳуд ва арабҳо дар замони ҷоҳилият буд, ки занро дар муҳлати ҳайз тарк мекарданд, аз эҳтироми вижа бархӯрдор бошад. Модари мӯъминон Оишаи Сиддиқа (р) ривоят мекунад: “Расулуллоҳ (с) дар оғӯши ман, дар ҳоле, ки дар ҳолати ҳайз будам, такя зада Қуръон мехонд” (Муслим). Инчунин Оиша (р) мегӯяд: “Дар ҳолати ҳайз будам ва аз устухон гӯштро бо дандонҳоям мегазидам ва онро ба Расулуллоҳ (с) медодам ва ӯ даҳонашро дар ҷое, ки ман хӯрда будам, мегузошт” (Муслим). Ягона амале, ки набояд дар ҳоли ҳайз бо зан анҷом ёбад, ҷимоъ аст. Аммо агар узви таносуии зан бо чизе баста ё пӯшони-

да бошад, зану шавҳар метавонанд барои рафъи рағбату шаҳвати худ, ба гунае, ки барои ҳар дуи онҳо муносиб бошад, лаззат бубаранд.

Омӯзиши масоили ҷинсӣ дар мактабҳои миёнаи давлатии Амрико дар бештари ҳолот, ба ҷуз чанд ҳолати хос, дарсҳое дар мавзӯи чигунагии истифодаи рифола, дурӣ аз бемориҳо ва баёни равишҳои исқоти ҳамл аст. Андешаи роиҷ дар Амрико дар ҳоли ҳозир ин аст, ки наврасон дар ҳар сурат алоқаҳои ҷинсиро анҷом хоҳанд дод ва ягона роҳи ҳал барои мо ин аст, ки тарзи дуруст ва бехатари ин амалро ба онҳо ёд диҳем. Танҳо дар чанди ҳолати махсус дидгоҳи ахлоқӣ дар назар гирифта мешавад, ки дар он ҳам ҷанбаҳои равонӣ, динӣ ва ризои Худованди мутаол сарфи назар шудааст. Низоми тадриси муштарак эҳсос ва шуури фитрӣ ва табиии шарму ҳаёи ҷавононро аз байн мебарад, ҳатто дар синфҳое, ки дар он ба писарон ё духтарон ба таври ҷудогона дарс дода мешавад, наврасон ба таҷрибаи амалҳои ҷинсӣ ташвиқ мешаванд ва тарзи дурусти бӯсидан ё истимно ҳамчун як бахши табиии ҳаёти ҷинсӣ ба онҳо таълим дода мешавад. Фарзандони мусулмонон, ки таҷриба дар ин симатро надоранд, тарзи дурусти бархурд ба онро намедонанд ва шояд ҳам вақте аз онҳо дар ин бора пурсида шавад, эҳсоси шарм намоянд.

## Хатари бузурги зино (таҷовузи ҷинсӣ) ва натиҷаҳои хатарноки он

Ҳамхобагии берун аз доираи издивоҷи ҳалол (яъне зино) яке аз анвоъи поймолкунии таълимоти динӣ ва ахлоқии Ислом аст. Баъзе бар ин назаранд, ки фарзандони аз роҳи номашрӯъ ба дунё омада дар аксари ҳолатҳо барои ҷомеа бисёр хатарнок ҳастанд ва дар ояндаи дур таъсири бади зино ба ҷомеа ва хонаводаҳо боқӣ монда, ба наслҳои баъдӣ низ таъсири манфии худро мерасонад. Натиҷаҳои зино дар яке аз ин оқибатҳо ошкор мегардад:

Бемориҳо, исқоти ҳамл, маъюбӣ ва ақибмондагии ақли кӯдаконе, ки аз зино ба дунё меоянд (аз сабаби бемориҳои ҷинсие, ки ба модари ҳомила ва сипас ба фарзанди дар раҳм мегузарад), фарзандони ҳаромӣ, оилаҳои танҳо, хонаводаҳои пошхӯрда, насабҳои омехташуда ё номаълум, хиёнат ба амонат ва фоҳишагӣ.



Зино шаъну шарафи инсонро паст мезанад ва обрӯяшро мебарад ва дар натиҷа ҷомеае ба вуҷуд меояд, ки ҳаромро ҳалол ва умури ҷинсӣ, ба монанди зиноро, ба худ иҷозат медиҳад. Яке дигар аз оқибатҳои бади он ривоҷ ёфтани фоҳишагӣ дар ҷомеа аст. Вақте муҳаррамот дар як доираи хурд ва пинҳонӣ анҷом меёбанд, дар натиҷа ба оҳистагӣ ҷуръат ба анҷоми он дар доираи васеътар пайдо мегардад. Бинобар ин фоҳишагӣ ва зино яке аз гуноҳони кабираест, ки азоби Худовандиро дар дунё ва охират ба бор меорад. Ислом зиноро на танҳо гуноҳи шахсӣ, балки онро поймол кардани ҷомеа низ медонад. Ҳар гоҳ зино дар як ҷомеа оддӣ ва роиҷ гардид, бидонед, ки ҳамбастагии ҷомеаро аз бум ва реша аз байн мебарад, он ҳам бо барҳам задани хонавода ва шикасти пояҳои асоси он. Ҷазои зино дар Қуръони карим сад дарра задан дар миёни оммаи мардум аст, то барои дигарон ибрат бошад ва онҳоро аз ин кор боздорад. Дар гузашта хатари зино дар ҷомеа бисёр сангин буд, чуноне ки дар Таврот (Китоби Муқаддас, Сифри Тасния, 22:23-24) омадааст, ҷазои зино сангсор аст. Маврид ба ёдоварист, ки дар гузашта дар Олмон вақте зани шавҳардор зино мекард ва хиёнаташ собит мешуд, либосашро дар байни мардум аз танаш берун кашида, ӯро бо кулӯх сангсор мекарданд. Сангсор барои зану марди оиладор бо матни Қуръон собит нашудааст ва баъзе уламои мусулмон бар ин назаранд, ки бинобар шармандагӣ ва расвоие, ки аз туҳмат ба зино ба бор меояд, сангсор сиҳат надорад. Фақиҳон барои содир намудани ҳукми сангсор вуҷуди чаҳор шоҳиди оқил ва болиғро шарт донистаанд, ки ҳодисаи зиноро бо тамоми тафсилот назди қозӣ шаҳодат бидиҳанд, то ҳукми сангсор ҷорӣ гардад. Зарурати чаҳор шоҳид дар ин ҳолат ба хотири ҳимояи ҷомеа аз ошкоро анҷом додани зино мебошад. Агар вуҷуди шоҳидон камтар аз чор шахс бошад, ба хотири ҳифзи шарофат, шахсияти ӯ роз нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин вазъи чунин қонунҳои шаръӣ бинобар он аст, ки ҷомеа бидонад, ки зино на як масъалаи шахсӣ, балки аз умури иҷтимоӣ ва барои худи ҷомеа аст. Ҳамин гуна дар ҳоли собит нашудан бо чаҳор шоҳиди боваринок, инсон аз туҳмати зино пок аст, чун шаҳодати камтар аз чаҳор шахс далели қатъӣ буда наметавонад. Шояд дар оянда фақиҳон аз санҷишҳои генетикӣ (ДНК) ҳамчун далелҳои мақбул барои муайян кардани гунаҳкор истифода намоянд. Зино, ки пеши чашмони чаҳор шахс ё бештар аз он сурат мегирад, на танҳо ба мақсади бароварда сохтани шаҳват дар пинҳонӣ, балки мафҳуми ривоҷ додани фоҳишагӣ ва паҳн кардани он дар ҷомеаро дорад.

Изофа бар ин, зино як навъ шикастани аҳду паймони зану шавҳарӣ аст. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико наздик ба нисфи хонаводаҳое, ки бори нахуст издивоҷ менамоянд, дар муддати ду сол ба талоқ меанҷомад, ки яке аз асоситарин сабабҳои он робитаҳои ошиқонае ҳастанд, ки берун аз доираи хонавода анҷом меёбанд. Бештари мардумон ба омӯ-

заҳои китобҳои осмонӣ, ки зиноро як амали ҳаром медонанд, пойбанд нестанд. Инҷил ба таври ошкоро мегӯяд: "Муртакиби зино нашавед" ва Қуръони карим таъкид намуда, мефармояд, ки "Ба зино наздик нашавед". Дар ин ояти шариф на танҳо ишора ба ҳаром будани зиност, балки аз наздик шудан ба он ё ҳар амале, ки инсонро ба зино мерасонад, наҳй шудааст. Тамоми амал ва василаҳои ангезандаи ба зино ҳукми ҳаромро доранд, ба монанди ваъда додан, либосҳои ҷазбкунанда, бараҳнагӣ, фаҳшкорӣ, васоили беҳаёӣ, нӯшидани шароб ва истеъмоли маводи мухаддир. Масоили марбут ба аҳкоми либос бинобар он вазъ гардидааст, ки мардону занонро аз найрангу барангехтани шаҳват ҳифз намояд.

Баъзе мардон ба идораи нафси худ ниёз доранд, чун гоҳо муртакиби гуноҳоне мешаванд, ки оқибати он таҷовузи ҷинсӣ аст. Имрӯз садоҳое, ки мардумро ба шаҳват ва майлу рағбатҳои ҷинсӣ фаро мехонанд, баландтар аз садои мавъиза ва насиҳату пандҳост. Пас вазифаи ҷомеа дар баробари масоили ҷинсӣ чист ва дар ин росто чӣ гомҳоеро метавон бардошт?

Дар аксари ҷомеаҳои имрӯза ба намунаи амалии риояи ахлоқ зарурат дорем, чун наврасон аз таноқузҳои шадиде, ки дар ҷомеаи имрӯза вуҷуд доранд, дар ҳайрат афтодаанд. Аз як ҷиҳат, наврасон мебинанд, ки ҷомеа дунболи фиреб, шаҳват ва мол аст ва барои бароварда сохтани лаззат масоили ҷинсиро ба тасвир кашида, барои нафъи моддии худ онҳоро ба лавҳаҳои эълоноти таблиғӣ мегузоранд. Ва аз ҷиҳати дигар, ҷомеа робитаҳои ҷинсии пеш аз издивоҷро манъ мекунад ва ин ду таноқуз дар вуҷуди наврасон ноором ва беқарориро ба вуҷуд меорад. Вақте ҷомеа худ ангезаҳои масоили ҷинсиро барои худ раво медонад ва аз онҳо пешгирӣ намекунад, нametавонад истифодаи нодурусти ҷинсиро манъ намояд.

Ҳамин тавр бисёри ҷавонони дорои андешаҳои "озодӣ" бар ин назаранд, ки бо "ошиқ шудан" метавон бо ҳар шахсе бидуни доштани масъулият дар оянда алоқаи ҷинсӣ барпо кард, ки дар натиҷа боиси бетартибии ҷинсӣ ва талоқ дар ҷомеа мешавад.

Имрӯз болои навҷавонон барои муоширaт бо дӯстон ва гӯш додан ба онҳо ва дигар васоити ахбори омма фишорҳои бузурги иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ки агар ба ҷои он ба садои ақли худашон гӯш бидиҳанд, қобилияти иҷтиноб аз мушкилотро ба хубӣ хоҳанд дошт. Наврасоне, ки қабл аз издивоҷ робитаи ҷинсӣ анҷом медиҳанд, дар ниҳоят дарк хоҳанд кард, ки ин ҳама сазовори ранҷ кашиданҳоро надошта, дар муқобили танҳо чанд дақиқа лаззат бурдан, бардошти андуҳу сахтиҳои ҳамешагии умрро хоҳанд дошт ва бар хулосае хоҳанд расид, ки робитаҳои ҷинсии номашрӯъи қабл аз издивоҷ бадтарин қароре будааст, ки дар ҳаёт қабул намудаанд. Афзун бар ин, дар рӯзи қиёмат бояд пеши Худованд истода, аз анҷоми амалҳои бади худ посух бигӯянд.

**Наталяи донишҷӯи 19 сола дар бораи мушкилоти шахсии худ суҳбат намуда, мегӯяд:** (1982 Faber & Mazlish): "Ман бо падару модарам бар асоси арзишҳои ҳамдигарфаҳмие, ки миёни мо вуҷуд дорад, зиндагии ором ва осуда дорем. Пурсишу посухҳои амиқ миёни мо вуҷуд надорад, ба ростӣ онҳо дар бораи он чӣ дар ҳаёти ман мегузарад, намехоҳанд бидонанд ва ман ҳам ба онҳо чизе гуфта наметавонам, зеро ман як духтари пок ва дорои ахлоқи нек ҳастам. Барои ман пайдо кардани касе, ки маро ба ростӣ дӯст дошта бошад, душвор аст. Ман мехоҳам бо ягон ҷавоне вохӯрам, аммо одатан якчанд вохӯриҳои аввал шавқовар ва гуворо ҳастанд ва баъд фишорҳо сар мешаванд. Масалан, ба маҳфилҳои берун аз доираи ахлоқӣ ва дорои шаробу мухаддирот даъват мешавӣ, ки дар натиҷа бояд ҳамбистарӣ бо ӯро бипазирӣ. Мегӯянд: "Агар он чиро, ки мо мегӯем, анҷом диҳӣ, дунё ба рӯят механдад, ва агар не, аз танҳоӣ гиря хоҳӣ кард". Бинобар ин, ман ғарқи иффат ва ашк ҳастам".

Яке аз натиҷаҳои фоҷеабор ин аст, ки фарзандон фарқи байни дуруст ва нодурустро намедонанд. Бинобар ин аст, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷавонон аз мушкилоти Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД), маводи мухаддир ва хушунат ранҷ мебаранд. Ягона роҳи ҳалли ин мушкилот баргардонидани таълими ахлоқу арзишҳо ба мактабҳо ва эҷоди фазои муносиб аст, ки дар он тарбияи солим ва роҳнамоиҳои падару модарон вуҷуд дошта бошад.

Мактабҳое, ки андаке ҷасорат барои ривоҷ додани фазилат ва ташвиқ ба онро доранд, метавонанд беҳтарин биноҳое бошанд, ки ба ҷомеа лашкаре аз духтурон, мушовирон, милисаҳо ва фаъолони ҷомеаро тақдим намоянд.

***Нависандагон бар ин назаранд, ки силсилаи воқеаҳои зер ба таври куллӣ ё ба таври ҷузъӣ аз робитаҳои байни ҷавонон ба вуҷӯд меоянд: дӯстписар ва дӯстдухтар → фиреб → ҳамбистарӣ қабл аз издивоҷ → аз даст додани бакорат ва обрӯ → ҳомиладории нобаҳангом → исқоти ҳамли маҷбурӣ ё издивоҷи барвақт ё кӯдакони ҳаромӣ ва сипас писархондӣ → (фақру ноумедӣ, аз байн рафтани муносибатҳои оилавӣ, бемориҳо ва марг).***

Шахси мунҳарифи ҷинсӣ гирифтор ба бемориҳои сӯзок, герпес, сифилис ва Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) мегардад, ки одатан ин навъи бемориҳоро ба ҳамсари поки худ интиқол дода, сипас дар ҳоли ҳомиладорӣ имкони интиқол ёфтани он ба тифли дар раҳми модар ва имкони кӯр ё маъюб ба дунё омадани тифл аст. Агар онҳо гирифтори бемории СПИД шаванд, мард масъули марги оҳиста ва дардноки зану фарзанд ва худаш хоҳад буд.

Зино сабаби эҷоди мушкилоти зиёд барои фарзандони берун аз доираи издивоҷи ҳалол мегардад, ки гоҳо марди зинокор масъулияти тарбияи тифлро аз дӯши худ берун намуда, бо ин амалаш ҳаққи фарзандон барои доштани як зиндагии осуда ва шарофатмандона зери як боми оромро инкор менамояд. Ҳамин гуна заноне низ вуҷуд доранд, ки аз касе фарзанд ба дунё меоранд, ки шавҳари онҳо нест, ва агар ҳам битавонанд ин ҳақиқатро аз дигарон пинҳон созанд, наметавонад дар виҷдони худ онро пинҳон нигоҳ доранд. Шояд тифле, ки аз зино ба дунё меояд, падар ва хешу наздикони ҳақиқии худро нашиносад ва падари биологии ӯ шояд тавони иҷрои нақши падарӣ барои тифл ва шавҳарӣ барои модари тифлро надошта бошад ва дар ин ҳолат вогузор кардани масъулияти тарбияи фарзанд бар дӯши шавҳари зан аз ноилоҷӣ ва берун аз хосту рағбати ӯ сурат мегирад.

Шояд модар ҳам ба яке аз бемориҳои ҷинсии интишорёфта, монанди Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) мубтало гардида, ҳаёти шавҳар ва фарзандони худро зери хатар гузорад. Зан низ бо ин амалаш ҳар як фардро аз ҳаққи асосии шинохтани хонаводаи ҳақиқиаш маҳрум месозад. Падари дурӯғин ё фарзанд ҳангоми санҷиши хун ва ё тести биологӣ (ДНК) маълум гардида, рози робитаҳои номашрӯъи зан ошкор мегарданд ва ӯ худро шарманда месозад ва шояд ҳам фарҷоми корашон ба талоқ бианҷомад, ки дар натиҷа таъсири манфии он ба кӯдакон, хонавода ва дар ниҳоят ба ҷомеа мерасад.

Ҷазои зино дар Ислом танҳо дар додгоҳе ба иҷро мерасад, ки қонунҳои исломӣ дар он ба шакли расмӣ иҷро мегарданд ва ҳар кас иҷозати иҷрои худсаронаи қонунҳоро надорад, балки асноди сотибкунанда ба додгоҳ ирсол гардида, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор мегирад. Мутаассифона, баъзе падарон ақли худро аз даст дода, духтар ва дӯстписари ӯро ба баҳонаи ҳифзи "шараф ва номус", бавижа агар духтар дар натиҷаи алоқаҳои номашрӯъ ҳомиладор гардида бошад, ба қатл мерасонанд. Гузашта аз ин, баъзе падарон танҳо ба сабаби шак нисбати духтари худ ӯро ба қатл мерасонанд ва дӯстписаре, ки тавони гурезро дошта бошад, фирор намуда, оқибати ногувори он танҳо ба духтарон мемонад.

| Равишҳои ғайри ахлоқӣ | Натиҷа | | Равишҳои ахлоқӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|
| Зино осон, фиребдиҳанда ва фароҳам аст | Бемориҳои сироятии хатарноки ҷинсӣ | **Дар муқобил** | Ба зино наздик нашавед | Падару модари солим фарзандони солим доранд |
| Алоқаҳои ҷинсии номашрӯъ | Исқоти ҳамли духтарони наврас | | Роҳи расидан ба зино сахт ва душвор аст | Оилаҳои пурра, ки аз онҳо пешвоён ба воя мерасад |
| Робитаҳои ҷинсии ғайри-масъулона | Фарзандони ҳаромӣ, факр, талоқ, оилаҳои азҳампошида, оилаҳои нопурра, бесарусомонии ҷинсӣ, афзоиши омори ҷиноёт, афзоиши сатҳи таҷовуз | | Ба танзим даровардани робитаҳои ҷинсӣ аз тариқи издивоҷ ва ташвиқ ба робитаҳои ҷинсии машрӯъ | Хонаводаҳои хушбахт ва фарзандони хушбахт, коҳиши сатҳи таҷовуз дар ҷомеа |

## Ибрат аз муҷозоти шаръии зино

Дар қонунҳои имрӯза шӯрбахтона зино ҳамчун як ҷиноят ба эътибор гирифта намешавад, чуноне ки дар дини Ислом ва дигар динҳои осмонӣ аст. Зино зарарҳои ҳангуфт дар ҳаёти инсонҳо ва ҷомеа ба вуҷуд меорад, ки барои дарки ҳикмати ҳаром будани он дарки амиқи табиати инсон лозим аст, илова бар он ки зарарҳои бешумори дигар ба оила ва саломатии инсонҳо дорад.

Ҳадафи асосии иҷрои ҷазоҳои шаръӣ эҷоди амнияту оромӣ дар ҷомеаи башарӣ аст. Дар сурати дахл доштани ҷиноят ба моликияти моддӣ ё қатл, шариат ду шоҳид барои собит кардани он талаб мекунад, дар ҳоле, ки барои собит кардани ҷинояти зино чор шоҳидро ҳатмӣ медонад. Чаро? Зеро таъсири бади зино на танҳо ба худи зинокор, балки ба ҷомеа низ мерасад.

Бояд тавозун байни боздоштан аз кори бад ва ҳимояи хусусияту шарофати инсон нигоҳ дошта шавад.

Байни гуноҳкорӣ дар пинҳонӣ барои конеъ кардани ҳавову ҳавас ва анҷоми ошкори кори ҳаром дар миёни мардум ва ривоҷи он дар ҷомеа ва таҳдид ба шарофияту амнияти он фарқи бузург аст. Бинобар ин инсони гунаҳкор бояд тавба ва аз гуноҳ дурӣ намояд ва то метавонад гуноҳи худро бипӯшонад ва аз ошкор сохтани он бипарҳезад. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*“Тамоми уммати ман дар офият ҳастанд, магар ошкоркунон. Аз ҷумлаи ошкоркунӣ ин аст, ки мард шабона кореро анҷом медиҳад ва субҳгоҳон дар ҳоле, ки Худованд гуноҳи ӯро пӯшонидааст, худаш мегӯяд: «Эй фалонӣ, ман имшаб чунину чунон кардам». Дар ҳоле, ки Худованд гуноҳи имшаби ӯро пӯшонидааст, худаш онро дар рӯз ошкор месозад”*

*(Бухорӣ).*

Дар дини муборaки Ислом дар сурати аз чор кас камтар будани шоҳидони зино бояд хомӯширо интихоб кард, зеро дар ҳоли бозгӯ кардани моҷаро барои резондани обрӯй ва расво сохтани дигарон дар ҷомеа ҷазо дода мешаванд. Ҳамин гуна дини Ислом иҷозат намедиҳад ахбори марбут ба гуноҳон ва бадкориҳо интишор ёбад, зеро он миёни мардум оддӣ ва ночиз гашта оҳиста-оҳиста ҳамчун як амали мақбул вориди ҷомеа мегардад.

## ҲОЛАТИ АМРИКО

Доктор Атҳар (1996) дар баёнияи худ меорад, ки чӣ гуна дар мактабҳои Амрико масоили ҷинсӣ дур аз ахлоқ ва арзишҳои инсонӣ ба фарзандон таълим дода мешавад ва фарзандон чӣ гуна маълумоти нодуруст дар бораи масоили ҷинсиро аз васоити ахбори омма меомӯзанд (ниг.: Таълими ҷинс: Дидгоҳии исломӣ. Дар зери таҳрири д-р Шоҳид Атҳар).

*(Sex Uducation An Islamic Perspetive).*

Барномаи омӯзиши масоили ҷинсӣ дар аксари мактабҳои амрикоӣ аз синфи 2 то 12 рӯи даст гирифта шудааст, ки дар он бо масрафи маблағҳои ҳангуфт ба андозаи миллиардҳо доллар роҳандозӣ шудааст. Омӯзгорон танҳо рӯи ҷанбаҳои тавсифии ҷинс, бе аҳамият ба арзишҳои ахлоқӣ, чӣ гуна қабул кардани қарорҳои дуруст дар ҳаёти ҷинсӣ ва роҳҳои пешгирии беморриҳои сироятии ҷинсӣ ва ҳомиладорӣ дар наврасӣ тамаркуз менамоянд. Пас аз тавсифи аъзои таносулӣ ва чигунагии адои вазифаҳои он, рӯи робитаҳои “ҷинси бехатар” пас аз гирифторӣ ба Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) тамаркуз намуда, чигунагии истифодаи рифола ҳангоми ҳамбхобагиро бештар шарҳу тавзеҳ менамоянд. Маврид ба ёдоварист, ки қисмате аз андозҳои мардуми Амрико барои харид ва ройгон тақдим намудани рифолаҳо ба писарон дар мактабҳои ин кишвар равона шудааст. Илова бар

ин ба касоне, ки ба марказҳои саломатӣ муроҷиъат менамоянд, василаҳои манъи ҳомиладорӣ дода мешавад. Инчунин дар роҳгузарҳои баъзе мактабҳо ва донишгоҳҳо таҷҳизоти электронии фурӯши рифолаҳои мардона гузошта шудааст.

Нақши падару модарон дар масоили ҷинсӣ беаҳамият гашта, гоҳо мавриди масхара низ қарор мегиранд. Одатан вақте кӯдакон аз падару модарон дар бораи масоили ҷинсӣ савол мекунанд, дар ивази посух онҳоро хомӯш намуда, мавзӯъро тағйир медиҳанд. Бинобар ин аст, ки бештари кӯдакон маълумоти мавриди ниёзи худро аз бегонагон гирифта, аз ҷониби дигар зери фиреби баъзе аз муаллимоне, ки худ амалҳои ношоиста ва дур аз ахлоқ ва динро анҷом медиҳанд, қарор мегиранд. Доктор Атҳар баъзе мисолҳоро меорад, ки баъзе мураббиҳои гумроҳкунанда ба он даъват менамоянд:

1. Урён кардани худ дар хона назди аъзои оила (дар ҳаммом ё утоқи хоб) ба гумони ин, ки ин муносиб ва дурусттарин роҳ барои шиносондани кӯдакони аз 5 сола боло ба ҳаёти ҷинсӣ аст, зеро ин амал барои онҳо фурсати пурсидан дар бораи ҷинсро фароҳам меорад. Як таҳқиқоте, ки дар Амрико дар соли 1997 гузаронида шуда буд, нишон медиҳад, ки 75% кӯдаконе, ки мавриди озори ҷинсӣ қарор гирифтаанд (500 000 ҳолат солона), аз ҷониби хешу наздикони худ (аз ҷониби падар, шавҳари модар, зани падар ё дигар хешу наздикон) ва дар ҷойҳои худӣ воқеъ шудаанд *(Abel et al, 2001).*

2. Бозӣ кардани кӯдак бо аъзои таносулии кӯдаки дигар, ки ба андешаи онҳо набояд барои ин амалашон сарзаниш ва ё муҷозот шаванд. Аз ҳама бадтар ва ташвишовартар ин аст, ки мураббиҳо медонанд, ки духтарҳои 8 сола аз ҷониби писарҳои 12 сола таҷовуз мешаванд, бехабар аз он, ки бозӣ кардани кӯдакон бо олатҳои таносулии ҳамдигар ба алоқаҳои ҷинсӣ ва фоҷеаҳои аз ин ҳам бадтар мерасонад.

3. Вақте кӯдакон дар ҳоли хондани маҷаллаҳои дорои маводи фаҳш дастгир мешаванд, набояд сарзаниш шаванд, то эҳсоси гуноҳ кунанд, балки падару модар бояд ин фурсатро барои шарҳ додани баъзе аз фоидаҳо ва тамоюлҳои ҷинсӣ истифода намоянд, ки ин худ як ҷаҳолати ошкор аст. Аксари ин маҷаллаҳо барои хонандаҳои худ мерасонанд, ки ҷинс як мавзӯи тиҷорат аст ва зан барои мардҳо ҳамчун “лӯхтак”-е аст, ки чӣ гунае бихоҳанд бо он бозӣ мекунанд. Эҳсоси гуноҳ кардан, модоме ки инсонро ба пушаймонӣ ва ислоҳи хатогӣ ташвиқ намояд, отифаи зарарнок буда наметавонад. Инчунин эҳсоси гуноҳ намудан аз иштибоҳот ва дар паи ислоҳ шудани

он василае аз васоили муҳим дар тарбияи кӯдакон аст, то чигунагии ислоҳи кирдор ва бар дӯш гирифтани масъулияти рафтори худро ба хубӣ дарк намоянд.

4. Модоме, ки фарзандон аз нигоҳи ҷинсӣ фаъол бошанд, ба ҷои ин ки боздошта шаванд, ба онҳо таълим дода шавад, то дар бораи василаҳое, ки онҳоро аз бемориҳои ҷинсӣ ҳимоя менамоянд, маълумот пайдо намоянд. Ин гуна мураббиҳо гумон намекунанд, ки додани маълумоти ҷинсӣ ба фарзандон ба маънои иҷозат додани онҳо ба робитаҳои ҷинсии номашрӯъ аст. Падару модарон бояд ба таври дуруст ва муносиб дар мавриди робитаҳои ҷинсии нодуруст бо фарзандон суҳбат намоянд ва онҳо метавонанд мавзӯъҳои зеринро мавриди баҳсу мунокиша карор диҳанд: ҳомиладории номатлуб, эълоноте, ки рахна ба ҳаё ва шарафи инсон мезананд, мусиқӣ, сурудҳои бешармӣ ва барномаҳои телевезионие, ки ба фоҳишагӣ ва беҳаёӣ ташвиқ менамоянд.

Барномаҳои таълимии масоили ҷинсӣ дар мактабҳои давлатии амрикоӣ омори мубтало шудан ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва ҳолатҳои ҳомиладорӣ ва исткоти ҳамл дар миёни наврасонро поён наовардааст, ҳамон гуна ки дар одатҳои ҷинсии наврасон дигаргунӣ ва беҳбуд дида намешавад. Мутаассифона, ҳатто калисоҳо дар ин кишвар натавонистаанд сатҳи ин оморро поён бибаранд (Атҳар, 1996).

Мактабҳо илова бар ин, ки роҳҳои пешгири ҳомиладориро ба фарзандон ба андозаи ниёзи онҳо омӯзиш намедиҳанд, маълумоти бисёр андак дар бораи биология ба онҳо такдим менамоянд. Агар фарзандон ба мактабҳое меравaнд, ки он ҷо биология ва анатомия таълим дода намешавад, онҳо роҳҳои дигар ҷуста, фарҳанги ҷинсиро аз дигар сарчашмаҳо барои худ касб менамоянд. Бинобар ин бояд падару модар шахсан ба ин мавзӯъ дахолат намуда, фарзандонро худ омӯзиш диҳанд.

> **Дуруст ё хато?**
>
> **Ҳар қадар онро беҳтар донанд, ҳамон қадар бештар мекунанд!**

Дар вакти ба балоғат расидани фарзандон бисёри падару модарони мусулмон ва диндор нигарони тарбияи вобаста ба масоили ҷинсӣ ҳастанд, чун таълимоти марбут ба ҷинс, ки дар мактабҳои ғарб омӯзиш дода мешавад, мувофиқи меъёрҳои ақидаи онҳо буда наметавонад. Таълимоти марбут ба василаҳои манъи ҳомиладорӣ шояд ба анҷом додани робитаҳои ҷинсӣ бирасонад, ки падару модарон бояд дар чунин ҳолатҳо ҳамеша аз раванди тарбия ва маълумот дар мактабҳо огоҳ ва бохабар бошанд.

Аксари падару модарон намехоҳанд, ки писарон ва духтарони онҳо бе огоҳии онҳо дар ҷойҳои бегона берун аз хона шаб бимонанд. Бо ин вуҷуд, вақте тарзи ташаккули ҳаёти хусусии фарзандон дар наврасӣ дур аз назорати падару модарон оғоз меёбад, назорати онҳо барои падару модар бисёр душвор мегардад. Иффатеро, ки падару модарон дар фарзандон дидан мехоҳанд, шояд дар ҳамон ҷои бозии кӯдакона дар синни 10-солагӣ аз байн биравад, зеро имрӯз кӯдакон маълумотро аз интернет, телевизор, телефонҳои мобилӣ ва кинотеатр меомӯзанд ва ғолибан маълумоти ҷинсӣ, ки аз васоити ахбори омма ба даст меояд, дар воқеъ "пешрафтатар" аз маърифати падару модарон дар ин бора аст.

Вафот аз Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) дар Тайланд дар ҷои аввал меистад

Чуноне, ки ноиби вазири тандурустии ин кишвар Сурабунг Суябунг Лӣ иброз доштааст, Бемори Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) сабаби асосии аксари маргу мир дар Тайланд аст, ки нисбат ба сабабҳои дигар, монанди ҳодисаҳои садамавии наклиётӣ, бемориҳои қалб ва саратон бештар гаштааст. Ноиби вазир рақамҳои дақиқро зикр накардааст, вале ӯ мегӯяд: «Наметавонем шумори ҳақиқии Бемории Норасоии Масунияти Баданро (СПИД) дақиқан баён намоем, зеро хешу наздикони вафотёфтагон сабаби ҳақиқии вафоти онҳоро пинҳон медоранд». Сурабунг Суябунг Лӣ пас аз бозгашташ аз ҷаласаи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, ки дар Ҷазираҳои Малдив баргузор шуда буд, баён дошт: "Бузургони деҳот сабаби вафоти аксари беморонро сактаи қалбӣ мегӯянд, ки ин амр боиси боварии нодуруст шудааст, ки гуё аксари тайландиҳо бо сактаи қалбӣ мемиранд, вале пас аз бозшуморোии нав дар ҳар гӯшаву канори кишвар ба натиҷае расидем, ки аксари сабаби вафотҳо дар деҳот Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) будааст". Идораи вобаста ба Бемории Норасоии Масунияти Бадани (СПИД) Созмони Миллали Муттаҳид дар Банкок эълон намуд, ки омори вафот аз сабаби ин бемори зиёд мешавад, зеро нишонаҳои ин вабо дар шаҳрвандони ин кишвар, ки дар оғози интишори он 10 сол пеш ба он мубтало гаштаанд, намоён шуда истодааст ва шумори зиёди онҳо вафот мекунанд. Як миллион нафари аҳолии кишвари Тайланд, ки ба 60 миллион мерасад, ба Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) мубтало шудаанд ва то имрӯз сеяки онҳо вафот намудаанд.

*(Aids Education Global information System, 2001).*

## Арзишҳои ахлоқӣ ва ҷинс дар Амрико дирӯзу имрӯз

Имрӯз миёни мардум дар бораи арзишҳои мавҷуд ихтилофҳои зиёде вуҷуд дорад, зеро баъзе падару модарон бар ин бовар ҳастанд, ки бояд воқеиятҳои нав қабул карда шаванд ва дар айни ҳол нигарони мубтало шудани фарзандон ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва ҳомиладории номатлуб ва аз даст додани шараф ва обрӯ онҳоро ранҷ медиҳад. Баъзе падару модарон ба хотири пешгирии хатарҳо ба таври ошкоро ба фарзандон масоили ҷинсиро таълим медиҳанд ва ҳатто гоҳо аз фароҳам овардани маълумот ва васоили ҳимоявӣ аз бемориҳои ҷинсӣ ва ҳомиладорӣ барои фарзандони навраси худ кутоҳӣ намекунанд.

Баъзе падару модарони дигар таълими масоили ҷинсӣ барои фарзандонро ба таври куллӣ намепазиранд, чун онҳо ба хубӣ дарк мекунанд, ки фароҳам овардани васоили манъи ҳомиладорӣ ба анҷоми алоқаҳои ҷинсӣ қабл аз издивоҷ ташвиқ мекунад. Ҳамин гуна онҳо медонанд ҷомеа мухолифи робитаҳои ҷинсӣ байни наврасон аст, зеро боз гузоштани дарвозаҳои шаҳвати ҷинсӣ дар овони наврасӣ робитаҳои инсонӣ ва тамаддунро зери хатар қарор медиҳад.

Пас масъулияти асосии ҷавонон ба даст овардани маълумоти лозим ва омода шудан ба зиндагии нек ва мустақил дар марҳалаҳои рушд аст ва беҳтарин роҳ барои анҷоми ин масъулият дурӣ ва иҷтиноб аз робитаҳои ҷинсии қабл аз издивоҷ аст. Баъзе бар ин назаранд, ки суҳбат оростан дар бораи масоили ҷинсӣ як амри ношоиста ва берун аз завқу ҳаваси солим аст, ва ҳатто баъзе мардум бар ин назаранд, ки озодона суҳбат намудан дар ин бора, агар ҳам ҳадаф нигоҳ доштани нафс бошад, маънои ташвиқ ба анҷоми онро дорад. Яке аз падарони намунавӣ мегӯяд: «Вақте мо инсонҳои болиғ як намунаи нек бошем ва худро бо рафтору ахлоқи ҳамида биороем, метавонем аз фарзандон талаб кунем, ки он гуна бошанд, ки мо мехоҳем».

Барои касе пӯшида нест, ки мо дар асре зиндагӣ дорем, ки ахлоқи ҷинсӣ ба поёнтарин нуқтаи худ расидааст, чи дар воқеият бошад, чӣ дар навиштаҷот. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба масоили ҷинсӣ дигар ҳамчун як кори нораво наменигаранд, зеро дар мактабҳо омӯзиш дода мешавад ва дар хонаводаҳо дар ин бора озодона суҳбат мешавад. Ҷавонон дар ҳоли ба вуҷуд омадани ангезаҳои шаҳвонӣ дарҳол таслими нафси худ шуда, монеае барои наздик шудан ба ҷавондухтаронро надоранд. Ҷавондухтар ниёз ба касеро дорад, ки бо ӯ ва пуштибони ӯ бошад. Имрӯз яке аз содатарин роҳи ба осонӣ расидан ба алоқаҳои ҷинсӣ фароҳам будани мошинҳо барои ҷавонон ва озодона ва бе монеа аз хона берун рафтани ҷавондухтарон аст. Вақте омилҳои расидан ба ангезаҳо ва хоҳишот ба баландтарин дараҷа ва назорату роҳнамоӣ ба поёнтарин

нуқтаи худ расидааст, чӣ гуна аз ҷавонон тавақуи риоя кардани қоидаҳои ахлоқиро дошта бошем?

Дар гузашта ҷавондухтарон соҳибахлоқ буданд ва ҳамеша талош мекарданд иффати худро аз даст надиҳанд. Агар ҳам дӯстписари яке аз онҳо барои наздикӣ исрор меварзид, танҳо ба оғӯш гирифтанро иҷозат медод ва ин ҳалли миёнае буд, ки ҷомеа онро қабул дошт. Аммо дар замони мо аксари наврасон инро қабул надоранд ва навҷавонон аз ин тарзи робитаҳо хушашон намеояд, зеро телевизор, филмҳо ва маҷаллаҳо онҳоро ба ифрот дар алоқаҳои ҷинсӣ ташвиқ менамояд ва ҷавондухтарон низ онро барои худ басанда намедонанд, чун онҳо василаи бозӣ қарор гирифта, оташи шаҳваташон бо он хомӯш намегардад.

Ҷавондухтароне, ки дар овони таҳсил бакорату покдомании худро ҳифз намудаанд, мувоҷеҳи мушкилот мешаванд, зеро ҷавонписарон бо онҳо дӯстӣ намекунанд, ҷавондухтарон онҳоро “инсонҳои қадимӣ” медонанд ва онҳо, ки “мехоҳанд тану нафси худро барои шавҳарони ояндa ҳифз намоянд” худро дар гӯшаи танҳоӣ мебинанд. Ҳамин гуна шакку шубҳа вориди қалби духтари покдоман мегардад ва ӯ гумон мекунад, ки робитаҳои номашрӯъ як амри табиист ва ӯ танҳо касест, ки дар муқобили ангезаҳо истодааст. Мутаассифона, имрӯз баъзе духтарон алоқаҳои ҷинсии номашрӯъро на барои баровардa сохтани хоҳишоти нафс, балки аз сабаби қарор гирифтан зери фишори муҳит анҷом медиҳанд. Аз ҷумлаи масоиле, ки ин мавзӯъро боз ҳам печидатар мекунад, ин аст, ки дар гузашта духтарон аз тарси ҳомиладорӣ иффату покдомании худро ҳифз менамуданд, аммо имрӯз баъд аз фаровон шудани васоили гуногуни манъи ҳамл дар дуконҳо ва марказҳои савдо ва тақсими бепули рифола дар баъзе мактабҳо ва калисоҳо расидан ба хоҳишоти нафсонӣ боз ҳам осонтар шудааст. Ҷейсони 18-сола ба падараш, ки ба донишгоҳ ба дидани ӯ омада буд, дар бораи ҳаёт ва муҳаббат гуфт: “Фарқ байни писарон ва духтаронро фаҳмидам. Духтарон алоқаи ҷинсиро барои ишқу муҳаббат анҷом медиҳанд ва писарон муҳаббатро ҳамчун васила барои расидан ба хоҳишот ва лаззат қарор медиҳанд». Ва гӯё ба забони ҳоли онҳо гуфт: “Онҳоро дӯст бидор, лаззат бубар ва сипас тарк кун”. Падараш аз ӯ пурсид: “Вақте ту ва дӯстонатон барои духтар ишқро ҳадя мекунед ва сипас онҳоро тарк мекунед, ҳоли ин духтарҳо чӣ мешавад?” Ҷейсон дар посух гуфт: “Ин вазифаи ман нест, ки пас аз ин ҳоли онҳо чӣ мешавад, ман кӯшиш мекунам худамро машғули ин андешаҳо накунам”. Падараш ба ӯ гуфт: “Бисёр хуб, ба ин масъала фикр кун. Дар шарқ мегӯянд: «Агар мардеро аз марг наҷот додӣ, масъули ҳаёти ӯ шудӣ». Ҳамин гуна агар нақшае барои фиреби духтаре кашидӣ, пас ту масъули эҳсосоти ӯ ҳастӣ”. Сипас падар ба писараш Ҷейсон бар ин қоидаи асосӣ ишора намуда, гуфт:

“Садоқат ва масъулиятшиносӣ ба тамоми робитаҳои башарӣ вобастагӣ дорад ва тамоми ҳолатҳо ва бархӯрдҳо, чӣ осон бошанд ва чӣ душвор, чӣ иҷтимоӣ бошанд ва чӣ ҷинсӣ, шарофат, покӣ ва вафодории шахсиро тақозо мекунанд”.

## Тасаввуроти баъзе модарону духтарон дар бораи масоили ҷинсӣ дар Амрико

Ҳайрат ва сардаргумии наврасон дар бораи масоили ҷинсӣ дар як ҳолати афзоиши ҳамешагӣ қарор дорад, зеро онҳо ба роҳнамоии муносиб аз тарафи падару модар ва муаллимон зарурат доранд ва дар ин чанд нуқтаи зер мисолҳо аз гуфтаҳои наврасон дар ин бораро зикр хоҳем кард:

- Салмои 16-сола мегӯяд: “Наметавонам аз модарам дар бораи масоили ҷинсӣ пурсам, зеро агар аз ӯ чунин савол кунам, дарҳол маро мавриди баррасӣ қарор дода, бо исрор аз ман мепурсад: «Чаро мехоҳӣ инро бидонӣ? Шояд ту чунин ва чунон кардан мехоҳӣ?”
- Ҷулиети 14-сола мегӯяд: “Модари ман ба ин гумон аст, ки чизе надонистан дар бораи масоили ҷинсӣ худ ба маънои покӣ аст ва агар чизе аз ӯ дар ин бора пурсам, девона гашта, ба ман мегӯяд: “Шавҳари ояндаат худаш ба ҳар саволат ҷавоб хоҳад дод”.
- Луиси 18-сола мегӯяд: “Ман аз падару модарам маълумоти нодуруст мегирам. Яке мегӯяд: «Набояд чунин кард, ки худро дар тангно қарор хоҳӣ дод”. Ва дигаре мегӯяд: “Донаро бояд дар овони ҷавони кишт намоӣ”. Умедворам, падару модарон қарори худ дар бораи масоили ҷинсиро қабул намоянд. Агар он як масъалаи хуб бошад, бароямон бигӯянд ва агар чизи баде бошад, моро фиреб надиҳанд, ангезаҳои шаҳвонии моро зиёд накунанд ва моро сардаргуми он нагардонанд”.
- Ҷошуаи 15-сола мегӯяд: “Падарам аз мо мехоҳад ҳамеша содиқ ва ошкорбаён бошем, аммо чун сухан дар бораи масъалаҳои ҷинсӣ оғоз гардад, кор ранги дигар мегирад. Ин яке аз мавзӯъҳоест, ки намехоҳад бо ӯ дар ин мавзӯъ ошкоро суҳбат карда шавад”.
- Ҷонатани 22-сола мегӯяд: “Ҷавонписарони донишгоҳ бар ин назаранд, ки ҷинс рамзи мардонагӣ ва пухташавии мардон ва барои духтарон замонати иҷтимоӣ бар зидди надоштани маъруфият ва танҳоӣ аст”.
- Наврасе дар бораи мушкилии ҷинс мегӯяд: “Агар филми мазҳака бинам, механдам. Агар филми андӯҳгин бинам, мегирям. Ва агар бо чизе мувоҷеҳ шавам, ки маро ба ғазаб меорад, фарёд мезанам. Аммо агар филмеро бинам, ки ангезаи шаҳвониамро мебардорад, бояд чӣ кор кунам?”

Баҳсу мунокишаҳои мазкур ба зарурати тарбияи ҷинсии муносиб ишора мекунанд, то ин ҷаҳолате, ки дар ҷомеа ҳукм меронад, муолиҷа шавад. Ҷомеа наметавонад бо сукути манфии худ майдонро ба телевизору маҷаллаҳо, интернет ва телефонҳои мобилӣ вогузорад, то онҳо меъёрҳои марбут ба ҷинс ва арзишҳои онро ба гунае, ки мехоҳанд, шарҳу тавзеҳ намоянд.

## Чаро яке аз утодони машҳури Амрико тарки ин кишварро беҳтар донист?

Яке аз устодони Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия қиссаеро накл мекунад:

Рӯзе писар, ки дар синфи сеюми ибтидоӣ дар вилояти Мичигани Амрико мехонд, ба хона омада ҳодисаи яке аз ҳамсинфон ва дӯстдухтарашро, ки чӣ гуна ба таври комил алоқаи ҷинсиро анҷом доданд, бо тафсил баён намуд. Ва падар дарҳол ашё ва панҷ фарзандони худро ҷамъ намуда, тарки Амрико кард. Таълими масоили ҷинсӣ бе арзишҳои ахлоқӣ наслеро ба вуҷуд овардааст, ки ғарқи робитаҳои ҷинсии номашрӯъ аст ва фарҳангеро ба миён овардааст, ки дар он расидан ба хоҳишоти нафс бисёр осон аст. Акнун барои бисёри мардум парҳез ва роҳи бурунрафт аз он як амри мушкил ва ғайритабиӣ ба шумор меояд, зеро тасвири масоили ҷинсии нодуруст бисёр ангезанда ва ба таври васеъ интишор ёфтааст.

## Бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар Амрико ва Англия

Шояд наврасон ба бемории монону-клеоз, ки баъзе онро “бемории бӯсидан” меноманд, мубтало гарданд, зеро ин беморӣ аз сабаби бӯсидани инсонҳо ҳамдигарро ба вуҷуд меояд, ки он ба ҷигар ворид гашта, инсонро ба муддати ҳафтаҳо бистарӣ менамояд.

Бемориҳои сироятии дигаре вуҷуд доранд, ки аз роҳи алоқаҳои ҷинсӣ ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла:

- Бемории сӯзок (гонорея), ки имкони бефарзандии мардон ва занонро дорад.
- Бемории герпес, ки сабаби зоҳир шудани обилаҳои дарднок дар аъзои таносулӣ гашта, дар тули ҳаёт борҳо ва борҳо зоҳир мегарданд.
- Бемории сифилис, ки тақрибан ба тамоми аъзои бадани инсон зарар мерасонад, бавижа ба майнаи сар.
- Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД), ки сабаби марги оҳиста ва дарднок барои инсон аст. Шоёни зикр аст, ки муолиҷа бо доруҳои зиддиретровирусӣ шояд зоҳир шудани Бемории Норасоии Масунияти Баданро ба муддати солҳо ба таъхир андозанд, вале онро аз байн намебаранд.

Иҷтиноб аз робитаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷи машрӯъ бузургтарин замонат барои зану шавҳар барои дур мондан аз бемориҳои таносулӣ аст. Бемориҳои сироятии ҷинсӣ асосан аз тариқи робитаҳои ҷинсии касоне ба вуҷуд меоянд, ки издивоҷ намекунанд ва бо ҳар касе, ки мехоҳанд, робита барқарор менамоянд ва ё байни зану шавҳаре, ки ба ҳамдигар хиёнат карда, бо бегонагон алоқаҳои ҷинсӣ анҷом медиҳанд. То соли 1940 танҳо ду беморӣ, сӯзок ва сифилис, вуҷуд дошт, ки дар асоси робитаҳои ҷинсӣ интишор ёфта буданд. Танҳо бо гузашти чанд сол ва дар як муддати кӯтоҳ чанд бемории дигаре ба қайд гирифта шуд, ки бо гузашти замон муолиҷаи онҳо душвортар мегардад, аз ҷумла то ҳол табобати таъсирбахш барои Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) ва герпес вуҷуд надорад. Ҳама ин мубтало шуданҳо ва бемориҳо ишорате аст ба мардум, то аз каҷравиҳо ва берун аз табиату фитрати пок қадам гузоштан худро нигоҳ доранд.

Аз Абдулло ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд:

***“Дар ҳар қавме, ки зино ва фоҳишагӣ зоҳир шавад ва онро ошкор бисозанд, дар байни онҳо вабо ва бемориҳое паҳн мешавад, ки гузаштагони онҳо чунин бемориҳоро надидаанд”***

***(Байҳақӣ).***

Робитаҳои ҷинсии номашрӯъи қабл аз издивоҷ мушкилоти ҷинсӣ ва рӯҳӣ, саратони бачадони зан ва ҳомиладорӣ дар наврасиро ба бор меоранд. Робитаҳои ҷинсӣ қабл аз рушди аъзои таносулӣ инсонро дар маърази хатарҳои гунон қарор медиҳанд, ки гоҳо таъсири он ба бемориҳо ва зарарҳои дарозмуддат анҷом меёбад. Яке аз сабабҳои гирифторӣ ба саратони бачадон тамоку кашидан ва робитаҳои ҷинсӣ бо ашхоси гуногун дар наврасӣ аст. Барои занҳое, ки дар маърази ин хатар қарор доранд, бояд ташхиси оддии бачадон намоянд.

*(Cancer Research U.K).*

Дар гузориши ҷамъияти *“American Sexual Health Association”* омадааст, ки дар соли 2008 харҷи бимаи саломатӣ дар натиҷаи зиёд шудани теъдоди мардону занони мубтало ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ боло рафтааст, зеро наздик ба 110 миллион шахси мубтало ба ин бемориҳо ба қайд гирифта шудааст. Ҳар сол яке аз ҳар чаҳор ҷавони зери 20 сол ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ мубтало мегардад. Чуноне, ки ҷамъияти мазкур зикр мекунад, ҳадди ақал 15% сабаби бефарзандии занҳои нозойи Амрико илтиҳоби каналҳои коси хурд аст, ки дар натиҷаи муолиҷа накардани бемориҳои сироятии ҷинсӣ сурат мегирад.

Дар соли 2012 дар Амрико 1 422 976 ҳолати бемории хламидиоз ва 334 826 ҳолати гирифторӣ ба бемории сӯзок, ғайр аз дигар бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ба қайд гирифта

шудааст, ки ҳануз хавфи боз ҳам бештар паҳн гардидани Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) боло меравад. Дар Англия дар соли 2014 наздик ба 440 000 ҳолати ибтило ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ сабт шудааст, ки дар байни ин навъи бемориҳо аз ҳама бештар бемории хламидиоз ба қайд гирифта шудааст. Дар даҳсолаи охир паҳншавии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ба монанди сӯзок, сифилис, зигили таносулӣ, псориаз ё герпес бештар гардидааст, бахусус байни мардҳо. Мардоне, ки мардони дигар алоқаи ҷинсӣ анҷом медиҳанд, аз ҳама бештар дар маърази хатари гирифторӣ ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ қарор мегиранд. Дар соли 2013 ва 2014 нисбати гирифторӣ ба бемории сифилис 46% ва ба бемории сӯзок 32% боло рафтааст, ки мардҳо 81% мубталоён ба сифилис ва 52% мубталоён ба бемории сӯзокро ташкил доданд.

*(Public Health England).*

Омори шифоёбӣ аз бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нисбат ба дигар кишварҳои саноатӣ болотар аст, вале ҳанӯз 20 милллион мубталои нав ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ вуҷуд доранд, ки аз ҷумла наздик ба 40% онҳо ҷавондухтарони зери 20 сол ҳастанд. Бемориҳои сироятии ҷинсӣ гоҳо сабаби бефарзандӣ ё марги инсонҳо мешавад.

*(Office of Adolscent Health).*

## Ҳомиладории наврасон дар Амрико

Ҳамбистарӣ қабл аз издивоҷ (зино) яке аз шаклҳои таҷовузи ҷинсӣ ба шумор меравад, ки эҳтимоли зиёди ҳомиладор шуданро, бавижа барои наврасон, ба бор меорад. Бо вуҷуди истифодаи густардаи васоили манъи ҳамл, боз ҳам ҳолатҳои зиёди ҳомиладорӣ дар миёни модарони бешавҳар ба вуқӯъ мепайванданд, ки як воқеаи ҳалокатбор барои наврасон ба шумор меравад. Ҷавондухтарон дар ҳолати садамаи бузурги равонӣ маҷбур ҳастанд байни ду мусибат якеро интихоб намоянд: исқоти ҳамл ё барои ҳамеша модари тифли бепадар шудан. Бо вуҷуди кам шудани омори ҳомиладории наврасон дар Амрико, ки баландатарин ҳолати он дар соли 1991 буд, дар соли 2013 аз 273 105 кӯдаке, ки аз модарони 15-19-сола ба дунё омадаанд, наздик ба 89% онҳо аз зино ва робитаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷ будааст (Маълумоти Марказҳои ИМА оид ба назорат ва пешгирии бемориҳо (CDC), ки аз ҷониби Дафтари саломатии наврасон нашр шудааст).



**Дар ниҳоят эътироф мекунам...**

Дар даврони донишҷӯиям дар Донишгоҳи Ливерпули Англия дар нимаи аввали солҳои 1960 дӯсти мусулмоне доштам, ки бо духтарони англис мегашт. Бо ӯ борҳо дар бораи хатарҳои ишқварзӣ суҳбат мекардам, аммо ба ӯ суде намебахшид. Ӯ пас аз се соли ишқварзиҳо рӯзе ба ман гуфт: "Ту ва ҳамсарат вақте издивоҷ намоед, хушбахт хоҳед буд, зеро ту ва ҳамсарат боиффат ҳастед. Вақте шумо нахустин алоқаҳои ҷинсиатонро оғоз мекунед, лаҳзаи муҳим ва боарзиши ҳаёти ширини шумо мебошад. Аммо вақте ман агар издивоҷ намоям, ҳамсарам бароям монанди яке аз ҳамон духтароне хоҳад буд, ки бо онҳо ҳамхобагӣ кардаам. Дар алоқаи ҷинсии байни ману ӯ ҳеҷ чизи хоссе нахоҳад буд ва шояд ҳам ҳамсарам ҳамеша аз ман шубҳа намояд".

## Тарзи ҳаёти наврасони ҳомиладори амрикоӣ ва интихоб байни исқоти ҳамл ва фарзандхондагӣ.

Маркази Конференсияи миллии қонунгузорони иёлот (NCSL) собит намудааст, ки танҳо 40% модарони наврас марҳалаи мактабҳои миёнаро ба поён мерасонанд. Аз се ду ҳиссаи оилаҳое, ки аз наврасон ташкил шудаанд, дар фақр зиндагӣ мекунанд ва яке аз ҳар чаҳор оила дар се соли аввали таваллуди тифл барои пешбурди зиндагӣ аз кумакҳои ҳукуматӣ бархӯрдор мешавад. Тарзи таҳсили фарзандони модарони наврас нисбат ба фарзандони модарони болиғ аз чанд ҷиҳат дар сатҳи паст қарор дорад. 50% онҳо дар хатари дубора хондани соли таҳсил қарор мегиранд ва ҳатто эҳтимоли ба таври комил бозмондан аз таҳсилро низ доранд. Онҳо аз ҳама бештар дар хатари гирифторӣ ба мушкилоти саломатӣ, зиндонӣ ва ҳомиладорӣ дар марҳалаи наврасӣ ва ба бекорӣ дар марҳалаи ҷавонӣ қарор хоҳанд гирифт (Saul Hoffman, et al).

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳар сол миллиардҳо доллар барои кумаки молӣ ва саломатӣ ба модарони наврас сарф менамояд.

**Фарзандони номашрӯъ ё падарону модарони номашрӯъ?**

Номашрӯъ хондани тифлакони пок ва маъсум як амри норавост. Фарзанди номашрӯъ вуҷуд надорад, балки танҳо падару модарони номашрӯъ вуҷуд доранд, ки ба худ ва ба фарзандони маъсуми худ зулм менамоянд.

## Ҳукми исқоти ҳамл аз дидгоҳи Ислом

Фурсат аз даст рафтааст! Вақте падару модар аз ҳомиладории духтари худ огоҳ мешаванд, ҳамчун падар ва модар барои ҳалли ин мушкил чӣ метавонанд кард? Ҳикмат ҳаминро тақозо мекунад, ки пеш аз ҳама тести биологӣ (ДНК) гирифта шавад, то шахсияти падари тифл муайян гардад ва бо ҳам издивоҷ намоянд ва ба ӯ ҳамчун як модари бошарофат назар карда шавад.

Духтарони ҳомиладоре, ки медонанд тарбияи тифл ба танҳоӣ дар тавони онҳо нест, рӯ ба исқоти ҳамл меоранд. Пас аз ба вуҷуд омадани ҷанин дар раҳм духтарон ба гумони ин, ки исқоти ҳамл як амри оддӣ ва муқарарӣ асту ҷанин як ҷони зинда ба шумор намеравад, ҷустуҷӯи табибонеро сар мекунанд, ки дар куштани ҷанин ва исқоти ҳамл ба онҳо кумак кунанд. Аз ҳамон лаҳзаи пайвастани оби мард дар раҳми зан зиндагӣ оғоз гардида, рӯ ба инкишоф мениҳад, то ба шакли як инсони комил анҷом меёбад. Зимнан дар Қуръони карим омадааст:

***“Ва аз бими дарвешӣ фарзандони худро накушед! Мо ба шумо ва онҳо рӯзӣ медиҳем. Ва ба корҳои зишт чӣ пинҳону чӣ ошкоро наздик нашавед! Ва касеро, ки Худо куштанашро ҳаром кардааст, ғайри ба хақ макушед! Ин ҳукм аст, ки шуморо ба он супориш намудааст, бошад, ки хирад варзед!”***

***(Анъом, 151).***

***“Ва онон, ки бо Худои якто худои дигаре намегиранд ва касеро, ки Худо куштанашро ҳаром карда, ба ғайри ҳақ намекушанд ва зино намекунанд. Ва ҳар кӣ ин корҳо кунад, уқубати гуноҳи худро мебинад”***

***(Фурқон, 68).***

Дар ҳадиси шариф омадааст, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

***“Хилқати яке аз шумо дар шиками модараш дар 40 рӯз ҷамъ мешавад, сипас ба андозаи ҳамин муддат лахтаи хун мегардад, сипас ба андозаи ҳамин муддат гӯштпора мешавад ва сипас фаришта фиристода мешавад ва дар ӯ рӯҳро медамонад”***

***(Муслим).***

Аз ин ҳадиси шариф бармеояд, ки рӯҳ дар вуҷуди ҷанин то чаҳормоҳагӣ дамида намешавад ва агар ҳодисае ба вуқӯъ ояду ҷанин баъд аз чаҳормоҳагӣ ба сабабе бимирад ва ё исқоти ҳамл шавад, бояд пас аз номгузорӣ бар ӯ намози ҷаноза гузошта, сипас гӯронида шавад.

Ислом ба мо раҳмату меҳрубонӣ ва эҳтироми инсонро меомӯзонад ва мегӯяд, ки ҳар як инсон ҳаққи зиндагӣ дорад (магар ин, ки муртакиби ҷинояти бузург шуда, аз рӯи қонун эъдом гардад), ки ба он ҳаққи ҳаёт гуфта мешавад ва ин ҳамон ҳаққе аст, ки Парвардигор онро барои

ҳама додааст. Бинобар ин аст, ки исқоти ҳамл бе узри мақбул, чуноне аксари уламо бар ин назаранд, аз ҷумлаи ҷиноятҳо ба шумор меравад, чун исқоти ҳамл баробар ба куштани як ҷони бегунох аст.

Ягона ҳолате, ки барои зан иҷозати исқоти ҳамл дода мешавад, замонест, ки идомаи ҳомиладорӣ ва таваллуди фарзанд, бар асоси ташхиси табибон, ба ҳаёти модар хатар эҷод мекунад. Баъзе фақиҳон дигар ҳолатҳои иҷозати исқоти ҳамлро низ зикр мекунанд, аз ҷумла нақсу бемории худи ҷанин (бемориҳое, ки дигар умеди шифо аз он нест), таҷовузи ҷинсӣ ва зинои маҳрам ва он ҳам ба шарте, ки ҷанин аз чор моҳ калонтар набошад, ки дар ин сурат куштани ҷон ба шумор меояд. Бинобар ин фақиҳон барои исқоти ҳамл пас аз чаҳормоҳагӣ шартҳои устувор гузоштаанд. Исқоти ҳамл, чӣ қабл аз чаҳормоҳагӣ бошад чӣ баъди он, бояд пас аз машварат ва гирифтани дидгоҳи фақиҳон ва мутахассисони ин соҳа сурат гирад. Аз ин ҷо бармеояд, ки дини Ислом ба ҳеҷ ваҷҳ ва дар ҳеҷ ҳолат ба исқоти ҳамл ташвиқ намекунад. Бинобар ин аст, ки барои он як низомномаи устувор гузошта шудааст, ки дар ғайри он исқоти ҳамл ба асли худ бармегардад, яъне ба ҳаром будан. Дини Ислом бар ин назар аст, ки бояд ҳатто ба тифли дар раҳм эҳтиром гузошта шавад ва аз ҳар дастдарозӣ ба он ҳимоя гардад. Исқоти ҳамл, чуноне, ки дар боло зикр гардид, дар ҳолатҳои хос ҷоиз мегардад, ки танҳо уламо ба он иҷозат медиҳанд, монанди бартараф намудани хатар аз ҳаёти модар ва ғайра.

Агарчи исқоти ҳамл дар баъзе ҳолатҳои нодир дар баъзе мазҳабҳо ҷоиз аст, аммо он ҳамчун як васила барои маҳдуд сохтани насл ва ё ба ҳадафи кам кардани хароҷоти иқтисодӣ мамнуъ аст. Аммо агар ҷавондухтар бихоҳад, ки тифли дар раҳмашро нигоҳ дорад ва онро ба дунё биёрад, ӯ соҳиби як фарзанди бепадар мешавад ва ин вазъият сахтиҳои бузргеро барои модари бесарпараст ва тифли бепадар ба вуҷуд меорад.

## Ҳукми фарзандхонӣ аз дидгоҳи Ислом

Пас аз он, ки падару модар тамоми саъйу талоши худро барои боздоштани фарзандон аз робитаҳои ҷинсии номашрӯъ менамоянд, аммо ногаҳон дар хона набераашонро мебинанд, дар ин ҳолат чӣ кор бояд кунанд? Оё фарзандхонӣ ягона роҳи ҳал аст?

Қабл аз посух ба ин савол бояд баён намоем, ки фарзандхонӣ чӣ маъно дорад ва ҳукми он чист? Фарзандхонӣ ду навъ аст:

Якум: Инсон ба насаби худ фарзанди бегонаеро илова намуда, бо ӯ ҳамчун як фард аз насли худ тамоми ҳуқуқи фарзандиро медиҳад.

Чунин фарзандхонӣ бо матнии саҳеҳи Қуръони карим дар Ислом ҳаром аст. Фарзандхонии Расулул-

лоҳ (с) Зайдро, ки қабл аз Ислом ҷоиз буд, Худованд бо ин ояти карима ботил намуд:

*“Ва фарзандхондагонатонро фарзандонатон насохт. Инҳо чизҳоест, ки ба забон мегӯед ва сухани ҳақ аз они Худост ва Ӯст, ки роҳ менамояд. Писархондагонро ба номи падарашон бихонед, ки дар назди Худо мувофиқи инсоф аст. Агар падарашонро намешиносед, бародарони динӣ ва маволии (дӯстони) шумо бошанд. Агар пеш аз ин хатое кардаед, боке нест, магар он, ки ба қасди дил кунед. Ва Худо бахшояндаву меҳрубон аст!”*

*(Аҳзоб, 4-5)*

Ҳадиси зер далолат ба ҷоиз набудани фарзандхонии насабиро дорад, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

*“Фарзанд аз бистари хоб аст (яъне аз роҳи алоқаи ҷинсии машрӯъ ба дунё омадааст) ва барои зинокор ноумедӣ аст”*

*(Бухорӣ).*

Фарзанди аз зино ба модар ва аҳли хонадони ӯ нисбат дода мешавад.

Дуюм: Инсон дар қатори фарзандони худ кафолат ва нигоҳубини тифли бегонаеро бар дӯши худ мегузорад, аммо ба ӯ насаби худро намедиҳад.

Фақиҳон ин шакли аз фарзандхониро дар боби “Ёфтшудагон ва гумномон” мавриди баҳс қарор додаанд, ки дар умум онро як амали шоиста ва аз боби кумак ва меҳрубонӣ медонанд. Дар ин навъи фарзандхонӣ фоидаҳое барои ҳар ду ҷониб дида мешавад, яъне ҳам барои шахси фарзандхон ва ҳам барои тифл, ки ба маънои наҷот додани ӯ аз зоеъ шудан ва бесарпаноҳӣ аст. Ҳамин гуна як амали шоиста дар баробари фарзандоне аст, ки гумном ҳастанд ва гуноҳе надоранд, ҳатто агар ҳам аз зино ба дунё омада бошанд. Худованд мефармояд:

*“Ва ҳар кас танҳо ҷазои кори худро мебинад. Ва касе бори гуноҳӣ дигареро бар душ намекашад”*

*(Анъом, 164).*

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

*“Бар дӯши фарзанде, ки аз зино ба дунё омадааст, чизе аз гуноҳи падару модар ӯ нест”*

*(Мустадрак).*

Фарзандхонӣ барои инсонҳои бефарзанд табиати модарию падариро медиҳад, ҳатто фақиҳон фаротар аз ин рафта, зери тарбия гирфтани фарзандони гумшударо як фарзи кифоя барои тамоми ҷомеа медонанд, чун дар тарки он дар маъразн ҳалок қарор додани як тани бегуноҳ аст. Барои шахсе, ки

нигоҳубини тифлро бар дӯши худ мегирад, фақиҳон яке аз шартҳои он тавони тарбияи ӯро донистаанд, зеро ӯ амонатест, ки бояд уро ҳифз кард ва давлат пардохти ҳаққи нигоҳубини ӯро ба ухда хоҳад дошт.

На ҳама фарзандони фарзандхондашуда ин қадар хушбахтанд, ки бо оилаҳои хуб зиндагӣ кунанд, бархе аз толеъи паст дар ятимхонаҳо тарбия меёбанд ва ё аз як марказ ба маркази дигар интиқол дода мешаванд ва шояд ҳам аз муомилаҳои бади он ҷо ранҷ бибаранд. Дар баъзе ҷомеаҳо вақте дониста мешавад, ки тифл номашрӯъ аст, хоҳ писар, хоҳ духтар, мавриди озор ва зери борони суханҳои зишт қарор мегирад. Одатан ӯро байни худ дидан намехоҳанд ва гоҳо онҳо аз сабаби чунин бархӯрдҳо носолим тарбия меёбанд. Имрӯз баъзе муассисаҳои тарбиявӣ ба хотири мавриди озору азият ва зери фишорҳои иҷтимоӣ қарор нагирифтан барои онҳо деҳаҳои кӯдаконаи SOS ташкил медиҳад.

Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё фарзандхонда ба падархондааш нисбат дода мешавад? Қуръон насабро як амри бисёр муҳим медонад ва тақаллуб дар ҳувияти шахсиро ҳаром қарор додааст.

Агар падари биологии кӯдак маълум набошад, дар ин ҳолат Қуръони карим баён доштааст, ки онҳо барои шумо бародарон ва хоҳарони динӣ ва дӯстони наздик ҳастанд ва метавон ба ӯ насаби оилавии (фамилия) худро дод, ки мақсуд насаби ҳақиқӣ ва номи падар (отчество) нест, балки ба хотири пайдо кардани шарофат ва қабулият дар ҷомеа аст. Расулуллоҳ (с) барои мо намунаи зебои амалиро нишон дод, вақте Зайнаб (духтари аммаи худ) ҳамсари фарзандхондааш Зайдро, ки талоқаш карда буд, ба занӣ гирифт, то ба мо таъкид ба бародариву эҳтирому шарофати инсонӣ намояд.

***“Пас чун Зайд аз ӯ ҳоҷати худ баровард, ба ҳамсарии туаш даровардем, то муъминонро дар заношӯӣ бо занони фарзандхондагони худ, агар ҳоҷати худ аз ӯ бароварда бошанд, манъе набошад”***

***(Аҳзоб, 37).***

Метавон ҳаммонандӣ дар муомилаи золимонаи фарзандхонӣ бо пинҳон кардани насаби тифл дар замони қабл аз Ислом ва то асри XXI-ро мушоҳида намуд, зеро нисбат додани тифл ба падаре, ки ӯро ба фарзандхонӣ гирифтааст, дар даврони ҷоҳилият низ ба таври густарда ривоҷ ёфта буд. Бояд ба ин раванд хотима дода шуда, фарзандон ба падарони ҳақиқӣ ва биологии худ, агар шахсияташон маълуд бошад, нисбат дода шаванд. Муҳимтар аз ҳама, бояд чизе, ки барои онҳо беҳтар аст, ба онҳо дода шавад ва ҳуқуқу кароматӣ онҳо, ҳамон гуна, ки дар урфу одатҳои қавми худи онҳост, ҳимоят карда шавад.

## ТАРБИЯИ ҶИНСӢ ДАР ИСЛОМ

Дини Ислом иқрор мекунад, ки Худованд ҳоҷати ҷинсиро офаридааст. Қуръони карим ва суннати набавӣ бе таарруз ба ҳаё ва муруввату кароматӣ инсонӣ онро дар доираи издивоҷ ва ҳаёти оилавӣ мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор додаанд. Ислом бо зан ҳамчун як василаи лаззати ҷинсӣ бархӯрд намекунад, балки бо ӯ боэҳтиром ва шарофатмандона дар доираи робитаҳои такмилкунандаи ҳоҷатҳои инсонӣ ва бо иродаи Худованд бархӯрд менамояд. Алоқаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷи ҳалол гуноҳе аз гуноҳони кабира аст, ки барои он ҷазо муайян шудааст ва бар хилофи он барои робитаҳои ҷинсии байни зану шавҳар дар доираи издивоҷи шаръӣ монанди дигар ибодатҳо подош дода мешавад. Қонунҳои исломии вобаста ба ҷинс возеҳу равшан, табиӣ ва тағйирнаёбанда ҳастанд ва бо фишору дигаргун шудани арзишҳои ҷомеа ва дигар қонунҳо низ тағйир намеёбанд. Ҳифзи бакорат ва покдоманӣ то замони издивоҷ яке аз фазилатҳои лозимӣ ва ҳатмӣ барои зани мусалмон аст, бар хилофи баъзе ҷомеаҳои имрӯз, ки ҳифзи бакорат ва иффат то издивоҷро камбуди духтар медонанд. Худованд мефармояд:

> ***“Оё шуморо аз обе пасту бемиқдор наёфаридаем? Ва онро дар ҷойгоҳе устувор қарор надодем, то замоне муайян? Пас Мо тавоно будем ва нек тавоно будем!”***
>
> ***(Мурсалот, 20-23).***

> ***“Ва ба зино наздик машавед. Зино коре зишт ва роҳе нописанд аст!”***
>
> ***(Исро, 32).***

Инчунин Расулуллоҳ (с) алоқаҳои занушавҳариро амале номидааст, ки ба инсон барои он низ подош дода мешавад. Лутфу карами Худованд барои бандагонаш беандоза бузург аст, чун ҳатто вақте инсон шаҳваташро барои лаззати худ ва дар доираи издивоҷи шаръӣ ва аз рӯи ҳалол бароварда месозад, савоб мегирад. Ин ҷо ҳикмат аз фармудаи Расулуллоҳро (с) дарк менамоем:

> ***“Дар ҳамбистарии яке аз шумо садақа аст. Саҳобагон гуфтанд: Эй Расули Худо! Яке аз мо қазои шаҳват менамояд ва ба сабаби он ба ӯ савоб дода мешавад? Фармуданд: Агар онро аз роҳи ҳаром анҷом диҳад, оё барояш гуноҳ нест? Ҳамин гуна агар онро аз роҳи ҳалол анҷом диҳад, барояш савоб аст”***
>
> ***(Муслим).***

Расулуллоҳ (с) хатари бозгӯ кардани алоқаҳои заношӯиро ба дигарон чунин баён намудаанд:

> ***“Яке аз касоне, ки дар рӯзи қиёмат бадтарин мақом назди Худованд дорад, марде аст, ки бо ҳамсари худ ҳамбистарӣ мекунад ва сипас моҷарои онро ба дигарон фош месозад”***
>
> ***(Муслим).***

Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки фармуданд:

***“Вақте бо Расулуллоҳ (с) зери як кӯрпа будем, ман ҳайз дидам ва оҳиста аз паҳлуи Расулуллоҳ (с) бархоста, либоси ҳайзамро гирифтам. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) ба ман гуфт: «Туро чӣ шуд, оё ҳайз дидӣ?» Гуфтам: «Бале» ва дубора паҳлуи Расулуллоҳ (с) зери кӯрпа даромадам”***

***(Бухорӣ).***

Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки шабе оҳиста аз бистари хоб берун шуда, хостанд паҳлуи Расулуллоҳро (с) тарк намоянд. Чун Расулуллоҳ (с) аз ҳоли ӯ огоҳ шуд, аз ӯ хост худро бипӯшонад ва ӯ дубора дар паҳлуи Расулуллоҳ (с) хоб рафтанд, чуноне Расулуллоҳ (с) ва ҳамсараш Оиша (р) одати “якҷо зери як кӯрпа хоб рафтан”-ро доштанд. Аҳодиси зиёде дар ин бора омадааст, ки метавон шуморе аз онҳоро ин ҷо зикр намуд:

Оиша (р) мефармоянд:

***“Расулуллоҳ (с) дар оғӯши ман, дар ҳоле, ки дар ҳолати ҳайз будам, такя зада Қуръон мехонд”***

***(Муслим).***

***“Ҳар корро кунед ба ҷуз алоқаи ҷинсӣ”***

***(Муслим).***

Қуръони карим алоқаи байни зану шавҳаро васф намуда, мефармояд:

***“Онҳо пӯшиш (либос)-и шумоянд ва шумо пӯшиши (либос)-и онҳоед”***

***(Бақара, 187).***

Дар ин ояти муборак ташбеҳи маҷозӣ ба либос як амри шахсӣ аст, яъне ҳамон гуна, ки либос ба бадан бисёр наздик ва ба он мечаспад, зану шавҳар ҳам бояд монанди он ба ҳамдигар бисёр наздик бошанд ва бо ғилофи ҳаё, сатр ва тақво худро бипӯшонанд. Ҳамчунин бояд зану шавҳар барои баровარда сохтани хоҳишот ба ҳамдигар бисёр наздик бошанд, ҳамон гуна, ки бояд яке барои дигар зебоиҳои ҳиссӣ ва маънавии худро зоҳир намояд.

Алоқаи ҷинсӣ ифодагари муҳаббат аст, ки яке бидуни дигар комил намешавад. Бинобар ин шавҳар бояд ҳамсарашро ба масоили вобаста ба ҳаёти ҷинсӣ хабар намояд, бавижа аз ҳолатҳое, ки барояш хушоянд ҳастанд ва ё ҳолатҳоеро, ки намеписандад. Ва ҳаргиз набояд занашро ба дигар занҳо муқоиса намояд. Занон низ бояд барои расидан ба ҳадди аксари лаззат монанди мардон ошкоро баён намоянд ва бидонанд, ки эҳтиёҷи ҷинсии шавҳар аз эҳтиёҷоти онҳо фарқ мекунад. Онҳо ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бо шавҳар худро нороҳат ва нохӯшоянд зоҳир нанамоянд, балки нисба-

ти шавҳар ҳангоми алоқаи ҷинсӣ фаъол ва бо муҳаббат бошанд. Пӯшида нест, ки ҳам зан ва ҳам шавҳар берун аз хона мавриди фишору васвасаҳои ҷиддӣ қарор мегиранд, ки онҳоро ҳамеша дар як ҳолати муборизаи ноодилонаи таъсирот ва ангезаҳои хориҷӣ мувоҷеҳ месозад. Бинобар ин бояд ҳар яке аз онҳо ҳамеша омодаи бароварда сохтани хоҳишу рағбатҳои тарафи муқобил бошад ва дар ин сурат манфиатҳои ҳар ду ҷониб амалӣ мегарданд.

Суннати набавӣ (с) одоби муошират байни зану шавҳар ва қоидаву роҳнамунҳои онро бо тафсил баён медорад, ба гунае, ки ҳар яке аз онҳо ба ҳадди аксари лаззате бирасанд, ки ниёзҳои фитрии онҳоро таъмин намояд. Шуморе аз ин одоб ба шакли зер аст:

1. Дуо ҳангоми ҳамбистарӣ.
Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***"Агар касе аз шумо мехоҳад ҳамбистарӣ намояд ин дуоро бихонад: Бисмиллоҳ, Аллоҳумма ҷаннибна-ш-шайтона ва ҷанниби-ш-шайтона ма разақтана (Ба номи Худо, Парвардигиро моро аз шайтон ва шайтонро аз он чӣ, ки бароямон насиб мекунӣ, дур гардон). Ва агар фарзанд насибашон кунад, шайтон зарараш намерасонад"***

***(Бухорӣ).***

2. Манъи алоқаи ҷинсӣ аз пушт.
Худованд мефармояд:

***"Занонатон киштзори шумо ҳастанд. Ҳар ҷо, ки хоҳед, ба киштзори худ дароед"***

***(Бақара, 223).***

Киштзор ҷои таваллуди фарзанд аст, на қафои зан. Расулуллоҳ (с) мефармоянд:

***"Дар қафои занҳо алоқаи ҷинсӣ накунед"***

***(Аҳмад).***

3. Воҷиб шудани ғусл баъд аз алоқаи ҷинсӣ ва эҳтилом. Худованд мефармояд:

***"Ва агар ҷунуб (олуда) будед, худро пок созед"***

***(Моида: 6).***

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***«Ҳангоме байни пойҳояш қарор гирифт ва олати мард ба олати зан расид, ғусл воҷиб шудааст»***

***(Муслим).***

4. Сароғози ҳамбистарӣ. Монанди ламс кардан, ба оғӯш гирифтан, бӯсидан, суханони ширин ва ғайра.

5. Дар матнҳои шаръӣ дар бораи анҷом додани амалҳои ҷинсӣ бо даҳон далели равшан наомадааст.

Бисёри мардони мусулмон ва ғайри мусулмон вақте ташнагии ҷинсии ҳамсарони худро мефаҳманд ғафлатзада мешаванд, зеро бисёри мардон ба ин гумон ҳастанд, ки барои зан қаноат додан ва бароварда сохтани хоҳишоти мард бисёр осон аст ва барои худи онҳо таслими нафс ором истодан басанда аст. Ин гуна мардҳо ҳанӯз дарк накардаанд, ки дар робитаҳои ҷинсӣ низ маҳорат лозим аст ва он як вазифаи динии мардон аст, ки чӣ гуна қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҷинсии ҳамсарон ва розӣ кардани онҳоро бидонанд. Мардон бояд равишҳои ангезиши ҳамсаронро биомӯзанд, чун агар худро розӣ ва ҳамсаронро бидуни ризоят тарк кунанд, сабаби маҳрум сохтани зан мегардад, ки ин амал як навъ худхоҳӣ барои мардон ба шумор меравад.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло мардон бояд ба ҳамсарон аҳамият диҳанд, бо онҳо муомилаи зебо кунанд ва ҳамеша дастёру кумакрасонашон бошанд, то онҳо барои шавҳарон вафодор бошанд ва он ҳам ба василаи адои ҳаққи ҷинсии комил ва ба таври пурра розӣ гардонидани онҳо. Ислом аз алоқаҳои ҷинсии бе муқаддима, яъне аз ҳамбистарие, ки дар он суханони ширин, бӯсидан, ба оғӯш гирифтан ва ангехтани шаҳват набошад, манъ менамояд. Мардҳо бояд эҳсосоти ҳамсаронро муроот кунанд, ба онҳо аҳамият диҳанд, ҳуқуқи ниёзҳои ҷисмӣ дар ҳаёти занонро бидонанд, ҳунари бароварда сохтани рағбатҳои ҷинсии онҳоро биомӯзанд ва дар лаззатҳои ҳаёти босаодат ва осуда бо ҳам ҳар амали ҷинсии ҳалолро анҷом диҳанд. Марде, ки ҳуқуқи мазкури ҳамсарро риоя намекунад, бояд бидонад, ки ӯ сабаби нооромӣ ва нороҳатии ҳамсари худ гашта, ӯро дар назди ангезаҳое, ки дар ҳаёт ба онҳо мувоҷеҳ мешавад, танҳо гузоштааст.

## ВАЗИФАИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАРБИЯИ ҶИНСИИ ФАРЗАНДОН

Таълими масоили ҷинсӣ ба фарзандон бояд ба гунае бошад, ки онҳо ба ҷинс нигоҳи мусбат дошта бошанд ва аз тамоми хурофот худро дур нигоҳ доранд. Агар ба ҷинс дуруст нигоҳ ва бархӯрд шавад, ҳаргиз шайтон вориди он намешавад ва аз ҷумлаи нопокиҳо низ буда наметавонад, балки он як неъмати пурбаракат аз ҷониби Худованди меҳрубон ва бахше аз лаззатҳои биҳишт аст. Ҳарчанд ҷинс як амали шавқовару гуворову роҳатовар аст, шайтон метавонад онро ҳамчун як васила ва дом барои ба фасоду базаҳкорӣ ва ба сӯи ҷиноят кашонидани инсон истифода намояд ва боиси ранҷҳои бузург барои башарият гардад, ки шояд хатарноктар аз ҳар омили дигаре бошад, чун хатарҳои ҷинсӣ бисёр бузург ҳастанд. Инсонро танҳо ҳамин басандааст, ки алоқаҳои ҷинсии номашрӯъро анҷом дода, сипас то поёни зиндагӣ дар як майдони пур аз хор ва мусибатҳои бепоён зиндагӣ намояд. Бинобар ин бояд робитаҳои ҷинсӣ

мувофиқи амрҳои Парвардигор ва бо равиши поку солим ва бе зиёдаравӣ ва ранҷу маҳрумият анҷом бигиранд.

Расулуллоҳ (с) дар фаҳми ҳоҷатҳои ҷинсии мардону занон ошкорбаён, меҳрубон ва содиқ буданд, зиёдаравӣ намекарданд ва аз робитаҳои оиладорӣ лаззат мебурданд. Дар ин бора ҳамсари бузургвораш Оишаи Сиддиқа (р), ки ӯро нек ва аз наздик мешинохт ва шиносои бо Паёмбари Худо (с) ба андозаи ӯ барои каси дигаре муяссар нашуда буд, бо беҳтарин шакл ва тасвири зебо баён намудааст, то роҳнамое барои умматон пас аз ӯ бошад. Дар ин бора ҳадисҳои зиёде омадааст, ки аз ҷумла Оиша (р) мегӯяд:

***"Дар ҳоли ҳайз буданам аз зарфе менӯшидам ва он зарфро ба Расулуллоҳ (с) медодам ва ӯ даҳонашро дар ҷои даҳони ман мегузошт ва об менӯшид..."***

***(Муслим).***

Ҳатто дар охирин лаҳзаҳои ҳаёти Расулуллоҳ (с) оби даҳони Оиша (р) ба даҳони ӯ омезиш ёфта буд. Рӯҳи поки Расулуллоҳ (с) аз бадани муборакаш дар ҳоле ҷудо мешуд, ки ӯ дар ҳуҷра ва дар оғӯши ҳамсари гиромияш Оиша (р) буд ва ӯ бо дандон ва оби даҳонаш мисвокро нарм карда ба Расулуллоҳ (с) дода буд, ки ин яке аз ифтихороти Оиша (р) аст. Чуноне, ки ӯ ривоят мекунад:

***"Расулуллоҳ (с) дар вопасин рӯзи ҳаёти муборакаш дар ҳуҷраи ман буд ва Худованд рӯҳи ӯро дар ҳоле қабз намуд, ки сари муборакаш дар оғӯши ман гузошта ва оби даҳонам бо оби даҳонаш омехта шуда буд. (Бародарам) Абдураҳмон ибни Абубакр даромад ва дар дасташ мисвоке буд, ки бо он дандонҳояшро мисвок мезад, вақте дидам Расулуллоҳ (с) ба ӯ нигоҳ мекунад, ба Абдураҳмон гуфтам мисвокро ба ман деҳ ва онро бо дандонҳоям нарм карда ба Расулуллоҳ (с) додам ва ӯ дар ҳоле, ки ба қафаси синаам такя зада буд, бо он дандонҳояшро мисвок кард"***

***(Бухорӣ).***

Барои таъмини лаззатҳои ҷинсӣ бояд арзишҳои ахлоқӣ ҳамеша мадди назар гирифта шавад ва берун аз доираи боовариҳои ахлоқӣ сурат нагирад. Бенизомӣ дар масоили ҷинсӣ ба вайрон шудани хонавода, ҷомеа, ба дурӯғу фиреб ва бемасъулиятӣ мерасонад ва ҳатто метавонад инсонро ба ҷиноятҳои бузург, монанди таҷовузи ҷинсӣ, дуздӣ, истеъмоли маводи мухаддир ва куштор равона кунад. Агар тарс аз Худо ба қалби инсон роҳ кушояд ва яқин бидонад, ки Ӯ таоло дар пинҳонӣ ва ошкоро ӯро назорат мекунад, тавони мубориза бо найрангу ангезаҳои шаҳвонӣ ва фарқ гузоштан байни роҳи дуруст аз хаторо хоҳад дошт. Дар муқобил шарму ҳаёи беш аз ҳад бисёри одамонро аз ҳосил на-

мудани маълумоти лозим дар бораи фарҳанги ҷинсӣ ва донистани тарз ва равишҳое, ки сабаби қонеъ кардани рағбатҳои ҷинсӣ мегарданд, бозмедорад.

## ВАЗИФАИ ПАДАРУ МОДАР ДАР НАЗДИ ФАРЗАНДОН ОИД БА ТАРБИЯИ ТОЗАГИИ ҶИНСӢ

Дини мубораки Ислом ба пок ва тамиз нигоҳ доштани аъзои таносулӣ таъкид менамояд ва дар ин ҷо нақши падару модар, ҳамчун роҳнамои намуна ва сарчашмаи бовариноки маълумот барои фарзандон, дар тоза ва пок нигоҳ доштани узвҳои хосси ҷисми инсон ошкор мегардад. Якчанд шакли нигоҳдорӣ, нигоҳубин ва роҳнамоӣ вуҷуд дорад, ки барҷастатарини онҳо инҳоянд:

**Алоқаи ҷинсӣ дар ҳолати ҳайз:** Дар асрҳои миёна яҳудиён дар ҳоли одати моҳонаи занон аз онҳо ба таври куллӣ дурӣ меҷустанд, вале Расулуллоҳ (с) саҳобагонро тавсия ба нармӣ ва дастгирии ҳамсарон дар ҳоли ҳайз ва дурӣ кардан аз ҳамбистарӣ ва ламс кардани аъзои таносулии онҳо намудааст.

Модарон бояд ба духтарон насиҳатҳои амалӣ дар бораи чигунагии истифодаи васоили ҷамъоварии хуни ҳайз ва партофтани он ба гунае, ки сабаби баста шудани обравҳои ҳоҷатхона нагардад, таълим диҳанд. Одати моҳонаи занон як амри табиист, ки набояд пинҳонӣ ва нороҳаткунанда бошад, махсусан агар духтар ниёз ба кумак дошта бошад, эҳсоси хастагӣ кунад ё дарду алам дошта бошад.

**Мӯи зери ноф:** Расулуллоҳ (с) барои ҳамеша тоза кардани мӯйҳои зери ноф ва зери бағал тавсия намудаанд, ки бояд ҳадди ақал дар чил рӯз як маротиба тоза карда шавад, то ҷисм пок, ҷаззоб ва ҳамеша барои шарики зиндагӣ омода бошад. Пайдо шудани мӯи зери ноф ва бағал як амри табиӣ ва барои саломатии худи инсон аст ва одати пок кардани он эҳсоси роҳат ва покиро барои инсон ба вуҷуд меорад. Анас ибни Молик (р) ривоят мекунад, ки:

> ***“Барои мо вақти муайян барои кӯтоҳ кардани мӯи лаб, гирифтани нохун, чидани мӯи зери бағал ва тарошидани мӯи зери ноф муайян карда шуд, ки набояд бештар аз чил рӯз бошад” (Муслим).***

Баромадани мӯи қафаси сина, соқи пой ё пушти лаб сабаби нороҳатии ҷавонписарон намегардад. Аммо ҷавондухтарон бо дидани мӯи сиёҳи дароз гирди нӯги сина ҳаяҷонзада мешаванд ва дар ҳоли баромадани мӯй дар соқи пой ва банди даст аз дидани манзари худ нороҳат мегарданд. Модарон бояд тарзи истифодаи кремҳои дуркунандаи мӯй ва дигар васоиле, ки пӯстро нарм ва ҷаззоб нигоҳ ме-

доранд, ба духтарони худ таълим диҳанд. Дар ҳоли баромадани мӯи зери бағал, мӯи лаб ва андаке дар занах духтарон набояд нигарон ва худро монанд шудан ба мардон бидонанд, зеро онҳо метавонанд ба осонӣ онро дур кунанд. Занон бояд ҳангоми ороиши бадан боитминон ва осудахотир бошанд, аммо на ба гунае, ки мардонро ба худ ҷалб намоянд ва онҳоро ба ваҷд оранд.

**Хатнаи писарон ва духтарон;** Расулуллоҳ (с) ба хатна кардани писарон дар хурдсолӣ ташвиқ намудааст, зеро ин амал покиро ва баъд аз издивоҷ лаззати алоқаҳои ҷинсиро бештар мекунад. Ҳамин гуна хатнаи писарон хатари саратон, варам ва дард ҳангоми пешоб карданро камтар менамоянд.

Хатнаи писарон аз хатнаи духтарон фарқ мекунад. Хатнаи писарон буридани пӯсти зиёдии олат аст, то сари он пурра намоён гардад, аммо хатнаи духтарон, ки онро дар забони арабӣ "хифоз" меноманд, буридани андаки пусти болои баромадгоҳи пешоб аст. Бинобар ин, ки дар хатнаи духтарон пӯсти бисёре бурида намешавад, онро "хифоз" меноманд (Шайх Ҷодулҳақ Алӣ Ҷодулҳақ, фатвои 709).

Дар ин ҷо фатвои Дор-ул-ифтои Миср дар бораи хифоз, яъне хатнаи духтаронро зикр мекунем, ки ба шакли зер аст: «Аксари олимон бар ин назаранд, ки хифоз масъалаи шаръӣ нест, балки як одати мардумӣ аст, ки аз сабаби ба бор овардани зарарҳои ҷисмӣ ва равонӣ барои духтарон мавзӯи он дар асри ҳозир тағйир ёфтааст ва ҳукми он ҳаром мебошад ва ба назари тарафдори онро метавон бо ҳадиси Умми Атия, агарчи дар ин ҳадис заъф вуҷуд дорад, рад кард» (Ад-дурар ас-сания. Ҷ. 8. С. 324; Фотима аз-Заҳро, 3 сентябр 2017).

Аз ин ҷо бармеояд, ки масъалаи хатнаи духтарон на як масъали лозим, балки аз фарҳанги мардумони гуногун бархоста, ҳеҷ алоқае бо далелҳои шаръӣ надорад.

**Моеъи манӣ ва эҳтиломи ҷавонписарон:** Вақте баъзе наврасон тарӣ ё оби ғализ дар либоси таҳпӯши худ мебинанд, нороҳат ва нигарони он мешаванд, ки мабодо падару модар, бавижа модар дар вақти шустани либос ӯро дида аз моҷарои кор огоҳ шаванд. Бинобар ин бояд ба онҳо фаҳмонида шавад, ки миқдори муайяни чунин об як амри табиӣ аст ва ҷои нигароние надорад. Аммо агар оби рангдор ё олуда ба хун бошад ё бӯй дошта бошад, либоси таҳпӯшро тез-тез ва дар як рӯз чанд маротиба иваз намуда, бо табибон машварат намояд. Бояд фарқ байни манӣ ва пешоб дониста шавад, зеро манӣ дар мазҳаби Имом Шофеъӣ ва Имом Аҳмад моеъи пок аст ва барои адои намоз шарт нест, ки либоси таҳпӯш пурра шуста шавад. Агар тар бошад, бояд танҳо ба болои ҷои манӣ об рехта шавад ва агар хушк бошад, бояд бо молиш тоза карда шавад.

## РОБИТАҲОИ ДӮСТПИСАР ВА ДӮСТДУХТАР *(ОШИҚУ МАЪШУҚ)* ВА МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАРОН

Дар ҷомеаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кӯдакони хурдсол аҳамият намедиҳанд, ки кӣ бо онҳо бозӣ мекунад ва аксари онҳо бозӣ кардан бо дигаронро дар ҳаштсолагӣ беҳтар мефаҳманд. Онҳо дар 10-12-солагӣ дӯсти беҳтарини худро интихоб мекунанд ва дар тамоми марҳалаи наврасӣ ин дӯстии худро ҳифз менамоянд *(D`Oyen, 1996)*.

Вақте наврасон рӯ ба ҷавонӣ меоранд, роҳати худро дар дӯстӣ бо дӯстдухтарону якҷо бо дигар мардон мебинанд. Агар робитаи хуб бо хонавода дошта бошанд, бо падар, бародарон, тағоҳо, писарамакҳо ва писарони тағоҳо, дар оянда бо фарзандони болиғашон робитаҳои хуб хоҳанд дошт. Зани шавҳардор роҳати худро дар идома додани робитаҳои нек бо дигар занҳо, монанди модар, хоҳарон, хешон, занони ҳамсоя ва дигар занҳо мебинанд.

Дӯстии содиқона, модоме, ки дар доираи муайяни худ бичархад, ҳамон гуна содиқона идома хоҳад ёфт. Бинобар ин набояд барои кӯдакон бо шахсони бегона, ба ғайр аз маҳрамҳо (касоне, ки издивоҷ бо онҳо барои ҳамеша ҳаром мебошад) фурсати мулоқот дар ҷойҳои хилватро дод. Дӯстон бояд бо либоси муносиб, боҳаё ва хушрафтор бошанд ва ба онҳо суҳбат кардан дар мавзӯъҳои ошиқона ва дур аз ахлоқ иҷозат дода нашавад. Ислом робита ва вохӯриҳои ошиқона ва ошиқу маъшуқиро, ки дар бисёри ҷомеаҳо ба шакли густарда интишор ёфтааст, иҷозат намедиҳад. Ба ҷои он дидору вохӯриҳо ҳангоми ҳамнишиниҳои оилавӣ, фаъолиятҳое, ки ба таври густарда дар масҷидҳо баргузор мегардад, ва зиёратҳои дӯстона, ки фурсати зиёд барои табодули назару андешаҳо ва гузаронидани вақтҳои хуб дар доираи шарму ҳаё байни духтарону писаронро доранд, вуҷуд доранд, ки ҳам берун аз доираи ахлоқ нестанд ва ҳам мутобиқи дастурҳои шариат ҳастанд.

Дар аксари ҷомеаҳои либералӣ рафтани духтарон ва писарон ба вохӯриҳои ошиқона ба таври густарда интишор ёфтааст, ки то замони хонадоршавӣ чандин ошиқу маъшукро иваз намуда, гумон мекунанд, ки издивоҷи беҳтаре хоҳанд дошт. Барои пайдо кардани шарики зиндагӣ робитаҳои ҷинсии қабл аз издивоҷ барпо мекунанд, чанд ошиқро аз таҷриба мегузаронанд ва ё фақат мехоҳанд вақти хуб ва бофароғате дошта бошанд. Онҳо якҷо ва бо ҳам зиндагӣ мекунанд, нақши зану шавҳарро бе никоҳи расмӣ ё урфӣ мебозанд. Шояд ҳам қабл аз қарордоди издивоҷ тифл ба дунё оваранд ва шояд ҳам дар оянда бо ҳам издивоҷ накунанд.

Бисёри шариатҳои осмонӣ ба сабаби ба бор омадани мушкилоти зиёд барои ҷомеа ин тарзи робитаҳо ва алоқаҳоро ҳаром намудаанд, аммо мутаассифона имрӯз фишор ва

ангезаҳое, ки ҷавононро ба сӯи он равона мекунанд, ба таври густарда интишор ёфтааст. Ҳамин гуна эълонҳои телевизионӣ, филмҳо, интернет ва китобҳои мактабӣ одамонро мутақоид месозанд, ки шахсе, ки ошиқ ё маъшуқ набошад, як шахси ноқис аст. Ҳатто баъзе талабаҳо дар нуҳсолагӣ талош мекунанд ба калонтарҳо тақлид намуда ба амалҳое, ки бо ҷинси мухолиф анҷом медиҳанд, фахр кунанд ва ба ҳамсолон нишон диҳанд, ки онҳо як зиндагии бисёр зебо ва ҳаяҷоноваре доранд ва дигарон дар замони гузашта зиндагӣ мекунанд ва агар ба онҳо напайванданд беақл ва ақибмонда ҳастанд. Акнун биёед андаке мулоҳиза намоем, ки бо гузашти вақт ва калонтар шудан ба сари онҳо чӣ хоҳад омад?

Бисёри ҷавононе, ки дар наврасӣ ба робитаҳои ҷинсӣ рӯ меоранд ва ғарқи корҳои ношоиста мешаванд, асосан аз хонаводаҳое ҳастанд, ки дар онҳо мушкилоти зиёде вуҷуд дорад, аз хонадони аз ҳам пошида ҳастанд ё шояд меҳру муҳаббати лозимро дар дохили хонавода надидаанд. Бинобар ин дустӣ ва муҳаббатро бо ҷинси мухолиф бо гапзанӣ ва бӯсу канор ҷустуҷӯ менамоянд. Гоҳо ба осонӣ эҳсосоташонро аз даст дода ба зино даст мезананд, ки худро ба хатар мувоҷеҳ сохта, мушкилоташонро дучанд мегардонанд.

Вақте наврасон барои худ маъшуқа интихоб мекунад, аз дидгоҳи мусулмони диндор ва пайравони шариатҳои осмонӣ “либоси кухнаи истифодашуда”-ро мемонанд ва агар қабл аз издивоҷ ҳамхобагӣ намоянд дигар ба онҳо дӯшиза гуфта намешавад. Дини Ислом барои ҳифзи бакорат, бахусус барои духтарон, мавқеъи сахтгирона дорад. Ҳамчунин дар бисёри фаҳангҳо ва шариатҳои осмонӣ ба он аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Духтароне, ки дар зиндагӣ беэътиноӣ варзида, бакорати худро аз даст медиҳанд, дар пайдо кардани шавҳари муносиб барои худ дучори мушкилиҳо мешаванд, дар ҳоле, ки Ислом мақому арзиши ҳифзи нафс ва иффату покдоманиро барои марду зан баробар медонад. Дар фарҳангҳои мазкур бештари падару модарон духтарони худро ба мардоне, ки маъруф ба анҷоми амалҳои ғайри шаръӣ ҳастанд ё қабл аз издивоҷ маъшуқаҳо доштаанд, ба ҳамсарӣ намедиҳанд, чун ба андешаи онҳо шояд мард пас аз муддате хаста шуда, майли зани дигар намояд ва ё шояд он гуна, ки бояд бо ҳамсар муомила шавад, рафтор накунанд.

Шояд ҷавондухтарон аз робитаҳои номашрӯъ (зино) ба сабаби маҳдуд ва на ҳамеша таъсирнок будани васоили манъи ҳамл ҳомиладор шуда, тифл ба дунё оварданд ва барои худ ва тифл мусибат ва ору шармандагӣ барои хонадонашон ба бор оваранд. Модар будан, ҳатто барои зани ба камолрасида ва дорои оилаи устувор, ба маънои масъулияти бузург доштан аст. Пас ҷавондухтаре, ки ҳануз издивоҷ накарда ва дар 11-солагӣ ва аз писари 14-сола тифл ба дунё овардааст, чӣ гуна ме-

тавонад чунин як масъулияти бузургро таҳаммул намояд? Падаре, ки ҳануз омодагӣ барои адои масъулияти падариро надорад, модаре, ки худ монанди як кӯдак ниёз ба сарпарастии падару модарро дорад, чигуна метавонанд чунин як масъулияти бузургро ба танҳоӣ адо намоянд? Дар ҳоле, ки худ аз нигоҳи тарбиявӣ, таълимӣ, отифӣ ва иқтисодӣ комил нашудаанд, чӣ гуна метавонанд як ҳаёти хубро барои худ ва кӯдаконашон фароҳам оваранд?

Дар бисёри ин гуна ҳолатҳо падари тифл аз тарсу ҳарос фарзанддории худро эътироф намекунад, робитааш бо модари ҷавон аз ҳам канда мешавад ва тифле, ки нав қадам ба дунё гузоштааст, аз меҳр ва дастгирии падар маҳрум мемонад. Модари ҷавон ҳаёти сахтеро пушти сар хоҳад кард. Шояд дигар аз мактаб рафтан маҳрум гардад ва барои пешбурди ҳаёт ва бароварда сохтани ниёзҳои асосии зиндагӣ ба кори ночиз ё номуносиб розӣ шавад.

Падару модарони духтарон дар баробари фиребу найранг ва ишқварзии дурӯғини писарон дар ҷомеаҳои либералии озод чӣ кор карда метавонанд? Вақте падару модарон мебинанд, ки ҷавондухтарон ҳангоми рушду нумӯ дар фикри писарон мешаванд, ба онҳо аҳамият медиҳанд ва мешунаванд, ки дар бораи ҷавонони “ҷаззоб” суҳбат мекунанд ва чун бори аввал мешунаванд, ки дар бораи робитаҳои намашрӯъ суҳбат мекунанд, дарҳол эҳсоси нороҳатӣ карда, ба ғазаб меоянд. Вуҷуди онҳоро эҳсоси бадбинӣ нисбати писаре, ки саргарми духтари онҳост ва аз нигоҳи онҳо як инсони ваҳшӣ ва думболи алоқаҳои ҷинсӣ бо ӯ мебошад, фаро мегирад ва онҳо ва ӯро ба таври куллӣ рад менамоянд.



Падару модар бояд дили духтари худро саршор аз меҳру муҳаббат намоянд, ӯро бар асоси эҳтиром ба худ, масъулиятшиносӣ ва арзишҳои ахлоқӣ тарбия намоянд, то дар ҳоли мувоҷеҳ шудан бо марди паст чӣ гуна бархӯрд кардан бо ӯ ва роҳи ҳалли мушкилро, ҳамон гуна, ки аз волидайн омӯхта буд, ба хубӣ бидонад.

Таълими ҳунари суҳбат ба духтарон онҳоро ҷисман аз писарон ҳимоя намуда, ба ҷои таслим шудан ба талаботи онҳо дар вуҷудашон боварӣ ва маҳорат барои гуфтани "ин кори шумо нодуруст аст" пайдо мегардад. Падару модарон бояд духтарони худро дар бораи дурӯғҳои ошиқӣ ва афтодан дар банди ишқи дурӯғини писарон огоҳ намоянд, чун равшан аст, ки дар бисёри ҳолатҳо писарон мехоҳанд духтаронро фиреб диҳанд, ҳамон гуна ки баъзе духтарон низ ҳамин одатро доранд. Баъзе духтарони "ҳушёр" мехоҳанд хоҳишоти ҷинсии худро бо баҳонаи ошиқ шудан бароварда созанд. Ин яке аз сабабҳоест, ки духтарони наврасро дар пеши суханони ошиқона ва иборахои "ширин"-и фиребкоронаи ҷавонписарон нотавон мегардонад.

Тарбияи писарон аз тарбияи духтарон фарқ мекунад, ҳамон гуна, ки аз нигоҳи ҷисмӣ ва равонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Писар метавонад алоқаҳои ҷинсиро бе дӯст доштани ҳамбистари худ анҷом диҳад. Ӯ ҳатто вақте худро дар як ҳолати ҳаяҷони ҷинсӣ ва шавқи шаҳвонӣ мебинад, талош мекунад ба ҳар василае шаҳвати худро бароварда созад, ҳатто бе ягон духтар ё бо ҳар духтаре, ки дастрас бошад. Писарон метавонанд бе меҳру муҳаббат ва масъулиятшиносӣ алоқаи ҷинсӣ намоянд ва ҳатто миёни худ нисиҳати гумроҳкунандае доранд, ки мегӯянд: "Бо духтар вақти хуб гузарон, вале ӯро ба хона наёр".

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳим дар ин бора ин аст, ки духтарон набояд иҷозат диҳанд, ки ҳамчун як васила ва мол истифода шаванд ва писарон низ набояд духтаронро ҳамчун як василаи барои қонеъ кардани ғаризаи шаҳвонии худ қарор диҳанд. Писарону духтарон бояд бидонанд, ки барои муҳаббат ва алоқаи ҷинсӣ қоидаҳои қатъӣ ва сахтгирона вуҷуд дорад. Духтар набояд писарро барангезад ва писар набояд барои ҳаво ва ҳаваси худ духтарро истифода барад. Писарон дунболи шаҳвати кӯр-кӯронаи худ ҳастанд. Онҳо дар ҳамон лаҳзае, ки духтарон ба онҳо наздик шаванд, бе ин ки дар бораи омодагии духтар ба ин амал ё оқибати он фикр кунанд, дарҳол вориди амал мешаванд.

## АМАЛИ ҚАВМИ ЛУТ (А) (ҲАМҶИНСГАРОӢ) ВА МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАРОН ДАР БАРОБАРИ ОН

Ҳамҷинсгаро ба шахсе гуфта мешавад, ки аз нигоҳи ҷинсӣ майл ба ҳамҷинси худро дорад ва бо ӯ робитаҳои ҷинсӣ барқарор мекунад ва бар хилофи инсони табиӣ майл ба ҷинси мухолифро надорад. Ба занҳое, ки аз ҳамтарози онҳо

ҳастанду майлу рағбат ба зани дигар доранд, зани ҳамҷинсгаро (лесбиан) гуфта мешавад.

Ин ҷо вориди баҳсе мешавем, ки аз нигоҳи маънавӣ ва ахлоқӣ аҳамият бузург дорад ва Ислом онро қотеъона манъ намуда, мухолифи ташвиқу тарвиҷи он аст, ки он амали қавми ҳазрати Лут (а) аст. Ҳадаф ин ҷо кумаки падару модароне аст, ки эҳсос мекунанд, ки писарони онҳо ҳамҷинсгаро шудаанд, албатта агарчи ҷаҳон ин амали зишт ва қабеҳро маҳкум намояд ҳам, баъзе аз кишварҳои дунявӣ онро қабул доранд ва барои он машрӯъият бахшидаанд.

Матнҳои шаръӣ дар дини Ислом ва дар дигар шариатҳои осмонӣ, ба монанди Инҷил, ин амали зишт ва дур аз ахлоқи ҳамҷинсгароёнро маҳкум ба ҳаром намудаанд. Худованди мутаол ба қавми ҳазрати Лут (а) хитоб намуда, мефармояд:

***“Ҷаро аз миёни мардуми ҷаҳон бо мардон меомезед? Ва ҳамсаронеро, ки Парвардигоратон бароятон офаридааст, тарк мегӯед? На, шумо мардуме таҷовузкор ҳастед!”***

***(Шуаро, 165-166).***

Худованд дар ҷои дигар қавми ҳазрати Лутро (а) ба ин сифат тавсиф намуда, баён медорад, ки онҳо ба ин амали зишт сабқат намуда, касе қабл аз онҳо ба ин амал даст назадааст:

***“Ва Лутро фиристодем. Он гоҳ ба қавми худ гуфт: «Ҷаро коре зишт мекунед, ки ҳеҷ кас аз мардуми ҷаҳон пеш аз шумо накардааст?”***

***(Аъроф, 80).***

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***“Хатарноктарин чизе, ки метарсам уматам ба он мубтало гардад, амали қавми Лут (а) аст”***

***(Тирмизӣ).***

***Дар Инҷил омадааст:***

***“Ва агар марде бо марде мисли зан биховбад, ҳар ду фуҷур кардаанд. Ҳар дуи эшон албатта кушта шаванд. Хуни эшон бар худи эшон аст”***

***(Сифри Левит, 20:13).***

Ҳамҷинсгароӣ кори норохаткунандаест, ки падару модар пас аз адо кардани масъулияти худ дар баробари фарзандон ва ба таври бояд анҷом додани он, ногаҳон аз майл намудани писари худ ба ҳамҷинсгароӣ ғафлатзада мешаванд. Пас дар чунин вазъияти ногувор чи бояд кард?

Дар ҳоли пайдо шудани нишонаҳои ҳамҷинсгароӣ дар наврас бояд боэҳтиёт бо ӯ бархӯрд намуда, дарҳол кумак ва роҳи ҳалли муносиб ҷустуҷӯ карда шавад.

Ҳамҷинсгароӣ барои падару модар бисёр сахт ва душвор аст. Баъзе одамон ҳатто бар ин назаранд, ки ҳар қадар маълумоти камтар дар ин бора дошта бошанд, ҳамон қадар роҳаттар хоҳанд буд. Волидайн бо сифати мардонагии писарон ва ба покдоманӣ ва сифати занона доштани духтарон ифтихор менамоянд.

Бо ин вуҷуд бояд бо ҳақиқатҳо рӯ ба рӯ шавем, зеро мутобиқи омори Gallup дар соли 2015 3,8% амрикоиҳо худро ҳамҷинсгаро, дуҷинсгаро ё трансгендер медонанд. Аммо дар Бритониё мувофиқи таҳқиқоти Маркази миллии тадқиқоти муносибатҳои ҷинсӣ ва тарзи зиндагӣ, ки натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҳар сол эълон мекунад, дар соли 2010 1% занҳо ва 1,5% мардҳо худро ҳамҷинсгаро ва 1,4% занҳо ва 1% мардҳо худро дуҷинсгаро донистанд *(The Guardian, 2015)*.

Имрӯз ҳамҷинсгароён барои талаб кардани ҳуқуқи бештар бисёр фаъолона вориди амал шуда, ҳамеша роҳпаймоӣ ва эътирозот барпо мекунанд ва бо исрор тағйири қонунҳоеро талаб мекунанд, ки озодиҳои онҳоро маҳдуд месозад. Ҳамчунин имрӯз ба осонӣ метавон мардеро дид, ки лабони марди дигарро мебӯсад ё дар ҷойҳои ҷамъиятӣ либосҳои занона мепӯшад, ки онҳоро дигарҷинспӯш (трансвестит) меноманд. Дар баъзе кишварҳо ва дар бисёри иёлатҳои Амрико имкони издивоҷи мард бо мард ва зан бо зан вуҷуд дорад, ки ба таври расмӣ худро дар идораҳои давлатӣ сабти ном намуда, мехоҳанд ба онҳо ҳамчун зану шавҳари табиӣ бархӯрд шавад. Бо вуҷуди ин, ки наметавонанд фарзанд ба дунё биёранд, баъзеи онҳо барои такмили фазои оилавӣ ба фарзандхонӣ рӯ меоранд. Ва ба қар касе, ки ҷуръати маҳкум кардани рафтори онҳоро дошта бошад, "бадбини ҳамҷинсгароӣ" гуфта мешавад.

Рушди доруҳои манъи бордорӣ, иҷозати исқоти ҳамл ва омӯзиши таълимоти роиҷи психологӣ дар солҳои шаст дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вазъиятро ба ҷое расонида буд, ки имрӯз онро инқилоби ҷинсӣ меноманд. Дар ҷомеаҳое, ки озодии беш аз ҳад доранд, одамҳо озодиҳои боз бештарро талаб мекунанд, то ба онҳо иҷозат дода шавад бо шахси писандидаи худ алоқаи ҷинсӣ намоянд, чӣ он шахс муҷаррад бошад, чӣ соҳиби ҳамсар, чӣ ҳамҷинс бошад, чӣ аз ҷинси мухолиф ва мардум ҳам бояд ба хоҳишот ва тамоюлоти ҷинсии онҳо эҳтиром қоил бошанд. Мардум низ оҳиста ва ботадриҷ фикру ақидаҳои номақбули онҳоро қабул мекунад ва кор ба ҷое расидааст, ки дар баъзе кишварҳо фарқ гузоштани байни ҳамҷинсгаро ва дигар мардум қонуншиканӣ аст.

Инсон чӣ гуна рӯ ба ҳамҷинсгароӣ меорад? Дидгоҳҳои гуногун дар ин бора матраҳ шудааст, ки тамоми назарияҳо ба таври ҷузъӣ дар ин чанд пурсиш хулоса ёфтаанд: оё ин сифат ихтиёрӣ аст ё инсон бо он ба дунё омада, сипас дар бузургсолӣ онро дарк мекунад?

Аксари донишмандон то солҳои ҳафтоди асри бист ба ин назар буданд, ки инҳирофҳои ҷинсӣ навъе аз анвоъи бемориҳои ақлӣ ва ё гароишӣ аст. Тиб бар асоси андешаи қадими худ, ки сабаби муҳаббати инсон ба ҳамҷинси худро баён медорад, собит намудааст, ки баъзе писарбачаҳое, ки модарони заиф, бераҳм ё дилсард доранд, ба сабаби озору азияте, ки аз модарони худ мебинанд, нисбати тамоми занҳо бадбин ва бо чунин дидгоҳ бузург мешаванд. Ҳамин гуна баъзе духтароне, ки аз ҷониби падарони худ муомилаи бад мебинанд, нисбати тамоми мардҳо бадбин мегарданд. Дар солҳои навад баъзе мутахасисони тиб ва рафтор назарияи дигареро пешкаш карданд, ки инҳирофҳои ҷинсиро дар воқеъ як ихтилофи табиӣ дар гароиши ҷинсии инсон медонад ва иддао намудаанд, ки ҳамҷинсгароӣ дар генетикаи ҳар як фард ба вуҷуд омада, имкони меросӣ шуданро дорад. Ва барои исботи ин даъвои худ ба баъзе хонаводаҳое ишора намуданд, ки дар онҳо ҳамҷинсгароӣ нисбат ба дигар хонаводаҳо бештар густариш ёфтааст, дар ҳоле, ки имкон дорад сабаб дар тарз ва равиши тарбияи он хонаводаҳо бошад.

Илова бар ин, дар баъзе ҳолатҳои нодир дар байни ҳайвонот низ дида мешавад, ки бо ҳамҷинси худ алоқаи ҷинсӣ анҷом медиҳанд. Бинобар ин баъзе одамҳо ин амалро дар миёни инсонҳо низ як амри табиӣ медонанд. Ин навъи инҳирофот ва тафаккуроти аҷиб моро водор месозад, ки дунболи посухи ин ду пурсиш гардем: Оё амали ҳайвоноти ваҳшӣ, ки бисёр кам дида мешавад, дар муайян кардани қоидаҳои урфӣ ва рафторҳои инсонӣ меъёр буда метавонад? Оё инсон ҳайвонотро ҳамчун намуна ва роҳнамо барои худ қарор дода метавонад?

Арзишҳои инсонӣ аз ахлоқу рафтори ҳайвонот гирифта намешавад, чун инсон аз ҳайвон фарқ мекунад. Худованд ба инсон шарофат дода, ӯро бар тамоми мавҷудоти коинот бартарият бахшидааст.

Дар сатрҳои зер баъзе сабабҳои эҳтимолии инҳирофи ҷинсӣ баён хоҳад шуд ва низ шоёни зикр аст, ки омилҳои таҷриба ва муҳит ва масоили ташаккули робитаҳо таъсири муҳим хоҳанд дошт:

- **Ошуфтагӣ ва сардаргумӣ дар тафсири дӯстӣ.** Вақте яке аз ҷавонон, ки миёни худ дӯстӣ ва муҳаббати самимӣ доранд, дар бораи ҳамҷинсгароӣ сухан мекунад, дӯстон ҳайратзада шуда, парешонхотир аз худ мепурсанд, ки оё дӯсташон ҳамҷинсгаро аст ва чӣ хоҳад шуд агар онҳо ҳам ҳамҷинсгаро бошанд? Ҳамин гуна духтари ҷавон ҳангоми гузаронидани вақти хуш бо дӯстон эҳсоси хушҳолӣ мекунад, дар вуҷудаш эҳсоси ба оғӯш гирифтан ва бӯсидани дӯстон меояд, сипас аз омехта шудани эҳсосоти ҷинсӣ бо эҳсосоти дӯстияш дар худ эҳсоси гуноҳ мекунад, ки бо дӯстон чаро чунин эҳсосот дорад? Вақте ба хулосае меояд, ки

ҳамҷинсгаро (лесбиан) аст, имкон дорад оҳиста-оҳиста аз дӯстон хоҳиш кунад, то бо ҳам робитаи ҷинсӣ барқарор намоянд. Роҳи пешгирии ин мусибат фароҳам кардани таълими ҷинсии кофӣ аз ҷониби падару модарон пеш аз вуқӯъ ва ҳатто баъд аз вуқӯъи ҳодиса аст.

- **Норасоии муҳаббат ба кӯдакон:** Наврасоне, ки робитаи заиф нисбат ба падару модарон ва хешону наздикон доранд, дар вуҷуди худ эҳсоси холигии отифӣ мекунанд ва чун муҳаббати падару модариро ба андозаи лозим надидаанд, ба касе зарурат доранд, ки ба онҳо эҳсоси муҳаббат ва дилсӯзӣ намояд. Фазои холии аз меҳру муҳаббати падару модарӣ дар вуҷуди наврасон эҳсоси ба оғӯшгирии дӯстонро ба вуҷуд оварда, имкони даст задан ба алоқаҳои ҷинсиро ба бор меорад. Роҳи пешгири ин мусибат "илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъи он". Падару модарон бояд илоҷи онро дар доштани меҳру муҳаббат ба кӯдакон, ҳатто аз замони синамаконӣ то марҳалаҳои баъдӣ бидонанд. Ҳамин гуна дӯстиву муҳаббат ва робитаҳои самимона байни тамоми аъзои оила бояд ҳамеша пойдор бимонад. Бо ин васила инсон муҳаббати табииро аз даруни оилаи худ дарёфта, онро берун аз хона ҷустуҷӯ намекунад.

- **Озори ҷинсии атфол.** Баъзе ҷавонони болиғ аз боварии кӯдакон суистифода намуда, бо роҳи фиреб ё бо зурӣ онҳоро таҷовузи ҷинсӣ мекунанд, ки пас аз ба такрор анҷом додани ин амал барои онҳо як одати доимӣ мегардад. Аз таҳқиқоти барномавие, ки миёни 2881 марди ҳамҷинсгаро гузаронида шуд, маълум гардид, ки аз панҷ як ҳисса, яъне 20% онҳо дар замони кӯдакӣ мавриди озори ҷинсӣ қарор гирифтаанд (Paul et al, 2001). Пас пешгирӣ ва роҳи ҳалли ин амал муроқибат ва назорати доимии падару модар аз фарзандон ва огоҳ будану маълумот доштан дар бораи дӯстони онҳост. Набояд фаромӯш кард, ки ҷиноятҳои таҷовузи кӯдакон дар бештари ҳолатҳо аз ҷониби яке аз аъзои оила сурат мегирад. Бинобар ин ҳамеша огоҳ будан аз ҳоли фарзандон ва чашми кушо доштан барои падару модарон ҳатмӣ ва зарурӣ аст.

- **Норасоии гормонҳо.** Баъзе кӯдакон бо норасоии гормонҳои мардона ё занона таваллуд мешаванд ё ба бемориҳои нодире мубтало мегарданд, ки сабаби норасоии гормонҳо дар ҷисм мешавад ва онҳоро аз доштани рафтори табиӣ монанди мардон ё занони оддӣ боз медорад. Гормонҳо аз маводи химиявие иборат ҳастанд, ки аз системаҳои гуногуни ҷисм берун омада, масъулияти инкишофи аъзои махсуси ҷисмро доранд, ба монанди калон шудани синаи занон ва рағбати онҳо ба оғӯш гирифтани тифл ва рушди мӯи лаб, риш ва мушакҳои

мардон ва рағбати онҳо ба корҳои мардона ва ифтихор кардан ба мушакҳои қавӣ. Ҷавонписаре, ки норасоии гормонҳои мардонагӣ дар ҷисми ӯ сабаби набаромадани риш ё ғафс нашудани садояш мегардад, баръакси дигар ҷавонони ҳамҷинсаш, дар худ эҳсоси мардӣ намекунад ва дар чунин вазъият бояд ба мутахассиси соҳа муроҷиат намуд.

- **Таъхир дар издивоҷ.** Мардон ва заноне, ки дар синну соли муносиб барои издивоҷ аз он маҳрум мегарданд, эҳсосу рағбати зиёд барои бароварда сохтани хоҳишоти шаҳвонии худ мекунанд ва дар сурати бароварда нашудани рағбатҳои худ, рӯ ба василаҳои дигаре меоранд, ки ақли онҳо тақозо мекунад. Ба фарзандон тавсия дода мешавад, ки ҳангоми расидан ба синни муносиб барои издивоҷ дарҳол дунболи интихоби ҳамсар гарданд, зеро он ҳаққе аз ҳуқуқи фарзандон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои издивоҷ бар дӯши падару модарон аст.

Падару модароне, ки аз тамоюлоти фарзандон ба инҳирофоти ҷинсӣ огоҳ мегарданд, бояд бо сабр ва тамкин дар бораи он чӣ дар атрофи фаразнадон мегузарад, маълумоти кофӣ дастрас намуда, дарҳол аз мутахассисон барои онҳо кумак хоҳанд ва набояд меҳру муҳаббати худро барои онҳо дареғ доранд.

Дар баъзе ҷомеаҳо ҳамҷисгароӣ ҳамчун як амали мақбул ба кӯдакон дар хурдсолӣ омӯзиш дода мешавад ва хатти фосила миёни мақбул ва мардуд гузошта намешавад. Ҳамчунин ба онҳо пайравӣ аз шаҳват ва рағбатҳоро як амали шоиста нишон дода шуда, фарқ миёни одат ва номақбул нодида гирифта мешавад. Дар ин ҷо падару модарон бояд даст ба кор шуда, амали нораво ва дур аз ахлоқи инсонӣ будани ҳамҷисгароиро ба фарзандон тавзеҳ намоянд. Ва дар ҳоли огоҳ шудан аз ин, ки яке аз омӯзгорон фарзандонро ба ин амали нангин ташвиқ менамояд, дарҳол дахолат намуда, фарзандонро наҷот диҳанд.

**Мард бояд марди ҳақиқӣ бошад!**

Мард бояд сифати мардонагии худро бо эҳтироми зан, нигоҳ доштани чашм аз ҳаром, дифоъ аз нотавонон, луч накардани бадани худ ва ҳайбати мардонагӣ нишон диҳанд.

**Зан бояд зани ҳақиқӣ бошад!**

Зан бояд зан будани худро бо пӯшидани либосҳои муносиб, нигоҳ доштани чашм, нигоҳ доштани худ аз ангезаҳои ҷавонӣ ва ҳифзи шаъну шараф аз таҷовузҳои мардон ва рафтори бади онҳо нишон диҳад.

## НАВРАСОН ВА БАКОРАТ ҚАБЛ АЗ ИЗДИВОҶ

Имрӯз дар бисёри кишварҳои пешрафта, монанди Амрико, Канада ва Британия, кӯдакон нисбат ба чанд соли пеш тезтар ба синни балоғат мерасанд. Духтарон одатан аз 8 то 13-солагӣ ва писарон аз 9 то 14-солагӣ ба балоғат расида, ҳайзи духтарону эҳтиломи писарон нисбат ба чил сол пеш шаш моҳ тезтар ва бузург шудани синаҳои духтарон ду сол пештар аз гузашта оғоз мегардад. Нишонаҳои дигари балоғат, ба монанди бӯи бадан ва рушди мӯи зери бағал низ барвақттар аз замонҳои қабл зоҳир мешаванд *(University of California Berkeley, 2014)*.

Сабаби паёмадҳои мазкур ба истеъмоли маҳсулоти таёршуда аз ҳайвоноте бармегардад, ки ба онҳо барои тез ва бештар рушд ёфтан мавод ва гормонҳои зиёд дода мешаванд.

Аз ҷониби дигар синни миёнаи издивоҷ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико боло рафта аст, ба гунае, ки дар соли 2013 умри мардон ҳангоми издивоҷ 29 сол ва аз занон 27 сол будааст (Center Pew Research, 2014). Аммо дар Британия дар соли 2012 синни мардон ҳангоми издивоҷ 31 сол ва аз занон 29 сол будааст *(Office for National Statistics, 2014)*.

Агар падару модарон дар боздоштани фарзандон аз алоқаҳои ҷинсии қабл аз издивоҷ муваффақ шуда бошанд ва фарзандон ҳам лаҷоми рағбатҳои шаҳвониро то издивоҷ ба дасти худ гирифта бошанд, пас ба он маъност, ки онҳо пас аз расидан ба балоғат ва то замони издивоҷ 16 сол лаҷоми шаҳватро ба даст доштаанд ва ин муддат душвортарин замон барои саркуб кардани рағбатҳои ҷинсӣ барои ҷавонон ва яке аз чолишҳои бузург пас аз расидан ба балоғат аст.

Сад сол пеш аксари мардум баъд аз расидан ба балоғат дарҳол барои пешбурди зиндагӣ издивоҷ мекарданд. Барои ҷомеа низ издивоҷ кардани духтарону писарон дар авҷи қувваи ҷинсии худ бисёр муҳим буд, он ҳам бинобар марги зиёди кӯдакон, густариши бемориҳо ва ҳалок гаштани мардумон дар ҷангҳои бехонумон. Мутаассифона, имрӯз баъзе ҷомеаҳо бо издивоҷи дер ва шартҳои сахтгиронаи ҷинсӣ созгор гаштаанд, аммо ин барои диндороне, ки арзишҳои динӣ онҳоро аз муртакиб шудани ҳаром боз медоранд, роҳи ҳал буда наметавонад. Мубориза бо хостаҳои дохилӣ ва идора кардани қувваи ҷинсӣ барои наврасон, ки шояд то 20 сол баъди расидан ба балоғат идома пайдо кунад, бисёр душвор хоҳад буд, бавижа вақте, ки дохили ҷисми онҳо пур аз гормонҳо гашта, барои берун омадан аланга мезанад, илова бар муҳит ва фазои пур аз ангезаҳои шаҳвонӣ, ки хоҳишотро дучанд мегардонад.

Ҷомеаҳои мусулмонӣ бояд издивоҷи барвақтро роҳи ҳалли ин мушкилот қарор бидиҳанд. Ҳарчанд издивоҷи барвақт мушкилотеро бо худ дорад, падару модарон бояд роҳи

ҳалли муносиб ва самаранокро пайдо намуда, ҳаром будани алоқаҳои ҷинсии қабл аз издивоҷро барои онҳо тавзеҳ ва баён намоянд. Ҳарчанд онҳо ба бароварда сохтани хостаҳои нафсонӣ ниёз доранд, бояд сабру тоқат намуда, худро ба ҳаром олуда насозанд. Хонаводаҳои бузург барои касоне, ки аз аъзои он мехоҳанд барвақт издивоҷ намоянд ва барои тарбияи кӯдакони онҳо низ нақши бузург доранд, ки амалӣ гаштани он дарку ҳикмати инсонҳои оқили он хонаводаро тақозо мекунад.

Агар дастрасӣ ба издивоҷи барвақт муяссар нагардад, зарурати тарбияи падару модарон бештар мегардад, ки бояд бо ҳикмат ва дироят рафтори фарзандонро назорат ва тарзи дурусти бархӯрд бо онҳо дар ҳоли заруратҳои ҷисмиро бидонанд ва онҳоро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ намоянд. Ин амал наврасонро барои дур шудан аз анҷоми истимно кумак намуда, аз одати доимӣ гаштани он барои наврасон пешгирӣ менамояд.

Ҳамчунин падару модарон бояд фарзандонро ба таври ошкоро тарзи дурусти бархӯрд бо ҷисмро омӯзиш диҳанд, зеро масъалаи ҷисм дар андешаи ҷавонон мақоми муҳим дорад, аммо мавзӯи он байни падару модарон ва фарзандон бисёр кам матраҳ мегардад. Агар ҳам матраҳ гардад, боз ҳам ба таври дуруст ва воқеӣ мавриди баррасӣ қарор намегирад. Фақиҳон истимноро барои наврасон ҳаром медонанд, магар баъзе аз уламо, ки бо баъзе шарту қайдҳо онро иҷозат додаанд. Ба ҳар ҳол бештари наврасон ин амалро бо вуҷуди фатвои фиқҳӣ дар ин маврид ва бо эҳсоси шарму ҳаё, анҷом медиҳанд. Пас бояд дар ин масъала ба як ҳалли миёна расид, то дар ҳоли фишор ва ҳолатҳои муайян ҳамчун охирин роҳи ҳал ба он рӯ оварда шавад.

Вазифаи муҳими падару модарон дар ин росто машғул сохтани фарзандон ба варзиш дар вақтҳои холӣ, одат кунонидани онҳо ба ду рӯз рӯза доштан дар ҳафта ва шарик сохтани онҳо дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ аст. Яке дигар аз масъулиятҳои падару модарон тавзеҳи оқибатҳои бад ва мушкилоти зиёди холӣ кардани тавоноии ҷинсӣ аз роҳи зино ва истимно аст. Ҳамин гуна чашм пӯшидан ва дурӣ ҷустан аз маконҳоест, ки шаҳватро барангехта мекунанд. Ин буд чанд нукта ва шарҳу тавзеҳоте, ки наврасонро дар роҳи расидан ба ниёзҳои ҷинсӣ аз роҳи ҳаром ва нораво дур нигоҳ медорад.

## ҲАЛЛИ ИСЛОМИИ МУШКИЛОТИ ҶИНСӢ. НАҚШАИ РОҲИ ПЕШГИРӢ

Метавон равиши асосӣ дар ҳалли мушкилоти ҷинсӣ ва иҷтиноб кардан аз зиноро бо нигоҳ доштани чашм аз ҳаром оғоз кард: “Ба зино наздик нашавед!” Яъне бояд аз наздик шудан ба зино ва аз ҳар васила ва ҳолате, ки инсонро ба анҷоми он ташвиқ мекунад, худро ҳимоя кард:

***“Ва ба зино наздик машавед. Зино коре зишт ва роҳе нописанд аст!”***

***(Исро, 32).***

Ибораи муҳим дар ин оят ***«Ба зино наздик машавед»*** аст, яъне аз он иҷтиноб варзед ва худро аз он ҳимоя кунед. Аз ин ояти муборак бармеояд, ки роҳу василаҳое, ки инсонро ба зино мебаранд, ба гунае баста шаванд, ки амалан расидан ба он номумкин гардад. Инчунин ҷомеа бояд бо ин падидаи номатлуб даст ба кор шуда, мубориза барад ва равиши пешгириро он гуна пеша намояд, ки анҷоми он дигар номумкин ва тамоми анвоъи робитаҳои ҷинсии номашрӯъ ба қадри имкон нопадид гардад. Барои пешгирии ин амали номатлуб метавон садди роҳи тиҷорати он шуд ва тамоми сарчашмаҳо ва даромадгоҳҳои онро баст. Бо ин амал метавон рафтору ахлоқ дар ҷомеаро ба таври дуруст роҳандозӣ намуда, доираи издивоҷи машрӯъи поку бехатарро, ки дар он ҳеҷ гуна хиёнат роҳёб набошад, густариш дод.

Покиза нигоҳ доштани хонавода аз хиёнатҳои ҷинсӣ танҳо вижаи дини мубораки Ислом набуда, дар таълимоти динҳои дигар, монанди масеҳият, яҳудият, ҳиндуия ва ғайра низ дарҷ гардидааст. Ҳеҷ инсони оқил наметавонад ҳаёти ҷинсии нодуруст ва бандаи шаҳавот ва рағбатҳои моддӣ буданро эътиқоди дуруст ва аз амалҳои инсонӣ бидонад. Бандагони Худо издивоҷро ягона роҳи дурусти барқарор кардани робитаҳои ҷинсӣ медонанд, аммо имрӯз яке аз мушкилоти бузург дар миёни бисёри ҷавонон дар ҷомеаҳои дунявӣ берун рафтан аз доираи издивоҷи ҳалол аст.

Алоқаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷ аз ҷумлаи василаҳоест, ки бемориҳои сироятии ҷинсиро интишор медиҳад, ва дарвозаҳои он дар замони мо ба таври комил боз гаштаанд, ки бастани он баъзе қурбониҳоро талаб менамояд. Меваи иффату покдоманӣ нек ва ширин аст, аммо ночиз гирифтани робитаҳои ҷинсии номашрӯъ оқибатҳои ногувор ба бор хоҳад овард. Агар бо чашми кушода ба маҷмӯи таълимоти исломӣ нигариста шавад, хоҳем дид, ки ба ҳимояи кароматі хонавода тамаркуз шудааст, ҳамон гуна, ки тамаркузи бештар ба ҳимояи ҷомеа ва афроди он намудааст, ба монанди либоси муносиб, дурӣ аз робитаҳои ҷинсии берун аз доираи хонавода, иҷтиноб аз нӯшидани шароб ва истеъмоли маводи мухаддир, дурӣ аз вохӯриҳои номашрӯъ, робитаҳои шаҳватангез, тамошои филмҳои бешармӣ ва чизҳои фаҳш дар телевизор, интернет, телефонҳои дастӣ, таблиғоти тиҷорӣ ва мусиқиҳои шаҳватангез. Тамоми ин қоидаҳо ва роҳнамунҳо гомҳои ҷиддӣ дар муқобили василаҳоест, ки инсонро ба зино мебарад. Афзун бар ин, падару модарон бояд василаҳои лозим барои пешгирии фарзандони наврас аз мувоҷеҳ шудан ба хатарҳои алоқаҳои ҷинсии номашрӯъро рӯи

даст гирифта, роҳҳои ҳимоя аз онро ба онҳо шарҳ ва тавзеҳ намоянд (ки онро дар илми тарбия “барномаҳои пешгирӣ” меноманд).

Бояд “барномаи пешгирӣ” аз зино ва робитаҳои номашрӯъ дар замони кӯдакии фарзандон оғоз гардида, барои поён овардани шуълаи оташи шаҳват дар вуҷуди наврасон талошҳои фардӣ ва гурӯҳӣ ба кор гирифта шавад.

Қуръони карим ба сароҳат иқрор менамояд, ки майл ва хоҳишоти ҷинсӣ дар нафси инсон вуҷуд дорад. Ҳатто паёмбари Худо ҳазрати Юсуф (а) зери фишор ва фиреби ҳамсари азизи Миср эҳтимолии таслим шудан ба шаҳватро дошт, албатта агар раҳмати Парвардигор ӯро дар ин лаҳзаи душвор ва замоне, ки паноҳ ба Парвардигораш бурда буд, фаро намегирифт:

***“Ва он зан, ки Юсуф дар хонааш буд, дар паи комҷӯӣ аз Юсуф мебуд. Ва дарҳоро баста гуфт: «Бишитоб». Гуфт: «Паноҳ мебарам ба Худо, Ӯ парваронандаи ман аст ва маро обрӯи неку дода ва ситамкорон наҷотёфта намешаванд». Он зан майли ӯ кард. Ва агар бурҳони Парвардигорашро надида буд, ӯ низ майли он зан мекард. Чунин кардем, то бадиву зишткориро аз вай бозгардонем. Зеро ӯ аз бандагони покдили Мо буд!”***

***(Юсуф, 23-24).***

Худованди мутаол дар вуҷуди мардон ва занон шаҳвати ҷинсиро ҷой додааст, ки агар ангехта нашавад, одатан ором аст, ва роҳи бароварда сохтани онро танҳо аз роҳи издивоҷи ҳалол воҷиб гардонидааст. Агар васвасае, ки мард дар маърази он қарор дорад, сахт бошад, қуввaи шаҳвонӣ барвақттар ба ҳаяҷон омада, идораи он душвор мегардад. Пӯшида нест, ки шаҳвати ҷинсии мардон бештар саркаш ва возеҳтар аст, бинобар ин аст, ки онҳо нисбат ба занҳо тавони идораи шаҳватро камтар доранд. Наврасӣ эҳсосоти ҷинсии қавӣ дар вуҷуди писаронро бедор месозад, дар ҳоле, ки духтарон нисбат ба мардон дар идора ва нишондани оташи шаҳват ва рафторҳои ҷинсӣ тавони бештар доранд ва дар он ҳикмати бузурге аз ҷониби Худованд нуҳуфтааст.

Ҷои тааҷҷуб нест, ки дар асри 21 фазои ҷинсии озод дар бисёри ҷомеаҳо ба вуҷуд ояд, зеро ҷомеа барои кумак ба ҷавонон танҳо дар чанд ҳолате андак қадам мебардорад, монанди ин ки навҷавон дар баҳр андохта мешавад ва сипас ба ӯ гуфта мешавад: “эҳтиёт кун, тар нашавӣ”. Ё монанди ин ки наврасонро шуълаҳои оташи шаҳват фаро гирифтааст ва ҷомеа аз онҳо мехоҳад нафси худро идора кунанд ва аз он дур бошанд, ҳаммонанди моҳие, ки назди гурбаи гурусна гузошта мешавад ва аз гурба хоҳиш мешавад онро нахӯрад. Албатта дар ҳоли набуди васваса ва ангезаҳои шаҳвонӣ расидан ба иффату покдоманӣ бисёр осон аст.

*Дар миёни чор дарё тахта бандам кардаӣ,*
*Боз мегуӣ, ки ҳушёр бош, доман тар макун.*

Шаҳвати мард бисёр ба осонӣ, бо ламс кардан, нигоҳ кардан, шунидан, бӯидан ва ҳатто бо хаёл кардан барангехта мешавад. Бинобар ин бояд василаҳои шаҳватангез ба қадри имкон дур карда шаванд. Қабл аз барқарории робитаҳои ҷинсии номашрӯъ бояд эҳтиёт намуд ва услуби пешгириро интихоб кард, на ин ки аввал дар ҳаром воқеъ шуда, сипас дар паи наҷот аз ин ботлоқ дасту по зад. Вақте шаҳвати инсон барангехта мешавад, василаҳои дифоъӣ бисёр заиф ва эҳтимоли таслим шудан ба фиребу васвасаҳои ҷинсӣ зиёд мегардад.

Равиши қуръонӣ як рӯйкарди ҷомеъ ва пешгирона дар ин мавзӯъ аст. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки навраcон чӣ гуна метавонанд дар ҷомеаи озод меъёрҳои ахлоқиро риоя намоянд? Оё инсон тавони ин корро дорад? Аз ҷумлаи қоидаҳои асосии шариати исломӣ ин аст: “Ҳар василае, ки боиси бадӣ мегардад, бад аст”. Бинобар ин бояд аз ҳар василае, ки шаҳвати оромро бедор месозад ё боиси заиф шудани идораи ғаризаҳои ҷинсӣ мегардад, иҷтиноб намуд.

Дар сатрҳои зер чанд роҳнамуне зикр хоҳад шуд, ки роҳҳои расидан ба робитаҳои ҷинсии номашрӯъро масдуд месозад, бо дар назардошти ин ки мубориза бо фиребу найранг ва васвасаҳои шаҳвонӣ то охири ҳаёт идома хоҳанд дошт. Лозим ба ёдоварист, ки бояд дар ин самт падару модар, оилаҳои бузург, мактаб, васоити ахбори омма, ҷомеа ва тамоми муассисаҳои дахлдори ҷомеаи башарӣ ҳамкорӣ намоянд. Хулосаи василаҳои асосии пешгирӣ аз ҳаё, одоби либос, на омезиши бемаҳдуд ва на хилвати мутлақ, фишорҳои дӯстон ва фишорҳои дигарон, издивоҷи барвақт, ҳимояи фарзандон аз таҷовузҳои ҷинсӣ ва барномаҳои пешниҳодӣ дар тарбияи исломӣ барои ҷинс иборат мебошанд, ки дар зер ба таври ҷудогона ва ботафсил зикр ва шарҳ хоҳанд шуд:

## Якум: Ҳаё

Яке аз мавзӯъҳои муҳим устувор намудани мафҳуми ҳаё дар вуҷуди фарзандон аз замони таваллуд ва ба тарзи дуруст бархӯрд кардан ба узвҳои таносулии онҳо аст. Падару модар набояд ба узвҳои таносулии кӯдакони худ даст бизананд, магар ҳангоми шустани онҳо. Он ҳам бо кашидани матоъе ба даст ва ба муддати кутоҳ. Узвҳои таносулии кӯдакон пас аз се солагӣ дар вақти шустан бо порчае пӯшонида шавад ва дар умум набояд узвҳои таносулии кӯдакон луч гузошта шавад.

Ҳаё яке аз сифатҳоест, ки инсонро ба анҷоми корҳои хуб ва зебо ва тарки амалҳои нанговар ва нописандида водор мекунад.

Уламо ҳаёро ин гуна тавсиф намудаанд: “Ҳаё хулқест, ки инсонро ба тарки корҳои бад водор мекунад”. Падару модарон бояд мафҳуми ҳаёро дар фарзандон ҳамеша устувор нигоҳ доранд, ба андозае, ки ҳаё дар ҳар як оила ва ҷомеа, ҳатто дар вақти шустани мурда, як одати асосӣ ва доимӣ гардад. Дар вақти шустани мурда набояд ба аъзои таносулии ӯ нигоҳ карда шавад ва ба дастон қитъаи матоъ печонида, аъзои таносулӣ шуста ва пок карда мешаванд ва аз ламси мустақими узвҳои таносулӣ бояд ҳазар карда шавад. Паёмбари Худо (с) дар ин ҳадиси муборак мизони ҳаё ва ҳудуди онро ин гуна баён фармудаанд:

> ***“Имон ҳафтоду чанд (ва ё шасту чанд) бахш аст, ки беҳтарини он гуфтани «Ло илоҳа иллаллоҳ» ва камтарини он дур кардани чизҳои озордиҳанда аз роҳ аст, ва ҳаё шохае аз имон аст”***
>
> ***(Муслим).***

Инчунин фармудаанд:

> ***“Мардум аз ҷумлаи суханони паёмбарони гузашта инро дарёфтаанд: “Агар дар ту шарм набошад, пас ҳар чӣ мехоҳӣ, анҷом бидеҳ”***
>
> ***(Бухорӣ).***

Инчунин фармудаанд:

> ***“Дар ҳар коре ҳаё бошад, онро зебо месозад ва беҳаёӣ дар ҳар чизе онро расво месозад”***
>
> ***(Бухорӣ).***

Ҷурҷонӣ ҳаёро ба ду қисм ҷудо мекунад: (Ҷурҷонӣ, Китоби Таърифот, Бейрут, китобхонаи Лубнон, с.155, соли 1995):

1. **Ҳаёи равонӣ:** Худованд онро ба ҳама мардум додааст, монанди шарм аз кашфи аврат ва анҷом додани алоқаи ҷинсӣ дар назди дигарон. Ин навъи ҳаё дар инсон вуҷуд дорад ва бар ин кеш офарида шудааст.
2. **Ҳаёи имонӣ:** Ин навъи ҳаё муъминро аз иртикоби гуноҳ аз тарси Худованд бозмедорад.

**Падару модарон ба фарзандони худ амалҳои зеринро омӯзиш диҳанд, ки боиси эҷоди ҳаё дар онҳо мегардад.**

1. Нигоҳ накардан ба ҷинси дигар ва дигар амалҳои зишту қабеҳ.
2. Бо ҳаё роҳ рафтан, ба гунае, ки дигаронро ба худ ҷалб накардан ва худро бо ҷинси мухолиф монанд накардан бошад.
3. Бо нармӣ ва эҳтиром суҳбат кардан, ба гунае, ки ангезаҳои шаҳвонӣ барангехта нашавад.
4. Пӯшидани либосҳои муносиб, ки тамоми ҷисмро бипӯшонад.

**Дар зер се ҳолати маҳдудро зикр хоҳем кард, ки дар он ниёз ба ҳаё (шарм) нест, ва набояд ҳам он ба таври умум фаҳмида шавад.**

1. **Дар талаби илм:** Илмро талаб кунед (тӯшаи илмӣ гирифтан кори нек аст), махсусан таълимоти диние, ки вобаста ба ҳамбистарӣ байни ҳамсарон, ҳайз ва эҳтилом ҳастанд. Фақиҳон ибораеро дар ин маврид чунин баён намудаанд: "Дар дин ҳараҷ вуҷуд надорад" ё (Дар талаби илм ҳаё нест).
2. **Дар ислоҳкорӣ:** Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар масъулиятест, ки бояд бо иродаи қавӣ ва ҳикмат анҷом шавад.
3. **Дар оиладорӣ:** Байни зану шавҳар дар дохили хона ҳаё вуҷуд надорад.

Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

***"Аврататро ҳифз кун, ғайр аз ҳамсарат..."***
***(Абудовуд ва Ибни Моҷа).***

Ислом алоқаҳои ҷинсӣ байни ғайри зану шавҳарро ҳаром медонад, аммо миёни зану шавҳар дар утоқи хобашон тақрибан ҳеҷ ҳудудеро намегузорад.

Агар падару модарон дар коштани донаҳои ҳаё дар вуҷуди фарзандон беparвоӣ намоянд, боиси эҷоди мушкилот дар тамоми ҷомеа мегардад, зеро ҳаё ба монанди девори



устувор барои паноҳ бурдан аз васваса ва фиребҳои ҷинсӣ аст. Дар сатрҳои зер баъзе мулоҳизаҳоеро зикр хоҳем кард, ки аз сабаби набуди ҳаё дар баъзе кишварҳо чӣ натиҷаҳо ба бор омадааст:

- Дар баъзе кишварҳо бо номи фаъолиятҳои фарҳангӣ ва озодии баён бисёри осорхонаҳо ва майдонҳои умумӣ пур аз сурат ва муҷассамаҳои мардону занони урён гаштааст, ки намунаҳое онро ҳатто дар баъзе маъбадҳои Ҳиндустон метавон дид.

## Дурдонаҳои ҳаё

- Агар шарм надорӣ, пас ҳар коре мехоҳӣ, анҷом бидеҳ.
- Аз ҳаё чизе ғайр аз хубӣ намерӯяд.
- Дар ҳар чизе ҳаё бошад, онро зебо месозад ва аз ҳар чизе ҳаё рафт, онро зишт месозад.
- Инсони беҳаё монанди дарахти пустканда аст.

Байни фарҳанг ва беҳаёӣ, ки берун аз доираи ахлоқ аст, фосила вуҷуд дорад, дар ҳоле, ки дар фарҳанги ғарбӣ ба урёнӣ ҳамчун як рамзи фазилат ва шарофату бузургӣ барои мард нигариста мешавад ва намунаи он муҷассамаи ҳазрати Довуд (а) аст, — паёмбаре, ки намунаи фазилату шарофат аст, — ки онро Микеланҷело дар ҳолати урёнии комил ба тасвир кашидааст. Ҳамонанди ин муҷассамаро дар бисёри ибодатхонаҳои ҷаҳон низ дидан мумкин аст, аз ҷумла дар Ҳиндустон, ки дар ҷумлаи меъёрҳои динӣ урён нишон додани инсон аст. Ҳақиқат ин аст, ки муҷассамаи ҳазрати Довуд (а) ҳамчун як рамзи марди асри шукуфоии Аврупо аст, на ҳазрати Довуд (а). Падару модарон бояд дар бораи қабулияти иҷтимоӣ ва тафсири урёнӣ ва кайфияти шарҳ додани он ба фарзандон ба чашми хирад бинигаранд.

- Дар осорхонаи Сантяго, пойтахти Чили, ҳайкалҳое вуҷуд доранд, ки зану мард дар ҳолати алоқаи ҷинсии ошкор ба тасвир кашида шудаанд.
- Духтари ҷавон, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар утоқи хоб ва ҳамом камераҳо насб намуда, 24 соат аз тариқи интернет пахши мустақими фаолиятҳои худро дар ихтиёри тамошобинон гузоштааст.
- Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои тамошои пахши мустақими таваллуди аввалин тифле, ки аз тариқи шабакаи интернет бо тамоми тафсилоташ пахш мешуд, панҷоҳ ҳазор кас сабти ном карданд *(Time, 29 июни 1998)*.

Дар сатрҳои зер баъзе одоби ҳаёро зикр хоҳем кард:

- Иҷозат пурсидан пеш аз даромадан ба утоқи хоб.
- Падару модарон ва бародарон бояд дар хона ва берун аз он либосҳои муносибе ба тан кунанд, ки тамоми баданро бипӯшонад.
- Падару модарон дар ҳузури кӯдакон аз калимаҳои беҳаё ва суханон дар бораи ҷинс ҳазар намоянд.
- Дар назди фарзандон набояд ягон гуна алоқаи ошкори ҷинсии зану шавҳар, аз ҷумла бӯсаи шаҳвонӣ, ламс кардани узвҳои таносулӣ ва либоспӯшӣ вуҷуд дошта бошад.
- Хобонидани кӯдакон дар утоқи ҷудогона пас аз 10-солагӣ.
- Писарон ва духтарон бояд аз хурдсолӣ ба чашм пӯшидан ҳангоми дидани ҷинси мухолиф тарбия шаванд.

***“Ба мардони муъмин бигӯ, ки чашмони худ бипӯшанд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд. Ин барояшон покизатар аст. Зеро Худо ба корҳое, ки мекунанд, огоҳ аст! Ва ба занони муъмин***

*бигӯ, ки чашмони худ бипӯшанд ва шармгоҳи худ нигоҳ доранд ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнаъаҳои (рӯймолҳои) худро то гиребон бипӯшанд ва зинатҳои худро ошкор накунанд, ғайри ба шавҳари худ ё падари худ ё падари шавҳари худ ё писари худ ё писари шавҳари худ ё бародари худ ё писари бародари худ ё писари хоҳари худ ё занони ҳамдини худ, ё бандагони худ ё мардони хидматгузори худ, ки рағбат ба зан надоранд, ё кӯдаконе, ки аз шармгоҳи занон бехабаранд. Ва низ чунон пой бар замин назананд то он зинат, ки пинҳон кардаанд, дониста шавад. Эй муъминон, ҳамагон ба даргоҳи Худо тавба кунед, шояд наҷот ёбед"*

**(Нур, 30-31).**

Чуноне, ки дар суннати Паёмбари Худо омадааст, нигоҳ доштани чашм як амри бисёр муҳим аст. Расулуллоҳ (с) мефармоянд:

*"Шаш чизро барои ман кафолат диҳед, ман барои шумо биҳиштро кафолат медиҳам: вақте сухан мегӯед, рост бигӯед, чун ваъда додед, вафо кунед, амонатро адо кунед, шармгоҳи худро ҳифз кунед, чашмонатонро бипӯшед ва дастонатонро (аз ҳаром) нигоҳ доред"*

**(Аҳмад).**

*"Эй Алӣ! Барои ту дар биҳишт ганҷ ҳаст ва ту дорои ду шохи он ҳастӣ. Бинобар ин, пас аз як нигоҳ дубора нигоҳ накун, зеро нигоҳи аввал (ки банохост буд) аз туст ва нигоҳи дуюм барои ту нест"*

**(Аҳмад).**

*"Оташи дӯзах ба чашме, ки аз тарси Худованд ашк рехтааст, ҳаром аст ва оташи дӯзах ба чашме, ки дар роҳи Худо бедор мондааст, ҳаром аст ва оташи дӯзах барои чашме, ки худро аз нигоҳ ба ҳаром бастаast, ҳаром аст"*

**(Ҳоким).**

- Ба духтарон бояд роҳ рафтани бовиқор, ба гунае, ки ангезаи ҷинсии писаронро бедор насозад, омӯзонида шавад. Бояд духтарон пой ва синаҳои худро боз ва намоён насозанд ва аз сухан кардани бо нозу карашма иҷтиноб намоянд, то шаҳвати мардонро наангезанд. Худованди мутаол мефармояд:

*"Пас ба нармӣ сухан нагӯед, то он марде, ки дар қалби ӯ маразе ҳаст, ба тамаъ афтад, ва сухани писандида бигӯед"*

**(Аҳзоб, 32).**

- Баъзе мусиқиҳо таъсири манфӣ ва гумроҳкунанда доранд (бахусус мусиқиҳое, ки шаҳватро меангезанд ва дар онҳо калимаҳои фаҳшу беҳаёӣ бисёр аст). Наврасон бештар ба шунидани мусиқиҳое майл доранд, ки табиати шаҳвонӣ доранд ва ин навъи мусиқиҳо онҳоро аз мавзӯи ишқ ба душманӣ ё бадахлоқӣ мерасонанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки наврасоне, ки ба шунидани мусиқиҳои шаҳвонӣ майли бештар доранд, аз ҳама бештар дар маърази анҷоми алоқаҳои ҷинсӣ дар синни барвақт қарор мегиранд *(Pediatrics, 2007).* Мусиқии роки ҷинсӣ хоҳишоти шаҳвониро бармеангезад ва дар баъзе сурудҳои ҳард-рок калимаҳои фаҳшу беҳаёӣ ба андозае зиёд аст, ки кӯдакон бояд аз шунидани он қатъан манъ карда шаванд. Вақте кӯдакон ин навъи мусиқиро мешунаванд, эҳсоси бадбинии корҳои беҳаёиро аз даст медиҳанд.

- Порнография барои кӯдакон хатари бузург дорад, зеро ҳавасҳои шаҳвониро ба вуҷуд оварда, онҳоро ба дараҷае мерасонад, ки пешгирии онҳо барои фард душвор мешавад. Ва ба тафаккури онҳо низ таъсири дарозмуддат мерасонад, зеро онҳоро водор мекунад, ки саҳнаҳои фаҳшро муддати дароз тасаввур ва орзу кунанд.

- Маводи порнографӣ (филмҳои бешармӣ, сурудҳои девонагӣ, тасвирҳои луч, намоишҳои мода ва ситораҳои синамо) қадри занро паст карда, ӯро ҳамчун матоъ барои истифода қарор медиҳанд, ки гӯё зан як васила барои бароварда сохтани рағбатҳои ҷинсӣ асту бас. Вақте шаҳвати мард барангехта шавад, ӯ метавонад оташи шаҳваташро бо ҳамсари худ хомӯш намояд, вале барои як инсони муҷаррад муяссар гардидани он хело душвор аст. Бинобар ин ҷавонон ба издивоҷи барвақт ташвиқ мешаванд. Наметавон инсонро ба хотири шаҳват ва хоҳишоти нафсонияш маломат кард, аммо замоне метавон ӯро маломат кард, ки лаҷоми шаҳваташро бе ҳадду идора гузорад, ба монанди ин ки баъзе мардони зандор (бе ин ки дарк намоянд) ба занони бегона ба ҳавас назар мекунанд.

Тасвирҳои моделҳо ва ситораҳои кино дар лавҳаҳои эълонҳо, муқоваҳои маҷаллаҳо ва барчаспҳо мушкилоти бузургеро ба вуҷуд меоранд, зеро инсон то муддати зиёд манзараҳои хаёлӣ ба хотирааш роҳ ёфта, ҳамсари худро ба тасвирҳое, ки дар зеҳн ҷой шудаанд, муқоиса намуда, фарбеҳӣ ё лоғарии ҷис ё ба чӣ андоза зебо будан ё набудани андоми ҳамсари худро бармало месозад. Бинобар ин зану шавҳар бояд робитаҳои ҳалол ва шаръии худро

эҳтиром намоянд. Бо вуҷуди синну сол зану шавҳар метавонанд бар асоси барномаҳои дуруст, аз ҷумла низоми солими ғизоӣ ва машқҳои варзишӣ, ҷаззобияти худро ҳифз намоянд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки падару модарон барои назорат ва тарбияи фарзандони худ бояд дар бораи хатарҳои моводи порнографӣ дар интернет, вохӯриҳои ошиқона ва суханони шаҳвонии беарзиш ва берун аз доираи ахлоқ маълумоти комил дошта бошанд. Падару модарон бояд фарзандонро ба таври дуруст назорат намоянд ва компютер дар як ҷои умумӣ дар хона гузошта шавад, на дар як гӯшае дур аз чашм ва дар хонаи хоби фарзанд, зеро технологияи имрӯз ба фарзандон имконият медиҳад бо ҳар васила ва роҳҳои гуногун ба маҳдудиятҳо даст ёфта, дур аз назорати падару модарон ба ҳадафҳои худ бирасанд.

## Дуюм: Одоби либоспӯшӣ

Ҷавондухтарон ва ҷавонписарон бояд дар пӯшидани либос ва рафтори худ ҳаёро пеши чашми худ гузоранд, аз либосҳои шаҳватангезу фиребанда ва либосҳои тангу шаффоф, ки узвҳои бадан ва зебоиро зоҳир мекунад, иҷтиноб намоянд. Онҳо бояд либосҳоеро ба тан кунанд, ки муносиби ҳоли худи онҳо бошад. Ин ҷост, ки мо ҳикмати ҳаром будани монанд шудани писар ба духтар ва духтар ба писар дар ҳадиси Паёмбари Худоро (с) дарк менамоем:

*«Расули Худо мардеро, ки либоси занона мепӯшад, ва занеро, ки либоси мардона мепӯшад, лаънат кардааст”*

*(Абудовуд).*

Барои муроотӣ ҳарими хусусии духтарон, ки таваҷҷуҳи писаронро ҷалб мекунанд, чанд шарт барои либоси онҳо вуҷуд дорад, ки ин ҷо зикр хоҳанд шуд:

1. Бояд тамоми баданро, ғайр аз чеҳра ва кафҳои даст, бипӯшонад.
2. Набояд чунон зебо бошад, ки таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб намояд.
3. Набояд бисёр шаффоф бошад.
4. Набояд бисёр танг бошад.
5. Набояд бо атр ё дигар мавод хушбӯй карда шуда бошад.
6. Набояд бо лисбосҳои мардона, ки дар ҷомеа ҳамчун либоси хосси мардон шинохта шудаанд, монандӣ дошта бошад.
7. Набояд бо либоси занҳои ғайри мусулмон монанди дошта бошад, яъне бо либоси занҳои дигар динҳо, ки дар идҳо ва муносибатҳои динии худ мепӯшанд.
8. Набояд либоси шуҳратталабӣ ва худнамоӣ байни мардум бошад.

Метавон гуфт ҳарчиро, ки духтарон ва писарон ба тан мекунанд, аҳамияти бузург дорад, ва яке аз ҷумлаи суханони гузаштагон ин аст, ки: “Тарзи либоспӯшият ҳастии даруни туро нишон медиҳад”. Мардум одатан дар муносибатҳои гуногун либосҳои хоссеро мепӯшанд, ба монанди ибодатҳои ҳафтагӣ, вохӯриҳо, муносибатҳои солона, маҳфилҳо ва варзиш. Ҳадаф аз ин тарзи либоспӯшӣ созгор будан, розӣ кардани дигарон ва афзоиши фурсати қабулият дар гурӯҳ ё ҷамоати муайян аст. Падару модарон ба таври умум либосҳоеро, ки дар онҳо рамзи саркашӣ ва итоат накардан вуҷуд дорад, барои фарзандон намехоҳанд. Шаке нест, ки пӯшидани либосҳои муносиб ва шоиста дар ҳама ҳол таъсири худро хоҳад гузошт ва пӯшидани ҳар навъ пӯшок, ки ҳудуди шаръиро таҷовуз намекунад, интихоби муносиб барои духтарон ва писарон хоҳад буд.

Хуб мешавад, ки падару модар ба духтари хурдсоли худ дар ҳадди маъқул ҳаққи интихоб диҳанд, чун ба зудӣ замоне мерасад, ки духтари ду ё сесолаи онҳо назари қавӣ дар бораи он чӣ, ки мепӯшад, хоҳад дошт ва бо интихоби падару модар розӣ нахоҳад шуд. Ҳалли муносиб ин аст, ки барои ӯ ду се навъи либоси муносиб пешниҳод карда шавад, то яке аз онҳоро интихоб намоянд. Ин тарзи бархӯрд дар ӯ эҳсоси ҳаққи интихоб доштанро эҷод карда, ба ӯ роҳату хушҳолӣ мебахшад.

Шояд фарзандон дар оғоз либоси ягонаи мактабро дӯст надоранд, аммо ба зудӣ масъалаи либосро фаромӯш карда, дигар ба он аҳамият намедиҳанд ва ин амр дар навбати худ яке аз роҳҳое хоҳад буд, ки падару модаронро аз баҳсу муноқиша ва қарорҳои нороҳаткунандаи ҳар субҳ, ки чӣ пӯшанд ва кадом пӯшоки навро надоранд, халос мекунад. Духтарон бояд ба хубӣ дарк намоянд, ки шояд зоҳири ҷаззоб барояшон зебо вонамуд гардад, аммо тарзи либоспушӣ ва шакли зоҳирии онҳо шояд барои писарон ишораҳои нодурусте дошта бошад, ки оқибатҳои ногувор ба бор оварад.

## Сеюм: На омезиши номаҳдуд ва на хилвати мутлақ

Хилват мулоқоти махсус байни марду зан дар ҷои алоҳида ё пушти дарҳои баста аст, ки касе онҳоро намебинад, монанди утоқе дар меҳмонхона ё гӯшае берун аз шаҳр, ки ин худ як доми шаҳвонии шайтон аст. Бинобар ин бояд аз он ба ҳар қимате бошад иҷтиноб карда шавад. Расулуллоҳ (с) пешакӣ моро огоҳ намуда, фармуда буданд:

***«Ҳар гоҳ яке аз шумо бо зане дар хилват мемонад, ҳароина шайтон сеюми онҳо мебошад»***

***(Ибни Моҷа).***

Инчунин бояд аз омезиши беш аз ҳадди миёни писарону духтарон дурӣ карда шавад, аммо боке надорад агар вохӯриҳо байни хешону наздикон ва зери назорати ҷиддӣ ва ҳакимонаи падару модарон сурат гирад, ва он ҳам дар доираи одобу ҳаё ва дар як фазои муназзам ва маҳдуд. Ин навъи вохӯриҳо бештар дар муносибатҳои махсус, зиёрати беморон ва байни хешу наздикон ба миён меояд.

Шояд писаре баъди борҳо дидани духтаре дар мактаб, донишгоҳ, китобхона ё бозор эҳсоси муҳаббат намояд ва бо ӯ наздик шуда, содиқона вориди суҳбат шавад, то фикри ӯро дар бораи худ бидонад. Шояд пас аз суҳбат робитаҳо рушд намоянд ва вохӯриҳои ошиқона дар ҷойҳои махсус анҷом ёбанд, ҷое, ки касе онҳоро назорат намекунад. Сипас шояд писар ҷуръат кунад, ки духтарро ба оғӯш гирад ва бибӯсад ва дар сурати ризоят ва иҷозати духтар робитаҳо фаротар рафта, вориди алоқаҳои ҷинсие шаванд, ки пешакӣ дар бораи он нақшае надоштанд, ва саранҷом ба як фоҷеаи бузург анҷом ёбад.

> ***Дом!***
>
> ***Аввал нигоҳ, сипас табассум, сипас салом, сипас суҳбат, сипас ваъда ва сипас вохӯрӣ. Сипас ламс, сипас ангеза, сипас роҳи бебозгашт, сипас гуноҳи кабираи зино ва дар охир мушкилот ва мусибатҳо!***

Шояд натиҷа гирифторӣ ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ҳомиладорӣ. исқоти ҳамл ё тифли номашрӯъ (валадуззино) шавад.

Саҳлангорӣ нисбти қоидаи зикр шуда тамоман хуб нест, зеро хилват роҳи вуқӯи балоҳо ва даъвати пурзӯр ба бадӣ аст, ҳатто барои касоне, ки диндор ҳастанд, зеро тамоми инсонҳо аз гӯшту хуну ҳиссиёт иборатанд.

- **Вохӯриҳои ошиқона байни наврасон.**

Вохӯриҳои ошиқона “дарвозаи алоқаи ҷинсӣ” барои ҷавонон аст, ки одатан дарду ранҷ барои наздикону хонавода ва ҷомеа ба бор меорад. Баъзе донишҷуён бар ин назаранд, ки агар писар пули хӯроки шоми духтарро дод, аммо духтар “роҳро то охир нарафт”, писар ҳақ дорад ӯро ба алоқаи ҷинсӣ маҷбур кунад. Бояд гуфт, ки бештари вохӯриҳои ошиқона ба таҷовузи ҷинсӣ поён мeёбанд, вале дар ин бора хабар дода намешавад *(Bohmer, 1993 Norris et al, 1999)*. Бояд аз ҳар коре, ки иродаи инсонро дар муқобили робитаҳои ҷинси заиф ва ӯро аз идораи нафс маҳрум мекунад, монанди шароб, маводи мухаддир, мусиқии шаҳватангез, ишқбозӣ, хилват ва бӯсидан (берун аз доираи заношӯӣ) иҷтиноб варзид, зеро ин корҳо нақши муҳим барои омода сохтани инсон ба робитаҳои ҷинсӣ дорад, ки “нуқтаи бебозгашт” бурда мерасонад.

Вохӯриҳои ошиқона ва озодиҳои ҷинсии пеш аз издивоҷ баъд зарарҳои зиёде ба издивоҷ мерасонад ва ин фарзия, ки зану шавҳар бояд пеш аз издивоҷ ҳамдигарро «бисанҷанд», то аз наздик бо ҳам шинос шаванд, ҳеҷ аслу асоси воқеӣ надорад. Ҳар ҷомеае, ки барои чунин кори номашрӯъ иҷозат медиҳад, ҳамеша аз оилаҳои ноустувор ва афзоиши омори исқоти ҳамл, таваллудҳои номашрӯъ ва талоқ ранҷ мебарад.

## Чорум: Фишори дӯстон ва дигарон болои фарзандон

Фишори дӯстон сабабҳоеро дар бар мегирад, ки ба хотири он ҷавонон алоқаҳои ҷинсии ҳаромро анҷом медиҳанд, яъне ангезаҳоеро, ки гоҳо аз дидгоҳи маҳдуд ва хатояшон бармеояд ва гоҳо аз урфу одатҳои меросии дур аз равиши илоҳӣ ва дастуроти Ӯ. Аммо фишорҳои дигар аз инҳо иборатанд: васвасаҳои шаҳвонӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва рақсҳои якҷояи мардону занон, ки ба таври муфассал шарҳ дода мешавад:

- **Фишори дӯстон.** Сабабҳои зиёде барои оғози робитаҳои ҷинсии фарзандон вуҷуд дорад, ки роиҷтарини онҳо фишор ва ташвиқи дӯстон аст, ва далеле, ки онҳо барои худ меоранд, ин аст, ки мегӯянд: “Ин корро ҳама анҷом медиҳанд”. Сабабҳои дигаре, ки онҳоро ба анҷоми робитаҳои ҷинсии қабл аз издивоҷ водор месозад, мард нишон додани худ назди инсонҳои болиғ аст ва ин амалро яке аз умури пешрафтаи иҷтимоӣ медонанд. Шояд ҳам онҳо аз камбуди эҳтироми шахсияти худ ранҷ мебаранд ва мехоҳанд дар ҳоли падар ё модар шудан он камбудро бартараф созанд. Яке дигар аз сабабҳои рӯ овардан ба робитаҳои ҷинсӣ набуди роҳи дигар барои қонеъ кардани хоҳишоти нафс аст. Ҳамчунин камбуд ва набуди муҳаббат ва эҳтиром дар хона онҳоро водор месозад, ки онро берун аз хона ва дар ҷои дигар ҷустуҷӯ намоянд. Бинобар ин падару модарон бояд ба фарзандон ба қадри тавон муҳаббати бештар зоҳир намоянд, бештари вақташонро сарфи корҳои муфид намуда, бо онҳо робитаҳои озод дошта бошанд, то онҳоро аз қурбонии василаҳо ва сабабҳои мазкур шудан, ҳифз намоянд.
- **Фишорҳои дигар.** Ангезаҳои шаҳвонӣ дар ҳама ҷо вуҷуд доранд ва асоситарини онҳо пеш аз ҳама дар маҷаллаҳо, байни рафиқон, телевизор ва телефонҳои дастӣ ба таври густарда ривоҷ ёфтааст, бавижа дар телевизор аз тариқи силсилафилмҳо ва ё барномаҳои асосӣ ва эълонҳо бештар дида мешавад. Муво-

фиқи таҳқиқоте, ки дар соли 2005 анҷом дода шуд, 70% барномаҳои телелевизионӣ дар Амрико мавзӯъҳои ҷинсӣ доштаанд (аз ҷумла суханони ошиқона ва рафторҳои ҷинсӣ, аз бӯса то худи алоқаи ҷинсӣ), дар ҳоле ки дар соли 2002 ба 64% ва дар соли 1998 ба 56% мерасид. Аз миёни 20 барномае, ки наврасон тамошо мекунанд, 70% мазмуни ҷинсӣ ва 45% алоқаҳои ҷинсӣ доштаанд (The Henry J. Kaiser Family Foundation, 2005). Мувофиқи таҳқиқоте, ки соли 2001 дар 25 кишвари аврупоӣ анҷом дода шуд, 23% кӯдакони аз 9 то 12-сола бо мазмуни ҷинсӣ дар интернет ва ғайра рӯ ба рӯ мешаванд. Шабакаҳои интернетӣ мазмунҳои ҷинсиро дар муқоиса бо телевизор 14% ва филму видео 12% бештар нишон медиҳанд (EU Kids Onlaine, 2014). Дар Амрико солона наздики 200 000 саҳнаи ҷинсӣ дар эълону сериалу барномаҳои асосӣ нишон дода мешавад.

- **Масткунандаҳо.** Таъсир ва зарари нӯшокиҳои спиртӣ ва моводи мухаддир бисёр сахт аст, зеро қудрати идораи нафс ва ҳиссиётро заиф ва монеаҳои ахлоқиро аз байн мебарад, инсонро ба робитаҳои ҷинсӣ ва қонуншиканиҳо водор месозад.

- **Иҷтиноб аз рақсҳои якҷояи занону мардон.** Хатарноктарини рақсҳо ҳамон аст, ки дар он ламс кардану бо ҳам часпидани писарону духтарон, бӯсидану ба оғӯш гирифтану дастрасонӣ ба бадани ҳамдигар бошад, ки оташи шаҳватро барангехта, инсонро ба алоқаи ҷинсӣ наздик менамояд.

**Як аз таърифҳои рақс бо ҷинси мухолиф ин аст:**

«Рақс таъбири амудии хоҳишоти уфуқии мост!»

**Дар баробари фишорҳои дӯстон ва фишорҳои дигар чӣ бояд кард?**

- Падару модарон бо фароҳам кардани сарпанох, ғизо, либос ва эҳтиёҷоти моддӣ барои фарзандон иктифо накарда, насиҳатҳои пур аз ҳикмати худро низ дареғ надоранд, чун роҳнамоӣ ва тарбияи ахлоқӣ ва равонии фарзандон беҳтарин кафолат дар масирҳои душвору пур аз печидагиҳои зиндагист.

- Падару модарон бояд ба фарзандон “ба таври солим андешидан”-ро омӯзиш диҳанд

ва онҳоро машғули “ғизои ақл”-и ахлоқию фикрӣ ҳамроҳ бо ҳадафу арзишҳои воло намоянд. Насиҳати зебоеро аз сирати Расулуллоҳ (с) ба ҷавоне, ки тавони идораи хоҳишоти нафси худро надошт ва аз Паёмбари Худо иҷозати зиноро хост, меорем. Пайғамбари Худо (с) бисёр ҳакимона аз ӯ пурсид, ки оё мехоҳад бо модараш, хоҳараш, аммааш, холааш ё ҳамсараш ин амали ношоиста анҷом шавад ва посухи ҷавон дар ҳар дарфъа “на” буд. Он гоҳ Паёмбари Худо (с) ба ҷавон гуфт, ки зане, ки мехоҳад бо он зино кунад, модар, хоҳар, духтар, амма, хола ё ҳамсари касе аст. Мард насиҳати Расулуллоҳро (с) дарҳол дарк намуда, тавба кард ва Расулуллоҳ (с) барои ӯ талаби мағфират ва покии қалб намуд.

- Тақвияти ҳисси ҳувияти фард бисёр муҳим аст ва инсон бояд аз тақлиди кӯр-кӯронаи дигарон даст бардорад. Падару модарон метавонанд ҳисси ҳувиятро аз роҳи тарбия бар асоси низоми арзишҳои воло, ки дар он сарчашмаи устувору пойдор, дидгоҳи ҳамаҷонибаи ҷаҳонӣ ва пойбанд будан ба як қонуни муайян дар зиндагӣ бошад, ба фарзандон таълим диҳанд. Бо ин васила ҳамеша пеши чашмони фарзандон зарурати иҷтиноб аз нӯшидани шароб, хӯрдани гӯшти хук ва истеъмоли маводи мухаддир ва ҳаром будани алоқаи ҷинсӣ пеш аз издивоҷ ҷилвагар мегардад.

- Ҳамин гуна падару модарон бояд аз робитаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷ иҷтиноб намоянд, то худ як намунаи нек барои фарзандон боқӣ бимонанд.

## Панҷум: Издивоҷи барвақт

Барои издивоҷ синну соли муайян вуҷуд надорад. Даъватҳое ба таъхири издивоҷ то баъди донишгоҳ, ёфтани кор ё расидан ба синни 26-солагӣ вуҷуд доранд. Духтарон издивоҷ пеш аз 24-солагиро намехоҳанд ва мегӯянд “ман ҳоло барои издивоҷ омода нестам”. Ҷавонон бояд бидонанд, ки танҳо ду роҳ доранд: издивоҷ кардан ё накардан, аммо алоқаҳои ҷинсии пеш аз никоҳ ҳаргиз ҷонишини дурусти издивоҷ буда наметавонад. Худованди мутаол мефармояд:

> ***“Онон, ки тавоноии заношӯӣ надоранд, бояд покдоманӣ пеша кунанд, то Худо аз карами худ тавонгарашон гардонад”***
>
> ***(Нур, 33).***



## Ҳалли набавӣ

***“... Қасам ба Худо ман аз ҳамаи шумо бештар аз Худо метарсам ва тақво дорам, вале рӯза (нафлӣ) мегирам ва гоҳо намегирам, (шаб) намоз мехонам ва боз хоб меравам ва бо занҳо издивоҷ мекунам. Пас ҳар кӣ аз суннати ман рӯй гардонад, аз уммати ман нест”***

***(Бухорӣ).***

***“Ҳар киро Худованд ҳамсари некукор насиб гардонад, ӯро дар нисфи динаш кумак намудааст ва дар нисфи дигари динаш аз Худо битарсад”***

***(Ҳоким).***

***“Эй ҷавонон! Ҳар кӣ аз шумо тавони издивоҷ карданро дошта бошад, издивоҷ намояд ва ҳар кӣ тавоноӣ надошта бошад, бояд рӯза бигирад, ки барояш наҷот аст”***

***(Бухорӣ).***

Вақте падару модар мебинанд, ки духтар ё писари ҷавони онҳо бисёр ба издивоҷ эҳтиёҷ дорад ва дигар тавони таҳаммул ва интизорро надорад, бояд тамоми талоши худро барои оиладор кардан ӯ ба харҷ диҳанд, чун бепарвоӣ дар ин маврид ба маънои тела додани ӯ ба сӯи бадиҳост. Расулуллоҳ (с) баъзе аз муҳимтарин масъулиятҳои падару модар дар пеши фарзандонро ин гуна баён доштаанд:

***“Яке аз ҳуқуқи фарзанд болои падару модар таълим додан, номи нек гузоштан ва чун ба балоғат бирасад ӯро оиладор кардан аст”***

***(«Ҷомеъи Сағир»-и Суютӣ).***

Агар падару модар ба хоҳиши фарзандон таваҷҷуҳ накунанд ва дар оиладор кардани онҳо ноком гарданд, пас масъулияти гуноҳоне, ки аз онҳо сар мезанад, бар дӯши онҳо низ хоҳад буд. Чунончи дар боло зикр гардид, кумаки падару модар барои оиладор кардани фарзандон ба ҳеҷ ваҷҳ маънои маҷбуран оиладор кардани онҳоро надорад, бавиҷа вақте мехоҳанд фарзанди онҳо бо яке аз хешону наздикони худ издивоҷ намояд, яъне онҳоро аз ҳаққи интихоб ё дидани ҳамсари оянда ва шинохти ӯ маҳрум мекунанд. Аз ҷониби дигар падару модар бояд ризояти фарзанд, хоҳ писар бошад, хоҳ духтар, дар мавриди шарики ояндаи зиндагияшро ба даст оранд, зеро қаноат омили бисёр муҳим дар эҷоди

робитаҳои бомуваффақият байни зану шавҳар ва байни ду хонавода аст. Аз падару модарон хоҳиш мешавад ҳадафҳои воло дар тарбияи фарзандонро барои расонидани онҳо ба як издивоҷи шаръӣ пеша кунанд, на барои расидан ба ангезаҳои худхоҳона.

Ҷомеа нақшҳои гуногунро дар осон намудани издивоҷ иҷро мекунад, аз ҷумла:

- Фароҳам кардани фазои солим барои писарон ва духтарон барои вохӯрӣ ва шинохти ҳамдигар, манъи хилват байни ду ҷинси мухолиф ва бе назорат ва муроқибат нагузоштани онҳо.
- Ташкили курсҳои омӯзишӣ ва роҳнамоӣ барои писарону духтарон қабл аз издивоҷ, то онҳоро барои як ҳамсафари зиндагӣ ва падару модари муваффақ шудан омода намоянд, монанди Малайзия, ки он ҷо касе, ки мехоҳад издивоҷ кунад, ҳатман бояд курси омӯзишӣ гузарад. Ин иқдоми шоиста аз замони ба сари қудрат омадани Маҳотир Муҳаммад оғоз гашта буд.
- Аз исроф ва муболиға дар масоили маҳр ва хароҷоти издивоҷ ва маҳфилҳои сермасраф иҷтиноб намоед, чун Паёмбари Худо мефармоянд:

*“Бобаракаттарин занҳо касоне ҳастанд, ки маҳрҳояшон сабуктар бошад”*

*(Ҳоким).*

## Мушкилоти низоми таълимӣ дар муқобили издивоҷи барвақт

Низоми омӯзишии имрӯзи мо мушкилоти ҷинсии печидаеро ба вуҷуд овардааст, ки то поёни донишгоҳ ва ё барои ҳосил кардани дараҷаи илмии баландтар издивоҷро ҳатто ба пас аз 25-30-солагӣ ба таъхир андохтааст, дар ҳоле, ки баландтарин қуллаи хоҳишоти ҷинсии мардҳо дар авохири синни наврасӣ аст. Инчуни духтарҳо дар марҳалаҳои охири наврасӣ эҳсоси қавии отифӣ доранд, ки онҳоро дар баробари васваҳо ва фиребҳо заиф мегардонад.

Барои мо ҷуз ду интихоб роҳи дигаре вуҷуд надорад: издивоҷи барвақт дар солҳои таҳсил ё худдорӣ аз алоқаҳои ҷинсӣ то хатми донишгоҳ. Беҳтарин роҳ издивоҷи барвақт аст, агар ҷомеа наврасонро ба қадри лозим дар адои масъулияташон дар пеши ҳамсару фарзандон, тарбия дода бошад. Дар ҷомеаҳои имрӯз талаб кардани ҳифзи бакорат ва иффат аз навҷавонон то қариб сисолагӣ, бавижа дар миёни ин ботлоқи пур аз васвасаву василаҳои шаҳватангез, бисёр душвор аст. Таърих дар ин маврид дарсҳои муфид ва муҳимро ба мо медиҳад, яъне ин навъи мушкилот дар гузашта арзи ҳастӣ накарда буд, чун дар урф ва одоти он замон издивоҷи барвақт буд ва ҳама мардумони ҷомеа низ дастгир ва ҷонибдори он буданд. Дар замони Расулуллоҳ (с) ва асрҳо баъд аз он як низоми иҷтимоии комил вуҷуд дошт, ки бар ин асосҳо устувор буд:

**а.** Ташвиқи издивоҷи барвақтю.

**б.** Оилаҳои калон дар тарбияи фарзандон ва ҳатто наберахо кумак мекарданд. Гузашта аз ин, се насл аз як хонавода дар як манзил зиндагӣ мекарданд ва бо ҳам робитаҳои устувор доштанд, аммо оилаҳои хурд хеле кам дида мешуд. Оилаҳо бисёр кам аз як ҷой ба ҷои дигар мекӯчиданд, на монанди имрӯз, ки ба шакли густарда интишор ёфтааст.

**в.** Ислом усулҳои муайяни назорати таваллуд ва банақшагирии аҳолиро иҷозат медиҳад, то ба модарони хеле ҷавон дар таъхири ҳомиладорӣ кумак шавад, то худро барои адои ин масъулияти бузург омода созанд. Ва ин амр ба ҳамдигарфаҳмии зану шавҳар ва фарҳанги онҳо вобастагӣ дорад. Саҳобагони гиромӣ барои назорати таваллуд берун аз зан инзол мекарданд. Аз ҳазрати Ҷобир ибни Абдулло (р) ривоят аст, ки фармуданд: ***“Дар аҳди Расулуллоҳ (с) ва нузули Қуръон мо берун аз зан инзол мекардем” (Бухорӣ).*** Аммо дар замони мо модароне, ки берун аз хона кору фаъолият мекунанд ё дипломҳои донишгоҳӣ доранд, метавонад худро аввал барои тарбияи фарзандон ба таври комил фориғ намоянд ва дар айни ҳол то 35-солагӣ ба таври ҷузъӣ кору фаъолият намоянд. Ва пас аз 35-солагӣ ва баъди наврас шудани фарзандон метавонанд ба таври комил ё ҷузъӣ кору фаолият намоянд. Дар ин сурат ҳеҷ осебе ба фарзандон нахоҳад расид ва ҳамин гуна ҷомеа низ аз занону модарони дорои тахассусҳо ва таҷриба маҳрум намемонад.

**г.** Ба фарзандони 13-19-сола набояд ба чашми кам ва ҳамчун корношояму носозгор нигарист ва набояд бар ин бовар буд, ки бар онҳо фақат хароҷот мешаваду бас ва онҳо камтарин масъулият ва тавоноиро надоранд. Чунин ба назар мерасад, ки тамоюли муосир давраи кӯдакиро то авоили бистсолагӣ давом медиҳад ва бинобар ин ҷавонон ба ҷои масъул, мустақил ва пурмаҳсул будан комилан вобастаи дигарон мешаванд.

Чуноне, ки Қуръони Карим аз паёмбарони монанди Иброҳим, Юсуф, Мусо ва Исо (а) ва дигарон, ки ҳамчун пешвоёни мо дар навҷавонӣ корҳои бузургеро анҷом додаанд, сухан ба миён меорад. Асҳоби Каҳф, ки гурӯҳи ҷавонон буданд, ба Парвардигор имон оварда, дар роҳи рост қадам гузоштанд ва Худованд барои дастёбӣ ба аҳдофи волояшон роҳашонро муяссар гардонид.

Ба таъхир андохтани издивоҷ то 25-26-солагӣ, чуноне, ки дар замони муосир роиҷ аст, роҳи муносиб ва қаноатбахш буда наметавонад. Ҳомиладорӣ ва таваллуд аз нигоҳи тиб дар навҷавонӣ осонтар аст ва ба таъхир андохтани он то ба баъд аз 26-30-солагӣ хубие нахоҳад

дошт, чун аввалин ҳомиладорӣ бо гузашти умр мушкилтар мегардад. Қазияи таъхири издивоҷ нигаронкунанда, фаврӣ ва чандбуъдӣ аст. Пас бояд ба таври фаъол ба ранҷу фишорҳое, ки аз худдории ҷинсӣ ба вуҷуд меоянд, мубориза бурд, ки роҳи он дар издивоҷи барвақт ва барпо кардани оила дар навҷавонӣ аст.

Дар миёни саҳобагони Расулуллоҳ (с) теъдоди зиёде аз наврасон ҳамчун роҳбар буданд. Ҳазрати Усома дар 15-солагӣ дар ҷанги Аҳзоб иштирок намуда буд ва дар 18-солагӣ лашкари бузургеро роҳбарӣ мекард, ки зери парчами ӯ бузургони саҳоба вуҷуд доштанд. Инчунин дар ғазваи Уҳуд шуморе аз навҷавонон, ки дар синни 15-солагӣ буданд, иштирок варзиданд, монанди Сумра ибни Ҷундуб ва Рофеъ ибни Худайҷ ва дар ғазваи Аҳзоб Абдулло ибни Умар, Зайд ибни Собит, Барро ибни Озиб, Амр ибни Ҳозим ва Умайр ибни Зоҳир иштирок намуданд, ки ҳамагон бештар аз 15-сола набуданд. Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ лашкари мусулмононро ба сӯи Чин дар 18-солагӣ роҳбарӣ намуда буд. Ба монанди онҳо намунаҳои зиёде низ дар бораи ҷавондухатрони саҳоба вуҷуд дорад. Пас аз саҳобагон метавон Муҳаммади Фотеҳро мисол овард, ки дар 11-солагӣ дар замони падараш Султон Мурод дар вилояти Амосиё ба курсии роҳбарӣ нишаст, зеро бар асоси таълимоти ваҳй барои таҳаммули масъулият тарбия шуда буд то ин, ки ба мақоме расид, ки ҳадиси Расулуллоҳ (с) дар бораи фатҳи Константинопол бар ӯ рост омад. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***“Константинопол ҳатман фатҳ хоҳад шуд ва беҳтарин амир амири он ва беҳтарин лашкар он лашкар хоҳад буд”***

***(Ҳоким).***

## Шашум: Ҳимояи фарзандон аз таҷовузи ҷинсӣ

Дар ин бахш насиҳату тавсияҳо барои ҳимояи фарзандон аз таҷовузҳои ҷинсӣ мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор хоҳад гирифт. Ҳамин гуна аз мавзӯи танфурушӣ бо равиши муносиб низ ёдоварӣ шуда, дар поён роҳи ҳалли мумкин дар ҳолати мавриди таҷовузи маҳрамҳо қарор гирифтани фарзандон зикр шудааст, ки тафсилоти он ба шакли зер аст:



## Насиҳатҳои умумӣ дар бораи ҳимояи фарзандон аз таҷовузҳои ҷинсӣ

Табиист, ки кӯдакон ба бузургсолон эътимод ва боварӣ доранд, бавижа фарзандони мусулмон, ки бар асоси эҳтиром ва итоати бузургсолон тарбия ёфта, аз саркашӣ кардан аз итоати онҳо, махсусан аз ҷавонони болиғи сахтгир метарсанд. Агар кӯдакон чӣ кардани худро бидонанд, дар он сурат метавонанд худро аз бадӣ ва таҷовузҳои ҷинсӣ ҳимоя намоянд. Дар зер чанд насиҳат барои кӯдакон пешниҳод мекунем, ки онҳоро аз таҷовузи бадрафторон ҳимоя хоҳад кард. Дар дараҷаи аввал бояд падару модар ба тавсияҳои зер таваҷҷуҳ намоянд, зеро он нахуст аз ҷумлаи масъулиятҳои падару модарон ва сипас аз дигар муассисаҳои ҷомеа, махсусан муассиҳои таълимӣ ҳастанд, аз ҷумла:

- Агар инсони ношинос кор ё рафтори ғайриоддӣ мекунад, кӯшиш мекунад ба ту наздик шавад, ба ту бо диққат нигоҳ мекунад, роҳатро мебандад ё аз қафоят ҳаракат мекунад, дарҳол гурехта касеро ҷустуҷӯ намо, ки ба ту ёрӣ расонад. Ва агар мутмаин шудӣ, ки аз паси туст, доду фарёд бизан: “Сӯхтор!” ё “Наҷотам диҳед!”, зеро мардум одатан фавран ба кумак мешитобанд ва он шахс рӯ ба гурез мениҳад.
- Ҳеҷ гоҳ дар мошини ношинос савор нашав, ҳамроҳи ӯ ба ҷое нарав, ҳатто агар дар бораи ту чизҳои зиёде бидонад, масалан номи падару модар ё мактабу суроғаатро, ва аз баланд “не” гуфтан низ ҳарос надошта бош.
- Аз ҷойҳои вайрона ва холӣ дурӣ кун. Агар маҷбур шудӣ ба чунин ҷойҳо равӣ, танҳо нарав, махсусан дар шаҳрҳои калон. Вақте духтарҳо пиёда ба мактаб мераванд, бояд ҳамроҳи калонсолон бираванд.
- Рақами телефони милисахона ва чӣ гуна ба он занг заданро аз ёд кун. Ҳамеша бо худ телефони дастӣ дошта бош, то битавонӣ зуд бо падару модарат ва дар ҳангоми зарурат бо милиса дар тамос шавӣ.
- Агар маҷбур шудӣ дар хона ё мошин танҳо бимонӣ, кӯшиш кун дар ва тирезаҳоро бубандӣ ва агар шахси ношиносе ба хона ояд ё ба телефони хона тамос бигирад, нагу, ки дар хона танҳоӣ, аз додани суроға ва маълумоти дигар дурӣ кун. Агар бо падару модарат суҳбат кардан хоҳад, бигӯ, ки онҳо машғуланд, хобанд ё гуфтаанд, ки халалшон нарасонанд ва худро он гуна вонамуд намо гӯё бо шахси дигаре дар хона суҳбат мекунӣ.

- Агар аз касе шак ё аз нигоҳу тарзи суханҳояш эҳсоси нороҳатӣ кардӣ, ба шахсе, ки ба ӯ эътимод дорӣ, хабар деҳ.

- Баъзе фанҳои варзиширо барои дифоъи худ биомӯз ва яқин дошта бош, ки барои дифоъи худ бисёр қавӣ будан шарт нест, балки бояд ҳушёр ва чолок бошӣ. Баъзе фанҳо ва машқҳои варзишӣ барои ҳимояи ҷони худ ҳастанд, на барои ҷангҳои душманона.

- Аз луч кардани бадан худро нигаҳ дор. Кӯдак набояд дар назди дигарон, ҳатто назди ҳамсолони худ, худро урён намояд. Дар бисёри кишварҳои ҷаҳон қонун урён кардани кӯдаконро манъ менамояд.

- Агар аз шахсе метарсӣ, сураҳоеро бихон, ки туро ҳифзу ҳимоя мекунанд! (Фотеҳа, Фалақ, Нос, Ояталкурсӣ ё ҳар ояти дигаре, ки медонӣ). Агар лозим шавад, оятҳоро такрор ба такрор бихон ва аз Худованд дуову талаб кун, то кумак ва наҷотат диҳад, зеро Худованд беҳтарин нигаҳбон ва беҳтарини раҳмкунандагон аст.

Ба фарзандон азкори субҳу шом ва дуоҳои баромадан аз хона, даромадан ба хона ва дар ҳифзу амони Худованд супоридани худ то саломат баргаштан ба хона, таълим дода мешавад.

## Фарзандонро дар вақти муносиб дар бораи танфурӯшӣ огоҳ намоед

Кӯдакон дар бораи воқеъияти ҳаёти занҳои фоҳиша ва танфурӯшон огоҳӣ ва маълумот надоранд. Онҳо касоне ҳастанд, ки донишманди марҳум Моҷиди Кайлонӣ онҳоро "занони заифи бешарофат" номидааст. Донишманди марҳум занонеро чунин меномад, ки номусу шарофати худро мефӯрушанд ва ахлоқашон аз ахлоқи ҳайвонот пасттар шудааст, ки бо гузашти вақт дигар лаззат ва роҳатеро, ки дар ҷустуҷӯи он ҳастанд, эҳсос намекунанд. Падару модарон бояд тафсилоти хатарноки ҳаёти занҳои танфурӯш ва беҳаёро ба фарзандон шарҳу тавзеҳ диҳанд, чун онҳо ба алоқаҳои ҷинсии озордиҳанда маҷбур карда мешаванд, ки гоҳо дар як рӯз то бист нафар бо онҳо алоқаи ҷинсӣ мекунад. Танфурӯшон ба сабаби алоқаҳои ҷинсии зиёд бо мардони гуногун ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ, монанди Бемории Норасоии Масунияти Бадан (СПИД) гирифтор шуда, дар ҷавонӣ вафот мекунанд.

Теъдоди ками духтарон барои танфурӯшӣ интихоб мешаванд ва одатан инсонҳои бад онҳоро маҷбуран ба ин соҳа меоранд. Баъзеи онҳо ба сабаби лату куби доимӣ дар хона ё таҷовузи ҷинсӣ маҷбур ба тарки хона мешаванд ё муътоди моводи мухаддир гашта, барои хариди он бояд пул ба даст оранд. Баъзеи онҳо вақте танҳо сафар мекунанд, дуздида шуда, ба танҳоӣ дар утоқҳои хос дар кишварҳои бегона нигоҳ дошта мешаванд ва барои кумак хостан забо-

ни он кишварро намедонанд ва шояд ҳам дигар ҳаргиз оилаҳои худро набинанд. Баъзе духтарҳоро фиреб мекунанд, ки барои онҳо корҳои хуб пайдо мекунанд, монанди ходима, мураббия ё пешхидмат дар ресторанҳои калон, ва сипас ҳуҷҷатҳояшонро аз дасташон гирифта, ба дигар кишварҳо қочоқ мекунанд. Гоҳо кор ба ҷое мерасад, ки онҳоро дар утоқҳои хос қуфл мекунанд. "Дар Британия на камтар аз 4000 танфурӯш хариду фурӯш шудаанд ва гурӯҳҳои мубориза бо одамфурӯшӣ мегӯянд, ки теъдоди ҳақиқӣ аз шумораи зикршуда хеле бештар аст" (Morris, 2008). Баъзе духтарҳо ба сабаби нооромӣ дар оила ва ба умеди ёфтани роҳату оромиш аз хона мегурезанд ва гурӯҳҳои тиҷорати танфурӯшӣ аз онҳо огоҳ шуда, онҳоро ба танфурӯшӣ маҷбур мекунанд. Аз пуле, ки аз танфурӯшӣ ба даст меояд, андаке ба онҳо ва боқӣ ҳама ба дасти касоне мерасад, ки онҳоро идора мекунанд. Падару модарон бояд болои фарзандон таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошта бошанд, чун вақте онҳо зиндагӣ дар хонаро барои онҳо ба як ҳаёти талх ва ноумедиҳо табдил медиҳанд, фарзандон ночор аз хона гурехта, рӯ ба ҳаёти хатарноки кӯча меоранд.

Кӯдаконе, ки дар хона дучори мушкилоти хатарнок мешаванд ва чӣ гуна бархӯрд кардан бо он вазъиятро намедонанд, бояд аз калонсолони боваринок (хеши наздик, имоми масҷид, муаллим, мушовир ё милиса) машварат гиранд, зеро гурехтан аз хона ё истеъмоли маводи мухаддир роҳи ҳал буда наметавонад, балки баръакс ҳамаро душвортар месозад.

Духтарони ҷавон аз ҳаёти занҳои танфурӯш чизе намедонанд ва дар зеҳну хаёли онҳо чизҳое чарх мезанад, ки хеле аз ҳақиқат дур аст. Онҳо гумон мекунанд ҳаёт бо лаззатҳои ҷинсӣ зебост ва бо танфурӯшӣ метавон фоидаи калон ба даст овард, ҷизҳои зебо харид, либосҳои қиммат ва ҷаззоб ба тан кард, ки мардонро ба худ ҷалб мекунад, аз бадани онҳо ҳамеша атрҳои хушбӯ ба машом хоҳад расид ва дар меҳмонхонаҳои панҷситорагӣ зиндагӣ хоҳанд кард. Тамоми ин хаёлпардозиҳо дар андешаи духтарон чарх зада оҳиста-оҳиста решаи худро дар зеҳни онҳо устувор мегардонад, магар ин ки падару модарон асли моҷаро ва ҳақиқати ҳолро барои онҳо баён намоянд. Афсӯс, имрӯз васоити ахбори омма ҳаёти "зебои" занҳои танфурӯшро он гуна ба тасвир мекашанд, ки гуӣ онҳо зиндагии ободу бошукӯҳ доранд.



## Вақте кӯдак аз сӯи маҳрамҳо таҷовузи ҷинсӣ мешавад

Барои падару модар шунидани хабари таҷовуз шудани фарзанди хурдсол аз ҷониби яке аз наздикон бисёр душвор аст. Дар бештари ҳолатҳо эътироф ба ин навъ ҷиноят бисёр ногувор аст. Бинобар ин шахсе, ки таҷовуз мешавад, назди муаллим, мулло, насигатгар ё милиса биравад ва дар ҳоли собит шудани ҷиноят ба милисахона муроҷиат намоянд, зеро амният ҳаққи ҳар як шахси ҷомеа аст ва ҳеҷ кас, на аз нигоҳи шариат ва на аз нигоҳи қонун, ҳақ надорад касеро ба алоқаи ҷинсӣ маҷбур кунад.

Имрӯз дар натиҷаи коҳиши назорат бар арзишҳои робитаҳои байни занон ва мардон, таҷовузҳои ҷинсӣ дар ҷомеаҳои демократии озод ва ғайра густариши бештар ёфтааст. Таҳқиқоти миллии америкоӣ нишон медиҳад, ки тақрибан яке аз панҷ зан (18,1%) ва яке аз 71 мард (1,4%) дар яке аз марҳалаҳои зиндагӣ мавриди таҷовузи ҷинсӣ қарор гирифтаанд. Дар нишондоди ин таҳқиқот низ омадааст, ки 13% занҳо ва 6% мардҳо ба маҷбурияти ҷинсӣ мувоҷеҳ шудаанд ва ҳамин гуна 4,8% мардҳо ба ҷимоъ бо дигарон маҷбур шудаанд.

*(CDC, 2012).*

Дар Англия ва Уэлс дар соли 2015 ҳодисаҳои таҷовузи ҷинсӣ, ки аз ҷониби полис сабт шуд, 37% афзоиш ёфт. Он сол 29265 ҳодисаи таҷовуз ба номус ва 58954 ҳодисаи дигари таҷовузи ҷинсӣ сабт шуд *(United Kingdom Office National Statistics, 2015).*

Мувофиқи гузориши омори вазорати адлия, вазорати корҳои дохила ва Маркази омори миллии Англия дар соли 2013, ҳар сол дар Англия ва Уэлс наздики 85000 зан ва 12000 мард таҷовузи ҷинсӣ мешаванд, илова бар таҷовузҳои ҷинсии дигаре, ки ба қайд гирифта нашудаанд ё касе дар бораи он хабар надодааст.

Мувофиқи гузориши *“The National Survey of Sexual Attitudes”,* дар Британияи Кабир дар солҳои 2010-2012 яке аз 10 зан ва яке аз 70 мард ба алоқаи ҷинсӣ маҷбур карда шудаанд ва беш аз нисфи онҳо касеро аз моҷарои худ огоҳ накардаанд *(Welcome Trust, 2013).* Шоёни зирк аст, ки дар миёни таҷовузшудагон духтарон ва писарони бисёр хурдсол ва занҳои пирсол низ будаанд, ки дуздон ба хонаҳои онҳо дамромада, онҳоро таҷовуз кардаанд.

Яке дигар аз намунаҳое, ки метавон ин ҷо зикр кард, ин аст, ки дар шаҳри Лондон милиса мардеро дастгир намуда буд, ки беш аз 10 кампирро (аз 68 то 93-сола) таҷовуз карда буд, ва барои ҳамин “мири шаб” лақабаш гузошта буданд. Аксари қурбониҳои ин ҳодиса занҳо буданд ва бисёри ҳамлаҳояш бо дастдарозӣ ва таҷовузи ҷинсӣ поён ёфта буд.

*(BBC News, 2009).*

Вақте духтари ҷавон таҷовуз мешавад, эҳсоси норохатӣ ва нотавонию ноороми мекунад ва шояд ҳам ба гумони ин, ки рафтори нодурусти худи ӯ сабаби гирифторӣ ба ин бало буд, эҳсоси гуноҳ карда, хомӯш менишинад, ки ин эътиқоди нодуруст аст ва шояд ҳам аз тарс ва шармандагӣ касеро аз ин моҷаро огоҳ накунад.

Ба духтарон тавсия дода намешавад, ки ҳангоми кӯшиши таҷовуз ба номус фарёд зананд, зеро ин кор таҷовузкорро ба воҳима меандозад ва метавонад ӯро водор кунад, ки қурбонии худро буғӣ кунад, то хомӯшаш кунад, чун занҳо ва кӯдакони бисёре ёфт шудааст, ки буғӣ карда, кушта шудаанд. Бо вуҷуди ин, ки фарёд задан таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб мекунад, аммо фурсати кумак кардану ба дод расидан хеле кам аст. Бинобар ин доштани воситаҳои сигналдиҳии шахсӣ ва истифодаи он дар он ҳангом беҳтар аст. Партофтани ягон чиз ба тиреза ва ҳатто шикастани шишаҳо таваҷҷуҳи мардумро ҷалб мекунад ва сокинони бино ба милиса занг мезананд. Агар аз таҷовузкор чизе ба монанди тугма ё мӯи сар канда ё гирифта шавад, муайян кардани шахсияти ӯ аз тарафи милиса осонтар мегардад.

Наврасон бояд хатари дидорҳои ошиқонаро ба таври ҷиддӣ дарк кунанд, чун он ҷо баъд аз истеъмоли маводи мухаддир фурсати барои таҷовуз бисёр аст. Имкони андохтани маводи мухаддир ва беҳушкунанда дар нӯшокиҳои спиртӣ ва нӯшобаҳо низ вуҷуд дорад. Бояд бо касоне, ки қурбонии таҷовузи ҷинсӣ шудаанд, нишастҳо ороста шавад, то машваратҳо дар тарзи мубориза дар ҳолати равонӣ, асабоният, ноумедӣ ва тарс, бештар фароҳам гардад.

## Ҳафтум: Барномаи дарсии пешниҳодӣ дар мавзӯи тарбияи ҷинсӣ дар Ислом

Таълиму тарбияи ҷинсии исломӣ бояд аз хурдсолӣ дар хонавода оғоз гардад ва қабл аз омӯзиши анатомия ва физиология имон ба Худо дар қалбҳо поягузорӣ карда шавад. Зеро бе имон ба Худо ва тарс аз Ӯ шояд баъзе корҳо барои қонеъ карадани хоҳишоти шаҳвонӣ ҷоиз дониста шаванд. Бояд падар писарро ва модар духтарро омӯзиш диҳанд ва агар ин кор барои онҳо муяссар набошад, беҳтарин шахс баъд аз онҳо муаллим барои писарон ва муаллима барои духтарон аст. (Духтурон, бародари шафқат ё ҳамшираи шафқат низ метавонанд ин масъулиятро ба дӯш дошта бошанд). Бояд барномаҳои дарсӣ мувофиқ ба синну соли кӯдакон таҳия карда шавад ва духтарҳо аз писарон ҷудогона таълим дода шаванд ва посухҳо низ набояд берун аз доираи таълимӣ бошанд. Мисол, агар кӯдаки шашсола пурсад: "Ман чӣ хел ба шиками модарам даромадам?" зарур нест тамоми ҷараён ба тафсил барояш баён карда шавад.

**Барномаи таълимии тарбияи ҷинсӣ дар Ислом ба шакли зер аст (Атҳар, 1990):**

**- Тарбияи ҷинсӣ дар Ислом**

**- Инкишофи ҷинсӣ: аз 5-солагӣ сар карда**

- Ҷадвали замонӣ барои марҳалаи балоғат
- Тағйироти ҷисмӣ дар замони расидан ба балоғат
- Ҷанбаҳои ақлӣ, отифӣ ва иҷтимоии марҳалаҳои балоғат

**- Физиологияи узвҳои таносулӣ: бокирагӣ аз даҳсолагӣ**

- Духтарҳо: узвҳо, ҳайз ва синдроми пеш аз ҳайз
- Писарҳо: узвҳо, ангезаи ҷинсӣ, манӣ

**- Ҳомиладорӣ, рушди ҷанин ва таваллуд: аз 15-солагӣ сар карда**

**- Бемориҳое, ки аз роҳи алоқаи ҷинсӣ интиқол меёбанд**

**- Ахлоқи иҷтимоӣ ва динӣ**

**- Тарзи бархӯрд ба фишорҳои дӯстон ва ҳамсолон**

Кӯдакон бояд масъалаҳои ҷинсиро мувофиқи синну сол ва андозаи фаҳмиши худ биомӯзанд, зеро дар ғайри ин сурат маълумотро ба шакли нодуруст аз дӯстон ва васоити ахбори омма ба даст хоҳанд овард. Беҳтар аст тарзи баёни он ба таври ғайри мустақим анҷом дода шавад, зеро шарҳи масоили ҷинсӣ ба шакли мустақим парда аз миёни падару модар ва фарзандро мебардорад, ки шояд натиҷаҳои хубе ба бор наорад. Барои расидан ба як ҳаёти дуруст ва пойбандӣ ба дастуроти дини Ислом фарқи миёни баданҳои ду ҷинс, одобу ахлоқ ва мамнуоти динӣ маҳзурот ба фарзандон таълим дода шавад. Нақши марду зан дар зиндагӣ бояд ба як равиши сода ва ошкор, ки мувофиқи синну сол ва дарку фаҳмиши кӯдакон бошад, ба онҳо шарҳу тавзеҳ дода шавад.

Нақши тарбияи падару модарӣ махсусан замоне муҳимтар ва бештар мегардад, ки имкони хатар аз ҷониби яке аз дӯстони фарзандон аст. Он гоҳ онҳо бояд нафраташон аз рафторҳои нодурусти ӯро ошкор намоянд, тарзи дарк ва шинохти рафтори дуруст аз нодурустро ва чигунагии дурӣ ҷустан аз онро ба фарзандон баён доранд ва дар бораи саломатии ҷинсӣ онҳоро ба таври дуруст роҳнамоӣ кунанд. Яке дигар аз масъулиятҳои падару

модар кумак кардан ба фарзандон дар интихоби дӯстони муносиб аст. Онҳо бояд фарзандони наврасi худро дар бораи рафторҳои ҷинсии солим огоҳ намоянд ва ба онҳо иҷозат надиҳанд то шаб берун аз хона бошанд ё бо дигар наврасон шаб дар ҷои дигар монанд, магар бо ашхоси болиғи боваринок ва зери назорати дақиқи онҳо.



# МАШҚҲО 43-44



## Машқи 43:
## Ғанисозии зеҳни фарзандон!

Бенҷамин Франклин одат дошт меҳмонро барои ғизои шом ба хонааш даъват карда, дар ҳузури аъзои оилааш бо ӯ суҳбатҳои фикрӣ орояд ва фарзандон бехабар аз ин, ки ҳадаф онҳо ҳастанд, ба баҳсу мунокишаҳо гӯш фаро медоданд *(Franklin, 1909)*. Падару модар метавонанд яке аз касонеро, ки аз наздик мешиносанд, ҳамчун меҳмон ба хона давъат карда, аз ӯ бихоҳанд мавзӯъҳои муҳим барои фарзандонро оғоз намоянд.

## Машқи 44:
## Барномарезии хуби корӣ барои фарзандон

> ***"Намоз бигузор дар огозу анҷоми рӯз ва соате аз шаб. Зеро некиҳо бадиҳоро аз миён мебаранд. Ин пандест барои пандгирандагон"***
>
> ***(Ҳуд, 114).***

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

> ***"Ҳар ҷое бошӣ аз Худо битарс ва пас аз ҳар кори хато кори дурусте кун, зеро кори нек хаторо пок месозад ва бо мардум рафтори нек дошта бош"***
>
> ***(Тирмизӣ).***

Падару модар як ҷадвал ба дари яхдон овезон намуда, зери номи ҳар як фарзанд се сутун бигзоранд: Хуб, Бад ва Баҳои иловагӣ. Вақте фарзанд кореро, ки аз ӯ хоста шуда буд, анҷом диҳад, дар сутуни "Хуб" аломати "√" навишта шавад. Агар хатое аз ӯ содир шавад, дар сутуни "Бад" аломати "Х" гузошта шавад. Ва агар ӯ аз пеши худ кори хубе анҷом диҳад, дар сутуни "Баҳои иловагӣ" аломати "√√" гузошта шавад. Барои ҳар кори хубе, ки фарзандон дар ҳар ҷое анҷом медиҳанд, дар назди падару модар, дар мактаб, назди хешон ё дар хонаи рафиқон "Баҳои иловагӣ" дода шавад. Ба фарзандон гуфта шавад, ки дар бораи корҳои хубе, ки анҷом медиҳанд, ба онҳо хабар диҳанд, ба ин шарт, ки дар суханонашон ростгӯ бошанд.

Дар охири ҳафта холҳоро ҳисоб намуда, ба фарзандон мувофиқи натиҷаҳои фаъолияташон мукофот дода шавад. Агар аломатҳои “√” нисбат ба аломатҳои “X” бештар бошанд, ба фарзанд ҷоиза (қимат будан ҳам шарт нест) дода шавад. Ва агар аломатҳои “X” нисбат ба “√” бештар бошанд, ба он фарзанд ҷоиза дода нашавад, то барои гирифтани ҷоиза шавқу рағбат пайдо карда, дар оянда аз худ фаъолияти беҳтар нишон диҳад, ки шояд барои ба даст овардани ҷоиза бештар аз як ҳафта идом ёбад. Агар чанде кори нек хурд ҳам бошад, дар сутуни “Хуб” аломати “√” гузошта шавад, то барои анҷоми корҳои нек бештар ташвиқ гарданд.

Бо вуҷуди ин, ки тарбияи фарзандон барои ба даст овардани ҷоиза ҳангоми анҷоми кори нек чандон амали шоиста нест, вале дар устувор намудани ахлоқ ва ниятҳои хайр дар вуҷуди онҳо аз хурдӣ кумак менамояд. Маврид ба ёдоварист, ки падару модарон ба фарзандон баён намоянд, ки рафтору кирдор “хуб” ё “бад” мебошад, аммо ба худи фарзандон “Ту бад ҳастӣ” ва “Ту нек ҳасти” гуфта намешавад, балки ба рафтору кирдорашон «нек» ва «бад» гуфта мешавад. Падару модар фарзандони худро, сарфи назар аз дастовардҳояшон, дӯст медоранд, аммо барои рафтор ва кирдори нек, муҳаббати падару модар нисбат ба онҳо дучанд мегардад.

| Фотима: | | | |
|---|---|---|---|
| **Рӯзҳои ҳафта** | **Баҳои иловагӣ** | **Хуб** | **Бад** |
| Шанбе | Хоҳарашро дар пӯшидани попӯшҳояш кумак кард √√ | Модарашро дар хонарӯбӣ кумак кард √ | |
| Якшанбе | | Намозҳоро дар вақташ хонд √ | Дандонҳояшро нашуст X |
| Душанбе | | | Хоҳарашро зад X |
| Сешанбе | | Ба муаллима дар ҳамли василаҳои таълимӣ кумак кард √ | |
| Чоршанбе | Баҳои хуб дар мактаб √√ | | |
| Панҷшанбе | | | |
| Ҷумъа | | 5 оят аз Қуръон ҳифз кард √ | |
| Ҷамъ | 8 √ | | 2 X |
| Баҳо | 6 √ (сазовори ҷоиза аст) | | |

| Холид: | | | |
|---|---|---|---|
| **Рӯзҳои ҳафта** | **Баҳои иловагӣ** | **Хуб** | **Бад** |
| Шанбе | Бародарашро дар бурдани ҷузвдонаш кумак кард √√ | Ҷойгоҳи хобашро ҷамъ кард √ | |
| Якшанбе | | | Бисёр баланд дод зад X |
| Душанбе | | Дандонҳояшро шуст √ | Ифлосиҳоро ба замин партофт X |
| Сешанбе | | | |
| Чоршанбе | Баҳои хуб дар мактаб √√ | Тамоми хӯрокашро хурд √ | Бародарашро зад X |
| Панҷшанбе | | | |
| Ҷумъа | | Чанд оят аз Қуръон ҳифз кард √ | |
| Ҷамъ | 8 √ | | 3 X |
| Баҳо | 5 √ (сазовори ҷоиза аст) | | |



## ФАСЛИ СЕЗДАҲУМ
## **Оё тарбияи писарон аз тарбияи духтарон фарқ мекунад?**

- **Муқаддима**
- **Фарқиятҳои муқаррарӣ**
  — *Мантиқ дар муқобили эҳсосот*
  — *Робитаҳои отифӣ*
  — *Тамоюлоти байни марду зан*
  — *Ҳиссиёт*
  — *Ҷойгоҳ дар мусобиқа*
  — *Қиёфаҳо*
  — *Фарқиятҳои ҷинсӣ*
- **Ҳикмати фарқиятҳои байни ду ҷинс. Нақшҳо ва такмили ҳамдигар, на бартарият**
- **Авлавиятҳои мардону занони амрикоӣ**
- **Ҷудоӣ байни ду ҷинс кай сар мешавад?**
  — *Мардони зансифат ва занони мардсифат*
  — *Вазъияти тарбияи падару модар дар Амрико*
  — *Сабаби набуди тавозун дар тарбияи падару модар*
  — *Ҳақиқат ва хурофот дар бораи тарбияи* падару модар дар Амрико
- **Талаботи гуногуни писарону духтарон дар партави тарбияи волидон**
  — *Духтари хурдсол дар тарбияи падару модар ба чӣ ниёз дорад?*
  — *Писари хурдсол дар тарбияи падару модар ба чӣ ниёз дорад?*
- **Посухҳои оқилона ба фарқиятҳои байни ду ҷинс дар тарбияи падару модарӣ**
- **Фарқи байни писарон ва духтарон дар таҳсил**
- **Ҷудоӣ байни писарон ва духтарон дар мактабҳо ва синфҳо**
- **Тарбияи падару модар ва навъи ҷинс аз дидгоҳи ислом**
- **Усули Худованди мутаол беҳтарин равиш аст: мисолҳо аз Чин, Олмон ва Ҳиндустон**
- **Машқҳои 45-46**



# МУҚАДДИМА

Баҳсу муноқиша кардан дар бораи фарқиятҳои байни марду зан бисёр муҳим аст, зеро ба мо дар фаҳму дарки нақшҳо ва эҳтиёҷоти гуногуни онҳо кумак мекунад. Ҳамин гуна, дар робитаҳои миёни зану шавҳар ва миёни падару модар ва духтару писарон таъсир дорад. Муносибатҳои солим бар асоси дарки дуҷонибаи монандиҳо ва фарқиятҳои байни ду ҷинс ба миён меояд. Фаҳму бардошти падару модарон аз фарқиятҳои байни писарону духтарон дар оянда ба робитаи онҳо бо фарзандонашон таъсир мегузорад, чун андешаҳо ба гуфтор, гуфтор ба кирдор, кирдор ба одат табдил мешаванд ва одат рафторро ташкил медиҳад.

Баҳс перомуни ин нест, ки кадоме аз онҳо нисбат ба дигар беҳтар ва муҳимтар аст, писар ё духтар, зеро Қуръони карим ва суннати набавӣ ба таври комил ин мавзӯъро баррасӣ намудаанд. Худованд мефармояд:

***“Парвардигорашон дуояшонро иҷобат фармуд, ки Ман кори ҳеҷ коргузореро аз шумо, чӣ зан ва чӣ мард — ҳама аз якдигаред — ночиз намесозам”***

***(Оли Имрон, 195).***

***“Мардонро аз он чӣ кунанд, насибест ва занонро аз он чӣ кунанд, насибе”***

***(Нисо, 32).***

Паёмбари Худо (с) мефармоянд:

***“Занҳо бо мардҳо баробаранд”***

***(Аҳмад).***

Дини мубораки Ислом бо марду зан бо адолату баробарӣ бархӯрд менамояд. Ҳар яки онҳо нақши мухталифро иҷро мекунад, аммо дар айни замон яке нақши дигарро комил месозад, на ин ки ба нақши дигар рақиб ё зидд бошад. Пас афзалияту бартарии инсон на ба ҷинси ӯ, балки ба амалу тақвояш вобаста аст.

## ФАРҚИЯТҲОИ МУҚАРРАРӢ

Аз ҳикматҳои Худованди мутаол аст, ки марду занро комилкунандаи ҳамдигар офарид, на ҳамсони якдигар, зеро монандӣ ва мутобиқатҳои мутлақ, ҳатто байни як ҷинс, номумкин аст. Пас тафовут ва дигаргуниҳо аз зебоии ҳикмати Худованд ва комилкунандаи вазифаҳо ва фарқиятҳо аст, на афзалияту бартарият, зеро тарозуи бартарият тақво аст, на ҷинс. Мард дар хусусиятҳои худ афзал аст, вале дар хусусиятҳои зан афзал нест ва инчунин зан дар хусусиятҳои худ афзал аст, вале дар хусусиятҳои мард афзал нест. Пас бояд донист, ин тафовут ва дигаргуниҳост, ки сабаби ҷазб шудани мард ба зан ва зан ба мард мегардад, зеро инсон ҳамеша ҷазби чизе мешавад, ки онро надорад, на ба чизе, ки дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло, фарқиятҳои табиии миёни марду занро зикр хоҳем кард, ки аз мантиқ дар муқобили эҳсосот, робитаҳои отифӣ, тамоюлот байни марду зан, ҳиссиёт, ҷойгоҳ дар мусобиқа, фарқиятҳои ҷинсӣ ва ғайра иборатанд.

### Мантиқ дар муқобили эҳсосот

Смалей *(Smalley, 1995)* баъзе фарқиятҳои байни марду занро ин гуна баён медорад:

- Занон (хромосомаи XX) нисбат ба мардон (хромосомаи XY) системаи иммунии қавитар доранд.
- Теъдоди ҳуҷайраҳои хуни сурх дар мардҳо бештар аз занҳост, бинобар ин мардҳо тавоноии ҳаракати бештар доранд.
- Мардҳо мушакҳои бештар доранд ва косахонаи сари онҳо нисбат ба занҳо қавитар ва пусти баданашон ғафстар аст.
- 80% мардону занон ҳар ду тарафи майнаи сарро ба кор мебаранд, аммо занҳо бештар тарафи ростро истифода мебаранд, зеро он ҷои эҳсосот, отифаҳо, муҳаббат, ҳунар, шеър, мусиқӣ ва тавоноии гуфторӣ аст, дар ҳоле, ки тавони истифодаи тарафи чапро низ доранд.
- Мардҳо бештар тарафи чапи майнаи сарро ба кор мебаранд, зеро он ҷои мантиқ, тавоноии тасаввури маконҳо, пирӯзихоҳӣ, суханронӣ, ҳисобу китоб ва ҳандаса аст.
- Занону мардон дар умум метавонанд ҳар ду тарафи майнаи сарро ба хубӣ истифода намоянд, албатта агар худро ба он водор созанд. Грей *(Gray, 2003)* бар ин назар аст, ки мардҳо қабули қарорҳо, ғалаба, пешкаш карданироҳҳои ҳал ва муваффақияту дастовардҳоро беҳтар медонанд,

дар ҳоле, ки занҳо баёни эҳсосот ва гуфтугӯ дар бораи мушкилоташонро беҳтар медонанд ва ба касоне, ки ба суханони онҳо гӯш медиҳанд, бо эҳтиром менигаранд, бинобар ин онҳо ба муҳаббат ва ҳимояро ниёз доранд.



- Одатан занҳо аз мардҳо хушёртар ҳастанд, зеро шунавоӣ ва шуури онҳо нисбат ба мардон бештар аст. Душмангароӣ дар занҳо нисбат ба мардон кам аст ва ҳамин гуна таълим барои мардон дар даврони кӯдакӣ нисбат ба занҳо душвортар аст.

## Робитаҳои отифӣ

- Таҳқиқот нишон медиҳад, ки сабаби аксуламалҳои тифли якрӯза машқу таҷриба ва тарбияи иҷтимоӣ нест. Дар нишондоди як таҳқиқоти дигар омадааст, ки кӯдаке, ки ба садои гиряи кӯдаки дигар, садои ҳайвонот ва дигар садоҳои аҷиб дар компютер гӯш медиҳад, бештар ба садои ғамгини инсон вокуниш нишон медиҳад *(Cassidy, 1999)*. Вокуниши духтарҳои хурдсол ба садои инсонҳои ғамгин, ки ба мушкилот мувоҷеҳ шудаанд, бештар буд ва шояд ҳам таъсири он дар тули ҳаёти тифл идома ёбад. Бо вуҷуди ин, ки ҳар ду ҷинс, ҳатто дар рӯзи аввали таваллуд, ба садоҳои дигарон аксуламал нишон медиҳанд, духтарон бештар отифӣ ҳастанд, зеро таъсири ангезандаҳо бар дигаронро бо таъсире, ки дар вуҷуди худ доранд, тасаввур мекунанд. Маълум мешавад, ки занҳо дар парасторӣ пешқадам ҳастанд, аввалин хатти дифоъи кӯдак дар баробари дунёанд ва ҳамин гуна дорои таркиби органикие ҳастанд, ки барое қонеъ кардани ниёзҳои дигарон равона шудааст.

## Тамоюлоти байни марду зан

Смалей *(Smalley, 1998)* дар бисёри суханрониҳои худ ба баъзе тамоюлоти байни марду зан ишора мекунад, ки ба шакли зеранд:

- Мардҳо ба кашфи ҳақиқат ва баёни он ва занҳо ба баёни эҳсосот ва отифаҳои худ майл доранд. Дар як таҳқиқоте, ки аз писарону духтарони ҷавони амрикоӣ хоста шуд ҳар калимаеро, ки дар зеҳнашон чарх мезанад, ба забон биёранд, духтарон бештар калимаҳоеро интихоб карданд, ки мавриди истифода ва гуфтугӯи мардумон ҳастанд, аммо 60% пи-

сарҳо танҳо садоҳоеро ба забон оварданд, ки на истифода мешаванд ва на маъноe доранд. Марди амрикоӣ ба ҳисоби миёна дар як рӯз қариб 12000 калима ва зани амрикоӣ беш аз 25000 калима ба забон меоранд. Инчунин мушакҳои лабҳои духтарҳо пас аз таваллуд нисбат ба писарҳо бештар ҳаракат мекунад.

*(Eliot, 2009).*

- Мардҳо ҳангоми мувоҷеҳ шудан ба мушкилот дунболи ҳалли он мегарданд. Вақте зан ба шавҳараш шикоят мебарад, мард талош мекунад роҳи ҳалле пайдо намояд, аммо занҳо ба шахсе, ки ба мушкилот мувоҷеҳ шудааст, бештар изҳори ҳамдардӣ, муҳаббат ва кумаки рӯҳӣ менамояд.

- Мардҳо бештар воқеӣ ва мантиқӣ ба воя мерасанд ва занҳо бештар ба шахсияти фард аҳамият медиҳанд. Мисол, вақте мард бозии баскетболро тамошо мекунад, парвои ҳаёти бозигарон надорад, аммо зан бештар аҳамият медиҳад, ки ном ва оилаҳои бозигаронро бидонад.

- Занон нисбат ба мардон бештар бар эҷоди робитаҳои наздик ва устувор аҳамият медиҳанд. Илова бар ин, ки мардҳо дур будан ва ҷудо шудан аз муҳити атрофро ёд мегиранд, занҳо ҳувияти худро аз атрофиён ва аз онҳое мегиранд, ки мешиносанд.

- Зан худро аз хона, кӯдакон ва масъулияташ дур намесозад ва ҳамеша ба фикри онҳост. Агар зан табақу қошуқро ношуста аз хона берун ояд, ҳамеша ба ин фикр аст, ки зудтар баргашта онҳоро бишӯяд, зеро хонаашро бахши муҳими худ медонад. Аммо эҳсоси мард нисбати хона дигар аст. Ӯ хонаро барои худ як макони истироҳат мешуморад ва шустани табақу қошуқро аз ҷумлаи авлавиёташ намедонад.

- Мардҳо дар алоқаҳои худ бар ашёи умумӣ тамаркуз мекунанд ва занҳо бештар ба тафсилот аҳамият медиҳанд, монанди либос ва намудҳои таоме, ки бо шавҳар дар нахустин рӯзҳои издивоҷ хӯрда буданд. Илова бар ин, занҳо хоҳиши бештар барои барқарор кардани робитаҳои нек бо дигаронро доранд ва алоқаҳои бадро нисбат ба мардон тезтар дарк мекунанд.

- Баъзе пажуҳишгарон аз дастаи ҳамсарон хоҳиш карданд, ки ба худ чунин саволҳо диҳанд: Ба муносибатҳои заношӯии худ дар миқёси аз 0 то 10 баҳои чанд медиҳед? Чӣ бояд кард, то робитаҳо беҳтар шаванд ва ба дараҷаи 10 бирасанд? Шавҳарҳо дар посух ба ҳар ду савол нисбат ба занҳо ду дараҷа болотар баҳо доданд ва занҳо ба муносибатҳои заношӯие, ки

бо шавҳарҳои худ доштан мехоҳанд, бештар диққат доштаанд.

- Мард ба эҳсоси қудрат ва эътибор назди дигарон ниёз дорад, бахусус вақте, ки ҳамсараш ӯро таърифу тамҷид мекунад ва аз интиқоди ӯ парҳез менамояд, аммо занҳо бештар ба нерӯи отифӣ ниёз доранд, чун дар нигоҳубини муносиби кӯдакон барои онҳо бисёр муҳим аст.

- Мардҳо назар ба занҳо камтар нисбати рафтори фарзандон таҳаммулпазиранд. "Падар тамоми рӯзро бо писари чорсолаи худ гузаронид ва дар охир ба хулосае омад, ки агар тамоми рӯз писарашро барои корҳояш ҷазо диҳад, боз ҳам кофӣ нест. Агар модарон дар чунин вазъият гузошта шаванд, ба гуфтани калимаҳои интиқодӣ ба фарзандон камтар майл хоҳанд дошт, зеро назар ба мардҳо меҳрубонтаранд".

- Мард дар барқарор кардани робитаҳои отифӣ бо ҳамсари худ душворӣ мекашад, аммо дар занҳо чунин бархӯрд дида намешавад. Шояд ин ба сохти узвии умумии зану мард ва тарзи тарбияи онҳо вобаста аст. Занҳо дар бақарор кардани рафоқат ва дӯстии устувор бештар аз мардҳо маҳорат доранд.

Доктор Уоррен мегӯяд: «Вақте беморе ба наздам медарояд, аз ӯ мепурсам: "Номи се дӯсти наздикатро ба ман бигӯ". Агар шахси бемор зан бошад, дарҳол беш аз се касро номбар мекунад ва дар маҳдуд кардани дӯстонаш танҳо ба се нафар сахтӣ мекашад. Аммо агар бемор мард бошад, аксари вақт аз сухан бозмонда, ба андеша фурӯ меравад ва сипас аз ман мепурсад: "Мақсади шумо дустони наздик чист?" Аксари мардҳо дар барқарор кардани робитаҳои дӯстии устувор моҳир нестанд. Онҳо аз суҳбат, тамошои бозӣ, шикору моҳигирӣ бо ҳамсолон лаззат мебаранд, вале савол ин аст, ки оё ҳамроҳ будан ва иштирок кардан дар чунин ҳолатҳо аз дӯстони наздик будан ба шумор меояд?"

*(Wolgemuth, 1996).*

- Барои мардҳо зебоӣ аз авлавиятҳои зиндагӣ ба шумор намеравад ва тарзи тарбияи онҳо чунин аст, ки авлавият дар ҳаёти онҳо ҳамеша пули бисёр доштан аст, аммо зан бештар ба тамаркуз кардан рӯи зебоиҳои худ тарбия меёбад ва ба андозае, ки ба зебоии худ аҳамият медиҳад, ба мол аҳамият намедиҳад. Зан ҳамеша ба андешаи чӣ гуна ҷазоб будан аст, то мардро мафтуни худ намуда, ба ҳимоя ва дастгирии оила ва фарзандон водор созад.

- Гюр ва ҳамкоронаш (Gur et al, 1999) баён медоранд, ки майнаи занҳо нисбатан дар дараҷаи ҳарорати баландтаре кор мекунад, ба гунае, ки ҳангоми фаъолияти майна хуни бештар ҳаракат мекунад. Ҳамин гуна, майнаи онҳо нисбат ба майнаи мардон каме бештар фаъол боқӣ мемонад.

- Зан нисбат ба мард зудтар ба камол мерасад, ба гунае, ки духтарон барвақттар ба осонӣ гап мезананд ва пурҳаракат мегарданд. Аз ин ҷо бармеояд, ки мағзи сари марду занҳо ба шаклҳои гуногун инкишоф меёбанд ва ҳануз касе сабаби онро намедонад. Фарқ ва дигаргуниҳои мазкур собит ва устувор буда наметавонанд, чун онҳо низ вобаста аз ҳар марҳала ва синну соли муайян тағйир меёбанд.

- Омӯзиши тасвирҳои ҳуҷайраҳои асабӣ ба мо имкон медиҳад сабки рафтори муайян дар ихтилофоти сохтори узвиро биомӯзем. Мардҳо ба рафтори ҷисмӣ ва занҳо ба истифодаи сухан гароиш доранд, ки ин бештар рафтори афроди ҳарду ҷинс аст. Маврид ба ёдоварист, ки сохтори узвӣ рафтори инсонро бештар аз фарҳанг идора мекунад. Аз ҷониби дигар, ҳар гуна фарқият ва дигаргуниҳои функсионалӣ метавонад дар бораи фарҳанг ва таркиби узвии инсон ба мо бисёр чизҳоро ошкор кунад. Агарчи мо майнаи сарро ба таври гуногун истифода мекунем, майнаи ҳамаи мо яксон аст. Агар ба майнаи сари марду зан нигоҳ карда шавад, дар зоҳир ҳарду бо ҳам комилан монананд, аммо боз ҳам миёни онҳо фарқиятҳо вуҷуд дорад, ки барои пайдо кардани онҳо, ба сабаби пинҳон буданашон, ба таври дақиқ ва ҷиддӣ диққат намудан лозим аст, чун фарқиятҳо бисёр хурд ва ҳассос ҳастанд, ки қариб дида намешаванд. Ҳанӯз бисёри ин фарқиятҳо номаълум мебошанд, бинобар ин ҳар ду майна бисёр бо ҳам монанд ва ҳамсонанд. Бо вуҷуди ин, ки рафтори мардум ба шаклҳои гуногунанд, рафтори асосии марду зан яксон ва монананд.

- Агарчи таҳқиқот ва пажуҳишҳои зиёде дар бораи фарқиятҳои байни марду зан ва рафтори онҳо вуҷуд дорад, набояд фаромӯш кард, ки фарқиятҳо комилкунандаи ҳамдигар ҳастанд, на бартарият доштани яке бар дигар.



## Ҳиссиёт

Ҷои тааҷҷуб нест, ки занҳо дорои ҳиссиёти бисёр созгору зебо ҳастанд. Мисол, ҳисси бӯидани занҳо нисбат ба мардҳо дақиқтар аст, махсусан пас аз даромадани тухми мард ба раҳми зан. Инчунин занҳо дар вақти ламс кардан нисбат ба мардон ҳассостаранд ва ин қудратест, ки кӯдак ба он ниёз дорад. Вақте кӯдаки норасид (кӯдаке, ки пеш аз ҳафтаи 37 ҳомиладорӣ ба дунё меоянд) рӯи даст гирифта ва баданаш бо нармӣ ламс мешавад, нисбат ба кӯдаконе, ки баданашон ламс намешавад, зудтар инкишоф меёбанд ва нисбат ба кӯдаконе, ки танҳо гузошта мешаванд, 47% зудтар вазн мегиранд, ҳарчанд ҳар ду ба як шакл ва ба як андоза ғизо бихӯранд

*(Dodd, 2005).*

Калимаҳо ва ибораҳои модарон бо эҳсосот ва ниёзҳои кӯдакони онҳо бисёр муносиб ва ҳамоҳанг ҳастанд. Вақте наворе, ки дар он садои модарони кӯдакон сабт шудааст, монда мешавад, маълум мегардад, ки кӯдакон ба садои баланди модарон нисбат ба садои оддии онҳо ҳангоми суҳбат бо калонсолон бештар таваҷҷуҳ мекунанд. Илова бар ин, вақте кӯдак замзамаҳои модарашро мешунавад, дили хурдаш ором мешавад ва тапишиҳои дилаш бештар муназзам мегардад ва маълум мешавад, ки ин навозиш ва оромие, ки аз модар ба кӯдак мерасад, идомаи ҳамон навозишҳоест, ки модар ҳангоми ҳомила будан ба ӯ мебахшид. Вобастагии байни модар ва кӯдак ҳамон оғози фарқиятҳои отифӣ байни марду зан аст.

## Ҷойгоҳ дар мусобиқа

Андешаи мақому манзалатхоҳӣ дар мардон барвақттар оғоз мегардад, дар ҳоле, ки шояд чунин андеша ва тасмимгириҳо дар духтарон ҷойгоҳи зиёдеро надошта бошад ва зоҳиран духтарҳо камтар тасмим мегиранд дар ҷои аввал қарор дошта бошанд, албатта бо баъзе истисноҳо. Дар таҳқиқоти намунавӣ дар бозии гурӯҳии миёни кӯдакони ҳамҷинс чунин бармеояд, ки писарон бештар мехоҳанд нақши “духтур” бибозанд, то ба дигарон фармон диҳанд, ва барои ин мақом байни худ баҳсу мунокишаи зиёд мекунанд, ки кӣ бояд духтур бошад. Аммо миёни духтарон ба осонӣ ин масъала ҳалли худро меёбад. Онҳо аз ҳамдигар мепурсанд, ки кӣ сардухтур будан мехоҳад, кӣ ҳамшираи шафқат ва кӣ дар нақши бемор. Ба ҳамин содагӣ нақшҳоро байни худ тақсим намуда, масъаларо ба осонӣ ҳал мекунанд.

Писарон нисбат ба духтарон бештар рағбати иштирок дар мусобиқаҳоеро доранд, ки дар он ғолибҳои воқеӣ вуҷуд доранд ва аз ин ҷо бармеояд, ки онҳо ҳамеша дар бозӣ ва мусобиқаҳое, ки натиҷа ва ҳадаф дар пай доранд, худро роҳаттар ҳис мекунанд, аммо бозиҳои духтарон нисбат ба бозиҳои писарон зудтар анҷом меёбанд. Баҳсу ҷанҷолҳо дар мусобиқаҳои миёни писарон бисёртар ба вуқӯъ меоянд, аммо бо вуҷуди ин, ҳама ихтилофот нисбат ба ихтилофоти миёни духтарон зудтар ҳалли худро меёбанд, зеро духтарҳо нисбати ихтилофу кашмакашҳо бештар аз рӯи эҳсосот ва отифа аксуламал нишон медиҳанд, ки шояд сабаби он ба фарҳанг ва тақолиди худи мо баргардад, зеро мо дар фарҳанг ва анъанаҳо одатан духтарҳоро ба эҳсосотӣ ва отифӣ будан ташвиқ мекунем ва писаронро баръакс ба дур будан аз аксуламалҳои эҳсосотӣ.

Ҳарчанд мо талош намоем, ки миёни сохтори узвӣ ва фарҳангӣ дар ташкили рафтор ва шахсият байни ду ҷинс фарқ бигузорем, боз ҳам ин фарқият наметавонад қатъӣ бошад. Инчунин нақшҳое, ки табиат ва тарбият дар рафтор ва шахсияти инсон мебозанд, монанди ҳалқаҳои силсилаест, ки яке аз дигаре мутаассир ва ё таъсиргузор мебошад. Таъсири узвӣ дар оғоз қавитар ба назар мерасад, вале ин ҷо суоли муҳим ин аст, ки чӣ гуна метавон нуқтаи оғозиро дар ин доира пайдо кард?



**Қиёфаҳо**

Занҳо нисбати мардҳо дар тафсири қиёфаҳо ва фаҳми он маҳорати бештар доранд, ҳамон гуна, ки нисбати мардҳо тамоюли бештар ба табассум кардан доранд, дар ҳоле, ки мардҳо бештар ба ташвиқи занҳо ба лабханд иктифо мекунанд. Баъзе бар ин назаранд, ки шояд сабаби он ба таърих ва тарзи ҳукмронӣ ва тасаллут байни ду ҷинс баргардад. Занҳо назар ба мардҳо дар фаҳми ифодаҳои ғайрилафзӣ, монанди забони ҷисм ва ҳаракатҳои рӯй, маҳорати бештаре доранд.

Бар асоси таҳқиқоти тавоноии ҳар ду ҷинс дар фаҳмидани ҳолати равонии одамҳо аз рӯи акси қиёфаҳои онҳо маълум шуд, ки мардону занон дар ташхиси ҳолати хушбахтии шахс тавоноии баробар доранд. Ҳамчунин занҳо ҳолати ғамгиниро аз рӯи қиёфаи шахс, чӣ мард ва чӣ зан, ба осонӣ

ва дақиқии наздик ба 90% ташхис медиҳанд. Аммо мардҳо ғамгинии мардро бо дақиқии тақрибан 90% ва ғамгинии занро бо дақиқии тақрибан 70% аз рӯи қиёфаҳои онҳо ташхис медиҳанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки чеҳраи зан бояд воқеъан бисёр ғамгин бошад, то мардҳо онро дарк намоянд, ва илло мардҳо ифодаҳои ноошкор дар чеҳраи занҳоро мулоҳиза карда наметавонанд.

*Оё боре аз худ пурсидаи, ки чаро сураҳои Қуръони карим бо "Ба номи Худованди бахшандаю меҳрубон" оғоз мегбанд? Оё ишорае ба падару модарон барои меҳрубон будан бо фарзандон нест?*

## Фарқиятҳои ҷинсӣ

Вақте аз баъзе занон пурсиднд, ки "Агар байни ту ва шавҳарат алоқаҳои ҷинсӣ барқарор нашавад, худро чӣ гуна эҳсос мекунӣ?" посухи аксари онҳо ин буд, ки ҳама чиз хуб аст ва танҳо ба оғӯш гирифтану бӯсидан барояшон кифоя мекунад, аммо мардҳо гуфтанд, ки агар имкони алоқаи ҷинсӣ бо ҳамсар муяссар нагардад, барои онҳо бисёр бад аст.

*(Fisher et al, 2012).*

Занҳо дар идора кардани ғаризаҳои ҷинсӣ нисбат ба мардҳо устувортар ҳастанд. Дар ҳоли набуди алоқаи ҷинсӣ онҳо метавонанд муддати зиёд тоқат кунанд, аммо барои мардҳо бисёр душвор аст. Шаҳвати занҳо барои ба авҷи худ расидан ба ламсу бӯсу канор ниёз дорад, дар ҳоле, ки як калима барои барангехтани шаҳвати мард кифоя мекунад. Ин ҷо ҳикмати манъ шудани занҳо аз гуфтани суханони нарму ҷаззоб ва муомила бо мардони бегонаро (номаҳрамҳо) дарк мекунем. Зан метавонад бо шавҳар бе шаҳват ҳамбистарӣ намояд, бар хилофи мард, ки бояд ангезаҳои шаҳвонияш барангехта шаванд, то тавонад бо ҳамсараш алоқаи ҷинсӣ намояд.

Мардҳо бинобар заиф будан дар идораи қувваи шаҳвонӣ бояд аз нигоҳ кардан ба ҳаром чашмони худро бипӯшонанд. Алоқаи ҷинсӣ дар умум кори муҳиме аст, ки бояд ба танзим дароварда шавад ва яке аз натиҷаҳои он ба дунё омадани фарзандон аст. Бинобар ин роҳнамоии дурусти робитаҳои ҷинсӣ метавонанд дар бунёди ҷомеаи солим саҳми бузург дошта бошанд. Ин ҷо мо ҳикмати ҳамбастагӣ байни имон, ҳифзи шармгоҳ ва чашмпӯшӣ аз ҳаромро дарк менамоем. Танҳо шахси муъмин шармгоҳи худро нигоҳ медорад ва аҳкоми илоҳӣ низ ӯро ба чизе, ки барои ӯ созгор аст, водор месозад.

Нигоҳи шаҳватомези мард ба зани бегона ва ҳамин гуна ба сӯи худ кашидан ва ҷалб кардани марди бегона аз сӯи занон аз нигоҳи шариат ҷоиз нест, чун натиҷаҳои зишт ва баде хоҳад дошт, махсусан агар мард бо зан зино кунад ва ӯ ҳомиладор шавад.

## ҲИКМАТИ ФАРҚИЯТҲОИ БАЙНИ ДУ ҶИНС. НАҚШҲО ВА ТАКМИЛИ ҲАМДИГАР, НА БАРТАРИЯТ

Тарбияи зан ба гунаест, ки бояд бисёр ҳассос ва отифӣ бошад, то дар оянда барои ҳимояи кӯдакон аз хатарҳое, ки ба он мувоҷеҳ мешаванд, омода бошад. Ҳисси отифӣ дар миёни ҳайвонот низ роиҷ аст. Мисол, гурба навзодҳои худро аз назари дигар гурбаҳо ва ҳатто падари онҳо пинҳон мекунад аз тарси ин ки мабодо онҳоро нахӯранд. Ҷисми модар ҳангоми ҳомиладорӣ гормонҳои хоссеро ба вуҷуд меорад, ки ӯро дар таваллуд, тағзия ва ҳимояи кӯдак кумак мерасонанд.

Мард аз нигоҳи ҷинсӣ мавриди ҷазби зан қарор мегирад, ки ӯро водор месозад масъулияти хизмати зан ва фарзандонро бар ӯҳдаи худ дошта бошад ва бояд барои фароҳам овардани ниёзҳои оила ва хонадон саховатманд бошад, аммо модар бештар ба худ ва фарзандонаш аҳамият медиҳад. Мард бо паёмадҳои одати моҳона, ҳомиладорӣ, таваллуд ва ширдиҳӣ рӯ ба рӯ намешавад, то битавонад дар масири зиндагӣ дар пайи ба даст овардани даромади лозим барои таъмини тамоми эҳтиёҷот ва заруратҳои хонавода бошад.

Фарқиятҳои комилкунанда дар табиати башарии марду зан қонунҳои хонаводаи мусулмон ва роҳнамоиҳои ӯро шарҳ медиҳанд, чунки табиати ҷинсии хосси ҳар яке аз зану мард дар мафҳуми аврат ва узвҳои ҷинсии онҳо ошкор мегардад. Аврати мард аз зери ноф то зери зону аст ва ин амр ба ӯ имкон медиҳад бе ягон маҳдудият ва мамониат машғули корҳои ҷисмонии рӯзонаи худ гардад. Набояд узвҳои урёни бадани мард ба гунае бошанд, ки занҳоро ҷазби худ ва онҳоро аз идораи эҳсосоташон берун оварда, ба доми мард ворид созад. Аммо чун ҷисми зан омили ҷазб ва фиребу барангехтани ангезаҳои шаҳвонии мард аст ва мардон бо дидани бадани зан дарҳол шаҳваташон барангехта мешавад, тамоми бадани зан, ғайр аз чеҳра ва дастон, аврат аст. Пас ҳеҷ зарурати ҳақиқӣ барои урён намудани бадани зан назди мардон дида намешавад, аммо кушодани чеҳра масъалаи дигар аст, чун таъсир ва вазифаҳои ҳаётӣ дорад, монанди ифодаи "кӣ" будан ва шахсияти зан. Мафҳуми шомил ва муфассали аврат ҳимояи таъсирбахш бар зидди омезишҳои бемаҳдуд, ки ҷомеа ва хонаводаҳоро аз ҳам мепошад, фароҳам меоварад. Аммо миёни зану шавҳар ҳеҷ маҳдудият ва қайду шарт барои кашфи аврат вуҷуд надорад, чуноне Қуръони карим мефармояд:

***"Онҳо пӯшиши шумоянд ва шумо пӯшиши онҳоед"***

***(Бақара, 187).***

Мардону занон дар ҷомеа баробарҳуқуқ ҳастанд ва нақши онҳо бо такя ба хусусиятҳои ҷисмӣ ва равонӣ комилкунандаи якдигаранд.

Хонавода муассисаи махсуси инсонист, ки ба шакли фаъол амал намуда, барои мардону занону фарзандон имтиёзу шоистагиҳо фароҳам меоварад.

Одатан асоси хонавода бар асоси ухдадориҳои занҳои аз 20 то 40 сола барпо ва устувор шудааст, ки дар онҳо сифатҳои хос, ба монанди муҳаббату меҳрубонӣ фароҳам омада, барояшон имконият медиҳад оромӣ ва роҳатро барои хонавода таъмин намоянд. Шавҳар ба оромӣ ва истироҳат ниёз дорад, бавижа пас аз баргаштан ба хона, ки рӯзи дарози пур аз сахтиҳоро дар пайи касби рузӣ пушти сар кардааст. Ин як авлавияти табиӣ барои занҳо дар ин марҳалаи зиндагӣ аст, ки бо вуҷуди ин наметавон гуфт занҳо илова бар ин корҳои дигареро анҷом дода наметавонанд, ҳамон гуна, ки падарон аз масъулияти мушорикат ва таъмини амнияту оромӣ дар дохили хона истисно нестанд.

Набояд хусусиятҳои вижаи ҳар яке аз ду ҷинс ҳамчун заъф барои занон ва қудрату тавон барои мардон таъбир карда шавад, балки ҳар яке аз ин хусусиёт муносиб бар ҷинси худ ва барои адои нақши худ дар зиндагӣ аст. Шариати исломӣ масъулияти қонунӣ барои таъмин намудани хароҷоти хонаро бар дӯши шавҳар мегузорад, на бар ухдаи зан (ин ҷо ҳолати иқтисодии зан сарфи назар карда мешавад). Масъалаи ихтилофи нақшҳо ва тавоноиҳо ба гунаест, ки муносиб барои масъулияти ҳар яке аз онҳост. Тасмими кору фаъолият кардан ё накардан ба дасти худи зан аст ва ӯ мукаллаф ба анҷоми он нест, чун масъулияти таъмин намудани тамоми эҳтиёҷоти кӯдакон бар дӯши шавҳар аст. Аммо агар зан бо иҷозати шавҳар ва ба шарти тавони бардошти сахтиҳои кор ва анҷоми масъулияти модарӣ ба кор баромаданро интихоб намояд, ҳеҷ мамониате вуҷуд надорад ва метавонад даромади молии шахсӣ дошта бошад ва дар айни ҳол як модари хуб ҳам буда метавонад.

Вуҷуди тафовут ва фарқиятҳои равонӣ ва ҷисмонӣ ҳеҷ яке аз ҳуқуқи зан ва мардро дар ҳеҷ яке аз марҳилаҳои рушду инкишоф кам намекунад. Шояд сифати муайяне дар зан мусбат ба шумор ояд, монанди садои нарму зебо, аммо дар мард на.

## АВЛАВИЯТҲОИ МАРДОНУ ЗАНОНИ АМРИКОӢ

Маҷаллаи The Washington Post бо ҳамкории Донишгоҳи Гарвард назарсанҷие миёни 4000 марду зан гузаронид, ки дар натиҷаи он авлавиятҳои мардону занони амрикоӣ ба қарори зер будааст:

- Муқобила бо фишорҳои равонӣ ва иқтисодӣ дар зиндагии нав.
- Устувор намудани робитаҳои хонаводагӣ.
- Робитаҳои фаъол доштан бо кӯдакон.

Бисёре аз мардон барои кор кардани ҳамсарони худ берун аз хона мувофиқат мекунанд, аммо ҳастанд мардоне, ки дар хона мондан ва машғули тарбияи фарзандон шудани ҳамсарони худро беҳтар медонананд. Бештари мардумон бар ин назаранд, ки сабаби асосии баромадани занҳои амрикоӣ ба кору фаъолият, касби даромади бештар барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти зиндагӣ аст (Маҷаллаи «ал-Усра», № 61, 1419 ҳ.).

Шоёни зикр аст, ки мо ҳеҷ авлавияти динӣ ё маънавиеро дар зан ё шавҳар надидем ва агар он вуҷуд дошта бошад, ба манфиати кӣ хоҳад буд? Мард ё зан?

Мутаассифона имрӯз занҳо дар Ғарб ва ҳатто дар ҷаҳони Ислом қурбонии найрангҳо гаштаанд, чун дар фарҳанги имрӯзи Ғарб аз занони таваққуи кор кардан берун аз хонаро доранд, ба онҳо ҳамчун як матоъи тиҷорӣ ва арзон барои лаззати ҷинсӣ ва вақтхушӣ нигариста мешавад. Дар муқобил, зан дар баъзе кишварҳои исломӣ таълим дода намешавад ва барои таҳаммули масъулиятҳои бузурги модарӣ омода буда наметавонад ва дар бархе кишварҳо бисёре аз онҳо эҳсоси амният намекунанд, худро ба шавҳарон таслим мекунанд ва ба онҳо беэътиноӣ шуда, дар ҳошия қарор мегиранд.

Шайх Муҳаммад Ғазолӣ дар ёддоштҳояш менависад, ки «дар замони кӯдакиям дар деҳа занҳоро дар ҳама ҷо дидан мумкин буд, ғайр аз масҷид, ки бисёр кори ғамовар аст; магар дар кишварҳои исломӣ ҷои махсус барои занҳо дар масҷидҳо буда наметавонад?» Маврид ба ёдварист, ки имрӯз аксари донишҷӯёни таълимоти динӣ дар Туркия занҳо ҳастанд. Бо вуҷуди ин, ки ҳандасаи меъмории масҷидҳо бисёри вақт макони махсус барои занҳоро дар нақша намегирад, мо дар баъзе кишварҳои исломӣ намунаҳои зебоеро дар ин хусус мебинем. Масалан, дар масҷидҳои Истанбул макони хос барои занон ҷудо шудааст, ҳатто гоҳо барои онҳо масҷиди ҷудогона вуҷуд дорад, то намози ҷамоатро дар он адо намоянд (Мурод, 2009). Чӣ гуна метавон бе фароҳам кардани таълимоти динӣ ва ё ҳатто ҳадди ақал нашунидани хутбаи ҷумъа аз модарон таваққуи тарбияи фарзандонро дошт? Мо аз зан чӣ таваққуъ дошта бошем дар ҳоле, ки ӯро аз рафтан ба муассисае, ки аз ҳама бештар дар ҷомеа таъсири худро дорад, яъне хутбаи ҷумъа, маҳрум месозем? Дар ҳоле, ки аҳодиси Расулуллоҳ (с) моро ба таълим додани улуми исломӣ ва ғайри исломӣ ба занон ташвиқ мекунад.

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***“Канизҳои Худовандро аз рафтан ба масҷидҳои Худованд манъ накунед”***

***(Муслим).***



Занҳо ба сабаби масъулиятҳои иловагӣ дар хона, озодӣ барои рафтан ба масҷид ё хондани намоз дар хонаро тарк мекунанд, дар ҳоле, ки бояд шавҳарон дар ивази душвор кардани масъулиятҳои ҳамсарон, кори онҳоро бо рафтани ба масҷид осон кунанд.

## ҶУДОӢ БАЙНИ ДУ ҶИНС КАЙ САР МЕШАВАД?

Аксари кӯдакон аз нахустин рӯзи таваллуд дар бораи фарқиятҳои ҷинсӣ меандешанд *(Beal, 1993)*. Вақте онҳо ба ду-сесолагӣ мерасанд, ҷинси худро дарк мекунанд. Бинобар ин вақте кӯдаки сесола дар бораи шакли узвҳои худ ва узвҳои дигарон бо овози баланд баъзе мулоҳизаҳои худро мегӯяд, шояд дар бораи чизе гап мезанад, ки дар муддати ду сол дар борааш меандешид. Кӯдакон дунёро ба ду қисми ҷудогона мебинанд ва чун ҷинси худро мешиносанд, эҳсоси писар ё духтар будан дар онҳо ба вуҷуд омада, қабули ин воқеъиятро сар мекунанд. Рафтори писарон дар ҳудуди сесолагӣ ба тафовут байни ду ҷинс табдил меёбад. Духтарон камтар рафтори дурушт ва дағалона дошта, бозиҳое монанди лухтакбозӣ ва хоначасозиро интихоб мекунанд, дар ҳоле, ки писарҳо бештар ба муқайяд насохтани худ ба як низому қонун майл дошта, бештар ба бозиҳои махсуси мардон, ба монанди мошинчаҳо, танку тайёраҳо, мошинчаҳои боркаш, туфангҳои пластмассӣ ва ҳайкалчаҳои филмҳои тасвирӣ шавқ пайдо мекунанд.

Ҳувияти ҳар ҷинс бо таъсири гормонҳо ва тарашшуҳи онҳо мушаххас мегардад, бавижа вақти расидан ба балоғат ва баъд аз он. Аз ҷониби дигар, вокунишҳои равонӣ ба дарки фарқиятҳои анатомӣ дар синни кӯдакӣ мушаххас мешавад. Бахши асосии таъйини ҳувияти ҷинсии (гендерӣ) кӯдак аз ташхиси мусбати аломатҳои ҷинсии ӯ аз тарафи падар ё модар, ки бо ӯ ҳамҷинс аст, сарчашма мегирад. Аммо дар мардҳои занфисат ва занҳои мардсифат ин мушкил қисман аз муносибатҳои бо падару модар, алорағми вуҷуди гормонҳои табиӣ, бармеояд.

Он чӣ, ки писарро водор месозад ҳамчун мард эҳсоси амният кунад, муҳаббати атрофиён ва ҷомеа аст, махсусан вақте мебинад, ки падар аз мард будани худ лаззат мебарад. Падар бояд аз муносибатҳои рақобатӣ, ҳамкорӣ ва доду гирифт бо дигар мардҳои ҷомеа эҳсоси ризоят намояд, то ҳувияти ҷинсии писараш, ки дар ҳоли рушду инкишоф аст, эътимод бар он надошта бошад, ки падар ё атрофиён ба таври умум инсонҳои бад ҳастанд, ки бо ҳам дар корхонае кор мекунанд, хӯрок мехӯранд ё биное месозанд. Ҳамин

ки падар бо мард буданаш хушбахт бошаду бо писараш муносибатҳои нек дошта бошад, эҳтимоли зиёд ин аст, ки ҳувияти мардонаи писар солим ва дар амон хоҳад буд.

Аммо падаре, ки ҳамеша аз мард будани худ эҳсоси амният намекунад ва хоста ё нохоста бо гуфтору рафтораш ба писар нишон медиҳад, ки ӯ хушбахт нест, сабаби касб накардани ҳувияти мардонаи солим аз тарафи ӯ мегардад. Мисол, вақте падар анҷоми коре аз корҳои хонаро ба сабаби ин, ки онро махсуси занҳо ё номуносиби мардҳо медонад, рад мекунад, ӯ ба тавре ба писараш ишора мекунад, ки аз мард будани худ роҳат нест.

Вақте духтар бузург мешавад, орзу мекунад як зани хуб шавад, барои ин омодагӣ мебинад ва талош мекунад модараш ӯро дӯст дорад ва аз ӯ розӣ бошад. Вақте модар дар навбати худ аз зан будан ва иҷрои нақши худ лаззат мебарад, духтар ҳамаро бо чашми худ мебинад ва барои ӯ дигар фарқ надорад, ки модараш дар кадом сатҳ қарор дорад, яъне ӯ кишоварз аст, хонашин ё намояндаи маҷлиси олӣ.

Падару модар дар навбати худ бояд бо писарону духтарон аз рӯи адолат ва баробарӣ бархӯрд намоянд, ба гунае, ки шоистаи онҳо ва мувофиқи нақши ҳар яке аз онҳо бошад. Ҳамин гуна писарону духтарон бояд тарзи бархӯрд ба зиндагиро биомӯзанд, нақши худро ба хубӣ анҷом диҳанд, писарон аз омӯхтани саркашӣ ва беаҳамиятӣ барҳазар бошанд ва духтарон нотавонӣ ва эътимоди комил ба мардҳоро ба худ нагиранд. Духтарон набояд беш аз ҳад ба отифӣ будан ташвиқ шаванд ё дар ҳоли ҳосил нашудани мақсад дарҳол рӯ ба гиря оранд. Ситезагарии беш аз ҳади писарон коҳиш дода шавад ва дар ҳоли нарасадан ба мақсад ба хушунат рӯ наоранд.

Падару модарон барои фарзандони хурдсоли худ бозича ва лухтакҳои муносиб барои ҳар як ҷинс фароҳам намоянд ва танҳо бо хариди ҳайкалчаҳои қаҳрамонҳои моҷароҷӯ, ки дар телевизор мебинанд, иктифо накунанд, балки бозичаҳои хонасозӣ (лего), лухтакҳо ва тандисакҳои муносиб барои ҳар яке аз писарону духтарон фароҳам оваранд.

Набояд нисбати либос ва пӯшокҳои духтарон беш аз ҳад муболиға намуд ва дар айни ҳол ба либоси писарон беаҳамиятӣ кард. Бояд падару модар ба ҳамон андозае, ки ба мӯи духтар аҳамият медиҳанд, ба мӯи писар низ аҳамият диҳанд ва нисбати либос ва пӯшокҳо низ чунин бархӯрд шавад. Барои духтаракон либосҳое интихоб карда шавад, ки барои бозӣ низ муносиб бошад. Набояд онҳоро ба пӯшидани куртаҳои домандори дароз маҷбур карду сипас дар ҳоли намоён шудани таҳпӯш сарзаниш намуд. Бинобар ин бояд ба духтарон иҷозат дода шавад, то шим ё изори муносиб (на танг) пӯшанд, то битавонанд монанди бародаронашон озодона бозӣ кунанд.

Боке надорад, агар духтарон низ монанди бародаронашон машқҳои варзишӣ ва бозиҳоро биомӯзанд ва тавоноиҳои ҷисмонии худро монанди онҳо беҳтар созанд.

Писар бояд ба гунае тарбия шавад, ки ҳаргиз задани духтареро, ҳатто бо шухӣ ва бозӣ ба худ иҷозат надиҳад. Тарбияи духтарон низ ба гунае бошад, ки писаре ҷуръати задани ӯро надошта бошад ва агар ҳам писаре ӯро занад, танҳо ба гиря кардан ё гурехтан иктифо накарда, аз худаш ҳимоят намояд.

Таҳсил барои ҳар ду ҷинс ба як андоза ва ба қадри имкон то хатми донишгоҳ муҳим аст.

## Мардони зансифат ва занони мардсифат

Расулуллоҳ (с) нафрати худ аз мардоне, ки худро ба занҳо ва занҳое, ки худро ба мардҳо монанд мекунанд ба шакли ҷиддӣ баён намудааст. Дар ривояте омадааст:

***“Пайғамбар Худо мардонеро, ки худро ба занон ва занонеро, ки худро ба мардон монанд мекунанд, лаънат кардааст”***

***(Бухорӣ).***

Мард бояд марду зан бояд зан бошад ва ҳар ду бояд аз он чӣ, ки ҳастанд, сипосгузору розӣ бошанд ва яке ба дигаре худро монанду тақлид накунанд. Байни писару духтар дар доираи фарҳангҳое, ки онҳо зиндагӣ мекунанд, ба осонӣ метавон фарқ гузошт, аммо имрӯз дар замони мо вазъият каме дар ҳам задааст. Худованд духтару писарро гуногун офарид, чун ҳар яке аз онҳо нақши худро дорад, аммо дар айни ҳол онҳо комилкунандаи ҳамдигаранд. Яке аз неъматҳои бузург бар бандагон фарқ кардани яке аз дигар аст, то ҷазби ҳамдигар гардем ва зиндагӣ зеботару рангинтар бошад. Пас набояд фарқият ва дигаргуниҳои зебо ва ҷаззоби офаринишро ночиз ва беарзиш бидонем.

Ҳеҷ яке аз ду ҷинс дар “ҷанги” бархӯрди тасодуфии ҷинсҳо пирӯз намеояд, чун “душман” пинҳон ва ноаён аст. Заноне, ки дар Ғарб озодии беш аз ҳад доранд, таъсири манфӣ бар фарҳанги он кишварҳо хоҳанд дошт, зеро баъзеи онҳо даъво мекунанд, ки занҳо монанди мардҳо қавӣ ва устуворанд ва тамоми корҳоеро, ки мардҳо анҷом медиҳанд, метавонанд анҷом диҳанд. Баъзеи дигар даъво доранд, ки зан мустақил аст ва ба мард ниёз надорад ва эҳтиёҷи зан ба мард монанди “эҳтиёҷи моҳӣ ба мототсикл” аст ва ҳамин гуна ба андешаи онҳо зан метавонад тамоми умури ҷомеаро бе ҳоҷате ба мард анҷом диҳад.

Тамоми ин иддаоҳо зидди усулу паёмҳои динҳои осмонӣ аст. Мисол, дидгоҳи масеҳият бо ин иддаоҳо мухолиф аст, чун пайғабамри Худо ҳазрати Исо (а) аз мардҳо хостааст, ки нармрафтор ва

дар айни ҳол бочуръат бошанд ва тавони ба даст гирифтани зимоми роҳбариро дошта бошанд, чунки ҳар як “аҳмақ” метавонад инсони қавӣ бошад, вале марди хуби боадаб касест, ки бо зан бо адабу эҳтиром бархӯрд менамояд. Қабули қарорҳо дар хона аз масъулиятҳои мард аст, ки бояд бо маслиҳат ва машварати зан гирифта шаванд ва рафтору муомилаи шавҳар бо ҳамсар бояд дар доираи адаб ва эҳтиром сурат гирад.

Қуръони карим ба мавзӯи баробарӣ ва такомул байни ду ҷинс чунин ишора менамояд:

***“Орзӯ макунед он чизҳоеро, ки ба онҳо Худо баъзе аз шуморо бар баъзе дигар бартарӣ додааст. Мардонро аз он чӣ кунанд, насибест ва занонро аз он чӣ кунанд, насибе. Ва рӯзӣ аз Худо хоҳед, ки Худо бар ҳар чизе огоҳ аст!”***

***(Нисо, 32).***

- Сад мард метавонанд як хайма бисозанду як зан — хона (зарбулмасали чинӣ).



- Император Фемистокл аз худ пурсид: “Қавитарин шахс дар ҷаҳон кист? Ҷавоб: Афиниҳо бар юнониҳо ҳукумат мекунанд ва ман бар афиниҳо ва ту эй занам бар ман ҳукумат мекунӣ ва кӯдакамон бар ту. Пас кӯдак ҳамон шахси қавӣ аст, ки ҷаҳонро идора мекунд”.
- Оё мард метавонад занро ба таври комил бифаҳмад? Оё зан метавонад мардро ба таври комил бифаҳмад?
- Оё мардҳо метавонад андозаи сахтиҳои ҳомиладорӣ ва таваллудро ба таври комил дарк намояд? Номумкин аст, вале онҳо метавонад дарди гурдаро эҳсос кунанд, то дарди ҳомиладорӣ ба тасаввури онҳо андаке наздик гардад.
- Агар бароят интихоб гузошта шавад, ки мардро таълим медиҳӣ ё занро, ту кадом яке аз онҳоро интихоб хоҳӣ кард? Агар хостӣ мардеро таълим диҳӣ, пас ту танҳо як шахсро таълим додаӣ, вале агар хостӣ занеро таълим диҳӣ, пас бояд бидонӣ, ки миллатеро таълим додаӣ!

## Вазъияти тарбияи падару модар дар Амрико

Имрӯз дар бисёри оилаҳо тарбияи фарзандон ба уҳдаи модарон вогузор шуда, падарон танҳо нақши муовиниро доранд ва миёни онҳо дар бораи тарбияи фарзандон нобаробарӣ вуҷуд дорад. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико падар дар як ҳафта то 7 соат ва модар 14 соати вақти худро барои тарбияи фарзандон ҷудо мекунанд. Модарон дар як ҳафта 18 соат вақти худро дар корҳои хона ва 21 соат дар ҷои кор ва падарон танҳо 10 соат вақти худро дар корҳои хона ва 37 соати дигарро дар ҷои кор сипарӣ мекунанд.

*(Pew Research Center, 2013).*

Дар тақрибан 60% оилаҳое, ки аз падару модару кӯдакони зери 18-сола иборатанд, падару модарон берун аз хона кору фаъолият мекунанд ва падар аксари вақти худро дар ҷои кору модар дар тарбияи фарзандон ва корҳои хона мегузаронанд. Умуман, модар, агарчи кор ё вазифаи монанди падар дошта бошад, бештар аз шавҳар вақти худро дар тарбияи фарзандон ва корҳои хона сипарӣ мекунад.

Маҷаллаи *“Family Realations”* дар моҳи декабри соли 2013 назарсанҷиеро миёни падару модароне, ки кору фаъолияти ҳаммонанд доранд, гузаронида, бу чунин натиҷа расидааст:

- Дар ҳоли доштани фарзанди 9-моҳа модарон 70% вақти худро дар хона ва тарбияи кӯдакон мегузаронанд, дар ҳоле, ки падарон ҳамагӣ 50% вақти худро барои он ҷудо мекунанд.

- Афзун бар ин, ки модарон муддате аз вақти худро дар синамаконӣ ва дӯшидани шир барои кӯдакон мегузаронанд, онҳо ду баробари вақтеро, ки падарҳо дар нигоҳубин ва корҳои рӯзонаи кӯдакон, монанди саршӯйӣ, хӯрокдиҳӣ ва ивазкунии уребча мегузаронанд, сарфи тарбияи фарзандон мекунанд.

- Падарҳо дар тарбияи фарзандон нақши муовин ва ёрдамчиро иҷро мекунанд, на нақши асосиро *(The Ohio State University, 2013).*

Дар асри 21 тарбияи кӯдакон дигар танҳо ба уҳдаи як ҷинси муайян вогузор намешавад. Акнун ин масъулият бар дӯши касест, ки вақти холии бештар ва ё дар масофаи наздиктар ба кӯдак қарор дорад, балки наздик аст ба як масъулияти баробар миёни падару модар гардад. Ва ивазкунии уребчаи кӯдак вазифаи “касе аввал бӯйро ҳис мекунад” аст, на бар асоси қавли гузаштаҳо “падарам ин корро накарда буд, ман чаро онро кунам?”

“The Pew Research Center” дар соли 2013 натиҷаи як таҳқиқот аз соли 1965 то 2011-ро эълон намуд, ки дар он падарҳо корҳои хонагӣ ва тарбияи кӯдаконро нисбат ба солҳои 1965 бештар ба уҳда доштаанд. Дар айни ҳол, вақти кории занҳо дар вазифаҳои худ берун аз хона бештар гардида, нақши онҳо дар корҳои хона ва тарбияи фарзанд коҳиш ёфтааст. Дар Британия дар соли 2012 нисбати модарони коргар 64% ва модароне, ки ба таври пурра кор мекунанд, 29% муайян шудааст *(United Kingdom Departament for Uducation, 2014)*.

Падар дигар ба духтари навраси худ “ҳамнишини кӯдак” намегӯяд, чун худ низ ба тарбияи кӯдакон машғул гардида, як муддатеро бо онҳо сипарӣ мекунад. Имрӯз даромадани зан ба корҳои умумӣ, мардон ва занонро водор намудааст, то ба вазифаҳои оилавии замонҳои гузашта бознигарӣ намоянд. Вақте яке аз падару модар ғизои шабро тайёр мекунад, дигаре кӯдаконро дар саршӯйӣ ва ба хоб рафтан кумак менамояд.

Ҳатто масъулияти адаб додани кӯдакон имрӯз миёни падару модарон муштарак аст ва кам дида мешавад, ки модар кӯдаконро бо ин сухани қадимаи “ҳоло ист, то падарат биёяд” таҳдид кунад, чун имрӯз масъулияти адаб додан зери қоидаи “ҳар кӣ аз падару модар рафтори нодурустро аввал бубинад” ворид шудааст. Аз ҷониби дигар, ин масъулияти душворро, ки танҳо ба уҳдаи падар буд, осон намудааст.

## Сабаби набуди тавозун дар тарбияи падару модар

**Дар зер бархе омилҳое зикр хоҳанд шуд, ки модаронро ба гирифтани масъулиятҳои бештар дар тарбияи фарзандон водор месозанд:**

- Занҳо одатан аз дод задану баҳсу ҷанҷол бо шавҳарҳо худдорӣ мекунанд.
- Занҳо бинобар доштани қудрати беҳтар дар робитаҳои иҷтимоӣ тамоюли бештар ба тарбия ва парвариши фарзандон доранд, ки сабаби асосии он ба фитрат ва сохтори биологии бармегардад онҳо.
- Чун ҷомеа дар мақоми аввал масъулияти тарбияи фарзандонро бар дӯши занҳо мегузорад, аксари онҳо дур шудан аз ин масъулиятро намехоҳанд.
- Бисёри занҳо дар тақсим кардани ин вазифаҳо бо мардҳо дудилагӣ мекунанд, чун эҳсос мекунанд, ки сабаби аз даст додани идораи фарзандон мегардад ва маҷбур мешаванд меҳру муҳаббату пайванди отифии кӯдаконро бо мардҳо тақсим кунанд. Илова бар ин, онҳо аз тарзу шеваи адои масъулияти мардҳо дар тарбияи фарзандон розӣ нестанд.

**Аммо сабабҳои иштироки камтар доштани мардон дар тарбияи фарзандон ба шакли зер аст:**

- Метарсам дар ҳоли нигоҳубии кӯдакон воқеаи нохуше рух диҳад.
- Наметавонам тамоми хоҳишоти кӯдаконро анҷом диҳам.
- Аз сабаби талаботи зиёд ва пай дар пайи онҳо асабамро аз даст медиҳам.
- Модарон дар тарбияи онҳо беҳтар амал мекунанд ва ман ҳаргиз онро ба хубӣ омӯхта наметавонам.
- Агар беш аз ҳад машғули тарбияи фарзандон шавам, аз сабаби фишорҳое, ки ба дӯшам хоҳад буд, фурсати ба рутбаҳои баланд расиданро аз даст медиҳам, афзун бар ин ки вақти кофӣ барои ин корро надорам.
- Фурсати ҳамроҳ будани падарон бо фарзандон дар дарсҳои марбут ба марҳалаҳои рушди кӯдакон дар мактаб ва дигар муассисаҳо нисбат ба модарон камтар аст.
- Ҳануз намунаи тарбиявии падарӣ, ки мардон аз он пайравӣ намоянд, вуҷуд надорад.
- Мардҳо дар адои нақши тарбияи фарзандон ташвиқ ва дастгирӣ намешаванд.
- Баъзе модарон ба иштироки бештари падарон дар тарбия халал мерасонанд.

Бо вуҷуди ин ҳама, падарҳои имрӯз нисбат ба падарҳои дирӯз вақти бештареро дар тарбияи фарзандон мегузаронанд, ки ба осонӣ метавон онро пай бурд.

## Ҳақиқат ва хурофот дар бораи тарбияи падару модар дар Амрико

Дар ин ҷо ҷадвали баъзе шубҳаҳои интишор ёфта дар муқобили ҳақиқатҳоеро дар бораи нигоҳубини фарзандҳо аз тарафи падару модарон дар Амрико пешниҳод менамоем:

| *Шубҳаҳои роич* | *Ҳақиқатҳо* |
| --- | --- |
| • *Занҳо ҳамеша дар тарбияи фарзандон беҳтаранд.* | • *Фарзанд метавонад ба падар низ ба андозаи модар вобастагӣ дошта бошад* |
| • *Дар солҳои нахуст падарҳо чандон аҳамият ба фарзандон намедиҳанд, аммо вақте онҳо бузург мешаванд, нақши падарон бештар мегардад.* | • *Падарҳо ба фарзандон монанди модарҳо бо эҳсоси бисёр олӣ бархӯрд менамоянд.* |
| • *Адаб омӯзонидани кӯдакон вазифаи муҳими падар аст.* | • *Дар Амрико бозии падарон бо фарзандон аз бозии модарон фарқ мекунад, чун падарон бозиҳои ҷисмониро интихоб мекунанд, ки нисбат ба бозиҳои модарон бо фарзандон вақти бештареро фаро мегирад (40% дар муқоиса бо 25% занон).* *(Yogman, 1981 Parke, 1996).* |
| • *Чун масъулияти падар таъмини эҳтиёҷоти фарзандон аст, шарт нест бо онҳо вақти бисёреро гузаронанд.* | • *Падарҳо дорои меҳру муҳаббат ҳастанд: кӯдаконе, ки тарбияи хуби падарӣ ба онҳо расидааст, дар имтиҳонҳои намунавӣ натиҷаҳои баландро ба даст овардаанд.* |
| • *Фаразандон ба вобастагии бештар ба модарон ниёз доранд, то ба таври дуруст рушд ва инкишоф ёбанд.* | • *Тарзи тарбияи падар таъсири бузург дар тарбияи иҷтимоии фарзандон дорад, зеро падароне, ки дар роҳнамоии фарзандон муҳаббат, ақлоният ва ирода доранд, фарзандони дорои имконоти баландеро хоҳанд дошт. Падароне, ки ба зургӯӣ ва ҷазо майл доранд, аз фарзандон рӯй мегардонанд ва одатан дар як ҳолати нороҳатӣ ва ташвишовар ҳастанд, фарзандони ғайри мустақил ба воя хоҳанд расонд.* |
| • *Вақте кӯдак будам, бо падарам чандон робитаи хубе надоштам. Ҳоло, ки як марди хубе ҳастам ва аз чизе шикоят надорам, ҳамчун падар ба робитаи хуб бо фарзандон ниёз надорам. Маро ҳамчун падар барои тақсиротам набояд маломат кард, чун падарам ҳамин гуна маро тарбия кардааст.* | • *Мо ҳамеша масъули амалҳои худ ҳастем, ҳатто агар падару модарон намунаи хубе барои мо набошанд. Пас бояд намунаи хубро берун аз хона ҷустуҷӯ кард.* |
| • *Муваффақият ва бартарӣ дар корам муҳимтарин чизе аст, ки метавонам барои хонаводаам тақдим намоям.* | • *Оромӣ ва манфиати хонавода ҳамеша муқаддам бар кор аст, ки авлавият бояд ба он дода шавад.* |

| Шоир Қайс ибни Зурайҳ (625—688) мегӯяд: | |
|---|---|
| Оё барои тифли навзоде гиря мекунӣ, ки ӯро тарк кардӣ, | Дар ҳоле, ки аз ҳама барои тарбияи ӯ тавонотар будӣ? |
| **Доктор Асъад Солеҳ мегӯяд:** | |
| Пушаймон аз коре шудем, ки | Ҳалли он сабр буд, на пушаймонӣ. |
| Баъзе падару модарон нисбати фарзандони худ зургӯӣ карда, онҳоро мавриди ҳарос қарор медиҳанд ва сипас аз кардаҳои худ пушаймон мешаванд. Гоҳо иштибоҳи худро замоне дарк мекунанд, ки фурсат аз даст рафтааст. | |

## ТАЛАБОТИ ГУНОГУНИ ПИСАРОНУ ДУХТАРОН ДАР ПАРТАВИ ТАРБИЯИ ВОЛИДОН

Касе ҳануз дақиқ намедонад, ки сабаби фарқиятҳои писарону духтарон табиати онҳост ё тарзи тарбияи онҳо. Бо вуҷуди ин, падару модарон метавонанд дар таъмини эҳтиёҷоти онҳо нақши муҳимро иҷро намоянд.



Дар зер баъзе тавсияҳоро барои ташвиқи писарону духтарон барои бар дӯш гирифтани вазифаҳо дар зиндагӣ тақдим медорем.

*(Иқтибос аз Friedman, 1998):*

### Духтари хурдсол дар тарбияи падару модар ба чӣ ниёз дорад?

***- Худбоварӣ:*** Духтарҳо ба ташвиқҳои мукаррар бо калимаҳо ва ибораҳое, ки сифатҳо ва хислатҳои хуби онҳоро тақвият мебахшанд, эҳтиёҷ доранд. Мисол, вақте падару модар ба духтари худ мегӯянд: “Духтарам чӣ қадар далер аст, ки аз зинаҳо худаш бе кумаки касе мебарояд”. Инчунин бояд духтарон бидонанд, ки падару модарон ба онҳо бовар доранд ва медонанд, ки духтарони онҳо бисёр ҳушёр ва доно ҳастанд, ҳамон гуна, ки бояд ба онҳо фурсати бештар дода шавад, то дар оянда роҳбар бошанд. Мисол, ба онҳо фурсат дода шавад бозиеро интихоб намуда, дар он қоидаҳои худашонро гузоранд ва низоъҳое, ки дар байни иштирокчиён сар мезанад, ҳал

кунанд. Духтари хурдсоле, ки барои роҳбар шудан омӯзиш дода мешавад, дар оянда омӯзиш ва фаъолиятҳои муваффақонае хоҳад дошт.

- ***Худкифоӣ:*** Духтаракони хурдсол бояд эҳсоси худкифоӣ дошта бошанд. Барои ба вуҷуд овардани ин ҳис ба онҳо иҷозат дода шавад бе кумаки касе кори дилхоҳи худро, масалан, овардани пиёлаи шарбат, шона кардани мӯйи сар ва сохтани хонача, анҷом диҳанд. Хуб аст ба онҳо гуфта шавад, ки баъзе занҳо тамоми зиндагӣ кору фаъолият мекунанд, то онҳо дар оянда барои таъмини худ ва худкифоӣ омода бошанд. Ҳамин гуна падару модарон барои онҳо намунаҳои занҳои муваффақеро ёдовар шаванд, ки дар зиндагӣ тавониста анд бо вуҷуди душвориҳои кору зиндагӣ корҳои хайр ва вазифаҳои оилавиро низ адо кунанд.

- ***Муносибатҳои фазоӣ ва ҳамоҳангӣ:*** Барои духтаракони хурдсол бозичаҳо ва лӯхтакҳои гуногун фароҳам карда шавад, аз ҷумла мошинчаҳо, мошинчаҳои боркаш, бозичаҳои хонасозӣ, бозичаҳои обгирӣ ва маҷмӯае аз тӯпчаҳо ва бозичаҳое, ки болои онҳо баромада ва савор шуда тавонанд.

- ***Машқ:*** Падару модар бо духтарон машғули бозиҳое шаванд, ки дар онҳо ҳаракат ва ҷидду ҷаҳд вуҷуд дорад, монанди худро рӯи замин кашидан, аммо духтарҳое, ки бисёр хурдсол ҳастанд ва тавони бозиҳои варзишии муназзамро надоранд, метавонанд майдонҳои васеъ ва роҳи пойгаро истифода намоянд ва ё ба дигар бозиҳои варзишӣ, монанди чарх задан бо дастҳо, машғул шаванд. Падару модарон аз асар ва паёмадҳои он нороҳат ва ташвиш нашаванд. Мисол, агар вақти ба дарахт баромадан ё дар байни алафзор бозӣ кардан мӯйи сар ё либосҳои духтаракон олуда шавад ё вақте аз баданашон бӯи арақ меояд, нороҳат нашаванд, балки онҳоро ташвиқ намоянд, ки бо регу гил бозӣ кунанд ва ё дар бозиҳои варзишӣ дар ҳавои боз иштирок намоянд.

- ***Малакаи қабули қарорҳо:*** Падару модарон барои духтарон фурсати интихоб диҳанд ва бигузоранд масъулияти қарорҳои худро бар дӯши худ дошта бошанд. Онҳо бояд ҳатто аз замони ширхорагӣ дар интихоби пиёла ва косаи дилхоҳашон кумак намоянд. Ҳамчунин ба онҳо иҷозати интихоби дугонаҳое, ки мехоҳанд бозӣ кунанд, дода шавад.

- ***Кунҷковӣ:*** Духтарон барои дарёфти маълумот ва омӯзиши муҳиту атроф ба фурсати муносиб ниёз доранд. Агар духтар бисёр хурдсол бошад, шароити хона ба гунае танзим шавад, ки бе хатар битавонад даруни хона ва атрофи он ҳаракат кунад. Ба падару модарон тавсия дода мешавад духтаронро барои гардиш ба берун аз хона, ба китобхона, боғча, маркази савдо, бозори умумӣ ва ибодатгоҳҳо баранд ва ҳамчунин метавонанд аз мактабҳо хоҳиш намоянд, ки барои фарзандонашон барномаҳои тамо-

шои киштзорҳо, корхонаҳо, устохонаҳо, боғчаҳо, маҳкамаҳо ва дигар марказҳое, ки дорои хислатҳои тарбиявӣ доранд, ташкил намоянд.

***- Таассуроти духтар аз бадани худ:*** Падару модар ба фаъолият ва дастовардҳои духтари худ бештар аз сурати зоҳирӣ ӯ аҳамият диҳанд, бо ӯ дар бораи кору фаъолиятҳое, ки анҷом додааст, суҳбат кунанд, на дар бораи зебоӣ ва либосҳое, ки мепӯшад. Падару модар бештар ибораҳоеро такрор намоянд, ки ба фаъолияту дастовардҳои ӯ марбут аст, ба монанди: "Кори хубе анҷом додӣ", на ин ки "Имрӯз бисёр зебо менамоӣ".

***- Малакаи таҳлили интиқодӣ:*** Агар кӯдакон телевизор ва филм тамошо мекунанд, амалкарди падару модар ба гунае бошад, ки фарзандон дар бораи чизе, ки тамошо мекунанд, назар ва андешаҳои интиқодӣ дошта бошанд ва бо онҳо дар бораи нақшҳои "класикӣ" суҳбат намоянд. Мисол, дар бораи нишон додани бадани занҳо дар телевизор баҳсу гуфтугӯ намуда, баҳсро бо ин шева оғоз намоянд, ки оё духтарҳои фарбеҳ дар телевизор ҳамчун духтарҳои нодустдоштанӣ нишон дода мешаванд? Оё бадани онҳо ҳамчун василаи хушҳолӣ ба мардум нишон дода мешавад? Оё бадани духтарҳоро ба мақсади барангехтани ангезаҳои шаҳвонӣ ва ё ҳамчун рамзи масоили ҷинсӣ нишон медиҳанд? Оё васоити ахбори омма духтаронро ба далели ин, ки онҳо доно ва ё зебо ҳастанд, ба намоиш мегузорад?

***- Дониши риёзӣ ва илм:*** Ба духтарон фурсати омӯзиши фанҳои илмӣ, монанди биология, риёзиёт ва технология дода шавад. Ҳарчанд духтарон истеъдод ва хоҳиши кашфи ҷаҳонро доранд, дар бисёри ҳолатҳо барои онҳо фурсати муносиб фароҳам намеояд ва ё ташвиқ карда намешаванд.

***- Намунавӣ бошед:*** Модар, холаҳо, аммаҳо ва дигар занҳои хешону наздикон бояд барои духтар намунавӣ бошанд. Онҳо бояд ба гунае бошанд, ки духтар ҳам онҳо ва ҳам дигар занҳоро дӯст дораду эҳтиром кунад.

## Писари хурдсол дар тарбияи падару модар ба чӣ ниёз дорад?

***- Намуна аз мардҳо:*** Агар писарбачаҳо дар роҳи зиндагии худ касеро намунаи нек қарор надиҳанд, маълумоти лозимро аз васоити замонавӣ, варзиш, телевизор ва интернет мегиранд, ки мардонагиро дар чаҳор чизи асосӣ муаррифӣ мекунад: масоили ҷинсӣ, зӯроварӣ, варзиш ва моддиёт. Аз ҷумлаи масъулиятҳои падару модар ҳамчун мураббии фарзандон ин аст, ки робитаҳои байни марду зан ва кӯдаконро ба таври дуруст бознигарӣ намоянд.

***- Эҳсосоти ҷисмӣ:*** Писарбачаҳо ба андозаи духтарҳои хурдсол ба оғӯши гарм ниёз доранд. Бинобар ин вақте писари хурдсол гиря мекунад, падару модар бояд ӯро ором созанд, бо ӯ бозӣ ва саргармӣ намоянд ва ӯро то бузург шудан ҳамеша ба оғуш бигиранд.

*- Малакаҳои забонӣ:* Падару модар бояд ҳамеша бо писарони хурдсоли худ суҳбат кунанд, зеро садои падару модар ба онҳо оромӣ ва роҳат мебахшад, онҳоро ташвиқ мекунад ва онҳоро дар рушд додани забон ва андешаҳояшон кумак мекунад.

*- Аҳамият ба дигарон:* Падару модар бояд ба фарзандон таъсири рафторашонро бар дигарон шарҳ диҳанд, ҳамеша ёд диҳанд ва ҷазо надиҳанд, зеро ба ҷои ин, ки рафтори бади худро нисбати падару модар ё дӯстон дарк намоянд, рӯи дард ва омиле, ки сабаби ҷазои онҳо шуда буд, тамаркуз мекунанд.

*- Малакаи ҳалли дуруст:* Писарон ба омӯзиш ва донистани роҳҳои дурусти ҳалли ихтилофот ва нофаҳмиҳое, ки миёни кӯдакон сар мезанад, ниёз доранд. Агар кӯдакон дар нофаҳмиҳои миёни худ рӯ ба задан ё газидан биёранд, чуноне, ки бисёриҳо дар даврони кӯдакӣ мекунанд, падару модар бояд ба онҳо бифаҳмонанд, ки озори дигарон кори нораво ва ғайри қобили қабул аст ва онҳоро барои баёни ғазабашон ба сӯи роҳҳои дигар ҳидоят намоянд.

*- Масъулият дар корҳои худ:* Набояд ба духтар ва писар бо шеваҳои гуногун бархӯрд кард. Агар падару модар тасмим гирифтанд, ки духтари худро барои баъзе рафтори нодурусташ сарзаниш кунанд, пас бояд мувофиқи ҳамон қоидае рафтор кунанд, ки нисбати писарон иҷро мекунанд, на ин ки “писар писар аст” ва бо духатр бо дигар шева бархӯрд намоянд.

*- Баёни эҳсосот:* Писарон бояд барои изҳори эҳсосоташон, аз ҷумла гиря, ташвиқ шаванд. Агар писарҳо ба далели ин, ки мард ҳастанд аз баёни андӯҳашон манъ карда шаванд, ҳангоми ба камол расидан сабаби саркуб шудани эҳсосот дар вуҷуди онҳо мешавад.

## ПОСУХҲОИ ОҚИЛОНА БА ФАРҚИЯТҲОИ БАЙНИ ДУ ҶИНС ДАР ТАРБИЯИ ПАДАРУ МОДАРӢ

Падару модарон метавонанд дар эҷоди эҳсоси ҳаловати фарзандон аз фарқиятҳои байни писарону духтарон саҳми бузург дошта бошанд. Мисол:

- Метавонанд ба мулоҳизаҳо ва кашфиёти духтари худ дар бораи фарқиятҳои ду ҷинс тавзеҳи муносиб дода, ӯро ба таври дуруст роҳнамоӣ кунанд.
- Бояд худ намунаи он рафторе бошанд, ки мехоҳанд фарзанди онҳо дошта бошад. Мисол, писарон бояд бубинад, ки модар коҳ майда мекунад ва мошин меронад ва падар хонаро тоза мекунад, хӯрок мепазад ва табақу қошуқро мешӯяд. Дар баъзе деҳот бисёри корҳои душвор, монанди овардани об ва кор дар киштзор бар уҳдаи занон аст.

**Падару модар бояд дар бораи умури зер комилан огоҳ бошанд:**

- Агар ҳангоми бозӣ дар рафтори писарон бадрафторӣ дида шавад, ҷои нигаронӣ аст. Боке надорад фарзанд (писар ё духтар) шавқи бозӣ бо лухтаки Барби дошта бошад ва ё гоҳо писар либосҳои духтарона бипӯшад, аммо агар ҳамеша ин навъи бозиро такрор кунад ва ё пӯшидани либосҳои духтаронаро идома диҳад ва дигар навъи бозиҳоро нахоҳад, бояд аз паси ҳали он шуд.
- Дар баъзе ҳолатҳо баъзе фарзандон бо дилсардӣ орзу мекунанд, ки аъзои ҷисм, ба вижа аъзои таносулии онҳо дигар бошанд. Агар онҳо ният дошта бошанд амалиёти ҷарроҳӣ барои тағйири узвҳои бадан кунанд, падару модар бояд даст ба кор шуда, садди роҳи онҳо шаванд. Ва агар ният дошта бошанд ҷинси худро иваз кунанд, падару модар бояд дарҳол ба мутахассисони ин соҳа муроҷиат намоянд.
- Падару модар набояд рӯҳияи фарзанди худро ҳамчун як бемор талаққӣ кунанд. Агар фарзанд афсурдаву нохушу дар изтироб бошад, бояд ба табиб ва мутахассиси соҳаи афсурдагӣ ва норοҳатии кӯдакон нишон дода шавад, то аз андозаи хатарнок будани вазъияти тифл бохабар шаванд.
- Шояд табобат бо доруҳо барои кӯдакон хатарнок бошад. Бинобар ин набояд беҳуда ва бе машварат онҳоро муолиҷа кард, балки тавсия дода мешавад бемор бо гуфтугӯ ва суҳбат дармон шавад.
- Падару модар набояд ба хотири баъзе рафторҳои фарзандон маломат шаванд, зеро фарзандон ғолибан корҳоеро анҷом медиҳанд ва ё кори ғайри оддӣ ва ғайри чашмдоште аз онҳо сар мезанад, ки ҳеҷ рабте ба падару модар ва тарбияи онҳо надорад.

## ФАРҚИ БАЙНИ ПИСАРОН ВА ДУХТАРОН ДАР ТАҲСИЛ

"Писарону духтарон маълумотро аз замони томактабӣ ба тарзҳо, дараҷаҳо, сабабҳо ва миқёсҳои гуногун аз худ мекунанд" *(Gurian, 2001).* Писарҳо одатан бештар ба аҷсом ва ашё ва духтарҳо бештар ба мардум ва барқарор намудани робитаҳо аҳамият медиҳанд. Бинобар ин дар марҳалаи ибтидоӣ ёфтани Фаронса дар харита барои писарон ва омӯхтани забони фаронсавӣ барои духтарон осонтар аст. Инчунин писарон нисбат ба духтарон дар ёфтани ҷавоби дуруст байни чанд ҷавоб бартарият доранд ва духтарон дар гӯш кардани саволҳо ва навиштани ҷавоби онҳо беҳтар аз писаронанд. Мутаасисфона ҳанӯз мо духтарон ва писаронро ба як тарз таълим медиҳем, ки номувафақиятӣ ва бадрафторӣ ба дунбол дорад.

Шакке нест, агар мо фарқиятҳои омӯзишӣ байни духтарон ва писаронро дарк намоем ва фарҳангу фаҳмиши худ дар чигунагии кумак ба онҳоро беҳтар намоем, метавонем сатҳи саводи бисёри кӯдакони камтавонро беҳбуд бахшем, монанди Майкл Гурян, ки дар тағйир додани донишҷӯёни заиф ба донишҷӯёни фаъол ва барҷаста муваффақ будааст ва ҳар як синф метавонад аз равиши ӯ истифода намояд. Стратегияи ӯ тавоноии писарон ва духтаронро тақвият медиҳад ва дар бартараф кардани сустиҳои онҳо кумак мекунад. Тафсилоти стратегияи Майкл Гурян ба шакли зер аст:

- ***Барои духтарон:*** Падару модарон бояд тавоноии идоракунӣ дар духтаронро тақвият диҳанд, онҳоро ба бозиҳое ташвиқ намоянд, ки хусусиёти ҳаракатӣ ва навишторӣ дошта бошанд, барояшон шароити хуб омӯхтани компютерро фароҳам созанд ва онҳоро барои иштирок дар мусобиқаҳои математикӣ ва биологӣ ташвиқ намоянд.

- ***Барои писарон:*** Падару модарон писаронро тарғиб намоянд энергияи худро дар рӯбучин, корҳои хона ва ба тартиб овардани ҳавлӣ истифода намоянд. Ба онҳо дар чӣ гуна идора кардани эҳсосоти монанди ғазаб, ғам ва хушҳолӣ кумак намоянд, қиссаҳои нерубахш нақл кунанд, малакаи суханварии онҳоро тақвият диҳанд, гӯштингирӣ ва дигар варзишҳои паҳлавониро иҷозат диҳанд, дар бораи расонаҳо маълумот диҳанд ва дар корҳои ҷамъиятӣ ва ҳалли мушкилот ва хидмати ҷомеа фаъол бошанд.

Масъалаи омӯзиши ҷудогона писарону духтарон баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад, дар ҳоле ки духтарон ва писарон бо равиши гуногун беҳтар омӯзиш меёбанд ва истифодаи методҳои гуногуни таълимиро дар синф тақозо мекунанд. Аз инҷост, ки чунин саволҳо ба миён меояд: Чаро синфи писарҳо аз синфи духтарҳо ҷудо набошад, то ба таълими муассир ва самаранoктар бирасем? Чигуна метавонем ду равиши гуногунро дар як синф ва дар як вақт барои ду ҷинс ба тарзи муносиб баён намоем? Оё метавонем ин корро анҷом диҳем?

Агар ба роҳи ҳал ва посухи пурсишҳои боло расидан бихоҳем, пас ба чӣ қадар пул ва вақт барои расидан ба як натиҷаи таъсирбахш зарурат дорем? Майкл Гилберт *(Michael Gilbert, 2007)* адами омезиши ду ҷинс дар як синфро тавсия мекунад ва мақолаи ӯро дар ин бора, ки дар интернет ҳаст, чунин хулоса мекунем: Барномарезони таълиму тарбия дар солҳои шасти асри 20 тасмим гирифтанд, ки писарону духтарон дар солҳои аввали хониш дар як синф бошанд, то ҷудоӣ байни ду ҷинс нобаробариро ба вуҷуд наорад. Ҳамин гуна, ба иддаои худ, талош намуданд қолабҳои роиҷи ҳар як ҷинсро бишкананд. Аксари синфҳои писарону духтарон то

соли 1965 аз ҳам ҷудо буданд ва акнун бо даромадани асри 21 ёфтани мактабе бо синфҳои ҷудогона хеле душвор аст.

Шоёни зикр аст, ки таҳсилоти писарон заифтар аз духтарон аст, афзун бар ин ки писарҳо даста даста тарки омӯзиш мекунанд. Писароне, ки имконият дохил шудан ба донишгоҳ барояшон муяссар мегардад, дар миёни духтарон, ки ду ва ё ҳатто се баробар аз писарон бештаранд, худро дар ақалият мебинанд.

Ҳоло дар Амрико вақте писарони хурдсол ба мактиб мераванд, худро дар оламе мебинанд, ки онро муаллимаҳо ва мудираҳо идора мекунанд, зеро нисбати муаллимҳо дар муқоиса бо 40 соли гузашта дар поёнтарин дараҷа қарор гирифтааст. Дар ин мактабҳо духтарҳо дар муқоиса бо писарҳо беҳтар мехонанд ва эҳсосоти худро низ беҳтар аз писарҳо идора карда метавонанд. Ҳамин гуна онҳо нисбат ба писарҳо дар сабк ва услуби дарсҳои гурӯҳӣ, ки бо иштирок ва ҳамкории ҳамдигар гузаронида мешаванд, аз худ бештар фаъолият нишон медиҳанд, ба дарсҳо зудтар одат мекунанд, чун тамаркузи онҳо бештар рӯи баёни эҳсосоташон аст, дар ҳоле, ки писарон аз рӯи он чӣ мебинанд амал мекунанд. Аммо вақти кори ҷисмонӣ, мусобиқаи ҷисмонӣ ё сохту соз кам дида мешавад, ки писарҳо тавони анҷоми онро надошта бошанд, чун онҳо ғайр аз баёни эҳсосот омодаи анҷоми ҳар кори дигаре ҳастанд.

Таҳсили якҷоя эҷоди фанҳои таълимӣ, либосҳои ягона ва меъёрҳои рафториеро металабад, ки дар он набояд ҳеҷ гуна тамоюле ба як ҷинс бошад. Дар натиҷа, истилоҳи “баробар” дар роҳи расидан ба ҷаҳони мутавозин дар масъалаи фарқияти гендерӣ дар мактабҳои мо ба “монанд” ё “мутобиқ” табдил меёбад. Аммо мушкилоти асосӣ ҳамоно боқӣ мемонад, ки ба шакли зер аст: писарону духтарон бо ҳам монанд нестанд; дар як вақт ва яксон рушду инкишоф намеёбанд; падару модароне, ки писару духтар доранд, медонанд, ки писарҳо дар муқоиса бо духтарҳо сусттар рушд мекунанд, масалан дар гап задан, навиштан ва ба осонӣ нишастан.

Тамаркуз дар синф барои писарон бисёр душвор аст. Бинобар ин бисёри вақт таълимотро нодида мегиранд ва амалкарди умумии онҳо заиф аст. Онҳо ҳангми рушду инкишоф се ва ё чаҳор маротиба бештар аз духтарҳо дар маърази душвориҳо қарор мегиранд ва дар фарогирии илм ва омӯзиш низ бештар ба сахтӣ ва душвориҳо мувоҷеҳ мешаванд. Бисёри писарҳо ба сабаби ғазаби нобаҳангоми худ ҷазо дода мешаванд, ки гоҳо ба шакли азияти ҷисмӣ сурат мегирад ва ҳатто бо доруҳои махсус муолиҷа мешаванд. Мисол, дар Қафқоз ба яке аз ҳар панҷ писар ритолин медиҳанд (доруи оромбахши

қавӣ) ва ҳатто дар вақти истироҳат ва дар танаффус ба онҳо иҷозати давидан намедиҳанд.

Дар мактаби ибтидоӣ писарон нисбат ба духтарон 50% бештар ноком мешаванд ва се баробар бештар мактаби миёнаро тарк мекунанд. Писарони аз оилаҳои камдаромад ва ақаллиятҳо аз ҳама бештар аз ин ҷиҳат ранҷ мебаранд. Дар натиҷа маълум мегардад, ки низоми таълимии Амрико писарони зиёдеро тарбия менамояд, ки на истеъдод доранду на рағбати идомаи таҳсил, ҳатто агар бидонанд, ки омӯзиш барояшон дар оянда таъсири бузург хоҳанд дошту даромади моддии бузург барояшон хоҳад овард. Ин амр дар ниҳоят оқибати ногуворе барои мардону занон ва иқтисоди кишвар ба бор хоҳад овард.

Ин ба он маъност, ки писарҳо ғолибан дар мактабҳо оғози бомуваффақият надоранд, нисбати дарсҳое, ки аз даст додаанд, беаҳамиятӣ мекунанд ва бисёри вақт дар вучуди онҳо нисбат ба дарсҳо нафрат ба вучуд меояд.

Маргарет Мид *(Margaret Mead)* ва баъзе биологҳои дигар мегӯянд, ки тақрибан тамоми фарҳангҳои пешрафта духтарону писаронро ҷудогона ва бе омезиш байни ду ҷинс таълим ва тарбия додаанд.

Дар миёни 90 000 мактаби омехта дар Амрико камтар аз 250 мактаби умумии ҷудогона дар 33 иёлати ин кишвар вуҷуд дорад. Дар мактабҳои динӣ ва хусусии Амрико аз замонҳои гузашта омехтагӣ байни ду ҷинс вуҷуд надоштааст.

Ин мактабҳо муваффақ, шукуфо ва дар ҳоли пешрафт буданд. Ин ҷо мисоле аз талабагони синфи 4-и мактаби ибтидоии Флорида меорем. Вақте онҳо дар синфҳои ҷудогона гузошта шуданд, дар имтиҳонҳо баҳоҳои баланд гирифтанд. Ҳамин гуна таҷрибаҳои дигаре, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада ва Ирландия гузаронида шуд, натиҷаҳои мусбати аҷибе доштаанд, зеро вақте писарҳо ва духтарҳо аз ҳамдигар ҷудо мешаванд ва аз мусобиқа ва фишорҳои иҷтимоие, ки ба сабаби вуҷуди ҷинси дигар дар синф ранҷ мебаранд, озод мешаванд, сатҳи донишашон баланд мешавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки мушкилоти беназмӣ дар миёни талабаҳои ҳар ду ҷинс, ки аз ҳам ҷудо мехонанд, камтар мешавааст.

Натиҷаҳои мусбати дигаре, ки дар таълими ҷудогона ва бе омезиш байни ду ҷинс вуҷуд дорад, беҳтар шудани сифати хондан, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, сарфи вақти бештар дар ҳалли вазифаҳои хонагӣ, рӯ овардан ба дарсхонӣ ва пайдо шудани орзуҳо барои идомаи таълимоти олӣ аст.

Гузориши Анҷумани миллии шӯроҳои давлатии маориф *(NASBE, 2002)* нишон медиҳад, ки: “Таъсири мусбати таҳсили ҷудогонаи писарону духтарон дар мактаб дар духтарҳо бештар намоён мешавад. Таъсирҳои мусбатро дар талабаҳои ақаллияти ҳар ду ҷинс низ ба осонӣ метавон дид”.

## ҶУДОӢ БАЙНИ ПИСАРОН ВА ДУХТАРОН ДАР МАКТАБҲО ВА СИНФҲО

Роҳбарияти яке аз мактабҳои шаҳристони Грини иёлати Ҷорҷияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тасмим гирифт, ки мактаби онҳо нахустин мактаби комилан ҷугодона дар тамоми Амрико бошад ва писарону духтарон дар синфҳои ҷудогона хонанд. Онҳо замоне ба ин қарор расиданд, ки талабаҳо дар имтиҳонот баҳоҳои бисёр паст гирифтанд, илова бар ин ки ҳолатҳои зиёди ҳомиладорӣ дар байни толибаҳои навҷавон ба қайд гирифта мешуд. Аммо дар ниҳоят бисёри падару модарон ва муаллимҳо ба сабаби бо онҳо машварат накардани роҳбарияти мактаб мухолифи ин қарор баромада, талоши онҳоро бекор карданд.

Мудири мактаб Мак Волофф мегӯяд: «Тарзи дарсхонии талабаҳо ва толибаҳо аз ҳам фарқ мекунад ва ҷудо кардани онҳо аз муаллимҳо талаб мекунад, ки дарсҳоро мутобиқи ҳар ҷинс ба нақша гиранд. Дар натиҷа, метавон гуфт, ки талабаҳо дар синфҳо бадрафторӣ намекунанд, чун дигар машғули ҷалби таваҷҷуҳи толибаҳо нестанд. Аз тарафи дигар, толибаҳо садои худро бе эҳсоси хиҷолат аз писарҳо баланд мекунанд, зеро онҳо дар синфҳои ҷудогона талош намекунанд худро назди писарҳо доно ва ҳушёр нишон диҳанд, бар хилофи ҳолатҳое, ки дар синфи якҷоя бо писарон анҷом медоданд» *(India Times, 2008)*.

Системаи синфҳои ҷудогонаи писарону духтарон кӯшиш мекунад, ки дарсҳоро ба гунае танзим намояд, ки муносиби истеъдодҳо ва эҳтиёҷоти ҳар ду ҷинс бошанд. Дар натиҷа, талабаҳо ва толибаҳо бо равишҳои гуногун омӯзиш ёфта, муваффақиятҳои бештаре хоҳанд дошт, албатта агар барномаҳои дарсӣ мутобиқи эҳтиёҷоти ҳар ҷинс омода карда шавад.

Сакс *(Sax, 2006)* бар ин бовар аст, ки миллатҳо ҳақиқати фарқиятҳо байни ду ҷинсро намедонанд ва ба ақидаи мо кашидани ин мавзӯъ ба сиёсат кори савобе ҳам буда наметавонад. Дар натиҷа метавон гуфт, ки мактабҳо талабагонро дар истифодаи имкониятҳояшон ба таври беҳтар кумак карда наметавонанд. Ба таври мисол, мо нохоста толибаҳоро водор месозем, ки барои омӯхтани улуми компютерӣ кӯшиш накунанд ва талабаҳоро водор мекунем, ки ба омӯзиши тахассусоти муайян, монанди санъат ва забон, иқдом накунанд. Гуриян (Gurian, 2001) изҳор медорад, ки духтарҳо одатан нисбат ба писарҳо беҳтар гӯш фаро медиҳанд ва нисбат ба рушноӣ ҳассостар ҳастанд. Ӯ ишора мекунад, ки писарҳо бештар ба ҳаракат ва фаъолият ниёз доранд, то бедор ва ҳушёр бимонанд, дар ҳоле, ки духтарҳо бештар ба рафтори боадабона ниёз доранд. Илова бар ин, таваҷҷуҳ ва тамаркузи духтарҳо беҳтар аз писарон аст. Барои муқобила бо чунин ихтилофот аз равишҳои мухталифи тадрис истифода шудааст *(Chandler and Glod, 2008)*.

Дар ин замина мо тавсия медиҳем аз низоми зер, ки дар мактаби ибтидоӣ ва миёнаи умумии Донишгоҳи Исломии Малайзия (IIUM) бо муваффақият ба иҷро расидааст, истифода намоед:

1. Аз кӯдакистон то синфи сеюм: Духтаракон ва писаракон аз ҳам ҷудо нестанд ва ба онҳо танҳо муаллимаҳо дарс мегӯянд.
2. Аз синфи чаҳорум то шашум писарон ва духтарон дар синфҳои ҷудогона ва дар як мактаб дарс мехонанд, ба онҳо иҷозат дода мешавад дар танаффусҳо ва фаъолиятҳо якҷо бошанд. Илова бар ин метавонанд дар як синф ҷамъ оянд, аммо ҷудогона ва ҳар ҷинс дар як тарафи синф ба шакли зер менишинанд:
3. Синфҳои ҳафтум ва ҳаштум: Мактабҳои ҷудогона барои писарону духтарон ва беҳтар аст муаллимҳо аз ҷинси худи онҳо бошанд. Талабаҳо аз 13 то 14-солагӣ дар марҳалаи расидан ба балоғат, ки бисёр як марҳали ҳассос аст, қарор доранд ва қабл аз дарк кардани хатарҳои ҷинсӣ якҷо кардани онҳо бисёр хатарнок аст.
4. Синфҳои нуҳум то дувоздаҳум: Мактабаҳои ҷудогона ва аз ҷинси худи онҳо будани муаллимон ҳатмӣ ва зарурӣ аст.
5. Омӯзиши донишгоҳӣ: Писарон ва духтарон дар як синф аммо дар қаторҳои ҷудогона ва аз ҳам дур менишинанд. Одатан наврасон дар ин синну сол бо масъулият рафтор мекунанд ва шояд ҳам дар интихоби ҳамсариояндаи худ муваффақ шаванд, махсусан агар аъзои ҳайати таълим ва падару модар барои онҳо кумак ва роҳнамоии муносиб намоянд. Ин аст моҷаро ва ҳолати тадрис дар Донишгоҳи Байналмилалии Исломии Малайзия, ки мавриди писанди ҳамагон аст ва ба ҳамин ҳадаф курсҳои омӯзишии тарбияи фарзандон барои ҳамаи донишҷӯён баргузор карда мешавад.



## ТАРБИЯИ ПАДАРУ МОДАР ВА НАВЪИ ҶИНС АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ

Дини мубораки Ислом дар соли 610 милодӣ дар ҷомеаи араб замоне ба вуҷуд омад, ки фарҳанги мардсолорӣ ва душманӣ бо ҷинси мухолиф ҳукмфармо ва таваллуди духтар барои онҳо нанг буд:

***“Ва чун ба якешон муждаи духтар диҳанд, сияҳрӯй шавад ва хашмгин гардад”***

***(Наҳл, 58).***

Қуръони карим барои ин мардум изҳор намуд, ки Худованд аст, ки ба инсон фарзанд медиҳад. Бихоҳад ба ӯ танҳо духтар ва ё танҳо писар медиҳад ва бихоҳад фарзандоне аз ҳар ду ҷинс барояш арзонӣ медорад:

***“Аз они Худост фармонравоии осмонҳову замин. Ҳар чӣ бихоҳад, меофаринад. Ба ҳар кӣ бихоҳад, духтар мебахшад ва ба ҳар кӣ бихоҳад, писар мебахшад”***

***(Шуро, 49).***

***“Эй мардум, мо шуморо аз як марду як зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Албатта гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Худо донову кордон аст!”***

***(Ҳуҷурот, 13).***

Тамоми башарият аз як мард (Одам) ва як зан (Ҳаво) ба дунё омадаанд ва чун масъала вобаста ба нақшҳои ҳар ду ҷинс буд, Расулуллоҳ (с) мафҳум ва тарзи бархӯрдҳоро дар миёни ин қавм, ки танҳо мардҳо ҳукмфармо ва дар ин самт яккатоз буданд, барои тамоми асрҳо асосгузорӣ намуд.

— Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***“Беҳтарини шумо касест, ки беҳтарин бархӯрдро бо хонаводааш дошта бошад. Ва ман бештар аз ҳамаи шумо беҳтарин бархӯрдро бо хонаводаам дорам”***

***(Тирмизӣ ва Ибни Моҷа).***

Расулуллоҳ (с) ба ҳамсаронаш дар корҳои хона ёрӣ мекарданд:

*Оиша (р) ва Умми Салама (р) дар бораи Расулуллоҳ (с) чунин мегӯянд:*

***“Расулуллоҳ (с) либосашро медӯхт, попӯшашро таъмир мекард ва дигар корҳоеро, ки мардҳо дар хона анҷом медиҳанд, анҷом медод...”***

***(Аҳмад).***

— Расулуллоҳ (с) нақшҳои ду ҷинсро аз ҳам ҷудо накард. Ӯ (с) нагуфт ин “вазифаи мард” аст ва ин “вазифаи зан”. Аммо дар мавриди нақшҳои офариниш, яъне модарӣ, ҳомиладорӣ ва разоат Қуръони карим масъулияти

падарро дар дастгирии комили моддӣ, отифӣ ва равонии барои модар ва тифли ӯ қарор додааст. Расулуллоҳ (с) барои модарон эҳтиром ва ифтихоре бахшидаaст, ки падарҳо аз он бархӯрдор нестанд.

***Муовия ибни Ҷоҳимаи Суламӣ мегӯяд: «Назди Расулуллоҳ (с) омадам ва гуфтам: «Эй Расули Худо, ман бо нияти рафтан ба ҷиҳод назди шумо омадам, то ризои Худованд ва комёбӣ дар охиратро дарёбам». Расулуллоҳ (с) фармуд: «Вой бар ту! Оё модарат зинда аст?» Гуфтам: «Бале». Фармуданд: «Баргард ва ба ӯ некӣ кун». Боз аз тарафи дигар омадам ва гуфтам: «Эй Расули Худо, ман омадам то дар ҷиҳод бо шумо бошам, то ризои Худованд ва комёбӣ дар охиратро дарёбам». Расулуллоҳ (с) фармуд: «Вой бар ту! Оё модарат зинда аст?» Гуфтам: «Бале». Фармуданд: «Баргард ва ба ӯ некӣ кун». Сипас аз пеши рӯяш омадам ва боз пурсидам. Расулуллоҳ (с) фармуд: «Вой бар ту! Оё модарат зинда аст?» Гуфтам: «Бале, эй Расули Худо». Фармуданд: «Вой бар ту! Пои модаратро бигир (хидмати ӯро ба худ лозим бидор), ки биҳишт он ҷост»***

***(Ибни Моҷа).***

— Инчунин Расулуллоҳ (с) ба адолату баробарӣ байни ду ҷинс ташвиқ намудааст. Ӯ (с) дар ҳаёти хусусӣ ба анҷоми корҳои гуногуни манзил машғул мешуд, ки дар ин замина намуна ва як инқилоб дар фарҳанги арабии бутпарастӣ ва мардсолории онҳо буд.

## Таҳрими алоқаҳои ҷинсӣ берун аз доираи издивоҷ

Ислом бо ҷиддияти том тамоми алоқаҳои ҷинсии байни марду зан берун аз доираи издивоҷи шаръиро ҳаром медонад. Ин қоида бар асоси ҳимояи хонавода ва ҷомеа аз тамоми беморихо ва дигар зарарҳо бунёд шудааст. Ислом ҳалли миёна дар ин қазияро ба ҳеҷ ваҷҳ қабул надорад ва тамоми роҳ ва васоиле, ки инсонро ба алоқаҳои ҷинсии берун аз доираи издивоҷ мебарад, монанди нӯшидани шароб, истифодаи маводи мухаддир, озори ҷинсӣ ва роҳҳои барангезандаи шаҳват, бастааст. Ҳамин гуна дини муборакӣ Ислом барои ҳимояи хонавода аз мабодо воқеъ шудан мушкилоти ҷинсӣ ҷудо кардани бистарҳои хоби фарзандон пас аз 10-солагиро дастур додааст.

***Расулуллоҳ (с) мефармояд:***

***“Фарзандонро дар ҳафтсолагӣ ба намоз амр кунед, онҳоро дар даҳсолагӣ барои адо накардани намоз ҷазо диҳед ва ҷойгаҳҳои хоби онҳоро ҷудо намоед”***

***(Аҳмад ва Абудовуд).***

— Дини муборaки Ислом духтарҳоро барои иҷрои нақши модарӣ, тарбияи кӯдакон, кору фаъолиятҳои берун аз манзил ва иҷрои нақшҳои гуногун дар ҷомеа омода месозад, аз ҷумла иштироки фаъол доштан дар лашкар. Дар замони Расулуллоҳ (с) занҳо низ дар ҷиҳод иштирок намуда, беморону маҷрӯҳонро табобат мекарданд.

Занҳо бояд дар фаъолиятҳои ҷомеа ва корҳои хайриявӣ, сиёсӣ ва ё ғайрисиёсӣ иштирок намоянд, хоҳ иштироки расмӣ бошад, хоҳ ғайрирасмӣ, ба таври комил бошад ё нимавақт, бо музд бошад ё бемузд. Албатта пас аз расидани кӯдакон ба як соли муайян. Занҳо бояд ба корҳое ташвиқ шаванд, ки барои онҳо муносиб аст, аз ҷумла интихоби шуғл, омӯзиш, таҷриба ва эҳтиёҷоти иқтисодӣ, ки ин барои занҳо на аз рӯи ҳатмӣ ва иҷборӣ, балки ҳаққе аз ҳуқуқи онҳост. Афзун бар ин, дастгирии ҳар яке аз аъзои оила аз ҷумлаи масъулиятҳои мардон аст.

Баъзе ҷузъиёти нақшҳои ҳар ду ҷинсро фарҳанги ҳамон давру замон мушаххас мекунад. Мисол, мӯи сари мардон дар замони Расулуллоҳ (с) дароз буд ва дар охири асри 20 дар Ғарб доштани мӯи дароз роҳро барои ба даст овардани вазифаи муносиб мебаст. Аммо ҳоло дар асри 21 мӯи сари дароз қобили қабул аст ва дар он айбе нест.

Аз ҷониби дигар, дар гузашта корҳои душвор ба ухдаи мардон вогузор мешуд, чун ҷисми бақувватро тақозо мекард. Аммо дар замони мо бисёри корҳои душвор бинобар фароҳам будани васоили маълумоти электронӣ ба мушакҳои пурзур ва ҷисми қавӣ ниёз надорад. Имрӯз шуғлҳои муайян, монанди муҳандисӣ, меъморӣ ва ҳамлу нақл вуҷуд доранд, ки зан метавонад онҳоро ба осонӣ анҷом диҳад. Ҳамин гуна соҳаҳои дигаре низ вуҷуд дорад, ки ҳар ду ҷинс метавонанд дар он кор кунанд, ба монанди таълим, ошпазӣ, пизишкӣ, котибӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва идораи меҳмонхонаҳо.



Аммо масъалаи либос бармегардад ба интихоби худи мардону занон ва онҳо метавонанд либоси мавриди писандашонро, ки дар он худро роҳат ҳис мекунанд, интихоб намоянд, ба ин шарт, ки дар он ҳашамат, ҳаё ва иффат риоя карда шавад. Занҳо наметавонанд либосҳои бисёр танг ва шаффоф ба тан кунанд, чун бояд либоси онҳо тамоми баданро бипӯшонанд ва аз либосҳои беҳаёӣ дур бошад. Дар баъзе кишварҳои исломӣ, монанди Покистон, шалвор, ки ғолибан либоси мардон аст, бахше аз либоси класикии занҳо низ ба шумор меравад.

Дар мардҳо ва занҳо чизҳои зиёде вуҷуд доранд, ки онҳо метавонанд аз ҳамдигар биёмӯзанд. Метавон гуфт, ки дар мардҳо баъзе хислатҳои занона ва дар занҳо баъзе хислатҳои мардонагӣ вуҷуд дорад ва ҳар ду миқдори муайяне аз гормонҳои мардона ва занона доранд. Агар мо бо диққат ба оятҳои зер нигоҳ кунем, дигар чизе ҳайратовар боқӣ нахоҳад монд:

***“Онҳо пӯшиши шумоянд ва шумо пӯшиши онҳоед”***
***(Бақара, 187).***

***“Парвардигорашон дуояшонро иҷобат фармуд, ки Ман кори ҳеҷ коргузореро аз шумо, чӣ зан ва чӣ мард — ҳама аз якдигаред — ночиз намесозам”***
***(Оли Имрон, 195).***

***“Шуморо аз як тан офарид”***
***(Зумар, 6).***

Мавқеияти таъйинкунанда байни ду ҷинс ин гуфтаи Ӯ таолост, ки мефармояд:

***“Орзӯ макунед он чизҳоеро, ки ба онҳо Худо баъзе аз шуморо бар баъзе дигар бартарӣ додааст. Мардонро аз он чӣ кунанд, насибест ва занонро аз он чӣ кунанд, насибе. Ва рӯзӣ аз Худо хоҳед, ки Худо бар ҳар чизе огоҳ аст!”***
***(Нисо, 32).***

Қуръони карим ба тамоми башарият хитоб мекунад, аммо дар баъзе ҳолатҳо танҳо мардонро ва дар баъзе ҳолатҳо танҳо занонро мухотаб қарор медиҳад, албатта замоне, ки барои ҳар яке аз онҳо нақши ҷудогонае вуҷуд дошта бошад, ки ба анҷоми он фаро хонда шаванд. Дар умум, дар ҳама ҳолатҳо Қуръони карим ба зану мард ба як шеваи пур аз эҳтиром ва ифтихор хитоб менамояд.

## УСУЛИ ХУДОВАНДИ МУТАОЛ БЕҲТАРИН РАВИШ АСТ: МИСОЛҲО АЗ ЧИН, ОЛМОН ВА ҲИНДУСТОН

Ҳама чиз дар ин ҷаҳон бо андозагириҳои дақиқ тавассути Офаридагор тарроҳӣ шудааст ва Ӯ таоло муҳите муътадил ба мо бахшидааст. Ҳангоме, ки мо ба қонунҳои табиӣ, ки Худованди мутаол эҷод кардааст, даст мезанем ё вайрон мекунем, чизе ҷуз

фасод ва бесарусомонӣ наандохтаем. Беҳтарин намуна ин ҷо Чин аст, ки чун хост садди роҳи зиёдшавии аҳоли гардад, қонуни баҳсбарангезеро содир намуд, ки бар асоси он ҳар як зану шавҳар метавонанд танҳо як фарзанд ба дунё биёранд ва дар сурати итоат накардан аз қонун, аз имтиёзҳо ва кумакҳои давлат маҳрум мемонанд. Дар натиҷа дар ин кишвар як ҷомеае ба вуҷуд омад, ки мардон дар он бартарият доранд, зеро ҳар як хонавода талош мекард ягона фарзандаш писар бошад, на духтар, то ба хонавода даромади бештаре оварда тавонад. Чун ин қазия даҳсолаҳо идома ёфта буд, ин кишварро ба камбуди занҳо, интишори ҷиноятҳо, одамрабоӣ ва фоҳишагии беш аз ҳад мувоҷеҳ сохт. Илова бар ин, исқоти ҳамли беандоза зарарҳои зиёдеро ба бор оварда буд. Ин иштибоҳи бузург ва ваҳшатовар ҳукуматро маҷбур сохт, ки ин қонуни ғайритабииро аз миён бардорад, то хонаводаҳо ба ҳолати табиии худ баргарданд. Қуръони карим қонуни Худовандӣ дар офаринишро ин гуна баён медорад:

***“Аз они Худост фармонравоии осмонҳову замин. Ҳар чӣ бихоҳад, меофаринад. Ба ҳар кӣ бихоҳад, духтар мебахшад ва ба ҳар кӣ бихоҳад, писар мебахшад. Ва ё ҳам писар диҳад ва ҳам духтар. Ва ҳар касро бихоҳад, ақим (нозо) мегардонад, зеро Ӯ донову тавоност!”***

***(Шуро, 49-50).***

Аз замоне, ки Худованд Одам ва Ҳаворо офарид табиатан тибқи офаридаи Ӯ таоло баробарӣ миёни ду ҷинс вуҷуд дошт. Натсистҳои Олмон талош намуданд озмоишотеро дар мавриди хусусиёти афрод бо ҳадафи эҷоди “инсони фавқулодда” анҷом диҳанд, он ҳам дар як барномаи фарогире, ки шомили иқдомоти мухталиф, аз ҷумла шиносоӣ, канорагирӣ ва омӯзиш бошад, ки бори дигар номуваффақияти бузург аз худ нишон доданд.

Агнивеш ва чанд тани дигар *(Agnivesh et al, 2005)* ба қатли ҷанинҳои модина дар Ҳиндустон (исқоти ҳамле, ки хос барои аз байн бурдани ҷанинҳои духтар бошад) ишора мекунанд, ки боиси нобаробарии ҷинсиятии нигаронкунанда шуд, ба гунае, ки шумори мардҳо 50 миллион бештар аз занонро ташкил медод. Пас аз он, ки дар гузашта теъдоди зиёди духтаракони навзод пас аз таваллуд кушта мешуданд, технология вориди амал шуда, моҷароро барои падару модарон осон ва барои духтурҳо бисёр фоидаовар гардонид. Зеро онҳо ба воситаи технологияи мавҷии ултрасадоӣ ин корро анҷом медоданд, ки хатарро барои модарон кам мекард ва аз масъулияти қонунӣ низ наҷот медод. Дар натиҷа, нигарониҳо ҳукуматро барои пешгирӣ аз ин амал маҷбур сохт ташхис ва ифшои ҷинси ҷанин тавассути ташхиси ултрасадоиро зимни иқдомоти ғайриқонунӣ қарор диҳад.

Гумон мерафт, ки густариши ин амал дар миёни қишрҳои заиф ва бесавод далели афзоиши маҳр ва расму русуми издивоҷ гашта-аст, аммо қатли ҷанинҳои модина миёни табақаи сарватмандон ва омӯзишдидагон низ ба таври васеъ густариш ёфтааст. Чунин ба назар мерасад, ки ин раванд дар миёни занҳое, ки дастрасӣ ба таҳсил то синфи панҷумро доранд, пасттар аз заноне будааст, ки шаҳодатномаҳои донишгоҳӣ доранд. Духтарон аз кишварҳои фақири Бангладеш ва Непал ва баъзе мантиқаҳои қабиланишини Ҳиндустон ба ҳадафи издивоҷ бо 200 доллар қочоқ карда мешаванд, дар ҳоле, ки арзиши як говмеш дар ин кишварҳо 1000 доллари амрикоӣ аст (Hughes et al, 1999). Мутассифона дар бисёри фарҳангҳои Ҳинд таваллуди писарро ҷашн ва таваллуди духтарро мотам мериганд.

# МАШҚҲОИ 45-46



## Машқи 45:
## Худовандро ба додаҳояш шукр мегӯям

Ба фарзандон бигӯед, ки ҳамеша ин калимаҳоро такрор кунанд:

- Худоро барои тамоми чизҳои зебое, ки бароям додааст сипосгузорам.
- Худоро шукр мегӯям, ки маро инсон офаридааст.
- Худоро шукр мегӯям, ки маро духтар офаридааст.
- Худоро шукр мегӯям, ки маро писар офаридааст.
- Худоро шукр мегӯям, ки маро сиёҳпӯст, сафедпӯст, сабзина ё зардина офаридааст.
- Худоро ба ҳар гунае, ки ҳастам шукр мегӯям.

## Машқи 46:
## Расулуллоҳ (с) — намунаи оғӯши гарми хонавода

Падару модар бо фарзандон сирати Расулуллоҳро (с) мехонанд ва аз он дарсу ибратҳо мегиранд, дар бораи таъсири як хонаводаи бузург (яъне хонаводаи Абдулмутталиб ва пас аз ӯ Абутолиб) дар тарбияи Расулуллоҳ (с) ва ҳимояти ӯ аз замони хурдсолӣ то ошкор шудани даъват баҳсу гуфтугӯ мекунанд, мавқеиятҳои зебо ва далеронаи бобои ӯ (с) Абдулмутталиб ва амакаш Абутолибро ёдоварӣ намуда, чигунагии таъсири омӯзиш ва нигаришу муносибатҳо ба шахсияти Расулуллоҳро (с) баён медоранд.

Ба падару модар тавсия дода мешаванд, ки ба фарзандон аз тарҷибаҳои шахсии худ дар бораи тадбирҳои илоҳӣ нақл кунанд, бо онҳо дар бораи қарорҳои муҳим, ки дар ҳаёт ҳангоми ҳолатҳои ҳассос қабул кардаанд, баҳсу гуфтугӯ намоянд, аз шиносшавӣ ва издивоҷ бо ҳамдигар ва фарзандоршавӣ ба онҳо бигӯянд ва аз чигунагии расидан ба ин вазъияте, ки дар он қарор доранд ва чӣ гуна пушти ин ҳама тақдир ва нақшаи илоҳӣ аст, ба онҳо бозгӯ кунанд.

> ***“Ва шумо намехоҳед, ғайри он чиро, ки Парвардигори ҷаҳониён хоста бошад”***
>
> ***(Таквир, 29).***



# ҚИСМИ СЕЮМ (14-17)

## Маъдани шахсият ва бунёди сифатҳои асосии он

**Фасли чордаҳум:** Омӯзиши муҳаббат, садоқат, амонтадорӣ, боварӣ ба худ ва интихоби дӯстони хуб барои фарзандон

**Фасли понздаҳум:** Рушди шучоат, эҷодкорӣ ва масъулиятшиносӣ

**Фасли шонздаҳум:** Омӯзиши истиқлолият

**Фасли ҳабдаҳум:** Таъсири манфии телевизор, видео, бозиҳои компютерӣ, интернет ва телефонҳои мобилӣ

# ФАСЛИ ЧОРДАҲУМ

## Омӯзиши муҳаббат, садоқат, амонтадорӣ, боварӣ ба худ ва интихоби дӯстони хуб барои фарзандон

*Якум: Омӯзиши муҳаббат*

*Дуюм: Омӯзиши садоқат, амонатдорӣ ва боварӣ ба худ*

*Сеюм: Интихоби дӯстони хуб барои фарзандон*

ЯКУМ:
# Омӯзиши муҳаббат

- *Муқаддима*
- *Асосҳои тавонмандии отифӣ*
- *Муҳаббат: Мафҳуми заковати эҷодкорӣ ва Қуръони карим*
- *Мафҳуми қалб дар Қуръони карим*
- *Маслиҳатҳои муфид барои волидайн барои кӯмак ба кӯдакон дар ташаккули шахсияти меҳрубон*
- *Агар фарзандат бигӯяд: “Туро бад мебинам!”*
- *Фарзанди якум*
- *Чаро падару модар фарзандонро дӯст медоранд?*
- *Муҳаббат ва эътимоди падарону модарон бар худ*
- *Роҳҳои амалӣ барои эҷоди муҳаббат ва ҳамдилӣ*
- *Чанд роҳи изҳори муҳаббати шумо ба кӯдакон: Омор*
- *Оё хуб аст, ки волидон ба фарзандонашон бадбиниро омӯзанд? Баъзан!*
- *Машқи 47*

# МУҚАДДИМА

Кӯдакон дар ҳоле таваллуд мешаванд, ки қобилияти дӯст доштанро доранд ва масъулияти падару модар дар ин росто рушд ва тақвият додани ин қобилияти онҳост. Тифли навзод танҳо пас аз гузашти якуним моҳ ба шӯхиҳои падару модар аксуламал нишон медиҳад. Пӯшида нест, ки меҳру муҳаббат дар падару модар омили муассир дар тақвият ва рушди муҳаббат дар вуҷуди кӯдакон гашта, таъсири он дар тифл дар шашмоҳагӣ ба шакли возеҳтар аён мегардад.

Чӣ зебо ва накуст вақте падару модар аз самими қалб ба фарзандон изҳори муҳаббат мекунанд ва самимияти меҳру муҳаббаташонро бо оғӯш гирифтан ва навозиш баён медоранд. Миёни гурӯҳи бузурги амрикоиҳои аврупоитабор анъанаи коҳиш додани тамоси ҷисмонӣ, алалхусус байни падар ва писар, вуҷуд дорад, ки ин омили асосии ҷалб шудани кӯдакони амрикоӣ дар синни наврасӣ ба сӯи дигар шахсро барои мо ошкор месозад. Яъне сабаби он норасоии муҳаббати ҷисмӣ ва ба оғӯш нагирифтану меҳр наварзидан аз ҷониби падару модар ба онҳо дар марҳалаҳои аввали кӯдакӣ аст.

Доктор Спок, донишманди соҳаи тарбияи падару модарӣ, норасоии муҳаббат ва меҳри отифӣ байни падару модар ва фарзандонро зери риштаи интиқод кашидааст, зеро худи доктор Спок бар ҳамин равиш бузург шуда, муртакиби ҳамин иштибоҳ дар тарбияи фарзандони худаш шудааст. Шоёни зикр аст, ки роҳнамунҳои исломӣ дар муносибатҳои байни падару модар ва фарзандон ба салом кардани бо даст, бӯсидан ва оғӯш гирифтан ташвиқ менамоянд.

Фарзандон аввалин тасаввурот дар бораи инсонҳоро аз падару модари худ мегиранд. Агар падару модар аз ҷумлаи мардумоне бошанд, ки қалбҳояшон саршор аз меҳру муҳаббат бошад, пас ба ин маъност, ки тавони ба шакли дуруст рушд додани муҳаббату отифа дар фарзандонро доранд. Бар ҳамин асос дар фарзандон эътиқоде ба вуҷуд меояд, ки тамоми мардум дилсӯз ва меҳрубонанд ва дигаронро низ дӯст хоҳанд дошт. Падару модар бояд аз ихтилофҳои начандон муҳим бо фарзандон иҷтиноб намоянд, ҳатто агар ҳам кӯдаки онҳо хурдсол бошад. Ҳамин гуна бояд чизҳои зараррасон ва шикананда, монанди, доруҳо, айнакҳо ва кордҳо аз маконҳои дастраси фарзандон дур нигоҳ дошта шавад, чун яке аз сабабҳои "не" гуфтан ба кӯдаконро коҳиш медиҳад. Хона бояд ба як фазои пур аз муҳаббат ва бехатар, ҳам аз нигоҳи ҷисмӣ ва ҳам аз нигоҳи отифӣ, барои кӯдакон бошад.

Эҷоди муҳаббати лозимӣ барои тифл аз синамаконии табиӣ, сипас аз оғӯши гарм, табассум, ламс, бӯсидан, молиш додани ҷисми кӯдак ва суханони пур аз меҳру муҳаббат ва дилгармӣ оғоз меёбад.



Вақте кӯдакон каме калонтар мешаванд, мефаҳманд, ки падару модар бо дигарон чӣ гуна рафтор мекунанд, тарзи рафтор ва бархӯрди онҳо бо меҳр ва дилсӯзӣ аст ё дағал ва бадбинона. Ва ин бар нигариши кӯдак ба ҷаҳон ва рафтору гароишҳои ӯ нисбат ба дигарон низ таъсир мегузорад. Инчунин кӯдакон мулоҳиза хоҳанд кард, ки падару модарон бо ҳайвоноти хонагӣ ва набототу табиат чӣ гуна бархӯрд менамоянд. Бинобар ин падару модарон бо табиат бархӯрди нек намоянд, барои вазидани бод, боридани борону барф, тулӯи офтобу моҳ ва ситораҳо Худовандро сипосгузорӣ кунанд ва дар ҳоли нороҳат шудан аз ин воқеаҳои табиат набояд дашном диҳанд.

Муҳаббат беҳтарин ҳадяест, ки падару модар ба фарзандон ҳангоми вақтхӯшиҳо ва ғаму андуҳе, ки дар ҳаёт ба онҳо мувоҷеҳ мешаванд, тақдим медоранд. Қудрати меҳри падару модар таъсиргузортарин қудрат аст.



Гармрӯӣ, бӯсидан, хӯшпазирӣ ва ширинсуханиии падару модар ва наздикону парасторон ҷузъҳои муҳими рушди равонии солими кӯдакон ҳастанд ва шахсияти кӯдакро аз 2 то 3-солагӣ месозанд. Шояд кӯдаконе, ки дар ятимхонаҳо ба воя мерасанд, аз набуди меҳру муҳаббат ранҷ баранд, ва онҳое, ки дар кӯдакистонҳо бо рафтори дағалона мувоҷеҳ мешаванд, аз эҳсоси ноқобилии худ дар тамоми ҳаёт ранҷ кашанд, ки дар Иттиҳоди Шуравии собиқ намунаи чунин ашхос ошкор гашта буд.

Вақте андешаҳои кӯдак ва эҳсосоти ӯ нодида гирифта мешаванд ва ба он бо чашми ҳақорат ва беарзишӣ нигариста мешавад, шояд ба шахсияти ӯ зарбаи сахте зада шавад, ки дигар ҳаргиз ба таври комил ба худ наояд. Баръакс, кӯдаке, ки аз ҷониби падару модари дилсӯз ва меҳрубон эҳтиром ва дастгирӣ мешавад, метавонад дар зиндагӣ муваффақ шавад.

## АСОСҲОИ ТАВОНМАНДИИ ОТИФӢ

Вақте падару модар меҳру муҳаббати худро ба фарзандон изҳор мекунанд, қудрати отифии онҳоро тақвият мебахшанд. Бинобар ин бархӯрд бо фарзандон ба гунае бошад, ки онҳо эҳсос кунанд шумо бо онҳо ифтихор мекунед ва аз корнамоиҳо ва бозиҳои зебояшон хушҳол мешавед. Бигзор фарзандон дар як фазои амну ором ҳамеша бо озодии комил бозӣ кунанд, барои онҳо китоб бихон, тасвирҳои судмандро ба онҳо нишон бидеҳ ва ҳамеша ба саволҳояшон ҷавоб бидеҳ. Кӯдакон худ медонанд, ки заиф ва нотавон ҳастанд ва таҷрибаи кофӣ надоранд, медонанд, ки бояд ба дигарон вобаста бошанд, бинобар ин аст, ки ба роҳнамоӣ ва муҳаббату итмиънони падару модар такя ва эътимод мекунанд.

Кӯдакон ҳамеша падару модарони худро тамошо мекунанд ва талош мекунанд шахсияти худро ба гунаи онҳо ташаккул диҳанд. Ҳамин гуна арзишҳо, ахлоқ, қуввам шахсият ва тавоноиҳои худ дар ҳолатҳои гуногунро аз рафтори волидайн касб мекунанд. Онҳо аз овони кӯдакӣ бо тамошо ва назорати падару модар чигунагии анҷоми нақшҳои худ дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт ва чӣ гуна дар оянда як шаҳрванди коромад, ҳамсар ва ё як падар ё модари хуб ва намунавӣ буданро меомӯзанд.

Падару модар меҳру муҳаббати худро бо шеваҳои гуногун иброз медоранд, монанди дидор ва вохӯрӣ бо чеҳраи кушода, хӯшҳол шудан аз дидори фарзандон, изҳори муҳаббат дар ҳаракоти худ, изҳори хушҳолӣ аз корнамоиҳои фарзандон, ором кардани онҳо ҳангоми тарсидан ва ё мавриди азият қарор гирифтан ва таъмин кардани амнияти онҳо аз ҳар гуна таҳдидҳо ва ғайра. Муҳаббати падару модар аст, ки муҳаббат дар вуҷуди кӯдаконро ба миён меорад ва онҳо бар асоси ин муҳаббат оғоз ба ташкили муносибатҳои мусбат дар ҳаёти ояндаи худ бо дӯстон, устодон, ҳамсарон, фарзандон, ҳамсояҳо ва ҳамдарсон мекунанд.

Кӯдакон боварӣ ба худро аз муҳаббати волидайн касб мекунанд, ки дар вуҷуди онҳо эҳсоси роҳатӣ ва амният бахшида, дар зиндагӣ ва дар бархӯрд бо дигар мардумон низ инъикос меёбад. Пас меҳру муҳаббати падару модар аст, ки ба фарзандон эҳтирому муҳаббати волидайн ва эҳтиром ба дигаронро мебахшад.

Кӯдакон дар ин ҷомеаи зӯргӯ ва номеҳрубон ба омӯзиши меҳру муҳаббат ниёз доранд, то ҷойгузини хушунат ва зӯргӯие гардад, ки бо он дар тамоми ҷойҳо мувоҷеҳ мешаванд. Агар падару модар ба фарзандон муҳаббат ва боварӣ ба худро дар хона таълим надиҳанд, чӣ гуна онҳо метавонанд онро аз шахси дигар ва дар ҷои дигар ҷустуҷӯ намоянд?

## МУҲАББАТ: МАФҲУМИ ЗЕҲНИ ЭҶОДӢ ВА ҚУРЪОНИ КАРИМ

Қуръони карим қалбро макони андеша, идрок, эҳсосот ва отифа тавсиф мекунад. Донишкадаи қалб дар Boulder Creek дар Иёлати Калифорния баён медорад, ки дил олати қавӣ дар муоличаи тасаввурот, идрок, ҳалли чолишҳо ва нишондоди арзишҳо аст. Ҳамоҳангии қалбу майнаи сар бо муҳаббат заковати комил ва як нафси комилро ташкил медиҳад ва ақлу қалб маркази маънавӣ ва отифии чисм ҳастанд.

Вақте мардум бо иродаи қалбҳои худ ҳаракат мекунанд, онҳо дар ин ҳолат мехоҳанд чизе биомӯзанд, кашф кунанд ва эҷодкорӣ кунанд. Ва кӯдакон низ бархӯрди дуруст мекунанд ва ба шакли беҳтар гӯш медиҳанд, албатта агар «аз самими қалб» анҷом диҳанд. Вале агар амалашон "берун аз дил" бошад, дилшикастагӣ, ғазаб, хастагӣ, нороҳатӣ ва ноором̄ бар онҳо ғолиб меояд ва ҳалли мушкилоташонро номумкин тасаввур мекунанд. Кӯдаконе, ки муҳаббат меомӯзанд, аз нигоҳи чисмӣ солим ва якрӯ боқӣ мемонанд, дидгоҳи комилро дар бораи ҳаёт дар худ рушд медиҳанд, барои қабули қарорҳои ҳакимона тавонотар ҳастанд, нисбати худ ва дигарон беҳтар аҳамият медиҳанд ва чун бузург мешаванд, ба фарзандони худ чӣ будани муҳаббатро таълим медиҳанд. *(Bradley et al, 2009).*

Гулман дар китоби "Ҳушмандии отифӣ" баён медорад, ки дарсҳои отифиеро, ки кӯдак меомӯзад, шабакаҳои димоғро ташаккул медиҳанд ва онҳое, ки дар зиндагӣ инсонҳои муваффақ мешаванд, касоне нестанд, ки заковати мантиқии баланд доранд, балки касоне ҳастанд, ки ҳушмандии отифии бисёр баланд доранд. Ҳушмандии отифӣ шомили аксуламалҳои сареъ, худидоракунӣ, арзишҳо, азхудгузарӣ ва меҳрубонӣ аст.

*(Goleman, 2005).*

Дидгоҳи машҳури "қобилияти зеҳнии кӯдакон мустақил ва ҷудо аз қобилияти бахшидану дӯст доштани онҳост" нодуруст аст. Тасаввурот, гароишҳои ақлӣ ва отифӣ, бархӯрд ва аксуламалҳо ва қобилияти қабули қарорҳо ба солим будани қалб пайвастагии бевосита доранд. Малакаҳои идрокӣ дар майнаи сар замоне амалкарди беҳтаре хоҳанд дошт, ки заработи дил мутавозин ва мутаносиб бошанд. Ва муҳаббат, муроот, нигоҳубин ва эҳтирому меҳрубонӣ боиси эҷоди заработи муътадили қалб мешаванд.

## МАФҲУМИ ҚАЛБ ДАР ҚУРЪОНИ КАРИМ

Қуръони карим қалби инсонро ба хислатҳои бисёре васф мекунад, ки ҳама ба он далолат ва ишора доранд, ки қалб танҳо як механизми фишордиҳандаи хун нест. Муҳимтарин сифатҳои он, чуноне, ки дар Қуръони карим зикр шудаанд, ба шакли зеранд:

1. Ҷанбаҳои мусбӣ: Имон, тақво, ҳидоят, андешидан, нармӣ, хоксорӣ, хайр, тавоноӣ, итмиънон, меҳрубонӣ, покӣ, тавба, фаҳми амиқ, оромӣ, раҳмат.
2. Ҷанбаҳои манфӣ: Беморӣ (имони заиф), гуноҳ, нифоқ, хавф, сангдилӣ, каҷравӣ, инкор, нобиноӣ, хиёнат, шубҳа, ҷаҳл, беидрокӣ, беҳудагӣ ва машғулиятҳои беҳуда.

Қалб дар 145 мавзеи Қуръони карим зикр шудааст. Бинобар ин, ҳосил намудани маърифати бештар дар бораи “қалб”, “фуод” ва “сина”, бо вуҷуди баъзе ишораҳо дар бораи тафовут миёни ин истилоҳот, ба баҳсу таҳқиқоти зиёд ниёз дорад. Баҳсу ҷустуҷӯ дар ин бора кори содае нест, чун мо ба дарки амиқи илми маонӣ, балоғат ва дигар улуми забони арабӣ ва тафсир ниёз дорем. Хулоса, метавон гуфт, ки қалб марказ ва маҳалли ақл аст ва дар қафаси сина, ки бахши болои ҷисм аст, ҷойгир шудааст. Худованд мефармояд:

***“Оё дар замин сайр намекунанд, то соҳиби дилҳое гарданд, ки ба он ақл кунанд ва гӯшҳое, ки бо он бишнаванд? Зеро чашмҳо нестанд, ки кӯр мешаванд, балки дилҳое, ки дар синаҳо ҷой доранд, кӯр мешаванд”***

***(Ҳаҷ, 46).***

Аммо “фуод” маҳали ақл дар қалб аст, ки ба нури имон ва фитрат мунаввар ва муҷалло гаштааст. Худованд мефармояд:

***“Худо шуморо аз батни модаронатон берун овард ва ҳеҷ намедонистед. Ва бароятон чашму гӯшу дил биёфарид. Шояд шукр гӯед!”***

***(Наҳл, 78).***

Инчунин Худованд мефармояд:

***“Дил он чиро, ки, дид, дурӯғ нашумурд”***

***(Наҷм, 11).***



Ҳикмат, тавоноӣ, қобилияти қабули қарорҳо ва муносибатҳои устувор замоне дар вуҷуди инсон рушду инкишоф меёбанд, ки байни ақл ва қалб як тавозуни дуруст ба вуҷуд ояд ва бо бештар шудани муҳаббат ва эҳсос ин пайванд устувортар ва ҳамдигарфаҳмӣ бештар мегардад. Муҳаббат, меҳрубонӣ ва эҳтиром қобилияти эҷодкорӣ, қудрати ҳалли мушкилот ва имконоти интихоби дуруст ва дақиқ дар инсонро тақвият мебахшанд.

Вақте кӯдакон маҳрум аз меҳру муҳаббат ва бо тарсу нороҳатии ҳамешагӣ зиндагӣ мекунанд, ошуфта ва парешонхотир мегарданд, қобилияти ҳамгироӣ ва созгорияшон коҳиш меёбад ва ба сабаби созгорӣ ва мутобиқшавии онҳо бо фишору ошуфтагӣ, шаклҳои ҳуҷайраҳои асабии майнаи сари онҳо бар асоси фишору парешонхотирӣ асос меёбанд. Бинобар ин кӯдаконе, ки аз муҳаббату меҳрубонӣ дур мемонанд, дар раванди омӯзиш ва таълим ранҷ кашида, дучори душвориҳо мегарданд. Аммо кӯдаконе, ки дар як фазои пур аз меҳру муҳаббат ба воя мерасанд, омӯзиш ва таълимро дӯст медоранд. Қалб ба муҳаббат вокуниш нишон медиҳад, ки онро метавон бо истифодаи дастгоҳи электрокардиограмма ва аз тариқи тапишҳои қалб бо истифодаи мониторе, ки суръати дилро месанҷад, андозагирӣ кард. Ғазаб, ноороми, ноумедӣ ва фишору парешонхотирӣ сабаби ихтилол дар тапишҳои табиии қалб мегардад. Бинобар ин кӯдакон ба муҳаббат ва навозиш ниёз доранд, то дар вуҷуди онҳо эҳсоси мусбат ва умеду дилгармӣ нисбат ба оянда ба вуҷуд ояд.

Доктор Илҳом Толиб дар семинари омӯзишӣ дар Маркази таҳқиқотии Адамс (ADAMS, 2008) баён доштаанд, ки иборaҳои “бо тамоми ҳастии қалбам туро дӯст медорам” ва “туро аз тахти дил дӯст медорам” дуруст ҳастанд, зеро қалб маркази ҳиссиёти инсонӣ ва муҳаббату отифаҳо аст.



## МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД БАРОИ ВОЛИДАЙН БАРОИ КӮМАК БА КӮДАКОН ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ МЕҲРУБОН

Вақте кӯдак ба дунё меояд, малакаи муҳаббату дӯст доштанро дорад, ки сипас бар дӯши падару модар вогузор мешавад, то ин малакаи худододро дар фарзандашон ҳифз ва равнақ диҳанд. Агар падару модар ба фарзанд меҳру муҳаббат ва дӯст доштанро нишон диҳанд, ба ин маъност, ки онҳо барои худ шахсеро тарбия карданд, ки онҳоро дӯст медорад. Дар зер баъзе иқдомоти амалӣ барои кумак ба кӯдакон дар ташаккули шахсияти дӯстдоштанӣ дарҷ мегардад.

- ***Аз замони навзодӣ оғоз намоед***

  Муҳаббат дар фарзандро инкишоф диҳед, ба ӯ изҳори муҳаббат кунед, бавижа дар замони ширхорагӣ ӯро бардоред ва ба оғӯш бигиред. Аз ҷумлаи равишҳое, ки меҳру муҳаббат ва оромӣ дар онҳоро меафзояд, ба оғӯш гирифтан, бӯсидан ва бо онҳо суҳбат кардан аст.

- ***Ба кӯдакон ин қоидаро биёмӯзед: “Бо дигарон он гуна бархӯрд намо, ки мехоҳӣ бо ту бархӯрд шавад”***

  Ба кӯдакони худ тарзи муомила бо дигарон бидуни худхоҳӣ ва ғururро биёмӯзед. Вақте кӯдак дарк намояд, ки чӣ гуна мехоҳад дигарон бо ӯ бархӯрд намоянд, ин амр водораш месозад, то қабл аз шурӯи бархӯрди нодуруст бо дигарон биандешад ва хоҳад донист, ки тарзи муомилаи ӯ бо мардум сабаб мешавад, ки мардум низ бо ӯ ҳамон гуна муомила ва бархӯрд намоянд. Қоидаи “Ту бояд ба шеваи беҳтар аксуламал нишон диҳӣ” омили эҷоди рафтори дӯстона ва сабаби аз миён бурдани рафторҳои бадбинона аст.

***“Чун шуморо ба дуруде салом доданд, ба дуруде беҳтар аз он ё монанди он ҷавоб гӯед. Албатта Худо ҳисобгари ҳар чизест!”***

***(Нисо, 86).***

- ***Муҳаббат бар асоси намунаҳои амалӣ устувор мегардад***

  Чизе, ки аз нигоҳи амалӣ барои кӯдакон муҳим аст, изҳори муҳаббати падару модарон нисбати онҳо, нисбати ҳамдигар ва миёни ҳамаи аъзои оила аст. Муҳаббатро ба фарзандон ба андозаи кофӣ изҳор намо, ту низ ҳамонро аз фарзандон хоҳӣ дид.



- ***Вижагиҳои ҳар шахсро қадрдонӣ кунед***

  Ҳар як кӯдак сифатҳои нодир ва вижаи худро дорад, ки вазифаи падару модар кумак кардани онҳост, то муҳаббатро ба таври солим ва дуруст изҳор намоянд. Падару модарон ба кӯдакони бесабрашон муҳаббати сабр, ба кӯдаконе, ки далер нестанд, муҳаббати шуҷоат ва ба кӯдакони худхоҳашон муҳаббати саховатмандиро биомӯзанд.

## АГАР ФАРЗАНДАТ БИГӮЯД: “ТУРО БАД МЕБИНАМ!”

Пас аз ин ҳама муҳаббате, ки ба фарзанд бахшидӣ, бо вуҷуди ин ҳама ба оғӯшгириҳо, бӯсаҳо, бозиҳо, ҳадяҳо, ғамхориҳову меҳрубониҳо, ин кӯдаки азизу нозпарварида шояд бигӯяд: “Туро бад мебинам!” Оё воқеан имкон дорад кӯдакон падару модарони худро бад бинанд? На, ҳаргиз.

Фарзандон танҳо баъзе амалкардҳои падару модаронро, ки ба онҳо маъқул нест, монанди манъ кардани онҳо аз рафтан ба маҳфил ё ҷои дигар, бад мебинанд, на худи волидайнро, ва берун омадани чунин суханҳо низ аз забони онҳо на аз сабаби бадбинию кинатӯзӣ, балки аз ғазабу ноумедӣ аст. Кӯдакон аз хурдсолӣ медонанд, ки вақте ба падар ё модар “туро бад мебинам” мегӯянд, мавриди аҳамияти бештаре қарор мегиранд, чун аксуламали падару модар, агарчи манфӣ ҳам бошад, аҳамияти фавриро ба вуҷуд меорад ва падар ё модар каме дилсард мешавад, аммо ба муҷарради ин, ки фарзанд узрхоҳӣ намуда, бигӯяд ҳадафаш ин набуд, дарҳол ба хостаҳои ӯ таслим мешавад. Берун омадани ин навъи ибораҳо аз забони фарзандон на танҳо як талош барои бардоштани қоида ва ҳудудҳоест, ки падару модар барои маҳдуд кардани рағбату хоҳишоти онҳо гузоштаанд, балки низ ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи бештари онҳост. Падару модар бояд дар ҳоли шунидани ин навъ ибораҳо асаби худро ором нигоҳ доранд. Бо вуҷуди ин, ки фарзандон хуб медонанд, ки суханони онҳо падару модарро ба бад дидани онҳо водор месозад, чун аз нигоҳи онҳо муҳимтар аст, онро ба забон меоранд, ки он ҳам ҷалби аҳамият ва қабулияти бештар аз тарафи падару модар нисбати онҳост. Онҳо ба зудӣ хоҳанд донист, ки иборaи “туро бад мебинам” ҳеҷ гоҳ аксуламали шадид аз тарафи падару модарро ба вуҷуд намеорад ва падару модар ҳам дигар наметавонанд дар оянда онҳоро нодида бигиранд.

Падару модар бояд дар навбати худ эҳсосотеро, ки дар ибораи “туро бад мебинам” нуҳуфтааст, дарк намоянд ва метавонанд ба фарзанд бо посухҳое ба монанди “ба назарам, хеле хашмгинӣ” аксуламали худро нишон диҳанд ва аз гуфтани суханоне, ки онҳоро озор медиҳад, парҳез намоянд. Беҳтарин ҳалли ин вазъият ба утоқи дигар рафтан, рӯи курсӣ нишастан ва нафаси амиқ кашидан аст. Ҳалли дигар ин аст, ки мард ё зан ҳамсарашро ором кунад, то бо фарзандон дар бораи ин қазия дар вақти муносиб ва дар як фазои оромтар баҳсу гуфтугӯ кунанд: “Вақте ором шудем, дар ин бора суҳбат хоҳем кард”.

## ФАРЗАНДИ ЯКУМ

Падару модарон барои фарзандон умеду орзуҳои баланде доранд ва мехоҳанд онҳоро дар фарзанди нахусти худ бубинанд. Мехоҳанд фарзандон дар чизе муваффақ шаванд, ки худ дар он муваффақ нашуданд, аз он нигаронанд, ки мабодо фарзандон муртакиби иштибоҳе шаванд, ки худи онҳо дар гузашта муртакиби он шудаанд. Аз ҷониби дигар, падару модар, ки дар тарбияи фарзандон ҳамеша дар талошанд, ғолибан фазоро барои фарзанди дуюм осонтар ва беҳтар месозанд, чун онҳо алакай дар тарбияи фарзанди аввал таҷрибаҳои кофӣ касб кардаанд. Бинобар ин фарзанди дуюм дар рафтор ва эҳсосоташ назар ба фарзанди якум нисбатан озодтар ва мустақилтар аст.

Ба ҳамсароне, ки ба дунёи фарзанддорӣ қадами нахуст гузоштаанд, тавсия медиҳем, ки ором бошанд ва бигузоранд фарзанд ба табиати фитрии худ бузург шавад, чуноне, ки ба навомӯзе, ки бори аввал савори асп мешавад ё мошин меронад, мегӯянд «ором бош». Бурдани кӯдак ба майдончаи бозиҳои кӯдакона беҳтарин фурсат барои мушорикат бо дигарон, вақтгузаронӣ бо онҳо ва омӯхтани муомила ва тарзи додугирифт бо мардумон аст. Ба зиёрати дигарон рафтан ва кӯдакони дигаронро ба хона фаро хондану хӯшҳол шудан аз омаданашон бисёр судманд ва василаи дигар барои вақтгузаронии фарзандон аст.



Яке аз тавсияҳои судманд ин аст, ки падару модар фарзандонро пай дар пай таваллуд намоянд ва байни таваллуди онҳо фосилаи замонии зиёде вуҷуд надошта бошад, зеро наздикии фарзандон дар синну сол ба онҳо фурсат медиҳад як ҳаёти иҷтимоии хуб бо ҳамдигар дошта бошанд ва беҳтар аз он аст, ки тифл ба танҳоӣ ба воя бирасад. Барои бисёре аз падару модарон дар як марҳала тарбия кардан ва ба воя расонидани як насл ва сипас гузаштан ба марҳалаи дигари ҳаёт осонтар аз он аст, ки фосилаи дарози замонӣ миёни фарзандон вуҷуд дошта бошад, чун дар он сурат маҷбур мешаванд дар як вақт бо ҷавон, наврас ва кӯдаки хурдсол зиндагӣ кунанд, яъне дар як вақт се наслро ба воя расонанд. Онҳо ба ин шева душвориҳои зиёде бар дӯш хоҳанд дошт, чун аксари лаҳзаҳои ҳаёт дар тарбияи фарзандон ва бе истироҳат хоҳад гузашт.

Тифли навзод тамоми аҳамияти оиларо ба худ ҷалб мекунад. Вақте меҳмонон барои дидор ва тақдими тухфаҳо меоянд, ҳама дар бораи навзод сухбат мекунанд, падар ғоли-

бан дар кор ва ё хаста аст ва модар машғули корҳое, ки бо омадани тифли нав ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин аҳамият ба дигар кӯдакон камтар мегардад ва бародарону хоҳарон эҳсос мекунанд нисбати онҳо беаҳамиятӣ мешавад, махсусан барои хурдтарин фарзанди хона, ки пас аз омадани тифли хурдтар эҳсоси ҳасад дар ӯ табиӣ ва як амри муқаррарӣ аст, чун тамоми аҳамият аз ӯ ба сӯи меҳмони нав ҷалб мегардад.

Шоёни зикр аст, ки ҳасодат муҳаббатро табоҳ мекунад, зеро ҳасодат таманнои дур шудани неъмат аз дигарон ва интиқол ёфтани он ба ҳосид аст. Барои падару модарон душвор аст, ки ҳасадро аз фарзандон дар хурдсолӣ дур намоянд. Расулуллоҳ (с) ҳасодатро як шарри иҷтимоӣ шуморида, фармудааст:

***"Мардум дар хайру хубӣ қарор доранд, модоме ки бо ҳамдигар ҳасад наварзанд"***
***(Табаронӣ).***

Барои пешгирӣ ё коҳиши ҳасодат дар байни фарзандон падару модар метавонанд аз тавсияҳои зер истифода намоянд:

- Бо фарзандон ба гунае рафтор намоед, ки эҳсос кунанд ҳамаашон дӯстдошта ҳастанд ва ҳар яке аз онҳо мавриди таваҷҷуҳ ва аҳамият қарор доранд.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки дигар фарзандон шумо эҳсоси таваҷҷуҳ ва муҳаббати кам надоранд. Шеваи рафтори шумо ба гунае бошад, ки онҳо эҳсос кунанд, ки ҳануз ҳам пас аз омадани навзод дар хона мақому манзалати собиқро доранд.
- Аз муқоиса ва рақобат байни бародарон ва хоҳарон худдорӣ кунед.
- Инсоф ва адолатро дар бахшидан, мукофот додан, тарбия ва таъриф кардани фарзандон риоя намоед.
- Агар имкон доред, ҳама фарзандонро бибӯсед ва ба оғӯш бигиред.
- Фарзандони калониро дар масъулияти тарбия ва нигаҳдории кӯдаки майда ва қабули қарорҳо дар бораи тифли навзод шарик созед.

## ЧАРО ПАДАРУ МОДАР ФАРЗАНДОНРО ДӮСТ МЕДОРАНД?

Худованди мутаол муҳаббати фарзандро на танҳо бахше аз фитрати инсон, балки аз маҳбубтарин дӯстдоштаниҳо барои ӯ қарор додааст. Еврипид мегӯяд: "Дар ин муносибат тамоми башарият яксон ҳастанд, чӣ гадо бошад, чӣ сарватманд, ҳама яксон фарзандонашонро дӯст медоранд". Тагор мегӯяд: "Ман ӯро на барои ин, ки фарзанди хуб аст дӯст медорам, балки чун фарзандам аст, дӯст медорам".

**Яке аз ҳақиқатҳои дарднок ин аст, ки баъзе кӯдаконро дӯст намедоранд, зеро:**

1. “Тасодуфӣ” таваллуд шудаанд, яъне берун аз нақша ва барномарезии падару модар, берун аз майлу рағбат, ба сабаби фишори иҷтимоӣ ва ё таҷовузи ҷинсӣ ба дунё омадаанд.
2. Ҳангоми таваллуд модар вафот кардааст ва ӯро сабаби вафоти модар медонанд.
3. Фарзанди шахси ҷинояткор аст.
4. Дар ҷомеае, ки афзалият ба писарон дода мешавад, духтар таваллуд шудааст, ё акси он. Бинобар ин аст, ки дар баъзе кишварҳо ба падару модар танҳо замоне табрик мегӯянд, ки дар хонаи онҳо писар ба дунё меояд. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро бо кӯдакон ба сабаби гуноҳе, ки онҳо накардаанд, чунин бархӯрд мешавад?

Муҳаббатро бо рафтори кӯдакон рабт надиҳед, чун ин навъи аксуламал баёнгари он аст, ки падару модар барои дӯст доштани фарзанд шарт мегузоранд. Шоистаи падару модарон нест, ки ба фарзандон бигӯянд: “Агар рафторат беҳтар шавад, туро бештар дӯст хоҳам дошт”. Кӯдакон ҳамеша ба меҳру муҳаббат ниёз доранд, махсусан замоне, ки гумон мекунанд, ки онҳо сазовори он нестанд. Падару модар бояд фарзандонро қаноат диҳанд, ки муҳаббаташон нисбати онҳо ба рафтору кирдори онҳо вобаста нест, балки муҳаббат аз таҳи дил аст, ки ба фарзандон барои фарзанд буданашон дода мешавад ва онҳоро бечунучаро дӯст медоранд. Андозаи муваффақияти падару модарон дар тарбияи фарзандон бо андозаи эҳсоси фарзандон ба амнияту оромӣ ва эҳсоси маҳбубият муқоиса карда мешавад. Таърифу ситоиши кӯдакон амали сутуданист, зеро онҳо бештар аз дигарон шоистаи муҳаббатанд. Марк Твен мегӯяд: “Ситоиш хуб аст, хӯшмуомилаӣ хуб аст, аммо муҳаббат арзишмандтарин мукофоте аст, ки инсон метавонад онро ба даст орад”.

**Инсонҳоро дӯст дор, вале амалҳои нодурусташонро бад бин**

Меҳру муҳаббати миёни падарону модарон ва фарзандон бояд бе қайду шарт бошад. Онҳо бояд ҳамдигарро ончуноне, ки ҳастанд (одатҳо, тарзи баёни эҳсосот ва рафторашон), бо вуҷуди тарсу нороҳатӣ ва бо тамоми вижагиҳояшон қабул намоянд. Ҳадафи ибораи “бе қайду шарт” ин аст, ки набояд барои дӯст доштан қоида ва шартҳо гузошта шавад. Шояд фарзандонат зебо набошанд, фарҳанг, таълим ва шухрати баланд надошта бошанд, вале онҳо ба хости Худо ба ҳаёт қадам гузоштаанд, ҳастии онҳо ҳамчун фарзанд басанда аст, ки бе қайду шарт дӯст дошта шаванд ва маҳбуби дил бошанд.

**Дӯст доштани фарзандон дар дил басанда нест, бояд онро бо забон иброз дошт.**

***Расулуллоҳ (с) ба ёрони гиромияшон фармуданд, ки муҳаббат нисбати ҳамдигарро ошкор созанд: “Марде назди Расулуллоҳ (с) ҳузур дошт, ки шахсе аз назди онҳо гузашт. Мард гуфт: «Эй Расули Худо (с), ман ин шахсро бисёр дӯст медорам». Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтанд: “Оё ба ӯ гуфтаи, ки дӯсташ медорӣ?” Мард дар посух гуфт: «На». Расулуллоҳ (с) ба ӯ фармуд: “Ӯро аз муҳаббатат огоҳ кун”. Ровӣ мегӯяд: «Ба назди ӯ рафт ва гуфт: “Ман туро ба хотири ризои Худованд дӯст медорам”. Он мард дар посухаш гуфт: “Худованде, ки маро ба хотираш дӯст доштаӣ, туро низ дӯст бидорад”***

***(«Сунан»и Абудовуд).***

## МУҲАББАТ ВА ЭЪТИМОДИ ПАДАРОНУ МОДАРОН БАР ХУД

Эътимод ва боварии падару модар бар худ калиди муносибатҳои муҳаббатомез бо фарзандон аст. Агар падару модар дар қонеъ кардани фарзандон дар бораи чигунагии робитаҳояшон бо онҳо ва орзуҳое, ки дар оянда дар фарзандон дидан мехоҳанд, муваффақ нагарданд, фарзандон талош мекунанд падару модаронро доимо мавриди озмоишу санҷиш қарор диҳанд. Ва ин омили сустии робитаҳои байни падару модар ва фарзандон гашта, муҳаббатеро, ки миёни онҳо вуҷуд дорад, рахнадор мекунад. Ба ҳар андоза, ки таниш ва нофаҳмиҳо миёни падару модар ва фарзандон кам бошад, меҳру муҳаббат дар муносибатҳои онҳо бештар хоҳад буд. Илова бар ин, иқтидор ва ҳокимияти волидайн дар набуди меҳру муҳаббатро метавон як ҳокимияти бетафовут ва беперво унвон кард. Падару модароне, ки ба худ эътимод ва боварӣ доранд, ба фарзандони худ ҳам муҳаббат ва ҳам таъсири қудрати худро таъмин мекунанд, бо доштани қудрат ва муҳаббат дар канори ҳам бе суиистифода баробарӣ ва эътидолро ҳифз мекунанд ва ба ин васила ба фарзандони худ амнияту оромӣ ва хушбахтию саодатро фароҳам меоранд.



## РОҲҲОИ АМАЛӢ БАРОИ ЭҶОДИ МУҲАББАТ ВА ҲАМДИЛӢ

Падару модар фарзандонро дӯст медоранд ва фарзандон низ муҳаббати онҳоро эҳсос мекунанд ва яқин медонанд, ки дӯсташон медоранд, вале он басанда нест, балки муҳаббат бояд бо роҳҳои гуногун ба фарзандон расонида шавад. Гоҳо падару модар ғофилгир мешаванд вақте дарк мекунанд, ки фарзандон намедонанд падару модар онҳоро дӯст медоранд. Яке аз роҳҳои эҷоди меҳру муҳаббат таҷриба аст, ки шомили ният ва амал аст. Ният рағбати инсон барои иброз кардани он чӣ дар дил дорад ба дигарон ва ба таври ошкор таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба онҳост. Аммо амал анҷоми кор мутобиқ бо ният аст. Мисол, падару модар ҳамеша миқдори андаке аз пул ё вақти худро барои баъзе одамҳое, ки дӯст медоранд, ҷудо мекунанд ва бо касоне, ки дидор ва вохӯрӣ мекунанд, ҳамеша бо лабханду чеҳраи кушода ҳастанд. Пас ин ҷо муҳим на миқдор ва андозаи амалҳо, балки ҳамеша ва ба таври мунтазам анҷом додани онҳо аст. Расулуллоҳ (с) мефармоянд:

***“Маҳбубтарини амалҳо назди Худованд аъмоле ҳастанд, ки мунтазам анҷом меёбанд, агарчи андак бошанд”***

***(Бухорӣ).***

Модаре бо номи Тереза мегӯяд: “Мо наметавонем дар рӯи замин корҳои бузург анҷом диҳем, вале метавонем чизҳои хурдро бо муҳаббати бузург анҷом диҳем”.

Дар сатрҳои зер баъзе роҳҳоеро зикр хоҳем кард, ки сабаби зиёд шудани муҳаббати кӯдакон нисбати падару модарон мегардад:

- Ба “чизҳои бузург” аҳамият диҳед ва “чизҳои хурдро” нодида бигиред.

  Меҳрубонӣ шукргузориро меафзояд. Вақте шумо дар бораи неъматҳои бузурги ҳаёт меандешед, монанди неъмати хондани ин китоб, метавонед муҳаббатро афзоиш диҳед.

- Бо кӯдакон вақти бештар гузаронед, зеро муҳаббати шумо дар таваҷҷуҳатон ба онҳо дар хӯрок, мол, либос, компютер, мошин, қалам, дафтар, китоб, сафар ва андешаҳо зоҳир мегардад.

- Ба аъзои оила бигӯед, ки онҳоро дӯст медоред (махсусан пеш аз сафар).

- Бо кӯдакон суруди хоссе эҷод кунед, ки дар бораи “туро дӯст медорам” бошад.

## Муҳаббат шарик будан аст

- Қалби кӯдак сазовори он аст, ки саршор аз муҳаббат ва таваҷҷуҳ ба дигарон бошад, ва барои онҳо он чиро бихоҳад, ки барои худаш мехоҳад. Расулуллоҳ (с) мефармояд:

  ***"Ҳеҷ касе аз шумо муъмини комил намешавад, то замоне, ки барои бародараш он чиро бихоҳад, ки барои худаш мехоҳад"***

  ***(Бухорӣ).***

- Мушорикат... Орзуҳоямон воло, тарсҳоямон ваҳшатнок, хандаҳоямон баланд, ашкҳоямон сарозер, умедҳоямон зебо, андӯҳҳоямон дарднок, ҳимматҳоямон олӣ, муҳаббатамон фарогир ва даркамон ҳамешагӣ аст ва ҳар қадар бо дигарон мушорикати бештар дошта бошем, ҳамон қадар муҳаббату таваҷҷуҳамон ба онҳо бештар мегардад.

- Беҳтарин васила барои фаромӯш кардани мушкилоти шахсӣ кумак кардан ба дигарон дар ҳалли мушкилоташон аст.

- Шояд касонеро, ки бо ту хандидаанд, фаромӯш кунӣ, вале онҳоеро, ки бо ту гиристаанд, ҳаргиз фаромӯш нахоҳӣ кард.

## Қиссаи ҳақиқӣ аз китоби «Дар ҳақиқат Миррих ва Зуҳра»-и Ҷон Грей

Яке аз шиносҳоям, ки саломатияш бад буд, ба ман гуфт, ки бо писараш ба сабаби мушкилоте, ки ба хотири келинаш ба вуҷуд омада буд, се сол боз гап назадааст ва исрор ҳам меварзид, ки дигар ҳаргиз бо ӯ суҳбат нахоҳад кард, то замоне, ки ӯ худаш ба ӯ занг назанад. Ба ӯ пешниҳод кардам, ки ӯ ба писараш занг занад, вале ӯ бо исрор мегуфт: "Не. Наметавонам. Ӯ бояд аввал бо ман тамос бигирад". Ӯ омода буд бо ягона писараш дигар ҳаргиз суҳбат накунад. Пас аз андаке ӯро ташвиқ карданам ва ӯ телефонро гирифта, ба писараш занг зад. Аз ҳолате, ки ба вуҷуд омад ғофилгир шуд, чун дид писараш аз тамоси ӯ бисёр хушҳол ва миннатдор аст, аз модар узрхоҳӣ ва хоҳиш мекард маъзараташро бипазирад. Вақте инсон фурсатро ғанимат дониста, дасти дӯстӣ дароз мекунад, шакке нест, ки ба суди ҳама хоҳад буд.

Кина дар қалб монанди кислота аст, ки метавонад зарферо, ки онро дар худ ҷой додааст, бар бод диҳад ва болои ҳар чизе рехта шавад, онро аз байн бибарад.

Бо фарзандон бояд меҳрубон буду ба онҳо меҳру муҳаббат дод ва набояд монанди банке буд, ки танҳо эҳтиёҷоти молии онҳоро қонеъ мекунад. Агарчи қонеъ кардани эҳтиёҷоти онҳо ҳатмист, вале он ҳеҷ гоҳ наметавонад бо муҳаббат ва меҳрубонӣ баробар бошад.

Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки миқдори кофии муҳаббат чӣ қадар аст? Шояд падару модар дар банки муҳаббат дороии зиёдеро дар шакли изҳори дилсӯзиву меҳрубонӣ барои фарзандон пасандоз намоянд, вале кӣ сарват ва дороии бештарро намехоҳад?

Падару модар ба ҳар андозае, ки ба фарзандон муҳаббат ато менамоянд, ба ҳамон андоза онро хоҳанд гирифт. Инсон ба ҳар андоза, ки хоҳад, метавонад ба дигарон муҳаббат диҳад, аммо қабули муҳаббат аз дигарон дар ихтиёри ӯ нест. Вақте падару модар тамоми чизро барои фарзандон муҳайё месозанд ва ҳеҷ чизи қимат ва арзонро аз онҳо дареғ намедоранд, дар муқобил аз фарзандон чизе таваққуъ нахоҳанд дошт, зеро худи муҳаббат низ мукофот ва ҳадя аст. Кӯдакон то замоне, ки худ падару модар нашудаанд, наметавонанд миқдори муҳаббате, ки падару модар нисбати онҳо доштаанд, дарк намоянд.

Падару модар бояд барои ҳалли ихтилофоти байни фарзандон дар ҳол дахолат кунанд. Одамони зиёде ҳастанд, ки ба сабаби ихтилофи андак эҳсоси бадбинӣ мекунанд ва мунтазири шахси дигар мемонанд, то миёни онҳо ислоҳ намояд ва бар ин боваранд, ки ин ягона роҳест, ки метавон ба восита он иштибоҳотро бахшид ва ё дустиву робитаҳои хонаводагиро дубора ба шакли аввалӣ барқарор намуд. Ҳар қадар инсон ғазаб ва асабониятро дар худ ҷамъ кунанд, ҳамон қадар “хатои майда” дар зеҳнаш ба “хатои калон” табдил меёбанд ва мавқеъи худро аз хушбахтиаш муҳимтар медонад, дар ҳоле, ки инсони муътадил дарк мекунад, ки ҳақ будан аз хушбахт будан муҳимтар нест. Бинобар ин бояд инсон ғазаби худро фурӯ нишонад ва муносибатҳои худро бо дигарон беҳтар созад, зеро гузаштан аз ҳаққи худ барои дигарон на ба ин маъност, ки шумо хато кардаед. Вақте инсон ғазабашро фурӯ мебарад, эҳсоси зебое хоҳад дошт ва илова бар он талош мекунад барои дигарон фурсат диҳад, то худро барҳақ бидонанд. Дар муқобил дигарон низ душмании худро коҳиш медиҳанд ва муҳаббаташон нисбати касоне, ки бо онҳо дар гузашта душманӣ кардаанд, бештар мегардад.

***“Хубиву бадӣ баробар нестанд. Ҳамеша ба некутарин тарзе ҷавоб деҳ, то касе, ки миёни туву ӯ душманӣ аст, чун дӯсти меҳрубони ту гардад”***

***(Фуссилат, 34).***

- Муҳаббат ба кӯдакон сазовори аст, ки мо вақту молу талоши худро қурбони он кунем ва ин як чараёни ғун шудан аст ба монанди силсилаи сарбастаи иртиботи мусбат. Ҳар қадар муҳаббати падару модар нисбати фарзандон бештар гардад, ҳамон қадар талош мехоҳад ва ҳар қадар талош бештар гардад, муҳаббат низ бештар мегардад ва ҳамин гуна то ба охир.
- Падару модар бояд ҳар субҳ аз худ бипурсанд: Имрӯз ба кадом узви оилаам муҳаббати хос зоҳир намоям? Имкон дорад доираи муҳаббатро васеътар намуда, шахси дигареро низ берун аз хонавода вориди он намояд. Шакке нест, муҳаббат ва меҳрварзӣ оҳиста-оҳиста ва бо мурури замон нафрат ва бадбиниро ба таври куллӣ аз ҳаёти шумо дур хоҳад кард.

## ЧАНД РОҲИ ИЗҲОРИ МУҲАББАТИ ШУМО БА КӮДАКОН: ОМОР

Самон (Samon, 1999) аз 55 падару модаре, ки фарзандони аз 1 то 16-сола доштанд, пурсидааст, ки чӣ гуна фарзандони худро дар тамоси ҳамешагӣ бо худ нигоҳ медоред? Посуххо ба ин шева буданд, ки баъзе вақти худро бо онҳо мегузаронем, бо тамошо кардани чизе, бо хондан китобе, чизе пухтан, бо суҳбат оростан, дар чизе онҳоро шарик сохтан ва ҳамроҳ бо онҳо будан. Пас шумо низ гоҳо бо фарзандони худ фаъолиятҳои муштарак дошта бошед!

Дар зер рӯйхати фаъолиятҳои оилавиро барои густариши муҳаббат миёни падару модарон ва фарзандон қарор медиҳем:

- *Бо ҳам гаштан*
- *Пайдо кардани шаклҳо дар абрҳо, тамошо кардани осмон дар шаб*
- *Тамошои барномаҳои видеоӣ, гӯш кардани барномаҳои радиоӣ, шеърхонӣ ва тамошои спектаклҳо*
- *Ба онҳо иҷозат диҳед мӯйҳои шуморо оро диҳанд*
- *Бо ҳам варзиш ва гӯштин кардан*
- *Пур кардани дафтарҳо бо тасвиру барчаспҳо*
- *Онҳоро бо худ ба бозор бурдан ва шарик сохтани онҳо дар интихоби лавозимоти хона*
- *Якҷо дуову ниёиш кардан*
- *Бо ҳам ҳал кардани вазифаҳои хонагӣ*
- *Дастони онҳоро гирифтан, ба оғӯш гирифтан ва бӯса кардан (бӯса набояд аз даҳон бошад)*
- *Бо ҳам суруду таронахонӣ кардан*
- *Қуръони карим хондан*
- *Бо ҳам шӯстан ва дарзмол кардани либосҳо*
- *Зиёрати падаркалону модаркалон ва хешону наздикон (силаи раҳм бояд ҳамеша дар мадди назар бошад)*

- *Бо ҳам ба музей рафтан*
- *Гоҳ-гоҳ онҳоро ҷои кори худ бурдан*
- *Бурдани кӯдакон ба намоишгоҳҳо, майдонҳои бозӣ, боғи ҳайвонот, тамошои мусобиқаҳо, аспсаворӣ, боғчаҳо, боғҳои фароғатӣ, паркҳо ва пикникҳо (ба ҷангал, саҳро, соҳил, ба тамошои намоишномаҳо ва драмаҳо)*
- *Бо ҳам пухтани шириниҳо*
- *Ҷорӯб задан ва тоза кардани хона*
- *Тамошои албомҳои оилавӣ*
- *Бо ҳам ба мевачинӣ рафтан*
- *Корҳои боғдорӣ*
- *Бо ҳам расм кашидан*

## ОЁ ХУБ АСТ, КИ ВОЛИДОН БА ФАРЗАНДОНАШОН БАДБИНИРО ОМӮЗАНД? БАЪЗАН!

Бо вуҷуди ин, ки тамаркузи асосии мо бояд ҳамеша рӯи меҳру муҳаббат бошад, бадбинӣ ҳам аз фикри инсон дур намегардад, зеро ҳар ду муҳиманд. Агар инсон Худованд, паёмбарон, падару модар, хешону наздикон, ҳайвонот, наботот, табиат ва коинотро дӯст дорад, бояд аз шайтон нафрат дошта бошад.

***“Шайтон душмани шумост. Ӯро душман гиред”***

***(Фотир, 6).***

Инчунин инсон бояд аз азият расонидан, фасод, дурӯғ, хиёнат, дуздӣ, таҷовузи ҷинсӣ, маводи мухаддир, шаробнӯшӣ, сигор, худписандӣ, ҳасад, қавмпарастӣ, таъассубгарой ва ғазаб нафрат дошта бошад ва онҳоро бад бинад, аммо на шахсеро, ки ин амалҳоро анҷом медиҳад. Шоёни зикр аст, ки мо амалҳои бадро бад мебинем, на шахсеро, ки ин амалҳоро анҷом медиҳад, яъне мо бадиҳоро бад мебинем, на бадкоронро. Қоидаи тарбиявии муҳим вуҷуд дорад, ки тибқи он бояд байни инсон ва рафтори ӯ фарқ гузошта шавад. Бинобар ин он чӣ мавриди интиқод қарор мегирад рафтор ва амали нодуруст аст.

# МАШҚИ 47



**Машқи 47:**

**Фаъолиятҳои рӯзонае, ки махсуси муҳаббату дӯстӣ ҳастанд**

Ҷавони 17-сола мегӯяд: “Ҳанӯз ҳам мехоҳам модарам пеш аз хоб аз ҳолам хабар гирад”.

Падару модар! Фаъолиятҳои рӯзонаеро, ки дар роҳи муҳаббати кӯдакон анҷом медиҳед, бо ҳамдигар баррасӣ намоед. Дуо дар ҳолатҳои гуногуни рӯзро фаромӯш накунед.

ДУЮМ:
## Омӯзиши садоқат, амонатдорӣ ва боварӣ ба худ

- ***Муқаддима***
- ***Ба фарзандонатон бовар кунед, аммо боварӣ ҳосил кунед, ки дар куҷо-янд***
- ***Қоидаҳои умумӣ***
  - *— Арзишҳои оила*
  - *— Падару модар намунаи нек ҳастанд*
  - *— Анвои дурӯғ: сафед, бад ва хаёлӣ*
  - *— Фарқ байни хаёл ва воқеият*
  - *— Ростқавлиро таълим диҳед*
  - *— Қабл аз гирифтан иҷозат пурсед*
  - *— Мушкилотро пеш аз вуқӯъ ҳал намоед (пешгирӣ)*
  - *— Фарзандони калонсол*
- ***Такомули сифатҳои шахсият бо дидгоҳи оламшумул***
- ***Чаро фарзандон дурӯғ мегӯянд? Ва илоҷ чист?***
- ***Илоҷи дурӯғгӯӣ дар Суннати набавӣ***
- ***Чӣ гуна аз эрка шудани кӯдакон пешгирӣ кунем?***
  - *— Тартибу низомро дасти кам нагиред*
  - *— Тамоми хостаҳои онҳоро иҷро накунед*
  - *— Аз муқоисаҳои ноумедкунанда парҳез кунед*
  - *— Аз хушомадгӯӣ ва ришва додан ба фарзандон канорагирӣ кунед*
  - *— Худро таслими эҳсоси гуноҳ накунед*
  - *— Гиря ҳамчун як василаи фишор*
- ***Машқҳои 48-52***

# МУҚАДДИМА

Вақте фарзанд аввалин бор дурӯғ мегӯяд падару модар бисёр озурдахотир мешаванд, аммо ҷои нигаронӣ нест, зеро дурӯғгӯӣ дар аксари кӯдакон як марҳалаи гузаро аст, ки реша дар рушди табиии онҳо дорад. Дурӯғ гуфтан аз як тараф аксуламали фитрӣ аз тарси ҷазо ва аз тарафи дигар ба рафтори кӯдакон марбут аст, ки онро касб мекунанд. Бинобар ин бояд падару модар тамоми талошашонро ба хотири устувор намудани садоқат ва ростгӯӣ дар вуҷуди фарзандон дареғ надоранд. Дурӯғгӯӣ аксуламали табиии кӯдакон дар баробари омилҳои зиёде аст, ки яке аз онҳо дифоъ аз ҷони худ аст.



Кӯдакон воқеиятро бо хаёлоту орзуҳои худ омехта мекунанд. Бинобар ин падару модар набояд ба орзуҳои онҳо ба чашми паст нигаранд. Орзу ва хаёл, ҳатто барои шахсони ба камол расида, ду манбаи аслии шахсияти ҳар инсон ҳастанд. Қобилияти худро як шахси дигар ва ё дар ҷои у тасаввур кардан дар бисёри ҳолатҳо сабаби дур шудани хастагӣ ва парешонхотирӣ мегардад, ки набояд кӯдакон барои ин падида зери маломат ва интиқод қарор гиранд. Агар кӯдакон эҳсос кунанд, ки ҳамеша бояд рафтору кирдори худро барои падару модар асоснок кунанд, барои пешгирӣ аз сарзаниш ва ҷазо талош мекунанд бештар дурӯғ бигӯянд.

Қурайшиҳо Расулуллоҳро (с) бо ду сифати "содиқ" ва "амонатдор" тавсиф мекарданд. Амонатдорӣ маонии зиёде дорад, аз ҷумла боварӣ, садоқат, масъулият, нигаҳдорӣ ва аҳамият. Садоқат ва амонатдорӣ ду ҷанбаи асосии як шахсияти раҳнамо ва парҳезкор ҳастанд.

Падару модар худ бояд фарзандонро бар асоси садоқату амонатдорӣ тарбия намоянд ва ба воя расонанд, то ин ду сифат аз ҷумлаи сифатҳои воқеӣ дар ҳаёти кӯдакон бошад, худро бо онҳо зиннату оро диҳанд, дар вуҷудашон устувор гарданд ва бо ин сифатҳо шинохта шаванд. Шакке нест, ки вақте кӯдакон мебинанд дигарон ба падару модарони онҳо бовар доранд, дар бо-

раи молу сирру асрорашон ба онҳо эътимод мекунанд ва ҳамчун шахси амин шинохта мешаванд, онҳо низ сифоти амонатдориро барои худ касб мекунанд. Одатан мардум ашхоси амонатдорро дар ҷомеа барои худ намуна қарор медиҳанд. Амонатдорӣ яке аз сифатҳое аст, ки Расулуллоҳ (с) моро ба он ташвиқ мекунад, то худро бо ин сифати наку ва ҳамида оро диҳем:

***“Мусулмони воқеӣ касе аст, ки мусулмонон аз забон (сухан) ва дасти (рафтори) ӯ дар амон бошанд, ва муҳоҷир касест, ки тарки манҳиёти Худованд мекунад”***

***(Бухорӣ).***

Боварӣ ва эътимод байни фарзандон ва падару модар бисёр муҳим аст. Пас онро миёни худ ва фарзандон эҷод кунед, ҳифз кунед ва рушд диҳед. Агар гоҳо ба баъзе аз фарзандон эътимод кардан душвор бошад, падару модар бояд бо онҳо ба гунае бархӯрд намоянд, ки гӯё ба онҳо бовар ва эътимод доранд. Ва агар фарзанд ҳақиқатро нагӯяд, падару модар ангушти маломат ба сӯи ӯ дароз накунанд, ки шояд фарзанд аз онҳо бипурсад: “Шумо ба ман бовар надоред?” Бинобар ин падару модар ба гунае худро вонамуд намоянд, ки гӯё миёни онҳо ва фарзандон эътимод вуҷуд дорад ва сипас барои аксуламал ва бархӯрд бо дурӯғи фарзандашон васила ва равиши муносиб ҷустуҷӯ намоянд. Инчунин барои кӯдакон хуб аст, ки бидонанд, ки бо қудрат масъулият ва бо масъулият эътимод пайдо мешавад. Фарзандон бояд бидонанд падару модар чӣ гуна боварии дигаронро ба даст овардаанд ва чӣ сабаби аз байн рафтани боварӣ мегардад, то аз он дур бошанд.

Касби эътимод як амалкарди ҳамешагӣ ва давомдор аст, ки ҳар қадар муносибатҳои фарзандон бо падару модар бомуваффақият бошад ҳам, гоҳо як дурӯғ метавонад онро мавриди заъф ва шикаст қарор диҳад. Илова бар ин, сабаби бори дигар аз даст додани эътимод ва мавриди шак қарор гирифтан назди волидайн мегардад. Аммо ҳангоми сар задани хато падару модар сабру таҳаммулро пеша намуда, боварӣ ва эътимодро ҳифз намоянд.



## БА ФАРЗАНДОНАТОН БОВАР КУНЕД, АММО БОВАРӢ ҲОСИЛ КУНЕД, КИ ДАР КУҶОЯНД

Падару модар ҳангоми берун будани фарзандон аз хона ба онҳо эътимод ва боварӣ доранд, вале дар айни ҳол аз "дар куҷо" ва "бо кӣ" буданашон бояд огоҳӣ дошта бошанд, ки метавон ин амалро бидуни огоҳии онҳо анҷом дод, то мабодо фарзандон гумон накунанд падару модар ба онҳо эътимод надоранд ва онҳоро назорат мекунанд. Ҳамроҳӣ кардани фарзандон то мактаб на ба ин маъност, ки онҳо то шом дар мактаб мемонанд, балки бинобар он аст, ки падару модар мутмаин шаванд, то мабодо фарзанд бе иҷозати муаллим ба ҷои дигаре нагурезад. Пас яке аз тавсияҳои мо барои падару модарон ин аст, ки онҳо гоҳ-гоҳ ба мактаб рафта, журнали синфро тафтиш кунанд ё аз тариқи дӯстон ё ҳамсояҳо, мустақим ва ё ғайри мустақим, таҳқиқ намоянд, зеро ҳолатҳои бисёре мушоҳида шудааст, ки фарзандон баъд аз гурехтан аз мактаб ба ҷиноятҳои зиёде даст зада ё ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шудаанд. Ҳамин гуна гоҳо утоқҳои хоби онҳоро тафтиш кунед, то мутмаин шавед, ки он ҷо асари дуд, чизҳои дуздӣ, ҷавоҳирот ё чизҳои дигари қиматбаҳо вуҷуд надошта бошад. Ба фарзандон сабаби амалкард ва ҳадафи худро тавзеҳ диҳед.

- Бо мардум ба гунае муносибат кунед, ки гӯё онҳо беҳтарин рафтор ва кирдорро доранд, зеро шумо шояд бо ин навъи бархӯрд битавонед онҳоро дар ростои тағйир ёфтан ба шакли аҳсан кумак намоед.

(Иоҳан Волфганг фон Гёте).

- Ба мардум бовар кун ва онҳо бо ту содиқ хоҳанд буд. Бо онҳо нармрафтор бош ва онҳо аз худ нармрафторӣ нишон хоҳанд дод.

(Ралф Уолдо Эмерсон).

(Exley, 1997).

## ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

Дар сатрҳои зер баъзе ҷанбаҳои муҳими бархӯрд бо фарзандонро зикр менамоем:

### Арзишҳои оилавӣ

Фарзандон бояд бидонанд, ки дурӯғ мухолифи ахлоқ ва табиату фитрати инсон аст. Ба онҳо бояд тавзеҳ дод, ки дурӯғгӯӣ оқибатҳои ногувор ва манфӣ дорад, ва ба онҳо садоқату ростқорӣ ва амонатдорӣ дар рафтору гуфтор омӯзиш дода шавад. Падару модар бо фарзандон дар бораи дурӯғгӯӣ ва назару эътиқоди онҳо дар бораи он баҳсу гуфтугӯ доир кунанд ва бо овардани намунаҳои пандомез дар бораи оқибатҳои бади дуруғгуӣ, ки муносиб ба синну соли онҳо бошад, маҷлисашонро бештар шавқовар ва пурсамар кунанд. Дар

барномаи арзишҳои оилавӣ ибораи “сиёсати садоқат”-ро дохил намоед. Ба шакли дуруст муаррифӣ намудани садоқат ва амонатдорӣ барои фарзандон ба мақсади ҷой додани он дар зиндагӣ ва амал кардан ба он бисёр муҳим аст.

## Падару модар намунаи нек ҳастанд

Фарзандонро насиҳат кунед ва онҳоро панд диҳед, то садоқат ва ростқорӣ дар ҳаётро пешаи худ бидонанд. Назди фарзандон ҳангоми макони худро ба касе гуфтан дурӯғ нагӯед, аз марказҳои савдо ва ҷои кор дуздӣ накунед, дар бораи даромади худ дар идораҳои андоз дурӯғ нагӯед ва ба ҳамсарони худ хиёнат накунед. Аз худатон бипурсед: «Чӣ чизи хубро аз корҳоям ба фарзандонам бирасонам?» Аз анҷоми корҳои нодуруст, махсусан дар назди фарзандон, дур бошед, дар вақти харидани чиптаҳо соли кӯдаконро хурдтар аз умри худашон нишон надиҳед, фарзандонро водор насозед аз номи шумо дурӯғ бигӯянд, масалан, вақте касе ба шумо занг мезанад ба фарзанд нагӯед: “Бигӯ, ки падарам дар ҳамом аст”. Падару модар то метавонанд ба ваъдаҳои худ амалан вафо кунанд, он чӣ мегӯянд ба он амал кунанд, танҳо чизеро, ки тавони вафо кардан ба онро дошта бошанд, ваъда бидиҳанд, бавижа ба фарзандон. Агар ба ягон сабаб вафо накарданд ва ё берун аз тавони онҳо буд, бояд аз фарзандон узрхоҳӣ карда, далели боасос ба онҳо бидиҳанд ва аз узрҳои беасос ва таҳриф кардани сухан даст бардоранд, на ба монанди баъзе одамҳо, ки суханро печу тоб дода, фиреб медиҳанд. Мисол, мегӯянд: “Бале, ман ба шумо ваъда дода будам, вале ваъда надода будам, ки ба ваъдаам вафо мекунам”.

## Анвои дурӯғ: сафед, бад ва хаёлӣ

Бояд фарқи байни дурӯғи дардовар, дурӯғи зараровар ва дурӯғи муаддабона ба фарзандон шарҳ ва тавзеҳ дода шавад. Бо вуҷуди ин, ки бисёри одамҳо иддао мекунанд, ки дурӯғ намегӯянд, мумкин аст ҳама ин корро анҷом диҳанд. Мисол, чӣ фоидае дорад, ки ба ҳамсояҳо бигӯем, ки онҳо безеб ҳастанд? Ё дар посух ба саволи “Фалон кас чӣ ҳол дорад?” бигӯем: «Бисёр ҳолаш бад аст ва ба табобати рӯҳӣ ниёз дорад». Аз касе пӯшида нест, ки гоҳо мо ҳақиқатро намегӯем, аммо аз боби адаб ва эҳтиром, чуноне ки дар ду мисоли боло намунаи он зикр шуд. Ба фарзандон фарқи байни дурӯғу муболиға, қиссабофию истиора ва фиреб тавзеҳ ва таълим дода шавад.



## Фарқ байни хаёл ва воқеият

Фарқи байни он чӣ хаёлӣ аст ва он чӣ воқеиро ба фарзандон муайян намоед, дар бораи хобҳои онҳо баҳсу гуфтугӯ кунед, бо онҳо дар бораи он чӣ дар филмҳо мебинанд, аммо воқеият дигар аст, ё он чӣ дар қиссаҳои хаёлӣ мегузарад, аммо дар воқеъ чист, баҳсу гуфтугӯ кунед.

## Ростқавлиро таълим диҳед

Агар дар гуфтани ҳақиқат ба кӯдакон сахтӣ мекашед, пас дар вақти гуфтани ҳақиқат онҳоро таъриф кунед, зеро кӯдакон мехоҳанд, ки ба онҳо аҳамият диҳанд ва онҳоро таъриф кунанд. Кӯдаконро барои гуфтани ҳақиқат ташвиқ кунед, ҳатто агар гоҳо сабаби воқеъ шудани онҳо дар мушкилот гардад. Гоҳо ба рафторҳои содиқонае, ки онҳо анҷом додаанд, ишора шавад ва дар айни ҳол агар дурӯғгӯие аз онҳо мушоҳида шавад, падару модар изҳори норохатӣ намоянд.

## Қабл аз гирифтан иҷозат пурсед

Падару модар метавонанд қоидаи муҳимеро дар хона бигузоранд, ки бар асоси он ҳар узви оила вақте бихоҳад чизи махсуси узви дигари оиларо бигирад, аз ӯ иҷозат пурсад. Ба ин баҳона фарзандон эҳтиром ба чизҳои шахсии дигаронро меомӯзанд ва хато будани дуздидани моли як шахсро дарк намуда, аз он дурӣ ва парҳез хоҳанд кард.

## Мушкилотро пеш аз вуқӯъ ҳал намоед (пешгирӣ)

Имрӯз лаззат ва роҳат ба як мушкили ҷиддӣ табдил шудааст ва бисёри мардум, ҳатто касоне даромади кам доранд, аз вазни зиёд ранҷ мебаранд ва худро аз хариди чизҳои нодаркор ба сахтӣ бозмедоранд. Ҳамчунин таъхир дар иҷрои хостаҳояшон душвор шудааст ва ба хатои худ ҳатто эътироф намекунанд. Ба кӯдакон тарзи эътирофи хато ва узрхоҳӣ ва чӣ гуна ба таъхир гузоштани хостаҳояшонро омӯзиш диҳед. Набояд мунтазир шуд, то кӯдак амали дуздӣ анҷом дода, сипас оқибат ва натиҷаҳои ногувори ин амали нангин ба онҳо таълим дода шавад.

## Фарзандони бузургсол

Агар падару модар фарзандони калонсоле доранд, ки ҳамеша дурӯғ мегӯянд ва ба таври умум дар онҳо одати ростгӯӣ намондааст, бояд ба мутахассисони ин соҳа муроҷиат намоянд. Шакке нест, ки бисёри калонсолон дар овони наврасӣ ба сабаби заруриёт ва ҳифзи розу асрори худ дурӯғ мегуфтанд, зеро наврасон намехоҳанд розу асрорашонро бо падару модар дар миён бигузоранд, зеро онҳо дар ин марҳала ба як тағйири якбора мувоҷеҳ мешаванд ва дар як ҳолати мубориза бо тағйирот қарор мегиранд, ки замони ба балоғат расидани онҳост ва дигарон онҳоро ҳануз хурдсол меҳисобанд.

Бинобар ин ки онҳо дар як ҳолати пинҳон нигоҳ доштани розу асрори худ аз хонавода ҳастанд, эҳтиром ба хусусиятҳояшон бисёр муҳим аст. Ҳамчунин наврасон низ бояд умеду орзуҳоеро, ки падару модар аз онҳо доранд, эҳтиром намоянд. Оқибатҳои дуруғгӯӣ бояд ба таври возеҳ ба фарзандон баён карда шавад ва ҳар ду ҷониб ба он иттифоқи назар дошта бошанд. Агар писари навраси шумо бо дигар наврасоне шиштухез дорад, ки одати дурӯғгӯӣ миёни онҳо ривоҷ дорад, пас бояд дарҳол аз онҳо дур карда шуда, пеши роҳи ӯ аз дӯстӣ ва нишаст бо чунин ашхос гирифта шавад.

Фарзандон бояд аҳамияти садоқату эътимод ва амонатдорӣ дар муносибатҳои байни ҳамдигарро биомӯзанд, аз ҷумла боварӣ ва эътимод ба худро. Бинобар ин набояд онҳо дар ҳолатҳое қарор дода шаванд, ки дар он эҳтимоли фиреб ё муболиғаи беш аз ҳад вуҷуд дошта бошад. Мисол, бозиҳое, ки дар он фиреб вуҷуд дорад, ва маркетинге, ки рақобатҳои шадиди асабиро металабад. Ҳамчунин набояд барои дурӯғ маломат карда шаванд, магар дар ҳолате, ки дониста шавад, ки онҳо дар ин кор дасти аввал ҳастанд. Бояд баҳсу гуфтугӯ бо онҳо дар ин ҳолатҳо дар як нишасти махсус анҷом гирад, то онҳо аз гуфтани ҳақиқат ва эътирофи хатои худ ҳарос надошта бошанд.

## ТАКОМУЛИ СИФАТҲОИ ШАХСИЯТ БО ДИДГОҲИ ОЛАМШУМУЛ

*“Эй касоне, ки имон овардаед, чаро суханоне мегӯед, ки иҷро намекунед? Худованд сахт ба хашм меояд, ки чизе бигӯеду ба ҷой наёваред”*

*(Саф, 2-3).*

Дар хона лавҳаҳоеро овезон кунед, ки дар онҳо васфи садоқат, вафо ба аҳду паймон ва амонатдорӣ нигошта шуда бошад.

Дар баҳсу мунокишаҳои гуногуни худ сухан аз садоқату амонатдориро фаромӯш накунед. Масалан, ҳангоми суҳбат дар бораи сиёсат, таърих, илму фан, адабиёт, забон ва риёзиёт каме дар бораи фазилати амалҳои нек илова кунед. Мисол, вақте дар бораи ҳисоби сандуқдори яке аз банкҳо суҳбат мекунед, суолеро бо ин шева матраҳ кунед: «Оё маҳорати ӯ дар пинҳон кардан дуздиҳо бо ахлоқ иртибот дорад?» Оё донишмандон уҳдадориҳои ахлоқӣ доранд, ки кашфиёт ва навовариҳои худро ба манфиати башарият сармоягузорӣ кунанд? Оё ашхоси машҳури таърих ахлоқро риоя мекарданд? Оё адибону нависандагон аз иззату каромат бархӯрдор буданд? Шакке нест, дурӯғ як мушкили хатарноке аст, ки нametавон аз он чашм пӯшид ва дарҳол бояд бо он бархӯрди ҷиддӣ кард. Дурӯғгӯӣ барои инсонҳо бисёр зарарнок аст, чуноне Расулуллоҳ (с) онро ин гуна васф намудаанд:

***Аз Расулуллоҳ (с) пурсида шуд, ки оё мусулмон дурӯғ мегӯяд? Фармуданд: «На». Ва ин оятро хонданд:***

***“Касоне дурӯғ мебофанд, ки ба оёти Худо имон надоранд. Инҳо худ дурӯғгӯянд”***

***(Наҳл, 105). (Канз-ул-уммол).***

- Шояд дар ҷаҳони имрӯзи мо танҳо кӯдакон рост бигӯянд
- *(Оливер Уэнделл Ҳолмс. www.azquotes.com).*
- Як писари 9-сола мегӯяд: «Бисёр душвор аст ба чашмони модарат нигоҳ карда, дурӯғ бигуӣ».

Бо вуҷуди ин ки кӯдакон бо фитрати садоқату ростгӯӣ ба дунё меоянд, онҳо хоста ё нохоста дурӯғ гуфтанро аз падару модар, бародарону хоҳарон ё дигарон меомӯзанд. Касе шак надорад, ки дурӯғгӯӣ сифати меросӣ нест, балки инсон онро касб мекунад. Кӯдакон бо мурури замон дурӯғгӯиро меомӯзанд то ин ки дурӯғ ба як бахши шахсияти онҳо табдил меёбад. Наврасон барои дуруст нишон додани хато, пинҳон кардани розу асрори худ ва қарор нагирифтан дар як ҳолати ногувор рӯ ба дурӯғ меоранд. Кӯдак ҳар қадар дурӯғ бигӯяд, ҳамон қадар дурӯғгӯӣ дар вуҷуди ӯ устувортар мегардад ва як дурӯғ дурӯғи дигарро ба вуҷуд оварда, инсонро ба дунёи дурӯғгӯӣ медарорад. Ҳамин гуна ростӣ ростгӯиро ба вуҷуд меорад ва инсонро ба роҳи рост мебарад. Расулуллоҳ (с) дар ин ҳадиси шарифашон фармудаанд:

***“Ростӣ ба сӯи некӣ роҳнамоӣ мекунад ва некӣ ба сӯи биҳишт ва инсон рост гуфтанро идома медиҳад ва ростиро ҷустуҷӯ мекунад то ин ки назди Худованд аз ҷумлаи ростгӯён навишта мешавад. Дурӯғ ба сӯи бадиҳо роҳнамоӣ мекунад ва бадиҳо инсонро ба сӯи ҷаҳаннам мебаранд ва шахсе дар дурӯғ гуфтанаш идома медиҳад то ин ки назди Худованд дар ҷумлаи дурӯғгӯён навишта мешавад”***

***(Бухорӣ ва Муслим).***

## ЧАРО ФАРЗАНДОН ДУРӮҒ МЕГӮЯНД? ВА ИЛОҶ ЧИСТ?

Ин ҷо баъзе сабабҳои эҳтимолиеро, ки кӯдаконро ба дурӯғ гуфтан водор месозад, зикр мекунем:

- Гурез аз ҷазо
- Даъвои аз худ кардани чизе, ки аз онҳо нест
- Эҳсоси беаҳамиятӣ ва безорӣ нисбати онҳо
- Нишон додани чизе ба дӯстон, ки онҳо надоранд

- Ифтихор ба корҳое, ки дӯстон накардаанд
- Эътиқод ба дуруст будани дурӯғ, чун падару модар худ дурӯғ мегӯянд

Далели асосии дурӯғгӯии кӯдакон наҷот ёфтан аз ҷазо аст ва дар асл ду чиз онҳоро ба дурӯғ гуфтан водор месозад: лаззат ва дард. Кӯдакон бар асоси қоидаи “наҷот аз дард ва лаззат бурдан” зиндагӣ мекунанд ва тамоми корҳои онҳо бар ҳамин қоида асос меёбад. Бинобар ин падару модарон бояд ба фарзандон ба гардан гирифтани гуноҳи худ ва узрхоҳӣ аз хатои худро ёд диҳанд. Агар фарзанд чизеро бепул аз дуконе гирифта бошад, падару модар бояд мутмаин шаванд, ки онро ба соҳиби дукон пас дода, аз ӯ бахшиш мепурсад. Агар кӯдакон ба як шакли муайяни дурӯғгӯӣ одат карда бошанд, падару модар бояд сабаби онро ҷустуҷӯ намоянд.

Кӯдакон одатан чанд кори гуногунро анҷом медиҳанд ва наметавонанд фишорҳоеро, ки болои онҳо ҳамл мешавад, таҳаммул намоянд. Онҳо дурӯғ мегӯянд чун дигар тавони бардошти фишорҳоро надоранд. Баъзе кӯдакон шояд ба сабаби хастагии беш аз ҳад ё беаҳамияте, ки ба онҳо мешавад, рӯ ба дурӯғгӯӣ оваранд ва шояд ҳам барои касби аҳамияти бештар барои худ ба қиссапардозӣ ва дурӯғгӯӣ идома диҳанд.

Пайгирии рафтори кӯдакон дар ҳолатҳое, ки дар он дурӯғ мегӯянд, метавонад барои муайян кардани сабаби аслии дурӯғ кумак намояд. Шояд кӯдакон танҳо дар вақти бозӣ дурӯғ гӯянд ё ҳангоми сар задани кори нодуруст аз ҷониби онҳо ё ҳатто барои ҷалби таваҷҷуҳи дӯстон. Ҳар яке аз ин ҳолатҳо вокуниши гуногунро аз волидон талаб мекунад.

Дурӯғгӯӣ бояд аз нахустин лаҳзаҳо пешгирӣ шавад, зеро касе, ки ба дурӯғгӯӣ одат мекунад, дар оянда зиндагии пурталотуме хоҳад дошт. Вақте кӯдак гуноҳи худро ба гардан мегирад, бояд аз ҷазо озод шавад, аммо бояд оқибати гуноҳи худро эҳсос ва дарк намояд. Масалан, агар ба як кӯдаки дигар озор расонидааст, бояд барои узрхоҳӣ ба назди падару модари он кӯдак бурда шавад. Агар ҳангоми тақаллуб дар имтиҳон дар мактаб дастгир шавад, бояд дарҳол аз ҳамон фан ноком карда шавад, аммо агар ба ҳақиқати ҳол эътироф намояд, набояд мустақиман мавриди ҷазо қарор гирад.

Яке аз мукофот ё подошҳое, ки ба кӯдак барои гуфтани ҳақиқат дода мешавад, ин аст, ки мо аз падару модар мехоҳем, ки барои иқрори гуноҳаш бо ӯ бо ғазаб ва эҳсосоти шадид бархӯрд накунанд, балки бо як бархӯрди мантиқӣ ва оқилона мушкил рафъ карда шавад. Аз ин тарзи бархӯрд мо ду ҳадафи муҳимро ба даст меорем:

***Якум:*** Кафолат медиҳад, ки хатҳои иртибот байни падару модар ва фарзандон ба таври комил боз хоҳанд монд. Илова бар ин, фарзан-

дон барои рост гуфтанашон мукофотонида мешаванд, чун онҳо аз тарси ҷазо дурӯғ мегуянд.

***Дуюм:*** Кӯдакон ба сабаби алоқаи зич ва эътимоду муҳаббате, ки миёни онҳо ва падару модарон аст, намехоҳанд орзуҳои падару модаронро нодида бигиранд ва аз ноумедсозии онҳо канорагирӣ мекунанд. Робитаҳои дӯстона ва лабрез аз муҳаббат, ки байни падару модар ва фарзандон ба вуҷуд меояд, асари "масдудкунанда" ва "ислоҳкунанда" барои рафтори нодурусти фарзандон хоҳанд дошт. Падару модар набояд нигарон бошанд, ки қоидаи "ҷазое барои ростгӯӣ нест" сабаби каҷрафтории фарзандон мешавад, зеро муҳаббати дуҷониба шароити хуб барои идора кардан ва ба даст гирифтани зимоми умурро фароҳам меоварад.

- "Умри дурӯғ кӯтоҳ аст"
- Дурӯғ боиси аз байн рафтани боварии одамҳо ба ту мешавад ва онҳо ба хиёнат ва найрангҳои ту пай мебаранд.
- Вақте ҳақиқатро мегӯед, ошуфта нахоҳед шуд ва гуфтаатонро ҳам фаромӯш нахоҳед кард.
- Садоқат неруеро ба вуҷуд меорад, ки ба шумо ҷуръат барои ҳаракати бештар ба сӯи муваффақиятҳо мебахшад ва дурӯғ қувваи тела додани шумо ба сӯи нокомиро дорад.

Дар сатрҳои зер муолиҷаи дурӯғро чуноне, ки дар китоби "Ахлоқи комил"-и Муҳаммад Ҷод Мавло (2004) омадааст, зикр менамоем:

- Вақте кӯдак ба сабаби бисёр гап задан дурӯғ мегӯяд, ӯро ба василаҳои муносиб хомӯш созед.
- Агар аз тарси ҷазо дурӯғ мегӯяд, бо ӯ нармрафтор ва меҳрубон бошед.
- Агар дурӯғро ба ҳадафи ба даст овардани чизе мегӯяд, бигзор онро ба даст орад.
- Агар барои фиреб ва таҳқири дигарон дурӯғ мегӯяд, барои ин кораш ҷазо дода шавад.
- Агар ба сабаби таъсири рафиқони бад дурӯғ мегуяд, барояш дӯстони муносиб ёбед.
- Бо ӯ бар хилофи он чӣ бо дурӯғҳояш ба он расидан мехоҳад, бархӯрд намоед.

Наврасон бояд бидонанд, ки дурӯғгӯи нанг аст, дурӯғгӯӣ муқобили некӣ, хайр, садоқат, адолат ва эҳтиром аст. Ибни Халдун дар ин бора ба мо ин гуна насиҳат мефармояд:

"Дурӯғгӯро аз паҳлуҳои нохуб ва беадабонаи дурӯғгӯӣ ва тазоди он бо рафтори неки инсон огоҳ кунед, зеро нафсҳои боиззату бошарофат бо дурӯғ душманӣ доранд ва некӣ, ҳақиқат, адолат ва садоқатро дӯст медоранд".

Омӯзиш ва таълими маҷбурӣ, бавижа барои кӯдакон, зарарнок аст. Вақте кӯдак дар як фазои сахтгиронае, ки бар асоси иҷбор бино шудааст, зиндагӣ мекунад, аз нороҳатӣ ва афсурдагӣ ранҷ мебарад, ки сабаби дилсардию танбалӣ гашта, ӯро ба дурӯғ гуфтан ва даст задан ба бадиҳо водор менамояд.

**Барои кӯдакон қиссаҳои маънидор бигӯед**

*Шайх Абдулқодири Гелонӣ қисса мекунад:*

"Ба модарам ваъда дода будам, ки ҳамеша ҳақиқатро мегӯям. Ман ба қасди таълим аз Макка ба сӯи Бағдод раҳсипор шудам. Модарам барои хароҷоти роҳ ва сафарам 40 динор ба ман дода буд. Дар роҳ гурӯҳе аз роҳзанҳо ба қофилаи мо ҳуҷум оварданд ва яке аз роҳзанҳо аз ман пурсид: «Бо худ чӣ қадар пул дорӣ?» Гуфтам: «40 динор». Ӯ ба гумони ин, ки ман шухӣ мекунам, маро ба ҳоли худам гузошту рафт. Дузди дигаре ба ман наздик шуд ва ӯ низ пурсид, гуфтам: «40 динор дорам». Ӯ маро назди сарварашон бурд ва ӯ аз ман пурсид: "Чаро ҳақиқатро мегуӣ?" Ба ӯ гуфтам: «Ба модарам ваъда карда будам, ки ҳамеша рост бигӯям ва намехоҳам ваъдахилофӣ кунам". Раис ваҳшатзада шуда, бо тарсу ваҳм садо зад: "Ту метарсӣ, ки ваъдаи ба модарат додаатро бишканӣ, аммо ман наметарсам, ки ваъдаи ба Худо додаамро бишканам?!" Сипас аз гурӯҳаш хост, ки тамоми амволеро, ки аз қофила гирифтаанд, баргардонанд, ва гуфт: "Ман ба воситаи ту дар пеши Худованд тавба мекунам". Пайравонаш ба ӯ гуфтанд: "Ту дар роҳзанӣ роҳбарӣ мо будӣ ва имрӯз дар тавба низ роҳбари мо хоҳӣ буд". Он гоҳ ҳама бо ҳам ба баракати садоқат ва гуфтани ҳақиқат тавба намуданд".

Пас аз баёни ин қисса ба кӯдакон тавзеҳ диҳед, ки ин қиссаи пурмаъно дар китобҳои мероси фарҳангӣ дарҷ шудааст ва ибрат аз он ин аст, ки садоқат ва ростӣ метавонад худат ва дигаронро наҷот диҳад («Анвор-ул-ҳуб»-и Муҳаммад Ҳошими Ушайрӣ).

## ИЛОҶИ ДУРӮҒГӮӢ ДАР СУННАТИ НАБАВӢ

Равишҳои набавӣ барои дармони дурӯғгӯиро метавон аз аҳодиси шарифи зер ҳосил намуд:

1. Марде назди Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: ***«Ман намоз намехонам, зино мекунам ва дурӯғ мегӯям. Аз кадом яке аз ин гуноҳон тавба кунам?» Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Аз дурӯғ тавба кун». Ва ин мард ваъда дод, ки дигар дурӯғ намегӯяд. Вақте аз он ҷо рафт ва хост зино кунад, бо худ фикр кард, агар Расулуллоҳ (с) аз ман бипурсад, ки оё зино кардӣ ва ман баъд аз он, ки ба ӯ ваъда дода будам дигар дурӯғ***

***намегӯям, чӣ хоҳам гуфт? Агар бигӯям не, дурӯғ гуфтаам, ва агар бигӯям бале, мабодо Расулуллоҳ (с) ҷозои зиноро бар ман ҷорӣ кунад»*** («Мустадрак-ул-васоил»-и Ан-Нурӣ). Аз ин ҳадиси шариф бармеояд, ки агар аз дурӯғ, ки аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст, парҳез намоӣ, аз дигар гуноҳон ва амалҳои зишт дур хоҳӣ монд.

2. Нагуфтани ҳақиқат бисёр хатарнок аст, ҳатто агар ночиз ҳам бинамояд. Ҳақиқат набояд пинҳон карда шавад. Мисол, дар ин ҳадис Расулуллоҳ (с) ба роҳнамоии зер моро тавҷеҳ менамояд:

***“Агар касе ба кӯдаке бигӯяд, ки биё ба ту ширинӣ медиҳам ва сипас ба ӯ чизе надиҳад, дурӯғ гуфтааст”***

***(Аҳмад).***

Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***“Бадтарини мардум касоне ҳастанд, ки ду рӯй доранд, бо гурӯҳе бо як рӯй ва бо гурӯҳи дигар бо рӯи дигарашон бархӯрд менамоянд”***

***(Бухорӣ).***

Садоқату амонатдорӣ ва муҳаббату шуҷоат хислатҳои кӯдаконе ҳастанд, ки ризои падару модаронро дарёфт кардаанд. Дар бораи масъулият, истиқлолият ва эҷодкорӣ дар фаслҳои дигар суҳбат хоҳем кард.

Хато як амри табиист ва вақте кӯдак муртакиби он мешавад, барои ҳалли мушкилоташ, ислоҳи рафтораш ё рафъи душворие, ки ба он мувоҷеҳ шудааст, ба кадри ҳоҷаташ ба ташвиқ ниёз дорад. Падару модар талош кунанд нигоҳи фарзандонро дар бораи хатоҳояшон тағйир диҳанд, ба хато ҳамчун таҷриба ва дарсу ибрат барои омӯзиш ва таълим нигаранд, на ҳамчун қадамҳои нокомӣ ва ноумедиву дилсардӣ. Онҳо нагузоранд нокомию шикаст маънавиёти кӯдаконро аз ҳам бипошад, балки онро фурсати хубе дар ростои ташвиқи кӯдакон бидонанд, на шикасти онҳо. Байни ду ибораи зер фарқи бузург вуҷуд дорад: “Чаро ту ин қадар беақл шудаӣ?” ва “Бовар дорам ту бисёр инсони ҳушёру тавоно ҳастӣ!” Хулоса, ташвиқ ва дастгирӣ ба фарзанд кумак мекунад, то биомӯзад ва умед дошта бошад ва ӯро дар кору фаъолият дилгарм намояд, то дар ҳолатҳои гуногуни баъдии ҳаёт фаъолияту корнамоии беҳтар аз худ нишон диҳад. Вақте ба фарзанд гуфта мешавад “Ту ноуҳдабаро ҳастӣ”, махсусан агар ин суханро аз касоне бишнавад, ки ба онҳо эҳтиром қоил аст, шояд дар воқеъ яке аз сабабҳои ноуҳдабароии ӯ гардад.

Фикру андешаҳое, ки мафҳумҳои ноумедкунанда доранд, монанди “Ҳақиқатан натавонистам” ва “Ман барои ҳеҷ коре муносиб нестам”, кӯдаконро аз лаззат бурдан аз ҳаёт маҳрум месозад, қобилиятҳои отифии онҳоро заиф мекунад, эҳти-

моли рӯ овардан ба роҳҳои осонтар дар ҳолатҳои гуногунро бештар мегардонад, дар ҳоли эҳсоси фишор дигар қадам ба пеш намегузоранд ва ё аз корҳое, ки ба гумони онҳо расидан ба он душвор аст, даст мекашанд. Муваффақият дар касбу омӯзиш ва мубориза бо фиреби дӯстону рафиқон худбовариро талаб мекунад. Фарзандоне, ки бовари комил ба худ надоранд, ҳамеша шитобзада ҳастанд, ба оқибати корҳои худ камтар аҳамият медиҳанд ва ба қадри кофӣ боварӣ ба худ надоранд, то онҳоро дар роҳи расидан ба ҳадафҳояшон кумак намояд. Ин навъи фарзандон бештар ба лаззатҳои зудгузар рӯ меоранд, ояндабин нестанд ва шояд ҳам барои ҷуброни ин камбуд ба шаробнӯшӣ, истеъмоли моводи мухаддир, алоқаҳои ҷинсӣ ва хушунат даст бизананд.

Ба кӯдакон бояд ба гунае рафтор шавад, ки эҳсоси норасоӣ накунанд ва ба иштибоҳоту хатогиҳо ҳамчун як фурсат барои омӯзиш назар кунанд. Фарзандон қобилияти лозим барои интихоби беҳтарро доранд (тайёрӣ дидан ба имтиҳонот ба ҷои берун рафтан бо дӯстон), умеду орзуҳои зиёд доранд, хушбин ҳастанд ва майл доранд бо кӯшишу суботкорӣ дар корҳои худ муваффақ бошанд, самараи кӯшишҳояшонро бубинанд, дар қалби худ медонанд, ки баранда ва муваффақ ҳастанд, ҳамон гуна, ки эҳсоси хушбахтии онҳо пас аз муваффақият ин аст, ки дар оянда ҳамеша ба муваффақият наздиктар аз шикаст ҳастанд.

Муҳаббат, шуҷоат, эҷодкорӣ, садоқат ва эҳсоси масъулият аз ҷумлаи сифатҳое ҳастанд, ки мустақим ё ғайри мустақим боварӣ ба нафс ва эътимодро месозанд, онҳо дар иртиботи бо ҳам ҳамдигарро тақвият мебахшанд ва қобилиятҳои отифии кӯдак ва сармояи нафсиии ӯро меафзоянд.

- Мо тасмим мегирем, ки “ними пиёла пур аст ё холӣ». Бинобар ин дар ҳар як фурсати ба даст омада шуҷоат ва худбоварӣ дар кӯдаконро тақвият диҳед.
- Агар хор коштӣ, ҳатман хор дарав хоҳӣ кард. Пас гул бикоред.



## ЧӢ ГУНА АЗ ЭРКА ШУДАНИ КӮДАКОН ПЕШГИРӢ КУНЕМ?

Бояд тарзи бархӯрд бо ҷолишҳо ва сахтиҳо, ки инсон бо онҳо дар зиндагӣ мувоҷеҳ мешавад, ба фарзандон омӯзиш дода шавад. Тарзи бархӯрд бо “не”-ро бидонанд ва чун аз тарафи падару модар, омӯзгорон, дӯстон ва дигарон посухи рад мешунаванд, бархӯрди мусбат намоянд. Ба фарзандон тарзи бархӯрд бо ноумедиро ё вакте аз ҷониби дигарон нодида гирифта мешаванд ё рад карда мешаванд омӯзиш диҳед. Ин ҷо чанд равишро барои чӣ гуна эрка тарбия накардани фарзандон барои падару модарон зикр менамоем, ки ба шакли зеранд:

### Тартибу низомро дасти кам нагиред

Баъзе падару модарон ба эрка кардани фарзандон майл доранд. Харидани лӯхтакҳо, бозичаҳо, мол, шириниҳо ва дигар чизҳо шояд кӯдаконро дар хурдсолӣ ба вайронӣ бибарад. Ҳамчунин дар хонаводаҳои сарватманд, ки ҳама чиз барои кӯдакон фароҳам аст, фарзандон бисёр эрка ба воя мерасанд. Падару модар набояд барои фарзандон чизеро бештар аз микдори муносиб фароҳам оваранд, то ба пастиву баландиҳои зиндагӣ омода бошанд.

### Тамоми хостаҳои онҳоро иҷро накунед

Падару модарон одатан худро замоне хушҳол медонанд, ки хостаҳои фарзандони худро иҷро мекунанд, аммо гоҳо бояд баъзе хостаҳои онҳо баровarда нашавад. Зеро агар тамоми талаботи онҳо баровaрда шавад, эҳтимол аст нозуктабиат ба воя расанд, ки шояд худхоҳӣ, бемантиқӣ, бехиради, бераҳмӣ ва сусту танбалиро ба дунбол дошта бошад ё шояд дар оянда ҳангоми ба кор даромадан ё вазифа гирифтан ҳеҷ гуна “рад”-ро пазируфта натавонанд. Имкон дорад онҳо аз ҳама бештар дар маърази ноумедӣ ва афсурдагӣ қарор гиранд ва дигар натавонанд аз шикастҳои зиндагӣ худро ба осонӣ бираҳонанд.

### Аз муқоисаҳои ноумедкунанда парҳез кунед

Падару модарон бояд барои майлу рағбатҳои фарзандони худ дар муқоиса бо чизҳое, ки дигар кӯдакон доранд, ҳадди муайян бигузоранд. Агар кӯдаки шумо бозичаи монанди бозичаи кӯдаки ҳамсояро талаб кунад, беҳтар аст хоҳиши ӯ рад карда шавад, то худро ҳеҷ гоҳ бо онҳое, ки имкониятҳои моддии беҳтаре доранд ва дар оянда ҳам дастрасӣ ба ҳама чизро хоҳанд дошт, муқоиса накунанд.

## Аз хушомадгӯӣ ва ришва додан ба фарзандон канорагирӣ кунед

Баъзе падару модарон ҳамеша талош мекунанд, ки фарзандонро аз худ розӣ нигоҳ доранд. Аммо розӣ кардани кӯдакон, агарчи барои муддати кӯтоҳ ва муайян манфиатҳо ба бор меорад, барои дарозмуддат зарарҳои зиёдеро ба дунбол хоҳад дошт. Бинобар ин падару модарон бояд хатари онро дарк намоянд, бо фарзандони худ содиқ бошанд ва ба талаботи номаъқул ва ғайримантиқии онҳо "не" бигӯянд, чун ҳаётро мадюни талаботи фарзандон кардан низ кори оқилона нест.

## Худро таслими эҳсоси гуноҳ накунед

Баъзе падару модарон ба сабабҳои гуногун худро дар пеши фарзандон гунаҳкор медонанд ва бинобар ин талош мекунанд онҳоро аз худ розӣ нигоҳ доранд. Мисол, модари коргар баъд аз кор дер ба хона меояд ва барои кумак дар анҷоми вазифаҳои хонагии фарзанд вақт намеёбад ва фарзанд ҳам ба ҷои хӯроки шом яхмос талаб мекунад. Модар ба сабаби кӯтоҳие, ки дар ҳаққи ӯ доштааст, ба хостаи ӯ розӣ мешавад. Бояд гуфт, ки фарзандон бисёр доно ҳастанд ва сабаби ин ришваро худашон низ хуб мефаҳманд. Бинобар ин, гоҳо падару модар бояд ҷуръати "не" гуфтан ба фарзандро дошта бошанд ва ба қаҳру ғазабе, ки ҳар лаҳза аз онҳо сар мезанад, аҳамият надиҳанд.

> Кӯдакон бояд бо шунидани «не» аз забони волидайн, дӯстон, муаллимон ва ҳамсояҳо чӣ гуна муносибат кардан бо онро омӯзанд, зеро ин барои камолоти ақлӣ ва равонии онҳо муҳим аст.

## Гиря ҳамчун як василаи фишор

Ҳаргиз иҷозат надиҳед, ки фарзанд аз гиря ҳамчун як василаи фишор бар шумо истифода кунад. Баъзе гиряҳо ба сабабҳои воқеӣ ба вуҷуд меоянд, монанди гуруснагӣ, таб, дард ва тарс, ки аҳамияти падару модарро талаб мекунад. Аммо навъи дигари гиря низ вуҷуд дорад, ки кӯдак мехоҳад ба воситаи он ба чизи хостаи худ бирасад. Бинобар ин, бо овози бисёр баланд ва фарёд гиря мекунад. Падару модар бояд аз ин навъи гиря сарфи назар кунанд ва ба он аҳамият надиҳанд, вагарна он ба як одат ва рафтори ҳамешагии кӯдак табдил меёбад, ки ҳар гоҳ хост садояшро оҳиста-оҳиста баланд мекунад, то падару модар таслими хостаҳои ӯ шаванд. Ин рафтор як паёми нодуруст ва хатоеро ба кӯдак нишон медиҳад, яъне ӯ метавонад ба воситаи гиря падару модарро идора кунад. Вақте гиря бахше аз ғазаби кӯдак мешавад, бар рӯи ӯ доду фарёд назанед, онро нодида гирифта, ба оромӣ асаби худро идора кунед. Эҳсосоти фарзандро қабул кунед, вале таслими он нашавед ва чун ғазаби ӯ фурӯ нишинад, хоҳад фаҳмид, ки гиряи нодаркор кирдори нохӯшоянд аст.

# МАШҚҲОИ 48-52



**Машқи 48:**

**Мубодилаи таҷриба**

Бо фарзандони худ дар бораи ҳолатҳое, ки дар он ҳақиқатро гуфтаед (дар ҳоле, ки имкони дурӯғ гуфтан доштед), суҳбат намоед. Ҳамчунин мавзуоти зерро мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳед: Оқибати дурӯғ чист? Илоҷи дурӯғ чист? Аз дурӯғ чӣ ибратҳо гирифтан мумкин аст? Кӯдакон низ метавонанд дар бораи қиссаҳои воқеӣ, ки бо онҳо ё дӯстонашон воқеъ шудааст, суҳбат намоянд.

**Машқи 49:**

**Бадтарин хислате, ки мехоҳед фарзандонатон аз он халос шаванд**

Зараровартарин хислате, ки мехоҳед фарзандонатон аз он дур бошанд, чист? Ба фарзандонатон қиссаҳои ҳақиқӣ дар бораи онҳое, ки зиндагиашон ба сабаби дурӯғгӯӣ хароб шудааст, нақл кунед. Агар онҳо ростгӯ мебуданд, ҳаёти зебо ва хушбахтона медоштанд.

Ба фарзандон ин ҳақиқатро, ки кофирони Маккаи мукаррама Расулуллоҳро (с) пеш аз нубувват "содиқ ва амин" меномиданд ва садоқату амонатдории ӯ сабаби интишори Ислом шуд, нақл кунед.

**Машқи 50:**

**Санҷиши дараҷаи ухдадорӣ**

Хислатҳои гуногуни шахсияти хуб бо ҳам мувофиқанд ва ҳамаи аъзои оила бояд аҳамияти ӯҳдадориро дар фазои оилавӣ муҳокима кунанд ва ба ин саволҳо ҷавоб диҳанд:

- Оё ман ба ваъдаҳоям вафо мекунам?
- Оё масъулиятҳои худро иҷро мекунам?
- Оё чизеро, ки амонат гирифтаам, ба зудӣ бармегардонам?
- Оё намозҳоямро дар вақташ адо мекунам?
- Оё бузургсолонро эҳтиром мекунам?
- Оё қарзҳоро дар вақти муайяншуда медиҳам?
- Оё вазифаҳоямро дар вақташ ба анҷом мерасонам?
- Оё ман ба ваъдаҳоям аҳамият медиҳам?

**Машқи 51:**
**Ризоят**

Дар партави ин ҳадиси шариф ба амалҳои хонавода, хешовандон ва дӯстони худ назар кунед:

> ***“Ба ҳар он чӣ, ки Худованд додааст, розӣ бош, сарватмандтарини мардум хоҳӣ буд”***
>
> ***(Тирмизӣ).***

**Машқи 52:**
**Иштироки фаъолона**

Матнҳои зеринро бо фарзандонатон хонед ва порчаҳои интихобшударо бо таҷрибаи шахсии онҳо пайванд диҳед.

1. Муассиртарин омӯзиш ва ёдгирӣ замоне аст, ки кӯдакон ба таври фаъол барои кашфи дунёи атрофи худ талош мекунанд, мекӯшанд масъалаҳоро бифаҳманд, биафтанд ва дубора аз ҷой бархезанд, назару андеша ва отифаҳои худро дар асоси он чӣ, ки мебинанд, баён кунанд. Падару модар низ бояд дар навбати худ андеша ва омӯзаҳои худро дар ин марҳалае, ки фарзандон шавқи кашф ва аз худ карданро доранд, ба онҳо тавзеҳ ва тақдим намоянд.
2. Ба фарзанд вақти кофӣ ҷудо кунед, то каме хомӯш ва ором бигирад, ба дунёи атрофаш андеша кунад, нафаси амиқ бикашад ва фикр намояд, ки ин на нишонаи заъф аст, балки ӯ дар бораи воқеъиятҳо фикр мекунад, талош мекунад бо шароите, ки дар ихтиёр дорад, кореро, ки дар тавонаш аст, анҷом бидиҳад. Мутаасифона, бисёре аз падару модарон дар ивази фарзандон худ ба саволҳо посух медиҳанд, онҳоро аз ҳолатҳое, ки дар тангӣ воқеъ мешаванд, берун меоранд ва вақте мебинанд, ки фарзандон талош дорад, то чизеро бифаҳманд, вазъиятро худашон идора мекунанд, ки бе шак ин гуна бархӯрдҳо дар шахсияти фарзанд, дар худбоварӣ, қобилият дар ҳалли мушкилот ва маҳораташон дар сабр таъсири манфӣ мерасонад. Фарзанд дар чунин ҳолат танҳо як тариқаро меомӯзад ва гумон мекунад барои ҳалли мушкилот тариқаи дигаре вуҷуд надорад, ки он вобаста будан ба дигарон аст.
3. Падару модар бояд нақши инсони ботаҷриба, мураббӣ ва муаллимро иҷро намоянд ва ба фарзандон фурсати истифода аз илм ва маҳорати худро бидиҳанд. Нақши падару модар дар ин росто танҳо роҳнамоӣ ва кумак кардани онҳо дар чӣ гуна ғолиб омадан дар ҳолатҳои душвор ва истифодаи тавоноиҳои хосашон бошад.

4. Баъзе вақтҳо падару модар ба фарзанд иҷозат диҳанд, ки хато кунад ва сипас дар фаҳми он чӣ дуруст ва хато буд ва дарки сабаби рафтораш ва ин, ки чӣ гуна метавонад ин корро дар оянда беҳтар анҷом диҳад, кумакаш кунанд. Муҳим танҳо анҷоми кор нест. Муҳим талошҳои зеҳние аст, ки барои анҷоми кор, худдорӣ аз хато дар оянда ва истифодаи комил аз таҷрибаҳои ба даст омада барои пурранг сохтани зиндагӣ сурат мегирад.
5. Пайвандҳои алоқаи падар бо писар ва писар бо падар бо иштироки фаъолона дар фаъолиятҳои мухталиф дар канори ҳам устувортару амиқтар мегардад. Вақте ин пайванд ва робита вуҷуд дошта бошад, фарзанд ба машварати падару модари худ ҳангоми бурузи чолишҳо дар солҳои баъдии зиндагӣ, ки боз ҳам печидатар хоҳанд шуд, майли бештар пайдо мекунад.

## СЕЮМ:
## **Интихоби дӯстони хуб барои фарзандон**

- ***Дӯстони фарзандон***
- ***Дӯстон чанд навъанд***
- ***Баъзе мушкилот бо дӯстони бад***
- ***Фишори рӯзонаи дӯстон дар мактаб***
- ***Интихоби дӯстони хуб***
- ***Агар фарзанд дӯстони номуносиб интихоб намояд, чӣ бояд кард?***
- ***Чаро иртиботи қавӣ байни наврасон ба вуҷуд меояд?***
- ***Зиндагии хонаводаҳо дар ҷойҳои номуносиб***
- ***Машқҳои 53-55***

# ДӮСТОНИ ФАРЗАНДОН

Дар илми физика ду қутби бо ҳам монанд аз ҳам дур мешаванд ва ду қутби мухолиф бо ҳам наздик, аммо дар илми зистшиносӣ акси қоидаи физика аст: “Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз // Кабутар бо кабутар боз бо боз”. Мо талош мекунем бо инсонҳое, ки вомехӯрем, бо ҳамсояҳо, бачаҳо дар мактаб, фурӯшандаҳо дар бозор ва дигарон робитаҳои дӯстона барқарор намоем. Бояд бо ҳама бо хушахлоқӣ, рафтори нек ва эҳтиром бархӯрд намоем, аммо дар айни ҳол набояд бо касоне, ки ҳаёти худро дар корҳои беҳуда ва беҳадаф мегузаронанд, робитаҳои қавӣ барқарор намоем. Ҳамин гуна бояд ба қадри тавон дӯстону ҳамсуҳбатони худро аз миёни инсонҳои муъмин ва диндор интихоб намоем, зеро дӯстони муъмин бозӣ ва мусобиқаҳоро, ҳатто дар авҷи ҷараён, ба хотири адои намоз қатъ мекунанд ва ҳамон гуна, ки метавонанд, моро аз шаробнӯшӣ, истеъмоли маводи мухаддир ва аз иртибот бо занҳо бозмедоранд.

Гоҳо имкони барпо карданидӯстӣ ва рафоқат бо касоне, ки дар арзишҳои воло бо шумо шарик ҳастанд, пайдо намешавад, чун шояд онҳо дар ҷойҳои дуртар аз шумо зиндагӣ мекунанд ва фарзандони шумо бо фарзандони онҳо дар як мактаб намехонанд, вале имкон дорад рафиқеро аз ғайри дини худ ва аз оилаи нек, ки бо ҳам арзишҳои муштарак доред ва ба одату рафтори шумо эҳтиром мегузорад, наздик ба хонаи худ пайдо намоед. Муассисаҳои маҳаллии ҷомеа ба монанди клубҳои варзишӣ ва муассисаҳои ҳимояи табиат метавонанд ҷои таҷаммуи муносиб барои барқарории дӯстӣ бо ҷавононе бошанд, ки ҳадафҳои муайян дар зиндагӣ доранд ва мехоҳанд аз зиндагӣ ба таври солим, хуб ва холӣ аз тамоми шаҳватрониҳо лаззат бубаранд.

Дӯсти воқеӣ касест, ки бо шумо арзишҳои иртиботот, паймон, вафо, меҳрубонӣ, саховатмандӣ ва ҳамдигарфаҳмиро шарик месозад ва бояд ҳамчун шахси болиғ баъзе меъёрҳо барои худ дар интихоби дӯстонро дошта бошед, вале шояд он бо қоида ва меъёрҳои фарзандони навраси шумо мувофиқат накунад. Нуктаи нигаронкунанда ин ҷо рафиқоне ҳастанд, ки дар ҳаёти фарзандони навраси шумо таъсири зиёде доранд ва шояд ҳам таъсири онҳо бештар аз таъсири ҳар чизи дигар бошад, зеро онҳо дар тарзи либоспӯшӣ, рафтор ва робитаҳояшон бо дигарон рӯи фарзандони шумо таъсир мегузоранд. Таҳқиқоте, ки аз соли 1995 то имрӯз гузаронида мешавад, нишон медиҳад, ки таъсири падару модар дар қиёс бо таъсири дӯстону ҳамсолон бештар будааст.

Духтарон бештар ба дӯстӣ бо як дугона ё бо гурӯҳи хурде аз духтарон майл доранд ва писарон бар хилофи духтарон мехоҳанд бо дӯ-

стони бисёр ва бо гурӯҳҳои бузургтар дӯстӣ ва рафоқат кунанд ва ё дӯстони худро дар гурӯҳҳое маҳдуд созанд, ки бо онҳо дар варзишҳои муайяне якҷо тамрин мекунанд ва ё ба як касб шавқ доранд. Ин навъ дӯстиҳо бисёр муҳиманд ва шояд ҳам ба як дӯстии бисёр амиқ бирасанд, ҳамон гуна, ки имкон дорад рафоқату вафодории онҳо дар як лаҳза аз ҳам канда ва мухолифат байни онҳо сар гардад.

Озурда нашавед, вақте мебинед, ки фарзандон ба дӯстону рафиқон бештар аз оила аҳамият медиҳанд, чун ҳеҷ яке аз мо барои устувор доштани муносибатҳо бо хешону наздикон талош намекунад. Кӯдак низ медонад, ки байни наздикон ба дунё омадааст ва ягона чизе, ки бояд анҷом диҳад чӣ гуна хушбахтона миёни онҳо зиндагӣ кардан аст. Ӯ худ медонад, ки онҳо ӯро дӯст медоранд ва ба ӯ аҳамият медиҳанд, аммо дӯстонро бояд ҷустуҷӯ кунад ва ба онҳо нишон диҳад, ки ӯ инсони хуб ва дӯстдоштанӣ аст ва метавонад дар асоси қоида ва меъёрҳои онҳо як шахси маҳбуб бошад ва дар ниҳоят битавонад дӯстӣ бо онҳоро касб намояд.



Ҳазор дӯст кам ва

як душман бисѐр аст!

**Савол: Роҳбари дастаи футболбозон ва роҳбари бунёди хайрия чӣ монандӣ доранд?**

Ҷавоб: Ҳар ду матонат, шуҷоат, рӯҳияи гурӯҳӣ ва умед доранд.

**Савол: Сарбозон ва аъзои гурӯҳҳои ҷинояткор чӣ монандӣ ва фарқият доранд?**

Ҷавоб: Ҳар ду шуҷоату побандии мутлақ ба созмонҳои худро нишон медиҳанд — сарбозон ба Ватани худ ва гурӯҳҳои ҷинояткор ба ташкилоти худ, аммо сарбозон онро дар роҳи хайр ва некӣ анҷом медиҳанд ва ҷинояткорон дар роҳи шар ва бадӣ.

Дониста бош, ки дӯстони имрӯз асоси оилаҳои фардо ҳастанд. Зарбулмасали италиявие аст, ки мегӯяд: “Агар мехоҳӣ гов бихарӣ, онро аз фермаҳои худӣ бихар”. Яъне агар хостӣ касеро интихоб намоӣ, ӯро аз миёни ошноён ва касоне интихоб кун, ки мешиносӣ.

## ДӮСТОН ЧАНД НАВЪАНД

- Ҳамкорон: Онҳо касоне ҳастанд, ки наврасон бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд ё дар коре бо онҳо иштирок менамоянд. Шояд бо онҳо будан ба фарзандон хуш наояд, аммо барои анҷоми корҳои лозим беҳтар аст бо онҳо ҳамзистӣ намояд.
- Ошноён: Онҳо касоне ҳастанд, ки фарзандон онҳоро хуб намешиносанд ва нисбати онҳо меҳри зиёд надоранд.
- Дӯстони оддӣ: Онҳо касоне ҳастанд, ки фарзандон онҳоро хуб мешиносанд ва бо онҳо дар мактаб ва кӯча дӯстӣ мекунанд.
- Дӯстони наздик: Онҳо касоне ҳастанд, ки фарзандон онҳоро хуб мешиносанд, бо онҳо маслиҳат мекунанд ва ба онҳо аҳамият медиҳанд, бовар ва эътимод мекунанд.
- Дӯстони ҷонӣ: Онҳо касоне ҳастанд, ки фарзандон ба онҳо меҳру муҳаббат доранд ва на танҳо мехоҳанд бо онҳо ҳамсуҳбат бошанд, балки онҳоро аз самими қалб дӯст медоранд, дар ҳама ҳолат бо онҳо шарик ҳастанд ва агар ҳам миёни онҳо баҳсу ҷанҷол бархезад, боз ҳам наздиктарин дӯст боқӣ мемонанд.

Дӯстӣ ва рафоқат ресмоне аст, ки ду тараф дорад ва ду шахсро бо ҳамдигар мепайвандад. Бисёр душвор аст бо шахсе худро пайванд диҳӣ, ки намехоҳад бо ту бипайвандад. Ҳамчунин дӯстӣ доду гирифт аст, яъне бахшишу саховат аз ду ҷониб. Бахшидӣ, бибахшад; даст додӣ, даст диҳад; аҳамият додӣ, аҳамият диҳад; нармрафторӣ кардӣ, нармрафторӣ кунад; қурбонаш шудӣ, қурбонат шавад. Муносибатҳои дустӣ бояд аз ҳарду тараф ҳифз шавад.

Мардум дар умум дар маърази тағйири ҳолатҳо, мизоҷҳо ва аҳволи равонӣ қарор мегиранд. Бинобар ин бояд ба фарзандон тавзеҳ дода шавад, ки вақте рафиқон дар сахтиҳо аз онҳо дур мешаванд ё ба онҳо камтар аҳамият медиҳанд, худро мавриди маломат қарор надиҳанд, балки ҳамеша дар хушии онҳо шарик ва дар мушкилоти онҳо ҳамдард бошанд. Дӯстӣ ҳамеша ва дар ҳама ҳолат мушорикати виҷдонӣ, хушгуфторӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамдардии мусбат бо дӯстонро тақозо мекунад. Вақте падару модар мебинанд, ки фарзандони навраси онҳо бо дӯстони номуносиб ё номатлуб, ки падару модар фарзандони худро монанди онҳо дидан намехоҳанд, рафоқат ва ҳаманишинӣ доранд, нороҳат мегарданд. Дӯстони номуносиб ва номатлуб касоне ҳастанд, ки аз Худо наметарсанд, сигор мекашанд, маводи мухаддир истеъмол мекунанд, суханони бемаъно мегӯянд, қонуншиканӣ мекунанд ё ба корҳои хатарнок ташвиқ менамоянд. Дар охир низ

бояд ёдовар шуд, ки шояд дӯстони номуносибро рафтори хуби фарзандон ва оилаи шумо ба сӯи худ ҷалб намояд ва шуморо барои худ намунаи нек қарор диҳанд, ки дар ин ҳолат масъулияти шумо дар ҳадди имкон инкишоф додани хубиҳо дар вуҷуди онҳост.

## БАЪЗЕ МУШКИЛОТ БО ДӮСТОНИ БАД

- Дороиҳоятро аз байн мебаранд.
- Дағаланд, нармрафтириро намедонанд.
- Хонаатро идора мекунанд.
- Туро метарсонанд, ба сӯи ҷаҳолат мебаранд.
- Андуҳгин мешавӣ, чун фарзандонатро аз ту дур мекунанд ва ба сӯи бадиҳо мебаранд.

## ФИШОРИ РӮЗОНАИ ҲАМСОЛОН ДАР МАКТАБ

Фазои мактабӣ рӯи фарзандон фишор меорад, то назди дӯстон эътибор ёбанд ва фарзанди мусулмоне, ки дур аз муҳити хеш зиндагӣ мекунад, ба сабаби фарқиятҳо дар ранг, забон, одоби либоспушӣ (махсусан либоси духтарон) ва одатҳои ғизохӯрӣ худро дар як ҳолати дигар ва номуносиб меёбанд. Одатан эътиқодоти гуногуни динӣ ба маҷмӯаи рафторҳои дигар табдил мешаванд ва шояд ҳамсолону ҳамдарсон ин тафовутҳоро як таҳдид барои худ бидонанд. Шояд ранги пӯст дар робита бо дигарон мушкилот эҷод намояд, махсусан вақте дар иҳотаи нажодпарастон қарор дошта бошад ва ё дар ҷомеъаҳое, ки фарҳангҳои гуногун доранд.



## ИНТИХОБИ ДӮСТОНИ ХУБ

Бояд дӯстону рафиқони фарзандонро ба қадри кофӣ бишносед, онҳоро ба хонаатон даъват кунед, то дар бораи онҳо каме маълумоти умумӣ дошта бошед ва андозаи таъсири онҳо ба фарзандони худро бидонед. Шояд ин даъват барои онҳо фурсати ягона барои шинос шудан бо оилаи мусулмон бошад. Бинобар ин бояд таъсири бузурги мусбати мазҳар ва гавҳари имонии оилаи худро ба ҷавонон ва рафиқони фарзандон, ки меҳмони хонаи шумо мешаванд, мадди назар дошта бошед!

Бо фарзандон дар бораи арзишҳое, ки бар асоси он дӯстону рафиқонро интихоб мекунанд, суҳбат намоед, махсусан дар бо-

раи баъзе интихобҳои нодуруст, ки шуморо нигарон мекунанд. Бо ин гуна рафиқон, ки сабаби нигаронӣ ва норохатӣ ҳастанд, боэҳтиёт ва таваҷҷуҳи комил бархӯрд намоед. Ба ҳар ҳол, фарзандон бояд қабули қарорҳо дар интихоби дӯстони худро оғоз намоянд. Агар шумо ҳамеша ба ҷои онҳо қарор қабул намоед, пас вобаста будан ва такя кардан ба дигаронро ба онҳо меомӯзед, ки ба манфиати онҳо нахоҳад буд, махсусан замоне, ки дар зиндагӣ мустақил мешаванд ва шумо ҳамеша назди онҳо нахоҳед буд.

Ҳангоми суҳбат бо фарзандон дар бораи интихоби дӯстон ду чизро дар назар бигиред:

- Бо иборахое суҳбат намоед, ки бо калимаи "ман" оғоз меёбанд. Вақте дугонаи духтарат Ёсуманро ҷое дидаӣ, шуури худро дар бораи ӯ ба духатарат баён намо. Мисол: "Вақте бо Ёсуман бозӣ мекардӣ, ба назарам аз дасти дигарон чизҳоро кашида мегирифт. Вақте мебинам духтаре бо чунин худписандӣ рафтор мекунад, маро хуш намеояд". Ё ба писарат мегӯӣ: "Вақте бо дӯстат Холид суҳбат мекардам, мулоҳиза намудам, ки аз падараш ба некӣ ёд намекард, ва ин гуна рафтор бисёр маро норохат мекунад".

Бо ин роҳ шумо ба писар ё духтари худ имкон медиҳед, ки ӯ низ чизҳои монандро мулоҳиза кунад. Дар ғайри ин сурат, шояд онҳо барои интихоби дӯсти худ, ки ба гумони онҳо дуруст аст, дар ҳолати дифоӣ қарор бигиранд. Аз гуфтани иборахое чун: "Ту ҳамеша чунин дӯстони худписанд ва бефаросатро интихоб мекунӣ, то бо онҳо бозӣ кунӣ, оё чунин нест?" худдорӣ кунед!

- Аз писар ё духтари худ бипурсед, ки оё боре мушкилоте ҳаммонанди онро дар дӯсташ мулоҳиза кардааст? Ва дар ин ҳолат ба эҳсоси фарзанд таваҷҷуҳи комил дошта бошед ва гӯш фаро диҳед, то меъёри баҳогузорӣ ба дӯстонашро бидонед. Дар ҳоли ҳамфикр будан бо шумо, метавонед ба ӯ бигӯед, ки: "Ба фикри ту, беҳтар нест бо дигар дӯстонат вақти бештар ва бо ин дӯстат вақти камтар бигузаронӣ?" Баррасии масъалаи интихоби дӯстони фарзандонро дар зудтарин вақт оғоз намоед ва барои фарзандон низ иҷозат диҳед дар бораи дӯстони худ ошкоро суҳбат намоянд. Ин рафтор метавонад як пули устувор миёни робитаҳои шумо ва фарзандон эҷод намояд ва дар оянда низ, вақте фарзандон бузург мешаванд, метавонед аз он пули устувор истифода намоед.

## АГАР ФАРЗАНД ДӮСТОНИ НОМУНОСИБ ИНТИХОБ НАМОЯД, ЧӢ БОЯД КАРД?

Мутахассиси соҳаи иҷтимоӣ Имон Қозӣ мегӯяд:

“Шояд писар як шахси бадахлоқро ҳамчун дӯст интихоб намояд, аммо падару модарон набояд нигарон бошанд, зеро мумкин аст писарҳо аз сабаби кунҷковӣ ба таври табиӣ ба самти чизҳои маҷҳул ва ношинохта кашида шаванд. Чун аз ин кунҷковӣ сер мешаванд, дигар ба он аҳамият намедиҳанд. Агар дӯстии онҳо бо зӯрӣ ва ба таври ногаҳонӣ қатъ карда шавад, шояд якравӣ намуда, ба рафиқи номуносиби худ бештар бичаспанд. Муносибтарин роҳи ҳал ин аст, ки вақте рафиқи писар дар хонаи шумо бошад, ба ӯ бигӯед: “Хуш омадед, вале бояд қоидаҳои ин хонаро риоя кунед”.

Шояд як рафиқи ҳамдин, ки корҳои нораво анҷом медиҳад ва пойбанд ба аҳкоми шариат нест, таъсири бештар ба фарзандон дошта бошад. Яке аз муаллифон ҳолатеро зикр мекунад, ки ду фарзанди ӯ (ки яке ҳафтсола ва дигаре нуҳсола буданд) ба чунин вазъияте дучор шуданд ва он замоне буд, ки бори аввал дар солҳои 1970 ба Истанбул омада буданд. Онҳо тасаввур намекарданд, ки дар Истанбул касеро бинанд, ки шароб нӯшад, суратҳои фаҳшу беҳаёиро дар рӯзи равшан дар кӯчаҳо нишон диҳад ё дар рӯзҳои рамазон ошкоро хӯрок хӯрад, чун онҳо дар Амрико дар як оилаи диндор ба воя расида буданд. Ин гуна барои падару модарон низ маълум шуд, ки на ҳар касе, ки мусулмон ба дунё меояд, пойбанд ба таълимоти дин аст.

Фарзандон тахти таъсири дидгоҳу принсипҳои падару модарон қарор мегиранд. Бинобар ин падару модарон бояд вақту ҳолатҳоеро, ки фарзандон ба онҳо пойбанд нестанд, хуб бидонанд. Ин ҷо саволҳое ба миён меояд, ки ба шакли зеранд: Омилҳои интихоби рафиқи бад чист? Чаро писаре сигор мекашаду рафиқи ӯ не? Чӣ чизро рафиқ метавонад фароҳам кунаду оила не?

Яке аз масъулиятҳои муҳими падару модарон ташвиқи кӯдакон ба иштирок дар фаъолиятҳои судманд барои интихоби дӯстони хуб аст. Мо ин ҷо баъзе насиҳатҳои иловагиро зикр мекунем, ки холӣ аз манфиат нестанд:

- Агар писаре, ки ба шумо маъқул нест, ба хона ояд, писарони дигареро низ даъват кунед, ки меписандед, то фазои хона дигаргун ва беҳтар гардад.
- Фарзандро ба ҷои рафтан ба назди рафиқони бад ба корҳои дигар машғул созед. Мисол, ба зиёрати хешу наздикон фиристед.

- Як қатор одоб ва қоидаҳоеро танзим диҳед, ки барои ҳамаи аъзои оила ва меҳмонони хона яксон татбиқ гардад. Мисол, манъи садоҳои баланд, дашном додан, занозанӣ ва ё шикастану вайрон кардани ашёи хона.

***Кӯшиш кунед, ки дӯстони фарзандони худро хуб бишносед***

## Чаро иртиботи қавӣ байни наврасон ба вуҷуд меояд?

Наврасон ба ду сабаби асосӣ тахти таъсири дӯстони худ қарор мегиранд:

- Чунки дӯстонро худашон интихоб мекунанд, бар хилофи хешону наздикон, ки интихоби онҳо дар ихтиёри онҳо нест.
- Чунки робитаҳои онҳо бо дӯстон бар асоси ҳамсолӣ, таҷрибаҳои муштарак, эҳсосот, саргармиҳо, чолишҳо, мушкилот, шароит ва фазои мактаб ба вуҷуд меояд.

Навҷавонон дар ҷомеа гурӯҳҳои иҷтимоии худро ташкил медиҳанд ва фарҳанг, рамзҳо, забон, арзишҳо ва одатҳои махсуси худро доранд. Дар оилаҳои номуваффақ навҷавонон камтар майли маслиҳат бо падару модарро доранд, балки бештар аз дӯстони худ маслиҳат мепурсанд, бар хилофи оилаҳои муваффақ, ки дар он фарзандон ҳамеша бо падару модари худ маслиҳат мекунанд. Ба ҳар андоза, ки таомули навҷавонон бо падару модар, калонсолон ва муаллимон камтар гардад, ба ҳамон андоза робитаҳои онҳо бо дӯстонашон бештар мегардад. Дар бораи масоили молӣ фарзандон бештар аз падару модарон вобастаанд, аммо дар саргармиҳо, либос, клубҳо, гузаронидани вақтҳои озод, сафарҳову сайру гаштҳо ва интихоб анвоъи мошинҳо таъсири дӯстон бештар аст.

Расулуллоҳ (с) таъсири дӯст бар инсонро ин гуна баён фармудаанд:

***“Ҳар як фард дар кирдору ахлоқ ба рафиқаш монанд аст, пас ҳар яке аз шумо бингарад, ки бо чӣ шахсе дӯстӣ мекунад”***
***(Тирмизӣ).***

***“Мард бо касе хоҳад буд, ки дӯст медорад”***
***(Бухорӣ ва Муслим).***

***“Мисоли ҳамнишини хуб ва ҳамнишини бад монанди дорандаи мушк ва дамандаи оташ аст. Дорандаи мушк ё бароят мушк медиҳад, ё аз вай мехарӣ ва ё аз бӯи хушаш лаззат мебарӣ ва аммо дамандаи оташ ё либосатро месӯзонад, ё аз вай бӯи баде ба машомат мерасад”***
***(Муслим).***

## ЗИНДАГИИ ХОНАВОДАҲО ДАР ҶОЙҲОИ НОМУНОСИБ

Рафиқони бад боиси мушкилоти ҷиддие мешаванд, ки ба сахтӣ метавон онро ҳал кард, ва рафиқони мактаб ва маҳалла шояд хонаводаро вайрон кунанд. Агар хонавода дар ҷое зиндагӣ мекунад, ки дар он барои фарзандон дӯстони муносиб вуҷуд надоранд, хонавода метавонад барои фарзандон дӯстон ва рафиқони хубро дар маконҳо ва маҳаллаҳои наздиктар ҷустуҷӯ намоянд. Ин як талоши осон вале муҳимме аз ҷониби волидайн аст, ки дар оянда манфиатҳои бузург хоҳад дошт.

Худованд дар Қуръони карим мефармояд:

***«Рӯзе, ки кофир дастони худро ба дандон газад ва гӯяд: «Эй кош, роҳеро, ки расул дар пеш гирифта буд, дар роҳ гирифта будам. Вой бар ман, кош фалонро дӯст намегирифтам; бо он ки Қуръон барои ман нозил шуда буд, маро аз пайравиаш бозмедошт. Ва ин шайтон ҳамеша одамиро хору танҳо мегузорад»***

***(Фурқон, 27-29).***

Падару модарони азиз! Ба писарону духатарони худ иҷозат диҳед дӯстонашонро ба хона даъват намоянд. Онҳоро назорат кунед, рафторашонро мунсифона ва одилона биомӯзед ва талош кунед бо дӯстони фарзандон рафтори дӯстона дошта бошед.

Ҷеймс Коулман (James S. Coleman), собиқ раиси Ҷамъияти амрикоии илми ҷомеашиносӣ ва яке аз машҳуртарин уламои ҷомеашинос дар ҷаҳон даъват ба амал меорад, ки байни наслҳо алоқа ва робитаҳо эҷод карда шавад, яъне падарону модарон волидайни дӯстони фарзандони худро бишносанд, зеро ин амр робитаҳо дар ҷомеаро устувор мекунад ва қобилияти рафтори хубро афзоиш ва кирдори бадро аз байн мебарад.



МАШҚҲОИ 53-55



**Машқи 53:**
**Намуна барои фарзандон**

Аз писар ё духтари худ бихоҳед, ки номи се шахсеро бигӯяд, ки мехоҳад бо онҳо вохӯрад ва сабабашро низ баён кунад. Ин кор бисёре аз тасаввуроти онҳоро дар бораи “намунаи худ қарор додан” ошкор месозад. Ҳамчунин мавзӯи намунаи нек ва намунаи бадро бо онҳо мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳед.

**Машқи 54:**
**Писаре, ки таъсири бад дорад**

Бо дарназардошти гузинаҳои зер мавзӯи зерро мавриди баҳсу мунокиша қарор диҳед:

Духтари 9-солаи ҳамсоя ба духтари 7-солаи шумо таъсири манфӣ мерасонад. Онҳо тақрибан ҳар рӯз бо ҳам вомехӯранд, вале шумо мехоҳед дидору мулоқоти онҳоро коҳиш диҳед. Шумо чӣ кор хоҳед кард:

1. Ба духтаратон мегӯед, ки ба духтари ҳамсоя бигӯяд, ки дигар ҳаргиз бо ӯ бозӣ намекунад ва дигар наметавонад дӯстӣ бо ӯро идома диҳад.
2. Ба духтари ҳамсоя мегӯед, ки дигар наметавонад бо духтари шумо бозӣ кунад ва назди ӯ ба хонаи шумо биёяд ва духтари шумо ҳам наметавонад ба хонаи онҳо биравад.
3. Ба онҳо иҷозат медиҳед, ки бо ҳам бозӣ кунанд, вале танҳо вақте, ки шумо метавонед онҳоро назорат кунед.
4. Бо ҳамсоя хирадмандона дар бораи нигаронии худ аз якҷо будани онҳо суҳбат менамоед.

Дӯсти бад нигарониҳои бисёре барои падару модарон ба вуҷуд меорад.
Дар зер мулоҳизаҳоеро дар бораи саволҳои боло зикр менамоем:

1. Нагузоред, ки фарзанд худаш мушкилотро ба дӯсташ бигӯяд, зеро ду фарзанди хурдсол наметавонанд нигарониҳои шуморо дарк намоянд. Илова бар ин, дигарон ба ту ҳамчун як инсони “бад” менигаранд.

2. Кӯшиш барои шарҳи нигарониҳои худ ва танзими қоидаҳо барои фарзандони дигарон мавриди писанди онҳо нахоҳад буд.
3. Назорати онҳо аз шумо тавону вақти зиёдро металабад ва дар айни ҳол ҳам нороҳаткунанда ва ҳам хастакунанда хоҳад буд.
4. Ба осонӣ наметавон ба ҳамсоя шарҳ дод, ки рафтор ва кирдори фарзанди онҳо номуносиб аст, аммо ба ҳар ҳол ин беҳтарин васила ва осонтарин роҳи ҳал барои ин мушкил аст.

### Машқи 55:

### Агар имкони аз сар гирифтани корҳои гузашта мебуд, ҳатман ба гунаи дигар рафтор мекардам

Падару модар талош мекунанд, ки дар маҷлисҳои оилавӣ ба ин савол ҷавоб диҳанд: "Агар бароям имкон фароҳам мешуд, то бори дигар зиндагиро аз нав оғоз намоям, чӣ чизро дар кирдорҳоям тағйир медодам?" Назди фарзандон хатоҳои худро эътироф намоед ва онҳоро низ ба эътирофи хатоҳои худ ташвиқ намоед. Қисса ва ҳодисаҳои воқеиеро, ки дар ҳаёти шумо воқеъ шудаанд, бозгӯ намуда, дарсу ибратҳо аз онҳоро ба фарзандон зикр намоед.



# ФАСЛИ ПОНЗДАҲУМ

## Рушди шуҷоат, эҷодкорӣ ва масъулиятшиносӣ

*Якум: Рушди шуҷоат*

*Дуюм: Ташвиқ ба эҷодкорӣ*

*Сеюм: Таълими масъулиятшиносӣ*

ЯКУМ:

# Рушди шуҷоат

- *Муқаддима*
- *Иқтибосҳо дар бораи далерӣ*
- *Пояҳои асосии шуҷоат ва тарс*
- *Рушди тарс дар кӯдакон*
- *Эҳтиёҷи кӯдакон ба таълими шуҷоати отифӣ ҳамроҳи шуҷоати ҷисмонӣ*
- *Шуҷоат ва ҳамоҳангии иҷтимоӣ бо дигарон*
- *Фишори дӯстон*
- *Падару модар, шуҷоат ва фаъолиятҳои фарҳангӣ*
- *Машқҳои 56-62*

# МУҚАДДИМА



Шуҷоат мувоҷеҳ шудан ва бархӯрди мустақим бо ҳолатҳои душвору хатарнок ва дардовар аст, на гурез аз он. Далер ва шуҷоъ касест, ки наметарсад ва ба нотарсию далерӣ шинохта мешавад, ки унсурҳои он аз ҷавонмардӣ, собитқадамӣ, ирода, ҷуръат ва мардонагӣ иборат мебошанд. Шуҷоат ва далерӣ арзиши онро дорад, ки падару модарон онро дар фарзандони худ тақвият бахшанд ва онро барои тақвияти умед ва хушбин будан барои муваффақияти фарзандон ва эҳтиром ба орзуҳои ояндаи онҳо анҷом диҳанд. Ҳамин гуна падару модарон ба онҳо устуворӣ дар ҳолатҳоеро, ки дар ҳаёт ба он мувоҷеҳ мешаванд, омӯзиш диҳанд, ки он бо ором нигоҳ доштани худ ва дастгирии онҳо ба гунае, ки онҳоро тарсу нороҳатӣ фаро нагирад, анҷом меёбад.

Ҳамчунин падару модар дар фарзандон қаҳрамониро тақвият диҳанд, ки дар он кумаку эҳтиром ва нигоҳ доштани иззати нафси дигарон бошад.

***Дар инҷо сифатҳои рафтории шуҷоат ва далерӣ баён мегардад, ки ба шакли зеранд:***

1. Дифои ҳақиқат, ҳатто агар танҳо бошед.
2. Напазируфтани фишорҳои манфии ҳамсолон.
3. Таҷрибаомӯзӣ кардан, ҳатто агар аз хато ва номуваффақиятӣ битарсӣ.
4. Сухани худро гуфтан, ҳатто агар баъзе аз мардумон мухолифат намоянд.

***Дар сатрҳои зер баъзе ҳолатҳоеро зикр менамоем, ки миёни фарзандон ба таври густарда интишор ёфтааст ва шуҷоату далериро металабад:***

1. Ҳақиқатро гуфтан, ҳатто агар бо мушкилот мувоҷеҳ шавед.
2. Рафтори ҳакимона кардан бо фарзандони якрав.
3. Муқобила бо фишори дӯстон.
4. Ба таври ногаҳонӣ оғоз шудани мавсими дарсӣ.
5. Зоҳири комилан мутафовит доштан (масалан, рӯймол барои духтарон ва тоқӣ барои писарон).
6. Дастоварди беҳтар аз дастовардҳои гузашта доштан.
7. Баёни дидгоҳҳои мухолиф бо дидгоҳҳои дигарон.

Дар баъзе ҳолатҳо шуҷоат маънои худро гум карда, саркашӣ ва бехирадӣ ба шумор меояд, ба монанди саркашӣ аз амри падару модару муаллимон ва вайрон кардани қонуну низом. Бехирадӣ, беэҳтиётӣ ва исён алайҳи фарҳанг ва дин низ метавонад аз ҷумлаи он бошад. Аз омезиш байни дин ва фарҳангҳои кишварҳои мухталиф бояд иҷтиноб карда шавад, чун баъзе таълимоту фаъолиятҳои онҳо ба таври куллӣ бо таълимоти исломӣ мухолифат менамоянд. Мисол, издивоҷи иҷборӣ, бар дӯши мард гузоштани нигоҳубини кӯдакон дар ҳоли фурӯпошии оила сарфи назар аз рафтори ӯ, маҳрум кардани кӯдакон, махсусан духтарҳо аз ҳаққи таълим ва маҳрум кардани зан аз ҳаққи мероси шаръӣ, ки ин ҳама мухолиф бо таълимоти ноби исломӣ аст. Ислом берун шудани зан ва духтаронро манъ накардааст ва мардону писарон дар ҳар вақт, ба ҳар куҷо ва бо ҳар касе, ки хоҳанд иҷозати берун рафтанро доранд. Ҳамчунин занону духтарон набояд бо камтарин шакку шубҳа ҷазо дода шаванд. Набояд фаромӯш кард, ки бештари ин амалҳо аз рӯи хато ба таълимоти дин нисбат дода мешаванд. Падару модарон низ гоҳо ба хато роҳ дода, фарзандонро ба дурӯғгӯӣ ва рафторҳои бешарафона маҷбур мекунанд.

## ИҚТИБОСҲО ДАР БОРАИ ДАЛЕРӢ

- Аз ҳазрати Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки фармудаанд:

***“Расулуллоҳ (с) некутарин, саховатмандтарин ва шуҷоътарини мардумон буд”***

***(Бухорӣ).***

- Вақте ҳазрати Ҳамза (р) ба дини Ислом мушарраф гардид, ба кофирони Макка хушдор дод, то ба Расулуллоҳ (с) озор нарасонанд. Вақте дар ғазваи Уҳуд дар як ҳуҷуми ноҷавонмардона аз пушт ба шаҳодат расонида шуд, унвони “Сарвари шуҳадо”-ро ба худ касб намуд, ва ба ростӣ, ки ӯ марди шуҷоъ ва далер буд.

- Шуҷоат нахустин хислатест, ки агар онро надошта бошӣ, ҳаргиз наметавонӣ аз дигар хислатҳо истифода намоӣ (Самуел Ҷексон).

- Томас Ҷеферсон мегӯяд: “Як шахси танҳо, ки шуҷоат дошта бошад, аксарият ба шумор меравад”.

- Шар, то замоне, ки инсонҳои нек аз амалкардҳои ҷавонмардона фосила мегиранд муваффақ хоҳад монд.

## ПОЯҲОИ АСОСИИ ШУҶОАТ ВА ТАРС



Тарс акси шуҷоат ва яке аз бузургтарин ангезаҳои асосии инсон аст. Тарс метавонад як аксуламали фитрӣ бошад ва ё як аксуламале бошад, ки инсон онро касб мекунад. Падару модар бояд тарсу ҳароси собит ва тағйирёбандаи фарзандонро назорат кунанд. Тарсҳои тағйирёбанда як муддати муайян пайдо ва сипас боз аз байн мераванд, ки ин худ як амри табиӣ ва муқаррарӣ аст, дар ҳоле, ки тарси собит идома ёфта, шояд афзоиш ёбад. Вақте кӯдакон аз хавфу тарси собит ҳамчун парвоз бо ҳавопаймо, тарс аз баландиҳо, гурбаҳо, сагҳо, тортанакҳо, чойҳои тангу торик ранҷ мебаранд, ин як амри муқаррарӣ буда наметавонад. Хавфу тарси собит сабри доимӣ мехоҳад, то бар он ғолиб омад ва шояд ҳам ниёз ба табобати мутахассисон дошта бошад. Тарсҳои муқаррарӣ бахше аз зиндагии рӯзмарраи инсон ҳастанд, чун ба бузургсолон ва кӯдакон кумак мекунад, то дар баробари хатарҳо аксуламали тез дошта бошанд, аз ҷумла тарс аз морҳои захрдор, оташсӯзиҳо ва кислотаи гидрохлорӣ. Аммо тарсҳои ғайри муқаррарӣ метавонанд инсонро аз анҷоми фаъолиятҳои табиии рӯзонаи ӯ бозданд.

Дар сатрҳои зер баъзе пешниҳодҳоро меорем, ки метавонанд кӯдаконро дар бархӯрд бо тарсу хавф кумак намоянд:

- Кӯшишу талошҳои гуногуни кӯдаконро ситоиш кунед. Вақте кӯдак талош мекунад кореро анҷом диҳад, новобаста аз ин ки муваффақ мешавад ё не, сазовори ситоиш аст. Бояд аз шуҷоати ахлоқии кӯдакон ситоиш кард. Мисол, вақте касе кори хатое анҷом медиҳад, ӯ мухолифат мекунад ё вақте, ки дурӯғ гуфтан барои ӯ осонтар аст, ҳақиқатро мегӯяд.

- Падару модар беҳтарин намунаи далерӣ ҳастанд. Вақте падару модар худ далер ва шуҷоъ бошанд, фарзандон низ аз онҳо пайравӣ хоҳанд кард. Кӯдакон дар худ завқи тақлид кардан ба дигаронро доранд, бавижа мехоҳанд монанди падару модари

худ бошанд. Тарсу ваҳми кӯдакон одатан ба тарсу ваҳми падару модарони худ бисёр монанд аст.

- Падару модарон бояд фарқи байни шуҷоат ва фахру худнамоии бехирадонаро ба фарзандон тавзеҳ диҳанд, то аз як шахсияти худнамо шудани фарзандон пешгирӣ кунанд. Падару модар набояд камбуди шуҷоатро бо шармсорӣ ва эҳтиром омехта кунанд, чун онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Фарзандон чигунагии дифоъ аз ҳуқуқи худ ва ҳуқуқи дигаронро биомӯзанд ва ба онҳо чигунагии "шуҷоати дуруст" тавзеҳ дода шавад, то дар ҳолатҳои лозим ҷуръати "на" гуфтан ва инкори нодурустро дошта бошанд. Ҳадаф ин ҷо омӯхтани худи калимаи "на" нест, балки донистани замону макони муносиб ва чигунагии истифодаи он аст.

- Падару модар бояд дар хона як фазои пур аз муҳаббат ва эҳтиромро ба вуҷуд биёранд, зеро кӯдакон барои ибрози тарсу ваҳми худ ба макони амн ниёз доранд. Агарчи ҳар гуна тарсу ваҳм барои бузургсолон ғайри мантиқӣ ба назар бирасад, он метавонад барои кӯдакони хурдсол ҳақиқӣ бинамояд. Бинобар ин падару модар набояд ба тарсу ваҳми кӯдакон биханданд ё онро нодида бигиранд, набояд барои тарсашон ҷазо дода шаванд ё ин ки дар ҳимояи ӯ ба воҳима роҳ дода шавад.

- Барномаҳои рӯзмарраи муназзам эҳсоси қувват ва контролро дар кӯдакон ба вуҷуд меорад, зеро сабаби асосии тарси кӯдакон набуди маълумоти кофӣ дар бораи "дар ҳаёти онҳо чӣ мегузарад" аст. Модоме ки тағйирот дар барномаҳои рӯзона зарурӣ бошад, пас баҳсу муноқишаҳои пешгирона кӯдаконро барои ин кор омода мекунад. Шояд сафарҳо, истиқболи меҳмонҳо ё машқҳои оташфишонӣ барои кӯдакон тарснок бошанд, чун онҳо намедонанд дар ин ҷараён чӣ ҳодиса рух хоҳад дод. Мо метавонем аз онҳо хоҳиш кунем, ки он чиро, ки ба гумони онҳо дар ин ҳодиса рух медиҳад, бароямон бигӯянд ва ҳамин гуна пас аз ба поён расидани машқҳо дар маҷлис, эҳсосот ва таҷрибаҳои худро мавриди гуфтугӯ қарор диҳанд ва барои дарки ҳақиқати эсҳсоси кӯдакон дар бораи моҷаро аз калимаҳои "тарс", "ҳарос" ва "ваҳшатзада" истифода шавад.

- Кӯдаконро қабл аз омода шудан ба чизе, ки аз он метарсанд, мувоҷеҳ насозед. Вақте онҳо худашон изҳори омодагӣ ва ҷуръат барои бархӯрд ба онро кунанд, дар он сурат метавон бо нармӣ ва оҳиста-оҳиста ба мувоҷеҳ шудани бо онро ташвиқ кард. Мисол, вақте кӯдакон аз ово-

зи чангкашак метарсанд, бояд дар вақти хомӯш буданаш ба он даст бирасонанд ва ё вақте кӯдак дар оғӯши падару модар бошад, шахси дигар онро ба кор андозанд. Ҳамчунин кӯдакон ҳангоми оббозӣ сари худро зери об намоянд, зеро ин кор ба онҳо эҳсоси тавоноӣ мебахшад ва тарсу ҳаросро аз онҳо дур мекунад.

- Вақте кӯдакон аз чизе метарсанд, аз изтироб ва ташвиши беш аз ҳад худдорӣ кунед, зеро мумкин аст нохост тарсу ваҳми онҳоро афзоиш диҳед ва гумон кунанд, ки ба сабаби тарсашон муҷозот мешаван. Ҳамин гуна дар бораи чизе, ки кӯдакон аз он метарсанд, ба як шеваи зебо ва ором мутобиқ бо синну солашон маълумот дода шавад. Масалан, яке аз падару модарон мегӯяд: "Ин садои бисёр баланд аст, ҳамин тавр не? Ин садои мошини ёрии таъҷилӣ аст, шояд барои наҷоти касе мешитобад".



Дар бораи чизҳое, ки дигар кӯдакон аз он наметарсанд, бояд бо нармию меҳрубонӣ ёдовар шавем, чун ба онҳо кумак мекунад ва онҳоро қодир месозад, то аз чизҳои дигар натарсанд.

- Кумак ба кӯдакон дар фаҳми тарс. Мисол, ба онҳо гуфта шавад, ки "Шунидани садоҳои баланд, монанди салют ва раъд метавонанд хавфнок бошанд" ё ин ки "Вақте сагҳо меҷаканд, онҳо бо ҳамдигар «гап мезананд» ё аз дидани касе хурсандӣ мекунанд". Таваққуи инро надошта бошед, ки тарсу хавфи кӯдак ба зудӣ ва дар як шабонарӯз аз байн меравад. Ботамкин бошед.

- Дар ниҳоят, ҳар чӣ волидайн ба фарзандони худ диҳанд ҳам, фарзандон аз истиқлоли кофӣ баҳраваранд ва бинобар ин барои амалҳои худ масъулият доранд ва барои корҳои худ бояд ҷавоб диҳанд. Ба ҳамин хотир, коре, ки волидайн метавонанд кунанд, дастгирӣ ва роҳнамоӣ бе маҷбурӣ аст, то рӯзе фаро расад, ки онҳо бо хушбахтӣ ва ифтихор гӯянд: "Мо волидони хуб будем".

## РУШДИ ТАРС ДАР КӮДАКОН

| СИННУ СОЛ | ТАРСҲОИ ОДДӢ ДАР ОВОНИ КӮДАКӢ |
|---|---|
| 6 моҳагӣ | Бегонаҳо |
| 8 моҳагӣ | Ҷудоӣ аз падар ё модар ва афтодан. |
| 1-солагӣ | Ҷудоӣ аз падар ё модар, садои баланд, ҳайвонот, духтурҳо ва саршӯӣ. |
| 2-солагӣ | Ҷудоӣ аз падар ё модар, истифодаи тубак (горшок), вақти хоб, духтурҳо, ва саршӯӣ. |
| 3-солагӣ | Ҷудоӣ аз падар ё модар, истифодаи тубак, вақти хоб, аҷубаҳо ва арвоҳҳо, ҳар шахсе, ки монанди аъзои оила нест, монанди ашхоси маъюб ё касоне, ки ранг ё либосҳои дигар доранд. |
| 4-солагӣ | Садои баланд, ҳайвонот, вақти хоб, аҷубаҳо ва арвоҳҳо, ҳар шахсе, ки монанди аъзои оила нест, аз даст додани падару модар ва ҷудо шудани падару модар аз ҳамдигар. |
| 5-солагӣ | Садои баланд, ҳайвонот, аҷубаҳо ва арвоҳҳо, гум шудан, дард, рафтан ба кӯдакистон, аз даст додан ва ё вафоти падару модар ва ҷудо шудани падару модар аз ҳамдигар. |

Тарсидани кӯдакон аз баъзе чизҳо, масалан, аз садои раъду барқ, саг, занбӯр, торикӣ ва чизҳои хаёлӣ монанди мавҷуди ваҳшии бадрӯй, ки зери кат зиндагӣ мекунад, махсусан агар дар бораи он қиссае шунида бошанд ва ё қиссаи тарснокеро тамошо карда бошанд, як амри табиӣ аст. Ба ҳар андоза, ки маърифати кӯдакон бештар гардад, ба ҳамон андоза чизҳое, ки аз он метарсанд, ваҳшаташ камтар мегардад. Дар нишондоди яке аз таҳқиқот омадааст, ки дар вуҷуди 40% кӯдакони аз 6 то 12-сола тарсу андуҳи бисёр вуҷуд дорад *(American Academy of Pediatrics by 2004 … cited 2015 Healthychildren.org).*

Тарс аз торикӣ оддитарин тарс дар миёни кӯдакон аст, бавижа вақте кӯдак дар торикӣ танҳо гузошта мешавад, ва баъзе кӯдакони дигар табиату мизоҷашон боиси тарси бештари онҳо мешавад. Вақте падару модарон фарзандони тарсидаи худро ором ме-

кунанд, эҳсоси амнияту оромӣ ба ӯ мебахшанд, эҳсосе, ки ба онҳо шуҷоату далерӣ медиҳад, ки дар бархӯрд ва мағлуб сохтани тарс ба он зарурат доранд.

Кӯдакони хурдсол дар оғози марҳалаи роҳгардӣ аз бегонаҳо, дур шудан аз падару модар ва чизҳои номаълум метарсанд. Фарзандоне, ки дар синни мактабӣ ва баъд аз мактабӣ ҳастанд нигарони онанд, ки мабодо интизорот ва таваққуоти волидайн ва муаллимони худро бароварда сохта натавонанд.

Шояд кӯдакон аз чизе битарсанд, ки тасаввури онро надошта бошем. Мисол, вақте тифл нав роҳгардиро ёд мегирад ва аз паси модар меравад, метарсад, ки модараш аз ӯ дур шавад ё ӯро танҳо гузорад. Ё вақте мебинад, ки об ба сурохӣ ё қубурҳо меравад, гумон мекунад, ки ӯ низ ҳамроҳи об он ҷо медарояд. Аз ҷумлаи ҷойҳо ва ҳолатҳое, ки кӯдакон аз он метарсанд, ҷойҳо ва чизҳое ҳастанд, ки дар бораи онҳо маълумот надоранд, ба монанди ҷойҳои ҷамъиятӣ ва сояҳое, ки дар равшании моҳ пайдо мешаванд.



Вақте тарсу хавфи кӯдак бештар мешавад, таъсири бад ба зиндагии ӯ мерасонад. Бинобар ин падару модар барои илоҷи он бояд дарҳол ба мутахассисони соҳа муроҷиат намоянд. Ҳангоми қабули ин қарор падару модар бояд аз худ бипурсанд: Аз кай боз тарсу ҳарос дар вуҷуди фарзанд пайдо шудааст? Оё тарсу ҳарос барои кӯдакон зарарнок аст? Оё тарсу ҳарос дар рафтор ва муносибатҳои онҳо бо дигарон таъсири манфӣ мерасонад? Оё фарзандонро аз хоб ва бозӣ бозмедорад?

## ЭҲТИЁҶИ КӮДАКОН БА ТАЪЛИМИ ШУҶОАТИ ОТИФӢ ҲАМРОҲИ ШУҶОАТИ ҶИСМОНӢ

Шуҷоати отифӣ ба он маъност, ки аз гуфтан, навиштан ё кардани кори эҳсосӣ, монанди гиря кардан, натарсад. Аз ин ҷо бармеояд, ки шуҷоати отифӣ ҷавонмардии ҳақиқӣ ва сарчашмаи қувват дар ҳаёт аст. Филмҳое, ки барои ҷавонон месозанд, танҳо як навъи шуҷоатро ба тасвир мекашанд ва он ҳам ҷангидан бо душман бо ҷисми қавӣ ва тавонманд. Ҳамин гуна онҳо шуҷоати мардонро омода будан барои ҷанг бо душман, фиреби ҳайвони бузург, шикаст додани ҷонвари ваҳшӣ ва муқовимат бо марди бадахлоқи мусаллаҳ медонанд. Шакке нест, ки кӯдакон ба намунаҳои шуҷоати отифӣ эҳтиёҷ доранд, афзун бар ин ки бояд намунаҳои шуҷоатро дар хона ва миёни мардуми атроф бубинанд. Яке аз масъулиятҳои ҷомеа фароҳам

кардани намунаҳои мардонагӣ аст, ки фаротар аз шуҷоати ҷисмонӣ бошанд. Бо вуҷуди ин ки бисёри калонсолон шуҷоати отифӣ дар кор ва ҳаёти шахсӣ доранд, бисёр кам дида мешавад, ки ба фарзандон имкон диҳанд, то онҳо ҳолатҳои хосси онҳоро, ки аз рӯҳияи зинда ва лаҳзаҳои ҷавонмардиашон ба вуҷуд омадааст, бубинанд. Мардум, махсусан падару модар, бояд дар бораи ҷавонмардиҳои худдар назди фарзандон суҳбат кунанд. Ҳамчунин падару модар бояд аз шуҷоати касоне, ки далерона суханронӣ мекунанд, бо вуҷуди маъюб будан бисёр фаъол ҳастанд, забони дуюм меомӯзанд ё дар вазъияте, ки аҳамият надодан бисёр осон аст, дасти кумак дароз мекунанд, ситоиш кунанд.

Ҷанбаи дигари шуҷоати отифӣ, бар хилофи қувваи ҷисмонӣ, идора кардани эҳсосот ва худдорӣ дар ҳоли ғазаб аст. Чуноне, ки Расулуллоҳ (с) мефармоянд:

***“Тавонманд касе нест, ки дар гуштингирӣ тавони худро нишон медиҳад, балки тавонманди ҳақиқӣ касе аст, ки худро ҳангоми ғазаб идора мекунад”* (Бухорӣ).**

## ШУҶОАТ ВА ҲАМОҲАНГИИ ИҶТИМОӢ БО ДИГАРОН

Бисёри калонсолон нақл мекунанд, ки чӣ гуна вокуниши онҳо ба тарс дар кӯдакӣ зери таъсири волидон ва муаллимон, вақте онҳо равиши таҳдид, таҳқир ва туҳматро истифода мекарданд, инкишоф ёфт. Кӯдакон ба гунае тарбия мешуданд, ки “бояд таслим шаванд, вагарна...” ва маҷбур буданд аз хостаи калонсолон кӯр-кӯрона пайравӣ кунанд. Ҳамчунин ба онҳо гуфта мешуд, ки “кӯдакон бояд ҳамеша хомӯш бошанд” ё “хомӯш шав, вагарна бо ту чунон кунам, ки зор-зор хоҳӣ гирист”. Пӯшида нест, ки иборатҳои мазкур ва иборатҳои дигари монанди ин тарси кӯдаконро бармеангезад ва шуҷоати онҳоро мешиканад.

Фарзандони ноором ва тарсончак талош мекунанд дар ҷойҳои кори худ худро “беҳтар ва дар амният” ҳис кунанд ва ё дар ширкатҳое, ки барояшон номувофиқ аст, бимонанд. Онҳо аз тарси ин ки номуваффақ хоҳанд шуд, ноумед мешаванд ва дигар наметавонанд кори муносибтаре барои худ ёбанд. Дилҳояшон пур аз тарси мабодо ронда шудан аст, эҳсоси гуноҳу шармандагӣ ва норасоӣ мекунанд ва намедонанд, ки онҳо бояд сазовори шароити беҳтаре бошанд. Барои озодӣ талош намекунанд, чун озодӣ шуҷоатро талаб мекунад, аммо онҳо аз овони кӯдакӣ ба гунае ба воя расидаанд, ки ҳамеша ба дастгирӣ ниёз доранд ва дар танҳоӣ эҳсоси ноамнӣ мекунанд. Онҳо сифати эҷодкорӣ ва навовариро аз даст медиҳанд ва ҳар навъ кӯшишу талош барои эҷодкорӣ дар вуҷудашон кушта мешавад, чун ба ҷои шуҷоату эҷодкорӣ ва талош барои озодӣ зери таъсири фармонбардорӣ, таслим шудан ва итоати кӯр-кӯрона парвариш ёфтаанд.

## ФИШОРИ ДӮСТОН

Вақте кӯдакон хурдсол ҳастанд, падару модар ва сарпарастон қарорҳои муҳими ҳаётиро ба ҷои онҳо қабул мекунанд, аммо вақте каме калонтар мешаванд, бояд тарз ва чигунагии қабули қарорҳо ба онҳо омӯзиш дода шавад, то қарорҳои муҳими ҳаётиро бо ихтиёри худ қабул намоянд, чун вақте бо баъзе мушкилоти душвори иҷтимоӣ мувоҷеҳ мешаванд, қобилияти интихоби қарорро бе дастгирӣ ва кумаки касе дошта бошанд.

Имкон дорад дӯстону рафиқон барои кашидани сигор, нӯшидани шароб ё истеъмоли моводи мухаддир болои фарзандон фишор биёранд ва дар ин ҳолат “на” гуфтан барои онҳо бисёр душвор аст, чун онҳоро дар як ҳолати танҳоӣ ва дар мухолифат бо гурӯҳ қарор медиҳанд.




Кӯдакон мехоҳанд узви ягон гурӯҳ бошанд ва худро аз будаашон беҳтару пешрафтатар нишон диҳанд ва намехоҳанд, ки ба онҳо ҳамчун ба кӯдаки хурдсол нигаранд ва фикр кунанд, ки наметавонанд аз худ дифоъ кунанд ва он чиро дуруст медонанд анҷом диҳанд, бавижа вақте, ки рафиқон онҳоро ба нӯшидани шароб ё кашидани сигор ташвиқ мекунанд ва дар ҳоли рад кардан онҳоро масхара ё аз бозӣ берун мекунанд. Фарзандон гоҳо дар ҳалқаи хурди худ барои расидан ба роҳбарии гурӯҳ ба рақобат мепардозанд ва равиши “дигар бо ту ҷӯрагӣ намекунам” силоҳи кӯдаконае аст, ки барои таҳдид ба ҳамдигар онро истифода мекунанд. Падару модарон бояд ҳамеша таъсири фишори рафиқонро ба фарзандон баён намоянд. Мисол, вақте кӯдакон бозии “баҷошавак” мекунанд, ҳама бояд қоидаҳои муайянро риоя кунанд ва илло як кас ҳам метавонад бозиро вайрон кунад. Агар дар гурӯҳ бихоҳанд кори зарарноке анҷом диҳанд, хориҷ шудан аз он гурӯҳ беҳтар ва кори дуруст хоҳад буд, чун берун шудани як кас ба дигарон ҷуръати “не” гуфтанро медиҳад.

Падару модарон бояд бо фарзандони худ дар бораи фарқиятҳои ҳар як инсон сухбат кунанд. Оё ҳар як узви гурӯҳ бояд мисли дигарон бошад? Агар эҳтироми фарқиятҳои фардӣ дар тавони фарзандон бошад, марҳалаҳои наврасӣ ва пас аз

он метавонад барои онҳо рангинтар бошад. Падару модарон дар бораи кӣ будани фарзанди худ, роҳбари гурӯҳ ё шахси пайрав суҳбат намоянд, ба фарзандон гӯш диҳанд ва барои онҳо тавзеҳ намоянд, ки онҳо метавонанд душвориҳои бархӯрд бо фишорҳои дӯстонро дарк намоянд. Агар падару модар дар гӯш кардани фарзандон ва маҳкум накардани онҳо дар вақти баҳсу гуфтугӯ муваффақ шаванд, ин кор ба фарзандон имкон медиҳад, ки дар оянда, вақте бузург мешаванд, тарзи бархӯрд бо душвориҳоро низ бо падару модар дар миён гузошта, мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳанд.

Мумкин аст дӯстӣ ва рафоқат хуб бошад, аммо “фишори дӯстон” имкон дорад чунин набошад. Бо вуҷуди ин, дида мешавад, ки бисёри бачаҳо ба дӯстони худ таъсири хуб ва мусбат мерасонанд ва онҳоро дастгирӣ мекунанд. Вақте падару модар бо дӯстону рафиқони фарзандони худ бархӯрди нек мекунанд, фарзандон низ ба онҳо тақлид намуда, дар бораи тарзи рафтор бо дигарон дарсҳои арзишманд меомӯзанд.

Вақте падару модарон метавонанд ихтилофоти гуногуни миёни мардумро дарк намоянд ва қадри одамони фавкулодда ва ғайриоддиро медонанд ва ба онҳо эҳтиром мегузоранд, он гоҳ фарзандон низ ғамхорӣ ва мудоро бо дигаронро меомӯзанд. Ҳамчунин вақте падару модарон одамонро аз намуди зоҳирӣ, либос, даромад, дину нажод ва дороияшон баҳо намедиҳанд, фарзандони онҳо дарк хоҳанд кард, ки тафовутҳои байни мардум аҳамияте надорад. Бо вуҷуди ин ҳама, агар таъсири дӯстон болои фарзандони ба камол расидаи мо бузург бошад, таъсири падару модар гоҳо бузуртар аз он хоҳад буд.

Доштани дӯстону рафиқон дар тамоми марҳалаҳои ҳаёти инсон як амри зарурӣ аст ва омӯхтани тарзи таомул ва мушорикати иҷтимоӣ бо дигарон бахше аз рушду инкишофи табиии кӯдакон мебошад. Кӯдакон бояд тарзи пайвастан ба гурӯҳҳо ва дар айни ҳол ҳифзи хусусиятҳои худро биомӯзанд. Вақте падару модарон фарзандонро бар асоси худбоварӣ ва шуҷоат тарбия медиҳанд, фарзандон метавонанд қобилияти муқобила бо фишорҳои гурӯҳ ва ба таври ҷиддӣ рад кардани амалҳои нодуруст ва нороҳаткунанда дошта бошанд. Илова бар ин, шоёни зикр аст, ки ихтилоф ва фарқиятҳо байни мардум як амри табиӣ аст ва роҳнамоии кӯдакон барои фаҳм ва шинохти тафовутҳое, ки мардумонро аз дигарон фарқ мекунонад, бисёр муҳим аст, то онҳо дар ҳолати муқоисаи доимӣ бо дигарон намонанд, балки мо онҳоро ба як ҳолати рақобат бо худ интиқол диҳе, на бо дигарон.

## ПАДАРУ МОДАР ВА ШУҶОАТУ ФАЪОЛИТҲОИ ФАРҲАНГӢ

Шуҷоат дар тарбияи як шахси роҳбар саҳми бузург дорад. Бинобар ин сифати далерӣ дар вуҷуди кӯдакон аз овони хурдсолӣ оғоз ме-

гардад, чун кӯдакон далер ба дунё меоянд ва дар вуҷуди онҳо ҳеҷ гуна тарсу хавф аз атрофиён вуҷуд надорад ва одатан падару модарон тарс аз ҳайвонот, торикӣ, арвоҳ, даррандаҳо, морҳо, сагҳо ва обҳоро дар онҳо ба вуҷуд меоранд.

Тарзи тарбияи кӯдакон таъсири қавӣ дар сатҳи шуҷоати онҳо дорад. Дар баъзе фарҳангҳо барои ба воя расонидани фарзандони итоаткор шеваи таҳдиду тарсониданро ба кор мебаранд, ки бе шак барои кӯдакон дар омӯзиши дин, ҳифзи Қуръони карим ва номҳои неки Худованд таъсири худро дорад. Беҳтарин равиш барои таълими Қуръони карим ба фарзандон интихоби оятҳоест, ки дар бораи раҳмату меҳрубонӣ ва номҳои неку сифоти поки Худованд суҳбат мекунанд. Дар оғоз бояд ба муҳаббату бахшоиш ва ҷаннат таваҷҷуҳ бошад, чун метавон мавзӯоти ҷазову ҷаҳаннамро дар марҳилаҳои пас аз кӯдакӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор дод.

Ба кӯдакону фарзандони худ қиссаҳои шуҷоати пайғамбаронро нақл кунед. Ҳазрати Иброҳим дохили ибодатхона шуд ва бо табар бутҳоро шикаста, табарро бар гардани бути бузурги маъбад гузошт. Ҳазрати Мусо (а) ва бародараш ҳазрати Ҳорун (а) аз ғазаби Фиръавни золим ва ситамгар натарсиданд. Ҳазрати Муҳаммад (с) бо вуҷуди таҳдиди кофирони Макка назди Каъба рафта, намозашро гузошт, ҳарчанд ӯро бо сангҳо мезаданд ва наҷосатҳоро бар сару рӯяш мерехтанд. Илова бар ин, ба онҳо қиссаҳои воқеӣ дар бораи мардони далере, ки бо онҳо вохӯрдаед, нақл кунед. Муҳимтар аз ин ҳама, кӯдакон бояд ҳузури Худованди мутаолро дар ҳама лаҳзаҳои ҳаёти худ эҳсос намоянд, инсонҳои шуҷоъ, боваринок ва некукор бошанд ва ғайр аз Офаридгоре, ки онҳоро дӯст медорад, ризқашон медиҳад, ба онҳо иззату шараф мебахшад ва аз тамоми бадиҳо онҳоро ҳифз мекунад, аз касе дигар натарсанд.

Мутассифона баъзе падарону модарон фарзандони худро аз бозӣ кардан бо дигар кӯдакон берун аз хона бозмедоранд. Мисол, мегӯянд, ки агар оббозӣ кунанд, имкон дорад ғарқ шаванд; агар ба асп савор шаванд, имкон дорад биафтанд; ҳангоми чахидан ё паридан имкон дорад банди даст ё пояшон бишканад. Падару модар бо ин амал тарсу ваҳмро дар вуҷуди фарзандонашон тақвият медиҳанд. Вақте падару модар ба фарзандон ҳаққи интихобро намедиҳанд ва аз қабули қарорҳо маҳрум месозанд, онҳо гумон мекунанд, ки падару модарон ягона касонеанд, ки соҳибмаърифат ҳастанд, тамоми қарорҳоро қабул менамоянд ва дар ҳама ҳолатҳо ба ҷои онҳо меандешанд. Падару модар бо фароҳам кардани тамоми чиз барои фарзандон, анҷом додани тамоми талоши худ барои онҳо ва тарс додани онҳо аз ба хатар афтодан дар зиндагӣ ба онҳо тарсончакӣ, сустӣ, бефаъолиятӣ ва талош накарданро меомӯзонанд. Ҳамин гуна падару модарон

ба сабаби изтироб ва тарси беш аз ҳад ба хотири фарзандон иштибоҳ мекунанд. Бинобар ин аст, ки фарзандонро бо худ берун аз хона мебаранд, то сармо нахӯранду бемор нашаванд, онҳоро дар ҳолати шакку тардид ва дур аз дигар кӯдакон тарбия мекунанд ва ба онҳо иҷозат намедиҳанд аз пеши худ даст ба кор шаванд.

Роҳи ҳал дар таълими фарзандон ин аст, ки онҳо дар ҳолатҳое гузошта шаванд, ки далерӣ ва шуҷоатро металабад, ва дар хатарҳои оқилона қарор дода шаванд, то роҳи солим аз он баромаданро биандешанд. Афзун бар ин, фарзандон бояд ба гунае тарбия шаванд, ки битавонанд дар як муҳити ноамн дар амнияту оромӣ зиндагӣ кунанд (масалан, дар ҷангал, корхона ё заврақ), чизҳои хатарнок аз бехатарро фарқ кунанд ва дар умум шуҷоат бояд бахше аз фарҳанги рӯзонаи онҳо бошад.

- Номи амаки Расулуллоҳ (с) Ҳамза (“Шер”) буд ва ӯро бинобар шуҷоат ва далериаш “Шери Худо” меномиданд.

  Мо метавонем ба кӯдакон қиссаҳои далерона аз олами ҳайвонот нақл кунем. Мисол, рӯбоҳ аз бӯи хаймаи шер метарсад, ҳатто агар шер дар хаймааш набошад; агар гунҷишк дар баландиҳо ҳам парвоз кунад тарс табиати ӯст, аммо уқоб, ки далерӣ табиати ӯст, ҳатто дар ҳоли марг ҳам далер аст.

- “Мо бояд деворҳои шуҷоатро бисозем, то роҳи тӯфони тарсро бубандем” (Мартин Лутер Кинг).

## Ҳаё ё шарм?

Мо ба сӯи “ҳаё” даъват мекунем, на “шарм”, зеро шарм пинҳон кардани худ ва тарсидан аз дидору нишаст бо дигарон аст. Аммо ҳаё риояи эҳсосоти дигарон, адаб, эҳтиром, дурӣ аз худписандӣ ва худнамоӣ аст.

# МАШҚҲОИ 56-62



## Машқи 56:
## Мубодилаи таҷриба дар бораи тарс

Бо фарзандони худ дар бораи тарсу ҳаросҳое, ки дар ҳаёт ба онҳо мувоҷеҳ шудаед ва чӣ гуна ба он бархӯрд кардаед, суҳбат намоед ва фазоро барои онҳо низ боз гузоред, то андешаҳои худро баён доранд ва сипас аз онҳо бихоҳед дар бораи таҷрибаҳои шахсии худ нақл кунанд.

## Машқи 57:
## Нуҳ равиши тарбияи тарсончак

Амалкардҳои нодурусти падару модаронро, ки дар зер оварда шудааст, бо ҳамаи аъзои оила мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода, аз таҷрибаҳои шахсии худ мисолҳо биёред ва дар сурати вуқӯи чунин хатоҳо ва чӣ гуна бартараф ва ислоҳ кардани он суҳбат кунед:

- Таҳқир ва мазаммати фарзандон, махсусан дар назди дӯстону рафиқон.
- Дашном додани фарзанд ва гуфтани ин, ки ӯ лоиқи ҳеҷ коре нест ва ба ҳар ҷое, ки ӯро бифиристӣ, ҳеҷ хайре намеорад.
- Эътимод ва бовар накардан ба фарзанд ва ба ӯ гуфтан, ки ҳаргиз инсони хуб буда наметавонад ва дигарон аз ӯ бештар савод ва таҷриба доранд.
- Корҳои хуби ӯро нодида гирифтан ва танҳо ба хатоҳояш аҳамият додан.
- Бо бародарон ва хоҳарони ӯ бо равиши беҳтар бархӯрд кардан ва ҳамеша зиштрӯӣ ва танбалии ӯро бо зебоӣ ва кӯшиши онҳо муқоиса кардан.
- Кӯшиш кардан, ки фарзанд ҳамеша ба шумо вобаста бошад, то ҳамеша эҳсоси амн намояд.
- Эрка кардани фарзанд бо харидани аз ҳад зиёди туҳфаҳо.
- Манъ кардани фарзанд аз гап задан ва водоштани ӯ ба сукут дар назди дигарон («Агар сухан нуқра бошад, хомушӣ тиллост»).
- Худдорӣ аз вазифадор кардани фарзанд, ҳарчанд вазифаи осон ҳам бошад, ва ёд додани эътимод кардан ба дигарон ва худдорӣ кардан аз хатарҳо ба онҳо.

## Машқи 58:
## Шуҷоат ва имон

Бо фарзандон воқеаи талоши Қурайш барои манъ кардани Расулуллоҳ (с) аз расондани рисолати Ислом ва посухи Расулуллоҳро (с) нақл кунед, ки ин гуна буд:

> ***“Эй амаки ман, қасам ба Худо, агар хуршедро дар дасти рост ва моҳро дар дасти чапи ман бигузоранд, то аз ин роҳам баргардам, ҳаргиз онро тарк нахоҳам кард, то Худованд динашро ошкор созад ва ё ман ба хотири даъватам ҳалок шавам”.***

1. Кадом унсурҳои шуҷоатро метавон аз ин фармудаи Расулулоҳ (с) ба амакаш, ки ҳаргиз аз ин роҳ барнамегардад, муайян кард?
2. Воқеаҳои дигар аз корномаҳои далеронаи паёмбаронро қисса намоед.
3. Қиссаҳои далеронаи мардону занони ёрони Расулуллоҳро (с) нақл кунед.
4. Ҳодисаҳои далеронаи қаҳрамонони муосири намояндагони динҳо ва халқҳои гуногунро ба фарзандон қисса намоед.

Вазъиятеро, ки шумо дар он далерӣ нишон додед ва бо кадом душвориҳо дар он вазъият рӯ ба рӯ шудед, нақл кунед. Чӣ ба даст овардед ва муносибати мардум ба он чӣ гуна буд?

Аз фарзандон хоҳиш кунед, ки қиссаҳои шахсии худро нақл кунанд.

## Машқи 59:
## Шуҷоат: миқёсе барои навҷавонон

Оё ту далерӣ? Чанд мисол биёр.

| **Рафтор** | **Дуруст** | **Хато** |
|---|---|---|
| Дифоъ аз ҳақ, ҳатто агар танҳо бошам | ☐ | ☐ |
| Ба фишорҳои манфии дӯстон таслим мешавам | ☐ | ☐ |
| Тарс аз нокомӣ маро аз таҷриба кардан бознамедорад | ☐ | ☐ |
| Аз баёни эҳсосоти худ нисбати масоили мухталиф наметарсам, ҳатто агар дигарон бо ман мувофиқ бошанд | ☐ | ☐ |
| Ман омодаи таҳаммули хатарҳо ва қабули қарорҳо ҳастам | ☐ | ☐ |
| Бовар дорам ба сабабҳои зер ман шахси шуҷоъ / ғайри шуҷоъ ҳастам: | ☐ | ☐ |

**Машқи 60:**
## Бартараф кардани тарси кӯдакон ҳангоми ҷанг ва мусибатҳо

Бандҳои зеринро бо фарзандони худ дар миён бигзоред ва баъзеи онро бо ҳам иҷро кунед.

Имрӯз бисёри кӯдакон дар маърази ҷангу кашмакашҳо ва ҳиҷрату офатҳо қарор мегиранд, ки падару модарон метавонанд барои кам кардани тарсу ҳароси кӯдакон амалкардҳои зеринро анҷом диҳанд:

1. Ҳангоми намоиши ахбори ғамангез телевизорро хомӯш кунед ва барои онҳо танҳо хулосаи ахборро баён намоед.
2. Барномаи рӯзонаи кӯдакон, ба монанди вақти хоб, бозӣ, хурокхурӣ ва намозҳоро ҳифз кунед.
3. Ба тарбияи фарзандон бештар таваҷҷуҳ дошта бошед, онҳоро ба оғӯш гиред, бо онҳо вақти хуш гузаронед, ба онҳо аҳамияти бештар диҳед, дилсузии бештар аз худ нишон диҳед ва ҳамеша онҳоро ташвиқ намоед, то бештар ба шумо гӯш диҳанд ва эҳсосоташонро бо шумо дар миён гузоранд. Баъзе мутахасисони муосир бар ин назаранд, ки фарзандон аз гаҳвора то охири умр ҳар рӯз ба чанд бӯсаву ламс кардан ниёз доранд.
4. Дар ҳолатҳои хавфнок ором бошед, натарсед, нороҳат нашавед ва талош кунед беш аз ҳад ба ахбор дода нашавед.
5. Ба фарзандон фурсати бештар диҳед, то фаҳми дурусттар дар бораи ҷанг бо ироаи намоишномаҳо дошта бошанд, монанди намоиши бинои шифохона барои аскарҳо ва шаҳвандони оддӣ, ҷудо кардани макони махсус барои асирони ҷангӣ, мушаххас кардани паноҳгоҳ барои муҳоҷирон, навъи таом ва чӣ гуна ба онҳо тақдим кардани он, таъсиси намояндагии кумакрасон барои қурбониёни ҷанг ва интихоби дуоҳои махсус барои ҳолатҳои душвор.
6. Барқарор кардани робитаҳо бо кӯдакони дигар кишварҳо, ки дар маърази офатҳо қарор доранд, аз тариқи почтаҳои электронӣ, табодули мактуб ва ирсоли ҳадяҳо бо онҳо.
7. Ба ягон кас номае навис, ки дар он дуо ба сӯи Худо бошад. Мисол, ба раиси шаҳре, ки ҷанг ё душманон онро вайрон кардаанд, ё ба яке аз наҷотёфтагон аз офатҳои табиӣ. Сурате бикаш, ки дар он ба аскар салом дода шудааст. Барои шахси мусибатзада ё захмӣ кулчақанд бипаз ё барои сандуқҳои хайриявие, ки махсуси мардумони офатзадаанд, миқдоре пул ҷудо намо.

**Машқи 61:**

**Чӣ гуна метавон «не» бигуӣ, вале дар айни ҳол дӯстиро ҳифз кунӣ?**

Ин равишро, ки аз чанд қадам иборат аст, метавонед ба гунае амалӣ намоед, ки фарзандон ҳангоми “на” гуфтан эҳсоси нороҳаӣ накунанд.

Шумо метавонед яке аз ин ҳолатҳоеро, ки муносиби синну соли фарзанди шумост, мисол биоред.

**Мисол:** Дӯсти писаратон аз ӯ мехоҳад, ки сигоркашӣ ва истифодаи маводи мухаддирро таҷриба намояд.

- ***Бигӯед: “На, ташаккур ман ба ин чиз рағбат надорам”.***

Роҳи якум дар баробари фишори рафиқон ва шиносҳо бисёр осон аст: “На, ташаккур ман инро намехоҳам”, ки ғолибан дар бештари ҳолатҳо ин шеваи посухи шумо баёнгари хулосаи қарори шумост ва шумо бо ин амал қарореро қабул намудаед, ки дигарон низ бояд ба интихоби он эҳтиром бигзоранд.

- ***«На, ташаккур» гуфтанро такрор намоед!***

Шояд писарбачаи дигаре ба фишор додан идома дода, шуморо такрор ба такрор ташвиқ намояд, ки ақаллан як бор таҷриба намоед, ки дар ин ҳолат низ ҳамон посухи аввалиро бисёр ба осонӣ такрор намоед ва бигӯед: “На ташаккур, ман ин чизро намехоҳам” ва агар лозим шавад борҳо ва борҳо онро такрор намоед. Агар ҳолате рух диҳад, ки гуфтани «Ин чиз дар дини ман ҳаром аст» дар он муносиб ояд, ба қадри лозим такрор онро намоед ва барои сафед кардани худ талош накунед, чун онҳо бо шунидани такрор ба такрори ин посухи шумо назари шуморо қабул намуда, таслим хоҳанд шуд. Дар сурати ёфтани роҳи ҳал, метавонед бо садои возеҳ ва мутмаин сабабашро зикр намоед.

- ***Посухи шумо дар муқобили фишори онҳо «Чаро ба ман фишор меоред?» бошад.***

Агар шахсе ҳамеша шуморо озор медиҳад, шумо аз ӯ бипурсед: “Чаро ба ман ин қадар сахтгирӣ мекунед?” Шояд ин суоли шумо худи ӯро зери фишор қарор дода, ба тавзеҳи рафтораш маҷбур кунад ва ӯро дар як ҳолати ногувор қарор диҳад, на шуморо. Шумо метавонед барои ҳифзи муносибатҳои неки миёни худ гузинаи дигареро пешниҳод намоед.

***• Иҷозат пурсед ва он ҷоро тарк кунед:***
***“Бубахшед, беҳтар аст ман аз ин ҷо бираравам”.***

Бигӯед “Бахшиш, ман бояд бираравам” ва сипас бе баҳсу гуфтугӯ он ҷоро тарк намоед. Шарт ҳам нест рафтору амалҳои худро барои касе асоснок намоед, ҳамон гуна, ки маҷбур нестед фишорҳои нороҳаткунандаро таҳаммул намоед.

Фарзандонро ба гуфтани калимаи “на” дар баробари фишор ва хостаҳои ноҷои дӯстону рафиқон ташвиқ намоед. Вақте фарзандон услуб ва тарзи дурусти “не” гуфтанро меомӯзанд, онҳо метавонанд дар айни ҳол дӯстӣ ва иртиботашон бо онҳоро ҳифз намуда бисёри фишорҳои бемавридро аз худ дур намоянд. *(Иқтибос аз сафҳаи интернетии: www.ehom.com)*

## Машқи 62:
## Шуҷоат чист?

Барои фарзандон қиссаҳо ва мисолҳоро ба шакли зерин биоред:

Шуҷоат...

- пайравӣ кардан аз ақли худ аст, на аз мардум;
- иштирок накардан дар корҳои зарарнок ё таҳқиркунанда аст;
- қурбонӣ кардани манфиатҳои худ барои манфиати дигарон аст;
- изҳори андеша кардан бо вуҷуди мухолифати дигарон аст;
- таҳаммули масъулияти тамоми хатоҳо ва иштибоҳот аст;
- риояи қонуну қоидаҳо ва ташвиқи дигарон ба он аст;
- анҷоми амалест, ки онро дуруст медонед, новобаста аз хатар ва оқибатҳои эҳтимолии он;
- мубориза бо золимон ва кумаку дастгирии некукорон аст.

# ДУЮМ:
# **Ташвиқ ба эҷодкорӣ**

- ***Муқаддима***
- ***Мафҳумҳои умумӣ дар бораи эҷодкорӣ***
- ***Ихтирооти эҷодкоронаи таърихӣ***
- ***Нобуд кардани эҷодкорӣ дар вуҷуди фарзандон***
- ***Ҷиҳатҳои манфӣ, ки монеи эҷодкорӣ мешаванд***
- ***Роҳҳои рушди эҷодкорӣ***
  - *— Тарҳи саволҳои эҷодокорона*
  - *— Фаъолиятҳои амалӣ*
  - *— Гуногунии таҷриба*
  - *— Машқҳо барои тақвияти зеҳн*
  - *— Бозиҳои эҷодкорона*
  - *— Нависандагии кӯдакон*
  - *— Санъати кӯдакон*
- ***Мафҳумҳои нодуруст: Андешаҳои "ғарбӣ" ё "бефоида"***
- ***Падару модар чӣ коре метавонанд анҷом диҳанд?***
- ***Мулоҳиза дар бораи бозичаҳо***
- ***Машқҳои 63-66***

# МУҚАДДИМА

Эҷодкорӣ навъе аз ибрози вуҷуд аст ва фарзандон вақте эҳсоси роҳат ва ризоят мекунанд, ки бе ягон гуна фишор ва саркубӣ изҳори назар кунанд. Пас кудрати ихтироъ ва эҷодкорӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими як шахсияти солим аст ва таҷриба анвои санъати эҷодкориро дар вуҷуди фарзандон ба шакли назаррас тақвият мебахшад. Фарзандони эҷодкор илова бар қобилияти санҷиши тарзҳои нави тафаккур ва ҳалли мушкилот, қобилияти мутобиққунонӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо эҳсосоти худро доранд. Ҳамчунин шахси эҷодкор кунҷковӣ, чолокӣ, хӯшбинӣ ва қобилияти ба таъхир андохтани қазовати ниҳоӣ дар бораи масоилро дорад ва дорои хаёли рангин аст. Инсонҳои эҷодкор мушкилотро дарсу ибрат ва ҳамчун таҷриба медонанд, то битавонанд худро дар баробари чолишҳо омода кунанд, бо ҷиддият амал кунанд, ба осонӣ таслим нашаванд ва сабру тоқатро пешаи худ кунанд. Аммо бисёре аз мардумон бинобар он шикаст мехӯранд, ки барои ҳалли мушкиле, ки ҳамагӣ даҳ дақиқа вақти онҳоро талаб мекунад, нӯҳ дақиқа тоқат меоваранд.



Фарзандон барои имкони ба даст овардани кашфиёт ва анҷоми беҳтарин амалҳои худ ба як фурсати тулонӣ ва ғайри таъҷилӣ ниёз доранд ва модоме, ки дар корҳои эҷодкоронаи худ фаъол ҳастанд, набояд талошашон қатъ карда шавад ё аз онҳо дархост шавад, ки машғули фаъолияти дигаре шаванд. Онҳо ба ҷое ниёз доранд, ки ба онҳо илҳом бахшад, то беҳтарин талоши худро ба харҷ диҳанд. Агар дар муҳити хона рушноии табиӣ, рангҳои муносиб ва курсиҳои нарм вуҷуд дошта бошад, онҳоро ба эҷодкорӣ ташвиқ менамояд ва дар ҳуҷрае, ки дар он фарзандон фаъолият мекунанд, намунаҳое аз кору фаъолияти худ ва дигарон овезон карда шавад. Ҳамчунин падару модар бояд хатоҳои онҳоро бипазиранд ва рӯҳияи далерӣ ва худшиносиро дар онҳо рушд диҳанд.

Падару модарон бояд бидонанд, ки нахустин қадамҳои “оғоз”-и ҳар фаъолият барои фарзандони хурдсол бисёр муҳим аст ва ҳатто шояд оғози кор аз натиҷаи он муҳимтар бошад ва назари падару модар бояд ба дарки кӯдак аз воқеияти фаъолият ва кори ӯ ва ба вижагии он чӣ, ки ӯ тавлид кардааст, мутамаркиз шавад. Вақте

аз фарзандон интизор меравад “чизе” эҷод кунанд, тарсу ҳассосият сабаб мешавад дар амали худ тардид кунанд, чун дида мешавад вақте онҳо кашидани расм, сохтани бино ё эҷоди шеър ё сурудеро оғоз мекунанд, бахше аз деларӣ ва худҷӯшие, ки дар вуҷудашон аланга мезанад, аз даст медиҳанд. Ба фарзандон иҷозат диҳед аз ашёи хона, монанди зарфҳои хурокпазӣ, косаву табақ, қуттиҳо ва болиштҳо истифодаи эҷодкорона дошта бошанд, балки барои анҷоми чунин эҷодкориҳо онҳоро ташвиқ намоед. Барои кӯдакони хурдсол мавод ва васоили фаннӣ фароҳам намоед, то барои онҳо муҳити ташвиқкунанда барои эҷодкорӣ аз хурдсолӣ муҳайё шавад ва қоидаву низоми оилавӣ набояд ба андозае сахтгирона бошад, ки фаъолиятҳои фаннӣ барои кӯдаконро мушкилтар гардонад. Осонӣ калиди муваффақият дар ҳар ҳунарест, ки тифл онро эҷод мекунад, ва чун фарзандон бузургтар мешаванд, метавонед тозагӣ ва тартибу низоми бештарро аз онҳо талаб намоед, зеро тавон ва қобилияте, ки дар пойбандӣ ба танзиму қоидаҳои тозагӣ сарф мешавад, бояд барои кашфиёт ва эҷодкории кӯдакон равона карда шавад.

Ҳар як фарзанд ба шинохти ҳуқуқи дигарон ва қоидаҳои саломатӣ ниёз дорад ва дар ҳолати набуди чаҳорчубе аз тавaққуоти маъқул ва мантиқӣ, кашфиёт ва эҷодкорӣ одатан рӯ ба бебандуборӣ меоранд. Пас интизоме, ки мухолифи тавоноиҳои эҷодкоронаи кӯдакон нест, гоҳо аз лозимаҳои он маҳсуб меёбад. Аз ҷиҳати дигар, фарзанде, ки зери назорати комил аст, барои ба даст овардани таъйид ва пазириш ҳозир аст тамоми эҷодкорӣ ва кашфиёташро фидо кунад. Агар фарзанд эҳсос кунад арзиши шахсии ӯ ба назофат ва муназзам будан вобастагӣ дорад, дар ӯ қувват ва шуҷоати каме барои эҷодкорӣ вуҷуд хоҳад дошт ва муҳимтар аз он фармонҳое чун “Эҳтиёт кун” ё “Инро пок кун” ва иборaҳои дигаре ҳаммонанди ин, ки аз одатҳои рӯзмараи падару модарон аст, метавонад эҷодкорӣ дар фарзандонро аз байн бубарад. Бояд байни тавоноиҳои эҷодӣ ва фаъолиятҳои ташвиққунанда барои ба даст овардани маълумот ва кашфу истифодаи тавоноиҳои эҷодӣ ва ғайриэҷодӣ фарқ гузошта шавад.



## МАФҲУМҲОИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ЭҶОДКОРӢ

Мо баъзе роҳнамоиҳои зеринро барои тақвияти эҷодкорӣ ва навоварӣ дар кӯдакон пешниҳод менамоем:

- Ба ҷои ин ки андешаҳои фарзандонро бо андешаҳои худ созгор намоед, талош кунед андешаҳои худро бо онҳо созгор намоед, андешаҳои ғайриоддии онҳоро бипазиред ва онҳоро бо ҳамдигар мавриди баҳсу баррасӣ қарор диҳед.

- То ҳадди имкон аз роҳҳои эҷодкоронаи ҳалли мушкилоте, ки дар ҳаёти рӯзмарра пеш меояд, истифода намоед ва барои фарзандон озодии комилеро фароҳам оваред, то битавонанд хато кунанд ва ҳамин гуна талош кунед барои онҳо фурсати таҷриба карданро низ фароҳам намоед, то ҳарос аз номуваффақиятиро надошта бошанд.

- Фарзандонатро ташвиқ намоед, то чизҳои ғайриоддиро таҷриба намоянд, ба суолҳо ва пешниҳодҳои онҳо гӯш фаро бидиҳед. Барои дарки бештар аз онҳо талаб намоед гуфтаҳояшонро боз такрор намоянд ва саволҳои дигаре дар бораи ин таҷрибаи онҳо диҳед.

- Барои фарзандон як фазои озод ва ташвиқкунанда фароҳам оваред ва илова бар он мавод, китобҳо ва бозиҳои гуногунро барояшон таҳия намуда, фурсатҳои зиёдеро барои таҷрибаи он мавод муяссар созед.

- Фарзандонро бо баъзе фарҳангҳо, таҷрибаҳо, инсонҳо, динҳо ва тарзи андешарониҳои гуногун ошно созед ва барояшон фурсат фароҳам намоед, то бидонанд, ки барои ҳалли мушкилот роҳҳои гуногуни андешидан вуҷуд доштааст. Ҳамин гуна онҳоро ташвиқ намоед, то дар доираи имкониятҳои худ таҷрибаҳои ҷадид касб намоянд ва бо онҳо ба тамошои осорхонаҳои таълимӣ биравед.

- Аз тарзи нави андешаронии фарзандони худ қадрдонӣ кунед, хӯшҳолии худро иброз доред, фаъолиятҳои ҳунарӣ ва илмии худро низ бо онҳо ба иштирок гузоред ва дониста бошед, ки иштироки онҳо дар фаъолиятҳои отифӣ, эҳсосот ва отифаи онҳоро таҳрик медиҳад.

- Намунаҳои суботкорӣ ва истодагариро ба онҳо нишон диҳед ва онҳоро барои ҳар як қадаме, ки мегузоранд, ташвиқ намоед, то барномаеро, ки рӯи даст гирифтаанд, ба анҷом бирасонанд. Ҳамчунин кӯдаконро барои дарки нуқоти заъф ва қуввати худ кумак кунед.



**Донишҷӯи эҷодкор: сахтӣ муқобили осонӣ**

Вохӯрӣ бо яке аз донишҷӯён ҳангоми қабул шудан дар яке аз донишкадаҳои идорӣ:

Имтиҳонгиранда: "Агар аз шумо бихоҳам ё ба даҳ саволи осон ҷавоб диҳед, ё ба як саволи душвор, шумо кадом якеро интихоб мекунед?" Ҷавон дар посух: "Ба як саволи душвор".

— Пас ба ман бигӯед, ки аввал шаб меояд ё рӯз?
— Аввал рӯз меояд.
— Чӣ гуна аввал рӯз меояд?
— Бубахшед ҷаноб, шумо ба ман ваъда додед, ки танҳо як саволи душвор медиҳед.

Донишҷӯ дарҳол ба донишкада қабул карда шуд.

- Тасаввуроти фарзандони худро афзоиш диҳед. Бе шубҳа, инсонҳои эҷодкор ба роҳатӣ бо андешаҳои аҷибу ғариб бархӯрд мекунанд ва бедории зеҳнӣ дар эҷоди маҷмӯаи гуногуни андешаҳои хос ва ҷаззоб мусоидат мекунад.
- Фарзандон бояд ташвиқ карда шаванд, ки иштибоҳот ва шикастҳо фоҷеабор нестанд, балки фурсатҳои омӯзишие ҳастанд, ки сабаби ба муваффақият расидани онҳо мегарданд. Яке аз намунаҳои зебо дар ин бора ин аст, ки яке аз мудирони иҷроия ба мудирони навкор, ки зери фармони ӯ кор мекарданд, гуфт: "Бояд баъзе хаотҳо дошта бошед".
- Хубиҳоеро, ки дар бадиҳо нуҳуфтаанд, кашф намоед. Вақте ба эҷодкорон роҳи заифе барои ҳалли масъалае пешниҳод мешавад, аз худ мепурсанд: "Дар ин чӣ хубӣ ҳаст?" Ҳатто дар бадтарин андешаҳо шояд як ҷанбаи муфид нуҳуфта бошад.

# ИХТИРООТИ ЭҶОДКОРОНАИ ТАЪРИХӢ



1. Эҷодкорон ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварӣ ва хубиҳо ҳастанд. Мисол, аввалин навъи маргарин аз чарбуи гов, шир, об ва пистонҳои қимашудаи гов истеҳсол мешуд, ки на хушмазза буд ва на солим. Вақте дар оғози садаи бист мушкилоти камбуди чарбуи гов ба миён омад, мардум дар пайи ҷойгузини муносибе барои он шуданд ва онро дар равғанҳои гиёҳӣ пайдо намуданд ва истеҳсоли онро бо илова кардани равғанҳои гиёҳӣ, монанди равғани лубиё, ҷуворимакка ва донаҳои офтобпараст, ба чарбиҳо оғоз карданд, ки то ҳоло ҳамчун як маҳсулоти солим ва хушмазза истифода мешавад.

2. Шарти эҷодкорӣ нобиға будан нест. Донишмандони соҳибтаҷриба ва бомаҳорат, ки лавозимоти фазонавардиро истеҳсол мекунанд, тавони сохтани қалами худкореро, ки ҳангоми набуди ҷозибияти замин кор кунад, надоштанд ва то дер боз аз қаламҳои оддӣ истифода мекарданд. Дар ниҳоят як ширкати амрикоии барномаҳои фазоӣ сохти ин қаламро оғоз кард ва аз Идораи миллии ҳавошиносӣ ва омӯзиши фазои кайҳон (НАСА) хост онро таҷриба намояд. Дар ниҳоят маълум шуд, ки ин навъи қалам судманд будааст аст. Ҳамин гуна ниҳодҳои фазонавардии Амрико ва Русия онро мавриди истифода қарор доданд.

3. Имкон дорад худи ҳамон мушкилот роҳи ҳал бошад. Пас он чӣ, ки баъзеҳо онро “мушкилот” медонанд, барои дигарон “фурсат” аст.

Мисол, дар муддати кутоҳе баъд аз ихтирои ширеши қавӣ (Супер-клей), мулоҳиза шуд, ки дар вақти истифодаи ин ширеш имкон дорад ангуштони даст аз беэҳтиётӣ бо ҳам часпанд. Сипас маълум шуд, ки ин мушкил, яъне часпидани пӯст ба воситаи ширеш, метавонад роҳи ҳал барои мушкилоти дигар бошад. Бинобар ин ҷарроҳони Ветнам барои часпондани ҷароҳатҳо истифодаи ин ширешро оғоз карданд.

Мисоли дигаре дар бораи ин ширеш ҳаст. Як мутахассиси химия, ки дар ширкати “3М” дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кор мекард, дар идомаи таҷрибаҳои худ аз ширешҳо ва маводи часпанда як навъ ширеши бисёр заиферо истеҳсол намуд, ки чизҳоро ба ҳамдигар он қадар маҳкам намечаспонид. Табиӣ буд, ки истеҳсоли чунин ширеши заиф ба ширкат зарар меорад, аммо бо вуҷуди паст будани сифати он, роҳи ҳалли дигаре барои худ пайдо кард. Ин маҳ-

сул соли 1980 бо номи Post-it Notes (стикер) вориди бозор шуд ва акнун дар тамоми дунё барои часпондани варақҳо ва ашёе, ки ба ширеши қавӣ ниёз надоранд, истифода мешавад.

Мисолҳои мазкур шояд аз тарафи ширкатҳои бузург сохта шудаанд, аммо мо ин ҷо баъзе мисолҳоеро барои фарзандон тақдим медорем, ки барои қобилияти эҷодкории онҳо дар оянда умедбахш бошад.

## Нобуд кардани эҷодкорӣ дар вуҷуди фарзандон

Бисёр бад аст, вақте аҳамияти эҷодкориро бидонем ва онро дар шахсияти фарзандон нобуд созем. Мо ин ҷо баъзе намунаҳои роиҷи "қотилони эҷодкорӣ"-ро, ки мувофиқи гузориши Amabile and Hennessey (1992) интишор ёфтаанд ва ҳанӯз ҳам амалӣ мешаванд, зикр мекунем:

- Назорати пайваста. Пайваста назорат ва маҳдуд кардани фарзандон ба гунае, ки эҳсос кунанд, ки зери назорати ҳамешагӣ ҳастанд. Ин кор боиси тарс ва монеи эҷодкорӣ дар вуҷуди онҳо мегардад.

- Парвариши сахтгирона. Вақте тарзи бархӯрди мо бо фарзандон ба гунае бошад, ки онҳо ҳамеша нигарони корҳои худ бошанд, бо ин васила мо қобилиятҳои эҷодкорӣ дар онҳоро заиф месозем.



- Мукофотҳои беш аз ҳад. Беш аз ҳад мукофот ва ҳадя додан ба фарзандон онҳоро аз ангезае, ки эҷодкорӣ дар онҳоро бедор мекунад, маҳрум месозад. Вақте инсон таваққуи мукофотро надошта бошад, ангезаи эҷодкорӣ дар ӯ бештар мегардад ва аз идомаи эҷодкориҳои худ бештар лаззат мебарад. Мукофоте, ки инсон таваққуи онро надошта бошад ва пас аз ба поён расонидани лоиҳа ба ӯ тақдим шавад, бисёр боарзиш ва роҳатбахш аст. Вале дар ҳар сурат ба мукофот додан ба фарзанд ниёзе нест, зеро талаботи хориҷӣ, монанди мол ва имтиёзот, эҷодкориро заиф месозанд.

- Мусобиқаҳои беш аз тавон. Даровардани фарзандон ба мусобиқаҳои нобаробар бо дигарон, шавқу эҷодкорӣ дар вуҷуди онҳоро нобуд месозад.

- Мушаххас кардани интихобҳо. Муайян сохтани фаъолиятҳо барои фарзандон ва фурсати интихоб нагузоштан барои онҳо яке аз омилҳои нобуд сохтани эҷодкорӣ ва муҳаббати навоварӣ дар вуҷуди онҳо мегардад.

- Фишор. Таваққуоту интизорҳои бузург ва муболиғаомези падару модарон аз амалкарди фарзандони худ, эҷодкорӣ дар онҳоро заиф месозад.

## ҶИҲАТҲОИ МАНФӢ, КИ МОНЕИ ЭҶОДКОРӢ МЕШАВАНД

Равишҳои дигаре вуҷуд дорад, ки боиси пешгирии эҷодкории фарзандон мешавад. Дар зер иборaҳои оддӣиро зикр менамоем, ки эҷодкорӣ дар фарзандонро заиф ва маҳдуд месозад:

- «Оҳ, не, ин мушкили бузург аст». Гоҳо вокуниш ба мушкил мушкили калонтареро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин аз калон кардани мушкил эҳтиёт намоед. Инсонҳои хушбахт мушкилотро бо хушӣ мепазиранд, чун шояд барои онҳо фурсати ба пеш қадам гузоштанро муяссар намояд. Мушкилот дар фарқ гузоштан миёни “чӣ дорӣ” ва “чӣ мехоҳӣ” нуҳуфтааст ва ин, ки шумо эҳсос мекунед чизе беҳтар аз ҳолати феълии шумо вуҷуд дорад ва бояд чизе шуморо ба он бирасонад, эҷодкорӣ ва навоварӣ аст.

- «Номумкин аст! Имкон надорад». Ин гуна иборaҳо ба маънои таслим шудан пеш аз оғози ҷанг аст, зеро фарз кардани коре ҳамчун як масъалаи номумкин мушкилро мушкилтар мекунад ва таслим шудан худ яке аз бадтарин бемориҳо барои инсон аст. Биёед тасаввур намоем, ки агар ҳамаи мо аз талош кардан ноумед шавем ва ҳама аз он даст кашем, ҳоли мо чӣ хоҳад шуд? Дар ин сурат башарият имрӯз ин пешрафтро надошт, наметавонист дору созад ва мушакҳо ҳам наметавонистанд атмосфераи заминро убур намоянд. Пас ба гумони мо андешаи солим бар ин назар аст: “Кори душворро ба зудӣ анҷом медиҳем ва кори номумкинро ба вақти дигар мегузорем”.

- «Ин бисёр душвор аст, ту аз уҳдаи он намебароӣ. Аз дасти ту ҳеҷ коре намеояд». Баъзе одамҳо чунин иборaҳоро такрор ба такрор мегӯянд: “Барои ҳалли ин мушкил инсони

ботаҷриба ва донишманди бузург лозим аст. Ман тавони онро надорам” ва ё “Ман инро ҳал карда наметавонам, чун олим нестам”. Дар ҳақиқат, навовариҳои саноатиро имрӯз инсонҳои ғайримутахассис анҷом медиҳанд, на ҳайатҳо ё гурӯҳҳои таҳқиқотӣ. Нигариши мусбат ва малакаҳои солим кафили ҳалли тамоми мушкилотанд ва пойбанд будан ба ҳалли мушкилот калиди он аст. Ҳатто дар ҳоли бартараф ё решакан нашудани мушкилот, шумо метавонед вазъиятро беҳтар кунед.

- «Ин фикри кӯдакона аст». Гоҳо мо худро инсони баркамол ва бофарҳанг пиндошта, бисёре аз эҷодкориҳои мардумро масхара мекунем. Аммо агар шумо мушкилоти издивоҷатонро ҳал намоед, дар ҷои коратон мартабаи баландтаре ба даст биёред ё яке аз дӯстонатонро, ки қасди худкушӣ мекунад, аз роҳаш баргардонед, оё парвое хоҳед дошт, ки одамон кори шуморо «кӯдакона» меноманд?
- «Мардум дар бораи ман чӣ хоҳанд гуфт?» Фишорҳои сахтгиронаи ҷомеа инсонро ба гунае иҳота мекунад, ки ӯ ҳамеша як инсони оддӣ ва табиӣ мемонад ва ин амр боиси маҳдуд шудани эҷодкории онҳо мешавад.

***Касоне пешрафт мекунанд, ки ба масхараи дигарон нисбати андешаҳои эҷодкоронаи худ, ки барояшон аҷиб аст, аҳамият надода, кори худро мекунанд. Ҳарчанд хато дар талошҳои нав чизи хушҳолкунанда нест, бе шак омӯзанда аст.***



***Вақте Томас Эдисон тори беҳтар барои чароғе, ки ихтироъ карда буд, ҷустуҷӯ мекард, илова бар 1800 чизе, ки таҷриба намуд, чанд торе аз риши яке аз дӯстонашро низ мавриди таҷриба қарор дод. Ӯ пас аз 1000 маротиба таҷрибаҳои нокомаш дар охир ба чизи мавриди ниёзаш даст ёфт. Шахсе аз ӯ дар бораи ноумедиҳо ҳангоми талошҳояш пурсид ва Эдисон дар посух гуфт: “Ман чизҳои зиёде ёд гирифтам ва акнун чизҳоеро, ки фоида надоранд, медонам”.***

## Ихтирооти муҳими касони номутахассис!



- Бародарони Райт, ки ҳавопайморо ихтироъ карданд, механики мотоцикл буданд, на муҳандиси ҳавопаймо.
- Лесло Ҷозеф Биро, ки қалами худкорро ихтироъ кард, муҳаррири чопхона буд, на муҳандиси механик.
- Ҷаҳиши бузург дар тарроҳии киштиҳои зериобӣ тавассути кашиши англис Ҷорҷ Уилям Гаррет ва мудири мактаби ирландӣ Ҷон Ҳоланд ба вуҷуд омад.
- Эли Уитни, ки ҳомии ҳуқуқ ва муаллим буд, дастгоҳи пахтазанакро ихтироъ кард.
- Афсари аскарӣ Ҷорҷ Манбӣ дастгоҳи оташнишониро ихтироъ кард.
- Ду навозанда плёнкаи рангаи Kodachrome-ро ихтироъ карданд.
- Соатсозе ҳангоми коркарди мис рехтани пайвастаи оҳани ҷомидро ихтироъ кард.
- Вақте маводи шустушӯии синтетикӣ аввалин бор ба собунсозон пешниҳод шуд, онҳо онро рад карданд ва ин маводи шустушӯйро аввалин бор химикҳое ихтироъ карданд, ки дар саноати ранг кор мекарданд.

• «Шояд муваффақ нашавӣ». Фарз кунем, шумо иҷозат медиҳед, ки тарсу хавф шуморо аз саъйу талош боздорад ва бинобар ин дар як сол ҳамагӣ се чизро таҷриба мекунед. Дар айни ҳол шумо ба муваффақ шудан боварии комил доред ва дар натиҷа дар ҳар се чиз муваффақ мешавед. Ҳоло фарз мекунем, ки дар соли оянда шумо ба эҳтимоли нокомӣ аҳамият намедиҳед ва намегузоред, ки тарсу хавф барномаҳои шуморо идора намоянд. Бинобар ин дувоздаҳ лоиҳа рӯи даст мегиред ва дар нисфи он ноком ва дар нисфи дигар муваффақ мешавед. Пас шумо кадомро беҳтар мешуморед, се ё шаш муваффақиятро? Акнун биёед тасаввур кунеем, ки аз дувоздаҳ лоиҳае, ки рӯи даст гирифта ва дар нисфи аз он муваффақ нашудем, чӣ қадар дарсҳои ибрат ба даст овардем?

## РОҲҲОИ РУШДИ ЭҶОДКОРӢ

Чанд усули рушди эҷодкорӣ вуҷуд дорад, ки ин ҷо баъзеи онҳоро зикр мекунем:

### *Тарҳи саволҳои эҷодкорона*

Ба фарзандон саволҳои сатҳи баланд диҳед, то тафаккури онҳоро ба сатҳи баланд барангезад.

- Кадомаш бештар навоварона ва эҷодкорона аст: мошине, ки бисёр зебо ва ронданаш хеле қулай аст, ва ё гунбад, манора ё калисое, ки моҳияти санъат ва имонро дар як таркиби беназир пеши чашмон мегузорад?
- Оё инсон андешаҳои нав эҷод менамояд ё танҳо чизҳои қадимиро кашф мекунад?
- Кадомаш душвортар аст: оғоз кардани лоиҳаи эҷодкорона ё ба анҷом расондани он? Чаро?
- Оё эҷодкорӣ дар ҳалли мушкилот аз эҷодкорӣ дар санъат ба таври куллӣ фарқ мекунад?

### *Фаъолиятҳои илмӣ*

- Дастгоҳи нусхабардорӣ ё компютерро барои калон кардани чизҳои хурд ва хурд кардани чизҳои калон истифода намоед ва саҳифаи стикерҳо созед.
- Қартабозӣ ихтироъ кунед. Шумо метавонед ин корро бо иваз кардани қоидаи қартабозии оддӣ оғоз кунед ва дар бозиҳои домино ва нард низ ҳамин корро кунед.
- Ҳангоми пухтупаз доруворҳои нав ва ғайриоддиро, ки то ҳол истифода накардаед, истифода кунед. Бигзор бӯи онҳо роҳнамои шумо барои интихоби доруворҳои муносиб барои пухтупази нав бошанд.
- Дар интернет ба як сайти маъруф дароед ва маълумоти онро хонда, аз рӯи аввалин пайванди (ссылка) мавҷуд дар он ба сайти дигар дароед ва ҳамин тавр бубинед, ки чӣ қадар сайтҳои тасодуфӣ ва шавқовар меёбед.
- Ҷойеро бо муҳити солим, ки мехоҳед дар он зиндагӣ кунед, муҳайё созед ва дар он танҳо лавозими хона ва маводи табииро истифода намоед.
- Барои худ аз калимаҳои тасодуфӣ як шеър ба назм дароред.

### *Гуногунии таҷриба*

- Дар рӯзҳои истироҳат ба сафарҳои тафреҳӣ рафта, бо услубҳои навоварона гирди худ намояндагони қавмҳо, фарҳангҳо ва динҳои гуногунро ҷамъ намоед.
- Тасаввур кунед, ки аз як сайёраи дигар ҳастед ва сайёраҳои дигарро низ дидаед, зеро ин амал хаёл ва тасаввури эҷодкории шуморо тақвият мебахшад.

### *Машқҳо барои тақвияти зеҳн*

- Ба кӯдак як пора гил диҳед ва аз ӯ хоҳиш кунед, ки тасаввур кунад, ки ӯ гил аст.
- Аз кӯдак хоҳиш кунед, ки худро дар макону замони дигар тасаввур кунад ва сипас аз ӯ бипурсед, ки, масалан, чӣ гуна хӯрокро бе қувваи барқ, дегу коса ва ғайра мепазад.
- Як ҷадвали саволҳоеро тайёр кунед, ки ба гумони шумо дар ҳоли ҳозир ҷавоб додан ба он саволҳо номумкин аст.

### *Бозиҳои эҷодкорона*

Кӯдаконро водор намоед аз маводи оддӣ ва ошно, аммо бо роҳҳои нав ва ғайри оддӣ истифода намоянд ва худи шумо дар давоми рӯз ба иҷрои накшофариниҳо ва худгардониҳо бипардозед.

Бозӣ аз хурдсолӣ, аз тариқи ташвиқ ба рушди кашфиёти ҳиссӣ ва малакаҳои ҳаракатӣ, рушд ва инкишофи баданро тақвият медиҳад. Кӯдакон бо бозӣ ва такрори малакаҳои оддии ҷисмонӣ барои анҷоми корҳои душвор оҳиста-оҳиста маҳорати бештар меёбанд. Мисол, кӯдаконе, ки ба бозиҳои сохтани биноҳо машғул мешаванд, одатан ба мушкилоти микёсҳо, тавозун ва шаклҳо мувоҷеҳ мешаванд.

Бозиҳои намоишӣ ва драмавӣ ба маънои тақлид ба мардуми ҷомеа аст. Илова бар ин, фарзандонро дар таҷрибаомӯзӣ дар нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ кумак мекунад. Ҳамчунин фарзандон аз иҷрои нақшҳои намоишӣ ва тақлидӣ ниёзҳои якдигарро ба инобат гирифта, ба арзишҳои гуногуни ахлоқӣ арзиш қоил мешаванд.

Фарзандон метавонанд ба воситаи бозӣ эҳсосот ва шууру андешаҳои худро баён намоянд, хастагӣ ва фишорҳоеро, ки бар онҳо воқеъ мешавад, кам намоянд ва ҳамин гуна дар вақти бозӣ эҳсос мекунанд, ки аз қайду банди калонсолон озод ҳастанд ва пойбанд ба меъёрҳо ва андешаҳову назарҳои онҳо нестанд.

Мо, ки ҳама ин имкониятҳоро барои кӯдакон фароҳам мекунем, набояд бозиҳои онҳоро идора кунем. Бояд андешаҳоеро, ки онҳо дар бозӣ эҷод мекунанд, қабул намоем ва набояд дар вақти бозӣ онҳоро роҳнамоӣ кунем, чун тамаркузи мо болои илҳоми кӯдакон мегардад, на илҳоми худи мо. Нақшофаринӣ дар бозиҳои драмавӣ бо кӯдакон дар рушди бисёри малакаҳо кумак менамояд, аз ҷумла хондан ва донистани мардум. Ҳар як фард шахсияти вижаи худро дорад. Пас фарзанд бояд хусусияти худро пайдо кунад ва нақши онро иҷро намояд. Шахсияти ӯ эҳсосоте дорад, ки пеш аз иҷрои нақш бояд онро дарк кунад ва барои иҷрои нақше, ки махсуси ӯст, бояд қисмате аз нақши шахсеро, ки мехоҳад иҷро намояд, бихонад. Аз фарзандон бихоҳед ҳар он чиро нақши ӯ металабад, омода кунанд ва фароҳам кардану созмондиҳии тамоми лавозимот ва либосҳои лозим бар уҳдаи шумост.

## *Нависандагии кӯдакон*

Фарзандон метавонанд қиссае нақл кунанд ва шумо онро бинависед. Сипас онро шарҳ ва тавзеҳ диҳанд ва замоне, ки баёни баъзе калимотро ёд гирифтанд, метавонанд навиштанро оғоз намояд. Аз хатоҳои ҳиҷоии онҳо зиқ нашавед, зеро ҳалли худро дар марҳалаи баъдӣ хоҳад ёфт. Вақте дар фарзандон шавқу рағбат ба навиштанро дидед, метавонед тарз ва услуби навиштани муаллифони китобҳоро ба онҳо бигӯед. Нависандаҳо одатан таълифоти худро аввал сиёҳнавис карда, сипас марҳала ба марҳала онро покнавису таҳрир мекунанд, то ин ки барои чоп омода гардад. Равиши дигари омӯзиши навиштан ба фарзандон вуҷуд дорад. Шумо метавонед қиссаеро, ки мавриди писанди шумост, интихоб намуда, барои тарзи дуруст ва возеҳ навиштани он ба онҳо кумак намоед ва дар охир метавон қиссаро ба як китоби дастнавис табдил кард. Кӯдакони калонсол метавонанд бо навиштани китоб дар компютер корҳои бузурге анҷом диҳанд ва дар канори навшитан хонданро низ фаромӯш накунед, зеро нависандаҳои бузург дар хондан низ маҳорати бузург доранд ва хондан ба кӯдакон андешаҳои хаёлии судманди зиёдеро барои навиштан илҳом мебахшад.

## *Санъати фарзандон*

- Барои фарзандон фаъолиятҳои фарҳангии озод ва ғайримуқайяд фароҳам намоед ва ба ҷои барномаҳои фаннӣ, ки аз он пайравӣ мекунанд, онҳоро ташвиқ намоед, ки аз хаёлоти худ истифода намоянд. Ба ҷои дафтару албомҳои тасвирдор, ки кӯдакон онҳоро танҳо ранг мекунанд, садои баъзе ҳайвонот дар табиатро пахш намоед ва аз фарзандон бихоҳед, то ҳар чиро мешунаванд, ба тасвир бикашанд.

- Барои фарзандон фазоеро эҷод намоед, ки ҳавоси панҷгонаи онҳоро бедор созад ва рушд диҳад. Бо ангуштон нармии варақ, бо машом бӯи бурҳои ранга, бо гӯш садои тез кардани қаламҳои рангаро эҳсос кунанд ва тағйири рангҳоро ҳангоми омехта кардани онҳо мушоҳида намоянд.



- Онҳоро ташвиқ намоед дунболи кашфиёт ва эҷодиёти худ шаванд ва барои онҳо тамоми лавозимоти зарурӣ, аз қабили бур, қаламҳои ранга, ширеш, варақҳои деворӣ ва рангҳо фароҳам оваред. Ба онҳо иҷозат диҳед хусусиятҳои рангҳоро кашф намуда, тарзи истифодаи онҳоро биомӯзанд. Оё фарзандон метавонанд ба ҷои мӯқаламҳои рассомӣ ангуштонро истифода намоянд? Оё метавонанд рӯи гил бо чубе манзараеро ба тасвир бикашанд? Оё метавонанд ҷисмҳои худро ба шакли дарахтон ба тасвир бикашанд? Оё метавонанд моҳияти ранги арғувониро тавзеҳ намоянд? Оё метавонанд бо хушҳолӣ, андӯҳ ё ханда дар хона бигарданд?
- Вақте кори нодурусте аз онҳо мебинед, аз интиқод кардани онҳо худдорӣ кунед. Ҳамчунин бояд онҳоро аз интиқоди калонсолони хона, ёру дӯстонашон ва ҳатто аз интиқоди худашон ҳифз намоед, зеро ҳар як инсон бо хусусиятҳои худ офарида шудааст ва бояд ин андеша дар зеҳни кӯдакон аз хурдсолӣ то замони томактабӣ ҷой дода шавад. Падару модарон бояд бидонанд, ки ҳар як инсон дар масоиле, ки ба санъат алоқа доранд, мудири худ мебошад ва бо ҳар равише, ки худ мехоҳад, метавонад фаъолият намояд. Агар кори фарзандон ҳамеша зишту нопурра ё беҳуда зоеъ кардани вақт тавсиф шавад, дар як ҳолати нороҳатӣ ва ноороми равонӣ қарор мегиранд.



## МАФҲУМҲОИ НОДУРУСТ: АНДЕШАҲОИ “АҶИБ” Ё “БЕФОИДА”

Одамҳо баъзе вижагиҳои шахсияти кӯдакони эҷодкорро аҷиб ва бефоида медонанд. Дар зер баъзе намунаҳои онро зикр мекунем:

- ***Озодандешӣ:*** Вақте кӯдакони эҷодкор андешаронӣ мекунанд, шахси шунаванда гумон мекунад, онҳо беинтизом ва бетартиб ҳастанд.
- ***Худсарӣ ва содагӣ:*** Фарзандони эҷодкор бештар ба андешаҳои аҷиб шавқ доранд, ки бар хилофи калонсолон дар он айб ва мушкиле намебинанд.
- ***Рӯҳияи хушгузаронӣ:*** Шояд фарзандони эҷодкор дар андешаҳое, ки калонсолон онҳоро ҷиддӣ мешуморанд, шухӣ ва зарофат пайдо намоянд. Ин навъи қобилияти пурсиш ва дарки масоил мумкин аст аз ҷониби калонсолон истеҳзоомез таъбир карда шавад.
- ***Фаъол будан:*** Шояд андешаҳо аз “ҳеҷ” оғоз ёбанд ва ҳангоме, ки андешае ба вуҷуд меояд, мумкин аст фарзанди эҷодкор ба андешаи комилан нав мутаваҷҷеҳ гардад.
- ***Хаёлпардозӣ:*** Фарзандони эҷодкор аз хаёлпардозиҳои худ чизҳоеро меомӯзанд, ки дар ҳалли мушкилот ба онҳо кумак менамояд ва озод гузоштани лаҷоми зеҳн барои тааммулу андешидан метавонад хаёлро дар ташкили робитаҳои нав кумак намояд, гарчанде мумкин аст ҳамчун парешонкунӣ ва инҳироф аз ҳадаф таъбир ва талаққӣ шавад.
- ***Гӯшагирӣ:*** Эҷодкориҳо аз андешарониҳои оддӣ ва номуназзам оғоз меёбанд, ки шояд кӯдакон дар сурати шурӯи афкору андешаҳо ба гӯшагирӣ ниёз дошта бошанд.

Яке аз одатҳои шоиста фароҳам овардани қаламу варақ ва гузоштани онҳо дар ҳар гӯша ва канори хона аст, то фарзандон андешаҳои худро онҷо сабт намоянд.

***Тахайюлоти рангини ман аз истеъдоди азхудкунии донишҳои мусбат хеле болотар аст.***

***(Алберт Эйнштейн).***

## ПАДАРУ МОДАР ЧӢ КОРЕ МЕТАВОНАНД АНҶОМ ДИҲАНД?

- ***Намуна бош:*** Ба андешаҳои кунҷковона, кӯдакона, шавқмандона ва «девонавор»-и худ арзиш қоил бош, худро барои таҷрибаҳои нав омода соз, дигаронро дар алоқамандиҳоят ба эҷодкорӣ шарик намо ва аз алоқамандиҳои фарзандат хушҳол бош.

- ***Ба фарзандат бовар кун:*** Фарзандоне, ки ба худ боварӣ ва муҳаббат доранд, ҷуръати навоварию эҷодкорӣ ва бартарӣ аз дигаронро хоҳанд дошт. Изтироби беш аз ҳад дар бораи анъанаҳои ҷомеа ва нақшҳои шахшуда нисбати ҳарду ҷинс метавонад эҷодкории кӯдаконро заиф созад.

- ***Ҳангоми тамошои якҷоя ба онҳо кӯмак кунед ва дар бораи таассурот ва тасаввуроти онҳо суҳбат намоед.*** Кӯдакон аз хурдсолӣ ва ҳатто пеш аз ёд гирифтани навиштан расм ва нақша кашиданро дӯст медоранд ва ҳамеша мехоҳанд андешаҳои худро ба калонсолон ё бачаҳои дигар баён кунанд ва онҳо онро бинависанд. Ҳамин гуна онҳоро ташвиқ намоед, ки ёддоштҳои худро бинависанд ё рӯзномаи махсуси худро дошта бошад.

- ***Фарзандатро ташвиқ кун:*** Фарзандонро ба таҷрибаомӯзӣ ва кашфиёт ташвиқ намоед ва худро барои бодиққат ва бе қазоват гӯш кардани онҳо одат диҳед. Вақте фарзанд ноком мешавад, ӯро дастгирӣ кунед ва аз таърифу тамҷиди беҳуда парҳез намоед.

- ***Ғанисозии муҳит:*** Барои фарзандон маводеро фароҳам кунед, ки онҳоро ба тасаввурот ташвиқ мекунанд ва дар эҷодкориҳои фаннӣ кумак менамоянд. Маҷаллаҳо, китобҳо, рӯзномаҳо, бозиҳо, либосҳо ва ҷавоҳиротро метавон дар маҷмӯаи гуногуни лоиҳаҳо истифода намуд. Ҳамчунин метавон аз порчаҳои матоъ ва фаршҳо дар сохти кӯрпаҳо, болопӯшҳо ва фаршҳои зебо истифода кард.

- ***Бо ҳам телевизор тамошо кунед:*** Назарияе, ки телевизор дар тарбияи фарзандон таъсири манфӣ дорад, як андешаи ҷанҷолӣ ва баҳснок аст, аммо мақсуд ин ҷо таваҷҷуҳ кардан бар филмҳои мустанад дар бораи муҳити зист, кайҳон, зистшиносӣ ва ғайра аст.

## МУЛОҲИЗА ДАР БОРАИ БОЗИЧАҲО



Дар бораи бозичаҳое, ки барои фарзандон мехаред, каме андеша кунед. Бозичаҳоеро интихоб кунед, ки ба эҷодкорӣ ташвиқ кунанд ва омӯзанда бошанд. Бозичаҳои бинософӣ (монанди «Лего») кӯдакро ба андешидан ташвиқ мекунад, дар ҳоле, ки баъзе лухтакҳо сабаби омезиш байни ду ҷинс шуда, ӯро ошуфта месозанд. Бозӣ бо лухтакҳо, илова бар ин ки як ҳамсуҳбати хуб барои кӯдакон аст, як амри солим ба шумор меравад. Ҳамчунин метавонанд нақши модар ё дӯстонро дошта бошанд. Ба онҳо бозичаҳоеро харед, ки ресидан, бофтан, дӯхтан ва коркард бо чӯбро аз худ намоянд. Василаҳои андозагирӣ, монанди метр, ва баъзе масолеҳи сохтмонӣ, монанди болғаҳои хурд (зери назари калонсолон истифода шаванд), барои онҳо бисёр фоидаовар аст. Аммо бозичаҳое, ки дар телевизор ба таври густарда таблиғ мешаванд ё бисёр қимат ҳастанд, на ба ин маъност, ки онҳо ҳамаашон хуб ва барои кӯдакон судманд ҳастанд. Агар шумо беш аз як фарзанд доред, метавонед бозичаҳои муштаракеро харед, ки барои онҳо шароити якҷо бозӣ карданро фароҳам оварад.

# МАШҚҲОИ 63-66



**Машқи 63:**

## Машқҳои оилавӣ барои тақвияти эҷодкорӣ

Маводи эҷодкории зеринро бо кӯдакон таҷриба намоед:

1. **Бозиҳое, ки хосияти эҷодкорӣ доранд.** Машқҳое монанди "Пайравӣ аз роҳбар" кӯдакро водор месозад, ки ба услубҳои эҷодкорона биандешад ва аз ин ки ҳаракат ва тасмимҳои ӯ барои дигарон намунаанд лаззат барад. Дар соҳаи сохтмон, метавон аз маводи оддӣ (санг, хишт, қум, гил ва об) истифода бурд, ки ба кӯдакон имкон медиҳад чизҳои гуногун созанд ва тарроҳӣ кунанд.

2. **Мафҳуми достони идомадор.** Як шахс достонеро оғоз мекунад ва сипас ҳар шахс як бахши дигарро ба он илова мекунад. Достонеро бихонед ва худро дар намоишнома дар нақши асосӣ бигзоред ва барои ифодаи достон аз лухтакҳо истифода намоед.

3. **Бозии нақшофаринӣ.** Бозиҳои шабеҳсозӣ ба кӯдакон кумак мекунад, то дидгоҳҳои дигаронро бубинанд ва эҳсосоти онҳоро кашф намоянд.

4. **Суолҳои озод.** Барои кӯдак тасвиреро нишон диҳед ва аз ӯ бипурсед: "Дар ин тасвир мардум чӣ кор мекунанд ва чӣ мегӯянд?" Ва ба ҷои пурсишҳо монанди: "Оё рузи хубе гузарондӣ?" аз ӯ бипурсед: "Чӣ чиз имрӯз барои ту гуворо буд?"

5. **Аз кӯдакон бихоҳед аз ҳиссиёти худ истифода кунанд:**

- Аз кӯдакон бихоҳед чашмонашонро бипӯшанд ва сипас аз онҳо бипурсед, ки ба гумони онҳо рӯи дастонашон чӣ гузоштаед (чуб, сангреза, матоъ ва ғайра).
- Аз кӯдакон бихоҳед чашмонашонро бипӯшанд ва сипас аз онҳо бипурсед, ки тахминан садои чиро мешунаванд (омехтани қартаҳо, тангаҳо, сангҳо, дарондани варақ, садои ҳайвонот).

**6. Кӯдаконро аз дигаргуниҳо бипурсед.** Аз онҳо бихоҳед чизҳоро ба тарзи дилхоҳи худ тағйир диҳанд.

Мисол:

- Он чист, ки агар ширинтар мебуд, маззааш беҳтар мешуд?
- Он чист, ки агар хурдтар мебуд, зеботар мешуд?
- Он чист, ки агар тезтар мебуд, гуворотар мешуд?
- Он чист, ки агар оромтар мебуд, беҳтар мешуд?
- Он чист, ки агар калонтар мебуд, хушбахттар мешуд?

**7. Пурсишҳоеро матраҳ намоед, ки дорои якчанд ҷавоб бошанд.** Баъзе мисолҳо бо истифода аз мафҳуми об ва ҳамчунин мафҳумҳои дигаре, ба монанди оташ, бод, рег, мошинҳо, дуд ва ях:

- Об дар чӣ чизҳо истифода мешавад?
- Чӣ чиз дар об боло мебарояд?
- Об ба мо чӣ фоидаҳо мерасонад?
- Чаро оби хунук, хунук аст?
- Чӣ ҳамеша дар зери об мемонад?
- Кадом рангҳои гуногуни обро медонед?

**8. Бипурсед:** “Чӣ мешуд агар...”.

Мисол:

- Чӣ мешуд, агар ранги тамоми дарахтони дунё кабуд мебуд?
- Чӣ мешуд, агар тамоми мошинҳо нобуд мешуданд?
- Чӣ мешуд, агар тамоми мардум як навъ либос мепӯшиданд ё ҳамаи онҳо як ном медоштанд?
- Чӣ мешуд, агар парвоз карданро метавонистӣ?
- Чӣ мешуд, агар ҳеҷ кас хонаро поку тоза намекард?
- Чӣ мешуд, агар тамоми мардум инсонҳои хуб ё бад мебуданд?
- Чӣ мешуд, агар тамоми мардум бемор ё солим мебуданд?

**9. Бипурс:** “Бо чанд равиш...”.

Мисол:

- Қошукро бо чанд равиш метавон истифода бурд?
- Тугмаро бо чанд равиш метавон истифода бурд?
- Риштаро бо чанд равиш метавон истифода бурд?
- Коғазро бо чанд равиш метавон истифода бурд?

**Машқи 64:**
## Хусусиятҳои муҳими шахсият

Вақте бори нахуст ба Расулуллоҳ (с) ваҳй нозил шуд, дар ҳоле ба хонааш баргашт, ки тарс вуҷудашро фаро гирифта буд. Ҳамсараш ҳазрати Хадиҷа (р) ӯро ором намуда, шуморе аз сифат ва вижагиҳои некашро барояш бозгӯ намуд, аз ҷумла гуфт, ки ӯ:

- Силаи раҳм дорад.
- Заифону мазлумонро кумак мекунад.
- Дар сахтиҳо ба дигарон ёрӣ мерасонад.
- Меҳмонро эҳтиром мекунад.
- Сахтиҳоро таҳаммул мекунад.

Бо фарзандон ҳар яке аз ин рафторҳои ҳамидаро мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳед ва бо ҳам достонеро бинависед, ки шомили ин рафторҳо бошад.

**Машқи 65:**
## Шарҳи саволҳои душвор

Чанд падару модар ҷамъ омада, бо ҳамдигар ба саволҳое, ки кӯдакон бештар медиҳанд, посухҳои муносиб ҷустуҷӯ кунед (ҳангоми зарурат аз дигарон кумак пурсед):

- Худовандро кӣ офаридааст? Чаро Худованд касеро, ки ба ӯ имон намеорад, ҷазо медиҳад? Чаро ба бисёре аз мардумон ваҳй нарасидааст? Чӣ гуна метавон дар биҳишт ҳамеша ва бе хастагӣ зиндагӣ кард?
- Чӣ гуна метавон мафҳуми соҳибихтиёр ва ғайри соҳибихтиёр буданро ба кӯдакон ба равише тавзеҳ дод, ки аз як ҷиҳат тафаккури фаъол дар онҳоро ташвиқ намояд ва аз ҷиҳати дигар онҳоро ба қабули иродаи Худованд ташвиқ кунад? Мо аз куҷо омадаем? Поёни кори мо чист? Охират чӣ гуна аст? Оё мо метавонем Худовандро бубинем? Чаро наметавонем? Худованд қодиру тавоност, то ҳама яксон ба Ӯ имон оваранд, пас чаро чунин намекунад?

Ин аст ҳамон пурсишҳои душвор, ки бештар аз ҷониби кӯдакон ба он мувоҷеҳ мешавем ва мо низ бояд посух ба ин пурсишҳоро мувофиқ ба синну соли онҳо шарҳ ва тавзеҳ намоем.

Расулуллоҳ (с) баён доштаанд, ки дар биҳишт чизҳое вуҷуд дорад, ки на чашм онро дидааст ва на гӯш шунидааст ва на дар қалби касе тасаввури он пайдо шудааст! Ин як низоми нави ҷовидона аст, ки ҳиссёти башарии мо аз дарк ва фаҳми он оҷиз аст. Падару модарон метавонанд барои посух ба пурсишҳои душвори кӯдакон аз китобҳои тарбиявии тахассусӣ истифода намоянд, то ба онҳо қаноат бахшида, дар айни ҳол зеҳни ӯ аз пурсишу ҷустуҷӯ бознаистад.

## Машқи 66:
## Муҳим тасаввури дузд аст: Ҳалли эҷодкорона

Аз кӯдакон бихоҳед, ки қиссаи воқеии зеринро бихонанд ва сипас дар бораи баъзе мушкилоте, ки дар оила дучор меоянд ва роҳҳои ҳалли онҳо якҷоя фикр кунед:

Вақте мудири иҷроияи ширкати ҳавопаймоии амрикоӣ посбони фурӯдгоҳро мебинад ба мудири фурӯдгоҳ мегӯяд: «Мо метавонем хароҷотро камтар кунем». Мудир мепурсад: «Чӣ гуна?» Мудири иҷроия мегӯяд: “Посбонҳо ҳамагӣ дар се шаб посбонӣ кунанд. Мо ин шабҳоро номуназзам интихоб мекунем ва дузд нахоҳад донист, ки кадом шаб посбон ҳозир хоҳад буд”. Як сол пас мудири иҷроия боз пешниҳоди коҳиши хароҷотро медиҳад ва мудир мепурсид, ки чӣ гуна метавон ин корро анҷом дод? Мудири иҷроия мегӯяд, ки «мо метавонем ба ҷои посбон саги хатарнокро истифода намоем». Пас аз гузашти як сол, яъне дар соли сеюм, мудири иҷроия мегӯяд, ки «мо метавонем хароҷотро боз ҳам камтар намоем». Вақте мудири фурӯдгоҳ мепурсад, ки чӣ гуна, мудири иҷроия мегӯяд, ки саг метавонад баъзе вақтҳо посбонӣ кунад. Дар соли чорум мудири иҷроия мегӯяд: “Барои мо муҳим тасаввури дузд аст. Сагро гурусна нигоҳ дошта, садои баланди хатарнокашро сабт мекунем ва сипас ин сабтро шабона дар вақтҳои гуногун бо садои баланд мегузорем”. Онҳо тавонистанд бо кам кардани хароҷоти посбонии шаб, хароҷоти ширкатро камтар кунанд.

***(MSNBC Ноябри соли 2008).***

## СЕЮМ:
## **Таълими масъулиятшиносӣ**

- ***Муқаддима***
- ***Поягузорӣ: Равандҳо ва дидгоҳи ҷаҳонӣ***
- ***Имконияҳо дар марҳалаҳои гуногуни рушду инкишоф***
  — *Тифли ширхора ва кӯдаки хурдсол*
  — *Оғози кӯдакӣ*
  — *Аз синни мактабӣ то наврасӣ*
  — *Марҳалаи наврасӣ*
  — *Навҷавонӣ ва балоғат*
- ***Усуле, ки бояд эҷод карда шаванд***
  — *Корро бошавқ анҷмо диҳед*
  — *Бо ҳам амал кунед*
  — *Усули кор дар боғчаи хона*
  — *Масъулиятҳоро ба тадриҷ эҷод кунед*
  — *Ба ибораи “ин кори ман нест” мухолифат кунед*
- ***Пешниҳодҳои амалӣ***
- ***Вобаста кардани имтиёзҳо бо масъулиятҳо: Намунаҳо***
- ***Машқҳои 67-68***

# МУҚАДДИМА

Масъулият яъне касе бе дархост ва бе ҳеҷ гуна фишор ё таҳдид хирадмандона амал кунад ва қобилияти қабули қарорҳо ва таҳаммули оқибату натиҷаҳои онро дошта бошад.



Расулуллоҳ (с) мефармояд:

***“Ҳар кӣ ба умури мусулмонон аҳамият намедиҳад, аз ҷумлаи онҳо нест”***

***(Аҳмад).***

***“Касе, ки сер мехобаду медонад, ки ҳамсояаш гурусна аст, ба ман имон надорад”***

***(Табаронӣ).***

Тарбия ва парвариши фарзандон масъулияти бузург аст. Пас бояд онҳо ба гунае омӯзиш дода шаванд, ки масъулияти худро бидонанд ва бе ин ки касе аз онҳо бихоҳад ё ёдовар шавад, дар паи анҷоми масъулияти худ бошанд ва онро ба таври аҳсан анҷом диҳанд. Шоёни зикр аст, ки фарзанди масъулиятшинос бе ин ки касе аз вай бихоҳад ё уҳдадораш намояд, худ дасти кумак ба дигарон дароз мекунад. Фарзанди масъулиятшинос ангезаи қавӣ барои ба анҷом расонидани корҳо ва муваффақиятро дорад. Яке аз роҳҳои эҷоди масъулият дар зеҳни кӯдакон омӯзиш додани онҳо барои худидоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ аст, то онҳо аҳамияти амалҳои худ ва паёмадҳои онро дарк кунанд. Бо ин васила онҳо метавонанд дар оянда инсонҳои масъулиятшинос бошанд. Мо дар ин ҷо ба як одати бисёр муҳим, ки кӯдакон ба даст меоранд, ишора мекунем, яъне пеш аз ба хоб рафтан муҳосиба кардани худ барои корҳое, ки дар муддати рӯз анҷом додаанд. Бо ин роҳ шумо дар онҳо як низоми “интизом ва ҳистоботдиҳиро”-ро ба вуҷуд меоред, ки гӯё шумо кӯдакро “милисаи дохилӣ” бар сари худ месозед. Илова бар ин, бояд падару модар муҳаббат ва тарсу хавф аз Худовандро дар қалбу зеҳни фарзандон эҷод намоянд, то онҳо ҳамеша огоҳ ва бохабар бошанд ва дар ҳама ҳолатҳои зиндагӣ дар роҳи рост устувор бимонанд. Он чӣ,

ки ҳисси масъулиятпазирӣ дар кӯдаконро тақвият медиҳад, эҷоди ин асл дар онҳост: “Инсон ҳар куҷое бошад, Худованд бо ӯст”.

Мафҳуми масъулият фаротар аз ин аст, ки фарзанд танҳо корҳои хонаро анҷом диҳад ё танҳо фармонбардор бошад. Мафҳуми масъулият шомили фарқгузорӣ байни ҳақ ва ботил ва дарки кайфияти таъсири фард ба дигарон ва фаҳми сабабҳои риояи қонунҳо аст. Бинобар ин, падару модар бояд ҳамчун як мақоми масъул амал намоянд, то тарзи намунаи неки масъулиятшиносиро ба фарзандони худ биомӯзанд.

Як мисоли зебо. Падару писар мусобиқа карданд, то пеш аз маҳкам шудани маркази савдо ба он ҷо бирасанд ва ҳар ду дар роҳ ногаҳон истоданд, то ба зане, ки навзодашро бо аробача аз зинаҳо боло мебурд, кумак кунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки инсон бояд барои кумаки дигарон тамоми талоши худро анҷом диҳад, ҳатто агар нақшаи ӯро тағйир дода, боиси баъзе зарарҳои молӣ шавад.

Вақте фарзандон кӯшиш мекунанд масъулиятеро ба ҷои падару модар бар уҳдаи худ вогузоранд, бояд ба ин амали некашон аҳамият дода шавад ва аз онҳо сипосгузорӣ шавад, чун подош барои рафтори нек ба рафтори нектар ташвиқ мекунад. Одамҳо ғолибан ҳолатҳоеро, ки кӯдакон дар он масъулиятнок амал мекунанд, нодида мегиранд ё онро ҳамчун як вазифа ё кори бояду шояд қаламдод мекунанд. Бадтар аз ин, баъзе падару модарон танҳо дар ҳоли анҷоми кори нодурусти фарзандон изҳори назар мекунанд. Бинобар ин аст, ки фарзандон бо худ мегӯянд: “Вақте кори хубе анҷом медиҳам касе аз он ёд намекунад, вале чун хатое аз ман содир шавад, касе онро фаромӯш намекунад”.

Вақте фарзанд кори хубе мекунад, падару модар бо ибораҳое ба монанди ибораи зерин аз онҳо сипосгузорӣ намоянд: “Ташаккур, ба ман кумак кардӣ”. Ҳамчунин падару модарон фарзандонро барои рафтори дурусташон таъриф кунанд, ҳатто агар ҳам барои фарзандон чандон муҳим нанамояд, монанди ин ки ба онҳо бигӯянд: “Ман дидам вақте китобҳоятро дар утоқат мегузоштӣ, онҳоро рӯи мизи хурокхӯрӣ намондӣ. Ин кори ту сазовори таҳсин аст ва акнун ман метавонам дастархони шомро рӯи миз омода созам” ё “Чӣ кори хуб шуд, ки пас аз ба хона расиданат пардаатро овезон кардӣ”. Тасмимгирии дуруст шарти асосии пешрафти рафтори масъулиятнок аст ва кӯдаконе, ки ба онҳо ҳамеша мегӯянд, ки корҳои лозимро анҷом диҳанд, ба нудрат метавонанд тасмимҳои дуруст қабул намоянд, чун онҳо ба таври бояду шояд тарбия нашудаанд, то масъулиятшинос ба воя бирасанд.

Бояд ба кӯдакон ҳаққи интихоб дода шавад, чун вақте онҳо бузург мешаванд, худи онҳо қарорҳоро яке пас аз дигаре қабул менамоянд. Ба ҷои ин ки корҳои хонаро барои ҳар як узви оила муайян намоед, метавонед ҷадвали корҳоро таҳия намуда, дар маҷлиси оилавӣ бо ҳамдигар суҳбат кунед, то кӣ ҳар яке кореро ба уҳда гирад. Бо ҳамдигар дар тақсими корҳо иттифоқи назар намоед ва онро ба гунае анҷом диҳед, ки барои ҳамаи аъзои оила мавриди қабул қарор гирад ва дар айни ҳол гузоштани низомеро, ки дар асоси он корҳо ба навбат тақсим шаванд, фаромӯш накунед. Ҷалби фарзандон дар интихоби ҷадвали корҳои хона барои онҳо собит мекунад, ки падару модар ба онҳо эътимод доранд ва ба қобилияти онҳо эҳтиром мегузоранд. Ин гуна онҳо дар масъулиятпазирӣ шарик мешаванд, бахше аз дастаи оила гашта, дар идораи умури хона бо осонӣ иштирок мекунанд. Бо ин роҳ мо ба онҳо равиши амалии тасмимгирӣ, машварат, масъулиятшиносӣ ва кори гурӯҳиро омӯзиш медиҳем.

## ПОЯГУЗОРӢ: РАВАНДҲО ВА ДИДГОҲИ ҶАҲОНӢ

Агар худи мо, падару модарон, дар сатҳи лозим бошем, ними масъулияти худро анҷом додаем ва ними дигар мемонад, ки бояд ба фарзандон кумак намоем, то дар масири мо ҳаракат намоянд.

Фарзандон барои огоҳии комил аз зиндагӣ ба маърифат ва сифатҳои шахсияти нек ниёз доранд. Масъулиятшиносӣ яке аз муҳимтарин унсурҳои як шахсияти нек аст ва касби он бо зеҳният ё маҷмӯаи усул ва пиндоштҳое оғоз мегардад, ки падару модар ба фарзандон илҳом мебахшанд. Агар ҷаҳонбинии падару модар чунин бошад, ки фарзандон бояд танҳо бозӣ ва хӯшгузаронӣ кунанд, ин интизороти онҳо бароварда хоҳад шуд, аммо аз адои вазифаҳои хонагӣ саркашӣ хоҳанд кард.

Агар гумони падару модар ин бошад, ки фарзандони онҳо худхоҳ ба воя мерасанд, ин гумон ва фарзия барои фарзандон ошкор хоҳад шуд. Ҳамин гуна, агар таваққуоти падару модар аз фарзандон дар сатҳи поён бошад, фарзандон худхоҳ ва ҷанҷолӣ ба воя расида, фоидаи онҳо барои худ ва дигарон бисёр кам хоҳад буд. Аз ҷониби дигар, агар нуқтаи назари падару модар чунин бошад, ки ҳама нообаста аз синну сол ва тавоноӣ бояд дар беҳбудии тамоми аъзои оила саҳм гузоранд ва ин ки амалҳо, гароишҳо ва таваққуоти онҳо иникосгари он бошад, метавон гуфт фарзандони онҳо арзиши масъулиятшиносиро хоҳанд омӯхт.

Ҳадафи мо тарбияи фарзандони муваффақ дар ҳаёт аст, зеро фарзандони масъулиятшинос камтар ба дигарон такя мекунанд ва бештар ба таҳаммули натиҷаи корҳои худ дар синни балоғат гароиш доранд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки масъулият як малакае аст, ки инсон онро



барои худ касб мекунад. Бинобар ин кӯдакон барои омӯзиши ин малака ба маводи лозим ниёз доранд, ки фароҳам кардани он яке аз масъулиятҳои муҳими падару модарон аст.

Омӯзиши масъулиятшиносӣ барои кӯдакон бояд аз хурдсолӣ оғоз гардад ва кӯдаконе, ки дар як фазо ва муҳити холӣ аз ҷазо парвариш меёбанд, фурсати таълими масъулиятро аз даст медиҳанд. Баъзе одамҳо фаротар аз ин рафта, кӯшиш мекунанд барои фарзандони худ як биҳишти амн бунёд кунанд ва иҷозат намедиҳанд фарзандонашон барои амалҳои манфӣ ҷазо дода шаванд. Ин гуна падару модаронро метавон "имкониятдиҳандагон" номид, ба ин маъно, ки ба фарзандони худ имкон медиҳанд, ки беш аз ҳад бемасъулият бошанд. Ин гуна фарзандон бо ҳисси ҳуқуқ ва имтиёзот ба воя расида, равиши пур аз мушкилотро дар пеш мегиранд, ба гунае, ки гӯё ин дунё аз онҳо карздор аст. Ҳол он ки мебоист ин муносибати дурустро бипазиранд: "Агар ман ҳамчун як шахси масъул амал кунам, ҷаҳон низ ба ман ҳамон гуна муносибат хоҳад кард".

Шакке нест, ки таълиму тарбия ду бахши муҳим ва асосии муносибатҳои оилавӣ ҳастанд ва масъул будани инсон яъне пеш аз ҳама равиши солим доштан ва дуюм малакае аст, ки онро касб мекунад. Кӯдакон то замоне, ки таълим дода нашаванд, ҳеҷ гоҳ бозичаҳои худро ба тартиб намеоранд. Ҳамин гуна инсонҳои болиғ чизҳои ба амонат ва ба кироя гирифтаи худро барнамегардонанд ё ба вақтҳои кории худ аҳамият намедиҳанд, магар ин ки худи мо онҳоро дар ин замина омӯзиш дода бошем. Беҳтарин равиш барои омӯзиши масъулиятшиносӣ ба кӯдакон ин аст, ки падару модарон ин коро оҳистаоҳиста ва бо тадриҷ ҳамарӯза анҷом диҳанд.

***Аз кӯдакӣ оғоз намоед***

То замоне, ки навдаҳо нарм ва хурд ҳастанд, метавон онҳоро ба осонӣ дуруст ва рост кард, вале чун чуби сахт шуданд, дигар ин кор номумкин аст:

Навдаро чун рост кардӣ, рост мегардад,
Вале ҳаргиз нагардад рост дарахти пир.

Фарзандонро аз замони томактабӣ ба таҳаммули масъулиятҳо оҳиста-оҳиста ва ботадриҷ омода намоед. Чӣ зебост, ки пеш аз таваллуди навзод ба фарзандон ибораҳое ба ин маъно гуфта шавад: “Мо бо ҳам замони нигоҳубини навзод вақте хубе хоҳем дошт” ва онҳо аз ин фикри шарик будан дар ин масъулият ба ҳаяҷон омада, ба бародар ё хоҳари худ кумак мекунанд, кӯшиш мекунанд парпечҳои ӯро биёранд, либосҳои нопокашро дар мошини либосшӯӣ мегузоранд ё бозичаҳоеро, ки ӯ ба ҳар тараф меандозад, ба тартиб меоранд. Ба фарзандони худ биёмӯзед, ки ҳамкорӣ ва хизмат ба дигарон шараф аст, на шарм, ва хизмати мавриди назар “мушорикати фаъол доштан дар фаъолиятҳо” аст, на истодан дар канори падару модар.

Дар фаслҳои гузашта мо борҳо ба тафсил ба ин мавзӯъ пардохтем, аммо бинобар аҳамияти бузурги он дар эҷоди масъулиятшиносӣ дар марҳилҳи гуногуни рушд, сазовор донистем ин ҷо ба таври хулоса ба он ишора намоем:

- Силаи раҳм ва нақши падаркалон ва модаркалон дар тарбияи фарзандон ва вогузории бахше аз тарбия бар дӯши онҳо.
- Масҷид, ҷамъиятҳо, марказҳои варзишӣ ва оилаҳои калон ва омӯзиши масъулиятшиносӣ дар ин ҷойҳо.
- Хидмати ҷамъиятӣ ва корҳои хайриявӣ барои тақвият ва густариши масъулиятшиносӣ.
- Муносибатҳои динӣ, иҷтимоӣ ва ватандӯстӣ кӯдаконро барои доштани як қисме аз масъулият ва иштирок кардан дар чунин муносибатҳо водор месозад.
- Муносибати нек бо ҳамсояҳо, дар бисёри ҳолатҳо як оилаи калон донистани онҳо ва дар баробари онҳо масъулият доштан.

## ИМКОНИЯТҲО ДАР МАРҲАЛАҲОИ ГУНОГУНИ РУШДУ ИНКИШОФ

Фурсат ва имкониятҳои тарбиявии бешуморе вуҷуд дорад, ки дар бахшҳои гуногуни ин китоб зикр гардида буданд, ва падару модарон ва мураббиҳо метавонанд дар марҳалаҳои гуногунии рушду инкишофи кӯдакон онро истифода намоянд. Марҳалаҳои рушду инкишоф гуногун ва мутафовит ҳастанд ва яксон буда наметавонанд ва мо талош намудем ҳар яке аз ин дидгоҳ ва тақсимотро дар ҳар бахши ин китоб тақдим намоем, ки ба шакли зайланд:

### *Тифли ширхора ва кӯдаки хурдсол (аз таваллуд то 2-солагӣ)*

Кӯдакон дар ин марҳала озмоиши сабру тоқати падару модарони худро оғоз мекунанд. Мисол, кӯдаки дусола барои ҷалби таваҷҷуҳ бозичаҳоро ба ҳар тараф мепартояд, сипас барои донистани вокуниши калонсолон бо ғазаб ба ҳар тараф андохтани онҳоро мемоӯзад. Дар чунин ҳолат падару модар бояд барои фарзандон худуди муайян гузоранд, на баръакс. Агар кӯдак бозичаҳоро ба ҳар тараф меандозад, падару модар онро гирфта ба ӯ бидиҳанд, аммо вақте гониста ва қасдан онро дубора ва себора меандозад, бояд бозича дар ҷое дуртар аз дастраси ӯ гузошта шавад. Ӯ бо ин шева дарк хоҳад кард, ки рафтори нодуруст суде намебахшад ва ин марҳаларо “ду соли нороҳаткунанда” меноманд.

Навзоди ширхор калон шуда, ба марҳалаи кӯдаки хурдсол мерасад ва корҳои бештарро барои озмоиши сабру таҳаммули волидайн меомӯзад. Ӯ дар ин марҳала бояд бидонад, ки барои рафтори беадабона ҷазо муқаррар шудааст. Агар падару модар ба ӯ бигӯянд: “Агар ин рафтораро бас накунӣ, худи ҳозир ба хона бар мегардем”, дар ҳоли даст накашидани ӯ аз кораш онҳо бояд таҳдидашонро амалӣ кунанд, чун агар ба фарзанд нишон диҳанд, ки таълимоташон ҷиддӣ аст, ӯ дарк хоҳад кард, ки сухани волидайн беарзиш набудааст. Ин амр ба ҳар ду (яъне падару модар) дахл дорад, на ба яке аз онҳо. Тавофуқи сахтгиронаи онҳо ба фарзанд нишон медиҳад, ки падару модар ҳамчун як гурӯҳи ҳамоҳанг фаъолият мекунанд.



## *Оғози кӯдакӣ (аз 3 то 6-солагӣ)*

Кӯдакон дар оғози кӯдакӣ бояд нигоҳубини худро ёд бигиранд, худашон мӯи сарашонро шона кунанд, дандонҳояшонро бишӯянд, банди попӯшҳоро бубанданд, тарзи дурусти либоспӯширо биомӯзанд ва пас аз қазои ҳоҷат назофатро риоя намоянд. Ҳамчунин анҷоми баъзе корҳои хурди хона ба онҳо дар баланд бардоштани эътибори худ кумак мекунад ва эҳсоси мушорикат дар онҳоро афзоиш медиҳад. Фарзанде, ки аз анҷоми вазифаҳои худ саркашӣ мекунад, бояд бидонад, ки саркашӣ боиси ҷазои ӯ мешавад. Агар корҳои лозимро анҷом надиҳад, барои бозӣ ба назди рафиқон рафта наметавонад, аз тамошои телевизор маҳрум мешаванд ё аз корҳое, ки барои ӯ “хӯшоянд” ҳастанд, манъ карда мешавад, аммо дар сурати анҷоми вазифаҳои худ, барои ҳар чизе, ки дили ӯ мехоҳад, иҷозат дода мешавад.

## *Аз синни мактабӣ то наврасӣ (аз 6 то 10-солагӣ)*

Бо боло рафтани синни фарзандон масъулияти онҳо низ бештар мегардад. Бинобар ин, муайян кардани маблағе барои онҳо дар баланд бардоштани ҳисси худфаъолиятӣ дар онҳо кумак мекунад. Падару модарон ба фарзандони худ барои масъулиятпазирӣ мукофот диҳанд. Мисол, агар онҳо ба ҳайвоноти хонагӣ аҳамият медиҳанд ё бо онҳо бархӯрди нек мекунанд ва ё дар мактаб баҳои баланд мегиранд, ба маблағи масрафҳои онҳо изофа карда шавад ё навиштаҷоте барои онҳо гузошта шавад, ки падару модар бо онҳо ифтихор мекунанд.

Агар фарзандон дар мактаб хуб таҳсил намекунанд ё дар корҳои хона кумак намекунанд, бояд решаи мушкилот ҷустуҷӯ ва муайян карда шавад. Амалкарди фарзандон замоне ба таври куллӣ беҳбуд меёбад, ки барои онҳо марзҳои мушаххас таъйин карда шавад. Вақте барои фарзандоне, ки меъёрҳои муайяни амалкард ва пешрафт таъйин карда намешавад (чӣ дар хона бошад, чӣ дар мактаб), таҳаққуқи ҳар гуна таваққуоти мусбат дар онҳо мутаваққиф мешавад. Эҳсоси масъулиятшиносии кӯдакон дар баробари амалкардашон ба эҷоди як муҳити тақвиятдиҳанда ва ташвиққунанда ниёз дорад, то барои онҳо имкони муваффақият ва ҳам шикастро бидиҳад.



Фарзандони зиёде қабл аз наврасӣ ба фишорҳои сахте аз ҷониби дӯстону атрофиёнашон мувоҷеҳ мешаванд. Дида мешавад, ки фарзандоне, ки дар фазои хона парвариш ёфта ва масъулиятншиносиро касб мекунанд, метавонанд нисбат ба дигарон аз рафтор ва таъсири бади дӯстон канорагирӣ кунанд. Боз гузоштани хатҳои муошират бо фарзандон, ба онҳо иҷозат медиҳад ба таври шаффоф тарсу ҳароси худро бо падару модарон баррасӣ намоянд ва падару модарон низ дар навбати худ ҳақиқати эҳсосоти дохилии онҳоро дарк намоянд.

### *Марҳалаи наврасӣ (аз 11 то 17-солагӣ)*

Наврасон бисёр дучори интихоби хато ва қарорҳои нодуруст мешаванд ва наврасоне, ки қобилияти ташхиси дуруст аз нодурустро доранд, медонанд, ки амалҳои бад паёмадҳои ногуворе доранд. Бинобар ин огоҳона ба интихоби дуруст мепардозанд. Эҳсоси масъулият дар вуҷуди фарзандони навраси худро тақвият диҳед, чун шакке нест, ки гузоштани пояи устувори масъулиятшиносӣ ба падару модарон фурсат медиҳад бо фарзандон дар бораи ояндаи онҳо бо ҳам суҳбат намоянд. Фарзандон бояд дарк намоянд, ки масъулиятшиносӣ ва уҳдадориҳо яке аз унсурҳои зарурӣ барои расидан ба муваффақият аст. Ба фарзандон барои гузоштани ҳадафҳои мушаххас ва ошкор, ки батавонанд ба онҳо даст ёбанд, кумак намоед.

### *Марҳалаи ҷавонӣ ва балоғат (18-солагӣ)*

Агар фарзандон бар асоси шинохти масъулиятшиносӣ тарбия шаванд, дар ин марҳалаи умр худкифо гашта, дар масире гом хоҳанд бардошт, ки онҳоро ба самти худкифоӣ ва ҳаёти ҷудо аз оила мерасонад. Аммо падару модароне, ки фарзандонро ба гунае тарбия медиҳанд, ки ҳамеша ба онҳо вобаста бошанд, хоҳанд дид, ки фарзандон барои идомаи зиндагии мустақили худ тавони аз онҳо ҷудо шуданро нахоҳанд дошт. Чунин ҷавононе барои пешбурди зиндагии худ ҳамеша вобастаи оилаҳои худ хоҳанд буд. Калонсолоне, ки аз паёмадҳои амалҳои манфии худ ноогоҳанд, дар вазъияти бисёр душвор қарор гирифта, ҳамеша дунболи баҳонаҷӯӣ ва маломати дигарон мегарданд. Робита ва муносибати онҳо бо дигарон як чолиши асосӣ барои калонсолони бемасъулият боқӣ хоҳад монд.



## УСУЛҲОЕ, КИ БОЯД УСТВОР КАРДА ШАВАНД

### Корро шавқовар созед

Кӯдакон дар марҳалаҳои томактабӣ ба тамоми гуфтаҳои падару модарони худ бовар мекунанд. Бинобар ин фурсати муносиб аст, то ба онҳо омӯзиш дода шавад, ки кор метавонад шавқовар ва лаззатбахш бошад. Ба таври мисол, падару модар метавонанд аз услуби ба тартиб даровардани бозичаҳо ё аз гузоштани маводи ғизоӣ дар ҷойҳои худ як бозии хӯшоянд барои онҳо бисозанд. Табиист, ки таваҷҷуҳ кардан ба фарзандон онҳоро дар як рӯҳияе қарор медиҳад, ки кӯшиш мекунанд дар навҷавонӣ инсонҳои судманд барои хонавода бошанд. Падару модар бояд ҳангоми чизе гуфтан ба фарзандони навҷавони худ ба суханони худ диққат кунанд. Масалан, вақте модар ба онҳо мегӯяд: “Мехостам бо шумо вақти хуберо гузаронам, вале машғули корам”, ӯ бо ин суханаш ба онҳо мерасонад, ки кор як амри манфӣ ва номатлуб аст. Аммо ба ҷои он метавонад бигӯяд “Метавонӣ вақти хуберо бо ман сипарӣ намоӣ. Ман хонаро ҷорӯб мезанам ва ту метавонӣ хасу хошоки ҷамъшударо бардорӣ. Оё воқеан ин шавқовар нест?”

Ба фарзандони худ биёмӯзед, ки ҳеҷ кори хона ё боғча номуносиб ва нописанд буда наметавонад, зеро ин корҳо ҳама сазовори эҳтироманд. Ҳамин гуна бояд ба фарзандон расонида шавад, ки ба даст овардани кор як имтиёз аст, на вазифа. Ҳамчунин ба онҳо бояд тавзеҳ дода шавад, ки корҳои ҷисмонӣ бисёр барои онҳо фоиданок аст. Чӣ мешуд, агар фарзандон ба анҷоми кор қодир намебуданд, бекор ё маъюб мебуданд ё дар пушт ё пойҳо осебе медоштанд, ки монеи кор мешуд? Бояд ҳамаи мо дар бораи касоне, ки дар вазъияте бисёр душвор қарор доранд, тааммул намуда, неъмати бузурги саломатиро дарк намоем. Ҳамчунин падару модарон бояд илова бар рушди ҳисси масъулиятшиносӣ аз фурсатҳои кории ҷисмонӣ истифода баранд.

Падару модар талош кунанд аз корҳои оддии рӯзонаи хона лаҳзаҳои шавқовар созанд (бо шӯхиҳои ширину зебо, гуфтугӯҳои шавқовар ва гӯш кардани барномаҳои зебои радиоӣ ҳангоми кор), чун фазое, ки дар он хушҳолӣ вуҷуд дошта бошад, фарзандонро ба машғул шудан ба корҳои ҷисмонӣ ва таҳаммули масъулиятҳо ташвиқ ва кумак менамояд. Чӣ хуб аст, агар бозӣ дар як вақт барои ҳамаи аъзои оила ба нақша гирифта шавад, чун ин ба кӯдакон кумак мекунад, то аз эҳсоси ранҷиш аз ин, ки як кас машғули кор аст ва дигарон аз бозӣ лаззат мебаранд, пешгирӣ намояд.

### Бо ҳам кор кунед

Шояд истифодаи калима “мо” ба ҷои “ман” ё “ту” аз ҷониби падару модар дар тарбияи кӯдакон судмандтар бошад. Мисол, онҳо метавонанд ба фарзандон бигӯянд: “Мо ҳамеша либосҳои ифлосро дар дохили мошини

либосшӯӣ мегузорем, мо онҳоро ба ҳар тараф намеандозем". Фарзандон бояд ҳамеша дар фаъолиятҳо шомил карда шаванд ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд. Таъсири истифодаи калимаи "мо" ба рафтори дурусти фарзандон бештар аз мавъизаҳои мустақим ва насиҳатҳои такрорӣ аст. Ҳамчунин падар ба писар ба ҷои ин ки бигӯяд: "Утоқатро тоза кун!" бигӯяд "Биё утоқатро бо ҳам тоза кунем". Вақте кӯдакон ҳамроҳ бо падару модарон кор мекунанд, омӯзиши беҳтар мебинанд ва рафтори масъулона бештар дар онҳо рушд меёбад, чун онҳо муҳаббати падару модарро нисбати худ эҳсос карда, бар асоси он масъулияҳои худро таҳаммул мекунанд.



## Усули кор дар боғчаи хона

Вақти баромадани кӯдакон ба берун барои бозӣ аз онҳо талаб намоед, ки пеш аз оғози бозӣ чанд кори хурдро анҷом диҳанд. Онҳо метавонанд ҳафлӣ ё боғчаи хонаро тоза кунанд. Мисол, даҳ сангча, алафҳои зарарнок ё гулҳои хушкшудаю корношоямро чида, ба ахлотдон партоянд. Илова бар ин, онҳо метавонанд корҳои калонтареро анҷом диҳанд, монанди обёрӣ, то нигоҳубини моли худро биомӯзанд ва боиси хушҳолии падару модарон шаванд, ва онҳо фарзандони худро ташвиқ намоянд, то ба қадри тавон сабзавот бикоранд.

Марде аз Либия ба ман қисса кард, ки ӯ боғчаашро ба шаш қисм тақсим намуда, ҳар яки онро ба яке аз фарзандонаш вобаста кардааст, то ҳар чӣ мехоҳанд, бикоранд ва ҳар гоҳ ҳамсараш бихоҳад барои пухтупаз аз сабзавоти онҳо бичинад, барои гирифтани бодимҷон, қаранфул, пиёз, картошка ё гашнич аз онҳо иҷозат мепурсад. Бо ин роҳ нигоҳубини боғча ба беҳтарин шева идора мешавад ва метавон ихтилоф дар бораи тақсими вазифаи боғдориро ба осонӣ бартараф кард

**(Силвия Ҳант).**

## Масъулиятҳоро батадриҷ эҷод кунед

Иштибоҳи бузурги падару модарон замоне оғоз мегардад, ки фарзандонро мегузоранд танҳо машғули бозӣ шаванд ва то расидан ба синни "масъулият" ба корҳои масъулиятнок бепарвоӣ зоҳир намоянд. Сипас онҳо бо мувоҷеҳ шудан ба миқдори бузурги масъулиятҳо ғофилгир ва шигифтзада мешаванд. Он гоҳ бояд ба онҳо кумак карда шавад, то батадриҷ ва беш аз пеш кор кунанд. Илова бар ин, бо мурури замон боз масъулияти бештар бар дӯш хоҳанд дошт. Дар баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ фарзандон, бавижа духтарон, кӯдаконро нигоҳубин мекунанд, сӯзишворӣ ва об меоранд ва дар корҳои хона низ кумак мекунанд. Илова бар ин, кӯдакони дар синни 8-солагӣ дар ин кишварҳо ҳамчун ходим ё коргар назди дигарон кор кунанд.

Дар оғоз кӯдакон бе музди меҳнат кор мекунанд ва пас аз 19-солагӣ ба шакли пурра ба кор медароянд. Бинобар ин, масъулиятпазирӣ бояд оҳиста-оҳиста ва ботадриҷ дар онҳо эҷод шавад, то вақти ба камол расидан ғофилгир нашуда, битавонанд кору фаъолияти худро сомон бидиҳанд.

## Ба ибораи "ин кори ман нест" мухолифат кунед

Фарзандон бояд масъулиятпазириро бе истисно аз тамоми аъзои оила биомӯзанд ва ҳар кӣ аз онҳо бештар дар бораи адолат дар тақсими корҳои хона баҳс намояд, ба ҳамон андоза мафҳуми муфид будан барои дигаронро аз даст медиҳад. Агар таваҷҷуҳи падару модарон ҳамеша дар бораи фарқгузорӣ миёни фарзандон, ки кӣ бештар ва кӣ камтар кор мекунад бошад, тамоюли фарзандон ба баҳсҳои беҳуда дар ҳолатҳои гуногун бештар мегардад, ки барои ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангии хонавода кумак намекунад. Пас лозим аст, ки ақлияти фаъолияти гурӯҳӣ ва риояи он тақвият дода шавад. Ҳамин гуна падару модар ба таври мисол метавонанд ба фарзандон бигӯянд: "Баъд аз он ки вазифаҳоятро пурра иҷро кардӣ, метавонем якҷоя телевизор тамошо кунем ё дар боғча бозӣ кунем", "Агар корҳоямонро ба поён расонидем, метавонем имшаб якҷоя ба яхмосхурӣ биравем" ё "Биёед якҷоя ба дидори хешону наздикон ё ба ҷое барои хушгузаронӣ биравем".



Мукофотҳои гурӯҳӣ сабаби ҳамбастагӣ, рӯҳияи сарҷамъӣ ва масъулиятшиносӣ мегардад. Дар ҳоли бемор шудани яке аз кӯдакон, метавон аз яке дигари онҳо хоҳиш кард, ки амали ӯро анҷом диҳад. Фарзандон бояд барои кумаки ҳамдигар ташвиқ карда шаванд, дар анҷоми корҳо ва ухдадориҳо бо рӯҳияи гурӯҳӣ ҳамкорӣ намоянд ва фарзандони калонтар бояд барои дастгирии фарзандони хурдсол дар анҷоми вазифаҳои мактабӣ ва фарзандони хурдсол барои кумаки фарзандони калонтар барои анҷом корҳои хонагӣ ташвиқ карда шаванд.

## ПЕШНИҲОДҲОИ АМАЛӢ

- Фарзандонро бо супоришу корҳои зиёд хаста накунед. Падару модарон бояд қобилиятҳо ва хислати фарзандонро дар назар гирифта, барои онҳо вазифа ва масъулиятҳоеро интихоб намоянд, ки метавонанд ба хубӣ анҷом диҳанд. Муваффақият ва ситоиш онҳоро водор мекунад саъйу талоши бештар кунанд, аммо бор кардани масъулиятҳои беш аз ҳад ба онҳо, метавонад боиси нокомӣ гашта, ҳавасмандии шахсии онҳоро аз байн бубарад.
- Аз фарзандон таваққуи инсонҳои масъулиятшинос шуданро дошта бошед, зеро таваққуоти падару модар онҳоро бештар ташвиқ мекунад. Вақте падару модар барои фарзандон ухдадорӣ ё кореро интихоб мекунанд, бояд вақти иҷро онро низ бо онҳо мавриди баҳс қарор дода, сипас барои анҷоми он ба онҳо иҷозат дода шавад. Ба онҳо иҷозат дода шава, то масъулияти худро бо равише, ки худи онҳо интихоб мекунанд, анҷом диҳанд, онҳоро назорат накунед, лаҳза ба лаҳза онҳоро ёдовар насозед ва дар ҳоли оҷиз омадан аз адои масъулият падару модар метавонанд ба онҳо кумак намоянд.
- Фарзандро набояд инсони ноухдабаро номид, ҳатто агар воқеан корҳои бехирадона анҷом медиҳад. Масалан, рафтан ба синамо ба ҷои рафтан ба назди рафиқаш, ки барои кумак дар дарсҳояш ба ӯ ваъда дода буд. Падару модар набояд фарзандро бо сифатҳое, ки мафҳуми заъфу сустӣ доранд, васф кунанд, балки ба ҷои сарзаниш ӯро ташвиқ намоянд. Мисол, ба ӯ гуфта шавад: «Дар наздиктарин вақт ба назди рафиқат бирав, ки ба ӯ ваъда дода буда ва нарафтӣ». Агар фарзанд фаромӯшхотир бошад, набояд падару модар аз ибораҳое монанди инро ба кор бубаранд: “Агар ту кала медоштӣ, фаромӯш намекардӣ”, зеро ибораҳои монанди ин озордиҳанда ва ноумедкунанда ҳастанд ва ба фарзандон таъсири манфии худро мерасонанд.

- Кӯдакон барои танзими барномаҳои худ ба дастгирӣ ниёз доранд. Ба онҳо нишон диҳед, ки анҷоми корҳои хона ва дигар корҳо чӣ қадар вақтро мегирад, сипас онро дар ҷадвали барномаҳои онҳо қайд намоед. Онҳоро дар тартиб додани ҷадвали корҳои баъд аз мактаб кумак намоед ва ба онҳо баён намоед, ки вақт барои анҷоми вазифаҳои мактабӣ ва дигар масъулиятҳо кофӣ аст ва барои ҳамом истироҳат ва бозӣ кардан дар берун низ вақти зиёд доранд.

- Корҳои калонро ба корҳои хурд тақсим кунед. Мисол, агар ба фарзандон дар мактаб вазифаи хонагӣ дода шавад, ки як иншо нависанд, ба падару модар тавсия мешавад, ки пас аз тақсими барнома ба бахшҳо ва таҳияи барнома барои такмили ҳар қисм бо онҳо гуфтугӯ намоянд, ки барои ҷустуҷӯи он дар китобхона ё интернет ва ба итмом расонидани ҳар бахш ба чӣ қадар вақт ниёз доранд?



- Падару модар набояд ба ҷои фарзандон вазифаҳои мактабии онҳоро иҷро намоянд. Бисёр аҷиб аст, ки баъзе падару модар дар ин дом афтода ё бо фарзандон ё худ ба танҳоӣ ба ҷои онҳо вазифаҳои мактабии онҳоро ҳал мекунанд. Падару модар бояд ба фарзандон таъкид намоянд, ки иҷрои вазифаҳои хонагӣ ба уҳдаи худи онҳост, на масъулияти падару модар, зеро вазифаҳои хонагии хонандаҳо ба қадри тавон ва қобилияти зеҳни онҳо тахмин зада мешавад, аммо боз ҳам гоҳ-гоҳ онҳо ба кумак ниёз доранд. Ҳамчунин бояд гоҳо дар мавзӯи имло ва ҳифзи калимаҳо имтиҳон карда шавад.

- Фарзандон бояд пазируфтани масъулияти хатоҳои худро биомӯзанд ва падару модарон набояд барои наҷоти онҳо аз мушкилоте, ки фарзандон худро дар он андохтаанд, шитоб кунанд, чун ғолибан инсон аз хатоҳо бештар аз муваффақиятҳо дарси ибрат мегирад.

- Фарзандон бояд идораи дурусти молро биомӯзанд ва бештар аз мавриди ниёз сарф накунанд, чӣ он моли худи онҳо бошад, чӣ ҳадя аз ҷониби падаркалону модаркалон ва ғайра. Яке аз амалҳое, ки набояд фарзандон анҷом диҳанд, қарз гирифтан барои хариди

чизе ва сипас адо кардани он дар вақти дастрасӣ ба пул аст, ки ин худ як нуқтаи заъф дар омӯзиши онҳо аст. Онҳо бояд сабр кунанд, то худашон моли кофӣ ба даст оранд. Фарзандоне, ки бо касби худ пул ба даст меоранд, миқдоре аз онро захира ва қисмеро барои корҳои хайрия ҷудо кунанд. Вақте фарзандон калон мешаванд, падару модарон тарзи дурусти сарфи амвол ва нақшаи захира кардану истифодаи онро бо онҳо дар миён гузошта, дар бораи он суҳбатҳо биоронд, ҳаром будани рибоаро бар асоси китобҳои осмонӣ исбот кунанд ва хулосаеро дар бораи тарзи муомилаи бонкҳои исломӣ ба онҳо шарҳ диҳанд.

- Фарзандонро ба ёфтани кор ташвиқ кунед, ки метавонад пулакӣ ё бепул, баъди мактаб ё дар таътили тобистона бошад. Агар падару модар тиҷорати хусусӣ дошта бошанд (дукон, мактаб, меҳмонхона, ошпазхона ё заминҳои кишт), фарзандонро низ аз хурдсолӣ ташвиқ намоянд, ки ба онҳо кумак кунанд, чун фарзандон бо ин роҳ танзим ва риояи вақтро барои худ ёд мегиранд, бархӯрди дуруст бо одамонро новобаста аз ҷойгоҳ ва мансабашон меомӯзанд ва аз анҷоми масъулиятҳои худ итминон ҳосил мекунанд.

### Насиҳатҳои умумӣ

- Дар вақти хастагӣ ва гуруснагӣ аз омӯзиши кӯдакон худдорӣ кунед.
- Интиқод ҳангоми таълим монанди “заҳр” аст.
- Масъулият сабрро талаб мекунад.

**Тиҷорати оилавӣ монанди тиҷорати корпоративӣ нест. Падару модар наметавонанд фарзанди худро аз кор пеш кунанд!**

Рафтори бемасъулият дар кор ғайри қобили қабул аст. Коргарон вазифа, вақти корӣ ва дар ҳоли нокомӣ ихроҷ шудан аз вазифаашонро медонанд. Агарчи падару модар наметавонанд фарзандонро ихроҷ кунанд, аммо метавонанд масъулиятшиносии мавриди ниёз дар корро барои онҳо омӯзиш диҳанд ва онҳоро роҳнамоӣ кунанд.

Мумкин аст фарзандон низ гоҳо бо сабабҳои муайян натавонанд ба кор ҳозир шаванд ва ё кори худро анҷом диҳанд, аммо онҳо низ бояд монанди ҳар коргари дигар аз қабл рухсат пурсанд, на ин ки субҳи ҳамон рӯз назди падар ё модар омада, гӯянд: “Ман имрӯз мехоҳам рухсат бигирам, зеро шаби гузашта машғул будам”.

## Вобаста кардани имтиёзҳо бо масъулиятҳо: Намунаҳо

Бисёри фарзандон гумон мекунанд, ки сазовори тамоми имтиёзҳое ҳастанд, ки падару модарон ба онҳо медиҳанд ва чунон рафтореро пеша мекунанд, ки гӯё падару модар танҳо барои хизмати онҳо офарида шудаанд. Вақте чунин фарзандон калон мешаванд, дар қабул кардани масъулиятҳо ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ мешаванд. Як хонаводае маросими солонаи худро барои муаррифии имтиёзҳои нав баргузор мекунад ва масъулияти наверо барои ҳар яке аз фарзандони худ дорад, ки андозаи ҳар як имтиёз ба андозаи масъулияте вобаста аст, ки барои онҳо муайян карда мешавад. Фарзандон бояд интихоб ва гузинаҳои худро бо падару модар дар миён гузоранд ва онҳо низ бояд тарсу хавотирии фарзандонро ба таври ҷиддӣ дар назар бигиранд.

***Мисоли 1:*** Духтари шумо солҳо боз мехоҳад гурбае дошта бошад ва мегӯяд: «Агар ба ман иҷозат дода шавад, ки гурбае дошта бошам, розӣ ҳастам нигуҳубини хоҳари хурдсоламро як рӯз дар ҳафта ба ухда гирам». Дар чунин ҳолат духтари шумо ҳаққи имтиёзи доштани як гурбаро дорад, ба шарти ин ки нигоҳубини гурбаро ба дӯши худ дошта бошад ва дар сурати беаҳамиятӣ ба гурба аз нигаҳдории он маҳрум хоҳад шуд.

Чуноне, ки падару модар фарзандонро аз имтиёзот ва мукофот бархӯрдор мекунанд, бояд ҳамон гуна хирадмандона барои корҳои нодурусти онҳо ҷазоҳои сабукро муайян кунанд. Шитобзадагӣ барои наҷоти фарзандон аз хатоҳои хурд барои онҳо чандон судманд нест. Агарчи падару модарон аз корҳои нодурусти фарзандони худ шикоят мекунанд, дар айни ҳол мебинем, ки барои баровардани онҳо аз мушкилот мешитобанд. Бар асари муҷозоти муносиб фарзанд масъулитяшиносиро меомӯзад. Агар ба фарзанд муҷозоти муносиб дода шавад, мумкин аст камтар онро ба боди фаромӯшӣ бисупорад ва шояд ҳам ба нудрат аз масъулият саркашӣ кунад. Мисол, пардохтани ҷарима аз сӯи падар ба ҷои писар барои гузоштани мошин дар ҷои мамнуъ кори нодуруст аст ва падар набояд онро ба осонӣ анҷом диҳад! Роҳи ҳал ин аст, ки падар аз писараш бипурсад, ки нақшаи ӯ дар бораи супоридани ҷарима чист ва дар оянда чӣ гуна метавонад аз вайрон кардани қонунҳо пешгирӣ кунад.

***Мисоли 2***: Вақте аз фарзанд мехоҳед ҳангоми баргаштан аз мактаб аз дукон шир биёрад ва ӯ фаромӯш мекунад, модар набояд дарҳол барои харидани шир ба дукон бишитобад. Роҳи ҳал ин аст, ки ба писар хурокӣ шом дода шавад, аммо субҳ назди ӯ шир гузошта нашавад.

***Мисоли 3:*** Бо вуҷуди ин ки модар духтарашро барвақт аз хоб бедор мекунад, ӯ ҳамеша аз автобуси мактаб дер мемонад ва падар ё модар маҷбур мешаванд ӯро бо мошини худ ба мактаб бирасонанд ва дар роҳ дар бораи риоя кардани вақти дарс насиҳат кунанд. Дар ин ҳолат эҳтимоли тағйири рафтори духтар бисёр заиф аст. Модар бояд бо ӯ суҳбат накунад ва ӯро пиёда ба мактаб бифиристад. Аммо агар роҳ ноамн ё дур бошад, метавонад ба ӯ бигӯяд, ки «пас аз он ки бекор шудам, туро ба мактаб мерасонам». Ҳамин гуна духтар, ки пас аз оғози дарс ба мактаб мерасад ва мавриди сарзаниши муаллима қарор мегирад, маҷбур мешавад рафторашро тағйир диҳад. Хато одатан фурсати хубе барои таълим аст ва аксуламали падару модар ҳангоми нокомии фарзанд суде нахоҳад бахшид ва доду ғавғо бардоштан омили ба даст овардани натиҷаҳои хубе нахоҳад буд, зеро ин кор ҳама аҳли хонаро нороҳат мекунад. Ба ҷои он бояд роҳҳои дигаре барои ислоҳи вазъият ҷустуҷӯ кард. Фарзандон бо ин роҳ бештар аз он меомӯзанд, ки мавриди сарзаниш ва маломат қарор бигиранд ва падару модар низ ҳангоми истифода аз чунин усул бештар эҳсоси қаноъатмандӣ хоҳанд кард.

***Мисоли 4:*** Вақте навбати писар барои омода кардани дастархон ва хӯроки шом мерасад, бештари вақт ӯ навбати худро фаромӯш мекунад ва пас аз мактаб машғули футбол шуда, дер ба хона меояд. Дар ин ҳолат ба ҷои доду фарёд задан ва ба ҷои ин ки модар ё касе дигар хӯрокро омода кунад, метавон вазъиятро тағйир доду ба ӯ гуфт: "Мо як мушкил дорем. Ба фикри ту роҳи ҳалли он чист?" Дар ин сурат шояд писар ба як қароре ояд, тухм пазад, хӯроки тезтайёри дигаре аз панир омода кунад ё аз яке аз аъзои оила хоҳиш кунад ба ҷои ӯ ин корро кунад ва сипас ӯ дар навбати хоҳар ё бародараш хӯрокро омода кунад. Омода кардани фарзанд барои адои масъулиятҳо дар оянда аз омода кардани дастархон муҳимтар аст.

Дар бисёри ҳолатҳо фарзандон барои дуруст нишон додани хатоҳои худ санги маломатро ба сӯи дигарон меандозанд ё вазъияту шароитро баҳона меоранд ва ин ғолибан як одати доимии ислоҳнашавандаи онҳо мешавад. Пас падару модар бояд дар бораи ҳолатҳое фикр кунанд, ки худ дар замони хурдсолӣ аз пазируфтани масъулиятҳо худдорӣ мекарданд ва ҳар гоҳ бо фарзандони худ дар масъалаи масъулиятшиносӣ суҳбат мекунанд, ҳамеша он ҳолатҳоро пеши чашмони худ биёранд.

Қуръони карим рафтори инсон ва оқибатҳои онро чунин баён мекунад:

> ***"Пас ҳар кас ба вазни заррае некӣ карда бошад, онро мебинад ва ҳар кас ба вазни заррае бадӣ карда бошад, онро мебинад"***
>
> ***(Залзала, 7-8).***

Масъулиятшиносӣ ва муҳосибаи нафс ду усули асосие ҳастанд, ки бояд ба фарзандон таълим дода шаванд ва мафҳуми истиқлолият, ки барои омӯзиши масъулиятшиносӣ бисёр муҳим аст, дар фаслҳои баъдӣ ба тафсил баён хоҳад шуд.

***Аз фарзандон бихоҳед саҳми худ дар корҳои хонаро анҷом диҳанд ва дар ҳолати кӯтоҳӣ масъулияти фарҷоми онро ба уҳдаи худи онҳо вогузоред.***

***Фарзандон ҳангоми муваффақ нашудан шояд каме дилсард шаванд, вале агар ба таври куллӣ талош накунанд, шояд ба шикасти ҷиддитар мувоҷеҳ шаванд.***

## МАШҚҲОИ 67-68



**Машқи 68:**

**Худованди мутаол ҳамаро назорат мекунад**

Ба фарзандон бигӯед қиссаҳои зеринро бихонанд ва сипас аз онҳо бихоҳед назар ва мулоҳизаҳои худро баён доранд:

1. Дар як лагери тобистонаи кӯдакон дар қатори хӯрокҳои шом дар лавҳае навишта шуда буд: “Танҳо як себ бигир, Худованд туро назорат мекунад”. Рӯи мизи кулчақандҳо лавҳае гузошта шуда буд, вале чизе дар он навишта нашуда буд ва писаре онро диду чунин навишт: “Ҳар қадар, ки мехоҳед бигиред, зеро Худованд машғули назорати себ аст” (Поп Бет Мартин, маҳфили Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, Вашингтон, Рамазони 2007).

2. Абдулло ибни Зайд ибни Аслам аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят мекунад: «Бо Умар ибни Хаттоб (р) будам ва ӯ шабона дар Мадинаи мунавара сайр мекард. Ӯ ба деворе такя зада буд, ки ногоҳ занеро шунид, ки ба духтараш мегуфт: «Дар шир об илова кун». Духтар дар посух гуфт: «Намедонӣ, ки Амирулмуъминин чӣ фармон дода буд?» Модар пурсид: «Амирулмуъминин чӣ фармон дода буд?» Гуфт: «Ӯ шахсеро вазифадор намудааст, то дар байни мардум садо бизанад, ки набояд ба шир об омехта шавад». Модар гуфт: «Духтарам, хез ва ба шир об илова кун, чун ту дар ҷое ҳастӣ, ки на Амирулмуъминин туро мебинад, на намояндаи ӯ». Аммо духтар ба модараш гуфт: «Қасам ба Худо, намехоҳам дар байни мардум ба ӯ итоат кунам ва дар хилвату танҳоӣ нофармонӣ намоям». Ҳазрати Умар (р), ки тамоми ин гуфтугӯро мешунид, гуфт: «Эй Аслам, ин хонаро ба ёд дошта бош ва аз вазъияти аҳли он бохабар шав» ва сипас ба сайри шабонааш идома дод ва чун субҳ шуд ба ман гуфт: «Эй Аслам, ба он ҷо бирав ва бубин, ки он модар ва духтараш кӣ ҳастанд ва оё шавҳар доранд?» Вақте ман ба он ҷо рафтам дидам, ки як бевазан бо духтари ҷавони бешавҳараш зиндагӣ мекунанд. Ман назди ҳазрати Умар (р) омадам ва вазъиятро барояш бозгӯ кардам. Ҳазрати Умар (р) писаронашро ҷамъ карду гуфт: «Оё касе аз шумо мехоҳад зан бигирад? Агар падаратон хоҳиши зан гирифтанро медошт, ҳеҷ кас наметавонист

барои издивоҷ бо ин духтар аз ӯ пешӣ бигирад». Ҳазрати Абдулло гуфт: «Ман зан дорам». Абдураҳмон гуфт: «Ман ҳам зан дорам». Вале Осим гуфт: «Ман зан надорам, ӯро барои ман хостгорӣ кунед». Ҳазрати Умар (р) касеро ба хостгории ӯ фиристод ва ӯро ба никоҳи Осим даровард. Он зан аз Осим духтаре ба дунё овард ва ин духтар Умар ибни Абдулазизро таваллуд кард» (Таърихи Димишқ).

**Машқи 68:**
**Дарсе аз ҳодисаҳо ва масъулият!**

Ба ин савол ҷавоб деҳ ва сипас ба мулоҳизаҳои зерин биандеш.
Писари 12-солаи шумо дар ҳавлӣ бо туп бозӣ мекард ва тупи ӯ ба тирезаи ҳамсоя заду онро шикаст. Чӣ бояд кард?

**а.** Бо ҳамсоя суҳбат мекунӣ ва мегӯӣ, ки пули шишаро медиҳӣ ва писаратро насиҳат мекунӣ.

**б.** Аз фарзандат мехоҳӣ, ки ба назди ҳамсоя рафта бигӯяд, ки ин кор ноowхост сурат гирифт ва пули шишаро хоҳад пардохт. Сипас шумо пулро ба ӯ медиҳед ва барои ин кораш ӯро насиҳат мекунед.

**в.** Аз фарзандат мехоҳӣ ба назди ҳамсоя рафта ба ӯ бигӯяд, ки ин корро қасдан анҷом надодааст ва пули шишаро аз захираи пули худаш (агар дошта бошад) мепардозад ё рафта кор мекунад ва онро медиҳад.

***Мулоҳиза:*** Ин як фурсати бисёр муносиб барои таълими фарзанд аст. Бе ин ки шумо асабонӣ шавед ё ӯро ҷазо диҳед, бигзоред масъулияти кардаҳои худро бипазирад. Агар интихоби шумо:

А бошад, писари шумо ҳеҷ дарс ва ибрате аз он нахоҳад омӯхт, чун медонад дар оянда шахси дигаре ҷаримаи ӯро пардохт мекунад ва аз ҳар мушкиле мебарорад ва бо худ хоҳад гуфт: «Чаро бояд маро ҷазо диҳанд? Ин як тасодуф буд».
Б бошад, фарзанди худро барои узрхоҳӣ ба назди ҳамсоя равон мекунед, ки ин кори дуруст аст.

В бошад, аз фарзанди худ мехоҳед назди ҳамсоя рафта ба ӯ бигӯяд, ки худи ӯ масъулияти пурраи ин ҳодисаро ба уҳда хоҳад гирифт ва ин беҳтарин равиш ва беҳтар аз интихоби Б аст.



# ФАСЛИ ШОНЗДАҲУМ
## Омӯзиши истиқлолият

- ***Калон шудани кӯдак дар ҳолати «вобастагӣ»***
- ***Ҳолати кӯдакони гирёнчак***
- ***Дастовардҳои хосси ҳар як синну сол***
  - *— Ман метавонам ин корро танҳо анҷом диҳам*
- ***Бигузор кӯдакон худашон роҳашонро интихоб кунанд***
- ***Нигаронии кӯдакон аз ҷудоӣ***
- ***Наврасон ва воқеият***
- ***Таъсири услубҳои гуногуни тарбияи фарзанд: Қудрати масъулиятшинос дар муқобили қудрати зӯргӯӣ***
- ***Малакаҳои лозим барои ташаккули худбоварӣ***
  - *— Ба кӯдакон гузина пешниҳод кунед*
  - *— Изҳори эҳтиром ҳангоми ранҷидани кӯдак*
  - *— Бар сари кӯдакон монанди муфаттиш набошед*
  - *— Барои посух ба саволҳо шитоб накунед*
  - *— Кӯдаконро ташвиқ кунед, ки аз манобеи берун аз хона истифода баранд*
  - *— Умедро аз орзуҳои кӯдакон канда накунед*
- ***Насиҳатҳо барои падару модарон***
- ***Насиҳат дар муқобили худбоварӣ: модар ва духтар***
- ***Вақте падару модар рафтори дӯстони фарзандони худро бад мебинанд***
- ***Марҳалаҳои тасмимгирӣ***
- ***Машқҳои 69-71***

## КАЛОН ШУДАНИ КӮДАК ДАР ҲОЛАТИ «ВОБАСТАГӢ»

***Бисёри падару модарон шикоят мекунанд, ки фарзандон муддати тулонӣ аз онҳо кумаки аз ҳад зиёдро интизоранд ва ҷомеа наметавонад онҳоро барои мустақил ба худбовар будан ҳангоми тарки хонаи волидайн омода кунад.***

Дар ин миён як танокузи бузург вуҷуд дорад. Гарчанде падару модар саодату хушбахтии фарзандонро мехоҳанд, аммо равишеро, ки онҳо дар тарбияи фарзандон ба кор мегиранд, метавонад боиси танокуз дар хостаҳои онҳо гардад. Фарзандон мустақил буданро омӯзиш намебинанд, чун падару модар таваққуи онро надоранд. Онҳо молу тавони худро сарф мекунанд, то фарзандон хушбахт ба воя бирасанд ва дар ин амалашон ҳам содиқ ҳастанд, чун мебинем онҳо ҳамеша талош мекунанд, то баландтарин орзу ва интизороти худро дар фарзандон бубинанд.



Падарону модарони муваффақ бо ду сифати асосӣ аз дигарон фарқ мекунанд: бо корҳое, ки барои фарзандони худ анҷом медиҳанд, ва бо чизҳое, ки барои он харҷ мекунанд. Онҳо одатан ҳар чиро, ки дар тавонашон ҳаст, харҷ мекунанд, то фарзандон аз ҳама мазиятҳои мумкин бархӯрдор бошанд. Утоқҳои онҳоро бо рангҳои гуногуну ҷаззоб зиннат медиҳанд, барои онҳо бозичаҳои гуногуни таълимӣ мехаранд, даврҳои масҳи муоличавӣ фароҳам меоранд, тибқи тавсияҳои табибон миёни таваллуди фарзандон фосилаи зуруриро мегузоранд, онҳоро ба варзишҳои гимнастика ташвиқ мекунанд, аз хурдӣ ба кӯдакистони махсус мебаранд, онҳоро аз чорсолагӣ дар клубҳои футбол номнавис мекунанд, вақт, кор ва хостаҳои худро курбони тарбияи онҳо мекунанд, гоҳо ҳаёти чинсии худро низ қурбони онҳо месозанд, барои як лаҳзаи тарбияи онҳо ҳама чизро раҳо мекунанд ва муҳимтар аз ҳама аз ҳар фурсате истифода мекунанд, то худбоварӣ ва эътимод ба нафсро дар вуҷуди онҳо тақвият бахшанд (бо ситоиш аз ҳушмандии онҳо, тавоноиҳои баданӣ, тавоноиҳои фаннӣ, истеъдодҳо ва зебоии шакл ва намуди зоҳирии онҳо). Ҳамчунин маҳфилҳои зодрӯзи онҳоро ба мо-

нанди маҳфилҳои шоҳзодаҳо бисёр бодабдаба ҷашн мегиранд ва ҳатто дар ҳоли бисёр нозуктабиат ба воя расидани онҳо боз ҳам падару модар ба харидани ҳадяҳо идома дода, тамоми хостаҳои онҳоро бароварда месозанд.

Ҳадафи падару модар ин аст, ки фарзандон худро аз чизе маҳрум ҳис накунанд, аммо, афсӯс, ин тарзи рафтори онҳо сабаби омадани фоҷеаҳо ба сари фарзандон мегардад, чун маҳрумияти воқеии фарзандон дар ин аст, ки падару модар фикри рӯзе рафтани онҳо аз хонаро надоранд ва бо вобаста кардани онҳо ба худашон онҳоро аз таҷрибаҳое маҳрум месозанд, ки ба онҳо омӯзиш медиҳад, ки дар зиндагии худ аз дигарон, бавижа аз падару модар, мустақил бошанд.

Имрӯз тарзи тарбияи фарзандони бисёри падару модарон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз гузашта фарқ мекунад. Дар гузашта фарзандон бо ҳамтоёни худ шиштухез мекарданд ва шиштухези падару модарон низ бо дигар падару модарони ҳамсоли худ сурат мегирифт ва ҳатто баъзе модарон ба фарзандони худ мегуфтанд: “То ниёзи сахт ба ман пайдо накарди, маро ташвиш надеҳ”. Ҳамчунин фарзандон ҳар рӯз машғули варзиш мешуданд, на танҳо дар охири ҳафта ва рӯзҳои таътил. Падару модарон на ҳамеша дар тамошои бозиҳои онҳо иштирок мекарданд ва одатан таълими фарзандонро бар дӯши муаллимон мегузоштанд. Муҳимтар аз ҳама, падару модарон дар бораи саодату хушбахтии худ меандешиданд, на аз фарзандон.

**Оё мақсади мо вобаста будан аст? Ё вобастагии мутақобил?**

Омӯзиши мустақил будан ба фарзандон на ба ин маъност, ки алоқа ва муносибатҳои онҳо бо падару модар канда шавад, балки ба маънои худбоварӣ ва вобастагии мутақобил байни тамоми аъзои оила дар тамоми марҳалаҳои умр аст.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар замоне, ки падару модарони имрӯз хурдсол буданд, оилаҳо калон, хонаҳо хурду хизматрасониҳо маҳдуд буданд ва бисёри фарзандон замони мактабхонӣ кор мекарданд, то харҷи худ ва хонишашонро таъмин кунанд ва агар маблағе ҷамъ мекарданд, мошин мехариданд. Андешаи роиҷ дар он замон байни падару модарон ва фарзандон ин буд, ки вақте фарзандон ҷавон мешуданд, яъне мактаби миёна ва ё донишгоҳро хатм карда соҳиби ҷои кор мешуданд, дар ин ҳолат аз нигоҳи молӣ худкифо гашта, боиси пайдоиши воқеан як насли мустақил мегардиданд.

Дар замони мо аҳамияти падару модарон бештар ба хушбахт калон шудани фарзандон равона шудааст, аммо онҳо фаромӯш кардаанд,

ки чӣ гуна бояд роҳи расидан ба хушбахтӣ ва саодатро ба онҳо биёмӯзанд. Ҳамчунин таваҷҷуҳ ва аҳамияти падару модарон барои ба воя расонидани фарзандони саховатманд ва меҳурбон рӯ бо заъф ниҳодааст. Фарзандоне, ки ҳадяҳои зиёд аз падару модарони худ дарёфт мекунанд, меҳрубонии камтаре нисбат ба дигарон доранд ва бештар ба худашон аҳамият медиҳанд, ҳамон гуна, ки фарзандони ба ноз парваридашуда одатан рафиқони хуб барои ҳамутоқон ва ҳамсарони нек буда наметавонанд. Вақте онҳо калон мешаванд, кори онҳо бо падару модар ба поён намерасад, балки талаботи онҳо аз падару модар бештар мегардад ва падару модар низ наметавонанд ба онҳо “на” бигӯянд ва агар ҳам “на” бигӯянд ором нагирифта, ба ҳар василаи мумкин дасти ёрӣ дароз мекунанд, чун ба андешаи онҳо ба ҳар андоза, ки ба фарзандон бештар дода шавад, ба ҳамон андоза ба онҳо саодату хушбахтӣ мебахшанд. Бинобар ин, фарзандоне, ки бемасъулият ба воя мерасанд, ҳамеша вобастаи дигаронанд. Падару модар аз дидани чунин вазъият бисёр ғамгин ва афсурда гашта, дигар намедонанд ин воқеияти дарднокро чӣ гуна бартараф намоянд.

Ин падида на танҳо махсуси хонаводаҳои сарватманд аст. Фарзандони амрикоие, ки аз тамоми табақаҳои иқтисодӣ ҳастанд, падару модари худро ҳамчун бонке медонанд, ки ҳамеша аз пули онҳо масраф мекунанд. Мо мебинем, ки бисёри падару модарон бисёр хоксорона ва сарфакорона зиндагӣ мекунанд, то моли худро рӯи табақи тиллоӣ ба фарзандон тақдим намоянд, аммо фарзандон аз ин тарзи бархӯрди волидайн исрофкорӣ ва вобастагӣ ба дигаронро меомӯзанд.

Вақте корнамоиҳои фарзандон бисёр муҳим мешавад, падару модарон маҷбур мешаванд ба корҳои онҳо доим дахолат кунанд, ҳудудҳои лозим байни “ман” ва “дигар” тира гашта, қобилияти ёдгирии фарзандон коҳиш меёбад. Кумак ва дастгирии падару модар бояд дар як доираи муайян ва ба қадри лозим бошад, ҳатто яке аз хатоҳои дигар беш аз андоза пул додан ба фарзандони бемор аст, чӣ онҳо мушкилоти равонӣ дошта бошанд, чӣ ҷисмӣ. Ҳамчунин вақте фарзандон ба камол мерасанд, набояд бо онҳо монанди кӯдакони хурдсол муомила шавад. Мумкин аст гоҳо дар роҳнамоӣ ва насиҳати фарзандон зиёдаравӣ шавад, ба андозае, ки онҳо пайваста ба қобилияти қабули қарорҳо ва тасмимгириҳо мубориза мебаранд, аз «Имрӯз ман бояд чи пӯшам?!» сар карда то “Оё ин вазифаро қабул кунам?” ва ҳатто “Оё ман бо ин шахс издивоҷ кунам?” Ҷавононе, ки падару модарон онҳоро бисёр ба ноз мепарваранд, аз дахолат ва нақши онҳо дар зиндагии худ эҳсоси ранҷиш мекунанд, ҳатто дар ҳолатҳо ва лаҳзаҳое, ки ба кумаки онҳо ниёз дошта бошанд.

## ҲОЛАТИ КӮДАКОНИ ГИРЁНЧАК

Донишманди равоншинос Ҷефрӣ Симпсон мегӯяд: “Агар шумо дар яксолагӣ оромишро аз даст дода бошед, дар 21-солагӣ дар муносибат бо шарики зиндагии худ ба эҳсосоти манфӣ бештар дучор хоҳед шуд” *(The Washington Post, 2007).* Симпсон ва ҳамкоронаш 78 шахсро ба муддати 25 сол зери назорати худ қарор дода, ба натиҷае расиданд, ки тифле, ки дар худ эҳсоси оромиш дорад, вақте ба хашму ғазаб меояд, ба падару модари худ рӯ меорад ва ҳамин гуна ӯ медонад, ки барои ором кардани худ бояд ба падару модар эътимод кард ва бархӯрд бо дигаронро низ ба хубӣ меомӯзад. Аммо кӯдаке, ки амнияту оромиш надорад, дигаронро намепазирад, аз касе хушаш намеояд. Ӯ дарк мекунад, ки падару модар нисбати ӯ беаҳамият ҳастанд ва барои ҷалби таваҷҷуҳ бояд эътироз кунад. Кӯдаконе, ки дар яксолагӣ эҳсоси оромиш надоранд, инсонҳои заиф ба воя расида, дар зиндагии оянда ба худ боварӣ нахоҳанд дошт.

Кӯдаке, ки эҳсоси оромиш дорад, фикр мекунад: “Ман метавонам барои ором кардани худ ба падару модар эътимод кунам”. Ӯ бо ҳамин андеша унс гирифтан бо дигаронро низ меомӯзад, дар ҳоле, ки як кӯдаки ошуфта ин андешаро дар сар мепарварад, ки: “Падару модарам маро рад мекунанд”, “Онҳо нисбати ман бепарвоӣ мекунанд” ё “Бояд эътироз кунам, то ба ман таваҷҷуҳ кунанд”. Агар кӯдак дар яксолагӣ эҳсоси оромиш надошта бошад, вақте калон мешавад, шояд таъсири манфии он дар ӯ боқӣ бимонад. Аммо агар ба андозаи кофӣ эҳсоси амнияту оромиш дошта бошад, мустақилияти бештар касб мекунад ва кӯдаконе, ки нисбати онҳо беаҳамиятӣ мешавад, оромишро аз даст дода, қобилияти доштани истиқлолиятро низ аз даст медиҳанд.

***Мулоҳизаи шахсӣ***

*Кай дастеро, ки ба шумо ғизо медиҳад, мегазед? Вақте, ки иҷозат намедиҳад, ки бо дасти худатон ғизо хӯред!*

*Чаро баъзе модарон анҷоми “вазифаи номумкин”-ро интихоб мекунанд? Барои ин, ки фарзандони худро, ки аз самими қалб дӯсташон медоранд, аз ҳар чизе, ки онҳоро озор медиҳад ё осеб мерасонад, ҳимоя кунанд! Ба ростӣ, ин як кори маҳол аст.*

Кӯдаконе, ки гиря мекунанд ва аз модарон кумак мехоҳанд, бояд ба додашон расид, чун вақте онҳо эҳсоси оромӣ мекунанд, метавонанд ковишҳои худ дар ҷаҳони атрофро аз сар бигиранд. Таҳаммули сахтӣ ва душвориҳо барои инсон замоне осон мегардад, ки бовар дорад шахсе ӯро дар сахтиҳо дастгирӣ меку-

над ва барояшон осониҳо ва роҳатро муяссар менамояд. Пас ба ҳар андоза, ки инсон эҳсоси амнияту оромӣ намояд, ба ҳамон андоза ба дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дунболи пуштибонӣ ва кумаки бештар мешавад.

*Касоне, ки ба худ боварӣ доранд, аз кумак пурсидан аз дигарон ё кумак кардан ба дигарон шарм намедоранд, ва бо ин роҳ воқеан боварии мутақобил бо дигаронро пайдо мекунанд.*

## ДАСТОВАРДҲОИ ХОССИ ҲАР ЯК СИННУ СОЛ



Фарзандон худро замоне инсонҳои қобилиятнок ва мустақил меҳисобанд, ки падару модарон онҳоро бо чунин сифоте омода карда бошанд. Онҳо ҳангоме мустақил буданро меомӯзанд, ки падару модарон онҳоро дӯст бидоранд ва дасти кумак дароз кунанд, ба ковишу кунҷковӣ ташвиқ намоянд, маҳорат ва малакаҳои гуногунро омӯзиш диҳанд ва ба онҳо имкони озодии интихоб ва даст ёфтан ба дастовардҳоро муҳайё созанд. Майлу рағбати падару модарон барои қобилияти кашфу ҷустуҷӯ доштани фарзандон ба онҳо паёме медиҳад, ки падару модарон аҳамияти амали онҳоро қадрдонӣ мекунанд. Аз ҳама муҳимтар ин аст, ки кӯдак бояд ҳадафҳое дошта бошад, ки аз рисолат ва аҳдофи хонавода сарчашма гирифта, барои расидан ба он талош намояд ва ҳадафҳои ҷузъии дигаре муносиб ба син ва дарку фаҳми худ дошта бошад.

### Ман метавонам ин корро танҳо анҷом диҳам

Аҳамият ба худ шахсро ба сӯи истиқлолият роҳнамоӣ мекунад. Талоши кӯдакон барои бардоштани сар, ҳаракат кардан ва роҳ рафтан бо шикам ва кӯшиши нишастан нахустин қадамҳои муҳим барои расидан ба истиқлолият аст ва нигоҳубин, меҳру муҳаббат падару модарон низ барои расидани онҳо ба мустақилият кумак мекунад.

Вақте кӯдак роҳгардиро ёд мегирад, ӯ ба як муҳити бехатар ниёз дорад, чун кӯдакони хурдсол, ки ҳамеша дар пайи донистан ва кунҷковӣ ҳастанд, намедонанд чӣ ба саломатии онҳо таҳдид мекунад ва чӣ чиз онҳоро дар ҳаракат ба сӯи мустақилият ташвиқ менамояд. Ва чун волидайн дар баъзе ҳолатҳо ва корҳои хурд ба онҳо ҳаққи интихоб медиҳанд, ин кор ба онҳо эҳсоси идораи ҳаёташонро мебахшад. Намунаи ин интихоби қисса пеш аз хоб, барнома барои тамошо, курта барои берун рафтан ва ғайра аст. Пас кӯдакони хурдсоле, ки ҳанӯз ба мактаб намераванд, қобили-

яти баёни бисёри андешаҳо ва эҳсосоту ниёзҳои худро доранд ва метавонанд барои расидан ба мустақилияти бештар қадамҳои калонтар гузоранд.

Вақте кӯдакон ба синни мактабӣ мерасанд, фурсатҳои зиёде барои омӯзиши истиқлолият меёбанд, монанди қабули қарорҳо нисбати дӯстон, барномаҳои мактабӣ ва бозиҳо, ки бахше аз интихоб дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо ҳастанд. Ба фарзандони калонтар метавон бо додани масъулиятҳои молӣ малакаи идоракунии молиро омӯзиш дод. Мисол, бо додани маблағе ба фарзанд барои харҷи як ҳафтаина ё дарёфти баъзе харочот ва ҳисоботи буҷети хона. Падару модар то метавонанд интихоби фарзандони худро эҳтиром намоянд ва бо нишон додани шавқу қадрдонӣ аз муваффақиятҳои хурду калонашон онҳоро дар бештар омода шудан ва назорат аз амалкардҳояшон кумак кунанд. Ин аст ҳамон чизе, ки онҳо онро барои худ як зиндагии солим ва мустақил медонанд.

## БИГУЗОР КӮДАКОН ХУДАШОН РОҲАШОНРО ИНТИХОБ КУНАНД

Кӯдакон мехоҳанд худашон чизҳоро озмоиш ва таҷриба кунанд. Шояд барои шумо дидани тағйироти ногаҳонии дар ҳолати фарзанди хурдсол душвор бошад, ба гунае, ки аз ҳолати исрорварзияш, ки "бимон ин корро худам анҷом диҳам" пас аз як дақиқа он қадар ба шумо вобаста мешавад, ки аз тарси ҷудо шудан аз шумо нигарон мешавад. Мо дар зер чанд нуктаро барои чигунагии тарзи бархӯрд бо фарзандон нишон медиҳем:

***"Барои эҷоди эҳсоси амният дар фарзандон ба онҳо аҳамият диҳед, меҳр варзед ва ҳар чӣ дар тавон доред, барои онҳо анҷом диҳед".***

- Саркашӣ, нофармонӣ ва иҷро накардани талаботи калонсолон аз унсурҳои асосии тамоюли кӯдакон ба мустақил будан аст.
- Саргарм кардани кӯдакон равиши судманд барои онҳост, бавижа вақте ки онҳо аз гуфтаҳои калонсолон сарпечӣ мекунанд, ва пешниҳоди гузинаҳои алтернативӣ ба онҳо эҳсоси идора карданро мебахшад.
- Аз ҳушдору дастурот парҳез кунед, зеро он дар зеҳни бисёри кӯдакон муборизаи беохири роҳбарӣ карданро ба вуҷуд меорад. Аз ин бармеояд, ки роҳнамоӣ таъсири бештаре дорад. Ба назар мерасад, хурдсолонро аз ҳар навъ қазовати калонсолон хуш намеояд, либоспӯшӣ ва хӯрданро бе кумаки падару модар беҳтар медонанд ва бо вуҷуди ранҷиши падару модар ин рафтори саркашонаи онҳо як амри табиист.

## НИГАРОНИИ КӮДАКОН АЗ ҶУДОӢ

Падару модар аз ҳама бештар ба фарзандон аҳамият медиҳанд. Бинобар ин, онҳо аз бегонаҳо ва дур шудан аз оилаи худ метарсанд ва ин як амри табиӣ ва муқаррарист. Пас аз он ки кӯдаки хурдсол як-ду сол бо падару модар зиндагӣ мекунад, табиист, ки намехоҳад онҳо аз наздаш дур бошанд. Ҷудоӣ барои падару модар ва кӯдаки хурдсол низ душвор аст. Дар зер чанд роҳнамунро дар бораи ҷудоии фарзандон аз волидайн зикр мекунем:

- Ҷудоӣ набояд муддати тулонӣ идома ёбад ва бояд танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ва ногузир сурат гирад, махсусан агар бори аввал бошад. Ба кӯдак пеш аз ҷудо шудан аз падару модар вақти кофӣ дода шавад, то шахсеро, ки дар набудани волидайн ӯро нигоҳубин мекунад, аз наздик бишносад ва аз қабл омодаи он бояд шуд.

- Ба кӯдакон, ҳатто барои ҷудоии кӯтоҳ, бояд хотири ҷамъ дода шавад. Масалан, ба боғчаи кӯдакон рафтан барои кӯдакони ҳассос бисёр душвор аст. Пас бояд падару модар барои кӯдакони хурдсоли худ вақт ҷудо намуда бо онҳо дар бораи тағйироте, ки дар набудани онҳо ба вуҷуд меояд, гап зананд ва ба онҳо хотири ҷамъ диҳанд, ки ҳатман бармегарданд. Ҳамин гуна бояд қабл аз вогузории онҳо зери масъулияти касе, ки онҳоро нигоҳубин мекунад, вақти кофӣ ҷудо карда шавад, то барои набуди эҳтимолӣ омода карда шаванд.

- Падару модар бояд ҳангоми рафтан аз хона кӯдаконро огоҳ кунанд. Шояд ҳам огоҳ ё видоъ кардан гоҳо барои кӯдакон нороҳаткунанда бошад, аммо таъсири манфии он ногаҳон ғоиб шудан камтар аст. Падар ё модар бояд ҳангоми рафтан аз хона худро барои фарзандон ором ва хушҳол нишон диҳад, чун изҳори ташвиш эҳсоси дилтангиро дар кӯдакон ба бор меорад. Ҳамчунин набояд аз вақте, ки барои кӯдак таъйин карда буд, хеле дер кунад.



## НАВРАСОН ВА ВОҚЕИЯТ

Даврони наврасиро метавон марҳалаи интиқол аз кӯдакӣ ба калонсолӣ аз назари ҷисмӣ, рӯҳӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ номид. Марҳалаи наврасӣ аз дигар марҳалаҳо фарқ мекунад, чун дар он бояд ба кӯдакон аҳамияти бештар аз назари тарбия, ҳимоя, салоҳият ва идора дода шавад, зеро таҷриба ва маърифати наврасон дар бораи зиндагӣ дар ин марҳалаи умр бисёр кам аст. Афзун бар ин, ба сабаби хурд будани ҷисму андоми наврасон, онҳо бояд ҳамеша ҳимоя карда шаванд. Гоҳо лозим нест, ки падару модар далели рафтори худро ба кӯдакони хурдсол тавзеҳ диҳанд, балки кофӣ аст аз онҳо бихоҳанд он чиро, ки ба онҳо мегӯянд, бе зикри сабаб анҷом диҳанд, зеро кӯдакон аз бисёри масъалаҳои мураккаб ва печида огоҳӣ надоранд.

Аммо ин масъала дар мавриди наврасон фарқ мекунад. Падару модар ба ҷои иҷрои нақши “фармондеҳ”, бояд нақши “музокиракунанда”-и моҳиреро дошта бошанд, то ба тавофуқи муштараки ризоятбахш бирасанд ва роҳҳоеро ёбанд, ки барои ҳар ду тараф муносиб бошанд. Наврасон бояд худбоварӣ дар зиндагиро биомӯзанд, чун онҳо бояд рӯзе хонаро барои таълим, издивоҷ, кор ё ғайра тарк кунанд ва маҷбуранд дур аз кумаки падару модар зиндагии худро идома диҳанд. Ба фоидаи ҳама аст, ки падару модар дилбастагии худро ба фарзандоне, ки дӯсташон медоранд, аз будаш зиёд нишон надиҳанд, чун фарзандон одатан ба сабаби ин муҳаббати беш аз ҳад нозуктабиат ба воя расида, вайрон мешаванд. Ҳамин гуна, падару модар бояд аз равиши сахтгиронаи худ оҳиста-оҳиста даст кашида, шахсони нармрафтору таҳаммулпазир шаванд ва омодаи супурдани салоҳият ба фарзандон бошанд, чун онҳо дигар кӯдакони хурдсол нестанд. Наврасон низ дар навбати худ бояд биёмӯзанд, ки чӣ гуна вобастагӣ ба падару модаронро коҳиш диҳанд.

Вақте модар нақши хизматгори хонаро барои худ интихоб мекунад, наврасон шахсони танбал ба воя расида, дар анҷоми корҳо вобаста ба худ буда наметавонанд ва ба гунае калон мешаванд, ки ҳамеша интизоранд касе ба онҳо хизмат кунад ва тамоми корҳои хонаро анҷом диҳад.

Баъзе падару модарони сахтгире ҳастанд, ки мехоҳанд назорат ҳамеша ба дасти онҳо бошад ва ғолибан дар муқобили фарзандони ҷавонашон, ки мехоҳанд худро барои мустақил шудан омода намоянд, қарор мегиранд, дар ҳоле, ки яке аз вазифаҳои муҳими падару модарон кумак кардан ба фарзандони навҷавонашон дар идора кардани ҳаёти шахсияшон аст, чун рӯзе хоҳад расид, ки падару модар идораи баъзе корҳоро аз даст хоҳанд дод. Чӣ зебост вақте падару модар медонанд, ки бояд ба фарзандони худ озодии ихтилофи назарро бидиҳанд ва дарк намоянд, ки онҳо наметавонанд бар зеҳни фарзандони навҷавони худ ҳокимияти комил дошта бошанд,

балки метавонанд онҳоро ба андешидан дар бораи гузинаҳои дигар ташвиқ намоянд, на маҷбур. Агар падару модар аз ғофилгир шудан ранҷ мебаранд, талош кунанд онро рафъ намоянд. Ва агар аз фарзандон эҳсоси дилсардӣ мекунанд, бояд биомӯзанд, ки чӣ гуна бо ин ҳолат зиндагӣ намоянд, чун ин вокунишҳо мушкили падару модарон аст, на аз фарзандон.

Аз ҷониби дигар, наврасон рӯз ба рӯз ба хатарҳои бештар мувоҷеҳ мешаванд, аз ҷумла моводи мухаддир, шароб ва хушунат. Имрӯз чунoне, ки мебинем, хатари онҳо бештар аз ҳар вақти дигар гаштааст ва қоидаи "аз хатоҳои худ биёмӯзед" дар замони мо барои касоне, ки хато мекунанд, ҳазинаи сангинеро ба бор хоҳад овард.

Баъзе падару модарон аз ибораҳои монанди "Туро чӣ шудааст, писарам?" ва "Чаро оқил намешавӣ?" бисёр истифода мекунанд. Синни наврасӣ фурсати муносиб барои мушаххас кардани муносибатҳо ба марҳалаҳои боз ҳам пешрафтатар байни фарзандон ва падару модарон аст; марҳалаест, ки калонсолон бояд фарзандони наврасашонро роҳнамоӣ кунанд ва наврасон низ дар навбати худ, агарчи баъд ҳам бошад, сипозгурӣ ва қадрдонӣ хоҳанд кард.

Аксари падару модарон дарк мекунанд, ки бояд шарҳи аз ҳад зиёдро дар бораи амалҳои фарзандонашон кам кунанд ва ҳамзамон вазнинии оқибатҳои амалҳои онҳоро афзоиш диҳанд.

Баъзе падару модарон дар тамоми умури хурду калони духтарони худ дахолат мекунанд ва мехоҳанд ҳамеша онҳоро аз тамоми мушкилот ҳифз намоянд. Ва ин яке аз сабабҳои он аст, ки вақте онҳе калон мешаванд, дучори мушкилиҳо мегарданд, чун дар гузашта тайи солҳо дар тамоми умури зиндагии худ зери аҳамияти шадиди падару модарон қарор гирифта, танҳо ба онҳо такя мекарданд. Ҳамин гуна, онҳо барои тасмимгирӣ ва қабули қарорҳо омӯзиш намебинанд ва ҳатто наметавонанд корҳои оддии зиндагиро, монанди нав кардани иҷозатномаи ронандагӣ, пур кардани корти суғуртаи мошин, кушодани ҳисоби бонкӣ ва ба бозор рафтан барои харид, худашон анҷом диҳанд. Пас падару модар бояд дар ин маврид каме эҳтиёт кунанд ва ба духтарони худ аз хурдӣ андаке мустақилият дода, худбовариро худро оҳиста-оҳиста ба онҳо таълим диҳанд ва барои расидан ба ин ҳадаф ба онҳо иҷозат диҳанд, ки дар фаъолиятҳое, ки онҳоро дар ин соҳа омода месозад, иштирок намоянд. Яке аз мафҳумҳои мустақилият ин аст: мустақилият интихоб ё гузинае аст, ки падару модар барои фарзандони худ фароҳам меоваранд.

Падару модарон бояд ин ҳақиқатро бипазиранд, ки фарзандон мехоҳанд онҳоро аз вазифаи “мудирӣ” бартараф намуда, ба онҳо вазифаи “мушовирӣ”-ро диҳанд, то масъулияташон танҳо насиҳат ва роҳнамоӣ кардан бошад. Онҳо ҳамчунон таъсиргузорӣ бар фарзандони худро идома хоҳанд дод, аммо дар айни ҳол бояд бидонанд, ки чӣ гуна оҳиста-оҳиста ва марҳала ба марҳала аз идора кардан ва ҳокимияти мутлақ доштан даст бикашанд. Агар падару модар дар тамоми умури хурду калони онҳо дахолат намоянд ва бихоҳанд идораи онҳоро танҳо ба дасти худ дошта бошанд, бешубҳа ба мунокишаҳои беохир дучор хоҳанд шуд.

Хоҳиши наврасон аз падару модарон ба ҳоли худ гузоштани онҳост. Наврасони собиқ ҳар чи калонтар мешаванд, эътироф мекунанд, ки бояд дарк мекарданд, ки падару модарон ба онҳо аҳамият медоданд. Мисол яке аз ҷавонон чунин қисса мекунад: «Ман дар минтақае калон шудаам, ки он ҷо гурӯҳҳои гуногуни бисёре буд, ва падару модарам маро огоҳ карда буданд, ки набояд ба ҳеҷ яке аз ин гурӯҳҳо аъзо шавам. Ман медонистам, ки падару модарам ба ман аҳамият медиҳанд, бинобар ин ба чизҳое, ки ин гурӯҳҳо ба ман фароҳам мекарданд, ниёз надоштам. Падару модарам ба ман омӯхта буданд, ки бояд дар андешаронииҳоям инсони мустақил бошам ва набояд бидуни андешидан аз рӯи ҳавову ҳавас аз дигарон пайравӣ кунам».

Боварӣ ба фарзандон + роҳнамоӣ ва насиҳати падару модар = худбоварӣ ва масъулиятшиносӣ

## ТАЪСИРИ УСЛУБҲОИ ГУНОГУНИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД: ҚУДРАТИ МАСЪУЛИЯТШИНОС ДАР МУҚОБИЛИ ҚУДРАТИ ЗӮРГӮЙ

Қудрати масъулиятшинос таълимотест, ки худбовариро тақвият ва ташвиқ мекунад, аммо қудрати зӯргӯй таълимотест, ки эътимод ба дигаронро ташвиқ мекунад. Бисёри афроди ба камол расида дар тасмимгирӣ ва қабули қарорҳо ранҷ мебаранд ва барои баъзеи онҳо ин як мушкили ҳалнашаванда аст, ки бесарусомонӣ дар зиндагии рӯзмарраи онҳоро ба вуҷуд меорад. Қарорҳое ба монанди интихоби ошхона барои ғизои шом, харидани либос ва ё интихоби соҳаи омӯзиш барои онҳо як кори душвор аст. Гузашта аз ин, баъзеи онҳо тасмимгириҳои худро ба таъхир меандозанд, то касе пайдо шуда, аз ҷониби онҳо қарор қабул намояд.

Касоне, ки зери қудрати зӯргӯй парвариш ёфтаанд, ду навъ тарс доранд:

**Тарси якум** тарс аз муваффақ нашудан аст. Калонсолоне, ки зери “тарси қабули қарор” ба воя расидаанд, касоне ҳастанд, ки замони хурдсолии онҳо дур аз омӯзиши худтасмимги-

риҳо гузаштааст, ва шахсе (падар ё модар) будааст, ки ҳамеша қабули қарор ва тасмимгириҳо ба дасти ӯ будааст, яъне шахсе, ки ҳамеша ӯро аз муваффақ нашудан дар қабули қарорҳо ҳимоят кардааст. Онҳо хоҳанд гуфт: “Чаро мо худро дар хатари нокомӣ қарор бидиҳем, вақте ки шахсе аз ҷониби мо тасмим мегирад ва қарор қабул мекунад?” Бинобар ин аст, ки онҳо бо зарфияти камтар барои тафаккур ва бо канорагирӣ аз қабули қарорҳо ба воя мерасанд. Онҳо, ки аз шикаст ва муваффақ нашудан муҳофизат мешаванд, наметавонанд лаззати хушҳолиеро, ки бо қабул қарорҳои дуруст ба вуҷуд меояд, бичашанд.

***Наврасоне, ки масъулияти воқеии кофӣ ва мустақилиятро дар ҳаёти худ доранд, нисбат ба дигарон камтар ба хатарҳои ҳаёт дучор мешаванд.***

**Тарси дуюм** тарс аз мавриди пазириш қарор нагирифтан аст. Фарзандоне, ки бо зӯрӣ дар вобастагӣ парвариш меёбанд, ҳамеша бо мувофиқат ва тасмимомти падару модар ба воя мерасанд, агарчи ин дар солҳои аввали ҳаёти кӯдакон аст, аммо дар ниҳоят худбоварии онҳоро заиф мегардонад. Онҳо дар зиндагии оянда эҳсоси зарурат ба мувофиқати падару модарони худро ба дигарон интиқол медиҳанд ва дар баъзе ҳолатҳо дунболи мувофиқати онҳо мегарданд ё мунтазир мемонанд, то аз ҷониби онҳо тасмимгирӣ кунанд, гӯё бо забони ҳол мегӯянд: “Агар тасмимгириҳои хато сабаби адами ризоят ва рад бошанд, пас беҳтар аст ман ҳамчун инсони манфӣ ва пайрав боқӣ монам”.

Дар муқобил, падару модароне, ки равиши тарбияи онҳо бар қудрати масъулиятшинос асос ёфтааст, ба фарзандон бархӯрди далерона ба нокомиро меомӯзонанд ва ҳамзамон ба онҳо кумак мекунанд, ки рискҳои омӯхташударо, ки барои тасмимгириҳо заруранд, бипазиранд. Ибораи “Шумо муваффақиятро ба ман нишон диҳед, ман ба шумо шикастро нишон медиҳам” ба ин маъно аст, ки муваффақият дар натиҷаи шикастҳои собиқ ба вуҷуд меояд. Фарзандон ҳатман аз шикаст ва нокомиҳо таҷрибаҳои зиёд ба даст меоранд: аввал бо дуруст кардани хатоҳо, баъд бо такрор накардани онҳо ва сипас бо дубора талош ва таҷриба кардан. Он гоҳ аст, ки хатоҳо ба фурсат ва таҷрибаҳои нав мубаддал мешаванд. Бехатартарин роҳ дар тарбияи оилавӣ танзими дастурамалҳо ва роҳнамунҳо аст, аммо набояд инъитофпазирӣ бо зиддият омехта карда шавад. Азбаски якдилӣ ва ҳамкорӣ омили афзоиши бехатарӣ аст ва қобилияти дарку пешбинӣ ва шинохти асли иллату маълулро зиёд мекунад, яке аз вижагиҳои муҳим дар тарбияи муваффақ дониста мешавад. Асоси тарбияи солим ин аст, ки қобилияти қабули тағйирпазириро дошта

бошед ва ҳамзамон инсони дуранга набошед. Тағйирпазирии ҳамнавохт дар тарбияи оилавӣ ҳамроҳи қудрати масъулиятшинос баёнгари адолат ва тамоюл ба азнавгирии қарорҳо дар асоси маълумоти нав аст, аммо сахтгирӣ ҳатто дар ҳоли ҳосил шудани таҳавуллоти нав аз тағйирот имтиноъ меварзад. Паёме, ки ба василаи қудрат ва нуфуз ба фарзандон мерасад (“Чун ин суханро ман мегӯям”, “Чунки ман падари ту ҳастам” ё “Фақат чизеро, ки ман мегӯям, анҷом деҳ”), бе мантиқ ва асос аст ва шояд дар ниҳоят кӯдаконро ба дараҷаи ноумедӣ расонад ва онҳо ба усулҳои сахтгирона ва дастуралҳои падарону модарон эътироз намоянд ва амалҳоеро сар кунанд, ки шомили ҳолатҳои монанди “Ман ба равиш ва хости худам амал мекунам” бошанд ва он гоҳ шояд ба “сабаб ва натиҷаи он” наандешанд, чун дар бораи чигунагии ғалаба бар шикаст омӯзиш надидаанд. Саркашӣ онҳоро ба муртакиб шудан ва даст задан ба хатоҳои бештар роҳнамоӣ мекунад, ки натиҷаи он мубтало шудан ба ноумедӣ, шикасти равонӣ ва заъфи худбоварӣ дар онҳо мегардад. Мо имрӯз метавонем ба осонӣ падидаҳои онро дар ҷомеа дар чеҳраи наврасони саркаш ва вайронкор бубинем.

Яке дигар аз натиҷаҳои таассуфбори тарбияи иҷборӣ ва зӯракӣ ин аст, ки баъзе фарзандон бар хилофи равишҳое, ки дар боло зикр шуд, вокуниш нишон медиҳанд ва аз назари шахсият заиф ба воя мерасанд, ба гунае, ки ба худ иҷозат медиҳанд шахси дигаре онҳоро идора кунад. Ин ҳолат дар оилае дида мешавад, ки дар он яке аз ҳамсарон бартарӣ доштан майл дорад ва дар ҷустуҷӯи шарикест, ки дигарӣ имкон медиҳад, ки ӯро идора кунад ва худро бартарӣ диҳад. Ин гуна муносибатҳо бадбахтиро ба бор меоранд ва аксари вақт дар азобу дарду алам ба поён мерасад.



## МАЛАКАҲОИ ЛОЗИМ БАРОИ ТАШАККУЛИ ХУДБОВАРӢ

Мушкилоти монанди гурӯҳҳои ҷиноӣ, маводи мухаддир ва машрубот барои фарзандон, махсусан дар марҳалаи наврасӣ, хатари бузург ва таъсири дарозмудат дорад, ки падару модаронро водор месозад бо фарзандон на ҳамчун як насиҳатгар, балки ҳамчун як амир болои онҳо ҳокимият дошта бошанд. Пас аз ин ҷо бармеояд, ки суҳбат кардан дар ин бора бо фарзандон ва эҷоди худбоварӣ дар онҳо яке аз масъалаҳои бисёр муҳим барои падару модарон аст.

Лизаи 20-сола аз иёлати Калифорнияи Амрико мегӯяд, ки ба падару модараш, ки бо ӯ ошкоро дар бораи масоили ҷинсӣ ва маводи мухаддир суҳбат мекарданд, эҳтиром қоил аст. Падару модари Лиза дарк намудаанд, ки мушкилоте, ки имрӯз фарзандон ба он мувоҷеҳ мешаванд, дар замони онҳо вуҷуд надошт, аммо онҳо паём ва насиҳати муҳимеро ба ӯ расонидаанд, ки духтари онҳо ҳаргиз ба робитаҳои ҷинсии номашруъ ва истифодаи маводи мухаддир наздик нашавад. Лиза дар идомаи суҳбат ишора мекунад, ки баъзе дӯстонаш суҳбат ва насиҳати падару модарони худро дар ин бора надидаанд ва бинобар ин ҳамеша дур аз чашми онҳо шароб менӯшанд. Пас ташвиқ кардани фарзандон барои “тасмимгириҳо” хирадмандонатар аз он аст, ки худи падару модарон аз ҷониби онҳо қарор қабул намоянд, новобаста аз сатҳи дониши падару модар, ки одатан аз он чӣ фарзандон доранд, баландтар аст. Наврасоне, ки аз мустақилияти кофӣ ва худбоварӣ бархӯрдор ҳастанд, камтар ба корҳои хатарнок даст мезананд.

Вақте фарзандон ба дигарон эътимод мекунанд ва ҳамеша вобастаи онҳо ҳастанд, эҳсоси нотавонӣ, бадбинӣ ва асабоният менамоянд, ки он барои падару модарон мушкилот ба бор меорад. Фарзандон аз сабаби камтаҷрибагӣ ба мо такя мекунанд ва мо низ дар навбати худ чизҳои зиёде дорем, то барои онҳо бигӯему баён дорем ва анҷом диҳем. Фурсат ва имкониятҳои зиёде барои ташвиқ кардани фарзандон ба сӯи худбоварӣ вуҷуд дорад, ки ҳар рӯз дар зиндагии рӯзмарраи мо ба вуқуъ мепайванданд. Ин ҷо шуморе аз малакаҳои лозимро зикр менамоем, ки метавонад худбоварии фарзандонро биафзояд.

*(Faber and Mazlish, 2012):*

- Ҳар гоҳ падару модарон ба фарзандони худ гӯш фаро медиҳанд, дар эҳсосоти онҳо худро шарик месозанд ё онҳоро барои ҳалли мушкилоте даъват менамоянд, бо ин тарзи рафтори худ онҳоро бештар ба худбоварӣ ташвиқ мекунанд. Яке аз модарон мегӯяд: “Модаркалонам ҳамеша дар бораи яке аз ҳамсояҳомон ба некӣ ёд мекунад ва мегӯяд, ки бисёр модари хуб аст ва тамоми чизро барои кӯдаконаш анҷом медиҳад!” Бисёри одамон гумон

мекунанд, ки модарони хуб касоне ҳастанд, ки тамоми корро барои фарзандони худ анҷом медиҳанд, ва бадтар аз он онҳо ҳанӯз ин андешаро дар сар мепарваранд. Назорати беш аз ҳад боиси мунокишаҳо дар масъалаҳои ночиз, рақобат дар идора кардан ва ноумедиҳои зиёд мешавад.

- Падару модарон бояд оҳистоҳиста ва марҳала ба марҳала ба омӯзиши фарзандон бипардозанд, то масъулиятҳоеро, ки ба онҳо марбут ҳастанд, ба уҳда бигиранд. Ҳар гоҳ падару модар эҳсос кунанд, ки тақсими масъулиятҳои худ бо фарзандонро оғоз кардаанд, ба худ саволҳои зеринро диҳанд, ки кафолати омӯзиш додани фарзандон дар бораи масъулиятро ба онҳо ёдовар месозад: "Оё ман ин ҷо ҳаққи интихоб дорам? Оё зимоми тамоми умурро дар даст дорам? Оё ман метавонам дар ин масъала масъулиятро ба фарзандон вогузор кунам?"

- Яке аз одатҳои писандида ин аст, ки падару модар ҳамеша аз худ бипурсанд:

✓ Чӣ бигӯям? Оё ин боиси вобастагии фарзандон ба ман хоҳад шуд? Агар ҷавоб мусбат бошад, бояд аз анҷом додан ё гуфтани ин корҳо парҳез кунам.

✓ Чӣ бигӯям ва чӣ кор кунам, то фарзандонам мустақилияти бештар ба даст оранд? Пас ман бояд чунин корҳоро анҷом диҳам ва чунин суханҳоро бигӯям.

Талош барои ҳимояти фарзандон аз ноумедӣ ва дилшикастагӣ метавонад дар айни ҳол онҳоро аз умеду орзу ва истодагарию дастовардҳо маҳрум созад.

**Қиссаи воқеии боварнакарданӣ!**

Як модароне чунин қисса мекунад: «Вақте мебинам се писарам комилан аз ман вобастаанд ва ба ман ниёз доранд, эҳсоси қаноатмандӣ мекунам. Рӯзе эҳсоси аҷибе маро фаро гирифт, чун фаҳмидам, ки занги соат барои субҳ бедор кардани онҳо аз овози ман бештар таъсир доштааст ва чун онҳо хонданро ёд гирифтанд, ман дигар пеш аз хоб барояшон қиссаҳои ширин нақл намекардам. Ҳамин гуна эҳсоси аҷибе маро фаро гирифт, чун ба ин андеша фурӯ рафтам, ки чӣ хоҳад шуд, агар онҳо мустақилияти бештаре касб кунанд. Дар ин ҳангом қиссаи модареро ба ёд овардам, ки онро як мураббияи боғчаи кӯдакон ба ман нақл карда буд. Қисса ин гуна буд, ки мураббия модари ҷавонеро розӣ мекунонад, ки ҳоли фарзандаш

бисёр хубтар хоҳад буд, агар ӯро дар боғча бигузорад. Панҷ дақиқа пас аз рафтани модар, кӯдак ба қазои ҳоҷат зарурат пайдо мекунад ва чун мураббия ӯро ташвиқ мекунад, ки худаш ба ҳоҷатхона равад, кӯдак бо нороҳатӣ мегӯяд: "Ман наметавонам ба ҳоҷат биравам, чун модарам ин ҷо нест. Ман ҳар гоҳ корамро дар ҳоҷатхона тамом мекунам, модарам бароям каф мезад". Мураббия ба кӯдак мегӯяд: "Бирав ба ҳоҷатхона ва чун коратро тамом кардӣ, барои худат каф бизан". Тифл аз шунидани он ҳайрон мешавад, вале мураббия ӯро то дари ҳоҷатхона бурда, худаш дар пушти он мунтазир мемонад, пас аз чанд дақиқа садои каф задани тифлро мешунавад. Пас аз рафтани кӯдак ба хона, модари кӯдак ба мураббия занг зада мегӯяд, ки вақте писараш ба хона омад, ба ӯ гуфт: "Модар, ман метавонам барои худам каф бизанам ва дигар ниёзе нест маро то ҳоҷатхона ҳамроҳӣ намоӣ!" Мураббия таъаҷҷуб мекунад, вақте модари ҷавони ин писарак мегӯяд: "Ман аз ин ҳолате, ки бо фазандам рух дод, нороҳат шудам!"

Муҳимтарин малакаҳо барои ташаккули худбоварӣ дар кӯдакон инҳоянд:

## Ба кӯдакон гузина пешниҳод кунед

Аз фарзанди худ бипурсед, ки як пиёла шир мехоҳад ё ним пиёла? Тухми бирён мехоҳад ё оббпаз? Чун интихоби ҳар як кӯдак, новобаста аз синни ӯ, имкони васеъ кардани назорати ҳаёти худашро ифода мекунад. Дар айни ҳол ӯ метавонад як шахси якрав ва саркаш ба воя расад, агар ба ӯ ҳаққи интихоб дода нашавад, чун ҳамеша фармон ва дустур мешунавад: "Дорӯятро худи ҳозир бихӯр", "Таблак задан бар рӯи мизро бас кун", "Зуд ба ҷои хобат бирав".

Аммо агар барои интихоби кӯдак имконият фароҳам карда шавад, ғолибан дар кам сохтани хашми ӯ кумак мекунад: "Ман медонам, ки хӯрдани ин дору бароят ногувор аст, аммо агар онро бо шарбати себ афлесун бихӯрӣ, талхияшро камтар эҳсос мекунӣ", "Садои таблак задан маро озор медиҳад, ту метавонӣ бар рӯи миз таблак назанӣ ва дар ин ҷо ором бишинӣ ё рафта дар утоқи худат таблак бизанӣ. Худат интихоб кун", "Вақти суҳбати падару модарат ва вақти ба ҷойгаҳи хоб рафтани ту расидааст. Ҳоло майли хоб рафтан дорӣ ё мехоҳӣ каме дигар болои бистари хобат бозӣ кунӣ?"

> Касоне, ки ба синну соли бознишастагӣ расидаанд ва розӣ карданашон бисёр душвор аст, ҳамоно кӯдаконе ҳастанд, ки ба ҷойгаҳи хоб мераванд
>
> (Brown 1994).

Интихоби иҷборӣ ҳаргиз гузина буда наметавонад, балки фарзанд гумон мекунад, ки ин як равиши дигари идора кардани ӯст. Яке аз гузинаҳои муносиб талаб кардан аз фарзанд аст, то интихобе, ки барои ҳама мавриди пазириш бошад, пешниҳод намояд. Як модар мегӯяд: "Ман ва ҳамсарам бо писари сесолаамон Ҳонӣ ва тифли навзодамон, ки дар аробача буд, мехостем ба он тарафи роҳ гузарем. Ҳонӣ ҳеҷ гоҳ намегузошт, ки аз дасташ гирем ё дар миёни роҳ саркашӣ мекард, то дасташро боз кунем. Ба ҳамин хотир пеш аз гузаштан аз ӯ пурсидам: «Ҳонӣ, дасти маро мегирӣ ё аз падаратро ё барои бехатар аз роҳ гузаштан пешниҳоди дигаре дорӣ?» Ҳонӣ гуфт: «Ман дастаи аробачаро мегирам». Ин интихоби хуб ва дуруст барои ҳамаи мо буд".

## Изҳори эҳтиром ҳангоми ранҷидани кӯдак

Вақте фарзандон мехоҳанд кореро анҷом диҳанд ва мо мегӯем "Ин кори бисёр осон аст", то онро бешубҳа анҷом диҳанд, мо бо ин суханамон кори онҳоро осон намекунем, чунки онҳо гумон мекунанд як кори осон ва номуҳимеро анҷом додаанд ва дар сурати муваффақ нашудан, эҳсос хоҳанд кард, ки ҳатто дар анҷоми як амали осон ва ночиз оҷиз мондаанд. Агар ба ҷои он гуфта шавад: "Ту метавонӣ ин корро анҷом диҳӣ ва шояд ҳам ин барои ту бисёр осон бошад" ё "Шояд ин кор душвор бошад", ин гуна иборaҳо мафҳуми дигареро ба онҳо мерасонанд ва дар сурати муваффақ шудан, онҳо ифтихор хоҳанд кард, ки кори боарзишеро анҷом додаанд, аммо дар сурати нокомӣ, эҳсоси ризоят хоҳанд кард, чун дар асл кори душворе буд. Як масъалаи осон ба сабаби камбуди таҷриба мумкин аст барои кӯдак душвор бошад, чун бори нахуст аст, ки талош мекунад ба чизе бирасад, ки ҳеҷ гоҳ анҷом надодааст.



Ҳамчунин беҳтар аст аз гуфтани иборае чун: "Ҳатман ин кор бароят душвор аст" парҳез кунем, чун мумкин аст фарзанд ба худ бигӯяд: "Чаро барои дигарон душвор нест ва танҳо барои ман душвор аст?" Барои баъзе падару модарон нишаста ва аз дур тамошо кардани фарзандоне, ки дар анҷоми коре азоб мекашанд, душвор аст, аммо ба ҷои ин ки худашон онро анҷом диҳанд, беҳтар аст дастурамалҳои муфиде барои кумак ба онҳо ироа намоянд. Мисол: "Гоҳо муфид аст, ки пеш аз

ба боло кашидани занҷираки шим аввал онро камтар поён бикашед” ё “Гоҳо муфид аст, ки пеш аз боз кардани дар калидро чанд маротиба тоб диҳед”. Ибораи “Гоҳо муфид аст” ин ҷо бисёр таъсирбахш ва чашмгир аст, зеро агар кумаке накунад ҳам, аз эҳсоси заъфу нотавонӣ дар кӯдакон пешгирӣ мекунад.

## Бар сари кӯдакон монанди муфаттиш набошед

— Куҷо рафта будӣ?

— Берун.

— Чӣ кор кардӣ?

— Ҳеҷ коре накардам.

Фарзандон барои посух ба пурсишҳое, ки барои ҷавоб додан ба онҳо омода нестанд, аз услубҳои дифоӣ истифода мебаранд монанди “намедонам” ё “маро ба ҳоли худам бигзор”. Ин на ба он маъност, ки падару модар аз пурсидани фарзандони худ парҳез кунанд, балки ба он маъност, ки ба таъсири чашмдошти саволҳояшон ба фарзандони худ огоҳ ва ҳассос бошанд.

## Барои посух ба саволҳо шитоб накунед

Ҳангоми калон шудани фарзандон саволҳои гуногун ва ҳайратовар дар сари онҳо давр мезананд. Мисол, “Тиру камон чист?”, “Чаро тифл ба ҷое, ки аз он омадааст, наметавонад баргардад?” ва “Чаро ман бояд ба донишгоҳ биравам?” Падару модарон ғолибан ҳангоми чунин пурсишҳо аз сӯи фарзандон, эҳсос мекунанд, ки онҳо барҷаста шудаанд, бинобар ин дар ҷустуҷӯи посухҳои фаврӣ ва мувофиқ мешаванд.

Одатан фарзандон пешакӣ дар зеҳни худ посуххое барои ин пурсишҳои худ ҷустуҷӯ кардаанд ва дар ҳақиқат мехоҳанд андешаҳои дигарро бишнаванд. Бинобар ин калонсолон фурсат доранд дар оянда посухҳои мувофиқ ба чунин саволҳо диҳанд, агар дар зеҳни фарзандон боқӣ бимонад ва илло дигар ниёзе ба посух додан нест. Аз посухҳои фаврӣ ва мустақим суде ба фарзандон нахоҳад расид, чун аз ин ҷо бармеояд, ки падару модар ба ҷои фарзандони худ меандешанд. Ба фарзандон он гоҳ манфиати бештар мерасад, ки ин саволҳо мавриди таҳқиқ ва баррасии бештар қарор гирифта, ба онҳо дода шавад. Масалан, ба онҳо гуфта шавад: “Оё ин шуморо ба ҳайрат намегузорад? Фикри шумо дар ин бора чист?”

Падару модарон метавонанд саволи фарзандашонро ба худи ӯ бидиҳанд. Масалан, вақте ӯ мепурсад: “Чаро мардум наметавонанд ҳар кореро, ки мехоҳанд анҷом бидиҳанд?” бо изҳори эҳтиром ва тааҷҷуб бигӯянд: “Саволи ту бисёр саволи муҳим аст, ки файласуфонро асрҳо дар ҳайрат гузошта аст”. Лузуме ба шитобзадагӣ дар посух нест, чун равиши ҷустуҷӯи посух дар зоти худ муҳим ва дорои арзиш аст.

Падару модарон бояд ба фарзандон маълумоти дуруст диҳанд, на ин ки хурдсолии онҳоро баҳона карда, маълумоти нодуруст диҳанд. Баръакс, онҳо дар марҳилаи ташаккули дониш қарор доранд. Бинобар ин бояд маърифати қобили эътимод бошад, аммо ба тарз ва гунае дода шавад, ки муносиби синну соли онҳо бошад. Ниёзе нест, ки маълумот якбора ба онҳо дода шавад, балки бояд бо рушду инкишофи равонӣ, иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва забонии кӯдакон мутобиқ бошад. Аз ин ҷо санъат ва ҳунари падару модар ҳувайдо мегардад.

### Кӯдаконро ташвиқ кунед, ки аз манобеи берун аз хона истифода баранд

Яке аз роҳҳое, ки метавон бо он вобастагии фарзандон ба оиларо коҳиш дод, ин аст, ки ба онҳо нишон дода шавад, ки берун аз хона ҷомеаи бузурге мунтазири онҳост, то онро кашф кунанд, сарчашмаҳои боарзиши онро таҳқиқ намоянд, бидонанд, ки дунё барои онҳо ҷои бегона нест ва вақте вориди ҷомеа мешаванд, ҳангоми ниёз ва ҳоҷат дасти кумак ба онҳо хоҳад расид. Ворид шудан ба ҷомеаи берун аз оила илова бар ин ки манфиатҳои зиёдеро барои онҳо фароҳам меорад, метавонад бори гаронеро, ки бар уҳдаи падару модарон аст, ва масъулиятҳои гаронеро, ки дар пеши онҳо доранд, кам кунад. Мисол, дар маркази тиббӣ ҳамшираи шафақат метавонад бо фарзандоне, ки аз фарбеҳӣ ранҷ мебаранд, дар бораи тарзи дурусти хӯрдани ғизоҳо суҳбат кунад; фурӯшандаи попӯшҳо метавонад ба ӯ таъсири ба муддати тӯлонӣ пӯшидани попӯшҳо бар пойро шарҳу тавзеҳ диҳад; китобдори китобхона кумаки худро барои навиштани мақола ё иншо ба ӯ дареғ надорад; духтури дандон таъсири манфии нашустани дандонҳо ва зарари беш аз андозаи хӯрдани ширинихо барои дандонҳоро барояш бигӯяд ё падару модар аз равоншинос дар бораи вобастагии беш аз ҳадди кӯдакон ба бозиҳои компютерӣ маслиҳат пурсанд. Ин ҳама сарчашмаҳои берун аз хона метавонад ҷойгузини насиҳатҳои рӯзона ва зиёди падару модарон гардад.

### Умедро аз орзуҳои кӯдакон канда накунед

Лаззатҳои зиёди зиндагӣ дар хобу хаёл, таваккуот ва нақшаҳои фарзандон нуҳуфтааст, ба вижа ин ки яке аз хусусиятҳои кӯдакӣ тафаккури хаёлӣ аст. Аммо падару модароне, ки аз ин хусусиёт огоҳ нестанд, онҳоро яке аз мушкилоти рафтории кӯдакон медонанд ва мехоҳанд онро бартараф кунанд ё ба муолиҷаи он бипардозанд. Аммо бо ин тарзи бархӯрд фарзандони худро аз таҷрибаҳо бозмедоранд. Вақте падару модарон аз тарси ноиомӣ монеи таҷрибаомӯзии фарзандон мешаванд, бо ин кор онҳоро аз таҷрибаҳои лаззатбахшу муҳим ва судманд маҳрум месозанд.

## НАСИҲАТҲО БАРОИ ПАДАРУ МОДАРОН

### Бигзоред онҳо бадани худро назорат кунанд

Падару модарон аз болои чашм дур кардани мӯи сари фарзандон, дуруст кардани китфҳо, то бо қомати рост роҳ биравáнд, ва мураттаб кардани куртаҳои онҳо худдорӣ намоянд, чун фарзандон гумон мекунанд ин гуна бархӯрди беш аз ҳад поймол кардани хусусиятҳои ҷисмии онҳо аст. Дахолат накардан дар баъзе умури онҳо на ба ин маъност, ки ба онҳо насиҳатҳои муносиб ва лозим надиҳед. Мушкил ин ҷо худи роҳнамоӣ нест, балки тарз ва чигунагии он аст, ки бояд бо камоли муҳаббат, аҳамият, ҳамдигарфаҳмӣ ва садоқат анҷом гирад.

### Дар назди кӯдакон дар бораи онҳо гап назанед, агарчи хурдсол ҳам бошанд

Агар падару модар худро тасаввур намоянд, ки дар паҳлуи модарашон истодаанд ва модар ба яке аз дӯстонаш қисса мекунад, ки “вақте дар синфи якум мехонд, аз хато хонданаш чандон хушҳол набуд, вале ҳоло беҳтар аст” ё “аҳамият надиҳед, ӯ каме шармин аст”. Вақте фарзандон чунин ҳукмеро дар бораи худ мешунаванд, эҳсоси нороҳатӣ мекунанд ва ба худ гумон мекунанд, ки бо онҳо монанди чизҳои беарзиш бархӯрд мешавад ва таъсири манфии он ба равони онҳо беасар нахоҳад монд.

### Ба фарзандон иҷозат диҳед худашон ҷавоб диҳанд

Гоҳо дар ҳузури фарзандон аз яке аз падару модарон пурсида мешавад, ки “оё фарзанди шумо тифли навзодро дӯст медорад?” ё “чаро бо бозичаи наваш бозӣ намекунад?” Дар ин ҳолат бинобар эҳтироми истиқлолият ва худбоварии фарзанд падару модар бояд аз ҷавоб додан худро боздоранд ва ҷавобро ба худи фарзанд вогузор кунанд: “Амир худаш мегӯяд, ӯ танҳо худаш ҷавоби ин саволро медонад”. Ин гуна рафтор боиси афзоиши луғатдонӣ ва қобилияти баён дар бораи ниёзҳо, назарот ва эҳсосоти онҳо мешавад.

### Худро ба гунае нишон диҳед, ки омода будани фарзандро барои анҷом коре дарк менамоед

Гоҳо фарзандон барои анҷоми коре майлу рағбати зиёд нишон медиҳанд, аммо ҳанӯз аз нигоҳи ҷисмӣ барои анҷоми он омода нестанд. Мисол, духтараки хурдсол мехоҳад монанди духтарони наврас аз ҳаммом истифода кунад, вале ҳанӯз наметавонад; писараки хурдсол мехоҳад монанди бародари калониаш ба оббозӣ равад, вале аз об метарсад; кӯдаки хурдсол мехоҳад аз макидани ангушташ бозистад, вале ҳангоми хаста буданаш аз ин кор лаззат мебарад. Падару модар боварии худро ба фарзандони хурдсол ба шакли мусбат иброз доранд ва онҳоро дар ҳолати ногувор қарор надиҳанд.

Онҳо метавонанд: “Рӯзе мерасад, ки монанди падару модарат аз ҳамом худат истифода мекунӣ”, “Ман норозҳат нестам, ҳатман вақте омода шудӣ, оббозӣ карда метавонӣ” ё “Вақте худат хостӣ, метавонӣ аз макидани ангуштат даст бикашӣ”.

## Аз бисёр гуфтани калимаи “не” парҳез кунед

Ҳолатҳои зиёде пеш меоянд, ки падару модарон хостаҳои фарзандонро бароварда сохта наметавонанд, аммо ин низ барои онҳо тарбия ба шумор меравад, агар дар вақт ва лаҳзаи муносиб ва дар доираи хирад сурат гирад. Гоҳо хоҳиши фарзандон бо истифодаи калимаи “не” ва ба гунае рад карда мешавад, ки онҳо эҳсос мекунанд, ки як ҳуҷуми мустақим ба истиқлолияти онҳо аст. Онҳо дар чунин ҳолат дод мезананд ва аз таъсири хашми баланд ранҷ мебаранд, шояд ҳам калимаҳои дурушт ба кор гиранд ё дар чеҳраҳаи онҳо нишони норозҳатӣ зоҳир гашта, ба падару модарон гӯянд: “Чаро не? Ту бахил ҳастӣ. Туро бад мебинам!” Ҳатто падару модари босабр аз дидани чунин манзараҳо ранҷ мебаранд. Пас оё беҳтар аст, ки падару модар ба тамоми талабот ва хостаҳои фарзандон таслим шуда, ба ҷои “не” фақат “бале” бигӯянд? Албатта не, чун хушбахтона гузинаҳои дигари судманде вуҷуд дорад, ки падару модарон метавонанд бо истифодаи онҳо дар мавқеи худ устувор монанд ва дар айни ҳол бо фарзандони вориди мунокиша нагашта, таваҷҷуҳи онҳоро ба тарафи дигар ҷалб намоянд. Бо ин роҳ онҳо метавонанд худро аз борҳо гуфтани “не” ба фарзандон ҳифз намоянд.

## Бо фарзандон маслиҳат кунед

Бисёри падару модарон бо фарзандони худ дар бораи масоиле, ки ба онҳо вобаста аст, маслиҳат намекунанд. Масалан, агар бихоҳанд духтари худро барои муваффақ шудани ӯ дар имтиҳонот ба ошхона даъват кунанд, интихоби ҷойро ба ӯ вогузоранд, то ошхонаи мавриди писандашро интихоб кунад, на ҷоеро, ки худи онҳо беҳтар медонанд, чун ин ҷашн барои ӯст ва ҳаққи ӯст, на падару модарон. Ҳамчунин вақте падару модар мехоҳанд бозича ё лухтакеро бихаранд, беҳтар аст дар бораи он бо фарзанди худ маслиҳат кунанд, чун шояд падар бозичаро мувофиқи завқи худ интихоб намояд, на хоҳиши фарзанд. Дар ин ҳолат хулоса ин хоҳад буд, ки падар худаш бо ин бозича бозӣ мекунад ва фарзанд аз тамошои он хаста шуда, имкон дорад гиря кунад. Пас беҳтар аст падару модарон бо фарзандони худ дар масоиле, ки вижаи онҳост, маслиҳат кунанд ва бигузоранд худи онҳо чизҳоеро, ки махсуси онҳост, интихоб намоянд ва дар интихоби чизҳое, ки дӯст медоранд ё хушашон намеояд, онҳоро маҷбур насозанд. Шакке нест, вақте бо фарзандон монанди як дӯст ва самимона муносибат карда мешавад, барои беҳтар шудани вазъ ба ҳар ду тараф кумак менамояд.

Гузаштагон гуфтаанд: “То ҳафтсолагӣ бо писарат бозӣ кун, ҳафт соли дигар ӯро адаб биёмӯз, ҳафт соли дигар бо ӯ монанди бародар бош ва сипас зимоми умурашро ба дасти худаш бигузор”.

## Ба фарзандони худ истиқлоли масъулиятшиносиро биёмӯзед

Истиқлоле, ки мо дар ин ҷо хоҳони он ҳастем, истиқлолест, ки дар он масъулиятшиносӣ бо арзишҳои имонӣ ва ахлоқӣ бунёд шуда, дар роҳи дуруст қадам бармедорад. Ҳадафи мо истиқлолияти номуназзаме нест, ки инсон дар он ҳеҷ эҳсосе нисбати роҳе, ки меравад, ё ҳадафе, ки барои расидан ба он талош мекунад, надошта бошад. Ҳамчунин истиқлолияте нест, ки дар натиҷаи он инсон аз доираи тамоми арзишҳо ва ахлоқу одоб барояд. Пас ин ба падару модароне марбут аст, ки арзишҳои некию поквиҷдонӣ ва худбовариро дар рӯҳи фарзандони худ эҷод мекунанд, ба тавре, ки фарзандон мустиқилона ва бе кумаки дигарон қодир ба тасмимгириҳои дуруст хоҳанд буд, илова бар ин ки тавони мувоҷеҳ шудан ба ҳар чолишеро, ки монеи онҳо мешавад, хоҳанд дошт.

## НАСИҲАТ ДАР МУҚОБИЛИ ХУДБОВАРӢ: МОДАР ВА ДУХТАР

Вақте ба падару модарон гуфта мешавад, ки “мумкин аст машварат додан ба фарзандон ба мустақилияти онҳо халал расонад”, бисёри онҳо дарҳол норoҳат мегарданд, гӯё “замин ба осмон расидааст”. Онҳо нametавонанд сабаби маҳрум кардани фарзандонро аз ҳуқуқи таъмини хирад ва таҷрубаҳои худ дарк кунанд. Пас мустақилият ба ҳеҷ ваҷҳ маънои машварат надодан ба фарзандонро надорад, балки бояд фурсат ва вақти муносиб ва мувофиқи синну соли онҳо интихоб карда шавад.

**Мисоли 1.** Дар бораи достони модари суботкор ва духтараш фикр кунед: «Чаро духтарам ҳангоми дучор шудан ба мушкилот аз насиҳатҳои ман истифода намекунад? Духтарам барои рафтан ба ҷашни хатми донишгоҳи дугонааш шубҳа дошт, чун ӯ баъзе духтаронеро, ки ба ин ҷашн меомаданд, дӯст намедорад, зеро онҳо ҳамеша ӯро ғайбат ва масхара мекунанд. Пас чӣ ҷои нигаронӣ аст, агар ман ба ӯ бигӯям, ки новобаста аз он чӣ, ки духтарон ба ӯ мегӯянд, ба меҳмонӣ биравад, зеро агар ӯ наравад, дӯсти худро, ки ӯро даъват кардааст, ноумед мекунад?»

Вақте падару модарон мустақиман ба фарзандон маслиҳат медиҳанд, шояд фарзандон дар худ эҳсос камақлӣ намуда, ба худ бигӯянд: “Чаро ақли ман ба ин нарасид?” Шояд бо эҳсоси норoҳатӣ дар посух бигӯяд: “Ман худам медонам чӣ гуна корамро анҷом диҳам” ё бо хашм бигӯяд: “Чӣ

шуморо водор мекунад, ки гумон мекунед ман дар ин бора фикр накардаам?” Аммо вақте фарзандон қабули қарору тасмимотро ба дасти худ доранд, бо худбоварӣ ба воя расида, ҳозиранд оқибати рнҳоро ба ухда гиранд.

“Оё вақте духтарам дучори мушкиле мешавад, ман ӯро тамошо карда, коре накунам? Вақте ман борҳо ба ӯ мегуфтам, ки ин мушкили туст ва бо шеваи муносиби худат роҳи ҳалли онро ёб, асабонӣ мешуд”. Бешубҳа, вақте фарзандон мебинанд падару модарон мушкилоти онҳоро нодида мегиранд, эҳсоси нороҳатӣ ва ранҷиш мекунанд. Чӣ хуб аст, ки падару модарон боварӣ ҳосил кунанд, ки метавонанд бе зиёдаравӣ дар нодида гирифтан ва маслиҳатҳои мустақим додан корҳои зиёде анҷом диҳанд. Мо дар ин ҷо намунаҳое аз ин корҳоро пешкаш мекунем:

- Падару модарон метавонанд ба фарзандон дар фаҳми ғояҳо ва эҳсосоти печида ва душвор кумак намоянд: “Аз гуфтаҳоят мефаҳмам, ки ду ҳис дорӣ: мехоҳӣ дар ин ҷашн иштирок кунӣ, аммо намехоҳӣ бо духтароне, ки тоқати диданашонро надорӣ, дар як ҷо бошӣ”.

- Падару модар метавонанд масъаларо бо шеваи пурсишӣ осон намоянд: “Савол ин аст, ки чӣ гуна метавонӣ дар ҷашн иштирок намоӣ ва дар айни ҳол ҳамнишинӣ бо духтаронеро, ки туро масхара мекунанд ва озор медиҳанд, таҳаммул намоӣ?” Баъд аз чунин саволҳо падару модар бояд сукут кунанд, зеро сукути онҳо ба фарзандон фурсат медиҳад, то дар бораи роҳҳои ҳалли биандешанд.

- Ба падару модарон тавсия дода мешавад фарзандонро барои истифода аз манобеъ ва сарчашмаҳои берун аз хона роҳнамоӣ намоянд: “Ман мулоҳиза кардам, ки дар “Гӯшаи ҷавонон”-и китобхона баъзе китобҳо барои наврасон дар бораи бархӯрд бо анвои гуногуни мушкилоти иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ки шояд ба хондан ва доштани маълумот дар ин бора майлу рағбат дошта бошед”.

«Фарз кунем, ки ҳамаи ин корҳоро анҷом додам ва сипас ба як роҳи ҳал низ расидам, аммо ман яқин дорам духтарам дар ин бора фикр накардааст. Оё ман метавонам ӯро ба он ёддоварӣ ва хотиррасон кунам?»

Бале метавонед, аммо пас аз он ки ба ӯ вақти кофӣ барои андешидан дода бошед. Духтар ба фикри падару модари худ гӯш медиҳад, агар ба гунае гуфта шавад, ки ба истиқлолаш халал нарасонад: “Назари ту чист, агар ҳамон чизеро, ки аз фалон ҳаҷвнигор ёд гирифта будӣ, дар меҳмонӣ нақл кунӣ, то духтарон ба ҷои ин ки туро масхара кунанд, машғули ханда шаванд?”

Пешниҳодҳои худро бояд бо иборaҳои “назари ту чист, ки...” ё

“чӣ мешавад, агар...” ба фарзандон матраҳ кунед. Падару модар бояд дар ёд дошта бошанд, ки ҳар насиҳате, ки барои онҳо мантиқӣ ва маъқул менамояд, мумкин аст барои фарзандон ғайри мантиқӣ ба назар бирасад.

“Фарз кунем, ки аз нигоҳи ман беҳтар аст духтарам ба ин ҷашн биравад. Пас бояд хомӯш бошам?”

Пас аз он ки духтари ҷавон мушкилотро дарк намуд, метавонад ба андешаҳои падару модар дар ин бора биандешад ва бо худ бигӯяд:

“Аз дасти баъзе духтарон нороҳат мешавам, вале ҷаро худро аз лаззати ин маҳфил маҳрум созам. Ба гумонам беҳтар аст, ба ин ҷашн биравам ва дӯсти худро дар ин рӯзи хушияш ноумед накунам, ҳатто агар бароям гарон бошад”. Чӣ хуб аст, ки фарзандон арзишҳои ахлоқии падару модарони худро дарк кунанд, ҳатто агар нахоҳанд насиҳатҳои онҳоро амалӣ намоянд, зеро падару модар барои онҳо аз таҷрибаҳои худ чизе тақдим намудаанд, то онҳо дар бораи он биандешанд ва аз он дарсе биомӯзанд.

**Мисоли 2.** Яке аз модарон мегӯяд: «Ҳамеша бо духтарам барои тарзи либоспӯшии ӯ баҳсу мунокиша мекардам ва ҳоло ба ӯ иҷозат медиҳам, ғайр аз рӯзҳои мактабӣ, ҳар чӣ дилаш мехоҳад ҳамонро бипӯшад. Ман ду либоси мактабиро рӯи кати хобаш мегузорам ва интихобро ба худи ӯ вомегузорам, то ҳар кадомеро мехоҳад, бипӯшад. Яке аз бартариҳои либоси мактабӣ ин аст, ки ихтиёрӣ нест. Бинобар ин маро аз мунокиша бо ӯ дар бораи интихоби либоси зебо халос кардааст».

**Мисоли 3.** Модари Аҳмад мегӯяд: “Ман ниҳоят ба мушкилоти ҳаррӯзаи худ бо писарам дар бораи он, ки ӯ бояд курткаи тунук пӯшад ё ғафс, хотима додам. Ба ӯ гуфтам: «Аҳмад, ман дар ин мавзӯъ фикр кардам ва ба ҷои ин, ки ҳар рӯз бигӯям, ки кадом либосатро бояд бипӯшӣ, акнун ту худат метавонӣ тасмим бигирӣ. Ману ту якҷоя ҷадвале мувофиқи обу ҳаво танзим мекунем ва либоси муносибро худат интихоб карда, мепушӣ». Сипас мо бо ҳам ҷадвалро бо шакли зер тартиб додем:

| Дараҷаи ҳарорат | Либоси муносиб |
|---|---|
| Аз 200 боло | Куртка лозим нест |
| Аз 100 то 200 | Курткаи тунук |
| Аз 90 поён | Курткаи ғафс |

**Оё духтарамро маҷбур кунам, ки ҳиҷоб пӯшад?**
**Ба қалами Нуҳо Башир**

Падару модарам маро ба ҳеҷ коре маҷбур накардаанд ва ҳодисаеро ёд надорам, ки онҳо ба ман ҳаққи интихоб надода бошанд. Вақте ба модарам гуфтам, ки мехоҳам ҳиҷоб пӯшам, ӯ ба ман нагуфт: "Бале, бояд бипӯшӣ, чун ҳиҷоб аз дини туст", балки сабабҳои зарурати пӯшидани ҳиҷобро ба ман шарҳ дод ва гуфт, ки шояд гоҳо пӯшидани ҳиҷоб осон набошад ва дар тобистон лозим нест ҳамроҳи ҳиҷоб рӯпӯш ва шалвори ҷинс пӯшам. "Наметавонӣ бо ҳиҷоб лисбосҳои тунук ва кушод, ки шамол онро ба ҳар тараф ҳаракат диҳад, бипӯшӣ ва наметавонӣ куртаи бисёр кушод ба тан кунӣ. Вақте дугонаҳоят аз ту дар бораи ҳиҷоб мепурсанд, сабаби пӯшидани онро на танҳо аз заруриёти дин бигӯ, балки ба онҳо тавзеҳ деҳ, ки аз пӯшидани он розӣ ҳастӣ ва падару модарат туро маҷбур накардаанд". Пас аз он ки ду дугонаам аз ман дар бораи ҳиҷоб пурсиданд ва ман шарҳи дуруст ва муносиб ба онҳо додам, гуфтанд: "Чаро мо низ ҳиҷоб ба тан накунем?" Ман аз тарзи бархӯрди падару модарам дар ин бора хушҳолам, на барои ин ки наметавонам бе онҳо зиндагӣ кунам, балки барои он ки пас аз суҳбат бо онҳо дар бораи мавзӯи муайяне, эҳтиромам ба онҳо ҳамеша бештар мегардад. Ман дар ҳақиат оилаамро дӯст медорам ва хушҳолам, ки метавонам ҳар чиро, ки бихоҳам, ба онҳо бигӯям ва муносибатҳоям бо апаам Амира низ бисёр хуб аст. Бо вуҷуди ин ки Амира аз ман калонтар аст, зеботарин чиз дар оилаи мо ин аст, ки ҳама баробаранд ва бо ҳама яксон муносибат карда мешавад.

(Башир ва Ризо, 1998).

## ВАҚТЕ ПАДАРУ МОДАР РАФТОРИ ДӮСТОНИ ФАРЗАНДОНИ ХУДРО БАД МЕБИНАНД

Падару модарон мехоҳанд, ки фарзандони онҳо дӯстони боадаб, содиқ ва ҳушёр дошта бошанд, шароб нанӯшанд, тамоку ва маводи мухаддир истеъмол накунанд. Онҳо мехоҳанд фарзандони худро ҳифозат кунанд ва дар айни ҳол мехоҳанд онҳоро шахсони мустақил ва худбовар ба воя бирасонанд.

Шоёни зикр аст, ки рафоқат ва дӯстӣ дар миёни кӯдакони мо чанд марҳаларо тай мекунад, ки нахустин марҳалаи он аз бозиҳои гурӯҳӣ миёни фарзандони мо ва дӯстони онҳо иборат аст. Марҳалаи дуюм интиқол ёфтан ба гурӯҳи наздикон аст, ки аз касоне иборат мебошад, ки дар ҷои зист ё дар на-

мозҳои боҷамоат бештар мулоқот мекунанд ё бештар бо онҳо дар зиёратҳои оилавӣ шинос мешаванд. Аммо марҳалаи сеюм аз гурӯҳе иборат аст, ки худи фарзандон онро аз миёни касоне, ки майлу рағбат ва сифоту рафторашон бо ҳам монандӣ дорад, интихоб мекунанд ва дар паҳлуи онҳо эҳсоси роҳат ва оромӣ намуда, дар хушӣ ва ғамҳояшон шарик ҳастанд.

Кӯдакон дӯстону рафиқони худро бар асоси ҳамон меъёрҳои хато ва дурусте, ки бар асоси он тарбия меёбанд, интихоб мекунанд, аммо ин на ба он маъност, ки ҳама дар як роҳ ҳаракат мекунанд, зеро ҳар як қоида истисноҳои худро дорад. Бинобар ин падару модарон аз рафоқат ва дӯстиҳое, ки як муддати кӯтоҳ идома ёфта, сипас тамом мешаванд, нороҳат мегарданд ва фарзандон низ мефаҳманд, ки баъзе дӯстони онҳо, ки дар оғоз бисёр самимӣ буданд, чандон дӯстони хубе набудаанд. Гоҳо метавон ба дӯстӣ ва рафоқати фарзандон иҷозат дод, то роҳи муваққати худро тай намояд ва набояд барои мамониати он кӯшиш кард. Беҳтар аст ба ҳоли худ гузошта шавад, то фарзанд худаш ҳақиқати дӯсти худро дарк намояд. Бояд бо фарзандон дар бораи ниёзи онҳо ба ин рафоқат ва дӯстӣ ва ин ки кадом сифоти дӯсташро писандидааст ва чаро ӯро дӯст интихоб кардааст суҳбат кунем. Ҷавобҳои фарзандон метавонад сабаби дӯстии онҳоро барои падару модар ошкор созад.

Муомилаи фарзандон бо одамони гуногун муҳим аст, аммо гоҳо метавонад таҳдиде барои онҳо бошад, монанди дӯстӣ ва рафоқат бо инсонҳои бадкирдор, ки рафтори мухолиф бо арзишҳои ахлоқӣ ва қонунӣ доранд ва зарари онҳо ба ҷомеа низ хоҳад расид. Вазифаи падару модар дар чунин вазъияти хатарнок ҷудо ва дур кардани фарзандон аз инсонҳои бадкирдор ва интихоб кардани дӯстони мувофиқ барои онҳо аст.

Ғамхории падару модар ба фарзандон, эътимод ба онҳо ва сабру таҳаммул муносибатҳои беҳтари иҷтимоии фарзандонро таъмин мекунад. Фарзандон ба мураббие ниёз доранд, ки ба онҳо кумак кунад, то бо мардум муносибати нек, ба худ эҳсоси хубӣ ва масъулияти рафтор дошта бошанд.

## МАРҲАЛАҲОИ ТАСМИМГИРӢ

Қобилияти тасмимгирӣ худбовариро меяфзояд. Фарзандоне, ки метавонанд идораи бахши умури ҳаёти худро ба даст дошта бошанд, барои инсонҳои худбовару масъулиятшиносу хушбахт ба воя расидан беҳтар омода мешаванд. Фарзандоне, ки ба худ такя доранд ва дар тасмимгириҳои худ мустақил ҳастанд, бояд марҳалаҳои зерро тай намоянд:

- Дарк намоянд, ки тасмим ба таври ҳатмӣ бояд гирифта шавад.

- Ба қадри имкон ҷамъ овардани маълумот, ки дар қабули қарор ва тасмимгириҳо кумак менамояд.

- Муайян кардани қарор ва гузинаҳо алтернативӣ.

- Баррасӣ ва санҷиши натиҷаҳои эҳтимолии гузинаҳо.

- Таваҷҷуҳ ба иртиботи гузинаҳо бо арзишҳо ва ҳадафҳои шахсӣ.

- Ташхиси омилҳои таъсиргузор бар тасмимгириҳо, монанди фишори дӯстон, хоҳиши собит кардани қобилияти худ ё нишон додани исён ва саркашӣ.

- Ҷудо кардани вақти кофӣ барои тасмимгирӣ, зеро суръати қабули қарори кӯдакон баръакси ҳол аст ва яке аз хусусиятҳои кӯдакон ин аст, ки онҳо дар қабули қарор ва тасмимгирӣ бисёр босуръатанд, ки ин як хатари бузург барои онҳост.

- Амалӣ намудани қарор. Шоёни зикр аст, ки қабули қарор ва эътимоду такя кардан ба худ дар қабули қарор на ба ин маъност, ки фарзанд аз маслиҳату машварати падару модар бениёз гашта, метавонад аз таҷрибаҳои ҳаёти онҳо истифода набарад. Падару модар, ки дар ин марҳала ҳамчун инсонҳои пухта ва ба камол расида ҳастанд, метавонанд роҳнамои фарзандони худ бошанд, на тасмимгиранда. Онҳо бояд фазоро барои фарзандони худ барои дарку фаҳми кайфият ва чигунагии тасмимгирӣ ва қабули қарорҳо боз гузоранд, ки ин як имконият барои омӯхтан ва дар айни ҳол фурсати хубе барои пайравии огоҳона онҳо аст.



## МАШҚҲОИ 69-71



### Машқи 69:
### Озмоиши дараҷаи ҳайбату шукӯҳи падару модарон

Дар ҳузури падар/модар чанд саволи осон ба фарзанд диҳед ва дар вақти ҷавоб додан ба ӯ диққат кунед, ки чӣ гуна ба саволҳо ҷавоб медиҳад ва чӣ гуна падар/модар дар ҷавоб додан ба ҷои ӯ дахолат мекунад. Дахолати падар/модар ба ҷои фарзанд дар вақти ҷавоб додан ба савол яке аз нишонаҳои тасаллути ӯ бар фарзанд аст. Ҳамин гуна таваҷҷуҳ кунед, ки вақте фарзанд ҳангоми ҷавоб бар зеҳни худ фишор меорад ва душворӣ мекашад, чӣ гуна падар/модар нороҳат мешавад ва тағйир меёбад. Агар падару модарон воқеан мехоҳанд фарзандони худро шахсони худбовар бинанд, пас бояд нақши худро аз мудир ба наситгар ва роҳнамо иваз намоянд.

### Машқи 70:
### Низомии арзишҳои олавиро ба фарзандон тавзеҳ диҳед

Яке аз хатоҳои калон дар тарбияи фарзандон маҷбур кардани онҳо ба интихоби касбе аст, ки падару модарон меписанданд ва мехоҳанд фарзанди онҳо нусхае аз худи онҳо бошад. Ба ҷои ин, бояд дар вуҷуди онҳо ақидаи дуруст, низоми арзишҳои ахлоқӣ ва ҷаҳонбинии васеъ, ки ҳамчун пояи устувор ва мустаҳкам дар идораи зиндагии ояндаи худ ба он ниёз доранд, омӯзиш дода шаванд. Ҳамчунин арзишҳои ахлоқии худро, ки ба меҳру муҳаббат ба одамон, ҳайвонот, наботот ва табиат алоқа дорад, ба онҳо талқин кунед ва дар ёд дошта бошед, ки имрӯз бисёри фарзандон падару модарони худро бо навоварӣ ва эҷодкориҳои гуногун дар роҳи расидан ба ҳадафҳо ғофилгир мекунанд. Мавзӯъҳои мазкурро бо фарзандони худ дар миён бигзоред ва аз онҳо дар бораи роҳҳои амалӣ кардани ин арзишҳо ва пойбандӣ ба он бипурсед.

### Машқи 71:
### Ту падар/модари кумаккунанда ҳастӣ ё дахолаткунанда?

Мо ҳамчун як шахси муҷаррад оғоз мекунем, сипас издивоҷ менамоем, фарзандон ба дунё меорем ва пас аз ду даҳа фарзандон аз хона баромада, ба донишгоҳ мераванд.

Модарони генерал Макартур ва президент Рузвелт пас аз дохил шудани фарзандонашон ба донишгоҳ хонаҳои худро гузошта, наздики донишгоҳи писаронашон иҷоранишин шуданд, то ҳар лаҳза аз аҳволи онҳо бохабар бошанд, чун он замон телефон ва почтаи электронӣ вуҷуд надошт.

Аксари падару модароне, ки фарзандони онҳо дар донишгоҳҳо таҳсил мекунанд, мегӯянд, ки онҳо ҳадду марзеро, ки фарзандон барои худ мегузоранд, эҳтиром намуда, дар ҳаёти шахсии онҳо дахолат намекунанд. Ин ҷо чанд савол матраҳ мешавад, то падару модарон бо додани онҳо ба худ, дарк намоянд, ки рафторашон бо фарзандон то чӣ андоза дуруст аст:

- Бо фарзандони худ ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ чанд маротиба дар тамос мешавед? Ҳар рӯз? Ҳар ҳафта? Ҳар моҳ?
- Оё бо устодони фарзандони худ дар тамос ҳастед?
- Оё дар омода кардани вазифаҳои фарзанди худ, вақте дучори мушкил мешавад, кумак мекунед?
- Вақте ба дидори фарзанд меравед, оё дар корҳои утоқ (рӯбучин, шустушӯ, партофтани ахлот) ба ӯ кумак мекунед?
- Агар фарзанди шумо аз рафтори ҳамутоқаш ранҷ мебарад, оё шумо дахолат мекунед?

Ҷавоби ин саволҳоро бо оилаи худ мавриди баҳс қарор диҳед. Мо ин ҷо чанд маслиҳат оид ба муносибат бо донишҷӯёне, ки аз оилаҳои худ дур зиндагӣ мекунанд, пешниҳод мекунем:

- Фарзандонро ташвиқ кунед, ки барои дар тамос шудан бо шумо иқдом намояд, чун ин амр ба онҳо кумак мекунад, ки бештар ба худ боварӣ дошта бошанд.
- Вазифаҳои худро бояд худашон анҷом диҳанд ва дар ҳоли ниёз ба кумак бигзоред, ки худашон онро ҷустуҷӯ намоянд.
- Фарзанди донишҷӯи шумо як шахси болиғ аст, ки метавонад эҳтиёҷоти худро бароварда созад. Бинобар ин бояд худи ӯ корҳои утоқашро анҷом диҳад (Kantrwitz and Tyre, 2005).



ФАСЛИ ҲАБДАҲУМ

# Таъсири манфии телевизор, видео, бозиҳои компютерӣ, интернет ва телефонҳои дастӣ

- ***Муқаддима***
- ***Саволномаи ибтидоӣ барои падару модарон***
- ***Таъсири манфии телевизор***
- ***Таҷрибаи барномаи “Кӯчаи Симсим” барои кӯдакон***
- ***Даврони пеш аз телевизор ва васоили электронии муосир***
- ***Ваҳму хаёлҳое, ки аз тамошои телевизор бармеоянд***
- ***Роҳнамоиҳо барои раҳоӣ аз банди телевизор***
- ***Чанд ҳақиқати мухтасар дар бораи телевизор***
- ***Барои андоза ва сифати он чизе, ки кӯдакон тамошо мекунанд, ҳад ва қоида гузоред***
- ***Рӯйхати ҷойгузинҳои амалии тамошои телевизор дар оила***
- ***Интихобҳои васеътар***
  - — *Фаъолиятҳо дар ҷомеа*
  - — *Фаъолиятҳо дар табиат*
  - — *Бозиҳо*
  - — *Хӯрок хӯрдан бо оила*
- ***Зарарҳои истифодаи беш аз ҳадди интернет ва телефонҳои дастӣ***
- ***Бозиҳои компютерӣ***
- ***Бозиҳои видеоӣ ва фарзандон***
- ***Беш аз ҳад намоён шудани зан ва мард дар телевизор ва бозиҳои видеоӣ***
- ***Машқҳои 72-76***

# МУҚАДДИМА

Дар оғоз бояд қайд намуд, ки яке аз муҳимтарин васоити ахбори омма, ки дар асри бист интишор ёфта ва дар ҳама ҷо вуҷуд дорад, телевизор аст. Аксари васоити наве, ки дар асри бисту як зуҳур намуда, тамоми ҷанбаҳои курраи заминро фаро гирифта ва ҳар рӯз навъу миқдору истифодаи онҳо бештару бештар мегардад, ба он мепайванданд. Дар сархати он интернет, телефонҳои мобилӣ, компютер ва дигар таҷҳизоте, ки ихтироъ хоҳанд шуд, қарор доранд.

Дар хонаи ҳар яки мо таҷҳизоте вуҷуд дорад, ки бахши калон ва боварнакардании ҳаёти моро аз худ кардааст, дар як гӯшаи утоқи мо ором нишаста ва беш аз падару модар вақти кӯдаконро мегирад ва мо аз он ва таъсири беандозааш бар фарзандон ғофил мондаем. Илова бар ин, метавонад оромона ва бидуни огоҳии мо тамоми хонаводаро аз роҳи рост берун барад ва омили дигари ҳама вайрониҳост. Ин васила хурд ҳамон телевизор аст, ки мо таъсири амиқи он дар тамоми ҷанбаҳои ҳаётамонро нодида мегирем ва албатта, чуноне ки гумон мекунем, таъсири он мусбат буда наметавонад.

## САВОЛНОМАИ ИБТИДОӢ БАРОИ ПАДАРОНУ МОДАРОН



- Оё фарзандон ҳангоми тановули субҳона телевизор тамошо мекунанд? Оё пеш аз рафтан ба мактаб низ тамошо мекунанд?
- Оё фарзандон пас аз баргаштан ба хона телевизор тамошо мекунанд? Оё ҳангоми иҷрои вазифаҳои хонагӣ тамошо мекунанд?
- Оё аъзои оила ҳангоми хӯрдани хӯрок телевизор тамошо мекунанд?
- Чӣ миқдори бозиҳо ва суҳбатҳои фарзандони шумо бо он чӣ, ки онҳо дар телевизор мебинанд, марбут аст?
- Оё ҳангоми бозии кӯдакон телевезори шумо кор мекунад?
- Оё фарзандони шумо хӯрокҳои тезтаёр ва бозиҳоеро, ки дар эълонҳои телевизор мебинанд, талаб мекунанд?
- Оё ҳаёти оилавии шумо бар асоси барномаҳои телевизор барномарезӣ шудааст?

- Оё фарзанди шумо пас аз поёни барномаи писандидааш телевизорро хомӯш мекунад ё тамошои онро идома медиҳад?
- Оё фарзанди шумо аз сабаби тамошои телевизор аз камхобӣ ранҷ мебарад?
- Оё фарзанди шумо аз тарс ё хобҳои ваҳшатнок аз сабаби он чӣ дар телевезор мебинад ва тамошо мекунад, ранҷ мебарад?
- Оё фарзанди шумо телевизорро аз бозӣ беҳтар медонад?
- Оё фарзанди шумо ҳангоми тамошои телевезор ба меҳмонҳо беаҳамиятӣ мекунад?
- Оё фарзанди шумо аз сабаби тамошои телевезор намозашро дертар мехонад?

Тамошои беш аз ҳадди телевизор монанди муътод ба маводи мухаддир будан аст, чунки фарзандон ҳангоми тамошои он дар як ҳолати беҳӯшӣ ва бепарвоӣ қарор мегиранд. Ғарқи тамошои он гашта, аз он чӣ дар атрофи онҳо мегузарад, ғофил ва бехабар мемонанд. Агар бо онҳо суҳбат карда шавад, посух намедиҳанд; агар телефон дар назди онҳо занг занад, онро намебардоранд; ҳатто баъзеи онҳо аз сабаби беш аз ҳад тамошо кардани телевизор шакл ва ранги чеҳраашон тағйир меёбад, чашмонашон ба ҳолати хуморӣ даромада, худи онҳо дар як ҳолати ҳайратзадагӣ қарор мегиранд (беҳӯшӣ, карахтӣ ва нарколепсия), гӯё ба ҷои бедории зеҳнӣ тавассути шишаи намоишгари пеши рӯи худ гипноз шудаанд.

Баҳс дар бораи муҳтавои барномаҳои телевизионӣ метавонад беохир идома ёбад, зеро баъзе барномаҳо муфид ва баъзеи дигар зараровар ҳастанд, аммо масъалаи муҳтаво аз вақти сарфкардаи шумо ва андозаи фоида ва зараре, ки дар натиҷаи барномаҳо бармеояд, аҳамияти камтар дорад.



Баъзе кӯдакон телевизорро чунон бисёр тамошо мекунанд, ки он метавонад ивазкунандаи дӯстон ва қотили вақт гардад.

Муътод шудани ҳатто як узви оила ба телевизор метавонад тамоми аъзои оиларо дучори мушкилоти хатарнок намояд, чун созмондиҳии фаъолиятҳои оилавӣ ва лаззат бурдан аз он ба сабаби яке аз аъзои оила, ки тамошои телевизорро беҳтар аз ҳар кори дигар медонад, душвор аст. Гузар аз корҳои дигар, монанди ки-

тобхонӣ, расмкашӣ ва бозӣ, ба тамошои телевизор ба маротиб осонтар аз гузар аз тамошои телевизор ба корҳои дигари фоиданок аст, зеро барои фарзандоне, ки худро таслими телевизор кардаанд, танҳо тамошои он ҷаззоб аст.

Мерӣ Уин (Marie Winn, 2002) мегӯяд, ки тамошои телевизор беҳуширо ба бор меорад ва дар вуҷуди одам аломатҳое монанди аломатҳои нашъаманд, монанди хастагӣ, камфикрӣ, ба осонӣ дар онҳо пайдо мешавад. Дар ин ҳолат ду мушкили асосӣ, яке хурд ва дигаре калон, вуҷуд дорад. Мушкили хурд ин аст, ки ҳангоми тамошои телевизор чӣ ҳодиса рух медиҳад? Мушкили калон ин аст, ки ҳангоми тамошои телевизор чӣ ҳодиса рӯх намедиҳад? Зеро телевизор бар кӯдаконе, ки садҳо соатро дар тамошои он сипарӣ мекунанд, таъсири манфӣ расонида, рушду инкишофи зеҳнӣ ва иҷтимоии онҳоро заиф месозад. Ин амр сабаб мешавад, ки онҳо аз истифодаи ҳазорҳо калима маҳрум бимонанд ва посухе ҳам барои онҳо надоранд. Ҳамчунин аз ҳазорҳо саволе, ки дар ин муддат аз ҷониби падару модар ё дигарон ба онҳо дода намешавад, ва аз донистани посухи онҳо низ маҳрум мемонанд, ҳол он ки таъсири ин ҳама калимаҳо ва саволҳо ба боигарии забонӣ ва зеҳнии кӯдакон аз касе пӯшида нест.

## ТАЪСИРИ МАНФИИ ТЕЛЕВИЗОР

Падару модар бештар ба мухтавои барномаҳое, ки фарзандон тамошо мекунанд, аҳамият медиҳанд, на ба муддате, ки дар тамошои телевизор мегузаронанд. Онҳо ба эҳтиёҷоти худ аҳамият медиҳанд, на ба эҳтиёҷоти фарзандон ва манфиатҳои онҳо. Бинобар ин онҳо дар ҷустуҷӯи василае ҳастанд, ки фазандонро тасалло дода, барои худ фурсати дам гирифтан фароҳам кунанд. Телевизор ҳамнишини электронии бемузд барои кӯдакон аст, ки ҳаргиз шикоят намекунад, ҳамеша ҳангоми талабот ҳозир аст ва ин навъ ҳамнишинро танҳо дар симои телевизор дидан мумкин аст. Ҳамин гуна онҳо лаҷоми фарзандонро барои тамошои ҳар чизе, ки мехоҳанд, бе қонуну қоидае, ки онро ба танзим медарорад, боз мегузоранд. Телевизор фарзандонро аз доштани шахсияти мустақил маҳрум месозад, ба онҳо имкон намедиҳад, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи худро ошкор кунанд ва инчунин тарзи муошırати муассир, навиштан ва суханронии хуб бо дигаронро омӯзанд. Фарзандон ба як фазои боз ниёз доранд, то битавонанд дар хаёлҳои худ парвоз намуда, тасаввуроти худро биофаранд, на он хаёлҳоеро, ки бузургсолон барои онҳо месозанд. Ҳамчунин онҳо ба ташвиқи фикрие зарурат доранд, ки дар натиҷаи бозӣ ва корҳои худи онҳо ба вуҷуд меоянд, на аз тамошои умури манфӣ. Бисёри падару модарон телевизорро барои ром кардани кӯдакони беш аз

ҳад фаъоли худ истифода мекунанд, зеро телевизор ӯро ба ором шудан водор менамояд, на ба тамаркузи зеҳнии қавӣ. Ғолибан дар телевизор барномаҳои хаёлӣ, ки шабеҳи руъёҳо ҳастанд, нишон дода мешавад. Касоне, ки ба тамошои телевизор эътиёд доранд, тавозуни худро аз даст медиҳанд, зеро аз машғулиятҳое, ки боиси рушду инкишофи рӯҳ ва бадани онҳо мешавад, бозмеистанд. Пас тамошои телевизор кори бефоидае аст, ки бояд аз он даст кашида, ба дигар машғулиятҳои басо муҳим аҳамият дода шавад.

Мутаассифона телевизор ҷойгузини китобхонӣ, боғбонӣ, расмкашӣ, бозӣ бо бозичаҳо ва суҳбат бо дигарон шудааст. Имрӯз дигар кор фоиданок ба андозаи тамошои телевизор матлуб нестанд ва телевизор бо барномаҳои шавқовари худ, агарчи наметавонад барои фарзандон монанди хӯрок хӯрдан ва ба оғӯш гирифтан лаззатбахш бошад, ҳамоно ҷаззоб аст. Телевизор танҳо ваҳму хаёл аст, яъне ҳеҷ фоида надорад, баръакси хӯришҳо ва меҳри аъзои оила, ки барои инсон чизҳои зиёдеро мебахшанд, вале сарчашмаи ҷаззобияти телевизор дар ангехтани лаззат нуҳуфтааст: тасвирҳои зебо, садоҳои дилфиреб, мусиқиҳои ҷаззоб, намоишҳои дӯстдоштанӣ ва барномаҳои хаёлӣ. Шоёни зикр аст, ки тақрибан нисфи падарону модарони амрикоӣ манъи тамошои телевизорро ҳамчун як услуби ҷазо ба кор мебаранд ва он имрӯз ба таври густарда дар ин кишвар интишор ёфтааст.

Телевизор кӯдаконро парешонхотир намуда, аксуламали онҳо ба ҳар чизи дигарро танҳо бо сукут кардан маҳдуд месозад. Пайваста тағйир ёфтани тасвирҳо, тағйирёбии пай дар пайи зовияҳои камера ва ҳар чанд сония босуръат дигар шудани саҳна метавонад сабаби кӯтоҳмуддат гаштани таваҷҷуҳ ва тамаркузи фарзандон гардад.

Фарзандони дар синни томактабӣ омодаи муқобила бо суръати ҳаяҷоновари электронӣ нестанд ва шояд ба рафтори муташанниҷ, ки имрӯз дар миёни кӯдакон роиҷ аст, мубтало гарданд ва мумкин аст ба бемории гиперактивии норасоии диққат гирифтор шаванд, ки имрӯз низ ба таври густарда дар миёни фарзандон интишор ёфтааст.

## ТАҶРИБАИ БАРНОМАИ “КӮЧАИ СИМСИМ” БАРОИ КӮДАКОН

“Кӯчаи Симсим” барномаи телевезионии ҷаҳонӣ аст, ки омӯзиши алифбо барои кӯдакони хурдсолро пешкаш мекунад ва ҳамроҳи он бисёр калимаҳои гуногунро таълим медиҳад. Муаллифони ин барнома бар ин бováранд, ки барномаи онҳо таҷрибаҳои таълимии муҳим барои кӯдакон дорад, аммо дар баробари он ҳақиқатҳои дигаре низ вуҷуд дорад, ки мо метавонем аз ин барнома натиҷагирӣ намоем. Яке аз муҳимтарин натиҷаҳои он эътиёди фарзандон ба тамошои телевизор аст. Муаллимони мактабҳо мулоҳи-

за намуданд, ки баъзе кӯдаконе, ки ҳарфҳоро аз барномаи "Кӯчаи Симсим" ёд гирифта, ба тамошои телевизор одат кардаанд, вақте ба боғчаи кӯдакон меоянд, тавони камтаре дар иштироки бозиҳои тахайюлӣ доранд, одати давидани беҳадафро ба худ касб кардаанд, майлу рағбат ба бозӣ бо бозичаҳо надоранд, дараҷаи қобилияти онҳо то ҳадди ноумедӣ коҳиш ёфтааст, бахшишу сабри онҳо нисбатан кам аст ва ҳамеша воқеиятҳоро бо хаёл омехта мекунанд.

Омӯзиши бомуваффақият таҷрибаи амалӣ ва фаъолро талаб мекунад, ки он дар барномаи "Кӯчаи Симсим" ва дигар барномаҳои таълимии монанди он дида намешавад, чун ин як гузинаи заиф дар баробари таълимӣ ҳузурӣ ва рӯ ба рӯй аст.

Адами рағбати хондан ва камтаваҷҷуҳии бисёр ذ кӯдакон ҳангоми дарсхонӣ муаллимони синфҳои ибтидоиро дучори ноумедӣ мекунад ва телевизор агарчи малакаҳои андешидани ғайрилафзиро беҳтар месозад, малакаҳои дигарро, ки кӯдакон барои муваффақият дар мактаб ба он ниёз доранд, рушд намедиҳад. Ногуфта намонад, ки сад соат тамошои барномаи "Кӯчаи Симсим" арзиши даҳ соат хондани китобро надорад.

Ҳар қадар, ки фарзандон бештар телевизор тамошо кунанд, ҳамон қадар таҳсилоти онҳо дар мактаб заифтар мегардад, зеро муваффақият дар мактаб дӯст доштани китобхонӣ, тавони ҳамгироӣ бо дигарон ва таваҷҷуҳ ба вазифаҳои хастакунандаро талаб мекунад. Тамошои беш аз ҳадди телевизор ҳамаи ин маҳорат ва малакаҳоро аз байн мебарад ва ё ҳадди ақал онҳоро заиф месозад.



## ДАВРОНИ ПЕШ АЗ ТЕЛЕВИЗОР ВА ТАҶҲИЗОТИ МУОСИР

Пеш аз баровардани телевизор падару модарон ба фарзандони худ таваҷҷуҳи бештаре доштанд, зеро иродаи қавӣ ва таваҷҷуҳ дар ҳаёти падару модарон як ниёз буд. Онҳо қабл аз пайдоиши телевизор фарзандони худро назорат мекарданд, бозӣ карданро ба онҳо ёд медоданд, ҳар як марҳалаи рушду инкишофу талаботи онҳоро зери назорати худ доштанд, ба онҳо кумак мекарданд, ки чӣ гуна аз вақти худ ба таври судманд лаззат баранд, риояи вақти хобро ба онҳо ёд медоданд, зеро хоби ором барои саломатии фарзандон бисёр муҳим ва зарурӣ аст. Падару модарон боварӣ ҳосил менамуданд, ки оё онҳо дар утоқҳои хобашон ҳастанд ё ҳануз дар утоқҳои дигар машғули бозӣ ва гӯш кардани мусиқӣ ҳастанд. Аммо имрӯз пас аз пайдоиши телевизор ак-

сари ин усулу равиш аз байн рафта, фарзандон чигунагии ором кардан ва роҳат бахшидан ба худро намедонанд ва ҳамин ки телевизор хомӯш карда шавад, дунболи машғулиятҳои дигари судманд намешаванд ва ҳатто машғул шудан ба эҷодиёт ё хонданро қабул надоранд.

Фарзандон пеш аз баровардани телевизор қобилияти касби истиқлолият ва дигаргунӣ доштанд, чун ба падару модарони худ такя мекарданд ва вақте калон мешуданд, бо муҳит ва атрофи худ алоқа барқарор менамуданд. Зиндагӣ дар ҷомеа ҳамнавоӣ ва ҳамгироиро талаб мекунад ва чун кӯдакон сесола мешуданд барқарории алоқа ва таомул бо дунёи атрофи худро сар мекарданд. Тамошои телевизор ҳеҷ гуна талошро намехоҳад, аммо, ба таври мисол, вақте бо кӯдаки дигаре бозӣ мекунад, бояд барои муомила бо ӯ саъйу талош кунад. Фарзандон боварӣ доранд, ки тамошои телевизор холӣ аз тамоми хатарҳое аст, ки дар бозиҳои оддӣ вуҷуд доранд, аз тамошои он озор намебинанд, дучори мушкилот намешаванд ва падару модарон аз онҳо асабонӣ намешаванд, аммо намедонанд, ки вақте дар марҳалаи гузариш аз кӯдакӣ ба марҳалаҳои дигар қарор мегиранд, қобилияти анҷоми кореро барои худ нахоҳанд дошт, чун телевизор онҳоро дилбаста ва вобастаи худ мекунад.

Филмҳое, ки аз рӯи китоб ба навор гирифта мешаванд, ба ҷои таҷрибаи зеҳние, ки кӯдакон бояд барои он ақлу тасаввуроти худро кор фармоянд, тасаввур ва тафаккури онҳоро мерабоянд. Онҳо бо шахсиятҳои достон рушду нумӯ намекунанд ва дидгоҳи ин персонажҳо ва муборазаҳову арзишҳои онҳоро дарк намекунанд. Бинобар ин, кӯдакон тамошои филм дар навад дақиқаро беҳтар аз чанд рӯз китоб хондан медонанд. Онҳо аз дидани достон дар телевизор лаззат мебаранд, аммо эҳсоси ризоят ва қаноатмандиро ба даст нахоҳанд овард, чун ҳангоми хондани китоб ҳадди ақал бо бахше аз таҷрибаҳои ин достон зиндагӣ мекунанд ва бо шахсиятҳои он унс мегиранд. Илова бар ин баъзе ҷанбаҳои достон, ки бо ҳаракат, ранг ва шуур алоқа доранд, онҳоро водор месозад, то бо достон робитаи зеҳнии устувор дошта бошанд ва гоҳе мехоҳанд як саҳифа ё фасли муайянро чандин маротиба бихонанд. Аммо телевизор як навъ эҳсоси ақибнишинӣ ва канорагириро парвариш медиҳад ва он як навъи афсурдагӣ аст, ки бо таври ногаҳонӣ ба поён расидани филм ва вақти ҷудоӣ аз он ба миён меояд, дар ҳоле, ки миёни мо ва китобҳое, ки мехонем, як пайванди амиқ ба вуҷуд меояд ва ин пайванди муҳими отифӣ дар телевизор вуҷуд дошта наметавонад.

Телевизор нотавонӣ ва вобастагии калонсолонро тақвият мебахшад. Дар гузашта вақтҳои холӣ фурсати хубро барои фарзандон фароҳам мекард, то вобастагии худ ба калонсолонро коҳиш диҳанд, аммо имрӯз вақти холӣ як мушкил ва чолиш ба шумор меравад. Онҳо дар вақти холии худ чизе ҷуз тамошои телевизор

надоранд ва ҳамин гуна ғизохурӣ ва нишасти фарзандон бо дӯстон ва анҷоми вазифаҳои мактабӣ назди телевизор анҷом мегирад.

Имрӯз зиндагии хонаводагӣ зери таъсири тамошои телевизор қарор гирифта, барномаҳои рӯзмарраи он бо барномаҳои телевизор гиреҳ хӯрдааст, расму русуми оилавӣ аз байн рафтааст ва иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ба шиддат коҳиш ёфтааст ва сабаби асосии ҳамаи ин телевизор аст. Бисёри падарону модарон шикоят мекунанд, ки хонаи онҳо монанди ошноха ва меҳмонхона ҷои танҳо хӯрдану хоб рафтан шудааст. Аксарияти онҳо воқеияти таъсири телевизор бар зиндагии оилавиро намедонанд, бинобар ин натиҷаи он ногузир аст.

Имрӯз телевизор бо гирифтани вақт ва диққати аъзои оила сохт ва ҳамбастагии оилаҳоро вайрон кардааст. Мисол, аксари хонаводаҳои амрикоӣ дар вақти хӯрдани ғизо телевизо тамошо мекунанд ва таҷҳизоти гуногуни онҳо дар ҳар кунҷи хона гузошта шудааст. Ҳатто агар ҳамаи онҳо машғули тамошои барномаҳои муҳими телевизионӣ дар бораи табиат, ахлоқ ва рӯйдодҳои ҷорӣ бошанд ҳам, онҳо худро аз чизи муҳимтаре маҳрум месозанд. Оё онҳо дар бораи корҳое, ки имрӯз анҷом доданд, гап заданд? Оё нақшаҳои нав кашиданд? Бо ҳам табодули назар карданд? Дар бораи хушӣ ва сахтиҳои худ суҳбат карданд? Ба чӣ маъно онҳо оилаи воқеӣ ҳастанд? Ҳатто агар тасаввур карда шавад, ки телевизор зиндагии оилавиро сусту вайрон намекунад, ҳатман онро обод ҳам намекунад. Ба ҷои эҷоди алоқа ва амнияти отифӣ байни аъзои оила вақтро аз мо мегирад, мониае барои падару модарон дар омӯзиши фарзандон мешавад ва аз лаззат бурдан аз бо ҳам будан маҳрум месозад.

**Бихон...**

Муҳимтарин василаи омӯзишие, ки падару модар метавонанд ба фарзандони худ ҳадя кунанд, дуруст хондан аст. Телевизор хонандагонро танбал мекунад ва ба китоб ҳамчун як абзори хастакунанда ва душвор менигаранд. Танҳо шумори андаки фарзандон омодаанд китоберо то охир бо фаҳм ва дарки маонӣ бихонанд. Хондани достоне барои касоне, ки муътод ба тамошои телевизор ҳастанд, муддати зиёдеро мехоҳад, гуё кори сангине болои онҳо ҳамл шудааст. Бинобар ин мехоҳанд онро мухтасар ва дар муддати кӯтоҳ дар телевизор тамошо кунанд. Кӯдакон ин воқеиятро дарк намекунанд, ки инсон наметавонад дар зиндагӣ як фарди муваффақ бошад бе он ки як хонандаи муваффақ бошад.

## ВАҲМУ ХАЁЛҲОЕ, КИ АЗ ТАМОШОИ ТЕЛЕВИЗОР БАРМЕОЯНД

- Боре ду ҳамсаре, ки як писар доштанд, маро барои ҳали мушкилоти хонаводагӣ даъват намуданд ва ҳар дуи онҳо табибони муваффақ буданд ва модар барои ман чизҳое гуфт, ки маро шигифтзада кард: “Қабл аз издивоҷ ҳаёти хонаводагиро фикр мекардам, ки зиндагии пур аз хушҳолию лаззатҳо ва холӣ аз масъулиятҳои ҳамсардорию модарӣ аст, чуноне ки онро дар телевизор дар намоишҳои бозигарони Ҳоливуд медидам”. Агар имкони фиреб хӯрдани чунин як инсони мутахассиси муваффақ вуҷуд дошта бошад, пас фарзандони камтаҷрибаи мо чӣ гуна метавонанд аз таъсири телевизор наҷот пайдо кунанд?
- Вақте дар синфи дуюми ибтидоӣ дарс мехондем, муаллим барои мо қиссаи зебои ду ҳамсари калонсолро ҳикоят намуд, ки онҳо як гурба ва як саг доштанд ва гурба ҳамеша ба соҳибони худ хиёнат намуда, хӯроки онҳоро мехӯрд ва аз амри онҳо саркашӣ мекард, вале саг ҳамоно ба онҳо вафодор буд ва ҳар боре саг гурбаро меронд, гурба дарҳол гурехта, ба дарахт мебаромад. Қисса бо ин ибора ба поён мерасад: “Ибтидо аз он рӯз ҳар гоҳ саге гурбаеро бубинад аз пушташ давида, мехоҳад ӯро бигазад”. Ман солҳои дароз гумон мекардам, сабаби душманӣ миёни саг ва гурба ҳамон хиёнате аст, ки гурба ба ин ду ҳамсари калонсол кардааст. Беҳтар буд агар муаллим рамзӣ ва хаёлӣ будани ин достонро барои кӯдакон тавзеҳ медод, зеро кӯдакон вақте ҳар чизеро мешунаванд ва мебинанд бовар мекунанд. Ҳамин гуна падару модарон низ бояд ҳар чизеро, ки фарзандон дар телевизор тамошо мекунанд ва мебинанд, барояшон шарҳу тавзеҳ намоянд.



# РОҲНАМОИҲО БАРОИ РАҲОӢ АЗ БАНДИ ТЕЛЕВИЗОР

Падару модарон метавонанд барои коҳиш додани тамошои телевизор корҳои зеринро анҷом диҳанд:

- Дар утоқи хоби фарзандон телевизор нагузоред, зеро мумкин аст онҳоро аз фаъолиятҳои хонагӣ, вазифаҳои мактабӣ, андешидан, хондан ва хоб маҳрум созад. Афзун бар ин, шояд назорати фарзандонро аз барномаҳои зараррасон барои падару модарон душвортар гардонад.

- Кӯшиш кунед телевизор ҳангоми хӯрокхӯрӣ хомӯш бошад ва беҳтар аст ба ҷои тамошои он миёни аъзои оила суҳбатҳо ороста шавад.

- Қоидаҳои муаёян барои тамошои телевизор бигузоред. Кӯшиш кунед ҳар рӯз ним соат ё дар ду рӯз як соат аз вақти тамошои телевизор кам кунед ва қоидаҳоеро, ки мегузоред, шарҳ ва тавзеҳ диҳед ва ба ҷои ибораи "наметавонӣ телевизор тамошо кунӣ" ибораи "биёед телевизорро хомӯш кунем, то тавонем..." истифода намоед.

- Вақт ё рӯзҳоеро муайян кунед, ки холӣ аз тамошои телевизор бошанд, монанди шабҳое, ки фардои он барвақт ба мактаб рафтан лозим бошад.

- Телевизорро ҳамчун туҳфа ё ҷазо истифода накунед, чун мумкин аст арзиши телевизорро зиёд кунад.

- Вақте мехоҳед тиловати Қуръони карим ё таронаҳои хуб ва пурмаъно гӯш кунед, онро аз каналҳои радиёӣ гӯш кунед ва телевизорро барои шунидани садоҳо истифода набаред.

- Вақте фарзанди шумо мегӯяд, ки хаста ва мондааст, нороҳат нашавед ва вақтҳои холигиро бо бозӣ ё корҳои дигар бо ҳам якҷо сипарӣ намоед.

- Нагузоред телевизор ҷойгузини корҳои муҳими зиндагӣ, монанди варзиш, бозӣ ва суҳбатҳои оилавии шумо шавад.

### Иқтибосоти ҳакимона

“Телевизор кӯдакро аз як нерӯи муқовиматнопазир ба як вуҷуди беҳаракат мубаддал кардааст”. Муаллифи ношинос.

“Вақте яке аз мо ба хонааш медарояд ва марди ношиносеро мебинад, ки ба фарзандон чӣ гуна ҳамдигарро бо мушту лагад заданро ёд медиҳад ё онҳоро ташвиқ мекунад, то чизе аз ашёи хонаро бифурӯшанд, ҳатман он мардро ба зур аз хона меронад. Аммо худи мо ба хона телевизор меорем ва ба оқибати барномаҳои гуногун ва зарарҳои он намеандешем”.

Ҷером Сингер.

“Телевезор бо пахши маълумот ва иттилооти марбут ба равоншиносӣ хидматҳои шоёне ба ин соҳа намудааст ва бо ин амали худ мардумонро дучори тибби равоншиносӣ кардааст”.

Алфред Ҳичкок.

“Агар фарзандони шумо танҳо аз ду ҳарфи “ТВ” лаззат мебаранд, пас тасаввур кунед, ки аз иборае, ки аз 47 ҳарф иборат аст, чӣ қадар лаззату роҳат ҳосил хоҳанд кард. Ин ибора ба шакли зайл аст: “Бо кушодани як китоб тахайюлоти фарзанди худро боз кунед”. Муаллифи ношинос.

Сарчашма: (www.quotegarden.com)

## ЧАНД ҲАҚИҚАТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ТЕЛЕВИЗОР

- Тамошои телевизор машғулияти асосӣ ва муҳимтарин барои амрикоиҳо ба шумор меравад. Шаҳрванди оддии амрикоӣ дар як рӯз аз ду то панҷ соат (мувофиқ ба таҳқиқот ва вақтҳои гуногун дар давоми сол) телевизор тамошо мекунад (Grolier Encyclopedia).
- Дар таҳқиқоти Донишгоҳи Кембриҷ омадааст, ки кӯдакони 14-15-сола, ки рӯзона ҳатто аз як соат камтар вақти худро сарфи тамошои телевизор ё интернет мекунанд, баҳоҳои поёнтар дар шаҳодатномаи маълумоти миёнаи умумӣ доранд (The Guardian, 2015).
- Ҷавонони амрикоии 18-солагӣ ба ҳисоби миёна беш аз 200 000 ҳолати зӯроварӣ ва хушунат ва 16 000 қатлу кушторро дар телевизор тамошо кардаанд (American Academy of Child & Adolescent Psychiary).
- Омори фарбеҳӣ дар миёни кӯдакони амрикоӣ ва бритонёӣ дар тули сӣ соли охир зиёд шудааст, ки омили асосии он тамошои беш аз ҳадди телевизор ва низоми ғизоии носолим аст.

## Ҳушдори сардухтури амрикоӣ: Телевизор бесаводиро тақвият ва рушд медиҳад

### Меҳмони аҷиб дар хонаи мо

“Чанд моҳ пеш аз таваллуди ман падарам меҳмони ношиносеро, ки ба шаҳри мо омада буд, ба хона овард. Ӯ аз омадани ин меҳмони нав бисёр хушҳол буд ва аз ӯ хост, то бо мо зиндагӣ кунад ва тамоми аъзои оила низ дар кӯтоҳтарин муддат қудуми ин меҳмонро ба хушӣ пазируфтанд. Танҳо бо гузашти чанд моҳ дар дунёи мо аз он ба хушӣ пазироӣ карда шуд ва ман ҳам бо гузашти солҳо аз мақому манзилате, ки ӯ дар хонаи мо дарёфта буд, боре эътироз накардам. Модарам ба ман ёд дода буд, ки бояд калима ва тоати “Аллоҳ”-ро дӯст дорам, аммо ин меҳмони ношинос дар тарзи достонсароӣ ва баёни зеботарин ҳикояҳо маҳорати аҷиберо доро буд. Саргузаштҳо, ҳикоят ва достонҳои пурасрор ва комедияҳои фаровон дошт. Ӯ қобилияти соатҳо машғул кардани тамоми аъзои оилаи моро касб карда буд ва барои ҳар як узви оилаи мо мисли як дӯсти наздик гашта буд. Меҳмони ношинос ҳамеша моро ба тамошои филмҳо ташвиқ мекард. Ҳатто барои шиносонидани ситораҳои синамо барои мо барномаҳо гузошта буд. Бисёр сухан мегуфт ва падарам намегузошт касе ба ӯ эътироз кунад. Модарам гоҳе аз ҷояш бархоста ба утоқи хобаш мерафт, то Қуръон ва намозҳояшро бихонад, аммо дигар аъзои оила назди ин меҳмони ширинсухан, ки дар бораи макону замонҳои дур суҳбат мекард, нишаста гӯш фаро медоданд. Ҳоло ман аз худам мепурсам: шояд модарам дар намозҳои худ дуо мекард, ки ин меҳмони ношинос аз хонаи биравад. Падарам дар гузашта фазои хонаро пур аз суханони ахлоқию ҳикматомез карда буд, аммо меҳмони ношинос ҳаргиз ахлоқу одобро эҳтиром ва риоя намекард. Мисол, гуфтани суханони бешармӣ дар хонаи мо иҷозат набуд, на аз ҷониби мо ва на аз ҷониби дӯстони мо, аммо ин меҳмони бегона назди мо суханони нолоиқеро мегӯяд, ки сари маро ба дард меорад, носазогӯӣ дар гузашта сабаби нороҳатии падарам мешуд, аммо мебинам падарам ба ин меҳмони ношинос ҳеҷ гоҳ эътироз намекунад. Падарам ба ҳеҷ ваҷҳ ба нӯшидани шароб, ҳатто истифодаи он дар пухтупазҳо иҷозат намедод, аммо ин меҳмони ношинос навъҳои гуногуни шаробро ба мо нишон медиҳад. Сигорро чунон ҷилва медиҳад, ки гӯё як чизи бисёр роҳатбахш ва болаззат аст. Калянро низ бисёр зебо ба тасвир мекашад.

Меҳмони ношинос бисёр озод дар бораи масоили ҷинсӣ суҳбат мекард, тавзеҳоташ гоҳе бисёр бешармона, гоҳе бисёр ташвиққунанда ва гоҳе бисёр нороҳаткунанда буданд. Ҳоло дарк мекунам, ки тасаввуроти аввалияи ман дар бораи муносибатҳои байни марду зан аз он бисёр мутаассир шудааст. Вақте ба хотиротам нигоҳ мекунам, мутмаин мешавам, ки фазлу лутфи Худованд будааст, ки он меҳмони ношинос таъсири боз ҳам аз ин бештар ба мо нагузоштааст. Ӯ борҳо бо арзишҳои ахлоқии падарам мухолифат намудааст, бо ин вуҷуд ба нудрат касе аз мо ба вай эътироз менамуд ва аз ӯ мехост, то аз хонаи мо биравад. Беш аз сӣ сол аст ин бегона дар хонаи мо меҳмон аст ва ҳаргоҳ ба зиёрати хонаи падару модарам меравам, ин меҳмони ношиносро дар кунҷи хона нишаста мебинам, мунтазир аст, то касе ба ӯ гӯш диҳад, тамошо кунад ва бинад, ки чӣ гуна метавонад тасвирҳои зебо ва ҷаззобро нишон диҳад.

Номаш чист?

Мо онро "телевизор" меномем"

(Муаллифи ношинос).

## БАРОИ АНДОЗА ВА СИФАТИ ОН ЧИЗЕ, КИ КӮДАКОН ТАМОШО МЕКУНАНД, ҲАД ВА ҚОИДА ГУЗОРЕД

Пэм тасмим гирифт дар "Ҳафтаи миллии хомӯш кардани телевизор" иштирок намояд, ки он вақт фарзандони ӯ 4, 11 ва 13-сола буданд. Дар оғоз онҳо бисёр нороҳат шуданд, аммо баъд дигар шикоят намекарданд, чун гузинаҳои дигареро ёфта буданд, ки метавонистанд дар он ҳафта машғули онҳо шаванд. Фарзандони калонтар хондану якҷо бозӣ карданро сар карданд ва ҳатто ба хоҳари хурдсоли худ бозии футболро ёд доданд, барои оилаи худ корҳои гуногун ташкил доданд ва бо ҳамдигар меҳрубонтар гаштанд. Набуди телевизор фарқи калоне дар ҳаёти онҳо ба вуҷуд овард ва вақти фаровон барои нишаст бо хонавода барои онҳо фароҳам гардид.

Падару модарон гумон мекунанд, ки бояд ҳамеша фарзандони худро хушҳол нигоҳ доранд ва кумак ба фарзандонро вазифаи ҳатмӣ и доимии худ медонанд: "Оҳ, ман коре барои ту меёбам". Пас аз муддате, вақте ба фарзандони худ иҷозат медиҳанд кор ва фаъолияти худро интихоб кунанд, ором мешаванд. Махсусан кӯдакони хурдсол дар корҳои хона ба падару модарони худ манфиат меоранд. Бинобар ин, дар пухтупази худ онҳоро ба кумак даъват кунед. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё набояд падару модар барои фарзандони худ намуна бошанд? Вақте фарзандон мебинанд падару модарон машғули корҳое ғайри телевизор ҳастанд, онҳо низ равиши падару модари худро хоҳанд омӯхт.

***Коршиносон ва таҳқиқот дар бораи телевизор ва таъсири он ба фарзандон***

Спок *(Spock, 1998)* ва Академияи тибби кӯдакони амрикоӣ *(American Academy of Pediatrics, 1999)* бар ин боваранд, ки фарзандон ва дар умум тамоми кӯдакон набояд ба ҳеҷ ваҷҳ телевизор тамошо кунанд, зеро “тамошои телевизор яке аз сабабҳои дер гапзан шудани кӯдакони хурдсол, камтаваҷҷуҳӣ ва таъхир дар рушди маърифати онҳо мегардад. Ҳеҷ далели илмие вуҷуд надорад, ки манфиат ва суди телевизорро исбот намоянд, балки қавитарин далелҳо дар ин замина ба зарарҳои он далолат мекунанд.

Спок эътироф мекунад, ки ин равиш (яъне ба таври куллӣ манъ кардани кӯдакон аз тамошои телевизор) барои бисёри падару модарон “аз ҳадгузаронӣ” маҳсуб меёбад.

Роузмонд *(Rosemond, 1993)* мегӯяд, фарзанд бояд аз тамошои телевизор манъ карда шавад, то битавонад аз хондани китоб лаззат барад, аммо агар имкони ба таври куллӣ манъ кардани ӯ аз тамошои телевизор набошад, пас тамошои он бояд дар як ҳафта то ба панҷ соат, на бештар аз он, маҳдуд карда шавад.

Ранкин *(Rankin, 2006)* мегӯяд, ки муҳимтарин таҳқиқот ба он ишора доранд, ки тамошои телевизор ба муддати се соат ё бештар аз он дар як рӯз барои таълими фарзандон таъсири манфӣ мерасонад, аммо барномаҳои омӯзишӣ, ки ба диққат интихоб шуда дар телевизор ба намоиш гузошта мешаванд, метавонанд барои расидан ба омӯзиши боз ҳам беҳтар, кумак намоянд, чун онҳо бо афзоиши эҷодкори фарзандон алоқа доранд.

Фарзандони худро бо қиссаҳо ва шеърҳои муфид ва илҳомбахш ошно намоед. *(Bennett, 1996).*

## РӮЙХАТИ ҶОЙГУЗИНҲОИ АМАЛИИ ТАМОШОИ ТЕЛЕВИЗОР ДАР ОИЛА

Аксари падару модарон ба сабаби он иҷозати тамошои телевизорро ба фарзандони худ медиҳанд, ки ҷойгузинҳои амалӣ барои пур кардани вақтҳои холии онҳо надоранд. Роҳи ҳалли ин мушкил дар мушорикат дар машғулиятҳои муфид барои аъзои оила нуҳуфтааст ва шояд бузургтарин зараре, ки аз телевизор ба мо мерасад, коҳиши вақтҳоест, ки бо аъзои оила мегузаронем ва мутаассифона бисёри одамҳо ин хатари бузургро дарк намекунанд. Оилаҳо бояд ҳамкории мусбат миёни аъзои худро пурзур кунанд ва ҳамеша дар ҷустуҷӯи баъзе гузинаҳои судманд бошанд. Дар зер

мо рӯйхати фаъолиятҳои бисёреро пешниҳод менамоем, ки метавонанд барои муддати кӯтоҳ, миёна ва дароз интихоб карда шаванд.

Бо дузде, ки моли шуморо медуздад, чӣ гуна рафтор хоҳед кард? Бо дузде, ки вақт, оромӣ ва ҳаёти оилавии шуморо медуздад, чӣ гуна рафтор хоҳед кард? Он чи чизе, ки телевизор аз шумо медуздад, муҳимтар аз молу дороиҳои шумо аст, зеро он хушбахтии шуморо медуздад. Инсон шояд фурсат ва тавони бозгардонидани молҳои duздиаашро ёбад, аммо дигар наметавонад вақту саодат ва хушбахтиашро баргардонад.

Маънои шеър:

Дирӯзеро, ки ба наздикиҳо гузаштааст,
Тамоми аҳли замин наметавонанд баргардонанд.

Тапиши қалби инсон барояш мегӯяд:
Ҳаёт аз дақиқа ва сонияҳо иборат аст.

## РӮЙХАТИ ҶОЙГУЗИНҲОИ АМАЛИИ ТАМОШОИ ТЕЛЕВИЗОР ДАР ОИЛА

Фаъолиятҳои муносиб бо синну соли фарзанди худро интихоб кунед. Китобҳое вуҷуд дорад, ки ҳазорҳо фаъолияту машғулиятҳоро ба оилаҳо пешниҳод мекунанд, ва метавон ҳар кадоме аз онҳоро интихоб кард:

1. Адои намоз дар масҷидҳои гуногун
2. Тиловати Қуръони карим ва гӯш кардани он
3. Бунёди қалъачаҳо
4. Ташкили фаъолиятҳои рӯбучини ҷои зист
5. Ба китобхона рафтан, ба орият гирифтани китобҳо ва иштирок дар машғулиятҳои китобхона
6. Гӯш кардани барномаҳои радиёӣ
7. Ба тамошои боғи ҳайвонот ва осорхонаҳо рафтан
8. Расмкашӣ ва наққошӣ кардан
9. Бп дидани марказҳои фаъолиятҳои деҳа ё ба боғчаҳои умумӣ рафтан
10. Оббозӣ
11. Бо овози баланд китоб хондан барои бародар ё хоҳарони хурдсол
12. Ба сайру гашт рафтан
13. Давидан, ҷаҳидан ва велосипедронӣ кардан
14. Суруду тарона хондан ё аз ёд кардани қасидаҳои шеърӣ
15. Ба тамошои парандаҳо рафтан
16. Аз болои ресмон ҷаҳидан
17. Дар муассисаҳои хайрия ба корҳои хайр машғул шудан

18. Дар боғчаи хона ё ҷои дур хайма задан
19. Ба хешону наздикон, дӯстону рафиқон ё падаркалону модаркалон мактубҳои электронӣ равон кардан
20. Коштани гул, сабзавот ё дигар растаниҳо
21. Хондани маҷалла ва рӯзномаҳо
22. Садақа кардани чизҳои зиёдӣ ба фақирону гурезаҳо ва муассисаҳои хайрия
23. Навиштан, сабти кор ва фаъолиятҳои рӯзона
24. Зиёрати дуконҳои китобфурӯшӣ
25. Ҷустуҷӯи таърихи хонавода ва хешу таборон
26. Омӯзиши дуредгарӣ ва сохтани рафҳо барои китобҳо
27. Сохтани кандаккориҳои дастӣ барои ҳадяҳо
28. Таълифи қисса
29. Сайру гашт дар табиат, ҷамъи донаҳо ва баргҳо ва пур кардани дафтарчаи ёддоштҳо
30. Бо истифодаи дурбин шабона ба осмон назар кардан, мушаххас намудани бурҷҳои гуногун, муроқибати моҳ ва хондани китобҳои фалакшиносӣ
31. Пӯхтани ҳалво барои ҳамсояҳо
32. Хоҳиш кардан аз калонсолони оила, то дар бораи ҳаёт ва гузаштаи худ накл кунанд ва ёддошти он дар дафтарчаи хоси худ
33. Пуӯтани мураббо аз меваҳо
34. Тайёр кардани ҷурғот
35. Машғули варзишҳои гуногун шудан
36. Пиёда ба кор ё мактаб рафтан ва ба мошин савор нашудан
37. Шатранҷ бозӣ кардан
38. Футбол, волейбол, баскетбол ва тенниси рӯи миз бозӣ кардан
39. Танзими мусобиқаҳои фарҳангӣ
40. Шашки ва домино бозӣ кардан
41. Омӯзиши компютер
42. Омӯзиши рондани мошин
43. Танзими бозиҳои пинҳоншавак дар ҳавлӣ
44. Бо даст шӯстани либосҳо
45. Тоза кардани хона бо чангкашак
46. Тоза кардани тирезаҳо
47. Ҳамроҳи аъзои оила ё рафиқон пӯхтани хӯроки шом
48. Ҳисобу китоб кардани маълумоти бонкӣ
49. Хулосанависӣ ё накд бар китобе, ки мехонед
50. Мавриди баррасӣ қарор додани хароҷоти моҳонаи хонавода
51. Барпо намудани маҳфил барои аъзои оила ё дӯстон
52. Доду гирифти маҷаллаҳо бо рафиқон
53. Тоза кардани утоқҳо
54. Навиштани нома ба муаллифе, ки дӯсташ медорӣ, хоҳ зинда боша, хоҳ на.

55. Бозӣ кардан бо ҳайвоноти хонагии худ ё ҳамсояҳо
56. Тоза кардани ҳавлии хона
57. Бозӣ бо ҳавопаймоҳои коғазӣ
58. Сафар кардан бо аъзои оила
59. Овезон кардани ҳароратсанҷ дар девори хона ё рӯи дарахт
60. Таълифи намоишнома
61. Бозӣ бо барф ва одами барфӣ сохтан
62. Буриданиисуратҳо аз маҷаллаҳои куҳна ва часпонидани он дар дафтари хотирот
63. Ба хонаи пиронсолон рафтан
64. Нигоҳубини навзоди падару модари ҷавон
65. Ба масофаҳои дур пиёда роҳ рафтан
66. Ҳалли муаммоҳо
67. Нишаст ва суҳбат бо дӯстони нав
68. Ташкили гурӯҳ барои бо ҳам китоб хондан
69. Занбурпарварӣ
70. Ташкили ифторҳои гурӯҳӣ барои дӯстони наздик
71. Сохтани киштичаҳои хурд, ки рӯи об ҳаракат кунанд
72. Ба тасвир кашидани аъзои оилаи худ
73. Омӯзиши тарзи истифодаи қӯтбнамо ва харита
74. Омӯзиши тарзи истифодаи асбобҳои андозагирӣ ва ченакҳо
75. Ҳамсуҳбат шудан бо калонсолон ва сабти маълумот барои истифода
76. Ҷамъоварӣ ва навиштани шӯхиҳову нуктаҳо дар дафтар ва бозгӯ кардани онҳо ба рафиқону аъзои оила
77. Омӯхтани дӯзандагӣ
78. Зиёрати деҳот ва киштзорҳо
79. Ба гӯсфандчаронӣ рафтан
80. Ба дарахтон баромадан
81. Омӯхтани баъзе муаммоҳо
82. Тамошои тулӯъ ва ғуруби офтоб ба танҳоӣ ё ҳамроҳи дигарон
83. Тартиби рӯйхати ашё ва хӯрокvориҳое, ки бояд ба харид
84. Омӯхтани ибораҳои осон ба забонҳои дигар (мисол: ташаккур, субҳ ба хайр, шом ба хайр, бале, не, рӯзҳои ҳафта ва аз худ кардани шумораҳои аз 1 то 10)

## ИНТИХОБҲОИ ВАСЕЪТАР

Дар зер рӯйхати корҳои муҳимтар аз он чиро, ки дар боло зикр шуд, интихоб мекунем, то фарзандон битавонанд худро машғули онҳо созанд (Иқтибос аз Башир ва дигарон, 1998).

### *Фаъолиятҳо дар ҷомеа*

- Ғайр аз ду забони муҳим, яъне забони модарӣ ва забони Қуръони карим (забони арабӣ), омӯхтани забони дигаре, ки барои фарзандон муяссар аст.
- Иштирок дар лагерҳои ҷавонон. Нахуст боварӣ ҳосил намоед, ки дар ин лагерҳо машғулиятҳои муфид ва кофӣ барои фарзандон вуҷуд дошта бошад, махсусан дар рӯзҳои таътилоти дарозмуддат ва ин ки фаъолиятҳои он чо аз машғулиятҳои фикрӣ, рӯҳӣ, намоишҳо, варзиш, нақшофарӣ, бозиҳои варзишӣ ва мусобиқаҳо иборат бошанд.
- Узви клубҳои варзишии писарона/духтарона шудан.
- Узви гурӯҳҳои таронахонӣ шудан ва интихоби таронаи муносиб ва осон ва таълими он ба фарзандон ва ташвиқи онҳо ба иштирок дар ҷашнвораҳои гуногуни иҷтимоӣ.
- Шабнишиниҳои хонаводагӣ.
- Бозӣ кардан болои барф, зери борон ва зери шуъои офтоб бо либосҳои муносиб.

***Ҳазрати Умар ибни Хаттоб мефармояд:***

***“Ба фарзандонатон тирзанӣ, оббозӣ ва аспсавориро биёмӯзед”.***

- Омӯзиши тарзи дифои худ.
- Иштирок дар ҳалқаҳои омӯзиши таҷвид ва дарсҳои шеър.
- Омӯхтани қоидаҳои саломатӣ ҳангоми оташсӯзӣ.
- Таълими фанни баҳсу мунозира.
- Таълими фанни гуфтугӯ.
- Таълими хатти забони англисӣ ва хатҳои гуногун ва зебои забони арабӣ.
- Иштирок дар баъзе курсҳое, ки барои рушди шахсият роҳандозӣ мешаванд.
- Омӯхтани кӯмакҳои аввалияи тибб.

### *Фаъолиятҳо дар табиат*

- Кашфи табиат. Аъзои оила барои пиёдагардӣ ба масофаҳои дур ва сайру гашти оилавӣ барои дидани қудратҳои илоҳӣ дар табиат бо ҳам иттифоқи назар намоянд: тамошои парандаҳо, ҳашарот, гулҳо, дарахтон. Ҳамчунин кӯдакон метавонанд дар паи ҷустҷӯи регу сангрезаҳо дар наҳру дарёҳо шаванд ва велосипедронӣ кунанд.

- Бо диққат ба ситораҳо назар кардан. Назар кардан ба ситораҳо яке аз машғулиятҳои бисёр зебост. Барои он шумо метавонед харитаи бурҷҳоро истифода намоед. Бо худ кӯрпа ва меваю сабзавот гирифта, ҷои ториктареро интихоб кунед, монанди боғчаи пушти хона ё болои теппаҳо. Вақте ҳаво тамоман торик шуд, талош кунед мавқеи бурҷҳои гуногунро ёбед ва бигузоред фарзандон аз ситораҳо шаклҳоеро, ки дӯст медоранд, ба тасвир бикашанд, чуноне ки бо абрҳо тасаввур мекунанд.

### *Бозиҳо*

- Бозии муқоисаи ангуштон. Дар ин бозӣ ҳар кас ангуштони як дасташро болои кафи дасти дигараш мегузорад ва мебинад, ки одатан ангушти ишора хурдтар аз ангушти беном аст ва ангушти миёна дарозтар аз дигар ангуштон аст. Сипас ба ангуштони пойҳо диққат кунед: ҷӯробҳоро бароред ва пойҳоятонро дароз карда, паҳлӯи ҳам гузоред ва ба фарқиятҳои ангуштон назар кунед.
- Ҳисоб кардани қабурғаҳои кӯдакон низ хӯшгузаронӣ аст, аммо агар падаркалон ё модаркалон онро анҷом диҳанд, боз хубтар аст.
- Дар вақти сафар бо мошин кишварҳои мухталиферо, ки байрақи онҳо дар рақамҳои давлатии мошинҳо зоҳир мешаванд, ҳисоб кунед.
- Бозии “Ман чизеро мебинам, ки ту намебинӣ”. Шумо метавонед духтари дусолаи худро бо ин бозӣ барои якчанд дақиқа машғул созед. Шумо аввал бозиро ин гуна оғоз намоед: “Ман чизеро мебинам, ки ту намебинӣ, ва ранги он сурх аст”. Сипас ба духтараки хурдсолатон вақт диҳед то он чизро дар дохили утоқ ҷустуҷӯ намояд ва тахмин бизанад, ки он чизи сурхе, ки шумо дидаед, чист. Агар онро ёфт, навбати ӯ мешавад ва ӯ аз шумо мепурсад. Ё бозии “Ман чизеро мебинам, ки бо ҳарфи ... оғоз мешавад” ва кӯдак тахмин мезанад, ки он чизе, ки шумо дар назар доред, чист.
- Бозии шоҳмот. Яке аз роҳҳои муассир дар тарбияи фарзандон ва водор кардани онҳо ба тафаккур ва эҷодкорӣ баргузор кардани бозиҳои шоҳмот аст, ки он сабр ва танзими зеҳнро ба инсон меомӯзад. Ҳамчунин дар рафти ин бозӣ шумо метавонед шахсияти ҳарифи худ биомӯзед, ки стратегияи ӯ ҳуҷумӣ аст ё дифоъӣ? Риск мекунад ё не?

*Садоҳои табиат*

Аз фарзандон бихоҳед дар ҷои худ нишаста, чашмонашонро бипӯшанд ва худро хомӯш ва ором бигиранд. Сипас тамоми садоҳоеро, ки аз атроф мешунаванд, як ба як бишуморанд. Ба садои парандаҳо, ҳашарот, курбоққаҳо ва об гӯш диҳанд.

*Онҳоро ба оғӯши табиат баргардонед*

Фарзандони мо аз олами ҷангалҳо, дарёҳо ва кӯҳҳо ба дунёи телевизор, компютер, бозиҳои видеоӣ ва телефонҳои дастӣ мегурезанд. Онҳоро ба оғӯши зебои табиат баргардонед.

## Хӯрок хӯрдан бо оила

Дар таҳқиқоти Маркази миллии "Нашъамандӣ ва сӯиистифода аз маводи мухаддир"-и Донишгоҳи Колумбия омадааст:

- Кӯдаконе, ки дар як ҳафта аз панҷ то ҳафт маротиба бо оилаи худ хӯрок мехӯранд, мумкин аст бо волидайни худ муносибатҳои устувортар дошта бошанд, чун хӯрок хӯрдан бо хонавода танҳо хӯрок хӯрдан нест, балки маҷлиси гуфтугӯ байни аъзои оила аст, ки барои падару модарон фурсат медиҳад аз ҳаёти фарзандон, чолишҳое, ки бо он мувоҷеҳ мешаванд, ва машғулиятҳоеро, ки дӯст медоранд, огоҳ бошанд.
(CASA, 2012).

- Фарзандоне, ки бештари вақтҳо бо волидайни худ хӯрок мехӯранд, камтар дучори хатари сигоркашӣ, шаробнӯшӣ ва нашъамандӣ мешаванд. Наврасоне, ки дар як ҳафта камтар аз се маротиба бо волидайн хӯрок мехӯранд, ду баробар бештар аз онҳое, ки аксари вақт ҳамроҳи оилаи худ хӯрок мехӯранд, дар маърази истифодаи маводи мухаддир қарор доранд.
(CASA, 2010).

- Кӯдаконе, ки ҳамеша бо волидайни худ хӯрок мехӯранд, баҳоҳои баландтар ба даст меоранд, эҳсоси андуҳу афсурдагии онҳо дар хона камтар аз дигарон аст ва боварии онҳо ба волидайни худ бисёр баланд аст.
(CASA, 2003).



## ЗАРАРҲОИ ИСТИФОДАИ БЕШ АЗ ҲАДДИ ИНТЕРНЕТ ВА ТЕЛЕФОНҲОИ ДАСТӢ

Бештари баҳсу мунокишаҳое, ки дар бораи таъсироти манфии тамошои телевизор сурат мегирад, метавонад ба телефонҳои дастӣ, интернет ва бозиҳои компютерӣ низ дахл дошта бошад. Шояд бисёри падару модарон гумон мекунанд, ки таҷҳизоти электронӣ фоиданок аст ва ҳеҷ зараре дар ҳаёти мо надорад, аммо дар асл чунон, ки гумон мекунанд, нест. Шояд ҳам падару модар аз фарзандони худ таваққуи ба тарзи дуруст ва муносиб истифода бурдани таҷҳизоти компютериро доранд, аммо воқеият ин аст, ки баъзе фарзандон аз таҷҳизоти электронӣ истифодаи дуруст накарда, соатҳои дароз ба тамошои торномаҳои бефоида ва маводи порнографӣ менишинанд. Пас истифодаи беш аз ҳадди интернет монанди тамошои беш аз ҳадди телевизор бепарвоӣ дар инсонро тақвият мебахшад, ба корҳои хуб таъсири манфӣ мерасонад, сабаби фарбеҳӣ мегардад, ба иҷтимоӣ шудани муқаррарии кӯдакон халал ворид мекунад ва фарзандонро дар маърази афкори бад ва ба таблиғоти зиёди тиҷорӣ қарор медиҳад. Ҳарчанд компютер яке аз таҷҳизоти бисёр зарурӣ ва манфиатбахш аст, падару модарон бояд фарзандони худро назорат кунанд, рӯи барномаҳои нолоиқ рамзгузорӣ кунанд, чораҳои тандурустиро мадди назар дошта бошанд ва дар бораи интернет низ маълумоти кофӣ дошта бошанд. Ба фарзандон иҷозат надиҳед соатҳои дарозро дар истифодаи интернет сипарӣ кунанд ва беҳтар аст компютер дар утоқи нишаст ва дар ҷои чашмраси ҳамаи аъзои оила гузошта шавад, ҳарчанд имрӯз интишори анвои нав ва пешрафтаи компютерҳои хурд, ноутбукҳо ва телефонҳои дастӣ назоратро душвортар кардааст.

## БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Бозиҳои компютерӣ вақти зиёди фарзандон, махсусан писарондро мегирад. Шояд онҳо бозиҳои безарар бинамоянд, аммо воқеият ин аст, ки барои фарзандон бисёр зараровар аст ва метавонад таъсири бад ва ногувори худро бирасонанд.

Дар бисёри бозиҳои компютерӣ хушунат ва зуроварӣ вуҷуд дорад, ки инсонро ба муътодӣ мерасонад ва бисёри ҳолатҳои муътодии вазнин ба бозиҳои компютерӣ сабаби марги чанд нафар дар Кореяи Ҷанубӣ шудааст *(BBC News, 2005).*

Бозиҳои компютерӣ ҳисси воқеиятро заиф месозанд, ба гунае, ки дунёи воқеиро ба як бозӣ ва соҳаи саргармию дилхушӣ хулоса мекунад. Бозиҳое, ки ба ҷангу куштор ташвиқ мекунанд, монанди амалиётҳое, ки қувваҳои ҳарбӣ анҷом медиҳад, ҳаёти инсонро як чизи беарзиш ба тасвир мекашанд. Илова бар ин, бозиҳои компютерӣ мавзӯоти гуногун, монанди сеҳр, дунёи соҳирон, ҷинҳо, шайтонҳо, дуоҳои ширкӣ ва фолбинӣ доранд.

Мутаассифона имрӯз бо пешрафти баланди технология ин навъи бозиҳо воқеиятноктар ва ба зиндагии рӯзмарра наздиктар мешаванд. Бисёр хатарнок аст вақте дунёи воқеӣ бо дунёи хаёлӣ омезиш меёбад. Фарзандон бояд ташвиқ карда шаванд, то ҳаётро бо тамоми чолишҳояш қабул намоянд ва аз воқеиятҳо фирор накунанд.

## БОЗИҲОИ ВИДЕОӢ ВА ФАРЗАНДОН

Бозиҳои видеоӣ аз даҳаи ҳафтоди асри гузашта густариши худро оғоз намуданд ва аз ҳамон замон миёни писарон роиҷ гашта, хушунат, истеъмоли маводи мухаддир ва алоқаҳои ҷинсӣ бештар маъмул гашт.

Шаҳрҳои Амрико, монанди Падука (Кентукки), Ҷонсборо (Арканзас), Литлтон (Колорадо), Блэксберг (Вирҷиния) ва дигар шаҳрҳои ин кишвар шоҳиди тирпарронӣ аз тарафи талабаҳое шудаанд, ки беш аз ҳад машғули бозиҳои компютерии хушунатбор будаанд. Дар мактаби синфҳои болоии “Колумбайн”-и иёлати Колорадо ду навҷавон, Эрик Ҳаррис ва Дилон Клиболд, 13 нафарро куштанд ва 23 нафари дигарро захмӣ карданд ва сипас худкушӣ карданд *(Gibbs, 1999).* Ин ду наврас бозиҳои видеоиеро, ки пур аз манзараҳои шиканҷаву тирпарронӣ ва хунрезиҳо буд ва сарбозон тавассути ин бозиҳо машқ дода мешуданд, бисёр бо шавқу рағбат бозӣ мекарданд. Ҳаррис нусхаи тағйир дода шудаи ин бозиро сохта буд, ки дар он ду тирандоз силоҳҳои иловагӣ ва захираҳои бешумор доштанд, қурбониҳое ба тасвир кашида шуда буданд, ки худро дифоъ карда наметавонистанд, ва дақиқан ин ҳамон коре буд, ки барои иҷрои он нақша кашида буд *(Anderson and Dill, 2000).* Ҳар қадар, ки кӯдакон корҳои зӯровариро бештар машқ кунанд, ҳамон қадар эҳтимоли анҷоми корҳое ба он монанд дар воқеият бештар мегарданд *(Clark, 1993).*

Байни рафтори хашмгинонаи кӯдакон ва дучор шудани онҳо ба саҳнаҳои хашмгин дар бозиҳои видеоӣ робита вуҷуд дорад. Ҳар қадар, ки кӯдакон дар бозиҳои видеоӣ нақшҳои зӯровариро дошта бошанд, ҳамон қадар эҳтимоли даст задани онҳо ба зуроварӣ алайҳи дигарон бештар мегардад. Писарон назар ба духтарон вақти бештарро сарфи бозиҳои компютерие мекунанд, ки рафтори мухолиф бо ар-

зишҳои ҷомеа ва дин дар онҳо тақвият мешавад, ба монанди куштор, дуздӣ ва суханони қабеҳу нописанд.

Бозиҳои хушунатбор ва зуроварӣ бо душманӣ ва муборизаҳои ҷисмонӣ алоқа доранд ва ин навъи бозиҳо боиси ҳолатҳои зерин мешаванд:

1. Зиёд шудани ангезаҳои шаҳвонӣ.
2. Зиёд шудани андешаҳои душманӣ.
3. Зиёд шудани эҳсосоти душманӣ.
4. Зиёд шудани рафторҳои душманӣ.
5. Кам шудани рафторҳои мусбати иҷтимоӣ.

## БЕШ АЗ ҲАД НАМОЁН ШУДАНИ ЗАН ВА МАРД ДАР ТЕЛЕВИЗОР ВА БОЗИҲОИ ВИДЕОӢ

Мазмуни иҷтимоии бозиҳои компютерӣ занро ҳамчун як мавҷуди манфӣ ба тасвир мекашанд. Масалан, дар бозиҳои Nintendo занон ҳамеша гирандаанд, на ташаббускор, ва беҳтарин тасвири онҳо танҳо ҳамин аст, ки қурбонианд. Бисёри сенарияҳои филмҳои дар бораи занон ин аст, ки ҳамеша duздида мешаванд ва ба як наҷотдиҳанда ниёз доранд *(Funk, 1993)*.

Намунаҳои дигари беадолатӣ дар намоиши зану мард дар телевизор ва бозиҳои компютерӣ инҳоянд:

1. Дар ҳамкорӣ миёни занону мардон дар барномаҳои телевизионӣ одатан ҳокимият ба дасти мардон аст.
2. Мардҳо дар барномаҳои телевизионӣ одатан оқил, боирода, ҳушёр, қодир ба мубориза, ором ва меҳрубон ба тасвир кашида шудаанд, дар ҳоле, ки занҳо бомуҳаббат, итоаткор ва боҳаё ё бад ва маккор ба тасвир кашида мешаванд.
3. Тамаркузи мардҳо ба тавоноӣ, амалкард ва маҳоратҳо ва тамаркузи зан ба ҷаззобият, рағбат ва мафтун кардан аст.
4. Дар бисёри барномаҳои телевизионӣ издивоҷ ва оила барои мардони ҳунарманд аҳамияте надорад ва тақрибан нисфи мардони ҳунармандро наметавон ташхис кард, ки оё оиладор ҳастанд ё муҷаррад. Аммо дар миёни занон ин омор танҳо ба 11% мерасад.

Бештари занҳое, ки дар барномаҳои шабонаи телевизионӣ баромад мекунанд, духтарони ҷавону ҷаззобу аз нигоҳи андом бисёр зебо ва оро додашуда мебошанд ва ҳамеша ба тавре нишон дода мешаванд, ки сурати зоҳирии онҳо аз донишу тарзи андеша ва суханронии онҳо муҳимтар аст ва бисёр оҷизу нотавон ба тасвир кашида мешаванд. Аммо мардҳо нисбатан салоҳиятдор нишон дода шуда, дар ҳалли масоили душвор тавонотар ба тасвир

кашида мешаванд. Занҳо ҳамчун абзоре барои лаззати ҷинсӣ ва мардҳо дар бархӯрд бо ниёзҳои кӯдакон нотавон нишон дода мешаванд.

*(Beal 1994; Davis 1990; Seidman, 1999).*

Зан дар экрани шабакаи мусиқии америкоии MTV ҳамчун абзори лаззати ҷинсӣ ба тасвир кашида мешавад, ки ҳамеша талош мекунад таваҷҷуҳи мардҳоро ба худ ҷалб намояд ва дар сабтҳои видеоӣ ва мусиқии рэп ҳамчун абзори шаҳватронӣ нишон дода мешавад. Занҳо назар ба мардҳо бо либосҳои чаҳор маротиба кӯтоҳтар нишон дода мешаванд ва мардҳо бо либосҳои оддӣ зоҳир мегарданд.

Беаҳамиятӣ нисбат ба хонавода. Тамаркузи аслии бозиҳои компютерӣ ба ҷои ҳамкориҳои иҷтимоӣ ба амалкарди фардӣ равона шудааст. Дар он як фарди номаълум бо душмани номаълум меҷангад ва эҳсоси нисбат ба ҷомеа ва ҳамкориҳои гурӯҳӣ бисёр ба нудрат ба чашм мерасад ва дар аксари бозиҳои видеоӣ дар ҳар як давраи он беш аз як бозингар иҷозаи нест. Институти миллии васоити ахбори омма ва оила солҳост дар бораи таъсири бозиҳои видеоӣ гузориш таҳия мекунад, ки дар хулосаи он омадааст: “Бисёри бозиҳои компютерӣ фарҳанги гурӯҳиро хушк месозанд, бераҳмӣ ва бешафқатиро тақвият медиҳанд ва ба ваҳшоният ва хушунат алайҳи занон ташвиқ мекунанд”.

Агар фоида ва зарарҳои истифодаи интернет, телевизор ва телефонҳои дастиро муқоиса кунем, ба хулосае хоҳем расид, ки зиндагӣ ба таври умум бидуни онҳо поктару зеботар аст, зеро идораи вақт ва ҳифзи бемалоли эҳтиёҷоти панҷгонаро (дин, нафс, насл, мол ва ақл) фароҳам меорад. Имрӯз интернет ба як шарри иҷтинобнопазир мубаддал шудааст. Албатта манфиатҳои бузурги он, монанди тамос бо одамони дурдаст, гузоштани ҷаҳони паҳновар пеши чашмони мо ва дастрасӣ ба натиҷаҳои илмии олимон ҳамчун як китобхона дар хонаро инкор намекунем. Офарин ба касоне, ки онро барои рушди қобилиятҳои худ мавриди истифода қарор медиҳанд ва хушо ба ҳоли онҳо, ки онро дар роҳи хайр истифода мекунанд ва аз шарри он канорагирӣ менамоянд. Хушо ба ҳоли касе, ки беҳтарин сармояи худ, яъне вақти худро дар хидмати худ гузоштааст, чун вақт як бахши зиндагии мост ва мо дар баробари он масъул ҳастем.

Бисёри кӯдакон ва навҷавонон қурбонии вобастагӣ ба интернет ва телефонҳои мобилӣ шуда, ба ҷои ин ки ин таҷҳизотро дар хидмат ва барои манфиати худ қарор диҳанд, худро ғуломи он кардаанд. Онҳо ҷавониро аз даст дода, забони равони модарии худро заиф кардаанд, даъватҳои вайронгар ба ақидаи онҳо зарба задааст, миёни насли ҷавон ва калонсол фосила эҷод шудааст ва ин таҷҳизот боиси вайроншавии хонаводаҳо шудааст.

Компютер энсиклопедия аст, на бозича. Бинобар ин падару модар бояд фарзандони худро барои тарзи дурусти истифодаи он роҳнамоӣ намоянд ва замони истифодаи онро маҳдуд созанд, то битавонад як восита ва абзори муосир дар рушди истеъдод ва омӯзиш бошад ва дар айни ҳол аз ҳолатҳои манфӣ парҳез карда шавад.

**Хулоса ин ки...**

- Кӯдаконе, ки камтар машғули бозиҳои компютерӣ мешаванд, таҳсилоташон дар мактаб беҳтар ва ҷанҷолу хусуматашон бо дигарон камтар мегардад.
- Падару модарон бояд фарзандони худро ба бозиҳои омӯзишӣ ташвиқ намуда, онҳоро аз бозиҳои хушунатбор манъ намоянд.
- Бозиҳои компютерӣ ва телевизионӣ ба фарзандоне, ки шахсияти солим доранд, таъсири кам мерасонанд.
- Падару модаронон бояд ба фарзандони худ вақти маҳдуд барои машғул шудан ба бозиҳои компютерӣ бигузоранд.

Дар поёни ин фасл ёдовар мешавем, ки фанноварихои муосир телефони мобилиро ба як истгоҳи ҷамъӣ барои телевизор, видео, интернет, кампютерҳо ва таҷҳизоти ҷолибе, ки дар ояндаи наздик тавлид мешавад ва зеҳну вақти насли ҷавонро ба худ ҷалб мекунад, табдил кардааст. Бар ин асос, тамоми нукоте, ки дар ин фасл дар бораи телевизор зикр шуд, ба тамоми таҷҳизоте, ки имрӯз истифода мешаванд, махсусан ба телефони дастӣ, дахл дорад.

Хулоса, агар мо фоида ва зарарҳои тамоми ихтироот ва таҷҳизоти электронии навпайдо, монанди интернет, телевизор, телефонҳои дастӣ ва ғайраро муқоиса намоем, хоҳем дид, ки ҳаёти насли ҷавон бидуни таҷҳизоти мазкур холистару зеботару муфидтар аст. Агарчи имрӯз ин таҷҳизот масофаҳои дури байни хешону таборонро наздик кардааст ва ахбору маълумоти фаровонро зери дасти мардум, бавижа ҷавонон қарор додааст, вале ҳамоно як шарре боқӣ мемонад, ки раҳои аз банди он кори басо душвор аст ва натиҷаҳои фалокатбор, ба монанди гирифтории ҷавонон ба муътодӣ, вайроншавии оилаҳои ва интишори андешаҳои ифротагароиро ба бор овардааст.

Истифодаи номуназзами технологияҳои муосир бисёри ҷавононро ғулом ва вобастаи худ кардааст. Онҳо асиру мафтуни шишаи телевизор шудаанд. Нақши падару модар дар ин росто роҳнамоии наслҳои нав барои бо тарзи дуруст ва бо ҳикмат истифода кардани фанноварихои муосир аст, бояд чӣ гуна ва тарзи истифодаи онҳо дар идораи мо бошад, на мо дар идораи онҳо.

# МАШҚҲОИ 72-76



Ҷойгузинҳои телефонҳои мобилӣ, телевизор ва чизҳои дигар.

**Машқи 72:**
## Боздидҳои омӯзишӣ

Ниҳод ва муассисаҳои мухталифро ба фарзандони худ муаррифӣ кунед ва ин се қоидаи муҳимро ҳамеша дар хотир дошта бошед: “Ба ман бигӯед, ман фаромӯш хоҳам кард”; “Ба ман нишон бидиҳед, ман ба ёд хоҳам овард”; “Бо ман ҳамроҳ бошед, ман хоҳам фаҳмид”.

- Фарзандонро ба маҳкама баред, то қозӣ, вакилон ва ҷараёни судро бинанд.
- Фарзандонро ба милисахона ва зиндон баред.
- Бо онҳо ба зиёрати ибодатгоҳҳои пайравони дигар динҳо биравед.
- Ба осорхонаҳо, боғҳо, китобхонаҳо ва киштзорҳо равед.

**Машқи 73:**
## Огоҳии онҳо дар бораи ғизоҳоро бештар кунед

Аз фарзандон дар бораи таркиби хӯрокҳо ва тарзи тайёр кардани онҳо бипурсед. Мисол, дар бораи шӯрбо, нон, шир, панир, кабоб, фатир, кулчақандҳо, ширинҳо, чой, қаҳва ва ғайра.

Ба фарзандон таркиб ва тарзи истеҳсоли маҳсулоти зеринро тавзеҳ диҳед: собун, шампун, варақ, ранг, либос, пластик, асфалт, попӯш, лавозимоти хона ва қолинҳо.

Аз ҳар яки фарзандон хоҳиш кунед, то яке аз ғизоҳои писандидаи худро интихоб намуда, маводи лозим барои пӯхтани онро бо интихоби худ биxаранд ва таҳти назорати волидайн ғизои хушмаззае барои хонавода бипазанд.

**Машқи 74:**
**Дар зиндагии худ чиро бештар қадрдонӣ мекунед?**

Дар нишастҳои оилавӣ аз ҳар як узви оила бипурсед: “Агар фақат як рӯзи зиндагият боқӣ монда бошад, кадом корро анҷом хоҳӣ дод? Чаро?” Сипас аз ҳар яки онҳо хлҳиш кунед, ки дар бораи ҷавобҳо бо ҳам суҳбат кунанд.

**Машқи 75:**
**Суханони гавҳарбор барои фарзандон!**

Тамоми аъзои оиларо ҷамъ карда, аз яке аз фарзандон хоҳиш кунед, ки ибораҳои зеринро бихонад ва шумо маонии калимаҳоро шарҳу тавзеҳ дода, аз таҷрибаҳои амалии худ мисол биёред ва фарзандонро барои ибрози назарҳояшон ташвиқ намоед.

Фарзандам! Ҳазар кун аз:
- наҷибзодае, ки таҳқираш кардӣ;
- фурӯмояе, ки иззату эҳтиромаш кардӣ;
- оқиле, ки ғазабашро овардӣ;
- аҳмақе, ки шӯхияш кардӣ;
- бадахлоқе, ки ҳамнишинаш шудӣ.

Фарзандам!

Ман тамоми хубиҳоро чашидам, аммо чизе беҳтар аз офият надидам; талхиҳоро чашидам, аммо чизеро талхтар аз муҳтоҷ будан ба мардум надидам; душвориҳо кашидам, аммо чизеро душвортар аз қарз надидам. Дунё ду рӯз аст: яке ба суди ту ва дигаре бар зарарат. Рӯзе, ки ба суди туст, такаббур накун ва рӯзе, ки бар зарари туст, сабр кун (Суханони гавҳарбор яке аз ҳакимон).

**Машқи 76:**
**Оё шумо корҳои оилавии худро оқилона идора мекунед?**

Ман ҳамчун падар/модар нақши худро чӣ гуна арзёбӣ кунам ва анҷом диҳам? Тарбияи падарӣ/модарӣ масъулияти бисёр сангин, аммо подошовар аст. Падару модар дар нигоҳубин, тарбия, идора, роҳбарӣ ва насиҳати фарзандон нақши муҳим доранд. Онҳо монанди табиби мушфиқе ҳастанд, ки ҳадафаш беҳбуд бахшидан ба бемор ва пешгирӣ аз расидани осеб ба ӯст. Ҳамчунин аз ҳадафҳои бузурги падару модарон фароҳам овардани таълим, имконият, ташвиқ ва кумак ба фарзандон ва аз дасти онҳо гирифта ба сӯи ояндаи беҳтар бурдан аст.

Фаъолиятҳои падарӣ/модарии худро нукта ба нукта баррасӣ намоед. (Барои бодиққат омӯхтани тамоми нукот чанд нишаст лозим аст).

**Нақши ту ҳамчун падар/модар:**

- Оё ман ҳамсари худро оқилона интихоб кардаам? Вақте, ки мо дар ҷустуҷӯи ҳамсафари ҳаёт мегузаронем, назар ба вақте, ки дар бархӯрд бо ҳамсаре, ки дар интихоби ӯ хато мекунем, бисёр андак ва ночиз аст. Пас ҳамсафари худро бодиққат интихоб намоед, то битавонед бо ҳам як фазое, ки дар он ҳамдигарфаҳмӣ вуҷуд дошта бошад, эҷод намоед.
- Оё мафҳуми оиларо ба фарзандон ба таври дуруст ва равшан баён намудаам?
- Оё арзишҳо ва одоби лозимро ба таври дуруст шарҳ ва тавзеҳ менамоям? Чизе, ки хонаро ҷои хуб барои зиндагӣ мегардонад, дару девору сақфу ашёи хона нест, балки арзишҳо, ахлоқ ва муносибатҳои хуби оилавӣ хушбахтиро ба хона фаро мехонанд.
- Оё қобилияту тавоноӣ ва истеъдодҳои фарзандони худро тақвият медиҳам? Ҳар як фарзанд хостаҳо ва саргармиҳои мушаххаси худро дорад ва вазифаи мо тақвият додани истеъдод ва дуруст роҳнамоӣ кардани онҳост.
- Оё боигарии оиларо, ки аз вақт, мол ва маводи дигар иборат аст, ба таври дуруст ва судбахш истифода менамоям?
- Оё ба эҳсосот ва тасаввуроти фарзандони худ ба қадри лозим аҳамият медиҳам? Тасаввуроти онҳо барои мо бисёр муҳим аст ва барои дарки бештар беҳтар аст худамонро дар ҷои онҳо қарор диҳем, то онҳоро хубтар дарк кунем.
- Оё фарзандонамро омӯзиш медиҳам? Фарзандон намехоҳанд нодида гирифта шаванд, ҳатто агар корҳои хато анҷом диҳанд. Бинобар ин бояд бо онҳо кор кунем, барои анҷоми кори хуб онҳоро таъриф кунем ва барояшон ҳадя диҳем.
- Оё фарзандони худро роҳнамоии дуруст мекунам? Падару модарон бояд дидгоҳи худро дар бораи он чӣ фарзандон анҷом медиҳанд баён доранд ва қоидаҳоеро муқаррар намоянд, ки зиндагии фарзандонро танзим мекунад.
- Оё ман худам намунаи нек ҳастам? Тарзи суҳбат ва муомилаи мо бо дигарон, гуфтаҳои мо дар бораи мардумон, тарзи шӯхиҳои мо, ба ваъда вафо карданҳо, тарзи интихоби дӯстон, ситоиши самимона аз касе, ки сазовори ситоиш аст, бисёр муҳим ва зарурӣ ҳастанд.

- Оё ман вазифа ва масъулиятҳои худро холисона ва дар роҳи ризои Худованд анҷом медиҳам, ки Ӯ таоло чунин як оилаеро барои ман ато карда, амонат ва масъулияти идора ва нигоҳубини онро бар дӯши ман гузоштааст?
- Оё ман барои расидан ба ҳадафҳои оилаи худ нақшаҳое рӯи даст гирифтаам? Бо дар назардошти ин ки нақшаҳои оила ҷавобгӯи саволҳои зерин бошанд:
  — Чӣ корро бояд анҷом диҳам?
  — Чаро беҳтар аст ин корро анҷом диҳам? Ин чӣ гуна метавонад ба маъмурияти умумии ман кумак кунад?
  — Онро кай метавон анҷом дод?
  — Дар роҳи расидан ба ин ҳадаф ба кадом марҳилаи он расидаам?
  — Барои анҷоми ин тарҳи худ ба чи касоне ниёз дорам?
  — Чӣ гуна анҷом мепазирад? Ин тарҳи ман кадом машғулиятҳоро дар бар мегирад? Манобеи мавриди ниёз барои он чист?

***Кӯдакону ҳамсарат аз ту вобастаанд, чуноне ки ту аз онҳо вобастаӣ, аз ин рӯ онҳоро ноумед накун.***



# ХОТИМА

Мо боварӣ дорем, ки хонавода нахустин хишт дар бунёди ҷомеа аст ва ҳадафи инсон аз хонавода ба воя расонидани шаҳрвандони нек ва тақдими он ба ҷомеа мебошад ва ин ҳадафи воло дар ҳоле ҷомаи амал ба тан хоҳад кард, ки як хонаводаи хушбат фароҳам гардад, ки оғӯши гарми худро барои аъзои оила боз кунад. Ҳеҷ кас ба монанди падару модар муаллими фарзандон будан наметавонад, бинобар ин бояд онҳо масъулиятҳои худро ҳамчун намуна, ҳимоятгар, тарбиятдиҳанда, таҷрибадиҳанда, адабдиҳанда ва роҳнамо барои фарзандон иҷро намоянд.

Мутаассифона, на ҷаҳони Ғарб ва на ҷаҳони Шарқ омодаи тақдими тарбияи оилавии намунавӣ барои ҷомеа нестанд. Бинобар ин мо бояд аз ҳамдигар биомӯзем. Ҷаҳони Ғарб тарзи ҳаёти вижаи худро интихоб кардааст, ки бештар ба озодии фард ва қонеъ кардани лаззатҳои шахсӣ равона шуда, арзишҳои ахлоқиро зери пой кардааст. Мардум аз ин низоми орӣ аз ахлоқ бисёр ранҷ мебаранд ва паёмадҳои он ба шакли ошкор дар шаробнӯшӣ, истеъмоли маводи мухаддир, таҷовузҳои ҷинсӣ, издивоҷи ҳамҷинсгароҳо, хушунат ва зӯроварӣ, кӯдакони ғайри шаръӣ, заъфи хонавода ва дар ниҳоят фурӯпошии он дида мешавад.

Аз ҷониби дигар дар ҷаҳони Ислом анвои зиёди хушунат, зулм, фасод ва тарс интишор ёфта, дар баъзе ҷомеаҳои исломӣ ақалиятҳои гурӯҳӣ ё бардагӣ зоҳир гаштааст, ки ин тарзи тафаккур шуҷоату далериро нобуд сохта, эҷодкорӣ ва озодандеширо саркуб менамояд. Инчунин дар баъзе ҷамъиятҳои ҷаҳони Ислом насли беандешае ба воя расидааст, ки эътиқодоти хурофотӣ ва фолбинӣ бар ақли солими онҳо ғолиб омадааст; насле, ки танҳо истеъмол мекунанд, на истеҳсол; насле, ки аз дигарон вобаста аст, на мустақил; насле, ки танҳо ба манфиатҳои шахсии худ меандешад, на ба манфиатҳои умумии ҷомеа.

Ғайри мусалмон дар зиндагии худ аз доштан ва назорати Худованди мутаол бенасибанд. Бинобар ин онҳо зиндагии худро бар меҳвари инсон бино ниҳоданд ва чуноне ки мебинем дастовардҳои бузурги онҳо дар заминаҳои илмӣ ва фанноварӣ холӣ аз ду қоидаи асосӣ аст: “Худо бузург аст” ва “Худо донотар аст”. Мусулмонон дар зиндагии худ дубора ба ҳузур ва муроқибати Худованд, сулҳ, ҳамдигарбахшӣ, ташвиқ ба озодӣ ва машварту шӯро ниёз доранд, чун онҳо асрҳо пеш ин арзишҳоро дар зиндагии худ аз даст дода, қурбони истеъморгарон, фасод ва зулм гашта, ҷойгоҳи худро аз даст додаанд.

Тарбияи оилавӣ монанди донаест, ки метавонад баҳори зиндагӣ аз он шукуфо гардад. Ин ҳамон масъулияте аст, ки 24 соат дар як шабонарӯз, ҳафт рӯз дар ҳафта ва 365 рӯз дар сол идома меёбад. Дар ин вазифаи пурмасъулият рӯзҳои истироҳат ё рухсатӣ вуҷуд надорад, имкони вогузор кардани он ба дигарон низ номумкин аст ва як роҳи пур аз

душвориҳо, дахолатҳо ва фишорҳои бешумор аст. Улуми равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, тиб, робитаҳои оилавӣ ва имон аз ҷумлаи талаботи зарурӣ ва муҳими тарбияи оилавӣ ҳастанд.

Бояд бидонем, ки дар тарбияи насли нав муваффақиятро метавон бо муҳаббат, сабр ва иртиботи ҳамешагии дуҷониба ба даст овард. Набояд фаромӯш кард, ки ҳар фарзанд даруни синаи худ нидое дорад, ки фарёд мезанад: "Илтимос, маро муҳим шуморед" ва "Илтимос, маро дарк кунед".

Бисёри падару модарон гумон мекунанд, ки фарзандони худро хуб мешиносанд ва фарзандон дар бораи падару модари худ низ ҳамин андешаро дар сар мепарваранд, аммо дар ҳақиқат ин амр ба нудрат байни тарафайн сурат мегирад. Шояд фарзандон гумон кунанд кумаки падару модар дахолат дар умури онҳост, насиҳаташон ҳукмфармоӣ болои онҳост ва муҳаббаташон кори кӯдакона аст. Миёни баъзе кӯдакон андешаи дигаре вуҷуд дорад, ки падару модарон онҳоро дӯст намедоранд, чун тамоми хостаҳои онҳоро иҷро намекунанд.

Талош кунед дар тарбияи фарзандон аз ҷанбаҳои манфӣ камтар истифода намуда, ҷанбаҳои мусбатро тақвият диҳед. Падару модарон бояд равишеро, ки дар тарбияи фарзандон рӯи даст мегиранд, мушаххас намоянд: осонгирӣ, диктаторӣ, демократӣ ё машваратӣ. Ва ҳар як падару модар бояд ҳамеша ба ин савол ҷавоб дошта бошанд: "Оё ман воқеан фарзандонамро дуруст тарбия мекунам?"

Падару модарон бояд марҳалаҳои рушду инкишофи ҷисмӣ, ақлӣ ва отифии фарзандонро дарк намоянд, ба тавре, ки дар вақти муносиб ба ҳадди аксари имкониятҳои ҳар як фарзанд ноил гарданд. Мисол, барои кӯдакон ҳифзи матн ва омӯхтани забонҳои гуногун ва мусиқӣ то синни даҳсолагӣ осонтар аст.

Набояд фаромӯш кард, ки дӯстон таъсири бузург бар фарзандон доранд. Бинобар ин бояд падару модар як фазои хушоянд барои дӯстони фарзандон дар хона фароҳам оваранд, бо онҳо робитаи дӯстона барқарор намоянд ва бо онҳо монанди падару модар бошанд, чун ин амр боиси ҷалби дӯстони хуб барои фарзандон аст.

Одамон монанди кон ҳастанд. Бинобар ин фарзандон бояд аз хурдӣ бар асоси муҳаббату шуҷоат, эҷодкорӣ, садоқат, амонатдорӣ, истқилолият, масъулиятшиносӣ, озодӣ, худбоварӣ, саховатмандӣ, эҳтиром ба дигарон тарбия карда шаванд. Падару модарон бояд фарзандони худро маҳорати чигунагии истифодаи дурусти вақт, тарзи дурусти истифодаи мол, одоби ихтилоф, фанни қабули қарор, фанни дуо, фанни ҳалли мушкилот, ахлоқи хуб (адаб, эҳтиром, сабр ва хоксорӣ), фанни гӯш додану тарзи дурусти баён ва ҳаёро ба онҳо биомӯзанд ва ба ин шарт, ки дар як фазо ва муҳити оилаи хушу босаодат анҷом бигирад,

то хонавода оғӯши гарме барои тарбияи фарзандони солеҳ ва ислоҳкору роҳнамо бошад.

Агар бароям фурсат фароҳам шавад, ки дубора фарзандонамро тарбия намоям, дар қадами аввал дар вуҷуди онҳо худбовариро устувор мекунам ва сипас аҳамиятам ба манзил дар ҷои дуюм қарор хоҳад дошт; бо онҳо бо ангуштонам бештар расм мекашам ва камтар ангушти иттиҳомро ба сӯи онҳо дароз мекунам; хато ва иштибоҳоташонро камтар ислоҳ мекунам ва бештар бо онҳо иртибот барқарор мекунам; чашмонамро аз нигоҳ кардани гузаштани вақтам бо онҳо мебардорам ва онҳоро бо чашмони худам нигоҳ мекунам; бо онҳо бештар дар табиат сайру гашт мекунам, бо онҳо бо ҳавопаймоҳои коғазӣ бозӣ мекунам, аз ҷиддияти беш аз ҳад дурӣ ҷуста, бо онҳо бо ҷиддият бозӣ мекунам, бо онҳо дар киштзорҳо бештар гашту гузор мекунам, бо онҳо дар бораи ситораҳо бештар фикр мекунам, онҳоро бештар ба оғӯш мегирам ва камтар бо онҳо баҳсу ҷидол мекунам (Loomans, 2000).

Шахсиятсозӣ замони муайян ва маҳдуд дорад ва синамаконии табиӣ дар ташаккули ҳуҷайраҳо ва шабакаҳои мағзи сар ва ҳимояти тифл аз беморихо таъсири бузург дорад. Синамаконии табиӣ бароиояндаи зиндагии онҳо заминаи рӯҳӣ ва равонӣ эҷод мекунад. Фарзанде, ки аз аҳамияти падару модари худ бархӯрдор нест, монанди ятим аст. Баъзе падару модарон камбуди вақтеро, ки бояд бо фарзандон сипарӣ намоянд, бо баъзе чизҳои моддӣ, ки ба онҳо медиҳанд, монанди телевизор, телефони мобилӣ, парасторон ва дигар ҳадяҳо, ҷуброн мекунанд. Тамошои беш аз ҳадди телевизор барои фарзандон бисёр зараровар ва худвайронкунӣ аст ва ҳеҷ чиз ҷойгузини гузаронидани вақти хуб бо оила буда наметавонад. Аъзои оилаи калон, падаркалону модаркалонҳо, амаку тағоҳо ва холаву аммаҳо ва фарзандони онҳо одатан беҳтарин парасторон ва мураббиёну ҳамнишинон барои фарзандонанд.

Хонаводаи хушбахт бар асоси муносибатҳои самарабахши падару модарон ва фарзандон бунёд меёбад ва тавсифу ситоиши содиқона унсури асосӣ дар дуруст кардани рафтори кӯдакон аст. Пас набояд падару модарон аз ситоиши фарзандон барои корнамоиҳои хуби онҳо, агарчи андак ҳам бошад, ғофил бимонанд. Ҳамчунин танзими маҷлисҳои моҳона барои аъзои оила яке аз суннатҳои некест, ки дӯстӣ ва муҳаббату меҳрубонӣ миёни аъзои оиларо ба бор меорад. Бӯсидан, ба оғӯш гирифтан ва табассум миёни аъзои оила дӯстӣ, оромӣ ва итмиънонро меафзояд. Падару модарон бояд маҳорат ва фанни гӯш кардан ба фарзандони худро қабл аз ин, ки таваққуъ дошта бошанд фарзандон ба онҳо гӯш бидиҳанд ва фармон-

бардорӣ намоянд, ба онҳо бо беҳтарин ваҷҳ биёмӯзанд.

Кӯдакон дар умум бисёр хуб назорат ва мулоҳиза мекунанд, аммо таҳлил ва тафсири дурусти умурро надоранд. Пас онҳо нозирони ҷиддии тарзи муносибати падару модарон ва чигунагии бархӯрди онҳо бо падаркалону модаркалонҳо, хешу наздикон, бародарону хоҳарон, меҳмонон, сарватмандону фақирон, ҳамсояҳо ва ходимонашон ҳастанд. Фарзандон таваҷҷуҳ мекунанд, ки падару модарон чӣ гуна бо ҳайвоноти хонагӣ ва ғайри хонагӣ, наботот, гулҳо ва табиат бархӯрд мекунанд. Инчунин гуфтори онҳо бо рафторашонро муқоиса намуда, метавонанд миёни садоқату ростӣ ва дурӯғу фиреб фарқ бигузоранд. Қоидаи "Он чиро мегӯям, анҷом деҳ, на он чиро мекунам", ки баъзе падару модарон барои худ шиор қарор медиҳанд, нодуруст аст, балки беҳтар аст падару модар ба он чӣ, ки мегӯянд ва ба он чӣ, ки фарзандонро ба он насиҳат мекунанд, худ амал намоянд ва агар хатое аз онҳо содир мешавад, назди фарзандон содиқона эътирофи намуда, ваъдаи такрор накардани онро бидиҳанд.

Фарзандон ба як шахсияти намуна ниёз доранд, ки агар онро дар шахсияти падару модари худ наёбанд, метавонанд шахси дигареро интихоб намоянд, ки шояд инсони дурусткор набошад. Беҳтарин намуна ҳамоно паёмбарони Худо ҳастанд ва пас аз онҳо ёрону асҳоб ва сипас тобеину шогирдони онҳо ва дигар пешвоён, ки соҳиби ахлоқи неку дорои арзишҳо ва қоидаҳои дурусти ҳаёти оилавӣ ҳастанд.

Модарон дар раванди тарбияи фарзандон нақши муҳимтарин доранд. Паёмбарони Худо ҳазрати Мусо (а), ҳазрати Исо (а) ва ҳазрати Муҳаммадро (с) дар марҳалаҳои аввали ҳаёт модаронашон ба танҳоӣ тарбия намудаанд. Мардон бояд занонро бинобар нақши асосие, ки дар ҳаёти мо доранд, мавриди икрому эҳтиром қарор диҳанд ва нисбати онҳо некгӯю некрафтор бошанд. Агар шавҳар бо ҳамсараш ҳамчун як шоҳдухтар рафтор кунад, дар муқобил зан ҳам бо ӯ ҳамчун шоҳ муносибат хоҳад кард.

Тарбияи оилавӣ кори басо муҳим аст. Бинобар ин онро ба танҳоӣ анҷом надиҳед. Барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ бо ҳамсар монанди як гурӯҳи муназзам ва ҳамоҳанг ва бо ташкил намудани гурӯҳҳои хурди кумакрасони тарбиявӣ вориди амал шавед.

Шумо наметавонед гузаштагони худро тағйир диҳед, аммо бидуни шак метавонед худ ва фарзандони худро тағйир диҳед, вазъияташонро беҳтар созед ва ҳамчун падар/модар метавонед дар ин дунё тағйироти зиёде ба вуҷуд биёред. Бинобар ин умедро аз даст надиҳед, чун шумо ба ҳадафатон хоҳед расид, агар азму иродаи устувор дошта бошед.

Шахсияти кӯдакон зери таъсири иродаи Аллоҳи мутаол, табиат ва тарбия қарор мегирад. Тарбияи

оилавӣ на танҳо як илми мустақил аст, балки як илм, ҳунар ва тарбияи маънавӣ аст.

Ин нахустин китоб аз маҷмӯаи китобҳост ва бо хости Худованди бузург китобҳои дигаре дар пай хоҳад дошт. Аз тамоми олимон, донишмандон ва мутахассисон даъват мешавад, ки барои ғанисозӣ ва такмили тарбияи оилавӣ, ки ҳамаи мо дар Шарқу Ғарб муҳтоҷи он ҳастем, бо мушорикати худ саҳми арзандаашонро бигузоранд.

Ҳар яки мо, ки шоҳиди ғуруби хуршеди ҳаёташ аст, аз худ бипурсад: “Оё ман падар/модари хубе будам? Оё нақш ва вазифаи худро дар талош барои пешбурди дунё ва табдили он ба як макони беҳтар барои зиндагӣ анҷом додам?”

Тамоми талошатро ба харҷ деҳ, сипас ба Худо таваккал кун ва мутмаин бош. Он чӣ дар поён муҳим аст мошинҳои рангоранг, хонаҳои боҳашамат ё пасандозҳои ҳангуфт дар бонкҳо нест, балки муҳим ин аст, ки оё шумо падар/модари хуб будед ё не? Сипас падарбузург/модарбузурги роҳнамо ва дастгир будед ё не? Бисёр мунтазир нашавед, то фурсатро аз даст надиҳед!

# РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Сарчашмаҳои арабӣ

### *Якум: Китоб ва рисолаҳои донишгоҳӣ*


Абу Довуд, Сулаймон ибни Ашъас ибни Исҳоқ. Сунан. Таҳқиқ: Муҳаммад Муҳйиддин Абдулҳамид. Бейрут: Китобхонаи ал-Асрия, 2010 м.

Абу Саъд, Мустафо. Наврасони нооором. Кувейт: Ибдоъ-ул-фикрӣ, 2010 м.

Абу Сулаймон, Абдулҳамид. Маълумотномаи китобхонаи хонаводаи мусалмон. Вирҷиния: Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, 1988 м.

Абу Сулаймон, Абдулҳамид. Мушкилоти идораи виҷдони мусалмон: ҷанбаи гумшуда дар лоиҳаи ислоҳи уммат. Димишқ: Дор ал-фикр, 2004 м.

Абу Сулаймон, Абдулҳамид. Ҷанбаи рӯҳӣ дар хитоби исломии муосир. (Мабҳасе, ки дар Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар мавсими фарҳангӣ пешниҳод шуда буд). Қоҳира, 1999 м.

Абу-л-ҳуб, Зиё. Кӯдак — мавҷуди шигифтангез. Бағдод: нашрияи Дор ал-ҳуррия, маншуроти Вазорати фарҳанг ва васоити ахбори омма, 1979 м.

Афифӣ, Муҳаммад Содиқ. Ҷомеаи исломӣ ва хонавода. Доиратулмаорифи ҷомеаҳо ва низомҳои исломӣ. Китоби чаҳорум. Китобхонаи Англо-Мисрия, 1981 м.

Бадрона, Саъдуддин Аҳмад Саъдуддин. Услубҳои тарбиявии арзишҳои эътиқодӣ барои кӯдаки мусулмон. Рисолаи магистерӣ бо роҳбарии Шодияи Тал ва Марвон Қайсӣ Ирбид: Донишгоҳи Ярмук, 1994 м.

Байҳақӣ, Аҳмад ибни Ҳусейн ибни Алӣ. Сунан. Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 2003 м.

Баҳӣ, Муҳаммад. Андешаи исломӣ ва ҷомеаи муосир: мушкилоти оила ва ҳамбастагӣ. Қоҳира: Мактабат Ваҳба, 1982 м.

Баҳӣ, Сайид Фуод. Асосҳои равонии рушду нумӯ аз гаҳвора то пирӣ. Қоҳира: Дор ан-наҳза ал-арабия, 1975 м.

Башир, Муҳаммад Ризо / Башир, Икром. Тарбияи навраси мусулмон байни хатарҳо ва орзуҳо. Бейрут: Дор Ибни Ҳазм, 1998 м.

Бор, Муҳаммад Алӣ. Офариниши инсон байни тиб ва Қуръон, Ҷидда: Дор ас-Саудия, 1991 м.

Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. Адаб-ул-муфрад. Бейрут: Дор ас-сиддиқ, 1997 м.

Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. Саҳеҳ. Бейрут: Дор Ибни Касир, 1993 м.

Ғаззолӣ, Абу Ҳомид. Иҳё улум-ид-дин. Қоҳира: Матбааи олами китоб, 2005 м.

Ғазолӣ, Муҳаммад. Чӣ гуна бо Қуръон бархӯрд намоем. Вирҷиния: Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, 1992 м.

Ёлҷин, Микдод ва Қозӣ, Юсуф. Илми равоншиносии тарбиявӣ. Риёз: Дор ал-мирих, 1980 м.

Зайдон, Абдулкарим. Муфассал дар аҳкоми зан ва хонаи мусулмон дар шариати исломӣ. Бейрут: Муассисаи Рисолат, 1993 м.

Зайналобиддин, Ваҷиҳ. Ислом ва тарбияи ҷинсӣ. Кувейт: Китобхонаи ал-Манор ал-исломӣ, 1979 м.

Зайналобиддин, Ваҷиҳ. Ислом ва тифл. Кувейт: Китобхонаи ал-Манор ал-исломӣ, 1980 м.

Заҳрон, Ҳомид. Илми равоншиносии кӯдак. Қоҳира: Олами китобҳо, 1977 м.

Заъбаловӣ, Саид Муҳаммад. Тарбияи наврасон байни Ислом ва илми равоншиносӣ. Риёз: Китобхонаи Тавба; Бейрут: Муассисаи китобҳои фарҳангӣ, 1996 м.

Зомин, Римо Камол. Хонавода ва риояи зоти инсонӣ аз 6 то 12-солагӣ. Уммон: Дор ал-Башир, 1989 м.

Ибни Касир, Исмоил ибни Умар. Тафсир. Бейрут: Дор ал- Қуръон ал-карим, 1998 м.

Ибни Қайими Ҷавзӣ, Муҳаммад ибни Абубакр. Зод-ул-миъод фӣ ҳадйи хайр-ул-ъибод. Бейрут: Муассисаи Рисола, 1998 м.

Ибни Моҷа, Муҳаммад ибни Язид. Сунан. Қоҳира: Дор ал-кутуб ал-арабия, 2010 м.

Ибни Халдун, Абдураҳмон ибни Муҳаммад. Муқаддима. Таҳқиқ: Алӣ Абдулвоҳид Вофӣ. Бейрут: Дор ал-қалам, 1978 м.

Ибни Ҳанбал, Абу Абдулло Аҳмад ибни Муҳаммад. Муснад. Таҳқиқ: Аҳмад Шокир. Қоҳира: Дор ал-ҳадис, 1995 м.

Ибни Ҳиббон, Муҳаммад ибни Аҳмад. Сунан. Таҳқиқ: Аҳмад Шокир. Қоҳира: Дор ал-маориф, 1953 м.

Ибодӣ, Наззол Муҳаммад Амин. “Аҳодисе, ки дар бораи кӯдакон ворид шудааст”. Аммон: Донишкадаи усули дин. Рисолаи магистерӣ. Донишгоҳи Урдун, 1990 м.

Иброҳим, Имон Юнус. Илми равоншиносии рушду нумӯ. Бағдод: Донишгоҳи Мустансария, факултаи Тарбияи асосӣ, 2016 м.

Изам, Юсуф. Навдаҳои Ислом (дар бораи ҳаёт ва ақида). Ҷ. 2. Аммон: Мактаби Исломӣ, 1985 м.

Исавӣ, Абдураҳмон. Роҳнамоиҳои шахсияти исломӣ ва арабӣ ва услубҳои рушди он. Искандария: Дор ал-фикр ал-ҷомеӣ, 1986 м.

Килонӣ Моҷид Урсон. Тарбия ва навоварӣ ва рушди фаъолиятҳо назди арабҳои муосир. Дубай: Дор ал-қалам, 2005 м.

Қутб, Муҳаммад. Манҳаҷи тарбияи исломӣ. Ҷ. 1. Қоҳира: Дор аш-шарқ, 1989 м.

Муслим, ибни Ҳаҷҷоҷ. Саҳеҳ. Бейрут: Дор Тайиба, 2006 м.

Муттақӣ Ҳиндӣ, Ҳисомуддин ибни Қозихон. Канз ал-уммол фи сунан ал-ақвол ва ал-афъол. Бейрут: Муассисаи Рисола, 1981 м.

Надавӣ, Абулҳасан. Ба сӯи тарбияи исломии озод дар ҳукуматҳо ва мамлакатҳои исломӣ. Бейрут: Муассисаи Рисола, 1985 м.

Насоӣ, Абу Абдураҳмон Аҳмад ибни Алӣ. Сунан. Таҳқиқ: Абдулфаттоҳ Абу Ғада. Ҳалаб: Китобхонаи китобҳои исломӣ, 1986 м.

Нишопурӣ, Муҳаммад ибни Абдуллои Ҳоким. Мустадрак ъала Саҳеҳайн. Таҳқиқ: Мустафо Абдулқодир Ато. Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1990 м.

Нофиъ, Иброҳим. Дар хонаи мо як муътод аст: чӣ гуна бояд монеи ӯ шуд? Қоҳира: Маркази Аҳром, 1991 м.

Нуғаймишӣ, Абдулазиз Муҳаммад. Наврасон: Таҳқиқоти рӯҳии исломӣ барои падару модарон ва муаллимон ва даъватгарон. Риёз: Донишгоҳи Имом Муҳаммад ибни Саъуди Исломӣ, Матбааи Дор ал-муслим. Чопи дуюм, 1993 м.

Нурӣ, Мирзо Ҳусейн. Мустадрак ал-васоил ва мустанбат ал-масоил. Қум: Муассисаи Оли Байт, 1984 м.

Собиқ, Саид. Фиқҳ ас-сунна. Бейрут: Дор ал-китоб ал-арабӣ, 1971 м.

Собунӣ, Муҳаммад Алӣ. Сафват ат-тафосир. Бейрут: Дор ал-Қуръон ал-карим, 1981 м.

Табаронӣ, Сулаймон ибни Аҳмад. ал-Муъҷам ал-кабир. Қоҳира: Китобхонаи Ибни Таймия, 1994 м.

Тал, Шодия Аҳмад. Марҳалаҳои рушди инсонӣ ва талаботи тарбиявӣ. Ирбад: Донишгоҳи Ярмук, қисми Тарбия, 2005 м.

Таҳтовӣ, Рафоа Рофиъ. Роҳнамоии содиқона барои духтарон ва писарон. Қоҳира: Матбааи Мадрасаҳои Шоҳӣ, 1871 м.

Тирмизӣ, Абу Исо Муҳаммад. Сунан. Таҳқиқ: Башшор Аввод Маъруф. Бейрут: Дор ал-ғарб ал-исломӣ, 1996 м.

Толиб, Илҳом. Коргоҳи коркарди таҳқиқотӣ дар Адам Сентр, Ҳернден, Вирҷиния: Маркази Адам Сентр, 2008 м.

Улвон, Абдулло Носеҳ. Тарбияи фарзандон дар Ислом. Димишқ: Матбааи Дор ас-салом. Чопи сеюм, 1981 м.

Улвонӣ, Тоҳо Ҷобир. Адаби ихтилоф. Вирҷиния: Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, 1997 м.

Фозил, Халил. Саломатии равонии хонавода. Риёз: Дор ас-саудия, 1987 м.

Ҳамад, Аҳмад. Ба сӯи қонуни ягона дар тамоми ҷаҳони Ислом. Қатар: Донишгоҳи Қатар, китобхонаи Малик Файсали Исломӣ, 1990 м.

Ҳамад, Аҳмад. Хонавода: таъсис, ҳуқуқ ва вазифаҳо: Таҳқиқоти муқоисавӣ байни шариат ва қонун. Танто: Дор ал-кутуб ал-ҷомиия, 1986 м.

Ҳаммод, Суҳайла Зайналобидин. Бунёди хонаводаи мусулмон. Ҷидда: Дор ас-саудия, 1984 м.

Ҳимсӣ, Муҳаммад Ҳасан. Тафсир ва баёни калимаҳои Қуръон ва асбоби нузули Суютӣ. Димишқ: Дор ар-рашид, 1984 м.

Ҳомид, Муҳаммад. Рад ба ботил ва таҳқиқи ҳақиқатҳои динӣ. Димишқ: Дор ал-фикр, 2003 м.

Ҳошимӣ, Муҳаммад Алӣ. Ҷомеаи исломӣ ончуноне, ки онро Қуръон ва Суннат баён доштаанд. Бейрут: Дор алб-ашоир ал-исломия, 2010 м.

Ҳошимӣ, Муҳаммад Алӣ. Шахсияти мусалмон ончуноне, ки Қуръон ва Суннат онро тасвир намудаанд. Бейрут: Дор ал-башоир ал-исломия, 2002 м.

Ҳувайди, Фаҳмӣ ва дигарон. Фанҳо дидгоҳи исломӣ. Силсилаи «Мусалмони муосир». № 3. Қоҳира: Дор Наҳзати Миср, 2010 м.

Ҷамолӣ, Муҳаммад Фозил. Тарбияи инсони навин. Димишқ: Дор ал-ҳикма, 1995 м.

Ҷароҷира, Исо Ҳасан. Роҳбарии Ислом дар дарки хусусияти дунёи кӯдакон ва дар муайян намудан ва татбиқи ҳуқуқи хусусии онҳо дар тарбия. Уммон: Дор Ибни Рушд, Дор ал-Кармел, 1998 м.

Ҷобир, Абдулҳамид. Илми равоншиносии тарбиявӣ. Қоҳира: Дор ан-наҳза ал-арабия, 1977 м.

Ҷузайрӣ, Абдураҳмон. Фиқҳи мазоҳиби чаҳоргона. Дор ал-кутуб ал-илмия, 2003 м.

Ҷурҷонӣ, Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алӣ. Китоби таърифот. Бейрут: Китобхонаи Лубнон, 1995 м.

## *Дуюм: Маҷаллаҳо*

«Дах хатое, ки падару модарон дар бархӯрд бо наврасон мекунанд, ва чӣ гуна метавон аз онҳо иҷтиноб намуд». Маҷаллаи «Сиҳаттука ал-йавм». Октябр, 1997 м.

«Ҳушмандии кӯдакон фитрӣ ё касбшуда аст?» Кувейт. Маҷаллаи «Ҷомеа». 23.09.1999 м.

Абдулло, Абдуссатор. Издивоҷ бо хешу табор: муттаҳаме, ки гунаҳкор буданаш собит нашудааст. Маҷаллаи «ал-Усра», 1996 м.

Абу Сулаймон, Абдулҳамид. "Тааммулот дар зоҳирӣ будани Ибни Ҳазм ва эъҷози Рисолати Муҳаммадӣ". Маҷаллаи «Таҷдид». Куала-Лумпур. Ш. 2. С. 3. 1998 м.

Наҷҷор, Абдулмаҷид. Ақидаи эҳтироми инсон ва таъсири тарбиявии он. Маҷаллаи «Мусалмони муосир». Ш. 19. С. 73-74. 1995 м.

Рашудӣ, Фотима. Иқтибосҳо. Амрико: Маҷаллаи «ал-Маръа ал-муслима», 1999 м.

Софрон, Клер. Шаш роҳбурде, ки сабаби муваффақияти фарзанди шумо дар мактаб мешавад. Маҷаллаи «ал-Мухтор». Март, 1987 м.

Факкор, Рушдӣ. Бошгоҳи "Ислом ва чолишҳои асри оянда". Қоҳира, 1996 м.

Ҳувайди, Фаҳмӣ. Дин ва фан ва ҷаҳонишавӣ. Қоҳира. Маҷаллаи «Мусалмони муосир». Ш. 122, 2006 м.

## *Сарчашмаҳои англисӣ*

## *English Bibliography*

# ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ



## Дар бораи ин китоб

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ бо камоли хушнудӣ китоби тарҷумашудаи «Тарбияи оилавӣ»-ро пешкаши хонандаи тоҷик мекунад. Ин китоб аз забони англисӣ ба бисёр забонҳо тарҷума шудааст ва ин аз аҳамияти бузурги мавзӯи тарбияи оилавӣ дар шароити муосири фарҳангӣ ва инсонӣ шаҳодат медиҳад.

Ин китоб як занҷираи ташаккули шахсияти фард аз ҷиҳати рафторӣ, зеҳнӣ ва отифиро муаррифӣ мекунад. Муаллифон талош кардаанд аз муҳити академӣ ба воситаи омӯзиши охирин таҳқиқоти илмии марбут ба тарбияи оилавӣ, аз ҷумла изҳорот, баёнот, гузоришҳо ва ғайра ва инчунин аз таҷрибаи шахсии худ, ки дар тӯли зиндагии чанд даҳсола дар Шарқу Ғарб ба даст овардаанд, барои ин кор баҳра гиранд. Зеро ин таҷрибаҳои ҳаётӣ меъёри дурустии назарияҳое буданд, ки муаллифон аз он бармеоянд, ва бисёри андешаҳо ва дидгоҳҳои умумиро тасдиқ мекунанд.

Ин китоб ба далели баррасии масоили илмӣ ва гносеологӣ дар саҳнаҳои мадание, ки онро фаро гирифтааст, ҳузур ёфтааст ва бо бисёри ҷомеаҳо ва фарҳангҳо бо назардошти моделҳои марбут ба тарбия ва падидаҳои иҷтимоие, ки метавонанд дар ҷомеаҳои гуногун фарқ кунанд, алоқа дорад. Ин китоб ба бисёри масъалаҳое мепардозад, ки ба фард, оила, ҷомеа ва башарият дахл доранд ва онҳоро ба таври илмӣ, танқидӣ ва созанда баррасӣ мекунад. Зеро муаллифони он мехостанд, ки алтернативаеро пешниҳод кунанд, ки битавонад парешонии ҷомеа, бахусус дар мавзӯи тарбияи кӯдаконро бартараф кунад. Ин мушкилро аз байн бурдан кифоя нест, балки бояд алтернативаи мутамаддин сохта шавад, ки бо матнҳои шаръӣ, ақл ва фитрат мувофиқ бошад.

Ин китоб саъй кардааст, ки дар бораи баъзе падидаҳое, ки умуман дар ҷомеа башарӣ ва бахусус дар ҷомеаи арабии мо густариш ёфтаанд, аз қабили мафҳуми "дӯстписар" ва паҳншавии маводи мухаддир дар байни наврасон, бонги хатар занад. Китоб ба таври густурда ба шакли ғарбии ин падидаҳо таваҷҷуҳ кардааст, то роҳҳои парҳез ва эҳтиёт аз афтодан дар доми онҳоро ба воситаи барномаҳо ва таҷрибаҳо ёбад. Раванди танзими барномаҳои муассир ба омӯзиши илмӣ ва амалии ин падидаҳо бар асоси тавсифу тафсири он, пешбинии оқибатҳои он ва ниҳоят назорат кардани он ниёз дорад. Ва ин корро муаллифон кардаанд, то ин китоб як таҷрибаи илмӣ ва амалӣ бошад, ки ҷаҳони араб ва ислом дар тарбияи фарзандони худ аз кӯдакӣ то навҷавонӣ аз он баҳра баранд.

ISBN 978-9967-08-983-9

ҲИШОМ ТОЛИБ, АБДУЛҲАМИД АБУ СУЛАЙМОН, УМАР ТОЛИБ